САЙНАКОВ С. П.,
КОМИЛБЕКОВ А. Ё., ВОҲИДОВ Н. Ҳ.

# ТАЪРИХИ
## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ



**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Ба истиқболи 30 солагии
истиқлоли давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**САЙНАКОВ С. П.,
КОМИЛБЕКОВ А. Ё., ВОҲИДОВ Н. Ҳ.**

# ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

**ДУШАНБЕ – 2020**

ББК: 63.3-6+66.4+66.4(0)+66.4(0)6+66.4(4/8)
С – 21

*Бо тавсияи Шӯрои олимон ва Шӯрои илмӣ - методии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.*

**Сайнаков С. П., Комилбеков А. Ё., Воҳидов Н. Ҳ.** Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ. Қисми I. Аз давраи қадим то ташаккулёбии системаи Версал - Вашингтон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020. – 650 с.

*Зери назари Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
***Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ***

**Муҳаррир масъул:** д. и. ф. Зайнидин Мухторов

**Муқарризон:** д.и.т., профессор Мирзоев Н. М., д.и.с., профессор Искандаров А. И., д.и.с., профессор Нуриддинов Р. Ш., д.и.т., профессор Олимов М. А., д.и.т., профессор Ҳусайнов А. Қ., н.и.с., дотсент Ҳакимов Р. М., н.и.т., дотсент Шарипов А., н.и.т., дотсент Бобозода Ф.

**Муҳаррири техникӣ:** Мустафоев Д. М.

Китоби мазкур таърихи муносибатҳои байналхалқиро аз давраи қадим то ташаккулёбии системаи Версал - Вашингтон дар бар мегирад. Дар он давраҳои асосии таърихи рушди муносиботи қавму қабилавӣ, минтақавӣ, байниминтақавӣ, байнидавлатӣ ва байналхалқӣ, фаъолияти сиёсию дипломатии шахсиятҳои намоён ва мазмуни назарияҳо, консепсияҳои асосии муносиботи байналхалқии то оғози давраи навтарини таърих инъикос ёфтааст. Китоб барои омӯзгорону донишҷӯён, докторантону аспирантони шуъбаҳо ва факултетҳои муносибатҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, мутахассисони соҳаи равобити байналхалқӣ ва доираи васеи шавқмандони таърихи муносибатҳои байналхалқӣ пешбинӣ шудааст.

ISBN 978-99975-52-60-0

© Сайнаков С. П., Комилбеков А. Ё., Воҳидов Н. Ҳ., 2020.

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

# ПЕШГУФТОР

Аҳамияти муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳаёти инсоният мунтазам баланд мегардад. Алоқаҳои байналхалқӣ бошад сол то сол васеъ гардида, ба доираи фаъолияти муносибатҳои байналмилалӣ гурӯҳҳои нави аҳолӣ ҳар чи бештар ворид шуда истодаанд. Ба таври доимӣ васеъ шудани алоқаҳои сиёсати берунии давлатҳо водор менамояд, ки барои соҳаҳои гуногуни фаъолияти сиёсати берунӣ мутахассисони баландихтисосро омода намоем.

Тайёр намудани мутахассисони соҳаи байналхалқӣ дар ҷумҳурии мо дар давраи Истиқлолият ба роҳ монда шуда, имрӯз дар чанд донишгоҳ ва донишкадаҳо факултетҳо ва шуъбаҳои муносибатҳои байналхалқӣ амал менамоянд, ки ба тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои муносибатҳои байналхалқӣ машғул мебошанд. Ин падида боиси он гардид, ки барои факултетҳо ва шуъбаҳои муносибатҳои байналхалқӣ бо забони давлатӣ маводи таълимӣ таҳия карда шавад.

Маводи таълимии мазкур таърихи муносибатҳои байналхалқиро аз давраи зуҳурёбии он то давраи ташаккулёбии системаи муносибатҳои байналхалқии Версал - Вашингтон дар бар мегирад. Дар китоби мазкур давраи қадим ва давраи асрҳои миёна ба таври хронологӣ инъикос ёфта, давраҳои минбаъда тибқи системаи тартиботи ҷаҳонӣ оварда шудаанд. Диққати махсус дар китоб ба сохтори системаҳои муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин нақши бузургдавлатҳо дар ташаккулёбии сохтор, кушода додани мафҳумҳои асосии курс, аз ҷумла қувваҳо, мувозинати қувваҳо, тартиботи ҷаҳонӣ, мувозинати байналхалқӣ, муътадилӣ, кондоминиуми бузургдавлатҳо ва ғайра дода шудааст.

Ҳангоми таълифу мураттабсозии маводи таълимӣ аз маъхазҳо, адабиёти таълимию илмӣ - тадқиқотии мавҷуда оид ба курси таърихи муносибатҳои байналхалқӣ васеъ истифода гардидааст, ки номгӯи онҳо дар охири китоб ҷой дода шудааст.

Маводи мазкур аз фанни таърихи муносибатҳои байналхалқӣ яке аз аввалин кӯшишҳоест, ки бо забони давлатӣ пешкаши омӯзгорону донишҷӯён, докторантону аспирантони шуъбаҳо ва факултетҳои муносибатҳои байналхалқии мактабҳои олӣ, мутахассисони соҳаи равобити байналхалқӣ ва доираи васеи шавқмандони таърихи мунисбатҳои байналхалқӣ мегардад.

Мураттибон - муаллифон ҳаргиз даъвои онро надоранд, ки маводи мазкур аз камбудию нуқсонҳо орист ва онҳо омодаанд, эроду мулоҳизоти беғаразонаи мутахассисону хонандагони закиро бо эҳтиром қабул намуда, дар нашрҳои минбаъда онро такмил диҳанд.

Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

# МУҚАДДИМА. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ дар системаи фанҳои таълимии тайёр намудани мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ курси базавӣ ба шумор меравад. Муҳимияти фанни мазкур дар он зоҳир мегардад, ки таърихи ҳамкориҳо ва рақобатнамоию рақобатпазирии давлатҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва маданӣ кушода, имконият медиҳад, ки таърихи халқҳоро ҳамчун раванди қонунии зуҳурёбӣ, барқароршавӣ ва мукаммалшавии системаи глобалии давлатҳо нишон дод.

Муносибатҳои байналхалқӣ аз замонҳои пеш дар ҳаёти ҳар ҷамъият мақоми махсусро бозӣ мекарданд. Зуҳури ин ё он ҷамеаҳои сиёсӣ, ташаккулёбии институтҳои иҷтимоӣ, рушди маданияти моддӣ ва маънавӣ бо мубодилаи тиҷоратӣ, фарҳангӣ ва дипломатӣ, низоъҳои сиёсати берунӣ, ҷангҳо ва забткориҳо сахт алоқаманд будаанд. Дар маркази доираи он бошад муносибатҳои байни халқҳо, давлатҳо ва дигар акторҳо қарор доранд.

Дар курси мазкур мафҳумҳои «давлат», «миллат» васеъ мавриди истифода қарор гирифта, шарҳу тавзеҳро талаб менамоянд. Пеш аз ҳама мебинем, ки ғояи давлати миллӣ фаҳмиши махсуси мафҳуми миллатро пешниҳод менамояд, ки комилан дар давраи Нав, дар зери таъсири консепсияи ҳуқуқи табиӣ ва суверенитети халқӣ барқарор шудааст. Масалан, тибқи ҷаҳонбинии маорифпарварони франсузӣ миллат ҳамчун иттиҳоди сиёсии ҷамъиятии шаҳрвандон институтҳои иҷтимоӣ ва органҳои ҳокмиятро тибқи иродаи худ ташкил ва қонунӣ мегардонад ва ҳамин тавр давлати мустақилро таъсис медиҳад. Дар навбати аввал зери мафҳуми миллат ғояи ҳамватанон, баробарӣ дар назди қонун ва итоат намудан ба ҳокимияти ягона, бо маҳдуд намудани меъёрҳои ҳуқуқи табиӣ пешниҳод карда мешавад[1].

Муайян аст, ки пушти чунин фаҳмиши миллат асрҳои аср таърихи давлатҳои Европаи Ғарбӣ меистод, замоне ки давлат дар намуди фаъолтарин амалиёти худ сиёсати аз байн бурдани тафовутҳои маданию забонӣ миёни субэтносҳо[2] бурда, системаи умумии танзими ҳуқуқиро ҷорӣ кард, пули ягонаро ба муомилот даровард ва дар умум шароит фароҳам овард, ки шабакаҳои ҷамъиятии иҷтимоӣ ва коммуникатсионии сиёсӣ рушд ёфтаанд, яъне аз этносҳои гуногуну ҳархела миллати ягонаро офарид. Аммо барои мо имрӯз муҳим нест, ки нақши ҳокимияти марказиро дар самти офаридани миллат қайд намоем, муҳим ин аст, ки натиҷаи онро зикр намоем, ки имконият дод аз мафҳуми умумии миллат компоненти мансубияти этникиро ба фоидаи ҷомеаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва шаҳрвандӣ танг карда баровард. Бояд қайд кард, ки ҷомеаҳое,

---

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений: учеб. Пособие. Под общей ред. О. А. Колобова. – Нижний Новгород: ННГУ, 2001.

[2]Субэтнос – дар қаламрави муайян зиндагӣ кардани ҳамватаноне, ки аз ҷиҳати хунӣ - нажодӣ ба халқи калон (этнос) тааллуқ дошта, аммо аз нигоҳи хусусияти маданӣ ва забонӣ (лаҳҷа) - и худ аз дигар ҳаммиллатонашон фарқ мекунанд.

ки аз таҷрибаи Европаи Ғарбӣ дар самти синтези ҷамъиятӣ, хусусан дар самти ғояи ҳамватан, фарқият доранд, ба консепсияи миллат, тибқи таҷрибаи таърихии худ, хусусияти этноконфессионалиро низ ҷой медиҳанд.

Он чизе ки ба мафҳуми «давлат» дахл дорад, он тибқи андозабандии таърихӣ ҷавон аст. Муайян аст, ки дар илми таърих бавуҷудоии давлатро ба давраҳои пеш аз мелод тааллуқ медонанд. Аммо таърифи давлат ҳамчун иттиҳоди сиёссии муташаккилона бори нахуст аз ҷониби асосгузори назарияи муосири сиёсӣ Никколо Макиавелли ба гардиши илмӣ даровarда шуд. То ин дам барои муайянкунии иттиҳодияҳои сиёсӣ мафҳумҳои предметии «шоҳигарӣ», «шоҳаншоҳӣ», «полис», «полития», «республика», «империя» ва ғайра истифода мешуданд[1].

Ба назар гирифта мешавад, ки мутафаккирони сиёсӣ он вақте ба мафҳуми умумии давлат муроҷиат намуданд, ки Европа ба давраи Нав ворид шуд: бо анҷом ёфтани давраи дуру дарози раванди аз нигоҳи сиёсӣ мутамарказ шудани бутун як қатор давлатҳо, ки пештар ба таври номиналӣ зери монарх муттаҳид буданд; дар маҷмуъ давлатҳо тамоми нишонаҳои ташкилоти территориявӣ - сиёсии худро муайян ва ба даст даровarданд, ки имрӯз ҳамчун атрибути ҳокимият шинохта шудаанд. Яъне дар ин ҷо сухан дар бораи суверенитети давлатӣ, оид ба сарҳадоди мустаҳкаму муайяншуда, ки қаламрави ҳокимияти суверенро муайян менамоянд, дастгоҳи касбии идоракунӣ (бюрократия), рушди формалии низоми иҷтимоии ба тартиб даровarандаи ҷамъият (ҳуқуқ), артиши доимамалкунанда меравад.

Инак агар мафҳуми «давлат - миллат» - ро ба хатти муайян кашида, тавассути нишони ҳудудӣ ва фазои хронологӣ истифода барем, оё ин он маъноро дорад, ки берун аз чорчӯбаи муносиботи байни давлатҳои миллӣ муносибатҳои байналхалқӣ сурат гирифтанд ё не. Дар солҳои охир нуқтаи назаре, ки тибқи он муносибатҳои байналхалқӣ аз замонҳои қадим вуҷуд доштанд ва зарур аст онҳо омӯхта шаванд, бартарӣ пайдо намудааст.

Ҳамин тавр, ба ақидаи муҳаққиқон мафҳуми «муносибатҳои байналхалқӣ» ҳамчун раванди ягонаи ҷамъияти инсонӣ ду зинаи худро тай намудааст: 1) давраи потестасӣ (тосиёсӣ)[2]; 2) давраи давлатӣ. Илми муосир шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои муташаккили сиёсиро муайян намудааст, ки полис, империя ва ғайра шомили он мебошанд. Ташкилоти давлатиро бошад дар намудҳои «полития», «деспотия», «патримония», «теократия» ва ғайра маънидод менамоянд[3].

Дар илми таърихи муносибатҳои байналхалқӣ оид ба саршавии чорчӯбаи хронологии фанни мазкур ду ақида мавҷуд аст. Тибқи ақидаи аввал, мудоме, ки муносиботи байналхалқӣ ин муносиботи байни давлатҳо мебошад

---

[1]Очерки истории международных отношений: учеб. Пособие. Под общей ред. О. А. Колобова. – Нижний Новгород: ННГУ, 2001.

[2]Аз лотинии потестас – ҳокимият, қувва, тосиёсӣ; шакли ташкилотии ҳокимяти ҷамъиятии тосинфӣ ва ибтидоии давраи синфӣ, ки институтҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва атрибутҳоро надошт.

[3]Очерки истории международных отношений: учеб. Пособие. Под общей ред. О. А. Колобова. – Нижний Новгород: ННГУ, 2001.

ва нахустин давлатҳо бошанд дар ҳазорсолаи чоруми пеш аз мелод зуҳур карданд, пас тарафдорони нуқтаи назари мазкур пешниҳод менамоянд, ки таърихи муносиботи байналхалқӣ аз давраи Дунёи Қадим омӯхта шавад. Тарафдорони нуқтаи назари дуюм қайд менамоянд, ки муносибатҳои байналхалқӣ оғози худро аз ҳамон даврае мегиранд, ки онҳо ба система табдил ёфта буданд, барои ҳамин ба омӯзиши он аз давраи Сулҳи Вестфал машғул шудан даркор аст[1].

Ҳамин тавр, дар фарқият аз як қатор муҳаққиқон, ки таърихи муносибатҳои байналхалқиро аз замони Сулҳи Вестфал то имрӯз муайян намудаанд, баромад намуда, тарафи дигари мутахассисон иброз менамоянд, ки онҳо аз давраҳои қадимтарину қадим маншаъ мегиранд. Дар ин бора файласуф, ҷомеашинос ва сиёсатшиноси франсузӣ Раймон Арон ибрози ақида намудааст, ки муносибатҳои байналхалқӣ ин робитаҳои байни воҳидҳои сиёсӣ мебошанд, ки ин мафҳум ба полисҳои юнонӣ ва ҳам ба ҷумҳурии Риму шоҳигарии Мисри қадим ва ҳам баробарарзиш ба монархияҳои аврупоӣ, ҷумҳуриҳои буржуазӣ ё ҷумҳуриҳои демократияи халқӣ тааллуқ доранд[2]. Дар ҳамин асар ва дар дигар ҷо ҳам муҳаққиқи мазкур иброз медорад, ки мундариҷаи асосии муносиботи байналхалқиро муносибатҳои мутақобилаи давлатҳо ташкил медиҳанд. Пас муаллифи мазкур тарафдори он аст, ки чорчӯбаи хронологии муносибатҳои байналхалқӣ аз Дунёи Қадим ибтидо мегирад[3]. Муҳаққиқи дигар, мутахассиси америкоии соҳаи таърихи муносиботи байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ ва иқтисоди сиёсии байналмилалӣ Роберт Гилпин боз ба ин мавзуъ, яъне хронологияи маъмулии муносибатҳои байналмилалӣ (Сулҳи Вестфал – замони муосир) дақиқтар баҳо дода, онро инкор намуда, қайд менамояд, ки табиати фундаменталии муносиботи байналхалқӣ дар ҳазорсолаҳо тағйир наёфтааст. Муносиботи байналхалқӣ то имрӯз ҳам ҳамчун муборизаи доимӣ барои бойигарӣ ва ҳокимият байни акторҳои мустақил дар вазъияти анархиявӣ идома доранд[4].

Дипломатия ҳам дар замонҳои басо дур зуҳур кард, ҷанини он аллакай дар ҷамоаи авлодӣ ба вуҷуд омада буд. Аммо намуди ҳақиқиро он дар баробари сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ танҳо дар давраи таъсисёбӣ ва рушди давлатдорӣ касб карда буд[5].

Профессор В. И. Батюк ба хулосае меояд, ки агар муносибатҳо байни халқҳо (аз авлоду қавму қабоил сар карда) дар ҷамоаи ибтидоӣ ба вуҷуд омада бошанд, пас муносиботи сиёсӣ бошад танҳо пас аз ба вуҷуд омадани аввалин давлатҳо зуҳур карданд. Аммо муносибатҳои байналхалқӣ дар Дунёи Қадим –

---

[1]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 16.

[2]Арон Р. Мир и война между народами. М.: NOTA BENE, 2000. С. 54.

[3]Ниг.: Арон Р. Мир и война между народами. М.: NOTA BENE, 2000. С. 54.; Цыганков П. А. Международные отношения. М.: Новая школа, 1996. С. 49.

[4]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[5]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 7.

яъне дар ин давраи алоҳидаи таърихӣ натавонистанд, ки ба таври пурра характери глобалиро касб намоянд ва онҳо аз ҳар ҷиҳат хусусияти минтақавиро доштанд[1]. Профессори Донишгоҳи Флоренсия Эннио Ди Нолфо низ менависад, ки муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи империяи Миср, империяи Ошур - Бобулӣ, шаҳр - давлатҳои юнонӣ, империяи Рим ва дигар давраҳо ҳам вуҷуд доштанд[2].

Муҳаққиқ Ш. Шахалилов низ қайд менамояд, ки барои он ки сабабҳои ба вуҷуд омадани системанокиро дар муносибатҳои байналхалқӣ дарк карда тавонем, пас зарурият пеш меояд, ки ба таърихи гузаштаи он муроҷиат намоем. Барои ҳамин таърихи муносиботи мутақобилаи давлатҳо аз Дунёи Қадим омӯхта шавад ва ибтидои чорчӯбаи хронологии фанни таърихи муносибатҳои байналхалқӣ аз ҳамон давра интихоб карда шавад ва ин имконият медиҳад, ки таърихи муносибатҳои байналхалқиро ҳамчун раванди доимии ғункунии донишу малакаҳо, таҷриба ва ҳаракатҳо баррасӣ намуда, дар ин замина муайян мегардад, ки дар асоси онҳо давлатҳо ба ҳамкории мақсадноки байни худ расиданд ва ин равиш бошад табдилёбии муносиботи онҳоро ба як системаи мукаммал ҳал намуд[3]. Ва ниҳоят маҳз дар Дунёи Қадим унсурҳои муҳими муносибатҳои байналхалқӣ: ҳамкориҳои мутақобила ва ба ҳам таъсиррасон – ба монанди таҷрибаи гуфтушунидҳо ва шартномаҳо (гузарондани гуфтушунидҳо ва бастани шартномаҳо), фиристондани намояндагон барои ҳал намудани ин ё он масъала зуҳур ва рушд ёфта буданд[4].

Ҳамин тавр, дар замони муосир як қатор муҳаққиқон аз давраи муайяншудаи муносиботи байналхалқӣ даст кашида, ба омӯзиши он аз давраҳои қадим то ҳозир машғул мебошанд. Масалан, ба ақидаи муҳаққиқи рус П. А. Сиганков муносиботи байналхалқиро мумкин аст ба таври зуҳуроти махсуси муносиботи ҷамъиятӣ муайян намуд, ки аз чорчӯбаи муносиботи байниҳамдигарии дохилиҷамъиятӣ ва ташкилоти территориявӣ баромада бошанд[5].

Ҳамаи гуфтаҳои боло ва нуқтаҳои назари мутахассисони соҳаро категорияҳои бо ҳамдигар мухолифи муайянкунандагони муносиботи байналхалқӣ, яъне «мо» – «онҳо» муттаҳид менамоянд. Муносиботи байналхалқӣ, ки иттиҳодияро дар самти иқтисодӣ ва сиёсӣ бо олами беруна алоқаманд менамоянд, бо алоқаҳои дохилӣ муқобил мегузоранд.

Мухолифони ҳамдигари «мо» – «онҳо» аз нуқтаи баромадаш ба давраҳои қадими таърихи инсоният мерасанд, аммо дар аксарияти китобҳои

---

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 14.

[2]Эннио Ди Нольфо. История международных отношений: методологические проблемы // Уральский вестник международных исследований. Выпуск 1. Екатеринбург: Издательство Уральского университета, 2003. С. 9 – 10.

[3]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 16.

[4]Лебедева М. М. Мировая политика. Учебник для вузов. 2 издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2007. С. 11.

[5]Ниг.: Цыганков П. А. Международные отношения. М., 1996. С. 52.

дарсӣ ба омӯзиши он аз замони зуҳури давлатдорӣ диққат дода шудаасту халос.

Агар ба мазмуни муносиботи байналхалқӣ дар ҳар давру замон нигоҳ кунем, албатта муайян мегардад, ки хусусиятҳои асосии он зери таъсири давлатҳои алоҳида ташаккул ёфтааст. Конфигуратсия (шакл, намо) - и низоми муносиботи байналхалқӣ имрӯз низ дар натиҷаи бозии рақибонаи субъектҳои байни худ рафоқат намуда, муайян мегардад. Иштирокчиёни асосии он давлатҳо мебошанд. Дар тӯли таърих ҳар давлати иштирокчии муносибатҳои байналхалқӣ кӯшиш намудааст, ки мақом ва доираи таъсири худро аз ҳисоби дигар иштирокчиён афзун намояд. Назорат аз болои низоми муносиботи байналмилалӣ тавассути тақсимкунии қувваҳо ва захираҳо байни иштирокчиёни пешбари он дар симои давлатҳои алоҳида ё коалитсия (эътилоф) - и онҳо роҳандозӣ карда мешавад. Аз Дунёи Қадим сар карда, то ибтидои асри XXI дар низоми муносиботи байналхалқӣ, чун қоида бузургдавлатҳои ҳарбӣ - сиёсӣ тантана карда истодаанд.

Дар рафти омӯзиши фанни мазкур зарур мебошад, ки донишҷӯён оид бо мазмуни даврабандии таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, қонуниятҳои муносибатҳои байналхалқӣ, сарчашмаҳо, предмет ва объекти фан, дипломатия, мафҳумҳои асосӣ, қоидаҳо, тартиботу системаҳои ҷаҳонӣ ва ғ. шинос шаванд.

**Давраҳои рушди муносиботи байналхалқӣ.** Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ҷузъи таркибии таърихи умумӣ буда, дар алоқамандӣ ба ин, даврабандии он низ қариб, ки пурра ба даврабандии раванди ҷаҳонӣ-таърихӣ мутобиқат менамояд. Чун қоида, дар таърихи муносиботи байналмилалӣ 5 давраи муайянро ҷудо менамоянд, ки аз рӯи принсипҳои ташаккулёбӣ ва шакли ташкилии алоқаҳои байниҷамъиятӣ ва байнидавлатӣ аз ҳам тафовут доранд:

I. Давраи Дунёи Қадим. Ин давраи ташаккулёбии муносиботи байналхалқие мебошад, ки барои он ба сифати меъёри асосии ҳуқуқӣ расму русум, урфу одат ва анъана хос буд. Дар ин давра гап асосан на оид ба муносиботи байнидавлатӣ, балки байниминтақавӣ меравад;

II. Давраи асрмиёнагӣ. Дар ин давра ба сифати субъекти муносиботи байналхалқӣ асосан на давлатҳо, балки давлатдорон – шоҳон, князҳо, калисо ва иттиҳодияҳои бузурги сиёсӣ-иқтисодӣ ва динӣ баромад мекарданд;

III. Давраи нав. Бо оғоз ёфтани давраи нав муносиботи байнидавлатӣ ба муносиботи байналхалқӣ табдил ёфтанд. Системаи меъёрҳои ҳуқуқҳои байнидавлатӣ васеъ ва сифатан низ беҳтар гардиданд. Дар давраи Нав ду тартиботи байналхалқӣ – аввал тартиботи Вестфалӣ ва баъди он тартиботи Венагӣ амал мекарданд;

IV. Давраи навтарин. Дар ин давра системаи глобалии муносиботи байналхалқӣ – Версал - Вашингтон таъсис меёбад, ки то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон амал мекард. Баъди ҷанги мазкур бошад системаи нави муносиботи байналмилалӣ Ялта – Потсдам шакл гирифт;

V. Давраи муосири таърихи муносиботи байналхалқӣ. Дар соҳаи муносиботи байналхалқӣ ба сифати бунёдӣ принсипи бо роҳи сулҳомез ҳал намудани зиддиятҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ эълон карда шуд. Ташаккулёбии системаи нави муносиботи байналмилалӣ бо оғоз ёфтани сиёсати бозсозӣ дар ИҶШС, аз байн рафтани давлати мазкур ва оқибат инқилобҳои махмалин дар собиқ давлатҳои сотсиалистии Европаи Шарқӣ алоқаманд аст. Хусусиятҳои асосии муносиботи байналмилалиро дар замони муосир ҷаҳонишавии онҳо дар бар мегирад. Дар ҷаҳони муосир проблемаҳои наве зуҳур кардаанд, ки талабот пеш мегузоранд, ки қувваю тавоноии тамоми давлатҳо бояд муттаҳид шаванд. Ба ин гуна проблемаҳо пеш аз ҳама терроризми байналхалқӣ, хатари ҷанги ядроӣ, проблемаи экологӣ, муҳоҷират ва ғайра дохил мешаванд[1].

**Мафҳуми системаи муносиботи байналхалқӣ ё тартиботи байналхалқӣ** шакли мушаххаси таърихии ташкилоти сиёсии муносиботи байналхалқиеро пешниҳод менамояд, ки тавассути шартномаҳо ва қарордодҳо мустаҳкам гардонда шудааст. Системаи муносиботи байналмилалӣ чун қоида, хусусияти муносиботи ҷамъиятҳо ва давлатҳое ба он ворид шударо инъикос менамояд. Дар таърихи рушди худ он давраи тӯлониро паси сар намуда, аз муносиботи сатҳи авлодӣ-қабилавӣ, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи анъанавӣ такя мекарданд, сар карда, то муносиботи муосири байналмилалӣ, ки дар асоси ҳуқуқи муосири байналмилалӣ амал менамояд, расидааст.

**Объекти илми муносибатҳои байналхалқӣ** – таҳқиқу омӯзиши зуҳурёбӣ, ташаккул ва инкишофи муносибатҳои байнидавлатӣ, байниминтақавӣ, байналхалқӣ ва инчунин равандҳо, таҳаввулот ва хусусиятҳои хоси он мебошад. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ чун қисми муҳими илми муносибатҳои байналхалқӣ буда, аз ҳамаи ҷанбаъҳои омӯзиши он хусусан бештар ба масалаҳои таърихии он сару кор дорад. Таҳқиқи пайдоиш, ташаккулёбӣ ва эволютсияи муносибатҳои байнидавлатӣ, байниминтақавӣ ва байналхалқӣ чун ҳадафи асосии омӯзиши таърихи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

Зарурияти ҷаҳони муосир ба принсип ва методҳои омӯзиши илмии муносибатҳои байналхалқӣ талабҳои навбанав гузошта истодааст. Пайдоиш ва бо суръатҳои тез густариш ёфтани намудҳои нави робитаҳо баёни ҷамъияти одамон (чун навҳои нави телекоммуникатсия, интернет ва ғ.) моро водор месозад, ки таҳаввулотҳои нави илми муносибатҳои байналхалқиро ҳам бо методҳои анъанавӣ ва ҳам бо методҳои нав (омӯзиши сомонаҳо ва таъсири онҳо) омӯзем.

**Маъхазҳои** омӯзиши таърихи муносибатҳои байналхалқӣ бошад: ҳуҷҷатҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дипломатӣ оид ба муносибатҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ ва минтақавӣ (шартномаҳо, созишномаҳо, баёнотҳо ва ғ.); асарҳои таърихӣ, ки дар он на фақат ҳаёти дохилии мамлакатҳо, балки муносиботи берунии халқҳои гуногун тасвир шудааст; сафарномаҳо,

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018. С. 5 – 6.

гузоришҳо, ки дар онҳо вазъи давлатҳои ҳамсоя инъикос ёфтааст; адабиёти хаттии иттилоотиву дипломатӣ (ҳисобот, таҳлил ва гузориши сайёҳон - фиристодаҳо, дипломатҳо ба ҳукумати худ ва ғ.); мемуарҳо (ёддоштҳо) - и ходимони бузурги давлатӣ, сиёсӣ ва дипломатӣ ба ҳисоб меравад.

**Мафҳуми муносиботи байналхалқӣ:** маҷмӯи алоқаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, дипломатӣ ва ғайра дар байни давлатҳо ва системаҳои давлатҳо, байни синфҳои асосӣ, қувваҳои ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, созмонҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ки имрӯз дар саҳнаи Ҷаҳон амал менамоянд; муносибот байни давлатҳо ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ, байни ҳизбҳо, ширкатҳо ва шахсони хусусӣ (воқеӣ) - и давлатҳои гуногун; маҷмӯи алоқаҳои байналхалқӣ, ки ҷамъияти инсониро ташаккул медиҳанд; муносибот байни воҳидҳои сиёсӣ, бо назардошти аз қадим то ҳозир полисҳои юнонӣ, империяҳои Миср, Ҳахоманишиҳо, Рим, монархияҳои европоӣ, ҷумҳуриҳои буржуазӣ, ҷумҳуриҳо ё демократияи халқӣ.

**Шаклҳои муносиботи байналхалқӣ:** дар асоси соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ: муносиботи сиёсӣ, ҳарбӣ - стратегӣ, маданӣ ва ғоявӣ; дар асоси амаликунии мутақобилаи иштирокчиён: муносиботи байнидавлатӣ, байниҳизбӣ, байни созмону ташкилотҳои байналхалқӣ ва байни шаҳрвандони давлатҳои гуногун.

**Сатҳи муносиботи байналхалқӣ:** дар асоси критерияи геополитикӣ: сатҳи глобалӣ, минтақавӣ, субрегионалӣ (субминтақавӣ, дар дохили як минтақа); дар асоси ҳолат (вазъ)-и муносибатҳои байналхалқӣ: муътадил ё ғайримуътадил (муқаррарӣ ва ғайрмуқаррарӣ), боварӣ ё хусуматона (душманона), ҳамкорӣ ё низоъ, сулҳ ё ҷанг.

**Сиёсати хориҷӣ** ин фаъолияти муташаккилонаи давлат дар сатҳи байналмилалӣ мебошад, ки ба самти дифоъ ва амалӣ намудани манфиатҳои худ ва ба даст овардани мақсадҳои дар пешгузошта равона шудааст. Асоси онро характери фаъолияти актор - давлат дар системаи муносибатҳои байналмилалӣ таркиб медиҳад. Дар баробари ин, он дар асоси доктринаи давлатӣ (назарияи сиёсати хориҷӣ) роҳандозӣ мешавад.

**Сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ** байни худ алоқаи муайян доранд ва аз ҳамдигар вобаст мебошанд. Назарияҳои асосӣ оид ба ҳамдигар таъсиррасонии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ инҳо мебошанд:

- марксизм: сиёсати хориҷӣ тавассути сиёсати дохилӣ, ки моҳияти синфии режими идоракунандаро инъикос намуда, тавассути муносиботи иқтисодӣ муайян карда мешавад, муқаррар карда мешавад;

- назарияи консепсияи геополитикии «Шимоли сарватманд» ва «Ҷануби камбағал» ва маркази ҷаҳонию олами периферияви (гӯшаву канорҳо, ғайримарказӣ, музофот): сиёсати хориҷиро сиёсати дохилӣ муайян менамояд, ки дар муносибат бо он манбаи таҳрикдиҳандаи мақсадҳо ҳисоб мешавад; дар доираи сиёсати хориҷӣ манфиатҳои асосии давлат қарор доранд, ки аз муваффақияти он беҳбудиҳо (дастовардҳо)-и дохилӣ вобаста мебошанд;

- неореализм ва структурализм: сиёсати хориҷӣ давомдиҳандаи сиёсати дохилӣ дониста мешавад ва муносиботи байналхалқӣ бошад давомдиҳандаи муносиботи байниҷамъиятӣ дониста мешавад; нақши асосиро дар сиёсати хориҷӣ динамика (ҷараёни инкишоф)-и дохилии низоми байналхалқӣ бозӣ мекунад;

- реализми сиёсӣ: сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ моҳияти ягона доранд – мубориза барои қувва, аммо сиёсати хориҷиро манфиатҳои миллӣ муайян мекунанд, ки объективӣ (воқеӣ) мебошанд, чунки онҳо аз табиати одам, шароити географӣ ва расму анъанаи халқ вобаста мебошанд.

Дарёфти қонуниятҳои пайдоиш, ташаккулёбӣ ва эволютсияи муносибатҳои байналхалқӣ, таҳлили типҳо, моделҳо ва шаклҳои муносибатҳои байналхалқӣ, муайян намудани пояҳои таърихии ташаккул ва трансформатсия (дигаргуншавӣ)-и системаҳои муосири муносибатҳои байналхалқӣ чун ҳадафҳои асосии таҳқиқ ва омӯзиши муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

**Қонуниятҳои муносиботи байналхалқӣ:** шахси асосии амалкунанда дар муносиботи байналхалқӣ давлат ҳисоб шуда, шаклҳои фаъолияти байналхалқии он бошанд – дипломатия ва стратегия мебошанд; сиёсати давлатӣ дар ду шакл амалӣ мешавад – дохилӣ ва хориҷӣ, ки байнашон алоқамандии мутақобила вуҷуд дорад, аммо дар баробари ин ҳар кадоме аз ин намудҳо дар зинаи муайян мухтор мебошанд; фаъолияти байналхалқӣ манфиати миллӣ (давлатӣ) ба ҳисоб меравад, ки унсурҳои он бехатарӣ, зистан ва мустақилият (суверенитет) мебошанд; дар амал тадбиқ намудани манфиатҳои миллӣ (давлатӣ), талаботро ба миён меорад, ки бояд қувваҳои ҳарбӣ таъсис дода шаванд, ки он дар навбати худ аз захираҳои дохилии давлат вобаста аст; тақсимкунии қувваҳо байни давлатҳои бузург (балонси қувваҳо) мумкин шаклҳои зеринро ифода намояд: яққутбӣ, дуқутбӣ ва бисёрқутбӣ.

**Системаи байналхалқӣ ва унсурҳои он:** система ин маҷмӯи унсурҳо аст, ки дар ҳолати бо ҳам алоқамандии мутақобила ва ба ҳамтаъсиррасон қарор доранд; элемент (унсур)-ҳо қисми оддии ҷудоношудаи система ҳастанд, ки бо ҳам алоқаманд мебошанд; муҳит атрофе аст, ки ба система таъсир мерасонад, аз он ки бо чӣ он таъсиррасон мебошад, мумкин аст ду намуд системаро ҷудо кард – дохилӣ (ё контекст) ва хориҷӣ (ё атроф); структураи система тибқи муносиботи унсурҳои система, имконоти ташкилии унсурҳо ва маҷмӯи маҳдудиятҳо дар система муайян карда мешавад.

Функсияи асосии система ин реаксия ба таъсироти муҳит, бо мақсади нигоҳ доштани мустаҳкамияти худ мебошад.

Хусусиятҳои системаҳои байналхалқӣ нисбат ба андозаи пасти сиёсати дохилӣ ва хориҷии ташкилӣ ва мухторияти дохилии аз ҳад зиёди унсурҳо, ки ба система дохил ҳастанд, ҳамбастагӣ дорад.

**Иштирокчиён (акторҳо) - и муносибатҳои байналхалқӣ инҳо мебошанд:** давлатҳо; ташкилотҳои байналхалқии байнидавлатӣ – нисбат ба иттиҳодяҳои муътадили давлатӣ, ки дар асоси шартномаҳо бунёд ёфта, компе-

тенсияҳои мувофиққунанда ва органи доимамалкунанда доранд; ташкилотҳои байналхалқии ғайридавлатӣ – созмонҳои қаламравнадошта, ки мавҷудияти онҳо тавассути характери байналхалқӣ, ҳайат ва мақсади иштирокчиён, характери ихтиёрона амал намудан ва характери хусусӣ доштани муассис муайян карда мешавад; қувваҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳо – маъмуриятҳои минтақавӣ ва маҳалӣ, ҳаракатҳои сепаратистӣ, балвогарӣ ва ғайра, инчунин шахсони алоҳида ва ашхоси гурӯҳӣ, ки мехоҳанд мақсади худро дар сатҳи байналмилалӣ амалӣ намоянд.

Факторҳои асосии ноором намудани системаи байналмилалӣ ин низоъ байни акторҳо мебошад. Зери низоъ бархӯрди акторҳо дар масъалаи арзишҳо, мақомҳо, ҳокимият, захираҳо ва ғайра фаҳмида мешавад. Мақсади асосии тарафҳо дар низоъ аз безарар гардондан, зада партофтан, заиф ё барканор намудани рақиб иборат мебошад, ки барои он аз конфронтатсия ва ҳамкорӣ истифода мешавад.

**Параметрҳои идоракунанда.** Параметрҳои идоракунандаи муносибатҳои байналхалқӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд: 1. Принсипи гегемонизм он маъноро ифода менамояд, ки дар доираи тартибот давлат (ё коалитсияи давлатҳо)-е аст, ки аз рӯи маҷмӯи захираҳо ва қувва нисбати дигарон бартарӣ дорад; 2. Принсипи баланси қувваҳо пешниҳод менамояд, ки захираҳо байни бозингарони асосии муносибатҳои байналхалқӣ тақрибан баробар тақсим карда шудаанд.

**Воситаҳои муносибатҳои байналхалқӣ.** Воситаҳои муносибатҳои байналхалқӣ мумкин гуногун бошанд: зич (вуҷуд доштани шумораи зиёди меъёрҳо, қоидаҳо, бо иловаи қоидаҳои ғайрирасмӣ, низомҳо, ки рафтори давлатҳоро дар муносибатҳои байналхалқӣ маҳдуд менамоянд). Тунук (шумораи меъёрҳо ва низомҳо, ки рафтори давлатҳоро ба танзим медароранд, зиёд нест).

**Регулятор (танзима)-ҳои системавӣ.** Регуляторҳои системавӣ се намуд мешаванд: ҷангҳо; шартномаҳои дипломатӣ; низомҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ. Ҷангҳоро ҳамчун механизмҳои ба тартиб даровавандаи тартиботи ҷаҳонӣ ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: 1) ҷанг барои барқароркунии гегемония; 2) ҷанг барои ислоҳ кардан (ба тартиб даровардан)-и баланс. Баробари ин, як ҷанг метавонад барои иштирокчиёни гуногуни он ҳам барои гегемон ва ҳам барои тасҳеҳкунии қувваҳо ҳисоб карда шавад. Ҷангҳои тоталӣ, ки ба самти аз байн бурдани рақиб, ҳамчун субъекти сиёсӣ, равона гардидаанд, дар бисёр маврид ба шикасти як тартибот ва иваз намудани он аз ҷониби тартиботи дигар мерасонанд. Ҷангҳои маҳдуд, ки бо мақсади ба созиш маҷбур намудани рақиб бурда мешаванд, метавонанд захираҳои давлатро афзоиш ё як бор афзоиш дода, баробари он меъёрҳои базавии тартиботро нигоҳ доранд.

Вобаста ба вазнин шудани ҷангҳо нақши низомҳои ҳуқуқӣ низ мустаҳкаму зиёд гардид. Дар онҳо се мақсад гузошта шудааст: 1) паст намудани хатароти ҷанги байнидавлатӣ; 2) баробар намудани захираҳои мамлакатҳо (ё коалитсияҳо), ки даъвои гегемон шудан доранд; 3) муайян намудани қоидаҳои

дарозмуддати таъсири мутақобилаи байни давлатҳо. Барои ба даст даровардани мақсади сеюм пиндори бузургдавлатҳо зарур аст, ки дар асоси он ҷангро ҳамчун алтернативаи беҳтарин ба муқобили бо роҳи гуфтушунид ҳал намудани масъала гузоранд. То он даме, ки рафтори мазкур ҳифз нигоҳ дошта шавад, тартибот ҳам муътадил нигоҳ дошта мешавад.

Мотиватсияи[1] иштирокчиёни тартиботи ҷаҳонӣ низ баробари ин фарқкунанда мебошад. Давлатҳо аз нуқтаи назари идоракунандаи ҳаракати рафтор ба ду категория ҷудо мешаванд: державаҳо статус - кво, ки ба ҳифз нигоҳ доштани тартиботи ҷаҳонӣ манфиатдор мебошанд; державаҳои ревизионӣ, ки барои аз нав дида баромадани параметрҳои идоракунии тартибот мубориза мебаранд. Мутобиқ ба он ревизияи тартиботи ҷаҳонӣ: мувофиққунанда (қисман ислоҳ намудани тартибот, бо назардошти нигоҳ доштани меъёрҳои базавии он), номувофиқ (низои калони ҳарбӣ миёни бузургдавлатҳо, ки ба шикасти тартибот оварда мерасонад) шуда метавонанд[2].

**Тартиботи ҷаҳонӣ** – ин маҷмӯи қоидаҳо ва меъёрҳо, ки якҷоя амал кардан (таъсири мутақобила) - и иштирокчиёни системаи муносибатҳои байнахалқиро муайян менамоянд.

**Тартиботи якум** – Вестфалӣ мебошад, ки аз давраи хотимаёбии Ҷанги Сисола (с. 1648) то ба охир расидани ҷангҳои Наполеонӣ (с. 1815) - ро дар бар мегирифт ва параметри идоракунии он гегемонизм ба шумор рафта, аз оғози он бартарият дар дасти Франсия буд. Бузургдавлатҳои дигар (Британия, Империяи Муқаддаси Рим, Россия ва ғ.), бо мақсади гирифтани роҳи Франсия ба самти гегемонизм коалитсияҳоро таъсис медоданд. Регулятори системавии тартиботи мазкур маҳдудкуниҳои доимии ҷангҳо буданд. Барои Франсия – ба хотири барқарор намудани гегемонияи худ, барои коалитсияҳои зиддифрансузӣ – бо мақсади корректировка (ислоҳ, тасҳеҳ) намудани баланс. Барҳамхӯрии тартиботи Вестфалӣ дар давраи ҷангҳои Наполеонӣ (с. 1800 – 1815) ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи ҷангҳои мазкур Франсия барои амалӣ намудани сиёсати гегемонии худ аз потенсиал маҳрум гардид.

**Тартиботи дуюм** – Венагӣ ба ҳисоб меравад, ки аз замони ба охир расидани ҷангҳои Наполеонӣ (с. 1815) то ба охир расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ идома дошт. Қоидаҳои нави муносибатҳои байнидавлатӣ дар конгресси Вена (с. 1814 – 1815) барқарор гардиданд. Параметри идоракунии он принсипи баланси қувваҳо – мувозинати потенсиалҳо миёни бузургдавлатҳо (Британияи Кабир, Россия, Франсия, Австрия, Пруссия) гардид, ки дар муқоиса бо дигар иштирокчиёни тартиботи венагӣ ҳуқуқҳои зиёдтар доштанд. Вазифаи худро онҳо дар нигоҳ доштани суботу устуворӣ, ки ҳамчун имкониятҳои максималии ҳифз нигоҳ доштани статус-кво фаҳмида мешуд, медонистанд. Ба сифати регулятори системавии тартиботи венагӣ низомҳои байналхалқӣ-сиёсӣ, коалитсияҳои дипломатӣ ва ҷангҳои маҳдуд ба хотири тасҳеҳи баланс баромад

---

[1]Мотиватсия – аз лотинии *movēre* – ҳаракат, такон додан, ба ҳаракат овардан.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 8 – 9.

мекарданд. Дар ибтидои асри XX баланси қувваҳо байни давлатҳо ба баланси қувваҳо миёни коалитсияҳои дарозмуддати сиёсӣ-ҳарбӣ иваз шуд. Низоъ байни алянсҳои сиёсӣ-ҳарбӣ дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (с. 1914 – 1918) ба аз байн рафтани тартиботи венагӣ оварда расонд.

Дар давраи тартиботи венагӣ ба таври фаъолона паҳншавии муносибатҳои байналхалқӣ (яъне муносибатҳо байни давлатҳои миллӣ) берун аз қаламрави Европа шуда гузашт. Дар натиҷа рақобати Британия ва Россия (Бозии Бузург) ба тартиботи венагӣ Осиёи Миёна ва Шарқи Дур ворид шуданд. Дар нимкураи Ғарбӣ бошад системаи мухтори муносибатҳои байналхалқӣ бо бартарият доштани ШМА дар он ба вуҷуд омад. Дар давраи системаи мустамликадорӣ бошад ташаккулёбии давлатҳои миллӣ дар Африка, Австралия ва Океания сар шуд. Минтақаҳои мазкур дар чорчӯбаи тартиботи венагӣ мавқеи мухториро ишғол мекарданд, аммо ба параметри идоракунии тартиботи мазкур тобеъ буданд, зеро ҳоло ҳам бузургдавлатҳои европоӣ дар Ҷаҳон аз бартарият бархӯрдор буданд.

**Тартиботи сеюм** – Версал - Вашингтон мебошад, ки дар давраи миёни Ҷанги якуми ҷаҳонӣ (с. 1919) то ба охиррасии Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (с. 1945) давом карда буд. Қоидаҳои асосии тартиботи мазкур дар рафти конференсияҳои сулҳ дар Версал (с. 1919 – 1920) ва Вашигтон (с. 1921 – 1922) муайян карда шуда буданд. Параметри идоракунандаи он ду принсипи ҳамдигарро истиснокунанда буданд: идоракунии глобалӣ (ки дар фаъолияти Лигаи Миллатҳо таҷассум ёфта буд) ва биёрқутбии идеологӣ, ки аз оғоз ба тартиботи мазкур характери низоъдошта ва ноустувор дод, ки он дар навбати худ мӯҳлати мавҷудияти тартиботро кам кард. Ба тартиботи Версал - Вашингтон сатҳу зинаи баланди идеологизатсиязада хос буд, ки ин падида дар натиҷаи рақобати идеологияҳои коммунистӣ, либералӣ ва баъдтар миллӣ-сотсиалистӣ ба вуҷуд омада буд. Барои ҳамин, регулятори системавии он – фаъолияти Лигаи Миллатҳо ноустувор баромад.

**Тартиботи чорум** – Ялта - Потсдам мебошад, ки дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ташаккул ёфт. Дар аввал он ҳамчун лоиҳаи англосаксонӣ, ки дар «Хартияи Атлантикӣ» аз соли 1941 баён гардида буд, зуҳур кард. Дар моҳи майи соли 1942 президенти ШМА Ф. Д. Рузвелт ҳангоми вохӯрӣ бо комиссари халқии Комиссариати корҳои хориҷии ИҶШС В. М. Молотов консепсияи се полисро пешниҳод намуд, ки баъди як сол он ба консепсияи чор полис васеъ карда шуд. Гап сари эътирофнамоии ҳамдигарии функсияҳои полисиягии аз они ШМА, ИҶШС, Британия ва Хитой мавҷуд буда мерафт, ки он имконият медод тартиботи ҷаҳониро ҳифз ва нигоҳ доранд. Баъдтар як полиси дигар – Франсияро ба он илова карданд ва дар натиҷа ҳайати доимии Шӯрои Бехатарии СММ муайян гардид. Дар ҳамин асос давлатҳои аъзои коалитсияи зиддигитлерӣ солҳои 1943 – 1944 қоидаи рафтору муносибатро дар тартиботи нави баъдиҷангӣ коркард намуданд: эътироф намудани баробарии расмии тамоми халқҳо ва мамлакатҳо; маҳдуд намудани ҳуқуқи давлатҳо ба истифода намудан аз қувваи зурӣ; таъсис додани СММ ҳамчун институти байналмилалии

идоракунии глобалӣ; дар доираи Шӯрои бехатарии СММ панҷ давлат-ғолибон дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ (ИҶШС, ШМА, Британия, Франсия ва Хитой) дар ихтиёри худ доштани ҳуқуқҳои махсус. Ин ҳуқуқ баъдтар бо эътирофнамоии доштани ҳуқуқи монополӣ (пентаполӣ) ба силоҳи ҳастаӣ тасдиқ гардид, ки он соли 1968 бо қабул намудани Шартнома дар бораи паҳн накардани яроқи ҳастаӣ расмӣ гардонда шуд; бесилоҳ гардондани мамлакатҳои таҷовузкор – Германия ва Япония, қисман маҳдуд намудани суверенитети онҳо.

Параметрҳои идоракунандаи тартиботи Ялта-Потсдамро мутахассисони соҳа ҳар хел баҳогузорӣ менамоянд. Дар он бечуну чаро ҳам компонентҳои батанзимдарории глобалӣ (СММ ва дигар ташкилотҳои байналхалқии бо он алоқаманд) ва ҳам компонентҳои системаи балanси қувваҳо (дар назар ҳуқуқи гузоштани вето аз они аъзоёни доимии ШБ СММ) низ иштирок доштанд. Ҳамин тавр, аз ҷиҳати қувва ниҳоят бартарӣ доштани ду бузургдавлат – ИҶШС ва ШМА, давлатҳои номбурда тартиботи мазкурро ба майл доштан ба гегемонизм табдил доданд[1].

Тартиботи Ялта - Потсдам тартиботи бесобиқаи либералӣ гардид. Фарқияти принсипиалии он аз тартиботҳои пешина бо дар амал баровардани се меъёри базавӣ фарқ менамояд: 1) аз нигоҳи ҳуқуқӣ давлатҳои хурд ва миёна расман бо бузургдавлатҳо баробар карда шуданд; 2) ҳамаи давлатҳои мустақил барои ҳифз нигоҳ доштани суверенитет ва тамомияти арзии худ кафолати байналхалқиро ба даст даровearданд; 3) ҳуқуқи байналхалқӣ қисман ҳуқуқи ҳамаи давлатҳои мустақилро маҳдуд намуд (аз қоидаи бурдани ҷанг сар карда, то фаъолияти иқтисодӣ). Давлатҳои бузург ҳоло ҳам ин маҳдудиятро сарфи назар мекарданд. Аммо ҳар чи набошад далел он аст, ки принсипҳои мазкур асоси тартиботи ҷаҳонӣ эълон карда шуда, он барои демкоратикунонии муносиботи байналхалқӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Новобаста аз он ки тартиботи мазкур ду бор аз трансформатсия гузаронда шуд ва соли 1991 ИҶШС аз байн рафта бошад ҳам, дар ҷаҳон асосҳои моддӣ-техникии тартиботи мазкур ҳифз карда шуданд.

**Функсияи доктринаи давлатӣ аз инҳо иборат аст:** муайян намудани мақсадҳои давлат дар арсаи сиёсати хориҷӣ; муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши давлат дар муносибат бо ҳамсоягони наздик, дар сатҳи минтақавӣ ва глобалии системаи муносиботи байналхалқӣ; коркард намудани принсипҳои калидии муносиботи мутақобила бо дигар давлатҳо; нигоҳ доштани унсурҳои ҳуқуқи сафир.

Сиёсати хориҷии давлат тавассути ду методи асосӣ амалӣ мегардад: сулҳомез (дипломатӣ) ё ғайрисулҳомез (ҳарбӣ). Воситаи асосии сиёсати хориҷӣ дипломатия ба ҳисоб меравад.

**Дипломатия:** ин фаъолияти давлатӣ дар самти муносиботи хориҷӣ, маҷмӯи муассисаҳо ё ашхос, ки ба ин фаъолият машғул мебошанд, касбияти дипломат санъат дар бурдани корҳо мебошад; гуфтушунидҳо, амалиёт ва даст-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 9 – 11.

гоҳ, ки тавассути онҳо гуфтушунидҳо бурда мешавад, инчунин қисми хориҷии дафтари корҳои хориҷӣ; истифодаи хирад ва тактика дар пешбурди муносиботи расмӣ байни ҳукуматҳои давлатҳои мустақил; илм дар бораи муносиботи хориҷӣ, санъати бурдани гуфтушунид; фаъолияти расмии давлатҳо, ҳукуматҳо, мақомоти махсуси муносиботи хориҷӣ оид ба бурдани гуфтушунидҳо, мукотибот ва дигар воситаи сулҳомез, мақсад ва вазифаҳои сиёсати хориҷӣ, воситаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат дар хориҷ.

**Шаклҳое, ки тибқи онҳо фаъолияти дипломатӣ ба роҳ монда мешавад:** гуфтушунидҳо ва вохӯрии сарони давлатҳо, сафирон ва дигар шахсон, ки дорои ваколатҳои бурдани гуфтушунид ва бастани шартнома мебошанд; тайёр намудан ва бастани шартномаҳои байналхалқӣ ва қарордодҳо.

**Методҳои дипломатия** ин амалкард ё комплексии амалиёт мебошад, ки давлат дар арсаи байналхалқӣ амалӣ менамояд, тарзи таъсиррасонӣ ба ҳукумати як ё якчанд мамлакат ба хотири ба ҳадаф расондани мақсадҳои дар пеши худ гузошта.

**Мақсад ва вазифаҳои фанни таърихи муносибатҳои байналхалқӣ:** рушд додани фаҳмиши умумӣ дар бораи системаи муносиботи байналмилалӣ ва масъалаҳои сиёсати хориҷии муосир дар мафкураи донишҷӯён; мустаҳкам намудани дониши донишҷӯён оид ба харитаи сиёсии Ҷаҳон ва муносиботи байналхалқӣ дар замонҳои гуногун; омода намудани донишҷӯён дар самти мустақилона таҳлил намудани равандҳои таърихӣ; тавассути таҳлилу нишонаҳои гузаштаи таърихӣ дар донишҷӯён ба вуҷуд овардани қобилияти таҳлил намудани воқеаҳои имрӯза; ба донишҷӯён ёд додани кор бо маъхазҳои таърихи муносибатҳои байналхалқӣ.

**Талабот нисбати донишҷӯёне, ки курси мазкурро меомӯзанд:** бояд ҳодисоту воқеаҳои асосии давраи омӯхташударо нағз азхуд намоянд ва аҳамияти онҳоро барои рушди минбаъда муайян карда тавонанд; таърихи барқароршавӣ ва рушд, ҳолати имрӯзаи муносиботи байналхалқӣ, табиат ва моҳияти тағйирот дар системаи муносиботи байналмилалиро донанд; давраҳои асосии рушди таърихи муносиботи байналмилалӣ ва трансформатсияи системаи муносиботи байналмилалиро дар контексти раванди ҷаҳонӣ-таърихӣ донанд; таҳлил намудани равандҳое, ки дар муносиботи байналмилалӣ гузашта истодаанд ва вазъи геополитикиро ёд гиранд, ба равандҳои асосии муносиботи байналмилалӣ такя намоянд; аз навовариҳои таҳлили сиёсати хориҷӣ бархӯрдор бошанд ва дар пешгӯӣ намудани равандҳои сиёсии байналхалқӣ маҳорату малака дошта бошанд.

# БОБИ I. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ДУНЁИ ҚАДИМ

## 1. 1. ДУНЁИ ҚАДИМ. ЗУҲУРИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Муносиботи байниавлодӣ ва байниқабилавӣ.** Ҳанӯз хеле пештар аз ташаккулёбии аввалин давлатҳо манфиатҳои иттиҳодияҳои гуногуни ҷамоавии авлодӣ ва қабилавӣ миёни ҳам бар мехӯрданд ва инсонҳо барои зарурият маҷбур шуданд, ки баъзе қоидаҳои муоширату муносибатро ба вуҷуд оваранд. Ин қоидаҳо ва рафторҳои муайян, ки дар одатҳо, расму русум ва анъанаҳо мустаҳкам гардиданд, аввалин муносиботи «байналхалқӣ» - ро ба як тартиби муайян даровwarданд. Аллакай дар ҳамон замонҳо инсонҳо мубодилаи натуралиро амалӣ мекарданд, тохтутозҳо доир намуда, ҷангҳо мебурданд ва барои ҳалли баъзе масъалаҳо, низоъҳои авлодию қабилавӣ ба назди ҳамдигар намояндагони худро мефиристонданд. Аммо он вақт ҳоло хат вуҷуд надошт, аз ин лиҳоз маълумоти кофӣ дастрас нест ва барои мо мушкил аст, то ки масъалаи одатҳои муносиботи байниҳамдигарии авлодҳо ва қабилаҳоро дақиқ муайян кард. Аммо қайдҳои олимони машҳури асрҳои XVIII – XIX, ки тавонистанд, ҳаёти ҳиндуҳои Америка, австралиягиҳо ва таҳҷоиҳои африкоӣ, ки амамлан таъсири тамаддуни муосир ба онҳо нарасида буд, аз дохил омӯхта буданд, ба мо имконият медиҳад, ки асосҳои қоида (ҳуқуқ) - и байниавлодӣ ва байниқабилавиро барқарор намуд.

Шакли аз ҳама ибтидоии онро ба мо олимони Австралия Б. Спенсер ва Ф. Гиллен пешниҳод менамоянд. Мувофиқи қайдҳои онҳо аҳолии таҳҷоии Австралия дар як гурӯҳ (тӯда) - и 30 – 60 нафара муттаҳид мешуданд, ки дар он нақши пешбарандаро «ҷодугар», «доҳиён» иҷро мекарданд, ки таҷрибаи калони ҳаётӣ доштанд. Ҳар кадоме аз чунин иттиҳодияҳо қаламрави муайянро ишғол мекарданд, ки он имконият дошт бошандагони худро хӯронад, аъзоёни гурӯҳ дар дохили территорияи худ намунаи ҳаёти оворагардиро мебурданд, шикор мекарданд, меваи растаниҳоро ҷамъ карда, неъматғундорӣ мекарданд. Аммо дар баъзе мавридҳо мешуд, ки намояндаи як гурӯҳ аз территорияи худ баромада, ба қаламрави шикории дигар иттиҳоди бегона ворид мешуд, ки ин табиатан ба низоъ оварда мерасонд[1].

Гурӯҳҳо байни худ муносибатҳоро ба роҳ монда, дар бисёр маврид чорабиниҳои якҷоя мегузаронданд. Ба ин гуна чорабиниҳо маҷлисҳои байниқабилавӣ ба муносибати шикори муваффақона, тантанаҳои никоҳӣ, доир намудани маросими эмансипатсия, яъне ҳамчун аъзои гурӯҳ аз ҷониби наврасон ба даст овардани мақоми синни балоғат дохил мешуданд. Аз афташ,

[1]Ниг.: Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

чунин намуди маҷлисҳо зербинои заминаҳои асосии дар оянда ташаккулёбии муносибатҳои байналхалқӣ гардиданд.

Бо вуҷуди он, на ҳама вақт баҳонаҳои хурсандибахш сабаби доир намудани вохӯриҳо мегаштанд. Азбаски аҳолии таҳҷоии Австралия, ба монанди ҳамаи одамони ибтидоӣ дар зинаи мазкури рушди худ, боварӣ доштанд, ки сабаби бисёре аз ҳодисаҳою зуҳурот, аз ҷумла касалӣ (бетобӣ) ва бадбахтӣ сеҳру ҷодугарӣ мебошад, аз ин бармеояд, ки табиатан гумонбар дар ҷодугарӣ пеш аз ҳама бегонагон дониста мешуданд. Аз рӯи қайди олимон дар ин сурат гурӯҳ сафирони худро интихоб мекард, ки онҳо барои бурдани гуфтушунид ба пеши кӯҳансолони гурӯҳи ҳамсоя равон мешуданд. Баъди ин фиристодагони мазкур мустақиман ба он одаме муроҷиат мекарданд, ки вайро дар ҷодугарӣ гумонбар мекарданд ва тавассути дилёбӣ ӯро бо тӯҳфаҳо ба тарафи худ ҷалб мекарданд, кӯшиш мекараданд вайро моил ба он кунанд, ки сеҳру ҷодуи худро пас бигирад. Агар баъди ин одам шифо меёфт, ба хулосае меомаданд, ки гуфтушунид бо муваффақона ҷамъбаст гардид, баръакси ҳол бошад ба қоидаву рафтори «подоши бадӣ – бадӣ, подоши некӣ бошад некӣ» даст мезаданд.

Дар барқароркунии давраи минбаъдаи муносиботи «байналхалқӣ» ба мутахассисони соҳа қайдҳои ҷамъоварӣ намудаи муҳаққиқон ва сайёҳҳони асрҳои XVII, XVIII ва ибтидои асри XIX, ки байни ҳиндуҳои Америкаи Шимолӣ рафта, зиндагӣ мекардаанд ва он таҳҷоиҳои америкоӣ бошад дар зинаи рушди сохти авлодӣ қарор доштанд, ёрӣ мерасонанд.

Яке аз қабилаҳои рушдёфта байни онҳо қабилаҳои сершумори ирокезӣ буданд, ки барои ба роҳ мондани муносибот бо қабилаҳои ҳамсоя мақомоти ҷамъиятии махсуси худро доштанд. Дар ибтидои асри XIX, мувофиқи қайдҳои Люис Морган, дар доираи салоҳияти шӯрои доҳиёни онҳо доираи васеи масъалаҳо қарор доштанд, ки байни онҳо масъалаҳо оид ба шикор, муносиботи сулҳхоҳона, иттифоқҳои мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ бар зидди қабилаи сеюм низ ҷой доштанд. Шӯро ҷанг эълон мекард, сулҳ мебаст, сафирони дигар қабилаҳоро қабул мекард, инчунин сафирони худро ба пеши дигар қабилаҳо мефиристонд.

Сафиронеро, ки Шӯро ба пеши ҳамсоя - қабилаҳо мефиристонд, дорои баъзе нишонаҳои махсуси фарққунанда буданд. Масалан, онҳо сарпӯш (кулоҳ) ва бандинаи махсус доштанд. Шахсияти сафир, ки «шохаи сулҳ»-ро мебурданд, дахлнопазир дониста мешуд, ба ӯ набояд зарар расонда мешуд. Зиёда аз ин, дар байни онҳо, расму маросимҳои ниҳоят рушдёфтаи қабул намудани сафирон вуҷуд доштанд. Сафиронро дар доираи умумии доҳиён ҷой мекарданд, ки аъзоёни он ба таври навбати доиравӣ чилими сулҳро мекашиданд. Баъди он гуфтушунидҳои дароз сар мешуданд. Дар шароити демкоратияи ибтидоӣ қарори шӯрои кӯҳансолонро бояд маҷлиси ҳамаи аъзоёни қабилаҳо, яъне ҳарбиён тасдиқ мекард.

Пеш аз бастани шартнома дар ҳузури коҳинон ҳар ду тараф қасам мехӯрданд ва он тавасути маросиби бародархонӣ мустаҳкам гардонда мешуд. Инчунин маросими мубодила бо хун низ васеъ маълум будааст. Ҳар кадоме дар атрофи гулхан ҷамъ шуда, дасти худро бурида, хуни худро ба пиёлаи

умумӣ рехта, баъд аз он ҳама ба навбат хунро як қултӣ менӯшиданд. Мувофиқи бовариҳои ибтидоӣ мубодилаи хун ба ҳам хешутабории хунӣ ворид шудани одамонро ифода мекард, ки вайрон намудани он ҷинояти махсусан вазнин дониста мешуд. Дар шароити набудани хат, кӯҳансолон шартномаи басташударо пурра аз ёд мекарданд ва онро аз насл ба насл интиқол медоданд.

Албатта тасавуроти ба даст омада дар асоси маводи олимони асрҳои XVII – XIX оид ба аввалин муносиботи байниавлодӣ ва байниқабилавӣ идеалӣ нестанд. Аммо дар умум, мантиқи умумии рушди иттиҳодияҳои инсониро ба назар гирифта, метовонем роҷеъ ба барқароршавии асосҳои муносиботи он давра сухан кард ва баробари он дар бораи мавҷудияти хусусиятҳои хоси ҷузъии онҳо низ набояд фаромӯш кард[1].

**Хусусиятҳои асосии муносиботи байналхалқӣ дар Дунёи Қадим.** Оғози солшумории муносибатҳои байнидавлатию, минтақавӣ ва байналхалқӣ дар Дунёи Қадим ҳазорсолаи IV п. м., замоне ки аввалин давлатҳо ба вуҷуд омаданд, интихоб шуда, давраи ниҳоии он ба соли 476 мелодӣ, замоне ки империяи Рим барҳам хӯрд, рост меояд. Махсусан зарур аст қайд намоем, ки давлатдорӣ нахуст дар Шарқ ба вуҷуд омад. Ва 27 аср, яъне аз оғози давлатдорӣ сар карда, то аз байн рафтани империяи Ҳахоманишиҳо дар сеяки охири асри IV Шарқ дар тамоми самтҳо, аз ҷумла муносиботи байналхалқӣ ва дипломатӣ пешсафи ягона буд. Дар Шарқ хат ихтироъ карда шуд, ки дар прогресси инсоният нақши асосиро бозӣ кард, донишҳои дақиқ, аз қабили математика, астраномия, тиб, меъморӣ ва ғайра зуҳур карданд. Инсон бофтани матоъ, гудохтани оҳан, сохтани қасру иморатҳо, маъбаду дигар иншоотро аз худ кард. Бо як сухан гӯем он асоси маданияте созмон дода шуд, ки дар давраҳои минбаъда тамаддуни инсоният дар заминаи он бо муваффаққият рушд ёфт[2].

Аммо зарур аст қайд намоем, ки нишонаҳои аввалини дипломатия ва муносибатҳои мутақобила дар замонҳои басо дур зуҳур карданд, ҷанини он аллакай дар ҷамоаи авлодӣ ба вуҷуд омада буд[3].

Дар миёни падидаҳои муҳими Дунёи Қадим мақоми махсусро институт (ниҳод)-и давлат ишғол менамояд. Албатта пеш аз таъсисёбии давлат ҳам дар ҷомеаи инсонӣ равобит, аз ҷумла муносибатҳои хусусияти сиёсию идоракунӣ ва дипломатӣ дошта, байни авлоду қабилаҳо, қавму қабилаҳо, иттиҳоди қабилавӣ вуҷуд доштанд. Аммо давлатдорӣ ба он рангу намуди дигар ато намуда буд. Таъсисёбии давлат ба таври пурра ҳаёти инсонҳоро тағйир дод.

Муносиботи байналхалқӣ дар Дунёи Қадим бо як қатор хусусиятҳои хоси худ: ҳарбӣ, сиёсӣ, ташкилоти иҷтимоии давлатдории қадим, хоҷагӣ ва

[1]Ниг.: Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.
[2]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 24 – 25.
[3]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 7.

сатҳи рушди техникӣ аз муносиботи замони муосири байналхалқӣ фарқ мекарданд.

Якум, дар тамоми давраи таърихи Дунёи Қадим муносиботи байналхалқӣ дар чорчӯбаи субсистемаҳои локалӣ (бо як ҷо маҳдуд) ва минтақавӣ рушд ёфта, ба як системаи воҳиди муносиботи байналхалқӣ табдил наёфтанд. Зери мафҳуми субсистемаи байналхалқӣ дар ин ҳолат маҷмӯи иттиҳодияҳои сиёсии аз нуқтаи назари географӣ ба ҳам наздик дониста мешаванд, ки мунтазам бо ҳамдигар алоқаҳо доштанд ва мумкин ба ҷангҳои умумӣ кашида мешуданд. Системанокӣ дар ин ҳолат ҳамчун ба тартибдароварандаи муносиботи мутақобила ва зӯрозмоии ҳайати таркибии субсистемаи воҳид фаҳмида мешавад.

Бо сабаби суст рушд ёфтани воситаи нақлиётӣ ва коммуникативӣ, ҷой доштани маҳдудиятҳои табиӣ, ба мисоли хусусияти иқлимӣ ва ландшафтҳо (пайроҳаҳои мушкилгузари кӯҳӣ, биёбонҳо), мавҷуд набудани флоти бузурги баҳрию уқёнусӣ, кам будани маълумот оид ба олам муносиботи байналхалқӣ дар як қатор сегмент (доира, майдон) - ҳои алоҳидаи дақиқ муайяншудаи минтақавӣ (Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Наздик ва Осиёи Миёна, Ҳавзаи баҳри Миёназамин) пароканда буданд, алоқа ва муносиботи мутақобила байни онҳо (дар чорчӯбаи савдои байналхалқӣ, ҷангҳо ва низоъҳо) то миёнаи ҳазорсолаи I пеш аз мелод характери эпизодӣ дошт. Ба ибораи дигар гӯем, агар дар чорчӯбаи муосири муносиботи байналхалқӣ мо бо система ва тартиботи ҷаҳонӣ сару кор дошта бошем, аммо нисбат ба Дунёи Қадим бояд қайд намоем, ки дар он вақт чанд субсистемаи минтақавии бо характерҳояшон аз ҳамдигар тафовут дошта мавҷуд буданд ва «тартиботи ягонаи ҷаҳонӣ» бо маънои томаш вуҷуд надошт. Дар баробари ин, ҳар субсистемаи мавҷудбуда характери ошкоро дошт ва агар он ба таъсиру таҳдиди беруна рӯ ба рӯ мешуд, мумкин ё баъзе ҳолатҳо мешуд, ки вайрон гардад[1].

Дуюм, муносиботи байналхалқӣ дар ин давра аз чорчӯбаи муносиботи байни акторҳо берун баромада, дар худ муносиботи ташкилотҳои давлатӣ, ба монанди иттиҳоди қабилавӣ, доҳиёни теократӣ ва ҳарбиро шомил менамояд. Ба ақидаи дигар гӯем хусусиятҳои хоси субсистемаҳои кушодаи минтақавӣ дар тамоми мавҷудияти Дунёи Қадим амалиёт ва муносиботи мутақобилаи субъектҳои гуногунсифатро аз худ таҷассум менамояд: дар баробари иттиҳодияҳо, ки дорои давлатдории хусусӣ мебошанд, ба сифати иштирокчиёни ивазнашаванда ва фаъоли таърихи сиёсӣ халқҳо баромад мекарданд, ки ҳоло зинаи потестариро паси сар накардаанд. Бо сабаби он ки халқҳое, ки структураи авлодӣ - қабилавиро ҳифз намуда буданду ба тақдири давлатдорӣ (дар рафти тохтутоз, забткориҳо ва ғайра) ва сиёсати дохилию хориҷии давлат таъсиргузор буданд, онҳоро мо метавонем субъектони муносиботи байналхалқӣ эътироф намуд.

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

Сеюм, чуноне ки муайян аст, асоси мавҷудияти характерии ҳар давлат суверенитет дониста мешавад. Мафҳуми суверенитет[1] мувофиқи ақидаи бархе аз олимон нисбати ташкилоти давлатии қадим ё империя бошад ё шаҳр-давлат истифода бурдан нашояд. Ба империяҳо дохил намудани як ташкилоти давлатӣ ба дигар давлат, бо нигоҳ доштани системаи мураккаби статусҳо ва муносибатҳои мутақобилаи байни қисмҳои таркибии империяи ягона хос аст. Дар ин ҳолат пробемаи «тақсими суверенитет» байни марказҳои империя ва ҳайати периферии империя сурат мегирад. Намунаи муайяншудаи чунин ташкилот мумкин империяи Ҳахоманишиҳо ва империяи Рим шуда метавонанд. Дар баробари ин империяҳои Дунёи Қадим аз паси худ як қатор ташкилоти давлатии дар намуди вассалҳо, қаламравҳои ниммустақилу пурра вобасташударо мекашиданд, ки расман пурра ба ҳайати империя дохил намешуданд ҳам, аммо қудрат надоштанд, ки сиёсати хориҷии худро мустақилона ба роҳ монанд.

Шаҳр-давлатҳо бошанд аз ҷониби худ дар бисёр мавридҳо зери таъсири вазъияти беруна ё бо хоҳиши худ ба як иттифоқ дохил мешуданд, ки дар таърих бо номи «федератсия» ё «конфедератсия» маълум ҳастанд. Ҳамин тавр, ин намуд шаҳр-давлатҳо, вассалҳо қисман суверенитети худро аз даст медоданд ё ба манфиати ё ихтиёри иттифоқи байнидавлатии сиёсӣ мегузоранд. Дар ин самт дар ин муносибатҳо «федератсия» ё «конфедератсия», дақиқтараш гӯем иттифоқҳои «квазифедеративӣ» ба намуди Беотий ва давраи аввала Иттифоқи Ахей ва Этолий дар Юнони Қадим мисол шуда метавонанд[2].

Чорум, як характери дигари давлати муосир, ки барои давраи Дунёи Қадим пурра хос набуд, он яъне тамомияти арзӣ мебошад. Империяҳо ва шоҳигариҳо, ки политияҳои кушод ҳисоб мешуданд ва ба самти гегемонияи ҷаҳонӣ майл мекарданд, сарҳади доимии муқарраршударо намефаҳмиданд. Васеъшавии сарҳадоти империя ба зиёдшавии захираҳои инсонӣ ва моддӣ мерасонад. Дар ин ҳолат талаботи қатъии территориявӣ барои Дунёи Қадим бечуну чаро таъмин намудани назорат аз болои қаламравҳои калон хос мебошад.

Дар баробари ин, бояд аз хусусиятҳои хоси рушди силсилавии империявӣ низ ёд намуд, ки дар чанд ҳазорсола рушд ёфтаанд. Дар давраи аввал – таркиши демографӣ ва ҷаҳиши технологӣ, ки чун қоида бо мукаммалёбии воситаҳои агротехникӣ ва бо мақсади хоҷагидорию ҳарбӣ истифода бурдани металлҳои нав (мис, биринҷ, оҳан) вобаст буданд, ба вуҷуд омаданд. Сонӣ навбати забткориҳо омад, ки ба давлатҳо имкон дод, ки захираҳои иловагиро ба даст оранд. Баъди ин давраи стагнатсия[3] ва заволёбӣ, замоне ки васеъкунии минбаъдаи территориявӣ бо як қатор сабабҳои географӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар сабабҳо номумкин мегардад (баробари ин сарҳадот бетағйир монда, инчунин базаи за-

---

[1]Суверенитет – ҳукмронӣ, ҳокимият, волоият – мустақилияти давлат дар сиёсати хориҷӣ ва волоияти ҳокимияти давлатӣ дар корҳои дохилӣ.

[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[3]Аз англ. stagnation, от лат. stagnum – оби истода – зинаи қатъ шудани рушди иқтисодӣ, карахтӣ дар иқтисодиёт, истеҳсолот, савдо ва ғ.

хиравии қаламрави давлатии мавҷуда танг мегардад) ва ҳифозати сарҳадот, ки дар зинаи потестарнӣ ё давлатдории ибтидоӣ қарор дорад, захираҳои зиёдро талаб менамояд, аз даст додани муътадилии онҳо ба заволёбии давлат оварда мерасонад.

Панҷум, тибқи хулосаи олимони материалист ҷой надоштани факторҳои беҳад таъсиррасони зиёди динӣ ва этникӣ. Гап дар он аст, ки оштинопазирии динӣ танҳо дар давраи динҳои догматикӣ – зардуштия, насрония ва ислом ба вуҷуд омад. Динҳои мазкур бо даъвою иддао ва дастдарозии худ универсалӣ мебошанд. Дар баробари ин, ҳар сеи онҳо ҳамчун дини матнҳои муқаддас мебошанд, ки имкон намедиҳанд, ки матнҳояшон аз берун ба таври васеъ шарҳ дода шавад. Тарафдорони динҳои мазкур тибқи системаи динии худ аз як асос манша гирифта, эълон намуданд, ки танҳо як Худо вуҷуд дошта, бояд тамоми оламиён ба он итоат намоянд. Тарафдорони дигар динҳо барои намояндагони динҳои мазкур «гумроҳшуда» ва «мақсаду зулмоту торикӣ» дошта ба ҳисоб мерафтанд, барои ҳамин бояд ё ихтиёрона ё ба тариқи зӯрӣ ҳатман ба дини нав ворид карда шаванд[1].

Хусусиятҳои фарққунандаи ҳамаи динҳои ибтидоӣ бошад, тибқи ақидаи олимони материалист, дар он аст, ки бисёрхудоиро талқин намуда, хусумати динӣ вуҷуд надошт. Дар тасаввуроти одамони қадим ҳар мамлакат, ҳар шаҳр, ҳар қавму қабила Худои олии маҳаллӣ – сарвари Пантеони умумии худро дошт. Худои олӣ чун қоида, офаридигор ва соҳиби олам дониста мешуд. Аммо ин ҳолат ба ҷазодиҳию интиқомгирӣ ва ба вуҷудоварии низоъҳои байналхалқӣ дар заминаи динӣ наовард. Гап сари он меравад, ки азбаски ҳамаи онҳо дар худ маҷмӯи қувваҳои кайҳонӣ, табиӣ ва стихиявӣ – замин, осмон, офтоб, моҳтоб, дарёҳҳо, баҳрҳо, ҷангу ҳоказоҳҳо таҷассум мекарданд, нишонаҳои худоҳҳо аз ҳамаи халқҳои гуногун бо ҳам қариб як хел буд ва мувофиқат мекарданд. Дар асл бошад онҳо ҳамон як хел худоҳо буданд, танҳо дар ҳар давлат бо номҳои гуногун ёд мешуданд ва бо функсияҳояш каму беш аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Ҳамин тавр, дар баъзе давлатҳо ҳатто пантеонҳо (ибодатгоҳ ба хотири ҳамаи худоҳо) амал мекарданд.

Чизе, ки ба фактори этникӣ дахл дорад, пас аз одамони замони қадим фаҳмиш дар бораи баромади этникиаш дар зинаи ибтидоӣ қарор дошт. Ҳолати ҳалкунанда ба кадом ҷамоа (қавму қабила) ё ҷамоа-коллективи шаҳрвандӣ мансубият доштани ӯ буд (полис, шаҳр-давлат), маҳз дар ҳамин коллективҳои локалӣ, фаҳмиши патриотизм паҳн мешуд. Баъди ин, гап сари ба кадом ташкилоти давлатии бузург (давлати бузург, империя) мансубият доштан буд. Аммо этносентризм нақши сиёсиро он қадар иҷро намекард. Этносентризми муайяншудаи давлатҳои қадим ва империяҳои ҷаҳонӣ ин дарк намудани бартарияти маданӣ-тамаддунии худ нисбат ба олами атроф буд. Давлатҳои бузурги Дунёи Қадим бошанд аз ҷиҳати ҳайати этникӣ полиэтникӣ маҳсуб меёфтанд.

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

Сиёсати хориҷӣ дар ин ҳолатҳо аз рӯи контексти этникӣ ба роҳ монда нашуда буд. Ба сифати рақибу душман доимо ҳамсояи наздик (аз он ҷумла, аз ҷиҳати хунӣ-этникӣ хешу табор низ) баромад мекард, ҳамзамон иттифоқчии табиӣ низ ҳамсоя, новобаста аз баромади этникиаш, ҳисоб мешуд.

Шашум, харитаи сиёсии Дунёи қадим чандин бор тағйир ёфта буд ва ин тағйирот зуд-зуд ба вуҷуд меоамд. Ҳатто дар натиҷаи он баъзе давлатҳо, империяҳо ва халқҳо аз саҳнаи сиёсию, бархеи дигар халқҳо аз доираи харитаи этнографӣ берун шуданд.

Ҳафтум, муносиботи байналхалқӣ қаламрави маҳдудшударо фаро гирифта бошанд ҳам, аммо андак-андак ҳудуди он васеъ гардида, дар давраҳои охири Дунёи Қадим, баъзе намуди муносибот, аз Европаи Ғарбӣ сар карда, то Хитойи Шарқиро дар бар мегирифт[1].

**Хронологияи муносиботи байналхалқӣ дар давраи Дунёи Қадим.** Аз нигоҳи хронологӣ дар рушди муносиботи байналхалқии Дунёи Қадим давраҳои зеринро ҷудо менамоянд:

Давраи аввал, ҳазорсолаҳои IV – III п.м. то миёнаи ҳазораи II пеш аз мелодро дар бар мегирад, дар ин вақт сухан дар бораи ҷанини муносиботи байнидавлатӣ дар сатҳи локалӣ ва минтақавӣ меравад, ки он дар натиҷаи таъсисёбии аввалин давлатҳо ташаккул ёфт. Ба ибораи дигар гӯем, давраи муносиботи байналхалқиро ба вуҷудоии сохти давлатдорӣ кушод. Аввалин давлатҳои таъсисёфта, аз рӯи шакли идоракунию сохти давлатӣ характери ё ҳарбӣ ё теократӣ доштанд. Онҳоро ё доҳиён-ҳарбиён ё коҳинон идора мекарданд, ки баъдтар унвони «малик» ё «шоҳ» - ро гирифтанд. Дар доираи системаи дарёӣ музофотҳои аз ҳамдигар ҷудогона ба хотири бурдани фаъолияти хоҷагидорӣ майл ба сӯи рушди мутамарказшавӣ карданд, ки ин аз рӯи назари К. Виттфогел «тамаддуни гидравликӣ» ном гирифтааст[2], яъне иттиҳоде, ки асоси мавҷудияташро заминдории ирригатсионӣ муайян мекард ва он дар навбати худ меҳнати заҳматқарину ташаббускории баландро дар рафти корҳои кишоварзӣ талаб мекард. Тамоми таърихи муносибот байни шаҳр-давлатҳои Байнаннаҳрайн ва номҳои Миср дар ҳазорсолаҳои IV – III п. м. таърихи мубориза дар доираи системаи дарёӣ барои ба даст овардану тобеъ кардани давлатҳои ҳамсоя ва иттиҳодияҳои қабилавӣ буд.

Дар баробари мубориза барои ба даст овардани водиҳои дарёӣ, раванди ташаккулёбии коалитсияҳо ба вуҷуд омада, шартномаҳои аввалин байни субъектҳои робитаҳои байналмилалӣ баста шуданд. Масалан, дар Байнаннаҳрайн зуҳуроти сиёсати хориҷии давлатӣ – шаҳр-давлатҳо аллакай дар ҳазорсолаи III п. м. мушоҳида мегардад. Ур, Урук, Лагаш, Киш, Аккад, баъдтар Ниппур, Бобул ва ғайра байни худ оид ба пешсафӣ дар водии дарёҳои Даҷла ва Фурот

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Латов Ю. В. «Восточный деспотизм» К. А. Виттфогеля (к 50-летие «странной книги») // Историко-экономическое исследования. Научный журналь Байкальского государственного университета. – Т. 8. – № 2. – Иркутск, 2007. – С. 8 – 37.; Пиголкин А. С. Теория государства и права. М.: Юрайт-Издат, 2007. 613 с.

рақобат мекарданд. Аввалин маълумот оид ба бастани қарордоди байналмилалӣ тақрибан ба асри XXVI п.м. рост меояд, замоне ки ҳуҷҷат дар бораи шартҳои сулҳ ва сарҳадот байни шаҳрҳои Лагаш ва Умма тартиб дода шуда буд[1].

Дар баробари рақобат байни баъзе аз шаҳр-давлатҳои Байнаннаҳрайн, низоъ бо давлате низ ҷой дошт, ки он берун аз қаламрави Байнаннаҳрайн таъсис ёфта буд. Ин давлати Элом мебошад. Махсусан бархе аз муҳаққиқон аввалин шартномаи ҳақиқии байналхалқие, ки то ба замони мо расидааст, бо он алоқаманд медонанд. Шоҳи Аккад бо Элом ҷангҳои нобарор бурда, натавонист қаламрави онро ба худ тобеъ намояд. Дар натиҷа ҳокими Аккад Нарам-Суэн бо эломиҳо шартномаи хаттиро баст (охири асри XXIII п. м.), ки тибқи мазмуни он Элом ӯҳдадор шуд, ки сиёсати хориҷии худро бо шоҳи Аккад мувофиқа намояд, аммо дар баробари ин, истиқлолияти дохилии худро нигоҳ дошт.

Дар давраи дуюми рушди муносибатҳои байналхалқӣ аз миёнаи ҳазорсолаи II п.м. то асрҳои V – IV п.м. дар заминаи субсистемаҳои локалии дарёӣ, махсусан дар Шарқи Наздик, Ҳиндустон ва Хитой, ташаккулёбии як қатор субсистемаҳои минтақавӣ сурат гирифтааст. Инчунин ба вуҷудоии субсистемаҳои нави минтақавӣ, дар он ноҳияҳое, ки то ин дам ойкуменҳои онҳо то ин вақт ба раванди ташкилдиҳии давлат ворид нашуда буданд (аз ҷумла, Юнон, баъдтар Италия ва дигар ҷойҳо) шуда гузаштааст. Дар баробари ин ҳар субсистемаи локалӣ ва минтақавӣ (ба ғайр аз баъзе манотиқи Шарқ, пеш аз ҳама Хитой) аллакай пурра дар изолятсия (ҷудо нигоҳ дошта шуда) набуданд. Чунин субсистемаҳои минтақавӣ на танҳо барои тохтутози варварҳо (ин гуна ҳодисаҳо ҷой доштанд ва пеш аз ҳама ҳамчун офат қабул карда мешуданд, чунин намуд воқеаҳоро бартараф кардан мумкин набуд, баробари ин пешгӯӣ намудани натиҷаҳояшон ҳам – ивазшавии ҳокимияту сулола, заволёбии давлат ё баръакс ногаҳон пурқувват шудани онҳоро пешгӯӣ кардан ғайриимкон буд) кушода мемонданд, инчунин барои ба қаламрави ҳамдигар ворид шудан ва барои ба ҳамдигар таъсиррсонӣ низ боз буданд. Масалан, фаъолияти зархаридони юнонӣ дар паҳн намудани қувва дар Шарқи Наздик нақши намоёнро бозӣ мекунад, маблағҳои мисриён ва форсҳо ва қуввахои ҳарбиашон ба рафт ва натиҷаҳои низоъҳои байни юнониён таъсиргузор буданд, юнониён ва финикиҳо қариб, ки ба факторҳои муайянкунандаи балансиқуввахо дар Италия ва ғарбии баҳри Миёназамин табдил ёбанд. Зиёда аз ин убурнамоӣ ва ба ҳам наздикшавии мутақобилаи системаҳои минтақавӣ ба вуҷуд меояд, замоне ки Юнон периферияи Шарқи Наздик ҳисоб мешуд ё баръакс Шарқи Наздик аз худ перифирияи варварии Юнон бо мустамликаҳои зиёди онро таҷассум мекард.

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

Ба ғайр аз ин, дар чорчӯбаи ҳар минтақа ягон системаи ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва маданӣ дар шакли ҷудогона (изолятсионӣ) ташаккул наёфтааст. Системаҳои гуногуни сиёсӣ – шаҳр-давлатҳо, шоҳигарӣ, империяҳо, инчунин баробар ба онҳо ташкилоти потестарнӣ дар шакли иттифоқи қабилаҳо, на танҳо бо ҳам мавҷуд (ҳамзист) буданд, балки ба ҳамдигар ҳаматарафа таъсир гузоштанд. Махсусан, ин раванд дар охири ҳазорсолаи II п. м. аввал дар Шарқи Наздик ва баъдтар дар арафаи миёнаи ҳазорсолаи I п. м. дар тамоми минтақаҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин баръало ба вуҷуд омад.

Дар чорчӯбаи субсистемаи минтақавӣ, чун қоида бартарияти структураи олигополистикии[1] муносиботи байналхалқӣ ҷой дошт, яъне дар доираи ҳар система қоидаи муносиботи байналхалқиро якчанд бозингарони камшумори бартаридошта (ҳукмфармо) назорат ва муайян мекарданд. Дар Шарқи Наздик ин Миср, Ошур, Митан, Шоҳигарии Хет, Бобулистон, дар Балкан ва Италия аз ҷиҳати муносиботи ҳарбӣ-сиёсӣ полисҳо ва иттифоқҳои шаҳр-давлатҳо, ба монанди Афина, Спарта ва ғайра буданд.

Баробари ин, мақсади асосии сиёсати хориҷӣ мисли пештара аз дастовардҳо дар самти назорат намудан аз болои қаламравҳо ва даст ёфтан ба захираҳои бештар иборат буд. Дар ин маънӣ ҷангҳо ба хотири расидан ба ғасбкунии қаламравҳои бегона, ки дар рафти амалиёти ҳарбӣ ва баъди итмом ёфтани ҷанг додани тавони ҷангӣ, додани андоз ба фоидаи ғолиб сурат мегирифтанд, бурда мешуданд. Ғораткунии қаламравҳои ғасбшуда ба одати ба дастдарории даромади махсус табдил ёфта, он ба яке аз сарчашмаҳои асосии рушди чунин давлатҳо: Миср, Бобулистон, Ошур, Митан, Мод, Форс, баъдтар Рим мегардад. Инчунин юришҳои ғасбкунанда мақсадҳои таъмин намудани назорат аз болои роҳҳои тиҷоратӣ, минтақаҳои аз ҷиҳати ҳарбӣ қуллай (резишгоҳҳо, ағбаҳо, роҳҳои кӯҳӣ, қалъаҳо ва ғайра), соҳилҳои баҳрӣ, конҳои канданиҳои фоиданок (мис, оҳан, тилло, нуқра), заиф намудани рақибон, васеъкунии сарҳадоти худ ва барои муддати дароз таъмин намудани базаи захираҳои инсонӣ ва моддӣ низ доштанд.

Инчунин дар давраи мазкур, як субсистемаи минтақавӣ падид омад, ки дар доираи он ба ақидаи як қатор муҳаққиқон дар асоси балански қувваҳои тарафҳои дар муносиботи байналхалқӣ иштирокдошта ва нисбатан муътадилии шумора ва сифати иштирокчиёни робитаҳои байналхалқӣ (ба мисоли шаҳр-давлатҳои аз рӯи қувва ба ҳам баробар) барои системаи мувозинатӣ (баробарии қувваҳо) заминаҳо зуҳур карданд[2]. Ин масъала бештар ба Юнон тааллуқ дошт, ки дар он ҷо шаҳр-давлатҳо бо хусусиятҳои хоси худ ва шароитҳои функсионалиашон байни худ муносибати мутақобила доштанд.

Давраи сеюм, асрҳои V – IV п.м. то миёнаи асри V мелодиро дар бар гирифта, онро бархе аз муаррихон замони гигантҳо меноманд. Дар ин давра

---

[1]Олигополия – олиго – камшумор, полиос – савдо мекунам, намуди сохтори номукаммали рақобат, ки дар он шумораи камшумори бартаридошта ҳукмфармоӣ мекунанд.
[2]Арон Р. Мир и война между народами. М., 2000. С. 180 – 184.

дар муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои бузурги шакли империявӣ ҳукмфармоӣ мекарданд. Империя ё ба маънои дигар давлати ҷаҳонӣ, аз ҷиҳати принсипиалӣ аз ташкилоти давлатии қадим, ки сарҳадоташон аз рӯи қаламрави этномаданӣ ва ҳудуди географии минтақаи алоҳида (Миср, Байнаннаҳрайн ва ғайра) муайян карда мешуд, фарқ мекарданд. Империяҳо дар итоату қаламрави худ аз нигоҳи ҳайати этникӣ-мадании аҳолӣ қаламраву халқҳои гуногун, аз ҷиҳати шароити табиӣ-географӣ бошад ҳудудҳои васеъро муттаҳид намуда, аз нигоҳи сатҳи рушди иқтисодӣ низ фарқ мекарданд[1]. Дар баробари ин, дар доираи империяҳои ҷаҳонӣ борҳо кӯшиши синтези этномаданӣ ва сиёсӣ карда шудааст, ки паи худро дар такдири давлатҳои минбаъда, ки меъросбардори онҳо шуданд, гузоштааст. Муҳоҷирати ба таври васеъ (масштабӣ)-и оммавии аҳолӣ (дар баъзе ҳолатҳо маҷбурӣ, дар шакли депортатсия), васеъшавии алоқаҳои маданӣ ва савдоӣ бошанд коммуникатсияи баланди иҷтимоӣ ва сиёсиро ба вуҷуд оварданд. Чун қоида, ҳатто баъди барҳам хӯрдани империяҳои ҷаҳонӣ қисмҳои алоҳидаи онҳо ҳаракатҳои дар самти барқарорсозиҳоро дар даҳсолҳои дароз идома медоданд ва алоқаҳои дар давраи империя ба вуҷуд омадаро ҳифз мекарданд[2].

Аз ҷониби бархе аз муаррихону муҳаққиқон аввалин империяи ҷаҳонӣ дар таърихи инсоният державаҳои Ошури Нав ва Бобулистони Нав дониста шудаанд, ки қуллаи баландтарини абарқудратии онҳо ба асрҳои VIII – VII п. м. рост меояд. Аммо давлатҳои мазкур, гарчанде ки империяи ҷаҳонӣ шинохта шуда бошанд ҳам, натавонистанд, ки аз қаламрави як субсистема бароянд. Ин танҳо ба империяи Ҳахоманишиҳо муяссар шуд, ки тавонист тасвири муносибатҳои байналхалқиро ба куллӣ тағйир диҳад ва аз доираи як қаламрави муайяншуда барояд. Дар натиҷаи он сарҳадоти ин давлат аз Фракия сар карда, то сарҳадоти Ҳинду Чин расиданд. Барои ҳамин дуруст он аст, ки аввалин империяи ҷаҳонӣ Шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо дониста шавад. Файласуф ва муаррихи машҳури немис Г. В. Ф. Гегел ҳам тарафдори назарияи мазкур буда, ӯ давлати Ҳахоманишиҳоро аввалин империявии ҷаҳонӣ донистааст. Гегел, мардуми эрониро нахустин миллати таърихӣ шуморида, подшоҳии Ҳахоманишиҳоро нуқтаи шурӯи таърихи ҷаҳонӣ донистааст[3].

Аз ин давра сар карда, андак - андак ташаккулёбии 4 субсистемаи макроминтақавии муносибатҳои байналхалқӣ сар мешавад: Ҳавзаи баҳри Миёназамин, Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Шарқӣ. Ҳоло он ки се то аз инҳо барои ҳамдигар на танҳо дар самти маданӣ ва мубодилаи савдоӣ, инчунин дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ (асосан дар як самт ё хат – аз Ғарб ба Шарқ) нуфуспазир (қобилияти аз худ гузаронидани чизе) буданд.

Субсистемаҳои макроминтақавӣ дар ин ҳолат аз худ майл ба самти шакли иттиҳодиявии пурраи империявӣ намуданд, ки оқибат ба кам шудани

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 251.
[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[3]Ниг.: Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2006. – 372 с.

бозингарони асосии саҳнаи сиёсӣ оварда расонд. Ба таври мисол дар субсистемаи макроминтақавии баҳри Миёназамин шумораи онҳо аз 3 – 4 (дар давраҳои гуногун Рим, Карфаген, Македония, Мисри замони Птолемейҳо, Селевкиён ва ғ.) ба 1 - то (империяи Рим) кам шуд, ки дар алоқамандӣ ба ин он характери квази-универсалӣ гирифт. Қариб ба чунин монанд вазъ дар Хитой (империяи Син (асри III п. м.) ва Хан (асри III п. м.- асри II мелодӣ), Ҳинд (давлати Нандҳо, асри IV п. м.) ва империяи Мауриҳо, асрҳои III – I п. м.) сурат гирифт. Барои Ховари Миёна ва Осиёи Марказӣ давлати универсалӣ империяи Ҳахоманишиҳо ва меросбарони он империяи Искандари Мақдунӣ, ворисони ӯ ва империяи Ашкониён гардиданд.

Муносиботи мутақобилаи «империяҳои ҷаҳонӣ» - и он давра макроминтақаҳоеро, ки онҳо дар муносиботи байналхалқӣ таҷассум мекарданд, қариб, ки ба системаи воҳиди муносиботи байналхалқӣ оварда расонад. Дар ин самт метавонем аз кӯшишҳои Рим ва юришҳои дар ин самт бар зидди Парфия ташкил намудаи онҳо ва кӯшишҳои империяи Хан дар Хитой барои зери таъсири пурраи шахсии худ гирифтани «Роҳи Абрешим» мисол овард. Аммо, аз лиҳози он ки ин нақшаҳо амалӣ нагардиданд ва бархӯрду алоқамандиҳои ҳарбӣ-сиёсӣ байни империяҳои пешбари ҷаҳонӣ (ғайр аз Рим ва Парфия) дар сатҳи ногаҳонию ғайримунтазам боқӣ монданд, гуфтору назарҳо дар бораи ташаккулёбии системаи ягонаи муносиботи байналхалқӣ дар Дунёи Қадим беасос мебошанд[1].

Ҳамин тавр, дар чорчӯбаи муносиботи байналхалқии қадим, аён мегардад, ки андак-андак масоҳату ҳудуди ҳодисоту равандҳои байналхалқӣ васеъ гардидааст. Он аз системаҳои локалии оғози таърихи сиёсии инсоният сар карда, ба системаи минтақавӣ ва сонӣ ба системаҳои минтақавии калонтару аз нигоҳи ҳайати иштирокчиён мураккаб – ба системаҳои калони макроминтақавӣ, ки гоҳо аз ҷониби «империяи ҷаҳонӣ» фурӯъ бурда мешуд, гоҳ дар ҳолати олигополистикӣ, ки дар харобаҳои он сикли империяи нав мегузашт, қарор дошт, ё харобшавии «давлати ҷаҳонӣ» - и навбатӣ сурат мегирифт.

Ҳамин тариқ, муносиботи байналхалқӣ дар Дунёи Қадим дорои хусусиятҳои хоси зерин буданд:

- аллакай дар давраи мазкури таърихӣ идороти махсус зуҳур карданд, ки ба таври эффективӣ сиёсати берунии давлатҳоро пеш бурда, алоқаҳои доимиро бо дигар давлатҳо дастгирӣ мекарданд. Аз ҳама зиёд ҳуқуқ (қоида)-и шартномаҳои байналхалқӣ рушд ёфт; ҷаҳони антиқа, инчунин аз худ намунаро дар мисоли фаъолияти эффективона намудани созмонҳои байналхалқӣ ба мерос монд. Дар давраи мазкур тиҷорати байналхалқӣ низ рушди калони худро соҳиб шуд, ки он байни ҳам ҳатто он минтақаҳои Ҷаҳонро пайваст намуд, ки бо ҳамдигар муносибатҳои сиёсӣ надоштанд. Маслан, муносиботи тиҷорати байни империяи Рим ва империяи Хан дар асрҳои аввали мелодӣ;

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

- аммо ин таҷрибаи аввалини ҳамкории байналхалқӣ натавонист, ки тамоюли асосии муносибатҳои байналхалқии Дунёи Қадим – «ҷанги ҳама зидди ҳама»-ро тағйир диҳад. Ҷангҳо ҳамчун ҷинояти байналхалқӣ баррасӣ намешуданд ва онҳо ҳамчун воситаи қонунии сиёсати давлатӣ боқӣ монданд. Зиёда аз ин дар ҷангҳо ба таври фаъолона субъектҳои ғайридавлатии муносибатҳои байналхалқӣ, пеш аз ҳама қабилаҳои ваҳшӣ иштирок мекарданд;

- дар чунин шароитҳо вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ беҳад ноорому номуътадил боқӣ монда буд, барои ҳамин Дунёи Қадим пур аз намунаи давлатҳо ва империяҳои бузург аст, ки баъди ба онҳо расондани бохти ҳарбӣ аз саҳна ва харитаи ҷаҳонӣ нопадид гаштанд. Дунёи Қадим аз худ намунаи муддати дароз мавҷуд будани вазъияти ором ва ҳамзистии осудаҳолонаву сулҳхоҳонаро боқӣ нагузошт ва барои характеристикаи муносибатҳои байналхалқии давраи мазкур баҳодиҳии мутафаккири номии англис Томас Гоббс мувофиқ меояд, ки онро «ҳолати табиии хусумат» дар саҳнаи ҷаҳонӣ номидааст. Сиёсатмадорон, ҳарбиён ва дипломатҳои он замон бо мафҳуму фаҳмиши «балански қувваҳо» хуб шинос буданд, аммо намефаҳмиданд, ки чи тавр балански мазкурро барои сулҳу осудаҳолии дарозмуддат нигоҳ доранд;

- воситаи асосии қатъ намудани ҷангҳои бетанаффус, чи хеле ки таҷрибаи ҳам Ғарб ва ҳам Шарқи Евроосиё нишон дод, ин бо қувваи силоҳ давлатҳои бо ҳам ҷангкунандаро тобеъ намуда, онҳоро ба ҳайати ягон империя ҳамроҳ намудан буд;

- аммо дар ин ҳолат ҳам сулҳу субот кафолат дода намешуд, зеро дар сарҳадоти империяҳои тавоно қаламравҳое буданд, ки қабоили варварӣ дар онҳо тантана мекарданд ва империяҳои бузург, ҳам дар мисоли Ҳахоманишиҳо, Рим ва ҳам Хан наметавонистанд, ки онҳоро ба зери доираи таъсири худ дароранд. Қабилаҳо ва иттиҳодияҳои қабилавӣ, ки дар зинаи рушди тодавлатӣ қарор доштанд, дар тамоми давраи таърихи Дунёи Қадим факторҳои муҳимтарини муносибатҳои байналхалқӣ боқӣ монданд. Баробари ин, сатҳи нисбатан баландтари рушди маданӣ низ ягон бартариятро ато накард, дар таърихи Дунёи Қадим мисолҳои зиёде ҳастанд, ки чи тавр қабилаҳо-ваҳшиёни ҷангҷӯ бе ягон раҳму шавқат империяҳо, тамаддунҳои бузург ва қадимаро аз байн бурданд;

- ва охирон, муносибатҳои байналхалқии он замон на характери глобалӣ, балки минтақавиро доштанд. Муносибатҳои байналхалқии зичу мустаҳкамро давлатҳо дар аксар маврид бо ҳамсояҳо ба роҳ монда тавонистанд, бо давлатҳо ва халқҳои дур бошад танҳо муносиботи тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва алоқаҳои маданӣ-гуманитарӣ барқарор намуда буданду халос[1].

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 14 – 15.

# 1. 2. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРҚИ ҚАДИМ

**Маълумоти умумӣ.** Шарқи Қадимро гаҳвораи тамаддуни инсоният меноманд. Дар Шарқ аввалин давлатҳо дар таърихи инсоният зуҳур намуданд. Ва маҳз дар ин ҷо табиатан феноменҳои муносиботи байналхалқӣ зуҳур намуда, механизмҳои муассисавие, ки бо муносиботи байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ алоқаманд мебошанд, ба мисоли институтҳо (ниҳодҳо) ва расму қоидаҳо, ба вуҷуд омаданд.

Дар Шарқи Қадим шакли аввалаи давлатдорӣ – шаҳр-давлатҳо гаштанд, баъди онҳо бошад давлатҳои қаламравӣ ба вуҷуд омада, сеюм ва шакли олитарини ҳокимият дар шарқ империяҳо гардиданд[1].

Сиёсати хориҷии давлатҳои Шарқи Қадим ба андозаи басанда дар худ характери экспансиониро таҷассум мекард. Забт ё тобеъ намудани қаламрави рақиб бо ҳар роҳу восита, ба манфиати худ тақсим намудани захираҳои ба даст омада (аз металлҳои қиматбаҳо сар карда, то обу озуқаворӣ) мақсадҳои асосии давлатҳо ба шумор мерафт. Ҳамин тавр, дипломатия ва воситаҳои спетсификии дипломатии ба тартибдарории муносиботи байнидавлатӣ дар доираи маҳдуди майдон (дид)-и функсионалӣ бурда мешуданд – ташкили разведкаи ҳарбӣ-сиёсӣ, барқарор намудани муносиботи иттифоқона бо шарикон аз ҳайати коалитсия ва тақсим намудани доираи таъсир, дар ҳолате, ки бо истифодаи қувва рақибро бартараф кардан ғайриимкон аст. Тарафи шикастхӯрда, чун қоидаи анъанавӣ, пурра мустақилияти худро аз даст медод. Қаламрави давлати шикастхӯрда ё заиф ба ҳайати давлати ғолиб - тавоно ҳамроҳ карда мешуд. Дар натиҷа харитаи сиёсии даврӣ тағйир ёфта, ранги нав мегирифт. Дар рафти муборизаҳои давомдори давлатҳо баҳри мавҷудияти ҳастии худ ё васеъкунии имконоти хеш бозингарони алоҳида, ҳатто аз ҷумлаи пешбарҳо ҳам давра ба давра аз саҳнаи сиёсӣ дур карда мешуданд ва ҷойи онҳоро акторҳои нав ишғол мекарданд[2].

Маҳз, дар Шарқи Қадим нахуст шуда, як қатор расму қоидаҳо ба вуҷуд омаданд, ки дар ҳазорсолаҳои минбаъда ба таври амалӣ дар муносиботи байналхалқӣ васеъ истифода мешуданд. Ба таври мисол, Шарқи Қадим асосгузори шартномаҳои байналхалқӣ, ҳамчун намуди махсуси қарордоди субъектони сиёсат, ба ҳисоб меравад, ки дар онҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафайн инъикос карда мешавад. Риоя накардани онҳо боиси истифода бурдан аз санксияи зӯрӣ ва дигар намуд санксияҳо ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо нисбат ба тарафи вайронкунандаи шартнома мегардад. Барои ҳамин, ба хотири таъминоти иловагӣ, барои риоя намудани шартномаҳо ба роҳ мондани никоҳҳои байнисулолавӣ ва ҷорӣ намудани «институти гаравгирӣ» (ки аҳамияти худро ҳам дар Дунёи Қадим ва ҳам асри миёна нигоҳ доштанд) кафолат мегардиданд. Дар баъзе ҳолатҳо

---

[1]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 37 – 40.

[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

дар як вақт шартномаҳои ӯҳдадорӣ бо никоҳҳои сулолавӣ мустаҳкам мегардиданд. Ҳамин тавр, Шарқи Қадим дар амалия қоида, расму русум ва меъёрҳои асосии муносиботи байналхалқиро ҷорӣ намуд, ки дар давраҳои минбаъда онҳо такмил дода шуда, вориди ҳуқуқи байналмилалӣ гардида, яке аз асоситаринашон байни онҳо ҳуқуқи оддатӣ, яъне таъмин намудани дахлнопазирии сафирон ва сафоратҳо мебошад.

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар Осиёи Пеш ва Миёна.** Агар Шарқи Қадим дар умум гаҳвораи тамаддуни инсоният дониста шудааст, пас як қисми он – Осиёи Пеш макone шуд, ки дар он ҷо муносиботи байналхалқӣ ҳамчун феномени сиёсат зуҳур намуданд. Ва ин бо раванди таъсисёбии аввалин номдавлатҳо ва барқароршавии давлатҳои зиёди деспотӣ дар водиҳои Нил, Даҷла ва Фурот дар таърихи инсоният алоқаманд буд[1].

Дар водии Нил давлати мутамаркази деспотӣ дар остонаи ҳазорсолаҳои IV ва III п.м. ба вуҷуд омада буд. Тибқи ақидаи мутахассисони соҳа ин пеш аз ҳама ба хусусиятҳои шаклгирии водии Нил ва шабакаҳои ирригатсионӣ дар Миср алоқаманд буд. Тӯлкашии Нил аз ҷануб ба Шимол, инчунин ташаккулёбии ном-давлатҳо дар соҳилҳои он аз ҷануб ба шимол имконият намедоданд, ки коалитсияи васеи байнидавлатӣ таъсис дода шавад, чунки ҳар иштирокчии системаи муносиботи байниҳамдигарӣ дар пеши назари ду ҳамсоя меистод – аз ҷануб ва шимол (ғайр аз ном - давлатҳое, ки дар резишгоҳи Нил ҷойгир буданд). Ғайр аз ин, ҳар яке аз ҳамсояҳо душмани гумоншавандаю иқтидордор ҳисоб меёфт. Дар натиҷа дар водии Нил босуръати тез, дар муддати чанд садсола, муттаҳидшавии сохторҳои номӣ шуда гузашт. Дар аввал ду сохтори сиёсии деспотии давлат – Мисри Болоӣ ва Мисри Поёнӣ шакл гирифта, сонӣ Болоӣ Поёниро торумор менамояд. Дар натиҷа водии Нил пурра дар зери ҳокимияти фиръавнҳо муттаҳид гардид.

Ба тарзи схемаи камтар дигар муносибатҳо дар Байнаннаҳрайн ташаккул меёфтанд. Мубориза барои ба даст даровардани водиҳои ҳосилхези Даҷла ва Фурот боиси таъсисёбии коалитсияҳо, бастани аввалин шартномаҳо дар миёни субъектони равобити байнидавлатӣ дар давраи сулолаҳои ибтидоӣ (тақрибан дар асрҳои XXVIII – XXVI п.м.) гардид.

Дар муддати чанд садсола дар минтақа мавқеи пешсафиро ба навбат шаҳр-давлатҳои ишғол менамоянд, ки байни онҳо Киш, Урук, Ур, Лагаш ва ғайра буданд. Шаҳрҳои Байнаннаҳрайн мустақил буда, дар сари ҳар кадоме онҳо ҳокими маҳаллӣ қарор дошт[2]. Ҳанӯз ҳам раванди муттаҳидшавии Байнаннаҳрайн дар доираи як давлат сурат нагирифта буд, мумкин ин бешак ба аз ҳад зиёд оддӣ будани институтҳои давлатии шаҳрҳои минтақа вобаста буд. Шаҳрдавлатҳо аз ҷониби доҳиёни ҳарбии интихобшуда (лугали) ва коҳинон (энси) идора мешуданд. Шумораи ташкилоту дастаҳои ҳарбӣ ҳам зиёд набуд.

---

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Бауэр С. У. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 34.

Муттаҳидшавии Байнаннаҳрайн дар шакли давлати ягона зери ҳокимияти шоҳи Аккад Саргони Қадим ва ворисонаш дар асри XXIII п.м. сурат гирифт[1]. Аккад, мувофиқи хулосаи олимони таърихшинос, деспотӣ буда, дар он ҳам ҳокимияти дунявӣ ва ҳам динӣ дар дасти шоҳ буд. Сиёсати хориҷии ин давлат дар самти тахти назорату зери ҳукмронии худ гирифтани тамоми Байнаннаҳрайн ва ҳатто Элом равона шуда буд. Экспансияи шоҳи Аккад дар як вақт ҳам дар самти ғарб (дар муносибат бо шаҳри Эбла) ва ҳам дар ба самти шарқ (Элом) ва ҳам ба самти шимол (Субарта) роҳандозӣ карда шуд. Аммо бо сабаби тохтутози қабилаҳои кӯчии бо ном кутиҳо нақшаҳои экспансионии сулолаи саргониҳо амалӣ нагардиданд[2]. Дар минбаъда дар Байнаннаҳрайн дар муддати чанд садсола барои ҳукмронии системаи дарёӣ муборизаи тезу тунд сурат мегирад. Дар давраҳои муайян болоравии марказҳои алоҳидаи сиёсӣ ба вуҷуд меояд, аммо ба ҳамаи онҳо ҳам муяссар нашуд, ки Байнаннаҳрайнро пурра зери назорати худ дароваранд. Намоёнтарин давлати он давра шоҳигарии Шумеру аккадии сулолаи III Ур буд[3]. Ҳолати ҳалкунанда дар тақдири шоҳигарии бюрократиии чанд аср мавҷудбуда (асрҳои XXII – XXI п.м.) ин тохтутози қабилаҳои семитии аморе (аморит)-ҳо гардид, ки ба он оварда расонданд, ки давлати мутамарказ аз байн равад[4].

Системаи локалии муносиботи байналхалқӣ дар Байнаннаҳрайн рушди худро аллакай дар давраи Бобулистони Қадим ба даст овард (асрҳои XIX – XVI п. м.). Воридшавии амореиҳо ба қаламрави Байнаннаҳрайн боиси ба вуҷуд омадани як қатор давлатҳо – Ларса, Исин дар ҷануб, Мари ва Ошур дар шимол, Эшнунна дар шарқ, Бобулистон ва дар баробари инҳо ғайра давлатҳои дигар, ки аҳамияти дуюминдараҷа доштанд. Ғайр аз ин, чун анъана бозингари боқувват Элом боқӣ монд, ки дар ҷануб-шарқтар аз Байнаннаҳрайн ҷойгир буд. Дар ботлоқи ҷанг ва низоъ, ки таърихи асрҳои XX – XVIII п. м. таърихи Байнаннаҳрайн ғарқ буд, яку якбора мавқеи Бобулистон қувват гирифт. Гул-гулшукуфии шоҳигарии қадимаи Бобулистон ба давраи ҳукмронии шоҳ Хаммурапӣ (с. 1793 – 1750 п. м.) рост меояд, ки сиёсати хориҷии беҳад моҳиронаи бурда, аз рақибони сиёсиаш худро эмин намуда, ақибгоҳи худро низ аз ҳисоби иттифоқчиёнаш пурқувват намуд.

Хаммурапӣ, инчунин то андозаи муайян аз нуқтаи назари макиавеллизм сиёсатмадори беор (бешарм) буд. Ӯ бо маҳорату ҳила дар доираи коалитсия дар рафти амалиёти якҷоя иттифоқчиёнашро фиреб медода, шартномаҳо оид ба бурдани амалиёти якҷоя барои расидан ба ҳадафҳои муайяни сиёсиро вайрон намуда, дар натиҷа ба иттифоқчиёни собиқаш ҳамла мекард. Хаммурапӣ бо Ларса иттифоқ баста, тавонист қаламрави Урук ва Исинро забт намояд. Баъди ин дар иттифоқ бо шоҳи Мари Зимрилим (шимолии Байнаннаҳрайн) Хамму-

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 80 – 81.
[2]Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987. С. 15 – 16.
[3]Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987. С. 19.
[4]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

рапӣ Эшнунна ва Ларсаро шикаст медиҳад. Баъди ин навбати худи шоҳ Зимрилим расид. Новобаста ба он ки Зимрилим дар Бобул дипломатҳо ва ҷосусони худро дошта бошад ҳам, натавонист, ки таносуби тавоноии худро нисбат ба қувваи ҳарбии Хаммурапӣ дақиқ муайян намояд. Дар соли 1759 п. м. бо баҳонаи фаъолияти ғайридӯстонаи собиқ иттифоқчии худ (зеро Зимрилим қарор кард, ки иттифоқро бо Хаммурапӣ вайрон намояд) артиши Бобулистон ба қаламрави шоҳигарии Мари дохил гардида, пойтахти онро забт намуд[1].

Аммо баъди марги Хаммурапӣ шоҳигарии вай аз як тараф бо тохтутози қабилаҳои кӯчии касситҳо ва аз ҷониби дигар бо шӯришҳои дохилии характери сетсессионӣ (ҷудо шудан) дошта дар он шаҳрҳое, ки Бобулистон бо зӯрии қувва забт карда буд, рӯ ба рӯ шуд. Бобулистон, ҳамчун давлати пешбари ҷаҳонӣ, дар муддати асри XVII п. м. мавқеи пештараашро ҳифз нигоҳ дошта натавонист ва он қаламравҳоеро, ки Хаммурапӣ забт карда буд, аз даст дод. Нуқтаро ба мавҷудияти шоҳигарии Бобулистони Қадим тохтутози қабилаҳои хет гузошт, ки дар соли 1595 п. м. сурат гирифта, на танҳо мамлакатро ғорат намуданд, балки пойтахти он – Бобулро низ ба даст оварданд, аммо натавонистанд, ки мавқеи худро дар он ҷо мустаҳкам намоянд.

Кӯчманчиён - касситҳо, ки сулолаи ҳукмрони касситиро бунёд гузоштанд, ба давраи нав дар таърихи мамлакат, яъне ба шоҳигарии Миёнаи Бобул (асрҳои XVI – XII п. м.) асос гузоштанд[2].

Дар миёнаи ҳазорсолаи II п.м. нахустин давлатҳо дар Шарқи Наздик, на танҳо дар водиҳои назди дарёҳо, инчунин дар Сурия, дар соҳилҳои шарқии баҳри Миёназамин ва дар Осиёи Хурд ба вуҷуд омаданд. Бозингарони калон дар саҳнаи байналхалқӣ он давлатҳое, ки сиёсати экспансионӣ мебурданд ва аз ҷиҳати қаламраву нуфузи аҳолӣ калонтар буданд, инҳо гардиданд: шоҳигариҳои Хетт, Бобулистон, Митан, Ошур ва Миср. Обеъкти рақобати бузургдавлатҳои он замон Сурия, Финикия ва Фаластин гардиданд. Муборизаҳо барои ба доираи таъсири худ даровардани қаламравҳо дар ин минтақаҳо боиси ҷангҳои зиёд, ба вуҷудоии иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсии давлатҳои бузурги он замон ва чустучолокию ҳилагарии князгариҳои расман мустақил барои дарёфти варианти мувофиқи таъмин намудани бехатарии худ мегардид.

Давлати аз ҳама калон ва тавоно дар сиёсати хориҷии Шарқи Қадим дар миёнаи ҳазорсолаи II п.м. Миср ба шумор мерафт. Дар муддати дарози таърихи худ, яъне тақрибан якуним ҳазор сол Миср амалан аз қаламрави водии Нил берун набаромада буд, онро аз ҳама тараф биёбонҳо иҳота мекард, ғайр аз нимҷазираи Сино, ки назорат аз болои он барои мисриён аҳамияти муҳими стратегӣ дошт. Инчунин барои мисриён қисмати ҷанубии Фаластин, ки бехатарии Синоро аз шимол дар давраи шоҳигарии Миёнаи Миср таъмин мекард, аҳамият дошт. Дар асл бошад, мисриён бо ҳамаи давлатҳои Байнаннаҳрайн ва князгариҳои Сурия ва Фаластин, шоҳигарии Крит, ҷазираҳои баҳри Эгей алоқаҳои доимии савдоӣ, сиёсӣ ва маданӣ доштанд. Аммо фаъолияти густурдаи экспан-

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 89 – 90.

сионӣ дар давраи сулолаи XVIII - и фиръавнҳои Миср дар миёнаи ҳазорсолаи II п.м. оғоз гардид. Самтҳои асосии экспансионӣ бошад дар Ҷануб – Нубия ва дар шимол-шарқӣ – Сурия, Финикия ва Фаластин гардиданд.

Ҳаракат ва дастоварҳои Миср ба ҷануб, қариб, ки пурра бо истифодаи фишору қувва таъмин гардид. Дар самти шарқ бошад вазъият тамоман дигар буд. Барои ба даст овардани мавқеи қуллай дар Сурия фиръавнҳои Миср дар сиёсати хориҷии худ аз воситаҳои зиёд, яъне дар баробари юришҳои ҳарбӣ, аз тактикаи асоратгирӣ ба хотири ба тарафи худ кашидан, бастани никоҳи байни-сулолавӣ, ёрии ҳарбӣ ва дар баъзе мавридҳо тавассути расондани кӯмакпулӣ ба ҳокимони суриягию фаластинии ба ҷониби Миср майл дошта, истифода мекар-данд. Аммо дар умум сиёсати Миср дар муносибат бо мамлакатҳои Шарқи Наздик оддӣ ва дурбинона набуд. Гарчанде ки мавқеи қуллайро ба даст даро-варда бошанд ҳам, аммо истифодабарии бошууронаи захираҳои минтақаҳои за-бткардаро барои худ таъмин карда натавонистанд. Моҳиятан, Миср аз давлатҳои ишғолкардашудааш – Сурия ва Фаластин ҳатто андози муайяншуда-ро низ намегирифт. Аз тарафи дигар, артиши Миср, дар давраи ҳукмронии Тутмоси III ва баъзеи дигар фиръавнҳо, ба қаламрави сателлитҳо (думравон) - и худ, қариб ҳар сол ворид шуда, ғорат мекард. Аз ин сабаб мисриён дар Шарқи Наздик эҳтиром надоштанд[1].

Барқароршавии таъсири сиёсии Миср дар Сурия, Финикия ва Фаластин боиси зиддият бо бузургдавлатони пешбари Осиёи Пеш – шоҳигариҳои Митан ва Хетт мегардид. Барои оне ки мавқеи рақибонашро дар Шарқи Наздик суст гар-донанд, фиръавнҳои Миср аз асри XV п. м. ба давраи ба роҳ мондани муносибатҳои дӯстонаю иттифоқонаро бо бархе аз давлатчаҳои заифи Сурия гу-заштанд, ки ин имкон медод дар корҳои чунин давлатҳо Бобул ва Митан дахолат намоянд. Муҳимтарин ҳадномаи ба даст омада иттифоқи Миср бо Ошур буд, ки дар асрҳои XV – XIV п. м. гоҳ вассали Бобул ва гоҳ вассали Митан ба шумор рафта, ҳамзамон даъвои бурдани сиёсати мустақилонаи худ дар минтақаро ме-кард.

Аммо таҳдиди асосӣ барои доираи таъсири Миср дар Шарқи Наздик на аз ҷониби давлатҳои Байнаннаҳрайн, балки аз тарафи шоҳигарии Хетт, ки дар Осиёи Хурд ҷойгир буд, ба вуҷуд омада буд. Аз норозигӣ ва хасташваии аҳолии маҳаллӣ, ки дар натиҷаи сиёсати вазнини истисморкунандаи Миср ба вуҷуд омада буд, истифода бурда, хеттҳо дар самти сар даровардан ба қаламравҳои Сурия ва Фаластин комёбиҳоро ба даст оварданд. Дар асри XIV п. м. фиръавнҳои Миср ба хотири ба тарафи худ кашидани давлатҳои Байнаннаҳрайн – Бобул ва Митан, ки онҳо ҳам дар навбати худ аз мустаҳкамшавии Хет дар Осиёи Пеш хавф мебурданд, чораҷӯӣ намуданд. Дар ин самт фиръавнҳо маҷбур шудаанд, ки аз дастгирии Ошур даст кашанд. Дар бойгонии Телл - эл - Амарн

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

як қатор мактубҳо боқӣ мондаанд, ки оид ба муносиботи мушкилу нофаҳмиҳои ҷойдоштаи Миср бо иттифоқчиёни наваш шаҳодат медиҳанд[1].

Дар нимаи дуюми асри XIV – аввали асри XIII п.м. байни хеттҳо ва мисриён як қатор ҷангҳо шуда гузаштанд. Харобшавӣ ва ба даст наовардани натиҷаҳои муфид ҳар ду тарафи ҷангкунандаро водор намуданд, ки ба гуфтушунидҳо сар карда, дар асоси гузашткунии тарафайн шартномаи сулҳро банданд[2]. Соли 1278 п. м. (ё с. 1296 п. м.) чунин як қарордод (яке аз аввалин шартномаҳои сулҳ дар Ҷаҳон) байни шоҳи Хетт Хаттушили III ва фиръавни Миср Рамсеси II баста шуд[3]. Маъхазҳои таърихӣ хабар медиҳанд, ки ин навбат хоҳиши бастани сулҳ аз ҷониби Хетт садо додааст, зеро аз як тараф аз пурқувватшавии шоҳигарии Ошур дар қаноти худ ба ташвиш омада, ғайр аз ин, надоштани қудрат барои бурдани ҷанг дар ду ҷабҳа, хеттҳо маҷбур мешаванд, ки таклифи бастани сулҳ намоянд. Рамсес шартҳои сулҳро пазируфт ва матни шартномаи сулҳро дар тахтачаи дигари нуқрагӣ сабт намуда, ба Хаттушил фиристонд. Дар муқаддимаи он омадааст, ки аз замонҳои дур хеттҳо ва мисриён душмани ҳамдигар набуданд... Аз рӯзи баста шудани шартномаи мазкур байни шоҳҳони ҳар ду тараф сулҳи абадӣ, дӯстӣ ва бародарӣ барқарор мегардад[4]. Дар натиҷа хеттҳо дар як дам сулҳро бо ду бузургдавлати он замон – Миср ва Бобул, ба даст оварданд, ки он амалан зидди Ошур равона гардида буд.

Қарордоди мазкур роҳандозӣ намудани амалиётҳои якҷояи мудофиавӣ ва ҳуҷумкунии ҷонибҳо бар зидди душманони умумиро ифода мекард. Инчунин дар матни шартнома омадааст, ки тарафҳои қарордодбаста ӯҳдадор шудаанд, ки дар вақти муташаниҷ гаштани вазъи дохилӣ дар Миср ё Хетт, ҳангоми сар задани шӯриши ғуломон ва исёнҳо дар қаламравҳои зери таъсир дар ҳавзаи соҳилҳои шарқии баҳри Миёназамин ҷонибҳо ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Моддаи алоҳидаи қарордод ба масъалаи ба ҳамдигар таслим намудан ё баргардондани гурезаҳою маслакфурӯшон бахшида шуда буд. Дар баробари дигар дар ин қарордод хусусиятҳои хос барои давлатҳои Шарқи Қадим равшан инъикос ёфтааст – шабоҳат (айният) додани давлат бо шахсияти соҳиби ҳокимияти олӣ буда дар он, ки дар сатҳи зарурӣ хусусиятҳои системаи алоқаҳои байнидавлатиро баён менамояд. Додугирифти мактуботи дипломатӣ ва сафирон баъди бастани қарордоди мазкур низ идома ёфт. Минҷумла, андаке баъдтар иттифоқи ҳарбӣ

---

[1]Муфассалтар ниг.: Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987. С. 40 – 75.; Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 9 – 11.

[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[3]Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987. С. 79 – 86.; Мирный договор между Рамсесом II и Хеттским царем Хаттусили // Хрестоматия по истории Древнего Востока. Под редакцией академика В. В. Струве и Д. Г. Редера М.: Издательство восточной литературы, 1963. С. 126 – 130.

[4]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 15.; Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 11.

- сиёсӣ Хетт ва Миср тавассути бастани никоҳи байнисулолавӣ мустаҳкам гардонда шуд, яъне Рамсеси II бо духтари Хаттушили III никоҳ баст[1].

Баъди баста шудани қарордоди мазкур, шоҳигариҳои Миср ва Хетт андак-андак заиф гардиданд ва мавқеи қудрати худро дар самти сиёсати хориҷӣ аз даст дода буданд. Баробари ин, шоҳигарии Хетт умуман аз саҳнаи таърихӣ берун шуд[2].

Яке аз давлатҳои асосии таъсиррасон дар Осиёи Пеш дар аввали ҳазорсолаи I п. м. Ошур (бузургдавлати Ошури Нав – асри IX п. м.- соли 605 п.м.) гардид, ки дар бисёр мавридҳо аз ҷониби мутахассисон аввалин «империяи ҷаҳонӣ» дар таърихи инсоният муаррифӣ карда мешавад. Таъсири намоёни мавқеи шоҳигарии Ошур дар муносиботи байналхалқии Шарқи Наздик ба асрҳои VIII – VII п. м. дар давраи ҳукмронии намояндагони сулолаи Саргониҳо – Саргон, Синнахериб, Тиглатпаласари III ва Ашшурбанипал рост меояд[3].

Дар сиёсати дохилии худ Ошур кӯшиш ба харҷ медод, ки навигариҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ҷорӣ намояд. Аз ҷумла, дар таърих markedнавсозиҳои маъмурӣ ва ислоҳоти ҳарбии Тиглатпаласари III (с. 745 – 727 п. м.) маълум ҳастанд. Аммо дар муносиботи байналхалқӣ шоҳҳони Ошур ягон навигарии принсипиалиро оварда натавонистанд. Онҳо амалан дар самти ба худ тобеъ намудани сулолаҳои маҳаллӣ ва ба ҳайати империяи худ ҳамроҳ намудани ин ё он давлат ва минтақаҳо аз чанд роҳ истифода намуданд. Як қисми мамлакатҳои тобеъшударо, ки дар рафти забткуниашон муқовимати сахт нишон доданд, ба музофоти империяи Ошур табдил додаанд. Дар қаламрави онҳо як қатор нуқтаву пойгоҳҳои истеҳкомию такягоҳӣ – шаҳрҳо ва қалъаҳо сохта шуданд, ки аз ҳисоби мустамликадорони ошурӣ пур карда шуда, гарнизонҳои ҳарбиро низ мустақар карданд. Дар баъзе ҳолатҳо ҳокимони ошурӣ дар сарзаминҳои ишғолии худ тарафдори худро аз ҳисоби намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ ё аз ҳисоби намояндагони ашрофони таҳҷоӣ ба тахт мешинонданд. Дар муносибат бо ҳамсояҳо ошуриҳо ба хотири сари вақт иҷро гардидани ӯҳдадориҳо аз ҷониби дигари гуфтушунидҳо аз усули дар гарав гирифтани шарикон низ истифода мекарданд. Инчунин ошуриҳо аз усули тавассути порадиҳӣ ба худ тобеъ кардан ва ёрии пулӣ расондан ба иттифоқчиён низ истифода мекарданд, ки дар ин самт ҳангоми бурдани сиёсати хориҷӣ асосан ба қудрати ҳарбии худ такя мекарданд.

Дар асрҳои VIII – VII п. м. Ошур ба давлатбузурги Шарқи Қадим табдил ёфт. Тавоношавии Ошур дигар давлатҳои Осиёи Пешро ба ташвиш оварда, онҳоро маҷбур намуд, ки барои наҷотёбии худ аз экспансияи Ошур нофаҳмиҳои байниҳамдигарии худро як сӯ гузошта, дар муносиботи байналхалқӣ аз стратегияи нав истифода баранд. Чунин стратегияи нав таъсисдиҳии коалитсияҳо гардид, ки аз ҷиҳати қувваи ҳарбии худ бо Ошур баробар буданд. Ба хотири баро-

[1]Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987. С. 86.

[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[3]Ниг.: Межгосударственные отношения и дипломатия в Древнем Востоке. Ответственный редактор И. А. Стучевский. М., 1987.

мад намудан бар зидди душмани умумиашон дар як вақт 3 коалитсияи давлатҳо таъсис дода шуданд: коалитсияи ҷануб - ғарбӣ, бо сарварии Миср; ҷануб-шарқӣ, бо роҳбарии Элом; шимолӣ, бо роҳбарии Урарту. Аммо аз нигоҳи ташкилӣ коалитсияҳои мазкур заиф буданд ва дар амал қариб, ки натавонистанд нақшаҳои худро бо ҳам мувофиқат намоянд. Ғайр аз ин, дар дохили худи коалитсияҳо дар давраҳои муайян байни иттифоқчиён мухолифатҳо давом мекарданд. Дар натиҷа ҳар се коалитсия навбат ба навбат аз ҷониби Ошур шикаст хӯрданд.

Нуқтаи баландтарини гулгулшукуфии қудрати Ошур ба давраи ҳукмронии шоҳ Ашшурбанипал (миёнаи асри VII п. м.) рост омад, ки дар давраи ӯ сарҳадоти мамлакат аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то Халиҷи Форс ва аз Қавқоз то нимҷазираи Араб тӯл кашиданд[1]. Аммо баъди марги Ашшурбанипал дар натиҷаи ҷангҳои бетанаффус суст шудани давлат, ихтилофи сулолавӣ дар дохили мамлакат, мубориэаи ворисони тахти Ошур барои тахти Бобул ва ғайра Ошур ба давраи таназзулёбии худ ворид мешавад. Аз Ошур сарзаминҳои ишғолкардааш Бобул ва Миср ҷудо мешаванд, Мод ва шоҳигарии Бобулистони Нав бошанд ҳатто коалитсияи зидди Ошурро таъсис доданд. Оқибат Ошур ҳамчун аввалин «давлати ҷаҳонӣ» дар таърих ба шикаст рӯбарӯ шуда, дар соли 605 п.м. аз харитаи сиёсии Ҷаҳон нест шуд[2].

Меросхӯрони Ошур дар давраҳои гуногун шоҳигарии Бобулистони Нав, Давлати Мод ва империяи Ҳахоманишиҳо гардиданд. Мақоми махсусро байни онҳо империяи Ҳахоманишиҳо иҷро мекард.

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки оид ба зуҳур ва равнақи дипломатия ва муносиботи байналхалқии аҷдодони форсу тоҷик сухан ронем, ки он таърихи ҳазорсолаҳо дорад. Ҳанӯз дар Авесто ба сифати кафолати шартномаҳои байниқабилавӣ Митра баромад мекард. Дар Авасто Митра ҳамчун худои «паймоншиносӣ», яъне худои шартнома-кафолати шартномаҳо ва муносиботи байни қабилаҳои ориёӣ зикр гардидааст. Азбаски тамоми ҷангҳо бо сулҳ анҷом меёфтанд, тарафҳои даргир дар вақти бастани сулҳ ба Митра – ҳомии шартнома, қасам мехӯрданд, ки ягон тарафи аҳдбаста онро вайрон накунанд.

Таъсири анъанаҳои зардуштия бошад баъдтар дар қаламрави Рим низ паҳн шуда, он баъдтар ба насрония низ гузашт. Сабабҳои маъмулу машҳур шудани аҷдодони форсу тоҷик дар он буд, ки дар ҳазораи II пеш аз мелод (дақиқтар асри XVII) ориёиҳо ду кашфиёти бузургро гузаронданд: дучархаро офариданд ва гудохтани биринҷро аз худ намуданд. Рушд ёфтани аспparварӣ дар даштҳо ва азхуд намудани аробаҳои дучархаю чорчарха боиси ихтирои аробаҳои ҳарбӣ гардиданд.

Тақдири ниёгони тоҷик бо тақдири мардумони Ошур, Бобул, Чин, Ҳинд ва ғайра сахт алоқаманд буд. Аз ҷумла, мавҷуд будани «роҳи лоҷвардӣ», «роҳҳи сибирии нефритӣ» ва дигар роҳҳо, ки тавассути онҳо доду гирифт сурат мегирифт. Сангҳои Бадахшон ҳатто ба дарбори фиръавнҳои Миср низ роҳ ёфта бу-

[1]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 24.
[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

данд. Ин аз муносиботи мутақобилаи аҷдодони форсу тоҷик ба дигар давлатҳои дуру наздик дарак медод.

Мутобиқи маълумоти дақиқи сарчашмаҳои хаттӣ дар асрҳои IX – VIII п.м. ориёиҳо тақрибан дар нисфи қитъаи Осиё аз сарҳади Байнаннаҳрайн то шимоли Ҳиндустон ва аз Европаи Шарқӣ – Ҷанубӣ то Олтойу Сибири Ғарбӣ зиндагӣ мекарданд.

Офарандагони Ведҳо (аз vid – донистан, дониш, бохабар будан)[1] ва Авесто худро як хел «аря», яъне «ориёӣ» номидаанд. Онҳо аз лиҳози забон, ақоиди динӣ, асотир, урфу одат, сохти иҷтимоию сиёсӣ низ бо ҳам хеле наздик буданд. Дар ин асос олимон ба хулосае омадаанд, ки дар қадим аҷдоди ориёиҳои авестоӣ ва ведоӣ ҷамъияти ягонаи этникиро ташкил мекарданд, яъне як халқ буданд, бо як забон гап мезаданд ва дар як кишвар зиндагӣ мекарданд. Тақрибан дар асрҳои XX – XV п.м. онҳо ба ду шоха тақсим шуданд, ки яке аз онҳо ба Ҳиндустон кӯчида дар он ҷо Ведҳоро таълиф карданд. Гурӯҳи дуюм дар Эрони Ғарбӣ ва Эрони Шарқӣ зиндагӣ мекарданд ва Авесторо офариданд. Ниёгони форсу тоҷик дар дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ низ дар аввал мувофиқи таълимоти Авесто «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек» амал мекарданд.

Бори нахуст маълумот оид ба давлати Парсуа (Форс) дар навиштаҷотҳои ошурии асри IX п. м. ёд мешавад. Ба ғайр аз Парсуа дар шарқтар аз Элом чанд иттиҳодияи дар зинаи давлатдории ибтидоӣ ҷойгир буданд, ки байни худ иттифоқ (боқимондаи иттифоқи қабилавии форсӣ) доштанд. Таърихи ибтидоии ташкилоти давлатдорӣ, ки ба ҳайати иттифоқи форсӣ шомил буданд (асрҳои IX – VII п. м.), бо абарқудтратҳои минтақавии он замон – Элом, Ошур, Мод ва ғайра алоқаманд буд, ки дар муносибат ба онҳо қаламрави Ҳахоманишиҳо дар мақоми вассалӣ қарор дошта буд. Дар соли 558 п. м. Куруши Кабир, ки тамоми қаламрави Ҳахоманишиҳоро ба ҳайати худ ворид кард, шоҳи Форс эълон гардид. Куруш аз тарафи модариаш набераи шоҳи охирони Мод – Астиаг ба шумор мерафт, ки бар зидди ӯ соли 553 п. м. шӯриш бардошта, он 3 сол давом кард. Дар натиҷа Мод сарнагун ва соли 550 п. м. форсҳо пойтахти Астиаг шаҳри Экбатанро гирифта, ба империяи Ҳахоманишиҳо асос гузошта шуд.

Дар солҳои минбаъда форсҳо амалиёти густурдаро роҳандозӣ намуда, аввал қаламравҳои боқимондаи Мод ва сонӣ ба таври системавӣ забт кардани дигар давлатҳоро оғоз намуданд. Дар натиҷа Парфия, Гиркония, Лидия, Дрангион, Бохтар, Марғиён ва Суғд забт карда шуданд. Баҳори соли 539 п.м. Куруши Кабир юриши худро ба самти Бобул оғоз намуда, 10-уми октябр бе ҷанг Сиппар таслим шуд, 12 октябр лашкари форсҳо бе ҷанг ба Бобул ворид шуданд. Писари шоҳи шоҳигарии Нави Бобул Набонид – Валтасар, ки дар Бобул қарор дошт, хост, ки муқовиматро ташкил намояд, аммо кушта гардид. Фармондеҳони Форс, ки ба шаҳри Бобул ворид гардиданд, дар як лаҳза чораҷӯӣ намуданд, ки дар шаҳр қатлу ғораткунӣ сурат нагирад. То 26-уми октябри соли 539 п. м.

[1]История Древнего Мира. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. С. 197.

форсҳо маъмурияти худро дар шаҳр барқарор ва муҳофизати онро таъмин намуданд. Ягон маъбад ва ҷойгоҳҳои муқаддаси бобулиён вайрон карда нашуданд. Набонид оид ба таслимшавии Бобул дарак ёфта, аз шаҳри Борсиппа, ки дар муҳорибаи назди шаҳри Опис шикаст хӯрда, ба он ҷо паноҳ ёфта буд, ба Бобул омада, худаш ихтиёран таслим шуд. Куруши Кабир бошад 29 октябри соли 539 п. м. дар аробаи бо 8 аспи сафед бастагӣ ба шаҳр ворид шуд. Куруши Кабир ба тамоми Бобул сулҳу оромиро эълон кард. Ва дар таърихи инсоният аввалин Эъломияи ҳуқуқи башарро қабул намуд. Бобул ба яке аз қароргоҳои шоҳи Форс табдил дода шуд. Куруши Кабир, дигар халқҳо, аз ҷумла махсус яҳудиёнро аз асорати бобулиҳо озод намуда, соли 537 п. м. ба онҳо иҷозат дода шуд, ки ба ватани худ – Фаластин баргарданд. Ӯ, инчунин фармон дод, ки маъбади Иерусалим аз нав сохта шавад ва он ашёҳои маъбади мазкур, ки дар вақташ аз ҷониби шоҳи Бобулистон Навуходоносор ғорат карда шуданд, баргардонда шаванд. Баробари ин ба яҳудиён имконият дода шуд, ки ҳокими худро аз ҳисоби ворисони сулолаи Довудиён интихоб намоянд.

Соли 525 п. м. бошад аз шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо Камбуҷиё Миср гирифта шуда, сарҳадоти давлат то қаламрави Либияи ҳозира расиданд. Ҳангоми дар Миср қарор доштани Камбуҷиё дар Эрон моҳи марти соли 522 п. м. бо сарварии Гаумата табаддулот гузаронда шуд, аммо 29 сентябри соли 522 п. м. ӯ аз ҷониби ашрофон бо сардории Дорои Кабир сарнагун карда шуд[1]. Соли 518 шоҳаншоҳ Дорои I ба Миср ташриф оварда, бо фармони вай канал миёни дарёи Нил ва баҳри Сурх сохта шуд[2].

Ҳахоманишиҳо бар зидди ҳамхунони худ скиф (сак)-ҳои соҳилҳои баҳри Сиёҳ низ юриш ташкил намуда буданд. Солҳои 519 – 512 п. м. Фракия, Македония ва шимол-ғарбии Ҳиндустон забт карда шуданд. Ҳамин тавр, соли 512 п. м. шоҳигарии Фракия ва шоҳигарии Македония ба вассали Ҳахоманишиҳо табдил ёфтанд. Бо ҳамин, то охири асри VI п. м. сарҳади империяи Ҳахоманишиҳо аз соҳили дарёи Ҳинд дар Шарқ сар карда, дар Ғарб то Балкан ва дар шимол то Арманистон ва дар ҷануб то қламравҳои дарёи Нил тӯл кашид. Ҳамин тариқ, дар асри VI п. м. давлати пуриқтидортарини Дунёи Қадим империяи Ҳахоманишиҳо мегардад, ки он дар зери ҳукмронии худ на танҳо Осиёи Пеш, балки Миср, Осиёи Хурд, Миёна ва як қисми Европаи Шарқӣ ва Ҳиндустонро медарорад. Доираи таъсири он аз ҳудуди Шарқи классикӣ, ҳам дар самти шарқ ва ҳам дар самти ғарб, берун баромад[3]. Ба ҳайати империя даҳҳо халқҳо ва мамлакатҳо дохил карда шуданд[4]. Масоҳати империяи Ҳахоманишиҳо дар давраи равнақи он ба 8 миллион км$^2$ баробар буд.

Ин аввалин империя дар таърихи инсоният буд, ки қаламравҳои он дар се қитъа – Осиё, Африка ва Европа ҷойгир буданд. Маҳз ҳамин давлатро зарур аст

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 322.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 266.
[3]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 26.
[4]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 325.

аввалин империяи ҷаҳонӣ шинохт. Аммо афсӯс, ки дар баъзе адабиёти илмӣ ва дарсии Ғарб ин тарафи масъаларо сарфи назар мекунанд. Ҳатто муаррихи номии Юнони Қадим Геродот дар асараш аз сатрапияи Фракияи Ҳахоманишинҳо ёдоварӣ накардааст, ҳоло он ки ин минтақа яке аз музофоти давлати мазкур ба шумор мерафт. Эъломияи Ҳуқуқи башари Куруши Кабир дар дипломатия ва муносибатҳои байналхалқӣ низ табаддулоти ҷиддиро ба бор овард. Он тамоми инсонҳоро баробарҳуқуқ эълон намуда, аз ин пас иҷозат намедод, ки ягон кас ғуломи дигар кас бошад ё ягон нафар бе музд барои ягон нафар кор кунад. Аммо баъди Куруши Кабир табаддулоти Гаумата ва шӯришҳо дар музофотҳои аҳолиашон ғайриэронитабор шоҳаншоҳ Дорои Кабирро маҷбур намуд, ки ислоҳот гузаронда, системаи идоракуниро тағйир диҳад ва дар сатрапияҳо сатрап ва сарфармондеҳони гарнизонҳои ҳарбиро танҳо аз ҳисоби форсҳо таъйин намояд. Ҳанӯз дар асри VI п.м. нахустин бор дар Ҷаҳон дар Лидия ба сикказании тангаҳо сар карда буданд, аммо Дорои Кабир бошад бори нахуст барои империяи худ ченаки ягонаи умумии пулӣ – «дорик» - ро ҷорӣ намуд. Вазни «дорик»-ҳои тиллоӣ 8,4 грамм ва нуқрагӣ 5,6 грамм буд. Соли 520 п. м. бошад сохтмони пойтахти нав – Персепол оғоз гардида, имрӯз низ дар яке аз релефҳои боқимондаи он тасвири намояндагони 33 халқ, ки ба шоҳаншоҳ Дорои Кабир андоз овардаанд, боқӣ мондааст, ки ин аз бузургии империяи Ҳахоманишиҳо дарак медиҳад. Бархе мутахассисон ба ин назаранд, ки Персепол ҳамчун пойтахт аввалин шаҳр дар ҷаҳон мебошад, ки аз рӯи нақшаву лоиҳаи пешакӣ таҳрезишуда сохта шудааст. Сабки меъмории он баъдтар дар шаҳрсозии мамолики дигар, аз Ҳинд сар карда, то Осиёи Хурд паҳн гардид[1].

Васеъшавии қаламрави давлат аз сиёсати дурандешонаю дурусти хориҷии Ҳахоманишиҳо, тайёрии хуби ҳарбӣ ва дипломатии онҳо вобаста буд. Дар маъхазҳои юнонӣ оид ба воридшавии Ҳахоманишиҳо ба қаламрави Юнон маълумоти муфассалтар ҷой дода шудааст.

Баъди нобарор анҷом ёфтани юриши аввалини форсҳо бо сардории Дорои Кабир дар солҳои 492 – 490 п. м. ба Юнон (дар натиҷаи тӯфони баҳрӣ қисми калони флот ва сипоҳиёни сарлашкари форсҳо Мардоний, ки ба Юнони Балкан фиристонда шудаанд, нобуд шудаанд ва шикасти форсҳо бо сарварии шоҳзодаи Форс Артаферн дар Муҳорибаи назди Марафон, 12. 09. 490 п. м.), ба он оварда расонд, ки форсҳо ба юриши калон омодагӣ бинанд. Дар натиҷаи юриши дуюм протекторати форсҳо аз болои Македония, қабилаҳои фракӣ, Эпир ва як қисми зиёди шаҳр-давлатҳо ва иттифоқҳои онҳо дар шимолии Юнон ва ҷазираҳои баҳри Эгей таъмин карда шуд. Ғайр аз ин, дар арафаи юриш (соли 481 п. м.) форсҳо бо Карфаген қарордод бастанд, ки тибқи он охирӣ ӯҳдадор гардид, ки дар Ситсилия бар зидди мустамликаҳои юнониён, ки бо номи Юнони Бузург (Ситсилияи Шарқӣ ва Ҷануби нимҷазираи Апеннин) муаррифӣ мешуданд, амалиёти ҳарбиро оғоз намояд. Ҳамин тавр, мустамликаҳои юнонӣ дар Италия ва

[1]Ҳамон ҷо. С. 328, 332.

Ситсилия пеш аз оғози юриши навбатии форсҳо ба Юнон аз мудохила намудан ба амалиётҳои ҷангӣ берун карда шуданд[1].

Дар натиҷаи сиёсати моҳиронаи хориҷии Ҳахоманишиҳо полисҳо (шаҳр-давлатҳо)-и Юнони Балкан дар арафаи юриши форсҳо дар изолятсияи пурраи сиёсию ҳарбӣ қарор ёфтанд. Танҳо ногаҳон тавоно гардидани дастаҳои ҳарбии шаҳрвандони шаҳр-давлатҳо ва флоти муттаҳидаи онҳо, инчунин баланд шудани рӯҳияи ватандӯстӣ ва табдил ёфтани он ба ватандӯстии панэллинистӣ дар вақти ҷанг, ки дар арафаи ташкил намудани юриш он дида намешуд, нақшаҳои форсҳоро барбод дода, онҳо дар ҷанги 30 сола оқибат шикаст хӯрданд.

Шикасти империяи Ҳахоманишиҳо аз дасти қувваҳои шаҳр-давлатҳои Юнон роҳи экспансияи форсҳоро ба самти Ғарб боз дошт. Бо ин нигоҳ накарда, нақши Ҳахоманишиҳо дар системаи муносиботи байни полисҳои юнонӣ баъди шикастхӯрӣ ҳам мақоми намоёнро ишғол мекард. Шаҳр-давлатҳо қисман побанди империяи Форсҳо монданд. Дар муддати нимаи дуюми асри V п. м. – нимаи аввали асри IV п. м. империяи Ҳахоманишиҳо моҳирона ба вазъияти сиёсии Юнон таъсири худро мерасонд, низоъҳоро хурӯҷ медод, монеаи роҳи дар саҳнаи сиёсӣ падид омадани гегемони умумиюнонӣ мешуд ва дар ин роҳ ин ё он шаҳр-давлат ва иттифоқҳои онҳоро маблағгузорӣ мекард, то ки бо ҷангҳои байнихудӣ ҳамдигарро ҳар чи зиёдтар харобу заиф гардонанд. Ҳолати мазкури ҷойдошта дар бисёр мавридҳо боиси он мешуд, ки шоҳаншоҳи Форс ба сифати судяи олӣ барои ҳал намудани низоъҳо дар Юнон баромад кунад. Мавриди зикр аст, ки чунин сиёсат то давраи болоравии Мақдуния ва Юнонро ба худ тобеъ намудани он то солҳои 30-юми асри IV п. м. идома ёфта буд. Болоравии Мақдуния ва ба тобеияти худ даровардани Юнон, дар баробари бӯҳрони дохилии давлати Ҳахоманишиҳо барои форсҳо тақдири ногузир шуд. Соли 334 п. м. артиши муттаҳидаи Юнону Мақдуниён ба қаламрави форсҳо ворид шуда, дар натиҷаи чанд задухӯрд дар соли 330 п. м. ба мавҷудияти империяи Ҳахоманишиҳо хотима бахишданд.

Нақш ва аҳамияти давлати Ҳахоманишиҳо барои рушди системаи муносиботи байналхалқӣ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ на он қадар объективӣ баҳогузорӣ шудааст. Ба он баҳои умумӣ ва мухтасар дода шудаасту халос. Дар асл бошад дар давраи эллинизм юнониён дар Шарқ аз мероси Ҳахоманишиҳо на танҳо идеяи империяи универсалиро нусхабардорӣ карданд, инчунин тамоми таърихи муносиботи монархияҳои эллинистӣ – муборизаи диадоххо, рақобати шоҳҳони эллинистӣ дар он қаламравҳое сурат гирифта буданд, ки онҳо ба ҳайати империяи Ҳахоманишиҳо шомил буданд. Маҳз Ҳахоманишиҳо дар натиҷаи забткориҳояшон шароит фароҳам оварданд, ки алоқаҳои маданӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ байни халқҳои гуногун дар доираи як империя бошиддат рушд ёбанд. Дар муддати зиёда аз 200 сол империяи Ҳахоманишиҳо тавонист, ки дар як қатор қаламравҳои Осиё, Европа ва Африкаи Шимолӣ сулҳу суботро таъмин намояд ва барои рушд ёфтани тиҷорати байналхалқӣ шароити мусоидро фа-

---

[1]Муфассалтар ниг.: Рунг Э. В. Греция и Ахеменидская держава: История дипломатических отношений в VI – IV вв. до н. э. СПб.: Нестор-История, 2008. – 484 с.

роҳам биёрад. Институт (ниҳод)-ҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва анъанаҳои маданӣ, ки дар давраи Ҳахоманишиҳо ташаккул ёфта буданд, дар таърихи ҷаҳонӣ нақши муҳимро бозӣ карда, чанд садсолаҳо ҳифз гардида, барои империяҳои Искандари Макадонӣ, Селевкиён, Птолемейҳо, Ашкониёну Сосониён низ хизмат карданд. Ҳуқуқи бобулӣ, ки дар замони Ҳахоманишиҳо ба қуллаи баландтарини рушди худ расид, ба андозаи муайян таъсири худро ба ташаккулёбии ҳуқуқи римӣ низ расонд. Дастовардҳои донишӣ-илмии эронитаборон, ситорашиносони бобулӣ, тибби мисрӣ ва хусусан фалсафаи юнонӣ, ки дар Осиёи Хурди зери тобеияти Ҳахоманишиҳо зуҳур ва рушд ёфта буд, дар ҳақиқат дастовардҳои беназири тамаддуни бостон шинохта шудаанд. Зардуштия бошад таъсири худро дар рушди ҷаҳонбинии фалсафии антиқа (юнону римӣ) ва таълимоти эсхатологии насронию дигар адён низ расонд[1].

Инчунин пеш аз таъсисёбӣ ва ба империяи Ҳахоманишиҳо дохил шудан дар Осиёи Миёна давлатҳои Бохтар, Суғд, Хоразм, Паркана (Фарғона) иттиҳоди қабилавии саку массагетҳо вуҷуд доштанд, ки дар муносибатҳои минтақавӣ ва байнидавлатӣ фаъолона иштирок мекарданд. Ғайр аз ин, дар давраи бостон дар Осиёи Наздик Исроил ва Осиёи Пеш давлати Урарту низ дар муносибот фаъолона иштирок мекарданд.

Баъди шикасти давлати Ҳахоманишиҳо бошад дар дар қаламрави имрӯзаи Эрон ва Осиёи Миёна аввал давлати Селевкиён ва баъди он давлати Юнону Бохтар ва империяи Ашкониён ҳукм ронда буданд ва дар муносибатҳои байналхалқӣ баромад мекарданд.

Давлати Парфия, ки соли 247 п.м. таъсис ёфта буд, дар давраи мавҷудияташ дар баробари Рим, Кӯшониён ва Чини Ханӣ бузургдавлати ҷаҳонӣ ба шумор рафта, қариб 500 сол арзи ҳастӣ дошт. Сулолаи Аршакиён тавонистанд, ки ҳукуматро дар як минтақаи начандон калон ба даст оварда, сипас ҳудуди давлаташонро васеъ намуда, онро ба як империяи муқтадир табдил диҳанд. Ашкониён аз миёни эронинажодон аввалин шуда, аз тобеияти юнону мақдуниён баромаданд ва Порт – намуна давлате буд, ки баробари Рим тавоноӣ дошта, қариб панҷ аср истиқлолияти моддию маънавии эронинажодонро ҳифз намуд.

Дар давраи ҳукмронии Меҳрдоди II (с. 123 – 87 п. м.), ки ӯ унвони Кабирро гирифт, Порт чунон қудратманд шуд, ки ҳеҷ вақт ба чунин дараҷаи тавоноӣ нарасида буд. Ӯ муносибатҳои дипломатиро бо Хитой барқарор кард ва бо ҳамин асоси Роҳи Бузурги Абрешим гузошта шуд, ки Хитойро бо давлатҳои Ғарб пайванд кард. Соли 92 п. м. бошад Ашкониён бо империяи Рим муносибатҳои дипломатии худро ба роҳ монданд.

Дар муносибатҳои байналхалқӣ Ашкониён ба як қатор муваффақиятҳо ноил гардиданд. Масалан, онҳо дар самти Ғарб аз ҳисоби Селевкиён сарҳадоти худро васеъ намуда, бо қаламравҳои империяи Рим ҳамсарҳад шуданд. Дар Шарқ бошад Ашкониён бо давлати Юнону Бохтар қарор доштанд, ки он

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 334.

баъдтар аз ҷониби қабилаҳои нави эрониасл йӯҷиҳо барҳам дода шуда, империяи Кӯшониён таъсис ёфт.

Империяи Кӯшониён, ки дар асри I п. м. таъсис ёфта, то асри IV мелодӣ вуҷуд дошт, дар муносибатҳои байналхалқӣ фаъолона иштирок мекард.

Ҳамин тавр, дар охири давраи солшумории пеш аз мелодӣ ва давраи аввали солшумории мо дар Ҷаҳон империяҳои бо ном ҷаҳонӣ (империяи Ҳахоманишиҳо, Мақдуниён, Рим, Кӯшониён, Ашкониён ва Чини Ханӣ) ташаккул ва ҳукм меронданд, ки аз онҳо се то – империяи Ҳахоманишиҳо, Ашкониён ва империяи Кӯшониён, ба аҷдодони форсу тоҷик тааллуқ доштанд. Ин давраро дар муносибатҳои байналхалқӣ бархе аз муаррихон замони гигант (азимҷуса)-ҳо меноманд. Яъне дар ин давра дар муносибатҳои байналхалқӣ давлатҳои бузурги шакли империявӣ ҳукмфармоӣ мекарданд.

Азбаски оид ба фаъолияти байналхалқии Ашкониён, Кӯшониён ва дигар сулолаҳои баъдинаи эронӣ (тоҷикӣ), ғайр аз Сосониён, хонанда аз таърихи халқи тоҷик шиносоӣ пайдо мекунад, мо дар ин китоб аз муфассал баён намудани масъалаи мазкур худдорӣ намудем. Баробари ин, муносиботи Ашкониёну Кӯшониён бо давлатҳои дигар дар баъзе бахшҳои маводи таълимии мазкур низ бо назардошти зарурият мухтасаран нишон дода шудааст.

**Робитаҳои минтақавию байнидавлатӣ дар Осиёи Ҷанубӣ.** Муносиботи байналхалқӣ дар Осиёи Ҷанубӣ дар муқоиса бо муносиботи дигар минтақаҳои Шарқи Қадим дар умум фарқияти принсипиалӣ надоштанд. Аввалин шоҳи ҳиндӣ, мувофиқи ривоятҳо, Ману Вайвасвата будааст, маълумот оид ба шоҳҳони пеш аз ӯ бошанд пурра мазмуни асотирӣ доранд[1]. Нахустин ташкилоти давлатӣ дар қаламрави Осиёи Ҷанубӣ дар водии дарёи Ҳинд дар нимаи дуюми ҳазорсолаи III п.м. ба вуҷуд омаданд. Тамаддуне, ки дар водии Ҳинд зуҳур ёфт дар илми таърих ба худ номи тамаддуни ҳиндиро гирифтааст. Аён аст, ки дар доираи тамаддуни ҳиндӣ шаҳрҳо (мумкин шаҳр-давлатҳо) арзи ҳастӣ намудаанд, ки намунаи он метавонад харобаҳои шаҳрҳои аз ҷониби бостоншиносон кашф кардаи маданияти Харапп ва Мохенҷо-Даро шуда метавонанд. Мувофиқи хулосаи бархе олимон шаҳрҳои маданияи Харапп аввалин шаҳрҳое дар олам будаанд, ки аз рӯи нақшаи муайян сохта шуда буданд[2]. Маълумоти бавосита (ғайримустақим) - и мавҷудбуда оид ба алоқаҳои доимии шаҳр-давлатҳои Байнаннаҳрайн (пеш аз ҳама Ур) бо бандарҳои соҳилҳои Ҳинд имконият медиҳанд, ки оид ба маданияти баланд ва мавҷуд будани шаҳрҳои зиёд дар водии Ҳинд ҳарф зад. Маълумоти дар маъхазҳои хатии Осиёи Пеш маҳфуз буда, аз рӯи маълумоти бостоншиносӣ тасдиқ карда шудаанд. Аммо пойгоҳи манбаъвии омӯзиши тамаддуни водии дарёи Ҳинд, ки тақрибан аз соли 2300 то соли 1700 п. м. вуҷуд дошта, бо сабабҳои то ҳол номаълум ба таназзулёбӣ дучор шуда, мавҷудияти худро аллакай дар миёнаи ҳазорсолаи II п. м. қатъ намуд, маҳдуд

---

[1]Бауэр С. У. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 48.

[2]Бауэр С. У. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 133 – 138.

мебошад, зеро хатти махсуси ҳиндӣ, ки то 400 нишонро дар бар мегирад, то имрӯз пурра кушода нашудааст. Вобаста ба ин, ҳамаи гуфторҳо дар бораи он ки гӯё алоқаҳои сиёсӣ байни шаҳр-давлатҳои водии Ҳинд ба монанди муносиботи байниҳамдигарии иттифоқи қабилаҳо ва полисҳои юнониён буд, пурра асоснок набуда, хулосаҳои пешакӣ мебошанд. Як чиз муайян аст, ки (ин далелро маълумоти бостоншиносӣ низ тасдиқ менамояд) муносиботи байниҳамдигарии шаҳрҳои водии Ҳинд на ҳама вақт софу беғубор буданд. Ба ин маънӣ, ки намунаи муайяни муносиботи байниҳамдигарии иттиҳодияҳои ибтидоии давлатии водии Ҳинд мумкин ба мисли муносиботи байниҳамдигарии шаҳр-давлатҳои Байнаннаҳрайн буда, аз рақобатҳо сар карда, то задухӯрди ҳарбӣ ҷой доштанд[1].

Ба ҳар сурат аллакай дар миёнаи ҳазорсолаи II п. м. тамаддуни ҳиндӣ бо сабабҳои то ҳол ба мо номаълум, мавҷудияти худро қатъ менамояд ва шаҳрҳои водии Ҳинд аз харитаи сиёсии Ҷаҳон нопадид мегарданд. Маркази рушди тамаддун дар Осиёи Ҷанубӣ баъди миёнаи ҳазорсолаи II ва ҳазорсолаи I п. м. ба водии Ганг мегузарад. Ҳамин тавр дар таърихи Ҳиндустон давраи «ведӣ» сар мешавад (аввал-миёнаи ҳазорсолаи I п. м.). Маҳз аз ҳамин давра дар минтақа таърихи сиёсӣ сар мешавад[2].

Дар ин давра дар водии Ганг ва болооби Ҳинд зиёда аз 20 давлат ба вуҷуд меояд. Бархе аз онҳо аз ҷиҳати масоҳат ҳам калон буданд. Баъзеи дигар бошад қаламрави майдаро фаро гирифта, аз пойтахти давлат ва минтақаҳои наздики он иборат буданд. Аксарияти давлатҳои мавҷудбудаи ин давра монархиявӣ буданд. Ҳокими давлатҳои Гангро метавонистанд халқ ё намояндагони ашрофзодагон интихоб намоянд. Аммо аксарияти давлатҳои монархиявии давраи мазкур аллакай монархияи меросӣ-сулолавӣ буданд.

Маъхазҳои таърихӣ имконият медиҳанд, хулоса кард, ки муносиботи мутақобила байни давлатҳо характери низоӣ дошт. Низоъҳои байналхалқӣ аз як ҷониб дар самти масъалаҳои территориявӣ (мавҷуд будани заминҳои суст азхудкардашудаву кашфшуда, қаламравҳои буферии баҳснок байни давлатҳо) аз тарафи дигар тибқи анъанаи деринаи сиёсати давлатӣ, яъне ишғол намудани қаламрави як давлат аз ҷониби дигар давлат ва ба худ ҳамроҳ кардани қаламравҳои он сар мезаданд. Дар охири асри VI п. м. империяи Ҳахоманишиҳо ба васеъкунии марзҳо машғул шуда, як қатор заминҳои водии Ҳиндро забт карда, ба қаламрави худ ҳамроҳ намуд (сатрапияҳои Гандҳара ва Ҳинд). Аз ҳамин давра сар карда, байни давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ ва давлатҳои Шарқи Наздик, Ховари Миёна алоқаҳои наздики ҳарбӣ-сиёсӣ сар мешаванд. Он чизе, ки ба давлатҳои ҳиндӣ дахл дорад, байни онҳо бошад аз ҳама сиёсати фаъолу таҷовузкоронаи хориҷиро ҳокимони ду шоҳигарӣ – Магадҳа и Кошала бурда, дар атрофи худ марказҳои асосии маданӣ ва сиёсии водии Гангро муттаҳид карда буданд. Маҳз байни онҳо дар асри V п. м. барои ҳукмрон шудан дар минтақа мубориза сар шуда, бо ғолибияти Магадҳа ба анҷом мерасад. Махсусан қаламрави шоҳига-

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 335.

рии Магадҳа барои таъсисёбии сулолаи Нанда дар асри V – IV маҳаки асосӣ мегардад, ки он на танҳо водии Ганг, балки иттиҳодияҳои давлатии дар Декан, яъне қаламравҳои дар ҷанубтар ҷойгир буда ва байни водиҳои Ҳинд ва Гангро дар худ муттаҳид карда буд[1].

Маълумот дар бораи сохтори сиёсӣ ва фаъолияти сиёсати хориҷии Нанда порча-порча боқӣ монда, дар баробари ин, дар бархе ҳолатҳо зидди ҳам мебошанд. Ҳаминаш муайян аст, ки барқароршавии сулолаи Нандҳо бо муборизаи ашрофзодагони сулолавӣ алоқаманд буда, дар асоси ҳамин мумкин фарз намуд, ки тавоноии ҳарбӣ-сиёсии Магадҳа дар муқоиса бо дигар иттиҳодияҳои давлатии Ҳиндустони он вақта бо мутамарказ будану дар ихтиёри ҳокими давлат нигоҳ доштани захираҳои фаровон фарқ мекард. Бо зуҳури давлати Нанда, замони «ведӣ» дар таърихи Осиёи Ҷанубӣ ба охир расида, давраи ба таври васеъ паҳншавии дини буддоия дар нимҷазираи Ҳиндустон ва давраи мавқемустаҳкамкунии иттиҳодияҳои давлатии бузурги шакли империявӣ дар Осиёи Ҷанубӣ сар мешавад.

Азбайнравии империяи Ҳахоманишиҳо ва воридшавии лашкари Искандари Мақдунӣ ба ноҳияҳои шимол-ғарбии Ҳиндустон ба лағжиши куллӣ дар самти тақсимоту ҷо ба ҷо гузоштани қувваҳои сиёсӣ дар нимҷазира оварда расонданд. Оқибат тақрибан соли 320 п. м. Чандрагупта Маура, ки пештар аз ин дар водии Ҳинд ва дар Панҷоб муборизаро бар зидди мақдуниён роҳбарӣ мекард, ба муқобили ҳокими империяи Нанда баромада, ӯро мағлуб намуда, қарибии соли 317 п. м. ба давлати машҳуртарин дар таърихи қадими Ҳиндустон – империяи Мауриҳо асос гузошт[2].

Дар давраи ҳукмронии империяи Мауриҳо алоқаҳои Ҳиндустон бо давлатҳои берун аз қаламрави нимҷазираи Ҳинд фаъол шуданд. Аз он ҷумла муносибот бо диадоххо – ворисони Искандари Мақдунӣ ҳам ба роҳ монда шуданд. Ҳамин тавр, асосгузори давлат, ки дар тобеияти худ тамоми Ҳиндустонро, ғайр аз як қисми канораҳои Ҳиндустони Ҷанубӣ, муттаҳид намуд, Чандрагупта бо Селевкиён алоқаҳои дипломатиро барқарор намуда, муносиботи доимии сиёсиро ба роҳ монд. Селевкиён низ маҷбур шуданд, ки ҳуқуқи ҳокимони империяи Мауриҳоро дар тамоми он қаламравҳои Ҳиндустон, ки пештар дар ҳайати Ҳахоманишиҳо буданд ва инчунин дар як қисми манотиқи доманакӯҳҳои Эрон, расман эътироф намоянд. Мисол, ба дарбори Чандрагупта сафири Селевкиён Мегасфен ташриф оварда, аз худ маълумотеро оид ба Ҳиндустон боқӣ мондааст, ки то ба замони мо расидаанд. Маъхазҳои таърихӣ оид ба мубодилаи сафирон миёни Мауриҳо ва Селевкиён дар асри III п.м., инчунин роҷеъ ба натиҷаи гуфтушунидҳо, ки як бор бо бастани никоҳи сулолавӣ низ мустаҳкам гардонда шудааст, маълумот медиҳанд.

Васеъшавии аз ҳама зиёди қаламрави давлат ва баланд шудани таъсири сиёсати Мауриҳо ба давраи ҳукмронии набераи Чандрагупта – Ашока

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 339 – 340.

(солҳои 268 – 231 п. м.) рост меояд. Аз шимол ва ғарб давлат бо музофотҳои ҳокимони давлатҳои эллинистӣ ҳамсарҳад буд, дар ҷануби нимҷазираи Ҳиндустон мувофиқи фарзияи мутахассисон аз империяи Маурихо мустақил давлатҳои Керала, Чола, Пандя бо он ҳамсарҳад буданд. Аммо фаъолияти ҳарбии Ашока дар тамоми давраи идоракуниаш минималӣ буд. Ӯ, танҳо бо забт намудани шоҳигарии Калинга (соли 260 п. м.), ки дар шарқии нимҷазираи Ҳиндустон ҷойгир буд, қаноат намуд.

Навоварӣ дар сиёсати хориҷии Ашока ин муносибату мурочиат ба дин, ҳамчун силоҳу восита барои таъсир расондан дар сиёсати хориҷӣ, гардид. Ин ҳолат дар замоне рух дод, ки ҳокимони империяи Маурихо, ки мехостанд дар Ҳиндустон сиёсати воҳидро ҷорӣ намоянд, ба идеология ба асосноккунии сиёсӣ ниёз доштанд. Барои ҳамин дине зарур буд, ки қудрат дошта бошад ва барои тамоми қабилаҳои гуногуни давлати калон ягона шавад. Ҳамин тавр, дар давраи дуюми солҳои ҳукмронии Ашока ҳаракати сиёсии давлатӣ зери ливои зина ба зина гузариш аз таҳамулпазирии динӣ, ки барои монархияҳои онвақта анъанавӣ буд, ба самти дастгирии давлатии дини буддоӣ сурат гирифт. Тасаввуроти анъанавии ҳиндӣ оид ба шоҳ – «ҳокими олам» дар эдиктҳои Ашока бо тасаввурот оид ба ҳоким – ҳамчун «наҷотдиҳанда» ва «накӯкор»-и раият омезиш ёфт. Ҳамзамон фаъолияти тарғиботчигии динӣ берун аз қаламрави державаи Маурихо низ дастгирии давлатӣ ёфт. Ҳокими ягонаи Ҳинд барои замони худ тезиси кунҷковонаю аҷоиб ва бемислу беназир оид ба «забткунӣ тавассути порсоию, тақводорӣ» - и тамоми оламро пешниҳод намуд, ки метавон ба сифати як намуд эквиваленти идеализми сиёсӣ барои муносиботи байналхалқии он давра баррасӣ намуд. Маълумоте мавҷуданд, ки Ашока афкорҳои диниро ба тамоми мамлакатҳои ба ӯ маълуми он давра, аз ҷумла ба ҳокимони юнонии Сурия, Миср, Мақдуния, ҳатто Коринф ва Киренаика (шимолии Африка) фиристондааст. Аммо онҳо ба ғайр аз Ҷануби Ҳиндустон ва Шри-Ланка, дар дигар ҷойҳо муваффақияти махсусро ба бор наовარданд[1].

Дар баробари ин, структураи сиёсии империя беҳад нимкола монд. Забткорӣ ба ивазшавии пурраи элитаи сиёсӣ дар манотиқу давлатҳои ишғолкарда наовард. Моҳияти кор ҳокими империяи Маурихо ба он маҳдуд шуд, ки дар чанд сол як бор олимансабонашро барои намоиши иқтидори худ аз болои қаламравҳои муайян ва амалӣ намудани назорат дар маҳал мефиристонду халос. Назорати қатъии пурраи маъмуриро онҳо дар қаламравҳои водии Ганг амалӣ мекарданду халос. Ба ин маънӣ давлати Маурихо сазовори он аст, ки онро «империяи эфемерӣ (нопойдор)» номид. Барои ҳамин, дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ҳокими давлати мазкури ҳиндӣ мисли пештара бо номи «шоҳи Магадҳа» зикр шудааст.

Раванди фурӯпошии империяи Маурихо аллакай дар асри II п. м. сар шуд. Дар ибтидои асри мазкур давлати Маурихо як қисми зиёди қаламравҳои худро, ки берун аз водии Ганг ҷойгир буданд, аз даст дод. Қарибии соли 180 п. м.

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

бошад яке аз сарлашкарони мамлакат бо номи Шунга охирон намояндаи сулолаи Мауриҳоро сарнагун намуда, ба сулолаи худ асос гузошт. Бо ҳамин соли 180 п.м. давлати Мауриҳо мавҷудияташро қатъ намуд[1]. Дар ҳақиқат ин амал роҳи бӯҳрони дар империя ба вуҷуд омадаро дошта натавонист. Қаламрави давлатии сулолаи нав баъди чанд даҳсола кам шуда, зери таъсири он танҳо шоҳигарии Магадҳа ва баъзе аз қаламравҳои наздики водии Ганг монданд.

Дар муддати садсолаҳои баъдина қаламрави Ҳинд дар байни чанд давлати калон ва дигар давлату давлатчаҳо пароканда монд. Муҳимтаринашон байни онҳо давлати Юнону Бохтар (асри II п. м.) ва шоҳигарии Кӯшониён (асрҳои I – II п. м.) буданд. Дар фосилаи миёни тантанаи юнону бохтариён ва кӯшониён дар шимол-ғарбии мамлакат қаламравҳои зиёдро қабилаҳои кӯчии ориёӣ (сак) забт намуданд. Ин қабилаҳо тавассути Помир ба Ҳинд сар даровaрда буданд.

Аз байни давлатҳои мазкур дар сиёсати байналхалқӣ аз ҳама фаъол империяи Кӯшониён буд. Зеро ба ҳайати империяи Кӯшониён қаламрави имрӯзаи Осиёи Миёна ва Афғонистон низ дохил гардида, он дар байни империяи Хан ва империяи Порт (Ашкониён) ҷойгир буд. Ба ғайр аз робитаҳои зич доштан бо ҳамсояҳо, дар асрҳои I – II мелодӣ сафирони шоҳигарии Кӯшониён муносиботро бо империяи Рим барқарор намуда, чандин даъфа дар замони Октавиан Август ва Траян аз қаламраву дарбори он дидан намуданд. Пойтахти онҳо шаҳри Пешовар буд.

Ғайр аз ин, дар асри I п. м. – асри II мелодӣ алоқаҳои сердаромади савдоии давлатҳои мустақили Ҳиндустони Ҷанубӣ бо империяи Рим ба вуҷуд омад. Дар ҷануби Ҳиндустон ҳатто нуқтаи тиҷоратии римӣ ба вуҷуд омада буд. Ба ғайр аз империяи Рим, давлатҳои Ҳинд тавассути Роҳи бузурги Абрешим муносиботи савдоиро бо давлатҳои Осиёи Пеш ва Хитой ба роҳ монда буданд. Дар самти ҷануб-шарқӣ намояндагони Ҳинд ба давраи нав, яъне аз савдои мубодилавӣ бо таҳҷоиён ба ташкил намудани фактория (нуқта) - ҳои тиҷоратӣ ва мустамликаҳо гузаштанд. Таъсири ҳиндуҳо ба мардуми минтақаҳои Ҳиндухитой ва ҷазираҳои Индонезия низ дар сатҳи зиёд расид.

Ҳамин тавр, дар муддати асри II п. м. – асри V мелодӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон парокандагии сиёсӣ ҳукмрон буда, дар як вақт даҳҳо давлатҳои хурду бузурги дорои сохтори давлатии гуногун вуҷуд доштанд. Дар ибтидои асри IV мелодӣ як қисми зиёди Ҳиндустон зери ҳукмронии давлати Гуптҳо муттаҳид гардид. Аммо давлати умумиҳиндӣ ҳисоб кардани он бо муболиға мумкин аст. Қаламрави калони Ҳиндустон комилан аз Гуптҳо мустақил монд. Ба ғайр аз империяҳи Гуптҳо дар Декан яке аз давлатҳои намоён дар асрҳои III – V давлати Вакатакҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ҷануби нимҷазира бошад қариб даҳ давлати мустақил вуҷуд доштанд.

Маҳаки империяи Гуптҳо низ мисли давлатҳои Нанда ва Мауриҳо қаламрави шоҳигарии Магадҳа буд, ки дар атрофи он қаламравҳои наздик ба водии Ганг муттаҳид шуданд. Империяи Гуптҳо нисбат ба давлатҳои пешгузаштаи

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 344.

дар боло зикршуда мутамарказтар буд, зеро дар вақти забткорҳои қаламравҳо сулолаҳое, ки дар он ҷойҳо идора мекарданд ё қир ё пеш карда шуданд ва қаламравҳои онҳо бевосита ба ҳайати империя шомил карда шудаанд ва аз ҷониби маъмурияти аз марказ таъйиншуда идора карда мешуданд. Ғайр аз қаламравҳои бевосита ба ҳайати империя ворид карда шуда, державаи Гуптҳоро давлатҳои аз он вобаст буда – Непал, Камаруна ва ғайра иҳота мекарданд. Бисёр хусусиятҳои сиёсию идоракуниро Гуптҳо аз Кӯшониён ба худ мерос гирифта буданд[1].

Васеъшавии зиёди қаламрави империяи Гуптҳо ба давраи ҳукмронии Чандрагуптаи II Викрамадита (солҳои 380 – 415) рост омад. Ҳокимони Гуптҳо ҳам бо давлатҳои ҳамсоя ва ҳам бо давлати Сосониёни Эрон робитаҳои мустаҳками дипломатиро ба роҳ монда буданд. Аён аст, ки империяи Гуптҳо дар минтақа мавқеи қуллайи ҳарбӣ-сиёсиро ишғол мекард. Аммо дар бораи хусусиятҳои нави дар системаи муносиботи байналхалқии нимҷазираи Ҳинудстон ба вуҷуд омада, дар асрҳои III – V мелодӣ маъхазҳои таърихӣ хабар намедиҳанд. Ҳаминаш маълум аст, ки дар ибтидои асри VI мелодӣ тохтутози эфталитҳо ба қаламрави Ҳинудстон сар шуда, давлати Гуптҳо низ, дар баробари дигар давлатҳои нимҷазираи Ҳинудстон рӯ ба заволёбӣ меорад. Заволёбии империяи Гуптҳо дар таърихи Ҳинд сарҳади хронологӣ қабул шудааст, ки чун анъана давраи таърихи қадими Ҳиндро аз таърихи давраи асрмиёнагии он ҷудо менамояд.

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар Осиёи Шарқӣ.** Агар Шарқи Наздик чорроҳаи байналхалқие буд, ки дар он ҷо аз давраҳои қадимтарин манфиатҳои давлатҳои зиёд ба ҳам бар мехӯрда бошад, аммо давраи давлатдории ибтидоӣ дар Осиёи Шарқӣ бошад дар шароити қариб пурраи автохтонӣ зуҳур кардааст.

Аввалин ташкилоти давлатдорӣ дар Осиёи Шарқӣ дар қаламрави Хитой ба вуҷуд омад. Дар баробари ин зарур аст қайд намоем, ки маълумотҳо дар бораи таърихи қадимтарини Хитой хусусияти нимривоятӣ доранд. Тибқи ривоят аввалин сулолаи Хитойи Қадим Ся дар ибтидои ҳазорсолаи II п. м. асос ёфта буд. Дар «Қайдҳои таърихӣ» - и солноманависи хитойӣ Сима Сян номҳои ҳокимони сулолаи мазкур ва тартиби хронологии дар тахт будани онҳо оварда шудааст. Аммо дақиқияти рӯйдоди воқеот баҳсталаб мебошад. Инчунин муамои муайяне ҷой дорад, ки сухан дар ҳақиқат дар бораи ташкилоти давлатдории ибтидоӣ меравад ё иттиҳоди қабилаҳо. Чунин муамо дар масъалаи давраи ибтидоии ҳукмронии сулолаи Ин (асрҳои XVII – XIV п. м.) низ ҷой дорад. Муайян намудани дақиқияти ҷойгиршавии минтақавии ташкилотҳои сиёсӣ дар ҳамвории Миёнаи Хитой дар ин давра дар амал ғайримумкин аст.

Аммо дар нимаи дуюми ҳазорсолаи II п. м. дар соҳилҳои дарёҳои Хитойи Миёна (асосан дар ҳавзаи дарёи Хуанхэ) истиқоматгоҳҳои зиёди намуди шаҳрӣ ба вуҷуд омаданд[2]. Маълумоти бостоншиносӣ имконият медиҳанд тасдиқ кард, ки дар ин давра дар қаламрави васеъ, аз водиҳои Хуанхэ то дарёи Янсзи, ҷанини

---

[1]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 348.

[2]Бауэр С. У. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 52.

давлатдорӣ, монанд ба давлатҳои Осиёи Пеш ва Миср, яъне шаҳр-давлатҳои шакли номӣ, ташаккул меёбанд[1]. Маҳз, дар ҳамин давра дар қаламрави Аняни муосир (музофоти Хэнан) пойтахти сулолаи Ин – шаҳри Бузурги Шан бунёд карда шудааст. Аз ҳамин давра тамоми асосҳои таърихиро дар даст дорем, ки оид ба мавҷудияти ташкилоти ибтидоии давлатӣ дар қаламрави Хитойи Қадим ҳарф занем.

Шан-Ин ташкилоти давлатии намуди хоси давраи биринҷӣ буд. Муносиботи хориҷии он бошад дар натиҷаи мубодилаи савдоии эпизодӣ ва қариб ҷангҳои доимӣ бо иттиҳодияҳои қабилавии ҳамсоя ё ташкилотҳои дигари ибтидоӣ ба ташаккулёбии худ оғоз намуд. Мубодилаи савдоӣ дар он давра то андозае сермаҳсул будааст, гарчанде ки доираи фарогири қаламравии воқеии онро баҳогузорӣ намудан ғайримумкин ҳам бошад. Мумкин ҳудуди он васеъ набуд. Танҳо ҳаминро тасдиқ намудан мумкин аст, ки ба водии дарёи Хуанхэ аз ҳавзаи дарёи Янсзи мис ва қалъагӣ, ки барои гудохтани биринҷ истифода мешуданд, ворид мекарданд. Аммо мубодилаи доимии мол низ пурра барқарор нашуда буд ва шакли асосии мубодила дар давраи забткориҳои ҳарбӣ сурат мегирифт.

Мувофиқи тасаввуроте, ки байни *«инҳо»* ҳукмрон буданд, корҳои асосӣ дар давлат «қурбоникунӣ ва ҷангҳо» будааст. Мувофиқи маъхазҳои эпиграфикие, ки то замони муосир расидаанд ва тибқи маълумоти бостоншиносӣ элитаи сиёсии Ин асосан аз ду табақаи ашрофон – коҳинону ҳарбиён иборат будааст. Тавассути ҷангҳо бо ҳамсоягон асирони зиёдро ба даст оварда, шумораи зиёди онҳоро дар маросимҳои динӣ, ки ба хотири арвоҳҳо доир мекарданд, қурбонӣ мекарданд.

Тасаввуроти «инҳо» оид ба олами атроф бисёр оддӣ ва хеле эгосентристӣ будааст. Инҳо худро империяи «ҷаҳонӣ» ҳисоб мекарданд. Дар маркази он шаҳри Бузурги Шан, қароргоҳи ҳоким, меистод. Дар атрофи он қаламравҳое ҷойгир будаанд, ки ба ҳайати давлати Ин дохил шуда, тибқи ҷойгиршавии географӣ номгузорӣ шуданд: заминҳои ғарбӣ, заминҳои ҷанубӣ ва ғайра. Баъди ин заминҳо қаламравҳое буданд, ки дар онҳо қабилаҳои ваҳшӣ сукунат дошта, ба ҳоким (ван) - и Ин итоат намекарданд. Ана ҳамин музофотҳои варварӣ аз ҷониби давлати Ин барои тохтутозҳои ҳарбӣ ҳамчун объект истифода мешуданд.

То он даме, ки дар азхудкунии технологияи биринҷ ва ташкили институтҳои давлатдорӣ Ин ягона монополист буд, он аз ҷиҳати ҳарбӣ-техникӣ нисбат ба музофотҳое, ки дар зинаи пешаздавлатӣ буданд, бартариятро нигоҳ дошт. Аммо дар охири ҳазорсолаи II п.м. вазъият комилан тағйир ёфт. Дар сарҳади давлати Ин иттифоқи боқуввати қабилаҳои Чжоу ба вуҷуд омад. Дар охири асри XII п. м. ҳокими Чжоу – Чан (дар анъанаи таърихнигории баъдина бо номи Вэн-ван «ҳокими бомаърифат» зикр шудааст) тавонист дар ғарбтар аз давлати Ин коалитсияи бузурги ташкилоти потестарниро таъсис диҳад. Вориси ӯ У - ван («ҳокими ҷангҷӯ») юришро ташкил намуда, сипоҳи намояндаи охирини давлати Инро торумор намуд (санаи шартӣ тибқи

[1]История Востока. Т. 1. М., 1997. С. 195 – 196.

маълумотҳои гуногун соли 1122 ё соли 1027 п. м.). Ҳамин тавр, ба давлати Чжоуи Ғарбӣ асос гузошта шуд, ки он дар қаламрави Хитойи Қадим дар муддати қариб панҷ аср пешсафиро дар ихтиёр дошт.

Дар фарқият аз давлати Ин, ки ба қаламрави ҳамсоягонаш на забткорӣ, балки тохтутозҳоро ташкил мекард, давлати Чжоуи Ғарбӣ бошад барои ба қаламрави худ дохил намудани мулкҳои муайян ё ба зери таъсири худ даровардани «шоҳигариҳо»-и дар ин қаламравҳо буда, ҷангҳои забткорона мебурд. Қисми зиёди асирон акнун дар маросимҳои динӣ қурбонӣ карда намешуданд, балки ба ғуломӣ табдил дода шуда, дар корҳои вазнину ифлос истифода мешуданд. Аммо сохтори давлат пурра шакл нагирифта, оддӣ монд. Чжоуи Ғарбӣ амалан ба 200 – 300 қаламрави мухтор тақсим мешуд. Ҳокимони маҳаллӣ (гун, чжухоу ва ғ.) ӯҳдадор буданд, ки ба ҳоким (ван) - и Чжоу боҷу хироҷ дода, ба артиши он сипоҳи ёрирасонро мефиристонданд, аммо дар қаламрави худ аз иммунитети пурраи судӣ - ҳуқуқӣ бархӯрдор буданд[1].

Амалан аз оғози мавҷудияти худ Чжоуи Ғарбӣ маҷбур буд, ки бар зидди тохтутозу ҳамлаи кӯчманчиён дар сарҳадоти шимол-ғарбӣ ва шимол-шарқии худ муқовимат нишон диҳад. Бо афзун гардидани майли сепаратистии ҳокимони маҳаллӣ (гунҳо, чжухоу) иқтидори ҳарбии ванҳо суст шудан гирифта, имконияти мубориза бурдан бар зидди ҳамлаҳои «варварҳои шимол» кам гардид. Дар зери таъсири ҳамлаи қабилаҳои кӯчӣ чжоуҳо маҷбур шуданд, ки дар асри VIII п.м. вилояти таърихии ҷойи сукунати худро дар водии дарёи Вайхэ тарк намоянд. Дар соли 771 п.м. сипоҳи Ю-ван аз ҷониби кӯчманчиёни аз тарафи Осиёи Марказӣ сар дароварда пурра торумор гардид, худи ҳоким (ван)-и Чжоу асир гирифта шуд. Мамлакат ба ғораткунии навбатӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар натиҷа ҳокими нави Чжоу Пин-ван пойтахтро ба шарқ – ба минтақаи ҳозираи Лоян кӯчонд. Бо ҳамин ба давраи нав дар таърихи Хитой, яъне давраи Чжоуи Шарқӣ (асрҳои VIII – III п.м.) ибтидо гузошта шуд[2].

Давраи Чжоуи Шарқӣ дар худ заифшавии минбаъдаи давлати пешсафи минтақа Чжоу ва дар қаламрави Хитой таъсис ёфтани шумораи зиёди (мумкин чандсад) амалан давлатҳои мустақил, ки танҳо ба таври формалӣ ҳокимияти олии вани Чжоуро ба расмият шинохта, дар амал бошанд сиёсати мутлақи мустақилонаро мебурданд, таҷассум мекард. Ҳамин тавр, давлати Чжоуи Шарқӣ дар ин давра на давлати аз ҳама абарқудрат буд. Аммо тибқи анъанаи таърихӣ ванҳои Чжоу дар муносиботи байналхалқии он давра нақши калонро иҷро мекарданд ва дар бисёр маврид дар ҳалли баҳсҳои байнидавлатӣ ба сифати судҳои ҳакамӣ баромад мекарданд ва муносиботи дипломатиро миёни давлатҳои қадимаи Хитой пеш мебурданд. Маҳз дар ҳамин давра паҳншавии хатти иероглифӣ дар маҳалҳо сар шуда, минтақаро новобаста аз мансубияти этникӣ ё хусусияти лингвистикии ин ё он шоҳигарӣ, муттаҳид намуда, эътирофнамоии умумии парастиши «Осмон» (вани Чжоу дар муносиботи байналмилалӣ зери унвони «Писари Осмон» баромад мекард) шакл гирифт. Дар ҳамин давра дар муқобили

[1]История Древнего Мира. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. С. 214.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 357.

«варварҳои чаҳор тарафи олам» (номи умумии қабилаҳои шимол – ди, шарқӣ – и, ғарбӣ – жун ва ҷанубӣ – ман) худмуайянкунӣ (худномгузорӣ) - и «шоҳигариҳои миёна»-е, ки дар қаламрави онҳо гурӯҳи этникии хуасяо сукунат доштанд, сурат гирифт. Ғояи аз нигоҳи маданӣ-тамаддунӣ мутлақан бартарӣ доштани «одамони шоҳигариҳои миёна» (чжунго жэн) аз ҳамин давра ҳайати асосии таркиби худшиносии хитойиҳои қадим гардид.

Дар ин давра кодекси махсуси рафтори сиёсати хориҷии «шоҳигариҳои миёна» дар муносибот бо ҳамдигар шакл гирифт. Бо бисёр паҳлуҳои худ кодекси мазкур бо қоидаҳое, ки дар доираи амфиктиониҳои давраи баъдина (иттифоқҳои Делфий – номи иттифоқи қабилаҳои юнонӣ)-и Юнони Қадим амал мекарданд, монанд буданд. «Шоҳигариҳои миёна» як қатор қоидаҳоро оид ба эълон намудан ва бурдани амалиётҳои ҷангӣ коркард намуданд, инчунин расму маросимҳои суди ҳакамӣ бо иштироки вани Чжоу амал мекарданд. Ҳамин тавр, дар муносибот бо ҳамдигар «шоҳигариҳои миёна» меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори сиёсати хориҷиро ҷорӣ карданд, ки вайрон намудани онҳо боиси ҷорӣ кардани санксияҳои муайян нагардида, балки он барои вайронкунандаи қоида, боиси аз даст додани обрӯ мегардид. Он чизе, ки дар муносибат бо «варварҳо» дахл дорад, муносиботи мутақобила бо онҳо то асрҳои VII – VI п. м., яъне то ба вуҷуд омадани аввалин «шоҳигариҳои варварӣ» ба як тартиби муайян дароварда нашуда буд[1].

Муносиботи байналхалқӣ дар қаламрави Хитой дар умум дар давраи мазкур характери мувозинати ноустувор доштанд. Зиддияти шоҳигариҳои алоҳида ва коаллитсияи онҳо вазъияти мураккаби сиёсӣ ба вуҷуд оварда, имконият дод, ки плюрализатсия (дар ин ҷо ба маънии тавлид шудани марказҳои сиёсӣ дар канору берун аз систмеаи вуҷуддошта дониста шавад)-и системаи минтақавии муносиботи байналхалқӣ ба вуҷуд ояд. Яъне шоҳигариҳо-гегемонҳои алоҳида дар канораҳои система зуҳур намуданд. Ба мисоли «шоҳигарии варварӣ»-и Си дар шарқ, Ян дар шимол, Син дар ғарб, Чу, У ва Юэ дар ҷануб[2]. Ҳамлаи кӯчманчиёни шимол ва зуҳури шоҳигариҳои «варварӣ» - и тавоно дар гӯшаву канораҳои система, дар баробари мантиқи объективии равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ тамоюлҳои мутамарказнамоиро дар қисмати марказии Хитой, дар байни дарёҳои Янсзи ва Хуанхэ, ба вуҷуд оварданд. Дар натиҷа аллакай дар миёнаи ҳазорсолаи I п. м. дар харитаи сиёсии Хитой на зиёдтар аз 30 ташкилоти давлатӣ боқӣ монданд, ки аз миёни онҳо солноманависон ва муаррихон дар асри V п. м. «ҳафт боқувваттар»-ро ҷудо менамоянд. Маҳз байни онҳо дар давраи «Чжанго» («шоҳигариҳои ҷангҷӯ») дар асрҳои IV – III п. м. мубориза и сахт барои ба даст овардани мавқеи гегемон дар минтақа сар мешавад.

Дар доираи мубориза баҳри гегемонияи минтақавӣ дар асри III п.м. чанд коалитсияи мухолифи ҳамдигар ба вуҷуд омаданд. Ба хотири ба даст овардани имкониятҳои иловагӣ дар самти мубориза бо ҳамсоягон аксарияти даъвокунандагони пешсафӣ дар минтақа аз шумори «шоҳигариҳои миёна» кӯшиш ме-

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 358.

карданд, ки бо «шоҳигариҳои варварӣ»-и тавонои гӯшаву канор иттифоқ бан-данд. Ҳамин тавр, иттифоқи машҳури «вертикалӣ»-и миёни Чжао ва шоҳигарии варварии Чу, иттифоқи «горизонталӣ»-и Си ва каноравии Син ва ғайра баста шуданд. Амалан дар доираи ҳар иттифоқ ҳокимон оид ба тақсими доираи таъсир баъди ғалаба аз болои тарафи дигар ё коалитсия ба як қарордод меома-данд. Дар ибтидои асри III п.м. дар доираи элитаи сиёсии яке аз «Шоҳигариҳои миёна» – Чжао – ғояи таъсис додани «триумвират» - и махсус паҳн гашта буд. Баъди ғалаба аз болои рақибон мебоист ҳокими Син «императори Ғарб», ҳоки-ми Ян – «императори Шимол» мешуданд ва ҳокими Чжао бошад – императори «Империяи миёна» ва амалан гегемони минтақавӣ, мешуд. Аммо ин лоиҳа амалӣ нашудааст. Гап сари он меравад, ки дар рафти муборизаҳо барои ҳукм-ронӣ ва пешсафӣ дар минтақа, яке аз шоҳигариҳои канора чунон қудратманд шудааст, ки тавонистааст бе кӯмаки иттифоқчиён Хитойро зери ҳумронии худ муттаҳид намояд.

Бо суръати тез ба вуҷуд омадани кӯшишҳо дар самти ҳукмрони минтақа шудани яке аз шоҳигариҳои канораи варварӣ – Син бо ислоҳоти яке аз амалдо-рони олимақом – Шан Ян дар миёнаи асри IV п. м. алоқаманд буд. Ислоҳоти Шан Ян ба самти суст гардондани мавқеи ашрофони худсар, тавоно намудани идоракунии мутамакраз, унификатсияи тақсимбандии минтақавӣ-сиёсӣ ва навсозии қувваҳои мусаллаҳ равона гардида буд. Ислоҳоти мазкур бо як муш-килии калон ҷорӣ шуданд. Ҳатто худи ислоҳотчӣ низ дар ин самт аз барои фаъолияти ислоҳотчигиаш ҷони худро аз даст дод. Аммо дар охири аср ислоҳот пурра дар амал тадбиқ гардид. Дар ихтиёри сулолаи Син, дар муқоиса бо ҳам-соягон, барои он замон дастгоҳи боқуввати бюрократӣ, ҳукумати марказонида-шуда, артиши бонизом ва захираҳои зиёд қарор гирифтанд.

Аллакай дар охири асри IV п. м. шоҳигарии Син аз болои шоҳигарии ди-гари канораи ҳисоби «тавоноён» Чу ғалаба ба даст оварда, мавқеашро дар музофоти Сичуан мустаҳкам намуда, барои истеҳсоли оҳан барои худ базаро таъмин намуда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро низ зиёд намуд. Мавқеи худро мустаҳкам намуда, дар остонаи асрҳои IV – III п.м. дар як вақт ба мубо-риза бар зидди 3 «шоҳигарии тавоно» - Чу, Вэй ва Хан ворид мешавад.

Ғалаба аз болои ҳарифон, ба давлати худ ҳамроҳ намудани қаламра-вҳои васеъ аз ҳисоби шоҳигариҳои майда, инчунин аз заминҳои шоҳига-риҳои тавоно канда гирифтани ҳудудҳо ва ба қаламрави худ ҳамроҳ намудан, рақибони Синро маҷбур менамояд, ки бар зидди даъвокунии он ба ҳукмронӣ дар минтақа ҷиддӣ муносибат намоянд. Монархҳои он давраи Хитой страте-гияи бошууронаро дар муқобили шоҳигарии Син интихоб карданд. Онҳо кӯшиш карданд, ки дар як иттиҳод муттаҳид шуда, қувваи якҷояи худро бо қувваи Син баробар намоянд. Ҳамин тавр, «ҳокимони шоҳигариҳои тавоно» дар муқобили Син як коалитсияи боқувватро таъсис доданд. Дар миёнаи асри III п.м. ба ҳайати коалитсияи мазкур 4 то аз шумораи умумии 6 «шоҳигариҳои боқувваттарин» дохил шуданд ва баъдтар ду то боқимондаи «шоҳигариҳои миёна» ҳам ба он ворид шуданд. Аммо чун ҳамагуна коалит-

сия иттифоқи зидди Синии монархҳо дар амалиёт аз ҷиҳати ҳамоҳангсозию муносиботи мутақобилаи аъзоёни он ҳам дар дипломатия ва ҳам дар майдони ҷанг танқисӣ мекашид. Дар натиҷа ҷангҳо қариб ним аср идома ёфта, ба империяи Син муяссар шуд, ки навбат ба навбат ҳамаи рақибони худ – Хан, Чжао, Вэй, Чу, Си, Янро торумор намояд. Пойтахтҳои шоҳигариҳои ишғолшуда пурра хароб карда шуда, қаламравҳояшон бошанд ба ҳайати империяи Син ҳамроҳ карда шуданд, ки акнун бори аввал шуда, тамоми ташкилотҳои давлатӣ дар таърихи Хитойи Қадим ба ҳайати як давлат муттаҳид гардиданд. Ҳокими Син Ин Чжэн дар соли 221 п. м. унвон ва ҳамзамон номи тоҷу тахтӣ «аввалин императори сулолаи Син» – Син Шихуандиро гирифт. Қаламрави давлат ба 36 музофоти маъмурӣ тақсим карда шуда, ҳудудбандии маъмурӣ ба сарҳадоти табиӣ-географӣ ва қаламрави шоҳигариҳои пешин мутобиқ набуд. Яъне ҳукумати марказӣ бо табъи дили худ давлатрмамлакатро ба музофотҳои муайян тақсим намуд.

Империяи Син танҳо 14 сол (с. 221 – 207 п. м.) ҳастӣ кард. Аммо давлати деспотии мутамарказонидашуда, ки аз тарафи Син Шихуанди таъсис дода шуд, идеали сиёсии империяи универсалӣ, намуна ва бунёдёбии империяи Хитой дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна гардид.

Сиёсати хориҷии империяи Син ба андозаи муайян рушдёфта ва таҷовузкорона буд. Император Син Шихуанди ба самти ҷануби Хитойи муосир ва Ветнам як қатор экспедитсияҳои ҳарбиро ташкил намуда, дар натиҷаи сиёсати забткоронааш ба империяи Син шоҳигариҳои Намвет ва Оуло (Аулак) ҳамроҳ карда шуданд. Дар шимол бошад лашкари ӯ ба иттифоқи қабилавии кӯчманчиёни сюнну (хунну) зарба расонда, онҳоро аз болооби дарёи Хуанхэ дур намуд. Ба хотири аз тохтутози варварҳои шимол эмин нигоҳ доштани империя Син Шихуанди дар сарҳадоти шимоли мамлакат Девори бузурги Хитойро сохт[1].

Иқдомҳои бузургу боҳашамати ҳарбӣ-маъмурӣ ва сохтмонӣ, ки хароҷоти калонро дар миёни аҳолии империя ба бор оварданд ва ҳамзамон норозигии ашрофонро ба вуҷуд овардани ду ислоҳоти умумиимпериявии Шан Ян, дар ҳол баъди марги император Син Шихуанди дар соли 210 п.м. боиси сар задани шӯришҳои оммавӣ дар империя гардиданд. Дар натиҷа дар соли 206 п.м. сулолаи Син завол ёфт ва яке аз сарварони шӯришчиён Лю Бан бо сипоҳиёни худ тавонист, ки пойтахти империя шаҳри Сянянро ишғол намояд[2].

Дар соли 202 п.м. бошад Лю Бан дар дигар қисматҳои империя лашкари якчанд сарварони шӯришчиёнро торумор намуда, худро император эълон намуда, асосгузори сулолаи Хан гардид, ки ин сулола муддати 4 аср ҳукмронӣ намуд. Империяи Хан дар заминаи боқимондаи сиёсӣ-маъмурие таъсис ёфт, ки онро аз империяи Син ба мерос гирифт ва амалан дар ҳамон қаламравҳои империяи пештара ҳокимияти онҳо ҷорӣ карда шуд. Амалан империяи Хан дар системаи минтақавии муносиботи байналхалқии тамоми территорияи Осиёи Шарқӣ

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С.363.

державаи пешбар ба шумор мерафт. Сиёсати хориҷии сулолаи Хан дар давоми асрҳои II – I п. м. барои он замон хос, анъанавӣ буда, он сиёсати экспансионии империявӣ буд. Аз ҷумла, ташкилотҳои давлатии Ветнами Шимолӣ ва Корея ё ба давлат ҳамроҳ карда шуданд ё пурра аз империяи Хан вобаст буданд. Яке аз векторҳои асосии сиёсати хориҷии империяи Хан кӯшишҳои экспансионии он дар самти Ғарб буд, ки мехост Роҳи Абрешимро ҳаматарафа зери назорати пурраи худ гирад. Ҳамин тавр, дар давраи мазкур Хитой бори нахуст шуда, ба роҳҳои тиҷорати ҷаҳонӣ баромад. Экспедитсия бо роҳбарии Чжан-сян дар муддати 30 сол Осиёи Миёнаро омӯхт. Ин кашфиёт дар асри II п.м. дастоварди бузурги хитойиҳо буд, акнун тавассути Суғд ва Порт тиҷорати Хан бо Рим низ ба роҳ монда шуд[1]. Ба хотири таъмин намудани бехатарии корвонҳо дар асри II п. м. империяи Хан барои паҳн намудани таъсири худ дар шаҳр-давлатҳои Туркистони Шарқӣ, ки дар қад-қади Шоҳроҳи Абрешим ҷойгир буданд, аз воситаҳои дипломатӣ ва ҳарбӣ васеъ истифода мебурд. Масалан, шоҳ Уди (с. 140 – 87 п. м.) чанд юриши ғалабаоварро бар зидди Туркистони Шарқӣ ва Фарғона гузаронда, то баҳри Каспий расидааст. Гарчанде хитойиҳо маҷбур шуданд минтақаҳои мазкурро монда (зеро дар ин давра империяи эронинажодон – Ашкониён ва баъдтар қабилаҳои эрониасли йӯҷиҳо империяи Кушониёнро таъсис доданд, ки абарқудратҳои ҷаҳонӣ ба шумор рафта, минтақаро назорат мекарданд), пас гарданд, аммо баробари ин, аз Осиёи Миёна ба Хитой маданияти парвариш намудани ангур, чормағз ва дигар меваҷоту сабзавот паҳн гардид[2]. Дар алоқамандӣ ба ин, империяи Хан бо як қатор давлатҳои Ҳиндустон, давлатҳои эллинӣ (Юнону Бохтар ва ғайра) то ҳавзаи баҳри Миёназамин алоқаҳои гуногунҷанбаро барқарор намуд. Аз бисёр ҷиҳат кӯшишҳои сулолаи Хан имкон доданд, ки роҳи мазкури тиҷоратӣ таъсис дода шуда, дар ҳолати корӣ нигоҳ дошта шавад, ки он имкон дод, ки алоқаҳои дипломатию тиҷоратӣ байни Шарқу Ғарбро бо танаффуси муайян дар фосилаи 300 сол равнақ диҳад.

Самти дигари муҳим дар сиёсати хориҷии империяи Хан ин Шимол буд. Муқовимат намудан бар зиди таҳдиду хатароти тохтутозҳои кӯчманчиён яке аз сиёсатҳои авзалиятдоштаи империяи Хан буд. Аммо дар масъалаи ором намудани музофотҳои варварии канора на танҳо аз методҳои ҳарбӣ, балки аз дигар воситаҳо истифода гардид. Чанд аср пеш аз оне ки империяи Рим варварҳоро омӯзонд (одат кунонд) ва онҳоро ба сифати федератҳо дар ҳимоя намудани сарҳадоти худ истифода намояд, императорони Хитой принсипи «тобеъ намудани варварҳо бо дасти худи варварҳо»-ро эълон намуданд. Ҳамин тавр, дастовардҳо дар самти мубориза бар зидди тохтутози қабилаҳои кӯчии сюнну ба қаламрави Хитой, на танҳо тавассути чораҳои ҳарбӣ, балки тибқи моҳирона фиреб додани иттиҳодияҳои гуногуни қабилавӣ аз ҷониби дипломатияи чинӣ роҳандозӣ карда мешуданд.

Дар остонаи солшумории мелодӣ империяи Хан ба бӯҳрони чуқури иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дучор гардид. Дар аввал ҳокимият дар империя та-

[1]История Древнего Мира. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. С. 220.
[2]История Древнего Мира. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. С. 220.

вассути табаддулоти дарборӣ аз ҷониби регенти императори хурдсол Жусзи Ин – бо номи Ван Ман дар соли 9 мелодӣ ғасб карда шуд. Ван Ман, ҳамчун император, аз соли 9 то соли 23 идора кард. Дар ҳамин вақтҳо ҷанги шаҳрвандӣ рух дода, он аз соли 15 то соли 25 идома ёфт. Оқибат император намоянда аз як шохаи ҷудошудаи сулолаи ҳукмрон Лю Сю, бо номи Гуан У - ди (солҳои ҳукмронӣ 25 – 57) эълон гардид, ки ин воқеа ба давраи Хани баъдина ё сулолаи Шарқии Хан оғоз бахшид. Империяи Хан боз 2 асри дигар вуҷуд дошт.

Баробари ин, азнавсозии империяи Хан на танҳо тавассути тағйироти куллии сохти иҷтимоӣ ва сиёсии он, балки тағйирот дар сиёсати хориҷӣ низ сурат гирифт. Гарчанде ки империяи Хан алоқаҳои дипломатӣ ва савдоиро бо давлатҳои Ховари Миёна ва Осиёи Ҷануб-Шарқӣ барқарор намуда бошад ҳам, масъалаҳои экспансияҳои империявӣ дар назди элитаи сиёсии мамлакат аҳамияти худро аз даст доданд. Масъалаи асосӣ дар давлати баъдинаи Хан мубориза бар зидди воридшавии кӯчманчиён ба қаламрави империя мегардад. Торумори иттиҳоди қабилаҳои шимолӣ сюнну (хунну) дар соли 73, ки муваффақияти бузургтарини империя ба шумор мерафт, баъди ин кӯчманчиён ба самти Ғарбӣ кӯчида, дар Европа бо номи гунҳо машҳур шуданд. Торумори кӯчманчиёни сюнну боиси он шуд, ки роҳҳои аз ҷониби кӯчманчиён буридаро аз сари нав кушоянд ва алоқаҳои доимии мубодилаи савдоӣ бо мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин, Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ барқарор карда шавад. Дар асрҳои I – II мелодӣ империяи Хан бо империяи Порт алоқаҳои мустаҳками дипломатӣ ва савдоӣ дошт. Соли 98 бошад империяи Хан кӯшиш намуд, ки бо Рим алоқаҳои дипломатӣ барқарор намояд. Аммо бо сабаби мудохилаи портҳо, ки аз қаламрави онҳо бояд сафорати Хан бо сарварии сафир Ган Ин мегузашт, имконият надоданд, ки сафири хитойӣ вазифаи худро иҷро намояд.

Бо ҳамин зиёда аз 400 сол дар Хитой империяи Хан (с. 206 п. м. – то соли 220 мелодӣ) ҳукмрон буд. Фаъолияти сиёсати хориҷии империяи Хан дар нимаи аввали асри II мелодӣ рӯ ба пастравӣ ниҳод. Дар сарҳадоти шимол ва ғарбии империя ба ҷойи қабилаҳои хунну иттиҳодияҳои нави кӯчӣ – аҷдодони халқҳои тибету бирманӣ – сянҳо ба вуҷуд омаданд. Ба сарҳадоти империяи Хан қабилаҳои сянбийҳо низ таҳдид мекарданд. Дар дохили худи империя бӯҳрони вазнини навбатӣ сар зад. Дар натиҷа роҳи ҳаракати мавҷи кучманчиёни мусаллаҳ аз имкон берун гардид ва солҳои 60-уми асри II мелодӣ шумораи зиёди онҳо дар қаламрави империя паҳн шуданд. Ҳамаи ин равандҳои номақбули берунӣ ба бӯҳронҳои тезу тунди сиёсии дохили мамлакат, ки дар империя дар соли 169 ба вуҷуд омаданд дар алоқамандӣ ба сар задани шӯриши «саллазардон» дар соли 184 характери ҷанги шаҳрвандиро гирифтанд. Дар ибтидои асри III зуд - зуд ивазшавӣ дар тахт ва парокандагӣ байни сарлашкарон дар давраи хобондани шӯриши саллазардон ва бар зидди императорони лӯхтакмонанд дар минтақаҳои гуногун шӯриш бардоштани онҳо амалан ба пароканда шудани империя ба се шоҳигарӣ – Вэй, Шу ва У оварда расонд. Ҳамин тавр, давраи «се шоҳигарӣ» сар шуд, ки давраи гузариш аз замони қадим ба асри миёна дар

қаламрави Хитойро дар бар мегирад (ду асри пештар, нисбат ба Европа). Давраи ҳукмронии «се шоҳигарӣ» дар Хитой солҳои 220 – 280-ро дар бар мегирад.

Минтақаи дигари Шарқи Дур ҷазираҳои Япония буданд. Давраи палеолит дар Япония тақрибан 40 – 12 ҳазор сол пеш аз мелодро дар бар гирифта, тибқи хулосаи олимон он замон Япония ҳоло аз қитъа ҷудо нашуда буд ва бо он пайваст будааст[1]. Мувофиқи хулосаи олимон 10 – 8 ҳазор сол пеш аз мелод, дар натиҷаи обшавии яххо сатҳи укёнуси Ҷаҳонӣ тақрибан 100 метр баланд шуда, Япония аз материк ҷудо шуда, шакли ҳозираи худро гирифтааст[2]. Дар Япония низ дар давраи ҷамоаи ибтидоӣ доҳиёни қавму қабилаҳо вуҷуд доштанд, ки байни қабилаҳо ҷангҳо сурат гирифта, омезишёбии онҳо сурат гирифта, намуди ҳозираи японҳо ва халқияти япон ташаккул ёфтааст. Дар натиҷаи чунин мубориаҳо Иттиҳодияи қабилавӣ ба вуҷуд омадааст, ки тибқи солномаҳои хитойӣ онро як зан – бо номи Химико сарварӣ намудааст. Давраи идоракунии Химико тақрибан ба солҳои 173 то 250 мелодӣ рост меояд. Иттиҳоди қабилавии мазкур – Яматай (Ематай) ё дар ҷазираи Кюсю ё ҷазираи Хонсю ҷойгир будааст. Айни замон низ оид ба масъалаи мазкур, яъне ҷойгиршавии он, мушкилии таъсисёбии давлати Япония ва моҳияти иҷтимоии он баҳс рафта истодааст.

Тарафдорони назарияи Кюсюи Шимолӣ Яматайро иттифоқи давлатҳои майда медонанд, ки дар зинаи демократияи ибтидоӣ қарор доштааст. Тарафдорони назарияи Кинки – Ямато макони Яматайро дар минтақаи ҷануб-шарқӣ аз шаҳри Осакаи муосир медонанд. Ҳамзамон тарафдорони назарияи Кинай ба он назаранд, ки таъсисёбии давлати ибтидоӣ дар асрҳои II – III сурат гирифтааст, тарафдорони назарияи Кюсю бошад асрҳои III – IV-ро давраи ҳокимияти иттиҳодии оилаҳои номӣ медонанд. Соли 193 бар зидди Яматай қабилаҳои Кумасо, ки аз ҷониби давлатҳои ҷазираи Корея дастгирӣ ёфтанд, хестанд. Соли 247 бошад Химико бар зидди доҳии қабилаи хаято, мубориза бурааст, ки ӯро дар навбати худ ҳокимони Хитой дастгирӣ карда будаанд.

Ҳамин тавр, иттиҳодяиҳои қабилавии Япония дар давраи мазкур сиёсати хориҷии худро бо Корея ва Хитой барқарор намуда буданд. Масалан, солномаи хитойӣ аз соли 238 хабар мерасонад, ки Химико ба императори Хитой чор ғулом-мард ва 6 ғуломзан тӯҳфа намудааст. Баъди марги Химико қарибии соли 250 як мард, тахмин меравад бародари Химико худро шоҳ эълон кардааст, ки дар натиҷа ҳокимони дигар ҷамоаҳо ҳокимияти ӯро эътироф накарданд ва ҷанги дохилӣ сар мезанад. Аммо, он даме, ки роҳбарии иттиҳоди қабилавиро боз духтарак бо номи Иё ба зимма гирифт, ҷанг аз байн меравад. Тахмин меравад вай духтари 13 солаи Химико будааст. Солномаҳои хитойӣ оид ба фиристондани боҷ аз ҷониби Иё ба Хитой хабар мерасонанд.

То миёнаи асри IV аз ҷиҳати шумора дуюмин Иттиҳодияи қабилавӣ бо номи Ямато, дар маркази ҷазираи Хонсю таъсис меёбад. Оид ба масъалаи маз-

---

[1]Кузнецов Ю. Д., Навлицкая Г. Б., Сырицын И. М. История Японии. М.: Высщая школа, 1988. С. 8.
[2]Кузнецов Ю. Д., Навлицкая Г. Б., Сырицын И. М. История Японии. М.: Высщая школа, 1988. С. 9.

кур се гипотеза маълум мебошанд: оид ба таъсири Кюсюи Шимолӣ ба таъсисёбии Иттиҳоди қабилавии Ямато, оид ба «юриши шарқӣ» ва оид ба аз ҷониби халқҳои бегона аз материк забт намудани Хонсюи Марказӣ. Ду гипотези аввала объективона буда, бо ҷой доштани раванди муҳоҷирати аҳолии ҷазираҳои Япония аз ҷануб-ғарбӣ ба шимол-шарқӣ алоқаманд буданд. Юриши шарқиро бошад ба асосгузори ривоятии давлати Япония Дзимму, ки мувофиқи ақидаи баъзе муаррихон солҳои 271 – 307 ё соли 311 идора кардааст ва худи юришро ба солҳои 295 – 300 нисбат медиҳанд, алоқаманд медонанд.

Масъалаи «император» Дзимму бо яке аз тезисҳои таърихнигории буржуазии Япония роҷеъ ба «таъсисёбии империя» дар 11 феврали соли 600 п. м. алоқаманд мебошад. Гарчанде ки ҳанӯз ходими сиёсӣ ва давлатии Япония Араи Хакусэки (с. 1657 – 1725) ба дақиқияти санаи мазкур шубҳа варзида, юриши Дзиммуро аз вақти овардашуда 600 сол ба давраи баъдтар маъқул донист ва илми таърих низ онро рад намуда буд, аммо доираи ҳукмрони Япония побанди он буда, маҳз факти мазкур бошад асоси декрет аз 9 декабри соли 1966 оид ба ҳамасола қайд намудани санаи таъсисёбии давлат дар 11 феврал гардида буд. Ҳамин тавр, Дзимму асосгузор ва аввалин императори Япония эътироф гардид. Тибқи назарияи мазкур ӯ 11 феврали соли 660 п.м. ба сари тахт нишастааст[1]. Японихо ҳатто давраи ҳаёт (13 феврали соли 711 – 9 апрели соли 585 п.м.)-и ӯро низ муайян намуданд.

Дар нимаи дуюми асри III раванди забткунии қаламравҳои ҳамсоя аз ҷониби Ямато идома ёфта, аз кабилаҳо хироҷу андоз гирифта мешуд. Масалан, мардҳо бояд қисме аз сайди шикорро пешниҳод мекарданд, занҳо қисме аз натиҷаи меҳнати дастии худ – матоъ. Шоҳони Ямато доҳиёни ҷамоаҳои маҳалиро ба худ тобеъ намуда, дар каламравҳои ишғолӣ мулкдории худ – «агата»-ро таъсис медоданд, номи сардори ҷамоаро низ мувофиқи он аз сардори ҷамоа ба «сардори агата» (агата нуси) иваз намуданд. Ҳамин тавр, «агата» воҳиди маъмурӣ ба ҳисоб мерафт.

Тибқи маъхазҳои таърихӣ муносиботи Япония бо Хитой дар асри I п.м. ба роҳ монда шудааст ва аз асри III мелодӣ бошад ба мамлакатҳои ҳамдигар фиристондану мубодилаи сафирон сар шудааст. Дар нимаи дуюми асри III муносибатҳои Япония бо Корея вобаста ба хусусиятҳои қариб тохтутози бетанаффуси японихо ба қаламрави Корея сабт гардидааст. Соли 300 бошад дар муносиботи байни Япония ва Корея тағйирот сар шуд, акнун сафирон ба давлатҳои ҳамдигар ташриф меоварданд, баъди 12 сол бошад японихо талаб намуданд, ки ба писари ҳоким барои ақди никоҳ номзад-духтар фиристонанд.

Дар соли 313 дар нимҷазираи Корея музофоти хитойии Лолан, ки соли 108 п. м. таъсис дода шуда буд, барҳам дода шуда, дар шимоли нимҷазира давлати Когурё ва дар шарқ давлати Силла, дар ғарб бошад давлати Пэкче таъсис ёфтанд.

---

[1]Кузнецов Ю. Д., Навлицкая Г. Б., Сырицын И. М. История Японии. М.: Высщая школа, 1988. С. 23.

Дар миёнаи асри IV шоҳ Тюай юришҳои забткунандаи гузаштагони худро дар шимол-шарқӣ бар зидди халқияти эбису ва дар ҷануб-ғарбӣ бар зидди халқияти кумасо идома дод. Дар соли 345 муносибатҳои дипломатиро бо Корея вайрон намуда, бар зидди давлати Силла юриши навбатиро ташкил дода, кореягиҳоро шикаст дода, боҷи калонро ба сифати тавони ҷангӣ гирифт. Сиёсати ғораткунии японихо дар Корея норозигии мардумро ба вуҷуд оварда, исён ба амал омад, ки барои хобондани он соли 364 японҳо юриши навбатиро ташкил намуданд. Аммо ин бор акнун аз силлагиҳо шикасти сахт хӯрданд. Қарибии соли 370 японҳо хостанд, ки бо давлати ғарбии Пэкче алоқаро барқарор намоянд, то ки бо ёрии он аз болои Силла ғалабаро ба даст оранд. Маълумоте мавҷуд аст, ки шоҳ Тюай зидди ташкил намудани юриши навбатӣ бар зидди Корея будааст, аммо ӯ барои ҳамин соли 389 бо фаромони занаш – Дзингу қатл карда мешавад[1]. Баъдтар дар Япония сулолаи кореягӣ, бо ном «панҷ шоҳи Ва» – Одзин, Хансё, Ингё, Анко ва Юряку дар асрҳои V – VII ҳукмронӣ кардаанд.

Давлати дигари минтақа Корея ба шумор меравад, ки бархе аз масъалаҳои муносиботи онро дар боло зикр намудем. Мувофиқи маълумоти солномаҳои хитойӣ аввалин иттиҳоди қабилавӣ дар қаламрави Корея, ки дар шимоли мамлакат зуҳур намуда, қисми ҷанубии Манҷурияро низ дар бар гирифтааст, дар охири ҳазорсолаи II п. м. аз ҷониби аҳолии аз Хитой баромада, таъсис дода шудааст. Сардори иттиҳоди мазкур, ки бо номи Чосон ёд мешавад, яке аз доҳиёни қабилавии Ин – Кидза (Си Сзи), ки ба Корея якҷоя бо гурӯҳи қабилавии худ омадааст, будааст. Дар Кореяи Ҷанубӣ бошад то асри IV якчанд иттиҳодияҳои кабилавӣ: Махан, Чинхан, Пёнхан ба вуҷуд омада буданд. Аллакай дар асри I п. м. дар Корея давлатҳои маҳаллӣ дар шакли иттиҳоди бузурги қабилавӣ таъсис ёфтаанд. Дар қисми шарқии нимҷазира ба ҷойи иттиҳодияҳои пешинаи Чинхан ва Пёнхан иттиҳоди қабилавии Силла зуҳур намуд ва дар қисми ғарбӣ бошад Когурё арзи ҳастӣ кард. Оид ба сохтори иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои мазкур маълумот кам аст. Аммо далели ҷой дошта, оид ба таъсисёбии давлат аз он далолат медиҳад, ки аллакай дар ҷамъият табақаҳои иҷтимоӣ зуҳур кардаанд[2].

Бо ҳамин, дар давраи мазкур Япония, Корея ва Хитой бо ҳамдигар муносибатҳои муайяни дипломатию, байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ барқарор карда буданд.

**Алоқаҳои минтақавӣ ва байнидавлатӣ дар Осиёи Ҷануб - Шарқӣ.** Дар минтақаи Осиёи Ҷануб-Шарқӣ низ аз замони палеолит сар карда, рушди босуръати ҷамъияти инсонӣ оғоз мешавад. Он қаламрави ҳозираи Мянма (Бирма), Таиланд, Ҳиндухитой, Малай ва ҷазираҳои Индонезияву Филиппинро дар бар мегирад, ки бори нахуст мафҳуми мазкур дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифт[3]. То ҳазорсолаи II п.м. дар нимҷазираи Ҳиндухитой қариб шикорчиён ва неъматғундорон маскун шуданд, ки кишовар-

[1]Кузнецов Ю. Д., Навлицкая Г. Б., Сырицын И. М. История Японии. М.: Высщая школа, 1988. С. 25.
[2]Всемирная история. Том II. М.: Политическая литература, 1956. С. 576 – 579.
[3]Холл Д. Дж. Е. История Юго-Восточной Азии. М.: Иностранная литература, 1958. С. 21.

зию чорводориро азхуд накарда буданд. Дар давраи неолити мутарраққӣ (II ҳазор сол п. м.) минтақаи Ҳиндухитой яке аз ноҳияҳои асосии паҳншавии қабилаҳои бо забонҳои аустроосиёӣ гап мезадагӣ гардид. Дар ҳазорсолаи II – ибтидои ҳазорсолаи I дар қаламрави Ҳиндухитойи Шарқӣ қабилаҳои гурӯҳи протоиндонезӣ пайдо мешаванд. Дар асрҳои VII – I минтақа охирин мавҷи ҳаракати калони гурӯҳҳои этникиро аз сар гузарондааст. Дар ин вақт акнун ба минтақа ҳаракати қабилаҳои гурӯҳи тибетӣ-бирманӣ аз Шимол-Ғарбӣ ва гурӯҳҳои қабилавии тай ва протоветнамҳо аз Шимол ва Шимол - Шарқӣ сурат гирифтааст. Маълумоте ҷой дорад, ки қабилаҳои ҳар ду гурӯҳ, ки ба минтақа сар дароварда буданд, дар зинаи харобшавии сохти ҷамоаи ибтидоии худ ва гузариш ба муносибатҳои синфӣ қарор дошта будаанд. Аҳолии таҳҷоӣ низ дар ҳамин зина қарор доштааст. Омехташавии муҳоҷирон бо қабилаҳои таҳҷоӣ дар Шимол - Шарқии Ҳиндухитой (қаламрави ҳозираи Бакбо) ба ташаккулёбии маданияти мустақили давраи биринҷӣ оварда расондааст, ки дар таърих бо номи маданияти Доунг Шон маълум мебошад.

Маълумоти аввалин оид ба қабилаҳое, ки дар қаламрави Бакбо зиндагӣ мекарданд, дар солномаҳои хитойии асрҳои VII – VI п. м. сабт шудаанд. Дар яке аз солномаҳо зикр шудааст, ки аз ин минтақа ба дарбори давлати Чжоу сафирон омадаанд, ки онҳоро нағз пазируфта, бо тӯҳфаҳо ба ватан фиристондаанд.

Тибқи маълумоти манбаъҳои хаттӣ дар асрҳои IV – III п. м. дар қаламрави Бакбо Иттиҳоди қабилавии лакветҳо бо номи Ван Ланг таъсис ёфтааст. Сари қудрати Ван Ланг вионгҳо аз сулолаи Хаунг-вионг меистоданд. Мафҳуми вионг маънии сардори иттиҳоди қабилавиро ифода мекардаст. Аммо баъдтар онҳо соҳиби ҳокимияти номаҳдуд гардидаанд. Вионгҳои лакветҳо ҳатто бо давлатҳои ҷануби Хитой ҷангҳоро бурдаанд.

Дар соли 258 п. м. дар равнади муттаҳидшавии қабилаҳои лаквети иттиҳоди қабилавии Ван Ланг ба ҳайати давлати ибтидоии ғуломдории Ау Лак дохил мешавад, ки дар резишгоҳ ва миёнаҳои дарёи Сурх ва ноҳияҳои ҷанубии наздик ба он ҷойгир будааст. Ҳокимиятро дар давлат сулолаи маҳаллӣ Тхук ғасб менамояд.

Дар охири асри III п. м. Хитой дар минтақаи мазкур сиёсати худро фаъол намуда, Син Ши ду юришро ба ҷануб ташкил мекунад. Хитойиҳо тавонистанд Ау Лакро шикаст дода, то соли 207 п. м. минтақаро ба худ тобеъ намоянд. Бо барҳам хӯрдани сулолаи Син дар ҷануби Хитой давлати мустақили Нанюэ (Намвет) таъсис меёбад, ки шимол-шарқии Ҳиндухитой, аз ҷумла Ау Лак низ ба ҳайати он ворид гардид. Ва қариб сад сол, аз соли 207 то соли 111 п. м., Ау Лак ҳокимияти сулолаи ҷануби Хитойро эътироф мекард, ки дар ин ҷо он бо номи сулолаи Чиеу машҳур буд. Дар ин ҷо системаи идоракунии хитойӣ ҷорӣ карда мешавад.

Дар солҳои 20 - уми асри II п. м. бошад Намвет зери ҳуҷуми императорони Хитой қарор мегирад. Дар натиҷаи се юриши пайдарпай Намвет ба Хитойи Ханӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Дар Ҷануб-ғарбии давлати Ау Лак, дар қаламрави Лаоси муосир дар асрҳои III – I п. м. маданияти давраи оҳан паҳн мешавад ва то солшумории мо дар минтақаи мазкур низ ташкилотҳои давлатии тайӣ ё пеш аз ҳама иттиҳоди қабилавии қабилаҳои лао, ки онҳо ҳам ба гурӯҳи қабилаҳои тайӣ мансуб буданд, зуҳур меёбанд.

Ҳаракати худро аз Тибети Ҷанубӣ ба Шимол-Ғарбии Ҳиндухитой дар асрҳои II – I п. м. оғоз намуда, қабилаҳои гурӯҳи тибето-бирманӣ қисман омехта шуда, қисман қабилаҳои мон-кхмериро танг карда баровварданд. То оғози солшумории мо дар Иравадии Миёна давлат ё иттиҳоди қабилавии Проме, бо ҳамин ном пойтахташ ҳам, таъсис меёбад, ки то ин дам дар ин ҷо мустамликаи на он қадар калони Ҳинд мавҷуд буд. Шакли асосии ташкилоти иҷтимоии бирмагиҳо ҷамоа буд, ки он характери патриархалӣ дошт. Охири асри I – ибтидои асри II ташаккулёбии ниҳоии давлати Проме сурат мегирад. Зери таъсири Ҳиндустон дин, хат ва меъморӣ шакл мегиранд. Ҳокимони Проме бо давлати монҳои Пегу дар поёнии Иравади муборизаи фаъолона мебурд. Аммо дар асрҳои II – IV мелодӣ таносуби қувваҳоро дар Ҳиндухитойи Ғарбӣ тағйир надод[1].

Дар соҳилҳои ҷанубии Ҳиндухитой бошад аз тарафи халқиятҳои аустроосиёгии гурӯҳи мон-кхмерӣ то оғози солшумории мо як қатор давлатҳои ғуломдории ибтидоӣ ташкил мешаванд. Дар резишгоҳи Иравади давлати Пегу ҷойгир буд, ки дар асри I п. м. ташкил ёфтааст. Дар солномаҳои ҳиндӣ давлати мазкур бо номи Раманя-Деша сабт гардидааст. Аҳолии Пегуро қабилаҳои монҳо, ташкил медоданд, ки аз замонҳои пеш дар водиҳои поёноби Иравади ба кишоварзӣ машғул будаанд. Муносибатҳои давлати мазкур бо Ҳиндустон зич будааст ва ин боиси он мегардад, ки дар қаламрави он маскангоҳҳои ҳиндӣ ба вуҷуд оянд.

Аз чоряки дуюми ҳазорсолаи I-уми солшумории мо сар карда, дар Ҳиндухитойи Ғарбӣ байни ноҳияҳои шимолӣ ва ҷанубӣ мубориза шиддат мегирад, ки дар он давлатҳои ҳиндӣ низ мудохила мекарданд Дар натиҷаи муборизаҳои мазкур як қисми монҳо ба Малаккаи Шимолӣ ва резишгоҳи Менам (Чаупхрая) кӯч баста, аз ҷониби онҳо давлати Дваравати таъсис меёбад. Аввалин маълумот дар бораи давлати мон-кхмерии Дваравати ба асри IV мелодӣ тааллуқ доранд. Давлати мазкур низ бо Ҳиндустон робитаи зич доштааст. Аз нуқтаи назари сиёсӣ бошад давлати Дваравати зери таъсири давлатҳои кхмерии Ҳиндухитойи Ҷануб-Шарқӣ қарор дошта будааст ва дар натиҷа ба ҳайати Срок-Кхмер ҳамроҳ карда мешавад.

Яке аз давлатҳои дигари аввалини минтақа давлати халқҳои гурӯҳи монкхмерӣ Фунан будааст, ки қаламрави ҳозираи Ҷанубии Кхмера (Қамбоҷа) ва Намбои Ғарбиро дар бар гирифта будааст. Дар сиёсати берунии худ Фунан дар масъалаҳои тиҷоратӣ бо Ҳиндустон, Хитой, Эрон ва Рим ба андозае фаъол будааст, ки инро маъхазҳои археологӣ муайян менамоянд. Дар асрҳои III – IV ме-

---

[1]Всемирная история. Том II. М.: Политическая литература, 1956.

лодӣ бошад дар давлат таъсири маданияти Ҳинд зиёд гардида, дар асоси хату алифбои ҷануби ҳиндӣ хату алифбои маҳаллӣ тартиб дода шуда, системаи солшумории ҳиндӣ низ ҷорӣ карда мешавад. Баробари ин, бо Хитой низ муносибатҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ барқарор мегарданд. То асри IV мелодӣ Фунан заиф мегардад ва баъдтар дар асри VI мелодӣ давлати ягонаи Срок-Кхмер (номи худии кхмерҳо) таъсис меёбад[1].

То оғози солшумории мо давлати дигари калони ғуломдорӣ бо номи Тямпа (Чампа) таъсис меёбад. Браҳмания дар давлати мазкур дини ҳукмрон будааст. Давлат дар ихтиёри худ флоти тавоно дошта, бо Ҳиндустон ва Индонезия алоқаҳои зич доштааст. Инчунин давлати мазкур бо Хитой ҳам робитаҳои мустаҳками тиҷоратӣ доштааст. Дар давраи ҳукмронии сулолаи маҳаллии Шри Мара (асрҳои II – III мелодӣ) Тямпа сиёсати фаъоли забткунандаро пеша намудааст ва дар минтақаи шимолии Чунгбо мубориза ҳои ҳарбӣ бурдааст. Ҷангҳои дуру дароз бо Хитой боиси он гаштанд, ки дар миёнаи асри III хитойиҳо ҳуҷум намуда, пойтахти онро хароб карда, ғанимати зиёдро ба даст овардаанд. Баъди рафтани хитойиҳо ба сари қудрат сулолаи нав – Гангараҷа омада маркази мамлакат Пандуранга мегардад. Аз асри III сар карда, дар ҷамъияти Тямпа равандҳои феодализм намудор шудаанд.

Маркази дигари минтақаи мазкур ҷазираҳои Индонезия мебошанд, ки он яке аз маконҳои антропогенез шинохта шудааст. Мувофиқи як манбаъ ҷазираҳои Индонезия 45 ҳазор сол пеш ва тибқи маълумоти дигари навин 63 – 73 ҳазор сол пеш маскани одамон будаанд. Аз оғози асри II мелодӣ сар карда, маъхазҳои хитойӣ ва ҳиндухитойӣ оид ба тохтутозҳои индонезиҳо ба соҳилҳои ҷанубии Осиё хабар медиҳанд. Дар давраи мазкур доҳиҳои алоҳидаи қабилаҳо ба шоҳҳон мубаддал мегарданд. Дар раванди ташкилшавии давлатҳои Индонезия муҳоҷирати ҳиндуҳо ба ҷазираҳо нақши калон бозидааст. Аввалин давлате, ки дар маъхазҳо зикр шудааст, Етяо (Япдив) мебошад, ки мутахассисон онро ба Ява шабоҳат медонанд. Аз ин давлат соли 132 мелодӣ ба Хитой сафорат фиристонда шудааст.

Аллакай чанд аср пеш аз мелод ҳиндуҳо, асосан баҳрнавардон ва тоҷирон, ба Явака сар медароранд. Онҳо дар Шимолии Ява фуромада, онро Самудра (мамлакати баҳрӣ) ном мегузоранд. Бо ҳамин маданият, урфу одат, расму русум ва эътиқоди ҳиндӣ дар байни аҳолии таҳҷоӣ паҳн мегардад. Махсусан Суматраи Шарқӣ бо Ҳиндустон алоқаи зич доштааст. Дар асрҳои I – III мелодӣ дар Суварнадвипа (ҷазираи тиллоӣ) давлати наздик ба ҳиндӣ ташаккул меёбад. Яке аз давлатҳои аввалини Суматра – ин Гэин ё Гэгуан будааст, ки дар ҳудуди асрҳои II – III таъсис ёфтааст.

Дар асри IV мелодӣ дар музофотҳои шимол-ғарбии Ява давлати Тарума таъсис меёбад. Дар ҳамин давраҳо як қисми индонезиҳо ба Мадагаскар низ сар даровар данд. Махсусан, Индонезия дар муносибатҳои тиҷоратӣ фаъол буд[2].

---

[1]Всемирная история. Том II. М.: Политическая литература, 1956. С. 586 – 587.
[2]Всемирная история. Том II. М.: Политическая литература, 1956. С. 588 – 590.

Хулоса, дар муносибатҳои байнидавлатию байниминтақавӣ ва байналхалқӣ давлатҳои минтақаи мазкур дар баробари муносиботи мутақобилаи байниҳамдигарӣ, инчунин бо Ҳиндустон ва Хитой равобити рушд ёфта доштанд, аммо дар Филиппин таъсири сиёсат ва маданияти ин ду давлат хеле кам ба назар мерасад.

Муносиботи байналхалқӣ дар Шарқи Қадимро ҷамъбаст намуда, ҳамин тавр, мавриди зикр кардан аст, ки муносибатҳои байналхалқӣ дар Шарқи Қадим дар ҳазорсолаҳои II – I п. м. ва ибтидои ҳазорсолаи I мелодӣ аз худ ҳамчун ба таври силсилавӣ (даврӣ) ивазшавии ҳолатҳоро намояндагӣ менамояд, ки онро ба таври – аз сохтори олигополитикии субсистемаҳои минтақавӣ бо назардошти тавозуни қувваҳои муайяни иштирокчиёни асосии муносиботи мутақобилаи байналхалқӣ ба унификатсияи империявии субсистемаҳои минтақавӣ, яъне замоне ки масъалагузории муносиботи байналхалқӣ аз бисёр ҷиҳат ба сатҳи байниминтақавӣ бардошта шуда, масъалаҳои дохилиминтақавӣ бошанд бо масъалаҳои империясозӣ вобаст шуда, сонӣ, баръакс – марҳилаи заволёбии империяҳоро тоб оварда, ба системаҳои минтақавии нисбатан плюрализатсияшуда ворид мешуданд, зиёд шудани шумораи иштирокчиёни фаъол дар саҳнаи байналхалқӣ маънидод намуд. Муносиботи тиҷоратӣ бошад аз ҳудуди байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ ҳам гузаштанд, дар ин самт тиҷорати ҷаҳонӣ тавассути «Роҳи бузурги абрешим» мисол шуда метавонанд.

# 1. 3. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЮНОНИ ҚАДИМ

**Шаклҳои робитаҳои байналхалқӣ ва ҳуқуқи байналхалқӣ дар Юнони Қадим.** Субсистемаи минтақавии муносибатҳои байналхалқие, ки Юнони Қадим ба он дохил мешуд, он субсистемаи минтақавии муносиботи байналхалқии ҳавзаи баҳри Миёназамин мебошад, ки асосан дар қаламравҳои Балкан ба вуҷуд омада, баъдтар Рим ва Карфагенро дар бар мегирифт. Дар субсистемаи мазкур низ аввал муносибатҳои байналхалқӣ дар доираи шаҳр-давлатҳо зуҳур намуда, он оқибат ба ташаккулёбии империяи Юнону Мақдуниён ва империяи Рим оварда расид. Дар паҳншавии доираи муносибатҳои байналхалқии минтақа сиёсати мустамликадории юнониён, экспансияи мақдуниён ва сиёсати экспансионии римиён нақш бозиданд.

Юнониён мамлакати худро Эллада ва худашонро эллинҳо меноманд. Дар таърихи Юнони Қадим, пеш аз ҳама ҷамъияти синфӣ ва давлатҳои нахустин дар ҷазираи Крит ва қисмати ҷанубии Юнони Балкан (бештар дар Пелопоннес) ба вуҷуд омаданд, ки он дар шакли иттиҳодияҳои барвақти давлатӣ дар заминаи сохтори авлодӣ-қабилавӣ ташкил ёфта буданд ва бо мамлакатҳои ҳамсояи Шарқии Баҳри Миёназамин робитаҳо доштанд.

Барои муносибатҳои байналхалқии Юнони Қадим хусусиятҳои зерин хос буданд: дар одату шартномаҳо меъёрҳои ҳуқуқи байниқабилавӣ қабул гардида буданд, инчунин қисман ба меъёрҳое, ки аз Шарқи Қадим гирифта будаанд, такя мекарданд; хусусияти регионализм доштани муносибатҳои байналхалқӣ; ба соҳаи мустақил табдил додани сиёсати хориҷӣ; зуҳурёбии институтсинализатсия дар муносибот; ба сифати субъектони асосии муносиботи байналхалқӣ ҳам ҳокимон ва ҳам давлатҳо-полисҳо баромад мекарданд.

**Проксения.** Аз ҳама шаклҳои қадимтарин ва маъмултарини муносибатҳои байналхалқӣ ва ҳуқуқи байналхалқии Юнон «проксения», яъне меҳмоннавозӣ ба ҳисоб мерафт. Проксения дар байни шахсиятҳои алоҳида, авлодҳо, қабилаҳо, полису давлатҳо арзи вуҷуд дошт. Дар ҳама марказҳои асосӣ – шаҳрҳо Проксен ҳамчун мансаб ҷорӣ карда шуда буд. Проксени шаҳр ӯҳдадор буд, ки меҳмонҳои аз дуру наздик, аз дигар давлату шаҳрҳо, савдогарон ва тоҷирони омадаро бо тартибу низом ва ҳуқуқҳои шаҳри худ шинос намуда, тарзи супоридани андоз ва дигар қоидаҳои шаҳрдориро фаҳмонда диҳад. Дар баробари иҷро кардани вазифаи меҳмондорӣ, проксенҳо дар миёнарав будан миёни ҳокимони шаҳр ва меҳмонон мавқеи муайянро ишғол мекарданд. Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маҳз ба воситаи проксенҳо гуфтушунидҳои дипломатӣ сурат мегирифт. Сафирҳои дигар давлатҳо, ки ба шаҳрҳои Юнон меомаданд, дар мадди аввал ба проксен му-

роҷиат мекарданд[1]. Намунаи хоси проксенҳо дар анъанаи дипломатии Шарқи Қадим, хусусан дар Байнаннаҳрайн низ ҷой дошт.

**Амфиктиония.** Яке аз институтҳои дигари муносибатҳои байналхалқии Юнони Қадим амфиктиония ба ҳисоб мерафт. Амфиктиония (амфиктионҳо – дар атроф зиндагӣ кардагиҳо) иттифоқҳои диние буданд, ки дар назди маъбаду муқаддасгоҳҳои парастиши худоҳо ба вуҷуд омадаанд. Аз номи худи он бармеояд, ки ба ин иттифоқ қабилаҳое шомил буданд, ки дар атрофи ибодатгоҳ зиндагӣ мекарданд ва онҳо новобаста аз муносибатҳои авлодӣ ба ҳам муттаҳид шуда буданд. Мақсади аввлини амфиктионҳо қурбонӣ намудан барои худоҳои худ дар рӯзҳои ид, муҳофизати даргоҳи муқаддас (Муқаддасгоҳ), бойигарии он ва инчунин ҷазо додани шахсоне, ки урфу одат ва анъанаҳои динии онҳоро вайрон мекарданд, иборат буд. Дар маросимҳои динӣ ва рӯзҳои ид сардорони қабилаҳо ҷамъ меомаданд ва масъалаҳоеро, ки ба манфиат ё бар зидди онҳо равона шуда буд, ҳаллу фасл мекарданд. Дар вақти ҷашнгирии идҳои муқаддас ҷанг намудан тамоман манъ карда шуда, «сулҳи худовандӣ» (иеромения)-ро эълон мекарданд. Ҳамин тавр, амфикитония ба институти динӣ-сиёсии характери байналхалқӣ дошта табдил ёфт.

Амфиктионияи аз ҳама қадимтарин ва таъсиррасон амфиктионияи Делфӣ-Фермопилӣ дониста мешуд, ки 12 қабиларо дар атрофи маъбади Аполлон дар Делфа ва маъбади Деметр дар Фермопил муттаҳид мекард. Маҷлисҳои умумӣ дар як сол ду маротиба, баҳор ва тирамоҳ дар Фермопил ва Делфа, гузаронда мешуданд ва қарорҳои қабулшуда барои ҳамаи аъзоёни иттифоқ ҳатмӣ ба ҳисоб мерафтанд. Амфиктионияи Делфӣ-Фермопилӣ ба сиёсати байналхалқӣ таъсири калон мерасонд. Ба рафти маҷлис иеромнемонҳо роҳбарӣ намуда, масъули асосии ин ҷаласа ҳисобида мешуданд. Коҳинон - иеромнемонҳо ҳокимияти калони динӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро дар ихтиёри худ дошта, метавонистанд ба таъйин намудан ё аз вазифа озод намудани ҳоким таъсиргузор бошанд, ҷанг ва сулҳро эълон намоянд. Онҳо аз тарафи давлат пешниҳод карда шуда, пас аз овоздиҳии умумии амфиктионҳо, ки 24-нафарро ташкил медоданд, пурра ба ин мансаб қабул мегардиданд. Яке аз вазифаҳои асосии Иеромнемонҳо риояи «сулҳи худовандӣ» ва маросиму идҳои динӣ буд. Онҳо паёмрасонони иродаи Аполлон ҳисобида мешуданд. Дар бисёр мавридҳо барои ҳал намудани масъалаҳои баҳснок байни шаҳрҳо ва қувваҳои сиёсии тарафҳои ҷангкунанда ба оракули Делфа муроҷиат мекарданд[2].

**Коллегияи пилагорҳо.** Дар охири асри V – ибтидои асри VI п. м. боз як коллегияи нав – пилагорҳо зуҳур менамояд. Гурӯҳи шахсони мансабдор – пилагорҳо, намояндагони сиёсии давлатҳо- амфиктионҳо ҳисобида мешуданд. Тавассути миёнаравии пилагорҳо ва иеромнемонҳо аъзоёни ба ҳайати амфиктонияи шаҳр дохил буда, ба ҳамдигар қасам мехӯрданд ва дар муносибат ба амфиктионҳо ӯҳдадориҳои муайянро ба гардан мегирифтанд.

---

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 32.

[2]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 27.

**Симмахия.** Қисмати дигари муносибатҳои байналхалқии Юнонро шартномаҳо ва иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ташкил медоданд, ки онро Симмахия меномиданд. Онҳо асосан дар атрофи шаҳр-давлатҳои бузург ба вуҷуд меомаданд. Аз ҳама бештар Симмахияҳои Лакедемонӣ (атрофи Спарта), ҳамчун иттифоқӣ шаҳрҳо ва ҷамоаи Пелопоннес ва Афинагӣ (ё Деллосӣ) аёнтар ва пурқувватар буданд. Иттиҳоди Деллосӣ дар атрофи Афина ба хотири бурдани мубориза бар зидди форсҳо таъсис ёфт, ки баъдтар он ба Державаи баҳрии Афина табдил ёфт.

Муносибат миёни ду симмахияҳои мазкур аз аввал он қадар хуб набуд, ки ин оқибат дар асри V пеш аз мелод ба ҷанги умумиюнонии Пелопоннес оварда расонд.

**Сафирҳо ва сафоратхонаҳо.** Дар Юнони Қадим он низоъҳо ва баҳсҳое, ки миёни қабилаҳо ва полисҳо ба вуҷуд меомаданд, ба воситаи шахсони махсуси ваколатдоркардашуда, ки онҳоро сафирҳо меномиданд, ба низом дароварда мешуд. Дар Юнони Гомерӣ онҳоро пайёмҳо (керюкс, ангелос), дар Юнони давраи классикӣ бошад онҳоро кӯҳансолон (пресбейс) меномиданд. Дар баъзе аз давлатҳои юнонӣ ба монанди Афина, Спарта, Коринф сафирҳоро дар ҷамъомади халқӣ интихоб мекарданд ва шахсеро пешбарӣ менамуданд, ки синнаш аз 50 сол кам набошад. Маҳз ана аз ҳамин ҷо ибораи «кӯҳансолон» пайдо шудааст. Бештари вақт ба ин мансаб шахсоне интихоб мешуданд, ки соҳиби молу мулк ва дар ҷомеа обрую эътибори хосса доштанд. Ҳолатҳое ҳам мешуданд, ки сафиронро аз ҳисоби нотиқон ва ҳунармандони саҳна интихоб мекарданд.

Миқдори умумии сафирҳо дар қонунҳои Юнони Қадим нишон дода нашудааст. Шумораи онҳо дар вақтҳои зарурӣ муайян карда мешуд ва ҳамаи онҳо баробарҳуқуқ дониста мешуданд.

Танҳо дар давраи минбаъда анъана гардид, ки сафири асосӣ – **«архикӯҳансол»** - ро, ҳамчун раиси коллегияи сафирон интихоб намоянд. Давлат ҳангоми ба сафар баромадан ба сафирҳо маблағи муайяни пулӣ ва ғуломон ҷудо мекард. Ҳангоми ба шаҳр ва ё давлати дигар фиристодани сафир ба ӯ мактуби (симбола)-и тавсиявӣ дода мешуд ва сафир бояд онро ба проксени он шаҳре, ки ба он ҷо сафорат фиристонда шуд, месупорид.

Ба сафирон, ки чун қоида чанд нафар буданд, дастурамали махсус медоданд, ки он дар ду варақ (тахтача) - и ба ҳам гузошташуда навишта шуда буд. Маҳз, аз ҳамин ҷо мафҳуми «дипломат» баромада буд. Дар дастурамал мақсади сафорат навишта шуда буд, баробари ин худи сафирон низ метавонистанд дар доираи дастурамал ташаббускорӣ нишон диҳанд.

Дар Юнон нисбат ба сафирони хориҷӣ эҳтироми зиёдро ба ҷо меоварданд, онҳоро дар Маҷлисҳои халқӣ ё дар Шӯро гӯш мекарданд, ба идҳо, базму намоишҳои театрӣ даъват мекарданд. Сафир шахсияти муҳим ба шумор рафта, ба зиммаи он инчунин бастани шартномаҳо ва иттифоқҳоро низ мегузоштанд.

Аҷоиб аст, ки аз рӯи шакли худ шартномаҳои юнонӣ ба шартномаи машҳури Рамсеси II ва Хаттушили III монанд мебошанд. Баъди бастани шартнома, ҳар кадоме аз тарафҳо ӯҳдадор буд, ки мазмуни шартнома ва қасамхӯрӣ оид ба онро дар сутуни сангин ҳакокӣ карда, дар маъбади асосии худ нигоҳ медоштанд. Нусха аз шартнома бошад дар ибодатгоҳҳои дигар нигоҳ дошта мешуд. Дар ҳолати вайрон кардани шартнома баҳсро комиссияи ҳакамӣ ҳал мекард, ки ҳуқуқ дошт ба айбдоршуда, барои вайрон намудани шартнома ҷарима бандад, ки маблағи руёндаи он дар навбати худ ба хазинаи ибодадгоҳи ба худои алоҳида бахшида шуда ворид мешуд. Агар қарори судро иҷро намекарданд, ин боиси таъйин намудани ҷазои вазнинтар, ҳатто то эълон намудани ҷанги муқаддас бар зидди вайронкунандаи шартнома мерасид. Агар шартнома вайрон мешуд, пас мувофиқи қоидаи маъмулӣ, сутуни сангинро, ки дар он матни он ҳаккокӣ шуда буд, мешикастанд[1].

**Робитаҳои байналхалқӣ дар давраи крито - микенӣ.** Оид ба муносибатҳои давраи аввали мавҷудияти ҷаҳони эллинӣ то ба давраи мо маълумоти зиёд нарасиданд, аммо мутахассисон ба он назар бовар доранд, ки ҳуқуқи байналхалқӣ ва дипломатияи Юнон ба қаҳри асрҳо мерасад.

Аввалин тамаддуни юнонӣ дар ҷазираи Крит зуҳур карда буд. Аммо афсӯс, ки оид ба муносибатҳои байналхалқии давраи мазкур маълумот хеле кам мебошад. Сабаб дар он аст, ки тамаддуни мазкур нест карда шуда, хати он бошад то ҳозир ҳам аз ҷониби мутахассисон рамзкушоӣ нашудааст. Матни критиро айни замон ҳам хонда, мазмуни онро дода наметавонанд. Баробари ин, оид ба критиҳо маълумоти халқҳои атроф боқӣ мондаанд, ки тибқи он онҳо баҳрнавардони моҳир будаанд. Дар давраи равнақи маданияти мазкур дар асри XVI п.м., замоне ки ҳамаи воҳидҳои ҷазира дар зери ҳукмронии як марказ, дар атрофи шаҳри Кносс муттаҳид гардида буданд, давлати Крит флоти калонро дар ихтиёри худ доштааст, ки роҳҳои баҳриро дар баҳри Эгей назорат мекардааст[2].

Ба ҳокимони Крит муяссар мешавад, ки дар ин давра якчанд ҷазираҳоро дар баҳри Эгей, касабаҳои аҳолинишини соҳилҳои Осиёи Хурд ва нимҷазираи Балкан ва ҳатто Аттикаро ба худ тобеъ кунанд, аммо пурра забт намудани ҷазираи Ситсилия ба онҳо муяссар нагардидааст.

Дар асрҳои XVI – нимаи аввали асри XV п. м. Крит муносибатҳои тиҷоратӣ ва дипломатии худро бо Миср, Финикия ривоҷ дода, ба воистаи Финикия бо Бобул алоқаҳои савдоӣ доштааст. Далелҳои фаровон аз он шаҳодат медиҳанд, ки маҳз дар ҳамин давра Крит дар тамоми қисмати шарқии баҳри Миёназамин ҳамчун давлати муқтадири баҳрӣ баромад мекард ва фиръавнҳои Миср барои дӯстӣ бо ҳокимони он манфиатдор буданд.

---

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 35 – 37.
[2]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013.

Қарибии соли 1450 п.м. дар ҷазираи Фера (ҳозира Санторин) вулкан хурӯҷ зада, тамаддуни Критро хароб кард, боқимондаи он бошад аз ҷониби қабилаҳои забткори аз Юнони материкӣ ворид шуда – ахейҳо (ё микениҳо) забт карда мешавад[1].

Тамаддуни микенӣ бошад аз бисёр ҷиҳат ба тамаддуни критӣ монанд буд, марказҳои баҳамоии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании он қасрҳо-хоҷагиҳо ба шумор мерафтанд. Аммо дар фарқият аз Крит, дар қаламрави Юнони материкӣ қасрҳо нақши қалъаҳоро иҷро мекарданд. Қалъаҳои дастнорас, ки дар баландиҳои кӯҳӣ ҷойгир буда, бо деворҳои мустаҳкам ҳалқа кашида буданд, аз он хабар медиҳад, ки байни давлатҳои ахейӣ муносибатҳои мутақобилаи душманона вуҷуд доштааст. Умуман гирем, сулолаҳои ибтидоии Юнони Миёна ва Пелопоннес мунтазам дар байни худ барои ба даст овардани мақоми ҳукмфармоӣ дар Балкан рақобат мекарданд. Новобаста аз ин таърих намуна аз муваққатан мутаҳид шудани онҳоро бо мақсади амалӣ намудани забкориҳои берунӣ дар ёд дорад. Намоёнтаринаш байни онҳо юриши муттаҳидаи қувваҳои ахейҳо ба Троя мебошад, ки дар бораи он Гомер дар «Илиада» ва «Одиссея»-и худ маълумот медиҳад.

«Илиада» асари машҳури Гомер мебошад, ки оид ба зуҳурёбии ҷанини робитаҳои байналхалқии давраи ибтидоӣ маводи заруриро пешкаш менамояд. Дар ин ҷо созиш (маслиҳат)-и байниқабилавӣ ба сифати иттифоқи шаҳрҳои ахейӣ баромад менамояд, ки онҳоро бар зидди Троя юриш ташкил додан муттаҳид намудааст. Баробари ин, табақабандии сиёсӣ низ дақиқ муайян гардидааст, ки дар он Агамемнон, ҳокими Микена, раҳнамоии асосии ахейиҳо буда, дигар ҳокимонро қоил менамояд, ки қарори умумӣ бароранд. Маҳз ӯ аз номи ҳамаи ахейҳои муттаҳидшуда бо шоҳи Троя Приам шартнома мебандад. Дар асари Гомер урфу одати бастани шартнома низ инъикос гардидааст, ки ба номи худоён қасам хӯрда, қурбонӣ мекарданд. Дар оянда троягиҳо шартномаро вайрон мекунанд, ки ин ба ҷанги ахейҳо бар зидди Троя оварда мерасонад. Ҷанги Троя тақрибан соли 1200 п. м. рух додааст.

Аён аст, ки воқеаи мазкур аз ҳаракати васеи мустамликавии ахейҳои ҷангҷӯ дарак медиҳад. Онҳо дар ҷазираҳои Крит, Кипр, Родос, соҳилҳои Осиёи Хурд маскан гирифта, дар Италияи Ҷанубӣ ва Ситсилия низ нуқтаҳои аҳолинишини тиҷоратии худро таъсис доданд.

Ҳокимони Ахея бо давлати Хетт низ алоқаҳои дипломатӣ доштаанд. Мувофиқи маъхазҳои таърихӣ, ҳанӯз дар байни асрҳои XIII – XII п. м. дастаҳои ҳарбии ахейҳо дар тохтутози иттиҳодияи қабилавӣ-ҳарбии ба ном «халкҳои баҳрӣ» ба Миср фаъолона иштирок доштанд[2].

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 148.

Ҳамин тавр, дар Юнони давраи ибтидоӣ раванди рушди алоқаҳои байналхалқӣ вуҷуд дошта, шаклҳои анъанавии онҳо зина ба зина мураккаб гардида, ба системаи минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтанд.

Дар охири асри XII п. м. тамаддуни крито-микенӣ амалан мавҷудияташро қатъ менамояд. Қасрҳои Ахея хароб карда шуданд, аҳолӣ бошанд қисман қир карда шуд ва боқимондаи он бошад ба минтақаҳои дастнорас ва барои ҳаёт камҳосили нимҷазираи Балкан ҳиҷрат намуданд.

Сабаб барои ин тохтутози қабилаҳои Балкани Шимолӣ гардид, ки қисми асосии онҳоро қабилаҳои нави юнонӣ – дорийҳо ташкил медоданд, ки дар фарқият аз ахейҳо силоҳ ва лавозимоти дигари ҷангии аз оҳан сохташуда доштанд. Дар натиҷаи забткориҳои онҳо ҷамъияти Юнони Балканӣ дар роҳи рушди худ чанд аср ба қафо баргашта, то сатҳи муносиботи авлодӣ-қабилавӣ таназзул ёфт[1].

Давраи асрҳои XI – IX п.м. дар таърихи Юнони Қадим бо номи «давраи гомерӣ» ёд мешавад. Хат фаромӯш карда шуда буд. Барои ҳамин маъхазҳои асосии таърихӣ барои барқарор кардани ҳодисаҳои давраи мазкур «Илиада» ва «Одиссея» ба ҳисоб мераванд. Баробари ин на бояд тасаввур кард, ки ҷамъияти давраи мазкур дар дохили худ маҳдуд монд. Зеро байни ҷамоаҳои алоҳида алоқаҳо вуҷуд доштанд, зина ба зина марказҳои шаҳрӣ зуҳур намуда, рушд ёфтанд. Аз ҳамин сабаб дар илми таърих замони мазкурро давраи заминавӣ меноманд.

Зиёдшавии аҳолӣ боиси он шуд, ки як қисми юнониён аз нарасидани замини корам наметавонистанд, ки дар ватан рӯз гузаронанд. Муборизаи сиёсӣ низ шиддат гирифт, ки қисми аҳолии аз сиёсати ҳокимият норозиро маҷбур намуд, ки ба пайдо намудани маконҳои амнтар барои ҳаёт даст зананд. Рушди шаҳрҳо ва равнақи ҳунармандӣ ба он оварда расонданд, ки барои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ сарчашмаи ашёро пайдо намоянд. Ин ашёҳо ба Юнон аз берун ворид мешуданд. Ҳамаи ин сабабҳо ба зуҳурёбии сиёсати Колонизатсия (мустамликакунӣ)-и бузурги юнонӣ оварда расонданд.

Дар таърихи колонизатсияи юнонӣ се самтро ҷудо менамоянд: ғарбӣ, ки соҳилҳои баҳрҳои Адриатика, Ион, Италияи Ҷанубӣ, Ситсилия ва соҳилҳои шарқии Испанияро фаро мегирифт; шимол-шарқӣ, ки соҳилҳои баҳри Эгей, ноҳияҳои гулӯгоҳҳо, соҳилҳои баҳри Сиёҳро дар бар гирифта буд; ҷануб-шарқӣ, ки соҳилҳои ҷанубии Осиёи Хурд, соҳилҳои назди баҳри Миёназамини Африкаи Шимолӣ (Миср) ба он шомил мебошанд. Ду самти аввал асосӣ ба шумор мерафтанд.

Колонизатсия (мустамликакунӣ) - и бузурги юнониён дар асрҳои VIII – VI п. м. сарҳади ҷаҳони юнониро васеъ намуд ва он инчунин ба рушди муносибатҳои байналхалқӣ низ таъсири ҷиддӣ расонд. Ба кунҷу канори алоҳидаи олами ба онҳо шинос ворид шуда, юнониён алоқаҳоро бо қавму қабилаҳои

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

варварӣ барқарор намуданд. Дар рафти он ба ин қавму халқиятҳо на танҳо меъёрҳо ва қоидаҳои нигоҳ доштани робитаҳоро расонданд, инчунин расму анъанаҳои бегонаро низ қабул намуданд. Ғайр аз ин, бо метрополияи худ алоқаи доимиро ҳифз нигоҳ дошта, онҳо имконият доданд, ки муносибатҳои байналхалқӣ рушд ёбанд, ки дар рафти мустамликакунӣ шаклҳои нави муносибот ба вуҷуд омаданд. Ҳамин тавр, дар асрҳои VIII – VI п. м. бо роҳи сиёсати мустамликакунӣ юнониён ҳудуди Ситсилия ва Италияи Ҷанубӣ, ки онро Юнони Бузург ном гузоштанд ва инчунин соҳилҳои баҳри Сиёҳро аз худ намуданд.

**Муносибатҳои байналхалқии Юнони Қадим дар давраи классикӣ.** Маркази муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи классикии Юнони Қадим шаҳрҳои калони Осиёи Хурд (Галикарнас, Милет и Эфес) ва нимҷазираи Балкан (Афина, Спарта, Коринф) гардиданд.

Ҳодисаи асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар асри V п.м. ҷангҳои Юнону форс (с. 500 – 449 п. м.), ки байни Форс ва шаҳр-давлатҳои юнонӣ сурат гирифтанд, ба ҳисоб меравand.

Дар аввал мустамликаҳои юнонии Осиёи Хурд расман дар тобеияти шоҳигарии Лидия қарор доштанд ва ба он андоз месупориданд, аммо баъдтар имконият пайдо намуданд, ки ҳаёти мустақилонаи худро ба роҳ монанд. Соли 546 п. м. шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир шоҳигарии Лидияро дар Осиёи Хурд фатҳ намуда, дар давраи вай мақоми шаҳр - давлатҳои юнонӣ ҷиддӣ тағйир наёфт. Форсҳо ба мисли пештара ба корҳои дохилии шаҳр-давлатҳои юнонӣ дахолат намекарданд. Аммо дар замони ба сари қудрат омадани Дорои Кабир вазъият тағйир ёфт. Андоз зиёд гардида, юнониён ӯҳдадор буданд, ки ба артиши Форс аскар ва коргаронро фиристонанд. Аз ҳама асосаш он буд, ки худидоракунии шаҳрҳои юнонӣ барҳам дода шуда, дар онҳо ҳокимон аз ҳисоби форсҳо таъйин карда шуданд. Аммо муборизаҳои онҳо натиҷаи дилхоҳ надоданд.

Дорои Кабир ва ворисаш Хишоёршоҳ баъди ин ба Юнони Балканӣ низ сар дароварданд. Дар рафти амалиётҳои дуру дароз, империяи Ҳахоманишиҳо ҷангро бохта, оқибат соли 449 п. м., аз рӯи сулҳи Калли, маҷбур мешавад, ки мустақилияти Ҷаҳони юнониро ба расмият шиносад, баробари ин, мулкҳои зиёдро дар баҳри Эгей, дар соҳилҳои Босфор ва Геллеспонт аз даст медиҳад.

Аммо ғалаба аз болои форсҳо дар навбати худ муносибатро дар байни худи шаҳр-давлатҳои юнонӣ, ки аллакай дар давраи ҷанги Юнону Форс барои сарварӣ дар Юнон байни худ рақобатро сар карда буданд, тезу тунд намуд. Даъвогарони асосӣ ба мақоми ҳукмронӣ дар Юнон полисҳои бузургтар буданд, ки дар давраи муқобилият нишон додан бар зидди форсҳо саҳми калонтар гузошта буданд. Инҳо Афина ва Спарта буданд. Натиҷаи ҷангҳои байни онҳо доир шуда, бастани сулҳи Сисола (с. 445 п.м.) гашт, ки он дар Юнон системаи дуализми сиёсиро мустаҳкам намуд. Махсусан, дар давраи Перикл миёни Афина ва Спарта барои ҳокими мутлақ шудан дар ҷаҳони эллинӣ муборизаҳои шадид мерафт. Оқибати соли 445 пеш аз мелод ҷанг миёни Афина ва Спарта бо сулҳ

анҷом ёфт. Ин сулҳ дар Юнон сохтори сиёсии давлатро мустаҳкам сохта, ҳар ду тараф барои ҳокими мутлақ шудан аз мубориза яроқнок даст кашида, кӯшиши бо роҳи дипломатӣ ҳал намудани масъаларо ба миён гузоштанд[1].

Ҳар ду тараф аз амалиётҳои кушоди ҷангӣ худдорӣ мекарданд ва кӯшиш менамуданд, ки мавқеи худро тавассути воситаҳои дипломатия мустаҳкам намоянд. Дипломатҳои маъруфи ин давра Писистрат, Фемистокл, Аристид, Перикл ва ғайра ба ҳисоб мерафтанд. Диққати махсусро лоиҳаи сиёсатмадор ва сарлашкари афинагӣ Перикл ба худ ҷалб менамояд, ки дар он ӯ талаб намуда буд, ки Конгресси сулҳи умумиюнонӣ даъват карда шавад.

***Кӯшишҳои даъват намудани конгресси умумиюнонӣ аз тарафи Перикл.*** Дар соли 448 п. м. сардори давлати Афина Перикл таклиф менамояд, ки дар Афина конгресси умумиюнонӣ даъват карда шавад. Ба назар гирифта шуда буд, ки масъалаҳое, ки ба конгресс пешниҳод мегарданд, барои ҳамаи юнониён аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар роҳи зичтар иттифоқ шудани онҳо хизмат менамоянд.

Дар конгресс се масъалаи асосӣ: оид ба азнавбаркароркунии ибодатгоҳҳо ва дигар ҷойҳои муқаддас, ки онҳоро форсҳо вайрон карда буданд, таъмин намудани киштиронии озоди баҳрӣ ва ба сатҳи мустаҳкам барқарор намудани сулҳ дар тамоми Эллада, барои баррасӣ ва муҳокима гузошта мешуданд. Перикл бо даъвати ин конгресс кӯшиш мекард, ки Афинаро ба маркази асосии сиёсӣ ва мадании тамоми Эллада табдил диҳад.

Барои амалӣ гардидани ин лоиҳа аз Афина сафорат дар ҳайати 20 нафар ба тамоми шаҳрҳои юнонӣ барои даъват ва иштирок ба ин конгресс фиристода мешавад. Ин сафорат ба чаҳор қисм тақсим мешавад. Як қисмат ба шаҳрҳо ва ҷазираҳои Осиёи Хурд, қисмати дигар ба Геллеспонт ва Фракия, қисмати сеюм ба Беотия ва Фокида ва қисмати чорум бошад ба Пелопоннес фиристода мешаванд. Сафирони афинагӣ мардумро бовар мекунонданд, ки даъвати намояндагони худро барои иштирок дар Конгресси Афина қабул доранд. Онҳо кӯшиш менамуданд, ки моҳияти барпо шудани ин конгрессро ба аҳолӣ фаҳмонанд, вале баръакси ҳол ин сафорат ва даъвати Перикл тарафдорони худро наёфтанд. Махсусан зидди он пелопоннесиҳо, ки аз пурқувватшавии Афина дар ҳарос буданд, баромад намуданд.

Ҳамин тавр, ғояи даъвати конгресс дар амал дастгирӣ наёфт. Аксарияти полисҳои юнонӣ, пеш аз ҳама Спарта, дар пешниҳоди Перикл нақшаи дар амал тадбиқу таъмин намудани бартарияти тавоноии Афинаро медиданд. Ҳар ду тарафи муқобил ба ҳамдигар бовар надоштанд ва барои паҳнкунии доираи таъсири худ мубоРизаи дипломатиро идома доданд, гоҳе аз чораҳое истифода мекарданд, ки қариб шартномаи ба даст овардаро вайрон намоянд. Аз ҳама бештар ба корҳои давлатҳои мустақил Афина дахолат мекард.

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Бо сабаби фаъолияти таҷовузкоронаи Афина ва соли 432 п. м. аз ҷониби он вайрон кардани шартномаи сулҳи соли 445 п. м. сабаб гардид, ки Коринф, Потидея ва шоҳи Македония Пердика ба Спарта сафирони худро фиристонда, талаб намуданд, ки дар кӯҳтотарин муддат бояд машварати Иттифоқи Пелопоннес даъват карда шавад. Норозигӣ бар зидди Афинаро шаҳрҳои зиёди юнонӣ дастгирӣ намуданд.

***Конференсияи иттифоқӣ дар Спарта (с. 432 п. м.).*** Сиёсати дар боло қайд шудаи Афина боиси норозигии як қатор шаҳр-давлатҳои Иттифоқи Пелопоннес гардида, дар натиҷа соли 432 п. м. дар Спарта маҷлиси умумии Иттифоқи Пелопоннес даъват карда мешавад.

Машварате, ки соли 432 п. м. дар Спарта шуда гузашт, ба пуррагӣ онро конференсияи дипломатӣ номидан мумкин аст. Дар он якбора зиддияти манфиатҳои давлатҳои алоҳидаи юнонӣ мушоҳида гардид. Дар ҷаласа аз ҳар тараф ғавғоҳо зиёд буданд, ки дар охир характери пурталотумро гирифт. Дар машварат аввалин шуда, намояндагони Коринф баромад намуданд. Онҳо ғазаби худро ба сӯи ҳукмфармои худ Спарта равона сохта, талаб намуданд, ки ҳар чӣ тезтар ба муқобили Афина амалиёти ҳарбиро оғоз намояд. Дар айни замон намояндагони Коринф Спартаниҳоро дар иҷроиши қарорҳои шартномаи соли 445 п. м. баста шуда, дар бетарафӣ, бефаъолиятӣ нисбати ин шартнома муттаҳам месохтанд. Намояндагони Коринф ба Спарта муроҷиат карда, дар нутқи худ, аз ҷумла, иброз доштанд, ки шумо, спартаниҳо, бо хирадмандӣ, дурандешӣ ва оқилии худ фарқ мекунед, вале шумо хуб намедонед, ки берун аз ҳудуди давлати шумо чи рух дода истодааст. Масъалаи дигар-афинагиҳо мебошад. Онҳо бо ҳушёрӣ, зиракӣ, тезҳаракатӣ ва зудфаҳмии худ аз дигар давлатҳои юнонӣ хело пеш рафтаанд. Бо ҳамин хислатҳои худ онҳо аллакай қисмати зиёди заминҳои Юнонро ба итоати худ даровarda, мақсад доранд, ки дар наздиктарин мӯҳлат ҳудудҳои боқимондаи онро низ ба итоати худ даро-ранд. Афинагиҳо ҳамеша дар суханронии худ зидди ҷанг мебаромаданд, аммо дар асл бошад онҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ тайёрии пурзӯр ва ҳаматарафа дида истодаанд.

Коринфиҳо пешниҳод намуданд, ки иттиҳоди зиддиафинагӣ таъсис дода, ҳар чи тезтар амалиёти ҷангиро ба муқобили Афина, ки озодии шаҳр-давлатҳои Юнонро халалдор сохта истодааст, оғоз намоянд. Пас аз баромади намояндагони Коринф намояндагони Афина ба сухан баромада, бо маҳорат ва санъати дипломатии баланд, бо далеловарии пайдарҳам баромад намуда, ду паҳлӯи асосии масъаларо шарҳ доданд. Аз як тараф, онҳо исбот намуданд, ки Афина ҳукмронии худро дар ҷаҳонӣ эллинӣ ва миёни қабилаҳои варварӣ на бо роҳи зӯрӣ ва на бо роҳи найранг, ҳила ё дасиса ба даст овардааст. Он ҳукмронии худро пурра бо роҳи қонунӣ дар ҳолати ҷанги миллӣ бо Форс, дар ҳимоят аз манфиатҳои умумиюнонӣ бо саъю кӯшиш, ғайрат, далерӣ ва ҷасурии худ ба даст овардааст. Сафирони афинагӣ муроҷиат намуда гуфтанд, ки дар масъалаи ҳукмрон будани Афина дар ҷаҳони эллиннӣ ҳеҷ як давлати юнонӣ эътироз накунад. Мо пешниҳод менамоем, ки ҳар каси дигаре, ки дар

ҷои мо мебуд, хуб мешуд худро нишон медод, ҳар қадаре, ки мо ин ҳолати вазнинро ба эътидол овардем.

Сафирони Афина ба маҷлиси Иттифоқӣ муроҷиат намуда, гуфтанд, ки Шумо аъзоёни иттифоқи Пелопоннес хулоса бароред, ки бо чӣ қадар давлати пурқувват мубориза бурдан мехоҳед, ки ба наздикӣ онҳо ҳама ба мо сари таъзим фуруд меоранд. Фикр кунед, чӣ қадар даҳшат аст ҷанги ногаҳонӣ. Ба худ нагиред шартномаи вазнини ҷангро бо ақида ва гуфтори дигарон вайрон накунед ва қасами худро нашиканед.

Пас аз ин, тамоми сафирони иттиҳод маҷлисро тарк мекунанд. Дар ҷаласа танҳо намояндагони Спарта боқӣ мемонанд ва масъалаи ҷамбастии онро, оё ба муқобили Афина амалиёти ҷангиро оғоз намоянд ё на, ба овоздиҳии умумӣ мегузоранд. Дар ин масъалагузорӣ миёни худи спартаниҳо ақидаҳои гуногун ба вуҷуд меояд.

Дар аввал шоҳ Архидам, ки таҷрибаи бойи ҷангӣ дошт, баромад намуда, даъват ба амал меоварад, ки мо бояд чорае андешем, то корро ба мунокишаҳои ярокнок набарем, чунки Афина яке аз абарқудратҳои калони баҳрӣ-ҳарбӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт хеле тараққикарда мебошад. Флоти баҳрии иттифоқчиён бошад нисбат ба флоти баҳрии Афина хело камшумор аст. Ба мо зарур аст, ки бодиққатона дар корҳои худ мушоҳидакор бошем, шартномаи иттифоқӣ на танҳо бо юнониҳо, балки бо варварҳо низ ба имзо расонем. Аз ҳама чизи асосӣ дар ҳар ҳолате, ки набошад ба мо зарур аст, ки худро ҳам аз ҷиҳати пулӣ-молӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ мустаҳкам намоем.

Ба муқобили Архидам эфор Сфенелиад баромад намуда, талаб менамояд, ки ба тарафдории зудтар оғоз намудани ҷанг овоз диҳанд. Ӯ мегӯяд, зуд ҳуҷумкунӣ ба мо имконият медиҳад, то ки Афинаро шикаст бидиҳем ва қарзи худро дар назди иттифоқчиён ба ҷо орем. Дар охир аксарият суханронии Сфенелиадро тарафдорӣ намуда, иброз доштанд, ки дар ҳақиқат шартномаи соли 445 п. м. аз ҷониби Афина вайрон карда шудаст. Ҳамин тавр, кӯшишҳои бо усули дипломатӣ бартараф намудани хатари сар задани Ҷанги Пелопоннес натиҷаи мусбӣ надоданд[1].

***Ҷанги Пелопоннес (с. 431 – 404 п. м.).*** Конференсияи иттифоқӣ дар соли 432 п.м. нивобаста ба он ки бисёре аз дипломатҳои намоёни юнониро дар як ҷо ҷамъ карда буд ва ҳар кадоме аз онҳо манфиатҳои давлати худро ҳимоя мекарданд, натавонист, ки роҳи ҷангро гирад. Нотиқон-сафирон садо баланд мекарданд, ваъда медоданд ва метаросонданд. Бо кӯшишҳои Афина ва Спарта, ки мехостанд амалиёти кушоди ҷангӣ рух надиҳад, нигоҳ накарда, аксарияти дипломатҳои иштирокчӣ Афинаро дар вайрон намудани шартномаи соли 445 п. м. гунаҳгор донистанд. Натиҷаи он соли 431 п.м. оғози ҷанги калонтарин дар таърихи Юнони Қадим – Ҷанги Пелопоннес гардид, ки онро

[1]Ниг.: История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 43 – 45.; Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 34 – 36.

аз як тараф Афина ва аз ҷониби дигар Спарта роҳбарӣ мекарданд. Дар давраҳои алоҳидаи он дар амалиётҳои ҷангӣ полисҳои зиёди Юнон, Осиёи Хурд, Италияи Ҷанубӣ ва ҷазираҳо иштирок карданд, инчунин дар сатҳи муайян дар он Форс низ дахолату иштирок мекард[1]. Аҷоибаш дар он аст, ки дар давоми ҷанг мукотиботи дипломатӣ байни тарафҳои даргир сурат мегирифт, инчунин сафирҳои характери ғайрирасмӣ низ аз давлатҳои ҳамдигар дидан мекарданд.

Ҷанги Пелопоннес ба ду давра тақсим мешавад: давраи якум давраи ҷанги Архидам (с. 431 – 421 п. м.) ва давраи дуюм Экспедитсияи ситсилиягӣ ё Ҷанги Декелей (с. 415 – 404 п. м.). Хусусияти хоси ҷанги Пелопоннес дар он зуҳур меёфт, ки амалиётҳои ҷангӣ дар як вақт дар вилоятҳои гуногуни Юнон: дар ноҳияҳои ҳавзаи баҳри Эгей, дар Пелопоннес, Юнони марказӣ ва вилоятҳои ғарбӣ сурат мегирифт. Азбаски таносуби қувваҳо тахминан баробар буд, амалиёти ҷангӣ хеле шадид ва то ҳадди ниҳоӣ ба вуқӯъ мепайваст ва паллаи вазн гоҳ ба як ҷониб ва гоҳе ҷониби дигар мегузашт.

Натиҷаи давраи якуми ҷанг (Ҷанги Архидам) бастани шартномаи сулҳи Никий дар соли 421 п.м. гардид. Матни шартномаи сулҳи Никий дар минбаъда ҳамчун намуна барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои дипломатӣ дар Юнон истифода мегардид. Шартномаи сулҳ ба мӯҳлати 50 сол баста шуд ва он ба даст гирифтани яроқро манъ намуд, ҳуқуқи шаҳрҳоро баррасӣ карда, даъват намуд, ки қаламравҳои ишғол карда аз ҷониби тарафҳо ба соҳибмулкҳо баргардонда шаванд, инчунин ивазкунии асирони ҳарбӣ низ амалӣ шавад. Шартнома бо қасамхӯрии тарафҳо мустаҳкам гардонда шуда, ба назар гирифта шуд, ки дар ҳолати зарурӣ мумкин ба шартнома тағйирот ворид карда шавад. Сулҳи Никий бо номи ташаббускори асосии он, стратеги афинагӣ – Никий гузошта шудааст[2].

Мавриди таваҷҷӯҳ он мебошад, ки дар худи ҳамон сол байни Афина ва Спарта инчунин «шартномаи дӯстӣ», баста шуд, ки мувофиқи он тарафҳо ӯҳдадор шудаанд, ки дар вақти ҳамлаи давлати сеюм ё шӯриши ғуломон ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Ин ҳолат аз характери бениҳоят зиёд вазнини муносибатҳои байналхалқии он замон ва ночор ба назар гирифтани ҳамаи факторҳо дарак медиҳад[3].

Аммо Сулҳи Никий он ихтилофотеро, ки сабаби ҷанг гардида буданд, бартараф накард. Ҳар ду ҷониб қувваҳои худро ҷамъ меоварданд, то ки ҷангро аз нав сар кунанд. Спартаниҳо Амфиополро дар зери тасарруфи худ нигоҳ доштанд. Дар назди онҳо вазифаҳои хеле душвор меистоданд. Пилос ва

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 210.

[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Киферро аз дасти афинагиҳо озод намуда, ашрофони спартаниро аз асорат озод кардан лозим буд. Вазъи Афина ҳам хеле мушкил буд.

Ҳамин тавр, сулҳ риоя нашуда, он дер пойдор намонд. Қариб дар як дам давраи дуюми ҷанг сар мешавад. Аммо ба амалиётҳои нави ҷангӣ шурӯъ намуда, афинагиҳо ба якчанд хатогӣ даст мезананд, моҷарои дипломатӣ ва ҳарбии онҳо ба фалокат оварда мерасонанд. Бохти калон дар Ситсилия табаддулоти давлатӣ дар худи Афина гардид. Ҳатто иттифоқчиён низ аз он рӯ гардонда, ба тарафи дигар мегузаштанд. Дар ин бора муаррихи бостон Фукидид нақл менамояд, ки онҳо боварӣ доштанд, ки ба тарафи дигар гузашта, ояндаи ҷанг кӯтоҳмуддат буда, иштирок дар он бошад шараф ва манфиатовар мебошад.

Аммо, шикаст расондан ба ҷумҳурии баҳрӣ, бо назардошти надоштани флот аз имконият берун буд. Спартаниҳо хуб мефаҳмиданд, ки барои ғалабаи қатъӣ бар Афина бояд ду масъаларо ҳал намоянд: бунёд кардани флоти муқтадир ва пароканда намудани Иттифоқи баҳрии Афина. Ҳалли ин масъалаҳо кори осон набуд. Бунёд намудани флоти тавоно, ки бо флоти Афина рақобат карда тавонад, маблағи хеле калонро талаб мекард, аммо хазинаи давлати Спарта холӣ шуда буд. Дар самти ба даст даровардани воситаҳо барои сохтмони флот иттифоқчиён ба шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо Дорои II муроҷиат намуданд. Шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо дар ин муроҷиат барои худ имконияти куллайро пайдо намуд, то ки ба сифати бозингари асосӣ ба саҳнаи байналхалқӣ баргардад. Тавассути ёрии Спарта имконият дошт, ки ба таври ниҳоӣ Афинаро заиф гардонда, таъсири Форсро дар шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурд мустаҳкам гардонд, зеро онҳо дастгирии Афинаро ҳис карда, дар вақти андозсупорӣ баъзе вақтҳо саркашӣ мекарданд.

Дар ҳолати ногувор қарор гирифтан ва роҳи дигар надоштани Спартаро истифода бурда, дипломати моҳири Дорои II, сатрапи сатрапияи Наздибаҳрӣ, ки ба қаламрави он шаҳрҳои юнонӣ низ дохил мешуданд – Тиссаферн амалан лоиҳаи худии шартномаро ба спартаниҳо бор кард. Шартномаи иттифоқӣ байни Спарта ва Форс, ки соли 412 п. м. дар шаҳри Лакедемон баста шуд, ба Дорои II имтиёзҳои зиёдеро дод, он инчунин ба назар гирифт, ки андозҳое, ки то ин дам шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурд ба фоидаи Афина месупориданд, аз ин пас ба шоҳи Форс супоранд. Ба мувофиқа расиданд, ки иттифоқчиён ҷангро якҷоя мебаранд, қатъ кардани он танҳо бо шарти розигии умумии шоҳи Форс ва симмахияи Спарта мумкин аст[1].

Шартҳои хоинонаи шартномаи мазкур дар худи Спарта низ норозигиро ба вуҷуд овард, зеро бастани қарордод бо душмани деринаи умумиюнонӣ – Форс аз як тараф баробари хиёнат ба ватан буд.

Давраи охирони Ҷанги Пелопоннес (Ҷанги Декалей) бо аз тарафи спартаниҳо забт карда шудани Декалей, ки дар наздикии Афина ҷойгир мебошад,

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

оғоз гардид. Дар соли 404 п. м., баъди шикаст дар бахр ва ҳам аз ҷониби бахр ва ҳам хушкӣ дар муҳосира гирифтан, Афина маҷбур шуд, ки таслим шавад. Шартҳои шартномаро, ки Спарта дикта карда буд, Иттифоқи Делосӣ (Иттифоқи якуми баҳрии Афина) - ро барҳам зада, дар Ҷаҳони Юнонӣ ҳукмфармоии Спарта ба расмият шинохта шуд. Дар Афина низоми олигархии 30 тиран барқарор карда шуд.

Аммо баъди ғалаба аз болои Афина байни иттифоқчиён нофаҳмӣ сар зад. Гарчанде ки тибқи Шартномаи нави Милет шоҳи форсҳо ӯҳдадор шуда буд, ки лашкари Иттифоқи Лакедемониро дастгирӣ ва маблағгузорӣ менамояд, аммо баъди ба итмом расидани ҷанг ба шоҳи Форс низ пурқувватшавӣ ва ҳукфармо шудани Спарта маъқул наомад. Ба спартаниҳо ҳам шартномаи пешакӣ басташудаи соли 412 п. м. маъқул наомад, ки тибқи он ба шоҳи Форс ҳамаи шаҳрҳо ва ҷазираҳое, ки ӯ ва пешгузаштагонаш соҳибӣ мекарданд, баргардонда шуда буданд. Муаррихи бостон Фукидид дақиқ менависад, ки: «Лакедемонҳо ба ҷойи ваъдаҳои озодӣ ба ҳамаи эллинҳо, болои онҳо аз нав зулми форсҳоро бор карданд. Истодагарии дипломатҳои Спарта Дорои II-ро водор намуд, ки рӯ ба сӯи Афина намояд.

***Системаи дуализм (дурӯя, дурангӣ) - и сиёсии Алкивиад.*** Лоиҳаи системаи нави сиёсии байналхалқиро Алкивиад, ки аз Афина ронда шуда буда, дар хизмати Спарта қарор дошта буд, ба Тиссаферн пешниҳод кард. Лоиҳа барқароркунии системаи дуализмро дар Ҷаҳони Юнонӣ ба назар гирифта буд, ки тибқи он бояд ҳар чи бештар зиддияти доимию ҷангҳои харобкунанда байни Афина ва Спартаи ба манфиати форсҳо буда, ҳифз нигоҳ дошта шавад. Он тарафе бояд дастгирӣ карда шавад, ки айни замон заифтар мебошад. Ва бо ҳамин, зарур аст, ки ҷангро идома дод, то ки ба таври ниҳоӣ афинагиҳоро бе ҳолу бе мадор карда, сонӣ бошад ба онҳо ёрӣ расонда, то ки ба пелопоннесҳо шикаст расонда шавад. Ҳамин тавр, Форс зина ба зина бар зидди Спарта расондани дастгирии худро ба Афина оғоз намуд.

Дар соли 395 п. м. стратеги афинагӣ Конон тавонист, ки коалитсияи зидди спартаниро таъсис диҳад. Бо ҳамин, дар рафти Ҷанги Коринф (395 – 387 п. м.) Спарта хароб карда шуда, гегемонияи Афина барқарор гардид.

***Сулҳи Анталкид (Сулҳи шоҳӣ).*** Чунин вазъият боз ҳам ба табъи дили шоҳи Форс маъқул наомад. Акнун ӯ мехост спартаниҳоро дастгирӣ намояд. Зиёда аз ин сафири лакедемонҳо, дипломати зираки спартанӣ Анталкид шартҳои муфиди қарордоди сулҳро пешниҳод намуд, ки тибқи он лакедемонҳо ба шаҳрҳои юнонии дар Осиёи Хурд буда, иддао накарданд ва қаламравҳои онҳоро дар ихтиёри Форс буда донистанд[1].

Сатрапи Форс Тирибаз бошад шартҳои сулҳи тарафи худро барои тарафҳои даргир талқин кард.

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Мувофиқи моддаҳои сулҳи Анталкид аз тобистони соли 387 п. м., ба ихтиёри Форс ҳамаи шаҳрҳои Осиёи Хурд ва аз ҷазираҳо бошад – Клазомен ва Кипр дода шуданд[1]. Ба шаҳрҳои калону хурди боқимондаи Юнон, ба ғайр аз Лемнос, Имброс ва Скирос, ки ба мисли пештара дар зери ҳукмронии Афина монданд, ба дигарон бояд мухторият дода мешуд. Ҳамин тавр, шартномаи сулҳи мазкур дар мамлакат парокандагии сиёсиро барқарор намуд ва дар натиҷа заифии Юнон намудор гардид.

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар замони ҳукмронии Македония ва давраи эллинизм.**

***Сулҳи Филократ (с. 346 п. м.).*** Сулҳи Анталкид, ки парокандагии Ҷаҳонӣ Юнониро ба вуҷуд оварда буд, натавонист, ки роҳи мутамарказшавии юнониёнро гирад. Дар ҳамин вақт дар шимол аллакай маркази нави сиёсӣ қувват мегирифт, ки баъдтар нақши муттаҳидкунандаи юнониёнро ба зимма мегиард. Ҳамин тавр, ин нақшро давлати монархиявии Македония ба ӯҳда гирифт.

Дар замони ҳукмронии шоҳ Филиппи II (с. 359 – 336 п. м.) Македония ба яке аз давлатҳои бузургтарини ҳавзаи баҳри Эгей табдил ёфт. Шоҳи Македония дар корҳои худ ва сиёсати хориҷӣ аз сабки шарқӣ истифода мекард. Дар рафти тобеъ намудани шаҳрҳои озоди Юнон ӯ ба таври васеъ аз усулҳои хариду фурӯш, ба тарафи худ кашидан, тарс, расондани дастгирии моддӣ ва маънавӣ, иттифоқ бо варварҳо ва шоҳҳони Форс, байни худашон шӯру низоъ андохтани шаҳрҳои юнонӣ ва ташкил намудани шӯришҳо бар зидди онҳо дар қаламравҳои зери тобеи онҳо буда истифода мекард.

Филипп, табиатан сиёсатмадор ва дипломати моҳир буд, дар байни юнониён шумораи зиёдеро ба тарафи худ ҷалб кард ва мақсади ӯ, асосан муттаҳид кардани Юнон бошад аз ҷониби ақли солими як қатор одамони намоён дастгирӣ ёфт. Зеро тамоюли рушди Ҷаҳони Юнонӣ аз ҳар ҷиҳат ба самти мутамарказияти мамлакат мебурд.

Нотиқони зиёд ба Филипп тақлид мекарданд. Масалан, файласуф Исократ қайд мекард, ки Юнони воҳид, қодир аст, ки юриши фатҳкунандаро бар зидди душмани деринаи эллинҳо – Форс ташкил намояд. Дар натиҷаи он соҳибкорӣ афзун мегардад, маданият рушд меёбад, бекорӣ кам мешавад, тамоми мамлакат доро мешавад. Ба сафи тарафдорони ҳизби македонӣ дар Афина файласуфи машҳур Арасту низ ворид гардид, ки ӯ барои тарбия намудан ва таълим додани фарзанди шоҳ Филипп – Искандар даъват гардида буд[2]. Инчунин файласуф Спевзипп (с. 407 – 334 п. м.) низ ба тарафдории шоҳи Македония баромад мекард[3].

---

[1]Рунг Э. В. Греция и Ахеменидская держава: История дипломатических отношений в VI – IV вв. до н. э. СПб.: Нестор-История, 2008. С. 334.

[2]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[3]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 247 – 249.

Аммо баробари ин ҳизби зидди Македония низ таъсир дошт. Масалан, нотиқи намоён Демосфен, гарчанде ки масъалаи ночор муттаҳидшавии юнониёнро дар чорчӯбаи иттифоқи шаҳрҳои озоди Эллада рад намекард, аммо баробари он ба таври возеҳ шоҳи Македонияро ҳамчун маҳвкунандаи озодии юнонӣ ва тангкунандаи демократия айбдор намуд[1].

Соли 346 п. м. байни Македония, аз як тараф ва Афинаю иттифоқчиёни он аз дигар тараф, сулҳи Филократ баста шуд, ки оид ба он дар Маҷлиси халқии Афина муборизаи шадид ба миён омад. Дар он худи шоҳи Македония низ иштирок намуда, худро дипломати моҳир нишон дод.

Дар ҳақиқат дар сиёсати худ Филипп ба дастовардҳо ноил шуд. Ӯ ба аъзогии таъсиррасонтарин амфиктионияи Юнон – Делфӣ-Фермопилӣ аъзо карда шуда, дар баҳсҳо миёни шаҳрҳои юнонӣ ҳамчун судя баромад мекард. Аммо ҳамаи маҳоратҳои дипломатии шоҳи Македония ва мушовирони ӯ натавонист, ки сар задани задухӯрдро бо Афина бартараф намояд. 1 сентябри соли 338 п. м. дар муҳорибаи назди Херонея Лигаи иттифоқии юнонӣ, ки онро Демосфен таъсис дода буд, аз ҷониби лашкари Македония торумор карда шуд. Ба гуфтаи яке аз ҳамзамонони воқеа, нотиқ Ликург, ҳамроҳи ҷасадҳои куштамудагон, дар назди Херонея озодии юнониён ҳам гӯронда шуд[2].

Мақдуниён ба сӯи ҷануб ҳаракат намуда, ба ғайр аз Спарта, дигар ҳамаи шаҳрҳои Иттифоқи Пелопоннесро паи ҳам таслим карданд. Бо ҳар шаҳр дар алоҳидагӣ иттифоқи мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ баста шуд, ки мувофиқи шартҳои он мустақилияти шаҳрҳо дар сиёсати хориҷӣ маҳдуд карда шуда, мухторияти дохилӣ ва озодии онҳо бошад ҳифз карда шуд.

***Конгресси Коринф (с. 338 – 337 п. м.).*** Дар соли 338 п. м. бо хоҳиши Филипп барои ҳал намудани масъалаҳои умумиюнонӣ Конгресси Коринф (синедрион) даъват карда шуд. Ба кори он, ба ғайр аз Спарта, намояндагони ҳамаи шаҳрҳо сафарбар шуданд.

Зери раисии шоҳи Македония барқароршавии сулҳи умумӣ эълон ва Федератсияи умумии юнонӣ таъсис дода шуд, ки ба он худи Македония низ дохил карда шуд. Баъди он иттифоқи абадии мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ байни шоҳ ва давлатҳои муттаҳида баста шуд. Ҳамаи масъалаҳои баҳснокро бояд дар дохили иттифоқ суди амфиктионҳо ҳал мекард, ки сардори коллегияи он худи Филипп буд. Дар охири кори худ конгресс қарор кард, ки бар зидди Форс ҷанг оғоз карда шавад[3].

Аҷоибаш дар он аст, ки дар санадҳои Конгресс калимаи «басилевс» (шоҳ) во намехӯрад. Аммо, Филипп, ки дипломати доно буд, дуруст мефаҳмид, ки юнониёни озодидӯст чунин муроҷиатро тоқату тарафдорӣ намеку-

---

[1]Ниг.: Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 235 – 237.

[2]Всемирная история. В шести томах. Т. 1. Древный мир. М.: Наука, 2011. С. 506.

[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

нанд. Аз ин лиҳоз, дар миёни юнониён шоҳи Македония – Филипп на басилевс, балки гегемон ҳисоб мешуд.

***Сиёсати Македония нисбати Шарқ. Ҷанг бо Форс.*** Соли 336 п. м. аввалин дастаҳои ҳарбии муттаҳидаи юнону мақдуниён аз гулӯгоҳи Дарданел гузашта, ба Осиёи Хурд, ки қаламрави империяи Ҳахоманишиҳо ба ҳисоб мерафт, сафарбар карда шуданд, аммо дар оғози ин лашкаркашӣ Филиппи II дар натиҷаи як сӯиқасд кушта мешавад. Баъди қатл шудани Филипп дар соли 336 п. м. кори ӯро писараш – Искандар (336 – 323 п. м.) идома дод. Бо лашкари муттаҳидаи худ ӯ минтақаҳои калон, аз ҷумлаи давлати Ҳахоманишинҳо то як қисмати Ҳиндро забт намуд. Ба монанди падари худ Искандар низ худро дипломати моҳир нишон дод, шаҳрҳои Осиёи Хурдро бо роҳи сулҳомез ба тарафи худ кашид, бо коҳинони мисрӣ шартномаи барои ҳар ду тараф манфиатовар имзо намуд ва тавонист, ки раҷаҳои ҳиндиро байни худашон шӯр андозад.

Баҳори соли 334 п. м. артиши Искандар тавассути Геллеспонт (Дарданел) бо 160 киштӣ ба қаламрави давлати Форс ворид шуд, дар ҳамин сол муҳориба дар назди дарёи Граник, дар шимол-ғарбии Осиёи Хурд, рух дод, ки дар он форсҳо шикаст хӯрданд. Тирамоҳи соли 333 п. м. муҳорибаи дуюм дар назди Исса рух дод, ки дар он низ форсҳо шикаст хӯрда, заминҳои то сарҳади Фурот ба дасти Мақдуниён гузаштанд. Дар ибтидо қисмати ғарбии Осиёи Хурд забт карда шуд, баъди он соҳилҳои шарқии баҳри Миёназаминро ишғол намуданд. Баъди муҳосираи ҳафтмоҳа июли соли 332 п. м. шаҳри Тир ишғол шуда, форсҳо аз қисмати калони флоти худ маҳрум гардиданд.

Дар давраи муҳосираи шаҳри Тир Дорои III сулҳро пешниҳод кард, ки тибқи он ба Искандар, менависанд Плутарх ва Арриан, 10 000 талант тилло ва тибқи ахбори Диодор ва Квинт Курсий Руф бошад андозаи он дигар рақамҳо, яке аз духтарҳои худ бо номи Статира (мувофиқи ахбори Арриан бошад Барсина) - ро ба занӣ ва ҳокимият дар қаламрави пурраи қисмати ғарбии Осиёи Хурди империяи худро пешниҳод кард[1]. Аммо Искандар қабул накард. Дар ҳамин вақт мушовири бовариноки Искандар Парменион ба ӯ мегӯяд, ки «агар ман Искандар мебудам, ман ҳатман ин шартҳоро қабул мекардам». Дар ҷавоб Искандар мегӯяд, ки «ман ҳам ҳамин хел мекардам, агар Парменион мебудам». Сонӣ ба таври осон Миср ба даст дароварда шуд. 1 октябри соли 331 п.м. дар назди Гавгамела муҳорибаи ҳалкунанда рух дод, ки форсҳо боз шикаст хӯрданд. Доро бошад баъди ин аз ҷониби сатрапи Бохтар – Бесс кушта мешавад.

Мақдуниён ба пойтахти Ҳахоманишиҳо шаҳри Персепол ворид шуда, дар натиҷаи ташкил намудани зиёфати шабона бо шаробу майхӯрӣ Искандар ба вандализм даст зада, қасрро оташ зад, ки дар он дастнависҳои зиёди қади-

[1]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 260 – 261.

мае, ки солҳои дароз нигоҳдорӣ мешуданд ва дар натиҷа онҳо ба нестӣ расиданд, ки ин амал ба маданияти маънавии эронитаборон зарбаи калон расонд. Персепол на танҳо пойтахт, балки маркази муқаддасоти эрониён ба шумор мерафт. Ҳамин тавр, эрониён аз аксарияти сарчашмаҳои нодири таърихии худ маҳрум монданд. Персепол зеботарин шаҳри замони худ буд, аммо дар натиҷаи ваҳшонияти мақдуниён он аз рӯи замин нест карда шуд. Гӯё ин қассосгирӣ барои он буд, ки 150 сол пеш (с. 480 п.м.) аз ин шоҳи Форс Хшоёршоҳи I Афинаро ғорат карда буд. Баъдтар аз ғоратгарӣ мақбараи Куруши Кабир низ дар канор намонд.

Баъди ин қисмати калони Осиёи Миёна забт гардид. Баъди Осиёи Миёна Мақдуниён ба Ҳинд расида, соли 325 п.м. бошад Искандар ба самти Бобул баргаштанро оғоз намуда, ба шаҳр ибтидои соли 323 п.м. расид. Бобул ба пойтахти Искандар табдил дода шуд.

Дар юриши ҳиндии Искандар соли 327 п.м. дар ҳайати лашкари ӯ 30 ҳазор нафар сарбозони эронитабор низ иштирок доштанд. Барои он ки дар артиш шӯриши аскарони аз ҷанг дар ғарибӣ хасташудаи юнонӣ нахезад, 10 ҳазор ҳарбиёни собиқадори юнону мақдунӣ ба ватан гусел карда шуданд. Дар Форс бошад барои ба артиш ҷалб кардан даҳҳо ҳазор писаронро омода карда буданд. Искандар ҳатто мудофиаи шахсии худро низ ба эрониён бовар мекард. Ҳамин тавр, артиш ба ҳам наздикшавии намояндагони халқҳои гуногун гардид. Худи Искандар бо духтари Доро хонадор шуда, 10 ҳазор юнониро низ маҷбур намуд, ки аз мардуми маҳаллӣ зан гиранд. Дар байни ҳуҷҷатҳои ба Искандар тааллуқ дошта нақшаеро низ ёфтаанд, ки тибқи он муҳоҷиркунии мардуми Осиё ба Ғарб ва мардуми Ғарбро ба Шарқ ба назар гирифтаанд[1].

Дарбори Искандар ба маркази дипломатӣ табдил ёфт, ба пеши он сафоратҳои зиёд аз ҳар кунҷу канори Ҷаҳони мадании онвақта ташриф меоварданд. Ва маҳз ӯ тақдири ин ё он қаламравҳои алоҳидаро ҳал мекард.

Зарур аст қайд намоем, ки Искандари Мақдунӣ муқовимати аз ҳама сахтро дар Осиёи Миёна, аз ҷониби аҷдодони халқи тоҷик – суғду сакоиҳо дид. Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Миёна аз ҷониби яке аз аҷдодони тоҷик – сакоиҳо шикаст хӯрда, бар зидди онҳо ҳеҷ коре карда натавониста бошад ҳам, аксарияти муаррихони ғарбӣ дар ин бора хомӯшӣ ихтиёр намуданро афзалтар донистаанд. Аксарияташон баҳона меоранд, ки лашкариёни юнонӣ бо сабаби бемории Искандар аз таъқибкунии сакоиҳо даст кашиданд. Диодори Ситсилиягӣ хабар медиҳад, ки дар як худи Суғд Мақдуниён 120 ҳазор нафарро қатл карданд. Танҳо Бадахшон ва навоҳии кӯҳии атрофи он аз ҳуҷуму ваҳшигарии Мақдуниён эмин монданд. Ҳамин тавр, далелҳои таърихии қатли омми мардуми маҳаллӣ, хароб намудани деҳоту шаҳрҳо боиси гуфтан мегардад, ки ҳуҷуми мақдуниён барои мардуми Осиёи Миёна мусибати калон оварду бас. Маҳз муқовимати мардуми Осиёи Миёна буд, ки Искандар маҷбур мешавад аз усули дипломатӣ, хусусан дипломатияи никоҳӣ ва монанди он, кор гирад, ки

[1]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 100.

оид ба ин масъала хонанда метавонад аз фанни таърихи халқи тоҷик маълумотро гирад. Аз рӯи гуфтаҳои олими француз Пер Бриан (Пиерре Бриант) сиёсати Искандари Македонӣ нисбати аҷдодони тоҷикон – ин террор ва генотсид буд[1].

Искандари Мақдунӣ 13 июни соли 323 п. м. дар синни 32 солагию 8 моҳагӣ аз касалии вараҷа дар шаҳри Бобул ҷон дод. Тибқи ақидаи дигар ба ӯ дар ҷоми пур аз май заҳр рехта, дода, аз шиддати он вай ҷон медиҳад. Ҳокимият пас аз марги ӯ ба ҷонишинон-сарлашкаронаш монд, ки онҳоро «диодоххо (ворисон)» ва «эпигонҳо (ворисони ворисон)» меномиданд.

Хулоса, ҳокимият ба ворисони ҳақиқиаш нарасид. Аз марги ӯ 14 сол нагузашта, писари никоҳӣ (қонунӣ)-и ӯ Искандари IV ва писари ғайриникоҳиаш (ғайриқонунӣ) Геракл кушта шуданд, тақдири минбаъдаи империяро бошад дар бахши навбатӣ инъикос менамоем.

***Манифести Полисперхонт (с. 319 п. м.).*** Искандари Македонӣ баъди худ мероси калонро боқӣ гузошт – қаламравҳои ишғолшудаи васеъ ва инчунин тамаддунҳои нав ба ташаккулёбии худ оғоз карда аз қабили онҳо мебошанд. Аз сабаби надоштани ворисі ба синни балоғат расида, ба сифати даъвогарон ба тахт сарлашкарони ӯ баромад карданд, ки баъдтар байни онҳо низоъҳои дипломатӣ ва задухӯрдҳои ҳарбӣ рух доданд.

Таърихи муносибатҳои байналхалқии давраи ҳукмронии ворисони Искандари Македонӣ (диадоххо) аз ҳодисаҳо ниҳоят ғанӣ аст. Ҳамин қадар шумораи зиёди симмахияҳо ва эпимахияҳо (иттифоқҳои мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ) - ро то он замон таърихи Юнон надида буд.

Дар таърихи муносибатҳои давраи эллинизм зарур аст манифести Полисперхонтро қайд кард, ки ӯ баъди марги регенти якум Пердикка регенти ворисписари хурдсоли Искандар таъйин гардида буд. Кӯшиши он намуд, ки бар зидди коалитсияи сарлашкарони бар зидди ӯ муттаҳидшуда истодагарӣ карда тавонад, ӯ бевосита ба шаҳрҳои юнонӣ муроҷиат намуда, мехост онҳоро ба тарафи худ кашад. Полисперхонт дар манифести худ ба шаҳрҳо барқароркунии демократия ва озодии як вақтҳо бударо ваъда кард. Ба ҳамаи гурезагон-демократҳо ҳуқуқи бе ягон монеагузорӣ ба ватан баргаштан ваъда дода шуд. Баробари ин, ҳуқуқҳои Афина алоҳида баррасӣ гардид ва ҳамаи мулкҳои он дахлнопазир эълон карда шуданд.

Полисперхонт фаъолияти бардавоми дипломатиро рушд дода, ба ҳамаи кунҷу канори олам мактубҳоро бо мазмуни ваъдадиҳӣ ва таҳдидкунанда фиристонд, ӯ бо рӯҳияи демократии табақаи поёнӣ бозӣ мекард, онҳоро ба самимияти фаъолияти худ бовар мекунонд, аз онҳо ёрӣ ва дастгириро талаб мекард. Ҳамзамон хоҳиш кард, ки исёнгаронро, ки вай онҳоро душмани демократия номид, пеш кунанд. Ин кӯшишҳои дипломатиро як қатор чораҷӯиҳо, ки ба беҳтар намудани вазъияти табақаҳои поён равона карда шуда буданд,

[1]История таджикского народа. Т. I. Древнейшая и древняя история. Душанбе, 1998. С. 321.

ҳамроҳӣ мекарданд. Ҳоким акнун ба натиҷаҳои дилхоҳ расид, табақаҳои олигархиро, ки рақибони ӯро дастгирӣ мекарданд, тавонист заиф гардонад[1].

Зарур аст қайд намоем, ки чунин намунаи бозӣ бо истифода аз зиддияти иҷтимоӣ кашфиёти Полисперхонт нестанд. Онҳоро ба таври фаъолона аллакай Филиппи II истифода бурда буд, ки кӯшиш мекард ҷамъияти Афинаро ба тарафи худ кашад. Ин усулро дар сиёсати худ ҳамаи шоҳони эллинӣ қабул карданд, аммо танҳо сиёсатмадорони римӣ даст ёфтанд, ки онро то сатҳи мукаммалёбӣ расонанд, зеро онҳо дар сиёсати худ зиддияти иҷтимоиро дар қаламрави душманону рақибони худ ба таври доимӣ ва бо як маҳорати баланд ташкил медоданд.

Гарчанде Полисперхонт натиҷаи дилхоҳро ба даст оварда бошад ҳам, аммо ғалаба дар ниҳоят насиби рақибони ӯ гашт.

Чуноне ки маълум аст, байни сарлашкарони Искандар муборизаи шадид сар зада, ба ягон то аз онҳо имконият даст надод, ки ҳокимияти олиро ба даст дароваранд. Пас аз муҳорибаи хунин (асосан байни тарафдорони Селевк ва Антигон) дар назди Ипс дар соли 301 п.м., ки яке аз задухӯрдҳои бузургтарини таърихи дунёи қадим ба ҳисоб меравад, империя ба чор қисм тақсим карда шуд: Касандр ба Мақдуния ва Юнон; Лисимах ба Осиёи Хурд ва Фракия; Селевк ба Байнаннаҳрайн, Сурия ва Осиёи Миёна; Птоломей ба Миср ва Фаластин соҳиб шуданд.

Дар рафти ҷангҳои дуру дароз дар қаламрави васеи ишғолшуда, ба ҷойи собиқ империяи Искандари Македонӣ се шоҳигарии калони эллинистӣ таъсис ёфтанд: шоҳигарии Птолемейҳо дар Миср; шоҳигарии Антигонҳо дар Европа; шоҳигарии Селевекиён дар Осиё.

Давлатҳои эллинистӣ аз худ симбиози анъанаҳои ғарбӣ ва шарқиро таҷассум мекарданд. Дар онҳо ҳам унсурҳои маданияти полисии шаҳрӣ ва ҳам унсурҳои маданияти шарқӣ ҷой дошт. Аммо анъанаҳои шарқӣ аллакай дар давраи Искандари Македонӣ қабул карда шуданд ва дар давраи шоҳигариҳои эллинӣ он идома ёфт. Маданияти юнонӣ дар тамоми ҳавзаи баҳри Миёназамин паҳн гардида, таъсири он ба Шарқ низ расид. Аз нуқтаи назари баъзе ҷанбаҳои фарҳангӣ, хусусан мазҳабӣ, ба гуфтаи муаррихи Британияи Кабир Вилям Тарн «Шарқ фотеҳи худро асир намуд»[2]. Худи мафҳуми «эллинизм» бошад дар илм омехтаву муттаҳидшавии маданиятҳо ва адёни ғарб ва шарқро ифода менамояд. Таъсири он дар муносибатҳои байналхалқӣ низ расид[3].

Дар асри II п. м. шоҳигариҳои эллиниро Рим, ки дар Ғарб ба сарвари нави муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфта буд, ба худ тобеъ кард. Дар

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Тарн В. Эллинистическая цивилизация. Перевод с английского С. А. Лясковского. М.: Издательство иностранной литератруры, 1949. С. 309.

[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Шарқ бошад империяи эронитаборон – Ашкониён ба болоравӣ даст ёфта, қисмати калони шоҳигарии Селевкиён ва дигар манотиқро ба тасарруфи худ даровард.

# 1. 4. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР РИМИ ҚАДИМ

Шаҳри Рим дар миёнаи асри VIII п. м. дар соҳили дарёи Тибр сохта шуда, андак-андак қувват гирифта, сиёсати экспансиониро пеш гирифта, давраи шоҳигарӣ ва ҷумҳуриро паси сар намуда, сонӣ ба сатҳи империяи муқтадир ташаккул ёфт. Дар натиҷаи сиёсати дурандешона дар ҷумҳурии Рим 400 ҳазор нафар ва дар империяи Рим бошад то 4 миллион нафар қодир буданд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ба даст яроқ гиранд. Аз ин лиҳоз, кадом давлат метавонист, ки дар он замон бо ин қувва баробар шавад[1]. Ягона давлате, ки Рим дар давраи равнақи сиёсӣ-ҳарбии худ ҳеҷ натавонист, ки онро аз байн барад, ин давлати Порт (Ашкониён) буд.

**Характеристикаи умумии муносиботи байналхалқии Рими Қадим.** Хусусиятҳои хоси муносибатҳои байналхалқии Рими Қадим инҳо буданд: дар одату шартномаҳо меъёрҳои ҳуқуқи байниқабилавӣ қабул гардида буд, инчунин қисман ба меъёрҳое, ки аз Шарқи Қадим ва Юнони Қадим гирифта буданд, такя мекарданд; ба сифати асосҳои муносибатҳои байналхалқӣ «ҳуқуқи халқҳо»-и рушд ёфта истода баромад менамояд; нисбатан сатҳи баланди институтсионализатсия дар соҳаи муносиботи байналхалқӣ; ҷудошавии зинаҳои гуногуни алоқаҳои байналхалқӣ: ҳокимон, давлатҳо, корпоратсияҳо, оилаҳо.

**Шаклҳои робитаҳои байналхалқӣ ва мақомоти дипломатӣ дар Рим.** Шаклҳои робитаҳои байналхалқӣ дар Рим аксаран аз Юнон ва қисман аз Шарқи Қадим нусхабардорӣ карда шуда буданд. Ба монанди Юнон дар Рим ҳам проксени худӣ вуҷуд дошта, он аз 20 нафари коллегияи фетсиалҳо иборат буд, ки он дар навбати худ намунаи коллегияи амфиктионҳои юнонӣ дониста мешавад. Фетсиалҳо шартномаҳоро имзо мекарданд ва сулҳ мебастанд, онҳо дар ҳимояи шартномаҳои байналхалқӣ меистоданд ва ҷангро низ онҳо эълон мекарданд.

Ҳам дар худи Италия ва ҳам дар минтақаи баҳри Миёназамин мавқеи марказиро ишғол намудани шаҳри Рим ба он бартариятҳои зиёди стратегӣ ва иқтисодиро ато намуд. Аз рӯзҳои аввали мавҷудияти худ Рим фаъолона сиёсати экспансиониро мебурд ва кӯшиш мекард, ки аз болои халқҳои гирду атроф назораткунанда гардад. Маҳз дар заминаи ҳамин сиёсат «ҳуқуқи халқҳо» (jus gentium) -и машҳур шуда, ба вуҷуд омада, дар натиҷа он асоси ҳуқуқи байналхалқӣ гардид. Ҷанини он дар маҷмӯаи қадими ҳуқуқи фетсиалҳо дарҷ гардидааст.

Сатҳи баланди рушди муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин вуҷуд доштани созмондии мураккаби мақомоти дипломатиро талаб мекард. Аммо дар фарқият аз Юнон, дар Рим мақомоти асосии роҳбарикунандаи сиёсати берунӣ на Маҷлиси халқӣ, балки Сенат буд. Ин фарқият тибқи сохтори махсуси сиё-

[1]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 107.

сии Рим ва нисбатан зиёд ҷой доштани унсурҳои табақаи аристократӣ дар сиёсат шарҳ дода мешавад. Маҷлиси халқӣ низ дар Рим мавҷуд буд, аммо ҳуқуқҳои он маҳдудтар буданд.

Дар давраи ибтидоӣ (давраи шоҳӣ) ҳуқуқи таъйин намудани сафирон (фетсиалҳо) ва фиристондани сафорат ба шоҳ тааллуқ дошт. Дар давраи мавҷуд будани Ҷумҳурӣ бошад сафирон (легатҳо)-ро консули дар Сенат раискунанда таъйин мекард, дар хусуси мақсад ва вазифаҳои сафорат бошад қарори махсуси Сенат – senatus consultum бароварда мешуд. Дар ҳолатҳои махсус қуръа партофта, номзади арзандаро муайян мекарданд. Мансаби легат ифтихорӣ буд, ба назар гирифта мешуд, ки танҳо одами шоиста ва боэҳтиром метавонад, ки вазифаҳои дар пеши ӯ гузоштаро мувофиқ ба «шаъну шараф, эътибор ва фоидаи халқи Рим» ҳал намояд. Мувофиқи қоида дар ҳайати сафорат се нафар шомил мешуданд, ки дар байни онҳо раис (сардор) ҷудо карда мешуд. Тибқи қарори Сенат, инчунин меъёрҳо муайян карда шуданд, ки дар асоси онҳо ҳайати сафорат ӯҳдадор буд, ки амал намояд. Барои таъмини хароҷоти легатҳо аз хазинаи давлат маблағи махсус ҷудо карда мешуд, баробари он сафирон бо ҳама чизҳои зарурии дигар, ҳато хизматгорон, низ таъмин карда мешуданд. Ҳайати калон ва махсуси сафоратҳоро дастаҳои ҳарбӣ ё судяҳо низ ҳамроҳӣ мекарданд.

Легатҳо аз болои дастовардҳои миссияи худ ҷавобгар буданд, ба Рим баргашта, оид ба фаъолияти худ ба Сенат ҳисоботи муфассалро пешниҳод мекарданд.

Сенат на танҳо сафирон мефиристонд, инчунин сафирони дигар давлатҳоро низ қабул мекард. Қоидаҳои басо мураккаби қабул намудани сафирони хориҷӣ ҷой дошт. Зиёда аз ин, вобаста ба сатҳи муҳимияти давлате, ки сафирони худро ба Рим фиристондааст, яъне сатҳи муносиботи иттифоқӣ бо он ё баръакс муносиботи тезу тунд бо он давлат вуҷуд доштаанд, қоидаҳои ҷудогонаи қабули сафирон коркард карда шуда буданд. Масалан, намояндагони давлатҳои бо Рим душман бударо ба шаҳр роҳ намедоданд, сафоратҳои иттифоқчиёнро бошад баръакс бо меҳмоннавозию гарму самимӣ қабул мекарданд. Ба онҳо тӯҳфаҳо медоданд, ба муносибати онҳо зиёфат меоростанд. Баробари ин, сафирони ба Рим омада низ бояд худро мусбӣ ва хуб нишон диҳанд. Масалан, тӯҳфаи шоҳи селевктабори Сурия Антиох ба Рим пешкаш шуда, аз ду гулдони тиллоии вазнашон 500 фунт иборат будааст[1].

**Робитаҳои байналхалқии Рим дар асрҳои III – I п. м.** Оид ба алоқаҳои байналхалқии асрҳои аввали мавҷудияти давлати Рим то замони мо маълумоти пурра нарасида, он танҳо порча-порча дастраси мутахассисон мебошад. Барои қайди маълумотҳо дар он замон аз матоъ, тахтаҳои биринҷӣ ва чӯбин истифода мекарданд. Чӯб ва матоъ абадан нигоҳ дошта намешаванд, тахтачаҳои металлӣ бошанд вобаста ба ҷангҳои зиёди таърихи Рим, тез-тез ғанима-

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

ти тохтутозгарон мешуданд, ки барои онҳо фулузот қиммати калон дошт ё дар бисёр маврид сӯхтор рух дода, тахтачаҳои мазкур гудохта мешуданд. Танҳо қисме аз матнҳои шартномаҳои давраи мазкур тавассути қайду асарҳои ҳуқуқшиносони давраҳои баъдинаи римӣ ҳифз монда, ба замони мо расиданд. Ҳатто тибқи ҳамин маълумоти порчавӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки Рими ибтидоӣ бо ҳамсояҳои худ, пеш аз ҳама ҳамсояҳои дар Италия ҷойгир буда, муносиботро барқарор намудааст. Инчунин маълумоте боқӣ мондаанд, ки тибқи онҳо муайян мегардад, ки Рим бо давлатҳои соҳили дигари баҳри Миёназамин низ муносибот доштааст. Мисол, шартномаи тиҷоратии охири асри VI п. м. бо Карфаген, ки дар соҳили Африка ҷойгир буд, шоҳиди ин гуфтаҳо мебошад.

Рим – ва рақиби асосии он Карфаген тибқи қайдҳои як қатор муаллифони антиқӣ баъзе сохтори сиёсии якхеларо доштанд. Баробари ин, зарур аст зикр намоем, ки Карфаген комилан ба дигар тамаддун, яъне ба Шарқи Наздик тааллуқ дошт. Карфагенро дар асри IX п. м. (тақрибан дар соли 814 п. м.) муҳоҷирони аз шаҳри Тири Финикия баромада, дар шимолии Африка бунёд намуда буданд[1], ки он номи Картхадашт, яъне «Шаҳри Нав»-ро гирифта буд. Дар аввал Карфаген миёни масконгоҳҳои финикӣ ва нуқтаҳои тиҷоратии онҳо дар ҷануб-ғарбии ҳавзаи баҳри Миёназамин ҷойгир буда, аз онҳо ягон фарқияту бартарият надошт. Аммо бо гузашти вақт Карфаген тавонист, ки дар роҳи транзитии баҳрӣ мавқеи қуллайро ишғол намуда, аз фаъолияти тозаи тиҷоратӣ ба экспансияи хориҷӣ гузарад. Ҳамин тариқ, Карфаген ба яке аз давлатҳои пурзӯри ҳавзаи баҳри Миёназамин табдил ёфт. Карфаген ба сиёсати мустамликакунӣ гузашта, аллакай дар миёнаи асри VII п. м. дар ҷазираи Эбес (имрӯза Ибиса) - и соҳили шарқии Испания аввалин мустамликаи худро барпо намуд.

Ҳамин тавр, дар асри V п.м. Карфаген дар ғарби ҳавзаи баҳри Миёназамин ба давлати аз ҳама калонтарин ва аз ҷиҳати ҳарбӣ пурқувваттарин табдил ёфт. Ба ҳайати он соҳилҳои шимолии Африка дар ғарбтар аз Киренаика, ҷануби Испания, як қисми ҷазираҳои Балеар, ҷазираи Сардиния, қисми ғарбии Ситсилия ва ҷазираҳои байни Ситсилия ва Африка ҷойгир буда, дохил мешуданд. Аҳолии мамлакатро халқиятҳои гуногун ташкил медоданд. Маркази он бошад шаҳри Карфаген буд. Қисмати дигари давлати мазкурро мустамликаҳои тиҷоратӣ-ҳунармандӣ ва заминдории Карфаген ташкил медоданд, ки онҳо дар идоракунии дохилии худ аз ҳуқуқҳои муайян бархӯрдор буда, дар сиёсати хориҷӣ бошад пурра ба метрополия тобеъ буданд ва аз ҷониби мансабдорони аз Карфаген таъйин шуда назорату идора карда мешуданд. Ҳамин тавр, дар мин-

[1]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 337.

тақаи мазкур Карфаген рақиби асосии Рим гардид, ки байни онҳо се ҷанги Пунӣ шуда гузашт[1].

Бо табдил ёфтани шоҳигарии Рим ба Ҷумҳурии Рим алоқаҳои байналхалқии он низ васеъ гардиданд. Дипломатияи Рим пурра ба сатҳи ҷаҳони онвақта баромад. Тағйироти куллӣ дар ин раванд ҷанг бо рақиби пурқувваттарин Рим – Карфаген гардид. Ғалаба дар ҷанги Дуюми пунӣ (218 – 201 п.м.) Римро амалан ба қудрати ягонаи ҳавзаи баҳри Миёназамин табдил дод. Дар баробари васеъшавии сарҳадот, ҷиддӣ ба роҳ мондани алоқаҳо бо халқҳои гуногун, ки бисёре аз онҳо ба ҳайати Рим ворид карда шуданд, барқарор намудани алоқа бо минтақаҳои назди сарҳадии худ сиёсати берунии Рим низ васеъ ва мураккаб гардид. Намоиши қувва аз ҷониби легионҳоро дипломатияи румӣ низ пурра мекард, ки аҳамияти он бошад аз пештара дида, зиёдтар гардида буд.

Фаъолияти ҷиддии дипломатии Рим ҳам ба натиҷаҳои ҷангҳои Пунӣ ва ҳам ба ҷангҳои дар Юнон таъсир мерасонд. Барои тарафҳои даргир ҳаётан бисёр муҳим буд, ки ба муттаҳидшавии душманон дар як лагер роҳ надиҳанд, бисёре аз онҳоро ба тарафи худ кашанд ё аз онҳо ҳифз нигоҳ доштани бетарафиро ба даст оранд. Зеро қувваҳои рақибон қариб, ки баробар буд, барои ҳамин комилан фаҳмо буд, ки касе, ки аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи мазкур беҳтар мебарояд, ғалабаро ба даст меорад. Дар самти ҷустуҷӯи иттифоқчиён на танҳо Рим, инчунин Ганнибал, ки сарлашкари моҳир ва сиёсатмадори пуртаҷриба буд, нигоҳи худро ба самти давлатҳои Ҷаҳони Юнонӣ ниҳоданд, то ки дар он ҷо иттифоқчӣ пайдо намоянд. Рим дар дипломатияи худ аз ҳар роҳу воситаҳо истифода мебурд. Зарур аст қайд намоем, ки дар рафти ҷанги дуюми Пунӣ (с. 218 – 201 п. м.) дар муҳорибаи назди Канн, 2 августи соли 216 п. м., Рим аз Карфаген шикасти сахт хӯрд, аммо баъд тавонист, ки дар натиҷаи як муҳориба ҷангро бо ғалабаи худ ҷамъбаст намояд.

***Мубориза‌и дипломатӣ дар давраи Ҷанги Дуюми Пунӣ.*** Ганнибал, ки бо лашкари худ дар қаламрави Италия қарор дошт, тавонист, ки шоҳи Македония Филиппи V, ки орзуи ташкил кардани Македонияи Бузург, ки онро дар вақташ Филиппи II таъсис дода буд, карда буд, ба тарафи худ кашид.

Дар соли 215 п. м. байни Филипп ва Ганнибал шартномаи иттифоқӣ баста шуд. Дар умум аз рӯи шакл, матну мундариҷаи худ шартнома қарордодҳои пешинаро такрор мекард. Он бо пешгуфтор сар шудааст, ки дар он тарафҳо қасам мехӯранд, қисми асосии он бошад аз моддаҳо иборат буда, бо хулоса ҷамъбаст карда шудааст, ки дар ин қисмат гуфта шудааст, ки иттифоқ кафолати мустаҳками сулҳ ва муътадилии муносиботи байналхалқӣ мебошад.

Римиён аз бастани шартнома ба ҳаяҷон омаданд. Зеро шартномаи ду рақиби пурқуввати онҳо амалан маънои тақсим намудани ҷаҳон зери доираи таъсири онҳоро ифода мекард, ки дар он барои ҳастии Рим ҷой намемонд.

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Кӯшиши бартараф намудани заволи худро намуда, римиён бар зидди Македония ҷанг эълон карданд. Ҷанги Якуми Македонӣ (214 – 205 п. м.) - ро зиддиятҳои шадиди дипломатӣ ҳамроҳӣ карданд[1]. Рим тавонист хусумати анъанавии юнониёнро нисбати Македония аланга занад ва тавонист, ки иттифоқчиёни худро, аз ҳисоби коалитсияи зиддимакедонӣ дар симои Спарта ва Иттифоқи Этолия дар зерпаҳлӯи Македония ёбад. Соли 211 п.м. иттифоқи дӯстонаи онҳо бар зидди Филипп баста шуд.

Ҳамин тавр, Рим дар муборизаи дипломатӣ Ганнибалро шикаст дод. Новобаста ба муқобилати шадид нишон додан, шоҳи Македония маҷбур шуд бохти худро эътироф намояд ва соли 205 п.м. розӣ шуд, ки байни Рим ва Македония шартномаи сулҳ баста шавад. Тибқи шартномаи мазкур Филипп ба гузашткунии қаламравҳо розӣ шуда, аммо аз ҳама муҳимаш аз иттифоқи худ бо Ганнибал дошта даст кашид.

Римиён дар ҷабҳаи дипломатӣ ба дастовардҳои калон ноил шуданд, ҳатто пешравии дипломатии онҳо дар худи Африка ҳам намоён гардид. Онҳо аз рақобати шоҳҳони Нумидия Масинисса ва Сифакс истифода бурда, римиҳо тавонистанд Сифаксро водор намоянд, ки ба тарафи Рим гузарад. Дастовардҳои рақибони Ганнибал ба он оварда расонд, ки иттифоқчии деринаи Карфаген Масинисса ҳам аз вай рӯ гардонад. Натиҷаи бохти дипломатӣ бошад, инчунин шикасти ҳарбии худи Ганнибал дар муҳорибаи назди Зама (19 октябри 202 п.м.) гардид. Дар натиҷа соли 201 шартнома баста шуд, ки мувофиқи он мулкҳои он сӯи баҳрии Карфаген ғасб карда шуданд, ғайр аз, ин карфагениҳо розӣ шуданд, ки аз бурдани сиёсати мустақилонаи хориҷӣ ва ҳуқуқи нигоҳ доштани флоти ҳарбӣ низ даст кашанд. Карфаген, инчунин ӯҳдадор шуд, ки дар муддати 50 сол тавони ҷангии ниҳоят калон – ба маблағи 10 000 талантро ба Рим пардохт намояд[2]. Баъди муҳорибаи мазкур Рим дар самти ғарбии баҳри Миёназамин яккаву танҳо тантана мекард. Баъди ба охир расидани ҷанги дуюми Пунӣ дар ҷамъияти Рим оид ба масъалаи шакл ва методи бурдани сиёсати хориҷӣ баҳсу мунозира ба миён омад. То ин дам сиёсати хориҷиро пурра Сенат муайян мекард. Маҳз баъди шикаст дар муҳорибаи назди Канн бори нахуст сиёсати хориҷӣ берун аз деворҳои сенат таҳрезӣ карда шуд. Зеро баъди шикаст дар муҳорибаи назди Канн, ки лашкари Ганнибал дар Италия ҳузур дошт, сарлашкари римӣ Публий Корнелий Стсипион Африкоӣ бе мувофиқа бо Сенат, на ба муқобили Ганнибал дар Италия равон шуд, балки юриши ҳарбиро ба самти Карфаген ташкил намуд. Дар натиҷа Ганнибал маҷбур шуд, Италияро монда, аз паси римиён ба Африка равон шавад. Ин тактика ва стратегияи ҳарбӣ натиҷа дод ва Ганнибал дар муҳорибаи назди Зама торумор гардид. Ва маҳз баъди ҳамин муҳориба нахустин бор шуда, ғоя дар бораи офаридани Ҷаҳони Римӣ – Pax Romana дар тамоми ҳавзаи баҳри Миёназамин баррасӣ карда шуд.

---

[1]Ниг.: Ковалев С. И. История Рима. Новое издание, исправленное и дополненное. Под редакцией профессора Э. Д. Фролова. СПб.: Полигон, 2002. – 864 с.

[2]Машкин Н. А. История древнего Рима. Учебник. М.: Высшая школа, 2006. С. 186.

Ганнибал маҷбур шуд, ки соли 195 п.м. роҳи гурез пеш гирад, аммо дар ғарибӣ низ ӯ аз нияти худ даст накашид ва нақшаҳои худро дар самти таъсис додани коалитсияи зиддиримӣ идома дод. Мақсади ӯ торумор намудани Рим буд. Ганнибал ба иттифоқчиёни имкониятдораш таъкид мекард, ки «иқтидори Рим на дар қудрати ҳарбии он мебошад, балки дар қобилияти аз ҳам ҷудо намудани халқҳо мебошад». Аммо онҳо аз қаҳри Рим метарсиданд ва ҷуръат намекарданд, ки зидди римиён ба амалиёти ҳарбӣ даст зананд. Баъди ҷанги дуюми Пунӣ Рим сиёсати худро дар самти Шарқ фаъол намуд ва мудохилаи худро дар қаламрави давлатҳои эллинӣ ҷиддӣ ба роҳ монд. Баробари ин, римиҳо шоҳи Македония Филиппро ба тарафи худ кашида буданд, ки ӯ розӣ шуд ба онҳо ҳангоми ҷанг бо Ганнибали пинҳоншудае, ки майл намуда буд, то ки шӯриши юнонии шоҳи Сурия Антиохи III-ро зидди Рим хезонад, ёрӣ мерасонад. Антиох, ки ба иттифоқчии худ (Ганнибал) содиқ монд, аммо ӯ ҳам дар муҳорибаҳо аз Рим ду бор шикасти калон хӯрда, маҷбур шуд, ки сулҳ бандад.

Мувофиқи шартномаи сулҳи Апамея (шаҳр бо номи зани Селевки I Никатор Апама, духтари Спитамен) аз соли 188 п.м., шоҳигарии Сурия як қатор қаламравҳои худро ба фоидаи Рим аз даст дода, аз бурдани сиёсати мустақилона низ маҳрум гардонда шуд. Яке аз шартҳои сулҳ ба Рим таслим карда, додани Ганнибал буд, аммо ӯро аз ин амал дӯстонаш огоҳ намуда, Ганнибал заҳр хӯрда, худкушӣ мекунад[1].

***Ҷанги Македония (асри II п. м.).*** Сиёсати Рим, ки аз принсипи тақсим намо ва ҳукм рон иборат буд, тибқи он акнун баъди Карфаген навбати Македония расид. Дар таърих чор Ҷангҳои Македонӣ (с. 215 – 205 п. м., с. 200 – 197 п. м., с. 171 – 168 п. м., с. 150 – 148 п. м.) шуда гузаштанд. Ҷанги Македония (с. 171 – 168 п. м.) аз ҷониби писари хурдии Филиппи V Персей сар зада буд. Гарчанде ки шоҳи Македония дар ихтиёри худ бартарияти муваққатии стратегӣ дошт, аммо дар натиҷаи хатогиҳои дипломатии худ ҷангро бохт.

Ба даст овардани ғалаба дар ҷанг бо Рим аз он вобаста буд, ки оё Персей метавонад ба тарафи худ иттифоқчиёнро кашад. Инро дипломатҳои Рим низ дуруст дарк мекарданд, ки кӯшиш мекарданд сиёсати худ «тақсим намо ва ҳукм рон»-ро амалӣ намоянд.

Персей барои мадад гирифтан ба Иттифоқи Ахея, ки онро Коринф роҳбарӣ мекард, муроҷиат намуд. Пешниҳоди шоҳи Македония оид ба бастани иттифоқи дӯстона ба андозаи зарурӣ диққатҷалбкунанда буд ва дар Маҷлиси иттифоқӣ аксарият даъват карда буданд, ки он қабул карда шавад. Аммо римиён, тавассути архонтҳои Ахея, ки тарафдори Рим буданд, амал намуда, тавонистанд, ки маҷлисро ба он бовар намоянд, ки Персей танҳо як сафорат фиристондааст, ки он ҳам як мактуби кӯҳторо овардаасту халос, бо ин амал вай беҳурматии худро нисбати халқи Ахея нишон додааст. Ҳамин тавр, пешниҳоди Персей рад карда шуд.

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Баъди ин муваффаққият, римиҳо боз тавассути гашти моҳиронаи дипломатии худ тавонистанд, ки шоҳи Пергам Эвменро, ки ӯ дар навбати худ аз иддаои Персей ба соҳилҳои Осиёи Хурд ва гулӯгоҳи Геллеспонт метарсид, ба он водор намоянд, ки ба Рим ба сифати суди ҳакамӣ муроҷиат намояд. Сенат Эвменро бодиққат гӯш карда, ӯро «беҳтарин дӯст» - и мардуми Рим эълон карда, фавран бо вай иттифоқро баст.

Дар муҳорибаи назди Пидна соли 186 п.м. Персей аз Рим шикасти сахт хӯрд, ки ғалабаи римиҳо аз бисёр ҷиҳат аз ҷониб пергамиҳо ва махсусан иштироки лашкари савораи Пергам дар ин муҳориба таъмин карда шуд. Ғалабаи мазкур, инчунин натиҷаи хатогӣ ва нокомии дипломатияи шоҳи Македония Персей дониста мешавад.

***Сиёсати Рим нисбати Миср ва Иттифоқи Ахея (асри II п. м.).*** Дар арафаи асри II п.м. Рим ба таври ниҳоӣ ба қудрати пурқувваттарини минтақа табдил ёфта, шартҳои ҳаётии худро барои ҳамагон таъкид мекард. Иродаи он баҳсу рад карда намешуд, ҳатто ҳокимони боқувваттарини минтақа низ ҷуръат намекарданд, ки бо Рим сарбасар шаванд.

Барои тақвияти гуфтаҳои боло як ҳодиса, ки бо Антиохи IV, писари Антиохи III рух додааст, мисол шуда метавонад. Ба қаламрави Миср ворид шуда, шоҳи Сурия Антиохи IV Эпифан аллакай тайёр буд, ки ба мисриён шартҳои таслимшавии Мисрро дикта намояд. Аммо, барои суриягиҳо низ ногаҳонӣ, дар масофаи 4 мил аз Искандария шоҳи Сурия сафорати Римро зери роҳбарии легат Гай Попиллий Ленат вомехӯрад.

Попиллий, соли 168 п.м. ҳамин, ки шунид, Рим дар Ҷанги Сеюми Македонӣ ғалаба ба даст овардааст, ҳатто ба дуруди шоҳи Сурия низ ҷавоб нагардонда, аз суриягиҳо талаб намуд, ки дар зудтарин фурсат қаламрави Мисрро тарк намоянд. Аммо, вақте ки Антиохи дар ҳайрат монда, барои хулоса баровардан ва маслиҳат гирифтан аз наздикону атрофиёнаш ҷудо намудани вақтро талаб менамояд, сафири римӣ дар атрофи ӯ дар замин бо химча доираро кашида мегӯяд: «Пеш аз оне ки аз ин доира барой, ҷавоби аниқ деҳ, то ки ман тавонам онро ба Сенат расонам». Дар ҷавоб Антиох танҳо ҷуръат кард, ки ин суханонро гӯяд: «Ман ҳама чизро иҷро мекунам, чизе, ки Сенат талаб менамояд». Акнун, ки Рим Мисрро аз таслимшавӣ наҷот дод, он мустақилияти сиёсии худро низ аз даст дода, баъдтар бошад ба яке аз музофотҳои Рим табдил дода шуд.

Аммо баъди ин амал як ҳарифи рақобатпазири дигари Рим боқӣ монд, ки он ҳам бошад Иттифоқи Ахея ба ҳисоб мерафт. Барои он ки аз болои Иттифоқи Ахея пирӯз гардад, Рим боз ҳам аз силоҳи асосии муборизаи дипломатии римӣ «divide et Impera – тақсим намо ва ҳукм рон», ки борҳо манфиатоварии худро исбот намуда буд, истифода кард. Римиҳо, ба хотири аз дохил заиф гардондани иттифоқ, ба муборизаи сиёсии анъанавии миёни доираи олигархӣ ва демосҳои дохили шаҳрҳои юнонӣ дахолат мекарданд.

Баҳона барои ошкоро дахолат намудан ба корҳои дохилии Юнон муроҷиати Спарта, барои миёнаравӣ намудан дар ҳалли як масъала, ба Рим гар-

дид. Зеро спартанҳо аз иҷрои талаби иттифоқ дар хусуси ворид шудани он ба Федератсияи Ахея даст кашида буданд. Римиҳо кӯшиш намуданд, ки бо ёрии дипломатия ғалабаро ба даст оранд, аммо ду сафорати онҳо танҳо рӯҳияи зиддиримии аъзоёни Иттифоқи Ахеяро зиёдтар гардонданду халос[1].

Дар натиҷа дар Юнон тағйирот сар зад. Доҳиёни Ахея нутқҳои дурӯғини римиҳоро фош карданд ва олигархҳои худро ба ватанфурӯшӣ айбдор намуданд. Ҳамзамон онҳо ба ислоҳоти радикалӣ даст заданд: тақсими замин, бекор кардани қарзҳо, эълон намудани озодӣ ба ғуломон ва ғайра.

Вақте ки сафорати нави Рим дар Коринф, яъне яке аз марказҳои асосии минтақа, ҳангоми баромад намудан дар назди маҷлис зери ханда қарор гирифта шуда, таҳқир карда шуд, ин он маъноро ифода мекард, ки ҷанг ногузир аст.

Дар муҳорибаи ҳалкунанда дар назди Левкопетра дар соли 146 п. м. римиҳо ғалаба ба даст дароварданд, Юнони Балканиро ба худ тобеъ намуданд ва дар он ҷо музофоти римии Ахайя (Ахея) - ро бо марказаш Коринф таъсис доданд. Расман бошад Афина ва Спарта мустақил монданд, аммо сиёсати хориҷии онҳо низ пурра ба Сенат ва халқи Рим тобеъ карда шуд.

Дар худи соли 146 п.м. бо хароб кардани Карфаген аз ҷониби римиҳо Ҷанги Сеюми Пунӣ (с. 149 – 146 п. м.) низ ба охир расид.

Натиҷаи воқеаҳои мазкур маънои онро доштанд, ки Рим аз як полис ба давлати ҷаҳонии баҳри Миёназамин табдил ёфтааст. Рим амалан ба ягона марказе табдил ёфт, ки минтақаҳои атрофро идора мекард. Трансформатсияи мазкур тавлидшавии империяро ифода мекард.

Ҳамин тавр, Рими Қадим аз бисёр ҷиҳат гаҳвораи ҳуқуқи байналхалқӣ дониста шудааст. Унсурҳои ҳуқуқӣ - байналхалқӣ, ки аллакай дар ҳуқуқи фетсиалӣ (jus fetiale) барқарор карда шуда буданд, бо мураккабшавии муносибот бо ҳамсояҳо дар баробари «ҳуқуқи граждании» (jus civile)-и пешина «ҳуқуқи халқҳо» (jus gentum) низ зуҳур кард, ки он бошад муносибатҳои римиёнро бо хориҷиҳо ба танзим медаровард. Ғайр аз ин, римиҳо амалан, инчунин асосгузори ҳуқуқи баҳрӣ низ гардиданд. Дар чорчӯбаи Ҷаҳони Юнонӣ дар давраи эллинизм ҳанӯз унсурҳои «ҳуқуқи баҳрӣ» пайдо шуда буданд. Дар Родос дар ибтидои асри II п. м. ҳатто кӯшиши кодификатсияи қоидаҳои «ҳуқуи баҳрӣ» карда шуд. Аммо дар умум бошад роҳзании баҳрӣ дар Юнон боқӣ монда буд. Танҳо дар давраи Ҷумҳурии Рим, ки тиҷорати байналхалқии васеъ мебурд ва дар ворид намудани ғалла ба қаламрави худ манфиатдор буд, мубориза бар зидди роҳзании баҳрӣ, таъмин намудани киштиронии тиҷорати баҳрӣ (он зина ба зина ба Mare Nostrum табдил ёфт) ба предмети қарордодҳои байналхалқӣ ва яке аз вазифаҳои муҳими Ҷумҳурии Рим табдил меёбад[2].

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Ниг.: Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Аммо то расидан ба барқароршавии чорчӯбаҳои ҷиддии ҳуқуқӣ ва маҳдудкунии рафтори давлатӣ дар саҳнаи байналхалқӣ давраи тӯлониро тай намудан даркор буд. Дар алоқамандӣ ба ин римиҳо дар сиёсати хориҷии худ тавассути ҳуқуқи vae victis (дод аз дасти мағлубшудагон, вой бар ҳоли мағлубшудагон) амал мекарданд, ҷангҳои давраи охири ҷумҳурӣ бо мақсади ғорат кардани як қатор мамлакатҳо ташкил карда мешуданд. Дар рафти сиёсати мазкур нақши сарлашкарон боло баромада, зина ба зина мақом ва мартабаи Сенат поён мефароянд. Сарлашкарон, ки худ сиёсатмадор ҳисоб мешуданд, дар охири Ҷумҳурӣ даъвои мақомҳои баланди давлатӣ мекарданд. Масалан, дар ин самт рафтори Сезар баъди анҷом ёфтани юриши ӯ ба Галлия мисол шуда метавонад. Сарлашкари дигар Красс низ баробари Сезар даъвои сарварӣ дошт, аммо ӯро портҳо дар натиҷаи муҳорибаи назди Карр аз байн бурданд.

***Ҷангҳои Гай Юлий Сезар дар Галлия (с. 58 – 51 п.м.). Экспедитсияи Британия.*** Рим, тамоми ҳавзаи баҳри Миёназаминро ба худ тобеъ намуда, баъди он дасти худро ба сӯи қаламравҳои дуртар дароз намудан оғоз кард. Сиёсати хориҷии Рим дар давраи мазкур диққатҷалбкунанда буд. Дар нимаи дуюми асри II п. м. ва асри I п. м. легионҳо ва дипломатҳои римӣ ба равандҳои ҳаётӣ-сиёсии дар Галлия, Британия, Германия, Осиёи Хурд ва Сурия сурат гирифта, таъсири ҷиддӣ мерасонданд.

Яке аз сарлашкарон, сиёсатмадорон ва дипломатҳои машҳури Рим дар давраи мазкур Юлий Сезар ба шумор мерафт.

Дар миёнаи асри I п.м. дар дохили ҷамъияти қабилаҳои сершумори галлӣ, ки дар ҳудудҳои васеи қаламравҳои ҳозираи Франсия, Белгия ва қисми Германия паҳн шуда буданд, раванди ҷудошавии табақаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ гузашт, ки он бо низоъҳои дохилию берунӣ низ вобаста буд. Баъзе аз қабилаҳо ба зинаи таъсисдиҳии ташкилоти мутамаркази доҳигӣ ё ки протодавлатӣ расиданд, ки дар ин зинаи рушди таърихии ҷамъияти инсонӣ ҳамаи нишонаҳои давлатӣ зуҳур менамоянд.

Дар давраи ҷангҳои Галлия (с. 58 – 51 п. м.) Сезар, ба фоидаи Рим, аз низоъҳои ҷойдошта дар байни ин ҳамсояҳои шимолӣ моҳирона истифода мебурд. Ба корҳои дохилии галлҳо дахолат намуда, ӯ тавонист, ки конференсияи умумигаллиро даъват намояд. Он бо асли баромади худ конгресси дипломатии намояндагони тамоми қабилаҳои галлӣ буд, ки Сезарро доҳӣ ва ҳимояткунандаи манфиатҳои умумигаллӣ эълон кард. Қозии олӣ интихоб шуда, Сезар на танҳо имконият ба даст овард, ки оид ба масъалаҳои дохилии галлҳо маълумот дошта бошад, балки ҳуқуқ гирифт, ки ба раванди ҷазодиҳии қабилаҳои маҳаллӣ низ дахолат намояд[1]. Моҳирона галлҳоро идора карда, Сезар амалан тавонист, ки то соли 52 п. м. онҳоро ба Рим тобеъ намояд[2]. Дар Галлия вазъият ва сатҳи пасти рушди маданию иҷтимоии таҳҷоиёнро дида, яке аз дӯстони Юлий Сезар аз ӯ мепурсад: «Наход дар ҳамин кунҷу канори ҳаққиронаву паст низ одамон байни

---

[1]Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 408 – 412.

[2]Машкин Н. А. История древнего Рима. Учебник. М.: Высшая школа, 2006. С. 333 – 334; С. 339 – 342.

худ барои ҳокимият мубориза мебаранд? Наход дар ин ҷо ҳам одамоне ҳастанд, ки оид ба сарварӣ орзӯ мекунанд»? Ба ин Сезар чунин ҷавоб гардондааст: «Ман дар ин ҷо якум буданамро афзалтар медонам, назар ба оне ки дар Рим дуюм бошам».

Сезар, инчунин соли 55 п. м. ба Британия низ юриш ташкил намуд. Ӯ бо ду легион ба соҳилҳои Британия фуромада, аз болои қабилаҳои келтии он, ки бо хешон - қабилаҳои қитъавии худ аз нигоҳи забонӣ, динӣ ва урфу одат як хел буданд, ғалаба ба даст овард. Соли 54 п. м. Сезар боз дуюмбора ба Британия юриш ташкил намуда, аз дарёи Темза низ гузашт, бо ҳамин қисми ҷанубии ҷазираи Британия ба зери доираи таъсири Рим даромад.

Октавиан Август, писархонди Юлий Сезар, давомдиҳандаи сиёсати ӯ дар қаламрави Галлия, Германия, Британия, инчунин дар Шарқ гардид. Аз давраи Октавиан Август, ки аввалин император (принсепс) - и Рим эълон гардид, таърихи давраи империяи Рим (I п. м. – V м.) дар муносибатҳои байналхалқӣ сар мешавад.

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи империя (асрҳои I – V мелодӣ).** Баробари табдилёбии Ҷумҳурии Рим ба империяи Рим сохтори сиёсии он низ тағйир ёфт. Зина ба зина Сенат ҳамчун мақоми роҳбарикунандаи олӣ мавқеашро аз даст дода, дар доираи фаъолияти худ ба шӯрои давлатии назди император табдил ёфт.

Ҳамаи тағйироти мазкур ба системаи идоракунии сиёсати хориҷии империя низ таъсири худро расонданд. Аз ин пас идоракунии ҳамаи соҳаҳои сиёсати хориҷӣ дар ихтиёри император ва конселярияи ӯ, мақоми олии маъмурӣ, ки роҳбарии онро котиби император ба ӯҳда дошт, қарор дода шуд. Император самтҳои сиёсати байналхалқиро муайян мекард, ҷанг эълон мекард ва сулҳ мебаст, сафиронро таъйин мекард ва ба дигар давлатҳо мефиристонд. Ҳамин тавр, дипломатия ба функсияи идоравии анъанавӣ, табдил ёфта, характери демократии худро аз даст дод.

Аммо қонунгузории умумӣ, ки ба фаъолияти сафорат дахл дошт ва ҳам худи ҳуқуқи халқҳо ҷиддан тағйир дода нашуданд. Рим ҳоло ҳам ба мисли давраи пештара ба соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ диққати калон медод. Зеро он маркази империяи бузург ба шумор рафта, дар он халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, ки аз ҳамдигар тафовути зиёд доштанд, баробари ин, дар атрофи империя давлатҳои дигар (хусусан дар Шарқ) ҳастӣ мекарданд ва дар шимол бошад мавҷи ҳаракати қабилаҳои варварӣ сар шуда буд.

Сиёсати хориҷии империя дар ин давра асосан дар Шарқ ва Шимол бисёртар ба назар мерасид. Дар шарқ, ки мо дар поён дар алоҳидагӣ гап мезанем давлати нави эронитаборон – Порт арзи ҳастӣ кард, ки Рим дар таърихи мавҷудияташ ҳеҷ натавонист, ки онро торумор намояд. Дар шимол бошад ҳаракати қабилаҳои варварӣ фаъол гашта, маҳз онҳо оқибат империяи Ғарбии Римро аз байн бурданд.

Барои ҳамин муносиботи байналхалқӣ мураккабтар шуда, зарурият пеш омад, ки ба равандҳои муносибатҳои байналхалқӣ ҷиддитар назар кард.

Дар давраи принсипат, дар муддати ним асри аввали мавҷудияти империя экспансияи фаъолонаи Рим идома дошт. Дар давраи ҳукмронии Август римиҳо қисми шимол-ғарбии нимҷазираи Иберияро забт карданд, қабилаҳои астурҳо ва кантабрҳоро тобеъ намуда, музофоти Лузитанияро дар соли 19 п. м. таъсис доданд. Инчунин римиён тобеъ намудани вилоятҳои он сӯи Алп ва назди Дунайро ҷамъбаст намуда, дар ин қаламравҳо музофотҳои нави империя - Паннония, Норик, Ретсия, Мезия таъсис дода шуданд. Ба ҳайати империя ба таври ниҳоӣ қабилаҳои иллирӣ дохил карда шуда, музофоти Иллирия низ шакл гирифт. Дар охири асри I п.м. дар қаламрави васеи қабилаҳои германӣ – аз Рейн то Элба, музофоти Германия ташкил карда шуд. Аммо баъди шӯриши Арминий дар соли 9 п.м. легионҳои римӣ аз соҳили рости Рейн кӯчонда, баргардонда шуданд. Дар давраи ҳукмронии Клавдий (с. 41 – 54 мелодӣ) соли 43 қисми калони Британия низ забт карда шуд ва дар он ҷо музофоти Британия таъсис дода шуд. Сонӣ бо роҳи дипломатӣ ба ҳайати империя Фракия ва Мавретания (вилояти таърихӣ дар шимол-ғарбии Африка дар қаламрави ғарбии Алҷазоир ва шимолии Марокаш) шомил карда шуданд. Дар давраи император Домитсиан (с. 80 – 96) римиҳо дар натиҷаи мубориза шадид бо германиҳо қисми ҷануб - ғарбии Германияро ба даст даровар данд. Дар давраи император Траян бошад охирон дастовард ба даст омад. Дар натиҷаи ҷанги вазнин ва дарозмуддат (с. 101 – 107) Дакия тобеъ карда шуда, он бо ин ном ба яке аз музофотҳои Рим табдил дода шуд. Бо ҳамин экспансияи Рим қатъ гардонда шуд.

Асосҳои ғоявӣ барои гузаштан аз сиёсати экспансионӣ ба сиёсати мудофиавии сарҳадоти империя ин аз нав бо тарзи дигар зинда кардани консепсияи «Ҷаҳони римӣ» (Pax Romana) гардид. «Ҷаҳони Рим» дар маънидодкунии нав акнун зери мафҳуми худ ҳамаи халқҳои ботамаддунро муттаҳид мекард ва он ҳамчун синоним (ҳаммаъно)-и давлатдории рушдёфта, дастовардҳои моддӣ, маданияти мукаммалёфта, таъминоти оромию осудаҳолӣ ва рушдро ифода мекард. «Ҷаҳони Рим» аз худ ягона алтернативаро ҳамзамон ҳам зидди «озодии варварӣ» (barbarorum libertas) – озодии тодавлатӣ, ваҳшигарӣ, бозиҳои сиёсии хусусияту манфиати маҳаллгароӣ ва эгоистӣ дошта ва ҳам муқобили «деспотизми шарқӣ» муаррифӣ мекард. Илова бар ин, бар зидди «ҷаҳони римӣ» на танҳо ва на ба таври содда bellum (ҷанг), балки bellum omnium contra omnes (ҷанги ҳама зидди ҳама), discordiae (ҷанҷоли байнихудӣ, бетартибӣ) меистоданд. Вазифаи асосии сиёсати хориҷии империя ин мубориза бар зидди периферияи фаъолшудаи варварӣ мегардад. Чи тавре ки аён мегардад, ходимони сиёсӣ ва давлатии Рим қарорҳои нави принсипиалии ҳал намудани масъалаи мазкурро ба мисли Хитойи Қадим пешниҳод карда натавонистанд. Хитой бошад бо қабилаҳои сарҳадоти шимолии худ мубориза бурда, самти ҳаракати як қисми калони онҳоро ба тарафи Ғарб гардонд, оқибат мавҷи муҳоҷират ба Европа ҳам расид.

Гардиши куллӣ дар сиёсати империя дар давраи ҳукмронии император Адриан (с. 117 – 138) ба вуҷуд омад. Яъне империяи Рим ба таври қатъӣ аз

экспансияи хориҷӣ даст кашид ва ба сифати самти асосии стратегӣ ба мустаҳкамкунии сарҳадоти худ гузашт. Дар давраи Адриан дар тамоми ҳудудҳо мустаҳкамкунии сарҳадот сар шуд. Махсусан, дар шимол ба намунаи девори чинӣ, гарчанде ки аз рӯи хусусияти меъмориаш заифтар бошад ҳам, лимеси машҳури римӣ, яъне системаи истеҳкомҳои қалъаҳои назоратии сарҳадӣ, бошишгоҳҳои истеҳкомӣ (ҷойи мустақаркунии легионҳо), ки бехатарии музофотҳои дохилии империяро таъмин мекарданд, сохта шуданд.

Аммо римиҳо на танҳо ба силоҳи худ такя мекарданд, инчунин онҳо дар асрҳои I – II ба таври фаъолона дар сарҳадоти худ ба таъсис додани ташкилотҳои сиёсии аз Рим вобаст буда низ даст мезаданд.

Дар давраи ҳукмронии император Марк Аврелий мақоми бартарият доштани тавоноии ҳарбии Рим аз болои варварҳои атроф ба охир расид. Ҷангҳои Маркоманӣ (с. 167 – 180), ки дар рафти он Рим аз як тараф ва қабилаҳои германитабор ва қабилаҳои кӯчии эрониасли сарматҳо аз як тараф меистоданд, Рим имконият пайдо карда натавонист, ки онро бо роҳи ҳарбӣ ё сиёсӣ-ҳарбӣ ҳал намояд ва варварҳоро аз сарҳадоти империя танг карда барорад. Рим маҷбур шуд, ки ба қисме аз қабилаҳои маркомании германиасл статуси расмӣ – федерат, иттифоқчиёни империяро диҳад, дар қаламрави он сукунат намуда, ӯҳдадор гардиданд сарҳадоти империяро ҳифз намоянд. Бо ҳамин ба ҷойи равнадҳои романизатсиякунӣ зина ба зина «варваризатсияшавӣ»-и канораҳои империя сар шуд.

Дар асри III бошад қаламрави империяи Римро бӯҳрони дарози сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисоди фаро гирифта, раванди ғурубравии ҷаҳони антиқа андак-андак намудор гардид. Дар ин давра марказгурезӣ сар шуда, соли 270 римиҳо дар таърихи худ бори нахуст шуда, як музофоти пурра – Дакияро аз даст медиҳанд.

Бӯҳрони дуру дарози сиёсӣ охири асри III бартараф карда шуд. Бо ба сари қудрат омадани император Диоклетиан дар соли 284 ва аз ҷониби ӯ гузаронданиислоҳотро мутахассисон дар ҳаёти империя давраи нав баҳогузорӣ менамоянд. Давраи мазкур дар таърихи империя бо номи давраи доминат (аз унвони лотинии dominus – хӯҷаин, ки бо ин унвон аз давраи мазкур сар карда, императорро ном мебурданд) меноманд. Диоклетиан тамомияти арзии империяро барқарор намуда, ислоҳоти маъмурӣ ва ҳарбиро гузаронд. Ба назар мерасид, ки «ҷаҳони римӣ» барқарор карда шуд. Аммо дар асл ин аллакай империяи мутамарказ, бюрократӣ ва деспотӣ буд, ки бо ғояи «Pax Romana» комилан муносибати ғайримустақим дошт. Тасоддуф нест, ки ғолиб дар рақобат байни даъвогарони меросият дар империя Константини Бузург пойтахти империяро ба Константинопол кӯчонд. Чунин равиши кор тағйироти меҳвари рушди мадании империяро ба самти Шарқ мустаҳкам гардонд. Аммо ин раванд низ роҳи заволёбии империяро нигоҳ доштан натавонист. Соли 395 империяи Рим байни фарзандони император Феодосийи I – Гонорий ва Аркадий тақсим карда шуд. Императорҳо дигар низоъҳоро байни доҳиён ва шоҳҳони

варварӣ назорат кардан наметавонистанд. Оқибат империяи Ғарбии Рим соли 476 аз ҷониби Одоакр аз байн бурда шуд.

**Сиёсати Рим дар самти Шарқ. Муносибат бо Порт. Экспедитсияи Красс.** Рақиби асосии Рим дар Шарқ шоҳаншоҳии Ашкониён гардид, ки он дар таърихи давлатдории эрониён ба ҷойи империяи Ҳахоманишинҳо зуҳур карда буд. Қувваи ҳар ду тараф баробар буд. Тавассути қаламрави Порт роҳҳои корвонгузар мегузаштанд, ки Шаркро бо Ғарб мепайвастанд.

Баъди ғалаба аз болои Карфаген Рим ба бузургдавлати баҳрӣ табдил ёфта, манотиқи шимолии Африқоро тобеи худ гардонд. Соли 190 п. м. бошад Селевкиён бо сардории Антиохи III дар муҳорибаи назди Магнезия аз Рим, шикаст хӯрда, мавқеи пештараашро нигоҳ дошта натавонистанд ва як қатор минтақаҳои Осиёи Хурдро аз даст доданд. Аз тарафи машриқ бошад, давлати Ашкониён, ки дар ибтидо аз ҳисоби қисмате аз қаламрави начандон калони Селевкиён таъсис ёфта буд, қувват гирифта, баъдтар шоҳ Меҳрдоди I (с. 160 – 138 п. м.) ҳудуди онро васеъ намуда, Портро ба яке аз абарқудраттарин давлатҳои ҳамон замон табдил дод. Хулас, Порт ва Рим мустақиман аз якдигар ба монархияи Селевкиён муддати мадид зарба расонда, он андак - андак мавқеи сиёсии худро аз даст дода, аз байн рафт. Бо ҳамин, дар ин минтақаҳо ҳокимияти юнониён ҳам, ки дар натиҷаи юриши Искандар ба вуҷуд омада буд, барҳам хӯрда, сарҳадоти Рим ва Порт ба ҳам хеле наздик расиданд.

Муносибати дипломатӣ байни Рим ва Порт аз соли 92 п. м., замоне оғоз гардида буд, ки Меҳрдоди II сафорати худро ба назди ҳокими римии музофоти Киликия Лусий Корнелий Сулла, ки ҳамон вақт дар Каппадокия ҳузур дошт, фиристонд. Баъдтар табодули дипломатии Ашкониён бо ҳокимони Рим дар музофотҳои Шарқ, аз ҷумла бо Лукулл, Помпей ва Габиний низ борҳо сурат гирифтааст. Дар натиҷаи васеъшавии ҳудудҳои Риму Порт ҳар ду давлат бо ҳам ҳамсоя ва дар сиёсату муносиботи байналмилалӣ рақиби асосӣ шуданд. Муаррихи бостон Гней Помпей Трог оид ба давлати Ашкониён сухан ронда, роҷеъ ба тавоноии портҳо менависад, ки онҳо се маротиба ба ҳуҷуми римиҳо, ки дар сари онҳо сарлашкарони машҳури Рим меистоданд, рӯ ба рӯ шуданд. Рим дар он вақт дар айни гул - гулшукуфии қудрати худ қарор дошт ва аз миёни ҳамаи халқҳо портҳо на танҳо бо римиҳо баробар буданд, ҳатто онҳоро мағлуб карданд ва ин дар ҳоле сурат гирифт, ки Ашкониёнро аз ҳар тараф хатар таҳдид мекард.

Дар масъалаи низои ҳарбии байни Рим ва Порт гунаҳгор римиён буданд. Рим дар ибтидо, аз сабаби маълумоти нокифоя доштан роҷеъ ба қудрату тавоноии ҳарбии портҳо, бо Ашкониён тавассути сиёсати «шовинизми бузургдавлатӣ» - и худ муносибат мекард. Дар байни портҳо бошад, ки мувофиқи хулосаи аксарияти муҳаққиқон баромади шарқиэронӣ доштанд, таъсири маданияти эллинӣ суст паҳн гардида буд, эллин (юнонӣ) - ҳо барои онҳо бегона ва унсури душманона ба ҳисоб мерафтанд. Ашкониён, баъди забткориҳои мақдуниён, нахустин шуда, мехостанд, ки анъанаҳои панэрониро аз нав эҳё намоянд. Баръакси ҳол римиён, ки ҳавобаландона сиёсат бурда, дар баробари

ин, аҳолии юнонитабори Шаркро ҳомигӣ мекарданд, барои портҳо ҳам бегона ва ҳам хатарнок намудор шуданд.

Солҳои 50 - уми пеш аз мелод рақобати ин ду империя дар Осиёи Пеш шиддат гирифта, сарлашкар ва сиёсатмадори Рим Красс бар зидди портҳо юриши ҳарбӣ ташил намуд, ки ба он дар муҳорибаи назди Ҳаррон хотима дода шуд. Ӯ дар роҳи худ ба ғораткунии минтақаҳо даст зада, ҳатто ашёҳои нодиру қиматбаҳои маъбади яҳудиёнро дар Байтулмуқаддас ба яғмо бурд.

Пеш аз юриши Красс бошад яке аз роҳбарони онвақтаи Рим Помпей бо Парфия муносибати ноодилона намуда, қарордодро нақз карда, хатти сарҳадро, ки тибқи шартнома дарёи Фурот муайян шуда буд, ба эътибор нагирифта, баъзе минтақаҳоро аз портҳо ба фоидаи Арманистон, ки он ҳам акнун ба вассали Рим табдил ёфта буд, кашида гирифт. Ин боиси он гардид, ки Порт бар зидди Арманистон ҷанг эълон намояд, ки ин амал баробари эълон намудани ҷанг бар зидди Рим буд. Дар ин вақт дар Порт зиддиятҳои дарборӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар натиҷа ҳокими римии Сурия Авл Габиний аз вазъияти ба амал омада истифода намуда, легионҳои худро ба самти Фурот равон намуд, аммо ногаҳон ӯро бо фармоне аз Рим барои ба тартиб даровардани вазъияти ноороми бавуқуъ омада дар Миср ба Искандария фиристонданд. Баъди бомуваффақият ба анҷом расидани юриши Миср, Габиний боз хост аз сари нав бар зидди портҳо ҷангро оғоз бахшад, ки дар ҳамин лаҳзаҳо Красс ба Сурия ворид шуда, ташкил намудани юриши навбатиро ба даст мегирад.

Бояд ёдовар шуд, ки соли 60 - уми п. м. Гай Юлий Сезар, Гней Помпей Магн ва Марк Лисиний Красс байни худ оид ба якҷоя амал намудан қарордод баста, дар Рим триумвирати якум ба фаъолият сар кард. Баъди оне ки онҳо дар Рим ҳокимияти сиёсии худро мустаҳкам намуданд, сегонаи мазкур байнашон доираи таъсири худро дар қаламрави давлати ҷумҳуриявии Рим низ муайян намуданд, ки тибқи он ба Красс музофотҳои Шарқ расиданд. Красс, ки пахшкунандаи шӯриши Спартак буд, музаффариятҳои ҳарбии бархе аз сарлашкарони Рим, аз ҷумла Помпейро, дар Шарқ бозиҳои кӯдакона номида, хост, ки то Бохтару Ҳинд, ҳатто заминҳои он сӯи Ҳинд, то соҳили баҳр расад[1].

Ҳарчанд пеш аз муҳориба портҳо сафорат фиристоданд, то ки роҳи ҷангро гиранд, Красс ба маслиҳати онҳо эътибор надод. Ҳайати сафорат аз номи шоҳи Порт ба Красс расонданд, ки агар лашкарро халқи Рим фиристондааст, ҷанг сахту оштинопазирона мешавад, агар, чи хеле ки овоза паҳн шудааст, Красс бар зидди портҳо силоҳро на бо иродаи ватан, балки ба нияти худаш бардошта, заминҳои онҳоро ба манфиати худ ғасб карданист, шоҳи Порт аз ҷанг худдорӣ менамояд ва ӯ аскарони римиро бо ба назар гирифтани эҳтироми синну соли Красс, инчунин дар ин ҳолат на дар хизмати ҳифзи ватан, балки аниқтараш дар назорати нигоҳбонӣ (асорат) қарор доштанашон, ҷавоб медиҳад. Аммо Красс, ки ба худ комилан боварӣ дошт, ки дар ҷанги дар пеш

[1]Сайнаков С. П. Муҳорибаи Ҳаррон (Карр): сабабҳо ва натиҷаҳо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. № 5 (82). Душанбе, 2019. С. 262 – 267.

омада пирӯз мешавад, дар рафти мукотибаи дипломатӣ бо ҳайати сафорат ҳавобаландона хитоб кард, ки ба ин пурсиши онҳо дар Селевкия (яке аз марказҳои асосии давлати Ашкониён) ҷавоб медиҳад. Пас аз ин сафири калонтари портҳо Вагиз дасташро боло карда, ишора ба кафи дасташ намуда, ба ӯ хитоб карда, мегӯяд, ки «тезтар ин ҷо мӯй рӯяд, Красс, назар ба он ки ту Селевкияро бинӣ» ва сонӣ ҳайати сафорат ба пеши шоҳи худ баргашта, аз ногузир будани ҷанг хабар доданд.

Ҳамин тавр, империяи Рим, ки сиёсти таҷовузкоронаро бурда, дар задухӯрди соли 65 п. м. ғалабаро ба даст овард, дар соли 54 п. м. лашкаркаши римӣ Марк Лисиний Красс бо сипоҳи 42 ҳ. нафарааш ҳавобаландона ба Шарқ ҳаракат намуда, 9 - уми майи соли 53 п. м. дар қарибии шаҳри Карр (Ҳаррон) бо сипоҳи 10 ҳ. нафараи сарлашкари ҷасури Порт Сурона (Сурен) вохӯрд. Маҳз дар ҳамин ҷо муҳорибаи ҳалкунанда рух дод, ки таъсири ҷиддии худро ба сиёсати байналмилалии он замон расонд. Санъати ҷангие, ки портҳо дар муҳорибаи мазкур истифода намуданд, римиҳо то ин дам онро надиданду оид ба он нашунидаанд. Портҳо аввал ақибнишинӣ намуда, сонӣ якбора ба ҳамла гузаштанд. Портҳо аз ҳамлаи ногаҳонӣ чунин вонамуд карданд, ки гӯё ночор ақибнишинӣ намуданд ва душманро аз пушти худ ба фосилаи дур бурданд ва аз рӯи санъати ҷангиашон якбора қафо гашта, римиҳоро иҳота намуданд ва аз камонҳо тирборонкуниро сар карданд. Дар ҳамин лаҳзаи муҳориба Красс ва дигар сарлашкарон сарбозони худро дилбардорӣ мекарданд, ки бо чунин сурати тирпарронӣ дар кӯҳтотарин фурсат тирҳои портҳо ба интиҳо мерасанд, аммо ин фикри онҳо хом баромад, чунки ба наздикии майдони муҳориба корвони уштурҳо тир мекашонданд ва чанд савора пайваста ба назди онҳо рафта, тир оварда ба лашкариёни портӣ тақсим мекарданд. Ҳамин тавр, портҳо беист аз камон тир холӣ мекарданд ва римиҳо бошанд дар майдон ба ҷуз нишони зинда мондан, умуман фурсат наёфтанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Сипоҳиёни боқимондаи римӣ, аз ҷумлаи сарлашкарон низ, ғайр аз роҳи гурез дигар чораро наёфтанд. Дар ин муҳориба писари Красс – Публий Красс ба ҳалокат расид. Красс низ дар наздикии қалъаи Синнак ба даст афтода, кушта шуд. Ашкониён сари ӯро аз тан ҷудо карда, ҳамчун ғанимати ҷангӣ ба шоҳаншоҳи худ – Ороди II фиристонданд.

Бо ҳамин, ба ақидаи Пешвои миллат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, нияти Красс, ки бо лашкаркашии худ ба Шарқ, мехост корномаи Искандари Мақдуниро такрор намояд, барбод рафта, бо марги ӯ анҷомид[1].

Пас аз ин муҳориба заминҳои шарқтар аз Фурот комилан ба дасти Ашкониён гузаштанд ва дарёи мазкур сарҳади миёни ин ду давлати қудратманди вақт дониста шуда, роҳи экспансияи Рим дар самти Шарқ пурра баста шуд.

Ҳамин тавр, дар муҳорибаи мазкур сарлашкари машҳури Порт Сурона аз болои чанд сарлашкари римӣ – Марк Лисиний Красс, писараш Публий Ли-

---

[1]Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе: Ирфон, 2002. С. 83.

синий Красс, Марсий Сензорин, Тит Копоний, Гай Кассий Лонгин, Варгунтей ва Эгнасий ғалабаи калонро ба даст оварда, дар натиҷаи он аз 42 ҳ. нафари римиён 20 ҳ. дар муҳорибаи мазкур ҷон доданд, 12 ҳ. асир гирифта шуданд ва 10 ҳ. аз майдони набард фирор намуданд.

Рим дар таърихи мавҷудияти худ то он рӯз чунин шикасти калонро намедонист. Зарур аст қайд намоем, ки дар рафти Ҷанги дуюми пунӣ (с. 218 – 201 п. м.) дар муҳорибаи назди Канн, 2 августи соли 216 п. м., Рим аз Карфаген низ шикасти сахт хӯрд, аммо он аз нуқтаи назари бархе ҷиҳатҳо бо шикастхӯрӣ дар Карр баробар шуда наметавонад. Зеро дар ин муҳориба аз ҳар ду тараф итифоқчиёни онҳо (ин ҷанг дар таърих ҳамчун низои ҳарбии ду эътилоф шинохта шудааст) низ иштирок доштанд, аз ҷониби дигар Рим тавонист ба худ омада, ҳам аз ин ҷанг ғолиб барояд ва ҳам дар натиҷаи Ҷанги сеюми пунӣ (с. 149 – 146 п. м.) Карфагенро пурра аз байн барад, аммо муҳорибаи Карр барои Рим дигар натиҷаҳоро дод, яъне римиён дар минбаъда аз амалиётҳои ҷиддӣ бар зидди Порт пурра даст кашиданд[1]. Муаррихи машҳури таърихи Рим Теодор Моммзен иброз медорад, ки аз замони Ҳахоманишиҳо ин ғалабаи нахустини Шарқ аз болои Ғарб мебошад ва зафари мазкур таҳкурсии қудрати Римро дар Шарқ ба ларза овард.

Дар муҳорибаи мазкур бори аввал дар таърихи Рим ливоҳо ва уқобҳои заррини легионҳои римӣ низ ба дасти рақиб – Ашкониён расиданд. Танҳо соли 20 - уми п. м. император Октавиан Август тавонист, ки бо роҳи дипломатӣ нишонҳо – уқобҳои заррини легионҳои мағлубшударо пас гирад. Бори дуюм бошад сентябри соли 9 - уми мелодӣ Арминий, доҳии қабилаҳои германӣ, низ дар ҷангалзори Тевтобург аз болои легионҳои римӣ ғалаба намуда, уқобҳои заррини онҳоро ба даст овард.

Профессори Донишгоҳи Берлин Гуго Винклер натиҷаи ғалабаи мазкури Ашкониёнро барои таърихи минбаъдаи тамоми Шарқ хеле муҳим арзёбӣ намуда, менависад: «Дар назди Ҳаррон, ки он ҷо лашкари Рим бо сарварии Красс нобуд карда шуд, ҷаҳони Шарқ, ба мисли ҷаҳони Ғарб дар муҳорибаи Саламин, мустақилияти худро наҷот дод»[2]. Ҳамин минвол, зиддият байни тамаддуни Шарқ ва тамаддуни Ғарб дар Осиёи Пеш оқибат ба фоидаи Шарқ анҷом ёфт.

Баъди шикасти соли 53 п.м. Рим қариб, ки ҳамаи музофотҳои шарқии худро аз даст медод, аммо низои дохилӣ дар худи давлати Порт ба фоидаи римиён шуд. Соли 36 п.м. римиён боз бо сарварии Марк Антоний як юриши нокоми дигарро зидди Порт гузаронданд. Талафоти калон римиёнро маҷбур кард, ки аз сиёсати экспансионии худ даст кашида, пурра ба роҳи дипломатӣ ҳал намудани масъалаҳо бо Парфияро ба миён гузоранд.

---

[1]Сайнаков С. П. Муҳорибаи Ҳаррон (Карр): сабабҳо ва натиҷаҳо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. № 5 (82). Душанбе, 2019. С. 262 – 267.

[2]Винклер Г. Вавилонская культура в ее отношении к культурному развитию человечества. Перевод с немецкого А. И. Певзнера, под редакцией Н. М. Никольского. М.: Фарос, 1913. С. 39.

Дар оянда низ сиёсатмадорону лашкаркашони Рим бар зидди Порт амалиёти ҳарбиро гузаронданд, аммо дар муқоиса бо нақшаи Красс мақсаду амалкарди онҳо маҳдуд буд. Сиёсатмадорони ҷиддӣ ва дурбини римӣ, ба монанди Октавиан Август ва Публий Элий Траян Адриан бошанд мағлубият дар Ҳарронро абадан дар хотир гирифта, нигоҳ доштани сулҳ бо Ашкониёнро барои Рим беҳтар медонистанд[1].

Дастовардҳои дипломатҳои римӣ дар давраи ҳукмронии император Октавиан Август хеле калон буданд. Дар давраи мазкур шоҳи Порт, аз имкони ҷой доштани табаддулоти дарборӣ дар давлат пай бурда, ҳатто фарзандони худро барои парасторӣ ба назди императори Рим фиристонд. Ҳамин тавр, нигоҳ доштани муносиботи сулҳхоҳона бо Порт имконият дод, ки тоҷирону дигар намояндагони Рим ба дарунтари Шарқ сафар намоянд. Масалан, дар солномаи хитойӣ аз соли 166 мелодӣ хабар дода мешавад, ки сафорати императори Рим Марк Аврелий ба ин мамлакат расидааст. Мутахассисони муосири соҳаи илм исбот намудаанд, ки байни империяи Рим ва империяи Хитой низ алоқаҳо барқарор карда шуда буданд. Инҳо на танҳо алоқаҳои дипломатӣ, инчунин соҳаи иқтисодиро низ фаро гирифта будаанд. Инчунин император Октавиан Август дар давраи ҳукмрониаш ду сафорати шоҳҳони давлатҳои Ҳиндустонро низ ба ҳузур пазируфтааст.

Дар асри III мелодӣ дар Эрон ба ҷойи сулолаи Ашкониён сулолаи Сосониён омада, сиёсати хориҷии он низ тағйир ёфт. Шоҳони сулолаи нави эронӣ низ барои ба даст даровардани мероси Ҳахоманишинҳо ошкоро даъво ба миён гузоштанд. Зиддияти Рим бо Сосониён низ дар муносибатҳои байналхалқӣ таъсири калони худро мерасонд.

**Муносибатҳо байни қисмҳои ғарбӣ ва шарқии империяи Рим.** Империяи Рим аз аввали таъсиёбиаш аз худ ташкилоти территориявӣ-давлатии номуайяншаклро намояндагӣ мекард. Дар байни маркази он ва ҳудуду сарҳадот, ки аз давлатҳо ва ҷамоаҳое таркиб ёфта буд, ки аз рӯи сатҳи зинаи рушди худ дар сатҳи гуногун қарор дошта, баробари ин асосҳои тамаддунии фарқкунандаро доштанд ва байни онҳо доимо муносиботи мутақобилаи мураккаб вуҷуд дошт. Инро ба назар гирифта, мушкил аст, ки муносиботи ба чунин монандро дар дохили як империяи калон тасниф намуд, ҳам муносиботи дохилӣ ва ҳам берунӣ.

Дар садсолаҳои аввали мавҷудияти худ, бо ном давраи Принсипат, аз рӯи сохтори сиёсӣ ва территориявӣ-давлатӣ империяи Рим аз худ на он қадар империяи мутамарказро таҷассум мекард, балки бештар ба ташкилоти давлатии федеративӣ монанд буд, ки дар ҳайати он қаламравҳои дар ин ё он зина мустақил буда шомил буданд.

Ин воҳидҳои маъмурӣ ва ҷамоаҳо дар бисёр мавридҳо аз мухторияти калон ва ҳатто истиқлолият низ бархӯрдор буданд. Онҳо ҳатто ҳуқуқ доштанд,

---

[1]Сайнаков С. П. Муҳорибаи Ҳаррон (Карр): сабабҳо ва натиҷаҳо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. № 5 (82). Душанбе, 2019. С. 262 – 267.

ки сафорат фиристонда, шартномаҳоро низ бананд. Ҳуқуқи халқҳо, ки дар бораи он дар боло сухан рондем, аз бисёр ҷиҳат маҳз дар заминаи ҳамин ба вуҷуд омада буд. Сафорат байни марказ ва воҳидҳои маъмурӣ ё ин ки байни қаламравҳои алоҳида, корпоратсияҳои алоҳида, ҷамоаҳои насронӣ ва ҳатто оилаҳои намоёни ашрофзода, нақши барқароркунандаи алоқаҳо дар дохили империяро иҷро мекарданд. Аммо зарур аст қайд намоем, ки онҳо метавонистанд аз доираи он ҳам бароянд. Сокинони империяи калон бо ҳар баҳона фиристондани сафоратро дӯст медоштанд ва аз он кайфият мебурданд.

Бо таъсисёбии империя зиддияти синфӣ миёни Ғарб ва Шарқи он ба чашм мерасид. Яке аз унсурҳои мадании фарқкунандааш он буд, ки дар Ғарб ба сифати забони муошират байни халқҳо забони лотинӣ мавқеи мустаҳкам дошт, дар Шарқ бошад забони юнонӣ бартарият пайдо намуда буд. Аз нуқтаи назари сиёсӣ бошад аз аввали таъсисёбии империя музофотҳои Шарқ дар идороти марказии он таъсири калон надоштанд. Масалан, дар ҳайати Сенати Рим намояндагони юнонизабонҳо аз шумораи умумии сенаторон-музофотӣ хеле кам буданд.

Баъди ним асри давраи идоракунии асосгузори империя Октавиан Август дар давраи бӯҳрони солҳои 68 – 69 зиддият байни легионҳои ғарбӣ (германӣ), ки иддаои сарфармондеҳи худ Виттелияро ба тахти императорӣ дастгирӣ мекарданд ва шарқӣ (Сурия, Яҳудия, Миср), ки сарфармондеҳи худ Флавий Веспасианро дастгирӣ мекарданд, сар зад. Дар натиҷаи ҷанг Веспасиан ғолиб баромад. Ва яке аз натиҷаҳои ҷанг ин шуд, ки нақши музофотҳо дар идоракунии империя афзуд. Новобаста аз он ки дар ҷанги шаҳрвандӣ императоре ғалаба кард, ки ба музофотҳои шарқӣ такя намуда буд, аммо ҳоло ҳам дар империя ва корҳои давлатии он бартарият насиби музофотҳои ғарбӣ буд. Қариб ҳамаи шахсиятҳои баромади ғарбӣ дошта, бо унвони сенатор сарфароз гардонда шуда буданд. Масалан, аввалин императорони баромадашон аз музофот Троян (с. 98 – 117), ва вориси ӯ Андриан (с. 117 – 118) аз Испания буданд. Ҳамин тариқ, Шарқ дар идоракунии империя иштироки заиф дошт. Танҳо маданияти шарқии империя дар тамоми қаламрави он бартариятро пайдо намуд.

Болоравии таъсири сиёсии Шарқ танҳо дар асри II ба вуҷуд омад. Соли 330 бошад император Константин Византияро ба пойтахти худ табдил дода, онро Рими Нав (Константинопол – номи ғайрирасмии он буд) ном гузошт ва баъдтар шаҳри мазкур бо номи император Константинопол машҳур гашт. Дини насронӣ низ давлатӣ эълон карда шуд. Соли 395 бошад империя ба ду қисм тақсим карда шуд. Ва дар тақсимкунии империя дар баробари иродаи сиёсӣ, унсурҳои маданӣ низ ба назар гирифта шудаанд. Зеро музофотҳои шарқии империя бо рушди фарҳангии худ аз вилоятҳои ғарбии империя тафовути забонию дигар тарафҳо низ доштанд. Соли 476 империяи Ғарбии Рим аз байн рафта, соли 1453 бошад империяи Шарқии Рим (Византия низ) аз тарафи туркҳо барҳам дода шуд.

**Муносибатҳо бо варварҳо (асрҳои IV – V).** Муносибатҳо бо варварҳо дар давраи империя як қисмати алоҳидаи муносибатҳои байналхалқии таърихи Римро ташкил медиҳад. Хатари варварӣ доимо ба сарҳадоти империя таҳдид мекард. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала дар асоси ҳуқуқи федерат дар сарҳадоти империя додани иҷозати зист ба қабилаҳои варварӣ шуд. Федератҳо, ки мақоми «иттифоқчиёни хориҷӣ» доштанд, зери ҳимояи қонуни Рим қарор дошта, аз бархе имтиёзҳо бархӯрдор буданд. Бо ёрии таҷрибаи истифода бурдани як қабилаи варварҳо ба муқобили қабилаи дигари варварҳо римиҳо кӯшиш мекарданд, ки қабилаҳои ба онҳо таҳдидкунандаро аз байн бурда, сарҳадоти худро ҳифз намоянд. Дар асрҳои III – V бо оғози заифшавии империяи Рим ва саршавии «муҳоҷирати бузурги халқҳо» истифода кардан аз чунин намуди таҷриба васеъ гардид.

Яке аз чунин намуд қарордодҳои машҳур шартномаҳо бо готҳо ба ҳисоб меравад. Константини Бузург дар соли 332 ба қабилаҳои готҳо заминҳоро дар Дунай барои маскуншавӣ пешниҳод намуд ва ваъда дод, ки барои ёрии ҳарбӣ расонданашон ба онҳо ҳақ пардохт менамояд. Дар шартнома ҳатто модда дар бораи тиҷорат низ ҷой дода шуд. Аммо замоне ки готҳо хабар ёфтанд, ки аз пушти онҳо Константин бо душманони онҳо – сарматҳо низ чунин шартномаро бастааст, доҳии готҳо на танҳо шартномаро вайрон кард, инчунин писари худ Атанарих, ҳокими ояндаро ӯҳдадор намуд, ки қасам хӯрад, ки вай ҳеҷ гоҳ барои ёрӣ расондан ба римиён ба қаламрави онҳо ворид намешавад.

Дар соли 369 императори империяи Шарқии Рим Валент ва Атанарих шартномаеро имзо карданд, ки он ба готҳо иҷозат дод дар Фракия маскан гиранд. Аҷоиб он аст, ки ҳар ду тараф аз ранҷиши пешина фаромӯш накарда, ба ҳамдигар бовар накардаанд, барои ҳамин шартномаро дар миёнаи оби Дунай дар болои сал (амад) бастанд.

Дар соли 376 готҳо, ки аз ҷониби гунҳо танг карда шуданд, худашон пешниҳод карданд, ки шартномаи нав баста шавад. Мувофиқи шартҳои он римиҳо ӯҳдадор шуданд, ки барои маскуншавӣ заминҳоро пешниҳод намоянд ва муваққатан ба готҳо ёрии озуқаворӣ низ расонанд. Ба ивазаш готҳо ба ихтиёри император Валент лашкари савораи худро, ки дар он замон беҳтарин сипоҳи савора ба ҳисоб мерафт, гузоштанд. Аммо тақдири шартнома талх ҷамъбаст гардид. Император бастани шартномаро ба дарозо кашид, готҳо бошад интизор нашуда, аз Дунай гузашта, музофотҳои Римро ғорат карданд. Валент хост, ки бо ёрии қувваи ҳарбӣ ҳуҷуми онҳоро гардонад, аммо дар муҳориба кушта шуд.

Чунин панди талх ба он оварда расонд, ки дар муносиботи дипломатӣ бо варварҳо тағйирот ва шаклҳои нав ворид карда шавад. Акнун римиҳо кӯшиш мекарданд, ки на танҳо ӯҳдадориҳоро ба зимма гиранд, инчунин имконияти ҷой доштани амалиётҳои хусуматонаи доҳиёнро пешакӣ бартараф намоянд. Яъне ба онҳо пешакӣ тӯҳфаҳо мефиристонданд.

Шартномаи нав байни доҳии готҳо Аларих ва император Феодосийи I дар соли 382 баста шуд. Шартҳои он акнун барои готҳо муфидтар буданд. Зе-

ро онҳо барои маскуншавӣ ва коркарду киштукори замин дар Фракия ва Мезия заминҳоро бе пардохти андози замин ва иҷро накардани ягон маҷбуриятҳо, ба ғайр аз маҷбуриятҳои ҳарбӣ, гирифтанд.

Дар солҳои охири мавҷудияти худ империяи Рим, ки амалан дигар қудрат надошт, ки легионҳои худро таъмин намояд, пурра ба қувваи варварҳо такя мекард. Ин ба он оварда расонд, ки бо варварҳо муносибатҳои зичтар барқарор намоянд ва одатҳои варварӣ низ дар дипломатия паҳн гардиданд. Аммо ҳамзамон варварҳо низ маданияти Римро қабул намуданд. Ин раванди ба ҳамдигар воридшавӣ хусусиятҳои давраи рушди навбатии муносибатҳои байналхалқиро ташаккул дод ва оқибат империяи Ғарбии Рим аз тарафи қабилаҳои германӣ аз байн бурда шуд.

# БОБИ II. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА

## 2. 1. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРҚ ДАР ДАВРАИ АСРМИЁНАГИИ БАРВАҚТА

**Маълумоти умумӣ оид ба характери муносибатҳои байналхалқии асрмиёнагӣ.** Дар давраи асрмиёнагӣ дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ баробари империяҳои муқиминишинон империяҳои саҳронавардон (кӯчманчиён) низ фаъол шуданд. Саҳронавардон империяҳоеро таъсис доданд, ки онҳо муддатҳо дар сиёсати ҷаҳонӣ ҳукмронӣ мекарданд. Аз ҷумла, аз империяи Гунҳо сар карда, то империяи Муғулҳо саҳронавардон дар баробари аз байн бурдани як қатор давлатҳо, ҳатто ба мавҷудияти баъзе тамаддунҳо таҳдидҳо ба вуҷуд оварда буданд. Муддатҳое низ дар таърих сабт шуданд, ки саҳронавардон дар дипломатия ва сиёсати ҷаҳонӣ гегемон (масалан, империяи Муғулҳо) буданд.

Баробари ин, зарур аст қайд намоем, ки муносиботи байналхалқӣ дар Шарқ ва Ғарб аз ҳамдигар тафовут доштанд. Махсусан, дар Шарқ он бисёр печ дар печ ва мураккаб буд. Зеро дар Шарқ халқияту халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд, ки аз нажодҳои фарққунанда намояндагӣ мекарданд, баробари ин, онҳо пайрави адён ва тамаддунҳои гуногун буда, аз ин сабаб дар бисёр маврид роҳҳои баҳамоии ҷамъиятҳоро боз медоштанд. Трайбализм низ дар бархе аз манотиқи Шарқ қариб, ки то давраи охири асримиёнагӣ ҷой дошт.

Дар Ғарб бошад дар давраи аввали асрмиёнагӣ баъди муқимӣ шудани германитаборон, бартараф намудани таҳдиди гунҳо ва қабилаҳои норманӣ қитъаи Европа аз тохтутози кӯчиён халос хӯрда, ҷамъияти ғарбӣ пурра зери таъсири дини ягонаи насронӣ рушд меёфт. Ҳамаи давлатҳои ғарбӣ дар муносибат бо ҳамдигар қариб, ки пурра тибқи этикаи дини насронӣ амал мекарданд. Чун ғояи асосии муносиботи байналхалқии асрмиёнагӣ динӣ буд, барои ҳамин этиқоди ягона тавонист, ки сиёсати давлатҳои европоӣ тавассути як маҷро ҳаракат намояд. Ҳамин тариқ, дар Ғарб Ҷаҳони воҳиди насронӣ барқарор карда шуда, дар табақабандии муносибатҳо дар ҷойи аввал ҳамчун сарчашмаи ҳокимият тахти Муқаддас бо сарварии папа меистод, баъди ӯ бошад императори имеприяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ, пас аз ӯ шоҳҳони давлатҳои боқимондаи европоӣ мавқеъ ишғол карда буданд, поёнтар аз онҳо бошад герсогҳо, графҳо ва вассалҳои шоҳҳон қарор доштанд. Ашрофон ҳам вассалҳои худро дар симои баронҳо ва ритсарҳо доштанд. Системаи мазкури идоракунӣ аз рӯи ду хусусияти хоси худ муайян мешуд. Якум феодалитет на ба ягон давлати муайян, балки ба территория, ки дар он ҷо ӯ барои хидматаш мулки заминӣ (феод)-ро ба даст дароварда будааст, мутобиқат гардонда шуда буд. Дуюм, ҳокимияти шоҳӣ аз рӯи

принсипи сулолавӣ ба тартиб дароварда шуда буд, на тибқи принсипи территориявӣ.

Аммо зарур аст қайд намоем, ки баъзе аз принсипҳои тартиботи зикришуда, дар давлатҳои асрмиёнагии мазҳаби православиро пайравӣ намуда, яъне давлатҳои Европаи Шарқӣ, таъсиргузор набуданд. Давлатҳои православӣ аз нуқтаи назари динӣ аз доираи ҳокимияти динии папаи Рим берун буда, онро патриархҳои мазҳаби православӣ мустақилона амалӣ мекарданд. Хулоса, дар муносибатҳои давлатҳои европоӣ баҳсу зиддияти ин ду мазҳаб таъсиргузор буд. Дар баробари ин, раванди ташаккулёбии давлатҳои миллӣ низ дар Европа дар давраи охири асрмиёнагӣ зуҳур намуд.

Ҳамзамон бояд зикр карда шавад, ки Европа низ аз ҷангҳои мазҳабӣ ва этникӣ дар канор намонд ва аз номи дин ҷангҳо сурат гирифта, қурбониҳои калон аз сар гузошта мешуданд. Ҳамин тавр, муносиботи байналхалқӣ то Сулҳи Вестфал дар як фазои ба тартиби ниҳоӣ вориднашуда сурат мегирифтанд.

**Шоҳаншоҳии Сосониён (Эроншаҳр – Шоҳигарии Эрониён) дар муносибатҳои байналхалқӣ.** Аз соли 224 – то соли 651 дар Эрон сари қудрат сулолаи Сосониён омад, ки ба монанди Ҳахоманишиҳо баромадашон аз вилояти Форс буд.

Пеш аз империяи Сосониён дар Эрон сулолаи Ашкониён ҳукм меронд. империяи Ашкониён рақиби асосии империяи Рим ба шумор рафта, дар натиҷаи ҷангҳо заиф гардид. Муттаҳидшавии минтақаҳои Эрон дар зери сулолаи Сосониён аз вилояти Форс сар шуд. Ҳокими қалъаи Доробгирди Форс Ардашер тавонист, ки як қатор ҳокимонро ба худ тобеъ намуда, дар ҷануби Эрон мавқеашро мустаҳкам намояд. Сиёсати забткоронаи Ардашерро доираи рӯҳониёни дини зардуштӣ ва як қатор авлодҳои ашрофзода дастгирӣ мекарданд. 28 апрели соли 224 Ардашер дар муҳорибаи назди водии Ормуздакони Мод артиши шоҳи Порт Артабони V-ро торумор намуда, ба сулолаи нав асос гузошт ва баъди ду сол расман вориди пойтахти портҳо шаҳри Тайсафун гардида, ба тахт нишаста, унвони шоҳи шоҳонро гирифт. Баъд дар натиҷаҳои забткориҳои навбатӣ Мод ва атрофи он, Сакистон (Сиистон), Хуросон, водии Марв ва ғайраро ишғол намуд. Сарҳади давлати ӯ дар шимол то баҳри Каспий, дар ҷануб то халиҷи Форс, дар шарқ то водиҳои дарёи Кобул ва дар ғарб то Фурот расид. Дар он тарафи Фурот бошад империяи Рим назорат мекард. Пойтахти давлати нав Тайсафун эълон гардид, ки дар ҳар ду соҳили дарёи Даҷла воқеъ гардида буд.

Аз аввали зуҳурёбии худ империяи Сосониён сиёсати фаъоли хориҷиро мебурд. Сосониён дар самти Ғарб бо империяи Рим ва баъдтар бо меросхӯри он Византия рӯ ба рӯ гардиданд. Сабабҳои асосии бархӯрд бо Риму Византия асосан характери иқтисодӣ дошта, ин ба даст даровардани қаламравҳо ва ҷорӣ намудани назорат аз болои роҳҳои тиҷоратӣ буд. Мубориза барои таъмин намудани ҳукмронии худ аз болои роҳҳои тиҷоратӣ, ки Шарқро бо Ғарб пайваст мекарданд, боиси он гардид, ки ҳар ду тараф ба забт намудани мулкҳои

Пасиқавказ оғоз намоянд. Ба даст даровардани Арманистон ва Гурҷистон ба Сосониён роҳро барои баромадан ба баҳри Сиёҳ мекушод. Мубориза баҳри ба даст даровардани Байнаннаҳрайн ва Арманистон, ки онро Ардашер бо Рим сар карда буд, аз ҷониби писари ӯ Шопури I (с. 242 – 272) идома дода шуд. Дар ин муборизаҳо форсҳо як қатор ғалабаҳоро ба даст дароварда, ба Осиёи Хурд ворид шуданд. Соли 256 Антиохия ишғол карда шуд, соли 260 бошад баъди торумори лашкари римиҳо императори Рим Валериан ба асорат гирифта шуд. Соли 283 бошад Рим ба ҳуҷум гузашта, ба пойтахти Сосониён наздик расид, аммо марги нобаҳангоми император Марк Аврелий Кар дар хаймаи худаш имконият надод, ки он ишғол карда шавад.

Соли 296 шоҳаншоҳи Сосониён Нарси ба қаламрави Арманистон ворид гардида, баъди он ба музофотҳои шарқии Рим сар даровард. Зидди Нарси артиши Рим бо сарварии император Галерий фиристонда шуд. Дар яке аз муҳорибаҳо соли 297 римиён мағлуб гардиданд ва маҷбур шуданд, ки аз Дунай ва Иллирия қисмҳои иловагии ҳарбиро ба Шарқ равона намоянд, инчунин артиши дар Арманистон бударо низ ба ёрӣ даъват намуданд. Соли 298 дар муҳорибаи ҳалкунандаи назди Нисибин (Нусайбин) форсҳо торумор гардиданд. Мувофиқи шартномаи сулҳи Нисибин аз соли 298 Арманистон ва панҷ музофоти қисми шимолии Байнаннаҳрайн (Арзанен, Моксоен, Забдикен, Регимен, Кордуэн) ба Рим гузаштанд. Сарҳад байни давлатҳо Даҷла муайян гардид. Муносибати сулҳона байни давлатҳо ба муддати 40 сол нигоҳ дошта шуд[1].

Давраи нави низои миёни Рим ва Сосониён дар замони Шопури II (с. 309 – 379) сар шуд. Дар ин давра Сосониён Баҳрайнро истило намуданд. Ба муносиботи мутақобилаи Рим ва Сосониён паҳншавии насрония низ таъсир расонд. Зеро дар асри IV дар як қатор мамлакатҳо, аз он ҷумла Арманистон, Гурҷистон, Албания (имрӯза Озарбойҷон) ва Рим насрония расман дини давлатӣ қабул карда шуд. Насронишавӣ минтақаҳои мазкурро ба тарафи Рим мекашид. Соли 338 Шопур ҷангро бар зидди Рим сар карда, ба Арманистон ва шимолии Байнаннаҳрайн зада даромад. Аммо баъди якчанд музаффариятҳо шоҳаншоҳи Эрон маҷбур мешавад, ки лашкарро аз ҷабҳаи ғарбӣ ба шарқ бар зидди ҳайтолиён фиристонда, онҳоро мағлуб намуда, ба иттифоқчии худ табдил дод. Дар натиҷаи юриши нокоми римиён бар зидди Сосониён 25 ва 26 июни соли 363, ки муҳорибаи назди Маранг ва муҳорибаи назди Туммара шуда гузаштанд, дар назди Туммара императори Рим Юлиан кушта гардид, вориси ӯ Иовиан бошад маҷбур гардид, ки ба фоидаи Эрон сулҳ бандад. Ҳамин тавр, соли 363 шартномаи нави Рим ва Сосониён оид ба муайян намудани доираи таъсир дар Осиё баста шуд[2].

Мувофиқи шартномаи нави байни Рим ва Сосониён соли 387 басташуда Арманистон ва Гурҷистон ба қаламравҳои доираи таъсир тақсим карда шу-

---

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М., 1970. С. 112 – 113.
[2]Вус О. В. Юлиан Апостат. Персидский поход и загадки битвы у Туммара 26 июня 363 г. // Материалы по археологии и истории античного и средневекового Причерноморья. № 11. М., 2019. С. 271 – 299.

данд. Дар қисми ғарбии Арманистон императори Рим нуфуз пайдо кард, қисми шарқии мамлакат бошад ба доираи таъсири Эрон даромад. Лазика ба доираи таъсири Рим ва Картли бошад ба Эрон гузаштанд.

Дар як вақт Сосониён дар самти Шарқ низ сиёсати фаъолона мебурданд. Масалан, Баҳроми V Гур (с. 421 – 438), ки дар давраи вай кӯчманчиён аз шимол ва шимол-шарқӣ ба Эрон тохтутоз сар карда буданд, дар муҳорибаи назди Марв Ҳайтолиёнро мағлуб намуда, сарҳади Сосониён бошад то Амударё тӯл кашид.

Эрони Сосонӣ дар сиёсати хориҷии худ аз дин низ кор мегирифт. Аз ҷумла, дар давраи ҳукмронии Яздигурди II (с. 438 – 457) кӯшиши мавқеи худро дар Арманистон мустаҳкам намудан ва ҷорӣ кардани дини зардуштӣ дар ин мамлакат карда шуд. Дар натиҷа бар зидди сиёсати мазкур дар Арманистон шӯриш бархест, аммо он соли 451 хобонда шуд, арманҳо бошанд ҳуқуқи мухторият ва озодона пайравӣ намудан аз дини насронии худро ҳифз карданд[1].

Дар давраи Яздигурд низ дар шарқ ҷанг бо Ҳайтолиён рух дода буд ва онҳоро дар назди Толиқон ва Балх шикаст доданд. Баъди марги ӯ ба тахт писараш Пирӯз (с. 459 – 484) нишаст. Вай низ муддати дароз бо Ҳайтолиён мубориза бурд, ки онҳо водиҳои Марвро гирифта, то ба Ҳирот расида буданд. Мувофиқи як шартнома Сосониён нисфи Хуросонро ба Ҳайтолиён гузашт намуданд. Дар натиҷаи юриши ҷавобии Сосониён ба шарқ, лашкари онҳо торумор гардида, шоҳи Сосониён Пирӯз ҷонашро аз даст медиҳад.

Сиёсати хориҷии Сосониён дар давраи Хусрави I Анушервон аз нав фаъол гардонда шуд. Ба тахти шоҳаншоҳӣ нишаста, маҷбур шуд, ки бо Византия сулҳ бандад, аммо соли 540 бошад вай амалиётҳои ҳарбиро сар кард. Дастаҳои ҳарбии шоҳаншоҳ аз Сурия гузашта, Антиохияро ғорат намуданд. Баъди ин амалиётҳои ҷангӣ ба Кавказ гузаронда шуданд. Соли 561 бошад байни Хусрави I Анушервон ва императори Византия Юстиниани I «сулҳи абадӣ» баста шуд, ки тибқи он ҳар ду давлат сарҳадҳои пештараи худро ҳифз намуданд. Аммо баъди даҳсолаҳо боз сулҳ вайрон гардид.

Рақобати Сосониён ва Византия дар баробари Пасикавказ ва ҳавзаи баҳри Сиёҳ дар ҷанубии Арабистон низ вуҷуд дошт. Махсусан дар масъалаи Яман Сосониён фаъол буданд. Оқибат солҳои 598 – 599 Яман пурра ба Сосониён тобеъ гардида, то соли 628 дар сари он марзбонҳо менишастанд, ки онҳоро шоҳаншоҳи Эрон таъйин мекард. Ҳамин тавр, қисми асосии роҳи тиҷоратӣ ба самти Сурия ба дасти форсҳо гузашт.

Хусрави I Анушервон солҳои 563 ва 567 сиёсати худро дар шарқи империяаш ҷиддӣ ба роҳ монда, якҷоя бо қабилаҳои турк давлати Ҳайтолиёнро аз байн бурданд. Бо торумор кардани Ҳайтолиён ҳамсояҳои бевоситаи Сосониён дар Осиёи Миёна Ҳоқонати Турк гардид. Давлати ҷавони туркиро Византия

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М., 1970. С. 114.

хост, ки ба тарафи худ кашад, то ки абрешими чинӣ тавассути ҳудуди он рост ба қаламравҳои Византия ворид гардад[1].

Кӯшишҳо дар самти ба даст овардани назорат аз болои роҳҳои асосии тиҷоратӣ дар соли 571 ба ҷанги навбатии Византия ва Сосониён оварда расонд. Майдони муҳориба боз минтақаи Пасикавказ гардид. Ҷанг дар давраи Хусрави I Анушервон сар шуда, дар давраи набераи ӯ Хусрави II ҷамъбаст гардид.

Соли 579 баъди марги Хусрави I Анушервон ба тахти Сосониён писари ӯ Ҳурмузди IV (с. 579 – 590) нишаст. Дар давраи шоҳигарии ӯ ҷангҳои бетанаффус бо Византия идома доштанд. Инчунин юришҳои ҳарбӣ бар зидди туркҳо ва хазарҳо низ доир карда шуданд.

Ҷанг бо Византия дар Арманистон барои Эрон хароҷоти калонро талаб мекард. Ғайр аз ин вазъияти байналхалқӣ низ тағйир ёфта буд. Аз шимоли Кавказ ба самти Эрон хазарҳо таҳдид мекарданд, аз шарқ туркҳо, аз ҷануб аз биёбонҳои Сурия арабҳо сар бароварданд. Бо арабҳо ҳисобу китоб карда шуд, хазарҳоро торумор намуданд. Ҷанг бо ҳарифи хатарноктар – туркҳо ҳам дар зимистони соли 589 ба фоидаи Эрон ҷамъбаст гардид. Сарлашкар Баҳроми Чӯбина туркҳоро торумор намуда буд. Баҳроми Чӯбина аз ғаниматҳои зиёди ба даст оварда, танҳо қисми камро ба Тайсафун фиристонд. Дар натиҷа Ҳурмузди IV бо мактуби таҳқиромези худ аз вазифаи сарлашкарӣ озод намудани Баҳроми Чӯбинаро эълон менамояд. Дар ҷавоб исёни Баҳроми Чӯбина сар зада, ӯ ба тарафи пойтахт ҳаракат намуд, аъёну ашроф ва рӯҳониён аз мавҷи шӯриш ба ҳарос афтида, Ҳурмузди IV -ро сарнагун сохта, Хусрави II Парвиз (590 – 628)-ро ба тахт нишонданд. Баҳроми Чӯбина ҳам ба пойтахти шоҳаншоҳӣ – Тайсафун расида, ҳокимиятро ғасб намуда, як сол (с. 590 – 591) ҳукмронӣ кард. Хусрави II Парвиз ба Византия гурехт. Дар Византия ба Хусрави II Парвиз ёрии ҳарбиро пешниҳод намуда буданд, аммо бо шарти гузашт кардани қаламравҳо: қисми Картли (Гурҷистони Шарқӣ) то Тбилиси, қисми Арманистон то кӯли Ван ва шаҳрҳои Дара, Майферкат дар Байнаннаҳрайн. Муҳориба байни лашкари эрону византиягии Хусрави II аз як тараф ва Баҳроми Чӯбина аз дигар тараф оқибат бо торумори Баҳроми Чӯбина анҷом ёфт. Дар вақти бозгашт ба пойтахти худ соли 591 Хусрави II бо Византия сулҳ баст. Баҳроми Чӯбина ба назди ҳоқони туркҳо гурехт ва дар он ҷо дар натиҷаи ташкил намудани кашмакашиҳои дипломатии Сосониён кушта гардид.

Аммо дар давраи муносибатҳои сулҳхоҳона бо Византия (с. 591 – 604) Эрон бо зиддиятҳои дохилӣ банд буд. Шартномаи ба манфиати Византия баста ҳам шароит ба миён овард, ки барои насрониён дар қаламрави мамлакат баъзе озодиҳо дода шавад. Ба онҳо иҷозат дода шуд, ки роҳибхонаҳо ва калисоҳои худро барқарор намоянд, урфу одат ва анъанаҳои динии худро пайравӣ намоянд. Дар идоракунии давлат низ насрониён роҳ дода шуданд.

---

[1]Мишин Д. Е. Хосров I Ануширван (531 – 579), его эпоха и его жизнеописание и поучение в истории Мискавейха. М.: ИВ РАН, 2014. С. 479 – 597.

Соли 602 Хусрав худидоракунии шоҳигарии вассалии арабии Ҳироро барҳам зада, ба ҷойи шоҳи қатлшудаи он Нуъмон, аз ҳисоби арабҳо ҳокими худро таъйин намуд.

Соли 604 бошад ҷанги аз ҳама вазнини Сосониён бо Византия сар мешавад. Дар давраи аввал (то соли 622) муваффақият ба тарафи форсҳо буд: онҳо Байнаннаҳрайн, Сурия, Арманистон Мисрро забт намуданд, се бор ба Константинопол наздик расиданд. Худи характери ҷанг низ иваз гардид. Агар дар давраи пешина амалиёти ҳарбӣ бо забт ва ғораткунӣ маҳдуд шуда бошад, пас акнун тактикаи тохтутозро як сӯ гузошта, ба ҷойи он зина ба зина забт намудан ва ба қаламрави давлат ҳамроҳ намудани территорияҳо сурат гирифт. Дар давраи дуюми ҷанг (с. 622 – 628) Византия тавонист, ки ҳамаи территорияҳои аз даст рафтаро пас гардонад[1]. Дар охири соли 628 аёну ашроф бо дастгирии қисме аз насрониён (несторианҳо) сӯиқасд ташкил намуда, Хусрави II Парвизро аз тахт сарнагун карданд.

Ҳамин тавр, дар байни шоҳаншоҳони Сосониён Хусрави II охирон шоҳи тавоно буд. Баъди марги ӯ тахт ба бозичаи дасти дарбориён табдил ёфта, дар муддати чор соли минбаъда дар тахт 10 даъвогари аъзои хонадони шоҳӣ ҳамдигарро пайи ҳам иваз намуданд. Вилоятҳои алоҳида аз итоат намудан ба марказ сарпечӣ мекарданд. Дар давраи Яздигурди III (с. 632 – 651) як бори дигар кӯшиш карда шуд, ки давлатро муттаҳид намоянд. Аммо Сосониёни заиф гашта, натавонистанд, ки бар зидди тохтутозу лашкаркашии арабҳо истодагарӣ намоянд.

**Давлати Арабҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ.** Дар муносибатҳои байналхалқии асрмиёнагӣ арабҳо нақши таъсиргузорро аз худ боқӣ гузоштанд.

Ба давлати Арабҳо пайғомбари ислом Ҳазрати Муҳаммад асос гузошта, дар давраи ӯ тамоми Арабистон зери як парчам муттаҳид карда шуд. Баъди пайғомбар арабҳо қаламравҳои васеъро дар Осиё, Африка ва Европа забт намуданд, ки ба онҳо як қатор минтақаҳои Шарқи Наздик, Осиёи Миёна, шимол - ғарбии Ҳиндустон, Африкаи Шимолӣ, Испания, Италияи Ҷанубӣ, Ситсилия, Малта, Родос ва Крит шомил буданд. Зери зарбаи арабҳо империяи бузурги Сосониён аз байн рафт, империяи Византия бошад аз зери назорати худ Миср, Сурия, қисми Осиёи Хурд, Крит, Малта, Ситсилия, Фаластин, Родос, Эгриси (Лазика, Лазистон, яке аз шоҳигариҳои Гурҷистони Ғарбӣ) - ро аз даст дод.

Забткориҳои арабҳо аз ишғол намудани Шарқи Наздик сар шуд. Дар натиҷаи он Византия Левант (қаламрави имрӯзаи Сурия, Урдун, Исроилу Фаластин, Лубнон) ва Сосониён бошад Байнаннаҳрайнро аз даст доданд, ки оид ба масъалаи мазкур дар поён сухан меравад.

Сиёсати забткоронаи арабҳо бисёрсамта буда, дар самти Шарқ арабҳо зарбаи асосии худро бар зидди шоҳаншоҳии Сосониён равона намуда бу-

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М., 1970. С. 120 – 121.

данд. Солҳои 633 – 651 арабҳо дар чандин муҳорибаҳо пирӯз омада, империяи Сосониёнро торумор намуданд. Минҷумла, дар муҳорибаи назди Бувайба дар наздикии Фурот, баъди он дар муҳорибаи назди Қадисия 2 декабри соли 636 арабҳо ғалаба ба даст оварда, апрели соли 637 ба пойтахти Сосониён – шаҳри Тайсафун ворид шуданд[1]. Баъди оташбас, ки онро Сосониён вайрон карда буданд, арабҳо соли 641 Мосулро ишғол карданд. Баъди ин арабҳо лашкари Сосониёнро соли 642 дар муҳорибаи Навоҳанд торумор намуданд. Солҳои 644 – 645 артиши арабҳо тавассути Балуҷистон ба сарҳадоти Ҳинд баромад. Солҳои 649 – 650 шаҳри Истахрро гирифтанд. Ҳамин тавр, арабҳо то соли 651 Эронро пурра гирифтанд. Соли 651 ба Марв расида, такягоҳи худро барои забти Осиёи Миёна гузоштанд.

Соли 705 – 715 сарлашкари арабҳо Кутайба ибни Муслим қариб, ки пурра Осиёи Миёнаро ишғол намуд. Солҳои 711 – 712 арабҳо вилояти Синд ва баъд Мултони Ҳиндустонро забт намуданд.

Барои назоратро ҷорӣ намудан аз болои Осиёи Миёна, июли соли 751 дар водии Талас муҳорибаи байни лашкари арабҳо ва лашкари императори Хитой бо фармондеҳии генерали кореягиасл Гао Сянчжи (Ко Сонҷи), ки дар хизмати сулолаи Тан қарор дошт, рух дод, ки он бо пирӯзии лашкари Арабҳо анҷом ёфта, 20 ҳазор нафар, аз ҷумла ҳунармандони соҳаҳои гуногуни чинӣ асир гирифта шуданд. Дар ин муҳориба ба лашкари арабҳо тасоддуфан қарлуқҳо мадад расонда буданд. Онҳо аз ақибгоҳи хитойиҳо ногаҳон ҳуҷум намуда, лашкари Хитой роҳи гурезро пеш гирифт. Ҳамин тавр, дар ин самт доираи таъсир миёни Арабҳо ва империяи Тан муайян гардид. Хитой дигар ба Осиёи Миёна дастдарозӣ накард. Арабҳо низ дигар берун аз Осиёи Миёна ба самти шарқтар ҳаракат накарданд ва водии Таласро низ дар даст нигоҳ дошта натавониста, ба Шош пас гаштанд. Вазъияти империяи Тан низ дар ин давра он қадар хуб набуд. Зеро дар сарҳадоти ҷанубиаш соли 750 шоҳигарии Нанчжао бар зидди империяи Тан исёнро бардошт, соли 751 хитойиҳо артиши худро барои хобондани он фиристонда, дар назди Сянгуан шикаст хӯрданд.

Мутахассисони соҳа натиҷаҳои таъсирбахши муҳорибаи Таласро дар муносиботи байналхалқӣ дар инҳо мебинанд:

- сарҳади ниҳоии ҳаракаткунии арабҳо дар самти Шарқ муайян гардида, ба он хотима гузошта шуд;
- паҳншавии ислом дар байни қабилаҳои туркӣ оғоз гардид;
- қарлуқҳо давлати мустақили худро таъсис доданд;
- технологияи истеҳсол намудани коғаз тавассути асирони ҳарбии чинӣ аввал дар қаламрави халифат (хусусан дар шаҳри Самарқанд) ба роҳ монда шуда, аз ин ҷо он ба қаламрави мамолики Ғарб ҳам паҳн гардид;
- уйғурҳо дар Туркистони Шарқӣ давлати худро барқарор намуданд;
- империяи Тан ба таназзулёбии худ сар кард ва паҳншавии доираи таъсири Хитой дар самти Ғарб ба муддати қариб 1000 сол боз дошта шуд;

[1]Всемирная история. Т. 2. Средневековые цивилизации Запада и Востока. М.: Наука, 2012. С. 115.

- экспансияи Хитой дар Осиёи Миёна боз дошта шуд[1].

Ба самти шимол низ арабҳо ҳаракат намуда, соли 643 ҳуҷуми онҳо ба самти Кавказ сар шуда, то соли 661 онро то Дарбанди ҳозира забт намуданд, ки раванди он дар асари муаррихи эрониасл Балозурӣ «Футӯҳу-л-булдон» инъикос ёфтааст[2].

Тирамоҳи соли 633 лашкари 7 500 нафараи арабҳо барои ишғоли Сурия ва Фаластин фиристонда шуда, артиши Византия дар муҳорибаи назди баҳри Мурда торумор карда шуд. Дар ҷануби Ироқ бошад бо кӯмаки бодиянишинони шимол-шарқии Арабистон аз ҷониби сарлашкар Холид ибни Валид шаҳри Ҳиро забт карда шуд. Оид ба ҳаракати лашкари Византия, ки аз ҷониби император Ираклий дар Эдесса созмон дода шуда буд, ахборро ба даст дароварда, ҳокимияти олии арабҳо дастаҳои Холид ибни Валидро аз ин ҷо гирифта, соли 634 ба атрофи шаҳри Димишқ сафарбар намуданд. Бо ҳамин сентябри соли 635 баъди муҳосираи нимсола Димишқ ба арабҳо таслим шуд. Ҳамин вақт артиши 50 ҳазорнафараи Византия ба Димишқ назидк омада, арабҳо маҷбур мешаванд, ки он ва дигар шаҳрҳои Сурияро тарк намуда, ба соҳилҳои дарёи Ярмук ақибнишинӣ намоянд. 20 августи соли 636 бошад дар муҳорибаи назди Ярмук лашкари Византия аз ҷониби лашакри араб бо сарварии Холид ибни Валид пурра торумор карда шуда, арабҳо боз Димишқ ва дигар шаҳрҳоро ба даст оварданд. Баъди аз ҷониби византиягиҳо аз даст додани Иерусалим дар соли 638 ва Қайсария дар соли 640, ҳамаи минтақаҳои Фаластин ва Сурия ба дасти арабҳо гузаштанд. Аҳолии шаҳрҳо, ки аз сиёсати византиягиҳо норозӣ буданд, ба арабҳо ёрии худро мерасонданд[3]. Шаҳрҳо дар асоси шарти пардохт намудани андоз, бо кафолати дахлнопазирии молу мулки шаҳрвандони онҳо ва таъмин намудани озодӣ дар иҷрои ӯҳдадориҳои диниашон таслим шуданд.

Арабҳо ду маротиба пойтахти Византия шаҳри Константинополро низ ба муҳосира гирифта буданд, ки он бори якум солҳои 674 – 678 сурат гирифт ва бори дуюм бошад солҳои 717 – 718 шаҳрро дар муддати 13 моҳ дар муҳосира гирифтанд, аммо ба натиҷаҳои дилхоҳ даст наёфтанд.

Самти дигари сиёсати забткоронаи арабҳо ба Миср ва манотиқи Африкаи Шимолӣ нигаронида шуда буд. Охири соли 639 дастаи начандон калони арабҳо бо сарварии Амр ибни ал Ас ба Миср сар дароварда, соли 640 Телл-ал-Фарама (Пелусия), Билбайс ва дигар шаҳрҳоро забт намуданд. Сонӣ аз ҳисоби лашкари ба имдод расида, сафи арабҳо ба 10 ҳазор нафар расида, Бобул (мавзеи ҳозираи Қоҳира)-ро муҳосира намуданд ва он 6 сентябри соли 641 ба итоати арабҳо даромад. Солҳои 641 – 642 арабҳо забткунии Мисрро қариб, ки ҷамъбаст намуданд.

---

[1]Болшаков О. Г. К истории Таласской битвы (751) // Страны и народы Востока. Выпуск XII. М.: Наука, 1980. С. 132 – 135.

[2]Из соч. Баладзори “Книга Завоевания стран”. Перевод с арабского профессор П. К. Жузе // Материалы по истории Азербайджана. Издание Общества Обследования и Изучения Азербайджана. Выпуск III. Баку, 1927.

[3]Ниг.: Большаков О. Г. История халифата. Т. 2. Эпоха великих завоеваний. 633 – 656 гг. М.: Восточная литература, 2002.

8 ноябри соли 641 намояндаи Византия бо Амр оид ба додани Искандария шартномаро баст. 22 сентябри соли 642 намояндаи императори Византия Искандарияро тибқи шартнома ба арабҳо таслим намуд. Аммо тобистони соли 645 ногаҳон Византия бо ёрии флоти баҳрии иборат аз 300 киштиаш Искандарияро боз забт намуд ва арабҳо бошад онро дар охири ҳамон сол ё ибтидои соли 646 аз сари нав пас гирифтанд. Дар Африкаи Шимолӣ бошад солҳои 642 ва 643 арабҳо ба Барка ва Триполитания тохтутоз намуда, барбарҳои маҳаллиро ба худ тобеъ намуданд. Соли 648 арабҳо Кипрро тобеъ карданд.

Соли 647 аввалин лашкаркашии нақшавии арабҳо ба Африкаи Шимолӣ ба роҳ монда шуда буд. Арабҳоро шайх Абдуллоҳ ибни Саад (Сауд) сарфармондеҳӣ мекард. Экзархи Карфаген Григорий, ки худро аз Византия мустақил эълон намуда буд, бар зидди арабҳо лашкарро ҷамъ кард, аммо ӯ дар муҳорибаи назди Суфетул (220 км дуртар аз ҷанубии Карфаген) торумор карда шуд. Ин тохтутоз 15 моҳи дигар идома ёфта, соли 648 Абдуллоҳ ба Миср баргашт.

Баъдтар бо сар задани низоъ дар дохили давлати Арабҳо (қатли халифа Усмон ва натиҷаҳои он) забткориҳои арабҳо низ муваққатан қатъ карда шуданд. Дар ҳамин давра бо ёрии Византия ва Ҳоқонати Хазар аксарияти мулкҳои Пасикавказ, ғайр аз Арманистони Шарқӣ, аз ҳайати давлати Арабҳо баромаданд.

Баъди муътадил гаштани низои дохилии давлати арабҳо, соли 665 лашкаркашии навбатии онҳо ба Африкаи Шимолӣ сар шуда, он соли 689 ҷамъбаст гардид. Дар ин лашкаркашӣ сарлашкар Уқба ибни Нафъӣ ном бароварда буд. Дар ин вақт соли 670 шаҳри Қайравон ишғол карда шуда, он ба такягоҳи ҳуҷуми минбаъда табдил дода шуд[1]. Шаҳри мазкур маркази вилояти ташкилкардаи арабҳо – Ифриқия (номи арабии Тунис) интихоб карда шуд. Доҳиёни барбарҳо қариб, ки бе ягон сарпечӣ исломро пазируфтанд. Баъди ин ҳам арабҳо забти Мағрибро идома доданд ва то қаламравҳои Марокаши имрӯза расиданд. Аммо Уқба натавонист, ки қаламравҳои ишғолкардаро нигоҳ дорад, дар натиҷа дар ақибгоҳаш шӯриши барбарҳо сар зада, ӯро барои хобондани исёни мазкур ба қафо даъват намуданд. Дар яке аз муҳорибаҳо бо исёнгарони юнонӣ-африкоӣ Уқба ибни Нафъӣ кушта мегардад. Ба ҷойи ӯ сарлашкари нав Зуҳайр омад, аммо ӯ ҳам дар ҷанг бо исёнгарон кушта гардид. Византия дар ҳамин лаҳза тавонист, ки ба Африка лашкари калонро фиристонад. Ҳамзамон дар Арабистон ва Сурия боз низои дохилии арабҳо сар зада, лашкаркашӣ қатъ карда шуд.

Дар Осиё бошад дар ин вақт арабҳо тавонистанд мулкҳои дар Кавказ аз даст додаро дубора ба даст оранд ва соли 687 Гурҷистони Шарқиро гирифта, то ибтидои асри VIII мавқеи худро дар ин ҷойҳо мустаҳкам намуданд[2].

---

[1]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрополиграф, 2011. С. 179.

[2]Ахундова Н. Политические, экономические и религиозные последствия арабских завоеваний на Кавказе // Кавказ & глобализация. Журнал социально-политических и экономических исследований Т. 4. Выпуск 3 – 4. Баку, 2010. С. 121 – 131.

Амалиёт дар Африка аз такроран забт намудани шаҳрҳои Ифриқия сар шуд. Аммо Византия низ бо суръати тез лашкарро ба ин минтақаҳо интиқол дода, ба онҳо аскарон аз Ситсилия ва дастаҳои мусаллаҳи вестготҳо аз Испания ҳамроҳ шуданд. Ин амал арабҳоро водор намуд, ки ба Қайравон пас гарданд. Баҳори соли оянда онҳо амалиёти навбатии худро ҳам тавассути хушкӣ ва ҳам роҳи баҳрӣ оғоз намуданд. Баъд арабҳо бо сарварии Ҳасан ибн ал- Нӯъмон византиягиҳо ва иттифоқчиёни онҳоро дар муҳорибаи назди Карфаген торумор намуданд. Соли 698 арабҳо ба Карфаген ворид шуданд. Муҳорибаи дигар дар назди шаҳри Утика (Атиқа) сурат гирифт, ки дар натиҷаи он низ ғалаба насиби арабҳо гашт ва онҳо византиягиҳоро маҷбур карданд, ки Африкаи Шимолиро тарк намоянд. То соли 709 арабҳо қариб, ки Африкаи Шимолиро пурра забт намуда, онро ба се музофот: Миср, Мағриб (Марокаш ва Мавританияи имрӯза) ва Ифриқия тақсим карданд. Ҳокимияти арабҳоро дар минтақа ҳокими музофоти Ифриқия, сарлашкар Мусо ибни Нусайр сарварӣ мекард. Ҳамин тавр, соли 709 бо ишғол намудани Танжер (Танҷа) Африкаи Шимолӣ пурра дар зери назорати арабҳо қарор гирифта шуд. Ягона шаҳре, ки ба дасти арабҳо нагузашт ин Сеута буд.

Забт намудани Африкаи Шимолӣ ба арабҳо имконият дод, ки барои сар даровардан ба Европа такягоҳи мустаҳкамро созмон диҳанд. Дар муддати чанд сол сарлашкари араб Мусо ибни Нусайр бо роҳи дипломатӣ ва ҳарбӣ юриши мазкурро омода кард. Ҳамин тавр, соли 711 Мусо ибни Нусайр сарфармондеҳи дигари арабҳо, ҳокими шаҳри Танжер Ториқ ибни Зиёдро ба забт намудани Испания сафарбар намуд. Пеш аз ин моҳи июли соли 710 Тариф ибни Маллук ба қаламрави вестготҳо сар дароварда буд. Акнун баъди ӯ Ториқ ибни Зиёд бо лашкари 7000 худ, ки асосан аз намояндагони қабилаҳои барбарҳо иборат буд, расман ба амалиёти ҳарбӣ иқдом намуд. Зеро худи ӯ ҳам барбариасл буд. Артиш аввал ба Гибралтар расида, аз он ҷо арабҳо ба даруни Испания сар даровcovardанд ва маҳз аз ҳамин нуқта арабҳо ҳокимияти худро дар нимҷазираи Иберия (Ал-Андалус) паҳн намуданд. Баъди оне ки Ториқ ибни Зиёд 5 ҳазор сарбози кӯмакарсони дигарро гирифт, дар муҳорибаи назди Гвадалете 19 (ё 23)-уми июли 711 аз болои лашкари шоҳи вестготҳо Родерих (Родриго) ғалабаи қатъиро ба даст овард. Ҳамин тавр, дар рафти муҳориба лашкари вестготҳо пурра торумор гардида, ишғоли нимҷазираи Пиреней сар шуд. Аҳолии маҳаллӣ бошад на танҳо дар рафти муҳориба, балки баъди он низ бар зидди арабҳо қариб, ки ягон муқовиматро нишон надоданд ва дарвозаҳои шаҳрҳоро барои арабҳо мекушоданд[1]. Зеро вестготҳо дар ин сарзамин ҳамчун забткорон дониста мешуданд ва сиёсати золимонаи онҳо ҳаёти аҳолиро вазнин гардонда буд. Маълумоте аст, ки дар оғози муҳориба шоҳ Родерих ва наздикони ӯ кушта гардиданд.

[1]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрополиграф, 2011. С. 181.

Арабҳо ва барбарҳо (инчунин ворисони вандалҳои шимол-африкоӣ), ки аз ҷануб омаданд, аз ҷониби аҳолии иберӣ-романӣ на ҳамчун истилогар, балки чун наҷотдиҳандагони мамлакат аз зулми германитаборон қабул карда шуданд.

Соли 712 Мусо ибни Нусайр ва Ториқ ибни Зиёд боз бо 18 ҳазор лашкар ба соҳилҳои нимҷазираи Пиреней ворид шуданд ва дар муддати панҷ соли оянда қариб ҳамаи қаламрави онро ишғол намуданд ва ба давраи таърихии Испанияи мусулмонӣ (Ал-Андалус) асос гузоштанд. Танҳо аҳолии қадимтарини қисмати шимолии нимҷазира – баскҳо ва қабилаҳои романишудаи астурҳо таслим нашуда, муборизаро давом медоданд. Каламравҳои ишғолшуда ба ҳайати Хилофати Уммавиён ҳамроҳ карда шуданд. Баъдтар дар ин минтақа Аморати мустақили Кардова ба вуҷуд омад.

Сарлашкарони араб фурсат наёфтанд, ки аз Иберия гузашта, ба дигар қаламравҳои Европа сар дароваранд. Зеро соли 714 Мусо ибни Нусайр ва Ториқ ибни Зиёд бо фармони халифа Валиди I ба Димишқ даъват карда шуданд. Халифа аз он ки Мусо ибни Нусайр ва Ториқ ибни Зиёд ӯро оид ба забткориҳои навбатӣ огоҳ карданд, аммо дар рафти он мувофиқи фармонҳои ӯ амал накарданд, норозӣ шуда, ҳар дуяшонро аз рутбаву мансабҳо маҳрум ва зери ғазаби худ қарор гирифт.

10 октябри соли 732 бошад дар муҳорибаи назди Пуате, дар наздикии шаҳри Тура, лашкари шоҳигарии Франкҳо таҳти фармондеҳии Карл Мартелл ва қувваҳои ҳарбии Уммавиён бо сардории ҳокими Ал-Андалусия Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ бо ҳам вохӯрданд. Франкҳо ғалабаро ба даст дароварда, зимни муҳориба сарлашкари араб кушта мешавад. Карл Мартелл бошад ба ҷанубтар низ таъсири худро паҳн намуд. Бо ҳамин Франкҳо Европаро аз экспансияи арабҳо наҷот доданд.

Ҳамин тавр, аз солҳои 30-юми асри VII сар карда, дар давраи баъдина давлати бузурги Арабҳо ташаккул ёфт ва он дар замони мавҷудияти худ аз ҷиҳати масоҳат дар таърих калонтарин империя гардид. Масоҳати умумии он дар давраи сулолаи Уммавиён 13 миллион км$^2$ ва замони сулолаи Аббосиён 11,1 миллион км$^2$ ташкил медод. Алоқаҳои дипломатии арабҳо бо мамолики зиёди олам, аз Европа сар карда, то Хитой паҳн гардид. Дар ибтидо дипломатияи арабҳоро Ҳазрати Муҳаммад муайян мекард ва он пурра дар асоси Қуръон ва рафтору амалкарди Ӯ амалӣ карда мешуд. Аммо дар натиҷаи забткориҳо баъдан дар муносибатҳои байналхалқӣ ва усули бурдани корҳои дипломатии арабҳо баъзе расму русуми византиягӣ ва сосонӣ низ ҷорӣ карда шуданд. Ҳамин тариқ, аз аввали зуҳури давлати Арабҳо дипломатия, алоқаҳои сиёсати берунӣ ва муносиботи байналхалқии он сар мешавад. Мукотиботи зиёди арабҳо бо ҳокимони мамлакатҳои атроф то ба замони мо боқӣ мондаанд. Сафорати арабҳо ба дарбори императори империяи Франкҳо Карли Кабир ҳам борҳо фиристонда шудааст. Махсусан, Карли Кабир ва халифа Ҳорунаррашид байни худ муносибатҳои мутақобилаи дипломатӣ ба роҳ монда, ба ҳамдигар тӯҳфаҳо мефиристонданд.

Дар асрҳои IX – X бошад заифшавии давлати Арабҳо сар мешавад. Дар соли 1036 туркон-салҷуқиён сар бароварда, соли 1055 султони онҳо Туғрал-бек Бағдодро гирифта, соли 1058 бошад ӯ оид ба мақоми худ дар умури халифат аз халифа ал Қоим инвеститура (санади расмии ҳуқуқӣ)-ро гирифт. 20 феврали соли 1258 бошад ҳокимияти арабҳо аз ҷониби муғулҳо барҳам дода шуда, охирон халифаи Аббосиён Ал-Мустаъсим аз ҷониби муғулҳо ба қатл расонда шуд[1].

**Муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ дар Осиёи Шарқӣ.**

**Хитой.** Дар мавзуъҳои гузашта мо қайд карда будем, ки империяи Хан ба се шоҳигарӣ – Вэй, Шу ва У тақсим гардида, дар Хитой давраи «се шоҳигарӣ» сар шуд, ки он давраи гузариш аз замони қадим ба асри миёна дар қаламрави Хитойро дар бар мегирад.

Аммо соли 265 сарлашкар Сима Ян худро императори сулолаи Сзин (с. 265 – 420) бо пойтахташ дар Лоян эълон намуд. Соли 280 бошад шоҳигарии У ишғол гардида, давраи «се шоҳигарӣ» ба охир расид. Хитой баъди тирагиҳои зиёда аз садсола боз аз нав зери сулолаи ягона муттаҳид карда шуд.

Дар ибтидои асри III дар давраи парокандагии навбатии дохилӣ ва ошӯбҳои мардумӣ қабилаҳои кӯчӣ низ ба давлат таҳдид мекарданд. Дар шимол, шимол-ғарбии мамлакат гурӯҳҳои этникии ғайрихитойӣ – хунну (хуннӣ), сян, ухуан, сянби ва ғайра сукунат доштанд. Соли 304 доҳии иттиҳоди қабилавии хунну Лю Юан, худро вориси сулолаи Хан эълон карда, дар Шанси давлати худро асос гузошт. Соли 311 бошад муборизаи ошкоро байни давлати мазкур ва империяи Сзин сар зада, лашкари савораи кӯчманчиён Лоян ва соли 316 бошад Чананро ишғол намуданд. Зери ҳукмронии хуннуҳо қариб ҳамаи Хитойи Шимолӣ қарор гирифт. Сулолаи Сзин аз паси Янсзи қарор гирифта, Нансзини ҳозираро ба пойтахти худ қарор дод. Аз ин вақт сар карда, империяи Хитой, ки танҳо дар қисмати ҷанубӣ боқӣ монда буд, бо номи Сзини Шарқӣ (317 – 420) ёд мешавад.

Тантанаи кӯчманчиён дар Шимоли мамлакат то соли 589 идома ёфт. Шимол ба майдони муборизаи қабилаҳои кӯчӣ табдил ёфта, қабилаҳои гуногун ҳокимияти ҳамдигарро бо навбат иваз мекарданд. Ҳукмронии хуннуҳо камтар аз ним аср идома ёфт. Баъдтар ҳукмронӣ ба дасти гурӯҳи шарқии қабилаҳои сянбии муюн (баян) гузашт, ки дар нимаи аввали асри IV дар Манҷурияи Ҷанубӣ ва Хэбэ мавқеъ ишғол намуда буданд. Соли 351 муюнҳо хуннуҳоро торумор намуда, шоҳигарии худро асос гузоштанд. Солҳои 70-уми асри IV бошад он зери зарбаи қабилаҳои сян аз байн рафт, аммо дар охири асри IV давлати сянҳо ҳам мавҷудияти худро қатъ кард. Ба қаламрави Хитой қабилаҳои жужанҳо, ки дар Манҷурияи Ғарбӣ ва Муғулистон зиндагӣ мекарданд, тохтутози худро анҷом доданд. Ва дар ниҳояти кор аз ҳама пурқувваттарин байни кӯчманчиён гурӯҳи ғарбии қабилаҳои сянбиҳо баромаданд, ки соли 386 зери ҳукмронии авлоди Тоба (Тобар) муттаҳид шуда, шоҳигарии худро

[1]Рашид - ад-Дин. Сборник Летописей. Т. III. М. – Л., 1946. С. 45.

таъсис доданд. Муборизаи дарози тобаҳо ва жужанҳо бо ғалабаи Тоба ҷамъбаст гардид. Соли 398 асосгузори давлати Тоба Гуй худро император эълон намуд. Зина ба зина Тоба ба худ тамоми Шимол ва Шимол-Ғарбии Хитойро тобеъ намуд. Ҳамин тавр, давлати ташкилшудаи мазкур дар таърих бо номи Вейи Шимолӣ ё Тоба Вей (инчунин Юан Вей) маълум гашт. Он дар муддати солҳои 386 – 534 арзи ҳастӣ намуда буд. Бо ҳамин, тохтутози кӯчманчиён ба ду қисм парокандашавии дуру дарози Хитой: шимол ва ҷануб оварда расонд.

Кучманчиёни давлати Вейи Шимолӣ, ки бо тамаддуни бостонии хитойӣ рӯ ба рӯ гардиданд, зина ба зина онро қабул карданд. Соли 493 шаҳри асосии Вейи Шимолӣ пойтахти пешинаи Хитой – шаҳри Лоян гардид. Дар ҳамин вақт номи аслии авлоди Тоба ба вожаи хитойии Юан иваз карда шуд, авлодҳои ашрофзодагон бошад ному насабҳои хитойиро қабул намуданд. Ҳамин тавр, дар давлат этикет ва анъанаҳои хитойӣ ҷорӣ карда шуданд.

Оҳиста-оҳиста дар дарбори давлат феодалҳои хитойӣ қувват гирифтанд ва онҳо аз ҳукумати Тоба норозӣ буданд. Таҳдиди Ҳоқонати Турк низ водор намуд, ки мамлакат муттаҳид карда шавад. Ифодакунандаи тамоюли муттаҳидкунандаи Хитой гурӯҳи ҳарбӣ - сиёсии «Гуанлун» буд, ки он заминдорон, ҳарбиён ва амаладорони шимолии Хитойро дар худ муттаҳид намуда буд. Он тавонист, ки дар миёнаи асри VI ҳокимияти воқеиро баъди таназзулёбии давлати Вейи Шимолӣ дар даст нигоҳ дорад. Соли 581 сарлашкар Ян Сзян, ки яке аз намояндагони намоёни гурӯҳи «Гуанлун» буд, тахтро ғасб намуда, ба сулолаи Суй (581 – 618) асос гузошт. Ӯ бо сиёсати ҳарбӣ ҷануб ва шимолро муттаҳид намуда, бо ҳамин баъди парокандагии сеасра Хитой аз нав муттаҳид карда шуд.

Дар сиёсати хориҷии худ дар бисёр маврид империяи Суй ба нокомӣ дучор гардида буд. Ҳанӯз баъди ба тахт нишастани Ян Сзян давлат бо сиёсати Ҳоқонати Турк бархӯрд. Зеро Ҳоқонати Турк низ мисли Хитой барои ҳукмрон шудан аз болои Роҳи Абрешим даъво мекард. Дар аввал вазъи корҳо ба манфиати империя сурат мегирифтанд. Сиёсати он тибқи усули қадимаи сиёсати хориҷии Хитой «варварҳоро бо дасти худи варварҳо тобеъ намуд» ба роҳ монда шуда, зери таъсири он Ҳоқонати Турк ба ду қисм тақсим гардид: ғарбӣ ва шарқӣ, ки ҳар кадоми он дар сиёсати хориҷӣ мустақилона амал мекарданд. Зиддият байни туркҳо Ҳоқонатро заиф кардонда, ин имконият дод, ки муваққатан гегемонияи империяи Суй дар даштҳои шимолтар аз девори бузурги Хитой таъмин карда шавад. Зарбаи ҳарбӣ бо найрангбозии дипломатӣ ва пешниҳод намудани тӯҳфаҳо ба доҳиёни турк низ мустаҳкам гардонда мешуд. Аммо дар давраи ҳукмронии Ян Гуан вазъият зина ба зина тағйир ёфт, туркҳо ба таҳдидкунии сарҳадоти империя сар карда, баъзе вақтҳо онҳо то Лоян ҳам наздик мерасиданд.

Соли 605 империяи Суй бо шоҳигарии сянбии Тогон (дар ғарби Кукунор ва ҷанубии Туркистони Шарқӣ) бархӯрд. Танҳо бо ёрии туркҳо Ян Гуан

тавонист, ки дар солҳои 608 – 609 аз болои шоҳигарии Тогон пирӯз гардад ва муддате ҳукмфармоии худро дар Осиёи Марказӣ барқарор намояд.

Соли 603 империяи Суй дар самти ҷануб бар зидди шоҳигарии Вансуан (дар нимҷазираи Ҳиндухитой) юриш ташкил намуда буд. Солҳои 607 ва 610 Ян Гуан экспедидсияи сафоратӣ ва ҳарбӣ-баҳриро ба ҷазираи Тайван фиристонд. Аз ҳама вазнин ва беобрӯгӣ барои Хитой ҷанги он бар зидди давлати кореягии Когурё гардид. Соли 598 аввалини кӯшиши забт намудани давлати мазкур натиҷа надод. Юришҳои солҳои 611 – 612 ва солҳои 613 – 614 Ян Гуан низ натиҷаи дилхоҳ надоданд. Хароҷот ва зиёд намудани андозҳо дар рафти ҷанг бо Когурё дар дохили худи Хитой ошӯбҳои оммавиро ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа ҷанги деҳқонӣ сар зада, аз он феодалҳои калон ба манфиати худ истифода мекарданд. Бархе аз онҳо бо туркҳо ҳам ҳамкорӣ мекарданд. Сулолаи Суй, ки баъди парокандагии сеасра мамлакатро муттаҳид карда буд, натавонист ин равандро пурра ба анҷом расонад, он танҳо камтар аз 40 сол ҳукмронӣ карда, соли 618 аз байн рафт.

Дар миёнаи соли 618 яке аз ҳокимони музофоти Тайюани Хитой Ли Юан худро ҳокими сулолаи нав – Тан (с. 618 – 907) эълон намуд. Пойтахти асосии империя шаҳри Чанъан эълон гардид, инчунин Лоян ва Тайюан низ мақоми пойтахтро гирифтанд.

Ҳамин тавр, империяи Тан яке аз давлатҳои пурқувваттарини Осиёи Шарқӣ ва тибқи бархе аз ахборҳо калонтарин давлатҳои онвақтаи Ҷаҳон ба ҳисоб мерафт[1]. Рушди иқтисодии он боиси инкишоф ёфтани робитаҳои берунии тиҷоратӣ ва маданӣ гардид. Мувофиқи бархе аз маълумот муносиботи тиҷоратии Тан бо роҳҳои қитъавӣ ва баҳрӣ бо мамлакатҳои халиҷи Форс, Корея, Манҷурия, Муғулистон, Япония, Осиёи Марказӣ, Ҳиндустон, Ҳиндухитой ва ғайра барқарор гардида будааст.

Соли 641 ба пойтахти Хитой шаҳри Чанъан миссияи расмии шоҳи Ҳиндустони Шимолӣ Харша (Харшавардхана) омада, баъди ду сол бошад сафирони императори Хитой Ли Ши-мин ба пойтахти ӯ ташриф овардаанд. Аз ҳамин вақт сар карда, алоқаҳои тиҷоратӣ ва мадании миёни Хитой ва Ҳиндустон тавассути Юннан, Бирма, Тибет ва роҳи баҳрӣ васеъ ба роҳ монда шудаанд. Соли 710 ба Чанъан сафорати давлати Паллавҳо (Ҳиндустони Ҷанубӣ) омадааст.

Империяи Тан муносибатҳои тиҷоратии худро бо мамолики дур, аз ҷумла бо халифати Араб низ ба роҳ монда, тавассути миёнаравии сурияигиҳо-несторианҳо бошад бо форсҳо, арабҳо ва тавассути онҳо бо Византия доду гирифт доштааст. Дар давраи Тан дар Хитойи Ҷанубӣ нуқтаҳои тоҷирони хориҷӣ, асосан форсҳо ва арабҳо ба вуҷуд омада буданд.

Аммо дар баробари муносиботи дипломатӣ ва тиҷоратӣ империяи Тан сиёсати экспансиониро низ ба роҳ монда буд. Аввалин қурбонии императорон Ли Юан ва писараш Ли Ши - мин туркҳо гардиданд, ки дар шимол ва ғарб бо

[1]Кабаченко А. П. История мировой политики: Учебное пособие для вузов. М.: Издательство Московского государственного университета, 2008. С. 399.

давлат ҳамсарҳад буданд. Соли 630 артиши Ҳоқонати Шарқӣ торумор карда шуд, соли 657 бошад Ҳоқонати Ғарбӣ шикаст дода шуда, ба қаламрави империя минтақаҳои калони ишғолгардида ворид карда шуданд. Аммо мубориза бар зидди туркҳо бо ҳамин ба охир нарасид. Онҳо, гарчанде ки вассали империяи Тан ҳисоб мешуданд ҳам, аммо доимо сар мебардоштанд. Дар солҳои 80 – 90-уми асри VII Ҳоқонати Шарқии Туркҳо аз нав эҳё гардид. Империяи Тан, инчунин маҷбур шуд, ки бар зидди Ҳоқонати Ғарбӣ низ лашкарро фиристонад.

Сиёсати забкоронаи империяи Тан дар самти Ғарб низ фаъол гардонда шуд, дар ин самт онҳо бори нахуст бо лашкари арабҳо рӯ ба рӯ шуданд, ки дар ҳайати он намояндагони аксари халқҳои шарқии зери арабҳо буда шомил буданд. Аз ҷумла артиши арабҳоро эрониасл Абумуслим сарфармондеҳӣ мекард. Ва дар муҳорибаи нази рӯди Талас соли 751 лашкари Абумуслим империяи Танро шикаст дод. Империяи Тан маҷбур шуд, ки ба ақиб пас гардад. Ҳамин тавр, қисмати ғарбии Роҳи Абрешим ба зери назорати арабҳо даромад, ки ин ҳукмронии ҳарбӣ-сиёсӣ ва иқтисодии империяи Танро дар Осиёи Марказӣ ба ларза даровард. Дар ин бора дар мавзӯи арабҳо муфассалтар сухан рафт.

Империяи Тан сиёсати экспансионии фаъолонаи худро дар нимҷазираи Корея низ ба роҳ монда буд. Соли 644 задухӯрд бо Когурё ва баъдан бо Пэкче сар зад. Соли 663 муқовимати артиши кореягиҳоро, ки ба онҳо флоти Япония низ ёрӣ мерасонд, бартараф намуда, артиши Тан қаламрави Пэкчеро ишғол намуд ва баъди 5 сол бошад хитойиҳо Когурёро низ ғасб карданд. Аммо дар натиҷаи шӯриши мардуми Корея аллакай дар соли 676 Хитой маҷбур шуд, ки пурра қаламрави Корея (ғайр аз канораҳои шимолии он)-ро тарк намояд.

Дар ҷануб-шарқии Осиё империяи Тан муваққатан ба қаламрави худ шимол-шарқии Ҳиндухитойро ҳамроҳ намуда буд. Ҳамин тавр, сарҳадоти давлати Тан ниҳоят васеъ буда, дар қаламрави он халқиятҳои гуногун ба сар мебурданд.

Аммо аз солҳои 20-уми асри VIII ҳокимони ҳарбии баъзе музофотҳо бар зидди император исён бардоштанд ва як қисми қаламравҳо аз ҳукумати марказӣ ҷудо карда шуданд. Назорат аз болои «Роҳи Абрешим» аз даст дода шуд, Корея аз тобеияти сулолаи Тан баромад. Дар ҷануб бошад дар музофоти Юннан, ки тавассути он роҳи тиҷоратӣ ба Бирма мегузашт, шоҳигарии мустақили Нанчжао хӯҷаинӣ мекард. Тохтутози уйғурҳо, киданҳо ва тибетиҳо ба музофотҳои сарҳадӣ зиёд гардид, қаламрави империяи Тан бо суръати тез майда гардида буд. Гарчанде ки исёни ҳокимони ҳарбии музофотҳо хобонда шуда бошад ҳам, аммо ба тартиботи пешина дар империя зарбаи сахт расонда шуд. Марказгурезӣ ҳамоно боз идома ёфт. Империяи Тан пас аз ин дар солҳои 80-уми асри VIII ба заволёбии босуръати худ ворид шуд. Ҷанги деҳқонии солҳои 874 – 901 бо сарварии Хуан Чао бошад империяи Танро заифтар гардонд. Сулолаи Тан дар рафти ҷанги мазкур ниҳоят заиф гардида, рӯзҳои охирони мавҷудияти худро паси сар мекард. Соли 907 Чжу Вен табаддулоти дарбориро ташкил намуда, охирон императори сулолаи Танро аз тахт барканор кард. Бо ҳамин, баъди ин воқеа дар шимоли мамлакат дар

муддати 90 сол панҷ сулола пайи ҳам ҳамдигарро иваз намуданд, дар ҷануб бошад даҳ шоҳигарии мустақил таъсис ёфтанд. Аммо пештар аз ин ҳам дар ҷануб ва маркази мамлакат шоҳигариҳои майдаи мустақил ба вуҷуд омада буданд.

Танҳо соли 951 заминаҳои аз нав муттаҳидшавии мамлакат гузошта шуд ва ҳокимият ба дасти сулолаи шимолии Хитой – Чжоуи Баъдина (с. 951 – 960) гузашт. Сулолаи Чжоу аз соли 954 ба муттаҳид намудани давлат камар баст.

Дар давраи ҳукмронии «панҷ сулола ва даҳ шоҳигарӣ» дар сарҳадоти шимол-шарқии мамлакат қабилаҳои муғулии киданҳо давлати мустақили худро бо номи Ляо (с. 907 – 1125) таъсис дода буданд ва ин давлат солҳои 916 – 926 баъзе қабилаҳои манҷурӣ-тунгусии Манҷурияи Ғарбӣ, қаламравҳои уйғурҳо, шоҳигарии Бохай, инчунин музофотҳои шимол-шарқӣ ва шимолии Хитойро забт намуда, ба давлати аз ҳама пурзӯртарини Осиёи Шарқӣ табдил ёфта буд. Империяи Ляоро Амбағай соли 907 таъсис дода буд. Соли 959 артиши Чжоуи Баъдина бо сарварии император Чай Жун ва сарлашкари ӯ Чжао Куан-ин юришро бар зидди Киданҳо сар карда, аммо дар давраи саргармии экспедитсия император касал шуда, вафот кард. Ҳуҷум бо ҳамин қатъ карда шуд. Соли 960 ҳайати артише, ки дар юриши зидди киданҳо иштирок карда буданд, Чжао Куан-инро император (с. 960 – 976) эълон карданд. Аз ҳамин давра сар карда, давраи ҳукмронии 300 солаи сулолаи Сун (с. 960 – 1279) оғоз мегардад.

Мақоми махсусро дар муносиботи байналхалқӣ дар ҳамсоягии имеприяи Тан шоҳигариҳои Тибет (асрҳои VII – XIII), Нанчжао-Дали (с. 649 – 1253) ва Бохай (с. 698 – 926) ишғол мекарданд.

**Япония.** Японҳо ба монанди славянҳо ва германитаборон ғуломдориро паси сар накарда, яку якбора аз ҷамоаи ибтидоӣ ба ҷамъияти феодалӣ гузаштанд. Дар чоряки охири асри V тобеъкунӣ ва муттаҳидкунии гурӯҳҳои авлодӣ-қабилавӣ зери роҳбарии авлоди Ямато ба охир расид. Табаддулот ва ислоҳоти Тайка (с. 645 – 646) аз ҷониби иттифоқи ду оилаи ашрофзодагони авлодӣ-қабилавӣ – Сумэраги ва Накотоми омода карда шуда, дар натиҷаи он соли 645 оилаи Сумэраги ба сари қудрат омад. Табаддулот ва ислоҳоти Тайка ба ташаккулёбии давлати мутамарказ оварда расонд. Дар асрҳои XI – XII бошад дар Япония аввалин шаҳрҳои ибтидоии феодалӣ қомат афрохтанд. Дар асрҳои VI – VII бошад муносибатҳои Япония бо се давлати Корея – Пэкче, Когурё ва Силла низ мустаҳкамтар гардиданд. Дар асрҳои VI – VII Япония ва Хитой ба мамлакатҳои ҳамдигар миссияҳои сафоратиро фиристондаанд. Дар асри XII бошад муносибатҳои тиҷоартии Япония бо Хитой ба таври васеъ ба роҳ монда шуданд. Дар натиҷаи муносибатҳо бо мамлакатҳои қитъавӣ ба Япония хат паҳн гардида, сонӣ дар асри IX аввалин алифбои японӣ тартиб дода шуд.

**Корея.** Дар нимҷазираи Корея бошад се давлат – Когурё, Пэкче ва Силла вуҷуд доштанд, ки ҳам байни худ ва ҳам бо давлатҳои ҳамсоя робитаҳои муайянро ба роҳ монда буданд. Аз ҷумла, дар баробари мақомоти худии идоракунӣ дар системаи идоракунии давлатҳои Корея баъзе шаклҳои институтҳои

идоракунии маъмурӣ аз Хитой тақлид карда гирифта буданд. Чун анъана дар байни се давлати мазкур барои сарварӣ ва бартарият пайдо намудан дар минтақа муборизаҳо мерафтанд. Дар рафти муборизаҳои сиёсӣ дар нимҷазираи Корея иттифоқҳои ноустувори ҳарбӣ ба вуҷуд меомаданд, ки онҳоро доимо Хитой мехост, ки ба манфиати худ истифода намояд. Дар натиҷа соли 660 империяи Тан дар иттифоқ бо шоҳи давлати Силла Муйол бо қувваҳои муттаҳидаашон шоҳигарии Пэкчеро ба худ тобеъ намуданд. Аз болои Пэкче империяи Тан назорати ҳарбиро ҷорӣ намуд. Пэкче ҳамчун давлат мавҷудияташро қатъ намуд.

Соли 668 бошад дар иттифоқ бо империяи Тан шоҳи Силла Мунму давлати Когурёро забт намуд. Дар территорияи Когурё протекторати хитойии Андун барқарор карда шуд. Дар ҳамин вақт дар қаламрави ҳар се шоҳигарии Корея бар зидди империяи Тан шӯриш сар зад. Таваҷҷӯи мардум ба тарафи Силла, ки ягона шоҳигарии мустақил монда буд ва истиқлолияти давлатии кореягиҳоро ифода мекард, буд. Аллакай дар соли 670 шоҳ Мунму ба озод намудани заминҳои Пэкче ва Когурё оғоз намуд. Чораҷӯиҳои ҷавобии ҳарбии империяи Тан натиҷа надоданд. Соли 676 ҳокимияти империяи Тан дар нимҷазираи Корея аз байн бурда шуд. Дар натиҷа давлати ягонаи мустақили муттаҳидаи Силла ба вуҷуд омад. Баробари ин, Силла худро вассали Хитой эътироф намуда, бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор карда шуданд. Таълимоти Конфутсий бошад ба сифати асосҳои системаи ахлоқӣ-сиёсии давлатӣ дар Силла эълон гардид.

Аммо соли 890 дар нимҷазираи Корея бо роҳбарии Кён Хвон (Чин Хвон) шӯриши деҳқонон сар зад. Ӯ қаламрави Пэкчеро ба даст дароварда, соли 900 дар қаламрави ишғолкардааш давлати нав бо номи Ху Пэкче (Пэкчеи Баъдина)-ро таъсис дод.

Соли 897 бошад дар шимолии мамлакат бо сарварии Кун Ё шӯриш хеста, дар натиҷаи якчанд муҳориба ӯ тавонист, ки собиқ қаламравҳои давлати Когурёро ба даст дароварда, давлати Ху Когурё (Когурёи Баъдина) - ро таъсис диҳад. Дар тахти давлати мазкур Кун Ё соли 918 Ван Гонро шинонд, ки ӯ соли 920 аз шоҳи Силла расман унвони шоҳи Когурё ё Корёро мегирад. Шоҳигарии Корё пурра мустақил гардида, соли 929 Ван Гон сафорати худро ба Хитой фиристондааст ва бо давлати мазкур муносибатҳои дипломатиро барқарор намудааст. Корё амалан дар нимҷазираи Корея қувваи асосии сиёсӣ гардида, шоҳи Силла низ тобеияти худро ба Ван Гон изҳор дошта, нишону тоҷи салтанатиро ба ӯ супорид. Соли 935 давлати Силла мавҷудияти худро қатъ намуд. Тамоми мамлакати зери қудрати Корё муттаҳид карда шуда, аз номи он мамлакати Корея номи худро гирифта, дар муносибатҳои минбаъдаи байналхалқӣ маълум гардид.

Бо ҳамин, дар Корея низ дар охири асри X аллакай давлати мутамаркази феодалӣ ба вуҷуд омада, муносибатҳои байниминтақавӣ ва байнидавлатии он рушд ёфта буданд. Соли 839 империяи сулолаи баъдинаи Сзин расман давлати Кореяро эътироф кард. Муносибати дӯстонаи ду давлат ба манфиати тарафҳо

буд, зеро онҳо метавонистанд кӯшишҳои забткоронаи империяи Ляоро боз доранд. Империяи Ляо (Кидан-Муғулҳо), ки он замон тавоно буд, мехост, ки Хитой ва Кореяро тобеъ гардонад. Ҳамзамон соли 939 дар баробари Хитой Кореяро давлати Киданҳо низ ба расмият шинохт, аммо киданҳо қувват гирифта, ба қаламрави Корея борҳо тохтутозро ба роҳ монда буданд. Ҳамин тавр, Корея дар давраи мазкур, аз соли 993 то соли 1019, бар зидди сиёсати забкоронаи империяи Ляо мубориза мебурд ва оқибат халқи кореягӣ ғалаба кард. Соли 1019 бо киданҳо сулҳ баста шуда, тибқи он дарёи Амноккан сарҳади давлати Корея дар шимол дониста шуд. Баъди рондани киданҳо Корея як қатор сафоратҳоро аз шоҳигарии Тхамна (ҷазираи ҳозираи Чечжу) ва Япония пазируфт. Соли 1105 шоҳигарии Тхамна ба ҳайати Корея даромад. Алоқаҳои берунии Корея аз он шаҳодат медоданд, ки қудрати он зиёд гардида буд.

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар Ҷануби Осиё.** Дар минтақаи мазкур асосан дар Ҳиндустон як қатор давлатҳо вуҷуд доштанд. Мувофиқи ҳисоби олимони соҳа дар ибтидои солшумории мо аҳолии Ҳиндустон қариб 50 миллион нафарро ташкил дода, дар субқитъаи мазкур давлатҳо ва халқу гурӯҳҳои зиёди этникӣ арзи ҳастӣ доштанд. Давлатҳои аз ҳама калони минтақа Магадаха (Бихари Ҷанубӣ) будааст.

Давлатҳои зиёди ҳиндӣ, ки дар асрҳои VI – XII вуҷуд доштанд, аз рӯи баъзе хусусиятҳои худ аз ҳамдигар фарқкунанда буданд. Шакли идоракунии ҳамаи онҳо монархиявӣ буд, ки дар онҳо ҳокимияти ҳоким тавассути одатҳо, таълимоти динӣ, қувваҳои ҷамъиятӣ ё ашрофон қисман маҳдуд буд. Фарқияти калонро дар характери сохтори давлатӣ танҳо миёни князгариҳои майда ва империяҳои калон муайян намуд. Яъне князгариҳои майдаи Ҳиндустон ё мустақил буданд ё вассал ва доимо дар дараҷаи дуюми сиёсӣ қарор мегирифтанд ва онҳо даъвои мавқеи бартарӣ пайдо намудан дар Ҳиндустон ё ягон қисмати онро ба миён намегузоштанд. Сохти идоракунии онҳо бисёртар дар худ унсурҳои патриархалиро нигоҳ медошт. Артиши онҳо низ калон набуда, танҳо аз дастаҳои шахсии князҳо ва феодалҳо иборат буд.

Новобаста аз заифии сиёсии худ, князгариҳои майда ба тобеият ворид шуда, як қисми кадом империяро ташкил медоданд ва аз байн нарафта, мухторияти худ ва дар идоракунии дохилии худ мустақилиятро ҳифз мекарданд. Чун анъана тарафи ғолиб ҳайати маъмурии князгариро пурра иваз намекард, балки ба итоат сар фуровардани ҳокими он қаноат мекард. Дар сафи князгариҳои майда баъзе вақтҳо дар натиҷаи нокомиҳо сулолаҳое ворид мешуданд, ки пештар ба мақоми гегемон шудан дар тамоми қаламрави минтақа иддао доштанд.

Шакли дигари идоракунии сиёсии Ҳиндустон империя буд, ки ба ин мартаба давлатҳои Чалукҳо, Харшаҳо, Пратихарҳо, Палҳо, Раштракутҳо, Чола ва дигарон расида буданд. Қудрати империяҳои мазкур нисбӣ ва кӯтоҳмуддат буд. Моҳиятан ҳар давлати паҳновар берун аз ҳудуди асосии худ бо фаъолияти як ё якчанд ҳокими меросӣ бар мехӯрд. Империяҳои мазкур нимколаву заиф буда, аз князгариҳои тобеъшуда таркиб ёфта буданд. Дар бисёр маврид исёни

як князгарии тобеъшуда басанда буд, ки империяе, ки ба мақоми гегемонӣ дар Ҳиндустон даъво мекард, аз байн бурда шавад. Дар империяҳои Ҳинудстон, баръакси князгариҳо, аҳамияти муҳимро артиш, сарлашкарон ва мансабдорон касб карда буданд.

Дар охири асри V дар Ҳиндустони Шимолӣ давлати сулолаи Гуптҳо пароканда гардида, аз онҳо сулолаи Майтрака аз Гуҷарот ҷудо шуданд. Ба сарзаминҳои ғарбии Ҳиндустони Шимолӣ бошад қабилаҳои ҳайтолӣ ҳуҷум намуданд. Ҳайтол (эфталит)-ҳо ба Гуптҳо зарбаи сахт расонда, муддате водии Ҷамна-Гангро дар ихтиёри худ қарор доданд, аммо мавқеи худро дар қаламравҳои мазкур мустаҳкам кардан натавонистанд. Онҳо дар як қатор муҳорибаҳо аз князгариҳои майдаи ҳиндӣ шикаст хӯрда, Ҳиндустони Шимолиро тарк карда, ба самти ғарбӣ қафо гаштанд. Дар натиҷаи тохтутози мазкур як қисми ҳайтолиён ва гурҷар (гуҷар)-ҳои бо онҳо ҳамроҳ омада, дар музофотҳои ҳозираи Синд, Раҷастхан, Гуҷароти Шимолӣ ва Малва бо қабилаҳои маҳаллӣ омехта гаштанд ва ҷамоаи қабилаҳоеро ташкил доданд, ки бо номи раҷпутҳо машҳур гаштанд. Аз асри VIII сар карда, раҷпутҳо дар таърихи Ҳиндустони Шимолӣ нақши калонро гузоштан сар карданд.

Баъди барҳамхӯрии давлати Гуптҳо дар муддати чанд аср давлатҳои зиёди ҳиндӣ байни худ мубориза мебурданд. Гоҳе ин гоҳе он давлат ба мақоми болоӣ мебаромад ва боз бартарияти худро аз даст медоданд. Сарҳадоти давлатҳо тез-тез тағйир меёфт, империяҳо таъсис меёфтанд ва гоҳе барҳам мехӯрданд.

Дар охири асри VI – VII дар водии дарёи Ганг давлати калонтарин Гауда (Бангола), давлати Маукхариҳо ва давлати Пушпабхутҳо буданд. Рушди давлати Гауда бо номи ҳоким Шашанка (охири асри VI – солҳои 30-юми асри VII) вобаста аст. Ӯ дар натиҷаи забткориҳо қаламрави худро васеъ намуд. Бо сабаби эҳсос намудани таҳдиди ҳуҷумкунии Шашанка Маукхариҳо аз Канауҷа ва Пушпабхутҳо аз Стханешвара байни худ иттифоқ бастанд. Аммо Шашанка тавонист, ки итифоқчиёнро торумор намояд ва дар ин муҳориба ҳокимони ҳар ду давлат (Маукхариҳо ва Пушпабхутҳо) ҷон доданд. Ҳокимият дар ҳар ду князгарӣ ба дасти бародари хурдии ҳокими Стханешвара – Харшавардхана (Харша) Пушпабхути расид, ки ӯ соли 616 ба тахт нишаст. Ба империяи Харша сафорати Хитой бо сарварии сафири машҳур Сюан Сзан омада буд. Харша зери ҳокимияти худ қариб ҳамаи Ҳиндустони Шимолӣ, Бангола (баъди марги Шашанка) ва Ориссаро муттаҳид намуда буд. Иттифочиёни ӯ сулолаи Майтрака аз Гуҷарот ва дигар давлатҳо буданд.

Харша ҳокими тавоно буда, бо Хитой мубодилаи сафорат мекард. Аммо зери назорати бевоситаи маъмурияти давлатии империяи вай танҳо бархе аз минтақаҳо қарор доштанд, аксарияти қаламравҳо бошанд тавассути меъёрҳои вобастагии вассалӣ ба ӯ итоат мекарданд. Империяи Харша 30 сол мавҷудият дошт. Бо марги ӯ дар соли 646/647 давлат ба таназзулёбӣ расид. Дар Ҳиндустони Шимолӣ боз аз сари нав парокандагӣ ҳукмрон гашт. Кӯшишҳои ҳокимони алоҳида дар самти муттаҳид намудани он натиҷаҳои мусбӣ надоданд.

Дар Камарупа ҳокими он Бхаскараварман қувват гирифт. Дар нимаи аввали асри VIII бошад ҳокими Кашмир Лалитадитя Муктапида ба водии Ганг юриши фатҳкунандаи худро доир намуд. Ӯ гӯё тамоми Ҳиндустони Шимолиро тобеъ кард. Соли 712 бошад лашкари арабҳо бо сарфармондеҳии Муҳаммад ибни Қосим ба Синд ворид шуд ва қисми поёнии водии дарёи Ҳиндро ба хилофат ҳамроҳ намуданд. Аммо роҳи забткориҳои минбаъдаи арабҳоро дар Ҳиндустон давлати гуҷаротии Пратихарҳо зери роҳбарии Нагабхати I гирифт ва мулкҳои арабҳо дар ин минтақа дар Синд ва князгариҳои майдаи атроф маҳдуд карда шуд. Барои ҳамин мусулмонҳо то асри XIII дар Ҳиндустон нақши маҳдудкунандаро иҷро карданд, давлати онҳо дар Синд ҳам аз хилофати Араб ва ҳам аз дигар қаламравҳои Ҳиндустон дар изолятсия қарор гирифта шуд.

Дар Декан ва Ҷанубии Ҳинд низ дар асрҳои VI – VII ҳам давлатҳои калон таъсис ёфта буданд. Масалан, давлати Паллавҳо бо давлатҳои Ҷануб-Шарқии Осиё муносибатҳои тиҷоратиро ба роҳ монда буд.

Дар миёнаи асри VIII вазъияти сиёсӣ дар Ҳиндустон боз тағйир ёфт. Экспансияи қабилаҳои раҷпутӣ аз Раҷпутан сар шуда, онҳо шимол ва қисми марказии Ҳиндустонро забт намуданд. Сари роҳбарии онҳо авлоди Гурҷара-Пратихарҳо меистоданд. Онҳо тавонистанд дар Малва ва қисми Гуҷарот давлати пурқувватро таъсис диҳанд. Аммо дар минбаъда дар самти васеъкунии қаламрави давлат садъи роҳи онҳо давлати пурқуввати Раштракутҳо ва князгарии Палҳо дар Бангола гардиданд. Зиддияти Гурҷара-Пратихарҳо Палҳо ва Раштракутҳо фактори асосии сиёсӣ дар Ҳиндустони Шимолӣ ва Декан гардид. Мубориза асосан барои Дуоб – қаламрави байни дарёҳои Ҷамна ва Ганг шуда гузашт. Дар ин ҷо князгариҳои майда вуҷуд доштанд.

Ҷанг барои Дуоб дуру дароз давом дошт. Баъди муборизаҳои дуру дароз оқибат дар нимаи дуюми асри IX гегемония ба тарафи Гурҷара-Пратихарҳо гузашт. Ҳамзамон сулолаи Раштракутҳо бӯҳрони сиёсии худро ба тартиб дароварда, боз аз сари нав иддаои мавқеи бартарӣ доштан дар Ҳиндустон кард. Кришнаи II (қарибии соли 880 – 914) бо Чалукҳои Шарқӣ муборизаи дуру дарозро бурда, князгарии мазкурро ба худ тобеъ намуд ва баъдтар аз болои Гурҷара-Пратихарҳо низ ғалаба ба даст дароварда, Гуҷаротро низ ба ҳайати империяи худ ҳамроҳ намуд. Дар давраи ҳукмронии вориси ӯ Индраи III (қарибии соли 914 – 928) давлати Раштракутҳо Канауҷро ишғол намуда, то Аллоҳобод ва Варанаси расиданд. Империяи Раштракутҳо қисми васеи қаламрави Ҳинудстонро акнун дар бар гирифт.

Аммо дар асри X ҳар се давлатҳои мазкур рӯ ба таназзул ниҳоданд. Соли 973 вассали Раштракутҳо аз хонадони Чалукҳо намояндаи охирини сулолаи Раштракутҳоро аз тахт фуроварда, пойтахти худро шаҳри Калян интихоб намуд. Дар қаламрави империяи Гурҷара-Пратихарҳо давлатҳои нави мустақил, аз қабили Парамарҳо, Чанделҳо, Калачуриҳо, Гухилотҳо, Чауханҳо (Чахаманҳо) ва Чаулукҳо (Соланкҳо) таъсис ёфтанд.

Давлати Пала дар миёнаи асри X заиф гардида, дар муборизахои сиёсии Ҳиндустони Шимолӣ дахолат намекард ва дар асри XII бошад он ба князгариҳои майда пароканда гардид.

Дар ҷануби Ҳиндустон низ дар ин давра воқеаҳои муҳим шуда гузаштанд. Муборизаи байнихудии Паллавҳо ва Пандҳо онҳоро чунон заиф гардонданд, ки ворисони сулолаи қадимаи тамилӣ Чола тавонистанд, ки дар соли 898 сулолаи Паллавҳоро торумор намоянд, ва соли 910 бошад ба Пандҳо зарбаи ҳалокатвор расонданд. Ҳамин тавр, Чола тавонист, ки зери ҳукмронии худ қариб қисми пурраи минтақаи Тамилнадро муттаҳид намоянд. Хулас, давлати Чола ду асри минбаъда дар Ҳиндустони Ҷанубӣ ҳукмфармоӣ мекард.

Дар асри XI давраи ривоҷу равнақи давлати Чола буд. Дар давраи ҳукмронии Раҷараҷаи I (с. 985 – 1015) ва Раҷендраи I (с. 1015 – 1044) империяи Чола Сейлон, ҷазираҳои Малдивро забт намуда, давлати Шривиҷайя, ки он Суматра, Ява ва нимҷазираи Малаккаро дар ихтиёр дошт, ба худ тобеъ намуд, ба ҳайати империя Майсура ҳам ҳамроҳ карда шуд ва Чалукҳои Шарқиро ба вассали худ табдил дода, ба Чалукҳои Калян бошад якчанд маротиба зарбаҳо расонд. Инчунин ба шимол низ юриш ташкил намуда, то Ганг расиданд. Дар ихтиёри давлат лашкари пурзӯри хушкигард ва флоти тавонои баҳрӣ буд. Муносибатҳои тиҷоратии Чола бо Индонезия ва мамлакатҳои баҳри Араб ба роҳ монда шуда буданд.

Соли 1070 сулолаи Чола ва сулолаи Чалукҳои Шарқӣ ба ҳам муттаҳид шуданд. Дар ибтидои асри XII империяи Чола тамоми Ҳиндустони Ҷанубиро дар ихтиёри худ нигоҳ медошт.

Аммо дар ҳамин давра дар сарҳадоти Ҳиндустони Шимолӣ рақиби пурзӯр дар симои давлати Ғазнавиён намудор мешавад. Ғазнавиён тавонистанд, ки як қисми Ҳиндустони Шимолиро ба ҳайати худ ворид намоянд. Юриши Ғазнавиёнро дар охири асри XII – ибтидои асри XIII сулолаи Ғуриён идома доданд. Муҳаммади Ғурӣ ва ворисони ӯ тавонистанд, ки шимолии Ҳиндустонро ба тасарруфи худ дароранд. Аммо баъди вафоти Муҳаммади Ғурӣ низоъҳо ва ҷангҳо дар Хуросон диққати Ғуриёнро аз Ҳиндустон он сӯ карданд. Аз ин истифода бурда яке аз сарлашкарони Ғуриён – Қутбиддини Ойбак соли 1206 худро мустақил эълон карда, ба салтанати Деҳлӣ асос гузошт. Ҳамин тавр, дар Ҳиндустони Шимолӣ давлати бузурги мусулмонӣ ба вуҷуд омад.

Дар охири асри XII харитаи сиёсии Ҳиндустони Ҷанубӣ низ комилан тағйир ёфт. Империяи Чола ба таназзулёбӣ дучор гардида, ба як қатор давлатҳои майда пароканда гардид. Ягон то аз онҳо қудрат надошт, ки қаламравро пурра дар зери ҳукмронии худ муттаҳид намояд. Оқибат дар ибтидои асри XIV қариб ҳамаи Ҳиндустони Ҷанубӣ низ ба итоати Салтанати Деҳлӣ даромад.

Хулоса, дар давраи асрмиёнагии барвақта дар Ҳиндустон давлатҳои зиёд арзи ҳастӣ намуда, дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва субқитъавӣ бо ҳамдигар ҳамаашон ва давлатҳои нисбатан калон бошад бо мамолики берун аз ҳудуди субқитъаи Ҳинд низ фаъолона иштирок мекарданд.

**Муносибатҳои байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ дар Осиёи Ҷануб - Шарқӣ.** Мувофиқи маълумоти солномаҳои хитойӣ аввалин империяи бузург дар Ҷануб-Шарқии Осиё империяи Фунан (Бапном), ки қаламрави имрӯзаи ҷанубии Камбоҷа ва Кохинхинро дар бар мегирифт, дар асри VI дар натиҷаи шӯриш бардоштани князгарии Ченла барҳам зада шуд. Ченла бошад дар шимолтар ҷойгир буда, он қисмати шимолии Камбоҷаи ҳозира ва қисмати ҷанубии Лаосро дар бар мегирифт. Ҳамин тавр, шоҳигарии Ченла таъсис ёфта, дар асри VII таъсири худро дар тамоми мулкҳои кхмерӣ паҳн намуд. Дар асри VIII бошад давлати мазкур ба ду қисм: Ченлаи Замин (дар шимол) ва Ченлаи Об (дар ҷануб) ҷудо шуд. Дар охири асри VIII – ибтидоаи асри IX ҳокими князгарии Аниндитапура – Ҷайявармани II, ки дар ҳайати Ченлаи Об буд, мубориза барои муттаҳид намудани заминҳои кхмерӣ оғоз намуд. Ба тахт нишастани ӯро муаррихон ба соли 802 мутобиқ медонанд ва вай аввалин императори кхмериҳо шинохта шудааст. Хулоса, як қатор муаррихон қайд менамоянд, ки ӯ солҳои 802 – 850 идора кардааст, дигар ҷониб ба ин назаранд, ки давраи идоракунии ӯ ба солҳои 770 – 835 рост меояд. Дар муддати 52 соли ҳукмронии худ ӯ князгариҳои ҷануб-шарқии Камбоҷаро ба дасти худ гирифта, ба забт намудани шимол-ғарбии мамлакат оғоз намуда, шаҳри Ангкор (мувофиқи дигар маълумот ӯ Ангкорро насохтааст, балки шаҳри Индрапура)-ро бунёд намуд, ки он пойтахти империяи Камбуҷадеша гардид. Дар асрҳои XI – XII империяи мазкур аксарияти қаламравҳои ҷануб-шарқии Осиёро фаро гирифта буд[1]. Ҷайявармани II бо Хитой муносибатҳои дипломатиро ба роҳ монд. Баъди ӯ Сурявармани II соли 1116 ва соли 1120 сафоратҳои худро ба Хитой фиристонд. Баъди ҳашт сол боз сафорати сеюми ӯро императори Хитой қабул карда, императори Камбуҷадешаро бо унвону рутбаҳои баланд сарфароз гардондааст. Дар давраи байни солҳои 1136 ва 1147 миёни ду давлат гуфтушунидҳои дипломатӣ сурат гирифта, онҳо мушкилоте, ки дар соҳаи тиҷорат байни ду давлат ба вуҷуд омадаро бо роҳи сулҳ ҳал намуданд.

Ветнами Шимолӣ, ки муддати дароз дар зери доираи таъсири Хитой буд, танҳо дар охири асри IX лашкари Хитой онро тарк карда, давлати мустақили ветҳо ба вуҷуд омад. Баъди ним асри муборизаи ветҳо бо давлатҳои майдатари Хитойи Ҷанубӣ, ки дар харобаҳои империяи Тан таъсис ёфта буданд, оқибат соли 968 давлати Дайковет (аз соли 1054 – Дайвет) таъсис ёфт, ки онро император идора мекард. Гарчанде ки расман Дайвет аз болои худ сюзеренитети сулолаи Сунро эътироф карда буд ва мамлакат аз шимол доимо ба тохтутозҳо рӯ ба рӯ шуда, тавонист, ки истиқлолияти худро нигоҳ дорад. Императори Хитой кӯшиш намуд, ки Дайветро пурра ба худ тобеъ намояд, барои ба мақсад расидан ӯ дар охири XI бо давлати Чампа (Тямпа) ва Камбуҷадеша иттифоқи ҳарбиро баст. Бо ин нигоҳ накарда, лашкари Чампа ва Хитой торумор карда шуда, ҳамроҳкунии қаламравҳои давлати Чампа ба Дайвет оғоз гардид.

---

[1]Всемирная история. В шести томах. Том. 2. Средневековые цивилизации Запада и Востока. М.: Наука, 2012. С. 267 – 268.

Дар қаламрави Таиланди ҳозира бошад қабилаҳои монҳо як қатор давлатҳо, аз қабили Дваравати (дар асрҳои VII – XI бо номи Лаво машҳур буд), Харипунҷайя дар асри VIII таъсис доданд. Дар асри XI Дваравати/Лаво аз тарафи забткори машҳури кхмерӣ Сурявармани I (с. 1002 – 1050) тобеъ карда шуд. Ҷангҳои давлати монии Харипунҷайя бо Сурявармани II (с. 1113 – 1150) боиси он гаштанд, ки қаламрави он ба ҳайати империяи Камбуҷадеша ҳамроҳ карда шуд.

Паҳншавии кабилаҳои тайӣ аз давлати Нанчжао (Дали) ба ҷануб, ки дар асри VII дар қаламрави Юнан таъсис ёфта буд ва он бо давлатҳои халқиятҳои монии қаламрави шимолии ҳозираи Таиланд ҳамсарҳад буд, ба он оварда расонд, ки дар ин қаламравҳо тайҳо дар асрҳои XII – XIII аксарияти аҳолиро ташкил диҳанд ва монҳоро танг карда, гегемонияи кхмериҳоро аз байн бурданд.

Оғози давлатдории Нанчжао ба соли 650 рост меояд, қабилаҳои бай дар атрофи кӯли Эрхай маскун шуда, князгарӣ – «чжао»-ро таъсис доданд. Соли 737 бо дастгирии империяи Тан шоҳ Пилогэ шаш чжао (яъне шаш авлоди соҳибмулк ё князгарӣ)-ро муттаҳид намуда, ба давлати Нанчжао асос гузошт. Баъди 17 соли ин воқеа писари Пилогэ – Колофенг (Гелофэн) худро император эълон кард, яъне бо ин амал истиқлолияти худро аз Хитой эълон намуд. Соли 750 шоҳигарии Нанчжао бар зидди империяи Тан исёнро бардошт. Соли 751 хитойиҳо артиши худро барои хобондани он фиристонда, дар назди Сянгуан шикаст хӯрданд, дар ҳамин сол империяи Тан дар Осиёи Марказӣ низ ба нокомӣ дучор шуда, дар муҳорибаи назди Талас аз арабҳо низ шикаст хӯрда буд. Соли 754 лашкари навбатии фиристодаи Тан низ шикаст дода шуд.

Дар асрҳои VIII – IX давлати тайии Нанчжао аллакай тамоми Бирмаи Болоӣ ва аксарияти қаламравҳои Бирмаи Поёниро ба тасарруфи худ даровард. Ҳокими Нанчжао Колофенг (Го Лу-фэн) (с. 748 – 779) дар натиҷаи як қатор юришҳо қаламрави худро васеъ карда буд. Солҳои 801 – 802 дар давраи ҳукмронии И Му - Сун, набераи Колофенг, шоҳигарии Нанчжао ба Хитой сафорати расмӣ фиристонд, ки онро 35 нафар ҳунармандони соҳаи мусиқӣ ҳамроҳӣ намуда буданд. Соли 902 сулолаи Нанчжао аз тахт барканор карда шуд. Дар муддати кутоҳ се сулолаи дигар иваз гардида, соли 937 шоҳигарии Дали таъсис меёбад.

Қаламрави Лаос, ки аввал дар он ҷо кхмериҳо сукунат ихтиёр намуда буданд ва ҳам ба ҳайати Челна ва ҳам Камбуҷадеша дохил мешуд, аз асрҳои XII – XIII сар карда, дар шимоли он қабилаҳои тай ва лао маскун шуданро оғоз карданд.

Дар қаламрави ҷануб-ғарбии ҳозираи Мянма, яъне Аракан бошад дар давраи мазкур давлати Вайшали вуҷуд дошта, он то асри XI арзи ҳастӣ кард. Дар асри XI он аз тарафи давлати бирмагии Паган, ки дар миёнаи асри IX зуҳур ёфта буд, аз байн бурда шуд. Аҳолии Паган халқиятҳои мянмаҳо буданд, ки ҳокимони он тавонистанд, ки ҳамаи қаламравҳои имрӯзаи Мянма (Бирма)-ро ба худ тобеъ намоянд. Паган бо Сейлон низ муносибатҳои худро ба роҳ

монда буд. Дар давраи шоҳ Чанзита (с. 1084 – 1112) анъанаи фиристодани миссияи дипломатӣ ба Хитой барқарор карда шуд. Солҳои 1103 ва 1106 ба Хитой сафоратҳо фирситонда шудаанд. Ба дарбори Чанзита бошад яке аз шоҳзодагони давлати Чола ташриф овардааст.

Дар қаламрави Мянмаи Марказӣ давлати халқиятҳои пю – Шрикшетра мавҷуд буда, дар муносибатҳои минтақавӣ он дар асрҳои VII – VIII фаъол буда, дар солҳои 30-юми асри IX бошад он аз тарафи давлати Нанчжао торумор гардид. Дар ҷануби Мянма давлати монии Раманнадеса вуҷуд дошт, ки он бошад аз ҷониби давлати бирмагии Паган дар миёнаи асри IX забт карда шуд. Аз асри X сар карда, Бруней низ ба князгарии машҳури тиҷоартӣ табдил ёфта, ба Хитой сафоратҳои худро мефиристонд.

Ҳамин тавр, давлатҳои Ҷануб-Шарқии Осиё дар давраи мазкур бо давлатҳои Ҳиндустон ва Хитой робитаҳои зичи тиҷоратӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ доштанд. Маҳз тавассути Ҳиндустон ба ин минтақа динҳои буддоӣ ва ҳиндуия паҳн гардиданд. Дар муносибатҳои сиёсӣ бошад давлати аз ҳама бузургтаринро кхмериҳо таъсис доданд, ки он ба худ номи империяи Камбуҷадешаро гирифт. Дар рафти зиддиятҳо ва ҷангу низоъҳо баъзе қабилаву халқиятҳо ба ассимилятсикунӣ гирифтор шуда, мавқеашон танг мегардид. Дар натиҷа харитаи этнографӣ ва сиёсии минтақа низ тез-тез тағйир меёфт.

**Индонезия.** Дар ҷазираҳои Индонезия дар миёнаи ҳазорсолаи якуми мелодӣ, яъне дар давраи асрмиёнагии барвақта мувофиқи як манбаъ 7 – 10 ва мувофиқи маълумоти дигар на камтар аз 20 давлат вуҷуд доштаанд. Аммо маълумот оид ба онҳо пароканда мебошад. Дар мавзӯъҳои гузашта мо қайд намудем, ки то асри IV дар ин минтақа як қатор давлатҳо, аз ҷумла Тарума ба вуҷуд омада буданд. Баъдтар дар минтақаи мазкур давлатҳои алоҳида, аз қабили князгарии Барус, Поло, Похуан арзи ҳастӣ намуда, то асри VII вуҷуд доштанд. Давлатҳои Индонезия низ аз аввали пайдоиши худ бо мамолики дуру наздик муносибатҳои гуногунҷабҳа, махсусан тиҷоратиро ба роҳ монда буданд. Пеш аз ҳама онҳо бо Ҳиндустон, Ҳиндухитой ва Хитой муносибатҳоро барқарор намуда буданд.

Дар охири чоряки якуми асри VIII дар Яваи Марказӣ мулкдории Матарам, ки дар ҳайати давлати калонтар буд (эҳтимол меравад давлати Калинги), рушд ёфт, ки онро Санҷайя идора мекард. Зина ба зина Санҷайя асосгузори давлати бузург гардид, ки он ба худ номи Матарами Якум (Матарами Дуюм бошад дар асри XVI таъсис ёфта буд)-ро гирифт. Ҳокими давлати Матарам унвони «шри-махараҷа» гирифт, ки бо такя ба ҳокимони маҳаллӣ идора мекард. Артиши Санҷайя тавонист, ки як қатор давлатҳои Яваро забт намуда, ба қаламрави Камбоҷа низ сар дароварда буд. Ба он Матарам барои он даъво мекард, ки писари ӯ бо шоҳдухтари камбоҷагӣ хонадор шуда буд. Яке аз солномаҳо оид ба юриши давлати Матарам ба Бали, Суматра ва ҳатто Ҳиндустон ва Хитой низ хабар медиҳад.

Соли 770 дар Яваи Марказӣ сулолаи нав – Шайлендра (ҳокими кӯҳҳо) мустаҳкам гардид. Сулолаи мазкурро набераи Санҷайя таъсис дода буд, ки ӯ

дар натиҷаи мубориза барои ҳокимият бо бародарон-ҳиндуяи худ аз дини ҳиндуя ба буддоия гаравида буд. Дар сиёсати хориҷии худ асосгузори сулолаи мазкур бо давлати суматрии Шривиҷайя шартномаи иттифоқиро баст.

Дар нимаи дуюми асри VII дар Шарқии Суматра давлати буддоии Шривиҷайя таъсис ёфт, ки бори нахуст дар манбаъҳои хитойӣ аз соли 671 ёд мешавад. Дар ибтидои асри IX дар Шривиҷайя яке аз намояндагони сулолаи Шайлендра ба қудрат расид. Дар ҳамин давра дар байни давлатҳои Ява низоъҳои дохилӣ сар зад. Шривиҷайя бошад давлатҳои асосии Суматра – Малай, Ҷамба ва ғайраро ишғол намуда, ба империяи тавонои баҳрӣ табдил ёфт. Мақсади асосии сиёсати экспансионии давлат ин зери назорати худ гирифтани роҳҳои тиҷоратӣ буд. Соли 992 лашкари давлати Матарам аз Ява ба Шривиҷайя ҳуҷум намуд. Баъди баъзе муҳорибаҳои ноком оқибат соли 1016 Шривиҷайя ба рақиби худ зарбаи ҳалкунанда расонад. Шривиҷайя на танҳо қаламрави худро ҳифз намуд, балки як қисми территорияҳои Матарамро низ ба худ ҳамроҳ кард. Аммо аз самти Ғарб сипоҳи давлати ҳиндии Чола ба ҳаракат даромада, соли 1025 як қисми мулкҳои Шривиҷайяро забт намуд.

Дар таърихи Индонезия Шривиҷайя аввалин давлат буд, ки қисми калони ҷазираҳоро аз нигоҳи муносиботи сиёсӣ ва маданӣ муттаҳид намуда, инчунин алоқаҳои тиҷоратии дутарафаро на танҳо бо мамлакатҳои Осиёи Ҷануб-Шарқӣ то Филиппин, ҳатто бо Сейлон, Бангола, ғайр аз ин тавассути миёнарваҳо бо мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Миёназамин ва Осиёи Миёна ба роҳ монда буд. Се аср (VIII – X) Шривиҷайя дар тиҷорат ва баҳрнавардӣ дар баҳрҳои ҷанубӣ ва маркази пешбари маданӣ дар Осиёи Ҷануб-Шарқӣ ва маркази ҷаҳонии буддизм эътироф гардида буд.

Ҳамзамон, вақте ки дар ғарби ҷазираҳои Индонезия дар асри IX Шривиҷайя ҳукмрони бебаҳс буд, дар Ява бошад қудрати давлати Матарам бо сабабҳои низоъҳои дохилӣ ва дигар сабабҳо халалдор гардида буд. Соли 870 сулолаи буддоияи Шайлендра аз байн рафт. Ба сари қудрат дар Яваи Марказӣ ва шарқӣ боз ворисони Санҷайя омаданд. Матарам боз ҳудудашро васеъ намуд. Ҳамзамон низоъҳои дохилӣ низ идома ёфтанд. Соли 928 ҳокимиятро Синдок ғасб кард. Сулолаи Синдок то соли 1222 ҳукмронӣ карда буд. Ворисони ӯ кӯшиш мекарданд, ки тавассути дипломатияи барпо намудани никоҳои байнисулолавӣ бо ҳокимони атроф ҳокимияташонро дар минтақа мустаҳкам намоянд. Дар давраи раҷа Дхармавамша на танҳо забткориҳо дар Ява идома ёфтанд, балки ӯ Балиро низ забт намуда, барои ҳукмрон шудан дар минтақа бо давлати Шривиҷайя ба рақобат пардохт. Аммо соли 1016 мубориза байни ин ду давлат бо шикасти Матарам ва марги Дхармавамша ба анҷом расид.

Ҳамин тавр, дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ дар давраи ибтидоии асрмиёнагӣ ягон давлат натавонист, ки аз нигоҳи сиёсӣ тамоми Индонезияро зери ҳукмронии худ муттаҳид намояд. Давлатҳое, ки ба мақоми ҳукмронӣ иддао пеш меоварданд, танҳо муваққатан дар қаламравҳои алоҳидаи Индонезия гегемония шуданду халос.

## 2. 2. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЕВРОПА ДАР ДАВРАИ АСРМИЁНАГИИ БАРВАҚТА

**Хусусиятҳои хоси муносиботи байналхалқии Европа дар асрҳои миёна.** Давраи асрмиёнагӣ дар Европа муддати дарозро дар бар гирифта, новобаста аз тафовутҳои этникию лингвистӣ муносибатҳои байналхалқии қитъаи мазкур асосан дар асоси принсипҳои ягонаи дини насронӣ ба роҳ монда шуда буданд, ки дар он дар бисёр маврид папаи Рим дар баҳсу низоъҳои байни давлатию мулкҳои феодалӣ ҳамчун қозӣ баромад мекард. Баробари ин, дар баъзе марҳилаҳо, хусусан дар охири давраи асрҳои миёна таъсири ҳокимияти бархе аз шоҳҳон тавоно гардида, онҳо ба мақом ва ҷойгоҳи папа дар муносиботи байналхалқӣ таҳдид мекарданд. Ҳамзамон барои худи мавҷудияти институти папагӣ низ хатар ба вуҷуд омад, ки он ба фаъолияти ислоҳотчигӣ рабт дошт[1].

Соли 476 империяи Рими Ғарбӣ аз байн рафт, аммо империяи Рими Шарқӣ бошад на танҳо по бар ҷо монда, тохтутози варварҳоро зада гардондан тавонист, инчунин он ба давлати боқувваттарини давраи ибтидоии асрмиёнагӣ табдил ёфт. Хадамоту тарзи хизмати дипломатии империяи Византия на танҳо барои шоҳигариҳои варварӣ, ки дар харобаҳои империяи Рими Ғарбӣ таъсис ёфтанд, балки барои давлатҳои дар шимол-шарқии Европа таъсис ёфта ҳамчун намуна аз ҷониби онҳо қабул карда шуд.

Вазифаи асосии дипломатияи Византия дар давраи мазкур аз он иборат буд, ки варварҳоро ба тарафи худ кашида, ба ҷойи он ки ба Константинопол таҳдид кунанд, онҳоро маҷбур кард, ки ба империя хизмат намоянд. Аз ҳама воистаи соддаи ба тарафи худ кашидани варварҳо ин ба сифати зархарид ба хизмати ҳарбӣ ҷалб намудани онҳо буд. Варварҳоро бо пулу инъом харида, маҷбур мекарданд, ки ба манфиати империя ҷанг намоянд. Ҳамин тавр, қоидаи деринаи римӣ «divide et Impera – тақсим намо ва ҳукм рон» дар дипломатия ва сиёсати византиягӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифт.

Васеъшавии алоқаҳои тиҷоратӣ низ аз ҷониби Византия ҳамчун яке аз олоти боқувваттарини дипломатӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Шаҳрҳои тиҷоратӣ, ки дар канораҳои империя ҷойгир буданд, ба мисли форпости таъсири сиёсии империя хизмат мекарданд. Тоҷирон, ки ба қаламравҳои халқҳои алоҳида ворид мешуданд, аз он ҷойҳо ба Византия оид ба вазъи дохилии онҳо маълумотро меоварданд. Бо паҳншавии молу маҳсулоти византиягӣ дар байни варварҳо таъсири Византия низ паҳн мегардид.

Аз паси тоҷирон миссионерони динӣ сафарбар мешуданд. Бо ҳамин насрония низ яке аз воситаи асосии дипломатияи Византия гардид. Рӯҳониён, ки аз Византия вобаста буданд, дар давлатҳои навтаъсис ва варварӣ ягона қишри ҷомеа буданд, ки хату саводро паҳн мекарданд.

---
[1]Лебедева М. М. Мировая политика. Учебник для вузов. 2 издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2007. С. 12.

Дар назди дарбори Константинопол қоидаҳои муайяни кори сафоратҳо коркард карда мешуданд, ки аз ҷониби ҳамаи давлатҳо, ки бо Византия ҳамкорӣ доштанд, қабул карда мешуданд. Сафир ба сифати намояндаи шоҳ баромад менамояд ва метавонист танҳо дар доираи ваколати ба ӯ дода шуда гуфтушунидҳоро барад. Дар он ҳолате, ки вазъияти нав ба миён ояд, ки дар ваклоати сафир онро ба назар нагирифта буданд, тибқи зарурияти талабот, ӯ бояд инструксияи иловагиро дархост намояд. Барои берун баромадан аз ваколатҳояш ба сафир ҷазои вазнин таҳдид мекард. Танҳо дар ҳолатҳои хеле зарурӣ ба намояндагони император иҷозат дода мешуд, ки гуфтушунидро ба ивази хатари ҷони худ ва таваккалӣ баранд. Чун қоида сафирон аз намояндагони табақаҳои мартабаи болоӣ таъйин мешуданд.

Намунаҳои дипломатияи римӣ дар шоҳигариҳои варварӣ на танҳо аз ҷониби Византия паҳн мегардиданд, балки аз ҷониби меросбари анъанаҳои римӣ – курияи папа, ки расму русум ва намунаҳои зиёди конселярияи империяи Римро нигоҳ дошта тавонист, паҳн карда мешуданд. Таъсири дипломатияи папагӣ дар тамоми давраи таърихи асрмиёнагӣ паҳн мегаштанд. Институти папагӣ дар натиҷаи мавҷудияташ қувваи бузурги байналхалқиро намояндагӣ мекард. Санъати дипломатӣ дар бисёр маврид нисбат ба обрӯи маънавӣ ҳамчун силоҳи сиёсии папаҳои Рим авзалиятро пайдо карда буд.

Давлатҳои варварӣ, ки дар харобазорҳои империяи Рим таъсис ёфта буданд, аз ҷиҳати иқтисодӣ ноустувор буданд. Ҳукмронии хоҷагидории натуралӣ, заиф будани алоқаҳои иқтисодӣ дар байни минтақаҳои алоҳида, набудани заминаи иқтисодӣ барои таъсис додани ташкилоти бузурги сиёсӣ ба он оварда расонд, ки иттиҳодияҳои давлатӣ чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ ба парокандагӣ рӯ ба рӯ шаванд.

Аз вазъияту тақдири мазкур давлатҳои калонтарин миёни онҳо – империяи Карли Кабир ва Руси Киевӣ низ дар канор намонданд. Ба охир расидани феодалкунонии ҷамъиятҳои варварӣ, мубаддал гаштани заминдорон ба давлатдорони мустақил дар ҳудуди вотчинҳояшон ба парокандагии сиёсӣ дар Европа оварда расонд. Дар асрҳои IX – XII дар тамоми қаламрави Европа парокандагии сиёсӣ ҳукмфармо шуд. Дар чунин вазъияти кор ҳамагуна сарҳадот миёни давлат ва мулкҳои шахсӣ, ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ, байни муносибатҳои дохилӣ ва байналхалқӣ аз байн рафт.

Ҳар кадоме аз сенорҳои феодалии ба андозаи тавоноӣ дошта, ки аз ҳуқуқи суд кардан ва идора намудан, ҷамъоварии молиёт (андозҳо), сикка задани танга бархӯрдор буданд ва дар ихтиёрашон қуввахои ҳарбиро доштанд, магар он графи франкӣ бошад ё князи рус, метавонист худро давлати мустақил ҳис намояд, метавонист бо касе, ки мехост ҷанг кунад (ҳатто бо сюзерени худ ҳам), бо касе, ки мехост шартномаҳои сулҳ ва иттифоқ бандад. Фаҳмиш дар бораи муносибатҳои байналхалқӣ бо он мушкилоте рӯ ба рӯ шуд, ки дар ҳолати ниҳоят парокандагии феодалӣ, ҷой доштани ҳудуду сарҳадбандии аз ҳад зиёди майда чӯйда, ки Европаро тақсимбандӣ мекарданд, сарҳадот байни давлатҳои калон аз байн рафтанд. Феодалҳои зиёде дар

чанд давлат заминдории мулкии худро доштанд ва дар як дам вассали чанд шоҳ ҳисоб мешуданд. Фаҳмиши сенор мафҳуми давлатро танг карда буд. Заминдори калон шаҳриёр ҳисоб шуда, вотчин бошад давлат дониста мешуд. Онро тақсим, васъият ва ҳатто ба сифати маҳр медоданд. Тавассути бастани никоҳ ҳам давлатҳои нав таъсис дода мешуданд.

Дар ҳама ҷо «ҳуқуқи ҷангҳои шахсӣ» барқарор карда шуда буд. Дар алоқамандӣ ба он метавонем дар бораи дипломатияи хусусӣ низ ҳарф зад, яъне ду сенори феодалӣ ҳамчун ду давлати мустақил гуфтушунидҳоро мегузаронданд. Новобаста ба кӯшишҳои ҳокимияти шоҳии мамлакатҳои алоҳида дар самти қатъ ва аз байн бурдани ҷангҳои шахсӣ нигоҳ накарда, онҳо дар тамоми давраи асрмиёнагӣ идома ёфта буданд ва дар баробари он бошад дипломатияи шахсӣ низ фаъолият мекард.

Новобаста ба ҷой доштани баъзе мушкилот дар давраи минбаъдаи асрмиёнагӣ санъати дипломатӣ ба зинаи баландтари рушди худ ноил гашт, ки он ба фаъолияти сиёсии Ҷумҳурии Венетсия сахт алоқаманд буд, ки давлати мазкур дар муддати асрҳои XII – XV бе баҳс давлати бузурги Европа ба ҳисоб мерафт. Сафирони венетсиягӣ вазифадор буданд, ки ҳукумати ҷумҳуриро оид ба вазъи давлате, ки дар он ҷо сафир таъйин шуда буданд, ба таври доимӣ бо маълумот таъмин намоянд. Бо ин мақсад онҳо ба таври мунтазам ҳафтае як бор ва бо хубу беҳтар шудани воситаи алоқаҳо аз ин ҳам зиёдтару тезтар ба ватани худ депеша мефиристонданд. Чунин гузоришҳои аз ҳамаи мамлакатҳои гирду атроф ба Венетсия ворид шуда, барои он замон оид ба вазъияти байналхалқии Ҷаҳон маълумоти дақиқро пешкаш мекарданд. Он вақтҳо беҳуда намегуфтанд, ки ягон дарбори европоӣ ба монанди дарбори Венетсия аз вазъияти байналхалқӣ дақиқтару хубтар огоҳ нест. Дар асоси депешаҳои сафирони доно ва назоратчии нуқтасанҷи венетсиягӣ сиёсати дурандешонаи Венетсия таҳия мешуд.

Дар гузоришҳои худ сафирони венетсиягӣ оид ба характеристикаи шоҳҳон, умуман элитаи сиёсии мамлакатҳо, ки дар он давлатҳо вазифаи сафириро иҷро мекарданд, гурӯҳҳои наздидарборӣ, захираҳои моддӣ, молиявӣ ва ҳарбии давлатҳо, вазъияти табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ҳоказоҳоро қайд мекарданд. Пеш аз фиристодани сафир ба ӯ амалкарди муфассалро медоданд, ки тавассути он ӯ чи тавр бояд сухан гӯяд, фаъолият намояд ва атрофро бо диққат назорат намояд.

Дар муқоиса бо бетартибӣ дар вазифаҳои идоракунии маъмурии давраи мазкури аксари дигар давлатҳои европоӣ ҷосусони Венетсия дар хориҷа дақиқияти кор, тартиботи системанокӣ, фаъолияти пинҳонӣ ва мақсадноки худро риоя мекарданд. Дипломатҳои моҳири венетсиягӣ бо ҳам вохӯрӣ доир мекарданд, дипломатия ба чунин тарзи санъат ва система бори нахуст дар Венетсия офарида шуд. Усулҳои дипломатияи италянӣ, махсусан венетсиягӣ, таъсири худро дар рушди минбаъдаи дипломатияи дигар давлатҳои шакли идоракунии монархияи мутлақи европоӣ расонд.

Дар давраи мазкур дар Англия, Франсия, Испания ва дигар давлатҳо низ монархияҳои феодалӣ ба мустаҳкамшавӣ оғоз намуданд, дар зери таъсири рушди иқтисодӣ ва таҳдиди зарбаи қувваҳои ҳарбии берунӣ минтақаҳои аз парогандагии феодалӣ хароб шуда муттаҳид гардиданд. Дар назди ҳокимиятҳои монархиявии Европа, ки дар охири асрмиёнагӣ заминаҳои нахустини давлатҳои миллӣ гузошта шуда буд, дар сиёсати дохилӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ҳалл намудани вазифаҳои мураккаб меистоданд. Барои ҳал намудани вазифаҳои мазкур ба монархҳои феодалӣ зарур омад, ки усули бурдани ҷанг ва дипломатияи худиро каркард намоянд. Дар муқобили орзую ҳаваси папа ё император оид ба ҳукмрони ҷаҳон шудан, мақсадҳои онҳо воқеӣ ва амалишаванда буданд. Бисёр усулҳои дипломатӣ, ки тибқи анъанаҳои римӣ, византиягӣ ва папагӣ ба онҳо расида буданд, онҳо дипломатияи нисбатан фасеҳ ва солимро офариданд, ки сонӣ дар таъсисёбии давлатҳои миллӣ дар давраи Нав нақши муҳимро бозӣ кард[1].

Ҳамин тавр, аз таҳлили гуфтаҳои дар боло оаврдашуда, муайян мегардад, ки хусусиятҳои хоси муносиботи байналмилалӣ дар асрҳои миёна дар Европа инҳо мебошанд: нақши калон иҷро намудани қувваи ҳарбӣ дар сиёсати хориҷӣ; ҷой доштани парокандагии суверенитет, ба сифати субъектони муносиботи байналхалқӣ на давлатҳо, балки шоҳҳон, князҳо, калисо ва корпоратсияҳои бузурги иқтисодӣ-сиёсӣ ва динӣ баромад мекарданд; ба ҷойи мафҳуми «давлат» мафҳуми «сенория» бисёртар истифода мегардид[2]; бартараф кардани (аз байн бурдани) фарқият миёни ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ; десентрализатсияи хизмати дипломатӣ; нақши калонро бозӣ кардани Калисо дар сиёсати хориҷӣ ва муносиботи байналхалқӣ; таъсири калони ғояи дини насронӣ, ташкилотҳои динӣ, васеъ истифода намудани хизматгорони Калисо дар муносиботи байналхалқӣ, фаъолона дахолат намудани калисо дар корҳои байналхалқӣ; ба сифати ба тартибдарорандаю назорат намудани муносиботи байналхалқӣ Ҷамъомадҳои умумӣ (ҷаҳонӣ) ва Ҷамъомадҳои маҳалии калисоӣ, анҷуманҳо ва конгрессҳои ҳокимони дунявӣ ва динӣ ва ба сифати роҳу воситаи танзимкунанда бошад қарорҳои онҳо, буллаҳо ва декретҳои папаҳои Рим хизмат мекарданд[3].

Институт (ниҳод)-и папагӣ на танҳо қувваи динӣ, балки қувваи давлатӣ - сиёсӣ низ ба ҳисоб мерафт. Дипломатияи папагӣ дар маракаҳои муҳими муно-

---

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 15 – 17.

[2]Аз калимаи франсузии seigneur, sieur – хуҷаин – ташкилоти территориявӣ, ки дар Европаи асрмиёнагӣ ва давраи нав васеъ паҳн гарида буданд, ки дар доираи он функсияи идракунии хоҷагидорӣ ва юридикӣ вобаста ба шахсони воқеӣ ва юридикӣ мустаҳкам гардонда шуда буд. Барои табақаи дорои Европаи асрмиёнагӣ Сенория тарзу воситае шуд, ки онҳо ҳукми бартарӣ пайдо намуда, мувофиқи он ашрофзодагони асрмиёнагӣ тавонистанд имконият ба даст оранд, ки бартарияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худро таъмин намоянд.

[3]Ниг.: Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.; Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 9.

сибатҳои байналхалқӣ, аз ҷумла дар ба роҳ мондани юришҳои салибӣ бар зидди мусулмонҳо ва православҳо ва ғайра фаъолона нақш бозӣ мекард[1].

Дар давраи асрмиёнагии ибтидоӣ дар Ғарб милитаризатсияи босуръати ҷамъиятӣ сурат гирифт. Зеро дар ин давра дар Европа халқҳое (Рими Ғарбӣ), ки пеш ҳокимиятро дар даст доштанд, дар натиҷаи ҳуҷуму тохтутози варварҳо ҳокимятро аз даст доданд. Дар Европа акнун халқҳои германитабор пешсаф шуданд. Ташаккулёбии феода ва муносиботи вассалӣ ба зинаи олии парокандашавии суверенитет оварда расонд. Ҳуқуқи эълон намудан ё бурдани ҷанг ҳақи умумӣ гардид, он танҳо тавассути қарорҳои махсус маҳдуд карда мешуд, ки аз ҷониби мақомоте қабул мегардиданд, ки ҳокимияти онҳоро ҳама эътироф мекарданд. Дар иҷро намудани нақши чунин мақомот Калисо ва ҳокимияти шоҳӣ даъвогар буданд.

**Ҷамъомадҳои калисоӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ.** Дар муносиботи байналхалқии Европа ҷамъомадҳои калисоӣ нақши калон бозӣ мекарданд. Маҷлис (Ҷамъомад) - и Тур (с. 567) таҳдиди аз Калисо рондани шахсонеро карда буд, ки заифону нотавононро истисмор менамояд ва оид ба гуноҳи мазкури содиркардаашон тавба намекунанд. Ҷамъомади Макон (с. 587) бошад ба Калисо ҳуқуқ дод, ки бевазанон ва ятимонро зери ҳимояти худ гирад. Аммо хизматгузорони калисо худашон наметавонистанд, ки ярок ба даст гирифта, ин вазифаро иҷро намоянд[2]. Инро баъдтар Ҷамъомади Майнс (с. 813) ҳам ба ҳукми қонун даровард, тибқи он хизматгузорони динӣ ӯҳдадор шуданд, ки ба корҳои дунявӣ даст дароз накунанд – яъне ба молу пулпарастӣ, қонунвайронкунӣ, зӯроварӣ, низоъ ва ҷанҷол, тафтишоти судӣ машғул нашаванд, мусаллаҳ нагарданд ё аз ярок истифода баранд. Иҷро накардани қарори Ҷамъомад папа Николайи I-ро маҷбур намуд, ки оид ба манъ кардани ин корҳо декретро қабул намояд. Функсияи тавассути ярок ҳимоя намудан ба зиммаи шоҳҳон гузошта шуд. Ҷамъомади Париж аз соли 829 муайян намуд, ки ҳокимият аз ду шахсият сарчашма мегирад – рӯҳонӣ ва шоҳ. Шоҳ: функсияи адолатхоҳӣ (додхоҳӣ) - ро амалӣ менамояд; муаррифгари тақводорӣ ва ахлоқу рафтории намунавӣ бошад; тибқи фармудаҳои Худованд идораву раҳнамоӣ мекунад; ҳимояи ватанрро аз душманон ташкил, инчунин ҳимояи калисоҳо, бевазанҳо ва ятимонро таъмин намояд[3].

Ҳамин тавр, Калисо ҳокимияти шоҳиро ҳамчун кафили сулҳу оромии дохил ва беруни давлат эътироф намуд. Аммо дар умум заиф будани ҳокимияти шоҳӣ дар Европа дар асрҳои IX – XI имконият надод, ки монархҳо ба пуррагӣ вазифаи ба зиммаашон гузоштаро дар самти таъмин намудани сулҳ, иҷро намоянд. Дар нимаи дуюми асри X дар Ҷамъомадҳои мулкдории Ҷануби

[1]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 77.

[2]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 9.

[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Франсия қароreро қабул карданд, ки тибқи он агар касе ба деҳқонон ва хизматгузорони калисо ҳамла менамояд, аз калисо ронда мешаванд, яъне нисбати онҳо «ҳукми Худовандӣ» истифода мешавад. Ҷамъомади Тулуз дар соли 1041 бурдани амалиётҳои ҷангиро дар вақти маросиму идҳои калисоӣ, инчунин аз шоми чоршанбе то субҳи душанбе манъ намуд. Ҳамин тавр, 240 рӯз дар як сол ҳамчун «оштии Худовандӣ» муқаррар карда шуд[1]. Қарори мазкурро Ҷамъомади Клермон дар соли 1095 тасдиқ намуд. Барои назорат намудани аз болои рафти иҷориши қарорҳои зикршуда дар епархияҳо бо роҳбарии епископҳо аз ҳисоби сокинони маҳаллӣ судҳои махсус ва отрядҳо таъсис дода шуданд. Сенорҳои боқуввати характери дунявӣ дошта низ дар қаламравҳои худ сулҳро ҷорӣ мекарданд (мисол, «сулҳи гертсог» дар Нормандия), императорони Германия кӯшиш намуданд, ки низоъҳо ва ҷангҳои байнихудиро тибқи «сулҳи земствогӣ» маҳдуд намоянд.

**Муҳоҷирати бузурги халқҳо ва таъсисёбии шоҳигариҳои варварӣ.** Муҳоҷирати бузурги халқҳо – ин ба таври оммавӣ воридшавӣ, ҳаракаткунӣ ва тағйири ҷойи зист кардани қабилаҳои баромади германӣ, славянӣ (инчунин қисмати кӯчаки эронитаборон – аланҳо) ва туркидошта дар қаламрави империяи Рим мебошад, ки дар натиҷаи он шоҳигариҳои варварӣ ба вуҷуд омаданд.

Чорчӯбаи хронологии ҳаракат асри IV – охири асри VII буда, Муҳоҷирати бузурги халқҳо аз зе давра иборат буд: асри IV – охири асри V; охири асри V – миёнаи асри VI; миёнаи асри VI – охири асри VII.

Сабабҳои Муҳоҷирати бузурги халқҳо инҳо буданд: дар асрҳои II – III дар натиҷаи ба вуҷуд омадани шароити вазнини табиӣ, яъне хунукшавии умумии иқлим дар Европаи Ғарбӣ, дар навбати аввал барои шуғли кишоварзӣ ва чорводорӣ шароитҳоро номусоид намуд; раванди зиёдшавии аҳолӣ ба вуҷуд омад, ки он боиси муҳоҷирати маҷбурӣ ба ҷойҳои шароиташон беҳтар гардид; дар аввали ҳазорсолаи I ташаккулёбии иттиҳодияҳои қабилавӣ сурат гирифта, институти доҳиён ба вуҷуд омад[2]. Инчунин аз Шарқ ба самти Ғарб ҳаракат намудани қабилаҳои нави кӯчӣ.

**Ҷойгиршавии** қабилаҳо ва иттиҳоди қабилавии асосӣ дар арафаи Муҳоҷирати бузурги халқҳо.

***Қабилаҳои германӣ*:** лангобардҳо – дар байни дарёҳои Элаба ва Висла, дар соҳилҳои ҷанубии баҳри Балтика; бургундҳо – дар байни дарёҳои Элба ва Одер; вандалҳо – дар водии дарёи Одер; саксҳо, англҳо ва ютҳо – дар соҳилҳои баҳри Шимолӣ; баварҳо – дар водии дарёи Дунай; франкҳо – дар водии дарёи Рейн; готҳо – дар байни дарёҳои Днепр ва Днестр (остготҳо) ва дар поёноби дарёи Дунай (вестготҳо).

---

[1]Документ 9. – Сборник документов по истории международных отношений в Средние века. Составитель. О. И. Нуждин. Екатеринбург, 2001.

[2]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 13.

***Қабилаҳои славянӣ***: қабилаҳои полякӣ – дар дарёҳои Висла ва Варта; қабилаҳои чеху моравӣ – дар ҳавзаи болоии дарёи Элба; қабилаҳои сербу лужиск – дар ҳавзаи миёнаи дарёи Элба; қабилаҳои славянӣ - ҷанубӣ – дар шимоли нимҷазираи Балкан.

***Қабилаҳои туркӣ***: аҷдодони булғор (булгар)-ҳо дар Кавкази шимолӣ ва поёноби дарёи Дон; аварҳо – дар даштҳои шарқии баҳри Каспий; гунҳо – дар даштҳои назди Баҳри Сиёҳ (ба ҳайати иттиҳоди қабилавии гунҳо ҳам қабилаҳои туркӣ, ҳам финну угорӣ ва ҳам аҷдодони муғулҳо шомил буданд).

Баробари инҳо, зарур аст қайд намоем, ки дар раванди мазкур қабилаҳои эронӣ – сарматҳо ва аланҳо низ иштирок доштанд. Муаррихи римӣ Аммиан Марселлин нақл мекунад, ки аланҳо, дар ҷомеаи худ ҳама баробар буда, баромади иҷтимоии наҷиб доштанд ва оид ба ғуломдорӣ тасаввурот надоранд, ба монанди форсҳо аз миёни скиф (сак)-ҳо баромада, дар корҳои ҳарбӣ таҷрибаи калон доранд[1].

**Натиҷаи кӯчиши бузурги халқҳо инҳо буданд:** империяи Ғарбии Рим аз байн рафт; вазъияти этнополитикӣ дар Ғарб бо суръати тез тағйир ёфт; шоҳигариҳои зиёди варварӣ таъсис ёфтанд, ки он ба интенсификатсия (сермаҳсулӣ) - и робитаҳои байналхалқӣ оварда расонд; империяи Византия зина ба зина нақши роҳбарикунандаро дар системаи европоии мунисбатҳои байналхалқӣ аз даст додан гирифта, мақоми мазкурро танҳо дар минтақаи Шарқи баҳри Миёназамин ҳифз намуда буд[2].

Дар соли 395 императори Рим Феодосий андаке пештар аз маргаш империяро ба ду қисм ҷудо намуд: қисми шарқии он ба писари калониаш Аркадий ва ғарбиаш бошад ба писари хурдиаш Гонорий расиданд. Амалан қисмҳои мустақилгаштаи империяи воҳид расман ба юнонизабони Рими Шарқӣ (баъдтар Византия) ва лотинизабони Империяи Ғарбии Рим табдил ёфтанд.

Заминҳои шарқӣ нисбат ба ғарбӣ бойтар буданд, императорони империяи Рими Шарқӣ сиёсати дурбинонаро бурда, метавонистанд, артиши боқувватро ҳаматарафа таъмин намоянд, барои ҳамин мавҷҳои асосии тохтутози варварҳо ба самти Империяи Ғарбӣ равона гардиданд. Баробари ин, тохтутози қабилаҳои гуногун зиёдтар шудан гирифт. Дар асрҳои IV − VII дар қаламрави васеи Европа ва Осиё кӯчидану тағйири макон намудани халқҳо шуда гузашт, ки дар таърих бо номи «Кӯчиши бузурги халқҳо» машҳур мебошад. Империяи Ғарбии Рим, ки дар ин давра заиф гардида буд, натавонист, ки роҳи тохтутози қабилаҳои зиёди кӯчиро гирад. Тохтутозу фишороварии гунҳо қабилаҳои германиро маҷбур намуд, ки ба қаламравҳои римӣ ворид шаванд. Масалан, остготҳо аз гунҳо шикаст хӯрда, ба Паннония рафтанд, вестготҳо бошанд аз дарёи Дунай гузаштанд. Ин ҳодиса тирамоҳи соли 376 сурат гирифтааст. Римиҳо маҷбур шуданд, ки онҳоро ба сарҳадоти худ роҳ диҳанд. Ҳамин тавр, амалан

---

[1]Муфассалтар оид ба аланҳо ниг.: Марцеллин А. Римская история. Книга XXXI. 2. 17 – 25. СПб.: Алетейя, 1994.

[2]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 19.

сарҳадро як халқи бутун бо ҳамроҳии доҳиёнаш убур намуданд[1]. Дар аввал худи императори Рим ба варварҳо иҷозат дод ва ба онҳо дар асоси ҳуқуқи федерат (аз лотинии «федере» – шартнома, иттифоқ)-ҳо заминҳои наздисарҳадиро барои ҷойи зист ҷудо намуданд. Муҳоҷирон вазифадор буданд, ки ба империя аскаронро пешниҳод намуда, ӯҳдадории ҳарбиро иҷро кунанд ва сарҳадоти империяро аз варварҳои нав ҳифз намоянд. Оҳиста-оҳиста дар қаламрави империя як қатор шоҳигариҳои варварӣ таъсис ёфтанд[2].

Дар асрҳои охири мавҷудияти империяи Рим байни римиҳо ва варварҳо аз як тараф ва аз тарафи дигар байни худи варварҳо муносиботи гуногун ва баъзан печида (печ дар печ) ба вуҷуд меоянд. Ин муносибот дар худ ҳам элементҳои «ҳуқуқи халқҳо» ва ҳам меъёрҳои навро тавъам намуданд, азбаски римиҳо акнун дар он ҳолате қарор надоштанд, ки иродаи худро ба халқҳои атроф дикта намоянд, маҷбур буданд онҳоро қабул намуданд.

Дар ин ҷода муносибати мутақобилаи доҳии гунҳо Аттила ва дарбори императори Константинопол мисол шуда метавонад.

Чи тавре ки дипломати византиягӣ Приски Панионӣ, шоҳиди гуфтушунидҳо, вохӯриҳои сафирони римиҳо ва гунҳо, ки соли 448 дар наздикии сарҳад гузаштааст, нақл мекунад. Гунҳо гуфтанд, ки мехоҳанд, гуфтушунидро савор дар аспҳо баранд. Бо сабаби аз аспҳо фаромаданро напазируфтани гунҳо гуфтушунид дар ҳолати савор дар аспҳо бурда шуд[3]. Яъне он тибқи анъанаи гунҳо доир гашт. Ин аллакай заифии римиҳоро дар пеши гунҳо нишон дод. Шартномае, ки дар рафти гуфтушунид баста шудааст, на он қадар ба манфиати империя ва мазмуни баъзе моддаҳо бошад барои он ҳатто таҳқиромез ҳам будаанд. Римиҳо ӯҳдадор шуданд, ки гурезаҳою маслакфурӯшонро таслим намоянд ва ҳар сол ба андозаи 700 фунти тилло боҷ (хироҷ) диҳанд. Тарафҳо тибқи анъанаи аҷдодонашон қасам хӯрдаанд, ки шартҳои шартномаро риоя менамоянд.

Аҷоибаш боз дар он аст, ки на танҳо римиҳо ба расму русуму анъанаҳои варварҳо одат карданд, балки варварҳо ҳам меъёрҳои нисбатан рушдёфтаи римиро қабул намудаанд. Масалан, ба Аттила анъанаи римии ба сафирон додани тӯҳфаҳо хеле маъқул будааст. Ӯ на танҳо аз он истифода мекард, махсус ба римиҳо, ба касоне, ки мехост ҳадя фиристонад, балки худаш ҳам дар ин ҳолат қарздор намемонд, сафиронро бо аспҳо ва мӯинаи ҳадяшуда ҷавоб медод. Одати дахлнопазирии сафиронро низ ӯ риоя мекард, ҳатто дар он ҳолатҳое, ки

[1]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрполиграф, 2011. С.15.
[2]Ниг.: Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.
[3] Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 80.

замоне муайян мешуд, ки сафирони римӣ бо мақсади сарнагун кардани вай сӯиқасдро ташкил карданианд[1].

Дар оғози давраи асрмиёнагӣ шоҳигариҳои варварӣ, ки аз ҳокимияти Рим озод шуданд, аллакай ба шакли шоҳигариҳои мустақил амал намуда, худро ба сифати ворисi Рим ва майл ба барқарор намудани қудрати пешинаи он карда, ҷангҳои зиёд бурда, ба алоқаҳои печидаи ҳам байни худ ва ҳам бо империяи Византия ворид мешуданд.

**Шоҳигариҳои варварӣ дар муносиботи байналхалқӣ.** Шоҳигариҳои аввалини варварӣ устувор набуда, мавҷудияти онҳо дер давом накард. Дар миёни онҳо шоҳигариҳои Вестготҳо, Бургундҳо, Алану вандалӣ ва шоҳигарии Одоакр, инчунин Иттиҳоди бузурги қабилавии гунҳоро ҷудо намудан осон аст.

**Шоҳигарии Вестготҳо (с. 418 – 718).** Готҳо яке аз қабилаҳои сершумори германӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар вақти аз Шарқ қабилаҳои нав – гунҳо омада, фишор оварда, дар роҳи худ қавмҳои дигарро тобеъ карда, оқибат мавқеи готҳоро танг намуданд, готҳо маҷбур шуданд, ки ба назди император Валент сафорат фиристонанд ва хоҳиш карданд, то ки барои онҳо дар сарҳадоти империя бо ҳукми федерат заминро барои зист ҷудо намояд. Римиҳо, ки дар он вақт наметавонистанд бо қувваи худӣ сарҳадашонро ҳифз намоянд, ба хотири он ки қабилаҳои германиро барои муҳофизати худ аз дигар варварҳо истифода баранд, ба онҳо иҷозати зист доданд. Аммо вайрон намудани ӯҳдадориҳо аз ҷониби император ба он оварда расонд, ки вестготҳо ба қаламрави Рим ҳамла намуда, дар муҳорибаи назди Адрианопол 9 августи соли 378 лашкари император Валентро шикаст доданд ва худи император дар ҳарб кушта гардид[2]. Дар соли 395 г. император Феодосийи I бо вестготҳо сулҳ баст, аммо бо ин нигоҳ накарда, баъди марги ӯ боз онҳо тохтутозро ба қаламравҳои дар Балкан будаи империя идома доданд[3].

Дар соли 410 онҳо бо сарварии Аларих Римро гирифта, ғорат намуданд. Андаке баъдтар, дар соли 418, аввалин шоҳигарии варварии Вестготҳо дар ҷануб-ғарбии Галлия бо пойтахташ Тулуза таъсис дода шуд. Азбаски вестготҳо статуси федератро доштанд, расман он ба Рими Ғарбӣ итоат мекард. Дар давраи шоҳ Эйрих (466–485) вестготҳо қаламрави худро васеъ намуда, Галлия, то дарёи Луара ва қисми зиёди Испанияро забт намуданд. Шоҳигарии Вестготҳо соли 711 аз ҷониби арабҳо забт карда шуд. Соли 718 бошад арабҳо амалан нимҷазираи Перенейро пурра зери тасарруфи худ даров官арданд.

**Шоҳигарии Бургундҳо (с. 413 – 534).** Дар асри IV дар дарёи Рейн аввалин давлати Бургундӣ бо пойтахташ шаҳри Вормс таъсис ёфт. Аммо ҳастии он дер давом накард. Зери зарбаи гунҳо бургундҳо маҷбур шуданд, ки ба Гал-

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрополиграф, 2011. С.15.

[3]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 14.

лия гурезанд, ки дар он ҷо дар болооб ва миёнаи дарёи Рон давлати дуюми Бургундҳоро бо пойтахташ шаҳри Лион асос гузоштанд. Дар соли 534 шоҳигарии Бургундҳо аз ҷониби франкҳо забт карда шуд[1].

**Шоҳигарии Алану вандалӣ (с. 439 – 534).** Қабилаҳои германии вандалҳо ба қаламрави империяи Рим дар ҳавзаи миёнаи дарёи Рейн дар ибтидои асри IV ворид шуданд. Галлия ва Испанияро таллаву тороҷ намуда, вандалҳо соли 429 бо ҳамроҳии аланҳо ба заминҳои наздисоҳили Африкаи Шимолӣ гузаштанд, ки дар он ҷо дар соли 439 бо сарварии доҳии вандалҳо Гейзерих шоҳигарии Алану вандалиро бо пойтахташ шаҳри Карфаген таъсис доданд. Чун дигар қабилаҳои германӣ вандалҳо низ мақом (статус)-и федератро доштанд. Дар миёнаи асри VI онҳо ҷазираҳои Ситсилия, Корсика ва Сардинияро ишғол намуданд. Аммо яке аз овозадортарин забткориҳои онҳо ин ишғол намудани Рим ва хароб кардани он дар соли 455 шуд. Баробари ин, онҳо дар муқоиса бо дигар қабилаҳои германӣ дар сатҳи пасттари рушди маданӣ қарор дошта, на танҳо Римро ғорат карданд, инчунин қимату аҳамияти эҷодиёту ёдгориҳои маданияти олии шаҳрро надониста, онҳоро несту нобуд ва сӯзонданд. Барои ҳамин исми «вандалҳо» инкоркунанда шуд, яъне касе, ки дастовардҳои маданиро нодида мегирад, маданиятро хароб мекунад «вандал» номида мешавад ва аз ин ҷо дар илм мафҳуми вандализм низ мавриди истифода қарор гирифт. Дар соли 534 шоҳигарии онҳо аз ҷониби императори Византия Юстиниани I ишғол карда шуд[2].

**Иттиҳоди қабилавии Гунҳо.** Таҳдиди аз ҳама бузург барои империяи Рими таназзулёфтаистода ва ҳам барои халқҳое, ки он вақт дар қаламрави Европа зиндагӣ мекарданд (асри V) даҳшати воҳиманоки гунҳо буд.

Онҳо аз минтақаҳои дарунтари Шарқ солҳои 70-уми асри IV ба самти Ғарб омада, дар муддати кӯтоҳ қаламрави васеъро ишғол намуданд, ки аз соҳилҳои Волга то дарёи Рейн тӯл мекашид ва дар рафти тохтутозҳо қабилаҳои зиёди славянтабор, германӣ ва ғайраро ба худ тобеъ намуданд. Оид ба урфу одат, расму русуми гунҳо муаллифи римӣ Аммиан Марселлин нақл карда, менависад, ки онҳо ба кишоварзӣ шуғл наметарзанд. Ҳамаи онҳо макони муайяни зист, рӯзгори хонагӣ, қонунҳо, тарзи ҳаёти мустаҳкамро надоранд, ба монанди гурезаҳои доимӣ дар ҳар ҷо кӯчманчигӣ мекунанд. Ягон нафар аз онҳо ба саволи ватанат дар куҷост, ҷавоб додан наметавонад; ӯ дар як ҷой дар ҷанини модараш бордор шудааст, аз он ҷой дуртар таваллуд шудааст, дуртар аз ҷойи мазкур бошад сер карда шудааст[3]. Давраи аз ҳама тавонои гунҳо дар замони доҳӣ Аттила (435 – 453) буд.

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[2]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

[3]Марцеллин А. Римская история. Книга XXXI. 2. 1 – 12. СПб.: Алетейя, 1994.

Дар соли 451 шумораи ниҳоят бузурги қабилаҳои гуногун бо сарварии гунҳо аз дарёи Рейн гузашта, ба самти ҷануб-ғарбӣ ҳаракат намуданд. Ба истиқболи онҳо аз ҷониби Рим артиши муттаҳида бо сардории Флавий Аэтсий (с. 390 – 21.09.454), яъне дар баробари римиҳо иборат аз қабилаҳои муттаҳидаи вестготҳо, бургундҳо ва франкҳо, ки дар симои варварҳои шарқӣ таҳдиди марговарро медиданд, фиристонда шуд[1].

Дар муҳорибаи шадид дар майдони Каталун (Каталаун) 15 июни 451 гунҳо шикаст хӯрданд, аммо артиши Европа ҳам беҳолу бемадор гашт. Дар соли 453 баъди марги Аттила иттиҳоди қабилавии гунҳо пароканда гардид.

**Шоҳигарии Одоакр (09. 476 – 15. 03. 493).** Солҳои охири мавҷудияташ империяи Рим давраи бесуботиро аз сар мегузаронд, императорони он эҳтироми худро аз даст дода буданд. Табаддулотҳо яке аз паси дигар сурат гирифта, шаҳрвандон ҳатто фурсати дар ёд гирифтани номи ин ё он ҳокимро надоштанд. Дар соли 475 Ромул Августи ниҳоят ҷавон император эълон гардид. Номаш бисёр рамзӣ буд, он дар худ номи Ромул – бунёдгузори Рим ва Октавиан Август – аввалин принсепс, яъне асосгузори империяро муттаҳид мекард. Хулас, азбаски бо сабаби синну солаш, ӯ қудрати воқеиро дар ихтиёр надошт, ҳамзамонон таҳқиромез номи ҳокими навро Августул, яъне «Августенк» ба забон мегирифтанд.

Соли 476 яке аз сарлашкарони варварӣ Одоакр исён бардошт ва императорро аз тахт фуровард[2]. Одоакр дайҳими императорӣ (асбоби зинати занҳо), либосвории арғувонии императорӣ ва регалия (ашёи маснад, аз қабили тоҷ, ҷӯбдасти салтанатӣ) ва ғайраи ҳокимияти собиқ императориро ба императори Константинопол фиристонд. Ба ивазаш ӯ унвони патрисий ва ба ӯ додани иҷозати идора кардани Италияро талаб намуд. Ҳамин тавр, дар Италия ба ҷойи империяи Ғарбии Рим, ки соли 476 мавҷудияташро қатъ намуд, шоҳигарии Одоакр таъсис ёфт[3]. Маҳз ҳамин воқеа дар илми таърих оғозёбии давраи асрмиёнагӣ қабул шудааст.

**Шоҳигарии Остготҳо (с. 489 – 555).** Шоҳигарии Одоакр, ки дар markazi империяи Рим таъсис ёфта буд, дароз ҳастӣ накард. Соли 488 бо иғвобарангезии худ дарбори Византия, хусусан император Зенон Одоакрро ба он айбдор намуд, ки яке аз сарлашкарони исёнбардоштаи Византия Иллро дастгирӣ кардааст, шоҳ Теодорих, ки баъди парокандашавии иттиҳоди қабилавии гунҳо остготҳоро ба худ тобеъ карда буд, ба Италия сар даровард. Теодорих, ки дар вақти зиндагӣ намудан дар Византия одати анъаноти сиёсати Рими Шарқиро хуб омӯхта буд, дар муҳорибаи бошарафона Одоакрро мағлуб карда натавониста, ба ӯ, ба хотири тақсим намудани Италия байни худ, бастани иттифоқро

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 16.
[2]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 16.
[3] Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 81.

пешниҳод намуд. Аммо ҳангоми зиёфат Одоакрро санаи 15.03.493 кушта, ҳокими ягонаи Италия мегардад.

Давраи баланди гулгулшукуфии шоҳигарии варварии мазкур ба давраи шоҳ Теодорихи Бузург (493−526) рост омад. Ӯ худро ҳамчун дипломати моҳир муаррифӣ намуда, бо шоҳигариҳои ҳамсояи варварии Италия ва ҳатто бо Византия ҳам, робитаҳои зичро ба роҳ монд. Теодорих моҳирона одату анъанаҳои римиро қабул намуд, ба дарбори худ низ олимони боистеъдоди римиро даъват намуда, инчунин дар амал корҳои маъмурӣ ва дипломатиро ба онҳо бовар кард. Аммо ҳамаи ин чораҷӯиҳо ҳам боис нашуданд, ки римиён қотеъона Теодорихро ҳокими худ эътироф намоянд. Ашрофони Рим пинҳонӣ византиягиҳоро барои ворид шудан ба Италия даъват намуданд.

Мумкин ин ва дигар хатаротро ҳис намуда, ӯ барои мустаҳкам намудани мавқеи худ маҷбур мешавад, ки ду духтар ва як хоҳари худро бо ҳокимони вестготҳо, бургундҳо ва вандалҳо хонадор намояд, худаш ҳам бо хоҳари шоҳи Франкҳо Хлодвиги I никоҳ баст. Соли 533 шоҳигарӣ, қувваи худро насанҷида, бо Византия ба ҷанг даромада, хост, ки шӯҳрати як вақтҳо доштаи империяи Римро аз сари нав барқарор намояд. Дар натиҷа Византия шоҳигарии остготҳоро торумор намуда, як қисми қаламрави Италияро ба худ тобеъ кард[1].

**Шоҳигарии Франкҳо (асри V – с. 843).** Дар миёни шоҳигариҳои зикршуда аз ҳама тавонотараш шоҳигарии Франкҳо буд. Шоҳ Хлодвиг аз авлоди Меровингҳо, қабилаҳои сершуморро ба худ тобеъ намуда, тавонист, ки як давлати бузургро таъсис диҳад. Соли 486 Франкҳо галлу римиҳоро дар Суассон шикаст дода, Галлияро забт карданд. Соли 507 вестготҳоро шикаст дода, Аквитанияро ба қаламрави худ ҳамроҳ намуданд. Соли 508 бошад Парижро ба қароргоҳи худ табдил доданд. Дар давраи ҳукмронии Хлодвиг «Ҳақиқати салигӣ» навишта шуд. Аҷоиб дар он аст, ки бо сабаби дини насрониро қабул карданаш императори Византия Анастасийи I ҳокимияти Хлодвигро дар Галлия эътироф намуда, ба ӯ унвони консулро дод. Аммо баъди марги ӯ қувваҳои марказгурез дар давлат зуҳур намуданд. Дар соли 511 шоҳигарӣ ба пароканадашавӣ рӯ ба рӯ гардида, дар ниҳоят ба се қисм – Нейстрия, Австразия ва Бургундия ҷудо шуд. Соли 534 бошад Франкҳо Бургундияро ишғол ва қаламрави давлати худро аз ҳисоби қаламравҳои гирду атроф васеъ намуданд[2].

**Шоҳигариҳои Англо-саксонӣ.** Британия дар давраи мавҷудияти империяи Рим, ки 400 сол дар ҳайати он буда, аз нигоҳи муносиботи сиёсӣ якранг набуд. Қисмати ҷанубии он ба ҳайати империяи Рим дохил буд, аммо баъди аз ин ҷо даъват намудани легионҳои охирон дар соли 407 шаҳрҳои зиёди римӣ ва дигар нуқтаҳои аҳолинишин рӯ ба пастӣ ниҳоданд. Аз шимол ба шоҳигариҳои Бриттҳо қабилаҳои скоттҳо ва пиктҳо таҳдид мекарданд. Британия аз назари қабилаҳои германӣ – англҳо, саксҳо, ютҳо ва фризҳо низ дар канор намонд.

---

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

Онҳо дар натиҷаи таъсири тохтутози гунҳо ба Британия кӯчиданд. Оҳиста-оҳиста германиҳо майли гузариш аз тохтутоз ба муқимӣ шудан дар заминҳои ҳосилхези Британия намуданд. Шоҳигарии аввалини германӣ дар Британия дар чоряки охири V дар Кент таъсис дода шуда, то миёнаи асри VI бошад германиҳо пурра Британияро ба даст дароварданд. Фақат заминҳои камҳосили Шотландия дар шимол ва қаламравҳои алоҳидаи Уэлс ва Корнуолл дар ғарб дар дасти келтҳо монданд. Дар қаламравҳои ғасбшуда ҳафт шоҳигарӣ таъсис дода шуд. Шоҳигариҳое, ки ба саксҳо тааллуқ доштанд: Эссекс, Сассекс ва Уэссекс; шоҳигариҳое, ки ба англҳо тааллуқ доштанд: Нортумбрия, Мерсия, Англияи Шарқӣ; шоҳигарии ютҳо бошад Кент буд. Дар садсолаҳои баъдина (асрҳои VI–VII) байни онҳо барои ҳукмронӣ муборизаи сахт идома ёфт. Ҳамзамон насроникунии Британия ва Ирландия низ шуда гузашт. Соли 664 Британия дар давраи шоҳи Нортумбрия – Осви расман дини насрониро дар шакли анъанавии римӣ-католикӣ қабул намуд[1].

Дар давраи ибтидоии асрмиёнагӣ одатҳои дипломатии римӣ бо суръати тез байни варварҳо паҳн шудан гирифтанд, варварҳо онҳоро қабул намуда, кӯшиш мекарданд, ки мақоми худро баланд бардоранд. Этикети бошукӯҳона (бодабдаба) дар дарборҳои вестготҳо ва франкҳо низ паҳн гардид. Дар қоидаҳои варварӣ дар сатҳи қонунгузорӣ дар муқоиса ба куштани дружинники шоҳӣ барои куштани сафир вергелд (пардохти ҷуброни пулӣ барои куштани одами озод дар ҷамъиятҳои германӣ ва англосаксонӣ)-и баландтар муқаррар карда шуд. Вергелд дар аксарияти қонунҳои варварӣ сабт шуда буд.

**Мавқеи Византия дар муносибатҳои байналхалқӣ.** Баъди тақсимшавии империяи воҳиди Рим қисмати шарқии он дар вазъияти хуб қарор дошт. Дар сиёсати худ он дар самти шарқ ва шимол диққат равона намуда буд. Аммо барои ба ҳадаф расидан дар масъалаи барқарор намудани империя дар сарҳадоти пешинааш, метавонист боиси сар задани низоъ бо давлатҳои варварӣ, ки дар қаламравҳои он ба вуҷуд омаданд, гардад. Махсусан, сиёсати забткронаи фаъол дар давраи император Юстиниани I (527–565) ба роҳ монда шуда буд.

Ҷангҳо бо вандалҳо, остготҳо ва вестготҳо имконият доданд, ки қаламрави империяи Рими Шарқиро зиёда аз ду маротиба васеъ намоянд, баҳри Миёназамин амалан ба обҳои дохилии Византия табдил ёфт. Ин давраи шукӯҳу шаҳомати Византия, замони болоравӣ ва мустаҳкамшавии обрӯи он дар саҳнаи байналхалқӣ буд, мавқегирии ҳокимони византиягиро ҳокимони зиёди Европаи Ғарбӣ мепазируфтанд. Хулас, мақсади ниҳоии онҳо, яъне барқарор намудани империяи Рим ба даст наомад.

Дар оянда таъсири Византия суст шудан гирифт. Дар шарқи Европа Византия маҷбур буд, ки тохтутози славянҳо, ки дар арафаи ташаккулёбии давлатдории худ қарор доштанд, инчунин Ҳоқонати тавонои Аварҳоро нигоҳ

---

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

дорад. Муборизаи дуру дароз, ки бо танаффусҳо идома кард, дар нимаи дуюми асри VII бо мағлубияти аварҳо ба охир расид. Қисми бузурги славянҳои Балкан, ки пештар ба қаламрави империя ворид шуданд, ба итоати Византия дароварда шуданд. Баробари ин, муносиботи байналхалқӣ низ дар ин минтақа бисёр тезу тунд буд.

Дар солҳои 70-уми асри VII барои империя душманони нави хавфнок – протобулғорҳо пайдо шуданд. Византияро дар соли 680 шикаст дода, бо шарти ба онҳо ҳарсола додани боҷ бо империя сулҳ бастанд. Андаке баъдтар дар Балкан аввалин шоҳигарии Булғорҳо таъсис дода шуд.

Дар ин вақт ҳарифони нав – арабҳо ба санаи калони сиёсӣ ворид шуданд, ки дар мубориза бар зидди онҳо хароҷоти калонро ба бор овард.

Дар натиҷа Византия андак-андак мавқеашро дар Ғарб аз даст медиҳад, сиёсати хориҷии он бештар ба самти Шарқи баҳри Миёназамин равона мегардад. Зина ба зина империя дар системаи муносиботи байналмилалии Европа нақши асосиро аз даст дод. Ба ҷойи он шоҳигариҳои нав сарвариро ба даст гирифтанд.

Дар ҳамон даврае, ки дар Ғарби Европа сар аз чоряки охири асри V анъаноти империявии Рим гусаста шуданд ва то асри IX, то замони Каролингҳо ва пас аз он империяи Муқаддаси Рим ғояи универсалӣ аз ҳаёти сиёсӣ нопадид гашта буд, дар қисмати шарқии макроминтақавии баҳри Миёназамин бошад иштирокчии асосии муносиботи байналхалқӣ Византия – меросхӯри аслии Рим, боқӣ монд. Гусаста нашудани шаҷараи таърихии меросӣ барои ҳамзамонон асос ба вуҷуд овард, ки дар симои императори Византия, ҳамчун малике, ки баъди барҳамхӯрии империяи Рим иҷрокунандаи нақши монархияи умумҷаҳонӣ ба тарафи он гузашта, миссияи ҳокими ҷаҳони насрониро ба дӯш дошта, ҳомӣ ва ҳимояткунандаи калисо эътироф карда шавад. Аз ҳокимони давлатҳое, ки дар қаламрави собиқи империяи Рим Ғарбӣ ба вуҷуд омада буданд, дарбори Византия талаб мекард, ки ҳокимияти олии императорро эътироф намоянд. Бояд гуфт, ки қуввае, ки дар таърихи мавҷудияти Рим ҳамчун симои монархияи умумиҷаҳонӣ ба вуҷуд оварда буд, ба ин талаботҳо дар назари на танҳо ҷамъияти Византия, инчунин варварҳо эътибори қонуниро ато мекард: то маросими тоҷутахтгузории Карли Кабир дар соли 800 дар калисои ҷомеи Пётри Муқаддас, дар муносиботи дипломатӣ ба Византия шоҳҳон, гарчанде формалӣ ҳам бошад, чун ба сюзерен муроҷиат намуда, аз он барои идоракунӣ дар қаламравҳои худ ҳуқуқи ярлиқро мегирифтанд.

Ҷаҳонбинии худии ромеӣ (византиягӣ) дар тамоми давраи мавҷудияти Византия характери империяро таҷассум мекард: Константинопол ҳамчун Рими дуюм, пойтахти нави ҷаҳон қабул карда шуд ва қаламравҳои берун аз ҳудуди он ҳамчун ҳудудҳои варварӣ дониста мешуданд, сиёсати хориҷӣ бошад ҳамчун санъати нигоҳ доштани тохтутози варварҳо ба қаламрави ҷаҳони ботамаддун дониста шуд ва дар шароити мусоид бошад сиёсат чун барқарор намудани ҳукми қонунии империя ва барқарор намудани ҳокимияти Византия дар он қаламравҳое, ки як вақтҳо аз даст рафта буданд, дониста мешуд.

Махсусан сиёсати ба Византия нисбат додани ғояи маркази нави ташкилоти сатҳи империявӣ дар тамоми макроминтақавии баҳри Миёназамин дар давраи ҳукмронии император Юстиниани I (с. 527 – 565) фаъол гардонда шуд. Хусусиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъияти Византия дар асрҳои V-VI ҳамчун давраи баъдинаи антиқӣ муайян карда шудааст. Дар муносиботи байналхалқӣ Юстиниани I кӯшиш намуд, ки қаламрави империяро дар самти Ғарб васеъ намояд.

Дар сиёсати экспансионии худ дар ин самт Византия ба якчанд масъала такя мекард: дар сиёсати хориҷии худ вазъи номуътадили дохилии худи шоҳигариҳои навтаъсиси Ғарбро ба инобат гирифт; аз ҷиҳати низом ва ташкилотӣ ба бартарият доштани артишаш нисбат ба артиши варварҳо такя мекард; беҳтар будани дастгоҳи идоракунии Византия нисбат ба шоҳигариҳои варварӣ, ки қодир буд дар муддати кӯтоҳ таъминот ва афзун намудани артиши худро гузаронад; ба нуфузи зиёд доштани аҳолии римӣ ва римишуда дар шоҳигариҳои Остготҳо, Вестготҳо ва Вандалҳо низ такя мекард, ки аз нигоҳи маданӣ-таърихӣ ва анъаноти сиёсӣ бо аҳолии империяи Шарқии Рим хешу табор буданд; ва охирон нақши асосиро манфиатҳои иқтисодии Византия бозӣ мекарданд, кӯшишҳои он дар самти пурра зери назорат гирифтани роҳҳои обӣ дар ҳавзаи баҳри Миёназамин, тавассути флоти тавонои худ.

Дар миёнаи асри V Византия ба орзуҳои деринаи худ, яъне барқарор намудани империяи бузургу воҳид, хеле наздик омад. Махсусан, ба роҳ мондани сиёсати васеи хориҷии худ дар самти Италия ва Африкаи Шимолӣ Византия ба бурдбориҳо ноил гашт. Амалиётҳои ҳарбӣ дар Африкаи Шимолӣ дар солҳои 533 – 534, дар Италия дар солҳои 535 – 555, дар ҷануб-шарқии нимҷазираи Пиреней дар соли 554 бо ғалабаҳои Византия ҷамъбаст гардиданд. Дар натиҷа ба Византия муяссар шуд, ки аз остготҳо қаламрави Италияро кашида гирад, собиқ музофотҳои Римро дар Африка ба зери итоати императори худ пас гардонад, мавқеи вестготҳоро дар Испания танг намояд. Аммо дар баробари ин, ҷанг дар Италия аз империя хароҷоти калонро талаб намуд. Остготҳо муқовимати сахт ва дуру дарозро нишон доданд. Бар хилофи нияти византиягиҳо, қисме аз аҳолии баромади италянӣ доштаи қаламрави шоҳигарии Остготҳо, пеш аз ҳама ғуломон ва чоряккорон бо ваъдаҳои ба онҳо додани озодии шахсӣ ва ҳиссаи замин ба тарафи «варварҳо» гузаштанд. Ба Византия бо назардошти низоми рушдёфтаю пешрафтаи ҳарбӣ ва шаҳрвандиаш, артиш ва флоти тавонои бонизом дошта 20 сол зарур омад, ки амалиёти ҳарбии худро дар Италия хотима диҳад[1].

Ҳамзамон ба империя зарурият пеш омад, ки қувваи калонро барои ҳифзи сарҳадоти шарқии худ сарф намояд. Мерсохӯри империяи Порт Эрони Сосонӣ, рақиби анъанавии Рими бостон дар Осиёи Пеш соли 540 дар қаламравҳои Византия ба ҳуҷум гузашт. Мақсади асосии Эрон дар ҷанг бо империяи Византия, ки дар навбати худ дар ин вақт диққаташро ба самти Ғарб мутамар-

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

каз карда буд, ин забт намудани Гурҷистони Ғарбӣ буд, ки он нуқтаи такягоҳи асосии роҳҳои амлу нақли молҳои савдоӣ бо Шарқ, Сурия ва музофотҳои бойтарини шарқии Византия ба шумор мерафт. Дастоварди калони Сосониён дар ин ҷанг забти пойтахти Сурия шаҳри Антиохия гардид, ки он ҳамчун маркази савдоӣ ва истеҳсолоти ҳунармандӣ, миёни шаҳрҳо бо анъанаҳои маданӣ ва диниаш баъди Константинопол ва Фессалоника меистод. Аммо ба Византия муяссар шуд, ки роҳи ҳаракати лашкари шоҳаншоҳи Эронро дорад. Баъди ҷанги даҳсола, ки дар рафти он на лашкари Юстиниани I ва на сипоҳи Хусрави I ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил нагаштанд ва натавонистанд, ки берун аз қаламравҳои пешинаишон мавқеи худро мустаҳкам намоянд, Византия соли 561 бо Эрон шартномаи сулҳро баст.

Маҷбуран бурдани ҷанг дар Ғарб ва Шарқ ба он оварда расонд ҳифзи сарҳадоти Византия дар шимол заиф гардад, аммо дар миёнаи асри VI он дар ихтиёри худ ҳоло ҳам қувваи бузурги захиравии кофӣ дошт, то ки дар Балкан тохтутози гунҳо, славянҳо ва аварҳоро ба қаламравҳои худ зада гардонад. Дар умум дар давраи Юстиниани I, дар давраи қуллаҳои баланди сиёсати хориҷии худ, империя вазъиятро дар сарҳадоти шимол ва шарқиаш муътадил намуда, дар натиҷаи дар Ғарб ба ҳайати худ ҳамроҳ намудани заминҳо тавонист қаламрави худро ду маротиба васеъ намуда, аз нигоҳи сиёсӣ ва ҳарбӣ ба давлати бузургтарини баҳри Миёназамин табдил ёбад.

Аз рӯи ченаки вақти таърихӣ дастовардҳои сиёсати хориҷии Византия дар асри VI ба давраи антиқаи бевақта тааллуқ доштанд, аммо аллакай дар асри VII дар ҷамъияти византиягӣ нишонаҳои тарзу сохтори феодалӣ ба вуҷуд омаданд. Дар давраи зинавии гузариш ба сохти мазкур Византия тавонист, ки тақдири талхи империяи Ғарбии Римро паси сар намояд ва тавонист, ки ягонагию тамомияти арзи сиёсии мамлакатро нигоҳ дорад. Аммо барои византиягиҳо низ қимати барқароршавии шакли иҷтимоӣ-иқтисодии асрмиёнагии ибтидоӣ хеле гарон ғалтид: давраи тирагӣ ва кашмакашиҳои дохилӣ, ки ба авҷи аълои ҷанги шаҳрвандӣ расида буданд ва замъ шудани онҳо ба бохтҳои бузург дар сиёсати хориҷӣ, ки империяро маҷбур намуданд, ки муддати дароз аз нақшаҳои экспансионии худ даст кашида, танҳо барои нигоҳ доштани ҳастии худ мубориза барад. Махсус зикр кардан даркор аст, ки аз VII сар карда, хати озоди каҷу килеб дар сиёсати хориҷии Византия муайян гардид, ки мутобиқи он вазъияти Византия дар муносиботи байналхалқии асрмиёнагӣ иваз мегардид.

Аз асри VII сар карда, то забти Константинопол ҷанбаҳои асосии хатароти сиёсати хориҷӣ низ тағйир наёфтанд, бартарф намудани онҳо дар давраи ивазшавӣ дар ҳайати иштирокчиёни ҳодисот мазмуни мундариҷаи муносиботи байналхалқии империяро ба вуҷуд меовард. Хатари аз ҳама зиёд ба Византия аз ҷониби Шарқ таҳдид мекард, ки дар ин самт ҳамсоягони онҳо Эрони Сосонӣ, давлати Арабҳо, давлати Салҷуқиён ва империяи Усмонӣ дар ҳар давру замон буданд. Бо форсҳо, ки зардуштияро пайравӣ мекарданд, Византия тавонист, ки баъзе вақтҳо ба созиш омада, дар Кавказ амалиётҳои якҷояро ба-

ранд, гарчанде ки дар қисми зиёди таърихи муносиботи миёни худ ҳар ду давлат бо ҳам ҷанг карданд ё шартномаи навбатии сулҳро баста, барои мавқеи худро дар Осиёи Пеш мустаҳкам намудан ба ҷанги навбатӣ омодагӣ медиданд. Бо оғозшавии забткориҳои арабҳо Византия дар Шарқ бо рақиби оштинопазир бархӯрд, ки аз нигоҳи динӣ барои он бегона буда, доимо кӯшиш менамуд, ки ба экспансияи васеи минтақавӣ даст занад. Дар самти шарқии сиёсати хориҷии худ Византия танҳо ба қувваи ҳарбии худ ва муваққатан заиф шудани рақибонаш такя мекард, ки дар натиҷаи низои дохилӣ ва вазъи ногувори сарҳадоти шарқии онҳо ба вуҷуд меомад[1].

Майдони дигари доимии фаъолияти сиёсати хориҷии Византия нимҷазираи Балкан ба ҳисоб мерафт. Дар Балкан дар ибтидо бар зидди Византия иттиҳодияҳои қабилавии гунҳо, славянҳо ва аварҳо меистоданд. Тактикаи онҳо аз тохтутоз намудан ба музофотҳои балкании империя, ба даст даровардани ғанимат, аз ҷумла асирон ва бозпас гаштан аз қаламрави гарнизонҳои Византия иборат буд. Аз ҷониби худ дар асрҳои V-VI Византия дар шимол пеш аз ҳама ба системаи истеҳкомҳои дорои дидбонгоҳҳои назоратӣ, ки дар тарафи рости Дунай сохта шуда буданд, инчунин ба қувваҳои сарҳадии доимии худ такя мекард. Дар асри VI дар наздикии сарҳади шимолии Византия дар Паннония иттиҳоди қабилавии ҷангҷӯ ҳоқонати Авар зуҳур намуд. Аварҳо тохтутозҳои ғоратгаронаро бар зидди аҳолии Византия дар шимоли Балкан гузаронда, дастаҳои алоҳидаи онҳо то пойтахти империя низ расида буданд. Баъди шикасти сахт дар назди Константинопол дар соли 626 мавҷи тохтутоз тез паст фуромад, аммо пурра аз байн рафтани таҳдиди аварҳо танҳо дар охири асри VIII, яъне дар натиҷаи зарбаи Каролингҳо ҳоқонати онҳо аз байн бурда шуд.

Дар фарқият аз тохтутози кӯчманчиён-аварҳо, сар даровардани қабилаҳои славянӣ ба қаламрави музофотҳои балкании Византия дар асрҳои VI-VII характери мустамликавиро гирифт. Дар қаламравҳое, ки славянҳо маскун шуданд, аз рӯи терминологияи маъхазҳои византиягӣ «славини, склавини ё славии» – иттиҳодияҳои иҷтимоӣ-иқтисодии қабилаҳои славянӣ ва музофотҳои зисти онҳоро ифода мекард, ки меъёрҳои ташкилотии иттиҳодияҳои қабилавӣ паҳн шуданд. Амалан славинии оҳиста-оҳиста статуси махсусро ба даст даровarданд, ки аз рӯи ҷойгоҳи худ ба федератҳо дар Рими қадим наздик буданд: онҳо муддати дароз институтҳои махсуси идоракунии худиро ҳифз намуданд, аммо ба системаи муносиботи хоҷагидории ҷамъияти византиягӣ ворид шуда, хизмати ҳарбиро адо мекарданд, ва сонӣ системаи андозсупориро низ иҷро мекарданд. Соли 681 дар Балкан дар натиҷаи муҳоҷирати иттифоқи қабилавии протобулғорҳо бо сарварии хон Аспарух аз минтақаҳои шимолии назди баҳри Сиёҳ ба қаламравҳои шимолии Фракия ва Македония аввалин ташкилоти давлатии протобулғорӣ-славянӣ – шоҳигарии Булғория таъсис ёфт. Византия имконият наёфт, ки барои зуҳр ёфтани рақиби нави мазкур халал ра-

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

сонад ва аллакай аз соли 681 маҷбур буд, ки ба шоҳигарии мазкури варварӣ боҷ диҳад. Дар натиҷа сиёсати хориҷии давлат дар шимол ба он равона гардид, ки тавассути ба сифати федерат ба хизмати ҳарбии империя ҷалб намудани дастаҳои варварҳо роҳи тохтутози онҳоро нигоҳ дорад. Инчунин ҷангҳоро бо шоҳигариҳои мавҷудбудаи варварӣ идома дода, фаъолияти миссионерии худро дар самти насроникунӣ идома дода, ҳокимияти патриархи Константинополро дар Европаи Шарқӣ ва Марказӣ паҳн намуд.

Дар Ғарб бошад Византия дар давраи Юстиниани I тавонист, ки қаламравҳои назаррасро ба даст орад. Ин қаламравҳое буданд, ки дар минтақаҳои ноамн ҷойгир буда, дар муддати тамоми давраи асрмиёнагӣ майдони бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии қувваҳои зиёд боқӣ монданд. Дар давраҳои гуногун лангобардҳо ва норманҳо, империяи Франкҳо ва империяи муқаддаси Рим, давлати дунявии папа ва шаҳр-давлатҳои Италия дар нимҷазира Апеннин ҷангҳои беохирро бурдаанд, ки тавассути моҷарову низоми дипломатӣ дар онҳо империяи Византия низ ворид карда мешуд. Бо Ғарб, новобаста аз ҳамдигар таърихан дуршавии Рим ва Константинопол, Византияро эътиқоди умумии динӣ, мероси мадании антиқа ва анъаноти сиёсии империявӣ муттаҳид мекард. Аммо дар баробари ин, дар ин самт зарур омад, ки минтақаҳои худро дар Апеннин ва экзархати Равенна муҳофизат намояд ва баҳси тезу тундро бо рӯҳонияти Рим, хусусан бо таълимоти онҳо дар бораи мартабаи олӣ доштани тахти Пётри Муқаддас бардошт карда тавонад, бар зидди экспансияи савдоӣ, шаҳрҳои саноатии бандарӣ ва марказҳои ҳунармандии Италия истодагарӣ карда тавонад. Ва маҳз дар Ғарб, байни давлатҳои насронӣ ва рӯҳонияти олимартабаи калисои римӣ-католикӣ, новобаста аз нобоварӣ ба иттифоқашон, барои мубориза бар зидди туркон-салҷуқиён ва усмониён кӯмакро ҷуста, ба хотири он ба ҳамаи гузаштҳо розӣ мешуд, ҳато қабул намудани унияро ба зимма гирифт ва дар амал ба забткориҳои лотиниён рӯбарӯ шуда, он барои пурра аз байн рафтани империяи Византия заминаҳоро ба вуҷуд овард.

Давраҳои аз ҳама нокомӣ дар таърих барои Византия дар сиёсати хориҷиаш ба асри VII, охири асри IX – ибтидои асри X, миёнаи асри XI, ибтидои асри XIII, миёнаи асри XIV – ибтидои асри XV рост омаданд. Дар ҳақиқат бо сабаби бӯҳрони дохилиаш заиф шуда, империя дар сиёсати хориҷӣ мавқеашро дар ин давраҳо аз даст дода буд. Пастравии истеҳсолот ва заиф гаштани идоракунӣ воридшавии даромад аз андозро ба хазина кам кард, ки ин зуҳурот ҳукуматро маҷбур намуд, ки артишро ихтисор ва шумораи гарнизонҳои сарҳадиро кам намояд. Шӯришҳои халқӣ - баромади деҳқонон бар зидди андозбандии гарон, таркишҳои иҷтимоӣ дар шаҳрҳо борҳо табақаи поёнии савдогарону ҳунармандон ва шаҳриёнро ба шӯр оварда, онҳо борҳо пояи империяро ба ларза оварда, боиси ивазшавии сулолаҳо гардида, муддати дароз диққати Константинополро аз сиёсати байналхалқӣ дур мекарданд. Дар аксар маврид бӯҳрони иҷтимоӣ - сиёсӣ дар рафти мубориза барои тахти императорӣ тезу тунд гардида, он ба зиддияти гурӯҳҳои бюрократии пойтахт ва амалдорони ҳарбӣ оварда расонда, ба табаддулоти дарборӣ мубаддал мегашт, ки дар

рафти он бошад рақибон ба мамлакат душманони дирӯзаи сиёсати хориҷии империяро даъват мекарданд.

Бо вазъияти хеле номувофиқ, ки он бо сиёсати дохилӣ ва тағйирот дар вазъи муносиботи байналхалқӣ алоқаманд буд, Византия дар асри VII рӯ ба рӯ гардид Яъне дар асри VII дар худи Константинопол дар артиш исён сар зад, давраи кӯтоҳи идоракунии «императори аскарӣ» Флавий Фока (с. 602 – 610), қатли ашрофоне, ки розӣ нашуданд тахт ба дасти собиқ сотник (командири дастаи хурди ҳарбӣ, инчунин сардори воҳидҳои маъмурӣ ва қаламравӣ) расад, доир карда шуда, он паси сар карда шуд ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Осиёи Хурд шуда гузашт. Дере нагузашта дар нимҷазираи Апеннин мулкҳои империя зери зарбаи навбатии мавҷи тохтутози қабилаҳои лангобардҳо монданд. Ба ақибнишинӣ даст зада, Византия тавонист, ки аз заминҳое, ки дар асри VI забт карда буд, танҳо Равеннаро бо мулкҳои атрофаш, ҷанубии Италия ва Ситсилияро дар дасти худ нигоҳ дорад. Аз сар задани ҳуҷуми навбатии лангобардҳо ба ҳарос омада, империя идоракунии мулкҳои боқимондаи худро дар Шимоли Италлия азнавсозӣ намуда, ба сифати маркази такягоҳи ҳокимияти худ дар шимоли нимҷазира экзархати Равеннаро таъсис дод[1]. Ҳокими он, экзарх, дар дасти худ функсияи сарфармондеҳи олии ҳарбӣ ва идоракунии шаҳрвандиро муттаҳид намуд, зеро экзархати мазкур ба мисли қалъаи дар муҳосира буда, пурра аз қисми асосии қаламрави империяи Византия ҷудо буд[2].

Дар Балкан бошад империя бо муборизаҳои гурӯҳу ҳизбӣ банд буда, ташаббусро ба фоидаи аварҳо ва славянҳо аз даст дод. Аммо аз ҳама талафоти калонро Византия дар Шарқ дод. Эрон, аз шӯриши легионерҳо ва ивазшавии ҳокимият дар пойтахти империя истифода бурда, сипоҳи худро ба самти музофотҳои шарқии Византия ба ҳаракат дароварда, дере нагузашта, Сурия, Фаластин ва Мисрро ба даст даровcovered. Воқеаҳо дар сарҳадоти шарқӣ бо суръати тез ба вуҷуд омаданд: ба душворӣ оқибати исёнро бартараф ва дар давраи император Ираклий ҳокимиятро дар марказ муттаҳид намуда, Византия дар сарҳадоди худ ба ҷойи Эрон, ки аз ҷониби арабҳо торумор карда шуда буд, душмани навро дид, ки ба империя зарур омад бо онҳо чанд аср мубориза барад. Соли 636 дар муҳорибаи Ярмук мусулмонҳо артиши Византияро шикаст дода, ба орзуҳои Ираклий барои баргардондани Сурия ва Фаластин хотима бахшиданд. Дар нимаи дуюми асри VII арабҳо аллакай ба Константинопол наздик расиданд, аммо ба сипоҳ ва флоти Византия муяссар шуд, ки онҳоро боз дошта, пас гардонанд. Дар охири асри VII қаламрави империя се маротиба кам шуд, дар асл он аз ҷиҳати ҳайати этникӣ танҳо юнонӣ монду халос ва дар муносиботи байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии худ ҳам ба мавқеи мудофиавӣ гузашт.

---

[1]Экзархат – аз юнонии ҳокимияти берунӣ, дар Византия дар асрҳои VI – VII воҳиди маъмурӣ-минтақавӣ, волӣ, дастнишонда, берун аз қаламрави метрополия.

[2] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

**Сиёсати хориҷии сулолаи Каролингҳо (асри VIII – нимаи аввали асри IX).** Баъди тақсимшавии шоҳигарии Франкҳо ба се қисм аз ҳама калонтар байни онҳо Австразия буд. Намояндагони охирони авлоди Меровингҳо, аллакай он сифатҳоро надоштанд, ки пешгузаштагони онҳо дошта буданд, то ки сиёсати моҳиронаи хориҷии худро ба роҳ монанд. Ҳокимияти шоҳони заифи франк номиналӣ буд, қувваи воқеиро бошад майордомҳо (идоракунандагони шоҳӣ) дар ихтиёр доштанд. Сарлашкари ботаҷриба ва сиёсатмадори дурбин дар байни онҳо Карл Мартелл ҳисоб мешуд. Дар рафти муборизаҳои байнихудӣ барои ҳокимият дар давлати Франкҳо такягоҳи асосии ӯ деҳқонони озод ва заминдорони миёна гардиданд[1].

Пеш аз ҳама Карл Мартелл дар натиҷаи бурдани ҷангҳои бомуваффақона бо арабҳо, ки дар он вақт барои халқҳои Европа таҳдиду хатарро ба вуҷуд оварда буданд, шӯҳратро ба даст дароварда буд. Арабҳо то ибтидои асри VIII мавқеи худро дар нимҷазираи Иберия (Пиреней) мустаҳкам намуда, соли 720 аз кӯҳҳои Пиреней гузашта, ба қаламрави Франсияи ҳозира ворид шуданд. Танҳо соли 732 дар муҳорибаи Пуате (Тур) франкҳо ба арабҳо зарбаи сахт расонда, онҳо маҷбур шуданд, ки ба Испания пас гарданд. Нақши ҳалкунандаро дар ин муҳориба сипоҳи савора бозӣ кард, ки аз ҷониби майордом Карл ташкил карда шуда буданд. Маҳз баъди ин муҳориба ба ӯ лақаби «Мартелл», ки маънои «болға, путк»-ро дорад, дода шуд.

То ин вақт ба давлат аллакай қаламравҳои ҳамсоя, ки қисми калони онҳо як вақтҳо ба ҳайати шоҳигарии Франкҳо дохил мешуданд, ҳамроҳ карда шуданд. Назари Мартелл ба самти шарқ низ равона гардида буд. Дар заминҳои шарқтар аз франкҳо қабилаҳои саксӣ, ки ҳоло ҳам дину этиқодҳои ибтидоиро пайравӣ мекарданд ва аз ҷиҳати рушд низ дар зинаҳои поёнтар қарор доштанд, зиндагӣ мекарданд. Юришҳо бар зидди саксҳо гузаронда шуда, новобаста ба он, ки ба Карл муяссар нашуд қаламрави онҳоро ба давлати худ ҳамроҳ намояд, аммо онҳоро маҷбур кард, ки боҷ супоранд.

Аз ҳама муваффақонатар сиёсати ӯ дар муносибат бо қаламравҳои ҷануб буд. Заминҳое, ки ӯ ишғол мекард ба ашрофони франк тибқи низоми бенефисиалӣ – истифодабарии якумра бо шарти иҷро намудани ӯҳдадории ҳатмии хизмати ҳарбӣ тақсим намуд. Рости гап сиёсати мазкур ба зуҳурёбии табақаи феодалӣ дар Европаи Ғарбӣ оварда расонд[2].

Сиёсати Мартеллро ворисӣ ӯ Пипин давом дод. Ӯ бо папаи Рим иттифоқ баста, ваъда дод, ки ба Рим дар мубориза бар зидди лангобардҳо, ки Равеннаро забт намуда, ба Рим таҳдид мекарданд, ёрӣ мерасонад. Дар солҳои 754 – 756 ӯ лангобардҳоро шикаст дода, маҷбур менамояд, ки сюзеренитети

---

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Бенефисий (аз лотинии *beneficium* — накӯкорӣ, хайр).1) Дар асрҳои миёна намуди инъоми шартии фаврӣ, дар аксар маврид дар шакли қитъаи замин барои иҷрои хизмати ҳарбӣ ё маъмурӣ дода мешуд; 2) Дар мазҳаби католикӣ аз асрҳои миёна сар карда, то Маҷлиси дуюми умумии Ватикан вазифаи даромаднок дар назди калисо, инъом барои хизмат дар назди калисо. Системаи бенефисиалӣ дар натиҷаи аз ҷониби шоҳони франк тақсим намудани замин ба хизматгоронаш оғоз гардид.

шоҳигарии Франкҳоро аз болои худ қабул намоянд. Қаламравҳои бо марказаш Равенна ва Римро ӯ ба папа медиҳад. Ин санад ташаккулёбии қаламрави давлати Папаро оғоз бахшида, дар таърих бо номи «ҳадяи Пипин» маълум аст. Худи Пипин асосгузори сулолаи нав – Каролингҳо гардид.

Намоёнтарин намояндаи сулолаи мазкур Карли Кабир (с. 768 − 771) гардид. Ӯ сиёсати пешгузаштагонашро идома дода, дар аввали идоракунии худ як қатор шӯришҳои ба амал омадаро хобонда, сонӣ ба сиёсати забткунӣ мегузарад[1].

Дар соли 799 ӯ ба самти Бретан, ба қисми қаламраве, ки дар он ҷо то ин дам аллакай маркаи Бретан таъсис дода шуда буд, юриши калонро ташкил намуд. Мақсади ба таври комил ба давлати худ ҳамроҳ намудани Бретан амалӣ нашуд, аммо масъалаи бехатарии сарҳади давлати Франкҳо қисман ҳалли худро ёфт. Дар самти Испания ӯ муборизаро бар зидди арабҳо идома дод. Дар натиҷаи юришҳои испанӣ аз арабҳо як қисми қаламравҳо, аз ҷумла Барселона ва Памплон кашида гирифта шуданд, ки дар асоси онҳо маркаи сарҳадии Испания бунёд гузошта шуд.

Дар сиёсати хориҷии давлати Франкҳо самти Италия низ аҳамияти муҳим дошт. Дар ин самт Карли Кабир амалиётҳои ҳарбӣ ва сиёсати моҳиронаро дуруст ба назар гирифта, онро бо мақсади мустаҳкам намудани иттифоқи сиёсӣ бо папа истифода бурд. Дар рафти ҷангҳо дар Италияи Миёна, ки то охири солҳои 80-уми асри VIII идома ёфтанд, қаламравҳои Шимолӣ ва қисме аз Италияи Миёна ба давлати ӯ ҳамроҳ карда шуданд ва аз болои вилояти Папа бошад протекторат барқарор карда шуд.

Ҳамзамон мавҷи ҳаракати сиёсӣ ба самти шарқ низ равона карда шуд. Ба Карл муяссар шуд, ки ба қаламрави худ Бавария ва қисме аз заминҳои славянҳоро ҳамроҳ намояд. Аммо дар амалиёт ба муқобили саксҳо мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд.

Ҷангҳо бо саксҳо солҳои 772 – 803 давом ёфта буданд. Барои он ки ба қабилаҳои таҳҷоӣ қатъияти худро нишон диҳад, Карл шӯришро бераҳмона пахш намуда, намояндагони ашрофҳои саксҳоро ба асорат гирифт. Нуқтаҳои истеҳкомии саксҳо нест карда шуданд, дар нуқтаҳои муҳим, қалъаҳои франкҳоро бо гарнизонҳои тавоно ҷойгир намуд. Дар сарзаминҳои зери назорат гирифта, системаи маъмурии франкҳо ҷорӣ карда шуд. Кӯшиши ба итоати худ даровардани саксҳоро намуда, Карл муқаддасгоҳҳои динии онҳоро несту нобуд намуда, зӯран дар сарзамини онҳо насронияро ҷорӣ кард.

Аммо сиёсати мазкур низ муваффақияти комилро наовард. Соли 782 бо роҳбарии доҳии саксҳо Видукинд шӯриши калон сар зад. Лашкари Карл шикаст дода шуд, ба ивазаш ӯ бо сиёсати вазнини қиркунӣ ҷавоб гардонд. Дар Верден 4500 асир қатл карда шуданд ва тибқи капитулярияи Якуми саксонӣ (қарори Карли Кабир оид ба Саксония, аз соли 782) ташкил намудани ҳамагу-

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

на сӯиқасд ба маъмурияти шоҳӣ ва калисо баробари маҳкум ба марг дониста шуд[1].

Хулоса, ҷазодиҳӣ низ натиҷаи бобарор надод. Инро дарк карда, Карл соли 785 кӯшиш менамояд, ки сиёсати худро иваз намояд ва розӣ шуд бо доҳии саксҳо Видукинд (с. 755 – 7 январи соли 807) оштӣ намояд ва ӯ бошад ба ивазаш насронияро қабул намуд. Аммо он саксҳое, ки аз тобеияти Карл берун монданд, исёну ошӯбро идома доданд. Соли 793 аз сари нав шӯриш сар зад ва сиёсати ҷазодиҳӣ низ боз пурзӯр карда шуд, ғайр аз ин кӯшиши амалан ба қаламравҳои дарунтари давлати Франкҳо ба таври оммавӣ муҳоҷир намудани саксҳо низ ба роҳ монда шуд. Муҳоҷиркунӣ тибқи баъзе маълумотҳо сеяки аҳолии саксҳоро дар бар гирифт. Ҳамзамон ашрофони Саксония нисбат ба пештара бештар ба идоракунии заминҳои худ, ҷалб карда шуданд. Соли 797 Карли Кабир капитулярияи Дуюми Саксонияро интишор дод, ки тибқи он низоми террор барҳам зада шуда, баробарии франкҳо ва саксҳо дар назди қонун ҷорӣ карда шуд. Ниҳоят дастовардҳо ба даст омаданд. Соли 799 байни франкҳо ва саксҳо «Сулҳи абадӣ» баста шуд.

Аммо дар ҳамин лаҳзаҳо низое, ки кайҳо хомӯш шуда буд, дубора гарм шуд. Яъне императори Византия, ки ҳеҷ намехост бо дастовардҳои Франкҳо розӣ шаваду сабру таҳамул кунад, мавқеи ҷиддитарро зидди дастовардҳои Карли Кабир ишғол намуд. Зеро то соли 800 қариб тамоми олами ғарбии насронӣ дар тобеияти Карл қарор гирифта буд. Қуллаи баланди он дар 25 декабри соли 800 аз ҷониби папаи Рим ба Карли Кабир додани унвони императорӣ (Императори Ғарб) гардид[2]. Муаррихон айни замон ҳам байни худ оид ба он ки оё ҳокими Франкҳо худаш ба қарори ниҳоӣ омадааст, ки ба сар мондани тоҷи императорӣ сазовори натиҷаи сиёсати забкоронаи вай аст ё ин ки папаи Рим Леви III ба мақсади мустаҳкам намудани обрӯи шахсӣ ва ҳокимияти худ, инчунин ба низоъ кашидани Карл бо Византия ғояи мазкурро пешкаши Карли Кабир намудааст, баҳс доранд[3].

Албатта аз нуқтаи назари дарбори Константинопол бо роҳи бешармона (густохона) кӯшиши додан ё гирифтани унвони императорӣ боиси сар задани низои дипломатӣ шуд. Карли Кабир худаш ҳавасманди сар задани низоъ набуд, ҳатто ӯ лоиҳаи никоҳи худ бо малика Иринаро низ пешниҳод карда буд, аммо бартараф кардани хатари сар задани ҷанг ба даст наомад. Дар ҷанги миёни Византия ва Франкҳо, ки солҳои 806 − 810 шуда гузашт, Византия, новобаста ба дастовардҳояш дар баҳр, шикаст хӯрд. Ба тарафдории Карли Кабир халифаи Аббосиён Ҳорунаррашид баромад кард. Франкҳо Венетсия ва як қисми Далматсияро забт карданд. Мувофиқи шартҳои қарордоди сулҳи соли 810 Карл ҳуқуқ ба даст даровард, ки бо унвони «императори франкҳо» ёд кар-

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрополиграф, 2011. С. 279.

[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

да шавад, Византия бошад Венетсия ва Далматсияро пас гирифт. Дар худи ҳамин сол ба дарбори Карли Кабир сафорати халифа Ҳорунаррашид ташриф меорад[1].

Дар рафти экспансияи берунии Карли Кабир дар Европаи Ғарбӣ империяи бузург таъсис ёфт. Аммо чун анъанаи таърихӣ, чунин давлати бузург, ки маркази тавоно надошт ва дар худ қаламравҳоеро муттаҳид намуда буд, ки аз ҷиҳати зинаи рушд аз ҳамдигар тафовут доштанд, халқҳое дар он қаламравҳо мезистанд, ки расму русум ва анъанаҳои фарқкунанда доштанд, аз ин лиҳоз, тақсимкунии империя аллакай дар давраи зинда будани худи Карли Кабир сар шуд. Натиҷаи ниҳоии он бошад тақсимоти верденӣ (Шартномаи Верден) дар соли 843 шуд, ки империяро ба се қисм ҷудо кард. Унвони императорӣ, инчунин Италия ва заминҳои байни дарёҳои Рейн, Рона, Маас ва Шелда ба Лотар насиб шуданд; заминҳои ғарбтар аз Рейнро Карл (бо лақаби сартос, сарлуч) соҳиб шуд ва заминҳои шимолтар аз Рейн ба Людовики Немисӣ расиданд. Тақсимоти мазкур ва манотиқи тибқи он ҷудонамуда, дар оянда барои ташаккулёбии давлатҳои Италии, Германия ва Франсия замина гардиданд.

**Тохтутози норманҳо (асрҳои VIII – XI).** Дар қаламрави ҳозираи Дания, Шведсия ва Норвегия дар асрҳои миёна қабилаҳои скандинавӣ сукунат доштанд, ки онҳоро дар Европа бо номҳои гуногун медонистанд, аммо дар бисёр маврид онҳоро ҳамчун «одамони шимолӣ», яъне «норманҳо» ном мебурданд. Шароити зиндагӣ дар ин минтақаи хунук ва серхарсанг вазнин буд. Кӯҳҳои серхарсанг ва замини камҳосил наметавонистанд оммаи бузурги аҳолиро бо хӯрокворӣ таъмин намоянд, аз ин лиҳоз, дар бисёр мавридҳо онҳо барои ба даст овардани воситаҳо барои хӯрду хӯрок ба ҳар тараф мебаромаданд. Яке аз шуғли анъанавии онҳо тохтутоз буд, баробари ин, норманҳо дар баҳрнавардӣ маҳорату ҷасорати калон доштанд. Бо киштиҳо (драккар)-и танги тезгарди ҳам боддор ва ҳам бебод, онҳо яке дар соҳилҳо пайдо шуда, ғорат мекарданд. Сохти чунин намуд киштиҳо ба норманҳо имконият медод, ки тавассути онҳо ба болооби дарёҳо низ бароянд, барои ҳамин сокинони қаламравҳои дарунтар низ худро бехатар ҳис намекарданд. Тарсу воҳима аз ин қабилаҳо хеле калон буд. Масалан, роҳибони англис ҳатто дар дуоҳояшон аз Яздон илтиҷо карда мегуфтанд, ки «Худовандо моро аз ғазаби норманҳо наҷот диҳед»[2].

Дар таърихнигорӣ ду самти экспанияи варяг (норман)-ҳо – самти ғарб ва самти шарқ ҷудо карда мешавад, ки аз рӯи хусусияташон фарқкунанда мебошанд[3].

Давраи якуми экспанияи норманҳо дар самти ғарбӣ пурра бо хусусияти ғоратгарӣ алоқаманд буд. Аз тохтутози шимолиҳо дар асрҳои VIII – XI пеш аз ҳама Англия ва Ирландия ранҷ мекашиданд. Дар шароити хуби киштиронӣ

[1]Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрполиграф, 2011. С. 187.
[2]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[3]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

барои киштиҳои боддор онҳо метавонистанд ростхата шино намуда, аз Норвегия ва Дания дар муддати як ҳафта ба соҳилҳои Британия мерасиданд. Британия дар ин вақт аз нигоҳи сиёсӣ пароканда буда, бар зидди онҳо муқовимат карда наметавонист. Як солноманавис менависад, ки норманҳо «сарзамини Англияро аз як соҳил то соҳили дигари баҳр таллаву тороҷ мекарданд, мардум ва чорворо қатл мекарданд ва ба занону кӯдакон низ раҳм намекарданд». Соли 842 бошад онҳо Лондонро забт намуда, оташ заданд. Онҳо соҳилҳои Франсия, Германияро низ ғорат карда, то Испания, ҳатто ба баҳри Миёназамин ҳам ворид мешуданд. Соли 857 онҳо то Константинопол расиданд[1].

Мавҷи тохтутозҳои характери ғораткунандаи онҳо амалан дар ибтидои асри IX хотима ёфт, ки мумкин ин ба мустаҳкамшавии давлати Франкҳо вобаст буд. Аммо марги Карли Кабир дар соли 814 ва заифшавии империя ба онҳо боз имконият фароҳам овард, ки ба шуғли пештараи барояшон манфиатовар баргарданд. Тохтутозҳо ҳар чи бисёртар хислати ҷасурона мегирифтанд, акнун норманҳо ба ғораткунии соҳилҳо қаноат накарда, тавассути дарёҳо ба қаламравҳои дарунтари Европа сар даровარданд. Соли 845 онҳо Парижро дар муҳосира гирифтанд, андаке баъдтар то Кёлн расиданд.

Оғози давраи дуюми экспансияи норманҳо ин гузаштан ба кӯшишҳои муқимӣ шудани онҳо дар қаламравҳои забтшуда алоқаманд буд, ки он ба нимаи дуюми асри IX рост омад. Сар аз нимаи дуюми асри IX як қисми дастаҳои ҳарбии норманҳо, ба хотири зимистонро дар иқлими нисбатан нарму гарми Биритания гузарондан афзалтар дониста, баъди тохтутоз аз баргаштан ба хонаҳояшон даст кашиданд. Онҳо драккарҳои худро ба аспҳо иваз намуда, ба дарунтари Британия ҳаракат намуданд.

Соли 830 онҳо дар Ирландия аввалин шоҳигарии худро дар қаламрави Британия таъсис доданд. Баъди Ирландия дар соли 860 шоҳигарии норманҳо дар Шотландия низ таъсис дода шуд.

Дар соли 865 конунг (ҳоким)-ҳо Ивар Бескосний ва Халвдан ба забткунии Англия сар карданд. Дар муддати нӯҳ сол норманҳо сеяки қаламрави мамлакатро заб карданд, ки дар қаламрави он Денло – Вилояти таҳти ҳуқуқи даниягӣ ба вуҷуд омад, ки он то соли 955 нигоҳ дошта шуд.

Сарвари дигари норманҳо Хролв соли 911 шимол-ғарбии Франсияро забт намуда, бо Карли III шартнома баст, ки тибқи он, ба ивази ҳуқуқ пайдо намудан ба маскуншавӣ Хролв ӯҳдадор шуд, ки насронияро қабул намуда, сарҳадоти давлатро ҳифз мекунад. Ин ҳудуд баъдтар номи Нормандияро гирифт. Соли 964 норманҳо ҷазираҳои Шетланд ва Оркнейро кашф намуда, сар аз соли 983 ба мустамликакунии Гренландия оғоз бахшиданд.

Аммо нодиртарин кашфиёти онҳо ин буд, ки соли 1000 Лейф Эриксcон ба самти Ғарб шино намуда, 500 сол пеш аз Колумб ба соҳилҳои Америкаи Шимолӣ расид. Замини навро, ки норманҳо Винланд («мамлакати ангур») номгузорӣ намуданд, ба норманҳо хеле писанд омад, онҳо ба он ҷо чанд бори дигар

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

баргаштанд ва ҳатто кӯшиш намуданд, ки дар он ҷо нуқтаҳои аҳолинишини доимиро таъсис диҳанд. Аммо роҳ то Винланд хеле тӯлонӣ ва вазнин буд, аз ин сабаб бо гузашти вақтҳо шино намудан дар ин самт қатъ гардид ва таърих низ дар садсолаҳои дароз хотиротро дар бораи кашфи аввалини Америка аз байн бурд[1].

Аз асри XI сар намуда, норманҳо дар ҳаёти Англия ҳамчун факторҳои доимӣ баромад мекарданд, ки яке аз объектҳои дӯстдоштатарини даъвокунию дастдарозии онҳо ба шумор мерафт. Аз соли 1002 сар карда, Свейн Вилобороди як қатор тохтутозҳои бобарорро ба шаҳрҳои Англия сар кард. Вориси ӯ Кнути Кабир дар зери ҳукмронии худ қаламрави васеъро муттаҳид намуд, ки ба ҳайати он Дания, Норвегия, Англия ва Голштейн шомил буданд. Баъди марги ӯ давлат пароканда гардид ва дар Англия ҳокимият ба дасти Эдуард Исповедник гузашт, ки ӯ дар байни гузаштагони худ ҳам англосаксҳо ва ҳам норманҳоро дошт. Эдуард, ки ворис надошт, тахтро ба доҳии норманҳо Харалд ваъда кард, аммо ашрофони англосаксонӣ саросемавор аз миёни худ Гаролд ном шахсро ба тахт шинонданд. Дар натиҷа ҷангу низоъ хеста, сипоҳи Харалд, ки дар шимол ба соҳил фуромада буд, торумор карда шуд. Аммо дар ин вақт даъвогари дигар – герсоги Нормандия Вилгелм пайдо шуд. Дар муҳорибаи ҳалкунандаи назди Гастингс дар соли 1066 Вилгелм, ки лақаби «Забткор» - ро гирифта буд, лашкари Гаролди II-ро торумор намуда, ба сулолаи Нормандӣ асос гузошт[2].

Дар самти Ҷануб бошад, дар соли 1071 конунг Робер Гвискар аз Италия византиягиҳоро пеш намуда, баъдтар онро ба худ тобеъ намуд. Ба низоъ байни император Генрихи IV ва папа Григори VII ба сифати ҷонибдор аз охирӣ дахолат намуда, ӯ соли 1084, бо баҳонаи римиҳо папаро фурӯхтанд, Римро оташ зада, аҳолиро ҷазо дод. Ба қаламрави Византия дохил шуда, ба сипоҳи византиягиҳо зарба зад ва аз арабҳо бошад Ситсилияро кашида гирифт. Давлате, ки аз ҷониби Гвискар ва бародари хурдии ӯ таъсис дода шуда, Ситсилия ва як қисми Италияро дар бар мегирифт, номи шоҳигарии ҳар ду Ситсилияро гирифт.

Шоҳигарии мазкур, инчунин ҳамчун бо номи шоҳигарии Неапол ҳам ёд карда мешавад ва дар ҳақиқат дар таърих аз худ зуҳуроти аҷоибро таҷассум мекард. Дар ҳудуди он намояндагони халқҳои гуногун, ки дар миёни онҳо норманҳо, византиягиҳо, арабҳо, ворисони римиҳо, готҳо ва лангобардҳо буданд, сукунат дошта, бо ҳам комилан сулҳомезона унс гирифтанд. Аз нигоҳи иқтисодӣ ва маданӣ рушд ёфта, он дар саҳнаи байналхалқии ҳамон давра қувваи бузургро муаррифӣ мекард.

Экспансияи садсолаи норманӣ комилан муносиботи байналхалқиро мураккаб гардонд, дар харитаи Европа давлатҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.
[2] Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

ба бозингарони комилҳуқуқи муносиботи байналхалқӣ табдил ёфтанд. Зина ба зина то охири асри XI норманҳо, ки шоҳигариҳои худро таъсис дода, маданияти халқҳои мазлумро қабул намуданд, аз сиёсати тохтутозкунӣ даст кашиданд.

Дар фарқият аз самти ғарбӣ (тохтутозгарӣ) экспансияи норманҳо дар самти шарқ дар бисёр мавридҳо бо воридшавии онҳо ба минтақаҳо ба хотири доду гирифти савдоӣ фарқ мекард. Мувофиқи баъзе маълумот норманҳо, инчунин дар таъсисёбии князгариҳо дар сарзамини Рус иштирок доштанд.

Дар ҷойи мувофиқ ҷойгиршавии сарзаминҳои славянҳои шарқӣ баҳрнавардон ва забткорони шимолиро ба тарафи худ ҷалб мекарданд. Тавассути дарёҳои ин макон ба ҷануб ҳаракат намуда, норманҳо то ба Византия расиданд. Дар ниҳояти кор роҳи машҳур «аз варяг ба Юнон» дар чанд аср роҳи асосии тиҷоратӣ буд, ки баҳри Балтикаро бо Баҳри Сиёҳ мепайваст[1].

Умуман шимолиҳо на танҳо бо савдо машғул буданд, чи тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ дарак медиҳанд, нуқтаҳои аҳолинишини онҳо дар шимоли сарзаминҳои ҳозираи Россия пайдо шуда, аҳолии он бошад дар ҳаёти сиёсии шимоли Рус нақши муайянро бозиданд. Маълум аст, ки дастаҳои ҳарбии варягӣ аз соли 839 ба хизмати ҳарбӣ дар Рус ҷалб карда мешуданд. Инчунин дар таъсисёбии сулолаҳои князигариҳо низ шимолиҳо нақш доштанд. Соли 862 княз Рюрик, ки мувофиқи як ақида варяг буд, бо даъвати новогородиҳо ба тахти князии Новгород нишаст. Ҳамчунин мувофиқи бархе аз назарияҳо сулолаи князҳои Киевро низ варягҳо асос гузоштаанд[2].

Мумкин байни славянҳо ва варягҳо муносиботи сулҳхоҳона пурра ҳукмрон будаанд. Варягҳо дар ҳайати дастаҳои муттаҳидаи Рус дар юришҳои ҳарбӣ иштирок мекарданд. Солномаи русӣ аз соли 860 оид ба юриши варягу русҳо ба Константинопол нақл мекунад. Дар соли 907 княз Олег, ки дар Киев идора мекард, ба Константинопол юриш ташкил намуда, дар соли 911 бошад бо империя шартномаи савдоӣ имзо намуд. Соли 944 бошад як шартномаи дигари савдоиро бо Византия княз Игор баст.

---

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

[2]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

# 2. 3. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ОСИЁ АСРҲОИ XI – XVI

Дар давраи феодализми мутараққӣ дар Шарқ муносибатҳои байналхалқӣ низ рушд ёфтанд. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Шарқ нисбат ба муносибатҳои байналхалқии Ғарб дар ин давраи фарқиятҳои худро доштанд. Дар охири давраи мазкур воридшавии европоиҳо ба давлатҳои Шарқ сар мешавад.

**Япония.** Дар ҳамин вақт Япония дар муносибатҳои байналхалқӣ фаъолтар гарида, дар охири давраи мазкур ба мамлакат аввалин намояндагони европоиҳо ташриф оварда буданд.

Ташаккулёбии муносиботи феодалӣ дар Япония суст ҷараён гирифта, мамлакат танҳо дар охири асри XII ба зинаи феодализми мутараққӣ ворид шуд. Барқароршавии системаи мазкур ба соли 1192 рост меояд, замоне ки императори Япония сарвари хонадони феодалии Минамото – Ёритоморо бо рутбаи «сарлашкари бузурги варварҳоро тобеъ карда» («сэйи тайсёгун» ё кӯҳтошуда «сёгун») сарфароз гардонда буд. Системаи сёгунат аз худ диктатураи ҳарбӣ - феодалиро намояндагӣ мекард, ки ба самурайҳо – дарбориёни дар хизмати ҳарбӣ буда такя мекард.

Дар нимаи дуюми асри XIII дар Шарқи Дур муносибатҳои байналхалқӣ шиддат гирифта, ба Япония низ юриши муғулҳо таҳдид мекард. Набераи Чингизхон, асосгузори сулолаи муғулӣ (Юан)-и Хитой Ҳубилой кӯшиш кард, ки Японияро ба империяи худ ҳамроҳ намояд. Ӯ ду маротиба, соли 1274 ва соли 1281, ба Япония юриш ташкил намуд. Солҳои 1266 – 1273 ӯ ба Япония чанд миссияи дипломатиро фиристонда, тавассути ултиматум аз японҳо талаб намуд, ки тобеияти худро ба империяи Юан эътироф намоянд, дар ҳолати саркашӣ таҳдиди ҷанг кард. Аммо сиккэн (регент) Ходзё Токимунэ (с. 1251 – 1284) шартҳои муғулҳоро қабул накард.

Дар миёнаи моҳи ноябри соли 1274 юриши якуми Ҳубилой тавассути қаламрави Корея ба Япония сар шуд. Муғулҳо ҷазираҳои Сусима ва Икиро ишғол карданд. Аммо аз музофотҳои ҷанубӣ сари вақт ёрӣ расида, дар муҳорибаҳои баҳрӣ 700 киштии флоти муғулӣ ғарқ ё ҷиддан хароб карда шуданд. Дар рафти муҳорибаҳо муғулҳо 13,5 ҳазор нафар лашкариёнро аз даст доданд. Боқимондаи лашкари муғул ба Корея баргаштанд.

Июни соли 1281 юриши дуюми муғулҳо ба Япония сурат гирифт. Дар рафти юриши дуюм низ аз флоти ҳарбии муғулҳо, ки зиёда аз 3500 киштӣ иборат буд, танҳо 200 - то наҷот ёфтанд. Бо ҳамин Япония ҳуҷуми муғулро зада гардонд. Дар ҳайати лашкари муғул хитойиҳо ва кореягиҳо низ иштирок доштанд. Сабаби асосии мағлубшавии Ҳубилойхон ин ягонагӣ ва ташаббускории мардуми Япония гардид[1].

Дар давраи охири ҳукмронии Ходзё ва дар давраи сёгунати дуюми Асикага ҳукумати Япония кӯшиш намуд, ки муносибатҳои берунии худро бо Ко-

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 161 – 163.

рея ва Хитой, ки дар давраи тохтутози муғуҳо вайрон шуда буданд, барқарор намояд. Дар давраи мубориза байни сулолаи Шимолӣ ва сулолаи Ҷанубӣ дар солҳои 1336 – 1392 муносибатҳои мутақобилаи Япония бо Хитой ва Корея хеле тезу тунд гардиданд. Япония дар муддати аз соли 1340 – то соли 1386 ба соҳилҳои Корея панҷ тохтутози ғоратгаронаро ташкил намуд. Чунин тохтутуозҳо ба соҳилҳои Хитой низ сурат гирифтанд.

Дар ибтидои асри XV бошад мукотиботи мутақобилаи дипломатӣ байни ҳукумати Япония ва ҳукумати Хитой шуда гузашт. Дар натиҷа байни ду давлат шартномаи тиҷоратӣ баста шуд. Япония, инчунин бо Корея ва ҷазираҳои Рюкю низ муносиботи тиҷоартии худро ба роҳ монда буд.

Дар аввали солҳои 40-уми асри XVI ба Япония сар даровардани европоиҳо сар мешавад. Бори нахуст соли 1542 се тоҷири португалӣ, ки киштиашон дар назди ҷазираҳои Танэгасима аз шиддати тӯҳфони баҳрӣ зарар дид, ба мамлакат ворид шуда буданд. Мушкетҳои онҳо японҳоро дар ҳайрат гузоштанд. Ҳамин тавр, муҳимтарин воқеаи воридшавии европоиҳо ба мамлакат паҳншавии яроқи оташфишон дар Япония гардид, ки он, яъне яроқ, бо номи ҷойи аввалини фуромадани португалиҳо дар Япония, яъне «танэгасима» машҳур шуд ва баъд истеҳсоли он дар дохили мамлакат низ ба роҳ монда шуд. Дар соли 1543 бошад як португалии дигар, иезуит Мендиш Пинту аз музофоти Бунго (Кюсю) дидан намуд. Ӯ тавонист, ки бо князь Отомо оид ба ҳарсола ворид шудани киштии португалӣ ба ҷазираи мазкур бо молҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла моҳут, шоҳӣ ва инчунин ба ивази тилло ва нуқра ворид намудани яроқ ва борут шартномаро имзо намояд. Бо ҳамин, муносибатҳои японҳо бо европоиҳо низ ба роҳ монда шуд. Мендиш Пинту япониҳоро бо санъати ихтироъ намудани яроқи оташфишон шинос намуд. Баробари ин, молҳои европоӣ низ дар мамлкакат паҳн гардиданд.

Баъди тоҷирони европоӣ руҳониёни католикӣ низ ба Япония ворид шуданд. Дар моҳи августи соли 1549 ба шаҳри Кагосимаи князгарии Сатсума дар ҷазираҳои Кюсю руҳониёни католик, аз қабили Франсиск Ксаве, Комэ де Торрес ва Жуан Фернандес омаданд. Аз ҳамин давра сар карда, ташвиқу тарғиби насрония дар ҷануб - ғарбии Япония сар мешавад.

Барқароршавии муносибатҳои тиҷоратии байни Португалия ва Япония ба камшавии мубодилаи тиҷоратии Япония бо империяи Мин оварда расонд. Ба ин вайрон шудани муносиботи расмии Хитой бо Япония дар соли 1549 ҷиддитар таъсир расонд. Акнун аз ин пас тоҷирони португалӣ дар овардани молҳои хитойӣ ба Япония миёнарави асосӣ гардиданд. Соли 1557 нуқтаи аҳолинишини португалӣ дар Аомин (Макао) ҳуқуқи монополиро дар муносибати тиҷоратӣ бо Япония ба даст даровард, ки дар баробари молҳои хитойӣ португалиҳо ба мамлакати мазкур молҳои индонезӣ, ҳиндухитойӣ ва ҳиндиро ворид мекарданд. Баъди португалиҳо ба Япония испаниҳо низ ворид шуданд. Соли 1584 аз Манила ба бандари Хирадо аввалин киштиҳои Испания ворид шуданд. Мазҳаби католикӣ дар Япония паҳн гардида, то соли 1852 150 ҳазор нафар японӣ ба насрония гаравида буданд. Бо ташаббус ва бо

ҳамроҳии иезуит Валиняни соли 1582 ба назди шоҳи Испания ва папаи Рим аввалин миссияи дипломатии японӣ аз намояндагони князҳо-насрониён аз ҷазираҳои Кюсю фиристонда шуда буд. Миссия мазкури дипломатӣ аз Европа соли 1590 баргашт[1].

Паҳн намудани насронияро дар Япония княз Ода Набунага (с. 1534 – 1582) дастгирӣ мекард. Ода Набунага аввалин шуда, ба хотири аз нигоҳи сиёсӣ муттаҳид намудани мамлакат баъди парокандагӣ, ки дар таърихи Япония бо номи «давраи ҳарбу зарби музофотҳо» маълум аст, муборизаро оғоз намуда буд. Давраи тираву хирагӣ дар Япония аз соли 1507 то соли 1573 давом дошт. Аммо Ода Набунага аз ҷониби яке аз вассалҳои наздики худаш – Акэти Митсухидэ дар соли 1582 қатл карда мешавад. Акэти тавонист, ки муваққатан қалъаҳои Адзути ва Нидзё, инчунин пойтахти императорӣ – шаҳри Киоторо ишғол намояд.

Аммо кушта шудани Ода Набунага роҳи мубориза барои аз ҷиҳати сиёсӣ муттаҳид намудани Японияро боз доштан натавонист. Онро Тоётоми Хидэёси идома дод. Тоётоми Хидэёси лашкари Акэти Митсухидэро торумор карда, дар рафти он Акэти кушта мешавад. Тоётоми Хидэёси тавонист бо тариқи шамшер нисбатан Японияи феодалиро муттаҳид намояд.

Дар аввали фаъолияти худ ӯ ташкил намудани экспедитсияро ба Корея ба нақша гирифта буд. Сонӣ тайёрии дипломатӣ барои амалӣ шудани он ба роҳ монда шуда, соли 1583 ба Корея бо талаби пардохти доимии андоз сафорати махсус фиристонда шуд. Аммо тибқи сафорати ҷавобӣ дар соли 1590 Корея, хост, ки баррасии масъалаи вассалӣ як сӯ монда шавад ва барқарор намудани муносиботи дӯстонаро пешниҳод намуд. Дар паёми навбатии худ Тоётоми Хидэёси ба шоҳи Корея мақсади худро дар бораи «ворид шудан ба мамлакати Минҳои бузург» хабар расонд ва ба ӯ пешниҳод намуд, ки дар ин юриш иштирок намояд. Ин бор ҳам Корея ҷавоби қатъии рад гардонда, ҳамзамон Хитойро аз вазъи ба амал омада огоҳ намуда, дар ҳолати ҳуҷум намудани Япония ёрии империяи Минро пурсид.

Инак соли 1591 Тоётоми Хидэёси оид ба мавқеи оштинопазири Корея ба хулоса омада, соли 1591 юриши ҳарбиро бар зидди Корея ва Хитой эълон намуд. Апрели соли 1592 артиши калонро ҷамъ намуда, аллакай 23 – 25 майи соли 1592 бандари кореягии Фузан (Пусан) - ро ишғол кард. 12 июн пойтахти Корея, шаҳри Сеул таслим шуд. Шоҳи Корея ба Хитой паноҳ бурд. Азбаски пешниҳоди ӯ дар бораи сулҳ рад гардид, маҷбур шуд, ки аз Хитой ёрӣ пурсад. Дар натиҷаи муҳорибаҳои шадид японҳо маҷбур шуданд Пхенян ва Сеулро монда, ба ҷануб ақибнишинӣ карданд. Тоётоми Хидэёси бо пешниҳоди Хитой розӣ шуд, ки гуфтушунидҳои сулҳ гузаронда шаванд. Аммо ӯ музофотҳои ҷануб ва як қисми қаламравҳои марказии Корея, зиёда аз ин ба расмият шинохтани сюзеренитети Япония аз болои Кореяро талаб намуда буд. Пешни-

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 173 – 175.

ҳоди мазкур аз ҷониби Корея рад карда шуда, дар натиҷаи чанд бохти дигари японҳо соли 1594 лашкар барои баргаштан ба Япония даъват карда шуд.

Азбаски гуфтушунидҳо дар солҳои 1595 – 1598 дар асоси иддаои территориявии Япония сурат гирифтанд, онҳо бо нокомии пурра анҷом ёфтанд. Тоётоми Хидэёси боз юриши навбатиро бар зидди Корея ба роҳ монд, ки он соли 1597 сар шуда буд. Дар юриши дуюм низ японҳо ба нокомӣ дучор шуда, марги Тоётоми Хидэёси дар моҳи сентябри соли 1598 бошад ба он хотима бахшид.

Аммо нақшаҳои экспансионии Тоётоми Хидэёси дар самти ба даст даровардани бозор барои савдои хориҷӣ бо як қаламравҳои Корея ва Хитой маҳдуд набуданд. Ӯ мехост, ки зери ҳукмронии Япония империяи калони Осиёиро таъсис диҳад, ки дар ҳайати он Тайван, Филиппин, ҷазираҳои Рюкю, Индонезия, Полинезия, Ҳинд ва Форс дохил карда шаванд. Экспансияи хориҷии Испания ва Португалия барои аз ҷониби Япония забт намудани қитъаи Осиё як намуна ва такондиҳанда шуданд, аммо сиёсати мазкур ҳангоми шикаст дар Корея аз байн рафта, амалӣ нашуд[1].

**Корея.** Корея низ мисли дигар давлатҳои Шарқ ба юришҳои империяи Муғулҳо рӯ ба рӯ гардид. Қариб 30 сол (с. 1231 – 1258) кореягиҳо дар танҳоӣ бар зидди муғулҳои истилогар мубориза бурданд. Дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо (1231) дар Корея байни ашрофзодагони ҳарбӣ-феодалӣ, ки онҳоро хонаводаи Чхве роҳбарӣ мекард ва феодалҳои буддоӣ зиддияти дохилӣ ба вуҷуд омада буд. Артиши Корея ва мардум бар зидди истилогарон муборизаи шадид мебурданд, аммо табақаи болоии феодалӣ аз ташкил намудани муқовимат даст кашид, шоҳи Корея бо ҳамроҳии дарбориёнаш ба ҷазираи Канхва гурехт. Ба пеши муғулҳо бошад бо сардории шоҳзода сафорат бо тӯҳфаҳои қиматбаҳо фиристонда шуд. Сафоратро дар дарбори муғулҳо нигоҳ доштанд, он танҳо баъди марги шоҳи Корея ба ватан баргашт. Аммо оқибат соли 1250 муғулҳо ба музофоти Чоллаи Корея ворид шуда, соли 1258 кореягиҳо пурра ба муғулҳо таслим шуданд. Ҳамин тавр, Корея ба вассали империяи Юан табдил дода шуд.

Се шоҳи навбатии Корея бо маликахотунҳои муғулӣ хонадор шуда, муддати дароз дар Пекин зиндагӣ мекарданд. Дар худи Хитой низ вазъияти муғулҳо бад гардида, сиёсати зиддимуғулӣ дар Корея низ ба вуҷуд омад. Дар атрофи дарбориён ду гурӯҳ: тарафдорони сулолаи Юан (чинвонпоха) ва тарафдорони сулолаи Мин (чинмёнпоха) ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи мубориза тарафдорони сулолаи Мин ғалаба намуданд. Соли 1356 қувваҳои асосии муғулҳо аз Корея ронда шуданд ва ниҳоят соли 1374 аз ҷазирахои Чечжудо ҳам муғулҳо пеш карда шуданд.

Сулолаи Мин низ талаб намуд, ки Корея бояд вассали Хитой гардад, аммо ҳокимон аз сулолаи Корё бо муғулҳои дар Хитойи Шимолӣ буда, алоқаро барқарор намуданд. Бо ҳамин муносибатҳои Корея бо Хитой вайрон

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 175 – 177.

гардиданд. Соли 1388 шоҳи Корея бо боқимондаи муғулҳо бар зидди Минҳо баромад ва лашкарашро бо роҳбарии генерал Ли Сон Гё фиристонд. Ли Сон Гё норозигии халқро ба манфиати худ истифода бурда, лашкарро ба сӯи пойтахти Корея тоб дода, равона намуд. Ӯ Кэгёнро ишғол намуда, худро ҳокими олии ҳарбии мамлакат эълон намуд. Соли 1392 Ли Сон Гё табаддулоти давлатӣ гузаронда, худро шоҳ эълон намуд, номи давлатро ба Чосон, бо пойтахташ дар Ханян (ҳозира Сеул), иваз намуд.

Хитой соли 1398 сулолаи нав – Лиро ба расмият шинохт. Ҳамин тавр, байни ду давлат ҳар сол мубодилаи сафирон ба роҳ монда шуда, муносибатҳои тиҷоратӣ низ ба роҳ монда шуданд. Дар умум сулолаи Ли сиёсати мустақилонаи дохилию хориҷии худро мебурд, аммо дар баробари ин этикаи Конфутсияро эҳтиром гузошта, баъзе хусусиятҳои идоракунии маъмуриро тибқи намунаи хитойӣ ба роҳ монда буд. Ҳамин тавр, бо Хитой муносибатҳои тиҷоратӣ ба роҳ монда шуда, Корея дар муносибат бо сулолаи Мин сиёсати мустақилонаро мебурд.

Дар сиёсати хориҷии худ сулолаи Ли барои мудофиаи мамлакат флот ва артишро барқарор намуд ва шумораи киштиҳои ҳарбӣ ба 800 то расонда шуданд. Дар асри XV роҳзанҳои баҳрии Япония ба мулкҳои Корея тохтутози худро идома медоданд. Дар моҳи майи соли 1419 дар ҷазираи Сусима ҷанги байни ду давлат ба вуҷуд омада буд. Соли 1443 шартнома баста шуда, байни Корея ва Япония муносибатҳои сулҳҳоҳона ба роҳ монда шуданд. Қабилаҳои ҷурҷенӣ низ соли 1449 аз қаламрави нимҷазира бароварда шуданд. Дар бораи муносиботи Корея бо Япония дар асри XVI бошад дар боло сухан рафта буд. Яъне дар натиҷаи ҷанг японҳо шикаст хӯрда буданд. Дар ибтидои асри XVII байни Корея ва Япония боз шартномаи сулҳ барқарор гардида, муносибатҳои тиҷоратӣ тавассути факторияи японӣ дар Пусан ба роҳ монда шуданд. Инчунин ба пойтахтҳои ҳамдигар фиристондани сафирон бо тӯҳфаҳо низ барқарор гардид[1].

**Империяи Муғулҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ.** Гарчанде ки қавмҳои муғулӣ бо як забони ба ҳамдигар фаҳмо ҳарф мезаданд, аммо вожаи «муғул» роиҷ набуд ва онҳо то ибтидои асри XIII бештар зери мафҳуми «тоторҳои сиёҳу сафед» маълуму машҳур буданд. Аммо дар манбаъҳои хитойии давраи сулолаи Тан дар асри X онҳо бо номи «мэн-у» ё «мэн-ва», ки дар илм решаи калимаи «муғул» шинохта шудаанд, зикр мешаванд[2].

То Темучин муғулҳо соҳиби давлати ягонаи мутамарказ набуданд. Соли 1204 Темучин нисбати иттифоқи калони қабилаҳои кӯчии найманҳо, ойротҳо, мэркитҳо, тоторҳо, хатачинҳо, кироитҳо пирӯзӣ ба даст оварда, онҳоро тобеи худ гардонд. Дар рафти муборизаи дохилӣ Темучин ба хонҳои калони муғул Ҷӯмаха, Тухтабой, Доянхон, Ванхон шикаст дода, онҳоро тобеъ сохт. Умуман,

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С 192 – 193, 198 – 201.
[2]Советская историческая энциклопедия. Т. 9. Главный редактор Е. М. Жуков. М.: Советская энциклопедия, 1966. С. 610.

то соли 1206 Темучин тамоми қабилаҳои муғулро ба худ тобеъ намуд ва ба ташкили давлати ягона асос гузошт.

Баҳори соли 1206 бо дастгирии нӯйонҳои муғул дар соҳили дарёи Онон Қурултойи умумимуғулӣ (маҷлиси бузурги қабилаҳои муғул) даъват гардид. Дар ин қурултой Темучин хони бузурги тамоми Муғулистон эълон гардид ва лақаби Чингизхонро гирифт. Ҳамин тавр, раванди ташаккулёбии давлати мутамаркази муғулӣ дар соли 1206 ба поён расид ва дар Осиёи Марказӣ давлати пуриқтидоре ташкил ёфт. Аз соли 1206 сар карда, дар дарбори Чингизхон бо роҳбарии Ташатун ном уйғур ҳуҷҷатгузории расмӣ ба роҳ монда шуд.

Давлати ташкил намудаи Чингизхон дар таърихи башарият пас аз Ҳоқонати Турк дуввумин давлате, буд, ки неруи ҳарбии тамоми қабоили кӯчии турку муғулро дар зери як ливо муттаҳид менамуд. Пеш аз муғулҳо ду империяи кӯчӣ – Гунҳо (хунҳо) ва Ҳоқонати Турк расман ба сӯи Ғарб лашкар кашида буданд. Ва ҳуҷуми муғулҳо бошад ҳуҷуми сеюми расмии қабоили шарқӣ ба самти Мағриб дониста мешавад.

Солҳои 1206 – 1207 лашкари муғул бо сардории писараш Ҷучӣ қирғизҳои байни Енисейю Иртишро тобеъ кард. Муғулҳо як қисми давлати тангутии Си-сия, соли 1208 қабилаҳои қипчоқи назди Иртишро тобеъ намуда, ҳудуди ниҳоят калонро ба даст оварданд. Дар соли 1209 бошад кишвари уйғурҳо дар Туркистони Шарқӣ ихтиёран ба тобеъияти Чингизхон даромад. Соли 1211 Чингизхон ба Хитой ҳуҷум намуд ва то соли 1215 тамоми қаламрави Шимоли онро тобеи худ гардонд. Дар натиҷа муғулҳо 90 шаҳри Хитойро харобу валангор карданд ва аҳолии онҳо қариб пурра қатли ом карда шуд. Баъдтар сарлашкарони муғулӣ лашкаркаширо дар ин самт то нимҷазираи Ҳинду Хитой давом доданд. Дар натиҷаи истилои Хитой Чингизхон соҳиби бойигарӣ ва лавозимоти зиёди ҳарбӣ гардид.

Дар солҳои 1211 – 1218 муғулҳо Қошғару Ҳафтрӯд ва қисми Тёншонро истило намуданд. Баъди истилои ин ҳудудҳо империяи бузурги муғулҳо, ки акнун дар Осиё ҳам аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам қувваи ҳарбии боинтизоми дар ихтиёр дошта, аз ҳама бузургтар буд, ба сарҳади давлати Хоразмшоҳиён рӯ ба рӯ шуд. Мавриди қайд аст, ки он замон давлати Хоразмшоҳиён низ аз ҷиҳати иқтидор бузургтарин давлати олам маҳсуб меёфт. Акнун лашкари ду давлати тавонои асримиёнагӣ бо ҳам вохӯрданд. Баҳонаи ҳуҷуми муғулҳо ба Осиёи Миёна дар таърих бо номи «Фоҷиаи Утрор» машҳур аст. Ва як идда муаррихин ба ин назар ҳастанд, ки худи халифаи Бағдод ан-Носир низ аз тавоноии давлати Хоразмшоҳиён хавф бурда, манфиатдор буд, ки ҳар чи зудтар Чингизхон ба Осиёи Миёна ҳуҷум кунад ва ҳатто барои даъвати ҳуҷум ба минтақаи мазкур сафирони худро ба назди Чингизхон фиристодааст.

Чингизхон доир ба вазъи дохилии давлати Хоразмшоҳиён аз тоҷирони мусулмон мунтазам маълумот мегирифт, зеро шумораи ниҳоят зиёди уйғурон ва тоҷирони Осиёи Миёна дар умури давлатдории Чингизхон ширкат доштанд ва ё сафиру мушовирони ӯ ҳисоб меёфтанд. Бори нахуст тоҷирони мусулмон ба дарбори Чингизхон ҳанӯз соли 1203 ворид шуда буданд.

Аз тарафи дигар Муҳаммад Хоразмшоҳ низ нияти ба даст овардани заминҳои Машриқро дошт ва соли 1214 бо мақсади лашкаркашӣ ба Чин аз аҳли туҷҷор оид ба боигарию сарвати мамлакатҳои Шарқ маълумот ҷамъ меоварад. Аммо соли 1215 пас аз он, ки тоҷирон хабари аз тарафи Чингизхон ишғол шудани Чинро оварданд, барои аниқ намудани дурустии ин маълумот ва фаҳмидани қудрат ва тавонии муғулҳо бо сардории Шайх Баҳодуддини Розӣ ба дарбори муғулҳо сафорат фиристод. Сафорати мазкурро тоҷирон Аҳмади Хуҷандӣ ва Аҳмади Болчич ҳамроҳӣ мекарданд.

Моҳи июни соли 1215 намояндаи Хоразмшоҳ ба Пекин назди Чингизхон меояд. Дар мулкҳои атрофи Пекин аҳли сафорат бори нахуст ваҳшонияти муғулҳоро бо чашми худ мебинанд. Устухонҳои тӯда-тӯда ҷамъ шудаи кушташудагон, ки боиси дар минтақа паҳншавии касалиҳои сирояткунанда гардидааст аҳли сафоратро ба даҳшат оварад. Дар натиҷаи ин касалиҳо ҳатто баъзе аз ҳамроҳони сафир Баҳоуддин низ ҷон додаанд. Аз ҷумла, дар назди дарвозаи Пекин низ тӯдаи калони устухонҳои қатлшудагон гирд оварда шуда буд. Шоҳидон ба сафирони Хоразм нақл мекунанд, ки вақти гирифтани шаҳри Пекин 60 000 духтари бокира худро аз девори шаҳр ба замин партофтанд, то ки ба дасти муғулҳо наафтанд.

Чингизхон сафирони Осиёи Миёнаро ботантана ва бо эҳтироми зиёд пазируфта, ба Хоразмшоҳ тӯҳфаҳои зиёде мефиристад ва ӯро ҳокими Ғарб хонда, худро ҳокими Шарқ муаррифӣ мекунад. Илова бар он, сафорати калонеро ташкил медиҳад ва онро бо тӯҳфаҳои калон ба давлати Хоразмшоҳ мефиристад, ки ба ҳайати он Маҳмуди Ялавоҷи Хоразмӣ, Алихоҷа Акбари Бухороӣ, Юсуф Кенкии Утрорӣ ва бисёр тоҷирони дигари мусулмон дохил мешуданд. Баҳори соли 1218 султон Муҳаммад Хоразмшоҳ ҳайати сафорати муғулро ба ҳузур пазируфт. Номаи шахсии Чингизхон низ ба Хоразмшоҳ супорида шуд, ки дар он ӯ худро ҳокими Шарқ ва Хоразмшоҳро ҳокими Ғарб мехонад ва умедвории сулҳу муносибати осоишта ва алоқаи тиҷоратии байни ду давлати бузургро мекунад. Вале суханони Чингизхон, махсусан писар хондани ӯ Хоразмшоҳро ба султон маъқул нашуд. Мақсади Чингизхон аз ин намуд ҳарфзанӣ маълум нест. Дар муносибати дипломатӣ мафҳуми писар ба ҳар маъно фаҳмида мешавад. Агар дар маънии аввал эҳтиромро ифода кунад, дар маънии дигар нодида гирифтани қудрати сиёсии рақиб мебошад. Худи султон Муҳаммад Хоразмшоҳ дар ғайби дигар сафирон Маҳмуди Ялавоҷро даъват менамояд ва масъаларо баррасӣ намуда, ба мазмуни «Хони ту кист, ки бо ман ба «фарзанд» хитоб кунад ва аз рӯи тавафуқу тарҷеҳ ба ман сухан гӯяд.», даъво пеш менузорад.

Ба замми он Хоразмшоҳ барои ошкор сохтани баъзе мушкилу масоил Маҳмуди Хоразмиро низ ба сӯҳбати хосса даъват менамояд. Маҳмуди Хоразмӣ оид ба лашкаркашиҳои Чингизхон, мулкҳои забткардаи ӯ, лашкар ва аслиҳадории он ба шоҳи Хоразм маълумоти фаровон медиҳад ва ҳамчунон розӣ мешавад, ки чун шахси бовариноки Муҳаммад Хоразмшоҳ дар дарбори Чингизхон бошад. Шоҳи Хоразм дар охир гувоҳӣ медиҳад, ки тарафдори муносибати хайрхоҳона ва муносибатҳои тиҷоратӣ бо Чингизхон аст.

Пас аз бозгашти сафорат ва натиҷаи хуби он Чингизхон соли 1218 бо сардории тоҷирони мусулмон сафорат навро дар ҳайати 450 - нафар бо корвони калони 500 уштура ба Хоразм ташкил менамояд. Сардорони корвони тиҷоратӣ Умархоҷаи Утрорӣ, Ҳаммали Мерагӣ, Фахриддин Дизаки Бухороӣ ва Аминиддини Ҳиравӣ буданд. Ин корвон ба зудӣ ба шаҳраки сарҳадии Утрор мерасад, вале бо фармони Хоразмшоҳ ҳаракати он боз дошта мешавад.

Соли 1218 волии Утрор Айнолҷак ё Илоҷик (бо лақаби Ғоирхон) бо фармони Муҳаммад Хоразмшоҳ сафирон ва тоҷирони фиристодаи Чингизхонро ба қатл мерасонад. Дар байни кушташудагон 450 - нафар тоҷирони мусулмон буданд. Як нафар шоҳиди ин воқеа наҷот меёбад ва хабарро ба Чингизхон мерасонад. Ин воқеа барои оғози ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна баҳонаи беҳтарин гардид.

Аз хабари фоҷиаи Утрор Чингизхон ба ғазаб омад ва ҳамоно бо сардории Кофраҷ Буғру ва ду нафар муғул сафорати нав ташкил намуд ва аз Хоразмшоҳ дархости гунаҳкорони фоҷиа, хусусан ҳокими Утрор – Ғоирхонро кард. Дар ҳолати иҷро нашудани ин дархост Чингизхон таҳдиди ҷанг намуд. Падари Кофраҷ Буғру дар дарбори султон Текеш хизмат карда будааст.

Муҳаммад Хоразмшоҳ дархости хони муғулро иҷро накард ва изофа бар он сафир Қофраҷ Буғруро ба қатл расонид ва ду ҳамроҳашро бо ришҳои таъқиромезона тарошидашуда ба назди Чингизхон фиристод. Ин ҳодиса ҳуҷуми Чингизхонро ба Осиёи Миёна тезонид.

Зимни ҳуҷуми Чингизхон ба Осиёи Миёна ҳамчун сарлашкари ноӯҳдабаро ва аз санъату илми ҳарбӣ бехабар будани Муҳаммади Хоразмшоҳ бараъло муайян гашт. Дар Шӯрои махсуси олии ҳарбӣ лашкариёнаш ба ӯ якчанд нақшаи ҷанг бо Чингизро пешниҳод менамоянд. Дар байни онҳо нақшаи пешниҳод намудаи Шиҳобуддин Абӯъсад, ки писари султон Муҳаммад Хоразмшоҳ – Ҷалолиддин низ онро мепазируфт, беҳтарин буд. Мувофиқи он лашкари 400 - ҳазорнафараи Хоразмшоҳиён ба пешвози муғулҳо баромада, дар соҳили дарёи Сир бар зидди душман, ки масофаи тӯлониро тай намуда, хасташуда мебошад, ногаҳон ҳуҷум намуда, онҳоро дар як муҳорибаи ҳалкунанда нобуд созанд. Аммо султон аз қабули ин нақшаи ҷангӣ даст кашид.

Дар Шӯрои давлатӣ як қисми дарбориёни ба тарсу бим афтода нақшаеро низ пешниҳод карданд, ки тибқи он бояд Мовароуннаҳрро ба тақдираш супорида, ба Ғазна рафта, лашкар ҷамъ карда шавад. Дар ҳолати эҷод шудани ягон хатар, аз ин ҷо ба сӯи Ҳиндустон фирор намоянд. Аз ин бар меояд, ки алакай баъзе дарбориёни Хоразм ҳатто аз номи Чингизхон ба воҳима афтодаанд ва султону аҳли дарбори ӯ дар фикри ҳимояю мудофиаи кишвар набуданд.

Дар чунин ҳолати парокандагӣ ва вазъи ноустувори дохилӣ соли 1219 Чингизхон ба Осиёи Миёна лашкар кашид ва ҳамин тавр, минтақа то соли 1221, бо ишғол намудани пойтахти Хоразмшоҳиён – шаҳри Гурганҷ, пурра забт гардид. Соли 1256 давлати Исмоилиён ва феврали соли 1258 муғулҳо Бағдоро ҳам забт карда, ба мавҷудияти давлати Аббосиён хотима гузоштанд. Дар ин самти лашкаркаши муғулҳо то Осиёи Наздик расида, онҳо 3 сентябри

соли 1260 дар муҳорибаи назди Айн Ҷалут аз лашкари мамлюкҳои Миср бо сардории Кутуз ва Байбарс шикаст хӯрданд.

Соли 1235 дар Қароқорум Қурултой даъват гардид, ки дар он оид ба ташкил намудани юриш ба самти Ғарб қарор қабул карда шуд. Ба ин юриш аз ҳар чор улус лашкар фиристонда шуд. Сарфармондеҳи олӣ бошад писари Ҷучӣ – Ботухон таъйин гардид. Барои амалан идора намудани амалиёт ба ихтиёри ӯ беҳтарин сарлашкари муғул Субутой дода шуд. Дастаҳои алоҳидаро дигар набераҳои Чингизхон идора мекарданд: писари Уқтойхон – Гуюк; писари Чағатой – Бури; писари Тулуй – Мунке. Ҳамин тавр, солҳои 1236 – 1241 юриши муғулҳо ба Европа сурат гирифт.

Соли 1236 урдуи муғул аз дарёи Волга гузашта, Булғори Бузургро забт намуданд. Баъди он Мунке дар поёноби Волга ба қипчоқҳо ҳамла намуда, онҳоро торумор намуд. Дар солҳои 1237 – 1240 муғулҳо забткунии аксарияти қаламравҳои Руси Шимолӣ, ғайр аз заминҳои Новгородро ба анҷом расонданд. Солҳои 1239 – 1240 муғулҳо ба Руси Ҷанубӣ ҳамла намуданд, баъди забти он ба Полша ворид шуда, соли 1241 дар муҳорибаи назди Лигнис дастаҳои ихтиёрии ритсарҳои поляку немисро торумор карданд. Ҳамзамон дастаҳои дигари муғулӣ ба Венгрия даромада, шаҳри Пештро забт карданд ва шоҳи Венгрияро таъқиб карда, ба баҳри Адриатика баромаданд. Дар Моравия бошад чеҳҳо ба муғулҳо шикаст расонданд. Ботухон, ки дар Венгрия қарор дошт, аз марги хони бузург Уқтойхон дарак ёфта, ба таври фаврӣ ба Шарқ баргашт[1].

Урдуи муғул ҳангоми тохтутозҳои худ бераҳмона қир мекарданд, аз дасти онҳо ҳам мусулмонҳо, ҳам насрониён, ҳам яҳудиёну зардуштиён бе баҳсу мунозира қатл карда мешуданд. Ягон қуввае набуд, ки роҳи онҳоро гирад. Дар натиҷаи лашкаркашии Чингизу Чингизиён дар таърихи инсоният калонтарин давлати қитъавӣ ба вуҷуд омада, масоҳати умумии он 38,0 миллион км$^2$ ташкил дода, он аз баҳри Япония то дарёи Дунай ва аз Новгороди ҳозира то Камбоҷаро дар бар мегирифт.

Сиёсати муғулҳо дар самти Шарқ - Ҷануби Осиё дар вобастагӣ бо муносибатҳои байналхалқии минтақаҳои мазкур дар мавзуъҳои алоҳида дар маводи таълимии мазкур ҷой дода шудааст.

**Хитой.** Сиёсати хориҷии Хитой бошад дар ин вақт дар мубориза бар зидди киданҳо, давлати тангутии Сяи Ғарбӣ, давлати ҷурчении Сзин равона карда шуда буд. Сулолаи Сун, ки соли 960 дар Хитой ба сари қудрат омада буд, дар муборизаи худ барои нигоҳ доштани қаламрави Хитой қувваи зиёдро сарф карда буд, аммо баробари ин, зиддият дар дохили мамлакат низ шиддат гирифт.

Дар баробари таҳдиди киданҳо дар охири асри X – аввали асри XI дар шимол-ғарбӣ хатари нав намудор гардид. Дар ин ҷо давлати тангутии Си Ся (с. 982 – 1227) – Сяи Ғарбӣ (ҳамин тавр хитойиҳо онро ном мебурданд) таъсис

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 212 – 213.

ёфта буд. Он аз тарафи ворисони қабилаҳои қадими кӯчии сян таъсис дода шуда, қаламрваҳои музофотҳои Синхай, Гансу ва қисми Шэнсиро дар бар мегирифт. Аз давраи ҳукмронии «панҷ сулола ва даҳ шоҳигарӣ» тангутҳо аз низоъҳои дохилии Хитой истифода бурда, қаламрави худро васеъ карданд. Агар то ин дам ба таври номиналӣ тобеияти худро аз Хитой эътироф мекарданд, соли 982 бошад доҳии тангутҳо бо сулолаи Сун алоқаи худро канд ва ба ташкилдиҳии дастгоҳи маъмурию ҳарбӣ оғоз намуда, бо ҳамин такягоҳҳои асосии давлати мустақили тангутӣ гузошта шуд. Қариб дар 250 соли мавҷудияти давлати Сяи Ғарбӣ халқи тангутӣ маданияти махсуси худро офарид, ки қуллаи баландтарини раванақи он ба асри XII рост меояд. Тангутҳои хатти худӣ, адабиёти дунявӣ ва динӣ, мактабҳо ва академияи худро доштанд, таърихнигорон тангутӣ бошад оид ба таърихи давлати худ асарҳо менавиштанд, фарҳанги махсуси мусиқӣ ва санъати хоси онҳо рушд меёфт.

Ҳамин тавр, давлати тангутҳо ба яке аз давлатҳои пурзӯртарини Осиёи Марказӣ табдил ёфт. Дар тамоми муддати асри XI давлати Си Ся бо сулолаи Сун ҷангҳои бетанаффус мебурд. Соли 1006 шоҳи тангутҳо бо сулолаи Сун шартномаи сулҳро баст. Бо ҳамин, Хитой расман давлати тангутҳоро эътироф намуд. Байни Хитой ва тангутҳо ҷанги солҳои 1040 – 1044 хеле вазнин гузашт. Шартномаи сулҳ, ки дар натиҷаи он баста шуд, пардохт намудани тавони ҷангӣ аз ҷониби сулолаи Сун ба тангутҳоро ба назар гирифта буд. Аммо боз ҷанг миёни тарафҳо ба вуҷуд омада, Хитойро дар арафаи ҳуҷуми ҷурҷэнҳо (с. 1125) хеле заиф намуда буд. Тангутҳо ҳамзамон бо киданҳо низ ҷангҳо мебурданд. Аммо вақте ки дар чоряки якуми асри XII киданҳо ба ҳуҷуми ҷурҷэнҳо гирифтор шуданд, тангутҳо ба ҳокими Ляо ёрии худро расонданд, лекин лашкари онҳо аз ҷониби ҷурҷэнҳо торумор карда шуд.

Рақиби асосии Хитойи Сунӣ дар асри XI киданҳо боқӣ монда буданд. Соли 1004 қувваҳои киданӣ ба хоки Сун ворид шуда, ба Кайфин наздик расиданд, ҳукумати Хитой маҷбур шуд, ки бо онҳо шартномаи таҳқиромези ба зарари худро имзо намояд. Аз ин вақт сар карда, империяи Хитой ба киданҳо ҳар сол маблағи калонро пардохт мекард.

Соли 1042 киданҳо аз вазъияти мушкиле, ки байни Сун ва тангутҳо ба вуҷуд омада буд, истифода бурда, аз ҳукумати Хитой гузаштҳои навро талаб намуданд. Тибқи он ҳаҷми пардохти маблағи ҳарсола зиёд карда шуд. Соли 1075 бошад Ляо тавонист, ки қисми территорияи Шансиро ба қаламрави худ ҳамроҳ намоянд. Аммо ин охирин дастоварди давлати Киданҳо дар сиёсати хориҷии онҳо буд. Аз ин пас қудрати онҳо ба пастравӣ рӯ ниҳод.

Дар муносибатҳои байналхалқии давраи мазкур давлати ҷурҷэнии Сзин низ фаъол буд. Қабилаҳои мазкур дар асри XII дар Манҷурия ба сар бурда, яке аз шохаҳои қабилаҳои тунгусу манҷуриро ташкил медоданд.

Дар ҳудуди асри XII зери ҳукмронии сиёсӣ-ҳарбии хонадони Ванян иттиҳоди қабилавии пурзӯри ҷурҷэнҳо таъсис ёфт. Дар соли 1113 намояндаи хонадони Ванян Агуда бар зидди ҳокимяти Киданҳо шӯриш бардошта, як қисми қаламрави Ляоро забт намуд ва баъди ду сол давлати мустақилро бо номи

Сзин таъсис дода, худаш император (с. 1115 – 1123) гардид. Дар охири чоряки аввали асри XII ҷурҷэнҳо аллакай ба қувваи пуриқтидортарини сиёсӣ-ҳарбии Осиёи Марказӣ табдил ёфтанд.

Дар ҳамин давра империяи Ляо ба бӯҳрони вазнин рӯбарӯ гардида буд. Сулолаи Сун борҳо бо ҷурҷэнҳо гуфтушунидро доир намуда, мехост, ки қувваи ҳарбии онҳоро барои торумор намудани киданҳо истифода намояд ва заминҳои шимолии Хитой дар асри X аз даст рафтаро дубора пас гардонад. Иттифоқи Сзин ва Сун баста шуд, аммо он танҳо бо шартҳои барои Хитой таҳқиромезона ба даст омад. Яъне ҷурҷэнҳо аз Хитой пардохти маблағи калони ҳарсола ва дигар имтиёзҳоро ба даст даровარданд.

Бо ҳамин соли 1125 давлати Киданҳо (Ляо) торумор карда шуд, як қисми киданҳо ба Осиёи Миёна – ба водиҳои Талас ва Чу кӯч бастанд ва ба ҳамқабилаҳои худ, ки пештар дар он ҷойҳо маскун гирифтанд, пайвастанд. Дар он ҷо давлати қарахитоиҳои Ляои Ғарбӣ таъсис ёфт, ки то соли 1211 ҳарзи ҳастӣ дошт.

Зимистони соли 1125 бошад ҷурҷэнҳо шартномаро бо Сун вайрон намуда, ба қаламрави Хитой ҳуҷум намуданд ва соли 1127 бошад пойтахти он Кайфин (Бянлян)-ро ишғол намуданд. Императори Сун ва оилаи вай асир гирифта шуданд. Дар натиҷаи юришҳои чандинкарата артиши Сзин аз Хитой қаламрави калонро дар шимолии дарёи Хуанхэ кашида гирифт.

Моҳи июни соли 1127 писари императори дар асорат мондаи Сун худро дар Хэнан император эълон намуд ва бо ин санад давраи дуюми идоракунии сулолаи Сун (Суни Ҷанубӣ – с. 1127 – 1279) оғоз гардид. Баъди давутози зиёд дарбори император дар шаҳри Ханчжоу мустақар ва он пойтахти империяи Суни Ҷанубӣ эълон гардид. Пойтахти давлати ҷурҷэнии муддати дароз дар Хитойи Шимолӣ ҳукмронӣ кардаи империяи Сзин бошад Пекин гардид. Мубориза байни Суни Ҷанубӣ ва империяи Сзин идома ёфта, дар натиҷаи он соли 1142 шартнома баста шуд, ки тибқи он Хитойи Шимолӣ расман ба ҷурҷэнҳо гузашт карда шуд. Инчунин Сун ӯҳдадор гардид, ки ба онҳо ҳарсола маблағ пардохт намояд. Муборизаҳо байни ду сулола солҳои минбаъда низ идома ёфтанд. Аммо муборизаҳои байнихудии империяи Сзин, империяи Сун ва Си Ся боиси он гашт, ки захираи Хитойи Шимолӣ хароб гашта, он ба ҳуҷуми навбатӣ аз берун тоб овардан натавонист. Дар ибтидои асри XIII дар муносибатҳои байналхалқии Осиёи Марказӣ ва Осиёи Шарқӣ қувваи нав – империяи Муғулҳо ворид шуда, он ҳам ба империяи Сзин, ҳам империяи Сун ва ҳам ба Си Ся таҳдид мекард.

Тохтутози муғулҳо акнун ба ин давлатҳо сар шудан мегирифт. Ҳанӯз солҳои 1205,1207, 1209 ҳуҷуми муғул ба давлати тангутии Си Ся сурат гирифта буд. Ҳокими Тангут худро тобеи Чингизхон эътироф намуда, маҷбур шуд, ки дар юришҳои навбатиаш иштирок намояд. Аз ҷумла, соли 1211 тангутҳо дар юриши Чингизхон бар зидди империяи Сзин иштирок намуданд. Соли 1215 бошад муғулҳо Пекинро гирифтанд. Аз ҳамин сол сар карда, ҳукмронии муғулҳо дар қаламрави Хитой сар мешавад.

Дар ҳамин давра муҳорибаҳои хунин ҳоло миёни тунгутҳо ва чурчэнҳо ба охир нарасида буд, ки Чингизхон боз соли 1217 бар зидди иттифоқчии худ Си Ся ҳамла намуд. Баъди ҳашт сол ҳамлаи қатъӣ бар зидди тангутҳо сар шуд ва ин юриш дар таърихи муғулҳо охирон лашкаркашӣ буд, ки дар он худи Чингизхон иштирок кард. Артиши муғул фармони Чингизро иҷро кард, ки ӯ мехост тангутҳоро пурра аз харитаи сиёсӣ ва этнографии Ҷаҳон то решаашон нест намояд. Ҳамин тавр, решаи халқияти мустақили тангутӣ, тамаддуни хоси он бо табари хунуни муғулҳои истилогар аз решааш бурида, нест карда шуд.

Баъди ин саворaҳои муғул ба заминҳои ҷанубтар аз девори Хитой сар даровaрданд. Артиш ва аҳолии империяи Сзин мардонавор мубориза мебурданд. То охирон лаҳза шаҳри Кайфин, ки баъди аз даст додани Пекин ҷурҷэнҳо пойтахти худро ба ин шаҳр кӯчонда буданд, истодагарӣ кард. Ҷанг ба дарозо кашид. Сипас муғулҳо низ аз шиори аксарияти забткорон «тақсим намо ва ҳукм рон» истифода намуданд. Хони муғул Уқтой, бо ваъдаи додани Хэнан ба Суни Ҷанубӣ бо онҳо бар зидди ҷурҷэнҳо иттифоқ баст. Зеро ҳукумати империяи Суни Хитой мехост, ки тавассути муғулҳо рақиби деринаи худ империяи Сзинро торумор намояд ва ба муғулҳо пардохт намуда, заминҳое, ки ҷурҷэнҳо гирифта буданд, пас гардонад.

Зери зарбаи сипоҳи муттаҳида соли 1234 ҷурҷэнҳо охирон такягоҳи худро дар қаламрави Хитой аз даст доданд ва империяи Сзин мавҷудияташро қатъ намуд. Ҳамин тавр, забт намудани Хитойи Шимолӣ аз ҷониби муғулҳо ҷамъбаст гардид. Албатта хони муғул ваъдаи додаашро оид ба гузашт намудани Хэнан ба империяи Суни Ҷанубӣ фаромӯш карда, шартномаро вайрон намуда, соли 1235 бар зидди сулолаи Сун лашкар кашид. Ҷанг дар Хитойи Ҷанубӣ қариб ним аср давом кард.

Соли 1257 муғулҳо Хитойи Ҷанубиро аз се тараф дар муҳосира қарор гирифтанд: аз шимол, ғарб ва ҷануб. Соли 1271 бошад Ҳубилойхон, ки ҳокими олии муғулҳо интихоб гардида буд, ба сулолаи худ номи Юан (с. 1271 – 1368)-ро дод, ки ҳокимияти он на танҳо дар Хитой, балки дар империяи Муғулҳо низ паҳн гардида буд. Аз ин вақт сар карда, Ҳубилой тамоми қувваи худро барои тобеъ намудани Хитойи Ҷанубӣ равона намуд. Оқибат соли 1271 пойтахти империяи Суни Ҷанубӣ – шаҳри Ханчжоу таслим гардид. Соли 1280 дар муборизаҳои баҳрӣ муғулҳо боқимондаи артиши Хитойро торумор намуданд. Як сол пеш аз ин бошад охирон императори сулолаи Сун ҷон дода буд. Бо ҳамин, қаламрави Хитой пурра зери тасарруфи империяи Муғулҳо даровaрда шуд. Дар давраи муғулҳо дар таърихи Хитой бори нахуст шуда, мансабҳои давлатиро ҳатто одамони баромадашон аз мамлакатҳои Европа ба зимма гирифтанд. Дар байни онҳо Марко Поло (с. 1254 – 1323) низ буд. Соли 1294 ба қароргоҳи Ҳубилой сафири папаи Рим, роҳиб Ҷованни Монте Корвино ташриф оварда буд ва ӯ то охири ҳаёташ дар Хитой монд. Солҳои 1318 – 1325 дар Хитой сайёҳ ва миссионери италянӣ Одорико ди Порденоне (с. 1286 – 1331) ҳаёт ба сар бурдааст. Инчунин аз ҷониби сулолаи Юан экспедитсияҳои

ҳарбӣ-дипломатӣ ба Осиёи Ҷануб-Шарқӣ, ҳато ба Сейлон фиристонда шуданд.

Аммо дар натиҷаи муборизаҳо охири соли 1367 бо роҳбарии сарлашкар Чжу Юан-чжан юриши калони ҳарбӣ ба самти шимол – ба Пекин ташкил карда шуд. Дар моҳи январи соли 1368 бошад Чжу Юан-чжан императори Хитой эълон карда шуда, сулолаи нав бошад номи Мин (с. 1368 – 1644) - ро гирифт. Солҳои 1387 – 1388 юриши калони артиши Хитой берун аз қаламрави девори Бузурги Хитой ташкил карда шуда, муғулҳо торумор гардиданд ва сулолаи Юан мавҷудияташро қатъ намуд. Инчунин чанд юриши дигар ба самти Муғулистон ташкил карда шуда буданд. Муғулҳо дар давраи ҳукмронии худ Хитойро ба дараҷае расонданд, ки он дар роҳи рушди худ аз як қатор давлатҳои осиёӣ ва европоӣ асрҳо қафо монд.

Дар сиёсати хориҷии худ сулолаи Мин аз ибтидои асри XV ба зинаи фаъол гузашт ва он дар баробари мубориза бар зидди муғулҳо бар зидди роҳзанҳои баҳрии Япония низ мубориза мебурд. Объекти забти қаламравҳо барои сулолаи Мин ҳудуди Ветнам гардида буд. Император Чжу Ди дар соли 1407 ба ин самт лашкар фиристонда, Ветнамро ишғол намуд, аммо дар натиҷаи исёну шӯришҳо ветнамиҳо тавонистанд, ки хитойиҳоро пеш карда, соли 1428 давлати мустақили Ветнам боз таъсис ёбад.

Сулолаи Мин муносибатҳои тиҷоратии худро низ рушд дод. Аммо зарур аст, қайд намоем, ки баъди забткориҳои харобкунандаи муғулҳо ва аз паси он сиёсати ҷангҷӯёнаи Темурланг боиси он гардиданд, ки Хитой аз алоқаҳои зиёди пешинаи худ бо давлатҳои Осиё маҳрум гардида буд. Алоқаҳои анъанавии он бо давлатҳои сарҳадоти ғарбии Осиё вайрон карда шуданд. Дар чунин шароит барои сулолаи Мин роҳҳои тиҷоратии баҳрии ҷанубӣ аҳамият пайдо карда буданд. Ба хотири азхуд намудани роҳи мазкур ва таъмин намудани ҳукмронии худ сулолаи Мин солҳои 1405 – 1433 барои баҳрнавардӣ дар атрофи Осиёи Ҷанубӣ ҳафт экспедитсияи калони баҳриро бо роҳбарии баҳрнаварди машҳури хитойӣ, сайёҳ ва дипломат Чжэн Хэ сафарбар намуда буд[1]. Экспедитсияи якум (с. 1405) аз 62 киштии аз 28 ҳазор нафар ҳайати он иборат буд. Шумораи одамон аз он шаҳодат медиҳад, ки андозаи киштиҳои хитойӣ барои он замон ниҳоят калон буда, дар Ҷаҳон дар ҷойи аввал меистоданд. Экспедитсияи баҳрии Хитой тавассути соҳилҳои Ҳиндухитой, ҷазираҳои Малай, Сейлон, соҳилҳои Ҳинд гузашта, ба нимҷазираи Арабистон ва ҳатто соҳилҳои Африкаи Шарқӣ расид. Зарур аст қайд карда шавад, ки экспедитсияҳои баҳрии Хитой тавре сурат гирифтанд, ки хитойиҳо аҳолии таҳҷоиро, дар фарқият аз мустамликадорони португалӣ, голландӣ ва дигари европоиён, ки баъдтар ба уқёнуси Ҳинд расиданд, на ғорат намуданду на қатл карданд. Назарияҳое ҳам ҷой доранд, ки гӯё экспедитсияҳои баҳрии Чжэн Хэ то соҳилҳои Америка ва Австралия низ расиданд. Экспедитсияи ба ҳавзаи

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 64.

укёнуси Ҳинд фиристондаи сулолаи Мин чорабинии калонтарини сиёсати хориҷии Хитой буд. Дастовардҳои онҳо ба азхудкунии роҳҳои муҳими тиҷоратии баҳрӣ, барқарор намудани таъсири сиёсии Хитой дар як қатор мамлакатҳои баҳрҳои Ҷанубӣ ва дар он ҷойҳо таъсис додани нуқтаҳои тиҷоратии хитойӣ оварда расонд. Фаҳмиши географии хитойиҳо васеъ гардида, ин имконият дод, ки алоқаи хориҷии Хитой ва муносиботи расмии тиҷоратии онро бо давлатҳои дигар васеъ намояд. Аммо баъди вафоти император Чжу Ди фиристодани чунин экспедитсияҳо қатъ карда шуд ва аксарияти маълумоти техникӣ оид ба флоти Чжэн Хэ нест карда шуданд ё аз даст рафтанд. Зеро аллакай аввалин пешравиҳои юришҳои баҳрии Чжэн Хэ – рушди савдои хусусии берунӣ, дар алоқамандӣ ба он боло рафтани мақому мартабаи тоҷирон, зиёдшавии раванди ҳаракати муҳоҷиршавии хитойиҳо ба мамлакатҳои ҷануб ва ғайра норозигии ашрофони кӯҳнапарасти феодалиро ба бор овард. Ҳамин тавр, дар оянда сулолаи Мин қариб, ки пурра аз рушди фаъолонаи алоқаҳо бо давлатҳои Ҷануб-Шарқӣ ва Ҷанубии Осиё даст кашида, тоҷирон ва муҳоҷирони хитойӣ, ки ба баҳр мебаромаданд, онҳоро ҳам ҳомигӣ намекард. Ин оҳиста-оҳиста ба аз даст додани мавқеи бартарият дошта дар роҳҳои тиҷоратии укёнуси Ҳинд, ки он дар натиҷаи юришҳои баҳрии Чжэн Хэ кашф ва ба даст оварда шуда буд, оварда расонд. Заифшавии экспансияи баҳрӣ ба фаъолияти умумии сиёсати хориҷии сулолаи Мин дар солҳои 30 – 40 - уми асри XV низ таъсир расонд. Боз дар сарҳадоти шимолии Хитой вазъият вайрон гардид. Муносибатҳои муғулу хитойӣ ноустувор монд, давраҳои оромӣ ба тохтутозу ҷангҳо иваз гардид ва ҷангҳо боз бо шартномаҳои сулҳ ба охир мерасиданд. Дар умум дар сиёсати хориҷии сулолаи Мин дар миёнаи асри XV тамоюлҳои мудофиавӣ боло гирифтанд, ки дар навбати худ бо равандҳои вазнин ва зидди ҳами дохилӣ алоқаманд буданд.

Ҳамин тавр, манъ кардани экспедитсияҳои баҳрӣ бузургтарин хатогии ҳукумати Хитой дар муносибатҳои байналхалқӣ ба шумор мерафт. Зеро баъди ин хатогӣ европоиҳо дар кашфиёти географӣ пешсаф гардида, тавонистанд, ки сиёсати мустамликадории худро дар аксарияти минтақаҳои Ҷаҳон ба роҳ монанд. Минҷумла, соли 1513 баҳрнавард, сайёҳи португалӣ Жоржи Алвареш ба Хитой расид[1]. Маҳз кашфиёти географӣ, дар баробари дастовардҳои маданиии давраи Эҳё, Европаро ба ҳукмфармои Ҷаҳон шудан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаётӣ табдил дода буд. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ ҳам дар давраи идоракунии сулолаи Мин Хитой нисбат ба Европа баратрӣ дошт. Шумораи аҳолии он 100 – 130 миллион дар муқобили 50 – 55 миллион аҳолии Европа дар асри XV қарор дошт[2]. Соли 1618 ба Пекин аввалин миссияи русӣ бо сарварии И. Петлин

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 15.
[2]Ниг.: Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.

ташриф овардааст[1]. Сулолаи Мин соли 1644 ҳукуматро дар Хитой аз даст дод. Баъди он дар Хитой ҳукмронии сулолаи манҷурии Син (с. 1644 – 1912) сар мешавад.

**Ветнам.** Дар асри XI давлати Дайвет низ сиёсати хориҷии худро фаъол намуда, ба қаламрави худ ҳамроҳкунии ноҳияҳои кӯҳии шимолие, ки аз ҷониби қабилаҳои тай ва нунг ишғол гардида буданд, ба роҳ монд. Дар асри XI бошад баромадҳои деҳқононро хонадони Чан ба манфиати худ истифода намуда, табаддулоти давлатиро гузаронда, ба сулолаи нав – Чан (с. 1225 – 1400) асос гузошта шуд. Сулолаи нав ислоҳоти территориявӣ-маъмурӣ гузаронда давлатро ба 12 музофот тақсим намуд. Дайвет низ аз тохтутози муғул дар канор намонд. Дар вақти мубориза бар зидди сулолаи Сун дар Хитой лашкаркаши муғулҳо Уриянгадай соли 1257 ба сарҳади он низ расид. Муғулҳо талаб намуданд, ки барои дар ҳалқа гирифтани сулолаи Сун лашкари онҳоро ба қаламрави худ роҳ диҳанд. Ҷавоби радро гирифта, муғулҳо ба қаламрави Дайвет ҳамларо сар карданд. Ҳарорати гарм ва нарасидани хӯрока кори муғулҳоро вазнин гардонда буд. Ветҳо тавонистанд, ки баъди чанд задухӯрд муғулҳоро пас гардонанд. Аммо баъди пурра ишғол намудани Хитой соли 1284 лашкари муғул боз ба Ветнам ворид шуданро сар кард. Соли 1287 бошад артиши 300 ҳазорнафараи муғулу хитоӣ ба ҳуҷуми навбатӣ гузашт. Мубориза бо ғалабаи ветҳо ҷамъбаст гардида, қариб 400 киштии муғулҳо ғасб карда шуданд.

Дар асри XV бошад муборизаҳо бар зидди истилогарони хитоӣ идома ёфтанд. Шӯриши мусаллаҳонаро Ле Лой роҳбарӣ мекард. Соли 1428 бошад ба сари қудрат сулолаи Ле (с. 1428 – 1788) омада, Ле Лой бо номи Ле Тхай То аввалин шоҳи он гардид. Дар давраи шоҳ Ле Тхан Тон (с. 1460 – 1497) маҷмуаи қонунҳои ветӣ «Хонгдик» тартиб дода шуд, ки дар он ҳуқуқи шаҳрвандии ветҳо инъикос гардидааст.

Сеяки охири асри XV бошад ҷангҳои Дайвет бо Тямпа (Чампа) сурат гирифтанд, ки дар натиҷаи ҷанги соли 1470 амалан тақдири Тямпа, як вақтҳо давлати пурқуввати Ҳиндухитой, ҳал гардид. Вақти камтарак зиёдтар аз ним аср гузашта, он ҳамчун давлати ягона мавҷудияташро қатъ намуд. Бо торумор намудани ҳамсояи ҷангҷӯи ҷанубии худ Дайвет ба қуллаи рушди худ даст ёфт.

**Лаос.** Дар территорияи шимолии Лаоси имрӯза дар асри XIII князгариҳои Муонг-Сва, Муонг-син, Муонг-Сай, Муонг-На ва дар ҷануб бошад Муонг-Камкеут ва Бассак мавқеи худро мустаҳкам намуда буданд.

Дар миёнаи асри XIV бошад ҳокими князгарии нисбатан калонтари Муонг-Сва бо номи Фа Нгум аз заифшавии империяи кхмерҳо истифода намуда, ки вай муддати дароз дар зери тобеияти онҳо буд, аз он ҷудо шуда, ба муттаҳид намудани қаламравҳои лаосӣ оғоз кард. То ин вақт Фа Нгум дар дарбори шоҳи кхмерҳо қарор дошта, таълими диниро гирифта, равияи буддоии Тхеравадаро қабул карда буд. Ба Муонг-Сва баргашта, ба забткунии қаламравҳои князгари-

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 64.

ҳои ҳамсоя шуруъ намуд. Соли 1351 бошад бо Муонг-Фуан шартномаи иттифоқи ҳарбиро баста, лашкари худро ба шарқ бар зидди давлати Дайвет равона намуда, ба давлати худ 3 ноҳияи кӯҳиро ҳамроҳ кард. Бо ҳамин бори нахуст сарҳадмуайянкунӣ миёни лаосҳо ва ветҳо гузаронда шуд, ки он дар асоси нишонаҳои этникӣ ва географӣ муайян карда шуд. Сарҳади тахминӣ тавассути хатти обтақсимкунии ҳавзаҳои миёни дарёҳои Меконг ва Сурх мегузашт.

Баъди барқароркунии ҳукмронии худ дар шимоли Лаос Фа Нгум дар соли 1353 худро шоҳи давлати Лан Санг, давлати ягонаи Лаос эълон кард. Сиёсати давлат милитаризатсия карда шуда, қариб ҳамаи мардҳои ба балоғат расида, ба амалиётҳои ҳарбӣ ҷалб карда шуданд. Давлати Лан Санг ба князгарии Сиенг-Сен ҳамла намуда, онро шикаст дода, тавони калони ҷангӣ ситонд. Ҳамин хели дигар князгарии Вентянро шикаст дод. Ҳамин тавр, дар чанд соли экспансия дар Лаос як давлати калон шакл гирифт.

Дар давлати Лан-Санг қабилаҳои тхай бартарият ва имтиёзҳо дошта, асосан ӯҳдадории ҳарбиро онҳо иҷро мекарданд.

Дар нимаи дуюми асри XV дар сарҳадоти шарқӣ низоъҳо бо давлати Дайвет рух доданд. Зеро баъди забт намудани давлати Тямпа аз ҷониби ветҳо ҳудуди давлати Дайвет ба самти ҷануб тӯл кашида, шоҳи ветҳо Ле Тхан Тон аз Лан Санг баргардондани баъзе қаламравҳо ва пардохт намудани андозро талаб карда буд. Баробари ин, ба ҳокими лаосӣ айбнома ирсол шуд, ки тибқи он гуё давлати Лан Санг ҳангоми юриши сулолаи Мин ба Дайвет дар аввали асри XV ба хитойиҳо ёрӣ расондааст. Ҳамин тавр, дар соли 1477 ҷанг байни Лан Санг ва Дайвет сар шуд. Артиши ветҳо ба шаҳри Вентян ҳуҷум намуда, баъди чанд муҳорибаҳо лашкари 200 ҳазорнафараи лаосҳо пароканда гардид ва ветҳо шаҳри мазкурро ишғол намуданд. Ғалаба бо талафоту мушкилиҳои зиёд ба даст омада, инчунин назорат аз болои қаламравҳои ишғолӣ низ мустаҳкам гардонда нашуда буд, барои ҳамин лашкари ветҳо маҷбур шуд, ки қаламравро тарк намояд. Бо ҳамин баъди чанд сол бошад давлати Сан Ланг низ аз пардохт намудани андоз ба Дайвет даст кашид[1].

Дар миёнаи асри XVI ба ҳайати давлати Лаос князгарии калони Сиенг-Май, ки бо Бирма ҳамсарҳад буд, дохил гардид. Аммо қисме аз доираи ҳукмрони князгарии мазкур аз итоат намудан рӯ гардонда, барои ёрӣ ба Бирма муроҷиат намуданд, ки ин оқибат ба ҷанги Бирма ва Лаос оварда расонд. Ба ҷанг омодагӣ дида, лаосҳо пойтахти худро аз Луанг-Прабанга ба Вентян, ки аз сарҳади Бирма дуртар буд, кӯчонданд.

Юриши якуми бирмагиҳо ба Лаос соли 1563 доир карда шуд, аммо онҳо торумор гардида, аз қаламрави Лан Санг пеш карда шуданд. Баъди 4 сол бошад лаосҳо артиши 300 ҳазор нафараро бо 2500 фили ҷангӣ ҷамъ намуда, ба минтақаи Питсанулок зарба расонданд. Соли 1569 амалиёти ҳарбӣ барои Аютия сар заданд ва он бо шикасти лашкари муттаҳидаи лаосӣ-тайӣ ҷамъбаст гардид.

[1] История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 280.

Соли 1570 Бирма юриши дуюм ва соли 1574 бошад юриши сеюми худро бар зидди Лан Санг ташкил намуд, ки дар натиҷаи он сюзеренитети шоҳи Бирма аз болои Лаос барқарор гардид. Ҳукмронии Бирма аз болои Лаос ду даҳсола идома ёфт ва мардум муборизаро бар зидди он идома дод. Дар охири асри XVI Лан Санг боз давлати мустақил гардид.

**Камбоҷа.** Дар асри XII давлати кхмерии Камбоҷаи Ангкорӣ (Камбуҷадеша), ки дар асри IX дар резишгоҳи Меконг ва қаламравҳои наздики он ба вуҷуд омада буд ба давлати калонтарини Ҳиндухитой табдил ёфт. Махсусан, дар давраи ҳукмронии Сурявармани II (с. 1113 – 1150) кхмерҳо Тямпаро тобеъ намуданд, чандин даъфа ба Дайвет ҳамла карданд, бар зидди шӯришҳо, тохтутози монҳо ва тайҳо дар водии Менам (Чаупхрая) мубориза мебурданд. Баъди марги Сурявармани II 30 сол мубориза барои тахт сурат гирифт. Тохтутози тямҳо ҳам бар зидди кхмерҳо зиёд гардид. Соли 1117 тямҳо Ангкорро забт ва ғорат намуданд. Ҷайявармани VII (с. 1181 – 1281) тямҳоро торумор карда, мамлакатро муттаҳид намуд, баъди муборизаи дароз Тямпро ишғол намуда, онро ба вассали худ табдил дод.

Аммо дар натиҷаи зулми феодалӣ, ҷангҳои зиёд захираи моддӣ ва инсонии Камбуҷадешаро хароб намуданд. Соли 1220 артиши Камбуҷадеша қаламрави Тямпаро тарк карданд. Шимолии нимҷазираи Малакка истиқлолият ба даст овард. Дар водии Менам (Чаупхрая) давлати тайии Сукотаи (с. 1238) таъсис ёфт. Дар нимаи дуюми асри XIII кхмерҳо водии Менамаро пурра аз даст доданд, танҳо дар охири асри мазкур кхмерҳо тавонистанд, ки муваққатан роҳи тохтутози тайҳоро гиранд. Дар асри XIV зери ҳукмронии Ангкора танҳо вилоятҳое, монданд, ки аҳолиашон кхмерӣ буданд. Ҳамин тавр, ҳукумати марказӣ заиф гардида, дар охири асри XIV – ибтидои асри XV кхмерҳо боз ба ҳуҷумҳои Сиам ва Тямп гирифтор шуданд. Соли 1432 сиамҳо Ангкорро забт ва ғорат намуданд. Бо ҳамин давлати Камбоҷаи Ангкорӣ (Камбуҷадеша) мавҷудияти худро қатъ намуд.

**Таиланд (Сиам).** Тайҳо ба қаламрави ҳозираи Таиланд аз шимол, қаламравҳои ҷануб-ғарбии Хитой омада буданд. Тайҳо дар минтақа ба давлатсозии худ машғул шуда, дар асри XII давлатҳои тайии Чиенгсен, Чиенграй, Пайао, Ланна, Сипсонгпанна маҷбур буданд, ки ба Камбуҷадеша итоат намоянд ё бар зидди он ҷангҳо баранд. Аммо мубориза байни Камбуҷадеша ва давлати бирмагии Паган ва заифшавии Камбуҷадеша дар XIII ба тайҳо имконият дод, ки ҳукмронии худро дар водии Менам барқарор намоянд. Соли 1238 ду доҳии тайӣ лашкари кхмерҳоро торумор намуда, шаҳри Сукотаи – маркази доираи таъсири кхмерӣ дар шимоли водии Менамро ба даст дароварданд. Маҳз дар ҳамин ҷо аввалин давлати бузурги мустақили тайӣ дар Таиланд таъсис дода шуд.

Давлати Сукотаи дар нимаи дуюми асри XIII, дар давраи ҳукмронии Рамкамхенг (с. 1277 – 1317) рушд ёфт. Забт гардидани Юннан аз ҷониби муғулҳо миёнаи асри XIII боиси муҳоҷирати навбатии тайҳо ба водии Менам гардид ва заифшавии минбаъдаи давлати кхмерии Камбуҷадеша бошад имко-

нinfoият дод, ки қаламрави давлати Сукотаи дар самти ҷануб васеъ карда шавад. Лашкари тайҳо, инчунин ба Камбуҷадеша ва Тямп сар даровард. Дар давраи ҳукмронии Рамкамхенг Луанг-Прабанг, Након-Ситаммарат, монҳои Бирмаи Поёнӣ ба Сукотаи сари таъзим фуруд оварда, итоат мекарданд.

Ғайр аз Сукотаи дар ҳавзаи Менам дигар давлатҳои тайӣ низ вуҷуд доштанд. Доҳиёни тайӣ Менграй аз Чиенгсен дар охири асри XIII давлати монии Харипунҷайя (Лампун)-ро торумор намуда, ба давлати Чиенгмай асос гузошт. Дар ҷануб низ аз давлати Камбуҷадеша давлати монии Лаво (Лопбури) озод шуда, дар он ҷо ба сари қудрат ҳокимони тайӣ омаданд.

Аммо тантанаи давлати Сукотаи дер давом накард. Дар нимаи аввали асри XIV дар Мартабан, Луанг-Парабанг, Након-Ситаммарат шӯришҳо сар заданд ва дар худи Сукотаи низ мубориза барои ҳукмронӣ тезу тунд гашт. Аз ин ҳокими давлати хурди тайии Утонг, ки дар қисми ҷанубии водии Менам ҷойгир буд, истифода бурда, истиқлолияти худро эълон намуда, пойтахти нави худ Аютияро дар соли 1350 таъсис дод. Акнун барои муттаҳидкунии Сиам (Таиланд) Аютия муборизаро сар кард. Аютия ба маркази сиёсӣ ва ҳарбии тайҳо дар мубориза бар зидди кхмерҳо табдил ёфт. Ҳанӯз дар давраи ҳукмронии ҳокими аввали давлати нав Раматибодии I (с. 1350 – 1369) юришҳои лашкари тайӣ ба даруни қаламрави кхмерҳо сар мешавад. Дар муборизаҳои сиёсӣ барои қудрат дар Сукотаи ҳамроҳ шуда, Раматибодии I расман эътирофнамоии истиқлолияти давлати худро ба даст овард. Дар зери ҳукмронии ӯ Лаво (Лопбури), Након-Патом, Након-Рачасима, Након-Ситаммарат ва чанд шаҳри дигари монӣ даромаданд.

Давлати Аютия (Сиам) байни давлатҳои тайии водии Менам пурзӯртарин гардида, нақши иҷрокунандаи муттаҳидкунии заминҳои тайӣ, таъсидиҳандаи давлати ягонаи феодалии сиамиро бозӣ мекард. Лашкари Аютия аввал ба Сукотаи лашкар кашид. Соли 1378 Сукотаи тобеияти худро аз он пазируфт. Сиамиҳо кӯшиш намуданд, ки ба низоъҳои феодалии дохили Чиенгмай низ дахолат намоянд, чанд шаҳри онро заб намуда, аммо пойтахти онро ба даст даровардан натавонистанд. Дар ин ҷангҳо сиамҳо бори нахуст аз яроқи оташфишон – тӯпҳо истифода намуданд.

Дар асри XV низ сиёсати муттаҳид намудани заминҳои тайӣ аз ҷониби давлати мазкур идома дошт. Муттаҳидкунии заминҳои тайӣ аз ҷониби ин давлат дар шароити муборизаи беамон бурдан бо Камбоҷа, Бирма ва князгариҳои лаосӣ сурат мегирифт.

Соли 1423 лашкари Сиам пойтахти Камбуҷадеша шаҳри Ангкорро забт ва ғорат намуданд. Соли 1438 давлати вассалии Сукотаи комилан пурра ба Аютия ба сифати музофот ҳамроҳ карда шуд. Шоҳи Сиам Трайлок (с. 1448 – 1488) кӯшиш намуд, ки Чиенгмайро тобеъ намояд, аммо натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад. Ҷангҳои хунин Трайлокро маҷбур намуданд, ки муваққатан пойтахти худро ба шимол, ба Питсанулок кӯчонад. Дар ин ҷангҳо Чиенгмай заиф гардонда шуда, аммо сиамиҳо натавонистанд, ки онро ба худ тобеъ намоянд.

Сиам, инчунин кӯшиш намуд, ки ҳукмронии худро дар нимҷазираи Малакка таъмин намояд. Дар ин самт миёнаи асри XV лашкаркашӣ гузаронда шуда, аммо натиҷаи дилхоҳ ба даст наомад.

Дар давраи ҳукмронии Раматибодии II (с. 1491 – 1529) ҷангҳои сахт бар зидди Чиенгмай идома ёфтанд. Шоҳҳони Сиам кӯшиш мекарданд, ки қаламрави Чиенгмайро ба давлати худ ҳамроҳ намуда, муттаҳидкунии мамлакатро ба анҷом расонанд. Баробари ин, дар шимоли мамлакат роҳҳои тиҷоратӣ мегузаштанд. Ҷанг идома ёфта, сиамиҳо қувваҳои ҳарбии Чиенгмайро соли 1515 дар соҳили дарёи Ванг торумор намуданд, як қатор шаҳрҳоро тобеъ намуд, аммо забт кардани худи шаҳри Чиенгмай ба онҳо боз муяссар нашуд.

Дар ибтидои асри XVI дар самти фаъолияти муносибатҳои байналхалқии Сиам тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Яъне дар ин вақт ба Сиам аввалин шаҳрвандони Португалия ташриф овარданд. Аввалин сафорати Португалия ба Аютия худи ҳамон лаҳзаи баъди ишғол гардидани Малакка (с. 1511) аз ҷониби португалиҳо омад. Мубодилаи сафоратҳо байни Аютия ва Гоа (мулкдории Португалия дар Ҳиндустон – он замон маркази мулкҳои португалӣ дар Шарқ) ба он оварда расонд, ки соли 1518 шартномаи тиҷоратӣ байни Португалия ва Сиам баста шуд ва дар пойтахти Сиам факторияи Португалия таъсис дода шуд. Тоҷирон-савдогарони португалӣ ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар баъзе шаҳрҳои Сиам ба тиҷорат машғул шаванд. Шоҳҳони Сиам бошад кӯшиш мекарданд, ки кироя-португалиҳо, асосан тӯпчиён, мушкетёрҳо ва дигар мутахассисони соҳаи ҳарбиро ба хизмат ҷалб намоянд. Соли 1538 бошад шоҳ Прачай (с. 1534 – 1546) гвардияи шахсии худро иборат аз 120 нафар португалӣ таъсис дод. Аммо аллакай аз миёнаи асри XVI сар карда, муносибатҳо миёни Португалия ва Сиам вайрон гардиданд, зеро португалиҳо ба ғорат кардани киштиҳои сиамиҳо даст мезаданд, кӯшиш мекарданд, ки тиҷорати баҳриро миёни Сиам ва дигар мамлакатҳои Осиё ба дасти худ гиранд.

Ҳамин тавр, дар давраи мазкур Сиам на танҳо бо давлатҳои гирду атроф, инчунин бо аввалин давлат аз ҳисоби қитъаи Европа – Португалия низ муносиботи худро ба роҳ монда буд.

**Малайзия.** Давлатҳои Малайя низ дар муносибатҳои минтақавӣ ва байнидавлатии асрҳои XII – XV иштирок мекарданд. Баъди ҳуҷумҳои давлати Ҳиндустонии Чола ва кхмериҳо вазъият дар Малайя ба андозаи калон тағйир ёфт: як қатор давлатҳо мавқеи пештараи худро аз даст доданд, дигар давлатҳо умуман аз байн рафтанд, инчунин як қатор давлатҳои нав низ ба вуҷуд омада буданд. Дар асри XII князгарии начандон калони Тумасик дар канораи ҷанубии ҷазираи Малайя ва қисми нимҷазираи Малакка ба вуҷуд омад, ки баъдтар он бо номи Сингапур машҳур гашт. Умуман дар ибтидои асри XIII дар қаламрави Малайя зиёда аз даҳ давлат ва шаҳр-давлатҳо мавҷуд будааст. Дар соҳилҳои шарқии ҷазира бо сабаби зиёд шудани тиҷорат бо Хитой раванди давлатдорӣ беҳтар сурат гирифта будааст. Дар баробари Тамбралинга ва Лангкасука, ки аллакай дар асрҳои I – II ба вуҷуд омада буданд, дар давраи мазкур дар минтақа князгарии Фолоан низ нақши калонро бозӣ мекард. Акса-

рияти давлатҳои Малайя аллакай дар ҳудуди асри XIII аз вассалии давлати Шривиҷайя баромада буданд. Ба ҷойи он князгарии суматрии Ҷамби, ки худ низ андаке пештар аз ин аз тобеияти Шривиҷайя баромада буд, иддао мекард, ки давлатҳои мазкурро зери сюзеренитети худ қарор диҳад.

Дар ибтидои асри XIII байни давлатҳои Малайя Тамбралинга махсусан намоён гардид. Қарибии соли 1230 ҳокими он Дхармараҷа Чандрабхану худро ҳам аз давлати кхмерии Камбуҷадеша, аз Шривиҷайя ва ҳам аз Ҷамби мустақил эълон намуда, бо давлати тайии Сукотаи иттифоқ баста, як қатор давлатҳои Малайяро ба худ тобеъ намуд. Дар баробари Сукотаи, дар қаламрави Тамбралинга низ таълимоти хинаянии дини буддоия паҳн гардида буд. Қудрати Тамбралинга чунон афзуд, ки он ба ҳукмрон гардидан миёни давлатҳое, ки буддоияи хинаяниро пайравӣ намуданд, даъво мекард. Солҳои 1247, 1270 давлати мазкур бар зидди Сейлон – маркази буддоияи хинаянӣ юришҳоро ташкил намуда, дар натиҷаи юриши дуюм ба шикасти сахт дучор мегардад. Баъди ин нокомӣ Дхармараҷа Чандрабхану дигар натавонист, ки қудрати Тамбралингаро барқарор намояд. Бо ҳамин он соли 1292 аз ҷониби иттифоқчии собиқаш Сукотаи забт карда шуд. Ҳамин тавр, экспансияи давлати тайҳо, ки соли 1280 сар шуда буд, ба он оварда расонд, ки дар миёнаи асри XIV давлатҳои шимолӣ ва шарқии Малайя зери назорат ва доираи таъсири тайҳо қарор гиранд. Лашкари тайҳо то Тумасик низ расиданд, аммо дар ин ҷо роҳи онҳо гирифта шуд. Малайиҳо маҷбур шуданд, ки дар оянда низ бар зидди тайҳо муборизаҳои хунин баранд, дар натиҷа тайҳо тавонистанд, ки зина ба зина малайиҳоро аз қисмати шимоли нимҷазира танг карда бароранд.

Аз миёнаи асри XIV сар карда, барои аз болои давлатҳои Малайя ҳукмрон шудан давлати Явагии Маҷапахит низ иддао пеш гузошт, аммо ба таври воқеӣ таъсири он танҳо дар нуқтаҳои канории ҷануби нимҷазира эҳсос карда мешуд. Масалан, дар Тумасик, ки он соли 1365 забт карда шуд ва бархеи дигар мулкҳои соҳилӣ.

Дар ибтидои асри XV дар Малайя давлати нав – султонати Малакка зуҳур намуд, ки дар қисмати ҷазиравии минтақаи Осиёи Ҷануб-Шарқӣ нақши асосиро иҷро мекард. Соли 1402 дар шаҳри Малакка шоҳзодаи Явагӣ Парамешвара аз хонадони шоҳии Шайлендра, ки намояндагони он як вақтҳо дар Суматра ва Ява ҳукмронӣ мекарданд, пайдо мешавад. Ӯ дар натиҷаи муборизаҳои дохилӣ аз давлати Маҷапахит иҷборан гурехта, дар Малакка иқоматро ихтиёр намуд. Барои мустаҳкам намудани мавқеи худ Парамешвара ба мусулмонҳо такя мекард. Зеро аз миёнаи асри XIV сар карда, тоҷирони мусулмон дар тиҷорати укёнуси Ҳинд қувваи ҳалкунанда гардиданд. Асосан ин тоҷирон аз Ҳиндустони Ғарбӣ – гуҷаротҳо, инчунин арабҳо буданд. Тақрибан дар соли 1414 Парамешвара исломро қабул карда, номашро Искандаршоҳ гузошт. Бо ин амал ӯ на танҳо барои худ дастгирии тоҷирон ва руҳониёни бузурги мусулмонро таъмин намуд, инчунин алоқаҳои сиёсию ғоявии худро бо давлати ҳиндуияи Маҷапахит вайрон намуд. Парамешвара барои дастгирӣ ба Хитой низ муроҷиат намуда, худаш ду бор ба дарбори императори Хитой сафар намуд.

Ҳамин тавр, бо омадани ислом дар Малайя вазъият низ тағйир ёфта, дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ низ таъсири он дида мешуд. Дар муддати нимаи аввали асри XV низоъҳо ва ҷазодиҳӣ байни тарафдорони ашрофони ҳиндуияи малайу яванӣ, ки ба Маҷапахит такя мекарданд ва ашрофони нави мусулмонӣ, ки ба иттифоқ бо тоҷирони ғарбии мусулмонӣ такя мекарданд, ба вуҷуд омада буд. Низоъҳои мазкурро гурӯҳи тоҷирони бо ҳам зид низ ҳамроҳӣ мекарданд. Ниҳоят гурӯҳи мусулмонӣ ғалаба кард. Намояндаи он раҷа Қосим бо номи Музаффаршоҳ (с. 1446 – 1459) аввалин султони Малакка шуда, султонати Малакка таъсис ёфт. Дар нимаи дуюми асри XV – ибтидои асри XIV, яъне дар давраи ҳукмронии се султони навбатӣ мавқеи гурӯҳи мусулмонӣ мустаҳкамшавии худро идома дод.

Баландшавии мавқеи Малакка дар муносибатҳои байналхалқӣ ва рушди онро далелҳои навбатӣ муайян намуда буданд: мавқеи ҳукмрон доштан дар даромадгоҳи гулӯгоҳи Малакка; дар ихтиёри худ доштани бандарҳои қуллай; фишороварии роҳзанони баҳрӣ дар халиҷи Зонд, ки ба киштиронии баҳрӣ халал мерасонданд; боҷҳои гумрукии ками тиҷоратӣ; мавқеи Малакка, яъне аз доираи таъсири воқеии назорати тайӣ, давлатҳои Суматра ва Ява берун мондани он; дар натиҷаи экспансияи Маҷапахит заиф гаштани давлатҳои Суматра ва сонӣ заволёбии худи Маҷапахит; қабул намудани ислом ва такя намудан ба доираи калони таъсиррасони мусулмонӣ.

Дар нимаи дуюми асри XV султонати Малакка дар давраи идоракунии вазири аввал Тун Перак (с. 1456 – 1498) хеле рушд кард. Дар давраи вай на танҳо ҳуҷуми тайҳо гардонда шуд, балки онҳоро аз қаламравҳои як қатор давлатҳои Малайяи Шимолӣ пеш карданд. Султонати Малакка ҳокимияти худро қариб, ки дар тамоми қаламрави нимҷазира паҳн намуд. Вассалҳои он Кедах, Тренггану, Селангор, Паханг, Ҷоҳор ва ғайра гардиданд. Дар Суматраи Шарқӣ ба он Кампар, Рокан, Сиак, Ҷамби, Индрагири, ҷазираҳои Риау-Лингга ва дигар қаламравҳо итоат мекарданд. Малакка дар ноҳияҳои ғарбии ҷазира аз Шривиҷайя қудрати тиҷоратиро ба мерос гирифт. Бандарҳои шарқии Суматра ва баъзе бандарҳо дар шимоли Суматра ба нуқтаҳои тиҷоратӣ табдил ёфтанд, ки аз ин ҷойҳо ба Малакка молҳои транзитиро меоварданд ва аз Малакка бошад онҳоро ба дигар кишварҳо содирот мекарданд. Малакка муносибатҳои зичи худро бо князгариҳои соҳили Калимантан ва ҳатто ҷазираҳои Молук низ ба роҳ монда буд. Маҳз тавассути султонати Малакка дар ин давра абрешим, фарфори Хитой ва дорувории Молук ба Шарқи Наздик ва Европа фиристонда мешуданд. Соли 1509 тоҷирон ва конкистадорҳои португалӣ ба соҳилҳои Малакка низ ворид шуда буданд.

Дар баъзе ҳолатҳо дар муносибатҳои байнидавлатии минтақаи Ҷануб - Шарқии Осиё баъзе фарқиятҳо ба назар мерасиданд. Масалан, муносибатҳои вассалӣ бисёрзинагӣ буданд, аз ҷумла: Тренггану вассали Паханг буд, Паханг бошад дар навбати худ вассали Малакка буда, худи Малакка бошад ба таври номиналӣ сюзеренитети Хитойро аз болои худ эътироф мекард.

Ҳамин тавр, дар тиҷорат ва дигар муносиботи байналхалқӣ султонати Малакка мавқеи асосиро ишғол карда буд. Дар ҳудуди асрҳои XV – XVI дар Малакка оид ба қоидаи киштиронии тиҷоратӣ қонунҳои баҳрӣ тартиб дода шудаанд, ки муносиботи тиҷоратиро ба танзим медароварданд. Дар пойтахти он маҳалҳои тиҷоратии савдогарони давлатҳои гуногун пайдо гардиданд, ки байни онҳо тоҷирони малайӣ, арабӣ, ҳиндӣ (гуҷаротӣ, бенгалӣ), тамилӣ ва ғайра мақоми пешсафиро ишғол мекарданд. Ислом такягои ғоявии султонат буд. Маҳз асосан тавассути султонати Малакка дини ислом ба Индонезия, дар шимолии Калимантан ва ноҳияҳои ҷанубии Филиппин паҳн гардида буд.

Ҳамзамон бо султонати Малакка дар шимолии Калимантан князгарии Бруней сар бардошт. Дар асри XIV Бруней вассали Маҷапахит буд. Дар асри XV дар ин ҷо низ ислом паҳн гардид. Ҳокимони Бруней мулкҳои атрофи худро ишғол намуда, дар муносиботи байналхалқӣ фаъолона иштирок мекарданд. Аз ҷумла, муаллифи португалӣ Томе Пиреш хабар мерасонад, ки дар соли 1509 дар шаҳр 4 ҳазор тоҷирони хориҷӣ, аз ҷумла 1 ҳазор гуҷаротҳо будаанд.

**Индонезия.** Дар Индонезия низ дар асрҳои XI – XVI муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ рушд ёфтанд. Аз ибтидои асри XI сар карда, тағйироти бузурги характери сиёсӣ ва маданӣ дошта, дар Индонезия сурат мегирад. Асоситарин байни онҳо ин зина ба зина гузаштани маркази сиёсӣ ва фарҳангии Индонезия аз қисмати ғарбӣ ба қисмати шарқии он буд: ба ҷойи давлатҳои Суматра дар ҷазираҳо давлатҳои Ява ҳукмрон шуданд. Аз нуқтаи назари маънавию фарҳангӣ бошад тағйироти ҷиддӣ дар ин давра он буд, ки дини ислом бори нахуст дар ҷазираҳои Индонезӣ паҳн гардид ва дар минбаъда дар муносиботи минтақавӣ таъсиргузор гардид.

Яке аз давлатҳои асосии Индонезия Матарам буд, ки баъди марги Дхармавамши ҳокими он Аирлангга (Эрлангга)-и ҳаждаҳсола мешавад. Ӯ домоди Дхармавамши ва писари ҳокими Бали буд. Соли 1002 ӯ аз падараш ҷазираи Балиро ба мерос гирифта буд, соли 1037 бошад қисмати калони қисми Шарқӣ ва Марказии Яваро муттаҳид карда буд. Обрӯ ва эътибори вайро ба инобат гирифта, махараҷаи Шривиҷайя, ки баъди шикаст дар ҷанг бар зидди Чола иттифоқчиён мекофт, духтари худро ба Аирлангга ба занӣ медиҳад. Ҳамин тавр, ин нишонаи эътироф намудани мавқеи бартариятдоштаи Ява дар қисматҳои марказ ва шарқии ҷазира гардид. Дар қисмати ғарбии он бошад идомаи қариб дусад сол Шривиҷайя нақши асосиро бозӣ мекард. Ба Матарам аз давлатҳои дигари Индонезӣ, аз давлатҳои қитъавии Осиёи Ҷануб-Шарқӣ, Ҳинд ва Хитой тоҷирон ворид мешуданд, ки ин аз муносибатҳои тиҷоратию сиёсии байни мамлакатҳои ҳавзаи мазкур дарак медод. Матарам сарзаминҳои Яваро муттаҳид намуд.

Давлати дигари минтақаи мазкур Панҷалу, ки баъдтар бо номи пойтахти худ – Кедири машҳур гашт, буд, инчунин князгарии Ҷанггала низ дар сиёсати минтақавӣ фаъол буд. Князгарии Кедири аз асри XII сар карда, ба давлати қудратманд табдил ёфт. Дар давраи идоракунии Камешвара (с. 1115 – 1130) Кедири қаламрави Ҷанггаларо тавассути никоҳи сулолавӣ ба худ ҳамроҳ

намуда, иқтидори он боз афзунтар гардид. Дар ҳамин давра князгарии мазкур дар баробари Яваи Шарқӣ ҳокимияти худро дар Бали, Ломбок, соҳилҳои ҷанубии Калимантан, Теранте паҳн намуда, бо Форс ва мамлакатҳои араб муносибатҳои тиҷоратии худро ба роҳ монд. Дар давраи ҳукмронии Ҷайябхайя (с. 1135 – 1157) сарҳади Кедири боз ҳам васеъ шуда, қаламрави ишғолкардаи он қариб ба давлати Аирлангга баробар шуд.

Дар князгарии Тумапел, ки дар шарқтар аз Кедири воқеъ гардида буд, ҳамон замон ба сари қудрат шахси боғайрат Кен Ангрок омад. Ӯ аввал ба хизмати ҳокими Тумапел даромада, ӯро ба қатл расонд ва ҳокимиятро ғасб намуд. Сонӣ аз низоъҳои байни вассалҳои давлати Кедири ва инчунин низоъҳои байни ҳокимони руҳонӣ ва дунявии дохили Кедири истифода бурда, тавонист, ки вассалҳои зиёди Кедириро ба тобеияти худ дарорад. Баъди ғалаба аз болои лашкари раҷаи Кедири дар соли 1222 Кен Ангрок дар Яваи Шарқӣ ҳукмфармо гардида, ба давлати нав асос гузошт, ки бо номи пойтахти нав Сингасари машҳур гашт. Аммо дар соли 1227 Кен Ангрок аз тарафи писари ҳокимии қатлшудаи Тумапел кушта гардид. Дар навбати худ бошад писари Кен Ангрок низ интиқоми падарашро аз қотил гирифт.

Новобаста аз муборизаи сулолавӣ давлати Сингасари маркази тавонои иқтисодӣ ва сиёсӣ гардид. Раҷаи Сингасари солҳои 1268 – 1292 сиёсати муттаҳид намудани ҷазираҳоро пеш бурд. Сиёсати мазкур дар самти муттаҳид намудани князгариҳо дар як давлати воҳид гузаронда шуд. Зеро ба давлатҳои Индонезӣ юриши хони муғулии Хитой – Ҳубилой таҳдид мекард. Соли 1279 Ҳубилой Хитойро забт карда, кӯшиш мекард, ки ҳукмронии худро дар Ҷануб-Шарқии Осиё низ паҳн намояд. Ҳубилой чор бор аз ҳокими давлати Сингасари талаб намуд, ки сюзеренитети Хитойро аз болои худ эътироф намояд ва аъзоёни оилаи худро ба дарбор фиристонад, ки ба ин раҷаи Сингасари ҷавоби рад гардонд. Аз ҷумла дар ин самт соли 1289 сафорати Ҳубилой бо сарварии Мэн Си ба Ява фиристонда шуда буд.

Дар самти сиёсати муттаҳидкунандаи худ давлати Сингасари ба забткорӣ ва гуфтушунидҳои дипломатӣ низ даст мезад. Ӯ Мадура, Бали, Калимантани Ғарбиро ба худ тобеъ намуд. Мақсади асосии ӯ бошад тобеъ намудани давлатҳои Суматра, асосан Шривиҷайя ва Малайя буд. Соли 1275 ҳокими давлати Сингасари бар зидди Суматра экспедитсияи ҳарбиро ташкил намуд, ки дар натиҷаи он Шривиҷайя ҳамроҳ бо вассалҳояш, Малайя, инчунин қисми ҷанубии нимҷазираи Малакка тобеъ карда шуданд. Ҳамин тавр, зери зарбаи давлати Сингасари ва дар натиҷаи ҳамлаи давлати тайии Сукотаи (қарибии соли 1280) империяи Шривиҷайя, ки зиёда аз 600 сол вуҷуд дошт, пурра аз байн рафт.

Ба хотири боз ҳам муттаҳидтар намудани ҷамъияти индонезӣ давлати Сингасари аз сиёсати динӣ истифода бурда, кӯшиш намуд, ки дини ягонаи синкретизатсияшударо дар асоси муттаҳид намудани таълимотҳои динӣ, махсусан расму маросим ва анъанаҳои буддоия ва шиваизм ҷорӣ намояд. Дар

умум сиёсати вай барои дар асрҳои минбаъда пурра муттаҳид шудани Индонезия заминаи устуворро гузошт.

Дар асрҳои XI – XII аксарияти тоҷироне, ки аз Ғарб ба ҷазираҳои Индонезия ворид мешуданд, мусулмонҳо буданд. Асосан онҳо аз Гуҷароти Ҳиндустон, мамолики араб ва Форс буданд. Тоҷирон-мусулмонҳо дар паҳншавии ислом дар Индонезия хизмат кардаанд. Бори нахуст дар охири асри XIII байни мардуми Индонезия исломро тоҷирон аз князгариҳои майдаи соҳилҳои Суматраи Шимолӣ (Перлак, Пасай ва ғ.), инчунин ҳокимони ин князгариҳо қабул карда буданд. Мувофиқи маълумоти дигар бошад аллакай дар ҳудуди асрҳои XI – XII мумкин аввалин индонезиягиҳо исломро қабул карда бошанд. Аввалин навиштаҷоти бо хатти мусулмонӣ (арабӣ-форсӣ) бошад дар Ява дар маҳалли Сурабаи ёфтанд, ки он ба соли 1082 тааллуқ дорад, мумкин ин навиштаҷот аз ҷониби ягон мусулмони ба Индонезия омада тартиб дода шудааст, на аз ҷониби худи мусулмонҳои индонезӣ.

Дар муддати асрҳи XIII – XIV дар натиҷаи барҳамхӯрии империяи Шривиҷайя ва князгариҳои Малай ва бо дигар сабабҳо дар Суматраи Шарқӣ князгариҳои Рокан, Кампар, Индрагири, Сиак ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Махсусан князгарии Ҷамби рушд ёфта буд. Дар миёнаи асри XIV дар Суматраи Марказӣ князгарии калон Минангкабау таъсис ёфт.

Дар охири асри XIII муҳоҷиршавии хитойиҳо, ба хотири зисти доимӣ, ба Индонезия сар мешавад. Инчунин дар охири асри XIII авалин европоиҳо низ ба Индонезия ташриф оварданд. Байни онҳо аввалинаш тоҷири венетсиягӣ Марко Поло буд, ки соли 1292 аз Хитой ба Суматраи Шимолӣ ба сифати сафири Ҳубилойхон омада буд. Соли 1321 бошад ба Ява роҳиби италянӣ Одорико ди Порденоне омада буд.

Дар охири асри XIII дар муносиботи байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ мавқеи империяи Маҷапахит намоён мешавад. Зеро пеш аз ин сиёсати мутамаркзонидаи давлати Сингасари дар байни ашрофони князгариҳои тобеи давлати Сингасари буда норозигии ҷиддиро ба вуҷуд оварда буд. Раҷаи Кедири дар баҳори соли 1292 исён бардошта, дар он дигар вассалҳои норозӣ низ иштирок карданд ва онҳо пойтахти Сингасариро ишғол намуданд. Ҳокими он аз ҷониби яке аз доҳиёни исёнгарон Ҷайякатванг кушта шуд, давлати Сингасари бошад мавҷудияташро қатъ намуд. Маҳз дар ҳамин вақт хони муғул Ҳубилой ба Индонезия лашкари 20 ҳазорнафараи худро фиристонд, ки он дар охири соли 1292 ба ҷазираи Ява фуромад. Домоди ҳокими давлати Сингасари – Виҷайя, ки дар маҳаллаи Маҷапахит мавқеашро мустаҳкам карда буд, ба лашкари муғулу хитойӣ такя намуда, ба рақибони худ якчанд зарбаи ҳалокатворро расонд. Баъди ин ӯ моҳи майи соли 1293 дастаҳои муғулиро низ торумор намуд. Бо ҳамин, аз 20 ҳазор лашкари муғул ба Хитой танҳо 3 ҳазор баргаштанд.

Акнун Виҷайя (с. 1293 – 1309) давлати навро бо номи Маҷапахит таъсис дод. Баъди марги Ғаҷа Мада дар соли 1364 зина ба зина таназзулёбии имеприяи Маҷапахит сар мешавад. Дар Ява аз паи ҳамдигар як қатор вассалҳои он

мустақилияти худро эълон намуданд. Дар ғарби ҷазира дар ибтидои асри XV сиёсати Малакка пурзӯр мегардад. Хитой, ки солҳои 1405 – 1433 ҳафт экспедитсияи калони баҳриро ба Ғарб равона намуда буд, ба он оварда расонд, ки вассалҳои берун аз ҳудуди Яваи Маҷапахит ба таври номиналӣ тобеияти худро ба Хитой эътироф намоянд. Дар ғарби Ява дар охири асри XV князгарии Паҷаҷаран қувват гирифт. Дар соҳилҳои шимолии он бошад шаҳрҳои тиҷоратӣ мавқеашро мустаҳкам гардонданд. Аллакай дар ибтидои асри XV аҳолии аксарияти шаҳрҳои соҳилӣ ба ислом гаравида буданд. Онҳо ба мустақилияти иқтисодӣ даст ёфта, кӯшиш мекарданд, ки мустақилияти сиёсиро низ ба даст оранд. Ғояи идеологии онҳо дар мубориза бар зидди Маҷапахит дини ислом гардид. Шаҳр-давлатҳои мусулмонӣ ба таври системавӣ ба Маҷапахит ҳамла мекарданд. Соли 1478 пойтахти Маҷапахит аз ҷониби рақибон ишғол карда шуд. Гарчанде ки пойтахт ба Шарқ кӯчонда шуда бошад ҳам, оқибат соли 1528 лашкари иттифоқии шаҳрҳои соҳилӣ пойтахти навро низ ишғол ва хароб намуданд.

Ҳамин тавр, дар сиёсати минтақавӣ ва байнидавлатии Индонезия давлатҳо, князгариҳои зиёд иштирок дошта, аз давраи мазкур сар карда, дини ислом ба яке аз ғояҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил меёбад.

**Бирма.** Бирмагиҳо ҳам ба мисли тайҳо дар замонҳои пеш аз Шимол, ноҳияҳои Тибети Шарқӣ ба қаламрави ҳозираи Бирма (Мянма) омада буданд. Онҳо ҳам дар муносиботи минтақавӣ ва байнидавлатии асрҳои XI – XVI фаъолона иштирок мекарданд. Дар асри XI бошад давлати бузурги бирмагӣ – империяи Паган таъсис меёбад. Дар давраи ҳукмронии аввалин ҳокими империяи Паган Анората (Анавратха – с. 1044 – 1077) ҳамаи бирмагиҳо дар атрофи шаҳри Паган муттаҳид карда шуданд ва давлати монии Татон дар Бирмаи Поёнӣ дар соли 1057 забт карда шуд. Аз монҳо бирмагиҳо дини буддоиро қабул намуда, мазҳаби хинаянии онро давлатӣ эълон карданд. Дар давраи Анората, инчунин Аракан ва қисми заминҳои шанҳо (халқияти бо лаосҳо ва тайҳо наздик буда) забт карда шуданд.

Империяи Паган дар давраи Чанзита (с. 1084 – 1112), ва Алаунситу (с. 1112 – 1167) ниҳоят рушд ёфта буда, дар ин давраҳо Паган бо Камбоҷа барои доираи таъсир дар водии Менам мубориза бурда муносибатҳои дипломатиро бо Хитой ва алоқаҳои диниро бо Сейлон ба роҳ монда буд.

Дар миёнаи асри XIII ба Бирма низ тохтутози муғулҳо таҳдид мекард. Ҳокимони Паган натавонистанд, ки бар зиди муғул муқовиматро ташкил намоянд. Соли 1287 дастаҳои муғулӣ Паганро ишғол намуданд.

Аз ҷониби муғулҳо забт шудани Паган ва қисмати шимолии Бирма таназзулёбии имеприяи Паганро тезонид. Аракан мустақилияти худро эълон намуд. Дар ҷануб бошад монҳо шӯриш бардошта, қаламравҳои ҷанубтар аз Проме ва Таунгуро ишғол карданд. Дар ин ҷо давлати мустақили монҳо бо номи Пегу (Хантавади) таъсис ёфт, ки аввалин ҳокими он Вареру (с. 1287 – 1296) гардид. Дар шимоли Бирма бошад қабилаҳои шанҳо қувват гирифта, ба поён ба водии Иравади ҳаракат карда, назорати худро аз болои минтақаи Ча-

усхе мустаҳкам намуданд. Соли 1299 шанҳо шаҳри Паганро ишғол намуда, соли дигар бошад ҳуҷуми муғулҳоро зада гардонданд. Князгариҳои шанҳо – Пини, Сагайн, Мохнин, князгарии бирмагии Таунгу барои қудрат дар Бирмаи Болой мубориазаҳои сахт мебурданд.

Дар ҷануб бошад монҳо роҳи ҳаракаткунии шанҳоро гирифтанд, ки онҳо дар навбати худ ба Аракан ва Тенассерим тохтутозҳо анҷом медоданд. Дар давраи ҳукмронии Вареру дар Бирма аввалин кодекси қонунҳо – Маҷмуи қонунҳои Вареру тартиб дода шуд.

Давраи асри XIV – ибтидои асри XVI дар Бирма парокандагии феодалӣ ҳукмрон буда, як қатор давлатҳо, аз қабили Пегу, Ава, Таунгу, Аракан, Мохнин ва ғайра таъсис ёфтанд.

Монҳо маҷбур буданд, ки ҳуҷуми давлати тайии Аютияро зада гардонанд, ҷанги дарозмуддатро бо давлати Ава баранд. Ҷангҳои мазкурро давлати Пегу дар ибтидои асри XV бомуваффақият ҷамъбаст намуда, истиқлолият ва тамомияти арзии худро ҳифз намуд. Ҳамин тавр, дар асри XV дар муносибатҳои байнидавлатӣ нақши Пегу баланд гардид. Давлати Пегу муносибатҳои дипломатии худро бо Ҳиндустон, Хитой, Малакка, Сейлон ба роҳ монда буд. Соли 1453 бошад аввалин европоии ба Бирма сафар карда – венетсиягӣ Николо ди Конти чор моҳ дар Пегу қарор дошт. Дар ибтидои асри XVI ба мамлакати монҳо сафирон, тоҷирон, аскарон-кироями португалиҳо омада буданд. Дар натиҷа, соли 1519 дар Мартабан факторияи Португалия бунёд гузошта шуд.

Дар Бирмаи Шимолӣ бошад дар охири асри XIV – ибтидои асри XV ҳокимони Ава дар ҷангҳо бар зидди шанҳо ба қувваҳои Хитой такя мекарданд. Дар ин давра, барои доираи таъсир дар Аракан, Ава бо Пегу мубориза ва дар резишгоҳи Иравади бошад ҷангҳои дуру дарози номуваффақонаро бурда буд. Дар миёнаи асри XV бошад лашкари Хитой борҳо Бирмаи Шимолиро ғорат намуда, ҳатто соли 1446 иттифоқчии худ Аваро низ дар муҳосира қарор дод. Аммо қувваи шанҳоро шикаст дода натавонистанд. Шанҳои Мохнин зина ба зина қаламрави Аваро ишғол карда, соли 1527 бошад худи пойтахтро низ гирифтанд.

**Ҳиндустон.** Дар давраи мазкур дар субқитъаи Ҳиндустон дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байниминтақавӣ акторҳои зиёд иштирок мекарданд, ки дар байни онҳо давлатҳои мусулмонӣ, ҳиндӣ ва нахустин пойгоҳҳои сиёсии европоиҳо нақши асосиро бозӣ мекарданд. Ҳамин тавр, Ҳиндустон ба доираи таъсир ва манфиатҳои сулолаҳои мусуслмонӣ ва давлатҳои европой кашида шуд.

Дар соли 1206, баъди аз ҷониби қабилаҳои хохарҳо кушта шудани Муҳаммади Ғурӣ дар соҳили Ҳинд, Қутбиддини Ойбак худро султони мулкҳои ҳиндии Ғуриён эълон намуд. Шаҳри Деҳлӣ пойтахти он қарор дода шуда, давлат номи салтанати Деҳлиро ба худ гирифт. Соли 1229 салтанати Деҳлӣ аз ҷониби халифаи Аббосиён ба расмият шинохта шуд.

Дар соли 1221 дар Ҳиндустон бори нахуст истилогарони муғул низ сар даровsecurities. Онҳо малики Хоразм Ҷалолуддинро дар соли 1221 таъқиб намуда, Панҷоби Ғарбӣ, Синд ва Гуҷароти Шимолиро ғорат намуда буданд.

Салтанати Деҳлӣ дар давраи ҳукмронии Алоуддин (с. 1296 – 1316) хеле равнақ ёфт. Дар Декан ва Ҳиндустони Ҷанубӣ низ давлатҳои дигар ба монанди Ядавҳо, Какатҳо, Хойсалҳо ва Пандҳо таъсис ёфта буданд. Дар давраи худ Алоуддин ва сарлашкарони ӯ ба ҷануб якчанд юришро ташкил намуда, ҳокимони Декан ва давлатҳои ҷанубии Ҳиндустонро ба вассали худ табдил доданд. Баъдтар дар салтанати Деҳлӣ сулолаи Туғлакиён, сулолаи Лодҳо ҳукмронӣ намуда буданд.

Дар моҳи сентябри соли 1398 бошад Темур ба Ҳиндустон лашкар кашида, онро ғорат намуд. Баъди аз ҷониби Темур забт шудани Деҳлӣ ҳокими Гуҷароти салтанати Деҳлӣ Зафархон худро мустақил эълон кард. Сулолаи ӯ дар Гуҷарот то солҳои 70-уми асри XVI идора кард.

Аз моҳи майи соли 1498 бошад дар муносибатҳои байналхалқии Ҳиндустон Португалия ворид мешавад. Яъне моҳи майи соли 1498 сайёҳи португалӣ Васко да Гама, ҳамчун роҳбари экспедитсияи баҳрии Португалия, ба Каликут фуромад. Ҳамин тариқ, заминаҳои сиёсати мустамликавӣ дар Ҳиндустон гузошта шуд.

Экспедитсияҳои нави баҳрӣ - ҳарбии португалиҳо – Педру Алвариш Кабрал (с. 1500), Васко да Гама с. (1502), Алфонсу де Албукерки (с. 1511) бо ғораткунӣ ва забт намудани як қатор мавзеъҳо дар соҳилҳои ғарбии Ҳиндустон ҷамъбаст гардиданд. Соли 1505 дарбори шоҳи Португалия Франсишку де Алмедаро аввалин ноиб-шоҳи мулкҳои Ҳиндустонии Португалия таъйин намуд. Аз ҷониби португалиҳо забт карда шудани ҷазираҳои Ҳурмуз дар халиҷи Форс, бандари муҳим дар халиҷи Сингапур – Малакка, мустаҳкам гаштани мавқеи португалиҳо дар ҷазираҳои Молук ва Сейлон моҳиятан назорати Португалияро аз болои Ғарб ва Шарқ, аз он ҷумла дар Ҳиндустон барқарор намуд. Мардуми Ҳиндустон бар зидди сиёсати мустамликадории Португалия сар бардоштанд. Барои мавқеи худро дар заминҳои ишғолӣ мустаҳкам намудан португалиҳо низ аз принсипи «тақсим намо ва ҳукм рон» васеъ истифода намуданд. Онҳо низоъҳои феодалиро дар давлатҳои ҳиндӣ маблағгузорӣ ва дастгирӣ намуда, як гурӯҳи феодалонро бар зидди гурӯҳи дигар дастгирӣ мекарданд.

Дар давраи ҳукмронии султони Гуҷарот Маҳмудшоҳ Бегада бар зидди сиёсати португалиҳо якчанд чораҷӯии муваффақона гузаронда шуд. Султони Гуҷарот бо ёрии флоти Миср дар назди бандари Чаул ба португалиҳо зарба расонд. Аммо баъди чанд вақт португалиҳо ба қувваҳои Маҳмудшоҳ дар назди бандари Диу зарба расонданд. Байни тарафҳо шартнома баста шуда, аз тарафи Португалия онро ноиб-шоҳ имзо гузошт. Тибқи он соли 1509 Маҳмуд ба португалиҳо ҳуқуқ дод, ки дар Диу фактория таъсис диҳанд. Шикасти мазкури Гуҷарот боиси он гашт, ки сиёсати мустамликадории европоиҳо дар Ҳиндустон ба таври васеъ оғоз гардад. Бо ҳамин мустамликадорон дар муноси-

батҳои байналхалқию байнидавлатии Ҳиндустон фаъолона иштирок мекарданд.

Баробари ин, дар Ҳиндустон дигар давлатҳои хурду бузург, аз ҷумла давлати Баҳманиҳо, империяи Виҷаянагар ва ғайра вуҷуд доштанд. Салтанати Баҳманиён аввалин давлати мусулмонӣ дар Ҳиндустони Ҷанубӣ гардид, ки он дар соли 1347 таъсис ёфта буд. Баъди парокандашавии он дар солҳои 1518 – 1527 ба ҷояш салтанатҳои Биҷапур, Берар, Аҳмаднагар, Бидар ва Голконда таъсис ёфтанд, ки дар таърих бо номи салтанатҳои Декан машҳур гаштанд. Дар сари ҳар кадоми онҳо султонҳо ҳукмронӣ мекарданд, ки аз сулолаи Баҳманиён буданд.

Баробари европоиҳо аз ҷануб, аз сарҳади шимол-ғарбӣ мамлакат бошад намояндаи сулолаи Темуриён Бобур Мирзо ба Ҳиндустон ворид шуда, дар соли 1526 империяи Муғулҳои Бузурги Ҳиндро таъсис дод. Империяи мазкур муддати дароз дар Ҳиндустон ҳукм ронд.

Ҳамин тавр, дар Ҳиндустон низ муносибатҳои байнидавлатӣ, байниминтақавӣ ва байналхалқӣ равнақ ёфта, он ба як минтақаи марказҳои бархӯрди қудратталабии намояндагони тамаддунҳои аз ҳам фарқкунанда табдил дода шуд. Дар Ҳинд ҳамон замон давлатҳое ҳастӣ намуда буданд, ки аз тамаддунҳои гуногун намояндагӣ мекарданд.

Хулоса, дар давраи мазкур дар Шарқ муносибатҳои байналхалқӣ ба таври хоси худ инкишоф ёфта, доираи муносибатҳои давлатӣ ва байниминтақавӣ торафт васеътар мешуд. Инчунин дар охири давраи мазкур минтақаҳои ҷудогонаи қитъаи Осиё тавассути роҳҳои баҳрӣ ба доираи таъсир ва манфиатҷӯёнаи европоиҳо, пеш аз ҳама Португалия ва Испания кашида шуданд. Ҳамин тариқ, алоқаҳои мунтазами баҳрӣ миёни Шарқ ва Ғарб ба роҳ монда шуда, доираи муносибатҳои байналхалқӣ низ васеъ гардид. Тавассути Шимол бошад давлати Рус ба Осиё сар доварда, бо барҳам задани хонигарии Сибир (с. 1582 –1598) сарҳадоташро дар шимоли Осиё васеъ карда буд[1].

[1]История стран зарубежной Азии в средние века. М.: Наука, 1970. С. 308 – 317.

# 2.4. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЕВРОПА АСРҲОИ XI – XVI

**Муносибатҳои байналхалқӣ дар Европаи Ғарбӣ дар асрҳои XI – XIII.** Чуноне ки маълум аст тохтутозҳои норманҳо (викингҳо) дар Европа ба макроминтақаи европоии муносиботи байналхалқӣ таъсири калони худро гузошт, ки на давлати бузурги Карли Кабир ва на баъди он империяи Германия, ки ба ӯҳдаи худ маркази империявии микроминтақавиро гирифта буданд, натавонистанд, ки пурра вазъи сиёсиро дар саросари минтақа зери назорати худ гиранд. Зеро замоне ки Карли Кабир дар давраи дастоварди баланди сиёсати хориҷии худ ба хотири ба даст овардани маросими тоҷутахтгузории императорӣ ба Рим юриш ташкил намуд, дастаҳои ҳарбии вигингҳо нахустин юришҳои худро ба соҳилҳои Британия сар карданд. Ахборҳои аввалин оид ба тохтутози нахустини вигингҳо ба шимол-шарқии Англия дар солномаҳо ба соли 793 рост меояд, ки дар натиҷаи он роҳибхонае дар ҷазираи Линдисфарн ғорат шудааст. Санаи ба охир расидани давраи викингҳо бошад соли 1066 қабул шудааст, замоне ки шоҳи Норвегия Ҳаралд Ҳардрад, кӯшиш намуд, ки тахти Англияро ба даст дароварад, аммо ӯ дар муҳорибаи Стэмфордбриҷ шикаст мехӯрад[1].

Дар нимаи дуюми асри XI дар бисёре аз мамлакатҳои Европа ҳокимияти шоҳ дар воқеъ танҳо то ҳудудҳое паҳн гардида буд, ки шахсан ба ӯ тааллуқ доштанд, ҳамин тавр, барои барпо намудани ҳукумати мутамарказ зиёда аз сад соли дигар даркор буд, ки он дар Англия, Франсия ва Шотландия ташаккул ёбад. Императорони Германия (Империяи муқаддаси Рим) бо рӯҳонияти Рим оид ба ин масъала бархӯрд дошта, ташаббускории мутамарказ гардондани империяро аз даст дода буданд ва он ба давлатҳо-князгариҳои алоҳида ҷудо мешуд. Ин ҷо зарур мешуморем, ки оид ба таъсисёбии империяи Муқаддаси Рим мухтасар сухан ронем.

Соли 962 шоҳи Германия Оттони I (с. 936 – 973) ба Рим юриш ташкил намуда, дар он ҷо аз ҷониби папаи Рим Иоанни XII ҳамчун императори империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ маросими ба тахтнишинии ӯ гузаронда шуд. Бо ҳамин, империяи Муқаддаси Рим таъсис ёфт. Аз соли 1135 бошад сар карда, империя аз чор шоҳигарӣ иборат буд: Германия, Италия, Бургундия ва Чехия. Дар воқеъ бошад ҳар кадоме аз ин чор шоҳигарӣ боз ба мулкҳои калону майдаи феодалӣ тақсим мешуданд, ки ба император кам побанд буданд.

Унвони император аз насл ба насл интиқол намеёфт, императорро коллегияи курфюрстҳо – князҳое, ки ҳуқуқи интихоб намуданро доштанд, интихоб мекарданд. Аз асри XV сар карда, тахти императорӣ ба таври доимӣ ба герсогҳои австриягӣ – Габсбургҳо гузашт. Император дар конференсияҳои байналхалқӣ ва гуфтушунидҳо вазифаи раисиро иҷро мекард, дар низоъҳои

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

байнихудӣ ба сифати қозӣ баромад мекард, ҳокимони мулкҳои дунявӣ ва калисоиро таъйин карда, ба онҳо унвонҳои мутобиқ, герсог ва ҳатто шоҳро медод. Шоҳҳон аз рӯи зинабандӣ аз император дар мақоми пасттар қарор гирифта буданд, аммо ба мисли ӯ мустақил буда, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро амалӣ мекарданд.

Байни давлатҳои Ғарб барои даст ёфтан ба мутамарказият аз ҳама шароитҳои қуллайро он вақт Англия доро буд. Аз бисёр ҷиҳат ин шароитҳоро забткориҳои норманҳо ба вуҷуд оварданд. Дар фарқият аз дигар давлатҳои Европа, ки дар он ҷойҳо сенорҳои бузург ва дигарон монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекарданд, ҷой надоштани чунин монеаи ҷиддӣ байни ашрофон дар Англия, онҳо ба шоҳ савганд ёд карда, ба фоидаи ӯ хизмати ҳарбиро адо мекарданд, шаҳрҳо низ ба ҳокимияти шоҳӣ итоат мекарданд. Чунин хислат Англияро аз дигар кишварҳо фарқ мегузошт. Дар охири асри XIII Англия ба марҳилаи монархияи табақавӣ-намояндагӣ расид, ки дар он ҷо парламенти доимдаъваткунандаи дупалатагӣ фаъолият мекард, системаҳои ягонаи андоз ва судӣ бо институтҳои идоракунии маҳаллӣ барқарор гардиданд.

Дар Англия мутамарказшавии идораи мамлакат дар натиҷаи ислоҳоти Генрихи II Плантагенет (с. 1154 – 1189) ба вуҷуд омад. Аммо Генрихи II, граф Анри Анжуӣ, барои насли ояндаи сулолаи худ на танҳо давлати мустаҳкам, инчунин ҳуқуқ ба қисме аз қаламрави Франсияро низ ба мерос гузошт ва дар баробари ин ҳама, аз они Плантагенетҳо ғоя дар бораи таъсис додани империяи Анжуӣ ва муттаҳид намудани тахтҳои англисӣ ва франсузӣ дар дасти як кас зич реша давонд.

Дар давраи ҳукмронии Генрихи II ба қатори ба мулкҳои ӯ дар Франсия Анжу, Нормандия, Аквитания, Мен ва Турен шомил буданд, ки масоҳати он тақрибан бо қаламравҳои дар зери дасти Капетингҳои Франсия монда, баробар буд. Мероси дар Франсия доштаи Генрихи II аллакай дар аввали асри XIII аз ҷониби Иоанн аз даст рафтанд. Дар худи Англия ӯ ба талаботи мухолифин гузашт намуда, соли 1215 Хартияи Бузурги соҳибихтиёриро имзо намуд. Дар Франсия қариб аз ҳамаи мулкҳояш маҳрум гардида, зери зарбаи лашкари Филиппи II Август қарор гирифта, бо мушкилиҳои зиёд тавонист танҳо Аквитанияро ҳифз намояд. Аммо бо ин нигоҳ накарда, ин қисми майдаи як вақтҳо қаламравҳои васеи Плантагенетҳо басанда буд, ки вазъияти баҳсноку низои манфиатҳои қаламравии Англия ва Франсияро ба бор орад.

Дар асрҳои XII – XIII дар зинаи нисбатан муътадил, низоъ характери умумиминтақавӣ гирифтанро оғоз намуд. Франсия, одоби муоширати «душмани адӯи ман – дӯсти ман аст»-ро пайравӣ намуда, ба тарафи худ Шотландияро кашид, ки он барои истиқлолияти худ бар зидди Англия муборизаи дуру дарозро мебурд. Дар навбати худ Англия дар қитъа иттифоқчиро дар симои Фландрия ёфт, ки бо сулолаи ҳукмрони Франсия Капетингҳо, дар ҳолати душманӣ қарор дошт. Оқибат байни ду давлат ҷанги Садсола оғоз мегардад. Аз давраи оғозёбии ҷанги Садсола бошад системаи иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, ки аз ҷониби Англия ва Франсия таъсис дода шуда

буданд, дар ин ё он давра дар натиҷаи ба онҳо ворид шудани империяи Муқаддаси Рим, вилояти Папа, давлатҳои нимҷазираи Пиреней, Нидерландия ва дигарон ҳайати иштирокчиёни сиёсати европоӣ васеъ мегашт.

Ҳамин тавр, дар давраи мазкур ғояи универсалиро бештар папаи Рим ташвиқу тарғиб мекард, ки он ҳам бошад зери унсурҳои мазҳабӣ сурат мегирифт. Масалан, дар давраи юришҳои салибӣ охири асри XI – асри XIII папа ва Ватикан дар маркази сиёсати Европа қарор дода шуда, калисои католикиро ба иштирокчии аз ҳама фаъоли муносиботи байналхалқӣ дар макроминтақаи Европа табдил доданд.

***Юришҳои Салибӣ.*** Юришҳои салибӣ зери таъсири факторҳои гуногуни динӣ-мазҳабӣ, сиёсати хориҷӣ, хоҷагидорӣ, демографӣ зуҳур намуда, таъсири онҳо низ дар муносибатҳои байналхалқӣ гуногунҷанба буд, аммо ҳамчун ҳаракати ҳарбӣ-мустамликавии сатҳи макроминтақавӣ онҳо бешубҳа тафаккури ҷамъиятии ташаккулёфтаи оламу мазҳаби католикӣ, муқобилияти он ҳам бар зидди мусулмонон ва ҳам бар зидди схизматикҳо-православҳоро ифода мекарданд. Юришҳои салибӣ зери ғояи ҳимоя намудани калисои насронӣ аз мусулмонҳо оғоз шуда, бо оштинопазирона аз ҳам дур шудани калисоҳои ғарбӣ ва шарқӣ анҷом ёфт, зеро ритсарҳои салибдорон пойтахти ҷаҳони православӣ – Константинополро низ забт намуда, ғорат карда буданд. Ҳамин тавр ташкилкунандаи асосии юришҳои салибӣ калисои католикӣ буда[1], он дар баробари мусулмонҳо, бархе давраҳо бар зидди тарафдорони калисои православӣ низ равона карда мешуд.

Қисми калони сипоҳи салибдоронро ритсарҳои Шимол ва Ҷануби Франсия, Германия, Англия, Италия, Фландрия ташкил намуда, онро шоҳҳони давлатҳои бузурги Европа сарварӣ мекарданд. Мисол, дар давраи юришҳои дуюми салибӣ (с. 1147 – 1149) салибро императори Германия Конради II ва шоҳи Франсия Людовики VII қабул намуданд, дар юриши сеюм (с. 1189 – 1192) салибдоронро император Фридрихи I Барбаросс, шоҳи Франсия Филиппи II Август ва шоҳи Англия Генрихи II, ки баъдтар ҷойи ӯро писараш Ричарди I гирифт, роҳбарӣ мекарданд. Бурди сиёсӣ аз юришҳои салибӣ насиби калисои католикӣ гардид, новобаста аз он ки манфиатҳои моддӣ низ ба Ватикан тавассути фаъолияти орденҳои ҳарбӣ-роҳибӣ, ки бевосита ба папа итоат мекарданд, расида буданд, аммо аз нигоҳи иқтисодӣ бошад ғанимати аз ҳама калони дар мамлакатҳои Шарқ ба даст омада насиби сенорҳои бузург гардид, ки онҳо заминҳое, ки аз туркон-салҷуқиҳо кашида гирифтанд, байни худ тақсим намуданд. Ғанимати калонро инчунин аз амалкарду рафтори салибдорон дар Шарқ шаҳрҳои Италияи Шимолӣ ба даст дароварданд, ки онҳо дар амал дар давлатҳои Салибдорон дар савдои хориҷӣ мавқеи монополиро соҳиб шуданд.

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 26.

Нақши асосии таърихи ҳаракатҳои салибиро юришҳои якум (с. 1096 – 1099) ва чорум (с. 1202 – 1204) муайян намуданд. Дар навбати дуюми интиҳоӣ ҳаракати салибӣ рӯ ба пастравӣ ниҳод, ки он бо чанд кӯшиши «зиёрат намудан»-и Замини Муқаддас ва юришҳои шимолӣ бар зидди динҳои ибтидоиро парастиш намудаи халқҳои Наздибалтикаи Шарқӣ анҷом ёфт.

Даъват ба юришҳои салибиро папаи Рим Урбани II дар нутқаш дар поёни кори Маҷлиси калисоӣ дар шаҳри Клермон дар соли 1095 ба миён овард. Ин даъват бо эҳсосоти баланд қабул карда шуд. Зеро дар он папа оид ба наздик расидани давраи Охирзамону охират, маълумотҳои зоирин (пилигримҳо) оид ба бойгарии Шарқ, маълумот оид ба азоб кашидани насрониён дар Шарқ аз ҷониби тарафдорони адёни дигар сухан ронда, завқу ҳавас, омодаву тайёр будани ритсарҳо ба юришҳои ҳарбӣ ба хотири забт намудани заминҳои нав, ки ин сиёсат барои асрҳои миёна хос будро дучанд зиёд намуд. Папа дар нутқаш аз номи Худо ҳарф зада, таъкид намудааст, ки Худованд чунин мехоҳад. Ӯ ба насрониён мурочат намуда, гуфт, ки бо шамшер мусаллаҳ шуда, ба самти Фаластин, ба Замини Муқаддас, дар он ҷое, ки Исои Масеҳ зиндагӣ ва чормех карда шуда буд, раҳсипор гарданд. Папа даъват намуд, ки Замини Муқаддас, хусусан ҷойи дафни Исои Масеҳ бояд аз дасти бегонагон озод карда шавад. Ба иштирокчиёни юриш папа авфи пурраи гуноҳҳоро ваъда намуд. Папа эълон намуд, ки дар он ҷо дар ҷӯйҳо асалу шир равон аст. Ҳар кас, ки дар ин роҳ ҷонашро аз даст медиҳад, биҳишт интизори ӯст[1].

Юриши якуми салибӣ аз рӯи характери оммавӣ фаро гирифтани худ аз юришҳои баъдина фарқ мекард, дар он асосан деҳқонон ва шаҳриён ба таври васеъ иштирок намуданд. Дастаҳои ба таври стихиявӣ ҷамъшуда ва аз ҷиҳати лавозимоти ҳарбӣ суст мусаллаҳ будаи онҳо, дастаҳои ихтиёрии ритсарҳоро интизор нашуда, ба самти Шарқ ҳаракат намуданд, ки дар натиҷа баъди ворид шудан ба Осиёи Хурд аз ҷониби Салҷуқиён қир карда шуданд. Қисмҳои асосии зарбазани салибдорон баъди чанд моҳ пас аз онҳо ба юриш баромаданд ва тавассути кӯмаки Византия ба қаламравҳои музофотҳои Осиёи Хурд сар даровarда, дар соли 1097 дар муҳорибаи назди Дорилей (Эскишеҳир) туркони салҷуқиро торумор намуданд. Ин ғалаба роҳро барои салибдорон ба самти Антиохия кушод ва дар соли 1099 бошад мақсади асосии юриш амалӣ шуд, дастаҳои ритсарҳо Иерусалимро забт намуданд.

Қаламравҳое, ки аз салҷуқиён ва халифаи Миср кашида гирифта шуданд, ба чанд қисми маъмурӣ ҷудо карда шуданд: Шоҳигарии Иерусалим, графгарии Эдесса ва Триполия, князгарии Антиохия. Нақши сюзерени давлатҳои Лотинии Шарқ ба шоҳи Иерусалим мансуб дониста шуд, ки ҳокимони дигар давлатҳои салибӣ вассалҳои он ҳисоб мешуданд. Моҳиятан мақсади юришҳои дар минбаъда ташкил намуда аз муҳофизат ва барқарор намудани он заминҳое, ки ритсарҳои Европаи Ғарбӣ дар натиҷаи юриши якум дар Сурия ва Фаластин ба даст даровarда буданд, иборат буд. Ин минтақаҳо

[1] Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

дар баҳри Миёназамин мавқеи стратегиро ишғол мекарданд. Муддати тӯлонӣ дар дасти худ нигоҳ доштани заминҳои ишғолнамуда хеле мушкил буд, зеро салибдорон ба маркази Шарқ ворид шуда, атрофи онҳоро давлатҳои мусулмонӣ, мардумони динҳои дигар ва халоиқи аз нуқтаи назари этникӣ низ фарққкунанда иҳота мекарданд. Ҳатто пайваста қувваи навро фиристондан ба ин минтақа аз ҳисоби ритсарҳои нав имкон надод, ки давлатҳои салибдорон дар Шарқ пойдор монанд.

Дар ҷустуҷӯи такягоҳи иловагӣ барои ҳимоятгарони қабри Исои Масеҳ шуда, Ватикан ба таъсис додани орденҳои руҳонӣ-ритсарӣ даъват намуд. Аввалин чунин ташкилоти динӣ-ҳарбӣ ордени госпиталерҳо ё иоаннитҳо шуда, аз паси онҳо орденҳои ҳарбӣ-роҳибии тамплиерҳо ва тевтонҳо таъсис ёфтанд. Аз нуқтаи назари интизоми дохилӣ мустаҳкам, дорои омодагии касбии ҳарбӣ ва сарвати калон дар ихтиёр дошта, орденҳои руҳонӣ-ритсарӣ тавонистанд, ки ҳастии ҳокимияти салибдоронро дар Шарқ дарозтар намоянд, аммо онҳо ҳам натавонистанд, ки дар тақдири давлатҳои Салибӣ таъсири ҳалкунанда бозанд.

Дар ҷавоб ба таҷовузи сипоҳи салибдорон аз ҷониби олами Ислом Ҷиҳод – Ҷанги муқаддас, барои ҳифзи эътиқод эълон карда шуд, ки он то охирон нуқтаи пеш намудани салибдорон аз Шарқ хомӯш нашуд. Аллакай соли 1144 салибдорон графгарии Эдессаро аз даст доданд, охири асри XII бошад артиши султони Миср Салоҳиддин Иерусалимро ишғол намуда, рӯзҳои маҷудияти князгарии Антиохия ва графгарии Триполия низ ангуштшумор монданд. Юришҳои дуюм ва сеюми салибдорон ба хотири ҳимояи манфиатҳои худ дар Шарқ маракаҳои аслан намоишкории Ғарби насронӣ буду халос, аммо барои таъминоти воқеии мулкдории салибдорон дар Шарқ онҳо ҳеҷ чизро ба бор наоварданд.

Юриши чоруми салибӣ нишон дод, ки қисми аксарияти ритсарҳо эътироф намуданд, ки заминҳои аз даст рафтаро, ки дар вақташон иштирокчиёни юриши якум ба даст даровrouted, дигар баргардондан осон нест. Ва онҳо ба ивази дар шароити мушкилу вазнин ҳаракат намудан ба самти Сурия ва Фаластин ва ҷон бохтан дар ҷанг ба муқобили ҷангиёни ҷиҳодии мусулмонон беҳтараш лозим донистанд, ки ба самти тӯъмаи сабук ва бойтар ҳаракат намоянд, ки дар ин нақш Византия қуллайтар баромад. Дар асл империяи Византия аз давраи тайёрӣ дидан ба юриши якуми салибӣ сар карда, дар нақшаҳои салибдорон ҳамчун яке аз тарафҳои асосии фаъолияткунанда амал мекард: ҳамчун давлат аз қаламрави он роҳ ба самти Замини Муқаддас мебурд, ҳамчун империя, доимо аз Шарқ ба таҳдидҳо рӯ ба рӯ мешуд, ҳамчун бузургдавлати баҳрӣ ва савдоии Шарқии Баҳримиёназамин манфиатҷӯ буд, ки боз аз сари нав чун вақтҳои пешин Осиёи Хурдро ба қаламраваш баргардонад, ҳамчун мамлакат – маркази православӣ бо бӯҳрони дохилӣ ва дар сиёсати хориҷӣ бо бохтҳои бузург дучор омада, бо назардошти калисои католикӣ гӯё он тайёр буд, ки дар ин самт ҳатто мақоми суприматияи Римро эътироф намояд.

Аммо дар Константинопол салибдорон, чуноне ки вайҳо назар доштанд, на нуқтаи баландтарини фурӯравии империяро диданд, балки бештар нишо-

наҳои босуръати тез бартараф намудани бӯҳрон ва мустаҳкам шудани ҳокимияти сулолаи нави Комнинҳоро диданд. На доҳиёни салибдорон ва на Алексейи I Комнин аз ҳад зиёд ба ҳамдигар боварӣ надоштанд, новобаста ба ин имконоту воиситаҳо ба иштирокчиёни юришҳо аз ҷониби Византия таъмин карда шуд ва дастаҳои византиягӣ низ ба лашкари салибдорон ҳамроҳ шуда, бо дастаҳои ритсарӣ то Никея расиданд.

Нобоварии франкҳо ва римиҳо ба пиндорҳои итифоқчиён-насрониёни православии худ қариб баробар ба нобоварии онҳо ба мусулмонон буда, он дар рафти ҳаракатҳои нави салибӣ зиёд мешуд. Низоъро дар баробари гаравондани юнониён-православҳо ба мазҳаби католикӣ, боз мубориза барои роҳҳои савдоӣ дар баҳри Миёназамин гармтар намуд. Паҳн намудани суприматияи папа аз болои ҷаҳони православӣ самти асосии сиёсати амалии калисои католикӣ буд. Дар вақти юриши дуюми салибӣ ҳисобу китоби сиёсӣ империяи Германияро ба самти иттифоқ бо юнониҳо оварда расонд, аммо аллакай дар давраи юриши сеюм Фридрихи I Барбаросс кӯшишҳояшро дар самти ҳамроҳ намудани Византия ба империяи худро пинҳон надошт. Нуқтаи баландтарини бо ҳам бархӯрдани манфиатҳои Ғарб ва Византия дар давраи юриши чоруми салибӣ рост омад, ки бо забти Константинопол дар соли 1204 ва пароканда шудани Византия ва дар як қисми қаламрави калони он таъсис ёфтани Империяи Лотинӣ анҷом ёфт. Ҳамин тавр, юриши чоруми салибӣ (с. 1202 – 1204) нишон дод, ки мақсади асосии салибдорон ин ғораткунӣ будааст, на мубориза барои мавқеи дини насронӣ дар Фаластину дигар ҷойҳои муқаддас, салибдорон ин навбат аз юриш ба самти давлатҳои мусулмонӣ даст кашида, ба ишғол ва ғорат кардани шаҳрҳои насронинишин – Задар дар Далматсия ва Константинопол дар Византия машғул шуданд. Салибдорон қасрҳо ва калисоҳои пойтахти Византияро хароб намуда, дар натиҷаи оташсӯзӣ хонаҳои мардум ва хазинаҳои бузурги китобу дастнависҳои ниҳоят зиёди қадима низ ба коми оташ рафтанд. Аз ғораткунӣ маъбади София низ дар канор намонд. Дар ғораткунӣ ҳатто епископҳо ва дигар табақаи рӯҳониён, ки аз Ғарб бо ҳамроҳии салибдорон омаданд, иштирок доштанд. Дар қаламрави ишғолкардаашон давлати католикии Империяи Лотиниро таъсис доданд, ки қариб ним аср арзи вуҷуд дошт. Баъди ғораткунии соли 1204 империяи Византия ниҳоят заиф гардида, ҳатто дар бархе самтҳо бо Венетсия ва Генуя низ рақобат кардан наметавонист. Танҳо соли 1261 византиягиҳо ғосибонро аз қаламрави худ пеш карданд.

Баъди соли 1204 ҳаракатҳои салибӣ, новобаста аз он ки дар он императори охирон аз сулолаи Штауфенҳо, Фридрихи II, шоҳи Франсия Людовики IX иштирок доштанд, характери маракаи бузурги ҳарбӣ-сиёсии Ғарбро аз даст дод ва он ба экспедитсияҳои камшумор, ба хотири манфиатҳои тактикии муборизаҳои сиёсати хориҷӣ дар худи Европаи Ғарбӣ мубаддал ёфт. Дар соли

1291 салибдорон такягоҳи охирони худ – қалъаи Акраро дар Шарқи Наздик аз даст доданд[1].

Аз нуқтаи назари таъсири юришҳои салибӣ ба муносиботи байналхалқии асрҳои миёна, пеш аз ҳама қайд кардан ба маврид аст, ки дар муддати тез алоқаҳои гуногунҷанбаъ байни Ғарб ва Шарқ – ҳам характери конфронтатсионӣ дошта, инчунин мубодилаҳо дар соҳаҳои маданият ва савдо, ба вуҷуд омаданд. Гуфтан мумкин, ки дар натиҷаи ба охир расидани давраи асрмиёнагии барвақта, маҳдудияти минтақавиро рахна намуда, Ғарб аз нав ба баҳри Миёназамин баргашт, ки замоне ин минтақаҳоро империяи Рим дар худ муттаҳид мекард. Ин баргашт муборизаи Ғарбро бо ҷаҳони мусулмонӣ пурзӯр намуд ва аз нуқтаи назари динӣ-сиёсӣ деворро байни калисои ғарбӣ ва шарқӣ низ мустаҳкам намуд. Юришҳои салибӣ дар навбати аввал имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи калисои католикӣ ва таълимоти унверсиализми теокартиеро, ки он паҳн менамуд, низ мустаҳкам гардад, маҳз ин таълимот ба давлатҳои европоӣ, хусусан ба Англия ва Франсия ёрӣ расонда буд, ки равиши мутамарказии сиёсиро дар дохили мамлакати худ пурзӯр намоянд.

Натиҷаҳои юришҳои салибӣ барои мардуми Шарқ фақат харобкориҳоро оварду бас. Европоиҳо бошанд дар рафти юришҳои мазкур масрафҳои зиёд карданд, аммо ба мақсади асосии худ, яъне забт кардани давлатҳои Шарқ нарасиданд. Аммо аз ҷиҳати маданӣ ва тиҷоратӣ он ба Европа таъсири калон расонд. Яъне тиҷорати Ғарбу Шарқ тавассути баҳри Миёназамин эҳё гардид. Муддате дар мамлакатҳои Шарқ зиндагӣ карда, инчунин дар рафти мубодилаи тиҷоратӣ европоиён аз мусулмонҳо бисёр дастовардҳои фарҳангиро гирифтанд. Дар Европа кишт намудани биринҷ, лиму, зардолу, харбуз ва ғайра ба роҳ монда шуд. Осиёбҳои бодиро низ, ки дар Европа дар ҳамон давра пайдо шуданд, ихтирои онро ғарбиён аз мардуми Шарқ омӯхтанд. Европоиён, инчунин аз Шарқ бофтани матои абрешимӣ, тайёр намудани шиша ва беҳтар коркард намудани металлҳоро аз худ карданд. Дар ҳаёти ҳаррӯзаи европоиён низ тағйирот ворид гардид. Дар Ғарб пеш аз тановули хӯрок шустани дастҳо ба роҳ монда шуд, ҳамомҳо пайдо шуданд, иваз кардани либоси хоб ва болопӯшро ҳам аз шарқиён омӯхтанд. Феодалҳои европоӣ аз одамони дорои шарқӣ сохтани қасрҳо, пухту пази хӯрокҳои гуногун, либосҳои зеборо низ омӯхтанд.

**Мавқеи Византия дар муносиботи байналхалқӣ.** Бори дуюм ба даст овардани мақоми бузургдавлат дар ҳавзаи Шарқии баҳри Миёназамин ба Византия дар нимаи дуюми асри IX – асри X муяссар гардид, ки он ба шакли нави низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, феномени сохтори мамлакат сахт алоқаманд буд. Мавҷи ҳаракати рушди иқтисодиёт, дастовардҳои хоҷагидории мамлакат боиси ба вуҷуд омадани заминаҳо барои муътадил гаштани вазъи сиёсии дохилӣ гарданд: қариб ду аср дар Константинопол сулолаи македонӣ (с. 867 – 1056) барқарор буд. Тарафҳои мусбати сохти давлатӣ ва ҳарбии Византия дар

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

давраи ҳукмронии императорони сулолаи македонӣ ин зинаи баланди мутамаркази сиёсӣ, мунтазам ба хазинаи давлат ворид шудани маблағҳои аз андоз ба даст омада, байни деҳқонон ҳифз нигоҳ доштани шумораи зиёди моликдорони озод буданд, ки имконият доданд византиягиҳо артиши сершумори аз деҳқонони озод ва дастаҳои зархарид-касбӣ иборат бударо дошта бошанд.

Аз давраи дарози мағлубият ва мудофиавӣ Византия дар сиёсати хориҷии худ ба ҳуҷум гузашт. Дар сарҳадоти шарқӣ Византия аз болои арабҳо пирӯз шуда, онҳоро аз Осиёи Хурд ва Байнаннаҳрайни Болоӣ танг карда баровард. Империя ба ҳайати худ шимолии Сурияро бо шаҳри Антиохия пас гардонд, Арманистон ва Гурҷистонро маҷбур намуд, ки аз болои худ протекторати Византияро эътироф намоянд. Дар нимҷазираи Балкан мақсади деринаи сиёсати хориҷии худро амалӣ намуда, ташкилоти сиёсии мустақили шоҳигарии Булғорияро торумор намуда, сарҳадоти шимолии империя боз то Дунай расиданд. Дар ғарб Византия арабҳоро аз Кипр ва Крит танг карда бароварда ва комилан бехатарии коммуникатсионии баҳрии худро мустаҳкам намуда, фаъолияти савдои озод ва флоти ҳарбии худро васеъ намуд.

Давраи ҳукмронии сулолаи македонӣ дар таърихи дипломатияи Византия дурахшонтарин давра ба шумор мерафт. Асоси таълимот (доктрина)-и сиёсати хориҷии империя консепсияи муттаҳидкунии халқҳои насронӣ дар зери ҳокимияти император ва калисои Константинопол мегардад. Дар ин консепсия, ки бевосита аз ҷониби патриарх Фотий коркард шуда буд, ойкуменизми анъанавии византиягӣ бо ғояи Константинопол ҳамчун шаҳри аз ҷониби Худо интихобшуда, ки аз ҷониби император Константин ба сифати пойтахти насрония сохта шуда буд, ба меъёри муайян бар зидди сиёсати Рим, гузошта шуда буд. Дар нимаи дуюми асри IX – асри X махсусан ба таври густурда фаъолияти миссионерии Константинопол дар самти насроникунии славянҳо ва паҳн намудани таъсири калисои Византия ва маданияти византиягӣ дар минтақаҳои ҳамҷавори империя ба роҳ монда шуд. Аз дасти калисои Константинопол Булғория, Руси Киевӣ, заминҳои Сербия насронияро қабул намуданд, ки ин дастоварди калони сиёсати хориҷии империя ба ҳисоб мерафт. Таъсири Византияро дар муносиботи байналхалқӣ, инчунин бартарияти иқтисодии он аз болои Ғарб ва мавқеи пешбар ишғол намудан дар савдои баҳрии ҳавзаи баҳри Миёназамин, ки Византияро ба ченаки умумиэътирофшудаи ҳисобу китоби савдои байналхалқӣ табдил дода буд, тақвият мебахшид.

Баъди давраи мазкури тиллоии давлатдории Византия дар нимаи дуюми асри XI дар сиёсати хориҷии он боз нокомиҳои зиёд зуҳур намуданд. Дар Шарқ ба сарҳади империя рақиби нав туркон-салҷуқиён наздик омада буданд, ки халифати Арабро мағлуб карда буданд. Дар соли 1071 артиши императори Византия Романи IV Диоген ва иттифоқчиёни ӯ дар муҳорибаи назди Мансикерт бо лашкари Салҷуқиён воҳӯрда, шикасти сахт хӯрд. Дар натиҷаи он Византия Арманистон ва андаке баъдтар қисми қаламрави Осиёи Хурдро, ки он ҷо Салҷуқиён давлати худро, бо номи султонати Рум бо пойтахташ Никея

таъсис доданд, аз даст дод. Дар худи ҳамон сол забткорони дигар – норманҳо ба Италияи Ҷанубӣ сар даровaрда, дар қаламравҳоеро, ки аз Византия кашида гирифтанд, герсоггариҳои Апулия ва Калабрия ва дар ибтидои асри XII бошад шоҳигарии Ситсилияро таъсис доданд[1].

Дар арафаи забткориҳои лотиниҳо дар соли 1204 империя як бори дигар ва аммо охирон болоравиро дар таърихи сиёсати хориҷии худ дастёб шуд, ки ба Византия имкон дод, ки дар сиёсати байналхалқӣ ҳамчун давлати ҷаҳонӣ иштирок варзад. Ин болоравӣ бо сулолаи Комнинҳо (с. 1081 – 1180) алоқаманд буд. Дар арафаи давраи идоракунии асосгузори сулолаи мазкур император Алексейи I вазъияти Византия, барои ҳамзамонон, махсусан ғарбии он хеле ногувор метофт. Туркони салҷуқӣ аз шарқ, норманҳо бошанд ба соҳилҳои Адриатика сар даровaрда буданд, печенгҳо дар назди дарвозаҳои шимолии Константинопол мавқеъ гирифта, дар ин вазъият танҳо зарбаи ҳалкунанда задан лозим буд, то ки меъроси империяро байни худ тақсим намоянд. Аммо дар давраи Алексейи I Византия тавонист ин хатарро бартараф намояд ва сонӣ вазъи сиёсати хориҷиро ба манфиати худ тоб диҳад. Ба таври доимӣ, империя арсенали пурраи воситаи сиёсати зӯрӣ ва санъати дипломатиро сафарбар намуд, то ки роҳи норманҳоро дар Балкан гирад, Константинопол ба гузашткунии калони то он вақт бесобиқа ба Венетсия, яке аз рақибони хатарноки худ дар савдои баҳри Миёназамин, розӣ шавад, таҳдиди печангҳоро бошад бо дасти половс (қипчоқ)-ҳо ҳал намуд, Никеяро Византия дар натиҷаи ғалабаи дастаҳои салибдорони юриши якуми салибӣ пас гардонд.

Бо ҳамин, дар муддати кӯтоҳ, 10 сол, империяе, ки пеш аз ин комилан ба самти таназулёбӣ ҳаракат мекард, тавонист, ки ҳамчуни иштирокчии баробарҳуқуқ ба сафи иштирокчиёни фаъоли сиёсати европоӣ баргардад. Артиш ва флоти тавоноро таъсис дода, Алексейи I (с. 1081 – 1118), ворисони ӯ Иоанни II (с. 1118 – 1143) ва Мануили I (с. 1143 – 1180) дар баробари сиёсати комёби хориҷии худ, қариб пурра туркон-салҷқиёнро аз соҳилҳои Осиёи Хурд танг карда, баровардаанд, мавқеи худро дар Балкан мустаҳкам намуданд, муддате Венгрия ва Сербияро маҷбур намуданд, ки ба империя итоат намоянд ва кӯшиши мустаҳкам намудани мавқеи худ дар Италияро низ фаромӯш накарданд.

Новобаста ба ин дар Константинопол дарк мекарданд, ки дар баробари мустаҳкам намудани мавқеи худ дар муносиботи байналхалқӣ мамлакат болоравии хоҷагидориро аз сар гузаронда истодааст, ки ба он бошад айни замон қувваҳои марказгурез дар музофотҳо халал расонда истодаанд. Дар музофотҳо ҳокимияти заминдорони калон қувват гирифт, бо суръати баланд шумораи андозсупорандагони озод кам шуд, ки он бошад дар навбати худ ба кам шудани даромади хазина оварда расонд. Соли 1176 дар муҳориба бо Салҷуқиён дар назди Мариокефалия сипоҳи Византия шикасти сахт хӯрд. Ин воқеа таъсири ниҳоят манфии худро дар сиёсати хориҷии давлат расонда,

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

бӯҳрони умумии давлатдории Византияро ба бор овард. Соли 1204 Константинопол зери зарбаи сипоҳи салибдорон таслим шуд, ҳамин тавр мавҷудияти Византия ба муддати ним аср (с. 1204 – 1261) канда гардид.

Империяи аз нав барқароршудаи Византия дар давраи Михаили VIII Палеолог аллакай қодири он набуд, ки ба мақоми як вақтҳо дар сиёсати хориҷӣ таъсири калон дошта даъво намояд. Дар асл гӯем, азбаски на шоҳигарии Эпир, ки дар давраи парокандашавии Византия дар Балкан таъсис дода шуд, на империяи Трапезунд, як маркази дигари давлатдории юнонӣ, ба ҳайати давлати баъдинаи Византия дохил нашуданд. Шоҳигарии Эпирро Византия танҳо дар нимаи аввали асри XIV ба худ ҳамроҳ намуд, дар давраи Андроники III Палеолог бошад ин дастовард натавонист, ки талафоту аз даст додани мулкҳо дар Осиёи Хурдро ҷуброн намояд, ки онҳоро дар оғози асри XIV туркон-усмониҳо забт намуданд.

Дар нимаи дуюми асри XIII – миёнаи асри XV қаламрави Византия ба андозаи калон кам гардид. Ба сафи рақибони анъанавии он дар шарқ ва шимол лотиниҳо низ дохил шуданд, ки умед доштанд қаламравҳои империяи Лотиниро пас гиранд ва лотиниҳо аз ҷониби папаи Рим пурра дастгирӣ мёфтанд. Дар савдои байналхалқӣ бошад Византия қудрате надошт, ки бо Венетсия ва Генуя рақобат кунад, ҳатто дар дохили мамлакат шаҳр-ҷумҳуриҳои италянӣ рақобатро бо истеҳсолот ва савдои византиягӣ мебурданд ва табақаи савдойҳунармандии шаҳрии Византияро хонахароб мекарданд. Дар зинаи охирони мавҷудияти худ Византия ягон давраи ҳаёти осоиштаро надошт, доимо дар сарҳадоти худ бо ҷангу ҷидол банд буда, чандин даъфа ҷангҳои шаҳрвандии вазнинро паси сар карда буд.

Ду маротиба, барои Византия вазъи сиёсии хориҷии вазнин ба вуҷуд омада (соли 1274 ва солҳои 1438 – 1439), Константинопол кӯшиш намуда буд, ки тавассути бастани уния бо калисои ғарбӣ ва даст ёфтан ба сулҳ бо Ғарб онро бартараф намояд ва ҳамзамон бо ҳаммазҳабони худ Сербия ва Булғория ҷангҳоро бурда буд. Унияи Лионро дар соли 1274 дар бисёр маврид ҳамчун гардиши дипломатии Михаили Палеолог баҳогузорӣ менамоянд, ки тавонист коалитсияи воҳиду ягонаи Ғарбро, ки зидди Византия равона гардида буд, барҳам заднад. Унияи Феррару Флорентӣ дар соли 1439 дар арафаи забт шудани Константинопол аз ҷониби туркҳо қабул гардид, ки он дастфишории сахти империя, ки кӯшиш мекард бо тамоми восита марги омадаистодаи худро ба таъхир андозад, дониста мешавад. Аммо ҳам санъати сиёсии Михаили VIII Палеолог ва ҳам розигии Иоанни VIII Палеолог оид ба қабул намудани ҳамаи шартҳо, ки аз ҷониби калисои католикӣ дикта гардиданд, ҳамон натиҷаи ягонаро оварданд: империя он ёрие, ки аз Ғарб интизор буд, нагирифт. Дар худи Византия бошад ҳар ду унияи дар боло зикршуда дар ҷомеа ҷудоиандозиро ба вуҷуд оварданд ва онро вақте заиф гардонданд, ки мамлакат мӯҳтоҷи ягонагии ҳамаи қуввaҳои ҷамъиятӣ баҳри зада гардондани душмани хатарнок (туркҳо) буд.

Баъди оне ки туркҳо-усмониён дар соли 1389 дар майдони Косово сипоҳи сербу босниягиҳоро торумор намуданд, тақдири Балканро ҳал карданд ва соли 1393 забткунии шоҳигарии Булғорияро ҷамъбаст карданд, Византия, пас аз Сербия, маҷбур мешавад, ки вобастагии вассалии худро аз давлати Усмониён эътироф намояд. Захираҳои дохилӣ барои муқобилат ба итмом расида буданд. Кӯшишҳои Ғарб баҳри боз доштани империяи Боязид бо нокомии пурра анҷом ёфт: дар соли 1396 дар ҷанги назди Никопол дар Дунай Усмониён сипоҳи салибдоронро торумор намуданд. Танҳо шикасти сахт хӯрдани Усмониён дар муҳорибаи назди Анқара дар соли 1402 аз сипоҳи забткори нави Шарқ Темурланг ва сар шудани давраи тираву хирагӣ дар замони идоракунии вориси Боязид – Меҳмеди I, ба Византия имкон дод, ки ҳамчун давлат ним асри дигар мавҷудият дошта бошад. Аммо дар ин давраи аз ҷониби таърих тӯҳфашуда низ ҷамъияти Византия дар муборизаву гурӯҳбозӣ ва кашмакашиҳои сиёсиву дохилӣ ба хотири ёфтани роҳ баҳри баромадан аз бунбаст сарф гардид. Дар натиҷа 29 майи соли 1453 Константинопол аз ҷониби туркҳо забт гардида, ба мавҷудияти империяи Византия абадан хотима дода шуд.

Бо барҳамхӯрии Византия симои муносибoти байналхалқӣ дар Европа ба андозаи хеле равшан тағйир ёфтанд. Империяе, ки асрҳо таҳдиду хатари туркҳоро нигоҳ дошт ва новобаста ба ихтилофи фикрию сиёсӣ ва мазҳабӣ бо папаи Рим манфиатҳои умумии Ғарбро дар муносибoти савдоӣ бо Шарқ ҳимоя мекард, аз байн бардошта шуд. Бо забт намудани Константинопол мулкҳои дар Балкан ва дар Осиё буда, зери ҳукмронии туркҳо ба ҳам муттаҳид карда шуданд, ки ин империяи Усмониёнро дар баробари бузургдавлатҳои асрмиёнагии европоӣ қарор дод. Пас аз шикасти Византия Европаи Ҷануб-Шарқӣ муддати дароз дар зери таъсири туркҳо монд, таҳдиду хатари туркҳо ҳатто ба мамлакатҳои Европаи Марказӣ ва Шарқӣ низ равона гардида буд. Мустаҳкам шудани мавқеи Усмониён дар Балкан ва дар ҳавзаи баҳри Сиёҳ мубодилаи савдоиро бо Шарқ ба андозаи хеле калон аз байн бурд. Аз ҳама зиёд, аз ҷобаҷошавии қувваҳои нав дар Европаи Ҷануб-Шарқӣ, Венетсия ва Генуя зарар диданд. Онҳо маҷбур шуданд, ки роҳҳои алтернативиро барои савдои доимӣ бо Шарқ дарёфт намоянд, ки ин дар навбати худ ба кашфиёти географӣ оварда расонд[1]. Дар самти таҳаввулоти ғояҳои сиёсӣ-ҳуқуқии асрмиёнагӣ гирем аз системаи муносибoти байналхалқӣ рафтани бузургдавлати Византия аз байнравии яке аз марказҳои асосии доктринаи универсализими империявиро ифода мекард, инчунин доктринаи таъсиррасоне, ки аз пушти он таърихи ҳазорсолаи империя меистод. Давлатдории худро аз даст дода, ойкуменизм (аз юнонии ойкумена – доираи ҷаҳони аҳолинишин, маскун, ҷаҳон – ғояи ягонагии ҳамаи насрониён) - и византиягӣ ҷойи худро ба худшиносии миллии юнонӣ дод, аммо ин тамоюл танҳо дар давраи нави аз пеш омада истода инъикос ёфт.

[1]Ниг.: Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Нижний Новгород, 2001.

**Муносиботи байналхалқӣ дар асрҳои XIV – XVI дар Европаи Ғарбӣ.** Дар Европаи Ғарбӣ зуҳуроти мутамарказшавии ибтидоӣ, ки барои гузариш ба сиёсати манфиатҳои давлатӣ шароитро омода кард, дар шакли ғайриоддӣ бо мустаҳкамшавии тамоюлоти универсалӣ дар асрҳои XIV – XV падид омад. Ба сифати ифодакунандаи он давлатҳое баромад мекарданд, ки аз дигар мамлакатҳо дида, сепаратизми ашрофон, мухторияти коммунаҳои шаҳрӣ ва асосҳои сенориалии онро бартараф намуданд. Ба дасти худ дастгоҳи мутамаркази маъмурӣ ва воситаҳои асосии ҳамоҳангсозии манфиатҳои сиёсии ҷамъият, ба монанди муассисаҳои табақавӣ-намояндагиро гирифта, монархҳои Европаи Ғарбӣ фишангҳои ҳокимият ва ҷамъиятиро ҳамин тавр дар дасти худ ғун карданд.

***Ҷанги Садсола.*** Принсипи сулолавии муносиботи мутақобилаи давлатҳо дар давраи мазкур нақши муҳимро бозӣ мекард. Ҷангҳое, ки дар асрҳои миёна бурда мешуданд, аксарияташон характери сулолавӣ доштанд. Масалан, сабаби бевоситаи ҷанги Садсола байни Англия ва Франсия ин иддаои шоҳҳони Англия ба тахти Франсия буд. Зеро баъди марги Карли IV дар соли 1328 дар Франсия насли мустақими шоҳҳон аз сулолаи Капетингҳо, ки тахтро меросӣ аз тарафи насли калонсолтари танҳо ҷинси мардона мерос мегирифтанд, қатъ гардид.

Баронҳои франсузӣ (вассалҳои мустақими шоҳ) ва диндорон тавонистанд намояндаи сулолаи Валуа – Филиппи VI-ро, ки як шохаи канории Капетингҳо ба шумор мерафтанд, шоҳ интихоб карданд. Шоҳи Англия Эдуарди III бошад худро аз тарафи модариаш (духтари Карли IV) вориси мустақими Карли IV дониста, бо қарори мазкур розӣ нашуд ва кӯшиш намуд, ки онро ба баҳс кашад. Ҷанги Садсоларо, ки Англия соли 1337 оғоз намуд он соли 1453 ба анҷом расид[1]. Сабаби дигар ҷанг мулки Фландрия гардид, ки баҳс барои он байни Франсия ва Англия тезу тунд гардида буд.

Баъди марги Карл Эдуарди III Плантагенет, ба хотири ҳуқуқҳои қонунии худ ба тахти Франсия доштаашро ҳифз намудан соли 1337 амалиётҳои ҳарбиро сар мекунад. Дар давраи якуми ҷанг, ки соли 1360 бо бастани шартномаи сулҳи Бретини анҷом ёфт, бартарияти ҳарбии Англия муайян гардид. Ғалаба дар муҳорибаи Креси дар соли 1346 ва ҷанги назди Пуате дар соли 1356, ки дар ин ҷанг англисҳо аз ҷиҳати шумораи умумӣ кам буда, шоҳ Иоанни II-ро асир гирифтанд, он заифии артиши Франсияро нишон дод. Франсия ба ҷуз аз ба даст даровардани сулҳ дигар роҳро наёфт, ки шартҳои он ҳам бошад аз ҷониби шоҳи Англия Эдуард III нуқта ба нуқта дикта карда шуданд. Шоҳи Англия, ки дар ихтиёри худ мавқеи қуллайи қувваро дошт, дар шартнома оид ба даъвои худ ба тахти Франсия ҳарфе сабт накард, аммо новобаста ба ин аз Франсия талаб намуд, ки за-

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 14.

минҳои зиёдро ба фоидаи Плантагенетҳо гузашт намояд, ки аз се як ҳиссаи қаламрави мамлакатро ташкил медоданд.

Дар рафти тайёрӣ ба давраи навбатии ҷанг (с. 1369 – 1396) шоҳи Франсия Карли V қувваи асосии худро ба азнавсозии артиш ва гузарондани ислоҳоти андоз равона намуд, ки натиҷаи мусбии он ба рафти амалиёти ҷангӣ таъсир расонд. Артиши ҷадид ва боқувват карда шудаи франсузӣ, бо рақиб муҳорибаҳои калонро барпо намекард, аммо аксарияти задухӯрдҳои бо дастаҳои ҳарбии англисҳо доир намуда, ба фоидаи он анҷом меёфтанд. Франсия ба таври оҳиста – оҳиста заминҳои ҷануб-ғарбиро ба худ баргардонд ва дар зери идоракунии шоҳи Англия танҳо минтақаи борики соҳилӣ боқӣ монду халос. Пурра танг карда баровардани англисҳо аз қаламрави Франсия аз Париж талаб намуд, ки талаботи ҳарбии худро ба таври зуд зиёд ва қувваи худро бошад мутамарказ намояд. Зеро артиши Англия дар шаҳрҳои шароити мудовиафашон нағз – Бордо, Байонна, Кале мустақар гардида буда, ба дифои дуру дароз омодагии ҷиддӣ дида буданд. Аммо воқеаҳо дар Франсия ба ин тавр сурат гирифтанд, ки мамлакат на танҳо ба оташбас дар соли 1396 розӣ шуд, инчунин баъди шикаст хӯрдан дар рафти давраи сеюми ҷанг, солҳои 1415 – 1420 бо хатари аз даст додани суверенитети худ рӯбарӯ гардид.

Шоҳи Англия Генрихи V аз низоъҳои дохилии герсогҳои Бургундӣ ва Орлеанӣ, хешовандони шоҳи ба тахт нишаста Карли VI, ки қобилият надошт мустақилона мамлакатро идора кунад, истифода намуд. Мақсади таъсис додани давлати махсуси худӣ бо роҳи никоҳҳои сулолавӣ ва дар мамлакат идора кардани шоҳи заиф, ки дар амал тадбиқ намудани он дар ҳақиқат мумкин буд, герсогҳои Бургундиро бероҳа намуда, онҳоро ба иттифоқчиёни англисҳо табдил дод. Бо сабаби шӯришҳои дуру дарози шаҳриён ва деҳқонон, рафтори марговар барои мамлакати герсогҳои Бургундӣ, ки аз давраи мустақилияти феодалҳо истифода мебурданд, Франсия маҷбур шуд, ки соли 1420 дар Труа Шартномаи сулҳи нобаробарро бандад. Мувофиқи шартҳои барои Франсия беҳад вазнини он Карли VI танҳо ба таври номиналӣ сардори давлат монд, ҳокимият бошад ба Генрихи V Плантагенет дода шуд, пас аз марги Карли VI бошад ба монархи англисӣ тахти Франсия низ мегузашт. Инчунин ба назар гирифта шуда буд, ки тахти давлати муттаҳидаро наслҳои Генрихи V, ки бо духтари Карли VI хонадор шуда буд, ба мерос мегиранд.

Аммо дар соли 1422 Генрихи V ва Карли VI қариб дар як вақт аз ҳаёт рафтанд ва писари шоҳи Франсия – Карли VII, ҷангро аз сари нав оғоз намуд, ки он ҳамзамон дар баробари муборизаи шоҳзода барои тахт ва давраи ниҳоии мубориза барои суверенитети мамлакат ҳам табдил ёфт. Давраҳои минбаъдаи ҷанги Садсола бо қаҳрамонии Жанна д Арк, маросими ба тахт нишастани Карли VII дар Реймс ва озод намудани мамлакат аз дасти англисҳо, корнамоии миллии франсузҳо ва ғалабаи манфиатҳои давлати мустақил (суверенӣ) аз болои универсализми сулолавӣ маънидод карда мешаванд.

***Натиҷаи ҷанги Садсола.*** Ҷанги Садсола баҳси қаламравиро байни ин ду давлат ба фоидаи Франсия ҳал намуд, аммо натиҷаҳои ҷанг таъсири чуқур

ва дарози худро ба равандҳои сиёсии ҳатто минтақаҳои дур аз маркази низоъ низ расонданд. Натиҷаи асосии ҷанги Садсола аз нуқтаи назари рушди перспективии муносибатҳои байналхалқии асрмиёнагӣ он шуд, ки ҳарби мазкур ба таври зич як қатор мамлакатҳои Европа – Англия, Франсия, Шотландия, Испанияро ба остонаи ниҳоии ташаккулёбии давлатҳои миллӣ оварда расонд. Гузаштан аз ин марҳилаи таърихӣ, даст кашидан аз ғояву ҳаваси империяи универсалиро Европаи Ғарбӣ танҳо баъди ба итмом расидани Ҷанги Сисола тавонист. Даҳшати Ҷанги Сисола бошад, ки Европаро ба фалокати бемаънитарину тирагии асрмиёнагӣ расонд, паси сар намуда, он дар ҷомеа тарсу монеъаро бар зидди бозгашт ба эҳё намудани империяи универсалӣ ва боловии як давлат ба миён овард, ки дар ин вазъият Европа то оғози ҷангҳои Наполеонӣ қарор дошт ва дуюмбора боз он аз ҷониби конгресси Вена барқарор гардид.

***Вазъият дар нимҷазираи Пиреней.*** Дар нимҷазираи Пиреней бошад баъди забткориҳои арабҳо давлатҳои насронӣ танҳо дар шимоли қаламрави он боқӣ монда буданд. Соли 1479 дар натиҷаи ақди никоҳи маликаи Кастилия – Изабелла ва шоҳи Арагон – Фердинанд, ки ба сулолаи бо ном «шоҳҳони католикӣ» асос гузошта буданд, давлати ягонаи Испания ба вуҷуд омад. Соли 1581 Испания Португалиро низ забт намуд, ки он тавонист танҳо 1640 аз тобеияти испаниҳо раҳо ёбад.

***Сулолаи Гамбсбургҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ.*** Дар асрҳои XV – XVI дар сиёсати европоӣ монархияи сулолаи Габсбургҳо нақши калон бозӣ мекард, ки асосан таъсири онҳо дар маркази Европа калон буд. Соли 1490 дар натиҷаи ба тахти Венгрия интихоб намудани шоҳи Чехия Владислав, ки аз сулолаи полшагӣ-литвагии Ягеллонҳо буд, иттиҳоди сиёсии паҳновар дар ҳайати Венгрия, Хорватия ва заминҳои шоҳи Чехия ба вуҷуд омад. Аммо 26 августи соли 1526 писари Владислав – шоҳи Чеху Венгрия Людовик (Лайоши II) дар муҳорибаи назди Мохач зидди султони империяи Усмониён Сулаймони I ҷони худро аз даст дод. Шоҳи Богемия (яъне Чехия) ва Венгрия намояндаи хонадони Габсбургҳо, бародари императори империяи Муқаддаси Рим Карли V эрсгерсоги Австрия Фердинанд интихоб гардид. Дар натиҷаи интихоби Фердинанд Чехия, Морваия ва Венгрия ба зери ҳукмронии сулолаи Габсбургҳо гузашта, мулкҳои меросии онҳо дар Европа, ки дар ҳайати он Австрия, Штирия, Каринтия, Крайна, Тирол, Триест ва қисми шарқии Бургундия (Нидерландияи Шимолӣ ва Ҷанубӣ) дохил мешуданд, хеле васеъ гардид. Ҳамин тариқ, аз рӯи қаламрав ва шумораи аҳоли монархияи Габсбургҳо бо давлатҳои бузурги европоӣ баробар буд[1].

***Вазъият дар Германия ва Италия.*** Дар Германия ва Италия бошад парокандагӣ ҳукмфармо буд. Барои мутамарказ шудани давлатҳои мазкур рақобати папи Рим ва империяи Муқаддаси Рим халал ворид мекард. Агар дар

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 34.

аксарияти давлатҳои асрҳои XV – XVI Европа мутамарказшавӣ сурат гирифта бошад, пас дар империяи Муқаддаси Рим бошад баръакс, парокандашавии территориявӣ сурат гирифта, алоқаҳои сиёсӣ байни қисмҳои алоҳидаи он заиф гардиданд.

**Ҷамъомадҳои динӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ.** Ҳанӯз мавқеъ ва аҳамияти байналхалқии ҷамъомадҳои калисоӣ махсусан дар охири асри XII–асри XIII, вобаста ба давраи рушди ҳаракатҳои салибӣ, мубориза бар зидди мулҳидон ва майл ба оштӣ додани Калисоҳои Ғарбӣ ва Шарқӣ, баланд гардид. Масъалаи муттаҳидшавии калисоҳои мазкур дар Ҷамъомади Лион (с. 1274) муҳокима гардид. Намояндагони Византия бо мақсади бартараф намудани унияи басташуда оид ба воридшавии сипоҳи Карл Анжуйӣ ба қаламрави империя дар ҷаласаҳои Ҷамъомад иштирок доштанд. Натиҷаи он: Византия волоияти папаи Римро аз болои Калисои Шарқӣ ба расмият шинохт; дар Византия миёни тарафдорон ва мухолифони уния ҷудоӣ ба вуҷуд омад, ки он вазъияти дохилии империяро муташаниҷ намуд; папаи Рим роҳи Карл Анжуйиро аз ҳамла намудан ба Византия нигоҳ дошт ва баъди соли 1282 имкониятҳои барқарор намудани империяи Лотинӣ пурра аз даст дода шуданд[1].

Дар асри XV бошад ба ном «ҳаракати ҷамъомадӣ» фаъол шуд, ки он ба самти аз байн бурдани парокандашавии калисо, баланд бардоштани обрӯи ҳокимияти папа ва тозаву нав кардани Калисо равона гардида буданд.

***Ҷамъомади Пизан (с. 1409).*** Вазифаи он: бартараф намудани парокандашавии бузург. Ҳайати иштирокдорон: намояндагон аз 13 донишгоҳ, 300 магистр ва докторҳои соҳаҳои илоҳиётшиносӣ ва ҳуқуқ, сафирони аксарият давлатҳои католикӣ. Ҳамаи иштирокчиён ба чор «миллат» тақсим шуданд: италянӣ, французӣ, германӣ ва испанӣ. Натиҷаҳои ҷамъомад: ҷамъомад ба антипапаҳо Бенедикти XIII ва Григории XII бо талаби аз гардани худ ваколатҳои папаро канор гузоштан муроҷиат намуд ва сарвари нави калисоро дар симои Александри V интихоб кард; дар натиҷа парокандагӣ чуқуртар доман паҳн намуда, ба ҷойи ду папа се папа ба саҳна омаданд.

***Ҷамъомади Констанск (с. 1414 – 1418).*** Вазифаҳо: бартараф намудани парокандагии бузург; маҳкум намудани таълимоти Ҷ. Уиклиф ва Я. Гус; ошти додани Англия ва Франсия; ба тартибу низом даровардани муносибот байни Полша, Литва ва Ордени Тевтонӣ. Ҳайати иштирокдорон: намояндагони донишгоҳҳо ва сафирони давлатҳои католикӣ, дар умум – 3 патриарх, 33 кардинал, 47 архиепископ, 145 епископ, 124 аббат ва дигар намояндагони шумораи умумиашон то 50 ҳазор нафар; иштирокчиён ба панҷ «миллат» тақсим гардида буданд (англисҳо ҳуқуқи ба миллати алоҳида ҷудо намуданашро ба даст овarданд), ки барои он овоздиҳӣ гузаронда шуд. Натиҷаҳои ҷамъомад: папаи нав Мартини V интихоб гардид; дар бораи волоияти Ҷамъомад аз болои папа декрет қабул карда шуд, ҷамъомадҳо бояд ба навбат даъват карда мешуданд,

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 10 – 11.

аввал баъди 5 сол, баъдинаҳо баъди 7 сол ва 10 сол; оштидиҳии Англия ва Франсия ба даст наомад; муносибат байни Полша, Литва ва ордени Тевтонӣ ба танзим дароварда нашуд, низои байни онҳо боз дар Ҷамъомади Базел (с. 1431 – 1449) баррасӣ гардид.

***Ҷамъомади Ферраро - Флорентӣ (с. 1438 – 1439).*** Вазифаҳо: бастани уния миёни калисои Ғарбӣ ва Шарқӣ ва ба роҳ мондани кӯмак аз ҷониби мамлакатҳои Ғарб ба империяи Византия. Ҳайати иштрокдорон: папаи Рим, императори Византия Иоанни VIII, патриархи Константинопол, намояндагони рӯҳонияти православӣ ва католикӣ. Натиҷаи ҷамъомад: уния баста шуд, аммо он ҷамъияти Византияро ба тарафдорон ва мухолифони он ҷудо намуд, ки ин дар арафаи ҳуҷуми навбатии туркҳо дар империяи Византия вазъияти тезу тунди дохилиро ба вуҷуд овард ва ёрии ҳарбӣ аз ҷониби давлатҳои ғарбӣ ба Византия расонда нашуд.

**Конгрессҳои характери дунявӣ дошта ва муносиботи байналхалқӣ.** Конгрессҳои характери дунявӣ дошта, низ ба монанди ҷамъомадҳои динӣ ташкил мешуданд, ки аз ҷумлаи инҳо мебошанд.

***Анҷуман (Съезд) дар Луск (с. 1429),*** ки дар он шоҳи Германия Сигизмунд, шоҳи Полша Владислав, князи бузурги Литва Витовт, легат (фиристода)-и папаи Рим, сафирони императори Византия, шоҳҳони Дания ва Ордени Тевтонӣ иштирок доштанд. Хоҳишмандони даъвати анҷуман Сигизмунд ва Витовт буданд. Дар он масъалаҳо оид ба мубориза҆ҳои якҷоя бурдан бар зидди хатару таҳдидҳои туркҳо ва ба танзим даровардани муносибот байни Полша, Литва ва Ордени Тевтонӣ муҳокима гардиданд.

***Конгресс дар Аррас (с. 1435),*** ки дар он сафирони Ҷамъомади Базел, легати папаи Рим, сафирони императори Германия, шоҳҳони Англия, Франсия, Кастилия, Арагона, Наварр, Португалия, Неапол, Ситсилия, Полша, Дания, Кипр, герсоггариҳои Бретан, Бургундия ва Милан иштирок доштанд. Масъалаи асосии конгресс оштӣ додани Англия ва Франсия гардид, ки он ба даст наомад, баръакси он Франсия бо Бургундия иттифоқ баст.

***Анҷумани Мантуан (с. 1459),*** бо хоҳиши папаи Рим Пи II даъват гардид. Анҷуман мақсад дошт, ки тамоми давлатҳои насронӣ ба сулҳу оштӣ биёянд ва бар зидди сиёсати таҷовузкоронаи Усмониён мубориза якҷоя ба роҳ монда шавад. Анҷмуан дар амалия ба ягон натиҷа нарасид[1].

**Муносибатҳо дар Европаи Шимолӣ ва Шарқӣ.** Дар Европаи Шимолӣ бошад дар натиҷаи иттифоқи Калмар аз соли 1397 монархияи муттаҳидаи Дания, Норвегия ва Шведсия амал мекард, ки он Исландия ва Финляндиро низ дар бар мегирифт. Дар ин ҷо аз соли 1448 сар карда, шоҳҳони даниягӣ аз сулолаи Олденбург ҳукм меронданд. Соли 1552 бошад дар натиҷаи шӯриши озодихоҳона Шведсия аз иттиҳод баромада, мустақилияти худро барқарор намуд. Густав Эриксон, ки исёни мазкурро роҳбарӣ мекард, шоҳи Шведсия интихоб

[1]Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов - на - Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018.

карда шуд ва ба сулолаи Ваза (Васа) асос гузошт. Финляндия ҳам ба ҳайати Шведсия ҳамроҳ карда шуд.

Дар Европаи Шарқӣ бошад Реч Посполита ва давлати Рус мавқеи мустаҳкамтар доштанд. Ба хотири мубориза бурдан бар зидди Ордени Тевтонӣ Полша ва Литва дар соли 1385 иттиҳоди сулолавиро бастанд, ки дар натиҷаи муборизаи якҷоя тавонистанд бар зидди ритсарҳо-салибдорон истодагарӣ карда тавонанд. 15 июли соли 1410 лашкари муттаҳидаи Полша, Литва ва Рус ба Ордени Тевтонӣ зарбаи ҳалокатвор расонд. Дар миёнаи асри XV ордени мазкур қисми калони мулкҳои худро аз даст дода, аз шоҳҳони Полша вобаст карда шуд. Сонӣ литвагиҳо ҳам барои истиқлолияти худ муборизаро оғоз намуда, онро Витовт ном шахс роҳбарӣ мекард. Дар натиҷа ба ӯ уновни ҳокими меросии князгарии Бузурги Литва дар зери ҳимояи Полша дода шуд[1].

Ин даврае буд, ки раванди аз ҳолати парокандагӣ ба муттаҳидшавии сарзамини Рус дар атрофии Москва сурат гирифт. Пас аз шикаст додани тотору муғулҳо дар майдони Куликово (с. 1380) Россия бори нахуст орзуи барои ба мақоми ҳукмрони ҷаҳонӣ баромадани худро ба миён гузошт. Дар ҳамин вақт дар сиёсати давлатии рус ғояи «Москва Рими сеюм» ба миён омад.

Ғояи Москва вориси Византияро бори нахуст дар замони Ивани III митрополит Зосима ба миён гузошт, ки маҳз дар давраи ӯ муттаҳидкунии заминҳои Рус дар атрофии Москва шуда гузашт. Ӯ Иванро «Константини нав» ва Москваро «шаҳри нави Константин» номид.

Дар сиёсати давлатии Россия мақоми асосиро ғояи «Рус аз ҷониби Худо интихобшуда» ва «назарияи Москва – Рими сеюм», ки дар давраи ҳукмронии шоҳ Василий III аз ҷониби роҳиби Псков Филофей тақрибан дар соли 1524 пешниҳод шуда буд, ишғол намуданд. Филофей бар зидди калисои католикӣ баромад намуда, иброз доштааст, ки «ду Рим аз байн рафтанд, сеюм абадан по бар ҷо истодааст ва чорум пайдо намешавад». Ду Рими аввалро ӯ Империяи Рим ва Византия дар назар дорад, сеюм бошад Москва аст. Ӯ иброз менамояд, ки давлати бузурги якуми ҷаҳонӣ – Рим дар натиҷаи мулҳидӣ ва Рими дуюм – Византия бошад дар натиҷаи бастани унияи Флорентӣ бо калисои католикӣ дар соли 1439 аз мазҳаби ҳақиқии православӣ дур рафта, аз байн рафт. Филофей фикри худро ҷамъбаст намуда, ба Василий III таъкид менамояд, ки барои насрониён дар зери осмон шоҳи ягона туӣ ва назарияи худро дар бораи абадияти давлати Рус ҷамъбаст менамояд[2].

Ин замоне буд, ки пас аз забти Константинопол аз ҷониби туркҳо яке аз сарварону маркази асосии калисои православӣ Москва мешавад. Назарияи Москва – Рими сеюм ҳам обрӯи калисои православии рус ва ҳам давлати Русро боло бурд. Ҳамин тариқ, дар муносибатҳои байналхалқӣ давлати Рус

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 31.

[2]Сайнаков С. П., Садиров Ш. А., Азизов С. Таърихнигории давраи нави мамлакатҳои Европа ва Америка. Курси лексияҳо. Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2018. С. 31.

худро meросхӯри империяи Византия эълон намуд. Он замоне ки русҳо хабари аз ҷониби туркҳо истило шудани Византия – маркази Ҷаҳони православиро ёфтанд, ба хулосае омаданд, ки князи Рус бояд ҷойи онро гирад. Дар асрҳои XV – XVI давлати Рус низ дар муносибатҳои байналхалқӣ фаъол гардида, соли 1478 ба ҳайати давлати ягонаи Рус Ҷумҳурии феодалии Новгород, соли 1485 князгарии Твер, соли 1510 Ҷумҳурии Псков ва соли 1521 князгарии Рязан ҳамроҳ гардиданд.

Махсусан, дар абарқудрат гардондани давлати Рус хизмати Ивани IV хеле калон буд. Вай аз соли 1533 ҳамчун князи бузурги тамоми Рус ва маросими тоҷу тахтгузории ӯ ҳамчун шоҳи Рус бошад 16 январи соли 1547 дар Калисои Ҷомеи Успенскии Кремл доир гардида буд[1]. Унвони нав имконият медод, ки дар муносибатҳои байналхалқӣ дигар мартабаро ишғол намояд. Зеро унвони князи бузург дар Европа ба унвони герсоги бузург ҳаммаъно ва баробармартаба дониста мешуд. Унвони шоҳ бошад дар табақабандӣ баробари император меистод. Соли 1555 унвони нави Иван аз ҷониби Англия ва андаке баъдтар аз ҷониби Испания, Дания ва Ҷумҳурии Флоренсия ба расмият шинохта шуд.

Ивани IV ҳам дар Ғарб ва ҳам дар Шарқ сиёсати хориҷии худро фаъол гардонд. Ӯ солҳои 1547 – 1552 бар зидди хонигарии Қазон юриши ҳарбӣ гузаронда, соли 1552 онро ба ҳайати Рус ҳамроҳ кард. Аз ин вақт сар карда, тоторҳо дар сиёсати давлатии Россия нақши муҳимро гузоштан сар карданд. Дар пайравӣ аз тоторҳо дигар халқҳои қисмати Осиёии Россия дар давлатдории Россия дар атрофи русҳо қарор гирифтанд. Аз байни тоторҳо дар оянда як қатор ходимони сиёсю давлатии Россия баромаданд. Баъди ин, русҳо бар зидди хонигарии Аштархон солҳои 1554 – 1556 юриш ташкил намуда, онро ҳам соли 1556 барҳам заданд. Солҳои 1554 – 1557 бо Шведсия ҷанг карда, 25 марти соли 1557 байни ин ду давлат оташбаси дуюми Новгород ба муддати 40 сол баста шуд, ки он сарҳадотро мувофиқи шартномаи сулҳи Орехов, ки соли 1323 баста гардида буд, боз барқарор кард. Байни ду давлат тавассути ҳокими Новгород муносиботи дипломатӣ ба роҳ монда шуд.

Ивани IV яке аз иштирокчиёни фаъоли Ҷанги Ливон (с. 1558 – 1583) буд, ки дар баробари дигар мақсадҳо, яке аз ҳадафҳои асосии русҳо дар ин ҷанг баромадан ба сӯи обҳои баҳрӣ буд. Иван Грозний бар зидди хонигарии Қрим низ лашкар кашид. Иван Грозний, инчунин дар тиҷорати байналмилалӣ низ фаъолона қадам гузошта, муносиботи савдоиро бо Англия барқарор намуд. Соли 1533 баҳрнаварди англис Ричард Ченслер (Ченслор) муносиботи дипломатӣ ва тиҷоартии Англияро бо давлати Рус оғоз гузошт. Соли 1555 бошад дар Лондон «Ширкати Москва» таъсис дода шуд. Соли 1556 бо ҳамроҳии Ричард Ченслер аввалин сафорати Россия бо роҳбарии сафири рус Осип Григоревич Непея тавассути роҳи баҳрии Шимол ба Англия фиристонда шуд. Аммо дар натиҷаи зарби тӯҳфон аз чор киштии Ченслер танҳо якто ба Лондон расид.

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 32.

Худи Ченслер дар наздикии соҳили Шотландия ғарқ шуд, сафорати Россия бошад наҷот ёфта, ба Лондон расида, ҳайати он аз ҷониби маликаи Англия хуш пазируфта шуданд. Онҳо аз бозгашт тӯҳфаҳо ва грамотаи маликаи Англияро ба Иван Грозний оварда расонданд. Баъдтар аз Англия ба давлати Рус сафорати Энтони Ҷенкинсон (с. 1566 – 1567, аввалин сафири комилҳуқуқи Англия дар Москва), Томас Рэндолф (с. 1568 – 1569), Энтони Ҷенкинсон (с. 1571 – 1572, сафир, такроран), Дэниэл Силвестр (с. 1575 – 1577), Ҷером Боус (с. 1583 – 1584) омада буданд[1].

Ҳамин тариқ, агар дар умум гирем, мутамарказияти давлатҳои европоӣ дар асрҳои XV – XVI ҳоло заиф буд. Институт (ниҳод)-ҳои асосии идоракунии давлат, ба монанди қонунгузории ягона, маъмурият ва ба монанди онҳо ҳоло ҳам ба таври комил ташаккул наёфта буданд. Масалан, дар Испания маҷлиси намояндагони ягонаи давлатӣ – кортесҳои умумидавлатӣ вуҷуд надошт, танҳо кортесҳои музофотӣ амал мекарданд. Ҳукумати умумидавлатӣ ҳам амал намекард. Ҳамин хел вазъ дар монархияи Габсбургҳо вуҷуд дошт. Дар он ҷо ҳам ҳукумати умумидавлатӣ, маҷлиси намояндагони умумидавлатӣ амал намекард, танҳо ҳукуматҳои музофотӣ ва маҷлиси табақавӣ фаъолият мекарданд. Дар давлатҳои мазкур ва дигар давлатҳои ҳамон давра алоқаи музофотҳои ҷудогона, ягонагии онҳоро шахсияти монарх – шоҳ, император – дар умум гирем сулолаи ҳукмрон таҷассум мекард[2].

Сатҳи мутамарказшавӣ дар он давлатҳое баландтар буд, ки раванди барқароршавии абсолютизми шоҳӣ сурат гирифт ва ҳокмият дар дасти монарх ғун карда шуда буд. Дар умум танҳо дар асрҳои XVII – XVIII, ғайр аз Полша (Реч Посполита) ва империяи Муқаддаси Рим дар дигар давлатҳои Европа системаи идоракунии ҳақиқатан мутамарказ офарида шуд.

Ҳамин тариқ, дар дипломатия ва муносибатҳои байналхалқии асрмиёнагии Европа дипломатияи никоҳӣ-оилавӣ, принсипҳои сулолавӣ, динӣ, манфиатҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ ва ғайра нақши асосӣ бозӣ мекарданд.

Хулоса, сатҳу зинаи тосаноатии рушди иқтисодӣ дар давраи асрмиёнагӣ ҳоло ҳам имконият намедод, ки алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ пурра ташаккул ёбанд. Новобаста аз он ки ба доираи муносибатҳои байналхалқӣ халқҳо ва давлатҳои нави Евроосиё кашида шуда бошанд ҳам, муносибот байни тамоми халқҳои олами паҳновар ба роҳ монда нашуда буд, европоиҳо, умуман мардуми Осиё низ, дар бораи Америка ва давлатҳои америкоӣ, аз ҷумла империяи Астекҳо, империяи Инкҳо ва давлати Майяҳо тасаввуроте ҳам надоштанд. Европоиҳо ҳатто бо давлатҳои Осиёи Шарқӣ низ танҳо алоқаҳои гоҳ-гоҳ пайдошаванда доштанд.

[1]Ниг.: Английские путешественники в Московском государстве в XVI веке. Перевод с английского Ю. В. Готье. М.: Соцэкгиз, 1937. – 308 с.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 35.

Чи тавре ки дар Дунёи Қадим буд, дар давраи ибтидоии асри миёна низ дар муносибатҳои байналхалқӣ халқҳое низ нақши асосиро бозӣ карданд, ки дар зинаи рушди тодавлатии худ қарор доштанд. Ба монанди Дунёи Қадим дар давраи асрмиёнагӣ низ маҳз қувваи ҳарбӣ дар сурати ниҳоӣ таносуби қувваҳоро дар саҳнаи байналхалқӣ муайян мекард. Дипломатияи аз ҳама бомаҳорат, иқтисоди аз ҳама рушдёфта ва сатҳи баландтарини рушди маданӣ низ натавонистанд, ки халқҳо ва давлатҳоро аз тохтутозҳои харобкунандаи варварҳо наҷот диҳанд. Барои ҳамин, балanси қувваҳо дар тамоми давраи баррасӣ кардашуда дар ҳолати хеле ноустувор боқӣ монда буд. Давлатҳои бузурги асрмиёнагӣ, ба монанди империяи Карли Кабир, Византия ва ғайра то охири асри XV аз саҳнаи сиёсӣ ғайб заданд. Ҳамзамон, зарур аст зикр намоем, ки ба ҳамаи норасоию камбудӣ нигоҳ накарда, дипломатия бошад аҳамияти худро ба сифати таъсиррасони асосӣ ба вазъи саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ ҳифз нигоҳ дошт. Зиёда аз ин, маҳз дар давраи асрмиёнагӣ санъати дипломатӣ рушди минбаъдаи худро ба даст оварда, хадамоти намояндагиҳои доимии дипломатӣ зуҳур карданд.

## 2.5. ТУРКИЯ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ЕВРОПА ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIII – ИБТИДОИ XVII

**Маълумоти мухтасар дар бораи воридшавии аҷдодони туркони Усмонӣ ба Осиёи Хурд.** Аҷдодони туркони Усмонӣ аз дарунтари қитъаи Осиё аввал ба Осиёи Миёна ва баъдтар ба Осиёи Ғарбӣ ворид шуданд. Бори нахуст туркҳо аз он сӯи Олтой ба тарафи Ғарб ҳаракат намуда, дар асрҳои V –VI Ҳоқонати худро таъсис дода буданд. Баъдтар низ муҳоҷирати қавмҳои турктабор ба самти Ғарб сурат гирифта, яке аз тоифаҳои туркӣ оғузҳо низ ба ҳаракат даромаданд. Маҳз як шоха аз ин қавм баъдтар то Осиёи Хурд расида, дар оянда империяи Усмониёнро таъсис доданд. Дар империяи Усмониён низ забони форсӣ ҳамчун забони дарбор, дипломатия, шеър, адабиёти баландмазмун, таърихнигорӣ ва забони таълим дар мактабҳои давлатӣ мақом дошт.

Ҳамин тариқ, шохаи салҷуқиёне, ки ба Осиёи Хурд ворид шуданд, дар натиҷаи сиёсати забткоронаи худ тавонистанд аз ташкилоти сиёсии ибтидоии кӯчманчигӣ то таъсисёбии империяи муқтадири худ – империяи Усмониён даст ёбанд. Онҳо ҳатто як қисми Европаи Шарқӣ-Ҷанубӣ ва Марказиро низ истило намуданд.

Аммо пеш аз ин, ба туркҳо зарур омад, ки роҳи мушкилу пурпечутоби сиёсиро паси сар намоянд. Аз ҷумла, дар муҳорибаи назди Кесе-даг соли 1243 артиши султони Икон (Куния) Ғиёсиддини Кайхусрав аз ҷониби муғулҳо бо сарварии Бочу-нӯйон торумор карда шуд. Дар натиҷаи шикаст султонати Икон ба хонигарии муғулҳо тобеъ гардид. Муҳоҷирати такрории қабилаҳои турк ба Осиёи Хурд оғоз гардид. Аҳолии таҳҷоии Осиёи Хурд ба турккунонии ҷиддӣ ва мусулмонкунӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар Осиёи Хурд давлатчаҳои ниммустақили туркӣ – бейликҳои Айдин, Кареси, Ментеше, Сорухон ва ғайра таъсис ёфтанд.

Воридшавӣ ва паҳншавии сиёсати туркҳо дар қитъаи Европаро ба чанд марҳила ҷудо менамоянд:

**Давраи якуми экспансияи туркҳо солҳои 1259 – 1355.** Бейликҳои[1] Осиёи Хурд дар сиёсати хориҷии худ байни империяи Никей ва давлати Элхонҳо дар мавқеи ноқуллай қарор гирифтанд, ки барои мавҷудияти онҳо хатари ҷиддиро ба бор овард. Соли 1259 никейиҳо бо Хулагухон бар зидди туркҳо иттифоқро бастанд. Никейиҳо сулҳи мазкурро барои ба даст даровардани Константинопол ҳамчун кафолати бехатарӣ дар ақибгоҳи худ дар соли 1259 истифода бурданд. Барқароршавии империяи Византия ба муайянкунию аз нав дида баромадани сиёсати хориҷии он оварда расонд. Мақсади асоии сиёсати хориҷии Византия дар давраи ҳукмронии императори Византия Михаили VIII Палеолог ин барқарор намудани сарҳадоти то соли 1204 будаи мулкҳои балкании империя буд, масъалаи Осиёи Хурд бошад дар навбати дуюм қарор гирифта буд. Дар натиҷа: пурзӯр намудани сиёсати андоз шӯриши акритҳоро дар Осиёи Хурд ба бор овард, хобондани он бошад дар соли 1267 амалан

[1]Мулкҳои феодалӣ ё ташкилоти давлатӣ дар Анатолия (Осиёи Хурд), ки аз ҷониби «бей, бий» - ҳои турк таъсис ва идора карда мешуданд.

сарҳадоти шарқиро барои туркҳо кушод; тохтутоз ва муқимӣ шудани туркҳо дар қаламравҳои забтшуда характери доимӣ гирифт; кӯшишҳои Византия дар самти бо усули юришҳои ҳарбӣ (с. 1269, 1280 ва 1297) барқарор намудани мавқеаш натиҷаҳои дилхоҳ надоданд.

Маҳаки давлатиояндаи туркӣ дар қаламрави шимол - ғарбии Осиёи Хурд уҷ (уҷ ё уч, қаламрави наздисарҳадии баҳснок)-и Эртоғрул (падари Усмон) аз қабилаи оғузии кай (гайӣ) гардид. Баъди марги ӯ (с. 1281/1286) вориси ӯ Усмон (с. 1258 – 1324) қувваю кӯшиши асосии худро ба забт намудани Вифиния равона намуда, соли 1299 ӯ уҷро бейлики мустақил эълон намуд. Ҳамин тавр, заминаи империяиояндаи Усмониён ҳамин сол гузошта шуд. Соли 1307 бошад султонии Икон мавҷудияташро қатъ намуд.

Тохтутози туркҳо ба музофотҳои Осиёи Хурди Византия соли 1304 дар алоқамандӣ ба оғоз гардидани гуфтушунидҳои Византия бо муғулҳо ва бастани иттифоқ бо компанияи каталонии Рожер де Флор боз дошта шуд. Каталониҳо ба туркҳо як қатор зарбаҳоро расонда, онҳоро мағлуб намуданд ва сарҳади пешинаи империяро барқарор карданд. Аммо ҷанг барои империя номуваффақона ҷамъбаст гардид: каталониҳо хостанд, ки давлати худиро дар Осиёи Хурд таъсис диҳанд ва баъди марги Рожер де Флор бошад онҳо бар зидди Византия шӯриш бардоштанд. Дар Балкан бошад онҳо герсоггарии Афина (с. 1311, ки он зери сюзеренитети Шоҳигарии Ситсилия буд) таъсис доданд. Баъди рафтани каталониҳо аз Осиёи Хурд туркҳо якчанд лангарҷойҳо ва бандарҳои муҳимро ишғол намуданд ва ба таъсис додани флоти худ оғоз карданд. Мавқеи пешсафиро миёни бейликҳо акнун Ментеше ишғол намуд. Афзудани қувваи ҳарбӣ-баҳрии бейликҳо мавҷудияти тиҷорати самти Осиёи Наздики ҷумҳуриҳои Италияро зери таҳдиду хатар гузошт. Генуя дар иттифоқ бо ордени Иоаннитҳо, ки солҳо 1306 – 1309 давлати худро дар ҷазираи Радос таъсис дода буд, дар соли 1318 ба Ментеше зарбаи сахт расонданд, ки ин боиси пастравии тавоноии бейлики мазкур гардид. Баъди ин сарварӣ ба ҷониби Айдин ва Сарухон гузашта, мустаҳкамшавию қувватгирии бейлики Усмон низ сар мешавад. Баъди муҳосираи дуру дарози солҳои 1315 – 1326 туркҳо шаҳри Бурсаро забт карданд. Баъзе муаллифон ба ин назаранд, ки ҳокими византиягӣ худаш шаҳрро таслим кардааст ва иброз доштааст, ки давлати ӯ завол меёбад ва исломро қабул кардааст[1].

Қувват гирифтани бейликҳо изтироби Венетсия, Генуя ва Византияро ба вуҷуд овард. Аммо сиёсати хориҷии ҷумҳуриҳои Италия ва Византия дар минтақаи шарқии баҳри Миёназамин аз ҳамдигар хеле фарқ дошт. Венетсия ва Генуя, новобаста аз он ки дар байни онҳо рақобат идома меёфт, кӯшиш намуданд, ки тиҷоратро бо мамлакатҳои Леванта бехатар нигоҳ доранд ва душманони асосӣ – бейликҳои Айдин ва Сарухонро бартараф кунанд.

---

[1]Стоун Н. Краткая история Турции. Перевод с английского В. Гончарова и Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 38.

Византия бошад кӯшиш мекард, ки: доираи таъсири ҷумҳуриҳои Италияро дар савдои Леванта заиф гардонад; мулкҳои ҷазиравӣ ва ноҳияҳои наздисарҳадиро аз тохтутозу ғоратгарии туркҳо бехатар эмин нигоҳ дорад; вориси Усмон, яъне бейлики Орхонро дар ҳалқа гирифта, аз байн барад.

Барои ба мақсадҳои мазкур расидан Византия бо бейликҳои Айдин, Сарухон ва Кареси дар соли 1329 иттифоқ мебандад. Аз даст додани қариб ҳамаи мулкҳои худ дар Осиёи Хурд ва ба ғоратзанӣ даст задани туркҳо дар баҳри Эгей империяи Византияро маҷбур намуд, ки бо ҳамроҳии Венетсия, ордени иоаннитҳо, инчунин аз соли 1334 Франсия, папаи Рим ва Кипр ба Лигаи Муқаддас (с. 1332) ворид шавад. Ба туркҳо дар баҳр, аз ҷумла дар халиҷи Эдремит дар соли 1334, як қатор зарбаҳои мағлубкунанда расонда шуд. Натиҷаҳо: қувваи ҳарбии бейликҳои Эгей заиф гардонда шуд; ин аз ҷониби Византия эҳтиёткориро ба вуҷуд овард, зеро ки барои он бейликҳои мазкур вазни муқобил бар зидди бейлики Усмон дониста мешуданд; дастаҳои туркӣ дар ҷангҳои Балкан фаъолона иштирок намуданро сар карданд.

Солҳои 40-уми асри XIV Византия муносибатҳои худро бо бейликҳои Эгей барқарор намуда буд ва дастаҳои зархариди онҳоро ҳам бар зидди Булғория ва Сербия ва ҳам дар рафти низоъҳои дохилии империя истифода мекард. Махсусан, ба ин корҳо туркҳои Айдин тез-тез ҷалб карда мешуданд. Ҳамзамон туркҳо ба хотири ғораткунӣ ба тохтутозҳои мустақилонаи худ ба Балкан оғоз намуданд. Дар соли 1343 Лигаи Муқаддас аз нав таъсис дода шуд, ки ба он папаи Рим Клименти V, ордени иоаннитҳо (то соли 1346), дофин Веннуа Гумберти II шомил шуданд. Дастаҳои ҳарбии Айдин дар соли 1347 торумор карда шуданд ва император Иоанни VI Кантакузин бошад боварию имконияти ташкил шудани юриши салибиро ба инобат гирифта, суприматияи папаро эътироф намуда, ӯҳдадор гардид, ки солҳои 1347 – 1348 ба ҷанги зидди Айдин ворид шавад. Барои бартараф намудани ҳаракати Усмониҳо Иоанни VI дар асоси никоҳи духтари худ Феодора бо Орхон бо Усмониён дар соли 1344 иттифоқ баста буд. Натиҷаи шартнома қатъ намудани забткориҳои Усмониҳо то соли 1352 гардид. Бетарафии Византия ба Орхон имконият дод, ки солҳои 1348/1350 Кaресиро забт намуда, барои ворид шудан ба Европа такягоҳро ба даст орад. Дар вақти ҷанги Венетсия ва Генуя (с. 1350 – 1355) Усмониҳо бо Генуя иттифоқ бастанд (с. 1351/1352). Кӯшишҳои Византия, ки чор сафорат фиристонд, то ки иттифоқ барҳам дода шавад, натиҷа надоданд. Баъди тайёрии навбатӣ Усмониҳо соли 1352 дар соҳили европоӣ шаҳри Симпаро забт намуданд ва соли 1354 бошад қалъаи Галлиполиро ба даст даровარданд. Византия натавонист, ки қаламравҳои мазкурро баргардонад.

Натиҷаҳои давраи якуми экспансияи туркҳо инҳо буданд: Туркҳои Усмонӣ зиддияти байни дигар бейликҳо ва байни давлатҳои насрониро истифода бурда, дар Осиёи Хурд мавқеи бартаридоштаро ба даст даровarданд; низоъҳои байнихудӣ дар империяи Византия ва зиддият байни давлатҳои Балкан монеа эҷод намуданд, ки иттифоқи зиддитуркӣ созмон дода шавад, ин ба

туркҳо имконият дод, ки дар соҳилҳои Европа мавқеашонро мустаҳкам гардонанд[1].

**Давраи дуюми экспансияи туркӣ: солҳои 1355 – 1389.** Забти Галлиполи кӯшишҳои Византияро дар самти таъсис додани иттифоқ бар зидди туркҳо зиёд намуд. Дар асоси шарти унияи калисоҳо оиди ба даст овардани ёрии ҳарбӣ бо папаи Рим Инокенти VI қарордод баста шуд, Венетсия ва Генуя ҳам соли 1362 ба Лигаи мудофиавӣ ворид шуданд. Бо Булғория ҳам гуфтушунидҳо ба роҳ монда шуданд. Аммо шӯриши зидди Венетсия дар Крит (с. 1363 – 1365) ва ҷанги Византия бо Булғория дар соли 1366 ба ташаккулёбии коалитсияи зиддитуркӣ имконият надоданд. Сафари императори Византия Иоанни V ба Ғарб барои талаби ёрӣ (с. 1366, с. 1369 – 1371) ва бастани унияи калисоҳо бо папи Рим Урбани V низ барои Византия дастгирии заруриро таъмин карда натавонистанд. Ёрии кӯҳтомуддатро графи Савойя Амедей Иоанни VI расонда, аз туркҳо Галлиполи ва аз Булғория Месемврия ва Созополро кашида гирифтанд.

Соли 1362 Усмониҳо Андрианопол (ҳозира Эдрин)-ро гирифта, онро соли 1365 ба пойтахти худ табдил доданд, Фракия низ ба дасти онҳо гузашта, тохтутоз ба қаламрави Булғория низ сар шуд. Дар муҳорибаи назди дарёи Мариса (Мерис) дар 26 сентябри соли 1371 артиши туркҳо зери фармондеҳии Лала Шоҳин ба лашкари сербҳо бо сарварии Йован Мрнявчевич Углеша ва шоҳи Сербия Вукашин Мрнявчевич зарбаи ҳалокатвор зад. Вукашин Мрнявчевич дар муҳорибаи мазкур кушта гардид. Натиҷаҳо: барои туркҳо роҳ ба дарунтари қаламрави Сербия ва Македония кушода гардид; Сербия ва Византия худро вассали султони турк эътироф намуданд; туркҳо имконият ба даст даровrouted, ки ба корҳои дохилии давлатҳои Балкан дахолат намуда, ба сиёсати хориҷии онҳо таъсир расонанд.

Дар охири солҳои 70 – 80-уми асри XIV Туркия фаъолияти худро дар Балкан тезонд. Натиҷаи ҷанги Венетсия ва Генуяро истифода намуда, туркҳо бо онҳо шартномаҳои иттифоқиро бастанд. Баъди ин туркҳо ҳамзамон бар зидди Булғория ва Сербия амалиётҳоро ба роҳ монданд. 15 июни соли 1389 онҳо дар майдони Косово аз болои сипоҳи шоҳи Сербия Лазар ва сипоҳи сарлашкари босниягӣ Твртко Вукович ғалаба ба даст даровrouted. Дар натиҷаи ғалабаи мазкур кӯшиши охирони таъсис додани коалитсияи зиддитуркии давлатҳои Балкан аз байн рафта, давлатҳои балканӣ заиф гардонда шуда, аз ҳам ҷудо (изолятсия) карда шуданд.

Натиҷаҳои давраи дуюм: аз зиддияти байнихудии давлатҳои Балкан ва ҷумҳуриҳои Италия истифода бурда, туркҳо заминаи қатъии худро барои таъмин намудани гегемонияи худ дар нимҷазираи Балкан ва ҳавзаи шарқии баҳри Миёназамин гузоштанд; шикасти сипоҳиёни Сербия ва Босния дар майдони Косово дарояндаи наздик аз ҷониби туркҳо забт шудани Балканро муайян намуд; муҳоҷирати оммавии туркҳо аз Осиёи Хурд ба Балкан оғоз гар-

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 102.

дид; аморатҳои Айдин ва Сорухон дар зери тобеияти Усмониҳо нигоҳ дошта шуданд[1].

**Давраи сеюми экспансияи туркҳо: солҳои 1389 – 1453.** Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XIV туркҳои Усмонӣ Македонияро ба худ тобеъ карданд, соли 1393 пойтахти Булғория шаҳри Тирновро забт намуданд. Баъди муваффақиятҳои калон султони Туркия Боязиди I ба императори Византия Мануили II ултиматум фиристонда, тибқи он талаб намуд, ки ба қозиҳои мусулмонӣ ҳуқуқ дода шавад, то ки парвандаҳои байни мусулмонон ва насрониҳоро дар Константинопол баррасӣ ва ҳаллу фасл намоянд. Ҷавоби рад додани император ба муҳосираи ҳафтсолаи Константинопол (с. 1394 – 1401) оварда расонд. Дар ҳамин давра, инчунин Валахияро аз худ вобаст намуда, Добруҷро бошад соли 1395 забт карданд. Муваффақиятҳои туркҳо мамлакатҳои Ғарбро норохат карданд. Бо даъвати шоҳи Венгрия Сигизмунд ва папаи Рим бар зидди туркҳо юриши салибӣ ташкил карда шуд. Дар он дастаҳои ихтиёрӣ аз Венгрия, Чехия, Германия, Полша ва Франсия иштирок намуданд. Киштиҳои Венетсия гулӯгоҳҳоро банд намуданд. Аммо дар муҳорибаи назди Никопол 25 сентябри соли 1396 салибдорон шикаст хӯрданд. Аз соли 1397 тохтутози туркҳо ба заминҳои Венгрия сар шуд. Кӯшишҳои императори Византия Мануили II дар самти ба даст даровардани дастгирӣ дар Рус (с. 1398) ва дар мамлакатҳои Ғарб (Франсия, Англия ва Арагона) натиҷаҳои мусбиро надоданд. Сафари император ба Италия, Франсия ва Англия дар солҳои 1398 – 1402 натиҷаҳои амалиро ба бор наоварd. Аммо ин даъфа бо амри тақдир ёриро амир Темур расонд. Зеро баъди шикаст хӯрдани сипоҳи туркҳо аз Темурланг дар муҳорибаи назди Анқара дар 27 июли соли 1402 дар давлати Усмониҳо низои байнихудии бародарон Маҳмуди I Сулаймон ва Мусо сар зад ва инчунин ҳаракатаҳо бо сарварии шайхи гурӯҳи дарвешон Бадриддин Симавӣ дар солҳои 1413 – 1418 ба амал омад. Вазъиятҳои мазкури ба амал омада, Маҳмуди I-ро маҷбур карданд, ки бо Византия, Сербия, Венетсия ва Генуя шартномаҳои сулҳро бандад. Дар давраи ҳукмронии султон Муроди II (с. 1421 – 1451) ҳуҷумкунии туркҳо ба Европа аз сари нав оғоз гардид. Босния тобеияти худро аз султон аллакай дар соли 1339 эътироф карда буд. Венгрҳо бо роҳбарии Янош Хуняди тавонистанд чанд ҳуҷуми туркҳоро дар солҳои 1441, 1442 гардонанд. Салибдорони Венгрия, Чехия, Полша, Франсия ва Германия ба он сӯи Дунай юриш ташкил намуда, соли 1443 Сербияи Шимолиро озод намуданд. Дар моҳи июли соли 1444 султон Муроди II ва шоҳи Венгрия Уласлои I дар Сегед, бо шарти ҳифз намудани сарҳадҳо тавассути Дунай, ба муддати 10 сол сулҳ бастанд. Шартномаи мазкур барои дар оянда барҳам задани ҳаракати минбаъдаи туркҳо ба Европа заминаро ба вуҷуд овард. Аммо бо талабу хоҳиши легати папаи Рим, кардинал Ҷулиано Чезарини сулҳ вайрон карда шуда, салибдорон аз дарёи Дунай гузаштанд. 10 декабри соли 1444 бошад онҳо дар муҳорибаи назди Варна торумор карда шуданд. Натиҷаҳои

---

[1]Ниг.: Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 102 – 103.

шикаст: туркҳо имконияти қонунӣ гирифтанд, то ки забткориҳои худро дар Европа идома диҳанд; Венгрия дар самти ҳарбӣ заиф гардонда шуд; барои барҳамзании империяи Византия ва давлатҳои сербӣ замина гузошта шуд.

Аз ибтидои солҳои 40-уми асри XV сар карда, туркҳо барои ишғол намудани Константинопол омодагии худро ба роҳ монданд. Кӯшишҳои Венгрия дар самти гирифтани ёрӣ аз папаи Рим дар соли 1449 ва кӯшишҳои Византия барои бастани иттифоқ бо Венгрия дар соли 1452 бе ягон натиҷаи амалӣ монданд. 29 майи соли 1453 султони 21 солаи Туркия Мехмеди II Константинополро гирифт ва империяи Византия мавҷудияташро қатъ намуд. Дар гирифтани шаҳр ба туркҳо ду тӯпи калони аз ҷониби венгртабор Урбан сохташуда ёрии калон расонданд. Дар сиёсати динии худ Мехмеди II таҳамулпазириро нишон дода, ғайр аз калисои ҷомеи Софияи Муқаддас, дигар калисоҳоро ба насрониён баргардонд, ҳатто патрирахати Константинополро низ ҳифз намуд. Аммо вақте ки ӯ 3 майи соли 1481 вафот кард, папаи Рим 3 рӯз тантанаву зиёфат эълон кард[1]. Ҷасади Мехмеди II баъди вафоташ ба муддати 20 рӯзи дигар дар Стамбул барои гузарондани маросими видоъ бо ӯ монда шуда буд. Аммо баъди ду рӯзи ба тахт нишастани Боязиди II дар санаи 21 майи соли 1481 ҷасади ӯ дар мақбараи Масҷиди Фотеҳ ба хок супорида шуд.

Зарур аст, қайд менамоем, ки аксарияти муаррихони Ғарбӣ аз даст рафтани Константинополро бохти калони давлатҳои насронӣ медонанд, аммо аз он ёдоварӣ намекунанд, ки қисман папа ва мамлакатҳои католикмазҳаб низ бо сиёсати мазҳабии худ дар шикасти Византия даст доштанд. Византия, ки маркази мазҳаби православӣ буд, дар Ҷаҳони насронӣ рақиби маркази католикӣ – Рим ба ҳисоб мерафт. Аз замоне ки папаи Рим ва патриархи Константинопол якдигарро дар соли 1054 лаънат хонданд, калисои насронӣ ба ду қисм ҷудо шуда, зиддияти ин ду мазҳаби дини насронӣ оштинопазир шуд. Яъне папа ва давлатҳои католикӣ он қадар шавқманд набуданд, ки ба византиягиҳои православӣ ёрии ҷиддии худро расонанд. Ғайр аз ин, тохтутози туркҳо дар сарзамини мардуми православиро низ онҳо ҷиддӣ ба инобат нагирифтанд. Танҳо замоне ки туркҳо ба назди деворҳои шаҳри Вена наздик расиданд, католикҳо баъд ба масъалаи мазкур аҳамияти муҳим доданд. Папаи Рим пеш аз ин ҳам дар сиёсати ҷаҳонӣ тохтутози муғулҳоро ба сарзамини рус (православҳо) ва давлатҳои мусулмонӣ пуштибонӣ мекард ва дар ин самт якчанд сафирони худро низ ба пойтахти империяи Муғулҳо фиристонда буд. Махсусан, мувофиқи назари тахминии бархе аз муаррихон, юриши салибии бо ном «зард»-и муғулҳо дар солҳои 1256 – 1261 бо сарварии насрониён-несторианҳои муғул таҳти роҳбарии Хулагухон дар натиҷаи талаби сафирони папа ва давлатҳои ғарбӣ – Плано Карпини (с. 1246), Андре де Лонжюмо (с. 1250), Рубрук (с. 1254) ба даст омада буд, ки дар натиҷаи он давлати Исмоилиён дар Аламут (с. 1256) ва давлати Аббосиён (с. 1258) сарнагун гардиданд. Дар Рус ҳам

[1]Стоун Н. Краткая история Турции. Перевод с английского В. Гончарова и Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. С. 62.

ҳамин хел шуд, агар аз Шарқ ба ин сарзамин муғул сар даровард, пас аз Ғарб бошад папа Орденҳои ҳарбӣ-мазҳабии ритсарии худро бар зидди мардуми православи рус равона карда буд. Сонӣ давлатҳои Европа аз қудрати Туркия бар зидди ҳамдигар ҳам истифода намуданро сар карданд, ки дар поёни мавзӯи мазкур боз маълумот оварда мешавад.

Натиҷаҳои экспанияи сеюм: Тукрия ба таври ниҳоӣ ва қатъӣ дар Балкан мавқеашро мустаҳкам намуд, ки он ба базаи забткориҳои минбаъда дар Европа табдил дода шуд; барои мудохилаи дипломатӣ ва ҳарбӣ намудани Туркия ба сиёсати умумиевропоӣ замина гузошта шуд[1].

**Давраи чоруми экспансияи туркҳо: солҳои 1453 – 1529.** Заволёбии Константинопол ғоя дар бораи юришҳои салибиро аз нав ба вуҷуд овард. 30 сентябри соли 1453 папаи Рим Николайи I юришро эълон намуд, ки шоҳи Венгрия Ласлои V, императори Германия Фридрихи III, инчунин сарлашкарон Янош Хуняди ва Георгий Бранкович ӯҳдадор шуданд, ки дар он иштирок намоянд. Салибдорон дар муҳорибаи назди Белград 21 – 22-юми июли соли 1456 туркҳоро шикаст доданд. Дар натиҷаи он тохтутози туркҳо ба Венгрия то солҳои 20-уми асри XVI боз дошта шуд. Дар рафти ҷанги Венетсия ва Туркия солҳои 1478 – 1479 Венетсия шикаст хӯрда, ба туркҳо баъзе гузаштҳои қаламравиро кард, розӣ шуд, ки андоз супорад, ӯҳдадор гардид, ки ба Венгрия ёрӣ намерасонад, ба ивази ин бошад имтиёзҳои тиҷоратии худро ҳифз намуд. Соли 1480 султон Мехмеди II ба Италияи Ҷанубӣ юришро ташкил намуда, туркҳо шаҳри Отрантоpo ғасб намуда, онро то соли 1481 дар даст нигоҳ доштанд, аммо ҳаракати минбаъдаро карда натавонистанд. Аз охири асри XV туркҳо боз амалиёти ҳарбии худро бар зидди Венгрия фаъол намуданд. Соли 1500 шоҳҳони Венгрия, Полша, Франсия, папаи Рим Александри IV ва Венетсия бар зидди туркҳо иттифоқ бастанд, аммо ба бурдани амалиёти якҷояи ҷангӣ даст наёфтанд, ҷангро асосан Венгрия мебурд. Соли 1502 Венетсия аз иттифоқ баромад. 20 августи соли 1503 Шоҳ Уласлои II бо туркҳо ба муддати 7 сол сулҳи Дунайро баст, ки он чанд бор, дар солҳои 1510, 1513, 1518, дароз карда шуд. Туркҳо сулҳи мазкурро барои ба тартиб даровардани мушкилиҳои дохилии худ, инчунин забт намудани Сурия, Фаластин ва Миср истифода бурданд. Роҳзанҳои баҳрии туркӣ бо сарварии Хайриддини Барбаросс дар Алҷазоир низ мавқеи худро мустаҳкам намуданд. Соли 1521 туркҳо боз ҳуҷуми худро бар зидди Венгрия сар карданд. Вазъияти байналхалқии Венгрия дар солҳои 20 - уми асри XVI бисёр вазнин буд. Ягона иттифоқчии воқеии онҳо Габсбургҳо буданд, аммо онҳо низ дар ҷангҳои италянӣ банд монданд, танҳо Фердинанд Габсбург ӯҳдадор шуд, ки дар ҳимояи Хорватия ёрӣ расонад. Лигаи Коняк (с. 1526) бар зидди Габсбургҳо Франсия, папа ва Венетсияро муттаҳид намуд. Муроҷиати венгрҳо ба шоҳи Англия Генрихи VIII натиҷа надод. Дар муҳорибаи назди Мохач дар 20 июли соли 1526 артиши шоҳ Лайоши II аз ҷониби туркҳо торумор карда

---

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 103 – 105.

шуд. Натиҷаҳои шикаст инҳо буданд: дар натиҷаи низоъҳои байнихудӣ парокандашавии шоҳигарии Венгрия сар шуд; барои экспансияи туркҳо роҳ ба сӯи Европаи Марказӣ ва Ғарбӣ кушода шуд. Дар натиҷа соли 1529 туркҳо ба Вена юриш ташкил намуданд, аммо онро гирифтан натавонистанд.

Натиҷаҳои давраи чоруми экспансия: бо забт намудани Родос дар соли 1522 туркҳо гегемонияи худро дар шарқи баҳри Миёназамин барқарор намуданд; ишғол намудани Алҷазоир барои барқарор намудани гегемонияи туркҳо дар ғарби баҳри Миёназамин замина ба вуҷуд овард; Туркия ба иштирокчии фаъоли муносибатҳои ҳарбӣ ва дипломатии Европаи Марказӣ ва Ғарбӣ табдил ёфт.

**Давраи панҷуми экспансияи туркҳо: солҳои 1529 – асри XVI.** Баъди муҳосираи нокоми Вена туркҳо як қатор юришҳои ҳарбиро дар Европа доир намуданд. Соли 1541 онҳо Буда, соли 1552 бошад Венгрияи Болоӣ ва Трансилванияро забт намуданд. Баъди юриши соли 1566 байни шоҳ Максимилиан Габсбург ва султон Салими II бо шарти супоридани маблағи ҳарсола ба миқдори 30 ҳазор флорин 17 феврали соли 1568 сулҳи Адрианопол баста шуд. Натиҷаи сулҳи мазкур он буд, ки роҳи ҳаракату тохтутози туркҳо дар Европа гирифта шуд, муътадилшавии сарҳадот дар хушкӣ оғоз гардид.

Амалиётҳои асосии ҳарбӣ дар солҳои 30-юми асри XVI ба ҳавзаи баҳри Миёназамин кӯч баста буданд. Миқёси фаъолияти ғоратгаронаи флоти Туркия васеъ гардид. Экспедитсияҳои ҷавобии флоти Испания, аз ҷумла экспедитсияи Карли V дар соли 1541 ва Филиппи II дар соли 1560, бо шикасти онҳо ҷамъбаст гардида, натиҷаи дилхоҳ надоданд. Соли 1565 туркҳо бефоида Малтаро ба муҳосира гирифтанд. Муҳорибаи ҳалкунандаи баҳрӣ 7 октябри соли 1571 дар назди Лепанто рух дод. Флоти Испания зери фармондеҳии дон Хуан Австриягӣ туркҳоро шикаст дод, ин боиси он шуд, ки мавҷи фаъолияти туркҳо дар ҳавзаи ғарбии баҳри Миёназамин паст гардид. Дастовардҳои охирони калони туркҳо забткориҳо дар Африкаи Шимолӣ шуданд, солҳои 1574 – 1576 ба ҳайати султони Туркия Тунис ва Марокаш ворид карда шуданд.

Мувозӣ алоқаҳои дипломатӣ ва тиҷоратии Туркия бо Франсия низ мустаҳкам гардиданд. Аллакай соли 1525 муносибатҳои дипломатӣ ва иттифоқӣ байни мамлакатҳои мазкур барқарор мегардад, султон Сулаймони I ваъда дод, ки ба шоҳ Франсиски I дар мубориза бар зидди император Карли V ёрӣ мерасонад. Дар солҳои минбаъда туркҳо дар ҷангҳои италянӣ фаъолона иштирок мекарданд. Соли 1553 тоҷирони франсузӣ дар қаламравҳои Туркия имтиёзҳоро ба даст дароварданд. Дар давраи мазкури баррасӣ гардида, туркҳо ба вазъи муносибатҳои байналхалқӣ дар Европаи Ғарбӣ таъсири намоён мегузоштанд.

Ин дар самтҳои зерин зоҳир мегардид: муҳосиари Вена ва хавфи таҷовузи туркҳо император Карли V-ро маҷбур намуд, ки бо протестантҳои Германия ба оташбас розӣ шуда, ба онҳо имконият дода шуд, ки дар Иттифоқи Шмалкалден муттаҳид шаванд; баъди шикасти соли 1560 Филиппи II аз Нидерлан-

дия кардинал Гранвеллро бозхонд намуда, ба нисбатан беҳтар намудани низом розӣ шавад; муҳосираи нокоми Малта аз байн бурдани гуфтушунидҳоро миёни маъмурияти испанӣ ва мухолифин дар Нидерландия ба бор овард; хабар дар бораи марги Сулаймони I ба испаниҳо имконият дод, ки ба Нидерландия дастаҳои ҳарбии иловагиро фиристонанд.

Натиҷаҳои давраи 5-уми экспансия: воридшавию паҳншавии максималии туркҳо ба Европаи Марказӣ ба даст дароварда шуд; экспансияи туркӣ ба азбайнравии суверенитети як қатор давлатҳо оварда расонд, ки онҳо ба ҳайати Туркия шомил карда шуданд; Туркия ба қувваи таъсиррасони ҳарбӣ ва сиёсӣ дар Европа табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои умумии экспансяи Туркия дар муносибатҳои байналхалқии Европа инҳо буданд: империяи ҳавзаи баҳри Миёназамини Туркия таъсис ёфта, дар равнади ташаккулёбии он суверентитети як қатор давлатҳо аз байн бурда шуда, қаламравҳои онҳо ба ҳайати империя ворид карда шуданд; забткориҳои туркҳо ба тағйири тамоил (самт)-и муносибатҳои байналхалқӣ оварда расонд; Туркия ба қувваи таъсиррасони ҳарбӣ ва сиёсӣ дар Европа табдил ёфт; Туркия аз болои тиҷорати давлатҳои европоӣ бо мамлакатҳои Осиё тавассути баҳри Миёназамин назорати худро барқарор намуда буд, ки ин европоиҳоро маҷбур намуд, ки роҳҳои нави баҳриро ба самти Шарқ дарёбанд. Рақобат байни Португалия ва Испания барои роҳҳои тиҷоратии уқёнусӣ дар давраи кашфиёти бузурги географӣ ба он оварда расонд, ки байни онҳо аввалин шартнома оид ба тақсим намудани доираи таъсир дар миқёси ҷаҳонӣ баста шавад[1].

Чуноне ки болотар ишора кардем, як чизро донистан муҳим буда, зарур аст, онро қайд намоем, ки экспансияи Усмониён бисёр вақт аз Версал низ роҳандозӣ ва идора карда мешуд, ки дар бисёр маврид Франсия ҳамчун ба сифати шарики калонии Туркия баромад мекард. Он қувваи империяи Муқаддаси Римро кӯфтан мегирифт ва дар ҳамагуна ҳолати низоъ бо Франсия барои империя фронти дуюмро ба вуҷуд меовард. Ҳамзамон он барои кӯфтани қувваи давлати Рус, ки баъди ҷанги Якуми Шимолӣ (с. 1655 – 1660) ба сифати рақиби асосии иттифоқчии Франсия дар минтақа – Шведсия баромад мекард, равона мешуд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо дарбори Франсия ҳатто тайёр буд, ки манфиатҳои шарики дигари майдатари худ Реч Посполита (Федератсияи шоҳигарии Полша ва Князгарии Бузурги Литва) - ро низ қурбон кунад.

---

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 105 – 107.

## 2. 6. КАШФИЁТИ БУЗУРГИ ГЕОГРАФӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар раванди ба як фазои географӣ - сиёсӣ табдил додани Ҷаҳон Португалия ва Испания нақши асосӣ бозӣ карданд. Раванди секуляризатсияи муносибатҳои байналхалқӣ дар асри XVI дар зери таъсири кашфиёти географӣ ва фавран баланд гаштани тиҷорати байналхалқӣ тезонда шуд. Ҳар ду ин зуҳурот бо ҳамдигар вобаст буданд. Манфиатдор будани европоиён ба рушди тиҷорат боиси кашфиёти географӣ ва сабаби асосии кашф кардани Америка ва кушодани роҳ ба сӯи Ҳиндустон гардид. Кашф кардани роҳи мазкур бошад барои рушди тиҷорати ҷаҳонӣ ҷаҳиши калонро ба бор овард.

Муддатҳои дароз европоиҳо оид ба мавҷудияти Америка маълумот надоштанд. Тасаввуроти онҳо дар бораи масоҳати замин аз ҳар ҷиҳат тахминӣ буд. Маълумоти географиро онҳо аз Китоби Муқаддас, асарҳои муаллифони антиқа, асосан муаррихон ва географҳо, ба даст меоварданд. Худи европоиҳо бошанд қаламрави Европаро кам тарк мекарданд. Сайёҳон ё тоҷирони алоҳида, аз қабили Марко Поло ба Шарқ ба сафар мебаромаданд. Сайёҳати вигингҳо ба Америкаи Шимолӣ аллакай дар илм ва маданияти Европа қариб, ки ба фаромӯшӣ расида буд.

Аммо баъзе манотиқи Шарқ, хусусан Шарқи классикӣ – Осиёи Наздик, Пеш, Хурд, Миср ва Форс барои Ғарб аз давраи Антиқа шинос буданд. Дар асрҳои миёна низ бо давлатҳои минтақаҳои мазкур тиҷорат ба роҳ монда шуда буд.

Бо сабаби тақсим накардани даромад бо миёнаравҳо ва барқарор намудани алоқаҳои тиҷоратии мустақим бо Шарқро кӯшиш намуда, дар охири асри XV европоиҳо хостанд, ки тавассути «гузаргоҳи ғарбӣ» роҳро ба самти Ҳинд кушоянд, аммо тасоддуфан ба Америка (сайёҳати Христофор Колумб) расиданд. Ба ҷустуҷӯи «гузаргоҳи ҷануб - шарқӣ» ба самти Ҳинд баромада, онҳо Африкаро давр зада, ба уқёнуси Ҳинд даромаданд ва бо давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Дур алоқаҳои баҳриро барқарор карданд[1].

**Сабабҳои асосии кашфиёти географӣ.** Кашфиёти бузурги географии охири асри XV – миёнаи асри XVII ба кашфиёту ихтирооти илму техника, раванди ғункунии сармоя дар Европа, кушодани роҳҳои нави тиҷоратии баҳрӣ ба самти Шарқ алоқаманд буданд. Дар асри XV тиҷорати Ғарб бо Шарқ асосан тавассути баҳри Миёназамин бурда мешуд, ки дар он Венетсия мавқеи асосиро ишғол мекард. Ин ҳолат Испания ва Португалияро қонеъ намекард. Мақсади азхуд намудани роҳ ба заминҳои нав барои кашфиёти географӣ замина гузошта, дар натиҷаи он ташаккулёбии низоми нав – мустамликадорӣ фароҳам омад. Дар ин давра мамлакатҳои Европа аз ҷиҳати иқтисодӣ рӯ ба пешравӣ ниҳода, саноати онҳо ба ашёи хом эҳтиёҷ дошт. Доираи ҳукмрони

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 37 – 38.

мамолики Ғарб низ барои соҳиб гардидан ба минтақаҳо ва бозорҳои нисбатан васеъ манфиатдор буданд. Роҳи Абрешим низ эътиборашро гум карда, доду гирифт низ тавассути он заиф гардид ва зарурияти кушодани роҳҳои нави тиҷоратӣ ба амал омад, ки он ба васеъшавии роҳҳои баҳрӣ оварда расонд. Як идда муаррихони дигар бошанд ба ин назар мувофиқанд, ки ҷавоби давлатҳои европоӣ ба аз ҷониби туркҳо забт намудани Константинопол (с. 1453) мутобиқ гардондани тиҷорати худ тавассути роҳҳои уқёнусӣ ва рушди савдои баҳрӣ гардид[1]. Зеро то давраи кашфиёти баҳрӣ Туркия муносибатҳои савдоиро тавассути Константинопол ва ҳавзаи баҳри Миёназамин назорат мекард. Ҳамин тариқ, яке аз сабабҳои асосии кашфиёти географӣ кушодани роҳҳои баҳрӣ ба Шарқ буд.

**Таърихи ибтидоии кашфиёти географӣ.** Мувофиқи маълумоти баъзе маъхазҳо ҳанӯз баҳрнавардони империяи Ҳахоманишиҳо ба соҳилҳои шимол - ғарбии атлантикии Африка расида буданд. Дар кашфиёти географӣ дар давраи асрмиёнагӣ арабҳо ва чиниҳо афзалияти калон дошта, бархе роҳҳои тиҷоратии баҳриро зери назорати худ гирифта буданд[2]. Баҳрнавардони арабу чинӣ барои идораи дурусти киштӣ, қутбнамо, харитаҳои баҳрӣ ва дастурамалҳои махсусро дар ихтиёр доштанд. Дар байни европоиён бошад соли 1291 бародарон Вандино ва Уголино Вивалдиҳо аз Генуя тавассути гулӯгоҳи Гибралтар ба Атлантика баромада, аз Африка хостанд, ки ба Ҳинд расанд, онҳо то Марокаш расида, дигар ғайб заданд. Зиёда аз ин оид ба онҳо маълумоти дигар нест. Соли 1315 Сорлеоне Вивалди, писари Уголино, барои ёфтани падари худ ба Африкаи Шарқӣ раҳсипор шуда, то Магадишо расидааст. Дар асрҳои XIII – XV бошад Испания ва Португалия флоти пуриқтидорро ташкил намуданд.

**Давраи аввали кашфиёти географии Португалия.** Давраи аввали кашфиёти португалиҳо солҳои 1418 – 1460 ба фаъолияти шоҳзода Энрикеи Баҳрнавард алоқамандӣ дошт, ки ӯ экспедитсияи баҳриро ташкил дода, соли 1415 Суетаро забт намуда, сонӣ португалиҳо солҳои 20 – 30-уми асри XV ҷазираҳои Медейра, Канар ва Азор, соли 1434 Гвинея ва ҷазираҳои Димоғаи Сабз, соли 1462 Серра - Леона ва соли 1471 соҳилҳои Ганаро кашф карданд. Бартоломеу Диаш де Новаиш моҳи августи соли 1487 аз Португалия ба сайёҳат баромада, 3 феврали соли 1488 димоғаи Умеди Некро кашф намуд, ки он барои оғози кушодани роҳ ба самти Ҳиндустон шароит фароҳам овард[3]. 4 сентябри соли 1479 зери миёнаравии папаи Рим Португлаия ва Кастилия оид ба сулҳ ва тақсим намудани доираи таъсир қарордоди Алкасовасро имзо карданд. Мувофиқи он Португалия аз даъвокунии қаламравӣ ба Кастилия даст кашид. Ба ивази ин, Кастилия амалан ҳукмфармоӣ дар баҳрро ба Португалия гузашт кард. Ҷазираҳои Канар зери таъсири Кастилия гузаштанд, дигар

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 15.

[2]Кабаченко А. П. История мировой политики: Учебное пособие для вузов. М.: Издательство Московского государственного университета, 2008.

[3]История международных отнощений. Под редакцией Н. А. Власова. М.: Юрайт, 2016. С. 12.

заминҳои соҳилии Африкаи то он дам кашфшуда бошанд мулкҳои Португалия дониста шуданд.

**Экспедитсияҳои Христофор Колумб.** Охири асри XV ба раванди кашфиёти географӣ Испания низ фаъолона ҳамроҳ гардид. Соли 1492 ба дарбори шоҳ ва маликаи Испания – Фердинанд ва Изабелла баҳрнавард Христофор Колумб (с. 1451 – 1506) омада, масъалаи ташкили экспедитсия ва кушодани роҳи баҳрӣ ба тарафи Ҳиндустонро пешниҳод кард. Ҳукумати Испания, калисои католикӣ ва олимони донишгоҳи Саламанка масъалаи мазкурро тарафдорӣ намуда, бо Христофор Колумб созишномаро имзо карданд, ки тибқи он ӯ ҳуқуқ пайдо кард, ки аз даҳ як ҳиссаи даромади заминҳои кашфгардида ва аз ҳашт як ҳиссаи даромади тиҷоратро ба даст оварда, инчунин ноиби шоҳ дар заминҳои кушодашуда интихоб гардад ва рутбаи адмиралро ба таври меросӣ соҳиб шавад. 3-уми августи соли 1492 Колумб бо гурӯҳи киштиҳои худ аз бандари Палоси наздикии Севиля ба самти ҷанубу ғарб ба сафар баромада, баъди гузаштан аз ҷазираҳои Канар роҳи шимолу ғарбро пеш гирифт. Баъди чанд рӯзи ҳаракат экспедитсия ба баҳри Саргасс расида, Христофор Колумб самти ҳаракатро таъғйир дода, ба тарафи ҷануб - ғарбӣ роҳ гирифт. Шаби 12-уми октябри соли 1492 яке аз маллоҳон заминро дид ва субҳидам экспедитсия ба яке аз ҷазираҳои Багам – ҷазираи Гуанахани расида, онро Сан - Салвадор номиданд[1]. Дар сафари нахустини хеш Колумб Кубаро кашф намуда, хаёл намуд, ки он яке аз ҷазираҳои соҳилҳои Япония мебошад. Баъди ин, ҷазираи Гаити (Эспанола) низ кашф гардид, аммо дар соҳилҳои ин минтақа ӯ киштии аз ҳама калони худро аз даст дода, маҷбур шуд, ки қисми ҳайати экспедитсияи худро дар ин ҷо монда, истеҳкоми ҳарбӣ – қалъаи Навидадро бунёд намуда, худаш бошад роҳи бозгаштро пеш гирифт. Соли 1493 ӯ бомуваффақият ба Испания баргашт. Ҳамин тавр, қалъаи Навидад аввалин нуқтаи аҳолинишини испанӣ дар Америка гардид.

Муваффақиятҳои Колумб боиси ташвиши ҳукумати Португалия гардиданд. Соли 1494 бо миёнаравии папаи Рим байни Испания ва Португалия дар шаҳри испании Тордесиляс шартнома имзо гардид[2]. Тибқи шартномаи мазкур аввалин бор дар таърих тақсимоти олам гузаронда шуда, ҷаҳон байни Испания ва Португалия баробар тақсим карда шуд. Асоси шартномаи мазкурро принсипҳои васекунии қаламравҳо ва тобеъкунӣ ташкил медоданд.

Колумб бошад дар ҳаёти худ ҷамъ чор маротиба (с. 1492 – 1493, 1493 – 1496, 1498 – 1500, 1502 – 1504) ба Америка сафар намуда, дар сайёҳатҳои минбаъдаи худ ҷазираҳои Антили Хурд, Пуэрто Рико, Ямайка, Тиринидад ва соҳилҳои Америкаи Марказиро кашф карда, хаёл кард, ки роҳи ғарбӣ ба сӯи

---

[1]Письмо Христофора Колумба Изабелле и Фердинанду об открытии Индии от 15 февраля 1493 г. // Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 2. Средные века. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. С. 1130

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 38 – 39.

Ҳиндустонро ёфт. Маҳз аз ҳамин ҷо гирифта, то охири асри XVI ин заминҳо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ бо номи «Ҳиндустони Ғарбӣ» сабт шудаанд.

Худи Колумб то охири умраш хаёл карда буд, ки заминҳое, ки ӯ кашф кард, қисме аз соҳилҳои Осиёи Ҷануб - Шарқӣ мебошанд. Дар ҳайати экспедитсияҳои испанӣ ва португалӣ баҳрнаварди италянӣ Америго де Веспуччи иштирок дошта, ҳангоми яке аз сайёҳатҳои худ дар соли 1501, ки соҳилҳои назди Бразилияро таҳқиқ мекард, ӯ ба хулосае омад, ки Колумб на соҳили Ҳиндустон, балки материки навро кашф кардааст. Минбаъд аз соли 1507 ин материк ба номи Америго – Америка номгузорӣ карда шуд. Соли 1515 дар Германия аввалин глобус бо ин ном пайдо шуда, сонӣ дар харитаҳо ва атласҳо низ қитъа бо номи мазкур дарҷ гардид.

**Экспедитсияи Васко да Гама ва кушодани роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон.** Соли 1497 бо сардории Васко да Гама бо мақсади кашф намудани роҳ ба сӯи Ҳиндустон экспедитсияи баҳрӣ ташкил карда шуд. Баъди гузаштан аз димоғаи Умеди Нек Васко да Гама бо ёрии як оббалад (роҳнамои киштӣ) - и арабтабор моҳи майи соли 1498 ба бандари Каликути Ҳиндустон расид. Бо ҳамин Португалия нуқтаҳои муҳимро барои такягоҳи сиёсати мустамликавии худ дар Ҳиндустон ба даст овард. Кӯшишҳои арабҳо дар самти танг карда баровардани португалиҳо аз уқёнуси Ҳинд натиҷаи мусбӣ надоданд. Соли 1509 португалиҳо флоти арабҳоро дар наздикии Диу шикаст доданд. Дар худи Ҳиндустон бошад Португалия нуқтаҳои муҳими наздисоҳилиро забт кард. Соли 1511 португалиҳо Малаккаро ишғол намуда, дар оянда наздик бошад тиҷорати ин минтақаро ба монополияи хеш табдил доданд. Соли 1521 ҷазираҳои Молук истило карда шуданд. Ҳамин тавр, мавқеи арабҳо, хитойиҳо ва дигар мардумони Осиё дар тиҷорати байналхалқии уқёнуси Ҳинд танг карда шуд[1].

**Экспедитсияи гирди олами Фернандо Магеллан ва кушодани роҳи ғарбӣ ба Ҳинд.** Фернандо Магеллан 20-уми сентябри соли 1519 аз бандари Сан - Лукар ба самти Ғарб ҳаракат карда, ба нуқтаи охирони ҷанубии Америка расид ва баъди се ҳафта ба воситаи халиҷе, ки он номи Магелланро гирифта буд, ҳаракат намуда, ноябри соли 1520 ба уқёнуси Ором дохил гардида, бо сабаби ҳавои мусоид се моҳ ором будани об, ба он номи уқёнуси Оромро гузошт. 6 - уми марти соли 1522 Ф. Магеллан ба ҷазираҳои Мариан баромада, аз он ҷо хӯрока ва оби ширинро ба даст овард. Пас аз чанде ҳайати экспедитсия сайёҳаташонро идома дода, ба ҷазираҳои Филиппин расиданд, аммо ҳангоми задухӯрд бо аҳолии маҳаллӣ Ф. Магеллан ба қатл расид. 6-уми сентябри соли 1522 ду киштии боқимонда бо роҳбарии д' Элкано то ҷазираҳои Молук расида, роҳи бозгаштро пеш гирифта, ба бандари испании Сан - Лукар расиданд. Ҳамин тавр, аз ҳайати 253 нафараи экспедитсияи Ф. Магеллан танҳо 18 нафар ба ватан баргаштанд.

Кашфиёти нав боз ҳам муносибатҳои Испания ва Португалияро тезу тунд гардонданд. Соли 1529 байни ин мамлакатҳо оид ба тақсимоти мулкҳо

---

[1]История средних веков. В 2 томах. Т. 2. Под редакцией З. В. Удальцовой и С. П. Карпова. М.: Высшая школа, 1991. С. 39 – 42.

дар укёнуси Ором қарордоди Сарагоса имзо гардид. Тибқи он Испания дар минтақаи ҷануб - шарқии Осиё аз иддаои худ ба ҷазираҳои Молук даст кашида, ҳуқуқи худро фақат ба Филиппин, ки ба шарофати вориси тахти Испания – Филиппи II ном гузошта шуда буд, нигоҳ дошт.

**Сиёсати мустамликадории Португалия дар Америкаи Ҷанубӣ.** Сиёсати мустамликадорӣ, ки Португалия дар мустамликаҳои худ ҷорӣ намуда буд, аз сиёсати испаниҳо фарқ мекард. Соли 1500 баҳрнаварди португалӣ Педро Алвариш Кабрал Бразилияро кашф намуда, онро мулки шоҳии Португалия эълон намуд. Ибтидои ба низоми мустамликавӣ табдил додани ин заминҳо аз ҷониби португалиҳо ба соли 1530 рост меояд, ки аз ноҳияҳои назди соҳилии он оғоз гардид. Заминҳои соҳилии Бразилия ба 13 воҳиди маъмурӣ - территориявӣ ҷудо гардида, соҳибмулкони онҳо ҳокимиятро пурра дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Португалия дар он вақт аҳолии зиёд надошт, бинобар ин, муҳоҷиркунии аҳолӣ ба ин мустамликаҳо суст ҷараён мегирифт.

Дар баъзе минтақаҳо низоми плантатсионӣ ҷорӣ гардид, ки замин бо қувваи ғуломони африкоӣ коркард мешуд. Аз нимаи дуюми асри XVI дар мустамликаҳои Португалия истифодаи ғуломони сиёҳпӯсти африкоӣ ба дараҷаи баланди худ расид. Соли 1583 дар тамоми мустамликаҳои португалӣ 25 ҳазор муҳоҷирони европоӣ ва миллион ғуломони африкоӣ сукунат доштанд.

**Сиёсати мустамликадории Испания дар ҳавзаи баҳри Кариб. Забти Мексика ва Перу.** Солҳои 1500 – 1510 испаниҳо соҳилҳои шимолии Америкаи Ҷанубӣ ва Флоридаи имрӯзаро низ таҳқиқ намуда, ба халиҷи Мексика наздик омаданд. То ин давра онҳо ҳудудҳои Антилияи Калон, Антилияи Хурд, Куба, Ямайка, Гаити, Барбадос ва ҷазираҳои баҳри Карибро ба даст оварда, ба мустамликаи худ табдил доданд. Ҳукуматдорони Испания ба Куба диққат дода, онро «калид ба ҷаҳони нав» меномиданд.

Аз соли 1510 давраи нави мустамликакунии Америка оғоз гардид, ки он бо номи сиёсати «конкиста (забткунӣ)» маълум аст. Ибтидои ин давра аз воридшавии конкистадорҳо ба гарданаи Панама ва сохта шудани аввалин истеҳкомҳо дар соҳили қитъа оғоз мегардад. Соли 1513 Васко Нунес де Балбоа гарданаи Панамаро гузашта, ба укёнуси Ором дохил гардид. Соли 1519 бошад аввалин шаҳри европоиён дар Америка – шаҳри Панама бунёд карда шуд.

Солҳои 1517 – 1518 дастаҳои Франсиско Эрнандес де Кордоба ва Хуан Грихалва ба соҳилҳои Юкатан фаромада, бо тамаддуни мамлакати Майяҳо дучор гардида, аз хоҷагидорӣ ва рӯзгору маданияти сокинони он дар ҳайрат монданд. Шаҳрҳо бо деворҳо иҳота гардида, деворҳои аҳромҳо ва ибодатгоҳҳои аз санг сохта шуда бошанд кандакорӣ ва ороиш дода шуда буданд. Дар давраи омадани испаниҳо ба Юкатан дар ин ҷо чанд шаҳр-давлат мавҷуд буданд.

Бо мақсади забти империяи Астекҳо соли 1519 дастаҳои испанӣ бо сардории Эрнан Кортес сафарбар гардиданд. Байни аҳолии маҳаллӣ ва испаниҳо муҳорибаҳои шадид рух дода буданд ва яке аз муҳосираҳои маркази Астекҳо – шаҳри Теночтитлан бошад 225 рӯз давом кардааст. 13 августи соли 1521

тлатоани (унвони ҳокими шаҳр - давлатҳои астекҳо) шаҳри Теночтитлан, императори Астекҳо – Куаутемок аз ҷониби испаниҳо асир гирифта шуда, шаҳр забт гардид. Бо ҳамин империяи Астекҳо мавҷудияташро қатъ карда, пойтахти он, ки яке аз шаҳрҳои зеботарини дунё буд, баъдтар пурра хароб карда шуд. Забти қаламрави Мексика чанд даҳсола давом кард. Такягоҳи охирони майяҳо бошад баъди 173 соли воридшавии испаниҳо ба Юкатан, яъне соли 1697 забт карда шуд. Ҳамзамон бо забти Мексика испаниҳо дар Америкаи Ҷанубӣ низ забткориҳоро ба роҳ монда, соли 1524 қаламрави ҳозираи Колумбия забт гардида, бандари Санта - Марта сохта шуд.

Мавҷи дуюми мустамликакунии Испания дар қитъаи Америка аз гарданаи Панама ба ҷануб қад - қади соҳилҳои уқёнуси Ором оғоз гардид. Сабаби асосии ин забткориҳо ба даст овардани Перу гардид. Дар ин экспедитсияҳо Франсиско Писарро нақши асосӣ иҷро кард. Соли 1524 ӯ бо ҳамроҳии Диего Алмагро қад-қади соҳили ғарбии Америка бо киштиҳо ба ҷануб шино намуда, ба халиҷи Гуаякил (Эквадор) расиданд. Соли 1531 баъди баргаштан ба Испания Писарро бо ҳукумати шоҳӣ созишнома имзо намуд, ки тибқи он ба ӯ унвони аделантадо – сарвари дастаи конкистадорҳо дода шуд. Писарро барои экспедитсияи навбати тайёрӣ дида, соли 1532 ба соҳил баромада, шаҳри соҳилии Тумбесро ба даст оварда, роҳро ба сӯи империяи Инкҳо (Туантисуйю, с. 1438 – 1533), ки давлати абарқудрат ва рушдёфтаи минтақа буд, пеш гирифт[1]. Мувофиқи хулосаи мутахассисон қаламрави он соли 1438 баробар ба 800 000 $км^2$ ва соли 1527 бошад 2 000 000 $км^2$ будааст.

Ҳангоме, ки испаниҳо нақшаи ба қаламрави Перу даромаданро кашида буданд, дар империяи Инкҳо ҷанги дохилӣ (с. 1529 – 1532) мерафт. Дар ин низоъ ҳокими минтақа ё музофоти Кито Атагуалпа бар зидди ҳокими қонунии империяи Инкҳо Уаскар (Васкар) ҷанг мекард. Испаниҳо аз ин вазъият ба хубӣ истифода намуданд. Гарчанде ки Атагуалпа 15/16 ноябри соли 1532 испаниҳоро дар яке аз марказҳои муҳими инкҳо – Кахамарка дӯстона ба ҳузур пазируфт, Писарро аз вазъият истифода бурда, бо дастаи 182 нафарааш ба ҳуҷум гузашта, бе душворӣ яке аз марказҳои асосии давлат, шаҳри Кахамаркаро ба даст оварда, ҳокими ғайриқонунии Инкҳо – Атагуалпаро аввал зиндонӣ ва сонӣ 26 июли соли 1533 ба қатл расонд. Инчунин испаниҳо дар шаҳр 5 ҳазор нафарро низ қатл карданд. Ин амал дар таърих бо номи муҳорибаи назди Кахамарка ё куштори назди Кахамарка сабт шудааст. Яроқ ва тактикаи ҷангии испаниҳо барои инкҳо бегона буд ва онҳо муқобилият нишон надода, ба ҷуз аз роҳи гурез дигар чораро надоштанд. Соли 1535/6 баъди мубориза вазнин испаниҳо пойтахти мамлакат Кускоро низ ба даст оварда, ҳамин сол ба бунёди шаҳри Лима асос гузоштанд, ки он ба маркази қаламравҳои забтшуда табдил ёфт. Байни Лима ва Панама роҳи мустақими баҳрӣ барқарор карда шуд. Забти Перу 40 сол идома ёфт. Ҳамзамон бо юришҳои Писарро ба Перу, солҳои 1535 – 1537 Диего Алмагро ба Чили юриш ташкил намуд, аммо баъдан маҷбур шуд,

[1]История средних веков. В 2 томах. Т. 2. Под редакцией З. В. Удальцовой и С. П. Карпова. М.: Высшая школа, 1991. С. 47.

ки ба шаҳри Куско пас гардад, зеро дар байни конкистадорҳо муборизаи дохилӣ ба амал омада, дар рафти он Франсиско Писарро ва Диего низ ба қатл расонда шуданд. Забти Чилиро Педро Валдивия давом дода, ба муқобилияти шадиди кабилаҳои арауканҳо дучор гардид. Забти ниҳоии Чили танҳо охири асри XVII хотима ёфт. Ҳанӯз соли 1515 мустамликакунии ҳавзаи Ла - Плата оғоз гардида буд ва заминҳои резишгоҳи дарёи Ла - Плата ва Парагвай забт карда шуданд. Дастаҳои конкистадорҳо ба самти ҷануб-шарқӣ ҳаракат намуда, ба қаламрави Перу ворид шуданд. Соли 1542 дар ҳамин ҷо ду хатти мавҷи мустамликакунии испанӣ бо ҳам муттаҳид шуданд.

Дар нимаи аввали асри XVI дар Америка сохтори мустамликавии испанӣ ташаккул ёфта, дуноиб шоҳигарӣ: Испанияи Нав (Мексика, Америкаи Марказӣ, Венесуэла ва ҷазираҳои баҳри Кариб) ва Перу, ки қариб ҳамаи минтақаҳои Америкаи Ҷанубӣ (ғайр аз Бразилия) - ро дар бар мегирифт, таъсис дода шуданд. Ноиб - шоҳҳонро аз ҳисоби ашрофзодагони олимартабаи испанӣ ба мӯҳлати се сол таъйин мекарданд. Фаъолияти ноиб - шоҳҳонро «Шӯрои Ҳиндустон» назорат мекард.

Сиёсати муҳоҷиркунӣ низ ба роҳ монда шуда, аҳолии испанӣ дар ин минтақаҳо меафзуд. Дар натиҷа забони аҳолии маҳаллӣ низ маҳдуд гардида, аҳолӣ ба забони расмӣ – испанӣ сӯҳбат мекардагӣ шуданд. Дар як вақт омезиши хунии европоиён бо аҳолии таҳҷоӣ низ ба амал омад.

**Кашфиёти географӣ дар ҳавзаи уқёнуси Ором.** Дар нимаи дуюми асри XVI – ибтидои асри XVII баҳрнавардони испанӣ кашфиёти худро давом дода, аз Перу як қатор экспедитсияҳоро ба самти Австралия ва Океания ташкил намуданд. Дар натиҷа соли 1567 ҷазираҳои Саломон, соли 1595 Полинезияи Ҷанубӣ ва соли 1605 Меланезияро кашф намуданд.

Соли 1605 аз Перу экспедитсия дар ҳайати се киштӣ ба сафар баромада, дар соҳилҳои Ҷануб - Шарқии Осиё ҷазираҳоро кашф карданд, ки яке аз онҳоро сардори экспедитсия А. Кирос чун соҳили материки ҷанубӣ қабул намуд. Бо мақсади расондани хабари нав ва гирифтани ҳуқуқи идоракунии заминҳои нав кашфшуда А. Кирос аъзоёнашро партофта, ба Перу ва баъд ба Испания ҳаракат кард. Аммо капитани яке аз киштиҳои боқимонда, португалӣ Торрес сайёҳатро идома дода, исбот намуд, ки А. Кирос ба хатогӣ роҳ додааст, яъне на материки ҷанубӣ, балки ҷазираҳои Гебриди Навро кашф намудааст. Дар натиҷаи давом додани сафари худ Торрес гулӯгоҳи миёни соҳили Гвинеяи Нав ва Австралияро гузашта, ба ҷазираҳои Филиппин, ки аллакай аз они Испания буданд, расид ва минбаъд гулӯгоҳи мазкур номи ӯро гирифт. Пас аз расидан ба Филиппин ӯ хабари кашфи заминҳои навро ба Мадрид расонд, аммо Испания дигар қудрат ва воситаи идора намудани заминҳои навро надошт, бинобар ин, давоми зиёда аз 100 сол испаниҳо ин кашфиёти Торресро махфӣ нигоҳ доштанд. Танҳо баъди 150 сол дар замони Ҷанги Ҳафтсола (с. 1756 – 1763), вақте ки Англия бо

Испания ҷанг мекард, англисҳо Маниларо забт карда, аз бойгонии он оид ба кашфиёти Торрес ҳуҷҷатҳоро ёфтанд[1].

Аз миёнаи асри XVII голландиҳо ва англисҳо таҳқиқи соҳилҳои Австралияро оғоз намуданд. Соли 1642 баҳрнаворд А. Тасман аз соҳилҳои Индонезия ба Шарқ ҳаракат намуда, Австралияро аз ҷануб давр зада, қад-қади соҳил ҷазираеро кашф намуд, ки минбаъд бо номи ӯ ҷазираи Тасмания маъруф гардид. Соли 1768 баҳрнаварди англис Ҷеймс Кук ҷазираҳои Океанияро таҳқиқ намуда, дуюмбора гулӯгоҳи Торрес ва соҳилҳои шарқии Австралияро кашф намуд.

**Нақши калисои католикӣ дар идоракунии мустамликаҳо.** Дар сиёсати мустамликакунии Америка ва дигар манотиқи олам нақши калисои католикӣ хеле калон буд. Ватикан масъалаи мазкурро чун юришҳои нави салибӣ эълон намуд, ки мақсади он аз ба дини насронӣ ворид кардани аҳолии маҳаллӣ иборат буд. Дар натиҷаи оғози фаъолияти миссионерӣ ва таъсис додани ибодатхонаҳо, калисо ба заминдори калон табдил ёфт. Калисо дар фаъолияти миссионерии худ анъанаҳои ҳар ду халқро истифода карда, барои паҳн намудани мазҳаби католикӣ кӯшиш мекард.

**Натиҷаҳои кашфиёти географӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ.** Кашфиёти бузурги географии асрҳои XV – XVII - ум ба рушди алоқаҳои байналхалқӣ такони бузург бахшида, дар таърихи умумиҷаҳонӣ марҳилаи навро оғоз намуд. Ин кашфиёт фаҳмиши нодурусти европоиёнро дар хусуси олам таъғйир дода, асоси андешаи солимро ба вуҷуд овард.

Дар натиҷаи кашфиёти географӣ:

- дар Америка ташкилоти сиёсӣ - давлатӣ ва анъанаи давлатдории таҳҷоӣ, аз ҷумла империяи Астекҳо ва империяи Инкҳо комилан аз байн бурда шуданд;
- экспансияи европоӣ дар тамоми дунё оғоз гардид;
- системаи мустамликавӣ ва империяҳои мустамликадор ташаккул ёфтанд;
- системаи мустамликавӣ дар умум ҷаҳонро муттаҳид карда, ҳамзамон онро ба ду гурӯҳи мамлакатҳо тақсим кард: 1) метрополияҳо, ки бо суръати тез бой шудан гирифтанд; 2) мустамликаҳо, ки таъсири экспансияи европоӣ ба онҳо характери харобкунандаро дошт;
- мустамликаҳо бозори Европаро бо ашёи хоми арзон таъмин мекарданд;
- муносибати байниҳамдигарии давлатҳои Европа ва халқҳои Африкаю Осиё мустаҳкам гардида, тиҷорати байналхалқӣ вусъат ёфт;
- дар Европа шаҳрҳо-марказҳои нави тиҷоратӣ, аз қабили Севиля, Лиссабон, Антверпен ва ғайра ба вуҷуд омаданд;
- дар натиҷаи забткориҳо ва сиёсати мустамликавӣ як қатор тамаддунҳо хароб гардиданд;

---

[1]История средних веков. В 2 томах. Т. 2. Под редакцией З. В. Удальцовой и С. П. Карпова. М.: Высшая школа, 1991. С. 54.

- дар натиҷаи фаъолияти миссионерӣ географияи динӣ низ тағйир ёфта, насрония дар Осиё, Африка ва хусусан дар Америка паҳн гардид;

- Роҳи Бузурги Абрешим дар тиҷорати байналхалқӣ мавқеи худро аз даст дод.

Ҳамин тариқ, алоқа байни материкҳои ҷудогона барқарор гардида, робитаҳои комили тиҷорати ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Кашфиёти географӣ ва забти мустамликаҳо барои рушду афзун гардидани молу маҳсулот ва сармоя дар Европа мусоидат намуда, барои халқҳои Америка, Осиё, Африка, Австралия ва Океания бошад он давраи оғози истисмори мустамликавии онҳо гардид.

## 2. 7. ҶАНГҲОИ ИТАЛЯНӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Қисмати асосии сиёсати европоӣ дар муддати 250 соли минбаъда зиддияти Франсия ва империяи Габсбургҳо гардид, ки он моҳиятан дар худ мусобиқаи ду лоиҳаи рушди минбаъдаи Европаро таҷассум мекард: баргаштан ба олами насронияи асрмиёнагӣ ё гузаштан ба системаи давлатҳои суверенӣ (мустақил). Лоиҳаи якумро империяи Муқаддаси Рим интихоб карда буд, дуюмро бошад Франсия пайравӣ мекард. Барномаи сиёсии Габсбургҳо аз хобондани ислоҳотчигӣ ва мубаддал гардондани Европа ба монархияи воҳиди католикии зери сояи ҳукумати папа ва императори Империяи Муқаддаси Рим иборат буд. Қувваи ягонае, ки метавонист бар зидди барномаи мазкур баромад намояд ин давлати Франсия буд. Рақобат дар се давра гузашт, ки давраи аввалаш ҷангҳои Италянӣ буданд. Давраи дуюм муборизаҳои нимаи дуюми асри XVI – ибтидои асри XVII, давраи сеюм бошад Ҷанги Сисола (с. 1618 – 1648) ба ҳисоб мерафт[1].

**Чорчӯбаи хронологии ҷангҳои Италянӣ солҳои** 1494 – 1559 дар бар мегирад. Ҷангҳои Италянӣ аз ҳашт ҷанги алоҳида иборат буданд: с. 1494 – 1495, с. 1499 – 1504, с. 1508 – 1517, с. 1521 – 1526, с. 1528 – 1529, с. 1536 – 1538, с. 1542 – 1544, с. 1551 – 1559.

**Ҳайати иштирокчиёни ҷангҳо:** давлатҳои италянӣ, Франсия, Испания, Англия, Германия, Туркия.

**Сабабҳои ба амалиёти ҷангӣ сар задани Франсия:** кӯшиши ба қаламрави худ ҳамроҳ намудани давлатҳои бойи Европа; таъмин намудани назорати худ аз болои роҳҳои тиҷоратии аз Италия ба самти мамлакатҳои баҳри Миёназамин равон буда; кӯшишҳо дар самти таъмин намудани истиқлолияти молиявӣ ва иқтисодии худ аз тоҷирон ва бонкҳои италянӣ.

**Вазъият дар Италия дар арафаи ҷангҳо:** Дар арафаи ҷангҳои мазкур дар Италия парокандагии сиёсӣ ҳукмфармо буд, нақши асосиро дар нимҷазира Ҷумҳурии Венетсия, герсоггарии Милан, Ҷумҳурии Флоренсия, вилояти Папа, шоҳигарии Неапол иҷро мекарданд; дар соли 1469 Лигаи умумӣ таъсис дода шуд, ки он системаи «мувозинат» ба вуҷуд оварда, он имконият намедод, ки ягон давлати италянӣ пурқувват шавад; байни Милан ва Неапол ҷанг идома дошт; нооромии сиёсии дохилӣ дар давлатҳои италянӣ вуҷуд дошт, ба таври муқоисавӣ вазъи муътадил танҳо дар Венетсия ҳукмрон буд[2].

**Тайёрии дипломатӣ ба ҷангҳо:** шоҳи Франсия Карли VIII ба тахти шоҳигарии Неапол даъвои сулолавӣ кард; Карли VIII бо герсоги Милан Лодовико Моро бар зидди Неапол дар моҳи январи соли 1492 иттифоқ баст;

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 17 – 22.

[2]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 108.

январи соли 1492 байни Франсия ва Венетсия иттифоқи зидди Неапол ташкил карда шуд, бо папаи Рим Александри VI ба мувофиқа расиданд, ки ӯ дар навбати худ ба Карли VIII барои Неапол инвеститураро пешниҳод намуд (октябри соли 1493); барои таъмин намудани бетарафии Испания, тибқи шартномаи Барселона ба он Руссилон гузашт карда шуд (январи соли 1493), барои таъмин намудани бетарафии Германия бошад, мувофиқи шартномаи Санлис ба ин давлат Артуа ва Франш - Конте дода шуданд (майи соли 1493); дар муқобили пурзӯршавии ҷойдоштаи Франсия дар Италия бошад Милан, Венетсия ва папа 25 апрлеи соли 1493 иттифоқи сегонаро имзо намуданд.

**Ҷанги солҳои 1494 – 1495.** Қувваҳои мусаллаҳи Франсия аз Алп гузашта, сентябри соли 1494 артиши Неаполро шикаст доданд ва 22 феврали соли 1495 шаҳри Неаполро ишғол намуданд. Дар роҳ ба самти Неапол бо шарти додани 120 ҳазор флорин тавони ҷангӣ ба ҷумҳурӣ бо Флоренсия бар зидди шоҳигарии Неапол иттифоқ баста шуд, инчунин шартномаҳо бо папа Александри VI ва герсоги Милан Лодовико Моро низ баста шуданд. Хатари барқароршавии гегемонияи Франсия дар нимҷазира давлатҳои италяниро тарсонд ва онҳо дар ҳайати Венетсия, Милан, Испания ва Германия лигаи зиддифрансузиро бастанд. Дар натиҷаи таҳдиди дар ҳалқа мондани артиши французҳо, Франсия маҷбур шуд, ки Неаполро монда, аз Италия барояд. То соли 1497 Франсия ҳамаи мавқеъҳои ишғолкардаашро дар шоҳигарии Неапол аз даст дод[1].

Натиҷаҳои ҷанг: системаи «мувозинат» вайрон карда шуд, ки он яку якбора ба зиддияти тезу тунд миёни давлатҳои италянӣ оварда расонд; заифии сиёсӣ, ҳарбии давлатҳои италянӣ ва имконияти ишғоли онҳо аз ҷониби дигар мамолик исбот карда шуд; Франсия муҳимияти стратегӣ доштани Милан ва Генуяро дарк намуд; ғайриэътимод будани иттифоқ бо давлатҳои италянӣ аён гардид.

**Ҷанги солҳои 1499 – 1504.** Тайёрии дипломатӣ ба ҷанг: ноябри соли 1497 байни Франсия ва Испания оид ба тақсим намудани қаламрави шоҳигарии Неапол шартнома баста шуд; баъди ба тахти Франсия баромадани Людовики XII (с. 1498) иддаои сулолавӣ ба герсоггарии Милан пешниҳод карда шуд; бо Венетсия ва папаи Рим бар зидди Милан иттифоқҳо баста шуданд ва имконоти ёрии молиявӣ ва ҳарбии ҷониби Флоренсия низ таъмин карда шуд. Аммо бо сабабҳои ҷанг бо Туркия солҳои 1499 – 1503 аз ҷониби Венетсия ёрии воқеӣ расонда нашуд.

Ҷанг бо ташкил намудани юриш ба Милан ва ишғол кардани он дар моҳи октябри соли 1499 оғоз гардид. Сипоҳи Лодовико Моро торумор карда шуд, худи ӯ бошад моҳи апрели соли 1500 асир афтида, ба Франсия фиритонда шуд. Ломбардия расман ба ҳайати мулкҳои шахсии шоҳи Франсия ворид карда шуд. Оқибат шартномаи нави сулҳ миёни Франсия ва Испания баста шуд: амали-

---

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 109.

ётҳои якҷояи ҳарбӣ бар зидди Неапол ба назар гирифта шуданд; дар вақти тақсим намудани шоҳигарии Неапол ба Франсия Неапол, Кампания ва Абрус-со гузаштанд, ба Испании бошад Апулия ва Калабрия дода шуданд.

Юриши якҷояи Франсия ва Испания бо забт намудани Неапол ва тақсим намудани қаламрави шоҳигарии мазкур ба охир расид. Зиддияте, ки дар натиҷаи дуруст муайян накардани ҳудуди тақсимот сар зад, оқибат ба ҷанги Франсия ва Испания дар солҳои 1502 – 1504 оварда расонд, ки дар рафти он Франсия ҳамаи мавқеъҳои ишғолкардаашро дар Неапол аз даст дод, аммо тавонист, ки Милан ва Генуяро зери таъсири худ нигоҳ дорад.

Натиҷаҳои ҷанг: давлатҳои италянӣ маҷбур буданд, ки бар зидди ду давлат – Франсия ва Испания мубориза баранд; кӯшишҳои Франсия дар самти дар ҳайати худ нигоҳ доштани герсоггарии Италия бошад ба хотири ба даст даровардани инвеститура ба ивази он ба оғоз намудани гуфтушунидҳо бо Германия оварда расонд. Шартномаи Блуа оид ба лоиҳаи никоҳи Карли Габсбург ва Клод, духтари Людовики XII баста шуд, ки дар натиҷаи он Милан, Генуя, Бретан ва Бургундия ба французҳо гузаштанд. Шартнома аз ҷониби шоҳи Франсия ва императори Германия тасдиқ карда шуд[1].

**Ҷанги солҳои 1508 – 1517.** Тайёрии дипломатӣ ба ҷанг: Франсия аз ӯҳдадориҳои худ тибқи шартномаи Блуа даст кашид; папа, аз беҳад тавоно шудани Венетсия тарсида, коалитсияи зидди Венетсияро таъсис медиҳад.

Дар рафти ҷанги империя ва Венетсия декабри соли 1508 лигаи Камбре таъсис дода шуд, ки дар ҳайати он Германия, Испания, Франсия, папа, Мантуя ва Феррара дохил шуданд. Соли 1509 Венетсия дар назди Аняделло шикаст хӯрд, Франсия Ломбардияи шарқиро ишғол кард, империя бошад – Венеторо гирифт. Венетсия фурсат ба даст овард, ки бо Испания сулҳи сепаратиро бандад, ба ивазаш ба Мадрид бандарҳоро дар Апулия гузашт намуд, инчунин бо папа низ иттифоқ баста, Романяро ба ӯ дод. Бар зидии қувваи Франсия дар соли 1511 Лигаи Муқаддас таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он аввал Венетсия, папа, Испания ва баъдтар Германия ворид шуданд. Франсия Ломбардияро аз даст дод. Аз мустаҳкамшавии мавқеи папа тарсида, соли 1513 Венетсия бо Франсия иттифоқ баст. Артиши муттаҳидаи Франсия ва Венетсия аз болои рақибонаш дар муҳорибаи назди Мариняно дар 13 сентябри соли 1515 ғалаба ба даст даровард.

Натиҷаҳои ҷанг: ҷанг ба низои умумиевропоӣ табдил ёфт; Франсия мавқеашро дар Ломбардия барқарор кард, Венетсия бошад мулкҳои худро дар Италияи Шимолӣ нигоҳ дошт; папа таъсири худро дар вилояти папа ва Тоскана мустаҳкам намуд; Испания қаламрави собиқ шоҳигарии Неаполро дар ихтиёри худ нигоҳ дошт; натиҷаи ҷанг мувофиқи шартномаи Камбре (с. 1517) байни Франсия, Испания ва Германия тасдиқ гардид, ба сифати кафили он бошад Германия ва Англия баромад карда буданд.

---

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 109 – 110.

**Ҷанги солҳои 1521 – 1526.** Тайёрии дипломатӣ: дар соли 1516 манфиатҳои Франсия ва Испания дар мубориза барои тоҷи империя ба ҳам бархӯрданд; ғалаба насиби шоҳи Испания гардид ва ӯ вориси император Максимилиан гардид (июни соли 1519); шартномаи зидди франсузии испано-англисӣ баста шуд.

Мақсади асосии Франсия дар рафти ҷанг соҳибӣ намудани герсоггарии Милан гардид. Амалиётҳои ҳарбӣ, инчунин дар сарҳадҳои Франсияи Шимолӣ ва Наввар бурда мешуданд. Мубориза бо дастовардҳои тарафайн сурат мегирифт, аммо дар муҳорибаи назди Пави артиши Франсия шикаст хӯрда, шоҳ Франсиски I 25 феврали соли 1525 асир афтид. Ҷанг бо бастани шартномаи Мадрид дар моҳи январи соли 1526 ба охир расид: Франсия аз ҳамаи иддаоҳои худ дар Италия даст кашид; Франсиски I ба Карли V герсоггарии Бургундияро гузашт намуд; фарзандони Франсиски I ба сифати асир дар асорат монданд.

Натиҷаи ҷанг: барои барқарор намудани гегемонияи империя дар Италия шароитҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ба вуҷуд оварда шуданд; низоъҳои калони ҷангӣ байни давлатҳои италянӣ қариб, ки пурра аз байн рафтанд.

**Ҷанги солҳои 1528 – 1529.** Тайёрии дипломатӣ: аз хатари барқароршавии гегемонияи империя дар Италия лигаи Коняк (с. 1526 – 1529) таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он папа Клименти VII, Франсия, Венетсия, Флоренсия ва аз соли 1527 Генуя дохил шуданд, протектори лига бошад шоҳи Англия шуд.

Лига амалиётҳои ҷангиро дар Ломбардия сар кард, аммо соли 1527 шикаст хӯрда, лашкари империя бошад Римро ишғол намуд. Артиши Франсия юришро ба Неапол ташкил карда, шаҳрро дар муҳосира гирифт, аммо дар натиҷаи баромадани Генуя аз лига, сипоҳи иттифоқчиён шикаст дода шуда, муҳосира барҳам зада шуд.

Натиҷаи ҷанг: лигаи Коняк торумор карда шуд; торумори лигаи Коняк заволёбии майлу кӯшишҳои давлатҳои италянӣ дар самти бурдани сиёсати мустақилонаро ифода мекард; аз нав дида баромадани сиёсати хориҷии худии ҷумҳуриҳои баҳрӣ сурат гирифт – Генуя бо Габсбургҳо иттифоқро афзалтар донист, Венетсия – бошад бетарафиро интихоб намуд; император Карли V, декабри соли 1529, оид ба эътироф намудани гегемонияи империя дар Италия бо папаи Рим, Венетсия, Милан ва Савойя шартномаҳоро баст; моҳи августи соли 1530 ҳукмронии оилаи Медичи дар Флоренсия, бо шарти аз болои худ эътироф намудани вассалитети император, барқарор карда шуд; бо шоҳ Франсиски I сулҳи Камбре (с. 1529) баста шуд, ки мувофиқи он Франсия аз иддаоҳои худ дар Италия ва аз сюзеренитети худ аз болои Фландрия ва Артуа даст кашид, фарзандони шоҳи Франсия аз асорат озод карда шуданд.

**Ҷанги солҳои 1536 – 1538.** Тайёрии дипломатӣ: баъди торумори лигаи Коняк Франсиски I ба иттифоқчӣ ниёз дошт ва дар симои султони Туркия онро ёфт, иттифоқ бо ӯ дар солҳои 40-уми асри XVI сиёсати воқеӣ гардид;

баъди истилои Милан (с. 1535) Карли V унвони герсоги Миланро қабул кард; шоҳ Франсиски I иддаои худро ба герсоггарии Савойя пешниҳод намуд.

Артиши Франсия хеле зуд Савойя ва як қисми Пемонтро ишғол намуд. Кӯшишҳои Карли V дар самти рондани французҳо аз ин ҷойҳо натиҷа надод ва юришҳо ба Прованс ва Пикардия низ натиҷа надоданд.

Натиҷаҳои ҷанг: бастани оташбас дар шаҳри Нисса (июни соли 1538); империя 1/3 территорияи Пемонтро гирифт; Франсия Савойя ва 2/3 территорияи Пемонтро дар ҳайати худ ҳифз намуд ва император низ ҳуқуқи онро ба ин сарзаминҳо эътироф намуд.

**Ҷанги солҳои 1542 – 1544.** Тайёрии дипломатӣ: иттифоқи байни император Карли V ва шоҳи Англия Генрихи VIII ба даст омад, ки он бар зидди Франсия равона гардида буд; Туркия ӯҳдадор шуд, ки ба Франсия барои ёрӣ расондан флоти худро пешниҳод намояд.

Тибқи кӯшишҳои якҷояи Франсия ва Туркия соли 1543 Нисса забт карда шуд. Дар ҷавоб лашкари Карли V ба Шампан даромада, қариб то наздикии Париж дар соли 1544 расид. Тезу тунд шудани мубориза бо протестантнҳои Германия Карли V - ро маҷбур намуд, ки сентябри соли 1544 дар Крепи сулҳ бандад.

Натиҷаҳои ҷанг: тибқи шартҳои қарордоди франко-империявӣ статус-кво ҳифз нигоҳ дошта шуд.

**Ҷанги солҳои 1551 – 1559.** Таъминоти дипломатӣ: шоҳи Франсия Генрихи II бо протестантҳои Германия иттифоқ баст (1552); иттифоқи зидди французии Англия ва Испания дар соли 1557 баста гардид; Франсия бар зидди папаи Рим бо герсоги Парма ва оилаи Фарнезе иттифоқ баст; папаи Рим Юлийи III бо империя иттифоқ баст; папаи Рим Павели IV бо Франсия иттифоқ баст; Франсия дастгирии худро ба баромадҳои зиддигерманӣ дар Италия расонд.

Дар рафти бо ном «Ҷанги Парма» (с. 1551 – 1552) ба Франсия муяссар гардид, ки таъсири худро дар герсоггарии Парма мустаҳкам намуда, папаи Римро, ки бо Генрихи II соли 1552 оташбас имзо карда буд, аз ҷанг барорад. Ҳамзамон лашкари Франсия се эпископати Лотарингия – Метс, Верден ва Тулро ишғол менамоянд. Тавассути дастгирӣ намудани шӯриши зиддигерманӣ дар Сиена дар моҳи июли соли 1552, Франсия протекторати худро аз болои ҷумҳурии Сиена барқарор намуда, истилои Корсика сар шуд. Мустаҳкам гардидани мавқеи Франсия дар Сиена боиси ҷанги он бо Флоренсия гардид (с. 1555). 15 февраи соли 1556 бо кӯшишҳои Германия дар Воссел ба муддати панҷ сол оташбаси умумӣ баста шуд.

Воридшавии артиши Испания ба вилояти Папа сентябри соли 1556 аз сар гирифтани амалиёти ҷангиро ба вуҷуд овард, ки майдони васеи ҷангиро фаро гирифт. Генрихи II ба папа Павли IV ёрии ҳарбӣ расонда, барои гирифтани Неапол кӯшиши ташкил намуд юришро кард. Баъди бар зидди Франсия ҷанг эълон намудани Англия дар моҳи июни соли 1557 сипоҳиёни французӣ аз Италия баровардa шуданд. Артиши Генрихи II 10 марти соли 1557

дар муҳорибаи назди Сен - Кантен аз англисҳо шикаст хӯрд, аммо Англия январи соли 1557 Калеро аз даст дода буд. Амалиётҳои ҷангӣ бо бастани сулҳ дар Като-Камбрези байни Франсия аз як тараф ва Испанияву Англия аз ҷониби дигар дар 2 – 3 апрели соли 1559 қатъ гардиданд.

**Натиҷаҳои ҷанги мазкур ва дигар ҷангҳои Италянӣ:** Франсия, ба ғайр аз Салуссо, дигар ҳамаи мулкҳои ба даст овардаи худро дар Италия аз даст дод; герсоггариҳои Савойя ва Пемонт ба герсог Эммануэл Филиберто дода шуданд; Генуя ҷазираи Корсикаро боз пас гирифт; Флоренсия ба қаламрави худ ҷумҳурии Сиенаро ҳамроҳ кард, герсог Козимо I унвони герсоги Бузурги Тосканаро қабул кард (с. 1569); Англия ба Франсия Калеро гузашт кард; Франсия се эпископати дар Лотарингия забт намудаашро дар ихтиёри худ нигоҳ дошт; Испания гегемонияи худро дар Италия барқарор намуд.

**Сабабҳои шикасти давлатҳои Италия:** сиёсати хоинонаи Лодовико Моро, папа Александри VI ва дигарон; дар умум рӯҳан пастравии ҷамъияти италянӣ; заифии сиёсии давлатҳои Италия; дигар факторҳо – иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва байналхалқӣ; аз ҳама асосаш вуҷуд надоштани давлати ягонаи миллӣ буд[1].

---

[1]Нуждин О. И. История международных отношений в Средние века: Курс лекций. Екатеринбург, 2001. С. 111 – 114.

## 2. 8. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЕВРОПА ОХИРИ АСРИ XVI – НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XVII

Дар асри XVI – нимаи аввали асри XVII дар натиҷаи ташаккул ёфтани муносибатҳои сармоядорӣ дар мамлакатҳои Ғарб сохти феодалӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Дар натиҷаи кашфиёти географӣ, барқарор ва инкишоф ёфтани роҳҳои баҳрӣ муносибатҳо байни мамлакатҳои Европа куллан тағйир ёфтанд. Мамлакатҳои абарқудрати ин минтақа бо мақсади васеъ намудани ҳудудҳои мустамликавии худ ва таъсиси монаполияҳои нав байни худ мубориза мебурданд. Аз асри XVI сар карда, мубориза барои ба даст овардани роҳҳои баҳрӣ, бозори ашёи хом ва истисмори мустамликавӣ сар мешавад.

Дар асри XVI дар Европа се хатти зиддияти байналхалқӣ зуҳур намуданд, ки бо ҷанг таҳдид мекарданд: 1) бархӯрди манфиатҳои тиҷоратӣ ва мустамликавии Испания аз як тараф, Франсия ва Англия аз дигар ҷониб, ки оқибат ба ҷангҳои италянӣ, ки дар мавзӯи гузашта онро баррасӣ кардем ва ҷанги Англия бо Испания оварда расонд; 2) муносибатҳои мутақобилаи давлатҳои европоӣ бо империяи Туркияи Усмонӣ; 3) мубориза байни давлатҳои Европаи Шимолӣ барои ҳукмронӣ дар баҳри Балтика.

Хулоса, барои соҳибшавӣ ба мақоми ҳукмрон дар Европа давлатҳои абарқудрати замон манфиатдор буда, байни ҳам мубориза мебурданд. Яке аз воқеаҳои асосии охири асри XVI ин ҷанги Англия ва Испания буд.

**Ҷанги Англия ва Испания (с. 1585 – 1604). Торумори «Армадаи мағлубнашаванда».** Дар Англия дар давраи ҳукмронии шоҳ Генрихи VIII (с. 1509 – 1547) калисо ба ҳокимияти ӯ тобеъ гардонда шуда буд. Дар давраи ислоҳотчигӣ дар мамлакат зина ба зина англиканӣ – яке аз равияҳои мазҳаби протестантӣ, барқарор карда шуд, ки яке аз хусусиятҳои асосии равияҳои протестантӣ ғоя дар бораи эҳё ва пок намудани мазҳаби католикӣ тавассути баргаштан ба арзишҳои насрониҳои аввалин ва аз ҷониби дигар бошад кӯшишҳои шоҳҳон ва герсогҳо дар самти ба худ тобеъ намудани калисо ва табақабандиҳои калисоӣ буд.

Аммо замоне ки тахти Англияро духтари Генрихи VIII ва шоҳдухтари испанӣ Екатеринаи Арагонӣ – малика Марияи I Тюдор (с. 1553 – 1558) соҳиб шуд, вай ба барқарор намудани мазҳаби католикӣ дар Англия сар кард. Дар ин самт Мария дастгирии императори Германия ва ҳамзамон шоҳи Испания Карли V Габсбургро ба даст дароварда буд. Писари ӯ ва ворисi тахти Испания Филипп бошад дар соли 1554 бо Мария ақди никоҳ баст. Аммо иттифоқ бо императори Германия барои мамлакат талафоти калон овард. Дар рафти Ҷангҳои италянӣ байни Габсбургҳо ва Франсия Англия дар соли 1559 шаҳрбандари муҳими Калеро дар қитъа аз даст дод.

Ғайр аз ин, маликаи Англия протестантҳои англисро сахт таъқиб мекард. Бисёре аз онҳо бо ҳукми суди инквизитсионӣ дар гулхан сӯзонда шуданд. Дар Англия нисбати сиёсати қиркунии худсаронаи Мария норозигӣ ба вуҷуд омад, ки мардум онро сиёсати Хунин ном гузоштанд. Танҳо марги нобаҳангом ма-

ликаро аз сарнагункунӣ наҷот дод. Шавҳари вай Филиппи II (с. 1556 – 1598), ки ҳамон вақт шоҳи Испания ва ҳокими Нидерландия гардид, аз ҳуқуқҳои ба даст даровардани тахти Англия маҳрум гардид. Духтари дуюми Генрихи VIII – Елизаветаи I Тюдор (с. 1558 – 1603) ба тахт нишаста, сиёсати эҳё намудани мазҳаби католикиро қатъ намуда, ба сиёсати давраи падараш баргашт. Вай ҳам мисли хоҳараш сиёсати сахти мазҳабиро пеш гирифта, аммо баръакс дар давраашь дар гулхан акнун католикҳоро месӯзонданд. Малика нағз мефаҳмид, ки ин амал боиси норозигии шоҳи Испания Филиппи II мегардад, ки ӯ дар назди худ ду мақсад гузошта буд: якум, барқарор намудани ҳукмфармоии Испания дар Европа ва дуюм, мубориза бурдан бар зидди ҳамагуна мулҳидон, аз ҷумла бар зидди протестантҳои Англия низ.

Дар солҳои 60 - ум – 80 - уми асри XVI зиддият байни Англия ва Испания боло гирифт. Барои Англия зарурият пеш омад, ки қудрати Испанияро, ки таҳкурсии онро бойгарии мустамликавӣ ташкил медод, барҳам диҳад. Аммо на Елизавета ва на Филипп дар муддати дароз намехостанд, ки муборизаи ошкороро сар намоянд. Филипп ҳатто хост, ки аз дипломатияи никоҳӣ истифода намуда, ба Елизавета бастани ақди никоҳро пешниҳод кард, аммо маликаи Англия оғоз намудани гуфтушунидҳоро оид ба масъалаи мазкур кашола медод. Баробари ин, киштиҳои Англия ба киштиҳои испанӣ ва ба мустамликаҳои он дар Америка ҳамла меоварданд ва баъзе қалъаҳои Испанияро дар Америка ғорат мекарданд. Ба ҳамаи эътирозҳои испаниҳо Елизавета ҷавоб мегардонд, ки вай дар бораи ин ҳеҷ чизро намефаҳмад, гарчанде ки сардорони киштиҳо дар бисёр маврид бо хоҳиши вай ба ин корҳо даст мезаданд ва худи малика бошад қисми ғаниматҳои ба даст омадаро соҳиб мешуд.

Баъди ноком шудани дипломатияи никоҳӣ Филипп хост, ки Елизаветаро аз тахт дур кунад. Ӯ якчанд сӯиқасдҳоро бар зидди Елизавета маблағгузорӣ намуда, дар рафти онҳо ба католикҳои англис такя мекард. Католикҳо номзадии худро дар симои маликаи Шотландия Мария Стюарт, ки ба тахти Англия ҳуқуқ дошт, медиданд, ки вай аз низои дохилии Шотландия гурехта, аз соли 1568 дар Англия паноҳ ёфта буд. Расман вай зери ҳимоя, лекин дар асл бошад дар асорати Елизавета қарор дошт. Мария Стюарт дар асорати Елизавета монд, маликаи Англия ба ин фикру назар буд, ки то вай зинда аст, Испания бар зидди Англия ҷангро оғоз намекунад.

Саршавии ҷанг бошад рӯз то рӯз наздик мерасид ва ҳар ду тараф ба он омодагии ҷиддиро медиданд. Елизавета нақшаи таъсис додани иттифоқ бар зидди Испанияро кашид, ки ба он бояд ғайр аз Англия Франсия ва музофотҳои шимолии Нидерландия, ки аз соли 1566 сар карда, зидди испаниҳо хеста буданд, ворид мешуданд. Барои ба тарафи худ кашидани Франсия маликаи Англия розӣ шуд, ки ба вористи тахти Франсия, герсог Франсуа Алансонсӣ ба шавҳар барояд. Аммо Франсияро аз соли 1562 сар карда, ҷанги шаҳрвандии байни католикҳо ва протестантон - калвинистон (гугенотҳо) фаро гирифта буд, ки он мавқеи рақибони Испанияро заиф гардонда буд. Гугенотҳоро дастгирӣ карда, Елизавета ба Франсия аскарони худро фиристонд ва талаб намуд, ки

шаҳр-бандари Кале ба Англия баргардонда шавад. Дар ҷавоб ашрофони католикии Франсия барои ёрӣ ба Филиппи II мурочиат намуданд.

Баробари ин, Елизавета кӯшиш намуд, ки ба музофотҳои исёнбардоштаи Нидерландия низ ёрӣ расонад. Моҳи декабри соли 1585 маликаи Англия ба Нидерландия корпуси иборат аз 7 ҳазор нафар ҳарбиёнро бо фармондеҳии одами ба худ наздик – Роберт Дадли, ки унвони граф Лестерро дошт, фиристонд. Аммо ӯ фармони маликаро вайрон карда, унвони генерал-губернатори музофотҳои исёнбардоштаро қабул накард. Ин имконият дод, ки мавқеи Испания дар Нидерландия нисбати Англия мустаҳкам гардад. Дар Нидерландияи Шимолӣ англисҳо ба дастовардҳои ҳарбӣ ноил нашуданд. Ягона муҳорибае, ки 22 сентябри соли 1586 ба вуқӯъ пайваст, бо шикасти Лестер анҷом ёфт. Баъдтар ӯ ба Англия чеғ зада шуд.

Муносибатҳо байни Англия ва Испания баъди қатли Мария Стюарт боз ҳам вайронтар гардиданд. Елизавета фаҳмид, ки аз ҷанг роҳи гурез нест, дигар нахост, ки рақиби хавфноки худро зинда нигоҳ дорад. Бо ёрии одамони худии пешакӣ омода шуда Марияро водор намуданд, ки сӯиқасдро бар зидди Елизавета дастгирӣ намояд. Барои ин амалаш маликаи Шотландия Марияро суд карда шуда, сарашро аз тан ҷудо карданд. Ҳуқуқҳои худро ба тахти Англия Мария ба Филиппи II васият карда буд. Ҳамаи ин рафторҳо шоҳи Испанияро ба он тела доданд, ки ҷангро оғоз намояд. То баҳори соли 1588 дар лангари пойтахти Португалия, шаҳри Лиссабон, ки испаниҳо мамлакати мазкурро соли 1581 соҳиб шуда буданд, 128 киштӣ бо 2400 тӯп ҷамъ карда шуданд, ки дар онҳо 8 ҳазор маллоҳ ва 19 ҳазор аскар ҷойгир карда шуданд. Сарфармондеҳии флотро ба зиммаи герсоги Медина - Сидония – дон Алонсо Перес де Гусман гузошта, ба ӯ рутбаи адмиралро доданд, аммо мазкур оид ба корҳои ҳарбӣ маълумот надошт. Флот бошад номи «Армадаи мағлубнашаванда»-ро гирифт. Дар эскадараи мазкур маллоҳони таҷрибадор кам буданд, дар масъалаи таъминоти хӯрока низ мушкилӣ ҷой доштанд. Ҳатто бочка (чалак)-ҳои мустаҳкам низ намерасиданд.

Мувофиқи нақшаи Филиппи II «Армадаи мағлубнашаванда» бояд ба Нидерландия раҳсипор мешуд ва дар бандари Дюнкерк бо дастаҳои дигар якҷо шуда, ба Англия ҳамла намоянд. Аммо кай бояд ин муттаҳидшавӣ сурат мегирифт, номуайян монд.

Дар Англия низ баҳор - тобистони соли 1588 мусаллаҳкунии бошитоб гузаронда шуд, дар ҳар як графгарӣ дастаҳои ҷангиро ҷамъ намуданд. Воситаи асосии Англия барои мудофиа аз Испания флот буд. Он аз се даста иборат буд. Қувваҳои асосӣ бо сардории адмирал Хауард Эффингем гулугӯи Ла-Маншро назорат мекард. Дастаҳои киштиҳо дар Пилмутро муовини ӯ Дрейк, ки рутбаи ноиб-адмиралро гирифта буд, фармондеҳӣ мекард. Муовини дигар, ноиб-адмирал Гокинс дар Дувр қарор дошт. Шумораи умумии флоти Англия аз 197 киштии дорои 6500 тӯп иборат буд, аммо танҳо 8-то аз онҳо аз ҷиҳати техникӣ баробар ба киштиҳои испанӣ буданд.

Киштиҳои «Армадаи мағлубнашаванда» аз Лиссабон 20 майи соли 1588 ба роҳ баромаданд. Дар роҳ бошад онҳо ба мушкилӣ, аз ҷумла нарасидани оби ошомиданӣ, тӯҳфони вазнини баҳрӣ рӯбарӯ шуданд. Аз шиддати тӯҳфон бисёре аз киштиҳо зарар дида, аз сари нав дар бандари Ла-Коруняи шимолғарбии Испания таъмин гардиданд. Ҳангоми дар бандари Ла-Коруня буданашон Алонсо Перес де Гусман ба Филиппи II мактуб навишта, пешниҳод намуд, ки бо Англия сулҳи ифтихорӣ баста шавад. Аммо Филиппи II фармон дод, ки юриш идома дода шавад.

12 июли соли 1588 эскадра боз ба роҳ баромада, баъди як ҳафта он ба Ла - Манш даромад. Англисҳо онро дида, ба мудофиа омодагӣ диданд. Елизаветаи I Лестерро сарфармондеҳи қувваҳои Англия, ки дар бандари Тилбери ҷамъ карда шуда буданд, таъйин намуд.

Ҷанг дар Ла-Манш 21 июли соли 1588 сар шуда, он бе танаффус то 30-юми июл идома ёфт. 30 июли 1588 Алонсо Перес де Гусман ба шимол ҳаракат намуда, хост, ки тавассути Шотландия ва Ирландия ба уқёнуси Атлантика ворид шавад.

Ин қарори вай ҳолатҳои навбатӣ ба бор овард: киштиҳо дар муқобили бод ҳаракат карда натавонистанд, дар гулӯгоҳ мондани онҳо бошад бо сабаби ҳамлаҳои мунтазами англисҳо хатарнок буд. Аммо хати сафаре, ки адмирал интихоб намуда буд, барои армада роҳи марг гардид. Англисҳо армадаро то соҳилҳои Шотландия таъқиб карданд, то замоне ки борут ва хӯрокаашон тамом нашуд. Аммо фалокати испаниҳо бо ин ҳам тамом нашуд. Тӯҳфон се киштии армадаро дар Шотландияи Ғарбӣ ва 25 киштии дигарро дар Ирландияи Ғарбӣ аз байн бурд. Маллоҳони испанӣ, ки кӯшиш мекарданд тавассути қаиқҳо наҷот ёбанд, ба дасти англисҳо афтиданд. Танҳо нисфи киштиҳо бо 9 ҳазор одам сентябри соли 1588 ба бандари Сантандер баргаштанд. Шикасти «Армадаи мағлубнашаванда» ба қудрати баҳрии Испания зарбаи ҳалокатвор зад.

Баъди ин ғалаба Англия бар зидди Испания ҷанги баҳриро дар қаламрави бузург – аз Ла-Манш ва соҳилҳои Испания то Америкаро оғоз намуд. Дар ин муҳорибаҳо низ англисҳо бартарияти худро нишон доданд. Соли 1595 англисҳо ногаҳон ба бандар ва шаҳри испании Кадис, ки дар соҳили Атлантика ҷойгир аст, ҳамла намуданд ва боқимондаи флоти Испанияро сӯзонданд. Ҳамин тавр, дар мубориза барои ҳукмфармоӣ дар Европа Испания бохти калонро аз сар гузаронд. Ҷанг расман то соли 1604 идома ёфта буд.

Сулҳи ниҳоиро вориси Филиппи II – Филиппи III (с. 1598 – 1621) ва шоҳи Англии ва Шотландия, писари Мария Стюарт – Якови I Стюарт (с. 1603 – 1625) имзо гузоштанд. Ғалабаи дар ҷанги мазкур Англияро ба яке аз давлатҳои қудратмандтарини баҳрӣ дар ҷаҳон табдил дод ва барои он роҳҳоро дар самти забт намудани мустамликаҳо дар тамоми қисмҳои олам кушод. Бо ҳамин, ба мақоми гегемонии Испания дар бахр зарбаи ҷиддӣ расонда шуд.

**Европа дар арафаи Ҷанги Сисола.** Дар ибтидои асри XVII дар маркази муборизаи қувваҳои сиёсии Европа Германия қарор гирифт. Германия пас аз

шикасти ҷанги бузурги деҳқонӣ дар ҳолати парокандагӣ қарор дошта, ҳоло ҳам заиф буд.

Низои асосӣ дар харитаи сиёсии Европаи Ғарбӣ байни коалитсияи габсбургҳои испанӣ ва австриягӣ аз як тараф ва Франсия аз ҷониби дигар зуҳур карда буд. Ҳар ду ҷониб барои ҳукмрон шудан дар ин қисмати Европа иддао мекарданд.

Давлатҳои дигар дар ин мубориза чун миёнарав ё бетараф истода, аз ҳисоби тарафҳои даргир фоида ба даст меоварданд. Фақат Англия фаъолияти рӯирости зидди Лигаи Католикиро пеш гирифта, ба иттифоқи зидди Габсбургҳо дохил гардид. Давлати Рус, Полша ва Туркия дар ин ҷанг мустақиман иштирок накарданд, вале таъсири бавоситаи худро ба он мерасонданд. Россия дар ҷанги мазкур ҳамчун иттифоқчии протестантҳо ва Туркия чун иттифоқчии Франсия баромад мекарданд.

**Ҷанги Сисола (1618 – 1648).** Ҷанги мазкур бо сабаби баҳсу муборизаҳои мазҳабӣ байни католикҳо ва протестантҳо ба амал омада, асосан хусусияти истилогарона дошт. Сабаби асосии ин ҷанг таъқиботи ошкорои динӣ ва сиёсии Габсбургҳо нисбати аҳолии Чехия ба шумор мерафт.

**Баҳонаи ҷанг.** Баҳонаи асосии оғози Ҷанги Сисола ҳодисаҳои моҳи майии соли 1618 дар Чехия гардиданд. Ҳукуматдорони империяи Габсбургҳо тибқи қабули як ҳуҷҷат ошкоро ҳуқуқи динӣ ва сиёсии чехҳоро вайрон намуда, ба таъқиботи протестантҳо ва касоне, ки тарафдори мустақилияти миллии чехҳо буданд, сар карданд. Дар ҷавоб ба ин, чехҳо намоишҳои оммавиро ташкил намуданд, ки дар рафти он дарбориёни рӯҳияи мухолифин дошта низ фаъолона иштирок намуданд. Анбӯҳи мусаллаҳи исёнбардошта ба қасри қадимаи шоҳии Гради Прага ворид шуда, дарбориёни протестантӣ ду нафар ҳокимони маҳаллии Габсбургҳо – Ярослав ва Славатро аз баландии 18 метраи қасри Гради Прага ба замин партофтанд, ки ин воқеа дар таърих бо номи *дефенестратсияи дуюми Прага* машҳур аст. Вазъияти ба амал омада, сабабгори оғози Ҷанги Сисола гардид.

**Давраҳои ҷанг.** Ҷанг Сисола аввалин набарди миқёси умумиевропоӣ буда, ба чор давра ҷудо мешавад: 1) давраи Чехӣ (с. 1618 – 1624); 2) давраи Даниягӣ (с. 1625 – 1629); давраи Шведӣ (с. 1630 – 1635); давраи Франко - шведӣ (с. 1635 – 1645).

***Давраи Чехӣ.*** Ҷанг 23 майи соли 1618 бо дефенестратсияи дуюми Прага – аз ҷониби дарбориёни протестантмазҳаби чех аз баландии тиреза партофтани мансабдорони император оғоз гардид. Дар моҳи августи соли 1619 шӯришчиён император Фердинанди II - ро аз тахт фуроварда, сарвари унияи Евангелӣ Фридрихи V - ро шоҳи Чехия интихоб намуданд. Аммо артиши Чехия ба мағлубият дучор шуд. Чехия ҳамчун давлати мустақил фаъолияташро қатъ намуд ва калисои мухтори гуситии чехӣ ба калисои барқароршудаи католикии анъанаи римӣ иваз карда шуд. Ин амалкард ва калисои мазкур аз ҷониби император ҳамчун модел барои барҳам задани мазҳаби лютеранӣ дар Германия низ баррасӣ карда шуд.

***Давраи Даниягӣ.*** Артиши империя зери сарфармондеҳии Алберт фон Валленштейн ба Германияи Шимолӣ ҳуҷум намуд. Артиши шоҳи Дания Кристиани IV хост, ки ба он халал расонад, аммо дар муҳорибаҳо шикаст хӯрд. Ҳамин тавр, артиши империявӣ герсоггариҳои Мекленбург ва Шлезвиг-Голштейнро зери назорати худ гирифта, барои баромадан ба баҳри Балтика имкониятро ба даст даровард. 22 майи 1629 шоҳи Дания ва император Фердинанди II дар шаҳри Любек (Шимолии Германия) шартномаи сулҳро имзо гузоштанд. Тибқи он империя ба Дания мулкҳои забтшудаашро ба ивази дахолат накардан дар корҳои Германия баргардонд.

Ғалабаи артиши империяро аз ҳар ҷиҳат ислоҳоти аз ҷониби сарфармондеҳи он, А. Валленштейн омода карда шуда, таъмин намуда буд. Моҳияти ташкил додани артиши бузург (50 ҳазор), ки он ӯҳдадор гардид мавҷудияти худро тавассути ба даст даровардани реквизитсия[1] аз мулкҳои ишғолшуда таъмин намояд, иборат буд. Ин амал ба харобшавии сартосарии мулкҳои ишғолӣ оварда расонд. Таъсис додани чунин намуд артиши калон муқовимати князгариҳои майдаи протестантиро аз имконият берун кард.

6 марти соли 1629 император Фердинанди II «Эдикт дар бораи реститутсия»[2] - ро қабул намуд, ки он ба таври қатъӣ ҳуқуқи протестантҳоро маҳдуд намуд. Пайравӣ намудан аз равияи калвинизм манъ карда шуд. Равияи лютеранӣ ҳоло ҳифз нигоҳ дошта шуда, аммо ба калисои католикӣ бояд ҳамаи моликияти он, ки соли 1552 аз ҷониби протестантҳо ғасб гардида буд, дар муддати ҳаёти се насл баргардонда мешуд.

***Давраи Шведӣ.*** Дар ин давра шоҳи Шведсия Густави II Адолф ба ҷанг мудохила намуданро сар кард. Дар муқобили А. Валленштейн, ӯ намуди нави артишро таъсис дод, ки он аз артиллерияи тезпаррони саҳроӣ ва дастаҳои зудамали касбии хушкигард иборат буд. Навигариҳои ҳарбии Густав Адолф ба ӯ имконият дод, ки беҳтарин лашкаркашони империя – Иоган Серклас фон Тилли дар муҳорибаи назди Брейтенфелд (с. 1631) ва А. Валленштейнро дар муҳорибаи назди Лютсен (с. 1632) шикаст диҳад, гарчанде ки дар муҳорибаи охирӣ худи шоҳ Густав Адолф ҳам ҳалок гардид. 21 майи соли 1635 шартномаи Париж баста шуда, он «Эдикт дар бораи реститутсия»-ро аз эътибор соқит дониста, амалнамоии шартномаи сулҳи Аугсбургро аз соли 1555 барқарор намуд.

***Давраи франко-шведӣ.*** Ин давра бо ба ҷанг ҳамроҳ шудани Франсия алоқаманд аст. Сарвазири Франсия, герсог Ришеле талаб мекард, ки ба Испания ва империяи Муқаддаси Рим бояд шикасти қатъӣ зада шавад. Дар ҷанг бар зидди Габсбургҳо Шведсия ва иттифоқчиёни италянии Франсия – герсоггариҳои Савойя, Мантуана ва ҷумҳурии Венетсия низ ҳамроҳ шуданд. Артиши Франсия дар муҳорибаҳои Рокруа (с. 1643) ва Ланс (с. 1648) артиши Габсбургҳоро торумор намуд[3].

[1]Реквизитсия – маҷбуран кашида гирифтани моликият аз соҳибмулк.
[2]Реститутсия – пас гардондани ҳуқуқҳои пешина ба ким-кадом моликият.
[3]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 19 – 21.

**Сулҳи Вестфал ва натиҷаҳои Ҷанги Сисола.** Қариб ҳамзамон дар як вақт дар ду епископати Вестфал – католикии Мюнстер (15 майи соли 1648) ва протестантии Оснабрюк (24 октябри соли 1648) шартномаи сулҳи Вестфал ба имзо расид, ки он Ҷанги Сисоларо ҷамъбаст намуд[1]. Музокираи ин созишнома байни императори империяи Муқаддаси Рим ва давлатҳои протестантию Шведсия дар Оснабрюк ва миёни империяи Муқаддаси Рим ва Франсияю давлатҳои католикӣ дар Мюнстер доир гардида, ба фоидаи Иттифоқи франко-шведӣ ба анҷом расид.

Ҷанги Сисола, ки асосан дар ҳудуди Германия аз ҷониби ҳукуматдорони Лигаи Католикӣ ба амал омада буд, боиси заиф гардидани вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқи малакат гардид. Габсбургҳо, ки дар ин ҷанг саҳмгузор буданд, пас аз соли 1648 дар муносибатҳои байналхалқӣ эътиборашонро аз даст дода, ба ҷойи онҳо давлатҳои Франсия, Шведсия, Россия ва дигарон мавқеи худро мустаҳкам намуданд. Пас аз ин воқеа дар муддати чандин солҳо Германия дар ҳалқаи ҷангҳои пайдарпайи байнихудӣ қарор гирифта, дар натиҷаи онҳо дар мамлакат ғоратгарӣ, таҷовуз, бесарусомонӣ ва қатлу куштор ҳукумфармо гардид, ки аз ин ҳолат бештар аҳолии маҳаллӣ зарар медид.

Ҷанги Сисола баҳси территориявии ду мамлакатро ба фоидаи Франсия ҳал намуд. Ҳамин тавр, империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ ба конгломерати қариб 300 давлати мустақил табдил ёфт[2].

Франсия робитаи мустаҳками худро бо князгариҳои протестантии Европаи Марказӣ ба роҳ монд. Дар Шарқ бошад кардинал Ришеле «монеаи шарқӣ», яъне системаи шарикии Париж бо Шведсия, Реч Посполита ва империяи Усмониро поя гузошт, ки Франсия метавонист онро бар зидди империяи Габсбургҳо ва агар зарурият пеш ояд, зидди Россия ҳам истифода намояд. Аз тарафи дигар Франсия дар Европа системаи таъсири сулолавиро офарид. Дар Европа сулолаҳое ба миён омаданд, ки дар фаъолияти худ такя ба Париж мекарданд.

Натиҷаҳои Ҷанги Сисола ба равандҳои сиёсии аз маркази низоъ дур сурат гирифта, низ таъсири чуқур расонд. Натиҷаи асосии Ҷанги Сисола аз нуқтаи назари пешравӣ дар муносибатҳои байналхалқии асрҳои миёна он гардид, ки ҷанги мазкур ба таври зич Европаро, хусусан Англия, Франсия, Шотландия, Испанияро ба остонаи давраи ниҳоии ташаккулёбии давлатҳои миллӣ оварда расонд. Давраи мазкурро Европаи Ғарбӣ танҳо баъди Ҷанги Сисола тай намуд. Даҳшати ҷанги мазкур барои баргаштан ба самти империяи универсалӣ, зидди болобардории як давлат монеаҳоро гузошт. Ин

[1]Протопопов А. С., Козьменков В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010 гг.). Третье издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2012. С. 5.

[2]Лебедева М. М. Мировая политика. Учебник для вузов. 2 издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2007. С. 14.

монеаҳо то саршавии ҷангҳои Наполеонӣ низ по барҷо буданд ва баъд боз Конгресси Вена тавонист онҳоро барқарор намояд.

Низои сисола дар маркази Европа аз худ тасвири даҳшатноки ҷанги ҳама зидди ҳамаро болои харитаи сиёсии қитъа ва дар таърихи муносибатҳои байналхалқӣ боқӣ гузошт: дар амалиётҳои ҷангӣ империяи Габсбургҳо ва Лигаи князҳои католикӣ, унияи Евангелӣ, Испания, Англия, Голландия, Франсия, Италия, Шведсия, Дания, Полша, Россия, Португалия иштирок доштанд. Дар рафти аввалин ҷанги сатҳи умумиевропоӣ моҳиятан тақдири ду принсипи муҳимтарини муносибатҳои байналхалқии асрмиёнагӣ ҳал гардид: принсипи конфессионалӣ ва универсалӣ.

Ислоҳотчигӣ ягонагии калисои римӣ - католикиро шикаста, вайрон кард ва сар аз Маҷлиси ҷомеи Тридент (с. 13. 12. 1545 – с. 14. 12. 1563) то Сулҳи Вестфали соли 1648 мубориза католикҳо ва протестантҳоро дар маркази сиёсати европоӣ қарор дод[1]. Маҷлиси ҷомеи Тридент маҳз ба хотири мубориза бурдан бар зидди ислоҳотчигӣ даъват карда шуда буд. Папаи Рим, хотироти таърихиро оид ба тақдири насрония дар Рими Бостон рад кард, фаромӯш намуд, ки тибқи он барҳам задани эътиқоди нав, чароғи ҷӯшу хурӯши кандашудаи ғоявӣ - динӣ хомӯш карданро ҳатто ҳукмронони империяи ҷаҳонӣ қувват надоранд, аммо баръакси он мақсади худро дар аз байн бурдани ҷараёни лютеранӣ донист. Барои аз байн бурдани ҷараёнҳои протестантӣ империяи универсалии Муқаддаси Рим сафарбар гардида, ки садоқати худро ба мазҳаби католикӣ нигоҳ дошта буд. Ин миссияро сулолаи Габсбургҳо ба гардан гирифтанд, ки дар худи Европа ва мустамликаҳо мулкҳои калонро муттаҳид карда буд.

Ҷанги Сисола ва бастани Сулҳи Вестфал натиҷаҳоеро ба бор оварданд, ки тибқи он зиддияти системаҳои ҷаҳонӣ низ мумкин акнун ба охир расад: онҳо дар ҳолате набуданд, ки бо ҳам оштӣ шаванд, аз таълимоти худ даст кашанд, аммо қодир буданд, ки бо ҳам унс гиранд ва дар шароити намунавии мувозинати баробарии қувваҳо «status quo» - ро ҳифз нигоҳ доранд. Воқеан эътироф намудани «status quo», баробарҳуқуқии мазҳабҳои католикӣ ва протестантӣ маънои секуляризатсияи сиёсати хориҷиро ифода мекард, муроҷиату гузашти онро аз қуллаҳои баланди ҳимояи эътиқоди ҳақиқӣ ба самти прагматизми манфиатҳои давлатӣ маънидод мекард. Сулҳи Вестфал дар Европа ба таври ниҳоӣ архитектоникаи системаи воҳиди муносибатҳои байналхалқиро барқарор намуд. Принсипи асоси он суверенитети миллӣ (давлатӣ) гардид. Дар ин система аллакай барои империяи универсалӣ, ки он аз ҷониби давлатҳои миллӣ танг карда шуд, ҷой набуд ва роҳу равиши асосии рушди муносибот акнун дар самти ҷустуҷӯи балансиманфиатҳои иштирокчиён мерафт, ки механизмҳои нигоҳ доштани кафолати бехатарӣ дар ҷаҳонро мекофтанд, ки дар он ҳомигии империяи универсалиро зарур намешумориданд.

[1]Ниг.: Филиппсон М. Религиозная контрреволюция в XVI веке. Тридентский Собор. 2-е издание. М.: Либроком, 2011. – 424 с.

Ҳамин тавр, Сулҳи Вестфал ба системаи нави муносиботи байналхалқӣ асос гузошт, ки дар натиҷа он системаи Вестфалӣ ё модели давлат-марказии системаи ҷаҳонӣ ном гирифт. Принсипи суверенитети миллӣ он маъноро дошт, ки ҳар давлат ҳуқуқи комил дорад, ки сиёсати дохилию берунии худро мустақилона ба роҳ монад. На танҳо қудрати давлат дар муайянкунии сиёсат таъмин карда шуд, инчунин он дар муайян намудани стратегияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ низ амалан ҳокимияти пурраро ба даст овард[1].

[1]Лебедева М. М. Мировая политика. Учебник для вузов. 2 издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2007. С. 15.

# БОБИ III. СИСТЕМАИ ВЕСТФАЛИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## 3. 1. ДАВРАИ НАВ ВА ОҒОЗИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Маълумоти умумӣ оид ба давраи нави муносибатҳои байналхалқӣ.**

Хусусиятҳои таҳаввулоти муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи Нав он буданд, ки ба таври ошкоро системаи ҷаҳонии муносибатҳои байналхалқӣ европомарказ гардид. Барқароршавии системаи мазкур маънои онро надошт, ки ҳамаи ҳодисаҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар Европа сурат мегирифтанд. Албатта не. Масалан, дар Хитой дар ин давра ивазшавии сулола ба вуҷуд омада, ба ҷойи сулолаи Мин сулолаи манҷурии Син сари қудрат омад ва давраи бо суръати тез васеъшавии қаламрави империя ба вуҷуд омада, дар муддати аз охири асри XVII – то нимаи аввали асри XVIII сарҳадоти он дар шимол то Амур ва дар ғарб то қаламравҳои Қазоқистони имрӯза расиданд. Дар нимҷазираи Ҳиндустон баръакс дар ибтидои асри XVIII парокандашавии империяи Муғулҳои Ҳинд сар мешавад ва ин ба европоиҳо имкониятҳои иловагӣ дод, ки ба дарунтари субқитъаи мазкур сар дароваранд. Гап дар сари дигар чиз меравад. Гап сари он меравад, ки системаи ҷаҳонии муносибатҳои байналхалқӣ дар ин давра на дар натиҷаи муттаҳид шудани системаҳои минтақавии муносибатҳои байналхалқӣ дар як системаи воҳид ба вуҷуд омад, ки онро мумкин буд интизор шуд, балки он дар рафти экспансияи фаъолонаи системаи муносибатҳои байналхалқии европоӣ берун аз қаламрави худ ташаккул ёфт. Баробари ин, принсипҳо ва параметрҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ маҳз дар миёнаи асри XVII дар чорчӯбаи системаи ба ном Вестфалии муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул ёфтанд.

Ҳамин тавр, системаи муосири байналмилалӣ, ки дар он субъект давлат буда, восита – шартномаву қарордодҳо мебошанд дар давраи нав ба вуҷуд омад. Дар давраи нав дар асоси принсипҳои территориявӣ ва суверенитет ба таври ниҳоӣ шахсияти асосии амалкунандаи муносибот, субъекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ муайян гардид, ки он ҳам бошад давлати мутамарказ мебошад[1]. Ҳамин тариқ, системаи вестфалӣ – системаи равобити мутақобилаи давлатҳои миллӣ, дар заминаи принсипҳои зерин барқарор гардид: суверенитет – ҳамчун ҳуқуқи давлат дар амалӣ намудани сиёсати мустақилонаи дохилию хориҷӣ; монополияи давлат ба қувваи зурӣ ҳамчун ҳуқуқи давлати мустақил аз болои шаҳрвандони худ; ҳамчун субъектони ягонаи легитимии муносибатҳои байналхалқӣ эътироф намудани давлатҳои мустақил; ба расмият шинохтани давлат аз ҷониби дигар давлатҳои миллӣ.

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 4.

Азбаски принсипи суверенитет бори нахуст дар Шартномаи Вестфал аз соли 1648 ба қайд гирифта шуд, он ба худ номи «принсипи вестфалии суверенитет»-ро гирифт[1].

Мувофиқи назарияи аксарияти муаррихон маҳз сулҳи Вестфал пурра боқимондаҳои асрмиёнагиро дар муносибатҳои байналхалқӣ аз байн бурд ва аз нуқтаи назари принсипиалӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ба давраи нав асос гузошт.

Дар натиҷаи Сулҳи Вестфал секуляризатсияи ниҳоии муносибатҳои байналхалқӣ дар Европа барқарор гардид. Агар пеш аз ин сиёсати хориҷиро аз бисёр ҷиҳат тавассути ба назар гирифтани хусусиятҳои динӣ пеш мебурданд, дар давраи Нав бошад фаъолияти давлатҳо дар ин самт дар асоси принсипи raison d'être – принсипи манфиати давлатӣ сурат мегирифт, ки мувофиқи он тамоми қарорҳо на тибқи асосҳои динӣ, идеологӣ ва ғайридавлатӣ, балки мувофиқи талаботу манфиатҳои худи давлат қабул карда мешуданд[2].

Сулҳи Вестфал ва анҷомёбии ҷанги Сисола, давраи папагиро дар муносиботи байналхалқӣ аз миён бурда, заминаҳои муносиботи нави байналмилалиро гузошт. Ҷанги Сисола, ки характери мазҳабиро дошт, давлатҳои европоиро ба харобазор табдил дод. Аз ин пас нақши калисо ва дин дар муносибатҳои байналхалқӣ як сӯ гузошта шуда, барои сиёсати миллии давлатҳо роҳ пурра кушода шуд. Ҳамин тариқ, нақши дин, калисо дар идоракунии давлат ва иштироки он дар муносиботи байналхалқӣ, қариб ки аз байн бардошта шуд. Танҳо дар давраи мустамликадорӣ дар мустамликаҳо аз сиёсати миссионерии динии мазҳаби католикӣ истифода шуду халос. Баъди сулҳи Вестфал анъанае роиҷ гардид, ки дар назди дарбори мамлакатҳои хориҷӣ бояд резедентҳои доимиро мондан даркор аст. Бори нахуст дақиқ сарҳадҳои давлатҳоро муайян ва маҳкам намуданд. Институти папагӣ ҳамчун қувва аз болои давлату халқҳо аз байн бардошта шуд, давлатҳо дар муносиботи байналхалқӣ тибқи манфиатҳои миллии худ амал намуданро оғоз карданд. Сулҳи Вестфал ҳуқуқи баробарии мавҷудияти мазҳабҳоро дар Европа эътироф намуд.

Давраи нав дигаргуниҳои қатъиро дар муносиботи халқҳо ва давлатҳо ворид намуд. Сиёсати ҷаҳонӣ бори нахуст дар таърихи инсоният дар ҳақиқат ҷаҳонӣ шуд: тамоми мамлакатҳо ва халқҳо, ба сифати объект ё субъекти муносибот, ба муносиботи байналхалқии бутун ҳамроҳ карда шуданд. Давлатҳои миллӣ акнун дар саҳнаи сиёсии Ҷаҳонӣ нақши пешбарандаро иҷро намуда, сохтори идоракунӣ ва шакли давлатии барои замонҳои гузашта хос, сенорҳои феодалӣ, шаҳр - давлатҳо, давлатдории намуди шарқӣ ва дигар намуди сохтори давлатиро танг карда, аз бозӣ бароварданд. Ва охирон давраи нав барои ҳукмфармоии асосии европоӣ дар корҳои сатҳи ҷаҳонӣ давраи мутлақро кушод, ки ин тантана то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ идома ёфт, ки танҳо дар натиҷаи

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 6.
[2]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 5.

ҷамъбасти он дар муносибатҳои байналхалқӣ ба европосентризим хотима бахшида шуд.

Ғалабаи тарзи истеҳсолоти капиталистӣ, зина ба зина гузариши ҳокимият ва таъсири сиёсӣ аз дасти табақаҳои анъанавӣ (дарбориён, рӯҳониён, савдогарон) ба дасти гурӯҳҳои нави ҷамъиятӣ (буржуазия, зиёиён, коргарон) ба вуҷуд оварда, ҳамаи ин таъсири худро ба сиёсати хориҷии давлатҳои пешбарандаю тараққикарда мерасонд. На танҳо мақсади сиёсати хориҷӣ, яъне ба ҷойи ҷангҳои сулолавӣ ҷангҳои тиҷоратӣ ва мустамликавӣ омаданд, инчунин ҷойи методҳои он ва мақоми кашмакашиҳои наздидарбориро компанияҳои дар раванди муносибатҳо ба вуҷуд омада ва баҳсу мунозираҳо дар парламент гирифтанд.

Сохтори муносиботи байналхалқӣ дар давраи нав ба ду қисм ҷудо карда мешавад: қисми якум солҳои 1648 – 1815 - ро дар бар мегирад, замоне ки системаи муносиботи байналхалқӣ аз рӯи устувории сохтори дохилӣ дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор дошт. Ва давраи дуюм, солҳои 1815 – 1914 - ро дар бар мегирад, ки дар ин вақт дар таърихи инсоният системаи муносиботи байналхалқӣ – «консерти европоӣ» амал мекард.

Системаи муътадил дар муносибатҳои хориҷӣ тавонист танҳо баъди барқароршавии баланси устувор байни аъзоёни асосии таъсиррасони иттиҳоди байналхалқӣ – давлатҳои бузург ба вуҷуд омад. Дар тамоми давраи нави таърихӣ бошад равиши сиёсати ҷаҳониро панҷ давлати аз ҷиҳати ҳарбӣ тавонои европоӣ – Австрия (баъдтар Австро-Венгрия), Британияи Кабир, Пруссия (Германия), Россия ва Франсия муайян мекарданд. Давлатҳои хурди европоӣ ва давлатҳои ғайриевропоӣ дар амал ягон нақши асосиро дар қабул намудани қарорҳо оид ба масъалаҳои асосии муносиботи байналхалқӣ иҷро намекарданд. Барои ҳамин, дар рафти омӯзиши муносиботи байналхалқӣ дар ин давра диққати асосиро ба сиёсат ва нақши давлатҳои бузург равона менамоянд.

Дар бораи тартиботи ҷаҳонии он замоне ки мо ҳарф мезанем, он тартиботи ноадолатона буд. Он, бар хилофи манфиатҳои давлатҳои майда ва намоишкорона рад намудани орзую омоли халқҳои ғайриевропоӣ, дар асоси тантанаи қувваи дағал созмон дода шуда буд. Бо ин ҳама нигоҳ накарда, зуҳурёбии системаи мустаҳками муносиботи байналхалқӣ, бо ҳамаи номукаммалиаш нигоҳ накарда, ба Европа имконият фароҳам овард, ки қитъа дар амал аз ҷангҳои бетанаффус (хусусан аз ҷангҳо байни давлатҳои абарқудрат) халос хӯрад. Асри XIX асри «консерти европоӣ», ба инсоният дамгирӣ (танаффус)-и сулҳомези пеш аз ин ношунидаро тӯҳфа намуд (с. 1814 – 1853 ва с. 1871 – 1914), даврае, ки қитаъи Европа тавонист оқибат аз низоъҳои харобкунандаи ҳарбӣ дам гирад. Ва тамаддуни европоӣ тавонист пурра ин имконияотро истифода барад: маҳз дар асри XIX давлатҳои пешқадамтарини Европа табаддулоти саноатиро аз сар гузаронданд, ба таври комил тарзи ҳаёти одамон тағйир ёфт. Дар мафкура ва ҷаҳонбинии элитаҳои ҳукмрон ва оммаи халқ оҳиста-

оҳиста ақидаву боварӣ оид ба роҳ надодан ба ҷанг ҳамчун воситаи ҳал намудани масъалаҳои байналхалқӣ мустаҳкам гардид.

Дар охири давраи нав Ҷанги якуми ҷаҳонӣ на танҳо ба ин системаи муносиботи байналхалқӣ, балки дар умум ба тартиботи ҷаҳонии европосентристӣ зарбаи ҳалокатвор зад. Дар натиҷаи ин ҷанг маркази нави ғайриевропоӣ – ШМА ба иҷро намудани мақоми нақши сарварӣ дар системаи муносиботи байналхалқӣ даъвогари асосӣ шуда, онро баъдтар ба даст овард.

Ҳамин тавр, дар тамоми давраи нав давлатҳое, ки дар ихтиёри худ аз ҳама дида қувваи зиёди ҳарбӣ дошта, аз бартарияти ҳарбӣ бархӯрдор буданд, ҳамзамон дар прогресси тамаддуни инсоният нақши пешбарандаро иҷро мекарданд[1].

**Мазмун ва моҳияти давраи нави муносибатҳои байналхалқӣ.** Моҳияти дигаргуниҳои иҷтимоии бузурге, ки дар Европа баъди соли 1500 гузаштанд, профессор В. И. Батюк онҳоро дар асоси таҳлили маъхазҳо ва таҳқиқоти таърихӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардааст:

- Европа ва тамаддуни европоӣ дар умум (он чизе ки мо бо баъзе хислатҳо шартан Ғарб мегӯем) ба сарвари иқтисодӣ, технологӣ ва ҳарбӣ-сиёсии иттиҳодияи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Агар дар асрҳои миёна Европа ношунаво, камбағал, сусттараққикарда, ҷоҳил ва қафомондаи карахтшуда (хусусан дар муқоиса бо чунин пешсафони иқтисодӣ ва мадании ҷаҳони он рӯза – Византия, Ҷаҳони мусулмонӣ, Ҳинд ва Чин) буд, вале дар асри XIX Европа хеле ва хеле пеш рафт. Ва агар ҳоло ҳам дар соли 1750 бо сатҳи рушди иқтисодӣ ва технологии худ давлатҳои ниҳоят тараққикардаи Шарқ аз давлатҳои ниҳоат тараққикардаи Европа қафо намонда буданд, аммо аллакай дар охири асри XVIII ҳаҷми маҷмӯи истеҳсолоти Европа аз рӯи ҳисоби сарикасии аҳолӣ чанд дараҷа баратарӣ дошт;

- ин ҷаҳиши Европа ба самти ҳукмрони Ҷаҳонӣ дар фарқият аз замонҳои гузашта, тавассути принсипиалии технологияи нав ба вуҷуд омада, бо табаддулоти саноатӣ сахт алоқаманд буд, ки он пеш аз ҳама дар мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ зуҳур намуд. Маҳз истеҳсолоти мошинагӣ бартарияти иқтисодӣ ва ҳарбии европоиёнро аз болои дигар тамаддунҳо таъмин намуд;

- тамаддуни европоӣ баъди соли 1400 ба экспансияи то ин дам беназири институтҳо ва арзишҳои худ дар сатҳи байналмилалӣ оғоз намуд. Ҳамин тавр, тамаддуни европоӣ аввалини тамаддуни умумиҷаҳонӣ гардид, ки бозори ҷаҳониро таъсис дода, халқҳои ғайриевропоиро ба мустамлика ва ниммустамликаи худ табдил дод;

- мавқеи сарварии Европа дар сиёсати Ҷаҳонӣ бе тағйироти куллии иҷтимоӣ дар Европаи Ғарбӣ ва Америкаи Шимолӣ ғайриимкон буд. Дар ин минтақаҳои олам бори нахуст шуда, буржуазия ҳокимиятро ба дасти худ ги-

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 9.

рифта, зина ба зина табақаҳои анъанавии ҷамъиятӣ (дарбориён, деҳқонон, рӯҳониён)-ро зада ба ақиб партофт;

- табаддулоти иҷтимоӣ дар Европа дар давраи нав, табаддулоти мафкуравию ҷаҳонбиниро низ ба вуҷуд овард, ки дар партави он шахсияти намуди нав – шахсияти буржуазӣ зуҳур намуд. Ана ҳамин шахсияти буржуазӣ – аз асорат озодшуда, боғайрату ботадбир, ташаббускор – сабабгори асосии ҳамаи дастоварҳои Европа ва Америкаи Шимолӣ дар 500 соли охир гардид[1].

**Давраи нав ва сиёсати нави хориҷӣ.** Ҳамаи ин тағйироти куллӣ таъсири аниқи худро ба муносиботи байналхалқӣ расонданд, ки онҳоро муҳаққиқ В. И. Батюк ба шаклҳои зайл баён медорад:

- муносибатҳои байналхалқӣ бори нахуст шуда, ҳақиқатан умумиҷаҳонӣ шуданд;

- амалан гирем, сиёсати байналхалқӣ замимаи сиёсати европоӣ шуд – тақдири Ҷаҳонро дар асл чанд давлати бузурги европоӣ ҳал мекарданд, он замоне ки давлатҳо ва халқҳои ғайриевропоӣ (дар назар дар баробари давлатҳои майдаи европоӣ) дар асл ягон арзишу қурб ва аҳамият надоштанд ва танҳо объекти мақсаду ниятҳои характери гегемонӣ доштаи абарқудратҳо ба ҳисоб мерафтанд;

- сохтори муносиботи байналхалқӣ низ, хусусан дар Европа, ба таври радикалӣ дигаргун шуд. Мулкҳои майдаи сенории феодалӣ ва ҳам империяҳои бузурги феодалӣ зина ба зина аз байн бардошта шуданд, ба ивази онҳо ба саҳнаи сиёсӣ давлатҳои миллӣ ворид шуданд, ки маҳз онҳо субъектони асосии муносибатҳои байналхалқии давраи нав гардиданд;

- сиёсати хориҷӣ на танҳо аз рӯи мақсад, инчунин аз рӯи метод пурра характери буржуазиро гирифт[2].

Дар умум дар фарқият аз шахсияти тобуржуазӣ ва ғайрибуржуазӣ шахсияти буржуазӣ аз рӯи фаъол будан дар азнавсозӣ ва ба таври дигар сохтани олами воқеӣ, заминӣ, ҳар нав олам фарқ менамояд. Буржуа бо муҳити атрофи воқеӣ оштӣ ва таҳамул намекунад, буржуа онро ба худ тобеъ ва дигаргун мекунад. Ва мо мебинем, ки дар чанд асри охири ҳукмронии синфи буржуазия тамаддуни инсоният чунон тағйир ёфт, ки он дар раванди рушди чандинҳазорсолаи пеш аз давраи капиталистӣ ба даст наомада буд.

Ва ин тағйирот на танҳо иқтисодиёт, балки тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсониятро фаро гирифтанд. Тағйирот соҳаҳои сиёсати хориҷӣ, ҳарбиро низ фаро гирифта, онҳо низ характери буржуазиро гирифтанд.

Буржуазия дар куҷое, ки ба қудрат расид, муносибатҳои феодалӣ, патриархалӣ ва идиллистиро нест намуд. Он роҳҳои воситаҳои феодалиро ба таври ошкоро аз байн бурд ва ба ҷойи ҳамаи масъалаҳо фақат манфиатро аз ҳама боло гузошт. Буржуазия тапиши муқаддаси ваҷди динӣ, ташаббускории ритсарӣ, ҳиссиёти мешаниро дар оби хунук ғарқ намуд.

---

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 23 – 24.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). М.: Институт социальных наук, 2003. С. 10.

Буржуазия он вақт парокандагии воситаи истеҳсолот, моликият ва аҳолиро ҳар чи бештар аз байн бардошт. Он аҳолиро ба ҳам зич намуд, воситаи истеҳсолотро мутамарказ кард, моликиятро дар дасти ақалият ғун кард. Натиҷаи ночори ин ҳама мутамарказии сиёсӣ буд. Вилоятҳои мустақили танҳо тавассути муносиботи иттифоқона бо ҳам алоқаманд буда ва манфиатҳои гуногундошатро тавассути қонунҳо, молиёту андозу боҷҳои ҳукуматӣ ва гумрукӣ ба як миллат, як ҳукумати дорои қонунгузории ягона, манфиатҳои ягонаи миллии синфӣ, бо як сарҳадоти гумрукӣ зич муттаҳид намуд.

Шахсияти инсон арзишҳои мустақилро ба даст овард ва он субъекти комилҳуқуқи муносиботи ҷамъиятӣ гардид. Дар алоқамандӣ ба ин бояд иброз намоем, ки на танҳо тамаддуни муосири буржуазӣ, ҳатто тамаддуни антиқӣ низ тамаддуни индивидиалистӣ буд, гарчанде байни ин ду тамаддун фарқияти бузург ҷой дорад. Дар ҳама ҳолат вазифаи ренессанс ҳам аз он иборат буд, ки байни ду тамаддуни индивидиалистӣ купруки таърихиро монад.

Дар ин ҷо бомаврид аст, ки айбномаро, ки аз ҷониби ҳам тарафдорони системаҳои ҷамъиятӣ - сиёсӣ ва идеологии тобуржуазӣ ва ҳам зиддибуржуазӣ ба муқобили индивидиализми буржуазӣ равон шудааст, шарҳ диҳем. Онро бо эгоизм айбдор намуданд (яъне индивидуалист = эгоист), ки ин комилан дуруст нест. Гап сари он меравад, ки интихоби шахсии инсон эътироф гардид, аммо ин маънои онро надорад, ки ӯ аз эътиқод ба Худо рӯ гардондааст, индивидуалист мумкин шахси бисёр динӣ бошад, аммо барои вай шахсияти инсон, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ӯ аҳамияти мустақилонаю алоҳида доранд.

Дар ҳама ҳолат зуҳури шахсияти буржуазӣ – индивидуалист – барои ҷамъияти анъанавии дорои хусусиятҳои патриархалӣ-феодалӣ, обрӯи раднопазири калисо ва ҳуқуқи худовандии роҳибон ҳатари марговар дониста шуд. Мувофиқан ин барои системаи анъанавии муносиботи байналхалқӣ бонги изтироб буд, ки дар он иродаи монарх ҳама чиз буду, иродаи мардум ҳеҷ чиз.

Нишонаи асосии давраи Нави таърихӣ болоравии мавқеи принсипи давлати миллӣ гардид, ки заминаи он дар асоси банақшагирии сиёсати берунӣ гузошта шуда буд. Дар давраҳои гузаштаи таърихӣ миллат набуд, аз ин бармеояд, ки манфиатҳои миллӣ низ вуҷуд надоштанд. Консепсияи манфиатҳои миллӣ, ки дар категорияҳои ратсионалии реализм ва баланси қувваҳо ифода меёфт, таркиши қатъиро дар ақидаҳои асрмиёнагии нисбати муносиботи байналхалқӣ доштаро нишон медод ва дар мутобиқат ба он манфиати давлат (фаҳмида шавад чун манфиати сулолавӣ мувофиқ бо формулаи маълум: давлат – ин Ман) ӯҳдадор буд, ки ба кадоми дигар мақсадҳои болотар тобеъ карда шаванд. Ҳамаи ин дигаргуниҳо бо тағйирот дар сохтори иҷтимоии давлатҳои пешбари европоӣ алоқаманд буданд: буржуазияи миллӣ ба сари

ҳокимият омада, кӯшиш намуд, ки на танҳо сиёсати дохилӣ ва ҳатто сиёсати хориҷиро ба хизмати худ ба даст гирад[1].

Ба таври қатъӣ муносибот байни қувваҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ низ иваз шуданд. Дар муддати ҳазорсолаҳо алоқа байни рушди иқтисодӣ ва қудрати ҳарбӣ-сиёсии давлат ҳеҷ гоҳ мустақиман набуд. Давлатдорони замонҳои пеш бо он ақидае, ки иқтисоди гулгулшукуфта ахлоқи нозуку латифонаро парварда мекунад, ки он дар навбати худ ба пастравию сустшавии руҳияи ҳарбӣ оварда мерасонад, побанд буда, ба он боварӣ доштанд. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ тибқи схемаи маълум рушд меёфт: қабилаҳои гурусна ва камбағал, аммо ҷангҷӯ, тамаддунҳои бузурги нозуку латиф ва аз чарбу пуршударо аз байн бурданд ва ҷойи душманони худро дар қасрҳои боҳашамат гирифтанд ва баъди чанд насл худашон ҳам нозуку латиф шуда, ба ҷойи онҳо мавҷи нави гуруснагону ҷангҷӯ омада, онҳоро низ иваз намуданд ва ин амал то охир идома меёбад. Таърихи ҳамаи тамаддунҳои бузург мисрӣ, форсӣ, байннаҳрайнӣ, антиқа, византиягӣ, ҳиндӣ, чинӣ ба схемаи мазкур ба осонӣ ҷой карда мешуд.

Давраи нав бошад ба ин схема ислоҳоти ҷиддиро ворид намуд. Замони капиталистӣ бори нахуст шуда, вобастагии мустақим ва бевоситаро байни сатҳи рушди иктисодӣ ва сатҳи қудрати ҳарбии давлат барқарор намуд, инчунин вобаста ба нақше, ки он дар дар саҳнаи байналхалқӣ иҷро менамояд. Ғайр аз ин, маҳз дар давраи нав давлат ба таври фаъолу васеъ дар ба даст овардани муваффақиятҳо дар сиёсати берунӣ аз фишангҳои иқтисодӣ истифода бурданро оғоз намуд.

Ҳамаи ин ҳолатҳо шароит фароҳам оварданд, ки нақшу аҳамияти иқтисодиёт дар муносибатҳои байналхалқӣ баланд гардад. Асри XIX ба Ҷаҳон давлати бузурги намуди нав – Британияи Кабирро ато намуд, ки шумораи лашкари хушкигарди он ҳеҷ чиз буд, аммо он дар муносиботу корҳои байналхалқӣ тавассути факторҳои соф иқтисодӣ: тиҷорату савдо, сармоягузорӣ, киштиронӣ, саноат ва молия таъсири калон мегузошт. Ҳамчунин аз асри XIX сар карда, гегемон (ҳукмрон) дар муносибатҳои байналхалқӣ танҳо гегемон дар иқтисоди ҷаҳонӣ буда шуда метавонист[2].

Бартарии дигари сиёсати Англия дар он буд, ки давлати мазкур нисбат ба дигар давлатҳо дида, аз зери таъсири сиёсати динию судии Ватикан барвақтар баромада буд. Ҳанӯз соли 1533 англисҳо дар як санади расмии ба номи Ватикан фиристонда, ҳалли масъалаи мазкурро ба роҳ монда буданд. Дар он аз ҷумла омадааст, ки «ҳамон тавре ки таърих гувоҳ аст, Англия шоҳигарии комилҳуқуқи мустақил буд ва ҳозир ҳам мебошад. Он аз ҷониби роҳбари олии худ – шоҳ идора карда мешавад, ки ба ӯ ҳамаи табаияти вай, ҳам рӯҳоният ва ҳам дунявият итоат мекунанд... Шоҳи Англия чунон қудра-

---

[1]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ти васеъ дорад, ки то ҳамаи раият метавонанд аз ӯ ҳам адолати судӣ ва ҳам ҳалномаи ниҳоии масъалаҳои баҳснокро ба даст оранд. ... Он чизе, ки ба қонунҳои Худовандӣ ва илми рӯҳонӣ дахл дорад, пас барои он калисо ва рӯҳонияти англисӣ вуҷуд доранд, ки аз нигоҳи шумора зиёданд ва донишҳои зиёдеро низ дар ихтиёр доранд, ки барои ҳал намудани масъалаҳои баҳснок дар ин соҳа басанда мебошанд. ... Ғайр аз ин, Рим аз Англия дар масофаи хеле дур ҷойгир аст ва тафтишот ба дарозо кашида шуда, адолати судӣ аз ин ранҷ мекашад...

Дар алоқамандӣ ба ин парламент қарор менамояд, ки дар оянда ҳамаи корҳои монанд ба инҳо пурра дар қаламрави шоҳигарӣ ҳал карда шаванд»[1].

Ин ҳуҷҷату қарор низ барои бурдани сиёсати мустақилона ба Британия роҳи васеъро кушод. Британия акнун дар назди ягон институти сиёсӣ ва динӣ поибанд набуда, ҳисобот намедод.

Гарчанде ки воситаҳои ҳарбӣ ҳоло ҳам олоти асосии сиёсати хориҷӣ дар тамоми давраи нав ба ҳисоб мерафта бошанд ҳам, методҳои бурдани муборизаи ҳарбӣ дар давраи мазкур ба таври куллӣ тағйир ёфтанд. Дар асри XIX дар корҳои ҳарбӣ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Дар асри XIX Европа ба милтиқҳои чақмоқдор, тӯпҳои тавоноиашон боқувват ва суръату масофаи тиррасонӣ низ беҳтар, ферегатҳои боддор баромад мекард ва дар ибтидои асри XX бошад пулеметҳо, автомашинаҳо, тайёраҳо ва танкҳоро истифода мекарданд. Акнун ба ҷойи яроқҳои найзадор пурра яроқҳои оташфишон ба майдон омаданд. Дар охири давраи нав, инчунин ду абарқударти берун аз қитъаи Европа – ШМА ва Япония ташаккул ёфтанд.

Муносибат байни қувваҳои хушкигард ва баҳрӣ низ иваз шуд. Қувваҳои баҳрӣ акнун нақши асосиро бозӣ мекарданд. Флот – ин як намуди махсуси қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Аз замонҳои қадим сар карда, флот масрафи калонро талаб мекард, мусаллаҳ намудани як сарбоз нисбат ба як маллоҳ арзонтар меғалтид. Аммо он метавонист аз нуқтаи назари омодабошии баланд ва тавоноии ҷангӣ ҳамаи хароҷотҳоро ҷуброн кунад. Маҳз дар давраи нав формулаи назорат аз болои уқёнуси Ҷаҳон зуҳур намуд (ФҲБ + флоти тиҷоратӣ + базаҳои баҳрӣ = назорат аз болои баҳр = назорат аз болои ҷаҳон), ки онро аввал Нидерландия (Голландия) ва баъд Британия пайравӣ намуданд.

Ҳукмронӣ дар баҳр (бо доштани қувваҳои заифи хушкигард) стратегияи нави ҳарбиро ба вуҷуд овард – ин ҳам бошад стратегияи бемадоркунӣ (беқувваткунанда), ки он дар рафти ҷангҳои бешуморе, ки аз ҷониби Британия дар муддати давраи нав бурда шуданд, бартарияти худро аз болои стратегияи сарнагункунӣ, ки онро душманони Англия пайравӣ мекарданд (аз Филиппи II сар карда, то Адолф Гитлер), исбот намуд[2].

Ҳамин тавр, давраи нав нишонаҳои худро дар омӯзиши алоҳидаи давлатҳои баҳрӣ ва хушкӣ расонд. Агар дар давраҳои пеш давлатҳои баҳрӣ

[1]Акт об ограничении апелляций к Риму. 1533 // Английская реформация (документы и материалы). Под редакцией профессора Ю. М. Сапрыкина. М., 1990. С. 14 – 15.
[2]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 26 – 27.

ҷангро бо рақибонаш аз ҳисоби давлатҳои хушкӣ бохтанд (Афина – Спарта, Тир – Империяи Искандари Мақдунӣ, Рим – Карфаген), лекин воқеияти давраи нав ба таври куллӣ ин тамоюлро тағйир дод. Торумори «Армадаи мағлубнашаванда» (с. 1588), шикасти Испания дар ҷанг бо Нидерландия, шикасти Франсия дар ҷанг барои мероси Испания (с. 1700 – 1714) – ҳамаи ин натиҷаҳо шоҳиди он буданд, ки миллатҳои баҳрии буржуазӣ дар мубориза бар зидди давлатҳои аграрии хушкӣ дастболо шуданро оғоз намуданд.

Аммо на танҳо воситаҳои ҷангӣ, балки мақсади ҷанг низ иваз шуд. Давраи нав ба Ҷаҳон ҷангҳои тиҷоратӣ ва мустамликавиро тӯҳфа намуда, баробари он ҷангҳои сулолавӣ, ки барои асрҳои миёна хос буданд, ба монанди ҷанги Сисола, паси сар шуданд.

На танҳо санъати ҷангӣ, балки санъати дипломатӣ низ комилан тағйир ёфт. Дар давраи нав низ муддати чанде дипломатия (ки дар ин самт ҳоло ҳам монархҳо ва ашрофзодагон ҳукмрон буданд) дар бисёр маврид моҷароҳои дарбориро ба ёд меовард, ҳатто дар он лаҳзаҳое, ки дипломатҳо ба манфиати синфи нави ҳукмрон, синфи буржуазия фаъолият мекарданд (дар ин самт фаъолияти Талейран мисол шуда метавонад). Аммо сар аз нимаи дуюми асри XIX ба мақоми аввал дипломатҳои намуди нав пешбарӣ шуданд, ба мисоли Бисмарк, Дизраэли ва Витте, ки тавонистанд санъати ба манфиати худ ва ба дастовардҳои мақсади сиёсати берунии худ истифода бурдан аз матбуот, афкори ҷамъиятӣ ва парламентҳоро ёд гирифта буданд. Системаи иттифоқҳо ва коалитсияҳо намуди дипломатияро муайян мекарданд: дипломатияи пинҳонӣ, ҷосусӣ, шпионаж ва ғ.

***Назарияи мувозинати европоӣ (НМЕ).*** Дар давраи мазкур Назарияи мувозинати европоӣ (НМЕ) фаъолона мавриди истифода қарор гирифт. Зуҳурёбии НМЕ дар асарҳои Никколо Макиавелли нишон дода шудааст: ӯ мувозинати қувваҳоро байни 5 давлати италянӣ пешниҳод намуд. Сонӣ бо гузашти вақт НМЕ -ро тамоми Европа қабул намуд ва он то ҳозир низ амал менамояд. НМЕ асоси таъсисёбии аксарияти иттифоқҳо, коалитсияҳо ва давлатҳо мебошад. Моҳияти НМЕ дар он мебошад, ки давлатҳо бояд ба чунин тарз ба гурӯҳҳо шомил шаванд, ки имконият надиҳанд, ки нофаҳмию ҷанг ва таҷовуз сар занад. Дар адабиёти Шӯравӣ НМЕ - ро танқид мекарданд: сулҳ дар Европа муваққатӣ мебошад ва давраи осоиштаро танҳо барои хобондани мардум истифода бурданду халос; мувозинат (баробарӣ) дар Европа – барои ғункунии қувва ва тағйир додани мувозинат, дамгирӣ пеш аз ҷанг лозим аст[1].

***Таъсири ҷойгиршавии географии давлатҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ.*** Зарур аст оид ба ҷойгиршавии географии давлатҳо низ сухан кард, ки он низ дар муносиботи байналхалқии давраи нав таъсири худро гузошт. Нақши муҳимро дар тақдири давлатҳои бузург, дар ҳалли баҳсҳои бисёри миёни онҳо барои ба даст овардани бартарият ба таври муайян мавқеи ҷойгиршавии географии онҳо низ бозид. Бо ин дар сатҳи муайян боло рафтани

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

таъсири давлатҳои кунҷӣ (канорӣ) – Россия ва Британияи Кабир то соли 1815 вобаста буд. Ҳар ду давлат метавонистанд, ки ба зиддияту ҳодисаҳое, ки дар Европаи Ғарбӣ ва Марказӣ зуҳур намуданд, мудохила намоянд, аммо баробари ин, аз ин зуҳурот аз нигоҳи мавқеи географии худ эмин монданд. Замоне ки боварӣ ҳосил намудаанд, ки дар қитъаи Европа мувозинати қувваҳо барқарору ба даст оварда шуд, ҳар ду давлати мазкур ба паҳнкунии таъсири худ берун аз Европа сар карданд. Дар охири асри XVIII бошад дар Англия табаддулоти саноатӣ сар шуд, ки он барои амалӣ намудани сиёсати фаъолонаи мустамликадорӣ ва ҳам барои роҳи иддаои дар Европа ҳукмфармо шудани Наполеонро гирифтан имкониятҳои фаровонро ба бор овард. Мавқеи географӣ ва паҳновари империяи Россия низ дар шикасти империяи Наполеон нақши муҳимро бозид[1].

Хулоса, ҳамаи ин дигаргуниҳо ва тағйирот дар муносибатҳои байналхалқӣ на яку якбора ба вуҷуд омада, амалӣ шуданд. Инқилоби буржуазӣ ва афкори он барои худ роҳро ба самти муносиботи байналхалқӣ зина ба зина кушод. Он дар зери таъсири ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, ҷамъиятӣ ва ҳарбӣ ба даст омад. Ва аз ҳама охирон натиҷаи давраи нав ҳаммаъно ва як аломат дорад: низоми сармоядорӣ аввал дар давлатҳои пешрафтатари Европа ва Америкаи Шимолӣ ғалаба намуда, сипас ба паҳн намудани тартиботи худ дар тамоми олам оғоз намуда, ба сиёсати ҷаҳонӣ тамоми мамлакатҳо ва халқҳо ворид гардиданд.

[1]Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.

## 3. 2. БАРҚАРОРШАВИИ СИСТЕМАИ ДАВЛАТҲОИ МИЛЛӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ташаккулёбии миллатҳои буржуазӣ.** Пеш аз он ки оид ба зуҳури давлатҳои миллӣ ва барқароршавии системаи давлатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ сухан ронем, зарур аст, ки аз мавқеи илми муносибатҳои байналхалқӣ мафҳуми миллатро шарҳ диҳем. Миллат – ин ҷамъияти шаҳрвандие мебошад, ки давлати махсуси худро дорад, ки он манфиатҳои ҷамъияти мазкурро дар амал тадбиқ менамояд. Мувофиқ ба он бошад байни шахсият, ҷамъият ва давлат муносиботи нав, ки дар замони пеш аз капитализм вуҷуд надоштанд, барқарор карда мешаванд.

Ин раванд дар давраи нав аз рӯи ду роҳ сурат гирифт. Якум, давлатҳои нави миллии буржуазӣ дар болои боқимондаи империяҳои феодалӣ ташаккул ёфтанд. Дуюм, миллатҳои нави буржуазӣ дар рафти бартараф намудани парокандагии феодалӣ ташаккул ёфтанд.

Раванди ташаккулёбии миллати буржуазӣ бо рушди табақаи сеюм зич алоқаманд буд, ки он дар худ пешомадони буржуазия ва пешомадони пролетариат ва шахсони касбу кори озод дошта (яъне онҳоеро, ки мо имрӯз зиёӣ мегӯем) - ро муттаҳид мекард. Маҳз ҳамин категорияҳои ҷамъиятӣ тавонистанд, ки парокандагии феодалӣ аз байн бардошта шавад ва давлатҳои воҳид таъсис ёбанд. Ин намуди маҷрои ҳаракат барои Франсия хос буд. Дар Англия бошад баръакс ҷомеа байни худ ба созиш омада, як миллати буржуазӣ ташаккул ёфт. Барои ҳамин дар давраи мазкур ҳам шахсиятҳое фаъолият мекарданд, ки зери унвонҳои феодалӣ сиёсати буржуазӣ-миллиро мебурданд.

Миллатҳои нави буржуазӣ дар асоси таъсисёбии бозори ягонаи миллӣ, бартараф намудани маҳдудиятҳо дар хоҷагии халқ ташаккул ёфтанд. Нақши асосиро дар ин раванд, буржуазия ва дворянҳои музофотии ба буржуазия табдилёфта, инчунин зиёиён ва пешомадони синфи коргари шаҳрҳои бузург бозиданд. Маҳз, ҳамин табақаҳо монархҳоро дар мубориза бар зидди исёну ҳаракатҳои феодалӣ дастгирӣ намуданд.

**Сиёсати хориҷии миллӣ.** Дар муддати чанд садсолаи таърихи асрмиёнагии Европа, қитъа дар зиддияту ихтилофот бо папаи Рим, ки барои таъсис додани теократияи «умумиҷаҳонӣ» иддао мекард ва монархияҳои европоӣ, пеш аз ҳама императорони империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ дар нифоқ банд буд. Гардиши фалаки таърих чунин сурат гирифт, ки дар муқобилият бо князҳои протестантии Германия ва монархҳои Европаи Шимолӣ, истифодабарии универсализми католикӣ аз ҷониби императори германӣ аз хонадони Габсбургҳо охирон акти мубориза барои бартарият пайдо намудан дар қитъа зери байрақи динӣ гардида буд. Император Фердинанди II ба таври ҷиддӣ худро «фиристодаи Худо» медонист ва дар асоси ҳамин шиор мехост, ки дар Европа империяи универсалии католикиро таъсис диҳад. Аммо дар симои кардинал Ришеле ӯ на танҳо бо ходими давлатӣ ва сиёсии корозмудаю моҳир бархӯрд, балки ҳамчун ихтирокори принсипи нави сиёсати беруниро дарёфт.

Ба ивази универсализми бо дин зиннат дода шуда, принсипи нав raison d'etat – манфиати давлатӣ, ки он ҳам бо амри тақдир қариб, ки ба рамзи динӣ, таълимот ва нишонаи нави эътиқод барои насли нави дипломатҳои европоӣ ва ходимони давлатӣ табдил ёфт, зуҳур намуд.

Оғоз аз асри XVI – ибтидои асри XVII принсипҳои «сарҳади табиӣ» ва «мувозинати сиёсӣ» аллакай характери муайянро дар ҷомеаи сиёсӣ ишғол намуда, дар фаъолияти сиёсати хориҷии ҳокимон ба сатҳи яке аз принсипҳои асосӣ баромада буданд[1].

Оид ба масъалаи сиёсати хориҷии характери миллӣ сухан ронда, зарур аст қайд намоем, ки сиёсатмадорони асри XVII, ки дар дипломатия инқилоби бузургро гузаронданд, низ ба ҳамин табақаҳои дар боло ёдрасшуда такя мекарданд. Ба сафи онҳо герсог Ришеле (Аман Жан дю Плесси) шомил мебошад. Маҳз ӯ бори нахуст шуда, масъалаи «манфиатҳои давлат», ҳамчун самти асосии сиёсати берунии Франсияро ба миён гузошт[2].

Ин пешниҳоди ӯ дар ҷаҳонбинии дипломатии асрмиёнагӣ як таркиши калонеро ба вуҷуд овард. Зеро барои сокинони Европаи Ғарбӣ дар асрҳои миёна муносибат байни давлатҳои мустақил ҳамчун муносибати шаҳрвандӣ - ҳуқуқӣ дониста мешуд, на ин ки муносибот дар соҳаи ҳуқуқи оммавӣ. Европа аз империяи Рим системаи ҳуқуқиро ба мерос гирифта, ҳуқуқдонҳои асрмиёнагӣ (дар амал сиёсатмадорон) суверени ягонаро танҳо дар симои императори Империяи муқаддаси Рим ва сарвари ягонаи рӯҳониро папаи Рим ҳисоб мекарданд.

Ана барои ҳамин яъне принсипи «манфиатҳои давлатӣ (баъдтар миллӣ)», ки аз ҷониби Ришеле эълон гардида буд, навоварӣ ба ҳисоб мерафт. Ришеле худ кардинал буд. Мутобиқи ҳамин принсип баромад намуда, ӯ дар рафти Ҷанги Сисола (с. 1618 – 1648) князҳои протестантии Германияро дастгирӣ мекард. Эҳтимол меравад на бе ҳеҷ чиз ӯ ба ҳисоб гирифт, ки то ба соҳили ғарбии дарёи Рейн бояд расид, ки онро дар баробари Пиреней, Вогез ва Алп ба сифати сарҳадоти табиии Франсия медонист. Ин иддао дар Европа мавқеи вазири Франсияро шарҳ медод ва исбот менамуд, ки Франсия меросбари табиии Галлия ва шоҳигарии Франкҳо мебошад ва бояд ин заминҳоро ба даст биёрад. Аз ҷумла, Ришеле иброз менамояд, ки франкҳо Галлияро истило намуда буданд, мақсади дар сари ҳокимият будани ман аз он иборат аст, ки Галлия ва сарҳадоти онро боз пас гардонда, ба ҷойи Галлия дар ҳамаи сарҳадоти қадими он Франсияро гузорам[3]. Аз ҷониби дигар Ришеле, инчунин ёрдамчӣ ва дасти рости ӯ Жозеф низ, иброз доштаанд, ки ба манфиатҳои миллии Франсия Германияи заиф ва пароканда мувофиқ аст. Назарияи мазкур

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 14.

[2]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 31.

[3]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 19.

муқоиса шавад ба суханони вазири корҳои хориҷии Франсия Ролан Дюм дар соли 1990, замоне ки масъала дар бораи муттаҳидшавии Германия ба миён омад, ӯ иброз дошт, ки: «Мо Германияро чунон дӯст медорем, ки мехоҳем онҳо ду то бошанд»[1].

Ҳамин тавр, барои Ришеле ва ҳаммаслакони ӯ на Нормандия, на Бургундия, на Гаскония ва на Шампания аҳамият доштанд. Барои онҳо инчунин империяи муқаддаси Рим ва курияи папа низ муҳимият надоштанд. Барои онҳо фақат мавҷудияти Франсия муҳим буд ва ба хотири он онҳо ба ҳама чиз тайёр буданд. Мисол, гарчанде ки онҳо рӯҳониёни олирутбаи католикӣ буданд ҳам, дар рафти Ҷанги Сисола протестантҳоро, ки душмани сахти калисои католикӣ буданд, дастгирӣ мекарданд. Ва ин ҳам бошад бар зидди кӣ, бар зидди бузургвори сатҳи олии калисои католикӣ, яъне бар зидди императори империяи муқаддаси Рим Фердинанди II. Деидеологизатсия (ба маънии муосир гӯем) - и сиёсати онвақтаи Франсия, он маъноро надошт, ки дар сари чанбараки дипломатия дар Париж одамони ифлосу бепринсипу худписанд меистоданд, баръакс, ҳамаи онҳо (ҳам Ришеле ва Жозеф ва ҳам кардинал Мазарини ва дигарон) одамони беҳтарину намоёни замони худ буданд. Барои онҳо, пеш аз ҳама тамоми Европаро дар атрофи Франсия муттаҳид намудан зарур буд. Барои амалӣ шудани ин нақша зарур омад, ки дар сатҳи олӣ сиёсати хориҷии бошуурона ва воқеъбинонаро баранд.

Манфиати Франсияро ба назар гирифта, Парижи расмӣ барои мудохилаи Шведсияи протестантӣ дар корҳои Германия ёрии моддӣ-пулӣ мерасонд. Яъне, Париж ба шоҳи Шведсия қариб ҳар сол 1 млн ливр маблағ пардохт мекард ва ба ивази ин шоҳи Шведсия Густав - Адолф ӯҳдадор буд, ки ба майдони амалиёти ҳарбӣ 30 ҳазор савора ва 6 ҳазор қувваҳои хушкигардро равон намояд. Баъди марги Густав-Адолф бошад Франсия худаш ба рафти ҷанг мудохила намуданро сар кард ва Германияи Ғарбиро харобу валангор намуд.

Сулҳи Вестфал дар соли 1648 натиҷаи сиёсат ва назарияи Ришелеро устувор намуд (гарчанде сулҳро Мазарини баста буд). Франсия қаламрави худро мукаммал карда, Элзас, Мес, Тул ва Верденро ба даст овард. Императори империяи Муқаддаси Рим маҷбур шуд, ки мавҷудияти князгариҳои протестантиро дар Германия эътироф ва ба расмият шиносад, ки онҳо бошанд дар чанд садсолаҳои баъдина дар асл амалан ба вассалгариҳои Франсия табдил ёфта буданд.

Аммо кор бо ин ҳама тамом нашуд. Яъне дар муносибатҳои байналхалқӣ принсипи аугсбургии дар асри XVI ташаккулёфта – cuius regia eius religio – ҳокимият аз касе бошад, эътиқод ҳам аз ӯст мустаҳкам гардонда шуд, яъне мувофиқи он дар мамлакат ҳамон эътиқод ҳукмронӣ мекунад, ки онро ҳокими он пайравӣ менамояд. Зарур аст ба инобат гирифта шавад, ки ҷаҳонбинии одамони онвақта пурра динӣ буд, аз ин лиҳоз, барои онҳо принсипи мазкур

[1]Иқтибос аз: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

зарур буд ва принсипи суверенитети давлатӣ низ комилан дар терминологияҳои динӣ ифода меёфт[1]. Барои ҳамин ҳоло ҳам сиёсат пурра секуляризатсия нашуда буд. Дин ҳоло ҳам яке аз факторҳои асосии сиёсат монда буд ва инро ба таври ошкоро воқеаҳои Ҷанги Сисола намоиш медоданд.

Чи хеле ки набошад принсипи мазкур ба ташаккулёбии системаи ба ном вестфалии муносиботи байналхалқӣ асос гузошт. Барои ҳамин ба ном мегӯем, ки ин принсип дар ин ё он сатҳ дар муносиботи байналхалқӣ легалӣ намудани хаос (бетартибӣ) - ро ифода мекард ва хаос бошад наметавонад, ки система шавад.

Системаи мазкур асосан зери таъсири назарияҳои мутафаккирони асрҳои XVI – XVII зуҳур намуда буд. Аз ҷумла, Н. Макиавелли қайд намудааст, ки дар ҳақиқат майлу кӯшиш ба забткорӣ кори табиӣ ва анъанавӣ аст ва онҳое, ки дар ин ҳолат имкониятҳои худро ба назар мегиранд, ҳама чизро дар ин самт маъқул медонад ё ягон касро муҳокима намекунанд. Ҳуқуқшинос, муаррихи франсузӣ Жан Бодэн бо таълимоти худ оид ба суверенитети давлатӣ баромад мекард, ки нишонаҳои муҳими он қувваҳои олии дохилии мамлакат ва мустақилият дар муносибат бо давлатҳои дигар ба ҳисоб мерафтанд[2]. Т. Гоббс ба ин назар мебошад, ки давлатҳо байни худ дар ҳолати табиӣ қарор доранд, аниқтараш дар ҳолати душманӣ. Агар онҳо аз муҳориба дар майдони ҷангӣ даст кашиданд, инро мумкин аст сулҳ напиндорем, балки фақат дамгирӣ, ки дар вақти он як ҳариф аз болои фаъолият ва баромадҳои дигар тараф назорат менамояд, бехатарии худро на тавассути шартномаву қарордодҳо, балки қувва ва нақшаи ҳариф баҳогузорӣ менамояд. Т. Гоббс назарияи ҷанги ҳама зидди ҳама ё ҳар кас зидди ҳар каси худро пешниҳод карда буд. Аз ин бармеояд, ки дар замоне ки таҳдиди доимии агрессия ҷой дорад, ҳар яке аз иштирокчиёни муносиботи байналхалқӣ ӯҳдадор аст, ки худаш бехатарии худро таъмин намояд[3]. Д. Локк иброз медорад, ки дар муносиботи байналхалқӣ давлатҳо дар муносибат ба фаъолиятҳои худ аз озодии комил бархӯрдор мебошанд.

Худи мафҳуми «хаос» чанд тобиши манфӣ дорад: қабул шудааст, ки хаос бояд тавассути ҷорӣ намудани тартибот аз байн бардошта шавад ва он дам ҳамааш нағз мешавад. Тақрибан ҳамин хел одамони Давраи нав, одамони давраи Эҳё, маорифпарварӣ, замони табаддулоти саноатӣ фикр мекарданд. Ба ақидаи онҳо дар корҳои ҷамъиятӣ зарур аст чунин тартиботро ҷорӣ намуд, ки чи тавр дар соати механикӣ ба тартиб дароварда шудааст. Илми муосир чунин намуд фаҳмишу тасаввуроти механикиро паси сар намуд. Дар замони муосир олимон хаосро на антитезизи тартибот, балки муҳите медонанд, ки дар он мумкин аст тартибот зуҳур намояд.

---

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 29 – 30.
[2]Медяков А. С. История международных отношений в Новое время. М.: просвешения, 2007. С. 4.
[3]Теория международных отношений. Под редакцией доктора философских наук, профессора П. А. Цыганкова. М.: Юрайт, 2017. С. 12.

Барои ҳамин аз хаоси вестфалӣ дар оянда системаи муносиботи байналхалқӣ зуҳур намуд, ки он дар ин муносибот тартибот ва пешгӯӣ карданро овард. Ин дар натиҷаи таъсис додани кондоминиуми давлатҳои бузург солҳои 1814 – 1815, замони конгресси Вена ба даст омад.

**Низоъҳои сиёсӣ - ҳарбӣ байни абарқудратҳо.** Аммо ҳоло то расидан ба Конгресси Вена вақти тӯлонӣ буд. Сулҳи Вестфал барои гегемонияи муддати тӯлонии Франсия дар қитъаи Европа роҳро кушод, ки он амалан то ҷанги Франсияву Пруссия дар солҳои 1870 – 1871 идома ёфт.

Дар асл кадом давлат метавонист баъди соли 1648 бар зидди қударти Франсия истад. Англияро баъди соли 1640 ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт, ки он бо танаффус то инқилоби «бошукӯҳ» соли 1688 давом кард. Ин ҳолат барои мудохилаи Франсия ба корҳои дохилии Англия шароитҳои мусоидро ба вуҷуд овард. Ғайр аз ин, дар миёнаи асри XVII ду абарқудрати бузурги баҳрии Ҷаҳони онвақта - Англия ва Голландия – байни худ барои ҳукмрон шудан дар баҳр муборизаи оштинопазир мебурданд, ки дар натиҷа байни онҳо ду ҷанг (с. 1652 – 1654; с. 1665 – 1667) шуда гузашт. Ҷангҳои англо - голландӣ англисҳоро ба хулосае оварданд, ки онҳо дар баҳр дар танҳоӣ имконият надоранд, ки аз болои флоти Голландия пирӯз шаванд. Соли 1656 бошад ҷанги вазнин бо Испания сар шуд, гарчанде ки он бо ғалабаи Англия ҷамъбаст гардида, дар рафти он англисҳо Ямайкаро ишғол намуданд. Бо ин ҳама нигоҳ накарда, Англия аз назорати вазъи корҳо дар қитъа низ дар канор мондан наметавонист. Оқибат баъди реставратсияи монархия дар Англия (с. 1660) вазъияти мамлакат дар воқеъ дар ҳолати хеле қуллай буд. Империяи муқаддаси Рими сулолаи Габсбургҳо дар он вақт наметавонист, ки дар танҳоӣ бар зидди тохтутози Франсия истодагарӣ карда тавонад, зеро он маҷбур буд, ки аз тохтутози туркҳо халосӣ ҷӯяд.

Дар натиҷаи ҷангҳои Людовики XIV (бо ном ҷанги Деволютсионӣ[1] с. 1667 – 1668, ҷанги Голландия с. 1672 – 1678, ҷанг бо Лигаи Аугсбург с. 1688 – 1697) Франсияро ба давраи хеле тавоноиаш оварда расонд. Дар қитъаи Европа Франсия дигар рақиби баробарқувва надошт, дарбори франсузӣ аз ҳама бошукӯҳ дар Европа ба шумор мерафт, аз шоҳи Франсия тамоми шоҳҳони европоӣ метарсиданд, забони франсузӣ забони расмии дипломатӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ гардид. Ва ҳамаи ин қувва барои мустаҳкам ва такон додани манфиатҳои тиҷоратӣ ва саноатии Франсия дар сатҳи ҷаҳонӣ равона карда шуд. Сиёсати давраи мазкури Франсия дар адабиёти илмӣ бо номи «колберизм», аз номи вазири молия, иқтисоддон, амалан роҳбари ҳукумати Франсия дар замони Людовики XIV Жан Батист Колбер маълум аст. Маҳз ӯ заминаҳои империяи мустамликавии Франсияро гузошт[2].

---

[1]Аз лотинии *Devolutio* – маҳдуд кардан, кам кардан, додан; Ҳуқуқи деволютсионӣ (меросӣ), аз лотинии *volvere* чизе гардондан, чарх занондан, дар ихтиёри худ доштан – ҳуқуқи фарзандони аз никоҳи аввал ба ҳамаи молу мулки ғайриманқули волидайн, дар сурате, ки агар яке аз волидайн вафот намояд ё яке аз онҳо дубора никоҳ ва оилаи нав барпо намояд.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

***Шартномаи Ахен.*** Мувофиқи сулҳи Аахен дар соли 1668, ки ҷанги солҳои 1667 – 1668-ро ҷамъбаст намуд, ба Франсия Лилл ҳамроҳ карда шуд.

***Ҷанги кабинетӣ.*** Дар натиҷаи ҷанги Деволютсионӣ намуди нави «ҷанги кабинетӣ» ташаккул ёфт: тарафҳо, баъди чанд амалиёти ҷангӣ, ба сари мизи гуфтушунид нишаста, сулҳро ҳамчун аҳд имзо гузоштанд, ки тибқи он фоидаи зиёдтар ба ғолиб ва манфиати камтар насиби мағлуб мегашт.

***Ҷанги Голландия (с. 1672 – 1678).*** Дар рафти ҷанги вазнин бо Голландия, Франсия чанд нуқтаҳои муҳимро дар Белгия ба даст овард (Камбрэ, Валансен ва вилояти Франш-Контэ). Аммо, новобаста ба дастгирии Англия франсузҳо натавонистанд, ки Амстердамро ишғол намоянд: ин даъфа ҳам голландиҳо ба мисли 100 сол пеш аз он то ки заминҳои онҳо ба дасти душман нагузарад, дарғотҳоро кушода, онро зери об монданд. Ҳамин тавр, Амстердамро аз франсузҳо наҷот доданд. Баробари ин, Карли II маҷбур шуд, ки ба талаби парламенти Англия гузашт намояд ва шартномаи иттифоқчигии дар Англия на он қадар дастгирӣ пайдо кардаи пештар бо Франсия бастаашро бекор намояд. Голландиҳоро курфюрсти Бранденбург Фридрих - Вилгелм дастгирӣ намуд, ки ӯ дар муҳорибаи назди Фербеллин артиши иттифоқчии Франсия – Шведсияро торумор намуд.

***Шартномаи Нимвеген ва тавоношавии Франсия***. Сулҳи Нимвеген[1] (с. 1679), ки ҷанги Голландияро ҷамъбаст намуда буд, қуллаи баландтарини қудрати Франсияро дар Европа ифода мекард. Баъди соли 1679 Людовики XIV ба давлати худ қаламравҳои сарҳадии империяро ҳамроҳ намудан сар кард, ҳамин тавр, соли 1681 Страсбург забт карда шуд. Империяи Муқаддаси Рим ва Испания тибқи шартномаи Регенсбург (1684) маҷбур буданд, ки ин забткориро эътироф намоянд. Ҳамин тавр, натиҷаҳои ҷанги Голландия бо суръати тез мавқеи Франсияро боло бардоштанд. Гарчанде ки Франсия бартарияти Голландияро дар баҳр барҳам зада натавонист, аммо захираи иқтисодии Голандия заиф гардонда шуд. Аз ин пас рақиби асосӣ барои элитаи Англия на Голландия, балки Франсия гардид.

Пурзӯршавии Франсия тамоми Европаро ба воҳима андохт. Штатгалтер (ҳоким)-и Нидерландия Вилгелми III Оранский тавонист, ки Лигаи зиддифрансузии Аугсбургро зада пора кунад, ки ба он Империя, Испания, Голландия, шоҳҳони немисӣ ва италянӣ, махсусан иттифоқчии чанд дам аз ин пеши Франсия – Шведсия низ, шомил буданд. Лигаи мазкур соли 1686 бар зидди гегемонияи Франсия таъсис дода шуда буд. Дар Стокголм (дипломатияи Шведсияро дар он вақт дипломати машҳур Аксел Оксеншерна роҳбарӣ мекард) қарор карданд, ки забти Белгия ва Голландия аз ҷониби Франсия ба манфиати Шведсия нест, ғайр аз ин иттифоқ бо абарқудратҳои баҳрӣ – Англия ва Голландия барои Шведсия, назар ба иттифоқ бо Франсияи континенталӣ имкониятҳои бисёртар медиҳад. Аммо баъди он ки Вилгелм Оранский шоҳи

[1]Шартномаи сулҳи Нимвеген бори нахуст шуда, дар таърихи Европа на бо забони лотинӣ, балки бо забони франсузӣ тартиб дода шуд.

Англия шуд (1688 г.), дар атрофи Франсия ҳалқаи мустаҳками душманони он ба вуҷуд омад[1].

Мутлақият ҳамчун шакли идоракунии давлат дар давраи шоҳ Людовики XIV ба нуқтаи баландтарини худ расид, ки ӯ такрор ба такрор иброз медошт, ки «давлат – ин ман ҳастам»[2]. Людовики XIV – бо лақаби «Шоҳ - Офтоб», метавонист, ки ивазшавии вазъияти байналхалқиро ба инобат нагирад. Колбер, ки метавонист дар танҳоӣ пеши роҳи мароқи забткориҳои шоҳро дорад, аллакай дар қайди ҳаёт набуд. Людовик забткориҳои худро дар самти Рейн идома дод. Аммо ниҳоятан қударти Франсия дар рафти ҷангҳо барои мероси Испания аз байн рафт.

***Ҷанг барои мероси Испания (с. 1701 – 1714).*** Баҳонаи ҷанги мазкур баҳси сулолавӣ, аниқтараш дастдарозии Людовик ба тахти Испания гардид. Аммо сабабҳои асосии ҷанги мазкур дар дигар чизҳо буд. Зеро сухани Людовики XIV «Пиреней дигар вуҷуд надорад!», як маъноро дошт, ки он ҳам бошад мулкҳои ниҳоят васеи мустамликавии Испания мулкҳои Франсия мешаванд ва дар натиҷаи амалӣ шудани он тавозуни қувваҳо дар баҳр бо суръати тез ба фоида Франсия иваз мешуданд. Англия ва Голландия ҳеҷ наметавонистанд, ки бо ин розӣ шаванд.

Умуман мавқегирии аввали Франсия боақлона буд, империяи ҳамон вақт таҷзияшудаистода (тақсимшудаистода) - и Испания байни Англия, Габсбургҳо ва Франсия тақсим карда мешуд ва ягон чизи дигар ба Голландия низ дода, бо ҳамин кор ҷамъбаст мешавад. Аммо баъди марги ҳамаи даъвогарони ба тахти Испания ҳуқуқ дошта (курфюрст Баварский ва Филипп Анжуйский) Людовик қарор кард, ки тоҷи Испанияро ба сари худ монад. Дар дарбори Франсия ягон кас пайдо нашуд, ки қарори мазкурро, ки амалан эълон намудани ҷанг бар зидди тамоми Европаро ифода мекард, пешгирӣ намояд. Зеро ходимони бузурги давлатии давраи аввали идоракунии Людовики XIV (Тюренн, Колбер ва ғайра) аллакай дар қайди ҳаёт набуданд, дар атрофи шоҳ на сиёсатмадорон, балки наздидарбориён меистоданд.

Амалкарди минбаъдаи Людовики XIV боз амалдорони онвақтаи Европаро тамоман ба изтироб овард: ба Белгия (ки зери таъсири Испания буд) гарнизонҳои франсузӣ ворид карда шуданд, ба губернаторони испанӣ ва ноиб-шоҳ фармон дода шуд, ки ба Людовик ҳамчун ба шоҳи худ итоат намоянд. Аммо аз они ҳамаи аъзоёни коалитсияи зиддифрансузӣ сабабҳои худӣ ҷой доштанд, ки то ҷангро бар зидди Франсия оғоз намоянд. Англия аз он оташину ба ғазаб омад, ки вақте фаҳмид, ки Людовики XIV ҳуқуқи писари Якови II-ро ба унвони шоҳӣ эътироф намудааст; Габсбургҳо мехостанд барои амалҳои гузашта, ки замоне Франсия онҳоро ранҷ дода буд, интиқом гиранд (ҳоло он ки онҳо

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Кабаченко А. П. История мировой политики: Учебное пособие для вузов. М.: Издательство Московского государственного университета, 2008. С. 529.

соли 1699 бо туркҳо дар Карловитс сулҳ бастанд); Нидерландия ташнаи он буд, ки бехатарии комили худро аз таҳдиду хатароти Франсия таъмин намояд[1].

Рафти ҷанг барои Франсия ноқуллай омад. Дар муҳорибаҳои назди Бленхейм ва Рамил (Рамий) артиши англо-голландӣ зери фармондеҳии лашкаркаши ботаҷриба герсог Малборо сипоҳи Франсияро торумор намуд, дар Италия низ французҳо дар муҳорибаҳо бо лашкари шоҳзодаи Австрия Евгений Савойский ба як қатор шикастҳо рӯбарӯ шуданд. Флоти англо-голландӣ ба тиҷорати французӣ ва испанӣ зарбаҳои сахт расонд. Дар мустамликаҳо низ французҳо ва испаниҳо талафоти сахт диданд.

Бохти Людовики XIV ва шоҳигарии ӯ ногузир буд, аммо иттифоқчиён низ аз бурдани ҷангҳои дуру дароз хаста шуданд. Дар ҳақиқат гӯем мақсади асосии коалитсияи зиддифрансузӣ амалӣ гардид. Дастдарозии аз воқеият дури гегемонии Франсия ва ҳаракати он дар ин самт боз дошта шуд. Аммо дар чунин шароит пастзании минбаъдаи Франсия ба манфиати худи Англия ва Голландия набуд, яъне ин амал ба он имконият медод, ки нишонаҳои пешбарандаи европоӣ шудани империяи муқаддаси Рим аз нав бедор мешаванд, ки онҳо аллакай як бор соли 1648 кӯфта шуданд.

***Сулҳи Утрехт ва системаи мувозинатии европоӣ.*** Сулҳи Утрехт (11 апрели соли 1713) ва сулҳи Раштатт (7 марти соли 1714) мувозинати нави қувваҳоро дар Европа ба қайд гирифтанд. Гарчанде ки ба Бурбонҳо иҷозат дода шуд, ки дар Испания монанд, аммо онҳо ӯҳдадор шуданд, ки шартеро қабул намоянд, ки тибқи он шоҳи Испания ҳамзамон наметавонад шоҳи Франсия ҳам бошад. Ғайр аз ин, Испания ӯҳдадор буд, ки гузашт намояд: 1) Ба Габсбургҳо – шоҳигарии Неапол, Сардиния, қисми Тоскана, герсоггарии Милан ва мулкҳои испании Нидерландия; 2) ба курфюрсти Бранденбург – Гелдерни испанӣ; 3) ба герсоги Савойя - Ситсилия; 4) ба Англия - Гибралтар ва Минорка. Дар навбати худ Франсия низ ба гузашти ҳудудӣ розӣ шуда, дар Нидерландия баъзе қаламравҳои худро ба Габсбургҳо дод ва лашкари худро аз Лотарингия низ баровард, мустамликаҳои дар Америкаи Шимолӣ доштаро ба Англия гузашт кард.

Ҳамин тавр, Франсия, аз як қисми зиёди қаламравҳои худ, ки онҳоро дар нимаи дуюми асри XVII ба даст дароварда буд, маҳрум шуда, баробари ин имкониятҳоии барқарор намудани гегемонияи худ дар Европаро низ барбод дод.

Хулоса, бавуҷудоии системаи давлатҳои миллӣ ҳамин тавр, қобилияту маҳорати худро дар самти худбатартибдарорӣ нишон дода, даъвонамоии гегемонии Франсияро зада гардонд. Аммо зарур аст зикр намоем, ки мувозинати европоӣ дар натиҷаи ҷангҳои вазнину хунин ба даст омад. Мавриди қайд аст, ки шикаст дар рафти ҷанг барои мероси Испания танҳо аввалин набард миёни ҷангҳои англо-французӣ барои ҳукмронӣ дар баҳр ба ҳисоб меравад, ки он сад сол, то соли 1815 идома ёфта, оқибат бо пирӯзии Британия анҷом ёфт. Лашка-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ри фотеҳи Франсия аз ҷониби қарзи тиҷоратии британӣ, флоти тиҷоратии британӣ ва флоти баҳрии Британия мағлуб гардид.

## 3. 3. БУЗУРГДАВЛАТҲОИ АСРИ XVIII ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар асри XVIII дар қитъаи Европа панҷ давлати бузург – Британия, Франсия, Россия, Пруссия ва Австрия ташаккул ёфта, тавонистанд, ки то соли 1914 тақдири Ҷаҳонро мувофиқи хост ва иродаашон ҳал намоянд.

**Англия.** Ташаккулёбии элитаи сиёсии Англия аз бархе давлатҳои Европаи Ғарбӣ то андозае фарқ мекард. Зеро қабилаҳои германӣ – саксҳо, англҳо, ютҳо ва фризҳо, ки дар давраи асрмиёнагии ибтидоӣ ба ҷазираҳои Британия ҳиҷрат намуда буданд, пеш дар шимолтари Германия зиндагӣ намуда, зери доираи таъсири сиёсати Рим қарор нагирифта буданд ва таъсири анъанаҳои римӣ ба онҳо қариб нарасида буд. Хулас, онҳо бо унсурҳои соф сиёсии германӣ ба ҷазираҳои Британия ворид шуданд. Ин, хусусан, ба англосаксонҳо имконият дод, ки ниҳодҳои худиро рушд дода, аз таҷрибаи сиёсии бегонагон беҳтарин хусусиятҳоро бо табъи дили худ қабул намоянд, ҳамин тавр англосаксҳо аз ниҳодҳои боқимондаи низоми римии Британия низ баҳра бардоштанд. Ҳамин минвол, ҳуқуқ ва анъанаҳои англосаксонӣ ташаккул ёфта, принсипи идоракунии англисҳо низ аз идоракунии шоҳигариҳои қитъавӣ фарқият дошт[1].

Ғалаба дар ҷанг барои мероси Испания яке аз заминаҳои асоситарин барои иддаокунӣ ба мақоми сарварӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ барои Англия гардид. Ин дар ҳоле буд, ки Британия он вақт аз нуқтаи назари шумораи аҳолӣ ва аз нуқтаи назари шумораи қувваҳои мусаллаҳ, байни давлатҳои дигари бузурги асри XVIII - и Европа пешсаф набуд.

Аммо асоси афзалиятҳои Британияро аз болои абарқудратҳои континенталии Европа, аз ҷумла Франсия, бартариятҳои тиҷоратӣ, молиявӣ ва илова ба ин, аз охири асри XVIII сар карда, бартарияти саноатӣ ташкил медоданд.

Англия аллакай он замон сатҳи баланди рушди саноатӣ дошт ва системаи молиявии он, дар муқоиса абарқудратҳои дигар, дар ҳолати хуб қарор гирифта буд. Инчунин, вобаста ба дар ҷазира ҷойгир будани Англия, имкониятҳои геополитикии он низ бартарӣ доштанд. Дар фарқият аз дигар давлатҳо Британия метавонист ба худ имконият диҳад, ки миёни дастгирӣ намудани қувваҳои баҳрӣ ва хушкигард таҷзия шавад: англисҳо тамоми қувваи худро ба самти забт намудани мустамликаҳо ва васеъ намудани тиҷорат равона намуда буданд.

Он чизе, ки ба сиёсати Британия дар қитъаи Европа дахл дорад, дар ин ҷо бошад англисҳо бо бурдани найранги моҳиронаи сиёсӣ маҳдуд шуданд, ки баъдтар ба он Отто фон Бисмарк чунин баҳо дода будааст: «Сиёсати Англия доимо аз он иборат буд, ки дар Европа чунин аблаҳеро ёбад, ки бо қанотҳои

---

[1]Кабаченко А. П. История мировой политики: Учебное пособие для вузов. М.: Издательство Московского государственного университета, 2008. С. 544.

худ манфиатҳои Британияро ҳифз намояд»[1]. Ин, яъне аз сиёсати «дӯстон» - ро харида, онҳоро бар зидди душмани рақами якуми худ – Франсия шӯрондан иборат буд.

Британияро на танҳо ғурурҳои дар қитъа гегемон шудани Франсия ба ташвиш меовард, инчунин англисҳоро кӯшишҳои франсузҳо дар самти васеъ намудани империяи мустамликавиашон дар Вест - Индия[2], Ҳиндустон ва Америкаи Шимолӣ низ ба изтироб оварда буд. Масалан, дар рафти Ҷанги Ҳафтсола иттифоқчии Англия – Пруссия амалан шикаст хӯрда бошад ҳам, ин Лондонро аз кӯшишҳояш боз надошт, Британия аз заифшавии Франсия дар ҷанг истифода бурда, хост, ки франсузҳоро аз Канада, Ҳинд ва ҳавзаи баҳри Кариб танг карда барорад. Дар натиҷаи ҷанг Англия ба таври зӯрӣ (анексионӣ) Луизиана ва Флоридаро кашида гирифт. Аз ҳама асосаш он шуд, ки флоти Британия пурра ва комилан ҳукмронии худро дар баҳр барқарор намуд.

Бо вуҷуди он, аллакай ҳамон вақт, дар асри XVIII, дар дипломатияи Англия ба таври комил хусусиятҳои сиёсати хориҷии буржуазӣ ба вуҷуд омада буданд. Лондон ба амалкарди дигар давлатҳо, пеш аз ҳама Франсия эътино карданро беҳтар донист ва танҳо ҳангоми рафтори аз ҳад нигаронкунандаи Париж ё дар ҷанг барои мероси Испания бошад ё дар арафаи Ҷанги Ҳафтсола бошад аз хоб бедор шуд. Дар фаъолшавии сиёсати берунии Англия нақши калонро сиёсатмадори бузурги асри XVIII англис Уилям Питт - Калонӣ бозӣ кард.

**Франсия.** Дар ибтидои асри XVIII Франсия ҳам аз нигоҳи бойгарии миллии худ ва ҳам аз ҷиҳати артиш ва флот бе баҳс давлати пурзӯртарини Европа ба шумор мерафт. Он кӯшиш мекард, ки барои ҳукмронӣ дар баҳр бо Англия рақобат намояд, инчунин гегемонияи худро дар қитъа низ барқарор намояд.

Баробари ин, асри XVIII дар умум барои Франсия давраи бебарор ба шумор мерафт, ҷангҳои беохирро, ки ин давлат мебурд (барои мероси Испания, барои мероси Полша (с. 1733 – 1735), барои мероси Австрия (с. 1740 – 1748), Ҷанги Ҳафтсола (с. 1756 – 1763)) Париж дар онҳо на танҳо шикаст хӯрд, балки онҳо иқтисоди давлатро низ хароб намуда, қарзи давлатӣ афзуд.

Франсузҳо мулкҳои худро дар Америкаи Шимолӣ (Канада ва Луизиана) аз даст доданд, тамоми кӯшишҳои мустамликадорони франсузӣ низ барбод рафт, зеро қариб буд, ки Франсия Ҳиндустонро ба даст орад. Дар Европа ҳам кори Франсия он қадар хуб сурат намегирифт. Дар хақиқат ҳарифони деринаи онҳо Габсбургҳо ба давраи намудоршавии нишонаҳои заифу нотавонии худ ворид шуда бошанд ҳам, аммо дар ин ҷо акнун манфиатҳои франсузҳо бо ду давлати ҷавон, аммо боғайрат – Россия ва Пруссия бархӯрд.

---

[1]Иқтибос аз: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Вест-Индия (Ҳиндустони Ғарбӣ) – мафҳуми мазкур дар гузашта нисбати Ҷазираҳои Ҳавзаи баҳри Кариб ва соҳилҳои халиҷи Мексика истифода мешуд. Пайдоиш ва мавриди истифода қарор гирифтани мафҳуми мазкур аз ғалат фаҳмидани Х. Колумб вобаста аст, ба ин ҷойҳо расида, ӯ хайёл кард, ки ба Ҳиндустон расид.

Дар рафти ҷанг барои мероси Полша кӯшишҳои Франсия дар самти ба тахт овардани Станислав Лешинский амалӣ нашуданд, Австрия ва Россия лӯхтакмонанди худ, Фридрихи III - ро ба тахт шинонданд. Дар рафти ҷанги Ҳафтсола бошад французҳо дар якчанд муҳорибаҳо аз пруссиягиҳо шармандавор шикаст хӯрданд. Онҳо натавонистанд, ки масъалаи Силезияи аз ҷониби Пруссия ишғолшударо бартараф намоянд, ки баъди ин Пруссия дар Шарқ яку якбора тавоно гардид.

Маълум гардид, ки дар мубориза҇ҳо барои баҳрҳо ва мустамликаҳо бо Англия Франсия ба таври объективӣ заифтар буд. Аммо он чизе, ки ба нокомиҳои сиёсати Франсия дар қитъа дахл доранд, ин ҷо бошад новобаста ба иқтидори ҳарбӣ-иқтисодии нисбат ба рақибон бартаридоштааш, он аз сиёсати нокоми дохилӣ вобаста буд, ки он ҳам бошад фурӯпошии низому тартиботи кӯҳна мебошад[1].

Дар симо ва шахсияти шоҳ Людовики XV, гӯё ин ҳамаи норасоиҳои тартиботи кӯҳна ҳувайдо гардиданд. Людовики XV беирода буда, дар атрофи худ одамони ҳақирро ҷамъ намуд, ки байни онҳо аз ҳамаашон нокастар маркиз де Помпадур буд. Аз таъсири фаъолияти доираҳо (аз ҷумла, аъзоёни ҳукумати худ) тарсида, бо иродаи худ шоҳ кабинет (дафтар)-и махсуси пинҳониро таъсис дод. Хулас, шоҳ хадамоти дипломатии шахсии махфии худро таъсис дода буд, ки ин амалан сӯиқасди ӯ бар зидди вазирони худ буд. Зеро фаъолияти хадамоти мазкур мустақиман бар зидди дипломатияи расмии давлат буд. Бо ҳамин, Франсия дар замони Людовики XV ду сиёсати хориҷиро мебурд: расмӣ ва воқеӣ, ки охирӣ номи «сирри шоҳ» - ро гирифт.

Аммо вақте ки давлат сиёсати дусамтаро мебарад, ягон то аз онҳо муваффақ намешаванд. Гарчанде ки дар ҳамон замон Франсия дипломатҳои бомаҳорат ба мисли Вержен, Шуазел, д'Аржансон, де Бройл, Бретейл дошт ҳам, аммо онҳо натавонистанд, ки мамлакати худро аз нокомиҳои ҷиддии сиёсати берунӣ наҷот диҳанд.

Аз ҳама нокомиҳои бузург он буд, ки шикасте, ки Фридрихи II дар рафти Ҷанги Ҳафтсола ба французҳо расонд, мақоми бартарияти ҳарбӣ доштаи Франсияро дар қитъаи Европа зери суол гузошт.

**Россия.** Соли 1654 давлати Рус расман номи Россияро мегирад. Дар ибтидои асри XVIII Россия дар сиёсати байналхалқӣ ҳамчун шоҳигарии ваҳшӣ ва камбағал баромад мекард, ки флоти баҳриро надошт ва дар ихтиёри давлат танҳо чанд полки ҳарбӣ қарор доштанду халос. Асоси қувваҳои мусаллаҳи Россияро саворaҳои боярӣ ва полкҳои тирандозон ташкил медоданд, ки дар бисёр мавридҳо худашон дар давлат исён мебардоштанд. Ин гуна лашкар ҳатто наметавонист, ки мамлакатро аз тохтутози хонигарии Қрим ва ногайҳо амн нигоҳ дорад, ҳоло он ки гап дар бораи ҳал намудани орзуву ҳаваси доимӣ, яъне баромадан ба баҳр, он сӯ истад. Барои чунин Россия, ки дар он замон тамаддуни он

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

аз Туркия ҳам пасттар буд, дар сиёсати калони европоӣ ҷой ҳам набуд. Аммо ин масъаларо Пётри Кабир ҳал намуд.

Пётри I мехост, ки Россияро ба яке аз давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ табдил диҳад. Барои ҳамин, пеш аз ҳама зарурият пеш омад, ки роҳи Россияро ба баҳр кушояд. Бо кушодашавии чунин роҳ ӯ метавонист дар масъалаҳои техникӣ-иқтисодӣ ақибмонии Россияро рафъ намояд. Ҳанӯз дар замони Иван Грозний дар рафти Ҷанги Ливон (с. 1558 – 1583) Россия кӯшиши ба баҳри Балтика баромадан карда буд, аммо он натиҷаи дилхоҳ надод.

Ҳанӯз охири асри XVII амалиётҳои ҷангӣ бар зидди Туркия оғоз гардиданд, ки мақсад аз он баромадан ба баҳри Сиёҳ ва аз байн бурдани тохтутозҳои минбаъдаи хонигарии Қрим буд. Аз соли 1695 Пётр амалиёти фаъолро бар зидди Туркия оғоз намуд. Аммо юриши аввалине, ки соли 1695 ба Азов сурат гирифт, аз мавҷуд набудани фармондеҳии ягона дар лашкар, надоштани таҷрибаи муҳосираи истеҳкомҳои мустаҳкам ба монанди Азов, нарасидани артиллерия ва аз ҳама асосаш вуҷуд надоштани флоти баҳрӣ, ягон натиҷа надод[1].

Тирамоҳи соли 1695 омодагиҳо ба юриши навбатӣ сар шуданд. Зимистони солҳои 1695 – 1696 Пётр ба сохтмони флоти дарёӣ сар намуд. Пеш аз ҳама дар Москва, дар дарёи Яуз ва Воронеж сохтмони флот ба роҳ монда шуда, 2-киштии калон, 23-галер (галер – киштие, ки тавассути белҳои сершумор ронда мешавад), 4- брандер (киштии пур аз моддаҳои тарканда, ки барои бастани даромадгоҳи бандар ё ки онро даргиронда, ба самти киштии душман равон мекарданд) ва зиёда аз ҳазор киштиҳои хурд сохта шуданд. Артиши рус ба самти Азов ҳаракат намуда, аллакай баҳори соли 1696 дар назди қалъаи Азов флоти дарёии рус пайдо шуд. 19-июли соли 1696 Азов гирифта шуд, ки ин бузургтарин пирӯзии ҳарбӣ ва дар самти сиёсати хориҷии Россия барои баромадан ба баҳри Сиёҳ буд. Аммо барои баромадан ба баҳри Сиёҳ русҳо бояд қалъаи Керчро низ забт мекарданд, вале айни замон қувваи баҳрии Россия ба қадри кофӣ тавоно набуд, ки он ба ин қалъа соҳиб шавад. Барои ба чунин мақсад расидан Пётр сохтмони флоти бузурги баҳриро дар пеши худ гузошт.

Бо фармони Пётр дар шаҳри Воронеж ба сохтмони флоти бузург оғоз карданд. Барои ҳаракатҳои минбаъда дар ин самт иттифоқчиён лозим буданд. Ба хотири ковтуков ва дарёфт намудани иттифоқчӣ Пётр сафорати бузург (с. 1697 – 1698) - ро ба Европа ташкил кард.

Ҳайати сафорат аз 250-нафар иборат буд ва он 9-марти соли 1697 аз Москва ба роҳ баромад. Расман онро адмирал Ф. Я. Лефорт ва генерал Ф. А. Головин (дар баъзе адабиёт шахси сеюм П. Б. Вознитсин низ нишон дода шудааст) сардорӣ мекарданд. Дар ҳайати сафорат Пётр ва дворянҳои ҷавон низ шомил гардиданд. Ба ғайр аз пайдо кардани иттифоқчиён Пётр дар назди худ мақсад гузошт, ки ҳунари киштисозӣ ва киштирониро низ дар Голландия ва Англия аз худ намояд. Махсусан, дар он замон аз ҷиҳати мавқеи ишғолнамуда

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

флоти Голландия дар ҷои якум меистод, ки он ҳамагӣ 4/5 тамоми флоти Европаро ташкил медод[1].

Сафорат аз Пруссия, Полша, Франсия, Голландия, Англия ва Австрия дидан кард. Пётр ним сол дар верфҳо (верф – ҷойи киштисозӣ ва таъмири онҳо) - и шаҳрҳои Саардама ва Амстердами Голландия кор кард. Дар натиҷаи гуфтушунидҳо маълум гардид, ки барои пайдо кардани иттифоқчӣ дар ҷанги зидди Туркия имконият вуҷуд надорад. Зеро Европа дар остонаи ҷанг барои ба даст овардани «Мероси Испания» меистод ва ин ҷанг соли 1701 шурӯъ гардида, дар он ҳамаи давлатҳои бузурги Европаи ғарбӣ иштирок доштанд ва то соли 1714 идома ёфт.

8-уми августи соли 1697 Пётр дар шаҳри Саардами Голландия ба верф рафта, бевосита ба омӯзиши киштисозӣ пардохт. Сонӣ чор моҳи дигарро дар верфи ширкати Ост-Индия[2] дар шаҳри Амстердам гузаронда, ҳунари киштисозиро омӯхта, дипломи тахассуси устои киштиро гирифт. Дар ин верф ӯ бевосита дар сохтмони киштии «Пётр ва Павел» ширкат намуд.

Ибтидои соли 1698 Пётр дар Лондон ҳузур дошт. Дар Лондон ӯ бо сохти давлатдории Англия шинос шуда, дар маҷлиси парламенти Англия низ иштирок кард. Дар Англия низ ба киштисозӣ машғул мешавад. Дар вақти бекорӣ бошад ӯ барои тамошо кардан ба мануфактураҳо, осорхонаҳо мерафт ва ба қадри имкон бо олимон мулоқотҳо доир мекард. Пайдо намудани иттифоқчиён дар мубориза ба муқобили Туркия ҳалли худро наёфт. Аз Англия ӯ боз ба Голландия баргашта, сафорат хост, ки аз Венетсия низ дидан намояд. Дар ҳамин лаҳза аз Москва хабар расид, ки як қисми боярҳои иртиҷоӣ тирандозонро ба исёни зидди Пётр бардоштаанд. Пётр таъҷилан ба Россия баргашт[3].

Гарчанде барои Россия дар ҷанг бар зидди Туркия имконияти дарёфти иттифоқчиён фароҳам нашуд, аммо лаҳзаи мувофиқ барои мубориза бо Шведсия ва баромадан ба баҳри Балтика ба вуҷуд омад. Дар ин ҷанг Россия метавонист Дания ва Полшаро ба тарафи худ кашад, ки онҳо ҳам бо мавқеи ишғолнамудаи Шведсия дар назди Балтика розӣ набуданд. Аммо оғоз кардани ҷанг бо Шведсия то бастани сулҳ бо Туркия ғайримкон буд. Зеро Россия дар ду ҷабҳаи ҷангӣ қарор мегирифт.

Дар роҳи бозгашт ба Россия дар Рве Пётр бо шоҳи Полша Августи II мулоқот намуда, шартномаи пешакӣ баст, ки тибқи он Полша ва Дания якҷо бо Россия зидди Шведсия мубориза хоҳанд бурд, илова ба ин, қарор дода шуд, ки Россия пас аз имзо намудани сулҳ бо Туркия ба ҷанги зидди шведҳо дохил

---

[1]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 103.

[2]Ост-Индия (Ҳиндустони Шарқӣ) – мафҳуме мебошад, ки (баъди ғалатфаҳмии Х. Колумб дар адабиёти илмӣ роиҷ гаштани истифодабарии мафҳуми Вест-Индия) дар гузашта нисбати Ҳиндустон ва чанд давлати дигари Ҷануб ва Ҷануб-Шарқии Осиё истифода мешуд.

[3] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

хоҳад шуд. Ҷангро бояд Полша ва Дания оғоз мекарданд. 11-уми октябри соли 1699 тарафи Полша ин қарордодро ба расмият даровард.

13-июли соли 1700 дар шаҳри Константинопол бо Туркия ба муддати 30-сол сулҳ баста шуд, мувофиқи шартҳои он Азов ва як қисми соҳилҳои он, ки дар он ҷо шаҳри Таганрог сохта шуда буд, ба Россия гузаштанд. Сафорати Россияро дар бастани ин сулҳ Емелян Украинсев сарварӣ кард. Хулоса, юришҳои Азов озодона баромадани Россияро ба баҳри Сиёҳ таъмин накарданд.

Он даме, ки хабари сулҳи Константинопол ба Москва расид, Россия бо Шведсия ҷанг эълон кард. Аммо худи ҳамон рӯз флоти Шведсия Копенгагенро бомбаборон карда, бо фуровардани қушунҳои десантии худ Данияро ба таслимшавӣ маҷбур кард. Пас аз ин Карли XII ба Наздибалтика омада, қушуни Полшаро маҷбур намуд, ки аз Рига бароянд. Россия амалиётҳои ҷангиро аз Нарва оғоз кард. Ҳамин тариқ Ҷанги Шимолӣ (1700 – 1721) оғоз гардид.

Октябри соли 1702 артиши рус бо сардории аввалин фелдмаршали рус Б. П. Шереметев дар соҳили Нева қалъаи Нотенбургро гирифт. Пётр Нотебургро Шлисселбург (яъне калид-шаҳр) ном гузошт. 1-уми майи соли 1703 қалъаи Ниеншансро низ дар резишгоҳи дарёи Нева гирифт. Дар ин ҷо 16-уми май 1703 сохтмони қалъаи Петропавловск – маҳаки шаҳри нав – Петербург, флот ва базаи мустаҳкам барои он – Кронштадт оғоз гардид. Соли 1713 пойтахти Россия расман аз Москва ба Петербург кӯчонда шуд.

Ҳанӯз, соли 1702 Пётр дар Балтика дар верфи Сяск ба сохтмони киштиҳо оғоз намуд, бо истифода аз онҳо баъзе қалъаҳои шведҳо дар резишгоҳи Нева ғасб карда шуданд. Соли 1703 ӯ дар дарёи Свири верфро сохт. Аз ин верф баъди чанд моҳ аввалин киштии калонҳаҷми флоти баҳрии Балтикаи Россия – фрегат «Штандарт» (фрегат – киштии ҳарбии нисбатан сабуки серҳаракат мебошад, ки бо артиллерияи камиқтидор мусаллаҳ шудааст) ба об фароварда шуд.

30-августи соли 1721 Ҷанги Шимолӣ ба охир расид. Дар шаҳри Ништадти Финландия шартномаи сулҳ баста шуд. Мувофиқи он қисми Финландия (Виборг ва Кексголм), Ингрия, Эстландия ва Лифландия бо Рига ба Россия ҳамроҳ карда шуданд. Оқибати Ҷанги Шимолӣ Россияро ба давлати бузурги европоӣ табдил дод. Он роҳи Россияро ба баҳри Балтика кушода, ба рушди саноат, савдо мусоидат карда, муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании мамлакатро бо дигар кишварҳо мустаҳкам ва васеъ намуд. Шведсия бошад баъди шикаст дар ҷанги мазкур мақоми давлати абарқудрат будани худро аз даст дод.

Дар натиҷаи пирӯзӣ дар «Ҷанги Шимолӣ» 22-уми октябри соли 1721 Сенат ва Синоди Муқаддас ба Пётр унвонҳои император, кабир ва падари меҳанро доданд ва Россия бошад расман империя эълон гардид.

Дар сиёсати хориҷии Россия дар нимаи дуюми асри XVIII се вазифаи асоси меистод: 1) Ба ҳайати империяи Россия пас гардондани заминҳои Украина ва Белоруссия, ки як вақтҳо дар ҳайати Россия буданд; 2) Мустаҳкам кардани мавқеи Россия дар баҳри Балтика; 3) Мавқеи худро мустаҳкам кардан дар бахри Сиёҳ ва хавфи таҳдидкардаи аз тарафи Туркия ва

Хонигарии Қрим, ки доимо хатарро ба заминҳои ҷанубӣ меовароданд, комилан аз байн бурдан буд.

Дар охири асри XVIII – ибтидои асри XIX аллакай империяи Россия ба яке аз давлатҳои абарқудраттарини Европа табдил ёфта, ба сафи клуби давлатҳои бузург қабул гардид. Бе иштироки Россия ягон масъалаи ҷаҳонӣ ё европоӣ ҳал намешуд. Давлатҳои бузург мехостанд бо он иттифоқ банданд ё баръакс сиёсати Россияро тоқат надоштанд.

Ҳамин тавр, дар асри XVIII оқибат Россия тавонист, ки он нақшаҳое, ки дар вақташ Иван Грозний пеши худ гузошт, амалӣ намояд: бо боварии том сарҳадоти ҷанубии худро бехатар гардонд; ба баҳр баромадани худро таъмин намуд: ба Балтика ва баҳри Сиёҳ; славянҳои шарқӣ – русҳо, белорусҳо ва украинҳоро дар як давлат муттаҳид намуд.

Вазъияти мазкур ба рушди умумии иқтисодӣ ва мадании мамлакат оварда расонд. Хусусан бо суръати тез минтақаҳои нави иқтисодӣ: Наздибалтика, Ҷанубии Россия ва Урал рушд ёфтанд. Мамлакат дар самти рушди худ ҷаҳиши калонро аз сар гузаронд. Аҳолии он низ афзуд. То охири асри XVIII (вақте ки дар Британия табаддулоти саноатӣ сар мешавад) Россия аз ҷиҳати андозаи истеҳсоли моли саноатӣ дар Европа ҷойи якумро мегирифт. Бо азхуд намудани заминҳои нав дар ҷануби Россия, соҳаи кишоварзии мамлакат низ рушд ёфт: аз охири асри XVIII сар карда, Россия ба яке аз содиркунандагони асосии ғалладонагиҳо табдил ёфт. Ҳамин тавр, рушди иқтисодии давлат имконият фароҳам овард, ки хароҷоти ҳарбӣ низ зиёд шавад. Зеро дар муддати асри мазкур Россия бетанаффус ҷангҳо бурдааст, баробари ин, бо рақибони ниҳоят тавоно дар набард буд: туркҳо, шведҳо, пруссиягиҳо ва французҳо.

Комёбиҳои сиёсати хориҷии Россия бо дастовардҳои саноат ва техникаи силоҳсозии рус сахт алоқаманд буданд. Россия дар асри мазкур ҷангҳои зиёдеро бурда, дар баробари бархе аз нокомиҳо, аксарияти ҷангҳоро ба фоидаи худ анҷом дода буд. Дар охири асри мазкур ҳамагон дар Европа иқрор шуданд, ки Россия давлати бузург мебошад, ки манфиатҳои онро ба назар гирифтан зарур аст. Гарчанде ки дар муҳорибаҳои хушкӣ сарлашкари рус А. Суворов ном баровара буд, баробари ин маҳз дар асри XVIII флоти рус зери роҳбарии адмирал Ф. Ф. Ушаков бузургтарин ғалабаҳои худро ба даст даровардааст. Дар натиҷаи он Россия даъвои бузургдавлати баҳрӣ шуданро низ ба миён гузошт.

Аммо бо ин ҳама нигоҳ накарда, Россия низ дар асри мазкур як қатор норасоиҳо ва камбудиҳоро дошт, ки оқибат дар асри XIX болои об баромада, обрӯи мамлакатро дар арсаи ҷаҳонӣ паст заданд. Аммо дар асри XVIII ҳукуматдорони рус тавонистанд, ки масъалаҳои мазкурро ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷ рӯйпӯш намоянд. Ба ин проблемаҳо пеш аз ҳама ҷой доштани тартиботи крепостноӣ, дар умум аз ҷиҳати рушди маданӣ қафо мондани Россия аз давлатҳои пешқадами Европа ва ғайра шомил мебошанд.

Бо гузашти вақт бо андозаи чи тавр Россия вазифаҳои асосии хориҷии худро ҳал намуда буд, ки оид ба онҳо дар боло сухан рафт, мазмуни сиёсати хориҷии он низ тағйир ёфт. Аз сиёсати миллӣ сиёсати Россия ба сиёсати империа-

листӣ табдил ёфт ва аз сиёсати мудофиавӣ бошад он ба сиёсати ҳуҷумкунанда мубаддал гашт.

Мисол, агар баромадан ба баҳр ва ба мамлакат ҳамроҳ намудани заминҳои ҷанубӣ ба манфиатҳои миллии давлат мувофиқ буданд, пас иштироки Россия дар тақсимоти Полша ё дар коалитсияи зиддифрансузиро аллакай мо наметавонем ҳамчун манфиатҳои миллӣ шарҳ дод. Ин аллакай сиёсати соф таҷовузкорона ва реаксионии ҳокимияти шоҳии Россия буд.

Солҳои 80-90 уми асри XVIII Россия бар зидди Туркия муборизаро барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар шимолии назди баҳри Сиёҳ давом медод. Соли 1783 хони охирини Қрим Шагин-хон ҳокимиятро аз даст дод ва ҳамин сол Қрим бо номи «Таврида» ба Россия ҳамроҳ карда шуд. Дар Қрим бандари Севастопол сохта шуд.

Акнун Англия, ки аз васеъ шудани таъсири Россия дар шарқ хавф мебурд, мехост Туркияро ба муқобили Россия иғво андозад. Сулҳи Кючук-Кайнарҷӣ Екатеринаро қонеъ нагардонда, вай «Лоиҳаи Юнон»-ро ба миён мегузоранд. Мувофиқи ин лоиҳа туркҳо бояд аз Европа бароварда мешуданд ва дар қаламравҳои европоии Туркия империяи Юнонро ташкил дода, он бояд як бахши империяи Россия мешуд. Валахия ва Молдавия якҷо шуда, бо номи Дакия аз Туркия ҷудо карда мешуданд. Ҳамин тариқ, империяи юнонӣ ва Дакия бояд ҳамчун протекторат ба Россия дохил карда мешуданд. Ин лоиҳа амалӣ нагардид, аммо ба нақша гирифтани он абарқудратии Россияро нишон медод.

Дар солҳои ҷанги мустамликаҳои Англия дар Америка барои истиқлолият Россия худро давлати бетараф эълон кард. Ин амал бадбинии Англияро нисбат ба Россия зиёд кард.

Мавқеи Россия дар Шарқ низ афзуд. Алоқаи ҳаматарафаи халқҳои ҳамроҳшуда ба Россия (Урал, шимолии Қазоқистони имрӯза, Сибир) бо халқи рус мустаҳкам гардид. Соли 1784 «Колумби Россия» Григорий Иванович Шелехов дар Америка (Аляска) маҳалҳои доимии аҳолинишини русҳоро ташкил намуд. Бо ҳамин дар Америка «замини соҳибаш Россия» ба вуҷуд омад. Мавқеи Россия дар баҳри Сиёҳ, Сибир, баҳри Каспий ва Осиёи Марказӣ пурзӯр гардид.

**Пруссия.** Германия дар рафти Ҷанги Сисола ниҳоят харобу валангор гардид, ки онро ба як осонӣ тасвир намудан аз имкон берун мебошад. Камбағалӣ ҳама ҷоро фаро гирифт ва даромади асосии аксарияти князҳои немис аз ҳисоби он шуд, ки лашкари худро ба сифати кироя ба он тарафе мефиристонданд, ки касе бисёртар маблағ пардохт намояд. Аз ҷумла, дар ҷангҳо бар зидди мустамликаҳои Британия аз ҷониби Англия 17 ҳазор зархаридони ганноверӣ иштирок доштанд[1].

Зина ба зина дар Германия нишонаҳои нахустини эҳёшавии миллӣ намудор шуданд. Новобаста ба он ки давлатҳои хориҷӣ ҳамаи имкониятҳоро исти-

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

фода бурданд, ки Германия ҳоло ҳам дар ҳолати бетартибӣ боқӣ монад, аммо оқибат аз ин бетартибӣ, аз чандсад мулкҳои феодалӣ (баробари онҳо боз ҳазорҳо ритсарҳои империявӣ, ки сенорҳои мустақил ҳисоб мешуданд, мавҷуд буданд) марказҳои қувва шакл гирифтанд, ки дар атрофи онҳо миллати немис ба муттаҳидшавии худ оғоз намуд, ба мисоли он ки русҳо дар асри XIV дар атрофи Москва ба муттаҳидшавии худ оғоз намуда буданд.

Барои дар атрофи Москва муттаҳид шудани заминҳои рус фактори сиёсӣ-идеологӣ нақш бозид, на иқтисодӣ. Гап сари он меравад, ки ба монанди князгарии Москва курфюрии Бранденбург яке аз ноҳияҳои қашшоқтарин ва суст тараққӣ кардатарини Германия буд. Дар асри XVII баробари он заминҳои бойтар ва рушдкардаи немис, ба мисоли Вестфалия, Ганновер ва ғайра вуҷуд доштанд. Аммо нақшро дигар чиз, яъне иродаи сиёсӣ бозӣ кард. Иродаи сиёсӣ ҳусни таваҷҷӯи немисҳоро ба Пруссия зиёд намуд. Дар мисол ва симои Пруссия немисҳо онро диданд, ки метавонанд давлати тавоно, таъсиррасон ва эҳтиромдоштаи немисиро таъсис диҳанд, ки онро дигар давлатҳо ва халқҳо маҷбур мешаванд, ки эътироф намоянд. Аз давраи Фридрих-Вилгелми I – «курфюрсти бузург» - и Бранденбург (ки шоҳи Пруссия гардид) ин давлат дар сиёсати ҷаҳонӣ нақши муайянро иҷро намудан оғоз кард.

Зарур аст қайд намоем, ки вобаста ба ин ҳама, дар асри XVII – нимаи аввали асри XIX Пруссия байни бузургдавлатҳо аз ҳама камбағалтар ва заиф боқӣ монд. Даромади асосии пруссиягиҳо аз савдои маҳсулоти кишоварзӣ иборат буд. Табиатан чунин намуди хоҷагидорӣ низ дар шароити хоси иқлими Пруссия даромадҳои калонро ба бор намеовард.

Дар чунин шароит артиши нағз ташкилшуда ва бонизом ягона манбаи Пруссия ба ҳисоб мерафт, ки бо он мамлакат метавонист, ки даъвои унвони давлати бузургро кунад. Аз ин лиҳоз, забткориҳои бетанаффуси қаламравӣ – маҳз ҳамин буд моҳияти сиёсати Пруссия дар муддати асрҳои XVIII – XIX. Чораи дигари муҳими Пруссия – ин ҳилаи дипломатӣ, бозӣ дар вақти зиддиятҳои давлатҳои бузург буд[1].

Дар ин самт фаъолияти хоси Фридрихи II дар рафти ҷанг барои мероси Австрия (с. 1740 – 1748) мисол шуда метавонад. Маълум аст, ки ҳуқуқи духтари Карли VI Габсбург Мария-Терезия ба тахти Австрия на яку якбора аз ҷониби Европа эътироф гардид, аз ҷумла Испания ва Бавария барои соҳиб шудан ба тахт даъво пеш оварданд. Аз ин вазъият истифода бурда, Фридрих ба ивази ба Пруссия додани Силезия ба Мария-Терезия дастгирии худро ваъда кард. Ба давлати худ ҳамроҳ намудани ин мулки бой ва аз нигоҳи саноат рушдёфта, аз бисёр ҷиҳат метавонист Пруссияро, ки барои доираи таъсир дар Германия ва Европаи марказию шарқӣ рақиби асосии Австрия ба ҳисоб мерафт, боқуввуат гардонад. Инчунин дар расму русум ва анъанаи Габсбургҳо низ бе ҷанг додани мулкҳои худ роиҷ набуд.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Хулоса, Вена дастдарозии Берлинро рад намуд ва он вақт Фридрих Силезияи Поёниро ғасб намуд. Зиёда аз ин, маҳз бо кӯшишу ҳилаву найранги Фридрих коалитсияи зиддиавстриягӣ дар ҳайати Франсия, Испания ва Бавария ба вуҷуд омада буд.

Аммо дар ҳамон вақт, ки франсузҳо ба фоидаи шоҳи Пруссия бар зидди Австрия ҷанг мекарданд, шоҳи пруссиягӣ бо маликаи австриягӣ шартномаи пинҳониро баст. Шоҳ ба малика ваъда кард, ки ғайр аз Силезияи Поёнӣ бо шаҳрҳои Бреслау (Бреславл) ва Нейсе (Ниса) дигар ҳеҷ чизи зиёдтарро талаб надорад. Аммо тавассути курфюрст Карл-Алберти Баварӣ, ки (зери таъсири Франсия) императори империяи Муқаддаси миллати Германӣ интихоб гардида буд, Фридрихи II эътирофнамоии ҳуқуқи Пруссия ба Силезияи Болоиро низ ба даст даровард. Ҳамин тавр, сиёсати забткоронаи худро тавассути эътирофнамоии ҳуқуқӣ-байналхалқӣ қонунӣ гардонда, Фридрих, дар назди Часлав австриягиҳоро торумор намуда, ҳамаи Силезияро ба даст даровард.

Шартномаи сулҳи Ахен (с. 1748) оқибат Силезияро ба Фридрихи II дод. Оид ба ин ҳодиса Мария-Терезия гуфтааст, ки аз танаш охирон юбкаашро ҳам мекашад, аммо чизе аз худаш аст, пас мегардонад. Аз ин пас ва то охири садсолаи мазкур Австрия ва Пруссия душманони ашаддии ҳамдигар монданд.

Зиёда аз ин, найрангҳои Фридрих дар Париж ҳам маълуму машҳур гардиданд ва хашму ғазаби Людовики XV аз ҳаду ҳудуд баромад. Дар ҳамин шароит доираҳои ҳукмрон дар Вена тавонистанд, ки баъди 7 сол зидди Пруссия дар ҳайати Австрия, Франсия ва Россия як коалитсияро ба вуҷуд биёранд. Ҳамаи иштирокчиёни коалитсия бо шоҳи Пруссия ҳисобу китоби худро доштанд, чунки ҳамаи онҳоро дар вақташ бо истифода аз ҳилаву найранг фиреб дода буд. Баробари ин, дигар сабабҳое буданд, ки доираи ҳукмрони давлатҳои мазкур Пруссияро бад медиданд.

Якум, болоравии қувва ва тавоноии Пруссияро аъзоёни коалитсия ҳамчун таҳдиду хатари рӯи рост ба манфиатҳои худ медонистанд. Дуюм, иштирочиёни коалитсия бо мазмуни шартномаи англо-пруссиягӣ, ки он соли 16 январи 1756 дар Уайтхолл (яке аз кӯчаҳои марказӣ дар Лондон) баста шуд, беҳад норозӣ буданд. Тибқи он иттифоқчии асосии Англия дар Германия Пруссия дониста шуд. Франсия, Россия ва Австрия ҳам аз Фридрих ва ҳам аз зуҳуроти ҳилагарии навбатии Британия сахт дар изтироб буданд.

Франсия аз он норозӣ буд, ки рақиби асосиаш – Британия, ки ба таъқиби ошкорои франсузҳо дар баҳр сар карда буд (танҳо дар муддати як моҳ дар соли 1755 англисҳо 300 киштии франсузӣ бо 8 ҳазор одамро тасарруф намуда буданд), иттифоқчии боқувватро дар хушкӣ ба даст даровардааст. Австрия ва Россия аз он нигарон гардиданд, ки аз ёрии моддию молиявии Англия маҳрум гардиданд. Аз ин пас ёрии молиявию моддиро аз Лондон Пруссия мегирифт. Тибқи шартномаи англо-русӣ аз соли 1755 Россия ӯҳдадор буд, ки ба ивази 500 ҳазор фунт стерлинг дар як вақт ва 100 ҳазор ҳар сол бар зидди душманони Англия дар қитъа 80 ҳазор лашкарро гузорад. Мумкин шартномаи Уайтхолл шартномаи мазкурро вайрон намуд.

Лондон натавонист, ки дар Ҷанги Ҳафтсола (с. 1756 – 1763) коалитсияи зиддифрансузиро бо иштироки Австрия, Пруссия и Россия ба вуҷуд орад. Фридрих ҳам натавонист, ки бо масъалаи ба Франсия пешниҳод намудани забткунии Белгия Парижро ба тарафи худ кашад. Мувофиқи шартҳои шартномаҳои Версал (с. 1756 ва с.1757) Франсия ба зимма гирифт, ки ҳар сол ба Мария-Терезия ба андозаи 12 миллион флорин ёрии молию моддӣ мерасонад ва инчунин 105 ҳазор лашкарро ба майдони набард барорад[1].

Дар рафти ҷанг Фридрих дар натиҷаи қобилияти ҳарбӣ ва дипломатии худ ва бо сабабҳои вафоти маликаи Россия Елизавета тавонист, ки аз ҷанг қариб, ки бе талафот барояд ва қаламрави худро низ ҳифз намуд. Зеро Елизавета дар Ҷанги Ҳафтсола (с. 1756 – 1763) ҳамчун иттифоқчии Франсия, Австрия ва Саксония ба муқобили Пруссия ҳамроҳ шуд. Дар ҷанг лашкари рус маҳорати хуби ҷангӣ нишон дода, таҳти роҳбарии Пётр Александрович Румянтсев (с. 1725 – 1796) ғалабаҳои калон ба даст овард. Баъд аз вафоти Елизавета, Пётри III 25 - уми декабри соли 1761 ба тахти Россия нишаст. Пётри III шахси нодон буд ва маълумоти кофӣ надошт. Ҳатто то 18 – 20-солагӣ ҳам бо аскарчаҳои зочагӣ бозӣ мекард. Мазкур, ки дар муҳити немисҳо тарбият гирифта буд, Россияро бад медид ва онро «мамлакати лаънатӣ» меномид. Ӯ худро тарафдори Пруссия эълон намуда, ба лашкари рус фармон дод, ки дар Ҷанги Ҳафтсола ба амалиёти ҷангии зидди шоҳи Пруссия Фридрихи II хотима диҳанд. Ҳамин тариқ, ӯ манфиати Пруссияро ҳимоя мекард.

Ҳамзамон ҷанг барои Франсия нокомӣ овард, ин давлат ҳам дар қитъа ва ҳам дар мустамликаҳо бо як қатор шикастҳо дучор омад. Флоти Франсия қариб, ки пурра аз байн рафт. Франсия мулкҳои худро дар Америкаи Шимолӣ ва Ҳиндустон аз даст дод. Ҷанг заифӣ ва ноӯҳдабароии тартиботи кӯҳнаи Франсияро нишон дод.

Баробари ин бошад, мавқеи Пруссия дар миёни аъзоёни клуби давлатҳои бузург ниҳоятан барқарор гардид. Аз ҷониби дигар барои ба ин мартаба расидану даъво намудан Пруссия заминаи хуби иқтисодӣ надошт, мамлакат ҳоло ҳам қашшоқ ва қафомонда буд, аммо танҳо артиши бонизому сатҳи баланд имконият дод, ки Пруссия даъвои мақоми бузургдавлатро намояд.

**Австрия.** Империяи Габсбургҳо дар он вақт давлати сусттараққикардаи феодалӣ-крепостнойӣ буд. Ғайр аз ин, мавқеи душвори геополитикии он байни Ғарб ва Шарқ, яъне байни Франсия ва Туркия, набудани ваҳдати миллӣ дар ҷомеаи империя вазъияти мамлакатро душвортар мегардонданд. Зеро дар асри XVIII империяи Австрия аз худи Австрия, Богемия, Силезия, Моравия, Венгрия, Милан, Неапол, Ситилия ва Белгия таркиб ёфта буд. Дар империя немисҳо, чеххо, венгрҳо, италянҳо, белгиягиҳо, хорватҳо, руминҳо ва дигар халқҳо зиндагӣ мекарданд. Баробари ин, ҳамаи халқу миллатҳо дар ин импе-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

рияи бисёрмиллата ҳамдигарро ошкоро бад медиданд, немисҳо бошанд ақалиятро ташкил медоданд.

Вена кӯшиш мекард, ки тавассути гузарондани ислоҳоти маъмурӣ, ҳарбӣ ва молиявӣ норасоиҳои ҷиддии системаи идоракунии давлатии худро ислоҳ намояд. Аммо қафомонии иқтисодии Австрия ҳеҷ паси сар карда нашуд ва дар охири садсола аён гардид, ки дар клубии давлатҳои бузург империя аз Англия, Франсия ва Россия заифтар мебошад. Ҳамзамон дар миёнаи қитъа ҷойгиршавии Австрия ҳам дар амалиётҳои ҳарбӣ ва ҳам дар рафти савдои дипломатӣ ба Вена бартариятҳои зиёдеро медод.

Ҳамин тавр, дар охири асри XVIII ҳайати шуморавии клуби давлатҳои бузурги европоӣ ташаккул ёфт. Полша, Туркия, Голландия ва Шведсия (оид ба Венетсия барин давлатҳо гап ҳам намеравад) ба дараҷаи ниҳоӣ мартабаи давлати бузург ва имконоту имтиёзҳои бо он алоқамандро низ аз даст доданд. Илова бар ин Полша аз харитаи географии замин низ бардошта шуд[1].

Ҳамзамон Австрия, Англия, Пруссия, Россия ва Франсия – бо сабабҳои гуногун – тавонистанд, ки дар мавқеи аввал монанд. Дар миёни ҳамин давлатҳои бузург дар муддати асри XVIII бо суръати тез қувва ва таъсирии худро Англия, Пруссия ва Россия зиёд намуданд, баробари ин, Австрия ва Франсия қафоравиро паси сар намуданд.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

# 3. 4. ВАЙРОНКУНИИ ГЕГЕМОНИЯИ БРИТАНИЯ ДАР АМЕРИКАИ ШИМОЛӢ. ТАЪСИСЁБИИ ШТАТҲОИ МУТТАҲИДАИ АМЕРИКА ВА ОҒОЗИ ИШТИРОКИ ОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Масъалаҳои зуҳур ва ташкилоти сиёсию давлатдорӣ дар Америка то давраи Колумб.** Пеш аз баррасии масъалаи асосӣ зарур мешуморем, ки оид ба зуҳур ва сатҳи рушди ташкилоти сиёсию давлатӣ дар Америкаи пеш аз давраи Колумб ба хонанда маълумот пешкаш намоем.

Мувофиқи маълумоти илмҳои палеонтология ва археология инсон дар қаламрави имрӯзаи Америка қариб 25 ҳазор сол пеш зуҳур кардааст. Тибқи хулосаи олимон бори нахуст тавассути гулӯгоҳи Беринг инсонҳо аз Осиё ба Америка кӯч бастаанд ва оҳиста-оҳиста аз Шимолии Америка то ба Ҷануб паҳн гаштанд. Ҳамин тавр, рушди минбаъдаи онҳо тақрибан аз 11 ҳазор сол пеш аз мелод, замоне ки дар натиҷаи обшавии яххо оби уқёнус материкҳоро аз ҳам ҷудо намуд, то кашфиёти географӣ дар шароити изолятсионӣ сурат гирифтааст[1]. Гарчанде ки фикрҳо оид ба такроршавии муҳоҷират ва алоқаҳои эпизодии минбаъда доштан бо Осиё низ рад намешаванд, аммо аҳолии таҳҷоии Америка ҳиндуҳо, алеутҳо ва эскимосҳо ба ҳисоб меравантд.

Оид ба муносибатҳои ибтидоии қабилаҳои америкоӣ олимон ба хулосае омадаанд, ки аз сабаби надонистани забони ҳамдигар ҳатто аз забони имову ишора ҳам истифода намудаанд. Зеро муҳоҷирон дар асрҳои дуру дароз ба қитъа аз минтақаҳои гуногуни дигар қитъа ворид шуда, тарзи ҳаёт, забону маданияташон ҳархела буд. Ҳамин тавр, дар муносибати байни қавму қабилаҳо нақши доҳиён хеле калон будааст[2]. Дар раванди дуру дарози таърихӣ қабилаҳо ва халқиятҳои ҳиндуии америкоӣ ташаккул ёфтанд. Маркази асосии зӯҳурёбии ташкилоти давлатии америкоӣ Мезоамерика (ё Месоамерика – ҳавзаи маданӣ - географӣ, ки Мексикаи Марказӣ ва Ҷанубӣ, Гватемала, Белиз, ноҳияҳои ғарбии Салвадор ва Гондурасро дар бар мегирифт) ва Анди Марказӣ (қаламравҳои Колумбия, Эквадор, Перу, Боливия ва як қисми Чили) ба ҳисоб меравантд, ки дар ин минтақаҳо аввалин нишонаҳои заминдорӣ ба вуҷуд омада, дар давраи гузариш аз ҳазорсолаи III ба ҳазорсолаи II маскунҷойҳои доимӣ (муқимӣ) - и кишоварзон зуҳур намудаанд[3].

Дар натиҷаи тағйироти муҳими иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва маданӣ, интенсификатсияи методҳои кишоварзӣ, васеъшавии ҳаҷми мубодилаи молу тиҷорат, зуҳурёбии нобаробарии молу мулкӣ ва нобаробарии синфӣ, ки дар нимаи дуюми ҳазорсолаи I-уми пеш аз мелод сурат гирифтанд, қариб ҳамзамон тамаддунҳои америкоӣ низ тавлид ёфтанд, ки ба давраи таърихи классикии Мезоамерика (ҳазорсолаи якуми солшумории мо) тааллуқ доранд. Он бо

[1]История США в четырех томах. Том первый. 1607 – 1877. М.: Наука, 1983. С. 15.
[2]Иванян Э. А. История США. М., 2004. – 576 с.
[3]Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. С. 3.

хусусиятҳои зуҳурёбӣ ва рушди ҷамъиятҳои ибтидоии синфӣ, таъсисёбии шаҳр-давлатҳои бузург ва муттаҳидшавии онҳо, мутамарказшавии идоракунӣ, қудрат ва тавоноию обрӯи коҳинон, хоҷагиҳои истеҳсолкунанда ифода меёфт[1]. Ҳамин тариқ, дар охири ҳазорсолаи I п.м. дар Месоамерика гузариш аз сохти ҷамоаи ибтидоӣ ба давлатдории ибтидоии синфӣ сурат гирифт.

Яке аз марказҳои асосии давраи маданияти классикӣ Теотиуакан (дар Мексикаи Марказӣ) будааст, ки дар асрҳои III – VI ба давраи баланди тараққиёти худ расида, дар асри VII дар натиҷаи тохтутоз аз ҷониби қабилаҳои бегона хароб мегардад.

Дар соҳилҳои халиҷи Мексика тамаддуни олмекҳо вуҷуд доштааст, дар қаламрави штати ҳозираи Оахака тамаддуни сапотекҳо ва дар шимол-ғарбии Америкаи Марказӣ бошад яке аз тамаддунҳои қадимтарини қитъа – маданияти майя зуҳур карда буд. Дар ин ҷо шаҳрҳои сераҳолӣ, ба монанди Тикал, Копан, Паленке ва ғайра мавҷуд будаанд. Дар ҳудуди асри X аксарияти шаҳрҳои мазкуро аҳолиашон тарк карда, ба шимол ҳаракат намуданд. Дар натиҷа маркази тамаддуни Майя ба Юкатан кӯчид, ки дар ин ҷо шаҳр-давлатҳои Чичен-Иса, Майяпан, Ушмал ба вуҷуд омаданд. Дар асри XI дар як иттифоқ муттаҳид шуда, нимҷазираро ба худ тобеъ намуданд. Аммо дар минбаъда миёни иштирокчиёни Лигаи Майяпан мубориза сар шуд, ки дар рафти он Майяпан ғолиб баромада, дар нимаи дуюми асри XIII гегемонияи худро дар Юкатан барқарор намуд. Дар муддати қариб 200 сол ҳукмронии ҳокимони майяпанӣ аз сулолаи Кокомҳо идома дошт. Дар асри XV бар зидди онҳо ҳокимони як қатор вилоятҳои майда баромаданд ва қувваи муттаҳидаи онҳо дар соли 1441 Майяпанро хароб намуданд. Баъди ин воқеа Юкатан ба ташкилотҳои майдаи давлатии зиёди байни ҳам хусуматдошта тақсим мешавад. Истифодабарии меҳнати ғуломон аз он шаҳодат медиҳад, ки аз они майяҳо унсурҳои сохти ҷамъиятии ғуломдорӣ бо нигоҳ доштани як қатор институтҳои сохти авлодӣ мавҷуд будааст.

Дар давраи гузариш ба давраи солшумории мо аз ҷониби майяҳо (бори нахуст дар Америка) хат дар намуди иероглифҳо кашф карда шудааст. Қадимтарин навиштаҷотҳо бо хати мазкур ба асри III п. м. рост меоянд[2].

Дар Мексикаи Марказӣ қабилаҳое, ки ба гурӯҳи забонии нахуа таалуқ доштанд, тамаддуни худро таъсис доданд. Дар асри XI қабилаҳои толтекҳо аз Шимол ба ин ҷо омада, давлати паҳноварро бо пойтахташ Толлан таъсис доданд. Онҳо бар зидди ҳамсояҳо низ лашкар кашида, марказҳои майяҳои Юкатан ва Кӯҳистони Гватемаларо ба худ тобеъ намуданд.

Тамаддуни толтекҳо низ дар натиҷаи ҳуҷуми қабилаҳои шимолии шомили гурӯҳи забонии науха буда, ки ба худ номи умумии чичимекҳоро ги-

[1]Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. С. 6 – 7.

[2]Ниг: Талах В. Н., Куприенко С. А. Америка первоначальная. Источники по истории майя, науа (ацтеков) и инков. Под редакцией и в переводах Виктора Талаха и Сергея Куприенко. Киев, 2013. – 370 с.: ил.

рифта буданд, аз байн бурда шуд. Аммо дар охири асри XIV – ибтидои асри XV шаҳр-давлати онҳо аз ҷониби тепанекҳо забт карда шуд. Ин қабилаҳо Теночтитланро, ки аз ҷониби астекҳо сохта шуда буд, низ ба даст оварданд.

Дар соли 1426 Теночтитлан бо Тескоко ва Тлакопан иттифоқ баста, ҳукмронии тепанекҳоро аз байн бурда, иттифоқчиён қариб тамоми водии Анахуакро ба худ тобеъ намуданд. Баъди ин астекҳо дар иттифоқи сегона ҳукмронии худро таъмин намуда, тамоми Мексикаи Марказиро ба худ тобеъ намуданд. Ҳамин тавр, давлати нисбатан қудратманди Астекҳо шакл гирифт. Астекҳо ба авлодҳои алоҳида тақсим мешуданд, ки сарварии онро доҳиёни интихобшуда ба ӯҳда доштанд. Доҳии асосии ҳарбӣ, ки аз ҷониби намояндагони авлодҳои муайян интихоб карда мешуд, амалан ҳам дар давраи ҷангӣ ва ҳам оромӣ ҳокими олӣ ҳисоб мешуд. Ҷангҳои бетанаффус ба он оварда расонданд, ки ҳокимияти ҳокими олӣ амалан характетри меросӣ гирад. Ин аз он шаҳодат медод, ки сохти авлодии астекҳо вайрон гардида, ба ҷойи он ҷамъияти синфии мутобиқ ба он шакли давлатдорӣ ба вуҷуд омада буд[1].

Бо қадри имконияти вайроншавии сохти авлодӣ ҳокимони Астекҳо тавассути ҷангҳо ғораткунӣ ва истисморкунии на танҳо қабилаҳои дигар, балки ҳамхунони худро низ ба роҳ монда буданд. Дар давраи ҳукмронии Искоатл (с. 1428 – 1440), Мотекухсома (с. 1440 – 1469), Ашаякатл (с. 1469 – 1479) ва ворисони онҳо астекҳо ҷангҳои шахсӣ бурда, аз мутеъшудагон боҷу хироҷ гирифта, асиронро ба ғуломӣ табдил медоданд. Чунин рафтори астекҳо боиси шӯришҳои қабилаҳо мегардид ва он оқибат ба парокандашавии давлати онҳо оварда расонд[2].

Дар вақти омадани европоиён ба Америка дар ибтидои асри XVI империяи Астекҳо (с. 1325 – 1521) қаламрави он – қариб 200 ҳ. км$^2$ дар бар гирифта, аҳолии он 5 – 6 миллион нафар будааст. Мувофиқи дигар маълумот қаламрави он васеътар буда, 15 миллион нафар аҳолӣ доштааст. Пойтахти Астекҳо шаҳри Теночтитлан соли 1521 дар натиҷаи муҳосираи семоҳа аз ҷониби испаниҳо зери фармондеҳии Кортес ишғол гардида, маъмурияти мустамликавии испанӣ дар харобаҳои он шаҳри Мехикоро сохтанд.

Дар Америкаи Ҷанубӣ бошад қадимтарин тамаддунҳо дар ҳавзаи Анд ва соҳилҳои уқёнуси Ором зуҳур намуда буданд. Дар шимолии соҳили Перу дар асрҳои XII – XV давлати калони Чиму вуҷуд дошт, ки пойтахти он шаҳри Чан буд. Аммо дар миёнаи асри XV империяи мазкур зери зарбаи Инкҳо аз байн рафт. Давлати Инкҳо дар давраи ҳукмронии ҳокими худ Пачакутека (с. 1438 – 1471) тавоно гардид. Соли 1438 инкҳо иттифоқи ҳарбиро таъсис дода, дар мубориза барои гегемон шудан ҳарифонашро мағлуб намуда, заминаи ташаккулёбии давлати тавонои Тауантинсуйюро гузоштанд.

---

[1]Сайнаков С. П., Комилбеков А. Ё. Баъзе масъалаҳои зуҳур ва сатҳи рушди ташкилоти сиёсию давлатдорӣ дар Америка (то давраи Колумб) // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 3 (47). Душанбе, 2020. С. 229 – 234.

[2]Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. С. 9.

Инкҳо оид ба математика, астрономия, география, тиб, ботаника ва дигар илмҳо тасаввуроти баланд доштанд. Онҳо тақвими дақиқро тартиб доданд, ки мувофиқи он сол ба чор фасл ва 12 моҳи моҳтобӣ ҷудо мешуд ва аз хати иероглифӣ истифода мекарданд. Дар давлати Инкҳо ба роҳзосӣ аҳамияти калон дода, хабарҳо ва маълумоти даркорӣ бо суръати тез ба пойтахт дастрас карда мешуд.

Дар баробари Месоамерика ва ҳавзаи Анд маркази дигари калони зуҳурёбии тамаддуни америкоӣ минтақаи миёни онҳо, наздикии ҳавзаи Кариб (минтақаҳои муосири Эквадор, Колумбия, Коста-рика, Панама) будааст. Дар ин ҷо яке аз маданиятҳои америкоӣ – тумако, калима ва ғайра зуҳур намудаанд[1].

Дар барқароркунии муносибатҳои байниқабилавӣ ва дипломатияи авлодию қабилавии сокинони қитъаҳои мазкур бошад ба мутахассисони соҳа қайдҳои муҳаққиқон ва сайёҳони европоӣ, ки дар замони мустамликадорӣ рафта, байни қабилаҳои дар зинаи рушди сохти авлодӣ қарор доштаи Америкаи Шимолӣ зиндагӣ кардаанд, ёрӣ мерасонанд.

Яке аз қабилаҳои рушдёфта байни онҳо қабилаҳои сершумори ирокезӣ буданд, ки барои ба роҳ мондани муносибот бо қабилаҳои ҳамсоя мақомоти ҷамъиятии махсуси худро доштанд. Дар ибтидои асри XIX, мувофиқи қайдҳои Люис Морган, дар доираи салоҳияти шӯрои доҳиёни онҳо доираи васеи масъалаҳо қарор доштанд, ки байни онҳо масъалаҳо оид ба шикор, муносиботи сулҳхоҳона, иттифоқҳои мудофиавӣ ва ҳуҷумкунӣ бар зидди қабилаи сеюм низ ҷой доштанд. Шӯро ҷанг эълон мекард, сулҳ мебаст, сафирони дигар қабилаҳоро қабул мекард, инчунин сафирони худро ба пеши дигар қабилаҳо мефиристонд.

Сафиронеро, ки Шӯро ба пеши ҳамсоя - қабилаҳо мефиристонд, бо дорои баъзе нишонаҳои махсуси фарққунанда буданд. Масалан, онҳо сарпӯш (кулоҳ) ва бандинаи махсус доштанд. Шахсияти сафир, ки «шохаи сулҳ» - ро мебурданд, дахлнопазир дониста мешуд, ба ӯ набояд зарар расонда мешуд. Зиёда аз ин, дар байни онҳо, расму маросимҳои ниҳоят рушдёфтаи қабул намудани сафирон вуҷуд доштанд. Сафиронро дар доираи умумии доҳиён ҷой мекарданд, ки аъзоёни он ба таври навбати доиравӣ чилим (чубуқи) сулҳро мекашиданд. Баъди он гуфтушунидҳои дароз сар мешуданд. Дар шароити демкоратияи ибтидоӣ қарори шӯрои кӯҳансолонро бояд маҷлиси ҳамаи аъзоёни қабилаҳо, яъне ҳарбиён тасдиқ мекард.

Пеш аз бастани шартнома дар ҳузури коҳинон ҳар ду тараф қасам мехӯрданд ва он тавасути маросиби бародархонӣ мустаҳкам гардонда мешуд. Инчунин маросими мубодила бо хун низ васеъ маълум будааст. Ҳар кадоме дар атрофи гулхан ҷамъ шуда, дасти худро бурида, хуни худро ба пиёлаи умумӣ рехта, баъд аз он ҳама ба навбат хунро як қултӣ менӯшиданд. Мувофиқи бовариҳои ибтидоӣ мубодилаи хун ба ҳам хешутабории хунӣ ворид шу-

[1]Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. С. 14.

дани одамонро ифода мекард, ки вайрон намудани он ҷинояти махсусан вазнин дониста мешуд. Дар шароити набудани хат, кӯҳансолон шартномаи басташударо пурра аз ёд мекарданд ва онро аз насл ба насл интиқол медоданд.

Ҳамин тавр, то омадани европоиён ба Америка дар ин минтақа ташкилоту иттиҳодияҳои сиёсӣ ва давлатӣ вуҷуд дошта, муносиботи байни авлодию қабилавӣ, минтақавӣ ва ташкилоти ибтидоии сиёсӣ ба роҳ монда шуда буд, аммо оид ба масъалаҳои мазкур маълумоти пурра дастрас нестанд. Лекин зарур аст қайд намоем, ки то омадани намояндагони тамаддуни европоӣ ба қитъа дар байни бархе аз қабоилу авлодҳои аҳолии таҳҷоии он муносиботи қабилавӣ низ пурра ҷой доштанд. Масалан, қабилаҳои ирокезӣ, мускогҳо ва хопҳо дар зинаи рушди модаршоҳӣ қарор дошта буданд, дигар қабилаҳо бошад аллакай ба зинаи ҷамъиятии падаршоҳӣ гузашта буданд. Як қисми дигар дар зинаи дигари гузариш аз сохти авлодӣ ба ҷамъияти синфӣ қарор доштанд. Ҳиндуҳои Америкаи Марказӣ ва Америкаи Ҷанубӣ (астекҳо, майяҳо, инкҳо) аллакай соҳиби давлатдории худ буданд.

Ҳамин тариқ, олими америкоӣ Пол Кеннеди, ки марказҳои ҷаҳонии таъсиррасонро дар асри XVI муайян намудааст, ӯ, дар нимкураи Ғарбӣ ба империяи Астекҳо ва империяи Инкҳо мартабаи маркази таъсиррасонро додааст[1].

**Барқароршавии системаи мустамликадорӣ дар Америкаи Шимолӣ.** Баъди Инқилоби буржуазии асри XVII-и Англия муҳимтарин ҳодисаи аҳамияти ҷаҳонӣ дошта ин муборизаи мустамликаҳои Америкаи Шимолии Англия барои ба даст даровардани истиқлолият буд. Дар баробари Европа нимаи дуюми асри XVIII дар Америкаи Шимолӣ низ тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Дар нимкураи Ғарбӣ зерсистемаи муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд омад, ки маркази он давлати навтаъсиси Штатҳои Муттаҳидаи Америка гардид. Аммо то расидан ба он Америка чанд давраро тай намуд, ки он аз барқароршавии системаи мустамликадорӣ дар қитъа оғоз мегардад.

Қитъаи Америкаи Шимолӣ муддати дароз аз маркази диққати экспансияи мустамликадории давлатҳои европоӣ дар канор монда буд. Испания ва Португалия, ки ба истихроҷи тилло ва системаи плантатсионӣ шуғл доштанд, барои ҳамин, дар бисёр маврид системаи мустамликадориашро ба Америкаи Ҷанубӣ ва Ҳинд равона намуда буданд. Дар Америкаи Шимолӣ бошад испаниҳо фақат манфиатдори он буданд, ки Вест - Индияро зери назорат гиранд. Дар нимаи дуюми асри XVI минтақаи ҳавзаи баҳри Кариб маркази байналхалқии кашондани тилло ва қанд гардид. Барои ҳамин рақибони Испания – Голландия (Нидерландия) ва Англия кӯшиш мекарданд, ки ба тиҷорати Испания маҳз дар ҳавзаи баҳри Кариб зарба расонанд ва дар ин самт аз системаи каперӣ истифода мекарданд.

Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста давлатҳои нави мустамликадор – Англия, Франсия ва Голландия дар Америкаи Шимолӣ ҳузур намуда, манфиатҳои худро меҷустанд. Ин бо ду сабаб ба вуҷуд омад. Якум, қитъа ҳоло ҳам нисбатан

---

[1]Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.

озоду холӣ буд, ки дар он ҷо метавонистанд мустамликаҳои худро берун аз низоъ бо Испания ва Португалия таъсис диҳанд ва дуюм, дастрас намудани ашёи хом, ки бо рушд ёфтани истеҳсолоти мануфактурӣ алоқаманд буд, ки муҳимияташ рӯз то рӯз афзун гардида буд.

Моҳи апрели соли 1606 шоҳи Англия Якови I ба ду ширкати саҳомӣ – Лондон ва Плимут хартияҳоро дод, ки тибқи он ширкатҳои мазкур ҳуқуқ гирифтанд, ки Вирҷинияро ба мустамлика табдил диҳанд. Соли 1607 ҳайати экспедитсияи англисӣ дар қисмати ҷанубии уқёнуси Атлантикаи Америкаи Шимолӣ нуқтаи аҳолинишини Ҷеймстаунро таъсис доданд, ки он ба маркази мустамликаи англисии Вирҷиния табдил ёфт[1]. Соли 1620 бошад гурӯҳи муҳоҷирони англисӣ дар шимолтар аз он ба соҳил фуромада, мустамликаи Плимути Навро, ки ба Англияи Нав асос гузошта буд, таъсис доданд. Дар Америкаи Шимолӣ дар ин давра ҳиндуҳо ва эскимосҳо зиндагӣ мекарданд, ки сатҳи зинаи рушди таърихии онҳо аз европоиҳо дар зинаи хеле пасттар қарор дошт.

Дар мобайни мустамликаҳои шимолӣ ва ҷанубии Англия қариб ҳамзамон мустамликаҳои Голландия дар дарёи Гудзон ва ҷазираи Манхэттен зуҳур карданд. Голландиҳо соли 1625 дар ҷазираи Манхэттен шаҳрро сохта, онро Амстердами Нав номгузорӣ намуданд. Андаке баъдтар, дар соли 1638, дар қаламрави штати ҳозираи Делавар (Делавэр) мустамликаи Шведсия бо номи Шведсияи Нав таъсис дода шуд. Дар самти тиҷорат мустамликаҳои мазкур низ мисли Англия Нав фаъолона саҳми худро мегузоштанд[2]. Соли 1644 бошад англисҳо шаҳри Амстердами Навро ба осонӣ ба даст даровarда, онро Ню - Йорк ном гузоштанд[3]. Зеро голландиҳо баъди ҷанги дуюми англо-голландӣ (с. 1665 – 1667) бо ризоияти том ба англисҳо Амстердами Навро бо Суринам дар Америкаи Ҷанубӣ иваз намуданд.

Кашфиёти бузурги географӣ ва экспедитсияҳои баҳрии характери ҳарбӣ, тиҷоратӣ ва ғораткунӣ дошта, имконият доданд, ки ба таври васеъ аҳолии зиёд аз Европа ба Америка кӯч банданд. Мустамликаҳои америкоӣ аз ҷониби ширкатҳои тиҷоратӣ таъсис дода шуданд ва онҳо дар он ҷо сармояи калони худро гузоштанд. Барои ҳамин, ба муҳоҷирон заминҳоро бо шарту имтиёзҳое пешкаш намуданд, ки аз Европа хеле сабуктар буданд. Зеро ки дар Европа ҳоло ҳам боқимондаи муносибатҳои заминдории феодалӣ ҷой дошт. Ва оқибат ба Америка ҷинояткоронро бадарғаву муҳоҷир намуданд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо ҳукми қатлро ба бадарға намудан ба Америка иваз мекарданд. Собиқ маҳкумшудагон ӯҳдадор буданд, ки дар қитъа аз 7 то 14 сол хизмат намоянд.

[1]История США в четырех томах. Том первый. 1607 – 1877. М.: Наука, 1983. С. 19.
[2]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 78.
[3]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 98.

Табақаи болоии Америка аз оилаҳои тиҷоратӣ ва дарбориёни Англия иборат буд. Аз ҳисоби онҳо маъмурияти мустамликаҳо ташкил ёфт. Муҳоҷират аз Европа натавонист, ки қувваи коргариро пурра таъмин намояд, инчунин ба ғуломӣ табдил додани ҳиндуҳо низ натиҷаи мусбӣ надод. Барои ҳамин, аз соли 1619 сар карда, ба Америка овардани ғуломон-африкоӣ сар мешавад. Соли 1619 ба Вирҷиния киштии голландӣ расид, ки ба Америка аввалин африкоиҳоро овард ва 20 нафар аз онҳоро фавран мустамликадорон харидорӣ намуданд. Бо ҳамин, савдо ва фурӯши ғуломону низоми ғуломдорӣ дар Америка оғоз гардид[1]. Ҳамин тавр, аз аввали таъсисёбии мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ дар ин ҷо намояндагони ду нажод маскун гардиданд. Дар сад соли аввал аҳолии мустамликаҳоро аксарият англисҳо ташкил медоданд. Ба ғайр аз онҳо ба Америка ихтиёрӣ ва бо роҳи маҷбуркунӣ дигар халқҳои Британия – ирландиҳо, шотландиҳо ва валлийгиҳо кӯч бастанд. Дар қатори аввалин мустамликадорони соҳилҳои Америкаи Шимолӣ инчунин французҳо-гугенотҳо, гурӯҳи калони немисҳо, ки бутун дар як қатор ноҳияҳо, масалан Пенсилвания, маскан гирифтанд, буданд. Дар мустамликаҳои Голландия ва Шведсия низ қариб нисфи аҳолиро англисҳо ташкил медоданд. Ҳамзамон дар Англияи Нав ва Пенсилвания низ голландиҳои зиёд зиндагӣ мекарданд. Хусусияти гуногунмиллатии Америка махсусан дар асри XVIII афзуд. Дар арафаи ҷанг барои истиқлолият аллакай аз бисёр ҷиҳатҳо аксарияти америкоиҳо ворисони англисҳо набуданд. Характери англисӣ танҳо дар Англияи Нав ҳифз нигоҳ дошта шуд. Дар Пенсилвания англисҳо сеяки аҳолӣ, сеяки дигарро немисҳо ташкил мекарданд. Шаҳри Ню Йорк бошад, аллакай аз асри XVIII сар карда, характери байналхалқиро гирифта буд. Шумораи сиёҳпӯстон низ афзуда буд[2].

Дар баробари гуногунранг будани ҳайати этникии Америкаи Шимолӣ, гуногунрангии динию мазҳабӣ низ бараъло дида мешуд. Дар Англияи нав гуруҳи мазҳабии пуританҳо нақши калон дошта, тарафдорони он идеалҳои баланди динӣ, озодиҳои динӣ ва шаҳрвандӣ дошта, мувофиқи назарияи як қатор олимон, маҳз онҳо бунёди Америкаи муосирро гузоштанд.

Зарур аст дар бораи муносиботи байниҳамдигарии аҳолии таҳҷоӣ ва муҳоҷирон сухан гуфт. Аввалин мустамликадорони англисро ҳиндуҳо дар умум дӯстона пешвоз гирифта буданд. Насли аввали мустамликадорони Массаҷусетс бо ҳиндуҳо дар фазои сулҳу оромӣ зиндагӣ мекарданд. Аммо баъдтар муборизаҳо сар заданд. Барои мустамликадорон заминҳо ва қаламравҳои нав даркор шуданд. Сиёсати забткунии заминҳои нав, ғораткунӣ, пешкунию қиркунии аз ҷониби мустамликадорон роҳандозӣ гардида, боиси он гашт, ки мавқеи аҳолии таҳҷоӣ хеле танг карда шуд.

[1]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 355 – 356.
[2]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 80.

Хулоса, то соли 1690 дар Америкаи Шимолӣ 13 мустамликаи Англия шакл гирифтанд: Вирҷиния, Делавэр, Ҷорҷия, Коннектикут, Массачусетс, Мэриленд, Ню - Йорк, Ню - Ҷерси, Ню - Хемпшир, Пенсилвания, Род-Айленд, Каролинаи Шимолӣ ва Каролинаи Ҷанубӣ.

Баробари Англия дар қитъаи Америкаи Шимолӣ Франсия низ ба сиёсати фаъоли мустамликадорӣ гузашт. Ҳанӯз соли 1534 баҳрнаварди франсузӣ Жак Карте дар димоғаи Гаспе лангар афрохта, қаламрави шарқии ҳозираи Канада-ро заминҳои хусусии шоҳ Франсиски I, аз они Франсия, эълон намуд. Соли 1627 бошад кардинал Ришеле Ширкати Франсияи Навро таъсис дод, ки ба муҳоҷир намудани мардум машғул буд, соли 1663 бошад шоҳ Людовики XIV фаъолияти онро қатъ намуд. Идоракунии Канада ба зиммаи генерал-губернатор ва интендант гузошта шуд, ки онҳо ба вазири баҳрии Франсия итоат мекарданд. Ба ҳайати мулкҳои мустамликавии Франсия дар қитъа территорияҳои зерин шомил буданд:

- Канада – музофотҳои муосири канадагии Квебек, Онтарио ва қисми соҳилии кӯлҳои Бузург;
- Акадия – музофотҳои муосири канадагии Ню-Брансуик, Шотландияи Нав ва ҷазираи Иоанни Муққадас (ҳозира ҷазираи Шоҳзода Эдуард);
- Замини Нав – ҷазираи ҳозираи Нюфаундленд[1].

**Ҷангҳои Қундузӣ.** Сиёсати мустамликадории Англия, Голландия ва Франсия норозигии аҳолии таҳҷоии Америкаро ба вуҷуд овард, ки аз ҳама пурқувваттаринашон байни онҳо қабилаҳои ирокезӣ (ходинонхсонҳо) буданд, ки онҳо лига ё конфедератсияи қабилавии худро доштанд. Рақибони асосии онҳо қабилаҳои алгонкинҳо ба ҳисоб мерафтанд, ки сершумортарини байни онҳо делаварҳо ва могиканҳо буданд. Голландиҳо тавонистанд, ки бо қабилаҳои мазкур алоқаҳои худро ба роҳ монанд. Моли асосие, ки қабилаҳои ирокезӣ ба голландиҳо пешниҳод мекарданд, ин мӯина (пӯст)-и қундуз буд. Бо ҳамин дар заминҳои қабилаҳои мазкур қундузҳо тез қир карда шуданд ва голландиҳо бошад ирокезиҳоро ба он тела доданд, ки ба шикори он дар қаламравҳои дигар қабилаҳо машғул шаванд. Яъне агентҳои голландӣ ирокезҳоро ба экспансия дар қаламравҳои бегона тела доданд, ки ин боиси сар задани Ҷангҳои Қундузӣ (аз соли 1630 – то соли 1700) байни қабилаҳои ирокезӣ ва алгонкинӣ гардид, ки дар он мустамликадорони европоӣ низ иштирок карданд. Дар аввал ҷанг ба фоидаи ирокезҳо сурат гирифта буд, ки онҳоро голландиҳо бо яроқи оташфишон таъмин мекарданд. Маъмурияти франсузӣ бошад бо алгонкинҳо алоқаро барқарор намуд. Англисҳо ва шведҳо (дар асри XVII дар қаламрави штатҳои ҳозираи Делавэр, Ню-Ҷерси, Пенсилвания, Мэриленд ва баъзе ҷазираҳои баҳри Кариб мустамликаҳои Шведсия низ вуҷуд доштанд) низ кӯшиш намуданд, ки дигар қабилаҳоро мусаллаҳ намоянд. Дар аввал франсузҳо хостанд, ки «буфери қабилаҳо»-ро таъсис диҳанд, аммо аз соли 1655 бар зидди ирокезҳо гузарондани юришҳои

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 98.

ҳарбиро сар карданд, дар ҷавоб ба ин ирокезҳо ҳамла овардан ба қалъаҳои французиро оғоз намуданд[1].

Баъди забт намудани Амстердами Нав дар соли 1644 англисҳо аз голландиҳо системаи шарикии тиҷоратӣ бо Конфедератсияи ирокезҳоро ба мерос гирифтанд ва кӯшиш намуданд, ки тавассути ба роҳмонии тиҷорати преференсиалӣ[2] бо ирокезҳо таъсири Франсияро аз байн баранд. Маъмурияти мустамликадории Англия роҳи кашондани мӯинаро тавассути дарёи Гудзон маҳдуд намуд ва нуқтаҳои алоҳидаро барои қабул намудани он дар ҷанубтар аз кӯлҳои Бузург кушод. Ирокезҳо бошад қабилаҳои «буфери французӣ»-ро моил мекарданд, ки савдои мӯинаро тавассути нуқтаҳои британӣ ба роҳ монанд. Ҳамин тавр, дар мубориза байни ҳамдигар Англия ва Франсия қабилаҳои ҳиндуиро низ истифода мекарданд.

**Рақобати Англия ва Франсия дар Америкаи Шимолӣ.** Муборизаи Англия ва Франсия, ки дар охири асри XVII ба вуҷуд омад, он дар Америкаи Шимолӣ низ паҳн гардид. Дар байни онҳо метавонем чор низои калони байни тарафҳоро дар қитъа ҷудо намоем.

***Ҷанги шоҳ Вилгелм (с. 1689 – 1697).*** Низои якум ин Ҷанги шоҳ Вилгелм буд, ки он аз амалиётҳои ҳарбии дар вақти ҷанги лигаи Аугсбург рух дода иборат буд. Ҷанг номи худро аз исми шоҳ Вилгелми Оранӣ гирифтааст. Дар рафти ҷанги мазкур французҳо аз қабилаҳои абенак ва пенакук истифода бурданд. Баъди ин, англисҳо бошанд ирокезҳоро мусаллаҳ намуданд. Сипоҳиёни Англия маркази мулки Акадияи Франсия, шаҳри Порт-Руаялро ишғол намуданд, аммо дар муҳорибаи назди Монреал 16 – 24 октябри соли 1690 шикаст хӯрданд. Сулҳи Рейсвейк аз соли 1697 вазъи status quo ante bellum-ро ба қайд гирифт. Ирокезҳо, ки аз ҷониби иттифоқчиёни худ – англисҳо партофта шуданд, мехостанд, ки бо французҳо шартномаи сулҳро банданд. 4 августи соли 1701 губернатори Франсияи Нав Луис Гектор Калер дар Монреал бо намояндагони 40 қабилаи ҳиндуҳои Канада шартномаи сулҳро баст. Ба ирокезҳо иштирок кардан дар низоъҳои байни Франсия ва Англия манъ карда шуд ва низоъ байни ирокезҳо ва алгонкинҳо бояд тибқи миёнаравии Франсия ҳал гардад. Ирокезҳо инчунин маҷбур шуданд, ки қисми калони қаламравҳои ишғолкардаи дигар қабилаҳоро холӣ намоянд. Франсия бо роҳу шартҳои манфиатовар ба даст даровардани мӯинаро соҳиб гардид.

***Ҷанги малика Анна (с. 1702 – 1713).*** Низои дуюм ин ҷанги малика Анна ба ҳисоб меравад, ки он қисми таркибии Ҷанг барои мероси Испания ба шумор мерафт. Дар рафти он англисҳо дар самти ҷануб ба мустамликаи испании Флорида ҳамла меоварданд ва ҳамзамон бошад зарбаи десанти франко-испаниро дар Чарлстон зада мегардонданд. Дар шимол

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 99.

[2]Аз преференсия – имтиёз, сабукиҳое, ки аз рӯи шартномаҳои байни мамлакатҳо басташуда, барои ривоҷ додани савдои байни тарафайн дода мешаванд.

англисҳо тавонистанд, ки музофоти франсузии Акадияро ишғол намоянд. Кӯшиши забт намудани Квебек дар соли 1711 ноком ҷамъбаст гардид. Ирокезҳо бошанд бератафиро риоя намуда, ба ягон тарафи ҷангкунанда пайваст нашуданд. Мувофиқи сулҳи Утрехт аз соли 1713 Франсия музофоти Акадия (ки англисҳо онро Шотландияи Нав номгузорӣ намуданд), инчунин ҷазираи Нюфаундленд, минтақаи халиҷи Гудзон ва ҷазираи Сент-Китс дар баҳри Карибро ба Англия дод. Франсузҳо инчунин суверенитети Британияро аз болои ирокезҳо эътироф намуда, розӣ шуданд, ки ҳамаи миллатҳо бо ҳиндуҳои қитъавӣ тиҷоратро ба роҳ монанд[1].

Аммо франсузҳо кӯшиш намуданд, ки аз даст рафтани Нюфаундлендро ҷуброн намоянд ва дар ин самт омодагиро сар карданд. Ҳанӯз соли 1682 губернатори Франсияи Нав, граф де Фронтенак зери роҳбарии баҳрнаворд Рене Робера Кавале де Ла Сака (1643 – 1687) экспедитсияро ташкил намуд, ки он бори нахуст шуда, тамоми дарёи Миссисипиро гашт ва баъди ин ҳамаи ҳавзаҳои дарёи мазкурро замини шоҳи Франсия эълон намуда, онро Луизиана (бо номи Людовики XIV) ном гузошт. Соли 1718 бошад дар поёноби дарёи Миссисипи бандари Орлеани Нав бунёд гузошта шуд. Орлеани Нав ба Франсия имконият медод, ки тиҷоратро тавассути дарёи мазкур пурра назорат намояд.

***Ҷанги шоҳ Георг (с. 1744 – 1748).*** Низои сеюм байни давлатҳои мазкур Ҷанги шоҳ Георг буд, ки он амалиётҳои ҳарбии дар рафти ҷанг барои мероси Австрияро дар бар мегирад ва бо номи шоҳи Англия Георги II номида шудааст. Дар рафти ҷанги мазкур артиши мустамликавии Британия қалъаи аз нигоҳи стратегӣ муҳими франсузӣ – Луисбургро дар ҷазираи Кейп-Бретон ишғол намуд. Франсузҳо ва иттифоқчиёни ҳиндуи онҳо бошанд деҳаи Саратогаро дар мустамликаи Ню-Йорк забт карданд. Сулҳи Ахен бошад дар Америкаи Шимолӣ status quo ante bellum-ро овард[2].

Низоъҳои мазкур дар Америкаи Шимолӣ дар муқоиса бо низоъҳои европоӣ нақши дуюмдараҷаро доштанд. Аммо соли 1756 сармари палатаи обшин ва котиби давлатии департаменти ҷанубӣ Уилям Питт-Калонӣ, графи аввал (1708 – 1778) гардид. Тактикаи ӯ аз он иборат буд, ки ба Франсия дар Америкаи Шимолӣ ва Ҳиндустон зарба расонда шавад, дар ҳамон замоне ки дар Европа бошад роҳи франсузҳоро шоҳи Пруссия гирад. Уилям Питт-Калонӣ тарафдори барқарор намудани ҳамкорию шарикии васеъ бо Лигаи Ирокезҳо ба хотири муборизаи якҷоя бар зидди Франсия ва иттифоқчиёни қабилаҳои ҳиндуии франсузҳо буд.

***Ҷанги Ҳафтсола (с. 1756 – 1763).*** Ҳамин тавр, низои чорум байни Франсия ва Англия дар қитъа таъсири ҷанги Ҳафтсола шуд, ки дар натиҷаи он

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 100.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 100.

Франсия аксарияти мулкҳои худро дар қитъа аз даст дод. Дар Америкаи Шимолӣ задухӯрдҳо байни англисҳо ва французҳо нисбат ба дар Европа тезтар ба вуқуъ омаданд. 28 майи соли 1754 бо сар задани низоъ дар назди қалъаи ҳарбии Грейт-Медоуз (штати Огайо) задухӯрдҳо сар шуданд, ки дастаҳои ҳарбии Британияро президенти ояндаи ШМА Ҷорҷ Вашингтон фармондеҳӣ мекард. Дар аввал французҳо бо ёрии қабилаҳои алгонкинҳо англисҳоро якчанд бор шикаст доданд. Аммо артиши Британия аз Шотландияи Нав амалиёти худро шурӯъ намуда, соҳилҳои Франсияи Навро зери назорати худ гирифта, муносиботи онро бо метрополия қатъ намуд. Ҳамзамон Британия қувваи ирокезҳоро ҷалб намуд, ки онҳо ба англисҳо дар минтақаҳои кӯлҳои Бузург ёрӣ расонданд. Амалиёти англисҳо боиси барҳам хӯрдани Канадаи Франсия гардид. Дар моҳи сентябри соли 1759 гарнизони французӣ дар Квебек таслим шуд, сентябри соли 1760 бошад Монреал тобеъ карда шуд. Губернатори французӣ ҳангоми таслимшавӣ хоҳиш намуд, ки ҳуқуқи французҳо ба пайравӣ намудан аз мазҳаби католикӣ ва моликияти хусусиашон ҳифз карда шавад. Англисҳо бошанд аз ҷониби худ ба аскарони маҷрӯҳшудаи француз ёрии тиббӣ расонда, бо шарти ҷанг накардан бар зидди Британия онҳоро ба ватанашон фиристонданд[1].

Ҳамин тавр, мувофиқи шартномаи сулҳи Париж аз 10 феврали соли 1863 Франсия дар Америкаи Шимолӣ, ба ғайр аз ду ҷазираи наздик ба Нюфаундленд – Сен-Пер ва Микелон, ҳамаи мулкҳои дигарашро аз даст дод. Ҷазираҳои Гваделупа ва Мартиника дар Кариб, ки аз ҷониби англисҳо истило карда шуданд, ба французҳо баргардонда шуданд. Ин гузашткунии ҷиддии Англия ба Франсия буд, зеро ҷазираҳои мазкур макони истеҳсоли қанд буданд. Испания Луизианаи Франсия дар ғарб аз дарёи Миссисипи бо шаҳри Орлеани Навро, ҳамчун ҷуброн ба ивази Флоридаи ба Британия гузашт карда шуда, гирифт.

Барҳамхӯрии мулкҳои Франсия дар Америкаи Шимолӣ он маъноро дошт, ки Британия ба ҳукмрони минтақавӣ дар қитъаи мазкур табдил ёфт.

**Сохтори дохилии мустамликаҳои Англия**. Як қисми мустамликаҳои Америка тавассути хартияҳои шоҳӣ идора мешуданд, ки дар навбати аввал ба ширкатҳое, ки мустамликаҳои мазкурро таъсис дода буданд, дода мешуданд. Ин пеш аз ҳама ба Англияи Нав тааллуқ дошт. Хартияҳои дигарро шоҳ ба дилхоҳ одамон медод. Ин мустамликаҳои намуди бо ном мулкдории хусусӣ буданд. Ва оқибат мустамликаҳои салтанатиро губернаторҳои шоҳӣ роҳбарӣ мекарданд. Бо гузашти вақт ба шумораи мустамликаҳои шоҳигарӣ аксарияти мустамликаҳо дохил карда шуданд. Дар Англияи нав пуританҳо мавқеи мустаҳкам дошта, ба калисо омадани тарафдорон ҳатмӣ буд. Идоракунӣ дар Англияи Нав характери олигархӣ ва теократӣ дошт. Амалан дар ҳама ҷо маҳдудияти характери динӣ дар масъалаи иштирок дар интихобот ва ишғоли мансаб

[1]Ҳамон ҷо. С. 101.

ба назар мерасид. Ҳамин тавр, дар мустамликаи мазкур равияи пуритании мазҳаби протестантӣ афзалият дошт.

Низоми динӣ дар баъзе ҷойҳо таъсири худро мегузошт. Мустамликаи Мэриленд, ки соли 1632 аз ҷониби католик лорд Балтимор таъсис дода шуд, боиси он гардид, ки католикҳое, ки дар Англия таъқиб мешуданд, дар ин ҷо бошад табақаи ҳукмрон гаштанд. Аммо дар муддати кӯтоҳ дар ин ҷо низ протестантҳо зиёд шуда, аксарияти аҳолиро ташкил доданд. Пенсилвания, ки дар соли 1681 аз рӯи хартияи шоҳӣ ба дасти Уилям Пенн гузашт, дар ибтидо аз ҳисоби ҳамэътиқодмандони мулкдор – равияи квакерҳо маскун карда шуд.

Дар мустамликаҳои шоҳигарӣ бошад чун дар метрополия калисои англиканӣ давлатӣ ҳисоб мешуд. Хулоса, таъсири мазҳабӣ низ дар мустамликаҳо ҷой дошт. Дар давраи ҷанги Ҳафтсола Англия аз Франсия Канадаро низ кашида гирифт, ки ин охирон забткории мустамликавии Британия дар Америка шуд[1].

Ҳамин тавр, чуноне ки гуфтем, дар Америкаи Шимолӣ 13 мустамликаи Англия шакл гирифтанд, ки бо ҳам алоқаҳои дохилии иқтисодии зич доштанд. Солҳои 60-уми асри XVIII байни аҳолии штатҳои мазкур айният, ҳаммонандӣ ва ҳувияти алоҳида шакл гирфт, ки он аз британӣ фарқ дошт. Хулоса, дар адабиёти илмӣ чор сабаби ташаккулёбии онро номбар менамоянд:

***Аксуламал нишон додан бар зидди манъкунии Ҳукумати Англия:*** Ҳукумати Британия аз болои мустамликадорон на танҳо дар ШМА, балки Австралия, Зеландия Нав ҳам манъкуниро бор намуд, аммо дар ду мустамликаҳои охирӣ бар зидди метрополия баромаду эътироз баён намудан ба вуҷуд наомад. Зич муттаҳид шудани америкоиҳо ба ин амали ғайриқобили Британия факт мебошад. Он исбот менамояд, ки то соли 1760 америкоиҳо худро аллакай ҷамъияти алоҳида ҳис мекарданд, ки айнияту ҳаммонандии дигар доранд, на британӣ.

***Шаҳрӣ:*** Дар Америкаи Шимолӣ аллакай шаҳрҳои калон – Ню - Йорк, Бостон, Филаделфия ва Балтимор ба вуҷуд омада буданд, ки дар онҳо ҷамъияти марифатнок ба сар мебурданд, ки онҳоро китобхонаҳо клубҳо бо ҳам зичтар мекарданд.

***Этникӣ:*** Ворисони мустамликадорон баъди як-ду насл айнияту ҳаммонандии махсуси худро ба даст оварданд ва Америкаи Шимолиро ҳамчун ватани худ ҳисоб мекарданд. Аммо «ҳаммонандии мустамликавӣ» на ҳама вақт бо метрополия ба самти низоъ мебарад. Ташаккулёбии халқҳои нав мумкин аст, ки дар чорчӯбаи ҳамкорӣ бо метрополия ба вуҷуд оянд. Аз ҷумла, дар ин самт Австралия ва Зеландияи Нав мисол шуда метавонанд.

***Динӣ:*** Айнияту ҳаммонандии америкоӣ ҳамчун давомёбии муборизаи ҷараёнҳои динии протестантӣ бо калисои англиканӣ дониста мешавад. Ислоҳот дар Англия дар давраи шоҳ Генрихи VIII характери маҳдудро дошт,

---

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 81 – 82.

тахти шоҳӣ танҳо ҷойи тахти муқаддаси папаро дар калисои англисӣ гирифт. Инқилоби Англия дар асри XVII зери шиори муборизаи протестантҳо-пресвитериан бар зидди калисои англиканӣ бурда шуд. Аммо дар давраи малика Анна (с. 1701 – 1714) калисои англиканӣ мавқеи худро нигоҳ дошт. Ин боиси он гардид, ки протестантҳо ба таври оммавӣ ба Америкаи Шимолӣ ҳиҷрат намоянд, ки онҳо хусуматро бар зидди тахти Британия нигоҳ доштанд.

Нақши асосиро дар масъалаи паҳн намудани ғояи маорифпарварӣ дар мустамликаҳо файласуф ва физики америкоӣ Бенҷамин Франклин (с. 1706 – 1790) бозӣ кард. Ӯ бори нахуст шуда, тезиз дар бораи ҳуқуқи табиӣ доштани америкоиҳо дар самти гузаштан ба худидоракунӣ тавассути системаи ҳуқуқи умумии интихоботиро ба миён гузошт[1].

Аммо манфиату масъалаҳо ва муносиботи иқтисодӣ байни метрополия ва мустамликаҳо низ яке аз сабабҳои асосӣ гардид, ки мустамликаҳоро водор намуданд ба сӯи истиқлолиятталабӣ даст зананд, ки оид ба он дар зер сухан меравад.

**Ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои метрополия ва мустамликаҳо.** Англия ба таври доимӣ ҳаёти иқтисодии мустамликаҳоро танг мекард. Ин аз сиёсати меркантилизми Британия иборат буд, хусусан он баъди Инқилоби буржуазии Англия дар асри XVII боз ҳам зиёдтар карда шуд. Ба назар гирифта шуда буд, ки мустамликаҳо бояд бозори молфурӯшӣ ва манбаи ашёи хом, инчунин воситаи пулӣ барои Англия монанд. Бо назардошти ин, тиҷорати мустамликаҳо бо дигар давлатҳо тибқи актҳои киштиронӣ маҳдуд карда мешуд. Як қатор соҳаҳои саноат, аз ҷумла маҳсулоти оҳанин, пашм ё манъ карда мешуд ё танг карда мешуданд. Дар мустамликаҳо инчунин баровардани пул низ маҳдуд карда шуд, ки ба асъор бошад мустамликаҳо доимо эҳтиёҷ доштанд. Ва охирон қонуне, ки ба фоидаи тоҷирони мӯинафурӯш ва монополистони замин, инчунин беҳтар идора кардани мустамликаҳо бароварда шуд, он ба мустамликадорон халал расонд, ки заминҳои навро дар Ғарб ишғол намоянд. Нуктаи баландтарини муносибати мазкур фармон аз соли 1763 гардид, ки тибқи он ба мустамликадорон манъ карда шуд, ки аз он сӯи кӯҳҳои Аллеганск маскун шаванд.

Ҳамин тавр, сиёсати Англия дар мустамликаҳо боиси халалрасонии рушди иқтисодии онҳо гардид ва ин дар миёнаи асри XVIII равшан намудор гардид. Замоне ки Англия дар остонаи табаддулоти саноатии худ қарор дошт, Лондон мавқеи мустамликаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ боқувватшудаи худро сахт танг кард. Баъди Ҷанги Ҳафтсола қарзи давлатии Англия афзуд ва ин боиси дастдарозии ҳукумат ба мустамликаҳо гашт.

Дар соли 1764 қонуни нави гумрук барои Америка ҷорӣ карда шуд, ки аз болои воридоти мол аз мамлакатҳои европоӣ ва мустамликаҳои америкоии онҳо боҷро муқаррар карда буд. Он бисёртар ба қанди Вест - Индия дахл дошта, аз ҳама асос дар ҳаёт ба таври ҷиддӣ амалӣ мешуд. Дар соҳилҳои Америка киштиҳои англисӣ назоратро пурзӯр намуданд, молу мулки намуди қочоқро

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 102.

мусодира мекарданд, шумораи ҳарбиёни англисӣ дар Америка зиёд карда шуд, дар хонаҳои мустамликадорон кофтуков гузаронда мешуд. Дар тамоми мустамликаҳо баровардани пули коғазиро манъ намуданд ва супоридани андозро тавассути нуқра ба роҳ монданд. Соли 1765 бошад қонун оид ба маскан гирифтани лашкар мустамликаҳоро ӯҳдадор кард, ки барои лашкари англисӣ казармаҳоро сохта, аскаронро бо хӯрок таъмин намоянд[1].

Дар худи ҳамон сол парламенти Англия қонун оид ба мӯҳрпулиро, ки қатъиян аз болои ҳамаи ҳуҷҷатҳои юридикӣ ва хоҷагидорӣ, эълонҳо, рӯзномаҳо андозҳоро муқаррар намуда буд, қабул намуд. Ин қонун ба ҳамаи мустамликадорон дахл дошт. Масалан, барои ҳуқуқи нотариусро дар Англия гирифтан бояд 2 фунт стерлингро пардохт намудан даркор буд, дар Америка бошад он 10 фунт стерлингро ташкил медод[2]. Гаронии дигар ин буд, ки қонуни мазкур баробари ин, аввалин андози бевоситае буд, ки парламенти Англия дар мустамликаҳо ҷорӣ намуд ва дар он ҷойҳо эътирози оммавиро ба бор овард. Дар ҳамаи мустамликаҳо ташкилотҳои демократӣ, ки миёни онҳо аситаринашон «Фарзандони озодӣ» буд, таъсис ёфтанд.

***Конгресси байнимустамликавӣ (с. 1765).*** «Фарзандони озодӣ» ва ба монанди он созмонҳои дигар ҳаракатҳои оммавиро роҳбарӣ намуда, он ба даъват намудани конгресси байнимустамликавӣ дар соли 1765 дар Ню - Йорк оид ба масъалаи қонун дар бораи андозғундорӣ оварда расонд. Конгресс «Эъломияи ҳуқуқ»-ро қабул кард, ки дар он эълон намуданд, ки мустамликадорон ҳамаи ҳуқуқҳои «англисҳои озод таваллудшуда»-ро доранд ва ӯҳдадор нестанд, ки андозҳоро супоранд, ки парламенти Англия қабул намудааст, зеро онҳо дар парламенти мазкур намояндагӣ надоранд.

Эътирозҳои минбаъда боиси он гаштанд, ки парламенти Англия маҷбур шуд қонуни мӯҳрпулиро дар соли 1766 бекор намояд ва қонунҳои гумрукиро сабук намояд.

***Қонунҳои Тауншенд.*** Ин аввалин дастоварди мустамликаҳо буд, аммо он дер давом накард. Аллакай соли 1767 дар Англия қонунҳои бо ном Тауншенд (аз номи вазир - муаллифи онҳо) интишор шуданд, ки аз болои баъзе молҳои ба мустамликаҳо воридшуда андозу боҷро муқаррар кард, ки он мақсад дошт маъмурияти англисӣ, дастгоҳи судӣ ва ҳарбиро дар Америка мустаҳкам ва воситаҳои онро таъмин намояд. Қонунҳои Тауншенд дар Америка эътирозҳои навбатиро ба вуҷуд оварданд. Ҳукумати Англия ба Америка лашкари иловагиро фиристонд, аммо ин норозигии навро ба бор овард. Сокинони Бостон аз сохтани казармаҳо барои онҳо саркашӣ намуданд. Хусумат миёни аскарон ва оммаи аҳолӣ 5 марти соли 1770 дар Бостон ба хунрезӣ оварда расонд. Ҳаракати зидди англисӣ чунон боло гирифт, ки Англия маҷбур шуд, ки лашкарро аз шаҳри Бостон берун баровард.

---

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 86.
[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 363.

***«Чойхӯрӣ дар Бостон».*** Соли 1773 парламенти Англия, то ки корҳои молиявии ширкати Ост-Индияро ба тартиб дароварад, ба он иҷозат дод, ки дар Америка чойро, дар муқоиса бо тартиботи пешинаи андози воридотӣ, бо шарти пардохти андози кам фурӯшад. Яъне ба ширкати мазкури англисӣ амалан ҳуқуқи монополӣ дар ворид намудану фурӯши чойро дар бозори Америка дод. Ин амал мустамликаҳоро зидди он хезонд. Пеш аз ҳама «қонуни чой» ба манфиати тоҷирон-қочоқбарон зарба расонд. Вақте ки Ширкати Ост - Индия ба бандарҳои Америка чойро овард, ватандӯстони америкоӣ онро аз киштӣ намефуроварданд ё намефурӯхтанд, дар Бостон бошад гурӯҳи ватандӯстон чойро ба баҳр партофтанд. Ин амал, ки дар таърих бо номи «чойхӯрии Бостон» маълум аст, 16 декабри соли 1773 рух дода буд. «Чойхӯрӣ дар Бостон» дар амал эътирози америкоиҳо бар зидди қонуни Чойи Британия буд, ки онро парламент соли 1773 қабул карда буд. Англия низ фавран ба он ҷавоб гардонд. Бандари Бостонро барои савдо бастанд, Массачусетс аз худидоракунии пешина маҳрум карда шуд, маҷлисҳои шаҳрӣ манъ карда шуданд.

Аммо дар ин вақт ҳамфикрию ҳамраъии мустамликаҳо боло гирифт. Ба Бостон ёрии молию аслиҳаи ҳарбӣ расонда шуд. Дар ҳама ҷо дар намоишҳо мустамликадорон оид ба чораҳои ҳукумати Англия норозигӣ баён мекарданд. Маҷлиси вирҷинии намояндагон барои якдилӣ нишон доданаш ба мубориэзони ватандӯсти Бостон пароканда эълон гардид, аммо он бе иҷозат ҷамъ шуда, ба ҳамаи мустамликаҳои Англия пешниҳод намуд, ки конгрессро даъват намоянд.

***Конгресси якуми континенталӣ.*** Конгресси якуми континенталӣ 5 – 26 сентябри соли 1774 дар Филаделфия шуда гузашт[1]. Аъзоёни он аз ҷониби палатаи расмии намояндагон ё маҷлисҳои махсус даъват карда шуда, интихоб шуданд. Қариб ҳамаи мустамликаҳо намояндагони худро ба конгресс фиристонданд. Танҳо Квебек намояндагони худро нафиристонд[2].

Дар конгресси континеталӣ 56 нафар, асосан адвокатҳо, тоҷирон, заминдорони калон, иштирок карданд. Дар конгресс ба таври фаврӣ баҳс миёни қаноти рост ва чап сар шуд. Қаноти чап, ки ба оммаи васеи халқ такя мекард ва онро буржуазияи радикалӣ роҳбарӣ менамуд, дар конгресс мавқеашро боло бардошт. Конгресс ба шоҳи Англия арзнома фиристонда, баробари он «Эъломияи ҳуқуқҳо ва эҳтиёҷоти мустамликаҳо»-ро қабул намуд, ки дар он талаб карда шуд, ки қонунҳои ғайриқабули мардум бекор карда шаванд. Ва боз ҳам принсипи «ягон андоз бе намояндагӣ боиси қабул нест»-ро, ки бар зидди қонун дар бораи андозғундорӣ низ пешниҳод карда шуда бударо эълон намуд. Аммо аҳамияти муҳимро қарори конгресси континеталӣ оид ба таъсис додани Ассотсиатсия дар бораи манъ намудани воридот аз Англия ва содирот ба Англия ва манъ кардани истифода бурдани молҳои англисӣ гардид. Ба хотири иҷро намудани қарори мазкур конгресс талаб намуд, ки дар ҳамаи округҳо ко-

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 103.

[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 365.

митетҳои назоратӣ интихоб карда шаванд, бар зидди вайронкунандагони қарор бошанд бойкот эълон карда шавад. Конгресс тавсия дод, ки саноат дар мустамликаҳо рушд дода шавад[1].

Принсипҳои асотсиатсия бошанд дар ҳаёт қатъӣ ҷорӣ карда мешуданд. Комитетҳои назоратӣ ё комитетҳои бехатарӣ, ки аз ҷониби табақаҳои поёнии аҳолӣ дастгирӣ диданд, ба органҳои ҳукумати маҳаллӣ табдил ёфтанд, ки бар зидди тарафдорони маъмурияти англисӣ чораҷӯиҳои маҷбуркунӣ медиданд. Бо ҳамин, халқ мусаллаҳ шуд, дастаҳои ҳарбӣ таъсис дода шуданд. Дар баъзе мустамликаҳо амалан дуҳокимиятӣ барқарор карда шуд ва губернаторҳои англис аз қаламрави онҳо мегурехтанд. Гоҳ - гоҳ задухӯрди мусаллаҳонаи ватандӯстони америкоӣ бо сипоҳиёни англис рух медод.

**Оғози ҷанг барои истиқлолият ва натиҷаҳои он.** Дар моҳи апрели соли 1775 дар наздикии Бостон полкҳои англисӣ, ки ба шаҳракҳои Лексингтон ва Конкорд фиристонда шуда буданд, ба ҳуҷуми отрядҳои ихтиёрӣ рӯбарӯ шуданд. Англисҳо садҳо нафарро аз даст дода, роҳи гурезро пеш гирифтанд. Ин аввалин задухӯрд дар ҷанг барои истиқлолият буд.

Дар ҷанги оғоз шуда, бар зидди Англия, ки хӯҷаини баҳрҳо ҳисоб мешуд, 13 мустамлика қарор гирифта буданд. Гарчанде ки аҳолии мустамликаҳо пурра якдил набуданд ва баъзе аз онҳо бар зидди инқилоб садо баланд карда бошанд ҳам, аммо оқибат ватандӯстон ғалаба карданд. Ба тарафдории Англия – торҳо ё лоялистҳо – мансабдорони англис, ҷосусони тоҷирони англисӣ, рӯҳонияти англиканӣ, заминдорон - феодалони миёнаҳол ва тоҷирону плантаторони зиёди бадавлат баромад мекарданд. Ба тарафдории инқилоби америкоӣ вигҳо ё ватандӯстон, фермерҳо, коргарони шаҳрӣ, ҳунармандон ва ғайра шомил буда, онро буржуазияи радикалӣ роҳбарӣ мекард. Дар байни равияи мазкур намояндагони намоёнтарин Томас Ҷефферсон, Сэмюэл Адамс, Патрик Генри ва дигарон буданд. Бисёре аз ғуломон - сиёҳпӯстон низ дар ҷангҳо аз ҷониби инқилобчиён иштирок мекарданд[2].

Бо сар шудани ҷанг 10 майи соли 1775 Конгресси дуюми континенталӣ даъват карда шуд. Акнун конгрессро зарур омад, ки аз ибтидои кори худ вазифаи Ҳукумати марказии инқилобии мустамликаҳои исёнбардоштаро ба зимма гирад. Дар моҳи июн конгресс қарор кард, ки артиши доимамалкунанда таъсис дода шавад ва полковник Ҷорҷ Вашингтонро сарфармондеҳи он таъйин намуд. Дар натиҷаи як қатор ҷангу муҳорибаҳо тарафдорони инқилоб ба дастовардҳои муҳим комёб шуданд. Дастаҳои америкоӣ дар моҳи июни соли 1775 дар самти Бостон дар наздикии Банкер Хилл ба англисҳо зарбаи сахт расонданд.

***Конгресси дуюми континенталӣ.*** 4 июли 1776 Конгресси дуюми континенталӣ дар шаҳри Филаделфия ҷамъ гардида, «Эъломия дар бораи истиқлолият»-ро қабул намуд ва санаи мазкур ба иди миллии Америка табдил

---

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 88.
[2]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 90.

ёфт[1]. Дар эъломия мустамликаҳо ҳамчун Штатҳои муттаҳидаи Америка зикр карда шудаанд. Ҳамин тавр, собиқ мустамликаҳо бо номи штат муттаҳид шуда, давлати нав бошад номи Штатҳои Муттаҳидаи Америкаро гирифт. Давлати ҷавон эълон намуд, ки аз ҳайати Англия хориҷ мешавад. Дар эъломия, ки муаллифи он Томас Ҷефферсон буд, ҷудошавӣ аз Англия ҳам ҳамчун принсипи умумӣ ва ҳам ҳамчун ӯҳдадориҳои мушаххас асоснок карда шуда буд. Эъломияи мазкур ҳуҷҷати муҳими сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, таъсири минбаъдаи худро дар муносибатҳои байналхалқӣ, тафаккури пешқадами америкоӣ ва европоӣ расонд. Эъломия баробарии ҳамаи одамон, ҳуқуқ ба ҳаёт, озодӣ ва майл намудан ба хушбахтиро эълон намуд. Эъломия принсипи суверенитети халқӣ ва худмуайянкунии миллатҳоро барқарор намуд[2]. Ҳамин тавр, дар муносибатҳои байналхалқӣ ду принсипи нав ворид шуданд: 1) ҳуқуқи халқҳо ба худмуайянкунӣ; 2) фаҳмиш оид ба миллат (на тоҷу тахт) ҳамчун баёнгари суверенитет[3].

Баъди озодкунии Бостон артиши Ҷ. Вашингтон ба маркази географию стратегии мустамликаҳо – Ню - Йорк ҳаракат намуд, аммо натавонистанд, ки англисҳоро аз ин ҷо пеш кунанд, онҳо то охири ҷанг дар Ню -Йорк монданд.

Дар миёнаи соли 1777 аз Канада барои пайваст шудан ба лашкари дар Ню-Йорк будаи англисҳо лашкари калони Англия бо сардории генерал Бергойн омад. Мақсади ин юриш ҷудо намудани Англияи Нав аз артиши Вашингтон буд. Аммо дастаҳои ихтиёрии Англияи Нав бар зидди Бергойн баромаданд ва бо ёрии онҳо артиши америкоӣ лашкари ӯро дар муҳосира гирифт. Дар моҳи октябри соли 1777 дар назди Саратога лашкари шашҳазораи генерал Бергойн таслим шуд. Ғалаба дар назди Саратога оғози гардиши куллӣ дар ҷанг буд. Он вазъияти байналхалқиро ба фоидаи америкоиҳо тағйир дод. Франсия оид ба ғалаба дар назди Саратога хабар шунида, то ин дам, ки пинҳонӣ ба ШМА ёрӣ мерасонд, то ки рақиби деринаи худ Англияро заиф гардонад, акнун дар моҳи феврали соли 1778 бо ШМА шартнома дар бораи иттифоқ ва тиҷоратро баста, дар ҷанг бар зидди Англия ворид шуд. 6 феврали соли 1778 Конрад Александр Жерар ва Бенҷамин Франклин шартномаи иттифоқии франко-америкоиро имзо гузоштанд. Тибқи он Франсия ӯҳдадор гардид, ки «озодӣ, суверенитет ва истиқлолият» - и ШМА - ро ҳимоя менамояд[4]. Баъди се соли дигар бошад ду рақиби дигари Англия – Голландия ва Испания низ бар зидди он ҷангро оғоз намуданд. Акнун ҷанг дар якчанд материк ва уқёнусҳо паҳн шуд. Англия ба тарс омад, ки ҷанг ба ҷазираҳои Британия накӯчад. Соли 1870 бо хоҳиши империяи Россия «Лигаи бетарафҳо» таъсис

[1]Соединенные Штаты Америки: Конституция и законодательство. Под ред. О. А. Жидкова. Перевод О. А. Жидкова. М.: Прогресс, Универс, 1993.

[2]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 91 – 92.

[3]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 103.

[4]Ниг.: История внешней политики и дипломатии США. 1775 – 1877. Ответственный редактор Н. Н. Болховитинов. М., 1994.

ёфт, ки он ҳуқуқи мамлакатҳои бетарафро дар самти дар давраи ҷанг бо киштиҳои худ кашондану ҳамлу нақли ҳамагуна молу маҳсулоти давлатҳои ҷангкунандаро, ба ғайр аз силоҳ, ҳимоя мекард. Бо ҳамин «бетарафии ҳарбӣ» низ эълон карда шуд – аъзоёни Лига таҳдид мекарданд, ки ҳуқуқҳои худро, агар зарур ояд, бо истифода аз қувва низ ҳимоя мекунанд[1]. Ба Лига давлатҳои зиёд шомил шуданд ва таъсисёбии он ба изолятсияи байналхалқии Англия, ки то ин дам аз ҳукмронии худ дар баҳр истифода бурда, кӯшиш мекард ҳамаи тиҷорати баҳрии рақибони худро шиканад, оварда расонд.

Баъди бастани шартномаи иттифоқии Франсия бо Америка ҷанги баҳрӣ дар Атлантика шиддат ёфт. 19 октябри соли 1781 лашкари Ҷ. Вашингтон ва қисмҳои ҳарбии Франсия бо роҳбарии Жан-Батист Донасен де Рошамбо ва Жилбер Лафайет артиши калони англисиро бо сарварии генерали Англия Ч. Корнуоллис, ки дар назди шаҳри соҳилии Йорктаун мустақар шуда буд, дар муҳосира гирифтанд. 19 октябри соли 1781 артиши Корнуоллис таслим шуд ва ин амалан ба итмом расидани ҷанг буд.

***Шартномаи сулҳи Версал (с. 1783).*** Гуфтушуниди сулҳ дар Париж оғоз гардид. Аз ҷониби америкоиҳо дар он Бенҷамин Франклин, Ҷон Ҷей ва Ҷон Адамс ширкат варзиданд. Гуфтушуниди бардавоми сулҳ (2 сол) ва вазнин оқибат бо шартномаи сулҳи 30 ноябри соли 1782 Париж ва ниҳоӣ бо Шартномаи сулҳи Версал дар соли 1783 ҷамъбаст гардид. 3 сентябри соли 1783 Британияи Кабир ШМА-ро ба расмият шинохт[2]. Флоридаро Испания гирифт, Канада дар ҳайати Британияи Кабир монд ва соҳили ғарбии дарёи Миссисипиро ШМА ба Франсия дод.

17 сентябри соли 1787 конститутсияи ШМА аз ҷониби конвенти Филаделфия қабул карда шуд ва он аз 7 декабри соли 1787 то 21 июни соли 1788 аз ҷониби 9 штат тасдиқ карда шуд. Аз 4 марти соли 1789 бошад он ба амал бароварда шуд. Конститутсия ШМА-ро ҷумҳурии федеративӣ эълон намуд. Моҳи феврали соли 1789 генерал Ҷорҷ Вашингтон аввалин президенти ШМА интихоб гардид. Пойтахти давлат шаҳри Филаделфия (с. 1790 – 1800) интихоб гардид. Аз 17 ноябри соли 1800 то ҳозир бошад пойтахти ШМА шаҳри Вашингтон мебошад.

Ҳамин тавр, дар нимкураи Ғарбӣ зерсистемаи муносибатҳои байналхалқӣ ба вуҷуд омад, ки маркази он давлати навтаъсиси Штатҳои Муттаҳидаи Америка гардид.

---

[1]Бетарафии ҳарбӣ – дар ҳуқуқи байналхалқӣ ин аз ҷониби давлати бетараф ё гурӯҳи давлатҳои бетараф эълонест оид ба тавассути қувваҳои мусаллаҳи худ омода будан ба дифои тиҷорати баҳрии худ аз давлатҳои дар баҳр ҷангкунанда мебошад.

[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 371.

## 3. 5. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ДИПЛОМАТИЯИ ҶУМҲУРИИ ҶАВОНИ АМЕРИКА ДАР СОЛҲОИ 1775 – 1794

**Комитет барои корреспонденсия (мукотибот)-и махфӣ (с. 1775 – 1777).** Таъсисёбии ШМА талаб мекард, ки стратегияи сиёсати хориҷии он ташаккул дода шавад. Асосгузорони ШМА нағз медонистанд, ки барои мавҷудияти он давлатҳое таҳдид, менамоянд, ки дар қитъаи Америка мустамликаҳо доранд.

Дар давраи аз 5 ноябри соли 1774 то 4 июли соли 1776, яъне давраи эълон гардидани истиқлолияти ШМА Конгресс хостори талаб намудани ёрӣ аз давлатҳои хориҷиро накарда буд. Зеро ин баробар ба фурӯхтани ватан дониста мешуд. Аммо новобаста ба ин, Конгресс барои мудохила намудан ба мустамликаҳои дигар, ба мардуми Ирландия мурожиат намуда буд, бо масъалаи беҳтар намудани муносибат бо ҳиндуҳо низ банд буд. Расман таъсисёбии органе, ки ба фаъолияти вазорати корҳои хориҷӣ мувофиқат мекард, 29 ноябри соли 1775 сурат гирифт. Ҳамин рӯз Комитет барои корреспонденсияи махфӣ бо дӯстони мустамликаҳо дар Британияи Кабир, Ирландия ва дигар қисмҳои Ҷаҳон таъсис дода шуд. Комитет барои корреспонденсияи махфӣ то апрели соли 1777 фаъолият намуда, баъд он ба Комитет оид ба корҳои хориҷӣ иваз карда шуд. Аз соли 1781 Департаменти корҳои хориҷӣ таъсис дода шуда, аз моҳи ноябри соли зикршуда роҳбарии онро ба сифати статс-котиб Роберт Ливингстон ба ӯҳда гирифт[1].

**Миссияи Сайлас Дин.** 3 марти соли 1776 Комитети махфӣ аъзои Конгресси континенталӣ Сайлас Динро ба сифати агенти пинҳонӣ ба Париж фиристонд[2]. Ӯ вазифадор карда шуд, ки ёрии Франсияро ба даст орад, зеро ки рақобату хусумати Париж бо Англия барои ҳамагон маълум буд. Аллакай аз соли 1763, аз замони сар задани низои мустамликаҳо бо Англия, Франсия дар Америка ҷосусони пинҳонии худро дошт, ки ба Париж хабар мерасонданд ва гузоришҳои онҳо дар назди шоҳи Франсия Людовики XVI хонда мешуданд.

Баъди оғоз шудани ҷанг барои истиқлолият Ҳукумати Франсия шахси масъул, драматурги номӣ Пер Огюстен Карон де Бомаршеро вазифадор намуд, ки миссияи ба роҳ мондани муносибатҳо бо америкоиҳоро ба зимма гирад. Ӯ бо мақсади конспиратсия (махфӣ ҳифз нигоҳ доштани ягон фаъолият, принсипи махфият) хонаи тиҷоратии қалбакиро бо номи «Родриго Горталес и К» таъсис дод. Бо мудохилаи Бомарше бошад Сайлас Дин ба Америка фиристондани ихтиёриён-афсарон ва силоҳ аз анборҳои захиравии Франсияро ташкил намуд[3]. Афсари ҷавони франсузӣ Лафайет аз ҳисоби воситаҳои пулии

---

[1]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 282.

[2]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 49.

[3]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 386.

худ як киштиро мусаллаҳ намуда, худаш соли 1777 бо ин киштӣ ба Америка шино намуд. Киштии мазкур номи рамзии «Ғалаба» - ро дошт.

Дӯсти ҳақиқии мустамликаҳои исёнбардошта Бомарше бо ташаббускории баланд миссияи махфии худро иҷро мекард. Ӯ ба конгресс навишта буд: «Намояндагон, ҷентелменҳои шумо дар симои ман дӯсти содиқро меёбанд, дар хонаи ман – паноҳгоҳи боэътимод, дар сандуқҳои ман – пул, инчунин барои амалӣ намудани вазифаҳои худ, хоҳ онҳо расмӣ бошанд ё махфӣ ёрию кӯмаки пурраро меёбанд».

Вақте ки Сайлас Дин ба Париж омада, бо Бомарше алоқа барқарор кард, ӯ америкоиро бо ҳамаи корҳо шинос кард, аммо фақат як сирро нагуфт, ки ӯ ҷосуси ғайрирасмии ҳукумати Франсия мебошад. Чи тавре ки баъд маълум шуд, этиёткорӣ хеле зарурӣ баромад. Сайлас Дин оид ба ҳама чизи шунидагию дидаро ба Эдуард Банкрофт гуфт, ӯ ҳам америкоӣ, аммо агенти махфии Конгресс дар Франсия ва ҳамзамон боз хабаркаши пинҳонии ҳукумати Англия ба ҳисоб мерафт.

Ёрие, ки мустамликаҳои Америка тавассути Бомарше ва Сайлас Дин мегирифтанд, ниҳоят калон буд. Аз номи ширкати «Родриго Горталес и К» фаъолият намуда, Сайлас Дин барои 20 ҳазор нафар пӯшока, 30 ҳазор мушкет, 100 тонна борут, 200 тӯпро ба даст овард. Ширкати «Родриго Горталес и К» аз соли 1776 то соли 1783 вуҷуд дошт ва дар муддати мазкур 21 миллион ливрро сарф намуд. Мушикл аст муайян намуд, то кадом ҳаҷм пулҳои мазкур аз ҳукумати Франсия ба даст омаданд ва дар кадом андоза аз ҳисоби натиҷаи фурӯши молҳое, ки Конгресс аз Америка фиристонда буд. Сайлас Дин, инчунин аз ҳукумати Испания маблағи баробар ба 300 ҳазор долларро гирифта буд[1].

Вазорати корҳои хориҷии Англия, аз ғайриқонунӣ будани фаъолияти Сайлас Дин огоҳӣ ёфта, эътироз баён намуда, боз доштани киштиҳои ширкати «Родриго Горталес и К»-ро сар кард.

**Миссияи Бенҷамин Франклин.** Баъди эълон гардидани истиқлолияти давлатии ШМА имконият ба вуҷуд омад, ки ба Франсия намояндаи расмии Штатҳои Муттаҳидаи Америка фиристонда шавад. Интихоби дурусти сафир аҳамияти муҳим дошт. Зеро америкоиҳоро дар Европа кам мешинохтанд. Ҳатто аксарияти мардум Ҷ. Вашинтонро ҳам намешинохтанд. Аммо ҷумҳурии ҷавони Америка тавонист, ки чунин шахсиятро пайдо намояд, ки ӯро тамоми Европа мешинохт.

Сафир дар Париж шахсе таъйин гардид, ки ҳамон замон ягона америкоӣ буд, ки ӯро тамоми Европа мешинохт ва ин шахсият ба сифати намояндаи мустамликаҳо солҳои зиёд дар Англия зиндагонӣ карда, бо Франсия алоқаҳои зиёди шахсӣ дошт. Ин нафар Бенҷамин Франклин буд[2].

---

[1]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С.283.

[2]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 386 – 387.

Соли 1775, аллакай баъди сар задани ҷанг барои истиқлолият бар зидди Англия Б. Франклин дар палатаи лордҳои Англия ҳамчун намояндаи Конгресс баромад карда буд. Ба сифати шартҳои оташбас Франклин 17 талаби мустамликаҳоро пешниҳод карда буд. Вақте ки лордҳои Англия ба ӯ ҳуҷум намуданд, лорд Чатам ба тарафдории ӯ баромад. Ӯ гуфта буд, ки «ин одам, ки шумо дар назди худ мебинед, на танҳо номуси миллати англис, балки номуси тамоми инсониятро ба ҷо меорад».

Бори нахуст ҳамчун шахси воқеӣ дар соли 1767 ба Франсия омада, Франклин либоси квакерии музофотии худро ба кафтан иваз намуд ва ҳатто парикро низ ба сар кард. Ҳамин тавр, дар вақти сафари аввали худ ба Париж Франклин ба мӯди дар Париж маъмул итоат намуд. Аммо, 15 декабри соли 1776, дуюмбора ба Париж омада, акнун ба сифати сафири расмии ҷумҳурии Америка, ӯ рафту омади худро бо кафтани бӯрранги оддӣ ва бе парик идома дод[1].

Бо ҳамин рафтори Бенҷамин таваҷҷӯҳи доираи пешқадами ҷамъияти франсузӣ ба демократияи америкоӣ афзуд, обрӯи Франклин чунон баланд шуд, ки франсузҳо ҳатто ӯро намунаи мӯд интихоб намуданд.

Б. Франклин на танҳо бо ҳокимияти Франсия алоқаҳои хубро барқарор намуд, инчунин ӯ дар Париж бо корпусҳои дипломатии муқими он низ алоқаҳоро барқарор намуд. Ӯ зиддияти деринаи Англия ва Франсияро моҳирона аз як тараф ва таваҷҷӯҳи зиёд доштани доираи ҷамъиятии Франсия ба демократияи америкоиро аз ҷониби дигар истифода мекард, то ки ба Людовики XVI таъсир расонда шавад, ки ба ҷанги зидди Англия ҳамроҳ шавад.

Ба сифати сафир таъйин шудани Бенҷамин Франклин дар Парижро дар Англия дуруст баҳогузорӣ намуданд. Аз ҷумла, лорд Рокингем гуфта буд, ки пайдо шудани Франклин дар Париж дар муқоиса бо он зарбае, ки ба мустамликаҳо расонда, Ню - Йоркро навакак кашида гирифтем, барои Англия зарбаи ҷиддитар мебошад.

Сафири Англия дар Франсия лорд Стормонт таҳдид намуд, ки Парижро тарк менамояд, агар ба «сардори исёнгарони америкоӣ» иҷозат диҳанд он ҷо ҳузур дошта бошад. Аз ин вазъияти мушкил вазири корҳои хориҷии Франсия Верженс чунин роҳи моҳиронаи баромадро дарёфт. Ӯ ба тарафи Англия ҷавоб гардонд, ки ба Франклин дар Нант мактуб фиристонданд, ки ба Париж даромадани ӯ манъ аст, аммо мактуб ба суроғаи худ нарасид. Акнун, ки Франклин аллакай дар Париж қарор дорад, рондани вай «овозаи ғайримеҳмоннавозӣ» ва вайрон намудани урфу одатҳои халқҳои ботамаддун мегардад. Ҳамин тавр, Франклин дар Париж пайдо шуд.

Конгресс бо ҳамроҳии Б. Франклин ба Париж ду шахси баробарҳуқуқ – Сайлас Дин ва суди олии Ню Йорк – Ҷон Ҷейро низ фиристонд. Ғайр аз ин, се аъзои асосии миссия, дар ҳайати он боз аъзо аз Конгресс, намоянда аз

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 51.

Вирҷиния, публитсисти намоён Артур Ли ва ҷосуси пинҳонии ҳукумати Англия Эдуард Банкрофт низ шомил буданд.

23 декабри соли 1776 Франклин, Дин ва Ли ба Вазири корҳои хориҷии Франсия граф Шарл Граве Вержен бо аввалин нотаи расмии дипломатӣ дар таърихи Америка мурочиат намуданд. Дар нотаи мазкур америкоиҳо бастани шартнома дар бораи тиҷорат ва иттифоқ бо Америкаро пешниҳод намуданд. Инчунин фиристондани 8 киштии ҳарбӣ ба Америка, барои озодкунии киштиҳои «Родриго Горталес и К» ёрӣ расонандро, низ талаб намуданд. Дар ҷавоб Вержен ёрии пинҳониро ваъда кард. Дар ҳақиқат дар муддати сол ҳукумати Франсия ба америкоиҳо 2 миллион ливрро ба сифати ҳадя дод, ғайр аз ин 1 миллиони дигарро дар намуди шарти қарз дод. Аммо баррасӣ намудани масъалаи асосӣ, яъне оид ба иттифоқро Вержен ҳоло ҳам рад карда буд.

Аз ҳисси бадбинӣ нисбат ба англисҳо дошта, ҳукумати Франсия ба америкоиҳо ёрии пулӣ расонд, аммо ба ҳар сурат америкоиҳоро ҳамчун «шӯришчиён» медонист. Аммо дӯсти мустамликаҳои америкоӣ Бомарше хост ба онҳо ёрӣ расонда, ба Людовики XVI мурочиат кард. Ӯ шоҳро бовар кунонд, ки ёрӣ расондан ба америкоиҳо ба он хотир бурда мешавад, ки то қуввахои онҳо бо англисҳо баробар шавад ва ҷанг дуру дарозу беохир идома ёбад. Гарчанде ки Людовики XVI ҳоло ҳам мекалавид, аммо оқибат ёрӣ расонда шуд.

Дар ҳамин вақт вазъияти мустамликаҳо хеле бад гардид. Моҳи августи соли 1777 фиристодагони ҷумҳурии Америка ба ҳукумати Франсия меморандумро пешниҳод намуданд[1]. Дар он гуфта мешуд, ки агар дар ҳолате, ки ҳукумати Франсия наметавонад ёрии таъсирбахшро расонад, мустамликадорони Америка бо Англия сулҳ мебанданд. Дар Франсия дарк карданд, ки ин таҳдид пурра воқеӣ аст, зеро ҳам дар Англия ва ҳам дар Америка тарафдорони бас кардани ҷанг ва бастани сулҳ зиёд буданд. Бо ин ҳам нигоҳ накарда, Вержен бо ҷавобгардонӣ шитоб накард. Пас аз ин Конгресс гуфтушунидро бо Англия сар кард. Аммо дар натиҷаи дастовардҳои ҳарбии лашкари англисҳо гуфтушунидҳои мазкур аз ҷониби Англия вайрон карда шуданд. Дар моҳи декабри соли 1777 аз Америка ба Париж оид ба ғалабаи калони америкоиҳо дар назди Саратога депеша ворид гардид. Дар ин муҳориба генарал Ҷ. Бергойн (Бургойн) бо артиши 6 ҳазорнафарааш асир гирифта шуд. Аммо баъди ин ғалаба ҳам Франсия ба шитобкорӣ роҳ надод. Вержен бисёртар ба рафти гуфтушуниди сулҳи дубора ба роҳ мондашудаи миёни Америка ва Англия аҳамият медод. Ба хотири он ки оид ба натиҷаҳои гуфтушунидҳои мазкур огоҳӣ ёбад ӯ ҷосусро кироя гирифт, ки вай соҳиби ҳамон хонае буд, ки дар он Франклин ва Дин зиндагӣ мекарданд. Ӯ суханрониҳои америкоиҳоро аз паси дар ва бо дигар усулҳо гӯш карда, ба Вержен расонд, ки гуфтушунидҳо бо равиши пурра идома доранд ва сулҳ дар вақтҳои наздик баста мешавад. Ғалаба дар назди Саратога ва хабари ҷосус Вержен ва Людовики XVI - ро водор намуданд, ки ба таври қатъӣ амал намоянд. Дар минбаъда заиф ҳаракат намудан ғалабаи Ан-

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 389.

глияро таъмин намуда, ба Франсия пурра аз даст додани мустамликаҳои Вест-Индияи он таҳдид менамояд. Бомарше низ ба Людовики XVI оид ба манфатовар будани бастани иттифоқ бо ШМА сӯҳбат намуд.

6 декабри соли 1777 Вержен хабар расонд, ки ҳукумати Франсия барои доир намудани гуфтушунид оид ба иттифоқ омода аст. Бо ин амал Вержен мехост ҷанги Америка ва Англияро кашол диҳад ва ҳар ду ҷониб харобу заиф гарданд. Ваъдаҳои иттифоқ бастанро гирифта, ШМА гуфтушунидро бо Англия қатъ намуданд. Аммо Вержен натиҷаи мазкурро ба даст оварда, боз ба шитобкорӣ даст назад. Ӯ ба Франклин расонд, ки шартнома оид ба иттифоқ танҳо он вақт баста мешавад, ки ба он Испания ҳамроҳ гардад. Баробари ин, ҷавоби ҳукумати Испанияро наметавонистанд ба даст оранд, зеро Вержен фикри Мадридро оид ба он напурсида буд[1].

Новобаста ба ин ҳама, 6 феврали соли 1778 Франклин бо Франсия ду шартномаи ниҳоят муҳимро оид ба тиҷорат ва иттифоқ имзо намуд. Шартнома оид ба иттифоқ барои Франсия он маъноро дошт, ки Париж ба ҷанги зидди Англия ворид шудааст. Аз рӯи шартномаи мазкур Франсия истиқлолияти ШМА-ро кафолат дод. Ҳамзамон ШМА барои мулкҳои Франсия дар Америка кафолат доданд. ШМА ҳуқуқ гирифт, ки ба мулкҳои Британия дар қитъаи Америка ва ба ҷазираҳои Бермуд даъвои дастдарозӣ кунад. Франсия бошад ҳуқуқ гирифт, ки ба мулкҳои Вест - Индияи Англия даъво кунад.

Соли 1778 ба ҷойи Сайлас Дин, ки ба фош кардани шартҳои шартномаи махфӣ айбдор карда шуда буд, аз Америка Ҷон Адамсро фиристонданд.

Дар ҳамин вақт Конгресс дар самти ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои европоӣ кӯшишҳои зиёде кард. Тибқи қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи дипломатӣ сафирро дар ким-кадом давлате, ки набошад таъйин агар кунанд, он танҳо бо розигии ҳукмати он давлат сурат мегирад. Ҷон Адамс ба Конгресс пешниҳод намуд, ки ин қоидаро сарфи назар намоянд. Ӯ машварат дод, ки сафирҳоро дар мамлакатҳое, ки ШМА мехоҳад бо онҳо муносибат дошта бошад, бе розигии ҳукуматҳои мамлакатҳои мазкур таъйин намоянд. Франклин эътироз баён кард. Аммо вай танҳо як кас аз ҷумлаи се аъзоёни комиссияи сафирон буд ва ӯро маҷбур намуданд, ки итоат намояд.

Артур Ли ба Мадрид фиристонда шуд ва ҳукумати Испания дар роҳ ӯро боз дошт. Баъди ин ӯ таъйинотро ба Берлин гирифт, ба он ҷо расид, аммо аз ҷониби шоҳи Пруссия Фридрихи II қабул карда нашуд. Бародари ӯ Уилям Ли ба Берлин ва Вена фиристонда шуд, аммо ба ҳар дуи пойтахтҳои зикршуда нарасида, дар Париж монда, вақти худро дар баҳсу ҷанҷол бо Франклин мегузаронд. Адамс ба Гаага фиристонда шуд, аммо аз ҷониби Голландия ба расмият шинохтани ШМА-ро ба даст наовард. Андаке баъдтар Френсис Дана (Дейна)

---

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 390.

барои ба расмият шинохтани мамлакати худ дар назди дарбори маликаи Россия Екатеринаи II кӯшишҳои зиёди бефоидаро анҷом дод[1].

Баъди бастани шартномаи соли 1778 ҳукмронии Англия дар баҳр халалдор карда шуд, бар зидди он ду давлати бузурги баҳрӣ – Франсия ва Испания ба ҷанг даромаданд. Бо ин ҳам нигоҳ накарда, Англия ҳоло ҳам барои ҳукмрон будан дар баҳр мубориза мебурд, киштиҳои давлатҳои бетарафро ба асорат мегирифт. Соли 1780 бо роҳбарии Россия «Лигаи бетарафҳо» таъсис дода шуд. Дар ҳамин вақт чанд давлати дигар омода буданд, ки бар зидди Англия ба ҷанг дароянд. Соли 1782 ба ҷанги зидди Англия Голландия низ ҳамроҳ шуд. Дар лаҳзаҳои охирини ғалабаҳои Англия дар Америка Конгресс ваколатдори худ Лоренсро ба назди Франклин фиристонд. Франклин тавонист, ки аз Франсия ёрии нави пулиро ба даст орад. Ӯ аз Франсия миқдори калони заём гирифта, ба Америка барои 20 ҳазор нафар аслиҳа, дигар намуди молу маводи заруриии ҳарбиро фиристонд.

Франклин, ки ба синни 74 сол расида буд, касал гашта буд ва аз Конгресс хост, ки ӯро аз вазифааш озод намоянд ва ба ватан баргардад. Аммо Конгресс розӣ нашуда, талаб намуд дар вазифааш монад ва бо Англия оид ба сулҳ гуфтушунидро барад.

Дар бораи сулҳ мо аллакай гуфта будем. Шартҳои сулҳи мазкур соли 1782 дар Париж коркард шуда буданд дар намуди ниҳоӣ он баъди як сол дар Версал баста шуда, ба худ номи Шартномаи Версалии соли 1783 - ро гирифт. Баъди бастани Шартномаи Версал, Бенҷамин Франклин соли 1785 дар синни 79 солагӣ ба ватан баргашт[2].

**Муносибатҳои ШМА бо Франсия дар давраи Инқилоби бузурги Франсия.** ШМА истиқлолиятро ба даст даровaрда, дар муносибатҳои байналхалқӣ сиёсати мустақилонаи худро ба роҳ монд. Баъди ба итмом расидани ҷанг барои истиқлолияти ШМА иқтисоди мамлакат низ заиф гардид. Аммо андак-андак давлати ҷавони Америка аз паи бартараф намудани бӯҳрони иқтисодию молиявӣ шуд. Барои ҳал намудани масъалаҳои мазкур дар баробари аз захираҳои дохилӣ истифода намудан, аз ҳар ҷиҳат муносибатҳои худро бо дигар давлатҳо дуруст ба роҳ мондан даркор буд.

Масалан, дар сиёсати хориҷии ШМА муносибатҳо бо Франсия ва Англия ҳоло ҳам дар мадди аввал қарор доштанд.

Дар давраи Инқилоби бузурги Франсия ба ШМА сафири нави Франсия Эдмонд Жене омад. Эдмонд Жене ба сифати сафири Ҷумҳурии Франсия дар ШМА соли 1792, замоне ки жирондистон дар Конвент ҳукмрон буданд, таъйин карда шуда буд. Аммо ӯ ба ШМА 8 апрели соли 1793, дар давраи муборизаи шаддиди жирондистон бо якобинчиён расида буд. Одатан сафири навтаъйин пеш аз ҳама эътимодномаи худро ба ҳамон ҳукумате мефиристонад, ки дар назди он ӯ таъйин гардидааст. Аммо Эдмонд Жене на ба пойтахти ШМА –

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 391 – 392.
[2]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 284 – 292.

Филаделфия аз киштӣ фуромад, балки дар Чарлстон аз кишти баромада, яку якбора ба фаъолияти худ шурӯъ намуд. Баробари ин, ӯ боварӣ дошт, ки шартномаи иттифоқии соли 1778 байни ШМА ва Франсия эътиборашро нигоҳ медорад ва Филаделфия дар ҷанги Франсия бар зидди Англия ва Испания иттифоқчии Париж мебошад. Ӯ дар муддати кӯтоҳ дар мубориза бар зидди флоти Англия қувваҳоро ҷамъ намуда (300 капер), мусаллаҳ кард. Бо ин қувваҳо киштиҳои Англияро ба асорат гирифта, дар бандарҳои Америка бо онҳо чун бо тӯҳфаи ҳарбӣ муносибат мекарданд. Зидди Испания бошад аз ҳисоби мустамликадорони америкоӣ экспедитсияи хушкӣ-баҳрӣ дар ҳавзаи дарёи Миссисипи созмон дода шуд. Юриш ба Ғарб ташкил карда шуд, то ки Луизианаро забт намуда, ба Франсия ҳамроҳ намоянд. Зери таъсири Эдмонд Жене дар Америка як қатор клубҳои демократӣ таъсис ёфтанд. Оммаи меҳнаткашон ба тарафдории Жене овоз баланд карданд. Бо ӯ статс - котиби ШМА Томас Ҷефферсон низ наздик буд.

Ҳукумати ШМА, ки аз фаъолияти Жене дарак дошт, ки қатъиян меъёрҳои умумибайналхалқии аз ҷониби ҳамагон эътироф шударо вайрон карда буд, ба қароре омад, ки масаълаи муносибати худро ба ҷанги байни Франсия ва Англия ва бо сафир, ки бо методҳои ғайримуқаррарӣ амал мекардро ҳал намояд. Ҷефферсон ва яке аз аъзоёни намоёни таъсиррасони Конгресс Мэдисон талаб намуданд, ки ӯҳдадориҳои шартномаи иттифоқӣ бо Франсия иҷро карда шаванд. Ҳар ду ба тарафдории ҷанг садо баланд карданд. Аммо онҳо дар қатори ақалиятҳо монданд. Нуқтаи назари федералистони консервативӣ – Гамилтон ва Ҷей, ки аз буржуазияи тиҷоратӣ-саноатии штатҳои шимол-шарқӣ намояндагӣ мекарданд, ғалаба кард. 22 апрели соли 1793 Ҷ. Вашингтон прокламатсия оид ба бетарафиро имзо гузошт. Гарчанде ки калимаи бетарафӣ дар он ҷо кунонда нашуд, аммо гуфтаҳои овардашуда оид ба муносибатҳои «дӯстонаву беғаразона» бо тарафҳои даргири ҷанг худ шоҳиди ин гуфтаҳост. Ҳамаи шаҳрвандони ШМА оид ба зоҳир намудани душманӣ бар зидди тарафҳои даргир огоҳонида шуданд, тиҷорат дар намуди қочоқ бо онҳо манъ карда шуд. Масъалаи эътироф намудани Эдмонд Жене ба сифати сафири Франсия, ба маънии мусбӣ ҳал карда шуд, аммо Вашингтон ӯро дар хуҷрае қабул кард, ки дар он суратҳои Людовики XVI ва Мария Антуанетта овехта шуда буданд.

Дар моҳи июли соли 1793 бошад фрегати французии «Амбюскад» дар обҳои ШМА киштии британии «Сараи хурдсол» - ро ба асорат гирифт. Эдмонд Жене исми киштии мазкурро иваз намуда, онро «Демократи хурд» номгузорӣ кард. Баробари ин, новобаста ба огоҳии Ҷефферсон, ӯ ба капитани киштӣ фармон дод, ки пинҳонӣ ба баҳр баромада, бар зидди англисҳо мубориза барад. 23 августи соли 1793 ҳукумати ШМА аз Франсия талаб намуд, ки сафири худро бозхонд намоянд. Дар моҳи феврали соли 1794 якобинчиён Эдмонд Женеро бозхонд намуда, ба суд доданд. Аз ҷониби худ Франсия низ аз ШМА талаб намуд, ки сафири худ дар Париж – Моррисро бозхонд намоянд, ки ӯ дар навбати худ аз шоҳ ва ашрофзодагон дастгирӣ мекард.

Соли 1794 ШМА Эъломияи расмиро оид ба бетарафӣ эълон кард. Бо ҳамин шартномаи иттифоқӣ бо Франсия эътибори худро аз даст дод.

**Муносибатҳои мутақобилаи ШМА ва Англия баъди ҷанг барои истиқлолият.** Масъалаи асосии сиёсати минбаъдаи берунии ШМА ин муносибатҳои байниҳамдигарии он бо собиқ метрополия – Англия гардида буд. ШМА баъди ба итмом расидани ҷанг низ аз нуқтаи назари иқтисодӣ аз Англия вобастагӣ доштанд. Дар ШМА одамони зиёде буданд, ки дар масъалаи ба роҳ мондани тиҷорат бо Англия ва ба роҳ мондани муносибатҳои нек бо он манфиатдор буданд. Масалан, федералистони дар қудрат буда, Гамилтон, Ҷей ва ғайра майл ба самти Англия доштанд.

Баробари ин, муносибат бо Англия бо мушкилиҳо ба роҳ монда шуда буданд. Ҳукумати Англия фикри бозпас гардондани мустамликаҳои собиқашро фаромӯш накарда буд. Аз заифӣ ва ба қадри кофӣ мутамарказ набуданашон истифода бурда, Англия шартҳои сулҳи соли 1783-ро иҷро намекард. Англия лашкари худро аз қалъаҳои ғарбии мамлакат набароварда буд, ҳиндуҳоро барои ҳуҷум намудан ба заминҳои мустамликадорони америкоӣ ташвиқ мекард ва мавқеи тиҷорати америкоиҳоро бо мустамликаҳои Вест-Индия танг мекард.

Баъди он ки соли 1793 Англия бар зидди Франсия ба ҷанг даромада буд, киштиҳои ҳарбии Британия киштиҳои америкоиро мавриди ковтуков қарор медоданд, ҳамзамон ҳам молҳои барориши франсузӣ ва ҳам молҳои ба самти бандарҳои Франсия равон шуда мусодира карда мешуданд. Капитанҳои Англия аз киштиҳои америкоӣ маллоҳон, собиқ тобеини Британияро тибқи принсипи «агар англис аст – пас доим англис аст» мефуроварданд ва намемонданд, ки киштиҳои ШМА ба Вест-Индияи Франсия ворид шаванд. Дар ҷавоб ба ин эътирозҳо ШМА муваққатан воридоти молҳои англисиро манъ намуданд. Барои ба низом даровардани низоъ бо Англия судяи олӣ Ҷон Ҷей бо миссияи махсус ба Англия фиристонда шуд. Дар соли 1794 ӯ тавонист, ки бо Англия шартномаро бандад, ки масъалаҳои баҳснокро ҳал кард.

Аммо шартнома баробарҳуқуқ набуд: киштиҳои англисӣ ҳуқуқ гирифтанд ба ҳамаи бандарҳои ШМА ворид шаванд, аммо киштиҳои ШМА аз ҳуқуқи ворид шудан ба бандарҳои мустамликаҳои Англия дар Америкаи Шимолӣ маҳрум гардиданд. Дарёи Миссисипи барои киштиронӣ ба англисҳо ва америкоиҳо озод эълон карда шуд, аммо дар Вест-Индия ба америкоиҳо танҳо иҷозат доданд, ки тиҷоратро фақат тавассути киштиҳои обғунҷоишашон 70 тонна баранд. Баробари ин ба америкоиҳо аз Вест-Индия ворид намудани чунин молҳо, монанди шира, қанд, қаҳва, какав ва пахта манъ карда шуд. Як қатори дигар масъалаҳоро низ на ба фоидаи америкоиҳо ба тартиб дароварда буданд.

Шартномаи Ҷей дар Лондон 19 ноябри соли 1794 баста шуд. Барои сари вақт овардани он ба Америка боду ҳавои номусоид дар уқёнуси Атлантика халал расонд. Танҳо баъди севуним моҳ Вашингтон оид ба бастани шартнома дарак ёфт ва бо мазмуни он шинос гардид.

Вақте ки шартнома нашр гардид, вазъияти Ҷей бад гардид. Ӯро ба виҷдонфурӯшию фурӯхташуда айбдор намуда, ба таври оммавӣ матни шартнома, расми Ҷей ва ливои Англияро дар оташ сӯзонданд. Ҳамин тавр, халқи Америка хостаҳои худро бар зидди дипломатияи расмии ҷумҳурии буржуазӣ баён доштанд.

Вазъи Ҷей, ҳамчун шахсияте, ки қарордоди мазкурро имзо гузошта буд, боз ҳам ҳангоми баррасии шартномаи зикршуда дар Сенат бадтар гардид. Он мухолифати калонро ба бор овард ва танҳо бо ба назари эътибор нагирифтани банди шартнома оид ба савдо бо Вест-Индия он тасдиқ карда шуд. ШМА боз барои бекор кардани банди мазкури шартнома бо Англия ба сари мизи гуфтушунид нишастанд ва оқибат ҳукумати Англия низ аз ин банди шартнома даст кашид. Аммо шартнома бояд аз назару баррасии Палатаи намояндагон низ мегузашт. Дар Америка Палатаи намояндагон ҳуқуқ надошт, ки шартномаҳоро тасдиқ намояд, аммо он буҷетро тасдиқ намуда, ҳуқуқ дошт, ки хароҷотро қабул ё рад намояд, ки бо дар амал татбиқ намудани ин ё он шартнома вобаст буданд. Ин бор Палатаи намояндагон, то ки шартномаи Ҷейро рад намояд, хоҳиш намуд, аз ҳуқуқи суст кардани воситаҳо истифода барад. Палата мукотиботро, ки бо ин шартнома алоқамандӣ доштанд, талаб кард. Аммо дар ин ҷо Ҷ. Вашингтон мудохила намуда, амали палатаро берун аз меъёрҳои ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намуд. Илова ба ин, Ҷей судяи олии ШМА буд ва ҳуқуқ дошт оид ба масъалаи мазкур баҳсу мунозира намояд. Дар натиҷаи таъсиррасонии Ҷ. Вашингтон шартнома тасдиқ гардид. Дар таърихи муносибатҳо ва дипломатия чунин ҳодиса бори нахуст рух дод.

Ҳамин тавр, ШМА қадамҳои аввалини худро ҳамчун давлати мустақил дар дипломатияи ҷаҳонӣ ва муносиботи байналхалқӣ гузошт. Дар асри XIX бошад дар тафаккури таърихии америкоӣ баъзе назарияҳо оид ба миссияи таърихии ШМА ба вуҷуд омаданд. Муаллифони америкоӣ ҳатто байни муҳоҷирати худ ба Америка ва баромадани яҳудиён аз Миср дар замони пайғомбар Мусо қиёсҳо меоварданд. Муаррихи машҳури ШМА Ҷ. Бэнкрофт бошад дар асари даҳҷилдаи худ «Таърихи Штатҳои муттаҳида» таъкид намуда буд, ки ШМА дар оянда роҳбари прогрессии ҷаҳонӣ мешаванд. Муаррихи франсузӣ А. де Токвил ҳанӯз соли 1835 навишта буд, ки Америка ва Россия роҳҳои аз ҳам ҷудогонаи рушд доранд, аммо ба ҳақиқат хеле наздик аст, ки Худованд аз мо пинҳон барои ҳар ду мамлакатҳои мазкур онро омода кардааст, ки ҳар кадоми онҳо хӯҷаини нисфи олам хоҳанд шуд. Чуноне ки медонем, ин назарияи А. де Токвил дар асри XX амалӣ шуд. Ҷон Фиске (1842 – 1901) дар рӯҳияи назарияи германӣ иброз доштааст, ки таърихи Америкаи мо на аз Эъломияи истиқлолият ва ҳатто на аз бунёд намудани Ҷеймстаун ё Плимут оғоз мегардад, балки он бо сарчашмаҳои худ ба он рӯзҳое мерасад, ки замоне Арминийи ҷасур дар ҷангалзори Тевтобург (сентябри соли 9 - уми мелодӣ) дар Германияи Шимолӣ легионҳои империяи Римро торумор карда буд.

## 3. 6. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ЗАМОНИ ИНҚИЛОБИ БУЗУРГИ ФРАНСИЯ

**Масъалаҳои давомати стратегияи байналхалқӣ - сиёсии Франсия.** Дар таърихи муносибатҳои байналхалқӣ аз давраи мазкур сар карда, то ҷангҳои Наполеонӣ кӯшиши сеюми барқарор намудани гегемонияи Франсия ба қайд гирифта шудааст.

Инқилоби бузурги Франсия (14 июли с. 1789 – 9 ноябри с. 1799) дар асосҳои муносиботи мутақобилаи байнидавлатии қитъаи Европа тағйирот ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи он ҷангҳои Наполеонӣ сурат гирифтанд, ки дар таърих кӯшиши сеюми Франсия дар самти барқарор намудани гегемонияи худ дар қитъаи Европа шинохта шудааст. Дар мубориза барои амалӣ шудани нияти мазкури худ Франсия боз бо коалитсияи давлатҳои бузурге бархӯрд, ки дар нимаи дуюми асри XVII – асри XVIII рақибони асосии он буданд. Ин давлатҳо Англия, Австрия ва Россия буданд.

Натиҷаҳои байналхалқии инқилоби Франсияро метавонем ба таври зайл баён намоем. Якум, инқилоб маънои гусаста гардидани алоқаҳои мамлакат бо стратегияи сиёсати хориҷии пешинаи давраи Франсияи шоҳиро дошт. Худи характери низоми инқилобӣ инро муайян менамояд, ки он волоияти иродаи миллатро нисбат ба иродаи монарх таҷассум карда, элитаи пешинаро барҳам зад. Конвенти инқилобӣ пинҳон намедошт, ки мақсади он содироти инқилоб ба дигар давлатҳо ва барҳам задани низомҳои монархиявӣ дар давлатҳои боқимондаи Европа мебошад. Инқилобчиёни Франсия ҳатто тақвими навро ҷорӣ намуданд, ки тибқи он солшуморӣ аз 22 сентябри соли 1792 – рӯзи таъсисёбии Ҷумҳурӣ сар мешавад. Франсияи инқилобӣ барои Европаи боқимонда ҳамчун қувваи глобалии берун аз система буда баромад мекард, ки бо он modus vivendi (ба даст овардани ризоияти муваққатӣ, замоне ки дар ҳолатҳои мавҷуда тарафҳо наметавонанд ба мувофиқаи пурра расанд) – ғайриимкон буд. Дуюм, давомати сиёсати Франсияи инқилобӣ дар муносибат бо сиёсати «низоми кӯҳна». Мақсади Франсияи Наполеонӣ барқарор намудани назорат аз болои тиҷоратӣ баҳрӣ, Ост-Индия ва Вест - Индия буд, ки барои он шоҳҳони Франсия Людовики XIV, Людовики XV мубориза мебурданд. Империяи Наполеони I тибқи хостаҳои кардинал Ришеле ҳукмфармоии Франсияро дар Европаи қитъавӣ, пеш аз ҳама дар қаламравҳои давлатҳои германӣ ва италянӣ барқарор намуд. Ва дар натиҷаи содирот намудани инқилоб таъсис додани системаи ҷумҳуриҳои ба худ наздик, ба таври ошкоро аз доираи таъсири анъанавии вассалитети феодалиро нишон медод[1].

Ҳанӯз ҳукумати Людовики XVI (с. 1774 – 1792) ба хотири интиқом гирифтан барои шикасти Франсия дар Ҷанги Ҳафтсола баҳри мубориза бурдан

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 111 – 112.

бар зидди Британия тайёрӣ медид. Ин самти сиёсиро андаке баъдтар инқилобчиён низ рушд доданд[1].

***Мустаҳкам гардидани мавқеи Франсия дар баҳри Миёназамин.*** Соли 1761 ҳукумати Людовики XV «Пакти оилавии Бурбонҳо» (иттифоқи Франсия ва Испания аз соли 1733)-ро аз ҳисоби ба он пайвастани шоҳигарии Неапол модификатсия кард. 15 майи соли 1768 Ҷумҳурии Генуя ва Франсия шартномаи Версалро дар бораи ба ҷониби франсузӣ ба сифати гарав додани Корсика ба ивази қарзҳои Генуяро имзо карданд. Генуя ҳамон вақт дар ҳолати муфлисӣ қарор дошт ва қарзҳои худро гардондан наметавонист, барои ҳамин Франсия фавран Корсикаро истило намуд. Соли 1769 сипоҳи Франсия мавҷудияти Ҷумҳурии Корсикаро, ки аз соли 1755 арзи ҳастӣ дошт, буғӣ карданд.

***Экспансия дар Миср.*** Миср аз соли 1517 ба ҳайати империяи Усмониён дохил буда, аз мухторияти васеъ бархӯрдор буд. Дар ин мамлакат табақаи ҳарбии мамлюкҳо ҳукмронӣ мекарданд. Соли 1707 бо супориши Людовики XIV ба Миср роҳиб-иезуит Клод Сикар сафарбар карда шуд. Британияи Кабир бошад ба Миср ду экспедитсия, Ричард Покок (1739) ва Ҷеймс Брюс (1768)-ро фиристонд. Солҳои 1776 – 1779 маршал Ришеле бо супориши Людовики XVI нақшаи экспедитсияи ҳарбӣ ба Мисрро тартиб дод, ки онро баъдтар Наполеон истифода бурд.

***Экспедитсия ба Ҳиндухитой.*** Воридшавии Франсия ба минтақаи мазкур дар асри XVII тавассути фаъолияти миссионерии иезуит Александр де Род оғоз гардид. Дар соли 1777 дар давраи шӯриши тэйшонҳо қариб ҳамаи ашрофзодагон, ҳатто монархҳои Аннам (Ветнами Ҷанубӣ) аз сулолаи Нгуен нест карда шуданд. Танҳо Нгуен Фук Ан (с. 1762 – 1820)-и 15 сола зинда монд, ки ӯро миссионери франсузӣ Пино де Беэн дастгирӣ мекард. Соли 1787 епископ Пино де Беэн аз номи ӯ бо Людовики XVI шартномаи Версалро имзо кард. Ветнам ба франсузҳо монополияи тиҷоартиро дар тамоми қаламрави мамлакати худ дод, инчунин ӯҳдадор гардид, ки ба Франсия аскарон ва озуқавориро медиҳад, агар он бо ягон мамлакат дар Шарқ ҷанг кунад.

***Экспансия дар уқёнуси Ором.*** Дар солҳои 70-уми асри XVIII баҳрнаварди англис Ҷеймс Кук ба хотири дарёфти замини ҷанубӣ ба Доираи қутби ҷанубӣ расида, қисми ҷанубии уқёнуси Оромро таҳқиқ намуд. Лейтенанти флоти ҳарбӣ-баҳрии Франсия Жан Франсуа да Гало граф де Лапeруз бояд мавқеи Франсияро баланд мебардошт ва ӯ 1 августи 1785 бо ду киштӣ аз бандари Брест ба сафар баромад. Барномаи экспедитсия, ки шахсан аз ҷониби худи Людовики XVI баррасӣ гардида буд, омӯзиши ӯқёнуси Оромро дар бар гирифта буд. Экспедитсия ҳамаи вазифаҳои дар пеш гузоштаро иҷро кард, он аз димоғаи Горн то бандари Петропавловск-Камчатск баромад, соли 1788 бошад он дар минтақаи ҷазираҳои Соломон ғайб зад. Боқимондаҳои тахминии онро англисҳо дар соли 1820 дарёфтанд. Экспедитсияи Лаперуз оид ба оғози рақобати Франсия ва Британия дар Австралия дарак медод. Австралия соли 1606 аз ҷониби баҳрнаварди

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 112.

голландӣ Виллем Янсзон кашф гардида буда, ба он Голландияи Нав ном гузошта шуда буд. Солҳои 1642 – 1644 баҳрнаварди дигари голландӣ Абел Тасман соҳилҳои Австралияро қайд карда буд ва ҷазираҳои Тасмания ва Зеландияи Навро кашф карда буд. Аммо ба азхудкунии қитъаи мазкур голландиҳо оғоз накарданд ва қариб 130 сол Австралия фаромӯш карда шуда буд. Он танҳо баъди экспедитсияи Ҷеймс Кук диққатҷалбкунанда гардид.

***Кӯшишҳои аз нав дида баромадани натиҷаҳои Ҷанги Ҳафтсола дар Европаи Ғарбӣ.*** Соли 1784 императори империяи Муқаддаси Рим Иосифи II ба Голландия бо талаби иваз намудани мулкҳои нидерландии Австрия ба Бавария ултиматумро пешниҳод намуд. 8 ноябри соли 1785 дар Фонтенбло (наздикии Париж) намояндагони Нидерландия ва Австрия бо дастгирии Франсия ва Пруссия шартномаи сулҳро имзо карданд. Ҳамзамон Франсия бо Голландия шартномаи иттифоқиро баст, ки онро гурӯҳи зиддибритании мамлакати мазкур, ки аз натиҷаи ҷанги чоруми англо-голландӣ норозӣ буданд, дастгирӣ мекарданд. Дар моҳи сентябри соли 1787 сипоҳи Пруссия ба Голландия ворид шуда, ҳукмронии шоҳзода Вилгелми V Оранскийро, ки баҳри иттифоқ бо Британияи Кабир ва Пруссия баромад мекард, барқарор намуданд. Франсия бошад шартҳои шартномаи иттифоқиро иҷро накард. Шартномаи Берлин аз 13 августи соли 1788 байни Британия ва Пруссия зидди Франсия ва зидди Россия равона шуда буд.

***Аз нав мусаллаҳкунии артиш дар Франсия.*** Соли 1769 дар Франсия корпуси Шоҳии пиёдагардони баҳрӣ таъсис дода шуд. Соли 1776 бо пешниҳоди афсари артиллерия Жан Батист Вакет де Грибовал (с. 1715 – 1789) артиллерияи Франсия ба саҳроӣ, полкӣ, муҳосиравӣ ва қалъагӣ тақсим карда шуд. Барои ҳар кадоми онҳо намуди нави тӯпҳо ва тӯпҳои вазнини кӯтоҳмил ва инчунин системаи нави ҳаракаткунандаи чархии лаветҳо ҷорӣ карда шуд. Системаи Грибовал дар артиши Франсия то соли 1827 амал намуда, аз нигоҳи техникӣ дастовардҳои артиши инқилобӣ ва артиши Франсияи Наполеониро таъмин карда буд.

Дар самти барқарор кардани флоти уқёнусӣ низ корҳои зиёд карда шуданд.

5 июни соли 1783 дар шаҳри Анон (ҷануб-шарқии Франсия) аввалин парвози аэростат, ки аз ҷониби бародарон Жозеф Мишел ва Жак Этенн Монголфе ихтироъ гардид, баргузор шуд. 21 ноябри соли 1783 бошад дар Париж парвози Жан Франсуа Пилатра де Розе ва Франсуа Лоран маркиз д Арланд дар «Монголфер» сурат гирифт. Ҳамин тавр, дар Франсия давраи рушди аэронавтикаи ҳарбӣ сар шуд. Соли 1794 дар Франсияи инқилобӣ дар таърихи инсоният аввалин ротаи дар ҳаво парвозкунанда, ки аз аэростати «Монголфер» истифода бурда, аз болои амалиёти рақибон назорат мекард, то ки расондани зарбазании тӯпҳоро ба танзим дарорад, ба вуҷуд омад.

Ҳамин тавр, дар арафаи инқилоби Франсия дар Европа вазъияти ҷангӣ байни ду коалитсия: Франсия, Австрия (эҳтимол Россия ҳам) бар зидди иттифоқи Британия ва Пруссия ба вуҷуд омада буд, аммо бо сар шудани инқилоби

Франсия ҷанг рух надод. Аммо ҷангҳои Франсияи инқилобӣ мантиқи низоъро, ки ба он шоҳи аз ҷониби инқилобчиён сарнагун карда шуда Людовики XVI омодагӣ медид, такрор карданд[1].

**Ҷанбаҳои байналхалқии Инқилоби Бузурги Франсия.** Инқилоби бузурги Франсия, бебаҳс, дар таърихи инсоният давраи навро кушод. Худи барқароршавии мутлақият (абсолютизм), бартараф намудани парокандагии феодалӣ, барқароршавии давлатҳои миллӣ бе дастгирии фаъолонаи шоҳҳон аз ҷониби «табақаи сеюм», пешомадони табақаи буржуазии шаҳрҳо ва деҳот аз имкон берун буд. Маҳз онҳо, бо ақли солим муҳокимаронӣ намуданд, ки «беҳтараш як золимро дошт, назар ба ҳазор», ва ба шоҳ ёрӣ расонданд, ки мавҷу ҳаракатҳои дворяниро аз байн бардорад. Мумкин ин гузашту созиш байни табақаи нав сарбардоштаи буржуазия ва манфиатҳои сулолавии монархҳо буд.

Аммо дар охири асри XVIII буржуазияи европоӣ ба хулосае омад, ки он дигар ба монархҳои мутлақ эҳтиёҷ надорад, ки нигоҳдории он ниҳоят гарон меафтад ва асосаш дар он буд, ки шоҳҳон он сиёсате, ки ба синфи буржуазия зарур буд амалӣ шавад, набурданд. Аз ин ҷо талаботи – сиёсати хориҷии миллӣ (=буржуазӣ), яъне нарху хизматрасониҳои ҳомиёна (тарафгирона), дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, сиёсати фаъоли мустамликадорӣ ва ғайра ба миён омаданд.

Дар миёни ҳамаи давлатҳои бузурги мустамликадори Европа танҳо дар Франсия буржуазия омода буд, ки барои ҳокимият мубориза барад. Аз ин сабаб инқилоби бузургтарин дар асри XVIII дар мамлакати аз ҳама мутараққикардатарини Европа – Франсия рух дод.

Ғояҳои инқилоби Франсия – озодӣ, баробарӣ, бародарӣ, иқтисоди капиталистӣ, ҳуқуқу озодиҳои буржуазӣ, суверенитети халқӣ бошанд баъдтар дар охири асри XIX на танҳо дастоварди халқҳои европоӣ, балки тамоми инсонияти ботамаддун гардиданд. Ҳамин тавр, Инқилоби бузурги Франсия, ба феодализм зарбаи ҳалокатвор расонд ва барои равандҳои минбаъдае, ки дар давраи нав сурат гирифтанд, ҷаҳиши нав дод[2].

5 майи соли 1789 Штатҳои генералӣ дар Версал кушода гардида, ба бӯҳрони инқилобӣ дар Франсия оварда расонд. 17 июни соли 1789 аксарияти намояндагон худро Маҷлиси Миллӣ эълон карданд. 9 июли соли 1789 бошад бо нишони вазифаи худро дар таҳия намудани конститутсия медонад, он худро Маҷлиси Муассисон эълон намуд. Кӯшишҳои шоҳ Людовики XVI барои дар самти пароканда намудани Маҷлиси Муассисон ва ба истеъфо фиристондани сарвазир Жак Некер дар Париж ҳаракати инқилобиро ба вуҷуд овард. 12 – 14 июли соли 1789 гвардияи франсузӣ ба тарафи шӯришчиён гузашт, ки ин боиси

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 111 – 114.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ишғол ва хароб кардани ҳабсхона-қалъаи Бастилия – рамзи «низоми кӯҳна» оварда расонд.

26 августи соли 1789 Маҷлиси Миллӣ Эъломия дар бораи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро қабул намуд. Ин ҳуҷҷат системаи «ҳуқуқҳои табиӣ ва дахлнопазири инсон»-ро барқарор намуд: барҳамзании тақсимоти табақавии ҷамъият, баробарии ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун ва эътироф намудани қонунбарорӣ бо ифодаи «иродаи миллӣ». Сарчашмаи ҳокимияти олӣ миллат эълон гардид, на монарх. Дар Эъломия аз 26 августи соли 1789 омадааст, ки «миллат сарчашмаи асосии ҳамагуна суверенитет мебошад». Ҳамин тариқ, инқилобчиёни Франсия принсипи суверенитети давлатиро ба принсипи суверенитети миллӣ иваз карданд.

Ғояи суверенитети миллиро бори нахуст Жан Жак Руссо дар асараш «Шартномаи ҷамъиятӣ» коркард намуд. Ӯ тарафдори он буд, ки ҳокимияти давлатӣ дар он сурат боадолатона аст, агар он мувофиқи ризоияти ҳамаи шаҳрвандони давлат фаъолият намояд. Тезиси асосии Руссо аз он иборат мебошад, ки миллат иттиҳоди махсуси сиёсӣ аст, ки ҳуқуқ дорад ҳокимияти олиро тавассути намояндагони интихобшуда, дар қаламрави муайян амалӣ намояд. Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд постулатҳои назариявии Ж. Ж. Руссоро ба сатҳи сиёсати амалӣ бардошта расонд[1].

Маҷлиси Миллӣ шоҳро аз ҳуқуқҳои комили бурдани сиёсати байналхалқӣ маҳрум намуд. Баҳори соли 1790 байни Испания ва Британияи Кабир дар натиҷаи дастдарозӣ намудани Лондон ба як қисми соҳилҳои укёнуси Ороми Америкаи Шимолӣ низоъ бархест. Франсия, ки иттифоқчии Испания буд, мебоист ӯҳдадор буд, ки мувофиқи «Пакти оилавии Бурбонҳо» аз соли 1761 ба Мадрид мадад расонад. Аммо 24 майи соли 1790 Маҷлиси Миллӣ қарор қабул намуд, ки тибқи он фақат Маҷлиси Миллӣ ҳуқуқ дорад, ки бо пешниҳоди шоҳ ҷанг эълон кунад ё сулҳ бандад. «Пакти оилавии Бурбонҳо» ба шартномаи иттифоқии мудофиавии Франсия ва Испания модификатсия гардонда шуд. Бо декрети Маҷлиси Миллӣ дар моҳи декабри соли 1791 муайян карда шуд, ки миллати франсуз абадан аз ҳамагуна ҷангҳои забткорона даст мекашад ва ягон вақт қувваи худро бар зидди озодии ягон халқ истифода намебарад.

Ҳамин тавр, инқилоби Франсия дар муносибатҳои байналхалқӣ суверенитети миллиро мустаҳкам намуд ва сиёсати хориҷиро низ ба андозае демократӣ гардонд. Инқилоби Франсия дипломатияро низ дигаргун намуд, гарчанде ки миллатҳо ҳоло ҳам пурра озод нашуда буданд, аммо акнун онҳо дар тарозуи сиёсӣ вазн доштанд ва монархҳо маҷбур буданд, ки хоҳишу манфиатҳои онҳоро ба назар гиранд. Ду навигарии дигари принсипиалии инқилоб дар муносибатҳои байналхалқӣ – инҳо идеологизатсия ва милликунонии сиёсати хориҷӣ гардиданд. Шиорҳои инқилоб «Озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ», «Сулҳ ба кулбаҳо, ҷанг – ба қасрҳо» роҳро барои ғояи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ кушод.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 114.

Тирамоҳи соли 1890 дар Франсия ҳаракати роялистӣ зуҳур намуд. 1 октябри соли 1789 дар Версал ба муносибати полки Фландр зиёфат ороста шуд, ки иштирокчиёни он аз худ кокардаҳои серанга (инқилобӣ)-ро канда партофтанд. Хабар дар бораи ин воқеа боиси юриши аҳолии Париж ба Версал гардид, ки ба онҳо Гвардияи миллӣ низ пайваст. Шоҳ дар зери фишори анбӯҳи одамон Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрвандро аз қайд гузаронда, ба Париж омад. Афсарон-монархистон бо роҳбарии бародари хурдии шоҳ, граф Карл д Артуа ба шаҳри Кобленс ҳиҷрат намуданд ва интизори интервенсияи монархҳои дигари европоӣ буданд.

Аммо солҳои 1789 – 1790 диққати давлатҳои европоӣ ба ҷанги Россияву Австрия бо Шведсия ва Туркияи Усмонӣ равона шуда буд. Вазъият соли 1791 тағйир ёфт, замоне ки Австрия аз ҷанг бо Туркия баромад ва ин ба дарбори Вена имкон дод, ки диққати худро ба сӯи Париж равона намояд. Зеро эрсгерсоги Австрия, императори империяи Муқаддаси Рим Леополди II бародари маликаи Франсия Мария-Антуанетта буд. Ба самти таъсис додани коалитсия (эътилоф) - и зидди Франсия бӯҳрони дар Варенн ба вуқуъ омада тела дод.

**Ҳодисаи Варенн.** Дар натиҷаи инқилоби Франсия гурӯҳе аз тарафдорони ҳукумати мутлақи шоҳӣ ба хориҷа ҳиҷрат намуданд ва аз он ҷо ба корҳои дохилии мамлакат мудохила мекарданд. Баробари ин, маликаи Франсия, ки австриягӣ буд, бо аксулинқилобчиён ва хориҷиён алоқаҳо барқарор намуда буд. Бархе аз ходимони инқилоб маликаро ба ҷосусӣ ба фоидаи Австрия айбдор мекарданд. Ҳамин тавр, зина ба зина симои сиёсии шоҳ ва маликаи Франсия барои инқилобчиён ба рамзи зиддияти боло гирифтаистодаи Франсияи инқилобӣ ва Европа табдил ёфт. Барои ҳамин кӯшиши аз Франсия фирор намудани шоҳ яке аз қадамҳои муҳим ба самти ҷанг гардид, ки он бо номи бӯҳрони Варенн маълум аст.

20 июни соли 1791 шоҳ Людовики XVI либосҳои хизматгориро ба бар карда, кӯшиш намуд, ки бо аҳлу оилааш ба хориҷа фирор намояд, аммо ӯ аз ҷониби хизматгори соҳаи почта дар шаҳри наздисарҳадии Варенн шинохта шуд. Дар омода намудани гурезондани шоҳ аз Франсия сафири Россия, граф И. М. Смолин иштирок дошт, ки ин худ ба худ мудохилаи ғайримустақим ба сиёсати дохилии Франсия ба ҳисоб мерафт.[1] Оилаи шоҳиро баргардонда, ба Париж оварданд. Бо ин амали худ шоҳи Франсия дар пеши назари мардум ва Маҷлиси Миллӣ намоишкорона нишон дод, ки ӯ душмани инқилоб буда, ба кӯмаки хориҷиён умед дорад ва асир гирифтани ӯ бошад ҳамзамон ғалаба аз болои душманони хориҷӣ дониста шуд. Бо бӯҳрони Варенн ҳаракат ба сӯи ҷанг тезтар гардонда шуд.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 115.

**Сиркуляри[1] Падуя.** Баъди сар задани бӯҳрони Варенн як қадами дигар гузошта шуд, ки он дар таърих бо номи Сиркуляри Падуя маълум аст, ки тавассути он, ҳамчун нотаи дипломатӣ, императори империяи Муқаддаси Рим Леополди II 6 июни соли 1791 ба монархҳои Европа муроҷиат намуд. Ӯ дар нотаи худ аз давлатҳои Европа хоҳиш кард, ки дар озод намудани Людовики XVI ва Мария-Антуанетта талош варзанд. Нотаи мазкур боиси гузарондани чанд машварат дар байни Пруссия ва Австрия гардид.

**Эъломияи Пилнитс.** 26 августи соли 1791 дар қалъаи саксонии Пилнитс вохӯрии императори Австрия Леополди II, шоҳи Пруссия Фридрих Вилгелми II ва граф Карл д Артуа шуда гузашт. Граф Карл д Артуа пешниҳод намуд, ки ҳар ду монарх ба мардуми Франсия манифести худро бар зидди фаъолияти Маҷлиси Миллии исёнгарон эълон намоянд ва таҳдид кунанд, ки дар ҳолати сӯиқасд ба ҷони шоҳ Парижро бо ҷазои сахти ҳарбӣ гирифтор менамоянд. Монархҳои Австрия ва Пруссия шакли эҳтиёткоронатарро интихоб намуданд. Яъне дар эъломияи Пилнитс, ки он аз ҷониби онҳо 27 августи соли 1791 эълон карда шуда буд, омада буд, ки императори Австрия ва шоҳи Пруссия вазъияти шоҳи Франсияро кори манфиати умумӣ барои ҳамаи давлатҳои европоӣ медонанд ва давлатҳо дар якҷоягӣ бо император ва шоҳ аз истифода бурдани воистаҳои аз ҳама таъсиррасон, ҳатто қувваҳои худ, даст намекашанд, то ки ба шоҳи Франсия имконият дода шавад идоракунии монархиявии худро комилан озодона мустаҳкам намояд. Чунин шаклбандӣ метавон бо ду маънӣ: ҳам омода будани Австрия ва Пруссия дар ташкил намудани интервенсия бар зидди Франсия ва ҳам аз ҷониби онҳо дастгирии соф дипломатӣ расондан ба Людовики XVI дониста мешавад[2].

Дар байни муаррихон оид ба сабабҳои қабул намудани Эъломияи Пилнитс ду ақида вуҷуд дорад. Якум, Австрия ва Пруссия аз содироти инқилоби Франсия ва паҳншавии он дар дигар мамлакатҳои Европа тарсиданд. Дуюм, онро ҳамчун баҳона дар самти кӯфтани захираҳои рақиб истифода бурданд. Ба сифати подош барои барқарор намудани ҳокимияти шоҳӣ дар Франсия, Пруссия ба Элзас ва Лотарингия иддао мекард. Австрия бошад ба Фландрия ва Артуа то дарёи Сомма, Британияи Кабир дар навбати худ мехост, бандари Дюнкеркро аз худ намояд. Дар ҳолати комёбии «коалитсияи монархиявӣ» ҳудуди Франсия ба сарҳадоти то сулҳи Вестфал буда, баргардонда мешуд, ки ин ба аз даст додани ҳамаи он минтақаҳое, ки мамлакат аз давраи кардинал Ришеле сар карда, ба даст дароварда буд, оварда мерасонд.

Илова ба ин, органи қонунбарори нав интихобшудаи Франсия радикалӣ буд. Жирондистон бо сарварии Бриссо оид ба зина ба зина ва мақсаднок паҳн намудани ҷанг баромад мекарданд. Бриссо қайд карда буд, ки эътироф наму-

---

[1]Сиркуляр – мактуби фармоишӣ, амрдиҳӣ, дастурдиҳӣ ё нишондодии як муаллиф, ки ба чандин суроға фиристонда шудааст.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 137.

дани конститутсия аз ҷониби шоҳ ба як манёвркунӣ (ҳилаву найранг) баробар асту халос, дар ҳолати сар задани ҷанг бошад артиши кироя ҳеҷ наметавонад, ки бар зидди артиши озод (яъне артиши инқилобӣ) муқобилият нишон диҳад, зеро онро фавран халқҳои исёнбардошта дастгирӣ менамояд. Дар мактуби худ ба вазири ҳарбӣ аз ноябри соли 1791 вай навишта буд: «Мо наметавонем ором шавем, то он даме, ки Европа, маҳз тамоми Европаро сӯхтор фаро нагирифта бошад».

Аз ҷониби худ Австрия ва Пруссия дар ҳудуди гузариш аз соли 1791 ба соли 1792 мехостанд, ки бо сухан таҳдиди худро идома диҳанд. Дар ҷавоб ба нотаи қатъии Франсия, ки охири ноябри соли 1791 ба курфюри Трир бо талаби барҳам додани дастаҳои ҳарбӣ, ки аз ҷониби муҳоҷирони франсузӣ дар сарҳадоди он ташкил карда шуданд, фиристонда шуда буд, Леополди II бо таҳдидҳо ва ҳимоя намудани манфиати тахт баромад кард. Моҳи феврали соли 1792 Австрия ва Пруссия иттифоқи мудофиавиро бастанд. Таҳдидҳо дар Париж норозигии калонро ба вуҷуд оварда, боз ба Леополд талаботи ултиматумӣ фиристонда шуда, дар он зикр карда шуд, ки то 1 марти соли 1792 ба Париж хабар расонад, ки ӯ худро мисли пештара бо ӯҳдадориҳои иттифоқии соли 1756 побанд медонад ё не ва ӯ ӯҳдадор мегардад, ки дар оянда аз ҳамагуна чораҷӯиҳо, ки дар самти ташкил намудани иттифоқ бар зидди Франсия равона гардидаанд, худро дур мегирад. Ултиматуми Франсия ҷонибҳоро ба арафаи ҷанг наздик овард.

18 март бошад Франсия боз тавассути ултиматум барҳамзании иттифоқи мудофиавии Вена ва Берлин ва бекор намудани мусаллаҳшавии Австрияро талаб намуд. Аммо 1 марти соли 1792 ногаҳон Леополди II вафот кард. Писари ӯ Франси II ба тахт нишаста, кӯҳнапараст буд ва роҳи ҷангро интихоб кард. Вай аз ҳукумати инқилобии Франсия талаб намуд, ки заминҳоро, ки дар Элзас истило намуда буд, баргардонад, мулкҳои папаро дар Франсия барқарор намояд ва ба шоҳ ҳуқуқҳои пешинаашро баргардонад.

Арз намудани талаботи мазкур баробар ба эълони ҷанг буд. 20 апрели соли 1792 Маҷлиси қонунбарор бар зидди Австрия ҷанг эълон намуд. Бо ҳамин Европа ба ҷанги зиёда аз 20 сола ворид гардид.

**Ҷанги Франсия бо коалитсияи Якум (с. 1792 – 1797).** Давлатҳои абарқудрати европоӣ дар аввали инқилоб хаёл карданд, ки Франсия ба давраи дуру дарози анархияи дохилӣ ворид шуд, ки чунин вазъият мавқеи онро ба муддати солҳои дароз дар саҳнаи байналхалқӣ заиф нигоҳ медорад. Чунин вазъи сиёсати дохилии Франсияро рақиби асосии он Англия ба манфиати худ медонист. Масалан, сафири Англия дар Голландия навиштааст, ки то он даме, ки Франсия дар чунин вазъият қарор дорад, Форин Офисро[1] метавонад ҳамагуна маркаб идора кунад. У Питт-Хурдӣ бошад фаворасии «давраи сулҳ» - ро низ эълон намуд ва ҳатто то ҷанг ҳафтаҳои ба шумор монда дар феврали соли 1792 кам кардани хароҷоти ҳарбии Англияро низ ба назар гирифта буд.

[1]Форин Офис – Вазорати корҳои хориҷии Британия.

Диққати се абарқудрати дигар – Австрия, Россия ва Пруссия бошад дар Шарқ ба масъалаи Полша банд буд, аммо дар пойтахтҳои давлатҳои мазкур ҳам ба монанди англисҳо фикрҳо садо медоданд. Минҷумла, канслери Австрия Каунитс гуфта будааст, ки Франсия ба муддати дароз дар бенизомӣ ва заифӣ ғутидааст. Аммо ақидаҳои зикршудаи доираи ҳукмрони абарқудратҳо хом баромад.

Эъломияи дар Пилнитс қабул шуда, ҳаракатҳои инқилобиро дар Франсия зиёдтар гардонд. Ба ҷойи ҳукумати муътадили фейянҳо (монархистони конститутсияхоҳ) жирондистон – ҳизби сиёсӣ, ки номи худро аз департаменти Жиронда бо шаҳри асосии Бордо мегирад, омаданд. Сарварони он барои гузаштан ба ҷумҳурӣ ё монархияи тоза номиналӣ, инчунин паҳн намудани инқилоб берун аз қаламрави мамлакат баромад мекарданд. Ин роҳи интихобкунӣ ба ғояи маорифпарварони асри XVIII мутобиқ буд. Мувофиқи он Франсияи нав ӯҳдадор аст, ки на танҳо барои тамаддуни европоӣ намуна шавад, балки он ғояи мазкурро ба дигар халқҳо расонад.

Паҳншавӣ ва обрӯю эътибор пайдо намудани ғояи жирондистон боиси он шуд, ки 7 феврали соли 1792 иттифоқи ҳарбии австро-пруссӣ баста шавад. 24 марти соли 1792 Людовики XVI ҳайати вазирони жирондистонро тасдиқ кард, ки нақши пешбарандаро дар он вазири корҳои дохилӣ Жан Мари Ролан де Ла Платер бозӣ мекард. 20 апрели соли 1792 Маҷлиси қонунбарор бар зидди Австрия ҷанг эълон кард. Пруссия ба ҷанг ҳамчун иттифоқчии Австрия ворид гардид ва оҳиста-оҳиста ба он дигар давлатҳои германӣ ҳамроҳ шуданд. Ҷанги Франсия бо коалитсияи Якум дар се давра гузашт.

Давраи якум ин ба зада гардондани интервенсияи австро-пруссӣ аз ҷониби Франсия рост омад, ки соли 1792-ро дар бар гирифта буд. 25 июли соли 1792 сарфармондеҳи артиши иттифоқии австро-пруссӣ Карл Вилгелм Фердинанд дар Кобленс манифести худро ба халқи франсуз интишор дод. Шартҳои он пурра ба пешниҳоди Карл д Артуа дар вохӯрии Пилнитс мутобиқат мекарданд. Дар манифест қайд гардида буд, ки гвардиячиёни миллӣ, ки бар зидди лашкари иттифоқии австро-пруссӣ баромад намуданд, ҳамчун исёнгароне, ки бар зидди шоҳи худ хестанд, ҷазо дода мешаванд ва барои андаке ранҷондани шоҳ ва аъзои оилаи ӯ Париж ба ҷазодиҳии сахти ҳарбӣ ва пурра хароб кардан рӯ ба рӯ мегардад.

Манифести мазкур дар Франсия мавҷи норозигиро ба вуҷуд овард. 10 августи соли 1792 дар Париж шӯриш ба вуҷуд омад, ки дар рафти он қасри Тюилри – қасри нави шоҳӣ ишғол карда шуд. 21 сентябри соли 1792 Франсия ҷумҳурӣ эълон карда шуд. Мақоми олии ҳокимияти он Маҷлиси миллии аз нав эҳё намуда, бо номи Конвент гардид. Барои таъмин намудани мудофиаи мамлакат жирондистон ба чораҷӯии қатъӣ гузаштанд: ҷазодиҳӣ бар зидди ашрофзодагон ва доир намудани сафарбаркунии оммавӣ. Лашкари Франсия дар зери фармондеҳии генералҳо Шарл Франсуа Дюмуре ва Франсуа Келлерман 20 сентябри соли 1792 дар муҳорибаи назди Валми аз болои пруссиягиҳо ва 18 ноябри соли 1792 дар муҳорибаи назди Жемаппе аз болои австриягиҳо ғолиб барома-

данд. Қувваҳои иттифоқӣ қаламрави Франсияро тарк намуданд, Париж бошад қаламрави Нидерландияи Австрияро ишғол намуд. 21 октябри соли 1792 сипоҳи французӣ шаҳри Майнсро ишғол кард, ки дар он ҷо Ҷумҳурии Майнс – аввалин таҷрибаи ташкил додани ҷумҳурии аз Франсия вобаст, таъсис дода шуд.

Ҳукумати жирондистон барои дар минбаъда анексия намудани қаламравҳои барои Франсия зарурӣ асосҳои ҳуқуқиро бунёд гузошт. 15 декабри соли 1792 Конвент Эъломия дар бораи принсипҳои ҷангҳои инқилобӣ ва оккупатсияро қабул кард. Дар қаламравҳои ишғолкарда, фармондеҳони французӣ ӯҳдадор буданд, ки ҳамаи имтиёзҳои феодалиро бекор намоянд ва аҳолии ин территорияҳо бошанд ӯҳдадор шуданд, ки артиши Франсияро таъмин намоянд. 14 феврали соли 1793 бошад Конвент «Қоидаи ба Ҷумҳурии Франсия ҳамроҳ намудани қаламравҳое, ки аҳолии он барои ҳимоя намудани онҳо ва иттифоқ мурочиат кардааст» қабул кард. Дар ҳуҷҷат, инчунин қайд гардида буд, ки сарҳадоти қадим ва табиии Франсия Рейн, Алп ва Пиреней мебошанд, ки ин такрори барномаи сиёсати хориҷии Людовики XIV буд. Дар ҳуҷҷат омада буд, ки «мо французҳо ба ғайр аз худи халқҳо дигар ягон суверенҳоро намешиносем». 24 июни соли 1793 бошад Конвенти миллӣ конститутсияи нави Франсияро қабул кард, ки дар он омадааст «Халқи Франсия дӯст ва иттифоқчии табиии халқҳои озод мебошад». Инчунин дар ин ҳуҷҷати таърихӣ зикр гардида буд, ки Франсия ба корҳои давлатии дохилии дигар миллатҳо дахолат намекунад. Франсия ҳам тоқат намекунад, ки дигар миллатҳо ба корҳои дохилии он дахолат намоянд. Халқи Франсия бо душмане, ки қаламрави онро ишғол менамояд, сулҳ намебандад[1].

Давраи дуюми мубориза бар зидди коалитсияи Якум ба соли 1793 то миёнаи соли 1794 рост меояд, ки дар ин вақт ҳайати эътилоф васеъ мегардад. Баъди қатли шоҳ Людовики XVI 21 январи соли 1793 Британияи Кабир, Испания ва Нидерландия сафирони худро аз Париж бозхонд намуданд. Давлатҳои европоӣ писари ӯро бо номи Людовики XVII ҳамчун шоҳи нав ба расмият шинохтанд, ки ӯ дар соли 1795 дар маҳбас вафот мекунад, ки ҳолати марги вай пурра маълум нашуд. 1 феврали 1793 Франсия бар зидди Британияи Кабир ва Нидерландия ва 7 марти соли 1793 бар зидди Испания ҷанг эълон кард. Амалиётҳои ҳарбӣ барои Франсия бебарор оғоз гардиданд. Баҳори соли 1793 артиши Франсия мавқеҳояшро дар Рейн ва Нидерландияи Австрия монда, ақиб гаштанд. Дар ин самт хиёнати сарфармондеҳ Шарл Дюмуре низ нақши калон дошт. Британияи Кабир ба блокадаи баҳрии бандарҳои Франсия сар карда, шӯриши роялистонро дар музофоти Вандея дар шимол-ғарбии мамлакат дастгирӣ мекард. Десанти Британӣ дар мувофиқа бо роялистон дар ҷануби Франсия ба бандари Тулон фуромад.

---

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 11.

Нокомӣ дар фронтҳо ба радикализатсияи инқилоб оварда расонд. Дар Конвент фраксияи монтанярҳо[1], ки дар Конвент ҷойҳои баландро ишғол намуда буданд, бо сардории Жорҷ Дантон ба вуҷуд омад, ки ҷинои мазкур дар муқоиса бо жирондистон мавқеи нисбатан радикалиро интихоб намуд. Монтанярҳо як ҷо бо клуби Якобинчиён[2] – ташкилоти таъсиррасон бо сардории Максимилиан Робеспер ва Жан Пол Марат дар монданд. 1 июни соли 1793 дар Париж шӯриши яроқнок сар зад ва он бо берун кардани жирондистон аз ҳайати Конвент ба охир расид. Ҳокимияти олӣ ба дасти Комитети наҷоти ҷамъиятӣ гузашт, ки сарварони он Робеспер, Дантон ва Марат буданд.

Якобинчиён артиши нави босифатро ташкил намуданд. Дар моҳи августи соли 1793 дар Франсия бо хоҳиши Ж. Дантон сафарбаркунии умумии ҳарбӣ гузаронда шуд. Дар артиш ниҳоди комиссарҳо ҷорӣ карда шуд, ки кори он назорат намудан аз болои командирҳо ва ташвиқу тарғибот гузарондан дар байни аскарон иборат буд. Конвент қонунеро қабул кард, ки он ба гумонбарон дахл дошта, трибуналҳои ҳарбӣ созмон дода шуданд. Дар асоси қонуни мазкур на танҳо роялистонро қатл карданд, ҳатто сарварони жирондистон ва фейянҳо низ ба қатл маҳкум гардиданд. Дар мамлакат максимуми нарх ҷорӣ карда шуд, ки тибқи он иҷозат дода шуд, ки мулкҳои заминии дворянҳо ва заминҳои калисоӣ ба тариқи қитъаҳои майда ба аҳолӣ фурӯхта шаванд. Дар натиҷа деҳқонони Франсия ба такягоҳи асосии низоми инқилобӣ табдил ёфта, ба таври оммавӣ ба артиш даъват карда шуданд. Ҳатто мулкҳои папаи Рим низ дар Франсия мусодира карда шуданд, аз ин пас Ватикан инқилоби Франсия ва ғояҳои онро сахт маҳкум намуд.

Ҳамин тариқ, якум, бояд қайд кард, ки аз тобистони соли 1793 тамоми ҳокимимият баъди Кумитаи наҷоти ҷамъиятӣ дар дасти ҳукумати инқилобӣ ва Кумитаи бехатарии ҷамъиятӣ буд, ки онҳо ваколатҳои номаҳдуду диктаториро дар ихтиёр доштанд. Дар маҳалҳо трибуналҳои инқилобӣ амал мекарданд. Дар давраи ҷӯшу хурӯши диктатураи якобинчиён ҳар рӯз, танҳо дар Париж, садҳо нафарро сар мебуриданд. Ба артиши амалкунанда комиссарҳои конвент фиристонда шуданд. Кумитаи наҷоти ҷамъиятӣ барои азнавташкилкунӣ ва пурқувват намудани он як қатор чораҳои қатъиро гузаронд. Ин чораҷӯиҳои характери драконтӣ дошта, дар оғози соли 1794 самараи худро ба бор оварданд: исёну ошӯбҳо дар музофотҳо хобонда шуданд ва амалиёти ҳарбиро бошад ба қаламравҳои давлатҳои хориҷӣ кӯчонданд.

Дуюм, ва аз ҳама асосиаш, Конвенти якобинчиён дар моҳи июни соли 1793 декретҳои вантозӣ гузаронд, ки тибқи он ҳамаи заминҳои ҷамоавӣ пурра ба моликияти хусусии деҳқонон табдил ёфтанд. Чорабинии мазкур аҳамияти ҳалкунанда дошт, деҳқонон такягоҳи қатъии инқилоб ва душмани қатъии ни-

---

[1]Монтанярҳо аз франсузии Montagnards – одамони дар баландии кӯҳҳо, фраксияи сиёсии радикалӣ дар Конвенти Франсия бо сарварии Жорж Жак Дантон.

[2]Якобинчиён аз франсузии Jacobins – иштирокчиёни клуби радикалии Якобинчиён дар давраи Инқилоби Бузурги Франсия, ки номи худро аз ҷойи гузарондани маҷлиси он дар роҳибхонаи Иакови Муқаддас гирифтааст.

зоми кӯҳна гардиданд. Аз ин пас, дар ҳамаи ҷангҳои инқилобӣ ва ҳам Наполеонии Франсия деҳқонони либосҳои аскарӣ ба бар карда, ҳамчун такягоҳи асосии ҳукумат бар зидди ҳамаи душманони дохилӣ ва берунии он фаъолият мебурданд. Маҳз, ҳамин вазъият сифатҳои ҷангии артиши Франсияро беҳтарину беназир гардонд. Дар фарқият аз ҳамаи рақибони худ (ғайр аз русҳо дар соли 1812 ва немисҳо дар солҳои 1813 – 1814) французҳо нағз медонистанд, ки бо кадом мақсад ҷанг мекунанд[1].

Сафарбаркунии артиш, ки он аз «низоми кӯҳна» яроқу аслиҳаи беҳтарини замонро ба мерос гирифта буд, ба якобинчиён имконият дод, ки ба ғалабаҳои тез дастёб шаванд. Артиши ҷумҳуриявӣ исёнҳоро дар Бретан, Лион, Марсел ва Тулон хобонд. Дар ишғол кардани Тулон бошад бори нахуст шуда, афсар-артиллерист, якобинчии ҷавон Наполеон Бонапарт маҳорати худро нишон дод. Артиши Франсия дар Савойя артиши шоҳигарии Сардинияро шикаст дод. 26 июни соли 1794 генерал Жан Батист Журдан дар муҳорибаи назди Флёрюс дар Белгия артиши Австрияро бо сарварии шоҳзода Фердинанд Кобург торумор намуд.

Он чизе, ки ба сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ дахл дошт, зарур аст қайд намоем, ки дар шароити ҷанги тоталӣ бо тамоми боқимондаи Европа (то соли 1794 дар коалитсияи зиддифрансузӣ Россия, Австрия, Пруссия ва Англия, Сардиния ва Нидерландияро ҳисоб ҳам накунем, иштирок намуданд) дар асли кор фаъолияти дипломатии Парижро агар бинем, танҳо бо ШМА ва Швейсария муносиботи дипломатии он ҳифз карда шуд (бо вуҷуди он ки мамлакатҳои мазкур, ки худ ҷумҳурӣ буданд, аммо аввалини республикаи Франсияро ба расмият нашинохтанд).

Дар миёни қадамҳои дар сиёсати берунӣ гузоштаи Конвенти инқилобӣ Акти Навигатсионӣ (Киштиронӣ) аҳамияти калон дошт, ки он дастарсии киштиҳои Англияро дар Франсия манъ намуд (сентябри соли 1793). Зарурат нест, ки шарҳ дод, санади мазкур маънои танг карда баровардани саноатчиён ва тоҷирони британӣ аз қитъа ба фоидаи буржуазияи французӣ буд.

Амалан баъди соли 1793 аз Франсия ва душманони зиёди он дигар роҳи гузашту созишкунӣ намонд, ҳамаи онҳо аз даст рафта буданд. Тақдири Франсия, инқилоб, Европа ва сулҳ дар майдонҳои ҷанг ҳал мешуд. Дар чунин шароитҳо барои тарафдорони гузашту созишкунӣ бо коалитсияи зиддифрансузӣ дар худи Франсия (барои ҳамагон фелянҳо, жирондистов и дантонистов) низ ҷой намонд. Тасодуф набуд, ки сабаби асосии қатли Дантон ғалабаи Питт-Хурдӣ дар интихоботи парламенти соли 1794, яъне барбод рафтани умеду орзу оид ба дар Лондон ба қудрат омадани тарафдорони сулҳ, гардид.

Аз ҷониби дигар умеду орзу дар самти бархезондани шӯриши умумии халқҳои мазлум бар зидди золимон, ки дар ин самт якобинчиён ва инқилобчиёни хориҷӣ дар Франсия (Томас Пэн, Эбер, Шометт, Клоотс ва ғайраҳо) бисёр кӯшиш мекарданд ва оид ба офаридани «Ҷумҳурии умумиҷаҳонии насли инсо-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ният» орзӯ мекарданд, натиҷаи худро надод. Яъне якобинчиён низ он сиёсатеро дар дипломатия пиёда карданд, ки онро баъди 125 сол болшевикон низ дар Россия такрор намуданд, дипломатияи низоми пешинаро рад намуда, кандани ҳамагуна алоқаҳои дипломатӣ бо давлатҳои моҷароҷӯи хориҷиро ба роҳ монданд.

Робеспер ва тарафдорони ӯ (Сен-Жюст, Кутон ва ғайра) ба ин назар буданд, ки на тарғиботу ташвиқоти инқилобӣ, балки қувваи лашкари ҷумҳуриявӣ – сарчашмаи асосии тавоноии Франсия дар миқёси байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин, аз як тараф, Робеспер миқёси пропагандаи инқилоби Франсияро берун аз мамлакат бо суръати муайяну намудор паст кард, аз ҷониби дигар маҳз ӯ кӯшиш намуд, ки имконоти аз пушти халқ бастани ҳамагуна шартномаҳои дипломатиро бартараф намуда, ба онҳо роҳ надиҳанд. Тобистони соли 1793 тавассути Конвент қонун дар бораи ҳукми қатл ҷорӣ карда шуд, ки тибқи он касоне, ки бастани сулҳро бо душмане, ки қаламрави Франсияро тасарруф намудааст, даъват менамоянд, ба қатл маҳкум мешуданд.

Ҳамин тавр, дар таърихи инсоният дигаргунии куллӣ ба вуҷуд омад, Франсия ғалаба намуда, то охири соли 1794 қаламрави мамлакат пурра аз лашкари хориҷиён тоза карда шуд. Инчунин исёни аксулинқилобчиён низ дар баъзе минтақаҳо хобонда шуд (дар Вандея, Бретан ва ғ.). Коалитсияи зиддифрансузӣ, ки дар даврахои зафари худ ҳам он қадар мустаҳкам набуд (асосан бо сабаби он ки Берлин ва Вена ҳеҷ натавонистанд пӯсти хирси ҳанӯз нокуштаи французиро байни худ тақсим намоянд) комилан пароканда гардид[1].

Давраи сеюми мубориза бар зидди коалитсияи Якум ба солҳои 1794 – 1797 рост меояд, ки дар ин давра Франсия ҷангро ба қаламравҳои дигар мамлакатҳо интиқол дод. Ҳанӯз 15 феврали соли 1793 бо қарори Конвент князгарии Монако зери номи форти Геркулес ба Ҷумҳурии Франсия ҳамроҳ карда шуд. Баъди заволёбии диктатураи Якобинчиён 27 июли 1794 (аз рӯи тақвими ҷумҳуриявӣ 9 термидор) Конвент экспансияро васеъ намуд. Артиши Франсия зери сарфармондеҳии генерал Шарл Пишегрю сарҳади Голландияро гузашт. Штатгалтер Вилгелми V Оранский ба Лондон гурехт, дар мамлакат бошад ҷумҳурии наздик ба Франсия – Ҷумҳурии Батавия (Ҷумҳурии Нидерландии Музофотҳои Муттаҳида) эълон гардид.

Табаддулоти Термидорианӣ дар соли 1794 на танҳо маънии хотимаёбии ҳаракати рӯзафзуни инқилоб, инчунин он ин маъноро дошт, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурӣ пешравиҳои назаррас ба вуҷуд омадаанд. Шиорҳои сиёсати берунии Инқилоб «сулҳ ба кулбаҳо, ҷанг ба қасрҳо» ва амсоли он садо медоданд, ки ин аз як тараф даст кашидан аз ҷангҳои забткорона низ маънидод карда мешуд. Франсияи инқилобӣ ба қаламрави худ ҳудудҳои навро танҳо дар асоси принсипи суверенитети халқӣ ҳамроҳ намуд, албатта дар натиҷаи плебистситҳо (қарор, пурсиши умумии мардум оид ба мақсади ҳалли масъалаи муҳим). Мувофиқи конститутсия соли 1895 ҳокимияти иҷроия ба директория

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

гузашт. Директорияи термидорианӣ бошад дар асоси тавоноии ҳарбии ҷумҳурӣ ба ҷангҳои забткорона оғоз намуд.

2 апрели соли 1795 дар шаҳри Базели Швейтсария байни Франсия ва Пруссия шартномаи сулҳ ва 22 июли соли 1795 шартномаи сулҳи Франсия бо Испания баста шуданд. Мувофиқи шартҳои онҳо 1 октябри соли 1795 Нидерландияи Австрия ва заминҳои соҳили чапи Рейн ба Франсия гузаштанд. Бо ҳамин Франсия ба сарҳадоти табии худ, ки дар замони Людовики XIV буданд, расид.

Ҳамаи Германияи Шимолӣ бетараф эълон гардид. Ҳамин тавр, аз байн бардоштани Империяи муқаддаси Рими миллати Германӣ оғоз гардид, ки онро дар соли 1806 Наполеон пурра амалӣ намуд. Голландия ба давлати аз Франсия вобаст буда, табдил ёфт. Дар қаламравҳои забтшуда мусодираи молу мулк ва тавони ҷангӣ муқаррар карда шуд. Сабабҳои муваффақиятҳои мазкур на танҳо тавоноии ҳарбии Франсия, балки сар задани шӯриши Костюшко дар Полша (1794) низ гардид, ки коалитсия (Австрия, Пруссия ва Россия) маҷбур шуд, ки барои хобондани шӯриши мазкур қувваи калони худро равона намоянд, ки дар натиҷаи он Полша аз сари нав тақсим карда шуд.

Баъди сулҳи Базел вазифаи асосии дипломатияи Франсия аз он иборат буд, ки Австрияро аз ҷанг бароварда, инчунин дар ҳудудҳои шарқиаш камарбандро аз ҳисоби давлатҳои аз худ вобаста ба вуҷуд орад, ки онҳо метавонистанд ҳукмронии Франсияро дар Европаи Марказӣ ва Италия таъмин намоянд. То соли 1799 шаш то чунин ҷумҳуриҳои лӯхтакмонанд (Батавия, Гелветсия, Лигурия, Рим, Партенопеа (Неапол) ва Сизалпӣ) таъсис дода шуданд, ки дар онҳо ҳукумат тавассути найзаҳои французӣ нигоҳ дошта мешуд.

***Тақсимоти дуюм ва сеюми Полша.*** Ғайр аз Франсия дар давраи мазкур дар дигар манотиқ ҳам вазъи байналхалқӣ тезу тунд буд. Масалан, солҳои аввали 90-ум дар Полша кӯшиши гузаронидани ислоҳот, дар роҳи мустаҳкам намудани сохти ҳокимият, рушди иқтисодӣ ва наҷоти Полша аз таназзул гузаронда шуданд. Тарафдорони ислоҳот 3-юми майи 1791 конститутсияи Полшаро қабул намуданд, ки ҳокимияти марказиро мустаҳкам кард. Ин ислоҳот Россия ва Прусияро ба ташвиш оварданд ва дар натиҷа ба Полша дастаҳои ҳарбии Россия ва Пруссия дохил шуданд. Конститутсияи соли 1791 бекор карда шуд ва январи соли 1793 аз тарафи Россия ва Пруссия тақсимоти дуюми Полша гузаронида шуд, ки мувофиқи он ба Россия Белоруссия ва Украина гузаштанд. Дар Полша бо сардории Тодеуш Костюшко ҳаракати озодихоҳии ватандӯстон ташкил ёфт, аммо муборизаи онҳо натиҷа надод. Костюшкоро соли 1795 дастгир намуданд. Бо ҳамин соли 1795 Россия, Пруссия ва Австрия ба пуррагӣ Полшаро бори сеюм тақсим намуданд. Ба Россия Белоруссияи ғарбӣ, Литва ва Курляндия гузаштанд. Ба Пруссия заминҳои аслии Полша – қисми шимолӣ- ғарбии он ҳамроҳ бо Варшава ва ба Австрия бошад қисми ҷанубӣ-ғарбӣ бо шаҳри Краков гузаштанд. Ҳамин тариқ, Реч Посполита (Федератсияи шоҳигарии

Полша ва Князгарии Бузурги Литва) ҳамчун давлати мустақил аз байн рафт ва халқи он дар зери Россия ва Пруссия монд[1].

***Муносибати Россия ба инқилоби Франсия.*** Яке аз масъалаҳои асосии сиёсати хориҷии Россия дар ин давра мубориза бар зидди инқилоби буржуазии Франсия буд. Таслимшавии Бастилия 14-июли 1789 Екатеринаро ба андӯҳ кашид. Аксарияти дворянҳои Россия зидди инқилоби Франсия буданд. Ҳукумати Россия кӯшишҳои аввалинро ба харҷ дод, ки инқилоб хобонда шавад. Сафири Франсия дар Петербург Сегюр, ки худро тарафдори ин инқилоб нишон дод, маҷбур шуд, ки Россияро тарк кунад. Екатеринаи II муҳоҷирони сиёсии ашрофтабори Франсияро ба Россия қабул кард. Дар Россия ба онҳо унвон, нафақа ва заминҳо дода шуд ва ба замми ин, онҳо ба хизмати давлатӣ ҷалб карда шуданд.

Дар аввал Екатерина II аз ҳисси ватандӯстии халқи франсуз тарсида, нахост, ки интервенсияро оғоз намояд, аммо тавассути сафири Россия дар Париж Симолин шоҳ Людовики XVI -ро дастгирӣ мекард. Смолин ҳатто ба ӯ ва занаш шиносномаҳои русӣ дод, то ки ба хориҷа гурехтан барои онҳо осонтар шавад. Екатерина ба бародари ӯ граф д, Артур ҳам ёрдами худро расонд. Қатли Людовики XVI, дар январи соли 1793, алоқаи Россияро бо Франсия қатъ намуд. Дар бораи ин Екатерина манифести махсус эълон карда буд.

Дар натиҷа Россия маҷбур мешавад, ки интервенсияро ба Франсия оғоз намояд. Моҳи январи соли 1793 Россия бо Пруссия ва марти ҳамон сол бо Англия барои якҷоя мубориза бурдан бар зидди инқилоби Франсия шартнома баст. Флоти Россия барои дастгирии флоти Англия ба баҳри Шимол баромад. Соли 1795 ба ин шартнома Австрия низ ҳамроҳ шуд. Тирамоҳи соли 1796 Екатеринаи II хост, ки бо сардории лашкаркаш А. В. Суворов лашкари 60-ҳазорнафараи русро ба ёрии Австрия равон кунад. Аммо ин юриш амалӣ нашуд. Ба он марги Екатерина (6/17 ноябри соли 1796) халал расонд[2]. Ба тахти Россия писари мазкура Павел I (с. 1796 – 1801) нишаст.

***Юриши италянии Наполеон (с. 1796 – 1797).*** Италия бояд барои васеъкунию ба ҳаракатдарории манфиатҳои Франсия дар мамлакатҳои Леванта платсдарм мешуд, маҳз барои ҳамин буржуазияи франсузӣ ғалабаҳои генерали ҷавону умедбахш Наполеон Бонапартро дар рафти юришҳои италяниаш дар соли 1797 пурра дастгирӣ мекарданд. Ҳамин тавр, дар масъалаи аз бозӣ баровардани Австрия генерали ҷавон Наполеон Бонапарт (с. 1769 – 1821) нақши калон бозид. Маҳз аз соли 1797 сар карда, Европа исми Наполеонро ҳамчун сарлашкари ҳамаи даврҳо ва халқҳо эътироф намуд.

---

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 12.; Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С.12.

То имрӯз ҳам муаррихони соҳаи ҳарбӣ амалиётҳои ҳарбии соли 1797 - и ӯро шоҳкории беназири санъати ҳарбӣ медонанд, худи Наполеон дар зимистони соли 1814 чанд амалиёти бобарорро бар зидди лашкари австро-пруссиягӣ-русӣ гузаронда, гуфтааст: «ман мӯзаҳои худро дар соли 1797 ёфтам». Дастовардҳои ҳарбии французҳо на дар асоси бартарияти ҳарбӣ-техникӣ, балки дар асоси тактикаи нави ҷангӣ ба даст омаданд. Генерали ҷавон Наполеон он догмаҳои ҳарбии қафомондаро, ки дар асоси онҳо санъати ҷангии он замон бунёд ёфта буд, комилан шикаст: ба ҷойи манёвркунии беохир – бо тамоми қувва зарбаи қатъӣ расондан, ба ҷойи паноҳ бурдан дар қалъаҳо – муҳорибаҳои генералӣ (ҳалкунанда), ки тақдири пурраи амалиёти ҷангиро ҳал мекунад, ба ҷойи тактикаи сафбандӣ – манёври қаторҳои баталонӣ, ба ҷойи милтиқи оташафкан – як сӯ равона намудани оташи артиллерия ва зарбаи найзаҳоро дар амал тадбиқ намуд. Албатта, ҳамаи ин ба даст намеомад, агар аскари намуди нав намебуд, ки онро бошад ба Наполеон инқилоби Франсия дода буд. Инчунин набояд он ислоҳоти ҳарбиро, ки французҳо дар натиҷаи шикасти шармандавори Франсия дар ҷанги Ҳафтсола гузарониданд, фаромӯш кард ва самараи аввалини онро французҳо баъди фурӯравии низоми кӯҳна ба даст оварданд.

Наполеон 5 апрели соли 1796 бо артиши 24 ҳазорнафараи худ бар зидди артиши дучанд зиёди австриягӣ ва сардиниягӣ дар Италияи Шимолӣ ба ҳуҷум гузашт. Французҳо бо суръати тез кӯҳҳои Алпро гузашта, 12 апрели соли 1796 дар муҳорибаи назди Монтенотте ва 10 майи соли 1796 дар муҳорибаи назди Лоди ғалабаҳоро ба даст даровარданд. 15 майи соли 1796 артиши Франсия ба Милан даромад. Дар минбаъда Наполеон Бонапарт ба артиши австриягиҳо 15 – 17 ноябри соли 1796 дар муҳорибаи назди Арколе музофоти Верона, 14 – 15 январи соли 1797 дар муҳорибаи назди Риволи музофоти Пемонт зарбаи ҳалокатвор зад.

Ғалабаҳои Бонапарт барои Франсия натиҷаҳои манфиатовари ҷангиро ба бор оварда, шартномаҳои сулҳ баст шуданд. 15 майи соли 1796 дар Париж бо шоҳигарии Сардиния шартномаи сулҳ баста шуд, ки тибқи он Савойя ва Нитс ба Франсия гузашта, Сардиния ӯҳдадор гардид, ки тавассути қаламрави худ танҳо лашкари Франсияро гузаштан мемонад. 11 октябри соли 1796 бо шоҳигарии Неапол шартномаи сулҳ баста шуд, ки мувофиқи он ба флоти Британия дигар иҷозат дода нашуд, ки бандарҳои Неаполро ба сифати база истифода барад. 19 феврали соли 1797 дар Кампо - Формио, имрӯза музофоти Удине дар Италияи Шимолӣ бо папаи Рим шартномаи сулҳ баста шуд, ки вай пардохти маблағ ба ҳаҷми 30 миллион франки тилло ва додани қисми асару ихтирооти нодири санъатро ба зимма гирифт. 17 октябри соли 1797 дар Кампо-Формио бо Австрия шартномаи пешакии сулҳ баста шуд. Ҳамин тавр, Наполеон бе ягон машварат бо Директория гуфтушунидҳоро бурда, шартномаҳои номбурдаи сулҳро баст.

Австрия таъсисдиҳии ду ҷумҳурии фаръӣ аз Франсия: Ҷумҳурии Сизалпӣ ва чумҳурии Лигурияро ба расмият шинохт. Ба ҳайати Ҷумҳурии Сизалпӣ бо пойтахташ дар Милан як қатор музофотҳои Италияи Шимолӣ –

Ломбардия, Модена, Масса, Каррара, Болоня, Феррара, Романя ва қисми қаламрави аз герсоггарии Парма ва қисми территорияи Ҷумҳурии Генуя дохил карда шуданд. Ҷумҳурии Лигурия бошад ба ҷойи Ҷумҳурии Генуя таъсис дода шуд. Ҳар ду ҷумҳурӣ ба Франсия тавассути шартномаи иттифоқӣ вобаст карда шуданд, ки он ба артиши франсузӣ ҳуқуқ медод, ки дар қаламрави онҳо мустақар бошад[1].

Мувофиқи шартҳои шартномаи Кампо-Формио Ҷумҳурии Венетсия барҳам зада шуд. Қисми асосӣ (қитъавӣ) - и он ба Австрия гузашт, Франсия бошад ҷазираҳои Ионро дар ҳавзаи баҳри Эгей ба даст даровард, ки онҳо мақеи қуллайи стратегӣ доштанд. Ин аз он шаҳодат медод, ки Франсияи инқилобӣ ба сиёсати фаъолонаи баҳри Миёназамин баргашт. Бо ҳамин коалитсияи якуми зидди франсузӣ ба охир расид.

Забт намудани Италия барои Франсия дар сиёсати берунӣ аҳамияти калон дошт, зеро ки қаламрави он барои ворид шудани франсузҳо ба Шарқ платсдарм гардид: Малта – ҷазираҳои Ион – Миср – Ҳинд. Бо ин ҳама дастовардҳо буржуазияи Франсия на танҳо аз даст додани мустамликаҳо дар асри XVIII-ро ҷуброн намуд, инчунин ба Ҳинд ҳам, ки дурдонаи империяи Британия дониста мешуд, наздик расид.

Табиист, ки инсоне, ки, ба Париж чунин тӯҳфаро овард, на танҳо обрӯи калони ҳарбӣ, балки сиёсиро ба даст меовард. Наполеон аввалин шуда, инро фаҳмид, ӯ ҳанӯз дар рафти юриши италянӣ барои худ қарор дод, ки на ҳама вақт ба хотири «ин адвокатҳо (яъне сарварони сиёсии Директория)» хун мерезад. Азбаски аз они Наполеон сухану амалкардаш ягон вақт аз ҳам ҷудогона набуданд, барои ҳамин ӯ аллакай дар соли 1797 сиёсати худӣ, аз он ҷумла хориҷиро оғоз намуд. Мо дар боло зикр карда будем, ки дар рафти юришҳои италянӣ Наполеон бидуни машварат бо Директория гуфтушунидҳоро доир намуда, сулҳ баста буд. Дар ин сурат хатаре ҳам ба вуҷуд меомад, ки мумкин ӯро аз вазифааш сабукдӯш мекарданд, аммо вай ҳама чизро дуруст ҳисобу китоб карда буд. Зеро Наполеон ба Париж ғаниматҳои бойи дар Италияи Шимолӣ ба даст овардаро фиристонда, бо ҳамин даҳони онҳое, ки кӯшиш мекарданд ӯро дар берун аз ваколатҳояш амал кардан айбдор намоянд, баст. Зиёда аз ин, ӯро дар Париж бо як тантанаву эҳтироми зиёд қабул карданд ва халқ бошад Наполеонро ҳамчун қаҳрамони миллӣ пешвоз гирифт. Маҳз натиҷаи юриши италянӣ дар дилу майнаи Наполеон фикр дар бораи ба қудрат расиданро ба вуҷуд овард[2].

Ӯ бо Тоскана конвенсия имзо кард, бо папа сулҳро баст, инчунин сулҳи пешакиро дар Кампо-Формио бо Австрия баст – ва ҳамаи инҳо бе ба назар гирифтани дастур аз Париж баста шуданд. Ва табиист аз як тараф ӯ генерали ҷавонтарини шӯҳратёфта буд, аз ҷониби дигар дар сиёсати мамлакат сарварони

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 224.

дузди Директория меистоданд, ки маҳбубияти онҳо дар ҷамъияти французӣ ба сифр баробар шуда буд. Дар ҳамин шароитҳо Париж маҷбур буд, ки ба ҳамаи рафторҳои генералҳо (Бонапарт, Моро), ки дар қаламраҳои амалиёти ҳарбӣ сурат мегирифт, розӣ бошанд.

***Шартномаи сулҳи Кампо-Формио***. Бо ҳамин, мувофиқи шартҳои сулҳи Кампо-Формио (с. 1797), Франсия аз Австрия Белгияро ба ивази Венетсия ба даст овард, ки қаламрави он (Венетсия) байни Австрия ва Франсия тақсим карда шуд[1]. Франсия дар асл соҳиби Италия гардид. Бо назардошти оне, ки 5 сол пеш Франсия дар ҳолати мағлубият ва марг қарор дошта буд, акнун аҳолии он, ки то ин дам 26 млн. нафар буд, ки ин шумора низ дар Европа аз ҳама зиёд ба ҳисоб мерафт, он боз афзуда, ба 34 миллион нафар расид, баъди панҷ соли ҷанг Франсия аз давлати нооором ба ҳукмфармои Европа табдил ёфт. Ва танҳо артиши нави французӣ миллатро наҷот дод. Ҳамин тавр, аз они Франсия артиш буд. Танҳо доҳӣ лозим буд, ки он ҳам дар симои Наполеон зуҳур намуд.

**Эҳёшавии рақобати Франсия ва Британия.** Баъди аз ҷанг баромадани Австрия Британияи Кабир дар муқобили Франсияи инқилобӣ танҳо монд. Чунин рафти вазъият дар Лондон бонги хатарро ба вуҷуд оварда, англисҳо аз воридшавии эҳтимолии қувваҳои баҳрии Франсия ба ҷазира метарисданд. Гарчанде ки флоти ҳарбӣ-баҳрии Франсия, бо сабаби машҳур будани роялизм дар байни афсарони баҳрии француз, дар муқоиса бо флоти баҳрии Британия заифтар буд, аммо новобаста ба ин ҳама, Франсия давлати қудратманди баҳрӣ боқӣ монда буд. Нишонаи он фиристодани «экспедитсияи наҷотдиҳӣ»-и контр-адмирал Антуан Брюни д Антркасто гардид, ки он соли 1791 аз ҷониби Маҷлиси Миллӣ фиристонда шуда, амалан аз он хатсайр гузашт, ки дар вақташ экспедитсияи Ж. Ф. Лаперуз онро тай намуда буд. Ин вазъият ҳукумати Уилям Питт-Хурдиро дар Лондон водор намуд, ки дар қитъа аз пайи дарёфт намудани иттифоқчиён гашта, ҷанги баҳриро низ дар баҳри Миёназамин пурзӯр намояд.

Барои оғоз гардидани низоъ байни Британия ва Франсия сабабҳои ҷиддии иқтисодӣ ҷой доштанд. Соли 1786 байни онҳо шартнома дар бораи беҳтар намудани низом дар тиҷорат баста шуд, ки он имконият дод роҳ барои молҳои мануфактурии англисӣ ба бозори Франсияро кушода шавад. Аммо соли 1793 Конвент шартномаи мазкурро бекор карда, тиҷоратро бо Британия ва мустамликаҳои он манъ намуд. Барқарор намудани назорати Франсия аз болои Нидерландия метавонист барои Британия бозори Голландияро низ бандад. Дар ҷавоб ба таъсисдиҳии Ҷумҳурии Батавияи фаръи ба Франсия Вилгелми V Оранскийи ба Лондон гурехта, идоракунии як қатор мустамликаҳои Голландия: ҷазираи Сейлон, мустамликаи Кап, Малакка, Эссекуибо, Бербис ва Демерара (ҳозира Гайана)-ро ба ихтиёри шоҳ Георги III гузошт. Муносибатҳои байнал-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 119.

халқӣ зина ба зина ба ҳолати асри XVIII-и «табиӣ» - и худ баргаштанд, замоне ки дар маркази онҳо рақобати Британия ва Франсия қарор ёфта буд.

Баробари масъалаҳои иқтисодӣ рақобати Британия ва Франсия характери маданӣ-идеологиро низ дошт. Ҷумҳурии Франсия дар зери таъсири Маорифпарварӣ ба намунаҳои беҳтарини маданияти классикии антиқа – ҷумҳуриҳои Афина ва Рим даъво мекард. Сабку сохти империяи ояндаи Наполеон Бонапарт – ампир дар асоси тақлид намудан ба намунаҳои империяи ибтидоии Рим бунёд ёфта буд. Британияи Кабир бошад баръакс маданияти худии романтизмро баён мекард, ки он дар асоси парастишҳои Европаи асрмиёнагӣ бунёд ёфта буд. Бар зидди арзишҳои ратсионализми франсузӣ, маданияти британӣ ғояҳои насрония ва анъаноти беҳтарини миллии рушди ҳар як давлатро гузошт[1].

Дар миёнаи солҳои 90 - уми асри XVIII низоми сиёсӣ дар Франсия муътадил гардид. Аз рӯи конститутсия, ки онро Конвенти миллӣ 22 августи 1795 қабул карда буд, аз соли 1795 ҳокимияти иҷроия ба дасти Директория – коллегияи иборат аз панҷ директор гузашт. Нақши пешбарандаро дар он Пол Баррас (с. 1755 – 1829) иҷро мекард, ки ӯ барои ёрӣ расондан ба шӯриши мардуми Ирландия бар зидди Британияи Кабир баромад мекард. Декабри соли 1976 Франсия дар бандари Брест эскадараи ҳарбиро иборат аз 15 ҳазор нафар барои фиристодан ба Ирландия ҷамъ намуд, аммо бо сабаби тӯҳфон ва муқобилият нишон додани флоти Британия ин нақша амалӣ нашуд.

Новобаста ба нокомии дар боло зикршуда, 22 феврали соли 1797 дар соҳилҳои Уэлс дар наздикии маҳаллаи Фишгард Легиони сиёҳи Франсия иборат аз 1400 нафар бо сардории ирландӣ Уилям Тейт ба соҳил лангар партофт. Дастаҳои ихтиёрии Йоменҳо (заминдорони озоди англис) ва гурӯҳи 700 нафараи маллоҳон бо роҳбарии лорд Каудор ҳамлаи десанти франсузиро гардонданд. Дар таърихнигории Британия ин воқеа ҳамчун «охирин воридшавӣ ба ҷазираҳои Британия» номгузорӣ шудааст. Зимистони соли 1798 Франсия 2 ҳазор нафарро ба Ирландия фуровард, аммо онҳо ба рафти ҷанг ҷиддӣ таъсир расондан натавонистанд.

У. Питт - Хурдӣ барои мустаҳкам намудани давлатдории британӣ баромад намуда, соли 1801 дар парламенти Британия ва Ирландия Акт дар бораи иттифокро қабул намуданд, ки мувофиқи шартҳои он Британияи Кабир ба давлати нав – Шоҳигарии муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландия табдил дода шуд. Парламенти Ирландия пароканда ва барҳам дода шуд, аммо мамлакат дар парламенти иттифоқӣ ҳуқуқи овозро ба даст овард. Барои тарафдорони равияи католикии он бошад ҳуқуқҳои баробар ба протестантҳо пешниҳод гардид, ки бар зидди он парламенти англиканӣ ва шоҳ Георги III муқобилият нишон доданд. Танҳо соли 1829 парламенти Британия ҳуқуқи католикҳоро бо дигар табаиятҳои Британия баробар эълон намуд.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 120.

Зимистони соли 1798 Наполеон Бонапарт бо супориши Директория барои ҳуҷум намудан ба ҷазираҳои Британия якчанд лоиҳаро коркард намуд. Аксарияти муҳаққикон мегӯянд, ки нақшаҳои мазкур лоиҳаҳои модернкардашудаи кардинал Ришеле буданд. Аммо дар маърӯзаи Директория аз 23 феврали соли 1798 Наполеон аз воқеият дур буданашонро эътироф намуда, ба ҷойи онҳо пешниҳод кард, ки ба Миср, ҳамчун роҳ ба сӯи Ҳинд экспедитсия ташкил карда шавад. 5 марти соли 1798 Наполеон Бонапарт сарфармондеҳи экспедитсияи Миср таъйин гардид[1].

**Юриши Миср (с. 1798 – 1801).** Юриши Мисрро Наполеон пешниҳод намуда, интизор мерафт, ки дар рафти он амалишавии чанд мақсад ба даст оварда мешуд. Якум, ишғол намудани Миср мавқеи Франсияро дар шарқи баҳри Миёназамин, ки доираи таъсири манфиатҳои стратегии Британия буд, мустаҳкам мекард. Дуюм, Миср ҳамчун такягоҳ барои ташкил намудани юриш ба Ҳинд ба назар гирифта шуда, дар сурати амалӣ шуданаш дар он ҷо ба иқтидори Британия зарбаи ҳалокатвор расонда мешуд. Сеюм, дастгирӣ ва ҳимояи давлатии алоқаҳои анъанавии тиҷоратии манотиқи Ҷануб - Шарқии Франсия бо Леванта таъмин карда мешуд. Чорум, Франсия барои аз даст додани мустамликаҳои худ дар Америка аз ҳисоби мустамликакунии Шарқи Наздик ҷубронро ба даст меовард. Панҷум, бойгарии зиёди Миср, аз он ҷумла ашёи хоми пахта барои саноати бофандагии рушд ёфта истодаи франсузӣ, ба хизмати Франсия медаромад[2].

Сарфармондеҳони баҳрии Британия лангарпартоии флоти франсузиро дар Ирландия интизорӣ мекашиданд. Барои ҳамин баҳри Миёназамин кушода монд, замоне ки англисҳо бандарҳои шимолӣ ва ғарбии Франсияро зери назорати ҷиддӣ гирифтанд, аммо 19 майи соли 1798 флоти франсузӣ дар ҳайати 40 киштии ҳарбӣ ва 130 киштии нақлиётӣ аз Марсел, Тулон, Генуя ва Чивита-Векки баромада, баъди як моҳ Малтаро забт карданд. Флоти баҳрии Британия бо сардории адмирал Горатсио Нелсон ба баҳри Миёназамин даромада, натавонист, ки роҳи экспедитсияи Франсияро гирад.

2 июли соли 1798 ба соҳили Миср корпуси 30 (мувофиқи баъзе маълумот 40 ҳ.) ҳазорнафараи Франсия фуромад. 20 июли соли 1798 байни франсузҳо ва мамлюкҳо муҳориба рух дод, ки дар таърих бо номи муҳориба дар назди Пирамидаҳо машҳур аст. Наполеон ғалаба ба даст дароварда, ба Қоҳира ворид шуд. Наполеон ба созмон додани сохтори мустамликавии франсузӣ дар Миср сар карда, ба нақша гирифт, ки канали замони фиръавнҳои Миср, яъне байни Нил ва баҳри Сурхро аз нав барқарор ва кофтани канали Суэтсро низ оғоз намояд. Франсузҳо кӯшиш намуданд, ки бо аҳолии маҳаллӣ алоқаҳоро дуруст ба роҳ монанд. Декретҳои Наполеон пойдории моликиятро кафолат дода, талаб мекарданд, ки ба ислом эҳтиромона муносибат намоянд.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 120.

[2]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 224 – 225.

Аммо 1 августи соли 1798 адмирал Г. Нелсон эскадраи французиро дар назди халиҷи Абукир торумор намуда, пеши роҳи коммуникатсияи баҳрии артиши Наполеонро гирифт[1]. 9 сентябри соли 1798 бошад империяи Усмониён бар зидди Франсия ҷанг эълон кард, ки ин дар хушкӣ дар блокада қарор гирифтани артиши Наполеонро ифода мекард. Барои бартараф ва баромадан аз блокада Наполеон моҳҳои март-феврал ба Фаластин ва Сурия юриш ташкил карда буд. Артиши Франсия ба Ғаза ва Яффа даромад, аммо аз сабаби дар натиҷаи касалии вабо заиф гардидани сипоҳ, натавонистнад, ки қалъаи Акра (Сен-Жан д Акр)-ро ишғол намоянд. Мудофиаи қалъаи мазкурро капитани киштии «Паланг» - и Британия Сидней Смит ба зимма дошт. Наполеон маҷбур шуд, ки ба Қоҳира пас гардад. Ӯ 25 июли соли 1799 дар рафти муҳорибаи дуюми назди Абукир тавонист, ки ба соҳил фаровардани дастаи ҳарбии 10 ҳазорнафараи туркиро бартараф намояд, ки онҳоро эскадраи британии Сидней Смит оварда буд. Аммо ғалабаи мазкур низ натавонист, ки таносуби қувваҳоро ба фоидаи Франсия анҷом диҳад.

Аммо 23 августи соли 1799 Наполеон дар бораи шикасти Директория маълумотро ба даст оварда, бо дастаи 500 нафара ба Франсия баргашт. Вазифаи фармондеҳии артиш дар Миср ба зиммаи генерал Жан Батист Клебер гузошта шуд. 24 январи соли 1800 ӯ бо вазири бузург Юсуфпошо ва Сидней Смит конвенсияи Эл-Аришро баст, ки мувофиқи шартҳои он лашкари французӣ бояд бо киштиҳои худӣ ё туркӣ ба Франсия интиқол дода шаванд. Аммо сарфармондеҳи эскадараи сурхи Британия, адмирал Ҷорҷ Кейт Элфинстон конвенсияи мазкурро, ки аз ҷониби шахси тобеи вай Сидней Смит имзо карда шуда буд, аз эътибор соқит кард.

Вазъият барои французҳо баъди марги сарфармондеҳашон Ж. Б. Клебер дар 14 июни соли 1800 хеле бад гардид. Корпуси французӣ ба зергурӯҳҳои мустақилона амалкунанда тақсим шуд. Фармондеҳони онҳо генералҳо Огюст Даниэл Белляр ва Жак Франсуа де Мену аз ҳамдигар ҷудогона оид ба капитулятсия конвенсияҳои алоҳидаро дар Қоҳира (27 июни соли 1801) ва Искандария (31 августи соли 1801) имзо гузоштанд. Ҳар ду конвенсия ба ватан баргаштани французҳоро ҳатмӣ донистанд.

Ҳамин тавр, юриши Миср аз нуқтаи назари ҳарбӣ яке аз ҷангҳои муҳим дар ҳаёти Наполеон ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари умумимаданӣ он дар Европа илми нав – мисршиносиро, ки ба омӯхтани тамаддуни Мисри Қадим машғул аст, ба вуҷуд овард. Аммо аз нуқтаи назари сиёсӣ бошад юриши мазкур ноком анҷом ёфт. Франсия натавонист, ки дар роҳ ба сӯи Ҳинд барои худ такягоҳро ба даст орад ва он ҳатто мавқеи худро дар Миср низ мустаҳкам карда натавонист[2].

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 143.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 121 – 122.

**Ҷанги Франсия бо коалитсияи Дуюм (с. 1798 – 1802).** Дар давраи юриши Миср Директория дар Европа низ ба ҳуҷум гузашта, дар соли 1798 он тавонист, ки се ҷумҳурии нави фаръӣ ба Франсияро таъсис диҳад. Инҳо Ҷумҳурии Гелветсия дар Швейтсария, Ҷумҳурии Рим ба ҷойи вилояти Папа, Ҷумҳурии Партенопей дар шоҳигарии Неапол буданд.

Ба ҳайати Ҷумҳурии Партенопей танҳо қисме аз қаламрави шоҳигарии Неапол ворид карда шуд. Моҳи декабри соли 1798 адмирали Британия Г. Нелсон шоҳи Неапол Фердинанди IV ва малика Мария Каролинаро ба Ситсилия кӯчонд. Зери ҳукмронии шоҳ ва назорати флоти Британия музофотҳои ҷанубии Шоҳигарии Неапол: Абруссо, Калабрияи Ҷанубӣ ва Ситсилия монданд.

Ба сифати иттифоқчии Франсия Испания баромад мекард. Ҳанӯз тарафҳо 19 августи соли 1796 дар шаҳри испании Сан-Илдефонсо шартномаи иттифоқиро бастанд. 14 феврали соли 1797 дар димоғаи Сан-Винсенте соҳили Португалия эскадраи адмирали Британия Ҷон Ҷервис аз болои флоти Испания ба роҳбарии адмирал Хоссе де Кордоба ғалаба ба даст даровард. Ноябри соли 1798 Горатсио Нелсон ҷазираи аз ҷиҳати стратегӣ муҳими Меноркаро ишғол кард, ки ин имконият дод англисҳо дар ғарбии баҳри Миёназамин базаро ба даст даровард.

Сиёсати экспансионии Директория роҳи дипломатияи Британияро дар самти таъсис додани коалитсияи Дуюм бар зидди Франсия осон намуд. Иштирокчии коалитсияи мазкур Россия низ гардид, ки дар ин давлат ба сари қудрат император Павели I (с. 1796 – 1801) омада буд. 18 декабри соли 1798 Россия бо Британия оид ба иттифоқчигии ҳарбӣ-сиёсӣ шартномаи пешакиро баст. 3 январи соли 1799 Россия ва Туркия шартномаи иттифоқиро бастанд. Австрия розӣ шуд, ки аз қаламрави худ артиши Россияро роҳ диҳад. 12 марти соли 1799 Франсия бар зидди Австрия ҷанг эълон намуд. Ҳайати иштирокчиёни коалитсияи Дуюм ба вуҷуд омадани се фронтро пешакӣ муайян намуд.

Фронти якум дар баҳри Миёназамин амал мекард. Ҳанӯз 12 августи соли 1798, пеш аз бо Туркия бастани шартномаи иттифоқӣ, эскадраи Россия ба баҳри Эгей даромада, дар он ҷо бо эскадраи туркӣ муттаҳид шуд. Эскадраи русу туркӣ зери фармондеҳии адмирал Ф. Ф. Ушаков амал мекард. Лашкари Франсия бо сардории Наполеон Малтаро забт карда, баъд аз он ҷазираҳои Ионро гирифта, ба Миср ҳаракат карда расиданд. Миср он замон қисми империяи Усмонӣ буд, аз ин лиҳоз Туркия бар зидди Франсия бо Россия иттифоқи ҳарбӣ баст.

Қувваи баҳрии дар ихтиёри сарфармондеҳи машҳури баҳрии рус Ф. Ф. Ушаков буда, аз 16 киштии дорои 792 тӯп ва 8-ҳазор маллоҳ дошта, иборат буд. Ф. Ф. Ушаков дар давоми шаш моҳ чор ҷазираи хурди галаҷазираҳои Ионро забт намуда, ба фатҳи қалъаи ҷазираи Корфу оғоз намуд. Дар ин гарнизон франсузҳо 3 ҳазор аскар ва 650 тӯп доштанд. 18-уми феврали соли 1799 гарнизони франсузии Корфу таслим шуд. Забти Корфу дар тамоми Европа таъсири амиқ гузошт.

Ф. Ф. Ушаков французҳоро аз ин ҷазираҳо ронда, дар он ҷо сохти ҷумҳуриявиро ҷорӣ кард, ки ин амал боиси ғазаби Павел гардид. Дар ҷазираҳои Ион Ҷумҳурии Ҳафт Ҷазира таъсис дода шуд. Баъд аз забти Корфу Россия ба Италияи Ҷанубӣ десант фуроварда, шӯриши халқиро зидди французҳо дастгирӣ намуда, дар якҷоягӣ бо қувваҳои Г. Нелсон Неапол ва Римро ишғол карданд. Тирамоҳи соли 1799 эскадраҳои Г. Нелсон ва Ф. Ушаков блокадаи якҷояи Малтаро сар карданд.

Фронти дуюм дар Голландия ба вуҷуд омад, ки моҳи августи соли 1799 ба қаламрави он корпуси 40 ҳазорнафараи русӣ-британӣ, зери фармондеҳии герсог Фредерики Йоркӣ сафарбар карда шуд. Бар зидди онҳо артиши 30 ҳазорнафараи франко-голландӣ бо фармондеҳии генералҳои французӣ Гилом Мари Анн Брюн ва Герман Вилем Данделс мубориза мебурданд. Қувваҳои экспедитсионии русӣ-британӣ дар муҳорибаи назди Берген дар шимоли Ирландия шикаст хӯрда, фармондеҳи дастаҳои русӣ И. И. Герман фон Ферзен асир афтид. Ноябри соли 1799 флоти Британия лашкари муттаҳидаи русӣ-британиро ба ҷазираҳои Нормандия, ки ба Британия тааллуқ доштанд, кӯчонд.

Фронти сеюм бошад дар Италияи Шимолӣ ба вуҷуд омад. Январи соли 1799 Франсия шоҳигарии Неаполро шикаст дода, дар Неапол ҷумҳурӣ эълон кард. Дар ин вақт лашкаркаши машҳури рус А. В. Суворов бо юришҳои хориҷии худ ном мебарорад.

4 апрели соли 1799 артиши рус зери фармондеҳии фелдмаршал А. В. Суворов ба Италияи Шимолӣ омада, бо артиши австриягии генерал эрсгерсог Карл пайвастанд. Бар зидди онҳо артиши генералҳои французӣ Жан Виктор Моро ва Этен Жак Макдоналд меистоданд. 17 апрели соли 1799 артиши русӣ-австриягӣ шаҳри Миланро ишғол намуда, аз дарёи сарҳадии По гузаштанд. 7 – 8 июни соли 1799 дар муҳорибаи назди дарёи Треббия А. В Суворов сипоҳи генерал Э. Ж Макдоналд ва сипоҳи пешсафи рус таҳти фармондеҳии генерали рус А. Г. Розенберг бошад лашкари генерал Клод Виктор Перренро дар муҳорибаи назди Сан-Ҷорҷо торумор намуданд. Лашкари русӣ-австриягӣ қалъаҳои Мантуя ва Алессандрияро забт намуданд. 15 августи соли 1799 дар муҳорибаи назди Нови ба артиши Франсия зарбаи ҳалокатвор зада, дар рафти он сарфармондеҳи нави сипоҳи Франсия, генерал Бартелеми Жубер низ ҷон медиҳад. Генерал Ж. В. Моро боз аз нав сарфармондеҳии артиши Франсияро ба зимма гирифта, Италияро тарк кард[1].

Ғалабаҳои мазкур дар Италия дар пеши лашкари иттифоқии русӣ-австриягӣ роҳро кушод, ки бо дастгирии флоти англисӣ ба ҷануби Франсия зада дароянд. Аммо фармондеҳи австриягӣ, махсусан Шӯрои ҳарбии назди дарбории Австрия (Гофкригсрат) ин нақшаро рад кард ва қарор дод, ки артиши Австрия, ки дар Швейтсария қарор дорад, ба Голландия барои муттаҳид шудан бо корпуси русӣ-англисӣ фиристонда шавад. Ба ивази онҳо бошад

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 123.

пешниҳод гардид, ки артиши Россия дар Италия буда, интиқол дода шавад ва бо артиши 24 ҳазорнафараи русӣ таҳти фармондеҳии А. М. Римский-Корсаков дар Швейтсария буда якҷо шаванд. Бар зидди артиши А. М. Римский - Корсаков бошад ҳамин вақт сипоҳи 84 ҳазорнафараи франсузӣ зери фармондеҳии генерал Андре Массена меистод.

10 сентябри соли 1799 артиши 25 ҳазорнафараи А. Суворов аз Италия ба Швейтсария ҳаракат намуд. Аммо дар муҳорибаи назди Сюрих 25 – 26 сентябри соли 1799, вақте ки австрягиҳо ба ақибнишинӣ сар карданд, генерал Андре Массена корпуси А. М. Римский-Корсаковро торумор намуд. Императори Россия ин амали австриягиҳоро баробар ба хиёнат донист, ки поёнтар ҳарф мезанем. Артиши А. Суворов қариб, ки дар муҳосира бимонад ва кӯшиш намуд, ки тавассути Алп гузаранд. 30-юми сентябр – 1 октябри соли 1799 дар водии Мутен байни сипоҳи пешсафи А. Г. Розенберг ва лашкари Андре Массена муҳориба шуда гузашт, ки франсузҳо шикаст хӯрда, ба Швитс ақиб гаштанд, Андре Массена ба зӯр аз асир афтидан халос хӯрд. Артиши рус ба водии Рейни Болоӣ баромад.

Дар аввали соли 1799 Павели I бо дархости иттифоқчиёни худ – Англия ва Австрия А. Суворовро аз бадарға ҷеғ зада, ӯро ба муқобили франсузҳо, ки он вақт Италия ва Швейтсарияро ишғол карда буданд, ҳамчун сарфармондеҳи артиши иттифоқчиён фиристонд.

Дар муддати кӯтоҳ А. Суворов беҳтарин генералҳои франсузро шикаст дод. Тамоми Италияи Шимолӣ аз франсузҳо озод карда шуд ва А. Суворов ба воситаи ағбаи Сен-Готард ба Швейтсария ҳаракат кард. Ин амалиёти ҷангии Суворов дар таърих бо номи «юриши Алп» машҳур аст. Лашкари рус ба хунукии сахт нигоҳ накарда, ба қавле «найзаи рус аз миёни кӯҳҳои Алп бурида гузашт».

Чуноне ки гуфтем императори Россия амалкарди иттифоқчиёни худро баробар ба хиёнат донист. А. Суворов, ки иттифоқчиён – австриягиҳо вайро ба ҳоли худ монданд, то вақти бо Австрия тарки иттифоқчӣ кардани Павели I дар Швейтсария мавқегирӣ карда буд.

Ғалабаҳои А. Суворов дар Италия зиддиятҳои дохили коалитсияи Россия, Австрия ва Англияро шиддатнок намуд. Австрия пинҳонӣ аз Россия бо Англия гуфтушунид мебурд. Дар вақти ҷанг бо франсузҳо онҳо ба русҳо хиёнат карда, артиши худро ба ақибгоҳ мебурданд. Дар натиҷа А. Суворов аз шимолии Италияи фатҳкардааш пеш карда шуда, австриягиҳо ба ин минтақаҳо соҳиб шуданд. Баъди чунин рафтори хиёнаткоронаи иттифоқчиён Павели I оид ба тарки иттифоқ навишта буд: «Аз ин рӯз эътиборона дар бораи манфиатҳои шумо ғам хӯрданро бас мекунам ва барои манфиатҳои худам ва иттифоқчиёни дигарам машғул мешавам». Императори Россия ба А. Суворов фармон дод, ки ба ватан баргардад. Павели I роҷеъ ба ин қарор дар муроҷиаташ ба А. Суворов иброз менамояд: «Шумо мебоист подшоҳонро наҷот медодед, акнун ҷанговарони Россия ва шаъну шарафи шоҳи худро наҷот диҳед». Лашкаркаши машҳур А. Суворов бо машаққати зиёд артиши

русро аз Швейтсария баровард. Ӯ бо рутбаи генералиссимуси ҳамаи қувваҳои ҳарбии Россия мукофотонида шуд. А. Суворов дар ҳолати бемору афтодагии ҷисмонӣ ба Россия баргашт. Аммо дар ниҳояти кор Павел нисбати ӯ беҳурматии худро раво донист.

Суворов, танҳо вақти наздик шудан ба Петербург, фаҳмид, ки ҳамаи тайёриҳо ба пешвозгирии бошукӯҳу тантанавии ӯ аз тарафи император манъ карда шудааст. Дар ниҳояти кор аз шиддати касалӣ А. Суворов 18-уми майи соли 1800 дар танҳоии комил ҷон дод.

**Ба сари қудрат омадани Наполеон.** Гарчанде ки Директория тавонист зарбаҳои иттифоқчиёнро зада гардонад, аммо шикастҳои зиёд обрӯи онро ба ҷунбиш оварданд. 9 ноябри соли 1799 Наполеон Бонапарти аз Миср баргашта, табаддулот гузаронда, Директория ба системаи ҳокимияти се консул: Наполеон Бонапарт, Эммануэл Жозеф Сиейс ва Роже Дюко, ки ба муддати 10 сол таъйин гардиданд, иваз карда шуд. Директория фаъолияташро қатъ намуд. Консули якум, бо дар даст доштани ваколатҳои васеъ, Наполеон таъйин гардид. Ду консули боқимонда бошад ҳуқуқ доштанд, ки танҳо фикрҳои махсуси худро пешниҳод намоянд. Баъди муддате, 2 августи 1802, Наполеон консули аввали умрбод таъйин карда шуд.

Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Франсия акнун дар давраи консулгарӣ ва баъдтар империя ранги дигар гирифт. Наполеон, бебаҳс сиёсати худро ба фоидаи синфи нави ҳукмрон – синфи буржуазия мебурд, ки ба ин табақа шамшери мустаҳкам бар зидди хатароти аз ҷониби чапу рост (аз як тараф оммаи шаҳриён ва деҳот, аз тарафи дигар Бурбонҳо) лозим буд. Дар асл, Директория кӯшиш намуд, ки маҳз ҳамин хел сиёсатро барад, аммо режими он аллакай аз ҳад зиёд ноустувор ва обрӯи он ҳам беҳад паст шуда буд. Барои ҳамин зарурият пеш омад, ки буржуазияи Франсия ба диктатори ҳарбӣ такя намояд, ки вазифадор буд, сиёсати дилхоҳи дохилию хориҷии буржуазияро амалӣ намояд.

Сиёсати дохилии Наполеон барои ҳамдилию муттаҳидшавии буржуазияи франсузӣ ҳамчун синфи ҳукмрон шудан ҳама чизро ато намуд: 1) кодекси граждании – кодекси машҳури Наполеон, ки устувортарин кафолатҳои ҳуқуқиро ба молику мулкдорон дод, молу мулки шахсӣ дахлнопазир эълон карда шуд; 2) франки устувори тиллоӣ (ба ҷойи ассигнатҳои коғазии замони инқилоб ва Директория); 3) тартиботи сахти полисиягӣ дар дохили мамлакат дар асоси системаи сахти мутамарказонидаи идоракунии давлатӣ, ки то ҳозир ҳам боқӣ мондааст; 4) роҳҳои хубу ҳамвор, ки имрӯз ҳам мавриди истифода қарор доранд[1].

**Шартномаи Люневил.** Наполеон ҷанги дуюми Италянии худро доир намуд ва дар рафти он воқеаи аз ҳама муҳим ин 14 июни соли 1800 торумори артиши австриягии генерал Михаэл фон Мелас дар назди шаҳри Маренго дар Пемонт гардид. Дар Германияи Ғарбӣ бошад генерал Ж. В. Моро ба артиши Австрия бо сарварии генерал Карл фон Крайов як қатор зарбаҳои ҳалокатвор-

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 353 – 364.

ро расонд. 9 феврали соли 1801 Австрия ва Франсия байни худ шартномаи сулҳи Люневилро бастанд, ки шартҳои он шартҳои сулҳи Кампо-Формиоро аз соли 1797 такрор намуданд. Ба Франсия қаламравҳои соҳили чапи Австрия, Белгия ва Люксембург гузаштанд. Баъди бастани сулҳи мазкур коалитсияи дуюм амалан мавҷудияташро қатъ намуд[1].

Баъди шикасти австриягиҳо дар муҳориба назди Маренго (14 июни соли 1800) раванди бархамхӯрии коалитсияи дуюми зиддифрансузӣ бебозгашт буд. Аз коалитсия дар нимаи дуюми соли 1800 Россия ва Туркия баромаданд. Наполеон ҳам аз ҷониби худ ба хотири барҳам додани коалитсияи дуюм кӯшиш намуд, ки ба давлатҳои мазкур гузашти калон намояд.

Дар ин вақт муносибати Павел бо Англия низ сард шуд. Ҳангоме, ки англисҳо Малтаро забт карданд ӯ ба ғазаб омада, фармон дод, ки киштиҳо ва моли англисӣ, ки дар бандарҳои Россия ҳастанд, мусодира карда шаванд. Аз ихтилофи иттифоқчиён Наполеон истифода бурд. Бонапарт ба Павел ваъда дод, ки агар ҷазираи Малта аз англисҳо зада гирифта шавад, онро ба Россия гузашт менамояд. Моҳи декабри соли 1800 байни онҳо дар хусуси бастани сулҳ ва бурдани муборизаи якҷоя зидди Англия мукотибаи шахсӣ сар мешавад.

**Шартномаи Амен.** Сиёсати хориҷии Напалеон низ ба манфиати буржуазияи Франсия равона гардида буд. Буржуазияи Франсия барои васеъ намудани манфиатҳои тиҷоратии франсузӣ берун аз қаламрави мамлакат ба дастгирӣ ниёз дошт.

Блокадаи континеталӣ, ки амалан дар давраи идоракунии Робеспер, бо Акти Навигатсиониаш, оғоз ёфта буд, ба тоҷирону савдогарон, саноатчиён ва молиячиёни франсузӣ, ки аз рақиби ягонаи худ – Англия маҳрум шуданд, даромадҳои калонро ба бор овард, Франсия метавонист бо молҳои фабрикавии худ Европаро пур кунад. Аммо дар он давра бартарияти баҳрӣ, молиявӣ ва саноатии ҷониби Британия бе баҳс буд. Аз он ҷумла, ғалабаҳои дар баҳр ба даст овардаи Горатсио Нелсон дар назди Абукир (с. 1798) ва Трафалгар (с. 1805) қудрати баҳрии Британияро нишон медоданд. Дар ҳамин шароитҳо орзую ҳаваси франсузҳо оид ба забткориҳои баҳрӣ берун аз дар амал татбиқ шудан буданд. Масалан, юриши мисрии Наполеон пурра бо нокомӣ анҷом ёфт ва бо як азобу машақат худи Наполеон ва артиши ӯ наҷот ёфтанд. Барои ҳамин табақаи ҳукмрони Франсия бо забткориҳо дар қитъаи Европа қаноатманд буданд.

27 марти соли 1802 намояндаи ваколатдори Британия лорд Чарлз Корнуоллис дар шаҳри франсузии Амен бо Франсия, Испания ва ҷумҳурии Батавия шартномаҳои сулҳро имзо гузошт[2]. Аз номи Франсия ба он Жозеф Бонапарт, аз ҷониби Испания Хосе Николас Азара ва аз номи ҷумҳурии Батавия Ян Рут-

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 18.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 147.

гер Шиммелпелник имзо гузоштанд. Тибқи шартномаи мазкур Британияи Кабир ба ивази берун баровардани артиши Франсия аз Миср ва баргардондани ин мамлакат ба империяи Усмониён, қаламравҳои забткардаи Франсияро дар Европа эътироф намуд. Британияи Кабир, инчунин мустамликаҳои голландии Сейлон ва ҷазираҳои Тринидад дар Вест-Индияро соҳиб шуд, аммо ваъда дод, ки Малтаро тарк менамояд.

Чунин тарзи кор аз он хабар медод, ки Франсия дар ҷангҳои Европа аз болои коалитсияи Дуюм ғалаба кард, аммо нақшаҳои он дар самти мустаҳкам намудани мавқеаш дар баҳри Миёназамин шикаст хӯрданд.

Сулҳи Амен (25 – 27 марти соли 1802) халалдоршавии таъсири Лондонро дар қитъаи Европа ба қайд гирифта буд: де-факто ҳукумати Британия маҷбур буд, ки ҳамаи забткориҳои Франсияро дар даҳсолаи гузашта эътироф намояд. Эътироф намуд, аммо тан надоду сар ҳам хам накард. Тибқи назари мутахассисон дар ягон вақт ва дар ягон ҳолати мавҷуда ягон кобинети вазирони Британия, фарқаш нест аз киҳо он таркиб ёфтааст, розӣ намешавад, ки Белгия ва Голландия аз ҷониби давлати рақиб амалан анексия карда шаванд[1]. Гарчанде баҳона барои сар кардани амалиётҳои ҳарбӣ байни Англия ва Франсия, яъне иҷро накардани назардошти шартномаи Амен (французҳо аз тарк намудани Рим ва Неапол даст кашиданд, англисҳо бошанд аз эвокуатсияи Малта даст кашида буданд), ҷой дошт, аммо сабаб дар дигар чиз буд – тарафҳо медонистанд, ки муҳорибаи ҳалкунанда ночор рух медиҳад.

**Мавқеи Россия нисбати зиддияти Франсия ва Британия.** Таҷрибаи ҷангҳои коалитсияҳои Якум ва Дуюм нишон дод, ки дар қитъаи Европа танҳо Россия метавонад, ки бар зидди Франсия ҳамчун баробарқувва баромад намояд. Аммо ҳукумати Россия дар низоъ бо Франсия яктарафа равона карда нашуда буд. Масалан, малика Екатеринаи II дар гуфтугӯю суханронииаш инқилоби Франсияро маҳкум мекард ва дар амалиётҳои ҳарбӣ иштирок накарда, ҷангҳои инқилобиро танҳо барои барҳам задани Реч Посполита истифода намуд. Аммо соли 1796 вазъият тағйир ёфт. Ба тахт писари Екатеринаи II – Павели I омада, розӣ шуд, ки дар амалиётҳои ҷангии коалитсияи Дуюм бар зидди Франсия иштирок намояд ва бо Британияи Кабир ва империяи Усмониён шартномаҳои иттифоқӣ баст, ки он имконият дод Россия ба баҳри Миёназамин бароядю

Ба гурӯҳи чорабиниҳои Павели I инҳо шомил шуданд:

- барои соҳилҳои баҳри Сиёҳи Россия низоми савдои озодро ҷорӣ кард, ки ин имконият дод шаҳри Одесса ба бандари калони тиҷоратӣ мубаддал гардад;

- бастани шартномаи иттифоқӣ бо Туркия аз 3 январи соли 1799, ки он имконият дод, ки ба киштиронии тиҷорати озод тавассути гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ кафолат дода шавад ва ҳамзамон киштиҳои ҳарбии Россия тавассути

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

онҳо озодона рафту омад намоянд ва ҳамзамон воридшавии киштиҳои давлатҳои хориҷӣ ба баҳри Сиёҳ манъ карда шуд;

- аз ҷониби лашкари иттифоқии русӣ-туркӣ ишғол гардиданди ҷазираҳои Ион;

- 27 декабри соли 1798 аз ҷониби Павели I гирифтани унвони магистри Бузурги ордени Малта, ки ба ӯ ҳуқуқ дод, ки парастории худро аз болои Малта таъмин намояд.

Ҳатто дар тақвими Академияи илмҳои империяи Россия ба фармоиши император Павели I Малта ҳамчун губернияи империяи Россия тасвир карда шуда буд.

Чуноне ки дар боло гуфта будем, Павели I ба нокомӣ дучор шудани артиши Россия дар Швейтсария австриягиҳоро гунаҳгор донист ва Британияи Кабирро бошад дар нокомии лашкари русу англисӣ дар фронти Голландия айбдор намуд. Сафири Россия С. Р. Воронсов аз Лондон бозхонд карда шуд, сафири Британия Ч. Уитворт бошад аз Петербург ронда шуд. Вақте ки 5 сентябри соли 1800 флоти Британия Малтаро забт кард, вазъият ниҳоят бад гардид. 2 октябри соли 1800 Павели I лоҳиҳаи ба ҳам наздикшавии Россия ва Франсияро, ки аз ҷониби президенти Коллегияи корҳои хориҷӣ Ф. В. Ростопчин тартиб дода шуд, маъқул донист. Меморандуми Ростопчин тақсим намудани империяи Усмониёнро низ ба назар гирифта буд, ки дар матни он Туркия ҳамчун давлати нодаркори мариз тавсиф карда шудааст. Ин назари Растопчин баъдтар аз ҷониби император Николайи I шакли навро гирифта, мувофиқи он империяи Усмониён «одами маризи Европа» баҳогузорӣ карда шуда буд.

21 ноябри соли 1800 намояндаи шахсии Павели I Георг Магнус Спренгпортен ба Париж фиристонда шуд. Байни Наполеон ва Павел мукотиботи шахсӣ сар шуд. Дар натиҷа Россия муносиботи дипломатии худро бо ҳукумати дар ҳиҷрат будаи Людовики XVIII бекор карда, онро аз шаҳри Митава пеш карда, аз ёрдампулии ҳарсола низ маҳрум кард. Россия содироти тамоми намуди молҳоро ба Британия манъ кард, инчунин ба киштиҳои тиҷоратии Британия секвестр таъйин намуд ва ҷараёни пардохти қарзро низ бо шаҳрвандони британӣ боз дошт. Шаҳрвандони Россия ҳуқуқ гирифтанд, ки бо Франсия тиҷорат кунанд.

18 декабри соли 1800 шартномаи иттифоқӣ байни Россия, Пруссия, Шведсия ва Дания баста шуд, ки он бетарафии ҳарбиро нисбати Британияи Кабир эълон намуд. Амалан шартномаи мазкур такрори Эъломияи бетарафии ҳарбии ҳукумати Екатеринаи II аз соли 1780 буд. Аммо нисбат ба пештара муқоиса карда, ин бор амалкарди Лондон ҷиддитар буд. Аз ҷумла, Британияи Кабир ба флоти худ иҷозат дод, ки киштиҳои ба мамлакатҳои аъзои коалитсияи рақиб тааллуқдоштаро боздошт намоянд. Дар ҷавоб Дания бандари Гамбург ва Пруссия бошад Ганновер, ки мулки шоҳҳони британӣ ҳисоб мешудро ишғол намуданд. Коалитсияи иттифоқӣ аз болои содироти мол ба Британия эмбарго эълон намуд.

Наполеон ва Павел дар Ҳиндустон сарнагун кардани ҳукмронии англисҳоро низ ба нақша гирифтанд. Павел ҳатто 12 январи соли 1801 ба як отряди казакҳои Дон фармон дод, ки ба воситаи роҳи Оренбург – Хева – Бухоро ба Ҳиндустон ҳаракат кунанд. Ин юриш тамоман натиҷаи дилхоҳ надод, он пас аз марги Павел аз тарафи императори нав – Александри I манъ карда шуд. Павел тавассути Қавқоз ҳам кӯшиш намуд ба Ҳинд юриш ташкил намояд. Ҳамзамон оид ба ташкил намудани юриши якҷояи лашкари 35 ҳазорнафараи русу француз бо фармондеҳии А. Массен тавассути Форс ва Афғонистон ба Ҳиндустон низ ба нақша гирифта шуд[1].

Дарбориёни рус аз сиёсати зидди Англияро пеша намудани Павел норизо буданд. Ҳамин тариқ, дар таърихи Россия ба сӯиқасди навбатӣ ба ҷони император омодагиҳо сар шуданд ва дар натиҷаи он Павели I ваҳшиёна қатл карда шуд.

Дар шаби 12 марти соли 1801 як гурӯҳ сӯиқасдчиён, асосан офитсерони гвардия ва дарбориён, дохили қасри шоҳӣ гардида, ба ҳуҷраи хоби император даромада, Павели I-ро ба қатл расонданд. Мувофиқи ахбори асарҳои ёддоштӣ ва муаллифони хотиранавис табаддулоти мазкурро граф Н. П. Панин, граф Пален, адмирал де Рибас ва Бенигсен сарварӣ намуданд. Нақши асосиро дар рафти он Панин ва Пален иҷро карданд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳои ҳуҷҷатӣ дар омода намудани сӯиқасд сафири Британия дар Россия Чарлз Уитворт низ нақши калон доштааст.

Ба тахт писари Павели I Александри I (с. 1801 – 1825) нишаст. Ҳамзамононаш маккорию дуруғгӯӣ, мунофиқӣ ва қобилияти фавқулоддаи дипломатӣ барин сифатҳои императори навро зикр кардаанд. Яке аз ҳамзамононаш дар хусуси ӯ навиштааст, ки ӯ: «Чун теғ нозук, чун нуги сӯзан тез, чун кафки баҳр риёкор буд». Императори нави Россия дар сиёсати хориҷӣ низ тағйирот даровarда, бо Англия муносибатҳои дӯстона ба роҳ монда шуданд.

10 майи соли 1801 миссияи дипломатии Россия дар Вена барқарор карда шуд. 17 июни соли 1801 дар Петербург конвенсия оид ба муътадилшавии муносиботи дутарафаи Россия ва Англия баста шуд. Александри I аз унвони магистри Бузурги ордени Малта даст кашид. Баробари ин, бошад сафири Россия дар Париж А. И. Марков ва вазири корҳои хориҷии Франсия Шарл Морис Талейран шартномаи сулҳро имзо карданд, ки шартҳои он чунин буданд: аз ҷониби Россия эътироф гардидани шартҳои сулҳи Люневил аз соли 1801; ризоияти Франсия дар бораи кафолат додани тамомияти арзии шоҳигарии Неапол; Франсия ваъда дод, ки дар муносибатҳои сиёсӣ дар шоҳигарии Сардиния бо Россия машварат менамояд; аз ҷониби ҳар ду мамлакат ба расмият шинохтани Ҷумҳурии Ҳафт Ҷазира, Россия ӯҳдадор гардид, ки лашкари худро аз қаламравҳои он берун мебарорад; Россия розигӣ дод, ки дар бастани сулҳ миёни Франсия ва империяи Усмониён миёнаравӣ менамояд; ду давлат ба

[1]Феленко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 124 – 126

қарордоде расиданд, ки барои таъмин намудани киштиронии озод якҷоя амал менамоянд (банди мазкурро метавонем зиддибританӣ арзёбӣ кард).

Дар як вақт бо шартномаи Париж конвенсияи махфии франко-русӣ баста шуд, мувофиқи шартҳои он ҳар ду ҷониб ӯҳдадор шуданд, ки барои подошгардонӣ ба князҳои немис, ки қаламравҳои худро аз даст доданд, якҷоя амал намоянд[1].

19 сентябри соли 1802 Александри I дар бораи таъсис додани Вазорати корҳои хориҷии Россия фармонро ба имзо расонд. Ҳамин тавр, сиёсати хориҷии империяро император муайян мекард ва вазорати корҳои хориҷӣ бошад ӯҳдадор буд онро амалӣ намояд. Аввалин вазири корҳои хориҷӣ А. Р. Воронсов таъйин гардид[2].

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 126.

[2]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 16.

# 3. 7. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ДАВРАИ ИМПЕРИЯИ ЯКУМИ ФРАНСИЯ ВА РАВАНДИ МИНБАЪДАИ ЗАВОЛЁБИИ СИСТЕМАИ ВЕСТФАЛӢ

**Таъсисёбии империяи Франсия.** Барҳам хӯрдани коалитсияи Дуюм ба Наполеон имконият фароҳам овард, ки низоми идории худро ҳамоҳангсоз намояд. Соли 1802 Наполеон худро консули якуми умрбод эълон намуд. 18 апрели 1804 Сенат қарор қабул намуд, ки ба Наполеон унвони императори меросии Ҷумҳурии Франсияро диҳад. Унвони мазкур аз таърихи асрҳои I – II мелодии империяи Рим гирифта шуд, ки императорони он низ ҳамчун «императори Ҷумҳурии Рим» ба забон гирифта мешуданд. 2 декабри соли 1804 дар калисои ҷомеи Нотр - Дам - де Париж бо иштироки папаи Рим Пийи VII маросими тоҷу тахтгузории Наполеон Бонапарт ҳамчун императори Франсия баргузор карда шуд, ки он маросими тоҷу тахтгузории Карли Кабирро аз соли 800 ба ёд меовард. Андаке пештар аз ин Наполеон бо папаи Рим оид ба ҳуқуқҳои калисои католикӣ дар Франсия конкордат (созишнома) - ро имзо карда буд. Ин воқеа таъсисдиҳии империяи Франсия – ҳамчун меросхӯри империяи Рими Қадимро ифода мекард, ки он ба муқобили империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ гузошта шуд[1].

Бо таъсисёбии империяи Франсия, вазири корҳои хориҷии Франсия Талейран дар соли 1805 ба Наполеон меморандуми худро оид ба сиёсати хориҷии Франсия пешниҳод намуд, ки дар он консепсияи муаллиф роҷеъ ба сиёсати хориҷии мамлакат ҷой дода шудааст. Ӯ дар меморандуми худ ба Наполеон муроҷиат намуда, қайд менамояд, ки зарур аст, ки сарҳадоти табиии Франсияро пайравӣ намуд, берун аз он танҳо дар Италия ва Германияи Ҷанубӣ барои худ ҳукмрониро таъмин намо; зарур аст Австрияро бахшид ва онро бояд ҳамчун давлати абарқудрат ҳифз нигоҳ дошт ва ба австриягиҳо дар Булғория ва Руминия ҷуброн пешниҳод кардан даркор аст, зеро дар Поёноби Дунай ҳукмронӣ намуда, Австрия бар зидди экспансияи Россия қарор мегирад; худи Россияро бошад ба Осиёи Марказӣ раҳсипор намудан даркор аст, ки дар он ҷо хоҳ но хоҳ русҳо бо манфиатҳои Британия бар мехӯранд; дар умум зарур аст, ки ба анъаноти соли 1756 баргашт ва ғайр аз ин Австрияро ба душмани табиии русҳо ва ба иттифоқчии табиии Франсия табдил додан дарокр аст[2]. Аммо чуноне ки ҳодисаҳои минбаъда аён менамоянд, рафти корҳо бо ранги дигар сурат гирифтанд.

Зеро давраи таърихии миёни сулҳи Тилзит (с. 1807) ва оғози конгресси Вена (с. 1814) замони парокандашавии империяи Франсия гардид. Аммо заволёбии кӯшиши сеюми таърихии барқарор намудани гегемонияи Франсия ба таври куллӣ аз ду раванди кӯшиши барқароркунии ҳукмфармоии он дар замони Людовики XIV ва замони Людовики XV фарқ мекард. Дар гузашта, новобаста ба нокомӣ, Франсия бахри тайёрӣ дидан ба интиқомгирӣ потенсиал (захира) -

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 127.

[2]Медяков А. С. История международных отношений в Новое время. М.: просвешения, 2007. С. 124.

ро ҳифз нигоҳ медошт. Аммо дар соли 1810 бошад қувваҳои коалитсияи зидди-франсузӣ Парижро аз имкониятҳояш барои муқовимат маҳрум намуданд. Бори нахуст шуда, баъди сулҳи Вестфал, дар соли 1814 имконияти таъсис додани тартиботи нави ҷаҳониро се рақиби анъанавии Франсия – Австрия, Британияи Кабир ва Россия ба даст дароварданд.

**Муҳорибаи Трафалгар**. **Барқароршавии гегемонияи баҳрии Британия (с. 1804 – 1805).** Наполеон ҳукумати худро мустаҳкам намуда, низоъро бо Британияи Кабир аз сар гирифт. Баҳона барои он масъалаи Малта гардид, ки Британия намехост онро тарк намояд. Ҳанӯз 18 майи соли 1803 Британияи Кабир сулҳи Аменро бекор кард, ки ин маънои ба ҳолати ҷангӣ баргаштани Лондонро ифода мекард. Наполеон барои фуровардани қувваҳои калони ҳарбии худ ба ҷазираҳои Британия тайёриашро зиёд намуд. Дар соҳилҳои Па-де Кале дар шаҳрҳои Булони, Брюгге, Монтрё бошишгоҳои ҳарбӣ таъсис дода шуданд, ки то соли 1805 дар ин ҷо артиши 150 ҳазорнафара ҷамъ оварда шуда буд. Барои партофтани десант ба Британия флоти киштиҳои нақлиётӣ созмон дода шуд. Ҳатто ба назар гирифта шуд, ки қувваҳои десантӣ тавассути аэростатҳо ба Британия расонда шаванд, аммо бо сабабҳои аз воқеият дур буданаш, аз ин нақша баъд даст кашиданд.

Наполеон ба нақша гирифт, ки бо ёрии Испания, ки декабри соли 1804 ҷангро бо англисҳо ба роҳ монда буд, флоти Британияро аз Па-де-Кале дур намояд. Баҳори соли 1805 адмирали Франсия Пер Шарл де Вилнев (с. 1763 – 1806) бо эскадараи худ аз бандари испании Кадис ба самти Вест- Индия ба ҳаракат даромад. Аммо 22 июли соли 1805 адмирал П. Вилнев дар яке аз ҷангҳои маҳаллӣ дар наздикии димоғаи Финистерре аз ҷониби флоти Британия бо фармондеҳии Роберт Калдер шикаст хӯрда, на ба самти Ла-Манш, чи хеле ки Наполеон ба нақша гирифта буд, балки ба қафо, ба бандари Кадис пас гашт. Ин Наполеонро маҷбур кард, ки аз нақшаи фиристодани десант ба ҷазираҳои Британия даст кашад.

Натиҷаи ҷанг дар баҳр дар муҳорибаи назди димоғаи Трафалгар (Испанияи Ҷанубӣ) ҳал карда шуд. 21 октябри соли 1805 қувваҳои муттаҳидаи флоти франко-испанӣ бо фармондҳии адмирал П. Ш. Вилнев, новобаста аз бартарияти қувваҳо (33 киштии франко-испанӣ бар зидди 27 киштии англисӣ) аз ҷониби ноиб-адмирали англис Г. Нелсон шикаст хӯрданд. Г. Нелсон ба қувваҳои худ мурочиат намуда буда, хитоб кард, ки Англия интизор аст, ки ҳар кадоми аз шумо вазифаи худро ичро менамояд. Ҳамин тавр, муҳорибаи мазкур бо шикасти пурраи Франсия ва Испания ҷамъбаст гардида, онҳо 18 киштии худро аз даст доданд, англисҳо бошад ягон киштиро аз даст надоданд. Аммо талафоти асосии флоти Британия ин марги адмирал Г. Нелсон гардид. Муҳорибаи Трафалгар ба муддати 100 сол ҳукмронии Британияро ба воситаи қувваҳои бузурги баҳрии он дар укёнуси Ҷаҳонӣ таъмин намуд. Дар ин самт хизмати ноиб-адмирал Горатсио Нелсон бағоят калон буд[1].

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 127 – 128.

Дар шароити бартарияти ҳукмронии Британия дар баҳр Наполеон натавонист, ки натиҷаҳои Ҷанги Ҳафтсоларо дар Вест Индия ва Ост Индия тағйир диҳад. Ягона роҳи алтернативӣ барои ӯ экспансияи қитъавӣ дар Европа боқӣ монд. Аммо чунин сиёсат низ имконият намедод, ки аз болои Британия комилан пирӯз шавад, инчунин экспансияи васеъ дар қитъа хоҳ но хоҳ Франсияро бо дигар давлати бузурги қитъа – Россия рӯбарӯ меовард.

**Ҷанги коалитсияи Сеюм ва барҳамхӯрии империяи Муқаддаси Рим (с. 1805 – 1806).** Таъсисдиҳандаи коалитсияи Сеюм бар зидди Франсия нахуствазири Британия Питт-Хурдӣ буд. Зуҳурёбии онро ду масъалаи сиёсати хориҷии Наполеон ба бор оварданд. Якум, ин масъалаи герсог Луи Антуан Энгиенӣ (1772 – 1804) аз шохаи хурдии хонадони Бурбонҳо гардид. Ӯро дар қаламрави герсоггарии Баден асир гирифта, маҷбуран ба Франсия оварда, қатл карданд. Дуюм, ин сиёсати императори Франсия дар нимҷазираи Апеннин ба ҳисоб мерафт. 28 майи соли 1805 Наполеон Бонапарт ҳамчун шоҳи Италия дар Милан маросими тоҷу тахтгузории худро доир карда, ба тағйир додани харитаи нимҷазираи Апеннин оғоз намуд. Маҳз ҳамин ду сабаб боиси ба вуҷуд омадани коалитсияи Сеюм гаштанд.

26 январи соли 1805 Россия шартномаи иттифоқиро бо Шведсия ва 11 апрели соли 1805 бошад дар Петербург шартномаи иттифоқиро бо Британияи Кабир баст. Ҷониби Британия ӯҳдадор гардид, ки ба Россия тавассути расондани маблағи пулӣ ва флот ёрӣ мерасонад, инчунин омода аст, давлатҳое, ки бар зидди Франсия баромад намоянд, кӯмаки пулии худро ба онҳо низ расонад. Иттифоқчиён дар пеши худ мақсад нагузоштанд, ки низоми ҳукумат ва идоракунии Франсияро иваз намоянд, балки мехостанд, ки сарҳадоти онро ба ҳудудҳои давраи пеш аз инқилобӣ баргардонанд. 8 августи соли 1805 ба шартномаи Петербург Австрия низ пайваст. Аммо кӯшишҳои императори Россия Александр дар самти ҷалб кардани Пруссия бар зидди Наполеон натиҷаи дилхоҳ надоданд.

27 августи соли 1805 артиши 120 ҳазорнафараи Франсия, ки дар бошишгоҳи Булон қарор дошт ва ба худ номи «Артиши Бузург»-ро гирифта буд, ба самти Рейн ба ҳаракат даромад. Россия ба ёрии Австрия ду артиши худро зери фармондеҳии М. И. Кутузов ва Ф. Ф. Буксгевден фиристонд. Аммо 16 – 19 октябри соли 1805 французҳо артиши австриягиҳоро зери роҳбарии барон Карл Макк фон Лейберих дар наздикии шаҳри Улм (дар Бавария) ба таслимшавӣ маҷбур карданд. 5 ноябр Наполеон ба Вена даромада, дар андак муддат купрукҳои Дунайро ишғол намуд.

Артиши русии генерал М. И. Кутузов, ки танҳо монд, ба ақиб гаштан сар карда, бо Артиши Бузург ҷангҳои аръергардӣ[1] доир намуда, то ки бо артиши русии генерал Ф. Ф. Буксгевден пайваст шавад. Муҳорибаи аз ҳама асосӣ дар назди Шенграбен 16 ноябри соли 1805 рух дод, ки дар он аръергарди русии П. И. Багратион иборат аз 7 ҳазор нафар тавонист, ки роҳи артиши 40 ҳазорнафараи французии маршал Иоахим Мюратро ба муддати як шабонарӯз боз дорад. Артиши М. И. Кутузов ба Олмюс гашт, ки дар он ҷо бо гвардияи бо сарварии

[1]Аръергард – лашкари аз паси қувваҳои асосӣ ҳаракаткунанда.

Александри I аз Россия омада вохӯрд. Қувваҳои австро-русӣ дар ҳайати 85 ҳазор нафар аз артиши 73,5 ҳазорнафараи француз зиёд буданд. Барои ҳамин, Александри I ва императори Австрия Франс ҷанги ҳалкунандаро талаб мекарданд. Аммо Наполеон 2 декабри соли 1805 дар муҳорибаи назди Аустерлитсе (имрӯза Славков дар Чехия) артиши австро-русиро торумор намуд. Наполеон ин ғалабаи худро хеле васф карда, дар оянда низ ҳангоми оғози муҳорибаи Бородино саравал аз он бароҳат ёд кардааст. Азбаски дар ситодҳои лашкари иттифоқчиён императорон Франси II ва Александри I низ ҳузур доштанд, ин муҳориба дар таърих бо номи «муҳорибаи се император» маълум гашт.

26 декабри соли 1805 императори Австрия Франси II дар шаҳри Пресбург (имрӯза Братислава) бо Наполеон сулҳ баст. Мувофиқи шартҳои он Австрия аз заминҳои ғарбтар аз Каринтия маҳрум гашт, ки онҳо ба иттифоқчиёни Франсия – Бавария, Баден, Вюртемберг гузаштанд. Франсия инчунин ба маблағи 40 миллион флорин тавони ҷангиро гирифт. Австрия ғайр аз ин, ба Наполеон, ҳамчун ба шоҳи Италия вилояти Венетсия, Истрия (ба ғайр аз Триест) ва Далматсияро низ гузашт кард. Австрия заминҳои ишғолкардаи Наполеонро дар нимҷазираи Апеннин низ эътироф намуд. Австрия танҳо ҷуброни андакро ба сифати як ноҳия бо шаҳри Залтсбургро ба даст овард. Дар натиҷаи иҷрои шартнома аз ҳисоби заминҳои аз даст рафта, дар умум Австрия 1/6 табаияти худро аз даст дод.

4 декабри соли 1805 байни Россия ва Франсия оташбас имзо карда шуд, ки мувофиқи он лашкари рус ӯҳдадор гардид, ки қаламрави Австрияро тарк намоянд. Ба Париж бошад ваколатдори Россия Пётр Яковлевич Убри омада, матни шартномаи сулҳро мувофиқа карданд. Мувофиқи шартҳои он Россия ӯҳдадор гардид, ки лашкари худро аз Австрия барорад ва шартҳои сулҳи Пресбургро эътироф намояд. 20 июни соли 1806 П. Я. Убри ва вазири корҳои хориҷии Франсия Шарл Морис де Талейран шартномаи сулҳи пешакиро имзо карданд, аммо Александри I онро тасдиқ накард.

Ғалаба аз болои коалитсияи Сеюм ба Франсия имконият дод, ки фаъолона ба сиёсати экспансиякунӣ гузарад. 6 августи 1806 Франси II аз унвони императори империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ даст кашида, зери номи Франси I императори Австрия, шоҳи Богемия ва Венгрия гардид, ки ин аллакай сифатан ташаккулёбии давлати дигар – империяи Австрияро ифода мекард. Ҳокимони Германияи Ғарбӣ ва Марказӣ Иттифоқи Рейнро таъсис доданд, ки протектори он Наполеон, ҳамчун императори Франсия, гардид. Ҳамин тавр, ба ҷойи империяи Муқаддаси Рими миллати Германӣ дар Европа се империя – Франсия, Австрия ва Россия омаданд ва ҳамин вақт бошад давлатҳои германӣ ба зери доираи таъсири Франсия даромаданд[1].

**Ҷанги коалитсияи Чорум (с. 1806 – 1807).** Аммо торумори коалитсияи сеюм ҷангро хотима набахшид: ҳамин тавр, коалитсияи Чорум таъсис дода шуд,

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 128 – 129.

ки дар он ҷойи Австрияро Пруссия ишғол намуд. Зеро Пруссия бо таъсисдиҳии Иттифоқи Рейн ҳеҷ розӣ нашуд, ғайр аз ин, ба Пруссия додани Ганноверро, ки дар моҳи декабри соли 1805 ваъда карданд, амалӣ нашуд. Ва ниҳоятан Лондон низ ба Берлин барои ҷанг бо Франсия ёрии молию пулиро ваъда кард.

Тағйирёбии статуси давлатҳои германӣ норозигии Пруссияро ба вуҷуд овард, ки он барои нақши бешбарандаро иҷро кардан дар маркази Европа мубориза мебурд. Шоҳ Фридрих Вилгелми III (с. 1797 – 1840) аз Наполеон тарсида, дар сиёсат эҳтиёткорона муносибат мекард. 15 феврали 1806 Пруссия бо Франсия Аҳдномаи Парижро баст, ки мувофиқи шартҳои он Ганноверро, ки дар иттиҳоди шахсӣ бо Британия қарор дошт, истило кард, ин амал ба ивази даст кашидани Берлин аз заминҳои Ансбах, Байройт, Клеве ва Невшател сурат гирифт, ки ин мулкҳоро Наполеон байни Франсия ва иттифоқчии худ Бавария тақсим намуд. Аммо қисме аз ҷангҷӯёни пруссиягӣ бо роҳбарии малика Луиза талаб мекарданд, ки ба фаъолияти Наполеон ҷавоби қатъӣ гардонда шавад. 1 октябри соли 1806 Пруссия ба Франсия ултиматумро пешниҳод намуд, ки мувофиқи он талаб кард, ки заминҳои Германия то Рейн аз лашкари французӣ тоза карда шаванд ва барои иҷрои он як ҳафтаро мӯҳлат дод.

6 октябри соли 1806 Наполеон бар зидди Пруссия амалиётҳои ҳарбиро оғоз намуд. Ҷанги Франсия бо Пруссия, Британияи Кабир ва Россия дар солҳои 1806 – 1807 дар таърих номи Ҷанги коалитсияи Чорумро гирифт. 14 октябри соли 1806 Наполеон дар муҳорибаи назди шаҳри Йен артиши Фридрих Людвиг Гогенлоэ - Ингелфингенро торумор намуд. Дар худи ҳамон рӯз маршал Луи Николя Даву артиши пруссиягии герсог Карл Брауншвейгскийро дар муҳорибаи назди Ауэрштедт, 20 км дуртар аз Йен, торумор намуд. 27 октябри соли 1806 Артиши Бузург ба Берлин даромад. Хонадони шоҳии Пруссия, зери ҳимояи ҳарбиёни рус, дар бандари Мемел дар Пруссияи Шарқӣ паноҳ ёфтанд.

Хулас, равиши минбаъдаи кор аз таърих маълум аст, дар муддати як моҳ (октябри соли 1806) Пруссия, ҳамчун давлати бузург, мавҷудияташро қатъ намуд. Артиши Пруссия комилан торумор ва нест карда шуд, қисми калони мамлакат бо пойтахташ Берлин аз ҷониби французҳо истило карда шуд. Аммо ин танҳо як давраи муайяни Наполеон дар мубориза бар зидди душмани асосӣ – Англия буду халос. 21 ноябри соли 1806 ҳангоми дар Берлини тасарруфшуда буданаш, Наполеон Декрет дар бораи блокадаи Континенталиро имзо гузошт. Мувофиқи ин декрет барои давлатҳое, ки аз Франсия вобаст буданд, тамоми намуди алоқаи савдоию тиҷоратӣ бо Англия манъ карда шуд.

Артиши Россия зери фармондеҳии генерал Леонтий Беннигсен нисбатан муваффақтар амал мекард. 26 декабри соли 1806 корпуси русӣ зери фармондеҳии М. Б. Барклай де Толи дар назди шаҳри Пултуск ба корпуси французии Жан Ланн шикаст расонд. Январи соли 1807 Наполеон ба Варшава ворид шуд. 7 – 8 феврали соли 1807 бошад муҳориба дар назди Прейсиш-Эйлау (ҳозира Багратионовск дар вилояти Калининград) байни Наполеон ва Беннигсен мусовӣ анҷом ёфт. Танҳо шумораи артиши худро зиёд намуда, Французҳо тавонистанд, ки дар муҳорибаи назди Фридланд ба русҳо шикаст расонда, 14 феврали соли

1807 Наполеон ба Кенигсберг – охирон шаҳри калонтарини Пруссия дар сарҳади Россия даромад.

**Шартномаи сулҳи Тилзит.** Баъди чанд муҳорибаи хурд 25 июни соли 1807 Александри I ва Наполеон дар болои сал (амад) дар дарёи Нейман, дар шаҳри Тилзит (ҳозира Советск дар вилояти Калининград) вохурӣ гузаронданд ва дар ин ҷо 8-уми июл сулҳ бастанд, ки дар таърих бо номи сулҳи Тилзит машҳур аст. Гуфтушунид рӯ ба рӯи ҳамдигар байни ду император, бе иштироки котибон ва дигар шахсони расмӣ доир гардид.

Мувофиқи ин сулҳ Россия тағйироти территориявии дар Европа ба вуҷуд омадаро эътироф намуд, ба таъсисёбии герсоггарии Варшава розигӣ дод ва ӯҳдадор шуд, ки ба блокадаи континенталӣ ҳамроҳ шуда, алоқаҳои тиҷоратиро бо Англия меканад. Ин ба иқтисоди рус зарари калон меовард ва дарбориёни рус зидди ин шарт баромаданд. Ғайр аз ин, дар ин вақт ҷанги Россия бо Туркия давом дошт, ки он ҳам аз бисёр ҷиҳат дар натиҷаи дипломатияи моҷароёнаи Франсия сар шуда буд. Ва 9 июл бошад Пруссия (аниқтараш чизе аз он боқӣ монд) ба блокадаи континенталӣ пайваст[1].

Аз рӯи шартномаи Тилзит императорон ба ҳамин қарор омаданд, ки Наполеон дар Европаи Ғарбӣ ва Александри I дар шимол ва ҷануб - шарқии қитъа ҳуқуқи озодона амал карданро мегиранд. Ҳамин тавр, императорон аҳд карданд, ки дар ин ноҳияҳо ба ҳамдигар халал нарасонанд ва бар зидди Англия иттифоқ бастанд.

Наполеон аз бурдани гуфтушунидҳо бо шоҳи Пруссия Фридрих Вилгелми III даст кашид. Ба ҷойи ин ӯ намоишкорона гуфтушунидро бо зани ӯ, малика Луиза гузаронд, ки ин амал оид ба алоқаҳои онҳо овозаҳоро ба вуҷуд овард. Шоҳ Фридрих Вилгелми III ба сулҳи Тилзит пайваст, ки он статуси нобаробарии Пруссияро ба назар гирифта буд. Пруссия ҳамчун давлати мустақил нигоҳ дошта шуд, аммо сарҳадоди он то ҳудудҳои соли 1748 расонда шуданд. Дар моддаи 4 шартнома омада аст, ки Франсия ба Пруссия қисме аз музофотҳоро танҳо бо хоҳиши «императори Умумироссиягӣ» бармегардонад.

Заминҳое, ки аз Пруссия кашида гирифта шуданд, дар онҳо Наполеон ду такягоҳи кафолатдиҳандаи шартномаи Тилзитро таъсис дод. Якум, шоҳигарии Вестфал бо роҳбарии бародари Наполеон Жозеф Бонапарт, дуюм герсоггарии Бузурги Варшава, ки ба таври расмӣ роҳбари он шоҳи Саксония ба ҳисоб мерафт, амалан бошад маршал Николя Даву онро идора мекард. Ҳамин тариқ, Наполеон курси сиёсати кардинал Ришелеро, ки ӯ ба нақша гирифта буд, ки роҳ дода нашавад, то ки дар заминҳои германӣ маркази боқувввати геополитикӣ зуҳур ёбад ва созмон додани «барери Шарқӣ» зидди Габсбургҳо ва иттифоқчии шарқии онҳо – империяи Россияро ба назар гирифта буд, бори нахуст дар таърих ба сатҳи финалӣ расонд.

Сулҳи Тилзит барқароршавии ҳукмронии Франсияро дар Европаи қитъавӣ барқарор намуд. Империяи Россия бори нахуст баъди Пётри I бартари-

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

яти империяи Франсияро ба расмият шинохт ва худаш аз системаи муносиботи дохилии европоӣ берун баромад. Франсия парастории худро аз болои нимҷазираи Апеннин ва Германия таъмин намуд, ки ин боиси он шуд, ки Париж дар Европаи Ғарбӣ ва Марказӣ ҳукмфармоӣ намояд. Австрия ба империяи ғайригерманӣ табдил ёфт, ки асоси онро заминҳои венгрӣ ва славянӣ ташкил медоданд. Пруссия то ба нақши давлати заифи германӣ паст расонда шуд, ки аз рӯи статус ба князгариҳои майда ва миёнаи германӣ наздик буд. Британияи Кабир аз такягоҳи худ дар қитъа маҳрум гардида, дар рӯбарӯи Франсия танҳо монд. Дар Шарқи Европа Наполеон ба воситаи таъсисдиҳии герсоггарии Бузурги Варшава ва эҳё намудани шарикӣ бо империяи Усмониён «барераи шарқӣ»-и Ришелеро ба вуҷуд овард. Бо ҳамин, дар Европа системаи табақабандии муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул ёфт, ки бо нақши бартарӣ доштани Франсия дар он мутамарказонида шуда буд.

Ҳамин тавр, намудор шуд, ки тамоми Европа зери пои Наполеон мебошад, ҳамагуна муқовимат пурра хобонда шуд. Лекин аллакай дар соли оянда нишонаҳои шумхабаронаи аввалини заволёбии империяи фотеҳ намудор шуданд. Дар тамоми Европаи забтшуда – аз Лиссабон сар карда, то Берлин нишонаҳои норозигӣ намудор шуданд. Ғораткунӣ ва мусодиракунӣ, паст задани манфиатҳои буржуазияи маҳаллӣ ба фоидаи буржуазияи французӣ ва оқибат блокадаи континенталии харобиоваранда аз паси худ зуҳуроти зиддинаполеониро, на танҳо миёни тарафдорони режими кӯҳна, балки дар миёни буржуазия ва зиёиёни миллӣ, ба вуҷуд оварданд.

Александр I оид ба вазъияти ба амал омада комилан хабардор буд, барои ҳамин дар вохӯрии худ бо Наполеон дар Эрфурт кӯшиш намуд, ки аз иҷро намудани ӯҳдадориҳои мушаххас дар самти мустаҳкам намудани иттифоқи франко-русӣ сар печад.

Ҳамин тавр, сулҳи Тилзит созиши кӯтоҳмуддат аз ҳар ду тараф буд. На ин тараф ва на дигар, ҳоло қудрати кофӣ надоштанд, ки бо роҳи ҷанг ҳарифро мағлуб созанд, барои ҳамин аз воситаҳои дипломатӣ истифода бурданд. Соли 1808 дар вохӯрии байни Наполеон ва Александри I дар Эрфурт низ ноустувории ин сулҳ дида шуд. Дар ин вохӯрӣ императорон пурра ба мувофиқа нарасиданд, гарчи худро барои дигарон иттифоқчӣ нишон доданд.

**Сиёсати блокадаи континенталии Британия.** Баъди сулҳи Тилзит ҳолати барқароршавии ҳукмфармоии Франсия дар Европаи қитъавӣ ба Наполеон имконият дод, ки аз сари нав ба масъалаи ҷанг бо Британия баргардад. Аз нуқтаи назари сиёсӣ аз они Франсия ду роҳ буданд: якум, аз соли 1808 сар карда, дар дасти Наполеон ҳамаи корхона (верф) - ҳои киштисозӣ қарор доштанд ва ӯ метавонист флоти ҳарбӣ-баҳрии тавоноро таъсис дода, бар зидди ҷазираҳои Британия амалиёти десантиро гузаронад; дуюм, барқарор намудани блокадаи тиҷоратии Британия бо мақсади хароб намудани системаи иқтисодиёти он.

Мувофиқи хулосаҳои муаррихон, Наполеон Бонапарт бо сабабҳои то ҳол номаълум варианти дуюмро интихоб намуда буд. Мутахассисони соҳа инро чу-

нин шарҳ медиҳанд, ки гӯё Франсия ба таври кофӣ мутахассисони баландихтсиоси баҳриро надошт. Инчунин Наполеон гӯё ба садоқати пурраи иттифоқчиёни имкондошта, маллоҳони голландӣ, шведӣ, испанӣ ва даниягӣ боварӣ надошт. Аммо ҳар дуи ин назарҳо шубҳанок мебошанд. Аммо ин нақшаҳо аниқтараш лоиҳаи бурдани ҷанги иқтисодӣ бар зидди Британия ҳанӯз соли 1893 дар Конвент муҳокима гардида буданд. Аз они Наполеон бошад барои гузарондани чунин сиёсат фурсати муносиб дар даст буд.

16 майи соли 1806 шоҳи Британия Георги III декретро интишор дод, ки дар он блокадаи бандарҳо, соҳилҳо ва дарёҳои тамоми қаламравҳои Европаи Ғарбӣ, аз Элба то Брест, ки дар зери назорати Франсия буданд, эълон карда шуд. Ба соҳилҳои Франсия дар байни бандарҳои Гавр ва Остенде воридшавии киштиҳои тиҷоратии давлатҳои бетарафро роҳ намедоданд. Дар дигар бандарҳо аз Остенде то резижгоҳи Элба киштиҳои бетараф метавонистанд омаду рафт намоянд, агар онҳо дар бандарҳои барои Британия рақиб бор карда нашудаанд ё ба он ҷо равон нашуда бошанд. «Фармонҳои шоҳӣ» аз соли 1807 ба давлатҳои бетараф тиҷоратро бо давлатҳое, ки бо Британия дар ҳолати душманӣ буда қарор доштанд, манъ намуд ва ғайр аз ин, киштиҳои давлатҳои бетарафро ӯҳдадор намуданд, ки барои пардохти молиёт ва боҷ ва тафтиш ба бандарҳои британӣ ворид шаванд.

Ҷавоби Наполеон ба Лондон интишор додани се декрет гаштанд, ки дар якҷоягӣ системаи блокадаи континенталии Британияро ба вуҷуд оварданд:

- Декрети Берлин аз 21 ноябри соли 1806. Ҳуҷҷати мазкур муносиботи тиҷоратӣ, почта ва ғайраро бо ҷазираҳои Британия ва мустамликаҳои Британия манъ кард. Ҳуҷҷати мазкур дар тамоми минтақаҳои зери дасти Франсия, давлатҳои аз он вобаст ё иттифоқчии он паҳн гардида буд. Ҳар касе аз табаияти Британия, ки дар қаламравҳои таҳти таъсири ҳукумати Франсия буда, ба даст афтад, ҳамчун асири ҳарбӣ эълон гардида, молу мулкаш мусодира карда мешуд[1].

- Декретҳои Милан дар охири соли 1807, мувоифқи онҳо бошад ҳамагуна киштӣ, ки ба фармонҳои ҳукумати Британия итоат мекунад, ба киштии душман баробар дониста шуда, он ишғол карда мешуд. Ин ба Франсия барои ғасб кардани киштиҳои мамлакатҳои бетараф заминаи ҳуқуқиро дод.

- Декретҳои Трианон аз соли 1810. Ба ивази боҷи калон ба Франсия тавассути киштиҳои мамлакатҳои бетараф, кашондани қисме аз «молҳои мустамликавӣ», пеш аз ҳама қанд ва қаҳва, иҷозат дода шуд. Аммо молҳои саноатии британӣ ба несткунии фаврӣ баробар дониста шуданд.

Ҳукумати Британияи Кабир низ чораҷӯиҳои ҷавобиро гузаронд. Пеш аз ҳама Британияи Кабир бо мамлакатҳои Европаи Шимолӣ, Португалия ва империяи Усмониён тиҷорати худро идома дод, ки аз ин мамлакатҳо молу маҳсулоти британӣ ба бозори Европаи Марказӣ ворид мешуданд. Аз дигар тараф қочоқи

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 152.

моли британӣ низ дар бандарҳои Европаи қитъавӣ ба таври васеъ паҳн гардид. Ғайр аз ин, асоси молҳои ба Британия ворид шуда аз Европа ашёҳои боҳашамат буданд. Блокадаи континенталӣ ба Британия имконият дод, ки бо суръати тез иқтисоди худро дар дохил муътадил гардонад.

**Низоъ дар нимҷазираи Пиреней.** Наполеон мефаҳмид, ки блокадаи континенталӣ он вақт самараи қонеъкунанда медиҳад, ки агар ҳамаи бандарҳои Европа барои Британия пурра баста гарданд. Дар муддати соли 1807 ба блокадаи континенталӣ баробари Франсия ҳамаи шоҳигариҳои Италия, Нидерландия, Испания, Дания, Россия ва Пруссия дохил шуданд. Дар навбат барои Британия бастани бандарҳои боқимондаи европоӣ меистод.

Вазифаи навбатии империяи Франсия таъмин намудани назорати худ аз болои нимҷазираи Пиреней гардид. Дар моҳи июли соли 1807 Наполеон Бонапарт ба шоҳи Португалия бо талаби қатъ кардани муносиботи тиҷоратӣ бо Британия ултиматумро фиристонд. Бо сабаби анъаноти деринаи тиҷоратӣ байни Португалия ва Британия иҷро намудани ултиматуми мазкур барои Лиссабон бисёр вазин буд. 27 октябри соли 1807 Наполеон ва сарвазири Испания дон Мануэл Гадой дар Фонтенбло оид ба якҷоя дохил намудани лашкар ба Португалия шартнома имзо карданд. 13 ноябри соли 1807 Наполеон оид ба аз тахт фуровардани сулолаи Браганса эълон намуд. Лашкари Франсия ва Испания ба Португалия дохил шуданд, флоти британӣ бошад дарбори шоҳии Португалияро ба Бразилия кӯчонд.

Пеш аз воридшавии лашкари Франсия ба Португалия онҳо дар Испания ҷо ба ҷо карда шуда буданд. Сарвазири Испания дон Гадой аз ҳузури онҳо истифода бурда, табаддулот гузаронд. 19 марти соли 1808 Карли IV (с. 1788 – 1808) ба фоидаи писари худ, ки бо номи Фердинанди VII шоҳ эълон шуд, аз тахт даст кашид. 23 марти соли 1808 артиши Франсия зери фармондеҳии маршал Иоахим Мюрат ба Мадрид даромад. Аммо Наполеон Фердинанди VII - ро сиёсатмадори наздик ба Англия дониста, ба ӯ бовар накард. Дар вохӯрӣ дар Байонна 10 майи соли 1808 Наполеон ҳам аз Карли IV ва ҳам аз писараш Фердинанди VII даъват намуд, ки аз тахт даст кашанд. Шоҳи Испания бошад шоҳи Неапол Жозеф Бонапарт эълон гардид, тахти Неапол бошад ба дасти маршал Иоахим Мюрат, яъне шавҳари хоҳари хурдии Наполеон – Каролина Бонапарт гузашт.

Фаъолияти сиёсии Франсия дар Испания – мамлакате, ки анъаноти қатъии католикӣ ва монархиявӣ дошт, норозигии оммавиро ба вуҷуд овард. 2 майи соли 1808 дар Мадрид бар зидди франсузҳо шӯриш сар шуда, дар муддати кӯтоҳ дар тамоми мамлакат паҳн гардид. Кӯшишҳои Жозеф Бонапарт дар самти ором намудани Испания натиҷа надод, дар мамлакат ҷанги оммавии партизанӣ сар зад.

Вазъияти ногувори франсузҳоро дар Испания Британия ба манфиати худ истифода кард. 6 августи соли 1808 ба соҳили Португалия корпуси британӣ зери фармондеҳии генерал - лейтенант Артур Уэлси фуромад. 28 августи 1808 ӯ дар муҳорибаи назди Вимейру ба корпуси франсузии генерал-лейтенант Жан

Андрош Жюно шикаст расонд. 30 августи соли 1808 генерали Британия Хю Даримилл дар шаҳри Синтра конвенсияро имзо гузошт, ки мувофиқи он флоти Шоҳӣ ӯҳдадор гардид, ки корпуси Жюноро бо тамоми ғаниматҳояш аз Лиссабон мебарорад. А. Уэлсли бошад ин ҳуҷҷатро тасдиқ кард, ки ин амал норозигии афкори ҷамъиятии Британияро ба вуҷуд оварда буд. Сарфармондеҳи нави Британия генерал Ҷон Мур таъйин гардид. Аммо конвенсияи Синтра ба Британия имкон дод, ки назоратро аз болои Португалия ба даст орад ва ба рафти амалиётҳои ҷангӣ дар Испания таъсир расонад.

Ноябри соли 1808 юриш ба Испанияро худи Наполеон ба ӯҳда гирифт. 4 декабри соли 1808 артиши 162 ҳазорнафараи французҳо ба Мадрид даромад. Соли 1809 бошад Сарагосаро ишғол намуданд. 16 январи соли 1809 дар муҳорибаи назди Ла-Коруна генерал Николя Султ ба артиши генерал Ҷон Мур шикаст расонд. Баҳори соли 1809 диққати Наполеон ба ҷанги зидди Австрия равона карда шуда буд. Генерал Артур Уэлсли, баръакс боз ба вазифаи сарфармондеҳӣ баргашта, таъминоти исёнгарони испаниро ташкил намуд. Ҷанг дар нимҷазираи Пиреней характери мавқегириро гирифт. Британия Португалияро нигоҳ дошта, шӯришчиёни испаниро дар Испания дастгирӣ мекард. Артиши Франсия бошад кӯшиш мекард, ки дар Испания мавзеъҳои стратегиро ба даст дароварда, роҳу раванди таъминоти исёнгарони испаниро аз байн барад. Аммо ғалабаҳои локалӣ мавқеи стратегии ноқуллайро барои Франсия тағйир надоданд. Британия бошад Португалияро зери назорати худ гирифта, блокадаи континенталиро рахна кард.

**Кӯшишҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳои русу француз.** Чуноне ки сухан рафт, баъди сулҳи Тилзит Россия ба блокадаи континенталӣ пайваст. Аз ҳамин вақт сар карда, низои русу британӣ реша давонд. 16 августи соли 1807 десанти британӣ ба соҳили Дания баромад. Россия, ки мувофиқи шартномаи соли 1769 иттифоқчии Дания ба ҳисоб мерафт, 7 ноябри соли 1807 ба Британия ҷанг эълон кард. Аммо, азбаски Лондон Россияро иттифоқчии потенсиалӣ бар зидди Наполеон медонист, Ҷанги Англия ва Россия (с. 1807 – 1812) характери имитатсионӣ (қалбакӣ, устокорона сохташуда) дошт. Байни ҷонибҳо танҳо бархӯрдҳои майда дар баҳр рух доданду халос.

Моҳи августи соли 1808 баъди чанд ғалабаи ба даст оварда, ки онҳоро сулҳи Тилзит хат зада буд, эскадраи русӣ зери фармондеҳии адмирал Д. Н. Сенявин ба Лиссабон даромад. Вазъияти он хеле вазнин буд. Дар баҳр эскадраи Британия, иттифоқчии чанд вақт пеши Россия, зери фармондеҳии адмирал Чарлз Коттон меистод, дар хушкӣ бошад корпуси французӣ, яъне иттифоқчии нави Россия, дар зери роҳбарии генерал Жан Андрош Жюно меистод. Инструксияе, ки адмирал Д. Н. Сенявин аз Александри I гирифта буд, дар он қайд гардида буд, ки «тибқи тамоми супоришҳои императори Франсия амал намоянд». Д. Н. Сенявин, ки бо муқарраротти сулҳи Тилзит розӣ набуд, дар натиҷа бо англисҳо гуфтушуниду ба мувофиқа расиданро афзалтар донист. 4 сентябри соли 1808 Д. Н. Сенявин ва адмирал Чарлз Коттон конвенсияро имзо гузоштанд, ки

мувофиқи шартҳои он Британияи Кабир то ба охир расидани ҷанг киштиҳои Россияро барои ҳимоя ва нигоҳдорӣ намудан қабул кард.

Ҳодисаи Лиссабон дар дохили ҳукумати Россия бонги изтиробро ба вуҷуд овард. Он масъалаи чуқурро кушод, яъне идомаи сиёсат тибқи хати сулҳи Тилзит дар дохили мамлакат мумкин бӯҳрони дохилиро ба вуҷуд орад. Доираи васеъи дарбориёни Россия канда шудани алоқаҳои тиҷоратӣ бо Британия, ки шарики деринаи тиҷоратии Петербург будро хуш қабул накарданд ва он бар зидди манфиатҳои иқтисодии онҳо равона гардида буд. Омилҳои равонӣ ҳам ба Россия таъсир расонданд, мамлакат баъди Ҷанги Смоленск (с. 1632 – 1634) аввалин бор шуда, вазнинии бохт дар ҷангро ҳис карда буд. Олирутбаву олимақомони артиш ва флот низ эҳтимол аз итоат намудан ба Александр даст кашида, мумкин буд ба монанди соли 1801 як табаддулоти дарборӣ сурат мегирифт.

**Вохӯрии Эрфурт.** 27 сентябр – 14 октябри соли 1808 вохӯрии тантанавии Александри I ва Наполеон дар шаҳри Эрфурт (Тюрингия) шуда гузашт. Императори Россия ба сифати иттифоқчӣ ба Конгресси Иттифоқи Рейн, ки аз ҷониби Наполеон Бонапарт, ҳамчун протектори он, ташкил карда шуд, даъват гардида буд. 12 октябри 1808 вазирони корҳои хориҷии Франсия ва Россия – Ж. Б. де Шампани ва Р. П. Румянтсев конвенсияи иттифоқии франко-русиро имзо гузоштанд, ки он муқарраротӣ асосии сулҳи Тилзитро тасдиқ намуда буд.

Оид ба масъалаи муносибат бо Британияи Кабир ҳар ду император ба мувофиқа расиданд, ки тибқи ризояти комили байни ҳамдигар нисбати Лондон амал намоянд, ки ин розигии Россия дар самти идома додани сиёсати блокадаи континенталиро ифода мекард. Франсия дар ҷанги Россия ва Туркия, ки соли 1806 сар шуда, ҳоло ҳам давом дошт, бетарафии худро кафолат дод. Ҷонибҳо, инчунин маҷмӯи ӯҳдадориҳои мутақобиларо дар ҷанги эҳтиомлан бо Австрия рух дода, баррасӣ намуданд. Азбаски Наполеон зарари аз сиёсати блокадаи континенталӣ ба вуҷуд омадаи Россияро тавассути чорабиниҳои иқтисодию молиявӣ ҷуброн карда натавонист, сухан танҳо дар бораи гузаштkунии сиёсӣ рафт. Дар Эрфурт хати сиёсате, ки дар Тилзит баррасӣ шуд, онро идома доданд. Яъне муҳокимаи асосӣ ин муайянкунӣ ва тақсими доираи таъсир дар Европа буд. Мувофиқи шартномаи иттифоқӣ аз 12 октябри соли 1808 Наполеон ба ивази мудохила накардани Россия ба корҳои Испания ва ҳатман ёрӣ расондан ба Франсия дар ҳолате, ки он ба ҳуҷуми Австрия рӯбарӯ шавад, манфиатҳои Россияро дар Финляндия, Молдавия ва Валахия эътироф намуд.

Аммо берун аз тантанаи деворҳои вохӯрии Эрфурт зиддиятҳои чуқур ниҳон буданд. Наполеон оид ба масъалаи агар эҳтимолан ҷанг бо Австрия сар занад, аз ҷониби Россия ӯҳдадориҳои мушаххасро ба зимма гирифтан ягон пешниҳод нашудан норозӣ буд ва Александр низ аз ҷониби Наполеон дастгирӣ наёфтан дар ҷанги зидди империяи Усмониён розӣ набуд. Нокомиҳои Наполеон дар Испания ҳукумати Александр ва ҷомеаи Россияро ба хулосае оварданд, ки имконияти муқобилият нишон додан бар зидди Париж аллакай ҷой дорад. Ин мавқеъгирии императори Россияро дар Эрфурт собиқ вазири корҳои хориҷии Франсия Талейран, ки ба манфиати худ бо ӯ гуфтушунидҳои пинҳониро доир

намуда буд, низ эътироф кард. Ӯ дар Эрфурт на ба сифати вазири корҳои хориҷӣ, балки ба сифати мушовири Наполеон даъват гардида, бозиҳои духӯраи худро доир намуда, рафтори мустақилонаи Александрро пурра ҳис карда, ба Наполеон исбот намуд, ки Россия дар муқобили системаи гегемонии Франсия ҳамчун давлати мухолиф боқӣ хоҳад монд. Тайлейран рӯзона аз рӯи инструксияи Наполеон бо ваколатдори Россия гуфтушунидҳои расмиро аз номи Франсия гузаронда, шабона бошад дар сӯҳбатҳои шахсӣ бо Александр мегуфт, ки ночор зарур аст, ки фаъолиятҳои Наполеонро маҳдуд кард. Аз ҷумла, Талейран ба императори Россия чунин суханонро мегӯяд, ки алоҳазратам дар дасти Шумо наҷот додани Европа қарор дорад, аммо Шумо онро танҳо дар сурате наҷот дода метавонед, агар аз фароҳам овардани имкониятҳои озодона фаъолият намудан ба Наполеон даст кашед. Ӯ иброз медорад, ки халқи француз ботамаддун аст, аммо ҳокими французӣ бошад бетамаддун мебошад, шоҳи Россия бошад баръакс ботамаддун аст, аммо халқи рус бетамаддун мебошад. Аз ин бармеояд, ки шоҳи Россия бояд иттифоқчии халқи француз бошад. Аммо Наполеон ҳеҷ чизро пай набурда, сирри худро оид ба нақшаҳояш пеши Талейран кушода мегуфт, вазири хориҷии ба истеъфо рафтаи Франсия бошад онҳоро ба Александр мерасонд. Яъне дар Эрфурт Талейран бори нахуст шуда, ба фоидаи Александр хизмати хабаркашӣ кардани худро пешниҳод менамояд[1].

Дар умум ҳамаи онҳое, ки ба Эрфурт рафтанд, розӣ баргаштанд. Наполеон ба хулосае омад, ки Россия аз пушт зарба намезанад ва барои ҳамин тирамоҳ ба Испания лашкари Франсия равона гардид. Россия низ хост, ки айни замон сулҳро бо Франсия нигоҳ дошта, бо истифода аз он манфиатҳои худро дар масъалаҳои Финляндия ва Дунай ҳал намояд. Сафири Австрия дар Париж К. Л. Меттерних ҳам дар натиҷаи сӯҳбат бо Александр ва Талейран ба хулосае омад, ки Россия дар ҳақиқат ба Австрия таҳдид нахоҳад кард.

**Ҷанги Россия ва Эрон (с. 1804 – 1813). Шартномаи Гулистон.** Соли 1801 Гурҷистони Шарқӣ ва солҳои 1803 – 1804 Гурҷистони Ғарбӣ ба ҳайати империяи Россия даромаданд, ки ин бо Эрон низоъро ба вуҷуд овард. Эрон низ иддаои минтақаи мазкурро мекард. Аз соли 1804 то соли 1813 ҷанги Россия бо Эрон давом кард. 12 октябри соли 1813 бошад бо бастани шартномаи сулҳи Гулистон ҷанги мазкур ҷамъбаст гардид[2]. Хонигариҳои Боку, Қарабоғ, Ганҷа, Ширвон, Дарбанд, Доғистон ба Россия гузаштанд. Россия ҳуқуқ гирифт, ки дар баҳри Каспий флоти худро нигоҳ дорад. Эрон аз ҳуқуқи нигоҳ доштани киштиҳои ҳарбӣ дар баҳри Каспий маҳрум гардид. Ин ҷангро Россия ба фоидаи худ анҷом дод.

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 157.

[2]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 238.

**Ҷанги Россия ва Туркия (с. 1806 – 1812).** Империяи Россия дар самти ҷануб низ сиёсати худро фаъолона ба роҳ монд. Соли 1806 империяи Усмониён ҳокимони Молдавия ва Валахияро иваз кард. Аммо мувофиқи шартҳои шартномаҳои сулҳи Кючук-Кайнарҷӣ аз соли 1774 ва Ясса аз соли 1791 ивазкунии ҳокимони князгариҳои мазкур бояд бо розигии Россия сурат мегирифт. Бо ҳамин, ноябри соли 1806 Россия ба қаламрави князгариҳои Дунай артиши худро бо сардории генерал И. И. Михелсон ворид намуд. 18 декабри соли 1806 империяи Усмониён бар зидди Россия ҷанг эълон кард. Нақши асосиро дар тела додани Туркия ба ҷанги зидди Россия сафири Франсия дар Константинопол, генерал Орас Франсуа Себастиани бозӣ кард, ки он бори дигар аз мероси сиёсати байналхалқии Франсияи шоҳӣ истифода намудани империяи Наполеонӣ дарак медод.

Ҳанӯз дар вақти ҷанги коалитсияи Сеюм Россия ба баҳри Миёназамин эскадраи баҳри Балиткаи худро зери фармондеҳии адмирал Д. Н. Сенявин ворид намуда буд. Мувофиқи шартҳои сулҳи Пресбург соли 1805 Франсия аз Австрия Далматсия ва заминҳои собиқ Ҷумҳурии Дубровникро гирифта буд. Эскадараи русӣ бошад қаламрави Бока-ди-Катта (имрӯза халиҷи Котор дар Черногория)-ро ишғол намуда буд. Флоти рус бо сардории Д. Н. Сенявин алоқаҳои сипоҳи французиро миёни Далматсия ва нимҷазираи Апеннин аз ҳам ҷудо намуд.

Баъди оғоз ёфтани ҷанг бо империяи Усмониён флоти мазкури русӣ дар баҳри Эгей бар зидди флоти туркӣ мубориза мебурд. Эскадраи Д. Н. Сенявин 22 – 23 майи соли 1807 дар муҳорибаи Дарданел ва 1 июли соли 1807 дар муҳорибаи Афон аз болои туркҳо ғалабаҳо ба даст даровард. Амалиёти мазкури флоти Россия дар ҷангҳои коалитсияи Чорум (с. 1806 – 1807) ва Ҷанги Россия бо Туркия (1806 – 1812) дар баҳрҳои Адриат ва Эгей ба худ номи Экспедитсияи дуюм ба Архипелагро гирифт. Экспедитсияи якум бошад аз ҷониби граф А. Г. Орлов дар баҳрҳои Миёназамин ва Эгей дар ҷанги Россия ва Туркия (с. 1768 – 1774) гузаронда шуда буд.

Соли 1804 дар Сербия бо роҳбарии Георгий Петрович бар зидди империяи Усмониён шӯриш сар зад. Дар ибтидои соли 1807 шӯришчиёни Сербия бо дастгирии дастаҳои русӣ Белградро ишғол карданд. 10 июли соли 1807 Сербия барои гузаштан ба зери протекторати Россия эълон кард. Акнун бори нахуст шуда, дар таърихи ҳаракатҳои миллии худ сербҳо на аз Австрия, балки аз Россия мадад пурсиданд.

Аммо мувофиқи шартҳои сулҳи Тилзит Россия ӯҳдадор гардид, ки бар зидди Франсия дар самти назорат намудан аз болои ҷазираҳои Ион ва Далматсия монеагузорӣ намекунад. Эскадраи Д. Н. Сенявин маҷбур шуд, ки қаламрави Бока-ди-Каттаро ва баъд баҳри Адриатикаро тарк намоянд. 12 августи соли 1807 байни Россия ва Усмониён дар Слободзея шартномаи оташбас ба мӯҳлати то 3 марти соли 1809 имзо карда шуд. Сипоҳиёни рус қаламравҳои князгариҳои Дунайро тарк карданд ва лашкари Усмониён бошанд ӯҳдадор гардид, ки онҳоро ишғол накунанд. Россия ба Туркия киштиҳои ба асорат гирифта ва ҷазираи Те-

недосро баргардонд. Аз ҷониби худ бошад империяи Усмониён амалиёти ҳарбиро дар Сербия қатъ кард.

Баҳори соли 1809 амалиётҳои ҳарбӣ миёни Россия ва Туркия боз сар шуданд. Танҳо дар декабри соли 1811 артиши Молдавия зери фармондеҳии М. И. Кутузов дар назди қалъаи Рушук (дар қаламрави ҳозираи Булғория) ба сипоҳи вазири бузург Аҳмадпошо шикаст расонд.

***Шартномаи Бухарест.*** 28 майи соли 1812 байни Россия ва Туркия шартномаи сулҳи Бухарест баста шуд. Ба Россия қисми шарқии князгарии Молдавия (вилояти Бессарабия) гузашт. Сарҳад байни ҳар ду империя аз Днестр ба Прут то ҳамроҳшавии он ба Дунай кӯчонда шуд. Туркия барои киштиронии тиҷоратиро тавассути дарёи мазкур ба Россия кафолат дод ва инчунин ҳамрошавии Гурҷистон ба Россияро дар соли 1801 ба расмият шинохт. Аммо соҳилҳои кавказии баҳри Сиёҳро то Сухуми боз ба худ пас гардонд.

Россия лашкари худро аз князгариҳои Дунай баровард, Туркия бошад мухторияти онҳоро аз рӯи шартҳои шартномаҳои сулҳи Кючук-Кайнарҷӣ аз соли 1774 ва Ясса аз соли 1791 тасдиқ кард. Сербия бошад мухторияти дохилӣ гирифт ва ба мансабдорони сербӣ ҳуқуқ дода шуд, ки ба фоидаи султони Туркия молиёт ҷамъоварӣ намоянд. Ҳамин тавр, сулҳи Бухарест баъди конгресси Вена фаъолшавии «Масъалаи Шарқ» - ро такон дод, он ба Россия барои дахолат намудан ба раванди муносибати султон бо князгариҳои балканӣ базаи ҳуқуқиро ба вуҷуд овард[1].

**Ҷанги Россия ва Шведсия (с. 1808 – 1809).** Император Александри I дар таърихи давлатдории Россия яке аз роҳбарони муваффақтарин ба ҳисоб мерафт, ки мумкин дар баъзе масъалаҳо ягон роҳбари Россияи даврai шоҳигарӣ ва империявӣ ба ӯ баробар шуда наметавонад. Ин шахс роҳбари Россия буд, ки то Париж расида, империяи Россияро ба жандарми асосии Европа табдил дод. Ҳамзамононаш қобилияти фавқулоддаи дипломатӣ барин сифатҳои ӯро зикр кардаанд. Яке аз ҳамзамононаш дар хусуси ӯ навиштааст, ки ӯ: «Чун теғ нозук, чун нуги сӯзан тез, чун кафки баҳр риёкор буд». Ҳамин тавр, ӯ иттифоқи ночор бо Наполеонро низ ба манфиати Россия ҳал карда, сарҳади онро дар шимолғарбӣ васеъ намуд. 16 марти соли 1808 ӯ бар зидди Шведсия, ки иттифоқчии Британияи Кабир буд, ҷанг эълон кард. Наполеон боварӣ дошт, ки Россия Шведсияро маҷбур менамояд, ки ба блокадаи континенталии зидди Британия ҳамроҳ мешавад. Аммо дар асл бошад мақсади Россия аз Шведсия ҷудо карда, кашидани Финляндия ва мувофиқи имконият ба қаламрави худ ҳамроҳ намудани он иборат буд. Ба низои аз пеш омада истода бо Франсия омодагӣ дида, Россия мехост сарҳади давлатии худро чи қадаре тавонанд аз Петербург дуртар барад. Ибтидои ҷанг барои Россия ба нокомӣ рост омад, русҳо дар баҳори соли 1808 дар муҳорибаи назди Сийкайоки (Финландияи Шимолӣ) ва ҳангоми ама-

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальсого мира до окончание Первой мировой войны / А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Наринского. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 168 – 169.

лиёти десантӣ дар ҷазираи Готланд шикаст хӯрданд. Аҳолии маҳаллӣ аз ҷониби шведҳо баромад карда, ба ҷанги партизанӣ гузаштанд. Британияи Кабир ба ёрии Шведсия 16 киштии худро фиристонд. Вазъият танҳо он вақт тағйир ёфт, ки Россия генерал Б. Ф. Кноррингро сарфармондеҳи нав таъйин карда буд. Артиши Россия қаламрави пурраи Финландияро ишғол кард ва моҳи марти соли 1809 бошад русҳо ҷазираҳои Аландро низ забт карданд. Ҳамин тавр, амалиётҳои ҳарбӣ ба қаламрави Шведсия гузаштанд.

***Шартномаи Фридрихсгам (Ҳамина).*** 19 сентябри соли 1809 дар шаҳри Фридрихсгам (Ҳамина) байни Россия ва Шведсия шартномаи сулҳ баста шуд. Мувофиқи он Шведсия ба блокадаи континенталӣ пайваст шуда, ба Россия Финландия то дарёҳои Торено ва Муонио ва ҷазираҳои Аланд гузаштанд. Бо ҳамин, ҳатти сарҳад аз пойтахт, шаҳри Петербург, хеле дур бурда шуд.

Ҳанӯз 17 июни соли 1808 Александри I манифест «Дар бораи ба Россия ҳамроҳ намудани Финландия»-ро эълон карда буд. Бо ҳамин, дар ҳайати империяи Россия субъекти нав – Князгарии Бузурги Финляндия таъсис ёфт, ки қаламрави ҳозираи Финландия ва як қисми Корелияро дар бар мегирифт. Ба князгарии Финляндия мухторияти васеи дохилӣ ва хориҷӣ дода шуд.

Дар Шведсия низ пас аз ин умедвор буданд, ки иттифоқ бо Наполеон ба онҳо ёрӣ мерасонад ва Финландияро ба давлати худ пас гардонанд. 21 августи соли 1810 Риксдаг (Маҷлис (Сейм)-и Шведсия) маршали французӣ Жан Батист Жюл Бернадотро вориси тахти Шведсия интихоб намуд. 5 ноябри соли 1810 Бернадот аз ҷониби шоҳ Карли XIII ба фарзандхонӣ қабул карда шуда, бо номи Карл Юхан регенти шоҳигарии Шведсия гардид.

Аммо Бернадот ба муқобили интизориҳои радикалҳои шведӣ аз Франсия масофа гирифта, ба Россия наздик гардид. Январи соли 1812 Наполеон Померанияи Шведсияро истило намуд, ки ин ба тезу тундшавии низои франко-шведӣ оварда расонд.

**Ҷанги коалитсияи Панҷум (с. 1809).** Аз вазъияти мушкили Франсия дар нимҷазираи Пиреней Австрия низ хост истифода барад. Императори Австрия Франси I мехост, ки барои шикаст дар соли 1805 аз Франсия интиқоми худро гирад. Дар Вена бовар доштанд, ки ҷанг дар ду фронт – ҳам дар Германия ва ҳам дар Пиреней барои Наполеон аз ҷанги коалитсияи Сеюм дида, гаронтару мушкилтар меафтад. То ҳамин вақт эрсгерсог Карл ислоҳоти ҳарбиро амалӣ намуда, 200 ҳазор ландвер – дастаҳои халқӣ, қувваҳои эҳтиётӣ барои артиши доимамалкунандаро таъсис дод. Ислоҳоти ҳарбии Австрия оғози таҳдидҳо барои Франсия дониста шуданд, ислоҳот он маъноро дошт, ки навоварие, ки якобинчиён дар артиши французӣ ҷорӣ карданд, дастоварди дигар мамлакатҳо ҳам гарида истодааст.

9 январи соли 1809 Австрия бар зидди Франсия ҷанг эълон намуд, ки он Ҷанги коалитсияи Панҷум (Австрия, Британия ва исёнгарони испанӣ) ном гирифт. Наполеон дар муддати кӯтоҳ тавонист, ки ҷангро ба қаламрави империяи Австрия кӯчонда, 13 майи соли 1809 пойтахти он, шаҳри Венаро ишғол намуд. Аммо гузаштан аз дарёи Дунай барои артиши Франсия осон наомад. 21

– 22 майи соли 1809 эрсгерсог Карл дар муҳорибаи назди Эсслинг ба Наполеон шикаст расонд ва дар ин муҳориба яке аз машҳуртарин маршалҳои Франсия Жан Ланн сахт ярадор шуда, 31 май ҷон дод. Наполеон ба Ланн чунин баҳо дода буд, ки «дар вуҷуди Ланн ҷасорат аз ақл боқувваттар буд, аммо барои барқарор намудани баробарӣ ақлаш ҳар рӯз бедор мешуд, ман ӯро ҳамчун пигмей ёфтам, аммо ҳамчун гигант аз даст додам». Ипиратори Франсия, ба нақли муаррихи машҳури Шӯравӣ Е. В. Тарле, Жан Ланни ярадоршударо бо дастонаш дар оғӯш гирфтааст ва дар тамоми ҳаёташ бори дуюм, аммо охирон маротиба гиря кардааст[1]. Дар вақти ҷангҳои италянӣ солҳои 1796 – 1797 Ланн ду бор ҳаёти Наполеонро наҷот дода буд. Танҳо дар муҳорибаи назди Ваграм 5 – 6 июли соли 1809 Наполеон тавонист, ки лашкари Карлро шикаст диҳад. Шумораи қувваҳои иштирокчии муҳорибаи мазкур – Франсия 178 ҳазор нафар ва Австрия 128 ҳазор нафар буданд, ки бо ин шумораи лашкар он наметавонист, ки дар фарқият аз Аустрлитсе ғалабаи комили франсузҳо дониста шавад.

Россия низ тибқи конвенсияи Эрфурт қарзи иттифоқчигии худро иҷро карда, 3 июни соли 1809 бар зидди Австрия ҷанг эълон кард, аммо он характери имитатсионӣ дошт. Корпуси русӣ бо сардории генерал С. Ф. Голитсин дар қаламрави герсоггарии Варшава ба манёвркунӣ машғул буд, ки он ҳам (герсоггарии Варшава) расман дар ҳолати ҷангӣ бо Австрия қарор дошт. Қисмҳои ҳарбии Россия шаҳрҳои Люблин ва Краковро ишғол намуда, аммо бар зидди артиши Австрия ба ҷанг надаромаданд.

**Шартномаи Шёнбурнн. Барқароршавии иттифоқи Франсия ва Австрия.** 14 октябри соли 1809 Франсия ва Австрия шартномаи сулҳи Шёнбурннро имзо карданд ва мувофиқи шартҳои он Австрия ба блокадаи континенталии зидди Британияи Кабир пайваст. Шартномаи мазкур диктаи шартҳои Наполеон ба Австрия буданд. Бо ин мақсад Австрия ба Франсия музофотҳои Иллирия (имрӯза Словения ва як қисми Хорватия)-ро дод, ки ин амал Венаро аз роҳи баромадан ба баҳр маҳрум намуд. Ба герсоггарии Варшава Галитсияи Ғарбӣ бо шаҳри Краков гузаштанд, ба Бавария Тирол ва вилояти Залтсбург, ба Россия бошад округи Тарнопол дода шуданд. Австрия, инчунин ба Франсия ба маблағи 75 миллион гулден тавони ҷангӣ дод. Наполеон пойдормонии сарҳадоти Австрияро кафолат дод. Ин банди шартнома онро ифода мекард, ки Австрия ба шарики майдаи Франсия табдил дода шуда, Париж кафолатдиҳандаи сарҳадоти он то 15 октябри соли 1809 гардид. Рамзу нишони иттифоқи Австрия ва Франсия акди никоҳи Наполеон Бонапарт бо духтари Франси I эрсгерсогбону Мария-Луиза гардид, ки он 1 октябри соли 1810 баста гардид. 20 марти соли 1811 аз онҳо фарзанд ба дунё омад, ки Наполеон ба ӯ унвони шоҳи Римро дод. Бо ҳамин, дар натиҷаи шартномаи мазкур Австрия аз қудрати ҳарбӣ маҳрум ва роҳи баромадани худро ба баҳр аз даст дода, ба давлати дараҷаи дуюм табдил ёфт.

[1]Тарле Е. В. Наполеон. М.: Издательство Академии наук СССР, 1957. С. 214.

Барқароршавии алянси франко-австриягӣ қариб, ки пурра вазъияти солҳои 50-уми асри XVIII-ро такрор мекард. Ҳамон вақтҳо дар ҷанг барои мероси Австрия (с. 1740 – 1748) шикаст хӯрда, малика Мария Терезия низ маҷбур шуд, ки соли 1756 бо Франсия шартномаи иттифоқии Версалро имзо кунад. Мустаҳкамкунандаи шартномаи франко-австриягӣ он вақт никоҳи дофин Людовик бо эрсгерсогбонуи австриягӣ Мария-Антуанетта гардид. Чунин меросгирии самти сиёсати Людовики XV ва Наполеон аз хусусиятҳои стратегияи гегемонии Франсия: табдил додани Австрия ба шарики майда, дур кардани Россия аз муносиботи европоӣ ва Британияро бошад аз иттифоқчиён дар қитъа маҳрум кардан иборат буд[1].

Ҳамин тавр, рафти ҷанги франко-австриягӣ дар соли 1809 низ нишон дод, ки давраи ба осонӣ ба даст овардани ғалабаҳо барои Наполеон гузашт. Австриягиҳо замини худро муҳофизат намуда, ҷасурона ва қатъӣ ҷанг карданд, гарчанде ки маҷбур шуданд дар назди артиши аз ҷиҳати шумора ва тавоноии ҳарбӣ авзалият дошта, ақибнишинӣ намоянд. Гарчанде ки натиҷаи сулҳи Шёнбрунн барои Австрия вазнин буд, австриягиҳо маҷбур буданд, ки ба маҳдуд намудани қаламрави зери назораташон розӣ шуда, ба Франсия як қатор музофотҳои худро диҳанд, инчунин ба бастани ақди никоҳи духтари Франс бо Наполеон розигӣ диҳад. Ба ин нигоҳ накарда, ҷанги мазкур исбот намуд, ки бо Наполеон мумкин аст дар майдони ҷанг баробар ҳарбу зарб намуд.

Баъди бастани шартномаи Шёнбурнн соли 1809 дар қитъаи Европа ду давлат монданд, ки аз ҷониби Наполеон пурра тобеъ карда нашуда буданд – Испания, ки дар он ҷо бар зидди французҳо ҷанги партизанӣ мерафт ва Россия. Россия – бар хилофи шартномаи иттифоқӣ бо Франсия амалан аз иштирок намудан дар ҷанг бар зидди Австрия дар соли 1809 даст кашид, инчунин блокадаи континенталиро низ Россия дар зоҳир амалӣ мекард.

Дар империяи Австрия низ яке аз шахсиятҳои намоёнтарини таърихи Австрия, Клеменс Лотар Меттерних (с. 1773 – 1859) вазири корҳои хориҷии нав таъйин гардида, пеши худ мақсад гузошт, ки масъалаи мазкурро аз нав баррасӣ намояд. Меттерних фавран барномаи воқеии дипломатии худро пешниҳод намуд. Аз ҷумла, вай қайд намудааст, ки мо имрӯз бехатарии худро танҳо тавассути ҳамроҳ шудан ба системаи ғалабаовари Франсия ба даст хоҳем овард. Ӯ ба хулосае омад, ки бо Наполеон ба пеш рафта, лаҳзаи мувофиқро интизор мешавем, ҳамин, ки фурсат расид, бар зидди ӯ бармехезем. Аммо эҳтиёткорона мубориза бурдан даркор, зеро аз хатари инқилоб дида, Наполеон беҳтар аст ва Франсия бошад барои мо бар зидди Англия ва Россия аз ночорӣ зарур аст, ҳангоми бархӯрди аз пеш омада истодаи Франсия ва Россия ба Австрия нақши қозиро таъмин кардан даркор аст ва ин нақшро дар давраи осоиштаи баъдиҷангӣ низ барои худ ҳифз нигоҳ доштан лозим меояд.

Қадами аввалини чунин сиёсат ақди никоҳи Наполеон бо шоҳдухтари Австрия шуд, ки Наполеон кайҳост дар орзуи хонадор шудан бо аъзои сулолаҳои

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 140.

кӯҳнаи европоӣ буд, то ки ҳокимияташро қонунӣ гардонад. Чуноне ки медонем, ин сиёсат низ дар оянда ба фоидаи Наполеон анҷом наёфт, яъне тахти худро ба писараш дода натавонист. Ва Наполеон ҳам гуфта будааст, ки бо «батн оиладор шудааст». Аз тарафи худ Меттерних ба чанд мақсад расид: ба Наполеон тарафдории худро нишон дод, ба давлатҳои Иттифоқи Рейн, ки аз Австрия ҷудо шуданд, исбот намуд, ки онҳо аз ҳуқуқу эҳтироми махсуси нисбати онҳо доштаи Наполеон маҳрум гардиданд ва охирон барои давлати Австрия бехатарии комилро таъмин намуд. Аммо барои ин ҳама ба австриягиҳо зарур омад, ки пардохт намоянд ва бо ҳамин маҷбур буданд дар юриши «артиши бузург» ба Россия ҳамроҳ гарданд.

**Вазъият дар арафаи низои Франсия бо Россия. Сабабҳои низоъ.** То охири соли 1809, новобаста ба ҳамаи ғалабаҳо, Франсия империяи ғарирасмӣ монд. Ҳокимияти он ба бартарияти қувва, камарбанди давлатҳои тобеъ ва иттифоқчиён, ки ба сифати шарикони майда баромад мекарданд, такя мекард. Аҳамияти муҳимро дар ихтиёри императори франсузҳо мавҷуд будани унвонҳо касб намуданд, ки тавассути онҳо Наполеон давлатҳои ба Франсия вобаст карда шударо идора мекард. Масалан, Наполеон протектори Иттифоқи Рейн ва шоҳи Италия ҳисоб мешуд. Наполеон сиёсати Ришеле ва Людовики XIV – мубадал намудани Франсия ба гегемони ғайрирасмӣ, аммо ба таври пурра равшан намудор буда, пайравӣ намуд.

Соли 1810 Наполеон шаклгирии бартарияти Франсияро оғоз намуд. Ба Франсия Голландия, шаҳрҳои Гамбург, Бремен ва Любек ва як қатор герсоггариҳои Аренберг, Лауэнбург, Олденбург ва Салм-Салм ҳамроҳ карда шуданд. Соли 1811 бошад Наполеон аз Испания музофоти Каталонияро ҷудо намуда, ба Франсия ҳамроҳ кард. Чунин тарз сурат гирифтани воқеаҳо Франсияро ба низои охирин бо бузургдавлати континенталӣ дар Европа – Россия оварда расонд. Бо ҳамин то аввали соли 1812 байни ду давлати мазкур се хатти низоъ муайян гардиданд.

Якум, ин блокадаи континенталӣ буд, ки таъҷилан қатъ гардидани муносиботи тиҷоратӣ бо шарики анъанавии Россия – Британияи Кабир ба фавран кам гардидани содироти ғалла, маҳсулоти кишоварзӣ ва ашё барои сохтмони киштиҳо аз Россия ба хориҷ оварда расонд. Франсия бо хоҷагии кишоварзии рушдёфта, аммо надоштани флоти тавоно наметавонист, ки дар ин самт ҷойи Британияро иваз намояд. Соли 1910 Россия маҷбур шуд, ки бо давлатҳои бетараф системаи савдои озодро ҷорӣ намояд, ки он ба заиф гардондани блокадаи континенталӣ оварда расонд ва соли 1809 бошад Петербург ШМА - ро расман эътироф намуд. Аммо гузарондани кашондани ғалладона аз хатсайри анъанавии шимол – баҳри Балтика ва баҳри Сиёҳ ба ҷануб – баҳри Сиёҳ ва баҳри Миёназамин, ки онро малика Екатерина низ орзӯ дошт, бо сабаби Франсияро дастгирӣ кардани империяи Усмониён, Россия амалӣ кардан натавонист.

Декабри соли 1810 бошад ҳукумати Россия нархи гумрукиро қабул намуд, ки тибқи он ҳаҷми нархи боҷи гумрукиро нисбати молҳои боҳашамат ва шароб, ки аз Франсия меоварданд, баланд бардошт. Мақсади сиёсати мазкур ҷуброн

намудани зарару талафот, ки бо сабаби блокадаи континенталӣ ба вуҷуд омада буданд, буд. Дар Париж чораҷӯии мазкури Россияро ҳамчун мавқегирии душманона арзёбӣ намуда буданд.

Масъалаи дуюм, ин герсоггарии Олденбург буд. Барҳам задани мустақилияти он на танҳо ба манфиати сулолавии Россия (зани герсоги Олденбург хоҳари Александри I князбонуи бузург Екатерина Павловна буд) созгор набуд, инчунин аз замони Пётри I герсоггарии мазкур ба сиёсати Россия алоқаманд буда, он ҳузури Россияро дар баҳри Шимол таъмин мекард. Барҳамзаниаш бошад онро ифода мекард, ки Наполеон дастовардҳои империяи Россияро нест карда истодааст.

Мушкилии дигар, ин масъалаи Полша буд. Дар Петербург ба таъсисдиҳии Герсоггарии Бузурги Варшава эҳтиёткорона назар доштанд ва дар сиёсати мазкури Франсия эҳё намудани Полшаи мустақилро медиданд. Тобистони соли 1811 байни ҳар ду давлат бӯҳрони дипломатӣ ба вуҷуд омад. 15 августи соли 1811 дар ҳузури қабули корпусҳои дипломатӣ Наполеон Бонапарт сафири Россия, княз Б. М. Куракинро дар наздик овардани сипоҳи Россия ба сарҳади герсоггарӣ айбдор намуд. Наполеон гуфта буд, ки ман ҷангро намехоҳам, ман намехоҳам Полшаро эҳё намоям, аммо шумо худатон мехоҳед герсоггарии Варшава ва Дансигро ба Россия ҳамроҳ намоед. Ҳукумати Россия аз ҷониби худ ин айбномаро рад намуд.

Пас аз ин дипломатияи Франсия барои оғоз намудани низоъ бо Россия ба пайдо кардани иттифоқчиён оғоз намуд. Мақсади Франсия аз истифода бурдани артиши онҳо иборат набуд, зеро қувваи ҳарбии он кифоя буд, аммо Париж бисёртар мехост, ки қаламрави онҳоро ҳамчун платсдарм барои ҳуҷум намудан ба Россия истифода намояд. 24 феврали соли 1812 Франсия бо Пруссия ва 14 марти соли 1812 бошад бо Австрия шартномаҳои иттифоқиро баст. Австрия инчунин ӯҳдадор гардид, ки дар ҳолати сар задани ҷанг корпуси ёридиҳандаи иборат аз 30 ҳазор нафарро сафарбар менамояд.

Россия низ аксуламалро нишон дода, бо як қатор давлатҳо шартномаҳоро баст. Аз ҷумла, 5 апрели соли 1812 бо Шведсия шартномаи иттифоқиро баста, ба шведҳо Норвегияро ваъда кард, 3 май бошад ба шартномаи мазкур Британия ҷалб гардида, бо Шведсия шартномаи иттифоқиро баст. 28 марти соли 1812 бо империяи Усмониён шартномаи сулҳи Бухарест баста шуд, он имконият дод, ки русҳо артиши Дунайро дар ҷанг бар зидди Наполеон сафарбар намоянд. 18 июли соли 1812 дар шаҳри Эребру (Шведсия) Россия бо Британияи Кабир шартномаи сулҳ баст, ки он ҷанги байни ин ду давлат, ки расман то соли 1807 идома доштро, ҷамъбаст намуд. Россия бо Британия муносибати тиҷоратиро барқарор намуд, англисҳо бошанд ҳангоми ҷанг бо Наполеон дастгирии худро ба роҳ монданд.

Хулоса, Наполеон дар назди худ ҳисобот дод, ки бархӯрд бо Россия ногузир аст. Барои ҳамин ӯ сар аз соли 1806 бар зидди Россия тайёрӣ медид. Дар асл ӯ юриши худро маҳз аз ҳамин сол роҳандозӣ намуд. Кӯшиш намуд, ки як қисми лашкари русро дар ҷанг бар зидди Туркия банд намояд ва аз соли 1808 бошад

дар ҷанг бо Шведсия. Аммо ин тайёрии ӯ пурра бо нокомӣ дучор гардид. Шведҳо бо Россия шартномаи сулҳ бастанд ва Шведсия қаламравҳои ишғолкардаи русҳоро дар Финландия эътироф намуд, то тобистони соли 1812 бошад ҷанги русу турк низ ба охир расид. Ҳамин тавр, дастони Россия кушода гардиданд. Дар натиҷаи ин ҷангҳо худи Наполеон маҷбур шуд эътироф намояд, ки ӯ аллакай пеш аз оғоз намудани низои ҳарбӣ бар зидди Россия дар соли 1812 «ҷангро қисман бохт».

Ҳамин тариқ, агар гуфтаҳои болоро таҳлил намоем, дипломатияи русӣ нисбат ба дипломатияи Франсия беҳтар фаъолият намуд. Франсия Пруссия ва Австрияро иттифоқчии худ интихоб намуд, ки онҳо ноустувор баромада, бо империяи Россия ҷанги имитатсионӣ мебурданд. Россия бошад бо бастани қарордодҳо бо Шведсия, Туркия ва Британия қанотҳои шимолӣ ва ҷанубии худро бехатар гардонда, тамоми қувваи худро ба самти ғарбӣ равона намуд.

**Оғози ҷанги Ватанӣ (с. 1812).** Наполеон бо ташкил кардани артиши 1 миллиону 200 ҳазорнафара муваффақ гардид, ки ба он қувваҳои ҳарбии давлатҳои тобеъро низ ҳамроҳ намуд. Он аз сипоҳи 600 ҳазор нафараи рус қариб ду маротиба зиёд буд. Сабаб дар он буд, ки дар Франсия дар рафти инқилоб ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ҷорӣ гардид, яъне ҳамаи мардони синни даъватшаванда ӯҳдадор шуданд, ки аз хизмати ҳарбӣ гузаранд. Ин имконият дод, ки дар вақти ҷанг шумораи лашкари Наполеон хеле зиёд шавад.

Баъзе таърихшиносони ҳарбӣ менависанд, ки дар вақти ҳуҷуми Наполеон сипоҳи рус тактикаи ҷангии «скифӣ» (тактикаи маликаи саку массагетҳо Томирис ҳангоми ҷанг бо Куруши Кабир ва сарлашкари портӣ Сурона бар зидди Рим) - ро истифода карданд. Яъне лашкари душманро ба дарунтари мамлакати худ даровардa, баъд бо як аксулҳуҷум онро торумор намуданд. Аз рӯи навишти баъзеи дигари олимон сипоҳи рус маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунанд, чунки лашкари душман аз ҷиҳати шумора хеле зиёд буд ва худи Россия нақшаи мушаххаси стратегии бурдани ҷангро бо Наполеон надошт.

Мақсадҳои сиёсии оғоз намудани ҷанг аз ҷониби Наполеон ҳоло ҳам баҳсталаб мебошанд. Баъзе муаррихон мегӯянд, ки Наполеон мехост, ки Петербургро ба системаи блокадаи континенталии Британия баргардонда, аз Россия заминҳои собиқ Реч Посполитаро кашида гирад ва давлати буферии Полшаро таъсис диҳад. Тасдиқи ғайримустақим оид ба ин масъала дар муроҷиати Наполеон ба аскаронаш ҳангоми аз дарёи Неман гузаштан ҷой дорад. Ӯ дар муроҷиатномаи худ аз 22 июни соли 1812 гузаштан аз дарёи Неманро «ҷанги дуюми Полша» ном мебарад, аммо, зикр менамояд ӯ, сулҳеро, ки мо мебандем, таъсири Россия, ки 50 сол шуда, дар корҳои дохилии Европа дахолат менамояд, комилан аз байн бурда хоҳад шуд. 50 солро ӯ аз соли 1763 – аз ба охиррасии Ҷанги Ҳафтсола то соли 1812 дар назар доштааст. Мумкин императори Франсия мехост, тақсимоти Реч Посполитаро аз нав дида барояд. Аммо дар байни қисми дигари муаррихон назарияе машҳур аст, ки гӯё Наполеон мехост, ки Россияро маҷбуран дар мубориза бар зидди Британияи Кабир дар Осиё ҷалб намояд.

Ҳанӯз солҳои 1800 – 1801 Наполеон масъалаи мазкурро бо императори пешини Россия Павели I низ баррасӣ карда буд.

Ҳамин тавр, баҳори соли 1812 Наполеон шумораи бештар аз ними артиши худ зиёда аз 600 ҳазор нафарро ба сарҳади Россия наздик овард. Ин лашкаре буд, ки мағлубиятро намедонисту ба зааковати ҳарбии сарлашкари худ, яъне Наполеон беҳад эътиқод дошт. Худи Наполеон дар ситоиши артиши худ чунин гуфта буд: «Артиши ман чунон ташкил карда шудааст, ки як ҳаракат онро рӯҳбаланд мекунад. Бо сарварии он ба пеш бояд ҳаракт кард, на ин ки истод ва на ақибнишинӣ кард, ин артиши ҳуҷумкунанда аст, на ҳимоякунанда».

12-июни соли 1812 Наполеон бе эълони ҷанг аз дарёи Неман гузашта, ба хоки Россия зада даромад. Наполеон ба сипоҳиёни худ мағрурона гуфта буд: «Аскарҳо, ҷанг сар шуд. Россия нигарони сарнавишт аст: тақдири он бояд ҳал шавад».

Ба сипоҳои французӣ маршалҳо ва генералҳои бомаҳорати дар ҷангҳои пешина шӯҳрат ёфтаи Наполеон ба монанди Мюрат, Даву, Ней, Богарнэ, Магдоналд, Марте ва дигарон сардорӣ мекарданд.

Дипломатияи русӣ хост, ки низоъро ба таври сулҳомез ҳал намояд, зеро Россия ҳоло ба амалиёти ҷангӣ пурра омода набуд, инчунин артиши Дунай низ барнагашта буд. Вақте ки Наполеон аз дарёи Неъман гузашт, Александри I дар шаҳри Вилно қарор дошт. 30 июни соли 1812 императори Россия ба қароргоҳи Наполеон бо роҳбарии вазири политсия А. Д. Балашов миссияи махсуси худро фиристонд. Ба сифати гуфтушуниди пешакӣ ҷониби Россия талаб намуд, ки артиши Франсия ба он тарафи Неман бароварда шавад. Наполеон аз ин пешниҳод даст кашид ва ягон пешниҳоди худро низ ба миён нагузошт.

Наполеон қарор дода буд, ки зарбаи асосиро ба Москва – дили Россия занад. «Агар ман Киевро ишғол кунам, – мегуфт ӯ, – Россияро аз пояш медорам; агар Петербургро забт намоям, аз сари Россия медорам; Москваро ишғол кардам дили онро аз кор мебарорам». Гирифтани Москва ба фикри ӯ ғалабаи қатъиро аз болои Россия таъмин мекард. Наполеон боварӣ дошт, ки бо як зарбаи қавӣ ӯ дар муҳорибаи асосӣ қушуни русро пурра торумор хоҳад кард. Чунки ӯ дар ҷангҳои пешина зуд ва қатъиян ғалаба мекард.

Сипоҳҳои рус то саршавии ҷанг ба се қисм ҷудо шуда, қад-қади сарҳади ғарбӣ пароканда ҷойгир буданд, зеро сарфармондеҳони рус самти асосии зарба задании Наполеонро намедонистанд. Артиши 1-ум таҳти фармондеҳии вазири ҳарбӣ, генерал Михаил Богданович Барклай-де-Толли (с. 1761 – 1818) дар Литва қад-қади дарёи Неман; дар ҷанубтари он дар наздикии шаҳри Волковиска артиши дуюми рус бо сардории генерал Петр Иванович Богратион (с. 1765 – 1812) ва артиши 3-юми рус дар шимолии Украина дар сари роҳи Киев, ки фармондеҳаш генерал Александр Петрович Тормасов буд, ҷойгир буданд. Бо ҳамин артиши рус дар масофаи 600 км пароканда ҷойгир гардида, масофаи байни онҳо 100-200 км буд.

Наполеон аз ин ҷойгиршави истифода бурда, хост, ки онҳоро алоҳида - алоҳида торумор кунад. Ин ҷобаҷогузории нодурусти артиши рус аз рӯи

нақшаи генерали пруссиягии соли 1806 ба тарафи Россия гузашта Фул буд, ки қариб буд лашкари русро ба доми марг оварда расонад. Барклай - де -Толли барои ҳамин ба Витебск ақибнишинӣ намуда, хост, ки бо Багратион муттаҳид шавад. Вале ба Наполеон муяссар гардид, ки роҳи ба шимол ақибравии артишидуюми русро гирад. Наполеон бо боварии комил гуфта буд, ки «Багратион ва Барклай бо ҳамдигар во намехӯранд». Лашкари Франсия бо зуди чунон ҳаракат карда, Минск, Смоленск, Витебск ва ғайраро забт кард.

**Ақибнишинии лашкари рус.** Александри I баъди аз даст додани Вилно аз сарфармондеҳӣ даст кашид, аммо ҳоло ҳам сарфармондеҳи кулли сипоҳро таъйин накард. Барклай-де-Толли ҳамчун вазири ҳарбӣ шахси асосӣ дар артиш монд. 22-июли соли 1812 дар назди шаҳри Смоленск русҳо артиши 120 ҳазорнафара ва французҳо қариб 150 ҳазорнафараро ба майдони муҳориба оварданд дар ин ҷо Наполеон хост муҳорибаи ҳалкунандаро гузаронад, аммо нақшааш барбод рафт. Қисмҳои ҷудогонаи русҳо Наполеонро намонданд, ки лашкарро як карда, зарба занад. Чунончи дар назди деҳаи Красное двизяи Неверовский як рӯзи пурра тавонист саворaҳои Мюратро боз дорад. Дар ин бора ба Наполеон чунин хабар расондаанд: «Неверовский шер барин ақиб рафт». Дар муҳорибаҳои аввал Наполеон дар Россия 150 ҳазор нафар аскари худро талаф дод. Аз рӯзҳои аввали ҳуҷуми Наполеон ба Россия халқи оддӣ бо бурдани ҷанги партизанӣ ба ҳимояи ватан хест, барои ҳамин ин ҷанг характери ватанӣ гирифта, онро дар таърихи Россия Ҷанги Ватанӣ ном мебаранд.

Дар Россия бар зидди французҳо ҷанги партизанӣ оғоз гардид. Сипоҳи французҳо ба даруntари Россия рафта, ҳамон қадар аз базаҳои таъминотии худ дур мешуд ва маҷбур шуд, ки ба таъминоти маҳаллӣ гузарад. Ҳанӯз, дар назди Смоленск Наполеон фаҳмид, ки давом додани ҷанг барои ӯ оқибатҳои вазнинро мебиёрад. Лашкари рус ба нooроми дучор омад ва мехост, ки ба Наполеон задухӯрди ҳалкунандаро гузаронад. Чунки ӯ рост ба Москва ҳаракт мекард. Дар ҳамин вақт Александр маҷбур мешавад, ки шахси дар қушун обрӯ дошта, шогирд ва ҳамсафи А. В. Суворов – Михаил Илларионович Кутузов (с. 1745 – 1813) - ро сарфармондеҳ таъйин намояд. Александри I Кутузовро барои мустақилии андешаҳояш ва шӯҳрати зиёд дар қушун доштааш бад медид. Фақат хавфи шикаст императорро маҷбур намуд, ки М. И. Кутузовро сарфармондеҳи қушуни рус таъин кунад. Таъйин кардани Кутузов рӯҳияи артишро баланд бардошт. 17 - август бо омадани Кутузов ба артиш Ҷанги Ватанӣ характери мубориззаи миллӣ- озодихоҳии халқи рус бар зидди истилогаронро гирифт. Багратион дар ин хусус менависад, ки «ҷанг акнун ҷанги оддӣ не, балки ҷанги миллист».

Бинобар ин, ба сипоҳи рус лозим омад, ки ақибнишинии худро давом диҳад. Кутузов ба хубӣ медонист, ки бо як муҳорибаи калон ҷангро ба фоидаи Россия бурдан мумкин нест, зеро душман аз ҷиҳати шумора ҳанӯз ҳам аз русҳо бартарӣ дошт. Ӯ мехост дар якчанд муҳорибаи сахт амалиётҳои ҷангии қушун ва дастаҳои партизаниро бо ҳам пайваста, қувваи душманро заиф гардонад. Кутузов хусусияти халқӣ доштани ҷанг, рӯҳияи баланди маънавии кушуни рус,

дарозии хатти алоқаи душман ва торафт рӯҳафтода шудани артиши Наполеонро ба назари эътибор мегирифт. Дурандешии ӯ дуруст баромад.

**Муҳорибаи Бородино.** Барои он ки ҳарифро суст кунад ва ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузарад, Кутузов хост, ки дар 12 км ғарбтар аз Можайск дар назди деҳаи Бородино муҳорибаи фаъоли ҳимоявиро бар зидди Наполеон гузаронад. Ин деҳа 120 км дуртар аз шаҳри Москва воқеъ гардида буд. Ҳарчанд таносуби қувваҳо ба фоидаи русҳо набошад ҳам, шароит мисли пештара набуд. Вазъият тақрибан чунин буд: Кутузов 120 ҳазор сарбоз ва 624 тӯп, Наполеон 135 ҳазор аскар ва 587 тӯпро ба майдони ҷанг оварданд. Наполеон умед дошт, ки дар ин муҳориба Россияро тамоман мағлуб месозад. Барои вай Бородино муҳорибаи ҳалкунанда ба шумор мерафт, ки ӯ доимо онро аз рӯзи ворид шудан ба Россия орзу мекард. Кутузов муҳорибаи мудофиавиро ба нақша гирифта, мехост ба қувваи зиндаи душман ҳар чи бештар зарба зада, шумораи қушуни худро нигоҳ дорад ва таносуби қувваҳоро ба фоидаи худ тағйир диҳад.

Ҷойгиршавии лашкари рус чунин буд: Мавқеи интихобкардаи Кутузов роҳҳои асосии Москваро банд мекард. Дуртар дар канори чап дар назди деҳаи Шевардино истеҳкоми саҳроӣ барпо кард, ки онро истеҳкоми Шевардино мегуфтанд. Дар қаноти рости мавқеи русҳо қушуни якуми генерал Барклай-де-Толли дар назди дарёи Колоч меистод. Қаноти чапи ҷабҳаро бошад, ки дар назди деҳаи Семеновск буд, Богратион идора мекард. Дар натиҷаи ҷанги 24 – 25 август французҳо тавонистанд, ки истеҳкоми Шевардиноро забт намоянд.

Субҳи 26-уми август рӯзи муҳорибаи ҳалкунанда оғоз гардид. Саҳар ҳангоми тулӯи офтоб Наполеон қушунро ба ғалаба бовар кунонд, барои баланд гардонидани рӯҳияи ҷангиаш чунин гуфт: «Ин офтоби Аустерлитсе аст».

Муҳорибаи Бородино субҳидами 26-уми августи соли 1812 оғоз гардид. Қарибиҳои соати 5-и субҳидами тира садои тири аввалин шунида шуд. Баъд ҷанги пуршиддат оғоз ёфт, ки он пас аз ихтирои силоҳи оташфишон то ин дам ҷанги аз ҳама азимтарин буд. Баъди зарбаҳои зиёди хунин французҳо камтар муваффақ шуданд, ки қаноти чапи русҳо ва батареяи Раевскийро дар мавқеи марказии русҳо рахна кунанд. Аммо ба маркази мавқеъгирифтаи сипоҳи рус Наполеон ҳеҷ натавонист, ки зарбаи ҳалокатвор расонад. Русҳо фақат 1 – 1,5 км аз мавқеашон ақибнишинӣ намуданд. Дар натиҷаи ҳуҷумҳои ҷавобӣ сипоҳи рус тавонист бегоҳии ҳамон рӯз мавқеи пештараашро боз барқарор кунад. Французҳо маҷбур шуданд, ки ба мавқеи аввалаи худ баргарданд. Дар ин муҳориба русҳо 40 (мувофиқи маълумоти дигар 38,5 ҳ.) ҳазор, аз ҷумла 22 генерал, мурдаву маҷрӯҳ ва французҳо 60 (тибқи ахбори дигар 58 ҳ.) ҳазор, аз ҷумла 47 генерал, мурдаву маҷрӯҳ аз сар гузоштанд. Баъдтар, дар моҳҳои январ – марти соли 1813 дар майдони Бородино боқимондаи ҷасадҳои 50 ҳазор аскару афсари ҳар ду артиши ҷангкунанда ва боқимондаи 36 ҳазор асп сӯзонда шуда, ба хок супорида шуданд[1].

[1]Памятники истории России. Составители В. Л. Егоров, Л. В. Максакова. М.: Советская Россия, 1987. С. 31.

Ин муҳориба 15 соат давом намуда, шаб анҷом ёфт. Дар ин муҳориба французҳо ҳуҷум ва русҳо мудофиа мекарданд. Наполеон натавонист дар ҷанг ғалаба кунад ва мақсади вай, яъне аз байн бурдани артиши рус, низ барбод рафт. Дар ин муҳориба Наполеон зарбае хӯрд, ки дигар натавонист қомати худро дар оянда рост кунад. Худи Наполеон умедашро аз ғалаба канд. Шуҳрати Наполеон баъди ин ҷанг ҳамчун лашкаркаши мағлубнашаванда рӯ ба пасти ниҳод. Худи Наполеон ба ин муҳориба чунин баҳо дода буд. «Аз ҳама муҳорибаҳоям даҳшатноктаринаш муҳорибаи назди Москва буд. Дар ин муҳориба французҳо ба ғалаба қодир будани худро нишон доданд, аммо русҳо бошанд, бо мағлубнопазирии худ шӯҳрат ёфтанд».

Рӯзи дигар Кутузов қарор дод, ки муҳорибаро давом надода, ба самти Москва ақиб нишинанд. Ин қарор барои муҳорибаҳои оянда лозим буд. Аммо император ва атрофиёнаш муҳорибаи навро талаб мекарданд. 1 - уми сентябри соли 1812 дар деҳаи Филии назди Москва машварати ҳарбӣ доир гардид. Дар машварат масъалаи Москваро бе ҷанг ба душман монда равем ё муҳорибаи навро сар кунем гузошта шуд. Аксари генералҳо ба тарафдории гузарондани муҳорибаи нав розӣ шуданд. Кутузов ҳамаро бодиққат гӯш намуда, қарор дод, ки Москваро бе ҷанг ба душман монда, рафтанро эълон кард. «Аз даст рафтани Москва, – гуфт ӯ, – маънии аз даст додани Россияро надорад… Вале агар артиш торумор шавад, Москва ва Россия нобуд мегарданд».

2-юми сентябр лашкари рус Москваро монда, ба ақибнишинӣ даст зад. Аз паси артиши рус қисми зиёди аҳолӣ низ Москваро тарк кард. Москва пойтахти қадимаи рус ба тороҷи сипоҳи француз дода шуд. Аввалин шуда, сипоҳи савораи Мюрат тавассути кӯчаи дароз ва борики Арбат ба Москва ворид шуд. Шаҳр хомӯшу беодам буд. Дар шаҳр фақат хориҷиҳо ва он москвагиҳое монданд, ки барои аз шаҳр баромадан фурсати мусоид наёфтанд. Аскарҳои масти Француз дар ҳама ҷо ғанимат меҷустанд ва ба ғоратгарӣ машғул шуданд. Дар шаҳр сӯхтор сар шуд ва 80% хонаҳои чӯбин сӯхта шуданд. Артиши французҳо барои истиқомат манзилро наёфт. Бисёре аз биноҳои шаҳрро сарбозони ғоратгари француз сӯзонданд. Чунин бошандагони Москва низ буданд, ки пеш аз тарк намудани шаҳр молу амволи худро сӯзонданд, то ки он ба дасти душман наафтад. Сӯхтор дар шаҳр шаш рӯз давом кард. Фармондеҳони француз аз бошандагони Москва, ҳар касеро, ки ба дасташон меафтод, ба оташзанӣ айбдор намуда, мепаронданд. Ин амал ғазаби халқро ба вуҷуд овард.

**Раванди шикасти Наполеон дар Россия.** Наполеон дар Москва қариб, ки дар муҳосира монд. Дар шаҳр не анборҳои силоҳ монду не маҳсулоти хӯрока, ҳамаи захираҳоро қушуни рус бо худ кашида бурд. Наполеон фаҳмид, ки ҷангро бой додаст ва се маротиба бастани сулҳро пешниҳод менамояд, вале ҷавоб нагирифт. Шоири англис, яке аз ҳамзамонони А. С. Пушкин – Байрон, дар як ҷойи асараш ба Наполеон муроҷиат карда хотиррасон менамояд, ки бисёре аз забткорон кӯшиш карданд, ки деворҳо ва гумбазҳои Кремлро бинанд, Наполеон онҳоро дар рӯшноии сапедадам дид, аммо он зарраи ғуруби ӯ буд. Наполеон қарор дод, ки Москваро монда, бо роҳи Калуга ба ҷанубу ғарбӣ ақиб

нишинад. Кутузов бо қувваи асосиаш ба ҷанубтари Москва ба роҳи Калуга ба деҳаи Тарутино дохил шуда, ба артиши рус чунин фармонро эълон кард: «Акнун ба ақиб рафтан даркор нест ва амалиёт тайёр шудан лозим, … бинед, ки тамоми Европа ва Ватани маҳбубамон нигарони мо ҳастанд».

7-уми октябри соли 1812 Наполеон аз шаҳри Москва баромаданро оғоз намуд. Ӯ фармон дод, ки Кремл ва маъбади Василий Блаженний тарконда шаванд. Фидокорони ватандӯст ба ин халал расонда, фақат як қисми деворҳои Кремл ва баъзе иморатҳо тарконда шуданд. Дар муҳорибаҳои назди Малоярославетс, ки 8-маротиба ин шаҳрча аз даст ба дасти тарафҳо гузашт, Наполеон шикаст хӯрда, маҷбур шуд, ки бо роҳи талаву тороҷ кардааш ба Смоленск пас гардад. Ақибнишинӣ торафт бесарусомонтар мешуд. Аз лашкари 110 ҳазорнафараи Наполеони аз Москва баромада ба Смоленск танҳо 60 ҳазор расиданду халос. Дар назди Вязма сипоҳи М. А. Милорадович ва Платов корпуси Давуро шикаст доданд. Инчунин дар назди Красний артиши рус корпусҳои Даву, Ней ва Богарнэро торумор карда, қариб тамоми артиллерияи онҳоро соҳиб шуданд. Боқимондаи лашкари наполеонӣ роҳи гурезро пеш гирифт.

Дар моҳи ноябр хунукиҳои сахт оғоз гардиданд. Артиши Наполеон ба хунукиҳо тоб наоварда, сармозада шуданд. Ҳангоми гузаштани Наполеон аз дарёи Березино бояд аз рӯи нақшаи Кутузов французҳо муҳосира карда шуда, Наполеон асир гирифта мешуд. Аммо бо хатогиҳои баъзе аз генералҳои рус ӯ тавонист ба он сӯи дарё гузарад. Дар гузаштани ин дарё французҳо 30-ҳазор аскари худро (куштаю ярадор ва асир гирифта шуда) аз даст доданд. Дар назди Березино ба Наполеон зарбаи ҳалокатовор расонда шуд. Фақат 9 ҳазор низомиёни французӣ аз муҳосира раҳо ёфтанд. Бо ҳамроҳии онҳо Наполеон ва маршалҳои вай низ гурехтанд. Наполеон пинҳонӣ артишро тарк карда, ба Париж рафт, то ки қувваи навро ҷамъ оварад. Баъдан дар ҷазираҳои Еленаи муқаддас ӯ аз ҷангҳои худ дар Россия ёдовар шуда, шикасти худро ба айби хунукиҳои Россия маънидод карда, иброз доштааст, ки «ба Россия мо бар зидди одамон ҷанг рафтем на бар зидди сармо, моро сармо мағлуб кард на одамон».

20 - уми декабри соли 1812 сипоҳи рус ба шаҳри Вилно даромаданд. Аскарҳои боқимондаи французҳо ба он тарафи дарёи Неман ва Висла гурехтанд. Ҷанг бо ғалабаи Россия анҷом ёфт. 25 - уми декабри соли 1812 Александри I манифести расмиро дар бораи ронда шудани Наполеон аз Россия ва ба охир расидани Ҷанги Ватанӣ эълон кард.

**Ҷанги коалитсияи Шашум ва заволёбии империяи Франсия (с. 1813 – 1814).** Баъди ба охир расидани Ҷанги Ватанӣ империяи Россия дар назди худ масъала оид ба стратегияи фаъолияти минбаъдаро гузошт. Дар баёни масъала зикр кардан зарур аст, ки дар назди ҳукумати Россия ду қарор ба вуҷуд омаданд. Якум, оғоз намудани гуфтушунидҳои сулҳ бо Наполеон, дуюм, давом додани ҷанг дар қаламрви давлатҳои дигари европоӣ. Ҳукумати Россия қарори дуюмро интихоб кард, зиёда аз ин аз доираи расмии ҳукмрони Франсия низ оид ба сулҳ ягон пешниҳод карда нашуд. Наполеон кушоду равшан барои интиқомгирии навбатӣ тайёрӣ медид. 1 (13) январи 1813 лашкари рус ба қаламрави Полша ва

Пруссия дохил шуд. 8 феврали 1813 сипоҳи рус зери фармондеҳии М. И. Кутузов Варшаваро гирифт, баъди ин Австрия иштироки худро дар амалиётҳои ҷангӣ қатъ намуд. Феврали соли 1813 русҳо ба Берлин даромаданд. Пруссия бо Франсия муносибатро вайрон карда, бо Россия сулҳ баст. Дар Пруссия сафарбаркунии умумии ҳарбӣ гузаронда шуда, артиши 120 ҳазорнафара ташкил карда шуд.

***Шартномаи иттифоқии Калиш.*** 15/28 феврали 1813 генерал - фелдмаршал М. И. Кутузов ва вазири ҳарбии Пруссия Г. Шарнхост (дар баъзе адабиёт аз ҷониби канслер, барон К. А. фон Гарденберг) дар Калиш (Полша) бар зидди Франсия шартномаи иттифоқиро бастанд. Лашкари Пруссия бо Кутузов якҷо шуданд. 17 марти соли 1813 Пруссия бар зидди Франсия ҷанг эълон кард. То аввали моҳи апрели соли 1813 Германияи Шарқӣ озод карда шуд. 16-уми апрели ҳамон сол Кутузов вафот кард. Сарфармондеҳии лашкари иттифоқиро аввал П. Х. Витгенштейн ва баъд М. Б. Барклай - де - Толли ба ӯҳда гирифтанд.

Ҳамин тариқ, зидди Франсия коалитсияи Шашум ташкил карда шуда, аввал ба ҳайати он Россия, Пруссия, Британия даромаданд. Дар тамоми Европа ҳаракатҳои озодихоҳӣ оғоз гардид.

15 апрели соли 1813, Наполеон, ки қувваҳои навро ҷамъ карда буд, бар зидди Пруссия ва Россия амалиётҳои ҳарбиро сар кард. Артиши Франсия, дар муҳорибаи назди Лютсен 2 майи 1813 ва муҳорибаи Баутсен 20 майи 1813, аз болои иттифоқчиён ғалаба ба даст овард, аммо артиши онҳоро торумор карда натавонист, иттифоқчиён танҳо мавқеи худро монда ба ақиб гаштанд.

***Оташбаси Плесвитс.*** 4 июни соли 1813 бо миёнаравии Австрия коалитсия (Россия ва Пруссия) ва Франсия оташбаси Плесвитсро имзо карданд.

Гуфтушунидҳо оид ба сулҳ дар Прага оғоз гардиданд. Канслери Австрия Клемент Меттерних ба Наполеон пешниҳод намуд, ки Иллирия, шаҳрҳои Ганзей, герсоггарии Варшаваро гузашт намояд ва аз унвони протектори Иттифоқи Рейн низ даст кашад. Инҳо гузашткуниҳои ҷиддӣ буданд. Иттифоқчиён розӣ буданд, ки ба Наполеон Нидерландия, соҳилҳои чапи Рейн, нимҷазираи Апеннинро монанд. Аммо, азбаски варинати мазкур заволёбии системаи блокадаи континенталиро ифода мекард, Наполеон онро рад кард. 10 августи соли 1813 мӯҳлати оташбас ба охир расид. 11 августи соли 1813 Австрия бар зидди Франсия ҷанг эълон намуд. Қувваҳои иттифоқчиён аз сари нав дар се артиш аз нав ҷо ба ҷо карда шуданд: артиши Шимолӣ, зери фармондеҳии Ж. Б. Бернадот, артиши Силезия, зери фармондеҳии Г. Л. Блюхер ва артиши Богемия, зери фармондеҳии К. Ф. Швартсенберг. Наполеон тавонист, ки 27 августи соли 1813 дар муҳорибаи назди Дрезден артиши К. Ф. Швартсенбергро шикаст диҳад. Аммо 29 – 30 - юми августи соли 1813 дар муҳорибаи назди Кулм (ҳозира Хлуметси Чехия) иттифоқчиён корпуси генерал Д. Вандамро ба таслимшавӣ маҷбур карданд.

***Шартномаи Теплитс.*** Ғалаба дар назди Кулм қувваҳои савораи франсузҳоро заиф намуда, обрӯи дипломатии коалитсияро баланд бардошт. 18 август / 9 сентябри соли 1813 Австрия, Россия ва Пруссия оид ба барқарорку-

нии давлатҳои германӣ дар сарҳадоти соли 1805 шартномаи Теплитсро имзо карданд. 8 октябри соли 1813 ба коалитсия Бавария ворид шуд.

***Муҳорибаи халқҳо.*** 16 – 19 октябри соли 1813 байни Наполеон ва артиши иттифоқчиён дар назди шаҳри Лейпсиг задухӯрди ҳалкунанда, ки се рӯз давом карда буд ва дар таърих он бо номи «Муҳорибаи халқҳо» машҳур аст, шуда гузашт. Лашкари Наполеон торумор карда шуд ва ӯ ба он сӯи Рейн ақибнишинӣ кард. 28 октябри соли 1813 иттифоқчиён шоҳигарии Вестфалро барҳам доданд. Дар моҳи ноябри соли 1813 ба тарафи иттифоқчиён Вюртемберг, Гессен-Дармштадт, Баден, Нассау ва Саксен-Кобург гузаштанд. Ин воқеаҳо онро ифода мекарданд, ки Иттифоқи Рейн завол ёфт. Шоҳи Неапол Йоахим Мюрат низ ба тарафи иттифоқчиён гузашт. Дар Испания бошад корпуси герсог Веллингтон ва дастаҳои партизанӣ французҳоро аз Пиреней берун баровrouting[1].

***Конгресси сулҳи Шатилон.*** Баъди ин, 4 феврали соли 1814 дар шаҳри Шатилон бо иштироки Франсия ва иттифоқчиён конгресси сулҳ ба кори худ сар кард. Ин даъфа аз Наполеон талаб намуданд, ки ба сарҳадоти Франсия то 1 январи соли 1792 баргардад. Аммо Наполеон ба артиши австриягии К. Ф. Швартсенберг ва артиши пруссиягии Г. Л. Блюхер як қатор шикастҳо расонда, умед ба он дошт, ки сулҳи дигари нисбатан манфиатоварро мебандад.

***Шартномаи Шомон.*** Дар ҷавоб 1 марти соли 1814 дар Шамон намояндагони чор давлат – Британияи Кабир, Австрия, Россия ва Пруссия қарордоде ба имзо расонданд, ки тибқи он ваъда доданд, ки то Франсия ба талаботи онҳо итоат накунад, силоҳро ба замин намегузоранд. Шартномаи Шомон иттифоқчиёнро ӯҳдадор намуд, ки бар зидди Наполеон 150 ҳазор нафарро ба майдон бароранд ва бо ӯ сулҳи сепаратиро набанданд. Ғайр аз ин, дар қарордоди мазкур сохтори баъдиҷангии Европа низ ба нақша гирифта шуда буд, ки он дар конгресси Вена солҳои 1814 – 1815 баррасӣ гардид.

***Ишғоли Париж ва Шартномаи Фонтенбло.*** Майдони ҷанг ба қаламрави Франсия гузашт. 30 марти 1814 шаҳри Париж ишғол карда шуд. Наполеон лашкарро ба Фонтенбло кӯчонд, аммо маршалҳо дигар нахостанд, ки ҷанг кунанд. 6 апрели соли 1814 Наполеон ҳамчун императори Франсия зери фишори маршалҳо ба фоидаи писараш, ки ӯ ҳамчун император Наполеони II эълон карда шуд, аз тахт даст кашид ва 11 апрел дар Фонтенбло бо иттифоқчиён шартномаро имзо гузошт. Мувофиқи шартҳои шартномаи мазкур ӯ барои худ унвони императориро нигоҳ дошта, тавонист ҷазираи Элбаи баҳри Миёназамини дар 35 километри шимолтар аз Корсика воқеъ бударо ҳамчун мулки умрбод гирад ва ба он ҷо бадарға карда шуд. Наполеон ба дастгирии Австрия умед дошт, зеро писари ӯ Наполеони II писари Мария -Луиза буд. Аммо Россия, Пруссия ва махсусан Британияи Кабир яку якбора тавоно шудани Австрияро намехостанд. Ба ҷойи пешниҳоди мазкур Сенати Франсия қарор дар бораи ба ватан баргардондани дофин (вориси тахт) граф Прованский ҳамчун шоҳи Франсия бо номи Людовики XVIII-ро маъқул донист. Дар Франсия аз нав сулолаи дар вақти

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 147.

инқилоб сарнагуншудаи Бурбонҳоро барқарор намуданд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи ҷанги коалитсияи Шашум империяи Франсия завол ёфт.

**Шартномаи Якуми сулҳи Париж.** 18/30 - юми майи соли 1814 дар Париж миёни иттифоқчиён ва Франсия шартномаи пешакии сулҳ баста шуда, мувофиқи шартҳои он ҳудуди Франсия ба сарҳадоти то 1 январи соли 1792 баргардонда шуд. Тибқи он аз ҳисоби Нидерландияи Ҷанубӣ қаламрави Голландия васеъ карда шуд, давлатҳои германӣ мустақилияти худро барқарор намуданд ва дар муносибат бо ҳам дар асоси принсипҳои федератсия муттаҳид гардиданд. Ба Сардиния на танҳо Пемонт ва Савойяро баргардонданд, инчунин ба он Генуя низ дода шуд. Франсия халалдор намудани суверенитети Швейтсария ва давлатҳои Италяниро аз тарафи Наполеон эътироф намуд. Франсия, инчунин истиқлолияти давлатҳои италянӣ ва Швейтсарияро ҳамчун шарти асосӣ бар зидди эҳёшавии экспансияи франсузӣ кафолат дод. Британияи Кабир ҳамаи мустамликаҳое, ки Франсия ишғол карда буд: Тобаго, Сент-Люсия, Ил-де-Франс, Ҷазираҳои Сейшел ва ҷазираи Родригесро ба даст даровард, дигар мустамликаҳо бошанд ба Франсия бозгардонда шуданд. Франсия ба фоидаи Испания аз Сан - Доминго даст кашид ва Испания бошад ба фоидаи Франсия аз собиқ Гвианаи Франсузӣ ва Гваделупа даст кашид. Дар шартнома инчунин муқаррарот оид ба киштиронии озод тавассути дарёи Рейн, манъ намудани таъқиботи сиёсӣ ва ба муддати 6 сол таъмин намудани рафту омади озодона барои сокинони қаламравҳои ивазкардашуда оварда шудаанд. Дар шартномаи бо Англия баста шуда бошад Франсия ӯҳдадор гардид, ки дар муддати панҷ сол дар мустамликаҳояш ғуломдориро барҳам мезанад. Шартномаи сулҳи мазкур, инчунин шартномаҳои пешин – Базел, Пресбург (Братислава), Тилзит ва Шёнбруннро аз эътибор соқит донист.

Ҳамин тавр, адабзании Франсия ба таври сабукона гузашт, дар ин ҷо ҳам Талейран хизмат кард, мувофиқи ақидааш, ки онро ба иттифоқчиён пешниҳод намуда буд, ҷанг на бар зидди намояндаи сулолаи қонунии Франсия – Людовики XVIII, балки бар зидди Наполеон буд, иброз намудааст ӯ. Баробари ин, Талейран аввалин шахсе шуд, ки ба лашкари иттифоқчиён нома навишта, оид ба вазъи Париж гузориш дода, гуфтааст, ки шумо метавонед озодона ба шаҳр дароед. Ҳангоми имзо намудани сулҳ таъсири Каслри ва Меттерних ҳам, ки вазифаи онҳо аз ҳифз нигоҳ доштани Франсия дар як сатҳи муайян дар муқобили Россия иборат буд, бараъло дида шуд ва баробари ин, бо мақсади он ки экспансияи франсузӣ такрор наёбад қаламрави онро дар ҳудудҳои табииаш қарор доданд. Ҷонибҳо, ғайр аз ин, оид ба даъват намудани конгресси Вена низ маслиҳатҳо доштанд, ки он дар моддаи 32 Шартномаи Якуми сулҳи Париж сабт карда шуда буд.

Ҳамин тавр, Инқилоби Франсия хобонда шуда, дар Франсия ба сари қудрат аз сари нав сулолаи Бурбонҳо омаданд. Аммо новобаста аз ин ҳама, баргаштан ба қафо ба низоми кӯҳна, аз он ҷумла дар муносиботи байналхалқӣ низ дигар аз имконият берун буд. Европаи аз ҷангҳои беохир ва хунин монда шуда, пазмону хостори сулҳ буд. Гарчанде ки тирамоҳи соли 1814 ба Вена реаксионерҳои ашаддӣ рафтанд, новобаста аз ин, онҳо маҷбур буданд, ки дар муно-

сиботи байналхалқӣ инқилоби ҳақиқиро барпо намуда, дар таърихи инсоният аввалин системаи устувори муносиботи байналхалқӣ – Консерти европоиро таъсис диҳанд.

# БОБИ IV. СИСТЕМАИ ВЕНАГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## 4. 1. КОНГРЕССИ ВЕНА ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар асри XIX дар муносибатҳои байналхалқӣ таъсири афкори ҷамъиятӣ ва матбуот зиёд гардид. Барои ҳамин лозим омад, ки дар дипломатия ва муносиботи байналхалқӣ тағйирот ворид карда шавад. Зеро зарурият ба вуҷуд омад, ки назару афкори ҷамъиятиро ба инобат гирифта, ба рафти корҳо таъсир расонд. Матбуот ҳам ба яке аз воситаҳои асосии муборизаҳои дипломатӣ табдил ёфт. Идеологизатсияи ҷамъиятӣ ва зуҳурёбии ҳаракатҳои миллӣ низ ба муносибатҳои байналхалқӣ таъсир мерасонданд. Ҳамаи инҳо талаб мекарданд, ки дар системаи муносиботи байналхалқӣ, дипломатия тағйирот сурат гирад. Дар асри мазкур дар структураи вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва корпусҳои дипломатии бархе абарқудратҳо тағйироти куллӣ ба вуҷуд оварда шуданд ва шумораи шӯъбаву департаментҳои онҳо васеъ гардид. Махсусан, тағйироти ҷиддӣ дар конгресси Вена сурат гирифтанд. Масалан, 15 марти соли 1815 дар конгресси мазкур оид ба фаъолияти асосии намояндагони дипломатӣ «Регламенти Вена» қабул карда шуд ва он ҳамчун замима, қисми ҷудонашавандаи Санади ниҳоии конгресси Вена эълон гардид.

**Мақсадҳои конгресси Вена.** Мақсадҳои асосии ҳамаи иштирокчиёни конгресси мазкур, хусусан чор давлати ғолиб, аз ҳал намудани масъалаҳои мероси сиёсии инқилоби Франсия ва ҷангҳои Наполеонӣ ва дар минбаъда роҳ надодан ба кӯшишҳои гегемонияи европоӣ гардидани ягон давлат, аз ҷумла роҳи имкониятҳои аз сари нав сар задани интиқомгирии Франсияро гирифтан, иборат буд.

Баробари ин, ҳар кадоме аз давлатҳои ба конгресс ташриф оварда, боз мақсадҳои алоҳидаи худро доштанд, ки ҳатто ба манфиатҳои ҳамдигар низ мутобиқат намекарданд.

Дар байни давлатҳои абарқудрат аз ҷангҳои Наполеонӣ аз ҳама зиёд Британия бурд кард. Зеро он аз ҷанг ғолиб баромада, рақиби таърихиаш бошад торумор карда шуд. Масалан, Лондон тибқи сиёсати хориҷии анъанавии худ пайравӣ намуда, мақсади он, яъне барқарор намудани мувозинати қувваҳо дар Европа ва таъмин намудани бартарияти Британия берун аз қитъа амалӣ гардид. Аз ин пас Британия дар баҳру уқёнусҳо тантана мекард. Барои ҳамин Британия аз Наполеон беҳад розӣ буд[1]. Аммо дар Лондон ҳоло ҳам Франсияро таҳдидкунандаи асосӣ барои мувозинати европоӣ медонистанд. Баробари ин англисҳо аз бо суръати тез мустаҳкам гардидани мавқеи Россия низ розӣ набуданд ва мехостанд, ки дастовардҳои сиёсӣ ва территориявии давлати мазкурро дар Европа камтар намоянд. Вазъи-

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 189.

яти Британия нисбат ба дигар давлатҳо сабуктар буд, зеро то арафаи оғоз гаштани нишасти мазкури давлатҳои ғолиб, комёбиҳое, ки Лондон бояд ба онҳо ноил гардид, аллакай пеш аз оғози конгресс дар шартномаҳои байналхалқӣ сабт гардиданд. Ин дастовардҳо асосан берун аз қаламрави қитъаи Европа ба даст омаданд. Дар қитъа низ Британия пеш аз оғоз шудани конгресси Вена масъалаи барои он муҳим, масъалаи Голландия ва Белгияро ҳал намуд. Ғайр аз ин, англисҳо тавонистанд, ки роҳ надиҳанд то ки масъалаи ба танзимдарории байналхалқии ҳуқуқи баҳрӣ барассӣ ва муҳокима карда шавад ва ҳамин тавр, ба ном «кодекси баҳрии британӣ» - ро ҳифз нигоҳ доранд, яъне ба худ мондани ҳуқуқи истифода намудан аз зӯрӣ, ҳатто дар муносибат ба киштиҳои давлатҳои бетараф ҳам, ки зидди кодекси мазкур бошад Россия дар муддати солҳо мехост, ки принсипи «бетарафӣ» ва «мувозинати қувваҳои баҳрӣ» - ро гузорад.

Ҳамин тавр, Британия барои соҳиб шудан ба ягон минтақа дар қитъа иддао пеш наовард. Он муваффақиятҳое, ки дар ин самт Британия дар рафти инқилоби Франсия ва ҷангҳои Наполеонӣ ба даст даровард, он берун аз қитъаи Европа сурат гирифтанд, пеш аз ҳама дар Ҳиндустон (Бенгалия, Мадрас, Майсор, Карнатик, Деҳлӣ ва ғайра). Англисҳо ба мақсади худ расиданд, тавоноии мустамликавии як вақт мавҷудбудаи Франсияро дар Ҳиндустон, Вест-Индия шикаста партофтанд. Акнун барои онҳо низ Франсияи тавоно, ҳамчун фактори муҳимтарини мувозинати европоӣ, даркор буд. Дар натиҷаи ин ҳама Англия дар Вена дар мавқеи қуллай ҷой гирифт ва давлате гардид, ки амалан барои худ ягон чизро талаб накарда, танҳо ба нақши қозигиро соҳиб шудан иддао мекард.[1]

Австрия низ пеш аз оғоз шудани конгресс мавқеи бартариятро барои худ таъмин намуда буд ва бисёр масъалаҳои ба манфиати Вена ҷавобгӯ бударо ҳал карда буд. Аз ҷумла, он аз Белгия ва даъвокунӣ ба заминҳои Полша, ғайр аз Галитсия даст кашид. Аз ҳамин ду масъалаи мушкили байналхалқӣ кӯшиш намуд дурӣ ҷуста, Австрия диққати худро ба масъалаи асосӣ ҷамъ намуд – ба худ баргардондани қаламравҳои аз даст додааш дар Германия ва Италия. Аммо Австрия низ мувофиқи шартномаи Рид аз соли 1813 иддаои худро ба заминҳои Германия ва аз рӯи Шартномаи Якуми сулҳи Париж аз соли 1814 даъвои худро ба заминҳои Италия ҳал намуда буд, акнун Вена низ ба мисли Британия дар конгресси Вена, на он қадар мехост, ки дастовардҳои навро ба даст орад, балки бисёртар мехост, ки ба рақибон иҷозат надиҳад, ки аз ҳад зиёд тавоно шаванд. Аллакай соли 1814 дар заминаи беҳад тавоно шудани Россия ба ҳам наздикшавии Меттерних ва Каслри сар шуда буд, ки ин шахсиятҳо қудрати Петербургро барои мувозинати қувваҳо дар Европа таҳдидкунанда ҳисоб мекарданд.

Пруссия, ки аз сиёсати забткориҳои Наполеон аз ҳама зиёд зарар дид, мехост, ки ба таври комил сарҳадоти давлатии худро барқарор намояд ва боз

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 174 – 175.

махсусан онро аз ҳисоби Саксония васеъ намояд. Вазъияти вазнини Пруссия дар он ифода меёфт, ки даъвокунии территориявии давлати мазкур дар шартномаҳои байналхалқии пеш аз конгресс баста шуда, кам инъикоси худро ёфта буданд. Аз ҷумла, дар Шартномаи соли 1813, ки дар Калиш миёни Россия ва Пруссия баста шуд, оид ба сарҳадоти баъдиҷангии Пруссия чунон норавшан баён гардидааст, ки дар ҳақиқат бошад онҳо аз мавқегирии Россия вобаст буданд. Аз нуқтаи назари рақобати австро-пруссӣ ва сиёсати бисёрасраи Австрия нисбати масъалаи Германия бошад таваҷҷӯҳи ҳукуматдорони Пруссия ба Германия ҷалб гардида буда, мехостанд дар оянда як давлати федералии Германияро таъсис диҳанд ва дар ин самт нақшаҳои гуногунро низ коркард карда буданд. Аммо Пруссия чун давлати аз ҳама хурдтарин дар байни абарқудратҳо дар конгресси Вена нақши асосиро бозӣ намекард ва дар бисёр маврид аз пушти Россия мерафт. Зиёда аз ин пруссиягиҳо хизмати Россияро дар самти наҷот додани мамлакаташон аз Наполеон фаромӯш накарда буданд ва шоҳи Пруссия аз императори Россия беандоза миннатдор буд.

Россия ба конгресси Вена бо дигар мавқеъ рафт. Аз як тараф он ҳам мисли дигар абарқудратҳо мехост захираи тавоноии давлати худро афзун намояд ва барои ба ин мақсад расидан ба ҳамроҳкунии заминҳои Герсоггарии Варшава ба қаламрави худ даъво мекард. Аммо ба монанди Пруссия мушкилии Россия низ дар он буд, ки то арафаи оғоз шудани конгресси Вена иддаои мазкур дар ягон ҳуҷҷати ҳуқуқӣ-байналхалқӣ ба расмият шинохта нашуда буд. Аз тарафи дигар Александри I ғояеро пешниҳод намуд, ки он аз ҷониби дигар давлатҳо дар конгресс кам садо дод. Дар ҳамон вақт, баъди таҷрибаи инқилобӣ, дигар иштирокчиёни конгресс яке аз вазифаҳои асосии худро дар он диданд, ки халқро бори дигар аз сиёсат дур намоянд ва на дар бораи миллатҳо, балки бисёртар мехостанд, ки оид ба сулолаҳо ва территорияҳо ҳарф зананд, императори Россия, гарчанде ғайринавбатӣ ва берун аз мақсадҳои муайяни сиёсӣ бошад ҳам, оид ба ғояҳои худмуайянкунии халқҳо ва конститутсионализм сухан кард[1].

Он чизе, ки ба Франсия дахл дорад, пас фаъолияти озодонаи он дар конгресс пешакӣ тавассути иловакунии махфӣ ба Шартномаи Якуми сулҳи Париж маҳдуд карда шуда буд. Мувофиқи он Франсия аз ҳуқуқи овоз додан ҳангоми муҳокима ва ҳал намудани тақдири қаламравҳои аз он ҷудошуда маҳрум гардида буд. Новобаста ба барқароркунии сулолаи Бурбонҳо ба тахт, давлатҳои абарқудрат ҳоло ҳам ба доираи худ Франсияро роҳ намедоданд ва дар машваратҳои дар се моҳи аввали конгресс доиршуда намояндагони Париж иштирок накарданд. Барои ҳамин вазифаи асосии Франсия барқарор намудани мартабаи пешинаи сиёсии худ ва бозгашт ба сафи доираи давлатҳои абарқудрат гардид. Аз паси ҳал намудани ин масъала Тайлеран сафарбар гардид.

Мавқеи дигар давлатҳо бошанд дуюминдараҷа буд. Португалия ва Голландия аз пушти Англия ноз мекарданд. Испания наздикшавӣ бо Франсияро

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 175 – 176.

оғоз намуд, давлатҳои германӣ бошанд аз экспансияи Австрия ва Пруссия тарсида, ба ёрии Россия умед бастанд.

Ҳамин тавр, то саршавии конгресси Вена се доираи калони масъалаҳо дар сатҳҳои аз ҳам гуногун ҷудо карда шуданд: ғарб, марказ ва шарқи Европа. Дар Ғарб масъалаи асосӣ ин роҳи имкониятҳои аз нав сар задани интиқомгирии Франсияро гирифтан даркор буд. Бо сабаби манфиатдор будани ҳар чор давлати ғолиб ба қарорҳои конгресс, ҳал намудани доираи масъалаҳо оид ба Франсия мушкил набуд. Марказ, яъне қаламрави калон аз Балтика то баҳри Миёназамин ивазшавии радикалии сиёсиро аз сар гузаронд. Аммо дар самти мазкур низ вазъият ба он хотир сабук гардид, ки абарқудратҳо аз аввал дар масъалаи принсипиалӣ бо ҳам мувофиқ буданд, яъне Германия ва Италия бояд пароканда монанд. Мушкилии асосӣ дар масъалаи Европаи Шарқӣ, хусусан масъалаи Полша ва Саксония буд. Зеро Англия ва Австрия зидди ба Россия додани Полша буданд, зеро ҳамроҳшавии қаламрави герсоггарии Варшава на танҳо қаламрави зери назорати Петербургро васеъ мекард, он инчунин ба масоҳати 500 км сарҳадоти Россияро ба самти Европаи Марказӣ тӯл мекашонд. Агар гегемонизми Франсия дар Ғарб ва майдаабарқудратии Пруссия дар Европаи Марказӣ дар муддати солҳои дароз константҳои муносибатҳои байналхалқӣ буданд, пас Россия агар Полшаро дар самти ғарбӣ ҳамчун такягоҳ ба даст гирад, ин аллакай қадамзании ҷиддии вазни геополитикӣ доштаи русҳо дониста шуд[1].

**Рафти конгресси Вена.** Конгресси Вена – барои он давра зуҳуроти ниҳоят муҳим буд, дар натиҷаи кори конгресс дар Европа на танҳо муайянкунии сарҳадот гузаронда шуд, балки принсипҳое коркард шуданд, ки онҳо на танҳо барои таҷрибаи дипломатии Европа, балки дар саросари Ҷаҳон замина гузоштанд. Ба ин хотир зарур мешуморем, ки дар Вена (1 сентябри соли 1814 – то 9 июни соли 1815) чӣ рух додро муфассалтар баён намоем.

Ҳалли тақдири мардуми Европа баъди барҳам хӯрдани империяи Наполеон дар дасти худи аксарияти аҳолӣ, ки онҳо низ барои озодӣ мубориза мебурданд, набуд. Тақдири Европаро чанд нафар аз олимартабаҳо ҳал намуданд. Моҳи сенябри соли 1814 дар пойтахти Австрия – шаҳри Вена Конгресси давлатҳои Европа кушода шуд, ки он дар муваққатан мустаҳкам намудани иртиҷоияти феодалӣ-аристократӣ мусоидат намуд.

Дар кори конгресс 216 - нафар намояндагони тамоми мамлакатҳои Европа ба ғайр аз империяи Туркия, омада буданд, ки дар байни онҳо ягон нафар демократ набуд. Суханони аҳолӣ дар ин конгресс шунида намешуд: шоҳҳон ва намояндагони онҳо, ки дар ин ҷаласа нишаста буданд, масъалаҳоро ба тарафдории халқҳо ва ё бар зидди онҳо ҳал менамуданд.

Ин яке аз серодамтарин ва аз нуқтаи назари дипломатӣ аҳамиятноктарин конгресс дар Европа ба ҳисоб мерафт, ки то ибтидои асри XX чунин ҷамъомади бонуфуз ягон вақт даъват нашуда буд. Иштирокчиёни Конгресс кӯшиш

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 177.

намуданд, ки ҳукмронии ашрофон ва сохти пешинаи идоракунандаро дар давлатҳое, ки онҳоро Наполеон аз ҳокимият дур сохта буд, барқарор созанд.

Асоси фаъолияти конгресси Венаро маҷлиси 5-давлати абарқудрат (бо ҳамроҳ кардани Франсия) ташкил медод. Гуфтушунид дар шароити идкунии қатънашаванда, базмҳо, қабулкуниҳои дабдабанок, рақсу бозиҳои хушкунанда ва ғайраҳо мегузашт. Аъёну ашрофи давлатҳои Европа ба муносибати шикастхӯрии империяи Наполеонӣ хурсандӣ мекарданд.

Барои базму тараби иштирокчиён ҳар рӯз расман 1000 ливр сарф мешуд, ки барои он замон ин маблағи калон буд. Барои ҳамин, дар таърих конгресси мазкурро конгресси raққосон ҳам меноманд. Аммо дар рафти базму тараб, ҳангоми рақскунӣ амалиётҳои дипломатӣ анҷом дода мешуданд, ҳатто намояндагони дипломатии давлатҳои иштирокчӣ зери ниқобҳо ба рақс даромада ё зимни бозии домино, моҷарои ҷиддии сиёсӣ ё тақдири халқҳо ва давлатҳои бутунро ҳал мекарданд[1].

Дар конгресси Вена, ба хотири дида баромадани масъалаҳо, намояндагони тамоми давлатҳои Европа, ки манфиатҳои мутақобила доштанд, ҷамъ шуданд. Илова ба ин, дар кори конгресс ду император – Франси I ва Александри I фаъолона иштирок доштанд. То ин дам ҳатто вохӯриҳои дутарафа дар сатҳи олӣ (ба мисли вохӯрии Наполеон ва Александр) камшумор буданд.

Гарчанде ки бо сабабҳои маълум давлатҳои бузург-ғолибон дар ҷанг бо Наполеон (Британия, Австрия, Пруссия ва Россия) дар конгресс овоз баланд мекарданд, новобаста ба ин ба кори конгресс намояндагони Франсияи мағлубшуда ва давлатҳои дуюмдараҷа (Шведсия, Испания, Португалия) низ ҷалб карда шуданд[2].

Ҳамин тавр, Россияро дар конгресси мазкур Александри I, К. В. Несселроде ва А. К. Разумовский, Британияро Р. С. Каслри ва А. У. Веллингтон, Австрияро Франси I ва К. Меттерних, Пруссияро К. А. Гарденберг ва В. Гумболдт, Франсияро Шарл Морис де Талейран - Перигор, Португалияро Педро де Соуза Голштейн де Палмела, Шведсияро Карл Аксел Лёвенхъелм ва Испанияро Педро Гомес Ламбрадор намояндагӣ мекарданд. Конгресс таҳти раисии дипломати австриягӣ, граф Клеменс фон Меттерних гузашт.

Дар ин самт муаррихони соҳаи дипломатия бе ягон баҳс ба ҳунари вазири корҳои хориҷии Франсия Шарл Морис де Талейран - Перигор қоил ҳастанд. Ҳамчун инсон ӯ бо ақли гиро, маҳорату чусту чолокии олии принсипҳои худ фарққунанда буд. Аз ҷониби дигар вазъи воқеии замона ҳам қаҳрамонӣ талаб мекарду, ҳам вазнин буд ва дар қиёс бо ҳамзамонони худ, ба монанди Робеспер ва Наполеон, Талейран бо пораҳӯрии худ ҳам нигоҳ накарда, намуди зоҳирии бозингари бегуноҳро дошт. Аммо дар таърихи дипломатия ӯ на ба дараҷае ҳамчун ришвахӯр, хазинадузд, хоин ва агенти дурӯя, балки

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 280.
[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ҳамчун инсоне, ки дар таърихи башарият аввалин шуда, заминаи системаи муносиботи байналхалқии коршоям (сисетмаи Венагӣ)-ро гузошт, маълум аст.

Маҳз бо шарофати суботкорию устуворӣ ва санъати дипломатии Талейран (инчунин зарур аст, қайд кард, ки дар хизматаш қарор доштани ҷосусони махфии дар ихтиёр худ маълумоти хеле зарурӣ дошта) ба ӯ имконият доданд, ки на танҳо иштироки ҳам Франсия ва ҳам давлатҳои хурдро дар кори кумитаи тайёрии конгресс таъмин намояд, ғайр аз ин, ӯ он чизеро ба даст даровард, ки тибқи он қарорҳои ояндаи конгресс ба принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ мувофиқ бошанд. Талейран гуфта буд, ки дар ҷанг на сулолаи Бурбонҳо, балки Наполеон шикаст хӯрд, ки ин ба принсипи легитимизм, ки бузурдавлатҳо онро пайравӣ мекарданд, мувофиқ омад. Ҳамин тавр, Тайлейран тавонист, ки иштироки комилҳуқуқи Франсияро дар конференсияи мазкур таъмин намояд.

Дар давраи машваратҳои аввали конгресс 22 сентябри соли 1815 аъзоёни коалитсияи Шашум ба мувофиқа омаданд, ки Франсия, Шведсия, Португалия ва Испанияро ба кори конгресс роҳ намедиҳанд. Дар ин самт Талейран аз воситаи нозуки дипломатӣ истифода кард. Вай ба давлатҳои ғолиб муроҷиат карда гуфт, ки дар ҷанг Франсияи Наполеонӣ мағлуб гардид, аммо Франсияи Шоҳӣ айни замон ҳам иштирокчии қонунии системаи муносиботи байнидавлатӣ боқӣ мондааст. Формулаи мазкур ба худ номи легитимизмро гирифт: яъне эътироф намудани волояти ҳуқуқ (қонунӣ)-и сулолаҳо аз болои ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои давлатҳо[1].

Бо ҳамин, Талейран 8 октябри соли 1814 чор давлат - ғолибро маҷбур намуд, ки эъломияеро имзо намоянд, ки тибқи он дар кумитаи тайёрии конгресси Вена баробари Британия, Австрия, Пруссия ва Россия, инчунин Франсия, Испания, Португалия ва Шведсия ҳам дохил карда шуданд. Ва талаб намуд, ки танҳо дар рафти ҷаласаҳои пленарии конгресс метавонистанд хулосаи қатъӣ қабул намоянд ва ниҳоятан қарорҳои оянда бояд ҳатман бо принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ мувофиқат намоянд.

Ин аввалин дастовард, вале на ягона муваффақияти дипломати моҳиру номӣ Талейран ба ҳисоб мерафт. То марти соли 1815 ӯ тавонист, ки коалитсияи зиддифрансузиро комилан пароканда намояд. Зеро давлатҳо-ғолибон ва пеш аз ҳама Австрия ва Британияи Кабир хеле тез дарк намуданд, ки бе Франсия оқибати корашон хайр намешавад. Дар ҳақиқат Франсияи тавоно барои Австрия ба хотири он лозим буд, ки пеши роҳи дастдарозии даъвои Пруссияро ба Саксония ва русҳоро дар Полша гирад. Аз ҷониби дигар барои Британия низ дар қитъаи Европа шарике лозим буд, ки қодир бошад бар зидди беҳад тавоно шудани Россия дар Шарқ истодагарӣ карда тавонад. Ва охирон, гарчанде ки конгресси Вена як намуд дуэли дипломатӣ байни Александри I ва Талейран буд ҳам, новобаста ба ин императори Россия барои худ ба хулосае омад, ки барои ӯ низ дар ғарби Европа қуввае лозим меояд, ки тавонад бо суръати тез тавоно шудани Пруссияро дар мувозинат нигоҳ дорад.

---

[1]Легитимизм – аз французии Logitime – қонунӣ – идеологияи сиёсӣ, ки бартарияти ҳуқуқӣ (қонунӣ) - и сулолаҳоро дар ҳал намудани принсипҳои сохтори давлатӣ эътироф менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар он замон, дар ибтидои асри XIX, дар майнаи сари ягон кас намедаромад, ки дарояндаи наздик Пруссия метавонад барои мувозинати европоӣ таҳдид намояд. Он вақт давлати мазкур аз ҳама дида, байни давлатҳои бузург заифтарин ба ҳисоб мерафт, ба мағлубияти бузург, ки пруссиягиҳо дар октябри соли 1806 баъди воридшавии лашкари наполеонӣ ба Пруссия ба он рӯбарӯ шуданд, замоне ки амалан гирем Пруссия мавҷудияти худро низ аз даст дод, хотирот оид ба он ҳоло ҳам аз хотираи онҳое, ки тирамоҳи соли 1814 дар Вена ҷамъ шуда буданд, зудуда нашуда буд. Дар ҳамин шароитҳо доираи ҳукмрони Пруссия ба ғайр аз эътилоф бо империяи муқтадири Россия, ягон илоҷи дигар надоштанд. Танҳо иттифоқ бо Россия ба Берлин имконият медод, ки вазифаҳои муҳими доираи ҳукмрони худро ҳал намояд, яъне васеъ ва яклухту мукаммал гардондани қаламрави Пруссия ва зиёд намудани шумораи умумии табаияти он аз ҳисоби қаламравҳои ба давлат ҳамрошаванда. Гап сари он меравад, ки шумораи умумии аҳолии Пруссия дар он давра ба 10 млн. нафар нарасида буд, ки ин шумораи минималии потенсиалии демографие ҳисоб мешуд, ки шарт буд онро ҳамагуна давлат соҳиб бошад, то ки бузургдавлат эътироф карда шавад.

Ҳамин тавр, Пруссия даъвои қаламрави Саксонияро мекард ва дар ин самт императори рус омода буд, ки иттифоқчии худ, шоҳи Пруссия Фридрих-Вилгелми III-ро дастгирӣ намояд, Зеро касе, ки Саксонияро дар ихтиёр дорад, ӯ гузаргоҳҳои кӯҳҳои Богем, яъне роҳи кӯтоҳтарин ба Венаро дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, ҳамин тавр, Саксония ба минтақаи низои доимӣ байни Австрия ва Пруссия табдил меёфт, ки мумкин наздикшавии ин ду давлати немисиро барбод медод. Аз ҷониби худ Петербург даъвои заминҳои Полшаро, ки аз ҷониби Пруссия забт карда шуданд, ба миён гузошт, ки аз ҳисоби онҳо Александри I хост шоҳигарии Полша, давлати конститутсионии дорои идоракунии дохилии зери тасарруфи империяи Россияро таъсис диҳад[1].

Ҳанӯз тибқи шартномаи Калиш Пруссия як қисми қаламрави худро аз ҳисоби заминҳои Полша, ки онҳоро Наполеон ба герсоггарии Варшава ҳамроҳ карда буд, ба Россия гузашт карда буд. Аммо Пруссия онҳоро ба шарте ба Россия дод, ки аз ҳисоби заминҳои Германия бояд ба он ҷуброн карда мешуд. Албатта, бо сабабҳои маълум бо мазмуни нақшаҳои мазкур Австрия розӣ набуд. Австрия пешравии ҳамсояҳои наздики худ Пруссия ва Россияро ҳеҷ намехост. Бо вуҷуди бар зидди васеъшавии қаламрави императори Россия ва шоҳи Прусссия баромад карда бошад ҳам, ин маънои онро надошт, ки австриягиҳо худаш ҳам аз васеъкунии қаламравҳои худ, пеш аз ҳама аз ҳисоби Италия, даст кашанд.

Баъди торумор намудани империяи Наполеон дар Берлин ба сифати объекти ҷуброн Саксонияро интихоб намуда буданд. Англия ва Франсия ҳамтарафа кӯшиш мекарданд, ки Полша ба Россия нагузарад ва дар ин самт ҳатто тайёр буданд, ки ба ивази даст кашидани Пруссия аз дастгирии Россия

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Саксонияро низ қурбон карда, ба Берлин диҳанд. Дар машваратии махфӣ тирамоҳи соли 1814, ки онро баъдтар императори Россия «сӯиқасди 23 октябр» номида буд, Меттерних ва Каслри тавонистанд, ки канслери Пруссия К. Гарденбергро ба тарафи худ кашанд. Ташкилкунандаи асосии сӯиқасд Каслри буда, пешниҳод намуд, ки герсоггарии Варшава байни Россия, Пруссия ва Австрия тақсим карда шавад ва амалишавии он ҳамзамон қаламрави Россияро то Варшава маҳдуд мекард. Метерних низ ӯро дастгирӣ кард[1].

Императори Россия оид ба нақшаи тақсимкунии Полша дарак ёфта, шоҳи Пруссияро ба тарафи худ ҷалб кард. Фридрих-Вилгелми III рӯи рост дар ҳузури императори Россия канслери худ К. Гарденбергро фарёд карда, фармон дод, ки дигар сиёсати зидди русиро набарад ва иброз дошт, ки ба ҳамаи кӯшишҳои монанди ин корҳо «Ман ба мисли император Александр рафтор мекунам»[2].

Баъди кӯшиши якуми бебарори ҳал намудани масъалаи Полша, диққати абарқудратҳо ба масъалаи Саксония ҷалб гардид. Императори Россия миннатдории худро ба шоҳи Пруссия изҳор намуда, дар ибтидои моҳи ноябр дар Саксония лашкари рус ба лашкари Пруссия иваз карда шуд. Аммо Англия ва Австрия боз пофишорӣ намуданд. Агар дар масъалаи Полша дар сафи пеш Каслри қарор дошт, пас дар масъалаи Саксония ба сафи пеш Меттерних баромад. Дар масъалаи Саксония Меттерних сиёсати нозукро ба кор бурд. Дар ҷавоби ба ҷойи заминҳои Полша ба сифати ҷуброн ба Пруссия додани Саксония ӯ ният дошт, ки зидди нақшаи Саксония монеа эҷод намояд ва хост, ки аз ҳисоби заминҳои Полша ба Пруссия ҷуброн карда шавад. Бо ин амал Меттерних мехост, ки ду мақсади худро амалӣ намояд – ба аннексиякунии Саксония роҳ надиҳад, дуюм бошад герсоггарии Варшаваро тақсим намояд. Меттерних сиёсати зиддипруссии худро низ фаъол намуд ва бар зидди Пруссия ҳуҷумкунии дипломатиро оғоз кард. Маслан, дар муҳокимаронии масъалаи федератсияи ояндаи Германия Меттерних дар аввал лоиҳаи Пруссияро дастгирӣ кард, аммо баъди гузаштани Берлин ба тарафи Россия ӯ фикри худро фавран тағйир дод. Акнун вазири корҳои хориҷии Австрия лоиҳаи мазкурро бо иддаои Берлин ба Саксония алоқаманд донист ва дар баррасии ин ё он масъалаи Германия аз мақсадҳои гегемонизми Пруссия ёд мекард, мавқеи Австрияро бошад ҳамчун ҳимоякунандаи манфиатҳои давлатҳои хурди германӣ муаррифӣ мекард. Заминаро барои худ омода карда, декабри соли 1814 Меттерних ба ҳуҷум гузашт.

10 декабри соли 1814 Меттерних ба Пруссия нота фиристонд, ки дар он ғоя дар бораи додани Саксония ба Пруссияро рад намуд, гӯё ин баланси қувваҳоро дар Германия вайрон менамоянд. Аз ҳамин вақт сар карда, вазъият байни чор давлати иттифоқчӣ бад гардид, ки он кори конгрессро низ зери ха-

---

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 178.
[2]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 178.

тар гузошт. Гарденберг аз хабари изтиробовари мазкур дарак ёфта, ягон чизи дигари хубро фикр накарда, ба императори Россия мукотиботи боварибахши замони «сӯиқасди 23 октябр»-и Каслри ва Меттернихро дод. Дар навбати худ Меттерних низ ҳуҷҷатҳои давраи мазкурро ба намоиш гузошт, ки бар зидди Пруссия маълумот медоданд. Анъаноти дипломатиро сарфи назар намуда, сирри ҳамдигарро кушода, вазирони Пруссия ва Австрия бо мурочиатҳои худ Александрро ба қозии миёни низои худ табдил доданд. Аммо императори Россия аз ин имконият истифода набурда, баръакс вазъиятро боз ҳам вазнинтар намуд. Дар яке аз мактубҳои ошкоршудаи Меттерних айбнома ба дурӯғгӯӣ нисбати сурогаи худро ёфта, қарор кард, ки Меттернихро ба дуэл даъват намояд. Танҳо мудохилаи император Франси I вазъияти ноқуллайро бартараф намуд.

Новобаста ба ин ҳам, бӯҳрон чуқурдавонии худро идома дода, дар арафаи гузариш аз соли 1814 ба соли 1815 ба қуллаи баландтарини худ расид. Дар яке аз нишастҳо Гарденберг ошкоро гуфт, ки даст кашидани Австрия ва Англия аз додани Саксония ба Пруссия дар Берлин ва Петербург баробар ба эълон намудани ҷанг дониста мешавад. Ба таври дигар гӯем сухан на танҳо дар бораи масъалаи мушаххаси территориявӣ, балки дар бораи бӯҳрон дар кори конгресс мерафт. Ҳамин тариқ, аз ин зиддияти иттифоқчиён Франсия бурд намуд. Ба забони дипломатӣ хулоса намоем, агар иттифоқчиёни пешин метавонистанд душман гарданд, пас душмани пешина метавонист иттифоқчӣ шавад.

Дар ҳамин вақт Талейран соати худро интизор буд. Дар моҳи декабр Меттерних дар масъалаи Полша дастгирии Талейранро ба даст даровард ва 31 декабри соли 1814 бори нахуст шуда, Талейран зери фишоровариии Австрия ва Англия ба машварати чор давлат роҳ дода шуд. Ҳанӯз пеш аз ин дар моҳи ноябри соли 1814 Александр ҳам кӯшиш намуд, ки Талейранро ба тарафи худ кашад, аммо вазири корҳои хориҷии Франсия ҳеҷ намехост, ки қаламрави Пруссия, ин ҳам бошад аз ҳисоби заминҳои ватани модари шоҳи Франсия (яъне Саксония) васеъ карда шаванд[1].

Талейран тағйироти характери муносибот дар миёни аъзоёни коалитсияи ғолиби зиддифрансузӣ, пеш аз ҳама майлу кӯшишҳои Вена ва Лондон дар самти мондани садди мустаҳкам миёни «меҳвар» - и намоён шуда истодаи Петербург ва Берлинро дуруст дарк намуд. Вазири корҳои хориҷии Франсия нағз фаҳмид, ки дар масъалаи Саксония дастгирӣ намудани мавқеи Австрия, ба ҳам наздикшавии Австрия ва Франсияро пешакӣ муайян менамояд. Барои ҳамин вай тамоми тирамоҳи соли 1814 қувваю кӯшиши асосии худро ба самти барқарор намудани муносиботи Франсия бо Англия равона намуда буд.

***Аҳдномаи махфии соли 1815.*** Пофишорӣ намудани англисҳо дар самти наздик шудан бо франсузҳо дар бисёр мавридҳо бо идомаёбии ҷанг бо ШМА вобастагӣ дошт. Ба имзо расидани шартномаи сулҳ миёни Англия ва ШМА

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 179 – 180

дар Гент 24 декабри соли 1814 роҳи англисҳоро ҳамвор намуд ва 3 январи 1815 Талейран, Меттерних ва Кэслри «Аҳдномаи махфӣ оид ба иттифоқи мудофиавӣ», ки дар Вена аз ҷониби Австрия, Британияи Кабир ва Франсия бар зидди Россия ва Пруссия баста шудро имзо гузоштанд. Мувофиқи шартномаи мазкур дар вақти ҳуҷум кардан ба давлатҳо - имзокунандагон, онҳо ӯҳдадор мебошанд, ки ба майдони ҷанг 120 ҳ. пиёданизом ва 30 ҳ. саворанизомро, бо назардошти шумораи мувофиқи артиллерия, бароранд. Инчунин қайд гардида буд, ки агар Британияи Кабир шумораи аскарони шартиро фиристонда натавонад, он барои ҳар як аскари ба майдон набаровардааш 20 фунт стерлингро пардохт менамояд.

Шартномаи мазкур, бебаҳс, қуллаи баландтарини санъати дипломатии Талейран ба ҳисоб мерафт. Албатта ӯ на хостори ҷанг бо Россия ва на бо Пруссия буд, ӯ қувваашро ҷамъ намуда, танҳо коалитсияи зиддифрансузиро пароканда намуд ва ба ӯ муйяссар гардид, ки ин корро амалӣ намояд. Баъди бастани шартномаи мазкур ӯ ба Париж навишт, ки акнун шоҳам, навишта буд Талейран дар мактуби худ ба Людовики XVIII, коалитсия на танҳо барҳам зада шуд, балки он абадан маҳв карда шуд. Франсия дар Европа на танҳо аз ҳалқа бароварда шуд, инчунин он дар чунин системаи иттифоқҳо ворид карда шуд, ки барои он панҷоҳ соли дигар гуфтушунидҳо ҳам зарур нестанд[1].

Аммо аз нуқтаи назари ҳарбӣ иттифоқи мазкури Австрия, Франсия ва Англия ягон муҳимият надошт, зеро Россия ва Пруссия аз онҳо дида, қувваҳои ҳарбии зиёдтарро дар ихтиёр доштанд. Баробари ин, шартномаи 3 январи соли 1815 хатти нави ҷо ба ҷогузории қувваҳро намён кард, ки он дар давраи минбаъда кори худро идома дод. Ва натиҷаи он дар Масъалаи Шарқ дида шуд. Аммо дар конгресси Вена бошад ба ин масъалаҳо кордор нашуданд, дар он асосан ба масъалаҳои ҷамъбасти асри XVIII, зиддияти якасраи англо-франсузӣ, натиҷаи ҳукмфармоии Наполеон банд буданд.

Манфиатҳои умумӣ оид ба барқарор намудани сулҳ ва барқарор намудани мувозинати қувваҳо дар Европа боиси он гардиданд, ки оқибати амр бӯҳрон бо роҳи миёнаравӣ ҳал гардад. Россия ва иттифоқчии он дар ихтиёри худ ҳама чизро доштанд, ки бар зидди се иттифоқчӣ-рақибони худ гузоранд. Дар масъалаи якум (Полша), Россия барои Полша конститутсия ва мухторияти васеъро ваъда карда буд, ки Меттерних натавонист, ки инро сарфи назар намояд. Бо ин сиёсати худ Александр аксарияти мардуми Полша ва гурӯҳи ашрофзодагони таъсиррасонро бо сарварии дӯсти давраи ҷавониаш А. Чарторийский ба тарафи худ кашида буд. Дуюм, императори Россия ба қувваҳои ҳарбии худ низ такя мекард ва борҳо дар конгресси Вена гуфтааст, ки «Ман дар байни Висла ва Одер 200 ҳазор одам дорам», яъне ишора ба қувваи ҳарбии Россия, ки дар минтақаҳои мазкур мустақар буданд, карда шуд. Ҳамин тариқ, масъалаи Герсоггарии Бузурги Варшава бо тақсимоти чоруми Полша ҳал гардид. Ва заминҳои он байни Россия, Пруссия ва Австрия тақсим карда шуданд.

---

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 180.

Дар масъалаи Саксония низ ба як мувофиқа расиданд, ки ба Пруссия танҳо қисми шимолии он дода шуд. Ба ивази қисмати боқимондаи он бошад ба Берлин ба сифати ҷуброн Померанияи Шведсия ва заминҳои рейн – вестфалӣ дода шуданд.

Ҳамин тавр, масъалаҳои Полша ва Саксония дар конгресси мазкур аз ҳама вазнинтарин буданд. Масъалаҳоии дигари конгресс, аз қабили тақдири давлатҳои Германӣ ва Италянӣ, Скандинавия, Белгия ва Голландия, манъи ғуломфурӯшӣ, киштирони тавассути Рейн буданд, ки поёнтар боз оид ба онҳо дар бахши тақсимоти ҷаҳон мувофиқи қарори конгресси Вена ба таври алоҳида маълумот дода мешавад.

Аммо 1 марти соли 1815 бо хабари як рӯзномаи Париж, ҳамааш тағйир ёфт. Наполеон дар халиҷи Жуан ба Франсия ворид гардида, ҳукмронии 100 рӯзаи ӯ дар Франсия сар шуд. Баъди 20 рӯз, боз ҳамон рӯзнома хабар дод, ки императори франсузҳо бо даъвати мардум ба Париж ворид шуд. Ҳамин тавр, баҳори соли 1815 Наполеон аз ҷазираи Элба гурехта, ҳукуматро дар Франсия ба даст гирифт. Шоҳ Людовики XVIII Парижро тарк кард. Дар муддати 100 - рӯз ба Наполеон муяссар шуд, ки ҳокимияти худро дар Франсия барқарор намояд. Дар ин муддат аз як тараф коалитсияи нави зиддифрансузӣ таъсис дода шуд, аз ҷониби дигар қариб, ки ҳамаи дастовардҳои Талейран ба нестӣ расиданд[1].

**Ҷанги коалитсияи Ҳафтум бар зидди Франсия.** Бо ҳамин, моҳи июни соли 1815 ҷанги коалитсияи Ҳафтум бар зидди Франсия сар шуд. Давлатҳои дар ҷанг иштирок карда, зидди Наполеон артиши калонро гузоштанд ва 18 июни соли 1815 дар муҳорибаи Ватерлоо ба Наполеон шикаст дода шуд. 22 июни соли 1815 ӯ бори дуюм шуда, ба фоидаи писараш аз тахт даст кашид. Ин дафъа ӯро ба ҷазираи Еленаи Муқаддаси соҳили ғарбии Африка, ҳамчун асири англисҳо, бадарға карданд ва дар он ҷо ӯ соли 1821 ҷон медиҳад. Дар марги ӯ англисҳо даст доштанд.

Далели хандаовар дар таърихи дипломатия он шуд, ки Людовики XVIII аз Наполеони ба Париж наздик расида, чунон бoштиоб гурехт, ки ҳатто дар мизи кории худ, дар қасри Тюилри, матни ҳамон «Шартномаи махфӣ оид ба иттифоқи мудофиавӣ»-ро аз 3 январи соли 1815 фаромӯш карда монд. Ва амалкарди якуме, ки Наполеон ба он даст зад, ин ҳам бошад матни шартномаи мазкурро ба императори Россия Александр фиристонд. Акнун ба худ тасаввур намоем, ки бо кадом боварӣ ва чи тавр баъди ин Александр ба Талейран назар намуд.

Аз афти кор сухан на танҳо дар бораи боварии шахсӣ мерафт. Аз як тараф кор ба муаррифӣ кардани шоҳи қонунӣ, роҳбари давлати бузург дахл дошт, аз ҷониби дигар шахси фирорӣ (гуреза), ки маҷбур шудааст аз Бонапарти ногаҳон дубора пайдошуда наҷот ёбад.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

**Шартномаи Дуюми сулҳи Париж.** Бо ҳамин Людовики XVIII - ро маҷбур намуданд, то ки натиҷаи шартҳои трактати Парижро аз 30 майи 1814 аз нав дида бароянд, ки мутобиқи он Франсия давлати мустақил ва бузург монда буд. Баъди 100 рӯзи идоракунии Наполеон оид ба ин сухан ҳам наметаон гуфт – Франсия аз ҷониби лашкари хориҷӣ истило карда шуд, иттифоқчиён беяроққунии пурраи артиши Франсия ва додани қалъаҳоро талаб намуданд. То миёнаи моҳи августи соли 1815 дар қаламрави Франсия 1 миллион нафар аскару афсари хориҷӣ қарор доштанд. Хароҷоти умумии оккупатсионӣ, ки онро аз болои Франсия бор карданд – 700 миллион франкро ташкил медод. Дар муддати се сол бояд дар қаламрави Франсия қувваҳои ҳарбии хориҷиён мемонданд, франсузҳо ӯҳдадор буданд, ки аз чанд қалъаҳои сарҳадӣ даст кашанд. Бо ҳамин, 20 ноябри соли 1815 иттифоқчиён бо Франсия шартномаи Дуюми сулҳи Парижро бастанд, ки он ҳудуди мамлакатро ба сарҳадоти соли 1790 оварда расонд, ки масоҳати он дар муқоиса бо қарори Шартномаи якуми Париж аз соли 1814 камтар буд.

Новобаста ба ин Франсия аз консерти абарқудратҳои ҳарбии ташаккулёфта ихроҷ карда нашуд: он, илова ба ин, ҳамчун давлати бузург, дар кори тамоми конгрессҳои байналхалқӣ аз Аахен сар карда, то Верона, иштирок кард. Аммо дар давраҳои пеш аз ин бошад тақдири давлатҳои мағлуб хеле талх ҷамъбаст мегардид, онҳо ҳамчун давлатҳои бузург, аз харитаи сиёсии Ҷаҳон нест карда мешуданд. Мисол, Полша, Венетсия, ки ҳамчун давлатҳои мустақил мавҷудияти худро дар охири асри XVIII қатъ намуда буданд.

Дар ноябри соли 1818, баъди ба охир расидани оккупатсияи иттифоқонаи Франсия, чор давлати бузург аз Людовики XVIII даъват намуданд, ки аз ин пас бо маслиҳату қувваash, ба хотири риоя намудани трактатҳои мавҷуда ва муносиботе, ки онҳо барқарор намуданду ҳамаи давлатҳои европоӣ онҳоро пазируфтанд, ба монархҳои австриягӣ, русӣ, пруссиягӣ ва англисӣ, бипайвандад. Ҳамин тавр, ба таври ниҳоӣ иштироки Франсия дар консерти европоии давлатҳои бузург расмӣ гардонда шуд.

Ҳамин тавр, маҳз конгресси Вена собиқаи ба таври доимӣ даъват намудани конференсияҳои байналхалқии давлатҳоҳои бузургро ба вуҷуд овард, ки дар рафти онҳо давлатҳои бузург имконият ба даст меоварданд, ки масъалаҳои байналхалқиро муҳокима намуда, роҳҳои ҳалли онҳоро ёбанд. Дар солҳои аввали мавҷудияти концерти европоӣ асосан масъалаҳои умумиевропоӣ муҳокима мешуданд. Дар солҳои минбаъда бошад давлатҳои мазкур ба муҳокима ва ҳалли масъалаҳои мушаххаси байналхалқӣ гузаштанд. Ба таври мисол, конгресси Париж дар соли 1856, натиҷаи Ҷанги Қримро баррасӣ намуд. Баробари ин, абарқудратҳо қарорҳои конгрессҳоро то он дам пайравӣ мекарданд, ки то замоне ки қарорҳои нав қабул мешуданд. Масалан, муайянкунии территориявии конгресси Вена ниҳоятан, дар он самту қисмат бекор карда шуданд, ки ба Италия ва Германия дахл доштанд, аммо бекоркунии онҳо мувофиқи розигии ошкоро ё хомӯшонаи давлатҳои бузург тасдиқ карда мешуд.

Аммо на танҳо дар ин ё он сатҳ конференсияҳои доимии байналхалқӣ хусусияти фарқкунандаи мушаххаси европоӣ гардиданд, инчунин рушди калонро дар он давра соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ низ ба даст оварданд (аз ба тартиб даровардани киштиронӣ дар дарё (об) - ҳои дар соли 1815 то конвенсияҳои Гаага оид ба қонун ва анъанаҳои ҷангии солҳои 1900 – 1907).

Масъаларо ҷамъбаст намуда, зарур аст қайд намуд, ки дар натиҷаи конгресси Вена: системаи муносибатҳои байналхалқӣ таъсис дода шуд, ки идоракунии муносиботи мазкурро баланд бардошт; дар асоси структураи системаи мазкур инҳо қарор доштанд: 1) дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ мавқеи пешбар будани бузургдавлатҳо-аъзои консерти европоӣ кодификатсия (ба тартиби муайян даровардан) карда шуд; 2) васеъшавии амалии алоқаҳои дипломатӣ, аз он ҷумла дар сатҳи олӣ; 3) рушди ҳуқуқи байналхалқӣ.

Аз нуқтаи назари имрӯза зарур аст, ки структураи заиф ва ғайриэффективонаи системаи мазкурро эътироф намуд. Яъне, дар он вақт комилан ташкилотҳои минтақавӣ ва глобалӣ вуҷуд надоштанд, маниторинги байналхалқӣ низ дар сатҳи хеле оддиву содда қарор дошт, восита ё қувваи аз нигоҳи юридикӣ тавонои таъсиррасон, ба монанди амалиёти сулҳхоҳона вуҷуд надоштанд.

Аммо, ба ҳамаи ин норасоиҳо нигоҳ накарда, системаи мазкур фаъол буд ва он кор мекард. Системаи мазкур кори асоситаринро кард – сулҳи комил ва суботи байналхалқиро таъмин намуд. Ҳамин хел, байни солҳои 1815 – 1854 ва миёни солҳои 1871 – 1914 дар Европа байни давлатҳои бузург ҷангҳои калон рух надоданд. Ин дастоварди система нисбат ба низомҳои давраҳои пешин як муваффақияти калон дар таърихи муносибатҳои байналхалқии Европа буд.

**Тақсимоти Ҷаҳон мувофиқи қарорҳои конгресси Вена.** 9 июни соли 1815 Австрия, Англия, Россия, Пруссия, Франсия, Шведсия ва Португалия санади ҷамъбастии конгресси Венаро имзо карда, баъдтар дигар давлатҳои европоӣ низ ба он ҳамроҳ шуданд, ки он аз 121 модда ва 17 замима иборат буд. Натиҷаҳои мушаххаси сиёсии конгресси Вена инҳо буданд:

Якум, дар Германия ба ҷойи боқимондаи империяи Муқаддаси Рим, ки қариб аз 2 ҳазор давлат таркиб ёфта буд ва онро Наполеон дар соли 1806 барҳам дод, тибқи санади 8 июни соли 1815 Иттифоқи Германия таъсис дода шуд, ки он аз 35 давлат ва чор шаҳри озод иборат буд. Ин иттифоқ давлат набуд, он танҳо иттифоқи давлатҳои Германия буд. Аъзоёни иттифоқ, новобаста аз масоҳати территориявии аъзо-давлатҳо, аз ҳуқуқҳои якхела бархӯрдор буданд (дар он ҳам Пруссия ва ҳам ягон шаҳри озод аз ҳуқуқҳои баробар бархӯрдор буданд). Ҳамраъйӣ дар вақти ҳал намудани масъалаҳои навбатӣ зарур буд: 1) қонунҳои асосии иттифоқи Германия; 2) тағйир додани муассисаҳои асосии Иттифоқи Германия; 3) масъалаҳои ҳуқуқӣ; 4) масъалаҳои динӣ. Табиист, ки бо чунин тартиботи сиёсӣ Сейми иттифоқӣ дар Франкфурт – яъне органи асосии Иттифоқи Германия, баъдтар дар тамоми Европа боиси хандаи умум гашт. Ҳақиқатан, аъзоёни Иттифоқ ӯҳдадор буданд, ки тамомияти арзии пурраи Германияро ҳифз намоянд ва шартномаҳои сепаратиро набанданд. Аммо ҳамаи аъзоёни Иттифоқ озодии пурраи худро дар самти

корҳои ҳарбӣ ва хориҷӣ ҳифз намуданд. Онҳо набояд иттиҳодро бар зидди Иттифоқи Германия ё давлатҳои алоҳидаи аъзои он банданд. Ҷангҳо байни давлатҳои германӣ манъ карда шуданд, аммо ягон ҳокимияти олии судӣ дар иттифоқ таъсис дода нашуд. Умуман майдони ягонаи ҳуқуқӣ офарида нашуд[1].

Дуюм, дар натиҷаи конгресси Вена қарорҳои зерини территориявӣ қабул карда шуданд: 1) Қисми асосии Герсоггарии Варшава ғайр аз Торун ва Познан, ки ба Пруссия дода шуданд, ба Россия гузашт. Зери тобеи Россия ба ҷойи герсоггарии Варшава шоҳигарии Полша таъсис дода шуда, он аз мухторияти дохилӣ бархӯрдор буд; Краков ба шаҳри озод табдил дода шуд; Галитсияи Шарқӣ бошад ба Австрия гузашт; 2) 2/5 қаламрави шоҳигарии Саксония ба Пруссия гузашт. Ғайр аз ин, Пруссия Дансиг, Померанияи Шведсия, Вестфал ва соҳили чапи Рейнро гирифт. Дар шоҳигарии Ганновер бошад ба ихтиёри Пруссия роҳҳои ҳарбӣ гузаштанд; 3) Бавария васеъшавии қаламрави худро ба даст овард, вале ба герсоги Франкфурт герсоггариашро пас нагардонданд; Франкфурт шаҳри озод гардид; 4. князҳои аз ҷониби Наполеон медиатизатсия шуда медиатизатсияшуда мемонанд, яъне аз мулкҳои худ маҳрум мешаванд, аммо ба онҳо ҷуброн пардохт карда мешавад; 5) Ба шоҳигарии Нидерландия Белгия ва Люксембург ҳамроҳ карда шуданд; 6) Шоҳигарии Сардиния (Пемонт) Савойяро ба Швейтсария ва Франсия гузашт кард, аммо ба ивазаш Генуяро гирифт; 7) Австрия бошад Галитсияи Шарқӣ, Тирол, Триест, Далматсия, Иллирия, Венетсия ва Ломбардияро ба даст дароварда, дар нимҷазираи Апеннин мавқеашро мустаҳкам кард; 8) Шоҳигарии Нидерландия таъсис дода шуд, ки дар ҳайати он на фақат Голландия, балки Нидерландияи Австрия (имрӯза Белгия) ва Люксембург ворид гардиданд; 9) Британия дар баҳри Миёназамин Малта, ҷазираҳои Ион ва дар Вест-Индия бошад ҷазираҳои Сент-Люсия ва Тобаго, дар уқёнуси Ҳинд ҷазираҳои Сейшел ва Сейлон, дар Африка мустамликаи Капро ба даст даровард; 10) Дания Норвегияро аз даст дода, он ба Шведсия гузашт, аммо ба ивази он бошад данияғиҳо Лауэнбург ва 2 миллион талерро ҷуброн гирифтанд.

Ҳанӯз моҳи декабри соли 1814 вориси тахт Карл Юхан (Бернадот) эълон намуд, ки дар оянда Шведсия майл дорад, ки давлати бетараф гардад. Арзи мазкур ҳамон вақт ҳоло қувваи юридикиро ба вуҷуд наовард, аммо мувофиқи хулосаи муаррихон бетарафии сиёсии Шведсия дар замони муосир аз ҳамин арзнома сарчашма мегирад. Маҳз, дар конгресси Вена Швейтсария статуси давлати абадан бетарафро зери кафолати давлатҳои абарқудрат ба даст даровард[2].

Қарорҳои территориявии конгресси Вена барои тезу тундшавии вазъият дар минтақаҳои гуногуни Европа – аз баҳри Шимолӣ сар карда, то баҳри Миёназамин як қатор заминаҳоро ба вуҷуд оварданд, ки баъдтар Европа аз бо-

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 150.

лои худ онҳоро ҳис намуд, ки бо роҳи сунъӣ буғӣ намудани иродаи халқ боиси ба вуҷуд омадани ҷиддитарин хатарот мегардад.

Натиҷаи конгресси Вена азбайнравии тартиботи Вестфалиро нишон дода, ба ҷойи он тартиботи нави ҷаҳонӣ – Тартиботи Венагӣ омад. Бори нахуст шуда, баъди соли 1648 системаи муносибатҳои байналхалқӣ берун аз мавқеи бартариятдоштаи Франсия тартиб дода шуд. Қарорҳои конгресси Вена талаб мекарданд, ки се вазифаи таърихӣ иҷро карда шаванд: ғайриимкон будани эҳёшавии гегемонияи Франсия кафолат дода шавад; системаи бартарият доштани бузургдавлатҳо аз болои давлатҳои боқимонда қонунан мустаҳкам гардонда шавад; имкониятҳои зуҳурёбии кӯшишҳои гегемонии ҳар кадоме аз бузургдавлатҳо боз дошта шавад.

Ҳамин тавр, ба ҷойи тартиботи гегемонӣ (ҳукмфармоӣ) системаи балански қувваҳо, ки ҳамчун баробарии намунавии захираҳои панҷ давлати абарқудрат дониста шуд, омад. Доираи давлатҳои бузург маҳдуд карда шуда, ба он панҷ давлат – Австрия, Британия, Пруссия, Франсия ва Россия дохил гардиданд. Конгресси Вена баробарии қувваҳоро байни онҳо ба қайд гирифта, ҳамзамон пешниҳод намуд, ки агар кадоме аз онҳо майл ба сӯи ҳукмфармоӣ кунад, роҳи он гирифта мешавад. Давлатҳои ғолиб 26 сентябри соли 1815 байни худ Иттифоқи Муқаддасро бастанд, ки он муддате такягоҳи асосии тартиботи нави сиёсии ҷаҳонӣ, ки онро конгресси Вена барқарор намуд, гардид, ки фаъолияти он бошад дар саҳнаи байналхалқӣ дар мавзӯи алоҳидаи маводи таълимии мазкур баррасӣ карда мешавад.

# 4. 2. КОНСЕРТИ ЕВРОПОӢ – СИСТЕМАИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Ташаккулёбии система.** Системаи Венагии муносибатҳои байналхалқӣ (Системаи консерти европоӣ – ризоияти европоӣ) – тартиботи муносибатҳои байналхалқие мебошад, ки баъди ҷангҳои Наполеонӣ ба вуҷуд омад. Он дар Конгресси Вена аз нигоҳи қонунӣ мустаҳкам гардонда шуд. Дар чорчӯбаи системаи мазкур бори нахуст мафҳуми давлати бузург шакл гирифт, дипломатияи бисёрҷониба ба таври ниҳоӣ ташаккул ёфт. Аксарияти муҳаққиқон системаи венагии муносибатҳои байналхалқиро нахустин намунаи бехатарии дастаҷамъона эътироф кардаанд. Хусусан, он тавонист, ки то Ҷанги Қрим, дар муддати 35 сол, машҳурияти худро пурра ҳифз намояд. Инчунин дар ин вақт рангаҳои дипломатӣ низ систематизатсия ва ба як шакли муайян даровარда шуданд (сафир, фиристода ва ваколатдор дар корҳои дипломатӣ (шахси боваринок, шахси боэътимод)) ва чор намуди муассисаҳои консулӣ муайян карда шуданд. Иммунитети дипломатӣ ва вализа (чемодан) - и дипломатӣ низ муайян карда шуданд.

Бо ҳамин, дар соли 1815 аввалин системаи устувори муносибатҳои байналхалқӣ – «консерти европоӣ», «системаи венагӣ» ё «пентархия» шакл гирифт. Ташаккулёбии системаи мазкур низ ба таври осону содда сурат нагирифта буд. Сулҳи Вестфал дар соли 1648 дар моҳияти кор хаос (бетартибӣ)-ро ба тартиби муайян даровард, яъне давлатҳои миллӣ барои пайравӣ намудан аз ҳадафу мақсадҳояшон озодии пурра гирифтанд[1]. Бо ин ҳама нигоҳ накарда, аз бетартибӣ зина ба зина тартибот зуҳур намуд. Элемент (унсур)-ҳои тартиботи нави мазкури байналхалқӣ аввал принсипи мувозинати европоӣ, ки он натиҷаи асосии ҷанг барои мероси Испания шуд ва дуюм дар муддати асри XVIII ташаккул ёфтани гурӯҳи устувори давлатҳои нисбатан пурқудрат ё давлатҳои бузург гардиданд.

То имрӯз ҳам байни муаррихону муҳаққиқони таърихи муносибатҳои байналхалқӣ оид ба ташаккулёбии системаи муносибатҳои байналхалқӣ баҳс идома дорад. Як қатор муҳаққиқон ба ин назар мебошанд, ки санаи зуҳурёбии системаи муосири абарқудрат ба соли 1495, яъне соле, ки шартномаи Венетсия баста шуд ва он забткориҳои Франсияро дар Италия қонунӣ гардонд, мебошад. Аммо дигар тарафи муҳаққиқин ба интихоб намудани санаи мазкур розӣ нестанд. Масалан, ба ақидаи Ҷ. Моделски, ба танзимдарории глобалӣ, ки баъди шартномаи Утрехт (с. 1713) падид омад, дар бисёр маврид он ҳам характеру хусусияти шартномаи дутарафаи британӣ-французиро дошт. Ба фикри ӯ сулҳи Вестфал (с. 1648) бошад аз ин ҳам дида, ҳамчун ба фаъолият оғоз намудани институти давлатҳои бузург муносибу мувофиқ набуд. Он мустақилиятро ба сифати принсипи асосии

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

системаи давлатҳо барқарор намуд, аммо натиҷаи он на давраи ҳукмронии давлатҳои бузург, балки даъвокунии аввалини Франсия ба гегемоншавӣ шуду халос.

Новобаста ба ин аксарияти муҳаққиқон тарафдори он фикр ҳастанд, ки аввалин имтиёз (бартарӣ) - ҳои давлатҳои бузург дар раванди коркарди нахустин «сулҳ байни миллатҳо» – Сулҳи Вестфал қонунӣ гардонда шуданд, вале аҳамияти ҳалкунандаро онҳо ба Конгресси Вена (с. 1815) медиҳанд, ки системаеро офарид, ки 100 сол по барҷо монд.

Маҳз дар Вена доираи ҳукмрони давлатҳои европоӣ, ки дар оламу муҳит, анъаноту, этикет, расму русуми ягона ҳаёт ба сар мебурданд ва мақоми забони франсузӣ ба сифати мавриди истифодаи умум қарор доштанаш, инчунин алоқаҳои хешу таборӣ байни ҳокимон ҷой дошт, кӯшиш намуданд, ки ба чангҳои бетанаффус «ҷанги ҳама зидди ҳама», ҷангҳои хусусияти несткунии тоталӣ сарҳаду ҳудуд гузоранд. Дар ин ҳолат, гарчанде ки Россия ба Европаи Ғарбӣ дахл надошта бошад ҳам, аммо баробари ин, дар сатҳи том элитаи европоишударо дошт. Дар Россия дар замони идоракунии Пётри Кабир сиёсати европоикунӣ оғоз гардида, шоҳу маликаҳои баъдинаи рус, аз ҷумла, Екатеринаи II, маликаи германитабор, ба қоидаҳои умумии муносибатҳои байналхалқӣ итоат мекарданд.

Аксарияти муаррихон ва назариётчиёни илми муносиботи байналхалқӣ чунин меҳисобанд, ки аввалин кӯшиши ба таври дарозо ва ҳақиқӣ ба низом даровардани системаи муносибатҳои байналхалқӣ дар асоси шартномаҳои базавии байни абарқудратҳо дар рафти конгресси Вена, гарчанде ки унсурҳои алоҳидаи он баъди соли 1815 падид омаданд, сурат гирифт. Ҳамин тавр, институтсионализатсияи системаи муносиботи мутақобилаи давлатҳои бузург аз соли 1815, аз конгресси Вена оғоз гардид[1].

Дар Европаи Ғарбӣ дар асри XVII танҳо 7 соли оромиву осуда будасту халос (с. 1610, с. 1669 – 1671, с. 1680 – 1682), асри баъдина ҳам қариб дар ҳамин ҳолат қарор дошт. Ба ҳамаи норасоию камбудии худ нигоҳ накарда, конгресси Вена системаи муносибатҳои байналхалқиеро (консерти европоӣ) пешниҳод намуд, ки имконият фароҳам овард, ки харобкунии беохири Европаро аз байн барад. Маҳз «консерти европоӣ», ки шакли гегемонии давлатҳои бузург монда буд, бори нахуст ба таври эффективӣ фаъолияти озоди давлатҳо, аз он ҷумла давлатҳои бузургро дар саҳнаи байналхалқӣ маҳдуд намуд. Дар самти мусбат ақидаву қайдҳои Ҷ. Локк ва Т. Гоббс «ҳолати табиии ҷанги ҳама зидди ҳама» - ро маҳдуд намуд.

Дар ин самт иродаи неки монархҳо (аз Александри I сар карда), хизмату заҳмати дипломатҳо (ба мисли Меттерних ва Талейран) ё натиҷаи ғаризаи худҳифзкунии давлатҳои камолёфтаистодаи ботамаддуни европоӣ буд, саволҳое ҳастанд, ки ҳар хел баррасӣ мешаванд. Аммо барои таърихи муноси-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

батҳои байналхалқӣ бавуҷудоии асос (база)-ҳои шартномавӣ ва ҳуқуқ муҳимтар аз ҳама чиз ҳастанд.

**Давлатҳои бузург ва давлатҳо - гегемонҳо.** Бо гузашти вақт байни давлатҳои бузург зина ба зина ҷангҳо ба гаронарзиштар, харобиовартар, хунрезитар ва хатарноктар амалиётҳо мубаддал гашта, ҳамзамон бошанд бурди камтари сиёсиро ба бор меоварданд. Имрӯз бошад сарҳади таърихии он ихтирои яроқҳои қатли омми ҳастаӣ, биологӣ, химиявӣ ва ғайра гардиданд.

Маҳз ҳамин гуна ҳолатҳо маюлу кӯшишҳои аксарияти давлатҳои бузург ва аксарияти аъзои иттиҳодияи байналхалқиро водор намуд, ки давраи рушди сулҳомезро дароз намоянд, роҳҳое, ки ба самти хунрезӣ, харобкорӣ ва оқибати кор ҷангҳои худкушии характери қатли ом дошта байни державаҳои бузург мебаранд, гиранд. Зиддияти байналхалқӣ (пеш аз ҳама байни давлатҳои бузург)-ро бо роҳи сулҳомез ба низом дароранд.

Ҳамин тариқ, ба хотири манфиатҳои худ, давлатҳо дар самти сиёсати берунии худ як қатор маҳдудиятҳои муайянро ҷорӣ намуданд, тақсиму софкунии таърихӣ гузашт, ки бетартибӣ (хаос)-ро аз тартибот ҷудо намуд. Маҳдудиятҳо, ки муносибатҳои байналхалқиро ба тартиб дароварданд ва онҳоро босуботу пешгӯикунанда намуданд, мумкин аст ба навбат бо муайянкунии худ системаи муносибатҳои байналхалқӣ номид[1].

Зеро ҳар давлате, ки ба рушди муайян расидааст, пеш аз ҳама ба нигоҳ доштани суботу пешгӯикунандаи мавқеи худ дар ҷаҳон манфиатдор мебошад. Ин суботу пешгӯикуниро ба он танҳо қоидаҳои муайяни амалкунандаи системаи муносиботи байналхалқӣ кафолат медиҳанд. Барои ҳамин, давлатҳо дар ин ё он зина аз қисмате аз озодона амал намудани худ дар самти сиёсати берунӣ ба хотири кафолат додан ба фаъолияти системаи умумӣ, даст мекашанд.

Дар ин ҷо бояд оид ба таркибёбии сохтори ташкилоти система ҳарф зад. Конструксияи пешбарандаи ҳар системаи муносиботи байналхалқӣ давлатҳои абарқудрат ва муносибатҳои мутақобилаи онҳо ба ҳисоб мераванд. Маҳз онҳо дар ҳар давраи муносиби таърихӣ қоидаҳои амалкунандаи рафтори байналхалқиро коркард менамоянд ва аз болои иҷро намудани онҳо назорат мебаранд.

Ба ақидаи бархе аз мутахассисони таърихи муносибатҳои байналхалқӣ дар ҳамагуна системаи анархии муносиботи байналхалқӣ табақабандӣ (иерархия)-и шахсони амалкунанда вуҷуд дорад, ки дар асоси қувваю қудрат муайян шудааст. Давлатҳои аз ҳама пурқудрат – давлатҳои бузург структура, равандҳои асосӣ ва эволютсияи умумии системаро муайян менамоянд. Аз ҳама асосаш он аст, ки давлати бузург дар ихтиёри худ имкониятҳои сатҳи олии ҳарбӣ ва аз нуқтаи назари бехатарии ҳарбӣ қувваҳои басандаро дорад. Бузургдавлат, асосан, аз ҷониби мамлакатҳое, ки абарқудрат ҳисоб намешаванд, хатари ҳарбиро эҳсос намекунад ва дастнорас мебошад, бузургдавлатҳо танҳо аз

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ҳамдигар тарс доранд. Ғайр аз ин, давлатҳои абарқудрат метавонанд тавоноии ҳарбии худро берун аз қаламрави худ нишон диҳанд ва амалиётҳои ҳамлакунию мудофиавиро гузаронанд.

Дар баробари тавоноии қувваҳои ҳарбӣ давлатҳои бузург имтиёзҳои муайяни байналхалқӣ-ҳуқуқиро дар ихтиёр доранд, ки ба онҳо имконият медиҳанд ба рафт ва натиҷаҳои ниҳоии доду гирифти дипломатӣ, ҳамчун воситаи паси сар намудани низоъ, таъсири ниҳоят калонро расонанд. Тамоми мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ характери суботовару, фоидабахшии вазъияти мазкурро барои муносибатҳои байналхалқӣ эътироф менамоянд, аммо онҳо танҳо дар муайянкунии як масъала ҳамфикр нестанд, ки ин ҳам бошад, маҳз кадом вақт имтиёзҳои дипломатии давлатҳои бузург ва дар натиҷаи он муносибатҳои байналхалқие, ки дар асоси гегемонияи онҳо бунёд ёфтааст, ба тартибдаророй оғоз намуданд.

Аз конгресси Вена сар карда, то оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ муносиботро дар Европа асосан панҷ давлати бузург – Австрия (баъди соли 1867 – Австро - Венгрия), Франсия, Британияи Кабир, Пруссия (баъди соли 1871 – Германия) ва Россия муайян мекарданд. Дар муддати асри XIX бузургдавлатҳои европой даъво ба ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои махсусе мекарданд, ки ҳеҷ намехостанд, ки онҳоро бо дигар давлатҳо тақсим кунанд. Чун анъана оид ба масъалаҳои мубраму асосӣ танҳо байни ҳамдигар маслиҳат мекарданд, давлатҳои майдаи европой низ як сӯ гузошта шуда буданд. Онҳо худро посбону ҳомии сулҳ дар Европа ҳисобида, ба хотири таъмин намудани тартибот дар қаламрави давлатҳои ҳамсоя низ ӯҳдадориро ба гардани худ мегирифтанд[1].

Бо вуҷуди ин, баробарии пурра байни худи давлатҳои бузург низ вуҷуд надорад. Ва байни онҳо низ абарқудратҳо-сарварон ҷудо мешаванд, ки аз нуқтаи назари қувваи ҳарбӣ ва иқтисодии худ аз дигар аъзоёни клуби абарқудратҳои имтиёздошта бартарӣ доранд. Чунин мамлакатҳо-сарваронро гегемонҳо меноманд. Маҳз, дар гардани онҳо бо назардошти қувва ва нақши онҳо дар муносиботи байналхалқӣ ҷавобгариҳои мазкур бор мебошанд: таъмин намудани суботу устувории системаи муносибатҳои байналхалқӣ; таъмин намудани рушди рӯзафзуну устувори алоқаҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ.

Консепсияи гегемон (ҳукмфармо) аз ҷониби як қатор назариётчиёни намоёни муносиботи байналхалқӣ коркард шуда, дар соҳаи мазкур мавриди истифода қарор дода шуд. Аз нуқтаи назари тарафдорони консепсияи мазкур маҳз гегемон структураи муносибатҳои байналхалқиро муайян менамояд, зеро он аз ҷиҳати тавоноии ҳарбӣ, технологӣ ва иқтисодиаш аз дигарон бартарӣ дорад. Аммо гегемон – ин деспот нест, ки бо роҳи зӯрӣ иродаи худро аз болои дигар мамлакатҳо бор кунад. Тартиботе, ки аз ҷониби гегемон ҷорӣ карда мешавад, зарур аст барои дигар аъзоёни иттиҳодияи байналхалқӣ ба фоидаашон ё ақалан боиси қабул бошад. Танҳо омодагии аксарияти дигар давлатҳои бу-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

зург ба қабул намудану розӣ шудан бо низоми байналхалқие, ки гегемон ҷорӣ намудааст, ба гегемон имконият медиҳад сарварии худро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳифз намояд.

Дар асри XIX – нимаи аввали асри XX гегемони бебаҳс дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ Британияи Кабир (гарчанде ки Франсия, Россия, Пруссия барои соҳиб шудан ба ин мақом бо Лондон рақобат мекарданд) ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра Британия ҳамчун «ҳукмрону соҳиби баҳрҳо», «устохонаи ҷаҳон», империяе, ки дар он ҳеҷ гоҳ офтоб ғуруб намекард маълуму машҳур буд. Флоти аз ҳама пурзӯртарин ва иқтисоди аз ҳама боқувваттарини Британия – ҳамаи ин қувваро метавонист дар ҳамагуна лаҳза бар зидди ҳамагуна абарқудрат, ки он бар зидди мувзинати европоӣ сӯиқасд мекард, ба мисоли Франсияи Наполеонӣ, Россияи николаевӣ ё кайзерии Германия равона намояд.

Вазифаи гегемонии Британия на танҳо аз ҳифзи мувозинат иборат буд. На камтар аз ин аҳамияти калонро барои болоравии иқтисоди ҷаҳонӣ тиҷорат, саноат ва молияи Британия ишғол мекарданд. Маҳз дар давраи «консерти европоӣ» дар шакли ниҳоӣ бозори ҷаҳонӣ (аввал мол, баъд капитал ҳам) ташаккул ёфт ва Англия дар ташаккулёбии он нақши ҳалкунандаро бозид. Ва то он даме, ки стандартҳои саноатии Британия дар инқилоби саноатӣ нақши пешрафтаро иҷро мекарданд ва фунт стерлинг воситаи асосии пардохти байналхалқӣ буд, Лондон бо боварии том оид ба халалдоршавии нақши сарварии худ дар корҳои байналхалқӣ фикр ҳам намекард. Аммо ҳама чиз дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ тағйир ёфт, замоне ки маркази молиявии Ҷаҳон аз Лондон ба Ню-Йорк кӯчид[1].

Ҳамин тавр, асри XIX ба ҷаҳон бузургдавлати намуди нав Британияро ато намуд, ки қувваҳои хушкигарди он ночиз буда, аммо он маҳз тавассути дастоварду имкониятҳои факторҳои иқтисодӣ, тиҷорат, сармоягузорӣ, киштиронӣ, саноат, молия дар Ҷаҳон сарварӣ мекард. Баробари ин, оғоз аз асри XIX гегемон дар муносибатҳои байналхалқӣ танҳо гегемон дар иқтисодӣ ҷаҳонӣ шуда метавонист.

**Таҳаввулоти системаи муносибатҳои байналхалқӣ.** Системаи муносибатҳои байналхалқӣ – ин феномени серҳаракат (серамалиёт), тез рушдкунанда мебошад. Сабаби тағйироти системаро ҳар хел маънидод менамоянд.

Мувофиқи назарияи марксистӣ системаи муносибатҳои байналхалқиро мумкин аст ҳамчун надстройка аз болои базиси тамаддуни ҷаҳонӣ баҳогузорӣ намуд. Маҳз прогресси тамаддуни ҷаҳонӣ дар аввали асри XIX системаи муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд оварда, аз ҳамон вақт сар карда, то ҳозир системаи муносибатҳои байналхалқиро мураккабтару мукаммалтар мегардонад.

Яке аз асосгузорони назарияи «бо ҳам вобаст будан (вобастагии дутарафа)» дар муносибатҳои байналхалқӣ, муҳаққиқи америкоӣ Э. Морзе байни

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ҷанбаҳои прогресси рушди тамаддуни ҷаҳонӣ он ҷанбаҳоро ҷудо намуд, ки ба системаи муносибатҳои байналхалқӣ аз ҳама зиёд таъсир мерасонданд, ки онҳо пеш аз ҳама зиёдшавии нуфузи аҳолии Замин баъди соли 1750, дарозшавии масоҳати партофти тири аслиҳаи оташфишон, прогресси транспорт ва алоқа, болоравии истифодабарии энергия, зиёд шудани шумораи маҷаллаҳои техникӣ, донишгоҳҳо ва донишҷӯён дар Ҷаҳон, болоравии маҳсулнокии иқтисодӣ ва дигар нишонаҳо, ки равнақи онҳо аз охири асри XVIII – ибтидои асри XIX оғоз гардид ва дар давраи мо низ характери экспоненсиалӣ доранд, мебошанд.

Дар амал агар гирем, ҳар мутахассиси соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ факторҳои худро пешниҳод менамояд, ба таври максималӣ, аз нуқтаи назари ӯ, ба прогресси тамаддуни ҷаҳонӣ ва мутобиқ ба он ба таҳаввулоти системаи муносиботи байналхалқӣ таъсир мерасонанд. Ба назар мерасад, ки чунин ҷанбаҳои прогресси иқтисодӣ ва технологӣ, ба монанди мукаммалшавии воситаҳои бурдани муборизаи ҳарбӣ, транспорт ва алоқа барои аз байн бурдани анархия дар муносибатҳои байналхалқӣ ва ворид намудани регламентатсия ва тартибот ба ин муносибот таъсири махсуси худро мегузоранд. Мукаммалшавии воситаҳои коммуникативӣ бошад ба зиёдшавии чандкаратаи алоқаҳо байни инсонҳо оварда мерасонад ва инчунин спектри имкониятҳои афзуншавии вобастагии дутарафа байни субъектони муносибатҳои байналхалқиро васеъ менамояд.

Дар муддати 500 соли охир афзуншавии бемайлони вобастагии дутарафаи байнидавлатӣ ба чашм мерасид, ки дар болоравии тиҷорати байналмилалӣ, воситаҳои ахборотӣ, мубодилаи фарҳангӣ, алоқаҳои байниинсонӣ равшан намудор гардид. Аммо ин шароити ба вуҷуд омада низ натавонист, ки ба ҳамин андозаи дигар талафоту қурбонӣ ва харобкориҳои афзуншудаи дар рафти ҷангҳо ва низоъҳои байнидавлатӣ ба вуҷуд омадаро, аз байн барад[1].

Аён аст, ки зиёдшавии алоқаҳо ва вобастагии дутарафа худ ба худ қодир нестанд, ки сулҳи пойдор ва суботро дар сатҳи ҷаҳонӣ кафолат диҳанд. Давлат, хусусан давлатҳои бузург, ки қувваи калони ҳарбӣ доранд, қодир мебошанд, ки дар ҳар шароитҳои муайян роҳҳои вобастагии дутарафаро, дар он ҳолате, ки агар таносуби қувваҳо, рафти умумии рушди вазъияти байналхалқӣ, аз нуқтаи назари онҳо, ба манфиати онҳо иваз нашавад, вайрон менамоянд, чи тавре ки ин дар соли 1914 ва соли 1939 сурат гирифта буд.

Дар ин вазъият системаи муносибатҳои байналхалқӣ, маҳдудияти имкониятҳои худ, ноӯҳдабароии худро дар самти бо роҳи сулҳомез ба танзим даровардани зиддияти байналхалқӣ нишон дода, ба бӯҳрони чуқуру амиқ ворид мешавад, ки он дар баъзе ҳолатҳои муайян барои система ногузиру тақдирсоз мебошад. Сабабу омилҳои чуқури бӯҳрони мазкур аз он иборат мебошад, ки системаи муносибатҳои байналхалқӣ барои прогресси тамаддуни ҷаҳонӣ комилан номувофиқ ва ғайримақбул мегардад. Барои «консерти европоӣ» агар

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

гирем тасвири европосентризмии Ҷаҳон ба давраи зиддияти худ бо рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва маркази қувваҳои ғайриевропоӣ – ШМА, Япония ва ғайра ворид гардид.

Ба ибораи дигар гӯем, надстройка, ҳамчун зуҳуроти устувор ва институтсионализатсишуда (буда) мумкин барои рушди базиси дар ҳолати доимии таҳаввулот қарор дошта, яъне тамаддуни ҷаҳонӣ монеа гардад. Дар ин вақт системаи муносибатҳои байналхалқӣ иҷро намудани функсия (вазифа)-ҳои ба танзимдарории муносибатҳои байналхалқии худро иҷро намудан қатъ менамояд ва бӯҳрони системаи мазкур сар мешавад.

Шаклҳое, ки ин бӯҳрон дар онҳо зоҳир мегардад, мумкин гуногун бошанд, аммо дар таҳкурсии он, чун қоида, мубориза байни давлатҳои бузург – тарафдорони «статус-кво» ва давлатҳои бузурги бо ном «ревизионистӣ» ё «инқилобӣ», ки онҳоро бо ин ё он сабабҳо «статус-кво» қонеъ намекунад, қарор мегиранд[1].

Ба ақидаи Гари Алфред Киссинҷдер, агар он даме, ки абарқудрате пайдо шавад ва иброз дорад, ки тартиботи байналхалқӣ ё тарзи лигитиматсияи он деспотӣ мебошад, муносибот байни он бо дигар абарқудратҳо инқилобӣ мешавад. Дар ин ҳолат проблема на дар ба танзимдарории ихтилофот дар дохили система мегардад, балки таъмин намудани мавҷудият (ҳастӣ)-и худи система мегардад.

Ба пуррагӣ, дар ҳамин асос, муаррихони муносибатҳои байналхалқӣ (махсусан онҳое, ки аз бузургдавлатҳо-ғолибон дар ду ҷанги ҷаҳонӣ намояндагӣ кардаҳо) пеш аз ҳама Германия, инчунин Италия ва Японияро бузургдавлатҳои «ревизионистӣ» ҳисоб мекунанд. Бузургдавлатҳои мазкурро ба он айбдор менамоянд, ки онҳо аз системаи шакл гирифта норозӣ буда, бо ҳар баҳона онро ҷунбонда, хароб карданд ва оқибат марги системаро дар оташи ду ҷанги ҷаҳонӣ таъмин намуданд.

Ба сифати намунаи характери ревизионизми Германия дипломати машҳури англис, сиёсатшинос, муаррих-мутахассис дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ Гаролд Николсон чунин қайд менамояд, ки сиёсати немисӣ асосан сиёсати қувваю зӯрист. Дипломатияи немисӣ консепсияи ҳарбии мазкурро инъикос менамояд. Барои немисҳо ба фикрам назар ба изҳори боварӣ (эътимод) тарсондан (ба воҳима андохтан) муҳимтар аст, аммо вақте ки, он бетағйир рух медиҳад, давлатҳои ба воҳима афтода, барои дифоъ муттаҳид мешаванд, немисҳо бошанд баъд аз ин ба атроф шикоят мебаранд, комилан ба хотир намеоранд, ки методҳо ва таҳдиду хатари худи онҳо ин реаксияро ба вуҷуд овардаанд[2].

Зарур аст қайд кард, ки худи он «статус - кво», таносуби байналхалқии қувваҳои шакл гирифта, ки ба он бузургдавлати «ревизионистӣ» таҳдид мена-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Никольсон Г. Дипломатия. М., 1941. С. 87 – 88.

мояд, худ ба худ ба вуҷуд наомадааст, балки он дар натиҷаи сиёсати мақсадноки дигар бузургдавлатҳо зуҳур намудааст. Британияи Кабир дар самти роҳи ҳифзи «статус - кво» тартиботи пешинаро шикаста, империяи худро таъсис дода буд. Ҳамин тарзи суханро мо метавонем оид ба сиёсати мустамликадории дигар аъзоёни Антанта – Франсия ва Россия гуфт, ки илова ба ин, дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба тарафдорӣ аз бо роҳи зӯрӣ ҳал намудани масъалаҳои территориявӣ дар Европа баромад мекарданд. Французҳо даъвои Элзас ва Лотарингия мекарданд, русҳо бошанд иддао ба Босфору Дарданелл[1].

Ҳамин тавр, чи таре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, на танҳо бузургдавлатҳои «инқилобӣ», балки бузургдавлатҳои «аксулинқилобӣ» ҳам потенсиали экспансия ва агрессияро ҳифзу нигоҳ дошта ва бузургдавлатҳои «аксулинқилобӣ» - ро на танҳо сулҳдӯстию сулҳҷӯӣ, инчунин тарси он ки бисёртар аз даст медиҳанд, нисбат ба оне, ки ба даст оварданд, боз медорад.

Вақте ки ба танзим даровардани ихтилофот байни давлатҳои бузург – тарафдорони «статус-кво» ва давлатҳои бузурги «ревизионистӣ»-ро ба воситаи механизмҳои аккомодатсионӣ[2], ки дар чорчӯбаи системаи муносиботи байналхалқӣ вуҷуд доранд, ба даст намеояд, давраи нави мубориза барои гегемония байни абарқудратҳо сар мешавад. Натиҷаи ин мубориза системаи нав мешавад, ки мувофиқ ба манфиатҳои бузургдавлатҳо - ғолибон тартибот ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқиро дар муддати мавҷудияти системаи мазкур – аз пайдоиш то азбайнравиаш дар ҷаҳон муайян менамояд.

То он даме, ки давлатҳои бузург омода ҳастанд проблемаҳои худро танҳо тавассути қувваи силоҳ ҳал намоянд, пас на ягон меъёри ҳуқуқи байналхалқӣ, на ягон меъёри ахлоқӣ ва идеологӣ қодир нестанд, ки роҳи ҷанги калон, яъне ҷанг байни давлатҳои бузург барои гегемон шудан дар Ҷаҳонро гиранд. Аммо оид ба ин ақида аксарияти муҳаққиқони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ҳамфикр нестанд.

**Консерти европоӣ – ҳамчун система.** Аввалин системаи устувори байналхалқӣ ба ном «консерти европоӣ» гардид, ки он дар конгресси Вена дар соли 1815 таъсис дода шуда, амалан баъди анҷом ёфтани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ аз саҳнаи таърихӣ бардошта шуд. Ин давраи муҳим дар таърихи муносибатҳои байналхалқӣ буд, ки ба ҷаҳони муосир низ таъсири ниҳоят калони он расид. Хусусиятҳо ва пайомадҳои системаи мазкурро ба чанд гурӯҳ тақсим менамоянд:

- рушди муносибатҳои байналхалқӣ аз доираи хеле маҳдуд – 5 абарқудрати европоӣ вобаст буд. Муносибатҳои байниҳамдигарии Британияи Кабир, Россия, Франсия, Пруссия (Германия), Австрия (Австро-Венгрия) вазъияти корҳоро дар саҳнаи Ҷаҳон муайян менамуданд. Давлатҳои ғайриевропоӣ баробар бо давлатҳои хурди европоӣ, дар ин давра

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Аккомодатсия – мутобиқшавии орган ё дар умум организм ба тағйирёбии шароити беруна; мафҳуми мазкур наздик ба адаптатсия – мутобиқшавӣ мебошад.

аз субъектон ба объектони системаи қатъии европоимаркази муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтанд. Аҳамият он чизе дошт, ки дар Европа рух медод. Европоиҳо чанде ки мехостанд, метавонистанд байни худ душманӣ кунанд, аммо дар назди симои таҳҷоиҳо ҳамаи низоъҳои байниҳамдигарии онҳо қатъ мешуданд[1].

- манфиатҳои ҳамаи давлатҳои бузурги европоӣ, ғайр аз Британия ва Россия, қариб, ки пурра дар Европа ҷамъ шуда буданд, гарчанде ки дар ин давра мустамликакунии бошитоби ҷаҳон идома дошт. Фаъолияти ғайриевропоии давлатҳои бузург ба ивазшаии бунёдии аввалияту бартарияти онҳо оварда нарасонд, ҳатто он бузургдавлатҳое, ки нимевропоӣ буданд, манфиатҳои европоии худ – таъмин намудани бехатарӣ дар Европа, роҳ надодан ба ҳукмфармоии ягон бузургдавлат ё гурӯҳи бузургдавлатҳоро фаромӯш накарданд. Маҳз дар ҳамин буд мақсади асосии дипломатияи онҳо;

- яке аз заминаҳои асосии «консерти европоӣ» ин принсипи нигоҳ доштани мувозинати қувваҳо шуд. Ҷавобгарӣ аз болои нигоҳ доштани мувозинати дохилиевропоӣ ба зиммаи бузургдавлатҳо вогузошта шуда буд. Ин ӯҳдадорӣ ба воситаи гузарондани конференсияҳо ба хотири ҳал ва ба танзим даровардани масъалаҳо, ки ба сулҳ таҳдид мекарданд, амалӣ мешуд. Миёни чунин конференсияҳо аҳамияти муҳимро конгресси Париж дар соли 1856, конференсияи Лондон дар соли 1871, конференсияи Берлин дар соли 1878 ишғол мекарданд;

- гарчанде ки аннексия ва тавони ҷангӣ ба мисли давраҳои пешин шаклҳои таҷрибаи байналхалқӣ ҳисоб мешуданд, ҳокимони давлатҳои бузург аллакай тақсимкунӣ ё аз байн бурдани ягон давлати бузургро, ки аъзои «клуби интихобшудагон» буд, ба сифати мақсади асосии худ қарор намедоданд. Мисол, шикасти Россия дар Ҷанги Қрим, Австрия дар ҷанги соли 1866, Франсия дар Ҷанги Франсия ва Пруссия ё Германия дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба азбайнравии давлатҳои мазкур аз харитаи сиёсии ҷаҳон оварда нарасонд ва онҳо аз клуби давлатҳои бузург низ хориҷ нашуданд;

- системае, ки дар Вена офарида шуд, устувор буд. Давлатҳои бузург, ки соли 1914 Ҷанги якуми ҷаҳониро оғоз намуда буданд, ҳамонҳое буданд, ки соли 1814 дар Вена ҷамъ омада буданд. Яъне сад сол системаи мазкур устувор монд;

- маҷмӯи принсипҳоро, ки элитаҳои давлатҳои бузург пайравӣ мекарданд якхела буданд. Ғояи «консерти европоӣ» розигии панҷ бузургдавлат, ки қоидаҳои умумии арзишманд, инсонгароӣ ва боввариро эътироф мекарданд, ки ба онҳо бояд бузургдавлатҳо дар муносибат байни ҳамдигар ва муносибат намудан бо давлатҳои хурду халқҳои тамаддуни нисбатан пасттардошта тобеъ бошанд. Гарчанде ки «тӯпҳо» аргументи охирони шоҳҳон ба ҳисоб мерафтанд, истифодабарии онҳо низ дар чорчӯбаи системаи «консерти европоӣ» маҳдуд карда шуда буд;

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

- асри XIX асри «консерти европоӣ» давраи гул-гулшукуфии дипломатияи классикӣ буд. Ба гуфтаи бархе аз олимони соҳа ҳукуматҳои асри мазкур наҷоти худро дар дипломатия меҷустанд. Системаи мазкур соҳаи сиёсиро фаро гирифт. Дипломатия, ки бо ёрии он муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул меёфтанд, ба андозае аз ҳаққи мухторияти худ бархӯрдор буд. Ин имкон медод, ки ҳангоми қабули қарорҳои сиёсати берунӣ озодона манёврӣ кунанд[1]. Табақаи дипломатҳои европоӣ ба маданияти воҳид тааллуқ доштанд. Дар давраи мазкур сиёсати хориҷии давлатҳои бузург дар доираи хеле маҳдуд баррасӣ, коркард ва амалӣ мешуд. Ва ин доира меъёрҳои этикӣ ва ахлоқии тамаддуни воҳиди европоиро пайравӣ мекард. Давлатҳо нисбат ба ҳамдигар аз нуқтаи назари идеологӣ сабру таҳамулпазир буданд. Барои он ки ботамаддун эътироф гардад, давлат бояд қонунҳо ва урфу одатҳои маъмули ҷангиро риоя намояд, қарорҳои конгресси Венаро оид ба намояндагиҳои дипломатӣ ва дар умум ӯҳдадориҳои байналхалқии худро иҷро кунад;

- хизмати бебаҳси «консерти европоӣ» дар он мебошад, ки дар давраи мавҷудияти системаи мазкур санадҳои меъёрӣ оид ба бо роҳи сулҳомез ҳал намудани баҳсҳои байналхалқӣ, қонун дар бораи ҷанг аз ҷониби давлатҳои мутамаддин тартиб ва қабул гардиданд, ки дар байни онҳо Конвенсияи Женева 1864, Эъломияи Санкт - Петербург 1868, Эъломияи конференсияи Брюссел 1874, конвенсияҳои Гаага 1899 ва 1907 мебошанд. Ва маҳз дар давраи «консерти европоӣ» дар таҷрибаи муносибатҳои байналхалқӣ гуфтушунид оид ба ҷорӣ намудани маҳдудият ва кам намудани яроқу аслиҳа (конференсияи соли 1899) ворид карда шуд;

- аз соли 1815 сар карда, панҷ давлати аъзои «консерти европоӣ» тақдири Ҷаҳонро муайян мекарданд. Хусусияти ин квинтет (яъне панҷгона) на танҳо дар умумияти фарҳангӣ ва манфиатҳои ба ҳам мувофиқ буд, балки ҳаракаткунӣ ба роҳҳи модернизатсияи саноатӣ низ ба шумор мерафт. Англия, мошини буғиро ихтироъ намуда, пештар аз ҳама ба давраи инқилоби саноатӣ ворид гардид, баъди он Франсия, Австрия ва Пруссия ба ин дастовард расиданд. Россия низ дар ин ё он зина дар табаддулоти саноатӣ иштирок намуд. Аммо ин вазъият, яъне бартарияти иқтисодию сиёсӣ, ки барои Британия мақоми сардори ҷаҳониро таъмин кард, баъди соли 1870 бо суръати тез ба тағйирёбии худ сар намуд. Германияи муттаҳида, ҳамчун маркази нави иқтисодӣ, Англияро дарёб кард. Вазъияти навбатие ба вуҷуд омад, ки ба бӯҳрон оварда расонд: аз ҳайати «консерти европоӣ» лидери нав ҷудо мешавад, ки боқимондаҳоро маҷбур намуд барои худдифоъкунӣ зидди он муттаҳид шаванд. Лидер – Германия (ҳамроҳ бо иттифоқчиаш Австрия) ба мақоми бартарияти континенталӣ на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, ҳатто таъсири сиёсӣ дастдарозӣ намуд. Ва оқибати кор бошад иттифоқи Франсия, Россия ва Британия бар зидди он ташаккул ёфт. Системаи ҷорикардаи Меттерних аз ҷониби Бисмарк риоя мешуд, аммо он барои канслерҳои навбатии Германия Бюлов ва Бетман-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Голвег кӯҳнашуда дониста шуд. Маҳз вайроншавии мувозинати қувваҳо системаро халалдор намуд. Вақте ки дар рафти низои ҷаҳонӣ қувваи давлатҳои дар боло овардашуда ба муқобили Германия нарасид, онҳо аз он тарафи уқёнус, гиганти нав ШМА-ро даъват намуданд. Аз ин вақт сар карда, ШМА ба «консерти европоӣ» ворид шуда, амалан бошад онро тарконд. Германия ва ШМА, аз ду тарафи гуногун ихтирооти Меттерних, Талейран, Каслри ва Александри I-ро шикаста партофтанд;

- дар фарқият аз системаи байналхалқии Вестфал ба сифати элементҳо (унсур)-ҳои системаи Венагӣ на танҳо давлатҳо, балки коалитсияи давлатҳо низ баромад мекарданд;

- дар доираи мувозинати қувваҳо давлатҳо метавонистанд ба хотири таъмин намудани манфиатҳои худ ҳайати иттифоқчёнро иваз намоянд, баробари ин зарур буд, ки структураи умумии иттифоқҳо ва характери муносиботи байналхалқиро вайрон накунанд;

- консерти европоӣ, шакли гегемонии давлатҳои бузурги европоӣ монда, бори нахуст ба таври эффективӣ фаъолияти озоди онҳоро дар саҳнаи байналхалқӣ маҳдуд намуд;

- дар давраи мавҷудияти системаи венагӣ мафҳуми мувозинати сиёсӣ шарҳу тавзеҳи васеътарро ба даст овард. Бо шарофати барқарор намудани мувозинати қувваҳо аз ҷониби системаи венагӣ, ҷангҳо ва низоъҳои ҳарбӣ дар Европа, ғайр аз дар баъзе мавридҳо, муваққатан қатъ шуданд;

- системаи байналхалқии Вена мақсад дошт, ки сарҳадмуайянкунии навро дар натиҷаи ҷангҳои Наполеонӣ гузаронда, тасдиқ намояд ва ҳудудҳои давлатҳои миллиро муайян намояд. Дар натиҷаи он ба Россия Финландия, Бессарабия гузашта, аз ҳисоби Полша низ қаламрави он васеъ карда шуд. Полша байни Россия, Австрия ва Пруссия тақсим карда шуд;

- системаи венагӣ харитаи нави географии Европа, таносуби нави қувваҳои геополитикиро ба қайд гирифт. Дар асоси системаи мазкур принсипи империявии назорати фазои географӣ дар сарҳадоти империяҳои мустамликавӣ гузошта шуд. Дар давраи системаи венагӣ империяҳои мазкур ниҳоятан ташаккул ёфтанд: Империяи Британия (с. 1876), Империяи Германия (с. 1871), Империяи Франсия (с. 1852). Соли 1877 султони Туркия ба худ унвони «Императори Усмониҳо» - ро сазовор донист. Россия бошад аллакай пеш аз ин дар соли 1721 империя эълон гардида буд;

- қатъи назар аз изолятсияи глобалии тамаддунҳо ва маданиятҳо, системаи венагӣ, ба монанди системаи пешина Вестфалӣ, характери европосентрӣ дошт. Системаи Вестфалӣ дар ибтидо характери глобалӣ надошт, он танҳо Европаи ғарбӣ ва Марказиро фаро гирифта буд. Баъдтар ба доираи он Европаи Шарқӣ, Россия, ҳавзаи баҳри Миёназамин ва Америкаи Шимолӣ ворид гардиданд. Системаи венагии муносиботи байналхалқӣ бошад амалан танҳо фазои европоиро дар бар мегирифт ва дар бархе аз ҳолатҳо он қаламравҳое, ки дар онҳо давлатҳои бузурги европоӣ муборизаи мустамликавӣ мебурданд ё мустамликаҳоро идора мекарданд. Берун аз доираи системаи венагӣ

Хитой, ки дар натиҷаи ҷанҳои афунӣ ба ҳолати ниммустамлика табдил дода шуд, Япония қарор доштанд. Танҳо дар давраи охири мавҷудияти система Осиёи Шарқӣ ба доираи он кашида шуд. Ҳамзамон дар давраи системаи венагӣ таърихи европоӣ ба ҷаҳонӣ табдил ёфт;

- дар конгресси Вена ба таври расмӣ масъалаи мустамликаҳо баррасӣ ва мустаҳкам гардонда нашуданд. Яке аз сабабҳои асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ маҳз мубориза барои аз нав тақсим намудани ҷаҳон (хусусан мустамликаҳо) шуд;

- ба таври фаъол равандҳои модренизатсионӣ, рушди муносиботи капиталистӣ ва инқилобҳои буржуазӣ шуда гузаштанд;

- дар вақти рушди системаи венагӣ иштирокчиёни он аз рӯи моҳият якхела (монархҳо) буданд, барои ҳамин муддати дароз он якранг буд;

- муҳаққиқон оид ба устувории системаи мазкур бисёртар ҳарф мезананд. Новобаста ба ҷангҳо, инқилобҳо, бӯҳронҳои байналхалқӣ, системаи муносиботи байналхалқӣ бе тағйир монд. Амалан аз конгресси Вена сар карда, то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шумораи абарқудратҳои пешбар тағйир наёфт;

- дар давраи мавҷудияти консерти европоӣ аз ҷониби тамоми давлатҳои мутамаддин санадҳои меъёрии ягона оид ба бо роҳи сулҳомез ҳал намудани низоъҳо, инчунин оид ба бурдани амалиётҳои ҳарбӣ, оид ба муносибат бо асирон коркард ва қабул карда шуданд.

# 4. 3. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ДАВРАИ БАРҚАРОРКУНӢ ВА ИНҚИЛОБҲОИ ЕВРОПА СОЛҲОИ 1815 – 1848

**Ҷанбаҳои байналхалқии низоми барқароркунии Бурбонҳо (с. 1815 – 1818).** Иштирокчиёни коалитсияи зиддифрансузӣ нағз мефаҳмиданд, ки муътадил нигоҳ доштани тартиботи европоӣ аз вазъияти дохилии Франсия вобастагӣ дорад. Онҳо кӯшиш намуданд, ки низоми барқароркунии сулолаи Бурбонҳоро ҳамчун кафолат дар самти эҳё нагардидани сиёсати экспансионии Франсия мустаҳкам гардонанд ва дар ин самт тадбиқ намудани якчанд чораҷӯиро дар пеши худ гузоштанд.

Якум, ба оштии миллӣ дар Франсия ёрии худро расонанд. 4 июни соли 1814 шоҳ Людовики XVIII Хартияро интишор дод, ки он дар мамлакат таъсис додани парламенти дупалатагӣ (палатаи пэрҳо ва палатаи депутатҳо)-ро кафолат дод, ки дар асоси ҳуқуқи интихоботии маҳдудият дошта интихоб карда мешуданд. Дар Франсия амал намудани «Кодекси Наполеон» низ нигоҳ дошта шуд.

Дуюм, ин ҳал намудани масъалаи оилаи Бонапартҳо буд. 2 августи соли 1815 Австрия, Британия, Пруссия ва Россия оид ба мақоми ҳуқуқии Наполеон Бонапарт шартномаи Венаро бастанд. Иттифоқчиён ба қабул намудани қарорҳои мазкур омаданд: 1) собиқ императори Франсия ҳамчун асири ҳарбӣ дониста шавад; 2) назорати махсус аз болои ӯ ба зиммаи Британия гузошта шавад; 3) ба ҳар чор бузургдавлатҳо ҳуқуқ дода шавад, ки дар ҷойи нигоҳ (ҷазираи Еленаи Муқаддас) доштани Наполеон комиссарҳои худро мустақар намоянд; 4) ба ҳукумати Франсия пешниҳод карда шавад, ки ба ҷойи нигоҳдории Наполеон комиссари худро фиристонад. Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ин он маъноро дошт, ки иттифоқчиён ҳукумати сулолаи Бурбонҳоро, на тарафи мағлуб, балки ҳамчун субъекти баробарҳуқуқ ба расмият мешиносанд. 27 августи соли 1815 иттифоқчиён дар Вена протокол имзо карданд, ки мувофиқи шартҳои он хешовандони собиқ император бояд дар давлатҳои гуногун боз доранд ва нигоҳ дошта шаванд.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ то охир муайян нагардид, ки магар писари Наполеони I ва Мария Луиза – шоҳзода Наполеон император буд ё не. Зеро Сенати Франсия аз 22 июн то 7 июли соли 1815 ӯро ҳамчун ба сифати император Наполеони II ба расмият шинохта буд. Аммо шоҳзода Наполеон аз Вена ба Париж бар нагашта буд, иштирокчиёни коалитсияи зиддифрансузӣ бошад қонунан будани санад дар бораи аз тахт даст кашидани Наполеонро аз 22 июни соли 1815-ум ба расмият нашинохта буданд. Ҳал намудани масъалаи мазкури мушкили ҳуқуқиро ҳукумати Австрия ба зимма гирифт, зеро император Франси II падари Мария Луиза ва бобои писари Наполеон буд.

Ҳамин тавр, Мария Луиза соли 1816 унвони герсогзани Пармаро гирифта, ба дарбори нави худ кӯч баст. Писари Наполеон бошад дар Вена дар дарбори бобояш монд. Дарбори Австрия номи ӯро аз Наполеон ба Франс иваз кард. Соли 1817 иттифоқчиён Шартномаи Парижро бастанд, ки тибқи он Наполеон-Франсро аз ҳуқуқи соҳиб шудан ба тахти Парма маҳрум намуданд. Ба Наполеон-Франс герсоггарии Рейхштадт дар Богемияро доданд. Ҳамин тавр, сулолаи Бонапартҳо аз системаи легитимизм дар Европа хориҷ карда шуданд.

Сеюм, ин масъалаи низоми истилокории Франсия буд. Ҳанӯз мувофиқи шартҳои Сулҳи Париж ҳуқуқи низомии истилокории Франсия ба ҳукм даромад. Ҳал намудани масъалаи мазкур дар конгресси Ахен баррасӣ карда шуд. 15 ноябри соли 1818 иттифоқчиён бо Франсия протоколи алоҳидаро имзо карданд. Мақсади он эълон намудани кафолати тартиботи ҷорӣ дар Европа буд. Франсия ба Иттифоқи Муқаддас роҳ дода шуда, мамлакат ба системаи легитимизм ворид карда шуд[1].

**Принсипи легитимизм ва фаъолияти «Иттифоқи Муқаддас».** Дар байни иштирокчиёни конгресси Вена оид ба масъалаи принсипи легитимизм ду намуди тавзеҳот ба вуҷуд омад. Якум, таърихӣ, дуюм бошад ҳуқуқӣ. Аз нуқтаи назари шарҳидиҳии таърихии легитимизм меъёри муайянкунандаи қонунию ҳақиқӣ будани ин ё он зуҳуроти тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқи сулолаҳо сарҳадот ва ғ. қадимтар будани онҳо қабул карда шуд. Масалан, ба назар гирифта шуда буд, ки сулолаи Бурбонҳо, ки назар ба сулолаи Бонапартҳо қадимтар мебошад, дар Франсия бисёртар ба тахт ҳуқуқ дорад. Баробари ин, пурра баргаштан ба тартиботи то соли 1789 - ро на ҳама мехостанд. Зеро бархе аз монархҳо на танҳо аз ҷангҳои Наполеонӣ бо талафот баромаданд, инчунин дастоварду мартабаҳоро низ соҳиб шуда, акнун немехостанд онҳоро аз даст диҳанд. Масалан, шоҳҳони Бавария, Саксония ва Вюртемберг мехостанд, ки унвонҳои худро, ки Наполеон ба онҳо дода буд, ҳифз нигоҳ доранд. Ғайр аз ин, фотеҳони ҷанг ҳам қатъиян талаб мекарданд, ки саҳми онҳо дар ғалаба мукофотнонида шавад. Барои ҳамин, худро тарафдори принсипи легитимизм эълон намуда, ба мафҳуми мазкур комилан дигар шарҳдиҳӣ – яъне тавзеҳоти ҳуқуқӣ доданд. Онҳо тартиботи қонуниро танҳо он низомро донистанд, ки бар асоси шартномаҳои байналхалқии аз ҷониби умум эътироф шуда бунёд ёфтааст[2].

Чуноне ки маълум аст, июни соли 1815 санади Конгресси Вена баста шуд, ки мувофиқи он сарҳадҳои нав дар Европа муайян гардиданд. Тибқи он Россия қисми зиёди қаламрави герсоггарии Варшаваро соҳиб шуд. Дар рафти конгресси Вена монархҳои давлатҳои ғолиб масъалаҳоро оид ба созмон дода-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 155 – 157.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 181 – 182.

ни механизм, ки тавассути он метавонистанд тартиботи нави европоиро нигоҳ доранд ва сар задани низои нав, ба монанди ҷангҳои Наполеониро сари вақт бартараф намоянд, ба миён гузоштанд. Бо пешниҳоди Александри I барои муборизаи якҷоя бурдан бо зуҳуроти инқилобӣ ва нигоҳ доштани низомҳои монархиявии мутлақ дар Европа, 26 сентябри соли 1815 дар шаҳри Париж шартнома бо номи «Иттифоқи Муқаддас» ба имзо расид. Ба он Россия, Пруссия ва Австрия имзо гузоштанд[1]. Баъдтар ба санади «Иттифоқи Муқаддас» қариб, ки ҳамаи давлатҳои европоӣ ҳамроҳ шуданд, ба ҷузъ аз Англия, Туркия ва папаи Рим. Ҳукумати Англия аз баҳсу мунозираҳои оид ба он дар парламент ба ҳарос омада, санадро имзо накард, аммо розигии худро оид ба принсипҳои он ба тарзи нимрасмӣ дод, яъне оид ба розӣ будан ба принсипҳои он, шоҳзода-регент аз номи худ ба императори Россия мактуб навишт. Султони Туркия ҳамчун мусулмон наметавонист, ки дар иттифоқи муқаддаси монархҳои насронӣ иштирок намояд. Папаи Рим бошад ба хотири эҳтиёткорӣ бетарафӣ ихтиёр намуд[2].

Дар ин ҷо бояд аввал дар бораи хусусияти синфӣ доштани системаи консерти европоӣ сухан кард. Яъне то инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 системаи мазкур Иттифоқи Муқаддаси монархияҳои иртиҷопараст буд, ки он зидди мардум равона гардида буд[3].

Дар асл, худи Иттифоқи Муқаддас эъломияи мистикӣ, ки 26 сентябри соли 1815 баста шуда буд, гардид, самараи рӯҳияи мистикӣ ва динӣ доштаи император Александри I буд ва он дар рӯҳияи дини насронӣ тартиб дода шуда буд.

Клеменс фон Меттерних ҳуҷҷати мазкурро пучу холӣ ва садобаландкунанда баҳогузорӣ намуд. Аммо мақсади иттифоқи мазкур бо ҳар роҳе набошад, дастгирӣ намудани қуввaҳои зиддиинқилобӣ буд ва ӯ инро тез дарк намуд.

Лекин дар амалия, бо назардошти набудани ӯҳдадориҳои равшану возеҳ ва ҳаммаъно, беҳад мушкил буд, ки ягон давлати бузургро маҷбур намуд ин ё он корро, ки ба манфиатҳои он созгор набуд, иҷро кунад. Таърихи Иттифоқи Муқаддас чунин мисолҳоро бисёр ба ёд меорад (масалан, халалдор шудани интервенсияи Иттифоқи Муқаддас ба мустамликаҳои Испания дар Америкаи Шимолӣ, муборизаи миллӣ-озодихоҳии халқи юнониро амалан дастгирӣ кардани аксарияти аъзоёни консерти европоӣ ва ғайра). Аз ҷониби дигар аҳднома оид ба Иттифоқи Муқаддас мафҳуми принсипи легитимизм (яъне барқарор намудани ҳуқуқи монархҳои пешина, ки ҳокимият ва мулкҳои худро аз даст доданд )-ро, бо кадом роҳе, ки набошад «режими кӯҳна», яъне тартиботи фео-

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 282.
[2] Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 283.
[3]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

далӣ - мутлақиро нигоҳ дошт, мустаҳкам гардонд[1]. Легитимизм аз лотинии *logitimus,* франсузии *légitime* – қонунӣ – ғояи сиёсие мебошад, ки ҳангоми ҳал намудани принсипҳои сохтори давлатӣ ҳуқуқи таърихии бартарият доштаи сулолаҳоро эътироф менамояд[2].

Аммо фаҳмиши деидеологизатсияшудаи принсипи мазкур низ ба вуҷуд омад, ки мутобиқи он легитимизм дар моҳияти кор синоними мувозинати европоӣ гардид. Масалан, яке аз асосгузорони системаи консерти европоӣ вазири корҳои хориҷии Франсия Шарл Морис Талейран дар ҳисоботи худ оид ба натиҷаҳои конгресси Вена принсипи мазкурро чунин ифода намудааст, ки легитимизм бояд пеш аз ҳама ба манфиати халқ муқаддас гардонда шавад, зеро ки танҳо ҳокимиятҳои легитимӣ мустаҳкам мебошанд, боқимонда, ки танҳо ба қувва такя менамоянд, замоне ки ин такягоҳро аз даст медиҳанд, худ ба худ таназзул меёбанд ва ҳамин тавр, халқро ба инқилобҳо дучор менамоянд, ки оқибати онро ғайриимкон аст пешгӯӣ кард…конгресс кори худро ба анҷом расонда, иттифоқҳои кӯтоҳмуддатро … ба системаи доимии кафолатҳои муштарак ва мувозинати умумӣ иваз менамояд. Тартиботи дар Европа барқарор шуда, дар зери ҳимояи тамоми давлатҳои манфиатдор қарор дода шавад, ки то тавонанд бо кӯшишҳои якҷоя ҷанини тамоми он майлу тамоюлоте, ки ба самти вайрон кардани он равона шудааст, буғӣ намоянд[3].

Аммо, ба назари профессор В. И. Батюк, дар ин ҷо масъалае ба миён меояд, ки принсипи легитимизмро чи тавр дарк намуд. Агар онро ҳамчун бо кадом воситае набошад, ҳатто тавассути интервенсияи хориҷӣ, тартиботи кӯҳнаро ҳифз намуд, пас ба легитизм аллакай дар солҳои 20-уми асри XIX ситезаҷӯӣ карда шуд, замоне ки юнониҳо истиқолият ба даст даровarda, интервенсия ба Америкаи Ҷанубӣ халалдор карда шуд. Агар легитимизмро ҳамчун принсипи нигоҳ доштани мувозинати европоӣ донем, пас бе истисно ҳама давлатҳои бузурги европоӣ, ҳам мутлақияти Россия, ҳам Англияи парламентӣ ва ҳам Франсияи ҷумҳуриявӣ (баъди соли 1871) давлатҳои бузурги легитимистӣ будаанд, ба ибораи дигар гӯем, онҳо омода буданд, ки ба ивазшавии статус-квои территориявӣ танҳо дар ҳолати аз ҷониби дигар давлатҳои бузург маъқул донистани он, розӣ шаванд[4].

Ҳамин тавр, ба ивазшавии табиати синфии консерти европоӣ дар муддати асри XIX нигоҳ накарда, *modus operandi* – давлатҳои бузурги европоӣ бе тағйир боқӣ монд: ивазшавии элитаи кӯҳнаи феодалӣ ба синфи нави капиталистӣ ба вайроншавии радикалии системаи муносиботи байналхалқии

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 148.

[3]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.; Талейран Ш. Мемуары. Старый режим. Великая революция. Империя. Реставрация. М.: Издательство Института международных отношений, 1959.

[4]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

бавуҷудомада оварда нарасонд ва дар зинаи роҳбарии консерти европоӣ боз ҳамон давлатҳои бузург боқӣ монданд, ки дар аввали таъсиси он буданд (Британия, Франсия, Германия, Австрия ва Россия).

**Системаи Меттерних.** Чуноне ки зикр карда будем, Клеменс фон Меттерних дар ҳуҷҷати мазкур, яъне дар лоиҳаи Александри I мундариҷаи сиёсиро дарёфт накарда, онро пучу холӣ ва садобаландкунанда баҳогузорӣ намуд ва қайд намуд, ки зери шаклгирии хусусияти насронии он сиёсати русии зидди Туркия ниҳон аст. Яъне Меттерних ба сафи асосгузорони Иттифоқи Муқаддас дохил намегардад. Аммо ӯ тез дарк кард, ки чи хел ин ихтирооти Александри I - ро дар идоракунии сиёсати байналхалқии европоӣ истифода намояд. Яъне вазири корҳои хориҷии Австрия дар лоиҳаи императори Россия имконияти ба даст даровардани силоҳи тавоно бар зидди «қувваи ҳаракатҳо» - ро ёфта, чи қадаре ки тавонист кӯшиш намуд онро тағйир диҳад. Бародарии халқҳои насронии Александрро, ба иттифиқи князҳо табдил дода, бо ҳамин қисман онро аз мистикаи насронӣ ба заминаҳои ратсионалистӣ оварда, тавассути он мавқеи консерватизм ва лигитимизмро мустаҳкам карда, қувваи иттифоқи мазкурро бар зидди ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ, либералӣ ва инқилобҳо дар тамоми мамлакатҳо истифода намуд[1].

Дар сиёсати воқеӣ бошад зери таъсири Меттерних барои «Иттифоқи Муқаддас» тақдири аҷоиб омода карда шуда буд. Худ ба худ ивазшавии мафҳум ба вуҷуд омад. Якум, мафҳуми Иттифоқи Муқаддас, новобаста аз характери умумиевропоӣ доштанаш дар забони муаррихон ва ҳамзамонони он фақат се давлати аввалини аъзои он – Россия, Австрия ва Пруссияро ифода мекард. Дуюм ва асосаш ҳамин, ки дар назари афкори ҷамъиятӣ Иттифоқи Муқаддас паҳнкунандаи иртиҷоият дониста шуд ва ҳамагуна зуҳуроти реаксионӣ кори дасти иттифоқи мазкур дониста шуда, мубориза бар зидди он бошад шиори асосии ҳаракатҳои либералӣ ва миллии халқҳои Европа гардид. Пайдоиши худро аз шиорҳои идеологии солҳои 20 – 30 - юми асри XIX гирифта, дар натиҷаи он бошдад Иттифоқи Муқаддас, ки монархҳои европоӣ ва халқҳои онҳоро ба он даъват мекард, ки худро аъзои халқи воҳиди насронӣ донанд, аммо дар баробари ин, аз болои фаъолияти анъаноти ғоявӣ ва сиёсии дигар ҷавобагриро ба зимма гирифт, ки дар таърихи бо номи «системаи Меттерних» маълум аст.

Худи Меттерних сиёсати худро на система, балки тартиботи ҷаҳонӣ номид. Дар ҳақиқат дар сиёсати худ Меттерних тибқи як қатор принсипҳои ба ҳам мувофиқ рафтор мекард, ки дар марказ байни онҳо бо ҳам муқобилгузорӣ: бар зидди ҳаракат – устуворӣ, зидди ғояи озодӣ – ғояи тартибот қарор доштанд. Вожаи «озодӣ» барои ӯ на арзиши аввала, балки дар ҳақиқат арзиши нуқтаи охирин фаҳмида мешуд. Марҳила (нуқта)-и аввала тибқи назари ӯ вожаи «тартибот»-ро ифода мекард. Меттерних ақида дошт, ки Ҷаҳон дар асоси ду принсип ором мебошад – прогресси доимӣ ва ночор маҳдуд намудани он,

[1]Кудрявцева Е. П. Два канцлера: Меттерних и Нессельроде // Вестник МГИМО-Университета. № 1 (64). М., 2019. С. 46 – 47.

дар асоси харобшавӣ ва ҳифз нигоҳдории ибтидоӣ. Маҳз мувозинати ҳамин принсипҳо «тартибот» мебошад. Инқилоби Франсия «қувваи ҳаракат»-ро бедор карда, мӯътадилиро вайрон намуд, тартиботи сиёсӣ ва ҷамъиятиро аз байн бурда, бо бетартибиаш таҳдид мекард. Вазифаи «қувваи субот» дар ҳамин шароитҳо на танҳо мудофиа ва рад кардан, балки бо мақсади барқарор намудани мувозинати вайроншуда ҳаракат кардан аст[1].

Хулосаҳои сиёсӣ аз философияи «ҳаракат ва оромӣ» хеле кӯҳнапарастона ба даст омад. Меттерних тарафдори он буд, ки бар зидди инқилоб, ғояи конститутсионализм, либерализм ва ҳаракатҳои миллӣ тадбирҳои пешгирикунандаро амалӣ намоянд. Дар ҳолате агар зуҳуроти мазкур ҳақиқатан ё эҳтимолан ғалаба намоянд, Меттеринх бар зидди хобондану буғӣ кардани онҳо истифода намудан аз принсипи интервенсияро низ талаб намуд. Маҳз аз давраи Меттерних сар карда, ҳуқуқ ба интервенсия доимо мавриди мубоҳиса қарор гирифта, қисми таркибии баҳсҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқии то ба замони мо гардид.

«Сиёсати оромӣ» - и Меттерних, ки фазои европоиро дар бар мегирифт, ҳамзамон хосиятан манфиатҳои Австрияро пайравӣ мекард. Ягон давлати системаи Венагӣ ба хобондани ҳаракатҳои инқилобӣ ва миллӣ ба он андозае манфиатдор набуд, чи қадаре ки онро империяи бисёрмиллатаи Габсбургҳо мехост. Зеро дар империя немисҳои ҳукмрон ақалияти аҳолиро ташкил медоданд. Дар баробари ин, мавқеъ ва мақоми европоии он мустақиман аз ҳифз нигоҳ доштани мартабаи сарварӣ дар Иттифоқи Германия, ки конгресси Вена ба Австрия ато кард, вобаст буд. Барои ҳамин, мудохила намудан ба сиёсати дохилии давлатҳои германӣ ҳамзамон ба сифати воситаи мустаҳкам намудани нақши пешбарандагии Австрия дар Иттифоқи Германия хизмат мекард ва бо ҳамин тарз, ҳукумати Вена мавқеи худро ҳамчун абарқудрати бузурги европоӣ ҳифз мекард. Ҳамзамон Меттерних ба сиёсати дохилии Австрия дахолат намекард, ӯро фақат тақдири империяи Австрия нигарон карда буд ва барои ҳифз нигоҳ доштани он канслер кӯшишҳои зиёд карда буд. Дар ин бора худи ӯ қайд кардааст, ки «ман баъзе вақтҳо Европаро идора кардам, аммо ягон вақт Австрияро идора накардам»[2]. Зеро дар империя немисҳои ҳукмрон ақалияти аҳолиро ташкил медоданд ва ҳифз нигоҳ доштани қудрат талошҳои зиёдро талаб мекард. Масалан, аз рӯи барӯйхатгирии аҳолии соли 1840 дар қаламрави он венгрҳо 4,8 млн., руминҳо 2,2 млн., словакҳо 1,6 млн., немисҳо 1,2 млн., украинҳо 400 ҳ., сербҳо 324 ҳ., хорватҳо 108 ҳ. нафар аҳолиро ташкил медоданд[3].

---

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 192 – 193.

[2]Кудрявцева Е. П. Два канцлера: Меттерних и Нессельроде // Вестник МГИМО-Университета. № 1 (64). М., 2019. С. 48.

[3]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 241.

Қатъиян бо нуқтаҳои асосии худ аз ғояҳои «Иттифоқи Муқаддас»-и пешниҳоднамудаи Александри I фарқкунанда дошта, «системаи Меттерних» тибқи воситаҳояш ҳам аз он ба таври куллӣ фарқ мекард. Ба ҷойи даъвату ташвиқоту орзуҳои хислати насронӣ дошта, «ба ҳамдигар расондани имдод, қувва ва ёрӣ», Меттерних пешниҳод намуд, ки тавассути чораҷӯиҳои воқеии заминӣ ва андозабандии прагматикӣ амал кардан даркор аст – аз воистаҳои дипломатӣ истифода бурдан даркор, қонунҳо баровардан даркор, дар ҳолати зарурӣ аз ҷазодиҳӣ ва қувваҳои мусаллаҳ истифода шавад.

**Инқилобҳои Европа ва «Иттифоқи Муқаддас».** Аммо ғайр аз масъалаҳои дар боло зикршуда, сабаби дигар низ вуҷуд дошт, ки монархҳои европоӣ ва вазирони онҳоро маҷбур кард, ки онро ҷиддӣ ба назар гиранд, ки ин ҳам бошад фактори муборизаҳои инқилобии халқҳои Европа барои истиқлолияти миллӣ буд. Замоне ки ҷангҳои Наполеонӣ ба итмом расиданд ва вазъият байни бузургдавлатҳо муътадил гардид, дар Европа масъалаи миллӣ зуҳур кард. Принсипи суверенитети миллӣ, ки онро инқилоби Бузурги Франсия эълон намуда буд, дар байни табақаи маълумотноки дигар давлатҳои европоӣ низ паҳн гардид. Худшиносии миллии халқҳои Европа баланд гардида, дар самти истиқлолияти миллӣ ҳаракатҳои халқӣ ба вуҷуд омаданд.

Соли 1821 дар Юнон бо роҳбарии бародарон Ипсилантиҳо, собиқ адютантҳои Александри I, шӯриш бархест. Доираи ҷамъиятии Россия барои дастгирии ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқи Юнон ҳамдардию ҳамраҳии ошкоро эълон намуд. Махсусан ин ҳамраҳӣ дар сатҳи олии ҳукумати Россия низ намудор буд. Зеро вазири корҳои хориҷии Россия Иоанн Каподистрия зодаи ҷазираи Корфу буд.

Соли 1820 дар Неапол, Испания ва Пемонт инқилобҳо сар заданд. Ҳаракатҳои миллӣ - озодихоҳии халқҳо ҳамин тавр, барои тартиботи синфии консервативии системаи Венагӣ ва ҳам ба мавқеи тақсимоти ҳудудии он таҳдид намуданд.

**Конгрессҳои Иттифоқи Муқаддас солҳои 1818 – 1822.** Сарварони бузургдавлатҳои европоӣ кӯшиш намуданд, ки бар зидди хатароти инқилобӣ ҷавоби умумиро коркард намоянд. Дар солҳои аввали баъди конгресси Вена, дар рафти конгрессҳои консерти европоӣ вохӯриҳои роҳбарони давлатҳо ва роҳбарони идораҳои сиёсати берунии онҳо ба таври зарурию мунтазам доир мегашт.

***Конгресс дар Аахен (29 сентябр – 22 ноябри соли 1818).*** Дар конгресси мазкур монархҳои Австрия, Пруссия ва Россия ва дипломатҳои машҳур – Меттерних, Каслри, Ҷ. Каннинг, Гарденберг, Несселроде, Ришеле ва ғайра иштирок карданд. Дар кори он се масъалаи асосӣ муҳокима карда шуданд: низоми истилокорӣ дар Франсия; ҳаракатҳои либералӣ дар Германия; мақоми байналхалқии Франсия.

Конгресси мазкур ба таври ниҳоӣ қатъ кардани низоми оккупатсионии Франсияро аз ҷониби иттифоқчиён тасдиқ намуд ва аз ҳама асосаш Франсия,

ҳамчун аъзои комилҳуқуқ, ба консерти европоии давлатҳои бузург қабул карда шуд[1].

Сабабҳои ин қадар меҳрубонӣ кардан ба Франсия маълум буд. Яъне Франсия барои доираҳои иртиҷоияти европоӣ дар самти мубориза бурдан бар зидди инқилоб лозим буд. Барои роҳ додан ба клуби соҳибимтиёзи давлатҳои бузург Франсияро зарур омад, ки пардохт намояд – соли 1821 лашкари франсузӣ зери роҳбарии герсоги Ангулем инқилобро дар Испания хобонда, тахти Фердинанди VII - ро барқарор намуд. Дар умум, дар рафти конгресс дар Аахен сарварони давлатҳо бузург, ба хотири мубориза беамон бурдан бар зидди инқилоби европоӣ, бе ягон мушкилӣ ба ҳамдигар гузашт намуданд.

Чи тавре ки котиби конгресси Аахен Генс қайд карда буд, монархҳо ва вазирон дарк намуданд, ки маҳз чи чизе барои онҳо ҳидоятгари манфиатҳои умумиашон шуд, онҳо манфиатҳои дуюмдараҷаи худро қурбон намуда, маҷбур шуданд, ки манфиатҳои олии миёни худро ба хотири ҳифз нигоҳ доштани ҳокимият, хомӯшона монда, ҳама чизро бар зидди зуҳуроти инқилобӣ равона намуданд. Онҳо шартномаҳоеро бастанд, ки мазмунашон аз чи тавр мубориза бурдан бар зидди ин гуна таҳдиду хатарот иборат буд[2].

Аммо, ҳангоме, ки Александри I ба конгресс пешниҳоди худро оид ба таъсис додани ареопаги умумиевропоии монархиявӣ бо гузарондани съезд (анҷуман)-ҳои қонунӣ барои дида баромадани масъалаҳои ҷории муносиботи байналхалқӣ пешкаш намуд, он аз ҷониби англисҳо рад карда шуд. Ин зиёдаравии аз ҳад, ҳатто барои реаксионерҳои ашаддӣ, ба монанди сарварони олигархияи идоракунанда Каслри ва Веллингтон, ба ҳисоб рафт.

Дар масъалаи ҳаракатҳои миллӣ ва либералӣ дар донишгоҳҳои Германия бошад бо қабул намудани меморандумҳои пинҳонӣ оид ба муқобориза бурдан бар зидди ин гуна зуҳурот қаноат карданд.

Дар конгресси мазкур Россия пешниҳод намуд, ки Испания ба сифати иштирокчии комилҳуқуқи конгресс пазируфта шавад ва Мадридро бояд дар самти мубориза бурдан бар зидди ҳаракатҳои истиқлолиятталабии мардуми Америкаи Ҷанубӣ дастгирӣ кард ва бо ин роҳ ҳаракати ШМА ба самти Америкаи Ҷанубӣ гирифта шавад. Аммо пешниҳоди мазкур аз ҷониби Австрия ва Пруссия пазируфта нашуд. Англия низ зидди он баромад кард.

Ба ҳайтаи доираи давлатҳои бузург ворид намудани Франсия бошад якдилона қабул карда шуд. Ҳамаи абарқудратҳо онро унсури зарурии мувозинати европоӣ донистанд, масалан, Россия бар зидди Англия, Англия ва Австрия бошанд бар зидди Россия истифода намудани Парижро зарур донистанд.

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 196.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

***Конгресси Троппау (октябр – декабри соли 1820).*** Конгресси мазкур зери таъсири калони инқилобҳои сар бардошати европоӣ гузашт. Дар вақти кори конгресс дар Троппау хабарҳо дар бораи шӯриши сарбозони полки гвардиявии Семёнов дар Петербург дар октябри соли 1820 расиданд. Ҳамаи ин омилҳо ба Меттерних имконият доданд, ки Александрро бовар кунонад, ки айби ҳама дар хушомадгӯии пешини вай ба либерализм мебошад ва ӯ дар масъалаи маҳкумкунии юнониҳои исёнбардошта, ба тарафи Меттерних пайваст. Ҳамин тавр, Александр аз ёрӣ расондан ба юнониҳои насронӣ даст кашида, ба ин тарз ба Туркияи мусулмонӣ имконият дод, ки насрониёнро ҷазо диҳад. Ба хотири тантанаи принсипи легитимизм кабинети Санкт-Петербург амалан ба самти маҳдудкунии манфиатҳои миллии Россия даст зад, ҳоло он ки чунин сиёсат бар зарари манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии Россия дар минтақа буд. Инчунин Александр бо аргументҳои Меттерних оид ба зарур донистани интервенсияҳои контрреволютсионӣ ба қаламрави Испания ва шоҳигарии Неапол розӣ шуд.

Аммо на танҳо манфиатҳои миллии халқҳои православӣ – юнониён ва русҳо ба хотири принсипи легитимизм, яъне бе тағйир нигоҳ доштани тартиботи кӯҳна қурбон карда шуданд, дар Германия бошад реаксияи Карлсбад, ки бо фармони Меттерних оғоз карда шуд, шиддат гирифт, натиҷааш ин буд, ки ҳамагуна фаъолияти руҳонӣ, ки барои болоравии миллӣ зарур буд, дар Германия ба пинҳонкорӣ гузашт. Оид ба масъалаи мазкур дар Иттифоқи Германия дар мувофиқа бо Пруссия ва хоҳиши Меттерних қарори Карлсбад қабул карда шуда, дар қаламрави давлатҳои германӣ фаъолияти ташкилотҳои сиёсӣ манъ карда шуд, сензура сахтар ҷорӣ шуд ва назорат аз болои фаъолияти донишгоҳҳоро ҳам ҷиддӣ ба роҳ монданд[1].

Бо вуҷуди ин, Александр натавонист, ки дар Троппау (ба монанди Аахен) Британияро ба бастани ӯҳдадории расмӣ барои мудохила намудан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо ба хотири мубориза бурдан бар зидди инқилобҳо моил намояд. Дар Лондон ба ин назар буданд, ки танҳо инқилобчӣ бо номи Наполеон хатарнок мебошад, он чизе, ки ба ҳамаи боқимондаҳо дахл дорад, оид ба ин Каслри гуфт, ки дуруст нест, ки бо дастони яроқнок як қисми назарияҳои сиёсиро ба манфиати як қисми дигар назарияҳо маҳв сохт. Ақидаҳои аз ҳад зиёд либералии роҳбари дипломатияи Британия пурра фаҳмо буданд: вазъи сиёсати дохилӣ дар Англия чунин буд, ки ҳар ҳамдилии берунӣ ба мақсадҳои Иттифоқи Муқаддас, барои олигархияи ҳукмрон пайомади марговар буд. Дар ин вақт дар Британияи Кабир дар самти ислоҳоти парламентӣ ҳаракатҳо васеъ гардиданд, инчунин ҳаракатҳои коргарӣ низ боло гирифтанд.

[1]Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. С. 195 – 196.

Мавқеъгирии Лондон ночор Иттифоқи Муқаддасро ба партикуляризатсия оварда расонд, замоне ки давлатҳо принсипҳои онро бо тарсу хатари худӣ, таваккалӣ ва танҳо ба манфиати худ дастгирӣ мекарданд[1].

Ба таври максималӣ, он чизе ки дар чунин шароит доираи реаксионӣ дар Троппау ба даст дароварданд – ин эъломияи аз ҷониби Австрия, Пруссия ва Россия аз 13 ноябри 1820 имзо карда шуда мебошад, ки дар он аз ҷумла гуфта шуда буд: Дар он ҳолатҳое, ки агар дар давлатҳое, ки дар иттифоқи европоӣ иштирок менамоянд, шакли идоракунии дохилии онҳо тавассути шӯриш тағйир дода шавад ва ҳамон вақт тағйироти мазкур ба дигар аъзоёни иттифоқ хатар эҷод намояд, он давлатҳо аз сафи иштирокчиён то он даврае ихроҷ карда мешаванд, то он замоне ки вазъияти онҳо барои тартибот ва устуворию субот кафолат дода наметавонад. Бузургдавлатҳои иттифоқӣ на танҳо оид ба ин ихроҷкунӣ ошкоро изҳорот медиҳанд, балки ғайр аз ин, ба принсипҳои аз ҷониби онҳо эълоншуда содиқ монда, инчунин бо эҳтиром ба ҳокимияти ҳукумати қонунӣ ва иродаи озоди он – онҳо ӯҳдадор мешаванд, ки тағйироти бо роҳи ғайриқонунӣ ба вуҷуд омадаро эътироф накунанд. Вақте ки дар давлатҳое, ки чунин тағйирот сурат гирад ва он ба дигар давлатҳои наздик таҳдид менамояд ва дар ин ҳолат давлатҳо дар он вазъияте қарор доранд, ки ба он таъсири фоидабахш расонда тавонанд – азбаски истифодаи чунин усул ночор мегардад, аввал чораҳои дӯстона, баъди он қувваи маҷбурӣ (зӯрӣ) истифода мегардад.

Зарур аст иброз намоем, ки эъломияи мазкур дар Европа сару садои зиёде ба вуҷуд овард. Лорд Каслри, ҳатто маҷбур шуд, арз намояд, ки Британия ба ин эъломия ҳамроҳ намешавад.

***Конгресси Лайбах (26 январ – 12 майи соли 1821).*** Дар конгресси мазкур, бо мақсади дар ҳокимият барқарор намудани Фердинанди Бурбон, қарор дар бораи интервенсия (мудохила)-и Австрия ба шоҳигарии ҳар ду Ситсилия, қабул карда шуд. Дар моҳи марти соли 1821 австриягиҳо дар Неапол шӯришро пурра хобонда, дар тахт низоми монархиявии иртиҷоии Бурбонҳои неаполиро барқарор намуданд[2].

***Конгресси Верона.*** Дар рафти конгресси Верона (20 октябр – 14 декабри соли 1822), бо мақсади дар ҳокимият барқарор намудани Фердинанди VII, қарор дар бораи ташкил намудани интервенсия ба Испания қабул гардид. Дар феврали соли 1823 интервенсияи Франсия ба ин мамлакат оғоз гардида, аллакай 24 май сарлашкари франсузӣ, герсоги Ангулем ба Мадрид ворид шуда, ҳокимияти шахсияти ниҳоят золиму нодон Фердинанди Бурбонро барқарор намуд. Пеш аз оғози конгресс дар моҳи августи соли 1822 бошад Каслри, ки ҳанӯз аз замони конгресси Вена сар карда, ба Меттерних наздик буд, даст ба худкушӣ зад. Бо ҳамин муносиботи ба ҳам бовариноки Австрия ва Англия

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. М.: Издательство Московского университета, 2015. С. 272.

низ, ки аз давраи конгресси Вена идома ёфт, ба охир расид ва Меттеринх ҳам аз ин пас бисёртар ба Россия, Пруссия ва ҳатто Франсия такя мекард. Вазири нави хориҷии Британия бошад Ҷорҷ Каннинг таъйин гардид.

Аммо ин охирин дастоварди Иттифоқи Муқаддас ба шумор мерафт. Англия, ки ҳанӯз дар Лайбах (Любляна) ва Верона нисбат ба аксулинқилобчиён ва баъд бо сарварони Иттифоқи Муқаддас аз худ муносибати хунукназарона зоҳир намуд, бар зидди пешниҳоди Меттерних, оид ба ташкил намудани интервенсия ба Америкаи Ҷанубӣ ба хотири дар он ҷо барқарор намудани ҳокимияти шоҳи Испания, мавқеи қатъии радкунандаро ишғол намуд. Дар январи соли 1825 ҳукумати Англия Аргентина, Колумбия ва Мексикаро, ки юғи мустамликадории Испанияро партофтанд, эътироф намуд. Кабинети вазирони Британия ин қарорро бар зидди иродаи шоҳ Георги IV қабул намуд. Дар масъалаи мазкур буржуазияи англис пурра ва сарҷамъона ба тарафдории ҳукумат мавқеъ гирифтанд ва шоҳу тарафдорони ӯ – ашрофони иртиҷоӣ, маҷбур шуданд, ки тан диҳанд. Дар рӯзи охири конгресси Верона Россия, Англия ва Пруссия сиркулярро интишор доданд, ки тибқи он ҳуқуқи мудохила намудани Иттифоқи Муқаддас ба корҳои дохилии дигар давлатҳо, ки дар қаламрави онҳо ҳаракатҳои инқилобӣ ба вуҷуд омада, ба низоми монархиявии давлатҳо хатар таҳдид намояд, тасдиқ карда шуд[1].

**Вайроншавии минбаъдаи Иттифоқи Муқаддас (с. 1830 – 1838).** Ҳамин тавр, Англия дар амал аз сафи аъзоёни Иттифоқи Муқаддас канораҷӯӣ намуд. Баробари ин, дар худи Англия дар он давра ҳодисаҳое пухта расиданд, ки имкон намедоданд, ки ҳукумат ба таври фаъол сиёсати берунии реаксиониро барад. Британия иқрор шуд, ки ба он дигар тиранияи наполеонӣ таҳдид намекунад, ҷамъияти англисӣ оқибат ба масъалаҳою норасоиҳои дохилии кайҳо интизори ҳалли худ монда диққатро равона намояд. Аз солҳои 30-юм сар карда, дар Англияро ҳаракат барои ислоҳоти парламентӣ фаро мегирад, ки он ба худ номи чартизмро гирифт. Ислоҳоти парламентӣ дар солҳои 1832 – 1867 зина ба зина ба барҳамхӯрии ҳукмронии ҷентрҳо дар палатаи обшинҳо оварда расонд, ҳокимият дар палатаи мазкур ба буржуазияи тиҷоратӣ, саноатӣ ва доираи молиявӣ гузашт[2].

Буржуазияи тиҷоратӣ, саноатӣ ва доираи молиявӣ, ки дар палата ба сари қудрат расиданд, дар муносибат бо ашрофон ва монархҳои европоӣ ягон хел ҳамдилии синфиро эҳсос намекарданд. Баръакс буржуазияи Британия барои худ дар сатҳи таъсис додани давлатҳои нави миллии мустақил имкониятҳои муфидро дарёфт, ки дар дохили онҳо низ ҳокимият бояд дар дасти буржуазияи миллӣ бошад. Ҳамин тавр, иттифоқи муваққатӣ ва ноустувори буржуазияи британӣ ва аристократияи континенталӣ, ки онро вазъияти фавқулодда, яъне

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 104.
[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

кӯшишҳои Наполеон дар самти ҳукмрони Ҷаҳон шудани ӯ ба вуҷуд оварда буд, ҳастии худро қатъ намуд ва реаксионерҳои европоӣ низ инро тез ҳис намуданд.

***Инқилоби Франсия (с. 1830).*** Зарбаи навбатиро ба Иттифоқи Муқаддас инқилоби июлии соли 1830 дар Франсия расонд. Ҳодисаҳо ба чунин тарз сурат гирифтанд, ки ҳатто Николайи I дар амал маҷбур шуд эътироф намояд: дар ҳамаи кор Карли X ва думравонаш айбдор мебошанд. Зеро воқеаҳои июлӣ аз он сар заданд, ки 25 июл шоҳ дар қасри Сен-Клу ордонансҳоро имзо намуд, ки онҳо амалан конститутсияро, ки Людовики XVIII ато намуда буд, бекор карданд[1].

Барои доираи ҳукмрони Россия нақшаҳои мазкури реаксионерҳои французӣ махфӣ набуданд. Сафири Россия дар Париж Поссо-ди-Борго кӯшиш намуд, ки Карли X вазъияти ба амал омадаро назорат ва ҳифз намояд, аммо ҳамааш аллакай бефоида буд. Дар фарқият аз соли 1814 императори Россия дар Париж казакҳо надошт ва маслиҳатҳои Поссо-ди-Борго рад карда шуданд. Дар натиҷа он чизе рух дод, ки Николай онро ҳеҷ интизор набуд: ғалабаи инқилоб, фирор намудани шоҳ, ба тахт омадани герсог Луи-Филиппи Орлеанӣ, яъне амалан ивазшавии характери синфии монархияи Франсия, аз ин пас он монархияи буржуазӣ шуд. Яъне натиҷаи асосии инқилоби моҳи июлӣ ин ғалабаи буржуазия аз болои дарбориён буд.

Зарур омад чизеро чораҷӯӣ намуд ва 17 август императори Россия муносиботи дипломатиро бо Франсия канд ва ба сафири Франсия дар Россия Бургоэн паспорт (шиноснома)-ашро фиристонд. Аммо дар худи ҳамин рӯз ҳодисаи беназир дар таърихи дипломатия рух медиҳад, Николай сафири Франсияро ба ҳузур пазируфт. Дар аввали сӯҳбат императори Россия бо дастонаш ба сари миз зада, дод мезанад: Ҳеҷ вақт, ҳеҷ вақт ман наметавонам, чизеро, ки дар Франсия рух дод, эътироф намоям! Сафири Франсия бошад натарсида, ба Николай ба таври қатъӣ иброз доштааст, ки таъсис додани коалитсияи зиддифрансузии соли 1814 дар соли 1830 ғайриимкон аст. Шоҳ фавран суханашро пасту нарм карда, сафирро дӯсти меҳрубон номид, ӯ саргумонаву печ дар печ суханро оғоз намуда, гуфт, ки Россия бар зидди Франсияи инқилобӣ ҷанг эълон намекунад ва умуман қарорҳои шитобкоронаро қабул намекунад, Франсия набояд ба Англия ва Австрия бовар намояд, маҳз ӯ, Николай, дӯсти ягона ва ҳақиқии Франсия мебошад[2].

Николай дигар чора надошт. Аз ибтидо муайян буд, ки монархияи июлӣ аз ҷониби Лондон ба таври пурраву комил эътироф карда мешавад ва бе тиллои англисӣ бошад бузургдавлатҳои боқимондаи континенталӣ ҷангро бар зидди Франсияи буржуазӣ бурда наметавонистанд.

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 107.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ин капитулятсияи пурра ва оҷизона буд. Аммо барои тоза кардани виҷдони аксулинқилобии худ Николайи I ду эмиссари худ – граф А. Ф. Орлов ва генарал Дибичро ба Вена ва Берлин фиристонд. Граф Орлов, конфидент ва дӯсти шахсии Николай, нағз мефаҳмид, ки нокомии миссияи ӯ ба гумон аст на он қадар шоҳи Россияро ба ҳайрат гузорад. Барои ташкил намудани интервенсия ба хотири барқарор намудани ҳокимияти Бурбонҳо дар Франсия аз кабинети Вена ҷавоби радро гирифта, Орлов на он қадар андӯҳгин шуд. Дибич, баръакс, ба супориши мазкур хеле ҷиддӣ муносибат кард. Ӯ дар назди Фридрих-Вилгелми III нақшаҳои васеи интервенсияи руссу пруссиягиро ба Франсия, ки аз ҷануб аз ҷониби Австрия дастгирӣ бояд меёфтандро бо камоли майл гузошт. Шоҳи Пруссия бошад ҳатто нахост, ки ба ӯ гӯш диҳад, зиёда аз ин, Меттерних ба вай пешакӣ маълумот дода буд, ки дар бораи ягон ҳуҷуми Австрия ба Франсия сухан рондан аз имкон берун мебошад[1].

Иродаи худро мустаҳкам намуда, Николай ҳам Луи-Филиппро эътироф намуд, аммо муносиботи хуб вайрон гардиданд. Дар он даме, ки тамоми Европа шоҳи баррикадҳои Франсияро пазируфт, мавқеи Санкт - Петербург ҳамчун анахронизм намудор буд. Ва мавқеи дипломатии Россия дар соли 1830 аломати пешакии изолятсияи дипломатии Россия дар солҳои Ҷанги Қрим гардид.

***Шӯриши Полша.*** Дар ҳақиқат сар задани шӯриши Полша дар моҳи ноябри соли 1830 чанде Иттифоқи Муқаддасро мустаҳкам намуд, аммо танҳо дар ҳайати ниҳоят маҳдуд: акнун аз Иттифоқи Муқаддас коалитсия дар ҳайати се давлати рекасиконии Европаи Шарқӣ – Австрия, Пруссия ва Россия боқӣ монду халос ва он ҳам бошад дар масъалаи буғӣ намудани ҳаракати миллӣ-озодихоҳии мардуми Полша.

Махсус қайд менамоем, ки сарварони шӯриши моҳи ноябрии Полша ба якчанд хатогии ҷиддӣ роҳ доданд, ки ба Николай имконият доданд, ки исёнро хобонад. Якум, 25 январи соли 1831 ҳукумати инқилобии Полша Николайи I-ро аз тахти Полша сарнагун сохт ва бо ин амал конститутсияи либералии соли 1815-ро барҳам зад: аз ин пас Россия метавонист Полашро бидуни риояи конститутсияи мазкур, яъне аз ҳама конститутсияҳои либералии он вақта дар Европа, идора намояд; дуюм, шляхтҳои Полша озодкунии деҳқононро аз зулми низоми крепостнойӣ ба нақша нагирифтанд; сеюм, полякҳо на танҳо даъвои озодии миллӣ, балки барқароркунии Реч Посполита (Федератсияи шоҳигарии Полша ва Князгарии Бузурги Литва) - ро дар ҳудуди сарҳадоти соли 1772 ба миён оварданд, ки ин яку якбора аҳолии украинӣ, белорусӣ ва литавгиҳоро бар зидди шӯришчиён хезонд. Ҳамаи ин хатогиҳо (махсусан якум) ба он оварда расонданд, ки Англия ва Франсия ҳамдилии худро ба Полша танҳо дар сухан баён намуданд. Чизе ки ба Австрия дахл дорад, ин давлат на танҳо корпуси Полшаро, ки аз таъқиби Россия наҷот ёфта, ба қаламрави Австрия паноҳ бурд, беяроқ гардонд, ҳатто яроқи онро ба тарафи Россия дод.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Аммо тартиботи Иттифоқи Муқаддасро ин бор Берлин, Вена ва Санкт-Петербург танҳо дар минтақаҳои зери нуфузашон ҷорӣ намуданд, дар Европаи Ғарбӣ бошад таъсири иттифоқи мазкурро аз байн бурданд. Ба андозаи пурра он дар рафти Инқилоби Белгия солҳои 1830 – 1831 ошкор шуд.

Дар муддати пурраи тирамоҳи соли 1830 Николай тамоми қувваи худро ҷамъ намуда, кӯшиш намуд, ки бар зидди инқилоби мазкур юриши салибиро роҳандозӣ намояд, ки он мебоист оқибат бар зидди Франсияи инқилобӣ низ равона карда мешуд.

***Инқилоби Белгия. Конгресси Лондон ва таъсисёбии шоҳигарии Белгия.*** Баъди сар шудани шӯриш дар Полша бошад, сухан дар бораи интервенсия бар зидди Белгия аз байн рафт. Дар Белгия низ исён сар зада, инқилобчиёни белгиягӣ барои аз ҳайати Нидерландия баромадан мубориза мебурданд. 4 ноябри соли 1830 ҳукумати муваққатии белгиягиҳо қарор дар бораи ҷудо шудани Белгия аз Нидерландияро қабул кард. Дар рафти конгресси Лондон дар соли 1831 ягон тараф дар бораи реставратсия (барқарор намудани сохти сарнагун карда шудаи сиёсӣ) сухан намегуфт, бузургдавлатҳои манфиатдор (пеш аз ҳама Англия ва Франсия) мехостанд, ки оид ба бехатарии худ кафолати иловагиро ба даст оранд. 15 ноябри соли 1831 дар конгресси Лондон Британия, Россия, Австрия, Пруссия, Франсия ва Белгия шартнома дар бораи ташкили шоҳигарии Белгияро имзо гузоштанд. Дар шартнома омада буд, ки вобаста ба ҳодисаҳои дар шоҳигарии Нидерландия ва бо мақсади ҳифзи сулҳу субот, шоҳигарии Белгия мустақил ҳисобида шуда, он давлати мустақил ва абадан бетараф мебошад. Сарҳадоти он низ муайян гардиданд. Ҳамин тавр, дар натиҷаи инқилоб дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нави европоӣ – Белгия падид омад[1].

**Шикасти «Иттифоқи Муқаддас».** Зина ба зина аз байн рафтани «Иттифоқи Муқаддас», ҳамин тавр, аллакай дар солҳои 20-ум сар шуда буд: баъди конгресси Верона дар соли 1822, конгрессҳои Иттифоқ дигар даъват нагардиданд. Баъди инқилоби соли 1830-и Франсия бошад даъвати конгресси Иттифоқи Муқаддас аз имкон берун баромад. Зеро ғайримкон буд, ки дар чунин ҷамъомадҳои аксулинқилобии монархҳои реаксионӣ «шоҳи барикадҳо» – зиёда аз ин президенти республикаи Франсияро даъват намуд. Оқибат зарбаи ҳалокатворро ба «Иттифоқи Муқаддас» Ҷанги Қрим зад.

Баъдан дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ вазъияти байналхалқиро таҳлил намуда, Лорд Сесил, 3 сентябри соли 1917 ба полковник Хауз муроҷиат карда гуфтааст, ки «Иттифоқи Муқаддас» мақсади ибтидоии худро дар пойдор нигоҳ доштани сулҳ донист, аммо мутаассифона дар рафти фаъолияти минбаъдаи худ он ба иттифоқи золимон табдил ёфт[2].

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 210 – 211.

[2]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 114.

Баъди Ҷанги Қрим сару калобаашро гум карда, Несселроде, пешниҳод намуд, ки вазорати корҳои хориҷии Россия барҳам зада шавад. Зеро барои ӯ шакли ягонаи дипломатияи имкониятдор дипломатияи «Иттифоқи Муқаддас» ба ҳисоб мерафт. Горчаков, чи хеле ки маълум аст, мақсадҳо ва вазифаҳои нави дипломатияи Россияро эҷод намуд, ки асостаринашон байни онҳо ҳифзи манфиатҳои миллии Россияи нав, Россияи баъди ислоҳотӣ буд.

Инак, «Иттифоқи Муқаддас» баъди конгресси Вена, мақсадҳои худ, махсусан хобондани инқилобҳои европоиро ба даст навоарда, бо саршавии ҷанги Қрим мавҷудияти худро қатъ намуд. Аммо ин маънои онро надошт, ки принсипҳои конгресси Вена аз байн рафтанд. Дар рафти конгресси Вена, системаи нави муносиботи байналхалқӣ офарида шуд, ки сифати идоракунии муносиботи мазкурро баланд бардоштанд. Дар асоси структураи системаи мазкур инҳо меистоданд: 1) дар таҷрибаи байналхалқӣ кодификатсия намудани мавқеи пешбари бузургдавлатҳо-аъзоёни консерти европоӣ; 2) васеъкунии таҷрибаи алоқаҳои дипломатӣ, аз он ҷумла дар сатҳи олӣ; 3) рушди ҳуқуқи байналхалқӣ[1].

Ва ҳамаи ин дастовардҳо баъди шикасти «Иттифоқи Муқаддас» барҳам зада нашуданд. Зеро монархияҳои конститутсионии буржуазӣ ва ҷумҳуриҳо низ дар самти устуворӣ ва пешгӯикунии муносиботи байналхалқӣ манфиатдор буданд. Аз ин нуқтаи назар ҳама бузургдавлатҳои европоӣ, ҳам мутлақияти Россия ва ҳам Британияи парламентӣ ва ҳам ҷумҳурии Франсия (баъди соли 1871) бузургдавлатҳои легитимистӣ буданд, ба ибораи дигар иброз намоем омода буданд, ки ба тағйирёбии статус-квои территориявӣ дар мавриде розӣ шаванд, ки он аз ҷониби дигар бузургдавлатҳо эътироф гардад. Баъди Ҷанги Қрим бошад аз Иттифоқи Муқаддас ному нишон ҳам намонд.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

## 4. 4. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МУБОРИЗАИ МАРДУМИ АМЕРИКАИ ЛОТИНӢ БАРОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Сиёсати мустамликадорӣ дар Америкаи Лотинӣ.** Маълум аст, ки дар натиҷаи кашфиёти географӣ Америкаи Шимолӣ ва Америкаи Ҷанубӣ ба мустамликаҳои давлатҳои европоӣ табдил ёфтанд. Дар Америкаи Лотинӣ[1] аз ҳама зиёд Испания мустамлика дошт ва баъди он бошад португалиҳо қаламрави калонро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Пас аз забт кардани минтақа барои идоракунии он низоми мустамликадорӣ ҷорӣ карда шуд, ки он махсусан аз ҷониби испаниҳо ниҳоят сахт ба роҳ монда шуда буд. Хусусан ордени иезуитҳо дар мустамликаҳо таъсири калон дошта, дар Парагвай бошад онҳо давлати махсуси худро низ таъсис дода буданд (с. 1619 – 1768). Баробари истисмори аҳолии таҳҷоӣ, мустамликадорон аз асри XVI сар карда, аз Африка ба Америкаи Лотинӣ овардани ғуломони сиёҳпӯстро оғоз намуданд. Мустамликаҳо ба ноиб - шоҳигариҳои Перу, Испанияи Нав, Гранадаи Нав, Ла - Плата тақсим гардида, аз олами берунӣ дар ҳолати изолятсионӣ қарор доштанд ва бо ҳамдигар ҳам танҳо тавассути метрополия (Испания) алоқаманд буданд, ки дар он ҷо корҳои мустамликаҳоро бо методи диктатурӣ Шӯрои Шоҳӣ барои Ҳиндустон, ки ба шоҳ тобеъ буд, идора мекард.

Ноиб - шоҳҳон дар мустамликаҳо дар ихтиёри худ ҳукумати олии ҳарбӣ, судӣ ва шаҳравндиро доштанд. Чун қоида онҳо ба мӯҳлати 4 сол таъйин мегардиданд. Дар маҳалҳо бошад ҳокимият аз ҷониби мансабдорони мустамликадори испанӣ – коррехидорҳо амалӣ карда мешуд. Дар шаҳрҳо органи худидоракунӣ (кабилдос) вуҷуд дошт, ки он зери назорати қатъии ҳокимони мустамликадор қарор дошт. Дар бисёре аз шаҳрҳо бошад ҳокимият дар дасти мансабдороне буд, ки аз метрополия фиристонда мешуданд. Ворисони муҳоҷирони испанӣ дар мустамликаҳо – креолҳо[2] дар дасти худ бойгарии калон – заминҳо, конҳо ва ғайраро нигоҳ медоштанд. Аммо ҳокимияти шоҳӣ креолҳоро ба идоракунии мустамликаҳо роҳ намедод, зеро аз он метарсид, ки он ба ҷудошавии мустамликаҳо аз метрополия оварда мерасонад. Танҳо дар органҳои худидоракунии шаҳрҳо дар қатори мансабдорони шоҳӣ намояндагони латифундистон ва плантаторони маҳаллӣ аз ҳисоби креолҳо низ буданд. Дар натиҷаи рушди муносибатҳои тиҷоратӣ зиддият байни ҳокимони испанӣ ва креолҳо, ки худро соҳибони қонунии мустамликаҳо медонистанд, аз ҳар ҷиҳат тезу тунд гардид.

---

[1]Ба Америкаи Лотинӣ мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ ва қисми ҷанубии Америкаи Шимолӣ, инчунин ҷазираҳои ҳавзаи баҳри Кариб дохил мешаванд, ки дар онҳо забонҳои романӣ (аз забони лотинӣ маншаъ гирифтаанд) – испанӣ, португалӣ, франсузӣ паҳн гардидаанд. Мафҳуми Америкаи Лотинӣ низ бо назардошти забони сокинон (лотинизабон буданашон) қабул гардида, ин мафҳумро бори нахуст Наполеони III истифода карда буд.

[2]Креолҳо – ворисони мустамликадорони европоӣ (асосан испанӣ), ки дар мустамликаҳои америкоии Испания, Португалия ва Франсия таваллуд шудаанд.

Мақсади асосии худро ҳукуматдорони мустамликавии Испания дар ба даст овардани воситаи пулию молӣ барои хазинаи шоҳӣ тавассути истисмори аҳолии маҳаллӣ ва ғораткунии сарватҳои табиии мустамликаҳо медонистанд. Маъмурияти мустамликаҳо дар бисёр маврид садди роҳи рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи маҳаллӣ мешуданд, роҳи равнақ ёфтани саноатро, ғайр аз истихроҷи тилло ва нуқра, суст мекарданд. Барқарор намудани алоқаҳои тиҷоратӣ ва дигар намуди равобит бо дигар мамлакатҳо қатъиян манъ карда шуда буд. Бо ҳамин, тиҷорат куллан дар дасти хонадони шоҳ ва тоҷирони бадавлати испанӣ буд, ки бо табъи дили худ ба ашёи хоми мустамликаҳо ва моли испанӣ нарх мемонданд.

Креолҳо маҷбур шуданд, ки бар зидди чунин сиёсати монополии тиҷоратии Испания тавассути даст задан ба контрабанда (қочоқ) ҷавоб гардонанд. Дар охири асри XVIII бошад Испания ба мустамликаҳояш иҷозат дод бо метраполия савдои озодро ба роҳ монанд.

Сиёсати мустамликадорӣ ба ҳиндуҳо низ таъсири ниҳоят манфӣ расонда буд ва онҳо ҳам бар зидди мустамликадорон ба мубориза мехестанд. Яке аз калонтарин шӯриши ҳиндуҳо дар солҳои 1780 – 1781 бо роҳбарии доҳии ҳиндуҳо Кондорканки, ки ба худ номи охирин ҳокими Инкҳо Тупак Амаруро гирифта буд, рух дод, ки 60 ҳазор нафар даст ба қиём заданд. Ба мустамликадорон як сол зарур омад, то ки шӯришро хобонанд. Дар мубориза бар зидди мустамликадорон ғуломон-сиёҳпӯстон низ иштирок карда, махсусан дар Венесуэла исён бардоштанд.

Креолҳо низ нисбати сиёсати ҳукуматдорони мустамликадори Испания норозигиро баён мекарданд. Зеро онҳо низ аз баъзе имтиёзу бартариҳо, ки мансабдорон-испаниҳо доштанд, маҳрум буданд. Дар солҳои 70 - уми асри XVIII ҳаракати «комунерос» (ҳимоякунандагони кори умум), ки дар Гранадаи Нав бар зидди дастдарозии ҳокимони мустамликадор зуҳур карда буд, қисмати калони Америкаи Ҷанубиро фаро гирифта буд. Дар ҳаракати мазкур асосан шаҳриён иштирок дошта, кам кардани андозҳо ваислоҳоти идоракуниро талаб мекарданд. Испанҳо тавонистанд ҳаракати мазкурро хобонанд. Мустамликадорон ба таври осон бо баромадҳои ҳиндуҳо, ғуломон-сиёҳпӯстон ва креолҳо ҳисобу китоб мекарданд, зеро ки се қувваи мазкур дар алоҳидагӣ баромад мекарданд ва ба ҳамдигар ёрӣ намерасонданд.

Зиддият байни мустамликадорон ва аҳолии маҳаллӣ, махсусан дар охири асри XVIII тезу тунд гардид. Креолҳо ҳар чи бисёртар талаб мекарданд, ки монополияи испанӣ аз болои тиҷорати хориҷӣ барҳам дода шавад. Намуна барои онҳо фаъолияти сиёсии мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ, ки истиқлолиятро ба даст даровард ва инқилоби буржуазии Франсия соли 1789 гардиданд ва дар зери таъсири онҳо одамони пешқадами Америкаи Ҷанубӣ бар зидди ҳукмронии Испания баромад карданро оғоз намуданд. Ғояҳои сиёсии маорифпарварони франсузӣ низ дар Америка таъсири худро расонда буд. Норозигӣ нисбати режими мустамликадории Испания сол то сол зиёд шудан гирифт. Ва бори нахуст шуда шиор дар бораи мубориза

баҳри истиқлолиятро креоли венесуэлагӣ Франсиско де Миранда (с. 1750 – 1816) эълон намуд.

Подполковники артиши Испания, адютанти губернатори Куба буда, ӯ бо доираи радикалии креолҳо алоқаро нигоҳ дошта буд, ки маҳз барои ҳамин таҳти тақиботи мақомоти испанӣ қарор гирифта, иҷборан ба Америкаи Шимолӣ фирор намуд. Дар Америкаи Шимолӣ дар муборизаи мустамликаҳои Англия барои истиқлолият иштирок намуд, бо Ҷорҷ Вашингтон ва дигар роҳбарони сиёсии Америка вохӯрд ва баъд ба Европа рафта, умед дошт, ки дастгирии бузургдавлатҳоро, ки рақибони Испания буданд, ба даст меорад.

Соли 1786 Миранда ба Россия омада, аз ҷониби малика Екатеринаи II, Потёмкин ва дигар олимартабаҳо ба ҳузур пазируфта шуд. Ҳукумати Россия, ки ба васеъкунии мулкҳо ва таъсири худ дар соҳилҳои уқёнуси Ороми Америка манфиатдор буда, дар он ҷо бо манфиатҳои Испания бархӯрда буд, Мирандаро хуб пазируфт. Сафири Испания дар Петербург талаб намуд, ки Мирандаро ба Испания супоранд, аммо Екатеринаи II на танҳо талаби мазкурро рад кард, инчунин ба Миранда ёрии калони худро расонд.

Миранда аз ҳукумати Россия шиноснома ва маблағи калони пулиро гирифт, то ки ба ӯ бехатариро таъмин намуда, фаъолияти васеи худро ба роҳ монад. Россияро тарк намуда, Миранда дар Лондон қарор гирифт, ки дар он ҷо ӯ ба хотири озодкунии мустамликаҳои испанӣ ба ёрии ҳукумати Британия умед баст. Вақте ки ин умеду орзуи вай амалӣ нашуд, Миранда соли 1792 ба Франсия рафт, ки дар он ҷо вай дар қатори артиши инқилобӣ дар рутбаи генерал дар муҳорибаҳо иштирок мекард. Дар давраи диктатураи якобинчиён бошад Миранда ҳамчун тарафдори жирондистон ба зиндон андохта шуд. Баъди озодшавӣ боз ба Англия рафта, солҳои зиёд ба фоидаи озодшавии мустамликаҳои испанӣ ташвиқоту тарғибот бурда буд.

**Инқилоб дар Гаити (22 августи соли 1791 – 1 январи соли 1804).** Инқилоби соли 1789 Франсия ба мустамликаи франсузии Сан-Доминго дар ҷазираи Гаити таъсири калони худро расонд, ки дар ин ҷо чанд ҳазор заминдорони сафедпӯст садҳо ҳазор ғуломон-сиёҳпӯстонро истисмор мекарданд. Соли 1792 дар ҷазира шӯриши ғуломон ва сиёҳпӯстони озод ба амал омад. Исёнбардоштагон ҳукуматдорони Франсияро маҷбур карданд, ки ғуломдориро барҳам зананд. Заминдорони франсузӣ қувваҳои мусаллаҳи англисиро аз Ямайка ба ёрӣ даъват намуданд. Аммо артиши Гаити бо сардории собиқ ғулом, генерали инқилобӣ Туссен дастаҳои англисии ба ҷазира фуромадаро торумор намуда, боқимондаи онҳоро маҷбур кард, ки ҷазираро тарк намоянд. Ҳамзамон инқилобчиён қисмати шарқии ҷазираро, ки ба Испания тааллуқ дошт, озод намуданд. Аз 15 ҳазор англис, ки ба ҷазира фуромаданд, танҳо 1 ҳазор зинда боқӣ монданд. Фармондеҳи экспедитсия Мэйтленд ба Туссен таслим шуда, бо ӯ шартнома баста, истиқлолияти Гаитиро ба расмият шинохт. 4 ферлаи соли 1794 Конвенти миллии Франсия ғуломдориро барҳам дод.

Дар соли 1801 Туссен-Лувертюр, ки дар он вақт амалан ҳокими олии ҷазира гардида буд, конститутсияи демократиро эълон карда, барои Франсия фақат ҳокимияти номиналӣ аз болои мамлакат боқӣ монду халос.

Аммо замоне ки Наполеон дар Франсия ба қудрат расид, барои аз сари нав ба даст овардани Гаити корпусҳои ҳарбии экспедитсиониро ба ҷазира фиристонд. Дар натиҷаи мубориза҆ҳо, французҳо бастани сулҳро пешниҳод намуданд. Ва ба гаитиҳо бошад озодӣ ва ҳифз нигоҳ доштани тамоми мансабу вазифаҳояшон дар артиш ва ҳокимият кафолат доданд. Туссен-Лувертюр, хост, ки вақтро бурд кунад, шартҳоро қабул кард. Аммо французҳо аз боварии вай истифода намуда, ӯро асир гирифта, ба Франсия фиристонданд ва дар он ҷо бошад Туссен 8 апрели соли 1803 дар зиндон ҷон дод.

Аммо ба асорат гирифтану марги Туссен ва ваҳшонияти дастаҳои ҳарбии Франсия мардуми Гаитиро шикаставу рӯҳафтода карда натавонист. Баъди ду соли мубориза гаитиҳо ба таври ниҳоӣ мустамликадорони французиро аз ҷазира пеш карданд. Аз 43 ҳазор аскар, ки ба ҳайати корпусҳои ҷазодиҳии Франсия шомил буданд, 35 ҳазор ҷон бохтанд, фармондеҳи корпус, генерал Леклерк аз касалии табларза ҷон дод, 8 ҳазор аскари касалу ярадор ба киштиҳо савор шуда, аз ҷазира гурехтанд. Аммо онҳо ба Франсия нарасиданд, дар роҳ онҳоро флоти Англия асир гирифт.

Ғалабаи мардуми Гаити таъсири ниҳоят калонро дар мубориза҆ҳои минбаъдаи мардуми Америкаи Ҷанубӣ бар зидди мустамликадорони испанию португалӣ расонд. Инқилоби Гаити дар муносиботи байналхалқӣ аввалин инқилоби зидди мустамликадорӣ дар Америкаи Лотинӣ шуд, он бори нахуст шуда, ғуломдориро барҳам зада, ҷумҳуриро эълон намуд. Ин дар миқёси байналхалқӣ якумин шӯриши ғалабаовари ғуломон ба шумор меравад.

**Инқилобҳои озодибахш дар мустамликаҳои Испания.** Дар ибтидои асри XIX дар мустамликаҳои испанӣ фаъолияти баланди як қисме аз креолҳо, ки мехостанд аз Испания ҷудо шаванд, сар шуд. Дар мустамликаҳо клубҳои махсус амал менамуданд, ки бо роҳи пинҳонӣ «Эъломияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд» ва дигар ҳуҷҷатҳои Инқилоби Франсияро нашр ва паҳн мекарданд. Муборизони роҳи озодӣ бо Миранда, ки дар Лондон зиндагӣ мекард алоқа доштанд.

Дар натиҷаи ҷангҳои Наполеонӣ ва Испанияро истило намудани Франсия, қариб тиҷорати мустамликаҳо бо метрополия қатъ гардид. Ин ба он оварда расонд, ки бо усули қочоқ тиҷорат бо рақибони Испания, яъне Англия ва дигар давлатҳо ба роҳ монда шавад. Дар давраи мазкур дар Америкаи Ҷанубӣ шаҳрҳои ба монанди Буэнос-Айрес, Монтевидео, Каракас, Вера-Крус, Гавана барои замони худ ба марказҳои калони тиҷоратӣ табдил ёфта буданд. Дар ҳаминҳо ва дигар шаҳрҳо табақаи буржуазияи тиҷоратӣ ташаккул ёфта, мехостанд мустамликаҳоро аз Испания ҷудо намоянд. Ҳамзамон бозори дохилӣ низ васеъ гардида, рушд ёфт. Гарчанде ки Испания баъзе маҳдудиятҳоро бардошт ва барои тиҷорат бо мустамликаҳо бархе бандарҳои худро кушода, алоқаҳои тиҷоратии байнимустамликаҳоро иҷозат дод, инчу-

нин ордени иезуитҳоро аз мустамликаҳо ронд ва фаъолияти инкивизитсияро маҳдуд намуда бошад ҳам, аммо барои роҳи истиқлолиятталабии мардумро гирифтан дигар имконият надошт.

Соли 1806 Британия, ки дар ҳолати ҷангӣ бо Франсия ва Испания қарор дошта буд, кӯшишҳои моҷароҷӯёнаро карда, хост, ки мустамликаҳои Испанияро забт намояд. Лондон ба нақша гирифт, ки ду экспедитсияро ба Америкаи Лотинӣ фиристонад. Экспедитсияи якум ба Мексика ва дигараш бошад ба минтақаи Буэнос - Айрес, аммо оқибат англисҳо экспедитсияро танҳо ба Буэнос-Айрес фиристонданду халос. Ҳамзамон Миранда Англияро тарк карда, ба ШМА рафт ва дар он ҷо экспедитсияи озодкунандаро ташкил намуд, ки баъд он ба Венесуэла фаромад. Миранда дар Венесуэла ба қувваҳои калони испанӣ рӯбарӯ шуда, бартарияти қувваҳои испаниро дарк намуда, боз ба Лондон баргашт.

Англисҳо бошанд дар минтақаи Ла-Плата дар аввал ғалабаҳоро ба даст даровварда, Буэнос-Айресро гирифтанд, аммо аҳолии шаҳри мазкур нахостанд, ки зулми испанӣ ба истибдоди англисӣ иваз карда шавад. Бар муқобили хостаҳои ҳокимони мустамликавии испанӣ амал намуда, аҳолии Буэнос-Айрес бо роҳбарии креолҳо хеста, ба истилогарони англис зарбаи сахт расонда, онҳоро маҷбур карданд, ки таслим шаванд. Корпуси нави 9 ҳазорнафарaро, ки англисҳо фиристонданд, он ҳам аз ҷониби дастаҳои ватандӯстон торумор карда шуд. Забткорон диданд, ки ба мақсад нарасиданд, соҳилҳои Ла - Платаро тарк карданд. Ғалаба аз болои мустамликадорони англис дар Буэнос-Айрес натиҷаҳои муҳим дод. Он кӯшишҳои ба мустамликаи англисӣ табдил додани минтақаро барбод дод, обрӯи ҳокимони мустамликадории Испанияро низ аз байн бурд. Ҳамаи ин орзую ҳаваси креолҳоро дар самти расидан ба истиқлоият боз ҳам баландтар намуд.

Чунин имконият ба онҳо баъди он ки Наполеон Испанияро истило намуд, ато карда шуд. Креолҳо аз мардуми Испания, ки бар зидди истилогарони франсузӣ хеста, хунтаҳои инқилобии худро таъсис дода буданд, пайравӣ намуда, ба сифати ташаббускорони шакли нави ҳаракатҳои ватандӯстӣ баромад мекарданд. Дар Каракас, Гранадаи Нав (Колумбия), Буэнос-Айрес, Чили ва дигар ҷойҳо онҳо ҳокимияти испаниро иваз намуда, ба ҷойи он хунтаҳои ватандустиро таъсис доданд ва зери шиорҳои ҳимоя намудани ҳуқуқи Фердинанди VII, ки дар асорати франсузҳо қарор дошта буд, баромаду амал мекарданд. Чунин шиор ба ҳаракати озодихоҳӣ хислати қонуниро медод ва он имкон дод фаъолияти ҳокимони мустамликавиро аз байн бардоранд, ки барои дастовардҳои аввалиндараҷаи ҳаракати мазкур ниҳоят муҳим буд.

Дар бисёр ҷойҳо бо истифодабарии тактикаи мазкур ҳокимият бе хунрезӣ ба дасти хунтаҳо (ҳукуматҳои муваққатии инқилобӣ) гузашт. Аммо дар давраи аввал хунтаҳо ба фаъолияти худ дуруст аҳамият надоданд. Аз ин истифода бурда, ҳокимони испанӣ қувваҳои худро аз нав ташкил намуда, дар ҳама ҷо, ғайр аз Буэнос-Айрес, мавқеи худро боз барқарор намуданд. Дар Буэнос - Айрес ватандӯстон тавонистанд бо сарварии генерал Хосе де Сан - Мартин

қувваҳои мусаллаҳ таъсис дода, роҳи дастаҳои ҷазодиҳии испаниро, ки ба самти минтақаҳои кӯҳистони Перу барои хобондани шӯришгарон равона буданд, гиранд. Дар Уругвай ва Парагвай ҳам муборизаҳо бар зидди мустамликадорон ба вуҷуд омаданд. Дар Гранадаи Нав ва Венесуэла муборизаро Симон Боливар роҳбарӣ мекард. Соли 1816 Симон Боливар оид ба озодкунии ғуломон эълон кард ва ваъда дод, ки ба иштирокчиёни ҷанг барои истиқлолият ҳиссаи замин ҷудо карда мешавад. Барҳамзании ғуломдорӣ ва декрет дар бораи ба аскарони артиши озодибахш ҷудо кардани ҳиссаи замин аҳолии зиёдро ба тарафи С. Боливар кашид. Дар ҳамин сол Боливар аз президенти Гаити А. Петион аслиҳа, пул ва озуқавориро ба сифати ёрӣ дарёфт карда, барои озодкунии Венесуэла ва Гранадаи Нав кӯшиши навбатӣ кард[1]. Дар якчанд муҳорибаҳо аз болои испаниҳо ғалаба ба даст дароварда, ин мулкҳоро озод намуд. Тибқи қарори Конгресси намояндагони Венесуэла ва Колумбия дар шаҳри Ангостура – Венесуэла ва Гранадаи нав дар як ҷумҳурӣ – бо номи Колумбияи Бузург муттаҳид карда шуданд, ки президенти он худи Боливар ва ноиби президент Франсиско де Паула Сантандер интихоб гардиданд.

Баъди ин, муборизон барои озодкунии Перу камар бастанд. Аз ҷануб бошад зери фармондеҳии генерал Сан-Мартин ба ёрии онҳо ватандӯстони аргентинӣ, чилигиҳо ва перугиҳо ҳаракат намуданд. Ҷанг то соли 1826 идома ёфт, замоне ки охирон такягоҳи испаниҳо дар Америкаи Ҷанубӣ – қалъаи Каляо дар соҳили уқёнуси Ором таслим шуд.

Дар Мексика бошад вазъият бо ранги дигар сурат гирифт. Дар он ҷо табақаи болоии креолҳо, ки дар ихтиёри худ заминҳои калон доштанд, испаниҳоро дастгирӣ мекарданд. Ва бар зидди мустамликадорони испанӣ бошад соли 1810 бо сардории Мигел Идалго оммаи ҳиндуҳои иборат аз 80 ҳазор нафар бархестанд. Аммо онҳо нағз мусаллаҳ набуданд, аз ин сабаб шикаст хӯрда, Идалго асир ва парронда шуд. Баъди марги ӯ муборизаро Морелос идома дода, 6 ноябри соли 1813 истиқлолияти Мексикаро эълон намуд. Баъди ду сол бошад испаниҳо ӯро низ асир гирифта, қатл карданд. Дар Мексика бо ҳамин ҷанги дарози партизанӣ сар шуд. Танҳо дар соли 1821 креолҳои сарватманд ва рӯҳоният оид ба ҷудошавии Мексика аз Испания эълон интишор намуданд. 18 майи соли 1822 қувваҳои мазкур генерал Итурбидеро бо лақаби Агустини I императори Мексика эълон карданд, аммо халқ баътар императорро сарнагун намуда, ҷумҳуриро эълон карданд. Андаке баъдтар Итурбиде хост, ки ҳокимияташро пас гардонад, аммо ӯ 19 июли соли 1819 боздошт ва парронда шуд.

Бо ҳамин ҷанг барои истиқлолияти мустамликаҳои испанӣ дар Америкаи Ҷанубӣ 15 сол идома ёфта, ба охир расид. Дар натиҷаи заволёбии системаи мустамликадорӣ дар Америкаи Лотинӣ мамлакатҳои мустақили навбатӣ таъсис ёфтанд: Гаити (с. 1804), Парагвай (с. 1811), Аргентина (с. 1816), Чили (с. 1818), Колумбияи Бузург (с. 1819), Перу (с. 1821), Мексика (с. 1821), Феде-

[1]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 521.

ратсияи ҷумҳуриҳои Америкаи Марказӣ (с. 1821), Боливия (с. 1825), Уругвай (с. 1830). Куба ва Пуэрто-Рико бошанд то охири асри XIX мустамликаи Испания монданд.

Кӯшиши муттаҳид кардани ҷумҳуриҳо, ҳатто дар миқёси минтақавӣ, ба мисоли Федератсияи ҷумҳуриҳои Америкаи Марказӣ (с. 1823 – 1838), Колумбияи Бузург (с. 1819 – 1830), ки ба ҳайати он Венесуэла, Гранадаи Нав ва Эквадор дохил мешуданд, натиҷаҳои мусбӣ надод. Заиф будани алоқаҳои иқтисодӣ миёни собиқ мустамликаҳо имконият намедод, ки онҳо муттаҳид монанд. Гарчанде ки ходимони пешқадами сиёсӣ ба тарафдории муттаҳидии онҳо дар як давлат буданд ҳам, то ки тавонанд суверенитет ва ҳуқуқҳои худро аз мудохилаи давлатҳои бузург ҳифз намоянд, аммо оқибат онҳо ба давлатҳои ҷудогона тақсим шуданд.

Баъди заволёбии Федератсияи ҷумҳуриҳои Америкаи Марказӣ давлатҳои навбатӣ таъсис ёфтанд: Коста-Рика (с. 1838), Никарагуа (с. 1838), Гондурас (с. 1838), Гватемала (с. 1839), Салвадор (с. 1841). Колумбияи Бузург низ соли 1830 ба Венесуэла, Колумбия ва Эквадор тақсим гардид. Соли 1844 аз Гаити Ҷумҳурии Доминикан ҷудо шуд[1].

Аз сабаби заифии иқтисодӣ, баъдтар ШМА, Англия ва Франсия зина ба зина ба иқтисоди мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ сар даровварда, мавқеъҳои асосиро соҳиб гаштанд.

Тақдири мустамликаи Португалия дар Америка – Бразилия бошад дар фарқият аз мустамликаҳои Испания камтар бо дигар самт муайян гардид. Дар давраи мустамликадорӣ Бразилияро ноиб-шоҳ ва музофотҳоро бошад губернаторҳои ба ӯ тобеъ идора мекарданд. Ҳамаи мансабҳои идориро дар мустамликаҳо португалиҳо дар даст доштанд. Дар зинаи дуюм аҳолии сафедпӯсти мустамлика қарор доштанд, баъди онҳо метисҳо ва мулатҳо, баъди онҳо бошад ғуломон қарор доштанд.

Соли 1807(8) Франсия пойтахти Португалия шаҳри Лиссабонро ишғол намуда, шоҳи Португалия Жоаои VI бо дарбори худ ба Бразилия омад. Дар давраи дар Бразилия мустақар будани дарбори Португалия, истисмори мустамликавӣ боз ҳам афзуд. Ин боиси мавҷҳоюю ҳаракатҳои нави озодихоҳӣ гашт. Соли 1815 ҳукумати Португалия Бразилияро шоҳигарӣ эълон намуд, аммо бо ин амал онҳо натавонистанд, ки тарафдорони истиқлолиятро фиреб диҳанд. Соли 1817 шӯриши навбатии ҷумҳурихоҳӣ дар минтақаи Пернамбуку сар зад, ки аз тарафи мустамликадорон бо як азоб хобонда шуд. Соли 1820 бошад шоҳи Португалия Жоао ба Лиссабон баргашта, дар Рио-де-Жанейро писари худ Педроро ҳамчун ҳоким монд. Дар Бразилия шӯриши тарафдорони истиқлолият аз Португалия сар зад. Аз он тарсид, ки ҳокимияташро аз даст надиҳад, Педро ва ғуломдорони тарафдори ӯ ба тарафи сепаратистон гузаштанд. 7 сентябри соли 1822 истиқлолияти давлатии Бразилия эълон карда

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 707 – 708.

шуд[1]. Баъди ду сол Педро императори Бразилия эълон гардида, соли 1831 бошад Педрои I ба фоидаи писари худ Педрои II (с. 1831 – 1889) аз тахт даст кашида, ба Португалия баргашт. Танҳо соли 1888 дар Бразилия ғуломдорӣ барҳам дода шуда, соли 1889 ҷумҳурӣ эълон карда шуд.

**Сиёсати давлатҳои бузург нисбат ба ҷанг барои истиқлолият дар Америкаи Лотинӣ.** Давлатҳои абарқудрат ба ҳодисаҳои дар мустамликаҳои Испания ба вуҷуд омада ҳар хел назар доштанд. Ҳукумати ШМА дар тамоми давраи мубориза эҳтиёткорона ва ҳатто бо нобоварӣ ба ватандӯстон муносибат мекард. Ҳукумати ШМА фурӯши аслиҳаро ба онҳо не манъ карда буд ва на онро талқин мекард. Барои бетарафии худ ШМА ба таври ниҳоят осон Флоридаро аз Испания ба даст даровbooнд ва умедвор буданд Кубаро низ мегиранд ё забт мекунанд. ШМА кӯшиш мекарданд, ки дар байни ҷумҳуриҳои ҷавон ҷудоӣ андозанд ва ба таъсисёбии федератсияи онҳо роҳ надиҳанд, то ки онҳо бар зидди таҷовузи хориҷӣ мустаҳкаму қавъӣ нагарданд. Зеро Симон Боливар ва тарафдорони ӯ мехостанд, ки тибқи намунаи ШМА Америкаи Ҷанубиро низ дар як федератсия муттаҳид намоянд[2]. ШМА барои иштирок дар кори Конгресси континеталӣ, ки соли 1826 дар Панама даъват гардид, ҷавоби рад дода, ҳаматарафа монеа эҷод карданд, ки то Колумбияи Бузург ба ёрии ватандӯстони Куба, ки барои истиқлолияти худ мубориза мебурданд, қувваҳои мусаллаҳро нафиристонад. ШМА нисбати ватандӯстони Мексика низ сиёсати хусуматона мебурданд ва даъвои заминҳои онҳо – Калифорния ва Техасро карда буданд.

Сиёсати ШМА дар асли кор ҷанг барои истиқлолиятро дароз кард, ки он бошад захираҳои инсонӣ ва иқтисодии ватандӯстонро хароб намуд. Ин имкон дод, ки баъди ба анҷом расидани ҷанг ва ба даст даровардани истиқлолият ҷумҳуриҳои ҷавон ба таври осон қурбони сиёсати иқтисодии сар даровардаи ШМА, Британия ва дигар давлатҳои бузург гарданд.

Мувофиқи ақидаҳои баъзе аз олимони Шӯравӣ, гарчанде ки бархе аз муаррихони америкоӣ даъво менамоянд, ки ШМА бо эълон намудани Доктринаи Монро, аз 2 декабри соли 1823, ки дар барномаи мазкур маъмурияти Қасри Сафед изҳор дошт, ки ба реставратсияи системаи мустамликадории бузургдавлатҳои европоӣ ва мудохилаи онҳо дар корҳои минтақа роҳ намедиҳад, ба ватандӯстони Америкаи Ҷанубӣ ёрии калон расонд. Аммо муаррихони Шӯравӣ иброз мекарданд, ки чунин муқарарот ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд. Ва мегуфтанд, ки Доктринаи Монро бо шиори худ «Америка барои америкоиҳо», дар амал бошад «Америка барои америкоиҳои шимолӣ»-ро ифода намуда, ба таҳкурсии ғоявии сиёсати таҷовузкоронаи экспансионии

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 202.

[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 521.

ШМА дар муносибат бо ҳамсоягони ҷанубиаш табдил ёфта буд[1]. Доктринаи Монро махсусан бар зидди бузургдавлатҳои европоӣ равона карда шуда буд. Ғоя дар бораи зонаи баста эълон намудани қитъаи Америка барои давлатҳои европоӣ ба котиби давлатии ШМА дар маъмурияти президент Ҷеймс Монро – Ҷон Куинси Адамс тааллуқ дошт. Баҳона барои эълон намудани Доктринаи Монро хулосаҳои Конгресси Верона оид ба муҳокимаронии нақшаи «Иттифоқи Муқаддас» гардид, ки тибқи он абарқудратҳои европоӣ мехостанд ба хотири барқарор намудани ҳукмронии Испания дар мустамликаҳои Америкаи Лотинӣ, ки истиқлолияти худро эълон карда буданд, интервенсияро ташкил намоянд. Аз бисёр ҷиҳат бошад доктринаи мазкур барои ШМА ҳамчун пӯшондани нақшаҳои экспансионии Вашингтон хизмат мекард. Барои амалишавии нақшаҳои мазкур аз ҳамаи воситаҳо, аз «дипломатияи доллар» сар карда, то истифода бурдани «калтакчӯби калон» истифода шуданд, ки зери байрақи он ШМА чандин бор ба Куба, Ҷумҳурии Доминикан, Гондурас, Нигарагуа ва дигар давлатҳо сар дароварда, оммаи инқилобчиёнро хобонда, ба сари қудрат режимҳои диктатуриро баровարданд. Бо ёрии фишори иқтисодӣ ва қувваи ҳарбӣ ШМА аз болои мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ шартномаҳоро бор карданд, ки онҳо суверенитети мамлакатҳои мазкурро дағалона вайрон мекарданд[2].

Британия бошад, тавассути шартнома бо Испания алоқаманд буд, дар давраи ҳаракатҳои озодихоҳӣ расман бетарафиро риоя мекард, аммо ба таври пинҳонӣ бошад ба ватандӯстон аслиҳаро мефурӯхт, бо ин амал ва хизматаш кӯшиш мекард, ки аз давлатҳои Америкаи Лотинӣ консессияҳои гуногунро ба даст дарорад.

Дар аввал сиёсати некро нисбати ватандӯстони Америкаи Ҷанубӣ Россия ишғол карда буд. Гарчанде ки доираи ҳукмрони Россия низ характери ҷумҳуриявӣ доштани ҳаракатҳои озодихоҳиро маҳкум мекарданд, аммо кори мустамликадорони испаниро бохташуда медонистанд ва ҳама гуна кӯшишҳо дар самти барқароркунии онро бе натиҷа медонистанд. Аммо баъди таъсисёбии «Иттифоқи Муқаддас» Александри I бар зидди ҳаракатҳои озодихоҳонаи мустамликаҳои Испания дар Америкаи Лотинӣ баромад.

Франсия низ дар давраи реставратсия (барқароркунӣ) бар зидди ҳаракатҳои мазкур хусуматона муносибат дошт. Сулолаи Бурбонҳои Франсия дар дил орзуҳои фантастикии тавассути шохаи хеши сулолаи испаниаш ба худ тобеъ намудани Америкаи Лотиниро мепарвариданд ва ё таъсири худро дар минтақа паҳн намоянд. Ва барои тахтҳои шоҳии Америкаи Лотинӣ номзадҳоро пешниҳод мекарданд, ки кӯшиш мекарданд ба ҷойи шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, идоракунии олигархияи маҳаллиро барқарор намоянд.

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 705.
[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 525.

Бо ин ҳама нигоҳ накарда, намояндагони пешқадами мамлакатҳои абарқудрат – Англия, ШМА, Франсия ва дигар давлатҳо муборизони Америкаи Лотиниро дар самти расидан ба истиқлолияти давлатӣ пурра дастгирӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, пас аз ба даст овардани истиқлолият, мамлакатҳои ҷавони Америкаи Лотинӣ қадамҳои аввалини мустақилонаи худро дар муносибатҳои байналхалқӣ гузоштанд.

## 4. 5. ЕВРОПА ВА МАСЪАЛАИ ШАРҚ ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

**Сиёсати хориҷии Россия.** Россия, ки дар ҷанги зидди Наполеон нақши асосиро бозӣ кард, дар сиёсати Европаи онвақта таъсири калон мерасонд. Маҳз императори Россия Александри I бо аспи сафеди худ, ҳамчун рамзи ғалаба, ба Париж ворид шуда буд. Россияро пас аз ин жандарми Европа мегуфтанд. Сиёсати хориҷии Россия дар ин давра ниҳоят реаксионӣ ва ҳамзамон инқилобӣ буд. Россия барои буғӣ намудани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Европаи Ғарбӣ ва Марказӣ кӯшишҳои зиёдеро сарф намуда, баробари ин, дар қаламрави худаш бошад сиёсати русикунонӣ ва прозелитизми православиро пеша намуд. Инчунин Россия кӯшиш намуд, ки аввал ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои ҳудуди империяи Усмонӣ ва баъди Ҷанги Қрим бошад ҳаракатҳои халқҳои империяи Австрияро ба фоидаи худ истифода намояд[1].

Мумкин дар ҳамин шароите, ки як сутуни асосии Иттифоқи Муқаддас, яъне Россия, чунин як сиёсати берунии зиду печ дар печ мебурд, дигар аъзоёнро қонеъ намекард. Барои ҳамин маҳз Масъалаи Шарқ муносибати байни монархҳои реаксиониро вайрон намуд, ки то ин дам онҳо сӯиқасди шоҳҳонро бар зидди халқҳо ташкил мекарданд. Маҳз, масъалаи Шарқ ва оқибат Ҷанги Қрим Иттифоқи Муқаддасро аз байн бурданд.

Ҳукумати Николайи I дар сиёсати хориҷии худ дар ин давра ду масъаларо ба миён гузошт. Якум, ба қувваи умумиилтиҷоии Европа дар хобондани ҳарактҳои инқилобӣ ёрӣ расонад, чунки инкишофи инқилоб дар Европаи ғарбӣ мумкин буд, ки ба оромии Россия таҳдид кунад, дуюм, ҷангҳои забткоронаро бо «овози ғалабаҳо ва шараф» барад.

Ҳукумати Россия асосан сиёсати хориҷии худро дар «Масъалаи Шарқ» фаъол кард. Россия баъди шикасти Наполеон Бонапарт дар муносибатҳои байналхалқӣ нақши асосиро иҷро намуда, бо ҳамроҳии дигар давлатҳои бузурги Европа нақши «жандарми Европа»-ро бозӣ мекард. Россия дар он замон ҳамчун ташкилкунандаи интервенсия ба Франсия ва Белгия ва пахшкунандаи инқилоб дар Венгрия ва Полша ҳисоб мешуд.

Оид ба ҳамаи масъалаҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии худ ҳукумати шоҳӣ мавқеи ниҳоят реаксиониро ишғол намуда, нисбат ба империяи Усмониён стратегияи ултраинқилобиро ишғол намуд. Зеро дар шартномаи Иттифоқи Муқаддас танҳо дар бораи насрония сухан мерафт, на тарафдорони дигар адён. Аммо бар зидди сиёсати мазкури Россия аъзоёни дигари ин иттифоқ – Англия, Австрия ва Франсия ҷиддан ҷавоби қатъӣ доданд. Зеро онҳо ҳам мехостанд, ки аз ҳисоби империяи харобшудаю таназзулёфта истодаи Туркҳо қаламравҳои зери таъсири худро васеъ намоянд.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

**Бӯҳрони Юнон ва мавқеи давлатҳои бузург.** Зарур аст, қайд намоем, ки маҳз Россия дар аввал шӯриши юнониёнро бар зидди зулми асорати туркҳо дастгирӣ намуд. Аммо дар масъалаи дастгирӣ намудани юнониён ҳукумати Россия пурра қатъӣ набуд. Императори Россия Александри I миёни манфиатҳои миллии Россия, ки талаб мекарданд бояд юнониҳои православиро дастгирӣ намуд ва принсипҳои Иттифоқи Муқаддас, ки мувофиқи он ҳар исён бар зидди монархи қонунӣ, дар ин ҷо акнун султони Туркия Маҳмуди II ҳам дар назар аст, ҷиноят ба ҳисоб рафта, сазовори ҷазои вазнин аст, мекалавид. Ва дар конгресси Троппау дар масъалаи шӯриши Юнон ба тарафи Меттерних пайваста, исёни мазкурро маҳкум намуд. Канслери Австрия Меттерних ба чунин назар буд, ки баъди таназзулёбии Империяи Туркия навбати империяи Австрия мерасад, барои ҳамин зидди шӯриши мазкур баромад намуд.

Аммо вазъияти Юнони исёнбардошта комилан чоранопазир (бефоида) гардид. Аз афташ ба зудӣ тамоми Юнон ба тақдири талхи Хиос шарик шуд, ки дар ин ҷазира соли 1822 яничарҳо қатли омро гузаронданд.

Лекин баъди оне, ки принсипҳои Иттифоқи Муқаддас мавқеи худро аз даст дода, дигар ба кор наомаданд, ҳам Лондон ва ҳам империяи Россия чунон дар Шарқ рафтор мекарданд, ки гӯё ягон Иттифоқи Муқаддас умуман вуҷуд надоштааст. 25 марти соли 1823 вазири нави корҳои хориҷии Британия Ҷ. Каннинг тантанавор эълон намуд, ки аз ин пас Англия туркҳо ва юнониёнро ҳамчун ду тарафи ҷангкунанда эътироф менамояд. Ба сифати қадами ҷавобӣ Александр, ки намехост ташаббускориро дар масъалаи Юнон аз даст диҳад, пешниҳод намуд, ки музофотҳои юнонии Туркия бояд зери кафолати абарқудратҳои европоӣ соҳиби мақоми мухторият гарданд. Дар ҳамин асос дар миёнаҳои солҳои 20-ум дар сатҳи муайян ба ҳам наздикшавии Лондону Петербург ба назар мерасид.

Баъди дар Россия ба сари тахт омадани Николайи I ин наздикшавӣ қариб, ки шакли пурраи иттифоқи ҳарбии зиддитуркӣ (ё тарафдори юнониён)-ро гирифт. Николай, дар фарқият аз Александр, дудила нашуда, ошкоро шӯриши юнониёнро дастгирӣ кард. Аз оғози ҳукмронии худ ӯ ба хулосае омад, ки умедвори давом додани сиёсати бародари калонии худ бо Туркия аст, аммо ошкоро қайд намуд, ки агар Усмониён ба талаботи ӯ гузашт накунанд, бо роҳи ҷанг масъаларо ҳал менамояд[1].

Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки ба Николай I ҳамчун дипломат баҳогузорӣ намоем. Мувофиқи ахбори муаррихон, ӯ табиатан одами доно буд ва характери одамонро нағз мефаҳмид. Ҳамзамон ӯ баъзе норасоиҳоро дошт, ки дар давараи ҳукмрониаш дар сиёсати дохилию берунии Россия баъзе мушкилиҳоро рӯи кор оварданд. Якум, Николай, махсусан дар масъалаҳои муносиботи байналхалқӣ, ҳуқуқ ва иқтисоди сиёсӣ ҳамчун инсони ҷоҳил ва кӯтоҳназар буд. Мазкур танҳо дар доираи ҷаҳонбинии ҳарбӣ маҳдуд монд. Николай дар сатҳи олӣ муҳандиси соҳаи ҳарбӣ монд ва он чизе, ки берун аз

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

доираи он буд ӯ дар он масъалаҳо кӯтоҳандеш монд. Худи Николай чандин бор бо ифтихор гуфтааст, ки оид ба конститутсия ҳеҷ чизро намефаҳмад, барои ҳамин, мисол механизми давлатии амалкунандаи Британия барои вай сиррӣ буд, вай онро умуман дарк намекард, баробари ин ӯ низомномаи ҳарбии Пруссияро азёд медонист. Табиист, ки оид ба характери сиёсати европоии давраи худ ӯ тасаввуроти хира доштааст. Масалан, ӯ барои худ иттифоқи Франсияи Наполеонӣ ва Англияро тасаввур карда наметавонист. Дуюм, Николай табиатан иртиҷопараст буд. Кӯҳнапарастии худро вай дар тамоми соҳаҳои ҳаёти Россия, ҳатто дар соҳаи ҳарбӣ низ, паҳн намуд, ки антиҷаи он дар Ҷанги Қрим намудор гардид.

Ҳамаи ин характерҳои манфии Николайи I боз дар солҳои охири идоракунии вай пурра ошкор шуданд. Дар солҳои аввали идоракуниаш бошад ӯ эҳтиёткорона ва дурандешона амал намуд. Масалан, ғояи ба ҳам наздикшавии англо-франко-русӣ ба хотири расондани таъсир ба Константинопол, бо мақсади сабуктар намудани вазъи тобеини насронитабори султони Туркия сиёсати муваффақона буд. Гарчанде ки Ҷ. Каннинг бо тамоми қувва кӯшиш менамуд, ки Британияро аз ӯҳдадориҳои мушаххас ба зимма гирифтан дур намояд ва асосаш имконият надиҳад, ки Россия дар харобаҳои империяи Усмонӣ мавқеашро мустахкам намояд, бо ин нигоҳ накарда, Николай тавонист, ки Британияро ба доираи иттифоқи зидди Туркия кашад. Николай аввал чунон вонамуд, кард, ки ба шӯриши юнониён ҳамчун исён бар зидди ҳукамати қонунӣ назар дорад.

***Протоколи махфии Петербург.*** Ҳамин вақт сарлашкари машҳури Британия Веллингтон моҳҳои феврал-апрели соли 1826 дар Петербург қарор дошта, бояд миссияи махсусро иҷро мекард: фишори шадид овардани Россия аз болои Туркияро ба даст меовард, баробари ин, бояд чунон рафтор мекард, ки Британия ягон ӯҳдадори мушаххасро ба зимма нагирад. Афсӯс, ки қобилияти моҳиронаи дипломатии генерали англис пеши қобилияти ҳарбии Николай бохти худро нишон дод. Веллингтон ба гуфтаҳои дар боло овардашудаи Николай оид ба шӯриши юнониён бовар карда, хаёл намуд, ки шоҳ ба масъалаи Юнон бепарвост ва ҳатто ба он хусумат дорад. Барои ҳамин, дар рафти сафари чандмоҳаи худ дар Петербург (феврал – апрели соли 1826), яке аз фотеҳони муҳорибаи назди Ватерлоо ба ҳар тарз аз императори Россия илтимос мекард, ки ба ҳамдинонаш ҳамраъӣ изҳор намояд. Николайи I ҳам бо эҳтиром даст дода, ҳамин тавр, 4 апрели соли 1826 протоколои махфии англо-русӣ баста шуд, ки дар он талабот ба миён гузошта шуд, ки ҷанг бар зидди юнониён қатъ карда шавад ва ба Юнон, дар асоси конститутсия ва қонунҳои худаш, дар ҳайати империяи Туркия мухторияти васеъ дода шавад[1]. Ҷониби Россия тавонист, ки ба протоколи мазкур бандеро илова намояд, ки тибқи он агар Туркия аз миёнҷигарии

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Британия сарпечӣ намояд, имзокунандагони протокол муштаракан ё ҷудогона амал хоҳанд намуд.

Дар Лондон матни протокол мусбат қабул шуд, аммо ҳамзамон Каннинг дарк намуд, ки Николай зиракона рафтор намуда, на Британия Россияро, балки Россия Британияро бар зидди Туркия ба ҷанг кашид. Зеро муайян буд, ки ҷониби Туркия ба гузашткунии қисми қаламрави империяаш ҳеҷ розӣ намешавад. Аз ин бармеояд, ки Британия маҷбур мешавад ба ҷанг шомил шуда, Россияро тарафдорӣ намояд.

Ин ҳуҷҷат таносуби қувваҳоро бо суръати тез бар зарари Константинопол тағйир дод. Меттерних бо мазмуни протокол шинос шуда, дарк намуд, ки ба Иттифоқи Муқаддас зарбаи навбатӣ расонда шуд, чунки Петербург ва Лондон якҷо амал хоҳанд кард, зеро дар Британия барвақт исёни юнониҳоро бар зидди туркҳо тарафдорӣ карда буданд. Австрия маҷбур шуд, ки ба ултиматуми англо - русӣ пайваст шавад ва ба султон пешниҳод кард, ки гузашт намояд. Дар ҳақиқат султон аз ҷониби худ кӯшиш намуд, ки Россия ва Форс (Эрон)-ро ба ҷанг кашад, аммо дар ин низои ҳарбӣ, ки июли соли 1826 сар шуда буд, форсҳо шикаст хӯрданд. Дар ин бора поёнтар сухан меравад. Аз ҷониби дигар султони Туркия низ бо вазъияти бади дохилӣ, яъне бо шӯриши яничарҳо дар моҳи июни соли 1826 дучор гардид. Амалан гирем, баъди ҷазо додани яничарҳо султон Маҳмуди II бе артиш монд. Маҳз дар ҳамин шароити душвор султони Туркия аз Николай ултиматум гирифт ва аз иттиҳоди Россияю Британия низ дарак ёфт.

***Конвенсияи Аккерман.*** Дар чунин шароит туркҳо маҷбур шуданд, ки 25 сентябр (7 октябр)-и соли 1826 бо Россия конвенсияи Аккерманро имзо гузоранд, ки он нуқтаҳои асосии аҳдномаи Бухарестро аз соли 1812 тасдиқ намуд. Аз ҷумла, имтиёзҳои Молдавия, Валахия ва Сербия (амалан мухторияти онҳо) тасдиқ гардиданд ва русҳо бошанд баробар ба туркҳо дар қаламрави Туркия ҳуқуқи озодона савдо намуданро ба даст оварданд. Доираи ҳукмрони Туркия конвенсияи мазкурро гузашткунии муваққатӣ баҳогузорӣ намуданд, зеро дар ин вақт мамлакат аз ҷиҳати тавоноии ҳарбӣ (баъди ҷазо додани яничарҳо) заиф буд ва барои бекор кардани он фурсати муносибро интизор буд.

***Конвенсияи Лондон.*** Тақдири Юнон бошад дар Лондон баррасӣ гардид. Конвенсияи мазкур аз ҷониби намояндагони Британия, Россия ва Франсия 6 июли соли 1827 дар Лондон баста шуд. Тибқи он тақдири Юнон ҳал гардид, ки муқаррароти асосии он бо протоколи аз 4 апрели соли 1826 мувофиқ омада, ҷанги Юнону Туркия ба охир расид. Юнон дар ҳайати империяи Туркия, бо нигоҳ доштани пардохти молиёти солона, мухториятро ба даст овард, давлатҳои бузурги европоӣ (Британия, Россия, Франсия) кафили муқаррароти мазкур шуданд. Британия ва Франсия барои он розӣ шуданд, ки конвенсияи мазкурро банданд, то ки мавқеи Россияро дар Балкан заиф гардонанд, зеро Петербург манфиатдор буд, ки дар ин минтақа давлатҳои ба худ иттифоқчиро таъсис диҳад. Акнун давлатҳои мазкур мехостанд, ки халқҳои Балканро ба тарафи худ низ кашанд. Конвенсияи мазкур моддаи махфӣ низ дошт, ки онро

бо хоҳиши Россия қабул карданд. Тибқи он агар Туркия шартро рад намояд, бо ҳам наздикшавии иттифоқчиён ва юнониён, тавассути кушодани консулгариҳо дар шаҳрҳои муҳими юнонӣ ва ҳамзамон сафирони худро аз Константинопол бозхонд намуданро ба роҳ мемонанд, агар ин ҳам натиҷа надод, пас қувваҳои муттаҳидаи баҳрии се давлат дар баҳри Миёназамин барои гирифтани роҳи васеъшавии амалиётҳои ҷангӣ байни юнониёну туркҳо ва барқарор намудани оташбас байни онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Гарчанде ки Австрия ба таври ошкоро бар зидди шартномаи Лондон баромад накард, аммо Меттерних, ба парокандашавӣ миёни иттифоқи зидди-туркӣ умед баста, ҳаматарафа Константинополро ба муқовимат тела медод. Дар муддати август-октябри соли 1827 туркҳо эвакуатсия намудани артиши худро аз Юнон кашол доданд. Яъне султон Маҳмуди II иҷро намудани талаботи шартномаи Лондонро рад кард. Ҳамаи ин бо торумор гардидани эскадраи туркию мисрӣ аз ҷониби флоти муттаҳидаи англо-франко-русӣ дар муҳорибаи Наварин 8/20 октябри соли 1827 анҷом ёфт.

**Ҷанги Россия ва Эрон.** Ҳамроҳ шудани Гурҷистон ва Озарбойҷони шимолӣ ба Россия муносибати Россия ва Эронро тезу тунд кард. Шоҳи Эрон ба васеъшавии сарҳади Россия норозӣ буд. Дар натиҷаи ҷанги нави Эрон бо Россия (1826 – 1828) сар зад. 23-уми июли соли 1826 лашкари 60 ҳазор нафараи Эрон бо сардории Аббос Мирзо ногаҳон ба қимсҳои ҳарбии сарҳадии Россия ҳамла оварда, қаламрави ҷанубии империяи Россияро то шаҳри Ганҷа аз худ намуд. Аммо сипоҳи рус ба ҳуҷуми ҷавобӣ гузашта, дар натиҷа аз баҳори соли 1827 сар карда, майдони амалиётҳои ҷангӣ ба қаламрави Эрон гузашт. Дар аввали октябри соли 1827 русҳо қалъаи мустаҳкамтарини водии Арарат Эривонро гирифтанд. Баъд аз ин муқовимати сипоҳи Эрон шикаста шуд. 25-уми октябр шаҳри Табрез бе ҷанг гирифта шуд. Хатар ба шаҳри Теҳрон низ таҳдид мекард.

***Шартномаи сулҳи Туркманҷой.*** 10-уми феврали соли 1828 дар маҳалли Туркманҷойи наздикии Табрез шартнома баста шуд, ки он ҷанги Русу Эронро ҷамъбаст кард. Мувофиқи ин шартнома хонигариҳои Эривон ва Нахҷувон ба Россия гузаштанд. Эрон ӯҳдадор шуд, ки 20 ҳазор сӯми нуқра товони чанг диҳад. Шартномаи ин сулҳро А. С. Грибоедов тартиб дода буд. Ин сулҳ дастоварди бузург барои Россия буд, чунки мавқеи он дар Каспий мустаҳкам гардид. Бо муваффақият анҷом ёфтани ҷанги Русу Эрон барои ҳукумати Россия имконият фароҳам овард, ки бо Туркия мунокишаи худро ҳал кунад.

**Ҷанги Россия ва Туркия.** Ғалаба дар Наварин таносуби қувваҳоро байни Юнон ва Туркия тағйир дод, аммо барои Россия ин ҳоло камӣ мекард. Дар асл Россия нахост, ки империяи Туркия комилан аз байн равад, русҳо танҳо мехостанд, ки маризи европоӣ (Туркия) зери парастории Петербург монад. Ба даст овардани мухторият аз ҷониби Юнон, аз нуқтаи назари ҳукумати Россия, танҳо қадами аввалин дар самти расидан ба ин мақсад буд. Туркия ҳоло ҳам баъди Наварин бар зидди талаботҳои Россия оид ба мухторияти Юнон, оид ба

тиҷорати озод тавассути гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ, инчунин оид ба ҳуқуқи бароmад намудани Россия дар корҳои князгариҳои Дунай – Молдавия ва Валахия муқвоимат нишон медод. Ҳамаи ин ҳолатҳо сабаби асосии ҷанги Россия ва Туркия дар солҳои 1828 – 1829 гардиданд[1].

Ҳанӯз соли 1827 султони Туркия миёнравии дастаҷамъии давлатҳои бузурги Европаро дар масъалаи дастгирии Юнон рад карда, бо Россия шартномаи тиҷоратиро вайрон кард. Султон Маҳмуди II 8/20 декабри соли 1827 конвенсияи Аккерманро низ аз эътибор соқит донист. Султон зиддияти байниҳудии давлатҳои бузурги Европаро истифода бурда, даъвати ҷанги муқаддасро зидди «кофирон» пурзӯр менамояд. Дар натиҷа байни Россия ва Туркия ҷанг (с. 1828 – 1829) сар шуд. 14 - уми апрели соли 1828 Николайи I манифест дар бораи ҷанг бо Туркияро эълон кард. Қариб як дам ҷонибҳо дар ду ҷабҳа – Балкан ва Қавқоз ба ҷанг ворид шуданд. Лашкари 95 ҳазорнафараи рус бо сардории фелдмаршал П. Х. Витгенштейн дар Балкан ва 12 ҳазораи корпуси Паскевич дар Қавқоз ба ҷанг ворид шуданд. Лашкари султон аз 65 ҳазор нафараи артиши доимоамалкунанда ва артиши 100 ҳазораи ғайримунтазами савора иборат буд[2].

Давлатҳои ғарб ба Туркия ҳам ёрии сиёсӣ ва ҳам ёрии моддӣ мерасонданд. Агентураи Англия дар Эрон шоҳро бар зидди Россия ба низоъ хезонд. Январи соли 1829 дар Теҳрон ба миссияи дипломатии Россия ҳамла оварда шуда, сафири Россия дар Эрон А. С. Грибоедов ва аъзоёни дигари сафорат кушта шуданд.

Николайи I Витгенштейнро аз сарфармондеҳӣ иваз намуд ва ба ҷои вай генерал И. И. Дибичро таъин кард, ки ӯ аллакай баҳори соли 1829 дар ихтиёраш лашкари 125 ҳазорнафара дошт. Сипоҳи рус то наздикии 60 км ба Константинопол расиданд. Дастаҳои пешсафи артиши Россия бошад ба Константинопол хеле наздик расиданд. Дар Европа боварӣ доштанд, ки дар пеши русҳо ягон чизи дигар намеистод ва онро забт менамоянд. Аҳолии Балкан лашкари русро дастгирӣ мекарданд. Августи соли 1829 султон ба гуфтушунид оғоз кард.

***Шартномаи Адрианопол.*** 2 (14) - юми сентябри соли 1829 байни Россия ва Туркия дар Адрианопол шартнома баста шуд. Мувофиқи ин шартнома ба Россия ҷазираҳои наздики резишгоҳи Дунай, заминҳои соҳили шарқии баҳри Сиёҳ – аз Кубан то Анапа, Поти, Ахалсих, Ахалкалаки ва қисме аз минтақаи арманнишини Туркия гузаштанд. Туркия заминҳои ишғолкардаи Россияро дар назди Қавқоз эътироф кард. Инчунин автономияи ба даст овардаи

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 205 – 206.

князгариҳои Дунай, Сербия ва Юнонро низ эътироф кард[1]. Зарур аст зикр кард, ки Юнон давлати мустақил эълон шуда, танҳо ӯҳдадор монд, ки ба султон ҳамасола маблағи муайян пардохт намояд. Ҳамин тавр, мухторяти Сербии, Валахия ва Молдавия низ мустаҳкам гардонда шуд. Дар хақиқат дар Санкт-Петербург дарбориён бо бастани сулҳ норозигӣ изҳор намуданд, онҳо ба умед буданд, ки Константинопол озод карда мешавад, ки ин орзӯи деринаи православҳо баъди ҳодисаи соли 1453 буд. Аммо, бо ин ҳама сулҳи Адрионопол барои халқҳои Балкан, Кавқоз ва Россия ғалабаи калон буд[2].

**Протоколи Лондон.** 3 феврали соли 1830 дар конференсияи давлатҳои бузурги европоӣ – Россия, Британия ва Франсия, ки дар Лондон доир гардид, тибқи протоколи 3 бузургдавлат истиқлолияти Юнон аз Туркия эътироф карда шуд, ки онро Юнон дар натиҷаи ҷанги русу-турк ба даст овард. Доираи сиёсии Лондон аз наздикшавии Юнон бо Россия ва аз мубориаи баъдинаи якҷояи онҳо барои Константинопол ва гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ бар зарари манфиатҳои Британия тарсида, дар конференсия қаламравҳои Юнон маҳдуд карда шуданд. Яъне аз қаламравҳое, ки шӯришчиёни юнонӣ озод карда шуданд, қисмеро гирифта, ба туркҳо баргардонданд. Бо ҳамин 3 миллион юнонӣ берун аз қаламрави Юнони мустақил монданд. Дар қаламрави Юнони мустақил бошад 800 ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард, ки як миқдори муайяни онҳо низ юнонӣ набуданд. Инчунин бо хоҳиши Лондон Юнон низ мисли Британия монархияи конститутсионӣ эълон карда шуд. Нова баста аз ин ҳама, Юнон истиқлолиятро ба даст оварда, баъди он халқҳои дигари балканӣ ҳам барои мустақилияти худ кӯшиш намуданд.

**Давлатҳои бузург ва масъалаи Шарқ (с. 1830 – 1840).** Дар зери мафҳуми «Масъалаи Шарқ» якум мубориаи халқҳои тобеи империяи усмонии Туркия барои озодии миллӣ ва дуюм, зиддияти давлатҳои бузурги Европа дар масъалаи империяи заифшудаи Туркия, хусусан дар Балкан фаҳмида мешавд. Ба вуҷуд омадани «Масъалаи Шарқ» бо заиф шудани империяи усмонии Туркия алоқаманд буд. Чунки дар натиҷаи заиф гаштани Туркия халқҳои тобеи он дар Балкан барои аз асорати туркҳо озод шудан мубориаро ба хотири ба даст овардани истиқлолияти миллӣ сар карданд. Туркия дар ин давра давлати феодалӣ буда, як вақтҳо овозадор, акнун сол аз сол, ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати тавоноии ҳарбӣ, суст шудан гирифт. Акнун давлатҳои бузурги европоӣ дар алоҳидагӣ мехостанд, ки аз заифии Туркия истифода бурда, мавқеи худро дар мавзеъҳои зери таъсири туркҳо буда мустаҳкам намоянд.

Инчунин Туркия мавқеи стратегӣ дошта, гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелро назорат мекард, ки Осиёро бо Европа тавассути «купруки тилло»-ӣ пай-

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 149.
[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

васт мекард ва роҳи асосии савдои ҷаҳонӣ аз Туркия мегузашт, барои ҳамин абарқудратҳо аз ин вазъият истифода бурда, хостанд, ки қаламрави онро ба даст оранд.

Австрия мехост, ки князгариҳои назди Дунай, Франсия бошад Миср, Сурия ва дигар минтақаҳоро ба хотири ҳукумрон шудан дар шарқи баҳри Миёназамин ба даст оранд. Англия, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле тараққӣ карда буд, бисёртар мехост тамоми Туркияро пайрави худ гардонад. Россия орзуи Қавқоз ва назорат аз болои баҳри Сиёҳ ва гулӯгоҳҳои Босфору Дарданелро мекард, то ки озодона ба баҳри Миёназамин баромадани худро таъмин кунад. Агар Россия ин мавзеъҳоро соҳиб мешуд сарҳади ҷанубии он аз хатар эмин мемонд. Пас маълум мешавад, ки дар ҳалли «Масълаи Шарқ» ҳар кадоме аз давлатҳои бузурги Европа манфиатҳои худро дошта, мехостанд, ки онро ба фоидаи худ ҳал намоянд. Дар ҳалли «Масъалаи Шарқ» ҳукумати рус ба алоқаҳои деринаи иқтисодӣ, маданӣ-динӣ, ки байни халқҳои Балкан ва Россия вуҷуд доштанд, такя мекард.

Сабаби дигари ба вуҷуд омадани «Масъалаи Шарқ» ин буд, ки то солҳои 20-уми асри XIX давлатҳои бузурги европоӣ масъалаҳои асосии ҳалталаби Европаи Ғарбиро ҳал карданд (охири асри XVIII мубориза зидди инқилоби Франсия ва зидди Наполеон ва дигар инқилобҳоро пурра ҳал карданд).

Ҳанӯз дар замони ҳукумронии Александри I соли 1821 зидди зулми туркҳо дар Юнон шӯриш ба вуҷуд омад. Гарчанде ки юнониҳо ба ёрии русҳо мӯҳтоҷ буданд ва онро талаб мекарданд, аммо Александри I онҳоро дастгирӣ карда натавонист. Николай бошад чунин мепиндошт, ки шартномаи Андрианопол ба ӯ имконият медиҳад, ки дар Константинопол ҳамагуна зуҳуроту таъсироти зиддирусиро аз байн хоҳад бурд. Аммо масъалаи Шарқ боз баъди чанд соли шартномаи Россия ва Туркия сар зад, аммо ин даъфа на бо айби Россия.

**Низои якуми Туркия ва Миср (с. 1932).** Сухан дар бораи он меравад, ки Туркияи Усмонӣ ба зинаи нави таназулёбии худ ворид шуда, вассали он пошои Миср Муҳаммад-Алӣ, бар зидди он хест. 27 майи соли 1832 Сурия ба дасти мисриён гузашт. 21 декабри соли 1832 дар муҳорибаи назди Қуния низ туркҳо шикаст хӯрданд. Роҳ ба сӯи пойтахти Туркия кушода гардид.

Дар ҳамин шароит султони Туркия маҷбур мешавад, ки ба бузургдавлатҳои европоӣ муроҷиат намояд. Аммо Франсия ошкоро Муҳаммад Алиро дастгирӣ карда, дар асл тамоми дастовардҳои ҳарбии ӯ тавассути маслиҳати машваратчиёни ҳарбӣ ва яроқи франсузӣ ба даст омад. Париж дар симои пошои Миср ислоҳотчӣ ва такягоҳи таъсири Франсияро дар минтақа медид. Лондон ҳам аз ёрӣ расондан ба Муҳаммад Алӣ даст накашид, аммо Бри-

тания ин вақт ба масъалаи Ирландия банд буд. Барои ҳамин ночор шуда, султони Туркия Маҳмуди II аз Петербург ёрӣ пурсид[1].

Ҳамин тавр, вазъияти Туркия хеле бад гардид. Пошои Миср Муҳаммад Алӣ бо ёрию дастгирии Франсия бар зидди Туркия лашкар кашид. Султони Туркия дар навбати худ аз Россия мадад пурсид. Ба фармони Николайи I эскадраи рус зери фармондеҳии адмирал Лазарев аз Севастопол ба тарафи соҳилҳои Туркия равон шуд. Ҳамин тариқ, қувваҳои баҳрии Россия ба ёрии Туркия рафта, феврали соли 1833 ба Босфор ворид мешаванд. 20 феврали соли 1833 эскадраи баҳри Сиёҳи Россия ба наздикии Константинопол расиданд ва моҳи апрел сипоҳи десантии рус ба хоки Туркия фуромаданд.

Охири моҳи апрел Британия ва Франсия бошад аз вазъияти ба амал омада, яъне аз омадани русҳо хавотир шуда, душманони дирӯза – султони Туркия ва ҳокими Мисрро оштӣ доданд ва аз обҳои Туркия берун баровардани эскадраи русиро талаб намуданд. Тибқи сулҳномаи Туркия бо мисриён Муҳаммад - Алӣ ба тамоми Сурия ва музофоти Адан соҳиб шуд ва барои дохил шудан ба Осиёи Хурд такягоҳи қуллайро ба даст даровард.

***ШартномаиУнкяр-Искелеси.*** Бо ин нигоҳ накарда, султони Туркия аз таҳдиди навбатии ҳокими Миср ҳарросида, 26-уми июни соли 1833 дар мавзеиУнкяр-Искелеси бо Россия дар бораи ҳамкорӣ шартномаро мебандад. Шартномаи мазкур ба Туркия дар вақти ба вуҷуд омадани низои нави турку мисрӣ ёрии Россияро кафолат медод. Дар моддаи махфии он султони Туркия ба зиммаи худ ӯҳдадориро гирифт, ки тибқи он султон бо талаби аввалини Россия гулӯгоҳҳои Босфор ва Дарданелро барои киштиҳои ҳарбии давлатҳои Ғарб мебандад. Ҳамин тавр, Британия ва Франсия аз роҳи ягонае, ки метавонистанд тавассути он аз ҷануб ба Россия зарба зананд, маҳрум гардиданд, давлатҳои марказӣ – Пруссия ва Австрия бошад барои Россия хатар надоштанд. Зеро дар соли 1833 дар бораи иттифоқи зиддирусӣ сухан ҳам рафта наметавонист. Яке аз сабабҳои он ин ба ҳам наздик омадани Россия, Пруссия ва Австрия буд[2].

**Конференсия ё анҷумани монархҳо дар Мюнхенгретс.** Соли 1833 Анҷумани се монарх – Австрия, Россия, Пруссия шуда гузашт. Дар рафти ҷамъомади мазкур дар 18 сентябри соли 1833 дар Мюнхенгретс (ҳозира Мнихово-Градиште, Чехия) Николай бо омодагии пурра ба Меттерних дар мубориза бар зидди инқилобҳои европоӣ ёрӣ расонданро ваъда дода буд. Ба ивази ин, Австрия ба имзо намудани конвенсияе розӣ шуд, ки тибқи он ҳар ду давлат ӯҳдадор шуданд статус-кворо дар Туркия дастгирӣ менамоянд ва дар вақти таназзулёбии маризи европоӣ дар рӯҳияи пурраи ҳамраъйии ҳамдигарӣ

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 216 – 217.

[2]Ниг.: История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 151 – 152.

дар самти муайян намудани тақдири мероси Туркия амал менамоянд. Он чизе, ки ба Франсия дахл дорад, дар ин вақт баъзе наздикшавии Луи Филипп бо бузургдавлатҳои континенталӣ ва мувофиқи он хунукшавии муносибат байни Лондон ва Париж ба назар мерасид. Англия ва Франсия дар Испания ва Мағриб ва ҳам барои доираи таъсир дар Туркия байни худ рақобат мекарданд[1].

Ҳамин тавр, натиҷаи бастани шартномаи мазкур дар самти сиёсати шарқиназдикӣ дастоварди бузурги дипломатияи рус гардида, он таъсири давлатҳои ғарбиро дар Туркия суст ва мавқеи дипломатияи русро дар Константинопол мустаҳкам намуд. Ин шартнома нишон дод, ки мувозинати европоӣ аз миён бардошта шуд, аз ин пас Россия дар Европа чизеро мехост, онро мекард.

**Низои дуюми Туркия ва Миср (с. 1939). Конференсияи Лондон.** Соли 1839 низои дуюми Туркия бо Миср сар зад ва артиши туркҳо дар рафти он боз шикаст хӯрд. Тамоми давлатҳои бузурги европоӣ ба рафти он мудохила карданд.

Британияи Кабир, бо мақсади барҳам задании таъсири аҳдномаҳое, ки ба Россия дар Балкан имтиёзҳои зиёд оварданд, тобистони соли 1840 дар Лондон конференсияи давлатҳои манфиатдорро даъват кард. Дар нишаст байни Британия, Россия, Австрия ва Пруссия дар бобати Туркия 15 июли соли 1840 созишномае имзо карда шуд, ки дар таърих бо номи «Конвенсияи Якуми Лондонӣ» машҳур аст. Мувофиқи он тамомияти арзии Туркия таҳти муҳофизати дастаҷамии чор давлати аҳдкардагӣ гузашт. Бинобар ин, Россия аз мавқеи ба дастовардаи худ дар Туркия даст кашид. Тобистони соли 1841 давлатҳои бузурги Европа ва Туркия Конвенсияи дуюми Лондонро имзо гузоштанд. Он асосан ба масъалаи низоми киштиронӣ дар Босфор ва Дарданел дахл дошт. Конвенсяи қарор дод, ки киштиронӣ дар ин гулӯгоҳҳо зери назорати байналхалқӣ дароварда шавад ва онҳо барои киштиҳои ҳарбии тамоми давлатҳо баста эълон шуданд. Бастани Конвенсияи соли 1841 заифии Империяи Туркияи Усмониро нишон дод, ки он акнун қудрат надорад ин гулӯгоҳҳоро зери назорат гирад ва он мудохилаи давлатҳои ғарбиро ба корҳои дохилии он зиёд кард. Ин конвенсия шартномаи Ункяр-Искелесиро иваз кард[2].

Шикаст дар Ҷанги Қрим, ки мавзӯи алоҳидаи баҳс аст, Россияро аз имконияти мустаҳкам намудани мавқеи худ дар Шарқи Наздик маҳрум намуд, он ҳукумати шоҳиро маҷбур кард, ки таваҷҷӯҳи худро ба Шарқи Дур бисёртар намояд.

---

[1] История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 212 – 213.

[2] Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 244 – 245.

Хулоса, Масъалаи Шарқ Иттифоқи Муқаддасро на танҳо вайрон, балки ба хок яксон намуд: ягон бузургдавлати европоӣ дар он вақт омода набуд, ки дар асоси принсипҳои легитмизм оид ба мероси империяи харобшудаи Усмониён дуруст хулоса бароранд. Маҳз дар нимаи аввали асри XIX муайян гардид, ки дар он шароитҳо консерти европоӣ қодир набуд, ки роҳи ҳалли барои ҳамаи давлатҳо мазкур қонеъкунандаи масъалаи мазкурро дарёбад. Дар ҳолати зарурӣ, бузургдавлатҳо қодир буданд тамоми қувваи Европаро бар зидди мамлакати таҷовузкор равона намуда, метавонистанд ҷанги бузурги европоиро бартараф намоянд.

Ғайр аз ин, дар Россия натиҷаи муборизаҳои дипломатиро дар атрофи Масъалаи Шарқ дар солҳои 1820 – 1840 дуруст дарк накарданд, дар Петербург хаёл намуданд, ки воқеаҳои солҳои 1839 – 1841 муносиботи англо-фрасузиро бебозгашт вайрон карданд ва баръакси кор Петербург муносиботашро бо Австрия назидктар кард. Барои ин хатогӣ Россия дар Ҷанги Қрим талафоти калони ҳарбию дипломатӣ дод.

## 4. 6. ВАЗЪИЯТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ШМА ДАР НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX

**Ташаккулёбии стратегияи сиёсати хориҷии ШМА.** Таъсисёбии ШМА дар мафкураи асосгузоронаш масъалаи муайян намудани стратегияи сиёсати хориҷии онро ба вуҷуд овард. Маълум буд, ки хатари асосӣ барои ШМА аз ҷониби давлатҳои европоӣ вуҷуд дошт. Аз ҷаниби ғарби қитъаи Америка бошад мумкин Россия, ки Аляскаро дар ихтиёр дошт, ба сиёсати минтақа таъсири худро зиёд мекард. Барои ҳамин, масъалае ба миён омад, ки рақибон ва иттифоқчиёни потенсиалии ШМА-ро бояд муайян кард, ки оид ба ин дар маъмурияти давлатӣ ду гурӯҳ ё ақида ба вуҷуд омаданд, ки поёнтар оид ба онҳо сухан меравад.

Аввалин президенти ШМА мувофиқи конститутсияи нав Ҷорҷ Вашинтон (с. 1789 – 1797) интихоб гардида буд. Баъди Ҷ. Вашингтон бошад Ҷон Адамс (с. 1797 – 1801) президенти ШМА интихоб гардида буд. Дар ҳукумате, ки онро Ҷорҷ Вашингтон роҳбарӣ мекард, ду ходими калони сиёсӣ – Томас Ҷефферсон ва Александр Гамилтон фаъолият мекарданд, ки дар сиёсати давлати ҷавони Америка ду роҳи аз ҳам алоҳидаро пайгирӣ мекарданд. Роҳбари федералистон А. Гамилтон нақшаи бартараф намудани мушкилиҳои молиявии ҷумҳуриро коркард намуд, ки аз ҷониби тоҷирон, бонкдорон, саноатчиён ва қаллобони Шимол дастгирӣ ёфт. Ӯ тавассути гузарондани якчанд чораҷӯиҳои молиявӣ, хост, ки мавқеи қарзи давлатӣ баланд бардошта шавад ва қурби асъори миллӣ – доллар, ки соли 1785 ба муомилот бароварда шуд, мустаҳкам гардонда шавад. Аз рӯи лоиҳаи А. Гамилтон, инчунин соли 1791 Бонки миллӣ таъсис ёфта буд, ки он мубодилаи пулиро ба танзим дароварда, баробари ин, аксарияти саҳмияи он дар дасти хориҷиён, хусусан англисҳо буд. Баъди ҷанг барои истиқлолият низ ШМА аз нигоҳи иқтисоди тобеи сармояи Англия монда буд, барои ҳамин федералистон, чун ифодакунагони манфиати сармояи шимолӣ дар сиёсати хориҷии худ самти англисиро интихоб карда буданд. Зеро Британия ба гуфти А. Гамилтон шарики табиии тиҷоратии ШМА буд. Ҳамин тавр, нуқтаи назари якумро вазири молия Александр Гамилтон ва тарафдоронаш ҳимоя мекарданд, ки хостори наздикшавии ШМА бо Англия буданд. Ба ақидаи ӯ ШМА набояд бо ҳиссиёти абстрактии сипосгузории худ дар муносибат бо Франсияву Испания барои ёрӣ намудан дар ҷанг барои истиқлолият побанд монад[1]. Зеро худи Франсия ва Испания низ эгоистона амал намуданд ва ба хотири он ба ҷанг даромаданд, ки Англияро заиф намоянд. Дар муносибат бо Франсия А. Гамилтон ба фикре омада буд, ки бояд интихобан шартномаи иттифоқии соли 1778 - ро риоя намоянд. Риояи интихобӣ – расму қоидаи дипломатӣ мебошад, ки мувофиқи он яке аз тарафҳои шартномабаста қарордодҳои муайянро қисман риоя менамояд. Президент Ҷ. Вашигтон бо фикри А. Гамилтон розӣ буд ва

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 107.

22 апрели соли 1793 бо прокламатсия оид ба бетараф будан дар муносибат бо ҷангҳои Европа баромад намуд.

Рақибони гурӯҳи А Гамилтон, бо сарварии котиби давлатӣ Томас Ҷефферсон амал намуда, тарафдори Франсия ба ҳисоб мерафтанд, аммо наздикшавии маҳдудона бо давлати мазкур, бо сабаби оне, ки дар ватани франсузҳо Инқилоби бузурги Франсия сар зада буда, барои ҳамин онҳо ба худ номи ҷумҳурихоҳонро гирифтанд. Ин гурӯҳ рӯҳияи фермерҳо ва қисман заминдорони плантатории ҷанубро ифода намуда, бар зидди сиёсати А. Гамилтон баромаданд. Аммо гурӯҳи мазкур он вақт нақшаҳои мушаххаси иқтисодӣ надоштанд. Ба ин нигоҳ накарда, фикрҳои худро пешниҳод карда, ба назари Томас Ҷефферсон барои ШМА аз ҳам зиёд аз худ хатарро Британия ба вуҷуд меорад, зеро он Канадаро соҳибӣ намуда, қувваҳои пурзӯри ҳарбӣ-баҳрӣ дорад. Дар чунин вазъият шарикӣ намудан бо Франсия ва Испания метавонад тавоноии қувваи ШМА-ро бо Британия дар Олами Нав рақобатпазир намояд.

**Сиёсати ШМА дар давраи президентии Томас Ҷефферсон (с. 1801 – 1809).** Дар ибтидои асри XIX федералистон, ки бо сиёсати реаксионии худ норозигии оммавиро ба вуҷуд оварда буданд, маҷбур шуданд, ки ҳокимияти олиро ба ҷумҳурихоҳон гузашт намоянд. Томмас Ҷефферсон президенти ШМА интихоб гардид, ки дар ин мақом вай ду мӯҳлат кор кард (с. 1801 – 1809). Демократи инқилобчӣ, муаллифи «Эъломия дар бораи мустақилият» буда, дар мансаби президентӣ худро шахси аз ҳад зиёд мӯътадил нишон дод. Рушди иқтисодӣ ва сиёсии мамлакат асосан бо роҳи пешина сурат мегирифт. Ӯ ҳамчун тарафдори мустақилияти штатҳо, ки ба федератсия даромада буданд, ном бароварда буд, акнун Т. Ҷефферсон тарафдори давлати воҳиди федеролӣ буд[1].

Ҳодисаҳои намоёни он давра ин дар соли 1803 харид намудани Луизиана аз Франсия буд. Ин ҳудуди калон ва камаҳолӣ, ки ғарбтар аз Миссисипи ҷойгир буда, қаламраваш 2 100 000 км$^2$ (штати ҳозираи Луизиана, танҳо қисмати хурди онро дар бар мегирад) буда, то он вақт ба Франсияи Наполеонӣ тааллуқ дошт.

Аз соли 1762 Луизиана мустамликаи Испания буд. Дар ин ҷо Орлеани Нав воқеъ буда, тавассути мавқеи қуллай ишғол кардани шаҳри мазкур метавонистанд дарёи Миссисипиро пурра назорат намоянд, ки он яке аз манбаъҳои асосии обии Америкаи Шимолӣ ба ҳисоб мерафт. Мувофиқи шартномаи Пинкни (аз номи дипломат ва ходими сиёсии америкоӣ Томас Пинкни) аз 27 октябри соли 1795, ки бо Испания дар Мадрид баста шуда буд, шаҳрвандони америкоӣ ҳуқуқ гирифтанд, ки тавассути бандари Орлеани Нав тиҷорати содиротиро баранд. Шартнома инчунин дигар ҳуқуқҳоро низ ба америкоиҳо дод. Соли 1798 бошад Испания шартномаи мазкурро яктарафа бекор кард, ки ин амал роҳбарияти ШМА-ро сахт нигарон намуд. Соли 1801

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 363.

бошад губернатори Испанӣ Дон Хуан Мануэл де Салседо боз ҳуқуқи америкоҳоро дар самти кашондани мол тавассути бандари Орлеани Нав барқарор намуд. Соли 1800 бошад тибқи шартномаи Сан-Илдефонсо Испания ҳуқуқи назорат аз боли Луизинаро ба Франсия дода буд. Аммо шартномаи мазкур махфӣ буда, ба назар гирифта шуда буд, ки то замони пурра ба зери назорати Франсия гузаштани Луизиана, он аз нигоҳи ҳуқуқӣ зери Испания мебошад. Ба таври ниҳоӣ ба зери назорати Франсия гузаштани Луизиана 30 ноябри соли 1803, яъне танҳо се ҳафта пеш аз фурӯхтани он ба ШМА, сурат гирифта буд.

Дар ШМА дар масъалаҳои алоқаманд бо Луизина тарсиданд, ки мумкин ҳуқуқи тиҷоратии худро тавассути Орлеани Нав аз даст медиҳанд. Президент Томас Ҷефферсон барои бурдани гуфтушунидҳои пешакӣ ду намояндаи худ – Ҷеймс Монро ва Роберт Ливингстонро ба Париж фиристонд. Ба сифати объекти ба даст дароваранда танҳо Орлеани Нав ба назар гирифта шуда буд. Онҳо 10 апрели соли 1803 ба Париж расиданд. Ҳамон рӯз Наполеон ба вазири молияи худ Франсуа де Барбе-Марбуа супориш дод, ки ба америкоиҳо расонад, ки ӯ розӣ аст тамоми қаламрави Луизианаро ба ШМА мефурӯшад. Аммо дар ШМА ягон кас дар фикр ҳам набуд, ки кор ранги дигар мегирад, 11 апрели 1803 Маркиз де Барбе-Марбуа ба сафирони ШМА пешниҳоди дигари барои америкоиҳо комилан ғайриинтизор, яъне нияти Наполеонро пешкаш менамоянд. Яъне франсузҳо омода ҳастанд на танҳо Орлеани Нав, балки пурра Луизианаро ба ШМА фурӯшанд. Ба Наполеон дар ин давра барои бурдани ҷанг бо Англия маблағи пулӣ бисёр зарур буд.

То ин дам сафирони ШМА омода буданд, ки танҳо шаҳри Орлеани Навро ба ивази 10 миллион доллари америкоӣ харид кунанд, аммо вақте ки ҷониби Франсия фурӯхта додани тамоми Луизианаро ба ивази 15 миллион доллар пешниҳод карда буд, америкоиҳо дар ҳайрат заданд. Шартнома дар бораи хариду фурӯш 30 апрел тартиб дода шуда, 2 майи соли 1803 баста шуд. Нусхаи шартномаи басташуда ба Вашингтон 14 июли соли 1803 расид. Бо ҳамин территорияи ШМА қариб ду маротиба зиёд гардид.

Баробари ин, дар давраи мазкур дар сиёсати хориҷии худ ШМА аз ҷангҳои инқилобии Франсия ва ҷангҳои Наполеонӣ низ суд мегирифтанд. ШМА ҳар ду тарафи ҷангкунандаро бо маҳсулоти хӯрока таъмин мекард ва аз ин фоидаи калон мегирифт. Аз ин пас флоти тиҷоратии онҳо қувват гирифта, нақши он низ афзуд. Ин сабаби тезу тундшавии муносибот миёни ШМА ва Англия гардида буд. Англия ҳатто кӯшиш намуда буд, ки роҳи соҳилҳои Америкаро бандад. Дар ҷавоб ШМА баъзе манъкунии тиҷоратиро эълон намуд ва соли 1807 бошад эмбарго (блокадаи иқтисодӣ), яъне манъкунии умумӣ ба воридот ва содиротро эълон намуд. Натиҷаи асосии муҳими эмбарго он шуд, ки манъ шудани воридоти маҳсулоти саноатии хориҷӣ боиси он гардид, ки саноати худии америкоӣ рушд ёбад.

**Ҷанг бо Англия (с. 1812 – 1814).** Низоъҳо дар баҳр бо Англия баҳонаи асосӣ шуданд, ки оқибат тобистони соли 1812 байни ду давлати

мазкур ҷанг оғоз шавад. Агар Англия дар ҷанги мазкур кӯшиш мекард ШМА-ро ба худ тобеъ намояд, пас дар ШМА бошад доираи таъсиррасон кӯшиш мекарданд, ки дар баробари зада гардондани амалиётҳои душманонаи Англия, заминҳои ҳамсояи ба Британия тааллуқ доштаро низ забт намоянд. Яъне ШМА бори нахуст иддаои ба даст овардани Канадаро ба миён гузошт[1].

Ҷанг дар хушкӣ барои артиши заифи ШМА натиҷаҳои мусбиро ба бор наовард, аммо дар баҳр бошад америкоиҳо дар давраи аввал ғалабаҳоро ба даст даровараданд. Майдони асосии ҷанг дар кӯлҳои Бузург, қарибии сарҳади Канада буд. Дар ҷанг аз тарафи Англия ҳиндуҳо ҳам иштирок доштанд, ки онҳор пеш аз ин ҳам Британия бо яроқ таъмин мекард. Ҳиндуҳо мехостанд бо дастгирии Британия Иттиҳоди бузурги байниқабилавии худро таъсис диҳанд. ШМА ҳам кӯшиш мекард, ки ҳиндуҳоро аз ҷониби худ ба ҷанг кашад, аммо натиҷаи мусбиро ба даст наовард.

Соли 1814, баъди ба охир расидани ҷанг бар зидди Наполеон дар Европа, англисҳо ба Америка қувваҳои навро фиристонданд. Онҳо Вашингтонро забт намуда, бинои Конгресс – Капитолийро сӯзонданд.

Ҷанги мазкур дар Англияи Нав ва штати Ню - Йорк, ки бо Англия алоқаи мустаҳками иқтисодӣ доштанд, дастгирӣ наёфт. Дастаҳои Ню-Йорк ҳатто дар ҳолатҳои мушкил баромад намудан берун аз штати худ ҳам даст кашида буданд. Англияи Нав бошад дар давраи ҷанг ҳам тиҷорати худро бо Канада мебурд, яъне тибқи ин рафтор агар гирем, артиши Англия дар Канада бо маҳсулоти америкоӣ хӯронда мешуд. Англияи Нав дар давраи ҷанг аз ҳисоби тиҷорати хориҷии худ хеле бой гардид, зеро савдо дар шароити блокадаи баҳрӣ қариб, ки танҳо тавассути қаламрави он сурат мегирифт. Дар дигар қисматҳои мамлакат бошад ҷанг таъсири манфии худро ба ҳаёти хоҷагӣ расонда буд. Дар Англияи Нав ҳатто нақшаҳои ҷудо шудан аз ШМА ва ба ҳайати Канада даромадан низ садо доданд. Дар охири ҷанг соли 1814 федералистон дар Хартфорд (штати Коннектикут) бо ин мақсад машварати махсусро низ даъват карда буданд, аммо бастани сулҳ нақшаҳои онҳоро барбод дода буд.

Шартномаи сулҳ 24 декабри соли 1814 дар Гент баста шуд. ШМА истиқлолият ва тамомияти арзии худро нигоҳ дошт, аммо васеъкунии қаламравашро ба даст наоварданд. Англисҳо нақша доштанд, ки дар қитъаи Америка давлати ҳиндуҳоро таъсис медиҳанд, аммо ба таври осон аз он даст кашиданд ва тақдири иттифоқчиёни худ – ҳиндуҳоро ба дасти америкоиҳо супориданд. Бо ҳамин, забт намудани заминҳои ҳиндуҳо дар даҳсолаҳои аввали асри XIX бо суръати баланд зиёд гардид. Ҳиндуҳоро аз Миссисипи он тараф танг карда бароварданд. Солҳои 30 - юм охирон қабилаҳои ҳиндуи Ҷануб – крикҳо ва чирокҳо ба он тарафи Миссисипи бадарға карда шуданд. Хулоса, дар шимол за-

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университетi, 1998. С. 190.

минҳои онҳоро фермерҳо ва дар ҷануб бошад плантаторҳо гирифта, ба самти ғарб бошад ҳар ду як ҷо ронда шуданд[1].

Аммо ҳар ду тарафи ҷангкунандаи сулҳи Гентро ғалабаи худ маънидод мекарданд. Британия Канадаро дар ихтиёри худ нигоҳ дошта, Вашинтонро ба коми оташ фурӯъ бурд. ШМА гардондани зарбаи қувваҳои дестантии Англия ва барқарору ҳифз нигоҳ доштани статус-квои пеш аз давраи ҷангиро ғалабаи худ мешуморид. Забти Вашингтон нишон дод, ки ШМА ҳоло ҳам барои давлати европоӣ, агар он давлат артиши тавонои хушкигардро ҳам надошта бошад, кушода мебошад. Барои ҳамин, дар назди роҳбарияти Америка кӯшишҳое ба миён омад, ки тибқи он зарур шумориданд баланси қувваҳоро дар Европа дастгирӣ намоянд.

Ҳамин минвол, муаллифи стратегияи нави сиёсати хориҷии ШМА ҳам Томас Ҷефферсон гардид. Собиқ президенти ШМА бисёртар аз он нигарон шуд, ки ин ҳам бошад ҷой доштани имкониятҳои давлатҳои европоӣ дар доираи сиёсати зиддиамерикоӣ муттаҳид гарданд. Дар натиҷа таълимоти Т. Ҷефферсон шакл гирифт. «Доктринаи Ҷефферсон» - ин консепсияи сиёсати хориҷие мебошад, ки мувофиқи он ШМА ба воситаи фаъолияти пешгирикунандаи худ ӯҳдадор мебошад, ки муттаҳидшавии захираҳои Европаро бартараф намуда, бар зидди давлат-довталаб ба гегемонияи европоӣ баромад намояд.

Ақидаҳои Т. Ҷефферсон (он ҳам бошад моҳиятан нусхабардорӣ кардани сиёсати Британия дар Европа)-ро президент Ҷ. Мэдисон ва котиби давлати Ҷон Куинси Адамс дастгирӣ намуданд. Дар Европа баланси қувваҳо, ки табиатан офарида шудааст, мавҷуд аст. Он аз ҷониби таҷриба ва одатҳо тасдиқ шудааст ва бояд абадан ҳастӣ намояд. Аз ин ҷо ду вазифаи сиёсати хориҷии ШМА бармеоянд: 1) Рақиберо дар Европа муайян намуд, ки он барои гегемон шудан перспективаи ояндадор дорад; 2) барои кам намудани захираҳои рақиби мазкур як қатор тадбирҳои пешакӣ дида шаванд.

Муборизаи мустамликавии Англия ва Франсия ба Америкаи Шимолӣ принсипи суверенитети сулҳи Вестфалиро содирот намуд. Аммо маҳз дар Америкаи Шимолӣ ин принсип баъди соли 1648 бори нахуст ба трансформатсия рӯбарӯ шуд. Давлати нав – ШМА – дар асоси принсипи ҳуқуқи миллатҳо дар амал тадбиқ намудани «ҳуқуқҳои табиӣ»-и худ эълон карда шуд. Ба ивази «суверенитети давлатӣ»-и классикии Европа, дар Америкаи Шимолӣ бори нахуст «принсипи суверенитети миллӣ» барқарор карда шуд, ки он бошад дар асри XIX ба асоси сиёсати европоӣ табдил ёфт[2].

**Созиши Миссури.** Созиши Миссури дар натиҷаи аввалин бӯҳрони сиёсии умумимиллии ШМА оид ба масъалаи ғуломдорӣ дар солҳои 1819 – 1820 ба вуҷуд омада буд. Соли 1820 қарор карда шуд, ки минбаъд дар заминҳои

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 364 – 365.
[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 109.

ғарбтар аз дарёи Миссисипи, ки шимолтар аз 36°30' ҷойгир ҳастанд, ғуломдорӣ иҷозат дода намешавад.

Территорияи «Миссури», ки аз ҳисоби Луизианаи харид шуда ҷудо карда шуд, талабот ба миён гузошт, ки онро ба сифати штат ба ҳайати федератсия қабул намоянд ва дар конгресс пешниҳод пешкаш карда шуд, ки агар ба шарте, ки дар он ҷо зина ба зина барҳам додани ғуломдорӣ сурат гирад. Дар чунин ҳолат Шимол бояд дар сенат аксарияти овозҳоро ба даст меовард. Ғуломдорони Ҷануб бошад эътироз баён намуданд. Муборизаи онҳо тамоми малакатро фаро гирифт. Ва оқибати амр бо ном Созиши Миссури ба даст омад. Ҳамзамон бо Миссури ба иттифоқ штати шимол-шарқии Мэн (аз Массачусетс ҷудо карда шуд) низ қабул карда шуд, ки дар қаламрави он ғуломдорӣ набуд. Баробари ин бе овозу оромӣ ба назар гирифта шуда буд, ки дар Миссури ғуломдорӣ иҷозат дода мешавад. То ин дам дар ШМА 22 штат буданд, аз оно 11 аз ғуломдорӣ озод ва 11 бошад ғуломдорӣ доштанд. Бо ҳамин ба сифати штат пазируфтани Мэн (аз ғуломдорӣ озод) ва Миссури (ғуломдорӣ иҷозат дода шуд), мувозинати онҳо боз баробар нигоҳ дошта шуд. Аммо муқаррар карда шуд, ки дар минбаъда дар заминҳои ғарбтар аз дарёи Миссисипи, ки шимолтар аз 36°30' ҷойгир ҳастанд, ғуломдорӣ иҷозат дода намешавад. Созиши Миссури гузашткунии калони буржуазияи Шимол ба ғуломдорон буд[1].

**Вазъияти байналхалқӣ ва Доктринаи Монро.** Дар давраи мазкур дар доираи сиёсатмадорони америкоӣ назарияҳое паҳн гардиданд, ки гӯё худи тақдир муайян намудааст, ки ШМА бояд пурра қитъаи Америкаи Шимолиро соҳибӣ намояд. Назарияҳои мазкур дар чоряки дуюм ба шиори «Manifest Destiny» – «Нишонаи тақдир» табдил ёфтанд. Аммо нигоҳи экспансионистон берун аз қаламрави Америка Шимолӣ ба самти Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ низ паҳн гардид, ки он ифодаи худро дар Доктринаи машҳури Монро дарёфт[2]. Дар ҳамин вақт Англия ба ШМА пешниҳод намуд, ки бар зидди мудохилакунии «Иттифоқи Муқаддас» ба корҳои давлатҳои нав истиқлолият ба даст даровардаи Америкаи Лотинӣ якҷоя зид бароянд ва аз худ амалкарде нишон диҳанд.

Дар ҳамин давра дар сиёсати хориҷии Англия тағйирот ба вуҷуд омад, ки он ба номи вазири корҳои хориҷӣ Ҷорҷ Каннинг вобаста аст. Ӯ сентябри соли 1822 ба ин мақом таъйин гардида, дарк мекард, ки ашрофзодагон дер ё зуд бояд ба гузашткунӣ даст зананд, агар хоҳанд, ки аз инқилоб халос хӯранд, ки дар рафти он бошад пролетариат ба тарафи буржуазия мегузарад, ба буржуазия бояд бархе ҳуқуқҳоро ато намоянд. Ӯ намехост, ки бар зидди давлатҳои Америкаи Лотинӣ интервенсия ташкил карда шавад. Бо ҳамин, фиристодаи ӯ дар конгресси Верона Веллингтон, ҳамчун намояндаи Англия, қатъиян бар зидди интервенсияи Франсия ба Испания баромад кард. Баъди ин Ҷорҷ Каннинг сафири ШМА Ричард Рашро ба назди худ даъват намуда, оид ба ҳамфикр будан

---

[1]Согрин В. В. Политическая история США. XVII – XX вв. М.: Весь мир, 2001. С. 124.

[2]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 368.

ва якҷоя амал намудан дар масъалаи истиқлолияти мустамликаҳои Испания дар Америкаи Лотинӣ маслиҳат намуд. Вазири корҳои хориҷии Англия дар мактуби ғайрирасмии худ ба номи Раш қайд карда буд, ки Испания мустамликаҳои худро ба таври абадан аз даст дод ва Англияю ШМА-ро зарур аст, ки онҳоро ба расмият шиносанд. Баробари ин, вай Рашро бовар кунонд, ки Англия ба ин мустамликаҳо даъвои территориявӣ надорад, аммо роҳ ҳам намедиҳад, ки онҳо аз ҷониби дигар кишварҳо забт карда шаванд. Тарафи Лондон хостори он буд, ки Британия ва ШМА дар муносибат бо мустамликаҳои собиқи Испания якҷоя амал намоянд[1]. Моҳияти пешниҳоди Каннинг аз он иборат буд, ки Англияе, ки то ин дам душмани ШМА буд, акнун ба он иттифоқро пешниҳод менамояд.

Президенти ШМА Ҷеймс Монро хабари мазкурро аз Раш тавассути депеша гирифта, пеш аз он ки масъаларо барои баррасӣ дар ҷаласаи ҳукумат монад, нусхаи онро ба собиқ президентони ШМА – Т. Ҷефферсон ва Ҷеймс Мэдисон фиристонд, то ки фикри худро оид ба он пешниҳод намоянд.

Дар ҷавобномаи Т. Ҷефферсон аз 24 октябри соли 1822 гуфта шуда буд, ки «Вазифаи аввалиндараҷа ва асосии мо – ин дахолат накардан дар низоъҳои европоӣ мебошад. Дуюмаш, аз роҳ надодан ба ҳаргуна мудохилаи Европа ба корҳои ин сӯи Атлантика иборат мебошад. Америка (ҳам Шимолӣ ва ҳам Ҷанубӣ) доираи махсуси манфиатҳои худро дорад, ки аз манфиатҳои европоӣ фарққунанда мебошанд. Агар Британияро ҷонибдорӣ худ дошта бошем, мо метавонем аз тамоми ҷаҳон натарсем». Ҳамин тавр, Т. Ҷефферсон тарафдори иттифоқи зич доштан бо Англия баромад кард. Ӯ ҳатто тайёр буд, ки бо Англия якҷо ба ҷанг равад. Аммо Т. Ҷефферсон ба хулосае омад, ки агар Англия бо мамлакатҳои ду қитъаи Америка муттаҳид гардад, пас ҳатто тамоми Европа бар зидди онҳо ба ҷанг намедарояд, зеро бартарии флот ба тарафи Англия ва Америка мебошад. Баробари ин, Т. Ҷефферсон пешниҳод намуд, ки бар зидди иттифоқи ғайриқонунӣ, ки худро «Муқаддас», яъне Иттифоқи Муқаддас, ном мегирад, эътироз баён карда шавад.

Ҷ. Мэдисон на танҳо бо Т. Ҷефферсон ҳамфикр буд, инчунин пешниҳод намуд, ки бар зидди воридшавии Иттифоқи Муқаддас ба Испания ва дахолат намудани он ба корҳои Юнон эътироз баён карда шавад.

Ҷеймс Монро мумкин бо ин розӣ мешуд, аммо статс-котиби ӯ Ҷон Куинси Адамс (писари Ҷон Адамс) ва баъзе аз аъзоёни ҳукумат бар зидди лоиҳаи Монро – Ҷефферсон – Мэдисон баромаданд. Адамс нисбат ба президент ва ду машваратчии дар боло овардашудаи ӯ, мазмун ва моҳияти пешниҳоди Каннингро дурусттар дарк карда буд. Яъне қабул намудани пешниҳоди Англия ШМА-ро ба иттифоқчии Британия табдил медод, аммо он, инчунин ба Лондон ҳуқуқ медод, ки ба корҳои Америка дахолат намояд. Адамс пешниҳод

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 192.

намуд, ки ШМА бояд мустақилона баромад намояд, ки сиёсати он мустақиман бо пешниҳоди Каннинг алоқаманд набошад, аммо моҳиятан бо он мувофиқ бошад. Адамс мефаҳмид, ки Англия бар зидди ШМА намехезад. Зеро манфиатҳои европоӣ Англияро маҷбур кардаанд, ки дар ин масъала бо ШМА муносибати дӯстонаро ишғол намояд. Барои ҳамин, Адамс дарк намуд, ки Англия нисбати ШМА мавқеи хубро ишғол менамояд ва қарор дод, ки ШМА дар муносибати худ нисбат ба мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ мувофиқи хоҳиши Англия баромад менамояд, аммо на дар якҷоягӣ, балки мустақилона[1]. Яъне хоҳиши Каннинг ин буд, ки Британия на худаш даъвои территориявӣ дар масъалаи мазкур дорад ва на роҳ медиҳад, ки дигар давлат ба он даст занад. Мақсад акнун дар ин масъала ягон давлат-аъзои «Иттифоқи Муқаддас» ба назар гирифта шуда буд.

Ҳукумати ШМА ба дархости Англия оид ба якҷоя баромад намудан бар зидди нияти «Иттифоқи Муқаддас» ҷавоби рад дод, аммо дар паёми худ ба Конгресс президенти ШМА аз 2 декабри соли 1823 Ҷеймс Монро (с. 1817 – 1825) назари худро баён намуд, ки мухтасаран бо маънои «Америка барои америкоиҳо» фаҳмида мешавад[2]. Бо ҳамин «Доктринаи Монро» шакл гирифт. Ҳукумати ШМА изҳор дошт, ки ба корҳои европоӣ дахолат намекунад, аммо баробари ин иҷозат низ намедиҳад, ки давлатҳои европоӣ ба корҳои дохилии мамлакатҳои америкоӣ дахолат намоянд. Баробари ин, қайд карда шуд, ки сохтори давлатии монархиявии Европа ва сохтори давлатии ҷумҳуриявии Америка бо ҳам мувофиқ нестанд. Барои ҳамин, ШМА қатъиян бар зидди паҳнкунии системаи сиёсии давлатҳои мазкур, яъне сохтори монархиявӣ, дар ким-кадоме аз минтақаҳои қитъаҳои Америка мебошад[3]. Аз паси вожаҳои демкоратӣ ва ҷумҳуриявӣ он солҳо пиндорҳои дар ҳар ду қитъаҳои Америка ҳукмронӣ намудани ШМА ниҳон буданд, то ки рақибони европоии худро дар ин ҷо роҳ надиҳад ва тақдири давлатҳои нави қитъаҳоро худаш ҳал намояд. Дар баробари тенденсияи экспансионӣ, Доктринаи Монро аҳамияти прогрессивӣ низ дошт. Зеро он миллати буржуазии Америкаро зидди легитимизми иртиҷоии «Иттифоқи Муқаддас» гузошт. Аммо хусусиятҳои прогрессивии он ба назар расид, ки зуд гузаранда будаанд ва мундариҷаи асосии доктринаи мазкур экспансионизм ва таҷовузкорӣ боқӣ монданд, бо ҳамин маъно он то давраи муосир низ борҳо дар сиёсати берунии ШМА мавриди истифода қарор гирифт.

Ҳамин тавр, Доктринаи Монро, ки аз 2 декабри соли 1823 қабул гардид, дар он Вашингтон изҳор дошт, ки ба реставратсияи ҳукмронии мустамликадории абарқудратҳои европоӣ ва мудохилаи онҳо дар корҳои минтақа роҳ намедиҳад. Доктринаи Монро бо шиори худ «Америка барои америкоиҳо», ки

---

[1]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 367.

[2]Ниг.: История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 201.

[3]Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. С. 367.

дар амал «Америка барои америкоиҳои шимолӣ»-ро ифода менамояд, ба таҳкурсии ғоявии сиёсати таҷовузкоронаи экспансионии ШМА дар муносибат бо ҳамсоягони ҷанубиаш табдил ёфта буд[1]. Доктринаи Монро махсусан бар зидди бузургдавлатҳои европоӣ равона карда шуда буд.

Ғоя дар бораи зонаи баста эълон намудани қитъаи Америка барои давлатҳои европоӣ пеш аз ҳама ба котиби давлатии ШМА дар маъмурияти президент Чеймс Монро Ҷон Куинс Адамс тааллуқ дошт. Баҳона барои эълон намудани Доктринаи Монро хулосаҳои Конгресси Верона (охири соли 1822) оид ба муҳокимаронии нақшаи «Иттифоқи Муқаддас» гардид, ки тибқи он абарқудратҳои европоӣ мехостанд ба хотири барқарор намудани ҳукмронии Испания дар мустамликаҳои Америкаи Лотинӣ, ки истиқлолияти худро эълон карда буданд, интервенсияро ташкил намоянд. Баъди нашр намудани Паёми Ҷеймс Монро ба Конгресси ШМА «Иттифоқи Муқаддас» низ аз нияти худ, яъне ташкил намудани интервенсия ба Америкаи Ҷанубӣ даст кашид.

Аз бисёр ҷиҳатҳои худ бошад доктринаи мазкур барои ШМА ҳамчун пӯшондани нақшаҳои экспансионии Вашингтон хизмат мекард. Барои амалишавии нақшаҳои мазкур аз ҳамаи воситаҳо, аз «дипломатияи доллар» сар карда, то истифода бурдани «калтакчӯби калон» истифода шуданд, ки зери байрақи он ШМА чандин бор ба Куба, Ҷумҳурии Доминикан, Гондурас, Нигарагуа ва дигар давлатҳо сар дароварда, оммаи инқилобчиёнро хобонда, ба сари қудрат режимҳои диктатуриро баровараанд. Бо ёрии фишори иқтисодӣ ва қувваи ҳарбӣ ШМА аз болои мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ шартномаҳоро бор мекарданд, ки онҳо суверенитети мамлакатҳои мазкурро дағалона вайрон мекарданд[2].

Дар ояндаи на он қадар дур бошад, ШМА аввал дар дохили қитъаи Америкаи Шимолӣ даст ба экспансия зада, аз ҳар восита истифода бурда, сарҳади худро аз соҳилҳои уқёнуси Атлантика то уқёнуси Ором расонданд ва он сӯ низ ҳаракат намуда, таъсири худро то Шарқи Дур паҳн намуд. ШМА ҳатто кӯшиши забт намудани Канадаро низ карда буд, аммо он натиҷа надод. Буржуазияи америкоӣ мехост, ки дар ҷануб низ фаъол бошад ва ҳанӯз дар даҳсолаи дуюми асри XIX аз Испания Флорида кашида гирифта шуд.

Соли 1836 Техас аз Мексика ҷудо шуда, истиқлолияти худро эълон кард ва соли 1845 бошад он ба ШМА пайваст. Соли 1846 ҷанги ШМА бо Мексика оғоз гардида, соли 1848 бошад шартномаи сулҳ баста шуд, ки тибқи он Мексика ба фоидаи ШМА ними қаламравҳои худро аз даст дода, ба ивази онҳо 15 миллион долларро гирифт ва дар натиҷа дар заминҳои ишғолкардашуда штатҳои Калифорния, Невада, Аризона, Ню - Мексико, Юта ва Колорадо таъсис дода шуданд.

---

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 705.
[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 525.

Ҳамин тавр, давлати ҷавони ШМА тавонист, ки танҳо дар нимаи аввали асри XIX терртиторяи худро 3,5 – 4 маротиба васеъ намояд. Сиёсати мазкурро ШМА дар оянда низ идома дод, аз ҷумла соли 1867 ба ивази маблағи ночиз – 7,2 миллион доллар аз Россия Аляскаро харида гирифт[1].

Хулоса, дар давраи мазкур, Доктринаи Монро қадами бобарори дипломатияи ШМА гардид. Он чанд принсипро барқарор намуд: роҳ надодан ба экспансияи давлатҳои европоӣ дар нимукраи Ғарбӣ; нимкураи Ғарбиро қаламрави доираи манфиатҳои ҳаётии ШМА эълон намудан; аз мудохила намудан дар сиёсати европоӣ даст кашидани ШМА; талаби ШМА аз давлатҳои европоӣ дар самти ҳуқуқҳои махсуси онро дар нимкураи Ғарбӣ эътироф намудан[2].

Доктринаи мазкур самти сиёсати нави берунии ШМА гашт. Дар ин самт хизмати Ҷон Куинси Адамс калон буд. Пешниҳоди Англияро рад намудан, маънои онро дошт, ки ШМА аз ин пас киштии майда нест, ки аз пушти киштии калони Британия ҳаракат намояд. Яъне ШМА дар нимкураи Ғарбӣ дар муносиботи байналхалқӣ пурра мустақилона қадам мегузошт ва ҳатто пешниҳодоти ғайриқабули абарқудратҳои европоиро низ рад мекард. Дар давраи мазкур ШМА дар муносибатҳои байналхалқӣ фаъолияти худро васеътар ба роҳ монда, дар нимкураи Ғарбӣ ба яке аз бозингарони асосии муносибот табдил ёфтанд. Инро Доктринаи Монро муайян менамояд. Ҷангҳо ва инқилобҳои европоӣ низ ба манфиати ШМА буданд, зеро ШМА аз ба роҳ мондани тиҷорати маҳсулоту аслиҳа бо ҳамаи тарафҳои даргиру ҷангкунанда фоидаи калон ба даст медароварданд.

**Барқароршавии лидерии ШМА дар нимкураи Ғарбӣ.** Муносибатҳои байналхалқӣ дар нимкураи Ғарбӣ аз баланси қувваҳои Европа ва баъдтар дар Осиё ба вуҷуд омада фарқ мекарданд. Экспансияи территориявии ШМА дар нимаи аввали асри XIX ва Доктринаи Монро ба ШМА имконият доданд, ки Вашингтон дар Ғарб сарварӣ, яъне барои худ маркази таъсиррасонии мутақобилаи байни давлатиро созмон диҳад. Кӯшишҳои давлатҳои европоӣ дар самти аз байн бурдани бартарияти ШМА ноком ҷамъбаст гардиданд. Дипломатияи америкоӣ на танҳо тавонист, ки нимкураи Ғарбиро барои экспансияи давлатҳои европоӣ бандад, инчунин тавонист лоиҳаи лидерии худро барои муносибатҳои байналхалқӣ дар ин қитъа пешниҳод намояд.

Баъди ба охир расидани ҷанги Англия ва ШМА (с. 1812 – 1814) сарҳади ғарбии ШМА тибқи дарёи Миссисипи муайян карда шуд ва дар самти Шимол бошад тибқи кӯлҳои Бузург, аммо элитаи америкоӣ сарҳади мазкурро ниҳоӣ намедонист. Барои идома додани экспансияи территориявӣ ба ШМА зарур омад, ки муқобилияти се давлатро бартараф намояд.

---

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С.473.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 166.

Давлати якум ин Испания буд. Дар нимҷазираи Флорида, ки он зери Испания буд, қариб, ки муассисаҳои давлатӣ амал намекарданд ва ҳукуматдорони мустамликаи испанӣ қабилаҳои семионлҳои ҳиндуро назорат намекарданд.

Соли 1818 дастаҳои генерали америкоӣ Эндрю Ҷексон ҳиндуҳои мазкурро таъқиб карда, ба қаламрави Флорида ворид шуданд ва қалъаҳои соҳилии Испанияро ишғол намуданд. 22 феврали соли 1819 котиби давлатии ШМА Ҷон Адамс ва вазири корҳои хориҷии Испания Луис де Онис и Гонсалес Варра дар Вашингтон оид ба тақсимоти сарҳадӣ шартнома бастанд. Испания бе пардохти маблағ Флоридаро ба ШМА дод, ҳукумати ШМА бошад ӯҳдадор шуд, ки иддаоҳои шаҳрвандони ШМА ба ҳукумати Испанияро худаш пардохт намояд.

Давлати дуюм Британияи Кабир буд. Баъди ҷанги солҳои 1812 – 1814 сарҳад байни ду давлати мазкур тибқи хатти параллелии 45-ум муайян шуда буд. 20 октябри соли 1818 дар Лондон тарафҳо конвенсияи тиҷоратиро бастанд. Сарҳади америкоӣ-канадагӣ дар қисмати марказӣ тибқи хатти параллелии 49-ум, аз штати Минесота то кӯҳҳои Серхарсанг, муайян карда шуда буд.

Аммо сарҳадмуайянкунии англо-америкоӣ тибқи сулҳи Гент аз нуқтаи назари географӣ нодуруст баромад. Байни тарафҳо дар атрофи зонаи сарҳадии миёни дарёҳои Сент-Кур ва Лаврентияи Муқаддас низоъ ба амал омад. Соли 1820 ШМА дар ин ҷо штати Мэнро таъсис дод, ки то он дам он қисмате аз штати Массачусетсро ташкил медод ва ҳукуматдорони он нисбат ба масъалаи сарҳад мавқеи тундро ишғол намуда буданд. Солҳои 1838 – 1839 байни ШМА ва Англия низои сарҳадӣ ба вуҷуд омад, ки бо номи ҷанги Арустук маълум аст. Вашингтон ва Лондон барои миёнаравӣ намудан ба Нидерландия муроҷиат намуда буданд ва он тавонист, ки тарафҳоро ба мизи гуфтушунид баргардонад.

Соли 1841 дар ШМА маъмурияти президент Ҷон Тайлер (с. 1841 – 1845) ба сари қудрат расида, мансаби котиби давлатиро дар он Даниел Уэбстер соҳиб шуд, ки ӯ тарафдори созиш намудан бо Британия, ба хотири кушодани роҳи ШМА барои экспансия дар самти ҷануб буд. 9 августи соли 1842 Даниел Уэбстер ва фиристодаи махсуси Британия А. Ашбертон оиди ба тартиб даровардани масъалаҳои баҳсноки сарҳадӣ миёни ШМА ва мулкҳои Англия дар Канада шартномаи Вашингтонро бастанд. Аксарияти қаламравҳои баҳснок ба штати Мэн гузаштанд. Аммо Британия гузаргоҳи қаламравиро миёни Канада ва музофоти Ню-Брансуик ба даст овард.

Масъалаи дигар дар муносиботи ин ду давлат Орегон гардид. Дар конвенсияи Тиҷоратии соли 1818 қаламрави Орегон кондоминиуми ҳар ду давлат эътироф гардида буд. Дар моҳи марти соли 1845 президенти ШМА Ҷеймс Полк (с. 1845 – 1849) дар нутқи худ ба муносибати ба вазифаи президентӣ шуруъ намуданаш бори дигар ҳуқуқи ШМА ба Орегонро такроран гуфта гузашт. Маъмурияти Ҷ. Полк оид ба гузарондани хатти сарҳад тавассути хатти параллелии 49, бе ёд накардан аз статуси дарёи Колумбия, эълон намуд. Азбаски Британия шартҳои Америкаро рад кард, президент низ пешниҳоди худ-

ро пас гардонд. Аммо дар Конгресс доираи сенаторони экспансионист сар баланд карда, иброз медоштанд, ки дар ҳолате, агар Лондон шартҳои муайян намудани хатти сарҳадро тибқи паҳноии 45°49' (сарҳади ҷанубии мулкҳои Россия дар Америкаи Шимолӣ) қабул накунад бар зидди Англия ҷанг эълон карда шавад. Вазири корҳои хориҷии Британия лорд Эбердин ба иттилои Вашингтон расонд, ки Лондон омода аст флоти баҳрии худро ба соҳилҳои шарқии ШМА фиристонад.

Танҳо 15 июни соли 1846 котиби давлатӣ Ҷ. Бюкенен ва сафири Британия Р. Пэкингем оиди ба тартиб даровардани баҳс дар атрофи Орегон (шимолғарбии соҳили уқёнуси Ороми Америкаи Шимолӣ) шартномаро имзо карданд, ки дар таърих бо номи шартномаи Орегон маълум аст. Сарҳад миёни мулкҳои Британия ва ШМА аз рӯи хатти параллелии 49 муайян карда шуд. Дар қаламрави Орегон штатҳои Вашингтон, Орегон, Айдахо таъсис ёфтанд ва қисман он ҳудуди штатҳои Вайоминг ва Монтанаро низ дар бар гирифт.

Давлати сеюм Мексика буд. Заминдорони ҷануби ШМА аллакай Техасро азхуд карда буданд, ки дар он ҷо ҳузури Мексика фақат шартан боқӣ монда буду халос. 2 марти соли 1836 дар шаҳри Вашингтон-на-Бразос Маҷлиси намояндагони муҳоҷирони англисзабон истиқлолияти Техасро аз Мексика эълон намуданд. 14 майи соли 1836 намояндагони Техас ва диктатори Мексика Антонио Санта-Анна дар шаҳри Веласко шартнома дар бораи истиқлолияти Техасро имзо карданд. Гарчанде ки ҳукумати Мексика шартномаро тасдиқ накарда буд, Техас эътирофи байналхалқиро ба даст овард[1].

Баъди соли 1841, замони ба сари қудрат омадани маъмурияти президент Ҷ. Тайлер вазъият ранги дигар гирифт. Котиби давлатии ШМА Даниел Уэбстер ҳангоми ба вазифаи худ шуруъ намудан дар нутқаш қайд кард, ки ШМА ҳуқуқ дорад ба рақибе, ки ба таҷовуз тайёрӣ дида истодааст, зарбаи пешгирикунанда расонад. Азбаски ШМА бо Британия гуфтушунид мебурданд, ҳукумати Мексика арздошти Даниел Уэбстерро ҳамчун таҳдид ба бехатарии худ қабул намуд. Ҳамин тариқ, дар сиёсати ШМА дар муносиботи байналхалқӣ таълимоти нав – «Доктринаи Уэбстер» роиҷ гардид. «Доктринаи Уэбстер» чунин таълимоте мебошад, ки тибқи он ШМА ҳуқуқ гирифт ба рақибе, ки ба таҷовуз тайёрӣ дида истодааст, зарбаи пешгирикунанда расонад. Техас аз Мексика ҷудо шуда, истиқлолияти худро эълон намуд ва 29 декабри соли 1845 бошад он ба ШМА пайваст ва дар ҳайати он штати 28 гардид.

Чуноне ки пештар низ қайд кардем, соли 1846 ҷанги ШМА бо Мексика оғоз гардида, 2 феврали соли 1848 бошад шартномаи сулҳ баста шуд, ки тибқи он Мексика ба фоидаи ШМА ними қаламравҳои худро аз даст дода, ба ивази онҳо 15 миллион долларро гирифт ва дар натиҷа дар заминҳои ишғолӣ штатҳои Калифорния, Невада, Аризона, Ню-Мексико, Юта ва Колорадо таъсис дода шуданд.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 304 – 306.

**Экспансияи Франсия дар Америкаи Лотинӣ, «Ҷанги Бузург» ва мавқеи ШМА.** Дар солҳои аввал сиёсати ШМА дар Америкаи Лотинӣ он қадар барор нагирифт, ба қавле Доктринаи Монро ҳоло ҳам амалӣ намешуд. Дар ин минтақаи калон ҳоло ҳам абарқудратҳои европоӣ метавонистанд, ки доктринаи мазкурро шикаст диҳанд. Мушкилии асосӣ барои ШМА ин сиёсати Франсия дар минтақа гардид. Ҳукумати шоҳи Франсия Луи Филипп (1830 – 1848) ба Америкаи Лотинӣ ҳамчун ба объекти экспансияи мустамликавии худ назар мекард. Механизми экспансияро дар Париж чунин муайян намуданд, ки на бояд мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба империяи мустамликавии Франсия пайваст карда шаванд, балки аз болои онҳо шартномаҳои нобаробар бор карда шаванд.

Объекти якум барои экспансияи Франсия дар Америкаи Лотинӣ Мексика гардид. 21 марти соли 1838 ҳукумати Франсия аз Мексика талаб намуд, ки барои зарари гӯё ҳангоми табаддулоти ҳарбии соли 1828 ба соҳиби коргоҳи қаннодӣ, шаҳрванди Франсия, дар Мехико расондаанд, ҷуброни пулӣ пардохт намояд. Замоне ки ҳукумати Анастасио Бустаманте (с. 1830 – 1841) ин талабро рад кард, 27 ноябри соли 1838 Франсия ба Мексика ҷанг эълон кард, ки он ба худ номи «ҷанги қаннодӣ»-ро гирифт. Баъди ҷанд муҳорибаҳо, тарафҳо 9 марти соли 1839 шартномаи сулҳро бастанд, ки тибқи он Мексика ӯҳдадор шуд, ки ба Франсия 600 ҳазор песо қарзи давлатиро пардохт намояд ва розӣ шуд, ки баъзе ҳуқуқҳои имтиёзноки Франсияро эътироф намояд.

Объекти навбатии Франсия Аргентина гардид. Аргентина он вақт федератсия буд. Аргентина бо давлатҳои европоӣ муносиботи вазнин дошт. Соли 1838 Британияи Кабир ҷазираҳои Фолклендро забт намуда буд, ки Аргентина ба онҳо иддао дошт. Парламенти Аргентина инчунин шартномаи тиҷоратиро бо Франсия тасдиқ накарда буд. Дар соли 1834 Франсия ва Боливия, ки он дар як конфедератсия бо Перу қарор дошт, оид ба дӯстӣ, иттифоқ ва тиҷорат шартнома бастанд, ки он боиси низоъ байни Боливия ва Чили гашт.

Вазъияти ногувор боз дар соли 1835, вақте ки дар Аргентина диктатураи Хуан Мануэл де Росас (с. 1835 – 1852) барқарор гардид, чуқуртар доман паҳн карда буд. Соли 1836 ҳукумати ӯ аз болои молҳои воридотӣ, ки тавассути бандари Монтевидео ба Буэнос - Айрес оварда мешуданд, меъёри боҷи гумрукиро баланд бардошт. Ин норозигии Франсияро ба вуҷуд овард, ки он дар навбати худ кӯшиш мекард бандари мазкурро ба такягоҳи экспансияи иқтисодии худ дар Америкаи Лотинӣ табдил диҳад. Муносиботи франко-аргентинӣ бо сабаби ба ҳабс гирифтани чанд тан аз французҳо бо гумони ҷосусӣ боз ҳам бад гардид. Ҳукумати Луи Филипп талаб намуд, ки боздоштшудагонро фавран озод намоянд ва зиёдкунии боҷи гумрукиро низ бекор намоянд. Ҳукумати Росас талаби Франсияро рад кард.

28 марти соли 1838 эскадараи французӣ Буэнос - Айрес ва бандарҳои дарёии Аргентинаро дар блокада гирифт. Французҳо ҷазираи аргентинии Мартин-Гарсияро ишғол намуданд. Амалиёти Париж ба тиҷорати Аргентина зарар

рсонд, ки он бошад дар навбати худ дар як қатор музофотҳо ба сепаратизм оварда расонд. Танҳо 29 октябри соли 1840 Франсия ва Аргентина барои ба тартиб даровардани низоъ конвенсияро имзо намуданд. Франсия ваъда дод, ки ба Аргентина ҷазираи Мартин-Гарсияро пас мегардонад. Аргентина бошад расман истиқлолияти Уругвайро пазируфт[1].

***Ҷанги Бузург (с. 1843 – 1845).*** Дар муносибатҳои байналхалқии қитъа дар ин давра «Ҷанги Бузург» нақши намоён дошт. «Ҷанги Бузург» дар солҳои 1843 – 1845 низои мусаллаҳонаи шаҳрвандие дар Уругвай буд, ки ба рафти он Аргентина аз як тараф ва аз ҷониби дигар коалитсия дар ҳайати Бразилия, Парагвай, Франсия, Британия ва легиони италянӣ дахолат мекарданд.

Сиёсати экспансионии Франсия Уругвайро ба маркази мухолифати байнидавлатҳо табдил дод. Давлати Уругвай дар натиҷаи ҷанги Аргентина бо Бразилия (с. 1825 – 1828) ба вуҷуд омада буд. Моҳи августи соли 1828 дар Монтевидео байни Аргентина ва Бразилия пакт оид ба сулҳ баста шуд, ки тибқи он тарафҳо аз иддаои худ ба Музофоти Шарқӣ даст кашиданд. Конгресси миллӣ дар Монтевидео ҷамъ шуда, соли 1830 конститутсияро қабул намуд, ҳамин тавр, ба оғози мустақилияти Уругвай асос гузошта шуд.

Соли 1838 муҳоҷирони аргентинӣ бо дастгирии Франсия дар Уругвай табаддулот гузаронда, бар зидди ҳукумати Росас ҳукумати рақибонаро бо сарварии Франческо Ривера таъсис доданд. Ин ба Бразилия имконият дод, ки барои бохт дар ҷанги зидди Аргентина қассос гирад. Дар Уругвай миёни ҳизбҳои «Колорадос» (Ранга) ва «Бланкос» (сафедҳо) ҷанги шаҳрвандӣ сар зад. Бразилия ва Парагвай ҳизби «Колорадос» - ро дастгирӣ мекарданд, Аргентина бошад «Бланкос»-ро пуштибонӣ мекард. Моҳи феврали соли 1843 қувваҳои «Бланкос» бо сардории Мануэл Орибе шаҳри Монтевидеоро ба муҳосира гирифтан сар карданд. 1 апрели соли 1843 Аргентина блокадаи баҳрии онро барқарор намуд.

Артиши Аргентина дар дарёи Парана мавқеи мудофиавиро ишғол карда буд. Барои барҳамзании он дар ҳайати қувваҳои экспедитсионии Британия, Франсия ва корпуси италянӣ дастаҳои байналхалқӣ созмон дода шуданд. 20 ноябри соли 1845 муҳориба дар назди Вуэлта-де-Облигадо (12 км поёнтар аз шаҳри Рисаро) ҳарб миёни дастаҳои байналхалқӣ ва артиши Аргентина рух дода, он бо натиҷаҳои номуайян ҷамъбаст гардид. Дар ҳақиқат, баъдтар соли 1974 Аргентина онро натиҷаи ғалабаи худ дониста, 20 ноябрро Рӯзи суверенитети миллӣ эълон намуда буд.

Қувваҳои баҳрии Англия ва Франсия ба қувваҳои ҳарбии «Бланкос» имконият надоданд, ки Монтевидеоро ишғол намоянд. Ин боиси он гардид, ки Аргентина ба гуфтушунид гузарад. Дар моҳи ноябри соли 1849 бастани шартнома бо Британия Кабир ва августи соли 1850 бошад бо Франсия ба даст омаданд. Ҳар ду давлат ӯҳдадор шуданд, ки блокадаро бардошта, аз қаламравҳои истило кардаашон дар Аргентина берун мебароянд. Росас дар навбати худ

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 307 – 308.

ӯҳдадор шуд, ки қувваҳои мусаллаҳи Аргентинаро аз қаламрави Уругвай мебарорад. Баровардани қувваҳои Аргентина аз Уругвай ба бохти ҳукумати М. Орибе оварда расонд. Ин ба Бразилия имконият дод, ки дар соли 1851 аз болои Уругвай як қатор шартномаҳоро бор намояд. Байни онҳо гӯё иттифоқи абадӣ барқарор шуда, Бразилия ҳуқуқ пайдо кард, ки ба корҳои дохилии Уругвай дахолат намояд.

Ҷанги ноком боиси сар задани шӯриш дар Аргентина гардид. Ба шӯришчиён Бразилия ва Парагвай ёрӣ расонданд. Моҳи феврали соли 1852 Росас аз ҳукумат даст кашида, ба Британия ҳиҷрат кард. Ҳукумати мувққатиро тарафдори муносибати нек бо Бразилия Хусто Хосе де Уркиса-и-Гарсия таъсис дод. Ҳамин тавр, «Ҷанги Бузург» набарди тоталӣ ба ҳисоб рафта, зинда мавҷуд мондани режимҳои сиёсиро ҳал намуд[1].

**Барқароршавии экспансияи ШМА дар Америкаи Лотинӣ.** «Ҷанги Бузург» нишон дод, ки барои ШМА ҳоло ҳам захираҳо кифоя набуданд, ки «Доктринаи Монро»-ро дар Америкаи Лотинӣ нигоҳ дорад. Ин ШМА-ро водор намуд, ки экспансияро дар самти нимкураи Ғарбӣ фаъолтар намояд. Махсусан дар замони президентии Франклин Пирс (с. 1853 – 1857) ба он боз диққат равона гардид.

Маъмурияти Пирс кӯшиш намуд, ки мавқеи ШМА-ро дар Америкаи Марказӣ мустаҳкам намояд. Дар ин ҷо аз соли 1823 Штатҳои Муттаҳидаи Америкаи Марказӣ вуҷуд доштанд, ки аз ҳайати он соли 1838 Нигарагуа баромада буд. Бонги хатарро дар Вашингтон он ба бор овард, ки Британия дар Никарагуа мустамликаи худ – Грейтаунро дар дарёи Сан Хуан дошт. Америкоиҳо аз он нигарон шуданд, ки Британия кӯшиш менамояд «Канали Никарагуа»-ро канда, уқёнуси Атлантикаро бо уқёнуси Ором мепайвандад.

30 апрлеи соли 1852 котиби давлаии ШМА Д. Уэбстер ва сафири Британияи Кабир Кремптон дар Вашингтон конвенсия дар бораи ба Никарагуа баргардондани Грейтаунро ба имзо расонданд. Азбаски Британия баргардондани онро кашол медод, соли 1854 киштии ШМА «Сайен» бомбаборонкунии шаҳрро гузаронд. Британия, ки дар ин вақт дар Ҷанги Қрим банд буда, натавонист, ки ҷавоб гардонад. Танҳо 17 октябри соли 1856 сафири Америка Даллас ва лорд Кларендон дар Лондон конвенсия дар бораи бетарафии соҳили Москито ва ҳавзаи баҳрии наздики онро имзо карданд. Соли 1859 Британия соҳили Москиторо байни Штатҳои Муттаҳидаи Америкаи Марказӣ ва Никарагуа тақсим намуд. Грейнтаун бошад бандари озод эълон карда шуд.

Аммо ШМА натавонистанд, ки дар Никарагуа мавқеашро мустаҳкам намоянд. Соли 1855 соҳибкори америкоӣ Уилям Уокер дар мамлакати мазкур ҳукумати худро таъсис дода, барқароршавии институти ғуломдориро дар мамлакат эълон намуд. Штатҳои Муттаҳидаи Америкаи Марказӣ бошад таҳдиди ворид намудани қувваҳо намуда, азбайнравии ҳукумати Уилям Уокерро ба даст даровcovered.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 309.

19 апрели соли 1860 котиби давлатии ШМА Ҷ. М. Клейтон ва сафири Британия дар ШМА Г. Булвер-Литтон оид ба масъалаҳои роҳҳои байни укёнусҳо тавассути ҳудуди Америкаи Марказӣ шартномаи Вашингтонро имзо карданд. Ҳар ду давлат ба мувофиқа расиданд, ки: ҳамаи алоқаҳои роҳии байниуқёнусии дар оянда сохташударо (ҳам роҳҳои оҳан ва ҳам каналҳо) барои ШМА ва Британияи Кабир баробарҳуқуқ кушода медонанд; бетарафии «канали Нигарагуа»-и дар оянда сохташударо кафолат медиҳанд ва онро барои ҳамаи мамлакатҳои дӯст кушода эълон менамоянд; Никарагуа, Коста-Рика, соҳили Москито ё ягон қисмати дигари Америкаи Марказиро на истило мекунанд ва на ба ҳокимияти худ тобеъ менамоянд.

Дар Америкаи Ҷанубӣ ШМА то аввали солҳои 40-уми асри XIX ба он маҳдуд шуданд, ки танҳо дар давраҳои ҳаракатҳои оммавӣ ба муҳофизати сафоратҳои худ машғул шуда, ба тартиби яктарафа ҳайати муҳофизони сафоратхонаҳои худро зиёд мекарданд. Оҳиста-оҳиста шарики асосии ШМА дар минтақа Колумбия (он вақт Гранадаи Нав) гардид. 13 декабри соли 1846 вазири корҳои хориҷии Гранадаи Нав Мануэл Мария Малярино ва ҳуқуқшиноси америкоӣ Бенҷамин Алден Бидлэк дар пойтахти мамлакат шаҳри Богота оид ба сулҳ, дӯстӣ, киштиронӣ ва тиҷорат шартномаро бастанд. ШМА дар баробари Гранада ҳуқуқи баробар истифода бурдан аз роҳи транзитӣ, ки сохтмони он тавассути гарданаи Панама ба нақша гирифта шуда буд, гирифт, новобаста аз он ки он роҳи оҳан мешавад ё канал ва ин ҳуқуқ суверенитети мамлакатро аз болои гарданаи Панама кафолат медод (соли 1855 бошад роҳи оҳан тавассути гарданаи мазкур сохта шуд).

Вазъияти низои ШМА бо Парагвай низ ба вуҷуд омада буд. Президенти Парагвай Карло Антонио Лопес (с. 1844 – 1862) роҳи воридшавии ШМА-ро ба резишгоҳҳои поёни дарёи Рио-де-ла-Плата баст. 1 феврали соли 1855 дастаҳои соҳилии Парагвай ба сӯи киштии америкоӣ тир холӣ карданд. Вашингтон аз президенти Парагвай талаб намуд, ки бахшиш пурсида, ҷубронро пардохт намояд. Қувваҳои дарёии америкоӣ тавассути дарёи Парагвай ба шаҳри Асунсон наздик омаданд. 30 апрели соли 1859 байни ШМА ва Парагвай шартнома баста шуд. Ҳукумати Карло Антонио Лопес бахшиш талаб намуда, ҷуброн пардохт кард ва барои ШМА дар самти тиҷорат имтиёзҳоро пешниҳод намуд.

**Бартарафнамоии изолятсионизми америкоӣ дар миёнаи асри XIX.** Дар нимаи аввали асри XIX ШМА асосан сиёсати изолятсионизми худро риоя мекарданд. Изолятсионизм – консепсияи сиёсати хориҷие мебошад, ки асосии ғоявии онро мудохила накардан ба корҳои дохилии дигар давлатҳо ташкил медиҳад. «Доктринаи Монро» пешниҳод карда буд, ки ШМА ба корҳои европоӣ дахолат намекунад ва ба ивази ин талаб менамуд, ки ҳамин тавр давлатҳои европоӣ низ бояд ба корҳои Америка дахолат накунанд. ШМА барои худ ҳуқуқи дигарро боқӣ гузошт, ки тибқи он метавонист ба корҳои европоӣ дахолат намояд, он ҳам бошад ин буд, ки Вашингтон танҳо дар сурате ба корҳои Европа дахолат менамояд, ки агар таҳдиди барқароршавии гегмонияи

ким-кадом бузургдавлат дар Европа ба вуҷуд ояд (аз рӯи Доктринаи Ҷефферсон).

Баҳсу мунозира дар бораи трансформатсияи «Доктринаи Монро» зери таъсири инқилобҳои европоии солҳои 1848 ба вуҷуд омад. Баъди шикасти инқилоби Венгрия сардори инқилобчиён Э. Кошут ба ШМА ҳиҷрат карда, дар он ҷо созмони ҷамъиятиро ба хотири дастгирӣ намудани венгрҳо таъсис дод. Дар моҳи декабри соли 1849 сенатор-демократ Люис Касс, собиқ номзад ба мансаби президентӣ дар соли 1849 ва дар натиҷаи он котиби давлатӣ, ба палатаи намояндагон лоиҳаи резолютсия дар бораи қатъ кардани муносибатҳои дипломатӣ бо Австрияро пешниҳод намуд. Сенатор Ҷон Паркер Хейл пешниҳод намуд, ки таъсири резолютсияро васеъ намоянд: императори Россия барои хобондани шӯриши Декабристон ва инқилоби Венгрия ва ҳукумати Британия бошад барои хобондани ҳаракатҳои мардумии Ирландия тибқи додгоҳи байналмилалӣ суд карда шаванд.

Резолютсияи Люис Кассро қабул накарданд. Танҳо бо фиристодани мактуби эътирозӣ ба ҳукумати Австрия қаноат карданду халос. Аммо баррасии он дар палата нишон дод, ки дар сиёсати америкоӣ ду тамоюли ниҳоят муҳим зуҳур намудаанд: 1) инкор намудани легитимизми тартиботи Венагӣ; 2) дастгирӣ намудани ҳаракатҳои миллӣ бар зидди давлатҳои европоӣ. Аммо дар миёнаи асри XIX барои ШМА ҳоло ҳам хеле хатарнок буд, ки бар зидди давлатҳои бузурги европоӣ баромад намояд, чунки бартарияти қувваҳои ҳарбии онҳо хеле зиёд буд[1].

Роҳи алтернативӣ барои ШМА экспансия дар самти уқёнуси Ором гардид. Гурӯҳҳои наҳангсайдкунии америкоӣ дар солҳои 40-уми асри XIX як қатор ҷазираҳоро дар қисми ҷанубии уқёнуси Ором кушоданд. Флоти баҳрии ШМА дар мамлакатҳо ва қаламравҳо, аз ҷумла, Фиҷи (с. 1840), Самоа (с. 1841) ва шаҳри Кантон (Гуанчжоу)-и Хитой (с. 1843), ки дар онҳо барои шаҳрвандони америкоӣ хатар ба вуҷуд меомад, бомбаборонкунии пандомезро гузаронданд. Соли 1856 Конгресс қонунеро қабул намуд, ки тибқи он шаҳрвандони ШМА имконият пайдо намуданд, ки ҷазираҳои бекормондаро ба даст биёранд. Дар асоси ҳамин қонун соли 1867 ШМА ҷазираҳои Бейкер, Хауленд ва ғайрараро аз они худ эълон намуд.

Ҳамзамон ШМА ба корҳои Осиёи Шарқӣ мудохила намуданро оғоз намуд. Соли 1844 ШМА аз Хитой ҳуқуқи ба роҳ мондани тиҷорати озод тавассути панҷ бандар ва судэҷодкунии консулиро ба даст овард. Солҳои 1854 – 1858 бошад ШМА аз болои Япония як қатор шартномаҳои нобаробарро бор карданд, ки онҳо кушода гардидани бозори Японияро барои молҳои америкоӣ, баровардани шаҳрвандони ШМА аз юрисдиксияи Токио, мустақар намудани киштиҳои америкоӣ дар бандарҳои Японияро ба назар гирифта буданд. Чунин намуди шартномаҳо бо шоҳигарии Рюкю (ҳозира қаламрави Япония) низ баста шуданд. Соли 1858 ШМА бо Хитой аҳдномаи Тянсзинро баст, ки шартно-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 311 – 312.

маи мазкур иҷозат дод, ки дар Пекин сафорати ШМА таъсис дода шавад, шаш бандари дигар барои тиҷорати америкоӣ кушода шаванд ва ҳуқуқи насрониёнро дар қаламрави Хитой эътироф намоянд.

Соли 1860 шаҳрванди америкоӣ Ф. Уорд дар Шанхай дар мубориза бар зидди тайпинҳо, зери дастгирии консули ШМА, артиши инсургентҳои хитойиро бо номи «Артиши доим ғалабакунанда» ташкил намуд. Дар оянда низ ШМА дар муносибатҳои минтақаи мазкур фаъолона иштирок мекард.

Ҳамин тавр, зарур аст қайд намоем, ки оғоз аз солҳои 50-уми асри XIX мафҳуми «изолятсионизм» мушаххасан танҳо дар муносиботи ШМА бо давлатҳои европоӣ истифода шавад, дар уқёнуси Ором ва Осиёи Шарқӣ бошад ШМА аллакай қувваи фаъоли сиёсӣ гардид.

# 4. 7. ҶАНГИ ҚРИМ (с. 1853 – 1856) ВА ДИПЛОМАТИЯИ ДАВЛАТҲОИ БУЗУРГ

**Вазъияти байналхалқӣ дар арафаи Ҷанги Қрим.** Баъди хобондани инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 таъсири империяи Россия дар Европа бартарӣ ва ҳалкунанда ба шумор мерафт. Амалан, яке аз давлатҳои бузурги Европа Австрия, тавссути мудохилаи ҳарбии императори Россия Николай I, яъне дар хобондани инқилоб ёрӣ расонд, наҷот дода шуд. Инчунин пароканда намудани парламенти Франкфурт ва таҳқир намудани Пруссия дар Олмюс (Оломоус) дар моҳи ноябри соли 1850 бе фишори рӯи рости Петербург аз имкон берун буд.

Дар ҳамин вазъият Петербург қарор дод, ки вақти он расидааст, ки дар самти Шарқ сиёсаташро фаъол гардонад, баибораи дигар тақдири Туркияро ҳал намояд. Баъзе аз муаррихони соҳаи дипломатия ба чунин фикр омадаанд, ки империяи Россия пеши худ мақсад нагузошт, ки империяи Туркияро тақсим намояд, агар он худ таҷзия намешуд, балки танҳо мехост, ки Туркияро ба вассали заифи худ табдил диҳад.

Ба Николайи I барои бомуваффақият иҷро шудани нақшаи мазкур розигии давлатҳои европоӣ, пеш аз ҳама Англия зарур буд, зеро ягон иттифоқи зиддирусӣ бе дастгирии Британия ба вуҷуд омаданаш аз имкон берун буд.

Барои ҳамин 9 январи соли 1853 дар вохӯрӣ назди князбону Елена Павловна императори Россия дар рафти сӯҳбат бо сафири Британия Сеймур назарҳои дипломатии худро оид ба тақдири Туркия, ки онҳоро моҳи июни соли 1844 дар Виндзор бо Пил ва лорд Эбердин низ баён дошта буд, дубора оғоз намуд. Императори Россия гуфт, ки даъвои Молдавия, Валахия, Сербия ва Булғорияро дорад, ба шаҳри Константинопол бошад ӯ ба сифати нигоҳбони муваққатӣ ворид мешавад. Баробари ин, императори Россия бар зидди масъалаи агар Миср, Кандия (Кипр) ба Британия гузаранд, эътироз баён накард. Дар ин вохӯрӣ оид ба нимҷазираи Арабистон, Байнаннаҳрайн ва Осиёи Хурд ягон сухан гуфта нашуд.

Дар муддати январ - феврали соли 1853 Николай оид ба ин мавзӯъ чанд бор бо сафири Англия Сеймур сӯҳбатҳо дошт. Аммо ҷавоби Британия қатъӣ радкунанда буд, дар Лондон ба нақшаи ворид шудани Россия ба Константинопол, ҳатто муваққатӣ ҳам бошад, шубҳаовар нигоҳ мекарданд. Илова ба ин, Лондон ягон сабабро намедид, ки тибқи он Туркия таназзул ёбад. Ва оқибат Австрия ва Франсия ҳам мумкин зидди ин нақшаҳо мебаромаданд. Ин масъала дар ҷавоби гардондаи статс-котиб оид ба корҳои хориҷӣ, лорд Рассел, аз 9-уми феврали соли 1853 зикр шудааст[1].

Аммо ин ҳама ба Петербург комилан таъсир расонда натавонист. Дар Петербург ба чунин назар буданд, ки Франсия ҳоло ҳам баъди ҳодисаҳои солҳои 1848 – 1851 ба худ наомада, беҳад заиф мебошад, Австрияро бошад ҳукуматдо-

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

рони Россия қариб, ки худӣ (қариб, ки қисми Россия) ҳисоб мекарданд. Дар сӯҳбат бо сафири Британия Сеймур низ Николай оид ба Австрия бо чунин мазмун сухан гуфтааст. Дар ҳамин шароит Россия қарор намуд, ки ба пеш ҳаракат намояд, русҳо умедвор буданд, ки бе иттифоқчиёни европоӣ, Англия дар танҳоӣ ба ҷанг ворид намешавад.

Чуноне ки аён аст, ҳангоми таҳлили вазъи байналхалқӣ Николайи I ба якчанд хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода буд: хаёл кард, ки бо гузашт намудани қисмати хурде аз мероси империяи Туркия доираи ҳукмрони Британия қонеъ мегардад; аз ҳисобу китоби худ комилан Австрияро партоф, умедвори он буд, ки Вена барои хизматҳояш дар соли 1849 абадан ба ӯ изҳори миннатдорӣ менамояд, ҳамзамон фаромӯш намуд, ки дар сиёсат хизмати кардагӣ, дигар ҳеҷ қадр надорад; ва охирон комилан Франсия ва ҳокими нави онро ҳам як сӯ партофта, ба назар нагирифт, гарчанде ки Луи Наполеонро ба назар нагирифта бошад ҳам, аммо ӯ ҳокими боғурур буда, барои номи Франсия ба ҳар кор қодир буд ва тавоношавии Франсияро тавоношавии худ медонист.

Ғайри қобил аст агар ҳарф занем, ки дар хизмати дипломатии Россияи онвақта дипломатҳои машҳур набуданд, ки оид ба вазъи воқеии муносиботи байналхалқӣ баҳогузории хақиқӣ пешниҳод намоянд. Албатта кам набуданд, аммо дар солҳои охири идоракунии худ Николай назари онҳоро ба дил наздик намегирифт. Тарсу воҳима ҳам дар давраи реаксияи николаевӣ дар байни дипломатҳо ҷой дошт. Николай шахсан худаш ифодакунандаи сиёсати берунии Россия гардид. Дипломатҳо – Киселёв, Бруннов, Будберг ва Мейендорф дар Санкт-Петербург на дар бораи он иттилоъ медоданд, ки дар ҳақиқат аст, балки онеро мегуфтанд, ки барои ипрератор боиси қабул буд.

Шаффофият ҳатто дар давраи низои Санкт-Петербург ва Париж дар масъалаи ҷойҳои муқаддас (с. 1850 – 1853) дида намешуд. Барои Наполеон масъалаи мазкур, яъне бартарият ва ҳуқуқҳои калисои католикӣ дар маъбадҳои Иерусалим ва Вифлеем, ба хотири дастгирӣ ёфтани низоми ӯ аз ҷониби рӯҳоният, бисёр муҳим буд. Аммо аз ин дида, муҳимтар барои Наполеон заиф шудани алоқаҳо байни Англия ва Россия дар масъалаи Шарқ ба ҳисоб мерафт. Барои ҳукумати Россия масъалаи ҷойҳои муққадас дар баробари дастгирӣ намудани манфиатҳои калисои православӣ баҳонаи муносиб буд, ки ба корҳои дохилии Туркия мудохила намояд, Петербург дар ин самт ба шартҳои сулҳи 10-июли соли 1774-и деҳаи Кучук-Кайнарҷӣ такя мекард.

Ҳам Петербург ва ҳам Париж ақибнишинӣ нахостанд, аммо қарибии соли 1853 султон Абдул-Маҷид ба тарафи Франсия гузаштанро оғоз намуда, тамоми хоҳишҳои аз тарафи Париж воридшударо маъқул медонист. Ин бохти дипломатӣ Петербургро на ин ки ба тавфиқ овард, балки баръакс оташин намуд[1].

**Низои русу турк соли 1853 ва мавқеи бузургдавлатҳо. Миссияи А. С. Меншиков.** Дар инструксияҳои княз А. С. Меншиков, ки сафири фавқулодда ва мухтори Россия дар Константинопол таъйин гардида буд, канслер К. В. Нес-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

селроде навишта буд: Бархамхӯрии империяи Туркия бо аввалин бархӯрди ҷиддии туркҳо бо яроқи мо комилан мумкин аст. Барои ҳамин, ба А. С. Меншиков дар Қасри Зимистона фаҳмонданд, ки агар дар натиҷаи фаъолияти дипломатии ӯ ҷанги русу турк рух диҳад, ягон кас аз вай намеранҷад.

Ба назар мерасад, ки дар чунин шароит сафири нави Россия омода буд ултиматумро хонад, на ин ки гуфтушунидро барад. Ӯ санаи 12 марти соли 1853 аз султони Туркия ҳамчун ҳуҷҷати байналхалқӣ-ҳуқуқии расман тартибдодашударо оид ба эътирофнамоии ҳуқуқи Россия ҳамчун ҳомии на танҳо калисои православӣ, инчунин тамоми табаияти православии султонро бечуну чаро талаб намуд. Бо қабул шудани ин талабот Николай амалан султони дуюми Туркия мешуд.

Бо маслиҳати сафири Британия, лорд Ч. Стрэтфорд-Редклифф туркҳо дар масъалаи ҷойҳои муққадас ба Меншиков гузашт намуданд. Аммо сафири Россия, ҳис кард, ки баҳона барои дар минбаъда идома додани низоъ бо Туркия аз байн меравад, қартаро кушода, бо тартиби ултиматумӣ дар мувофиқа бо нота аз 12 март бастани шартномаи султон бо императори русро талаб намуд. Баъди он ки ин дархост рад карда шуд, Меншиков 21 май эълон намуд, ки муносиботро бо Туркия қатъ менамояд ва Константинополро тарк намуд[1].

Бо маслиҳати Стрэтфорд султони Туркия 4 июн манифестро интишор намуд, ки дар он тантанавор ҳуқуқ ва имтиёзҳои калисоҳои насронӣ ва боз махсусан ҳуқуқ ва имтиёзҳои калисои православӣ кафолат дода шуданд. Дар ҷавоб Николай манифести худро интишор дод, ки дар он, аз ҷумла гуфта мешуд, ки ӯ ба монанди гузаштагони худ ӯҳдадор аст, ки калисои православиро дар Туркия ҳимоя намояд ва ба хотири таъмин намудани иҷрои шартномаҳои пешин, ки султан де-вайрон намуд, император маҷбур аст, ки князгариҳои Дунай (Молдавия ва Валахия)-ро ишғол намояд. 21 июн сипоҳи рус аз дарёи Прут гузашта, ба Молдавия даромаданд. Лекин на Россия ва на Туркия, ҳоло ҳам ҷанг эълон накарданд. Аммо амалан ҷанг сар шуда буд ва аз аввали он ҳис карда мешуд, ки Россия ба он дар шароити изолятсияи пурра дипломатӣ-сиёсӣ ворид гардид. Ҳамин тавр, ба мисли соли 1812 Россия боз бар зидди тамоми Европа танҳо монд.

**Фаъолияти дипломатии давлатҳои бузург дар рафти Ҷанги Қрим.** Ҷанги Қрим он замон дар назари мардуми Европа ҳамчун бар зидди (яъне Россияи николайевӣ) истибдоди хунхор, буғикунандаи озодӣ, жандарми Европа ва дар натиҷаи миссияи Мешников бошад ба гуфтаҳои зикргардида, мафҳуми истилогар низ илова гардид, баҳогузорӣ карда мешуд. Ҳамин тавр, оид ба он буржуазияи либералии Англия ва Франсия фикр мекарданд. Баробари ин, табақаи болоии феодалӣ-мутлақияти империяи Австрия низ дар масъалаи аз ҷониби Россия забт шудани князгариҳои Дунай норозӣ буданд.

---

[1]Ниг.: Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 252.

***Нотаи Венагӣ.*** Австрия дар ин самт таҳдид ба мулкҳои балкании худро медид. 24 июли соли 1853 дар Вена конференсия даъват гардид, ки дар он намояндагони ваколатдори Британия, Пруссия, Франсия ва Австрия иштирок карданд. Канслери Австрия Буол 31 июли соли 1853 бо пешниҳоди миёнаравӣ ба императори Россия нотаи бо ном венагиро фиристонд, ки он аз бисёр ҷиҳат манифести Туркия аз 4 июнро такорор мекард. Императори Россия розӣ шуд, аммо лашкарро аз князгариҳои Дунай набаровард, зеро дар Петербург боварӣ доштанд, ки амалиёти якҷояи Франсия ва Англия бар зидди Россия аз имкон берун аст.

Инак дар Вена нисбат ба сиёсати Россия дар Балкан розӣ набуданд, он чизе ки ба миннатдорӣ ба Санкт-Петербург барои хобондани шӯриши Венгрия дар соли 1849 дахл дорад, пас бояд қайд намуд, ки муносиботи байнидавлатӣ ва байнишахсиятҳо чи хеле ки мегӯянд аз ҳам фарқи калон доранд ва расондани хизмат қадр ҳам надорад. Дар дипломатия фаҳмиши миннатдорӣ вуҷуд надорад, дар он принсипи дигар – манфиат ҳукмфармоӣ мекунад.

Дар Берлин комилан нахостанд, ки барои императори Россия аз даруни оташ гул чинда биёранд. Дар тамоми давраи ҷанг Пруссия мавқеи бетарафиро ишғол карда буд, бе чуну чаро дар шароити изолятсияи дипломатӣ-сиёсии Россия боз ин бетарафӣ зиддирусӣ дониста мешуд. Махсусан, аз Дунай баровардани лашкари Россияро намоишкорона талаб намудани Пруссия ва Австрия аз 20 апрели соли 1854 боиси тақвияти гуфтаҳост.

Вақте ки амалиётҳои ҷангӣ идома доштанд, намояндагони расмии Париж бар зидди пешниҳоди мазкур баромад накарданд. Аз барномаи Англия муайян мегардад, ки он чунон тартиб дода шудааст, ки бо ваъдаҳои дар боло оварда шуда, ба тарафи Англия ва Франсия иттифоқчиёни нав ҷалб карда мешуданд. Аммо баъди шикасти Севастопол Луи-Наполеон ҳама чизро кард, то ки нақшаи мазкур барбод равад. Зеро Франсия ба таври объективӣ манфиатдори мавҷудияти Россияи абарқудрат буд. Аммо ҳамаи ин ихтилофот баъди шикасти Россия намудор шуданд.

***Шартномаи Константинопол.*** 12 марти соли 1854 Британия, Франсия ва Туркия байни худ дар шаҳри Константинопол шартномаи иттифоқиро имзо карданд, ки он хусусияти зидди Россия дошт. Британия ва Франсия ӯҳдадорӣ ба зимма гирифтанд, ки дар ҷанг ба Туркия мадад мерасонанд ва баъди имзои сулҳ бошад фавран қувваҳои ҳарбӣ - баҳрии худро аз қаламрави Усмониён мебароранд. Султон низ аз тарафи худ ӯҳдадор гардид, ки сулҳи ҷудогонаро намебандад. Дар натиҷа Британия 27 март ва Франсия 28 марти соли 1854 бар зидди Россия ҷанг эълон карданд. Инчунин 10 апрели соли 1854 байни Франсия ва Британия низ шартномаи иттифоқӣ имзо шуд, ки он амалан зидди Россия равона гардида буд.

***Конференсияҳои Вена (с. 1854 – 1855).*** Фаъолияти дипломатии давлатҳои бузург дар рафти Ҷанги Қрим махсусан дар Вена мутамарказ гардонда шуда буд. Ба дипломатҳои австриягӣ зарурат пеш омад, ки вазифаи ниҳоят вазнинро ҳал намоянд: Николайро маҷбур намоянд, ки лашкари худро аз князгариҳои

Дунай барорад, баробари ин, бо императори Россия ба низоъ надаромада, Лондон ва Парижро низ бояд намеранҷонданд.

18 июли соли 1854 Наполеони III чор пункт (банд) - и худро пешниҳод намуд: 1) князгариҳои Дунай зери протекторати умумии Франсия, Австрия, Россия, Англия ва Пруссия гузаранд; 2) ҳамаи ин панҷ давлат ҳомии коллективонаи тобеини насронии султон эълон карда мешаванд; 3) Ҳамин панҷ давлат ҳуқуқи назорати олии коллективона аз болои резишгоҳи Дунайро соҳиб мегарданд; 4) шартномаи бузургдавлатҳо бо Туркия аз соли 1841 дар бораи киштиронӣ тавассути Босфор ва Дарданелл бояд ба таври қатъӣ аз нав бозбинӣ карда шавад[1].

Моҳи августи соли 1854 дипломатияи Австрия аз номи бузургдавлатҳо ба Россия шартҳои пешакии ба таври сулҳомез ҳал намудани низоъро дар чор пункт дод: 1) иваз намудани протекторати Россия аз болои князгариҳои Дунай ба протекторати умумии панҷ давлати бузург; 2) таъмин намудани киштиронии озод тавассути Дунай ва шохобҳои он; 3) ба хотири мувозинати европоӣ аз нав дида баромадани Конвенсияи Лондон аз соли 1841 оид ба гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ; 4) иваз намудани ҳомигии Россия аз болои аҳолии православии империяи Усмониён ба кафолати коллективонаи таъмини ҳуқуқи тобеини насронии султони Туркия аз ҷониби ҳамаи бузургдавлатҳо[2].

Солҳои 1854 – 1855 дар Вена конференсияҳо доир шуданд, ки дар кори онҳо ба хотири дақиқ муайян намудани шартҳои сулҳ гуфтушунидҳои дипломатӣ гузаронда шуданд. Дар кори конференсияҳо намояндагони Австрия (расман дар ҷанг бетарафиро ишғол намуда буд, аммо ба хотири барҳам задани таъсири Россия дар Молдавия ва Валахия роҳҳои наздик шудан бо давлатҳои ғарбиро меҷуст), Россия (иштирок накардани Австрияро дар ҷанг, инчунин бо Британия ва Франсия бастани қарордоди миёнаравиро ба даст даровард), Британияи Кабир ва Франсия (ба ҷанг воридшавии Австрияро ба даст даровbooked), Туркия (барои ҳифз нигоҳ доштани тамомияти арзии империяи худ мубориза мебурд) иштирок доштанд. Ва оқибат барномаи «чор банд»-и шарти сулҳ, ки дар боло оварда будем, пешниҳод карда шуданд. «Чор банд» барои гуфтушуниди сулҳ дар машварати расмии 14 - уми давлатҳо дар Вена моҳҳои март – июни соли 1855 асос гардиданд. Аввали моҳи июни соли 1855 кори конференсияи ниҳоии Вена пӯшида эълон гардид.

Гарчанде ки сафири Россия дар Вена княз А. М. Горчаков ба таври қатъӣ ба императори Россия машварат дод, ки пешниҳоди мазкурро қабул намояд, аммо Николай ба ӯ ҷавоб нагардонд, ба назар мерасид, ки дар Петербург ҳоло ҳам ба силоҳи русӣ умед баста буданд. Император ба қабул намудани шартҳои мазкур танҳо ноябри соли 1854 розӣ шуд, ки аллакай дер шуда буд ва қувваҳои

[1]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 254.

десантии англисӣ ва франсузӣ ин вақт ба Қрим ворид шуда, Севастополро дар муҳосира гирифта буданд.

Дар Санкт-Петербург ҳамаи хатароти блокадаи дипломатиро фавран ҳис накарда буданд, нишонаҳои онро русҳо дар соли 1854, танҳо баъди ноком анҷом ёфтани миссияи А. Ф. Орлов ба Вена дар моҳҳои январ-феврали соли 1854 дарк карда буданд. Император Франс-Иосиф ба таври возеҳу равшан ба намояндагони Россия фаҳмонда дод, ки мамлакати ӯ ба нигоҳ доштани тамомияти арзӣ ва истиқлолияти Туркия ва баровардани лашкари Россия аз князгариҳои Дунай манфиатдор мебошад. Моҳи июни соли 1854 Николай маҷбур шуд, ки дар бораи баровардани лашкар аз Молдавия ва Валахия фармони худро интишор диҳад, дар акси ҳол маҷбур мешуд, ки бо Австрия ҳам ҷанг кунад. Зеро Австрия 2 декабри соли 1854 бо Британия ва Франсия шартнома баст, ки онро ҳамчун ӯҳдадории Вена баҳри ҳамроҳ шудан ба ҷанг донистанд.

Тарафи масъалае, ки ба Англия ва Франсия дахл дорад, пас бо равиши амалиётҳои ҳарбӣ байни иттифоқчиён ихтилофи фикрӣ ба вуҷуд омада буд. Лорд Палмерстон дар мактуби худ ба Ҷон Россел оид ба заиф намудани Россия ва ихроҷ намудани он аз ҳайати давлатҳои абарқудрат баромад карда, пешниҳод намуд, ки ҷазираҳои Аланд ва Финландия ба Шведсия бозгардонда шаванд, заминҳои Наздибалтика ба Пруссия дода шаванд. Шоҳигарии Полша бояд ҳамчун девор миёни Россия ва Пруссия барқарор карда шавад. Князгариҳои Дунай ва резишгоҳи дарёи Дунай ба Австрия дода шаванд. Қрим ва Кавказ аз Россия кашида гирифта шуда, ба Туркия дода шаванд.

Бархе аз муаррихон ба чунин назар ҳастанд, ки баъди оне ки русҳо лашкарро аз Дунай баровcovered, ҷангро аллакай бохта буданд. Дар ҳақиқат, аз нуқтаи назари сиёсӣ моҷарои шарқиназдикии ҳукумати Россия пурра бо шикаст анҷом ёфт. Аммо аз нуқтаи назари ҳарбӣ бошад, ба Россия зарур омад, ки шикасти таҳқиромезро паси сар намояд. Ғарқ намудани флоти баҳри Сиёҳ, амалиёти қувваҳои англо - франсузӣ дар хоки Қрим, як қатор муҳорибаҳои бохташуда, шикасти Севастопол ҳамаи ин дар назари ҷаҳониён заифии давлати низоми крепостнойӣ доштаи Россияро нишон дод. Ва охирон, зарур аст тарафи иқтисодии ҷангро низ баррасӣ кард. Соли 1855 Россия дар арафаи заволёбии молиявӣ қарор дошт, қарзи давлатӣ ба 278 миллион рубл расид. Дар мамлакат беқурбшавии пул сар шуд. Хоҷагиҳои крепостнойӣ талаботи артишро қонеъ карда наметаонистанд ва ҳатто он маводу лавозимот ва маҳсулоти ҳарбӣ, ки дар мамлакат вуҷуд дошт, аз сабаби набудани роҳи оҳан кашондани он ба саҳнаи амалиёти ҷангӣ амалан мушкил буд.

**Сабабҳои Ҷанги Қрим.** Сабаби оғоз шудани Ҷанги Қрим, ин пеш аз ҳама ба ҳам бархӯрдани манфиатҳои сиёсии мустамликадории Россия, Франсия, Британия ва Австрия дар Балкан ва Шарқи Наздик вобаст буд. Ҳам Британия бо иттифоқи Франсия ва ҳам Россия ба оғози ҷанги Қрим бо як мақсад, яъне ҳукмрон шудан дар ин ноҳияҳо ҳавасманд буданд. Аммо ҳар яки онҳо бо роҳи алоҳида ба масъалаи мазкур назар доштанд. Англия ва Франсия, ки дар симои Туркия рақиби асосиро медиданд, кӯшиш мекарданд онро ба асорати худ

дароранд. Россия мехост, ки Туркияро аз нимҷазираи Балкан ва гулӯгоҳҳо танг карда барорад. Аз тарафи дигар Туркия, Англия ва Франсия якҷо шуда, мехостанд Россияро аз соҳилҳои баҳри Сиёҳ бароранд ва роҳи Россияро барои сар даровардан ба Шарқи Наздик доранд. Туркия дар алоҳидагӣ аз тарафи худ мехост, ки аз Россия Қрим ва Қавқозро зӯран ҷудо карда гирад. Дар баробари ин ҳар яке аз ҳукуматҳои иштирокчиёни ҷанг ба ғалаба умед баста, мехостанд халқҳои худро бо оғоз намудани ҷанг аз масъалаҳои дохилӣ ҳушпарешон кунанд. Маҳз, барои ҳамин, Ҷанги Қрим аз тарафи ҳамаи давлатҳои иштирокчӣ ҳамчун ҷанги ноадолатона ва истилогарона оғоз гардида буд.

**Низоъ дар атрофи ҷойҳои муқаддас. Баҳонаи ҷанг.** Баҳонаи асосии барои оғози ҷанг баҳс байни рӯҳониёни католик ва православ дар масъалаи «ҷойҳои муқаддас» шуда буд[1]. Дар Фаластин, ҷойҳои муқаддаси дини насронӣ мавҷуданд, ки асоситарини онҳо маъбади Вифлеем, ки мувофиқи ахбори пешин дар он ҷо пайғамбари Худо Исои Масеҳ таваллуд шудааст ва ҷойи дафни ӯ дар Иерусалим ба ҳисоб мерафтанд. Оид ба масъалаи дар ихтиёр ё тобеи кадом калисо будани онҳо соли 1850 низоъ сар шуд. Фаластин он вақт дар зери таъсири империяи Туркия буд[2].

Наполеони III ва Николайи I, ки ҳар ду барои фишор овардан ба Туркия баҳона меҷустанд, ба баҳс мудохила карданд. Наполеони III мазҳаби католикиро ва Николайи I мазҳаби православиро дастгирӣ мекарданд. Ҷанҷоли динӣ ба низои дипломатӣ оварда расонд.

Ҳукумати Россия боварӣ дошт, ки Британия, Австрия ва Пруссия дар низои русу франсуз бетараф мемонанд ва Франсия бошад дар танҳоӣ бар зидди Россия баромад намекунад. Чуноне ки қайд карда будем, феврали соли 1853 Николайи I бо сардории княз А. С. Меншиков ба Константинопол миссияи дипломатиро бо талаби барқарор кардани ҳуқуқи калисои православӣ дар Фаластин, ки онро Туркия вайрон карда буд, равон мекунад. Аммо ҳоло Меншиков ба Константинопол нарасида, дипломатҳои англис ва франсуз, ки намехостанд ин низоъ ба тариқи сулҳомез ҳал гардад, ба султон дар вақти ҷанги зидди Россия расондани ёрии ҳукуматҳои худро изҳор карданд.

**Оғози ҷанг.** Амалиётҳои ҳарбии ҷанги мазкурро ба ду марҳила ҷудо кардан мумкин аст. Давраи якум, дар ҷабҳаи Дунай аз ноябри 1853 то апрели соли 1854 сурат гирифта буд, ки дар он танҳо туркҳо ва русҳо иштирок карданд. Давраи дуюм, бо интервенсия (мудохилаи) - и англису франсуз ба Қрим ва ба амалиёти ҳарбӣ ворид шудани онҳо сар шуда, апрели соли 1854 то феврали 1856 дар бар мегирад.

---

[1]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 251.

[2]Ниг.: История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 250 – 253.

11-уми марти соли 1853 флоти ҳарбии баҳрии Франсия аз шаҳри Тулон ба обҳои баҳрии Туркия омад. То омадани сафорати рус ба Константинопол масъалаи ҷанг бо Туркия ҳал гардид. Талаби Меншиков оид ба масъалаи дар боло зикр гардида, аз ҷониби Туркия рад карда шуд. Моҳи майи соли 1853 Меншиков вайрон шудани муносибати дипломатиро бо Туркия эълон намуд ва бо ҳамроҳии ҳайати сафорат Туркияро тарк кард. Николайи I пас аз ин расман эълон кард, ки князгариҳои Дунайро ишғол мекунад ва 2-юми июн манифестро дар бораи ворид шудани лашкари рус ба қаламрави ин князгариҳо эълон кард. Баъд аз ин Англия эскадраи худро ба Дарданел равон кард. Султони Туркия низ дастгирии давлатҳои бузурги европоиро аз пушташ ҳис карда, октябри соли 1853 бар зидди Россия ҷанг эълон кард.

Лашкари 80 ҳазор нафараи рус бо сардории княз М. Г. Горчаков ба Молдавия ва Валахия зада даромад. Баъд аз муборизаи дуру дарози дипломатӣ султони Туркия 16-уми октябри 1853 бо Россия ҷанг эълон кард. Амалиётҳои ҷангӣ дар ду фронт дар Дунай ва Қавқоз оғоз гардиданд. Муҳорибаи баҳрӣ байни флоти рус ва турк дар халиҷи Синоп моҳи ноябри соли 1853 муҳимтарин воқеаи давраи аввали ҷанг ба ҳисоб мерафт. Ба эскадраи рус ноиб-адмирал Павел Степанович Нахимов (с. 1802 – 1855) фармондеҳӣ мекард. Ин дар таърихи флоти бодбондор задухӯрди охирин буд. 18 (30) ноябри соли 1853 адмирал Нахимов дар халиҷи Синоп ба флоти туркӣ ҳуҷум намуд ва туркҳо дар баҳри Сиёҳ аз флоти худ маҳрум гардиданд. Бо ҳамин, дар натиҷаи ҷангҳои вазнин флоти туркҳо торумор карда шуд. Баъди ин муҳориба давлатҳои Ғарб диданд, ки Туркия бе иттифоқчӣ дар ҷанг мағлуб мешавад ва моҳи январи соли 1854 флоти англо-франсузӣ дар баҳри Сиёҳ пайдо шуд.

4 январи соли 1854 флоти муттаҳидаи англо-франсузӣ ба баҳри Сиёҳ ворид шуда, таносуби қувваҳо фавран тағйир ёфт. Киштиҳои бодии русҳо натавонистанд бо киштиҳои буғгарди англо - франсузӣ баробар муқовимат намоянд. Бо нишони эътироз бар зидди воридшавии қувваҳои англо-франсузӣ ба баҳри Сиёҳ Петербург сафирони худро аз Лондон ва Париж бозхонд намуд. 27 март ва 28 март Англия ва Франсия расман бар зидди Россия ҷанг эълон карданд. Соли 1855 ба онҳо Сардиния ҳамроҳ шуд. Австрия ҳам бо Россия сиёсати душманона мебурд. Пруссия низ Россияро дастгирӣ накард.

Бо душвориҳои ҳарбӣ нигоҳ накарда, соли 1854 ба иттифоқчиён ғалаба муяссар нашуд. Онҳо ба ғазаб омада, шаҳрҳои Россия, ба монанди Одесса, Архангелск, Кронштадт ва Петропавловски дар Камчаткаро бомбаборон мекарданд. Ин нокомиҳоро ба назар гирифта, иттифоқчиён қувваи асосии худро ба як самти ҷабҳа, яъне ба забт кардани Қрим ва қалъаи ҳарбии он Севастопол равон карданд.

Соли 1854 эскадраи итттифоқчиён дар ҳайати 55 ҳазор франсузу англис ва 8-ҳазор турк ба бандари Варна десант фуроварданд. Аммо Россия дар Қрим бо сарварии сардори ситоди баҳрӣ А. С. Меншиков ҳамагӣ 34 ҳазор сарбоз дошту халос. Сентябри соли 1854 ба Евпатория бе ягон муқобилият 63 ҳазор нафар сипоҳиёни душман дохил шуда, рост ба сӯи Севастопол ҳаракат мекарданд.

Ҷавобгарӣ аз болои мудофиаи Севастопол ба зиммаи сардори ситоди флоти баҳри Сиёҳ В. А. Карнилов, ноиб-адмирал П. С. Нахимов ва контр-адмирал В. И. Истомин монда шуд. Онҳо дар муддати кӯтоҳ бо ёрии маллоҳон ва аҳолии маҳаллӣ атрофи қалъа ҳалқаи мудофиавиро ташкил доданд. Дар аввали ҷанг гарнизони қалъа 30 ҳазор одам дошт. Бо кӯшишҳои сипоҳиён ва ёрии аҳолии Севастопол русҳо тавонистанд шаҳрро 349 рӯз аз душман эмин нигоҳ доранд. Бомбаборон кардани қалъа ягон натиҷа надод. Аҳолӣ боз аз сари нав хатти мудофиавиро мустаҳкам мекард.

Дар рӯзҳои аввали муҳориба барои қурғони Малахов адмирал Корнилов кушта шуд. Роҳбарии мудофиаро Нахимов ба ӯҳда гирифт. Июни соли 1855 ҳуҷуми умумии шаҳр оғоз гардид. Ин ҳолати мудофиакунандагонро рӯз аз рӯз бад гардонд. Бисёр афсарону аскарон ҷон доданд, боруту тир намерасид. Аз даст додани қурғони Малахов моҳи августи соли 1855 умед ба ҳимояи минбаъдаи Севастополро канд. Киштиҳои боқимондаи Франсия, Британия ва Сардинияро ғарқ карда, гарнизони Севастопол 27-уми августи соли 1855 ба шимол ҳаракат карда, қалъаро ба душман дод.

Феврали соли 1855 Николайи I вафот кард ва ба ҷои ӯ писараш Александри II ба тахт нишаст. Аммо дар ҷабҳаи Қавқоз бошад лашкари рус баъд аз муҳосираи дуру дароз қалъаи Карс, ки роҳро ба Эрзурум мекушод, ба даст гирифт.

**Сабабҳои шикасти Россия дар ҷанг.** Сабаби шикасти Россия дар Ҷанги Қрим қафомонии соҳаи техникӣ-ҳарбии мамлакат аз дигар давлатҳо буд. Қисмҳои асосии лашкари рус бо пилтакамон мусаллаҳ буданд, ки танҳо бо масофаи 300 қадам тир мепарронд, силоҳи милаш печдори иттифоқчиён бошад аз ҷиҳати дурзанӣ, тезпарронӣ ва нишонзанӣ нисбати силоҳи рус бартарии калон дошт. Дар артиллерияи рус низ тӯпҳои кӯҳна буданд. Роҳҳои оҳан низ маҳдуд буда, қуввaи чорпо воситаи асосии нақлиёт дар музофотҳои Россия истифода мешуд. Ин интиқол додани силоҳро аз як мавзеъ ба дигар ҷо мушкил гардонда, дар баробари ин, вақти зиёдро талаб мекард. Дар Россия флоти буғгард набуд ва сохтмони он нав ба роҳ монда шуд. Флоти бодбондор ба боду обу ҳаво вобаста буда, он муқобили флоти буғгарди иттифоқчиён тамоман муқобилият нишон дода наметавонист.

**Конгресси Париж (с. 1856).** 12 -уми феврали соли 1856 оид ба масъалаи Ҷанги Қрим конгресси Париж ба кори худ шурӯъ кард, ки дар он Британия, Франсия, Пруссия, Австрия, Сардиния аз як тараф ва Россия аз ҷониби дигар иштирок карданд. Франсияро дар конференсияи мазкур вазири корҳои хориҷии он писарамаки Наполеони III граф Александр Валевский ва сафири Франсия дар Туркия дар солҳои 1844 – 1851 Франсуа Адолф де Буркене, Австрияро вазири корҳои хориҷии империяи мазкур Карл Буол, инчунин намояндаи дигар И. Гюбнер, Британияи Кабирро лорд Ҷорҷ Вилерс Кларендон ва Генри Уэлси, Россияро граф Алексей Орлов ва собиқ сафири Россия дар Лондон Филипп Бруннов, Сардинияро граф Бенсо ди Кавур ва С. Вилламарина, Туркияро вази-

ри бузург Алӣ-пошо ва сафири Туркия дар Париж Ҷамилбой, Пруссияро Отто Теодор Мантейфел ва М. Гарсфелдт намояндагӣ мекарданд.

18 (30) - уми марти соли 1856 Шартномаи сулҳи Париж баста шуд, ки он шикасти Россия дар Ҷанги Қримро ба қайд гирифт. Мувофиқи он заминҳои аз тарафи иттифоқчиён ишғолкарда ба Россия ва Туркия баргардонда шуданд. Севастопол ба Карс иваз карда шуд. Баҳри Сиёҳ бошад бетараф эълон карда шуда, барои рафту омади тамоми киштиҳои боркаши давлатҳо кафолати пурра ва барои киштиҳои ҳарбӣ маҳдуд карда шуд. Россия аз ҳуқуқи сохтани қалъаҳои ҳарбӣ дар баҳри Сиёҳ ва нигоҳ доштани флоти ҳарбӣ дар он ҷо маҳрум гардид. Ҷанубии Бессарабия ба Молдавия гузашта, аз дасти Россия гирифта шуд. Сербия ва князгариҳои Дунай зери дасти султони Туркия ва давлатҳои ғарбии дар бастани шартнома иштирок дошта, монданд[1].

**Конференсияи Париж (с. 1858).** Конгресси Париж аз соли 1856 протекторати Россияро аз болои князгариҳо, ки тибқи шартномаи сулҳи Кючук-Кайнарҷӣ барқарор карда шуда буд, бекор намуд ва Австрияро низ ӯҳдадор кард, ки аз қаламравҳои истилокардаи зикршуда артишашро барорад. Конгресс иродаи мардуми Валахия ва Молдавияро, ки барои муттаҳидшавӣ дар як давлат мубориза мебурданд, низ ба инобат гирифта буд. Таҳрезӣ намудани сохтори давлатии князгариҳоро конгресс ба зиммаи конференсияи махсуси Париж гузошт, ки он аз 22 май то 19 августи соли 1858 шуда гузашт. Дар натиҷаи гузарондани интихобот дар Молдавия ва Валахия аксарият орои худро ба тарафдории муттаҳидшавӣ доданд. Конференсия бошад баҳсу мунозираи тарафдорони муттаҳидшавӣ дар девонҳои Молдавия ва Валахияро муҳокима намуда, кӯшишҳои мардуми онро ба назар нагирифт. Аз ҷумла, бар зидди якҷояшавии князгариҳо Туркия, Австрия ва Англия баромад карданд. Ба хотири муттаҳидшавии князгариҳо ва нисбатан кам кардани таъсири ҳокимияти Туркия аз болои онҳо бошад Россия баромад кард. Сардиния дар симои князгариҳои муттаҳида дар самти мубориза бурдан бар зидди Австрия иттифоқчиёнро ёфта, нияти Россияро дастгирӣ кард. Дипломатияи Пруссия бошад гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба тарафи дигар тоб мехӯрд. Намояндагони Франсия бошанд ба муҳокимаронии пешакӣ лоиҳаи созишкоронаи худро пешниҳод намуданд, ки тибқи он ду князгарии алоҳида нигоҳ дошта шуда, баробари ин, барои ҳар дуи онҳо комиссияи ягонаи марказӣ, ки нақши мақоми қонунбарор, ҳокимияти ягонаи судиро бозӣ мекард, дода, ба онҳо номи умумии Князгариҳои муттаҳида дода шавад. 10 октябри соли 1858 лоиҳаи франсузӣ барои муҳокима қабул гардид.

Баъди баҳси тӯлонӣ қарори созишкорона қабул карда шуд, ки тибқи он князгариҳоро Князгариҳои Муттаҳидаи Молдавия ва Валахия ном гузоштанд. Конференсия қарор дод, ки Князгариҳои Муттаҳидаи Молдавия ва Валахия зери сюзеренитети султони Туркия ва зери ҳокимияти ду князи алоҳида қарор

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 158 – 161.

мегиранд. Князҳо бошад аз ҳисоби заминдорони калони маҳаллӣ, аз ҷониби маҷлиси умумӣ ба муддати якумра интихоб карда мешуданд.

Новобаста ба мухолифати Туркия, инчунин Англия ва Австрия, князгариҳо муттаҳид карда шуданд. Муттаҳидшавии Молдавия ва Валахия ва хусусан дар соли 1859, вақте ки маҷлиси интихоботии ҳар ду князгарӣ А. Кузро ҳокими ягона интихоб намуданд, дар самти таъсисёбии давлати Руминия қадами ҷиддӣ гузошта шуд. Соли 1861 ташкилоти нави давлатӣ номи Руминияро гирифт[1].

Хулоса, ҳамин тавр, мавзӯи мазкурро ҷамъбаст намуда, зарур аст, қайд намоем, ки Иттифоқи Муқаддас дар арафа ва давраи ҷанги Қрим вазифаашро иҷро карда натавонист ва давлатҳои бузург куллан берун аз доираи принсипи он фаъолият намуда, иттифоқи мазкур комилан аз байн рафт.

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 161 – 162.

# 4. 8. ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР АМЕРИКА ВА МУНОСИБАТИ ДАВЛАТҲОИ ЕВРОПОӢ БА ОН

**Масъалаи Канзас – Небраска.** Низои нав байни штатҳои Шимол ва Ҷануби ШМА дар соли 1854 сар зад, замоне ки дар Конгресс билл оид ба Небраска муҳокима гардид, ки аз ҷониби сарвари ҳизби демократӣ дар Шимол сенатор Стивен Дуглас пешниҳод гардида буд[1].

Мулки аз ҷиҳати масоҳат калони Небраскаро Стивен Дуглас пешниҳод намуд, ки ба ду қаламрав – Канзас ва Небраска тақсим намоянд, баробари ин, масъала дар бораи иҷозат додани ғуломдорӣ дар ду территорияи нав мувофиқи билли Дуглас мебоист аз тарафи худи аҳолии ин қаламравҳо ҳал карда мешуд. Гарчи ҳар ду қаламрав шимолтар аз 36°30', яъне тибқи Созиши Миссури аз сарҳади барои паҳншавии ғуломдорӣ ҷудо карда шуда ҷойгир буданд, билли Дуглас он маъноро дошт, ки қаламравҳои нав барои ғуломдорӣ кушода мешаванд ва Созиши Миссури амалан бекор мегардад. Пешниҳод гардид, ки Канзас, ки дар ҷанубтар аз Небраска ҷойгир аст, қаламрави ғуломдорӣ мешавад. Қабул гардидани билли Канзас – Небраска дар мамлакат садову норозигиро ба вуҷуд овард. Ҳамаи аҳолии Шимол бар зидди сиёсати ғуломдорон овоз баланд карданд ва хостори ҷавоб гардондан ба онҳо буданд.

Созиши Миссури дар натиҷаи аввалин бӯҳрони сиёсии умумимиллии ШМА солҳои 1819 – 1820 оид ба масъалаи ғуломдорӣ ба вуҷуд омада буд. Соли 1820 қарор карда шуд, ки минбаъд дар заминҳои ғарбтар аз дарёи Миссисипи, ки шимолтар аз 36°30' ҷойгир ҳастанд, ғуломдорӣ иҷозат дода намешавад.

Ба Канзас аз штатҳои ҷануб, хусусан аз штати бо Канзас ҳамсояи Миссури фавран ду навбати ба ҳам гурӯҳи муҳоҷирон ворид шуданд, плантаторҳо бо ғуломҳояшон низ бо ҳамроҳии онҳо омада буданд. Аз штатҳои шимолӣ бошад фермерони оянда ба қаламрави мазкур раҳсипор шуданд. Муҳоҷиркунӣ характери иқтисодӣ ва сиёсӣ дошт. Дар Англияи Нав ва дигар штатҳои Шимол ҷамъиятҳои муҳоҷирон таъсис ёфта, муҳоҷиронро ба Канзас мефиристонданд. Барои ба роҳ мондани хоҷагидории муҳоҷирон ва барои ҳимояти онҳо ба даст даровардани аслиҳа маблағ низ ҷаъмоварӣ карда мешуд. Таъминоти яроқ ночор буд, зеро гурӯҳҳои ҷанубӣ фермерони озоди Канзасро азоб ва террор ҳам мекарданд. Бартарияти шумоправӣ ба тарафи фермерони озод буд, аммо ғуломдорон тавассути натиҷаи интихоботи ғайриодилона ва бо қувваи аслиҳа борҳо кӯшиш мекарданд, ки ҳокимиятро дар Канзас ба дасти худ гиранд. Ҳамин тавр, дар муддати ду сол дар Канзас ҷанги хурди шаҳрвандӣ мегузашт[2].

Нақши билл дар бораи Канзас – Небраска дар сар задани низоъ миёни Шимол ва Ҷануб хеле калон буд, ки оқибат низои мазкур ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонд. Зеро дар натиҷаи он Созиши Миссури аз соли 1820 вайрон карда шуд[3].

---

[1]Согрин В. В. Политическая история США. XVII – XX вв. М.: Весь мир, 2001. С. 139.
[2] Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 581.
[3]Согрин В. В. Политическая история США. XVII – XX вв. М.: Весь мир, 2001. С. 141.

**Таъсисёбии ҳизби ҷумҳурихоҳон.** Бӯҳрони сиёсии солҳои мазкур ба парокандашавии ҳизбҳои сиёсии пешина оварда расонд. 20 марти соли 1854 ҳизби ҷумҳурихоҳон таъсис ёфт, ки ба ҳайати он қаноти чапи вигҳо, гурӯҳҳое, ки аз демократҳо рӯ гардонда буданд ва ғайра шомил гардиданд. Ҳизби мазкур талаботеро пешниҳод кард, ки тибқи он набояд дар қаламравҳои нав ғуломдорӣ паҳн гардад. Ҳизбро фермерҳои Шимол-Ғарбӣ, коргарон ва қисми калони буржуазия дастгирӣ мекарданд. Агар буржуазияи кӯҳнаи тиҷоратӣ, бонкдорон, соҳибони фабрикаҳои коркарди пахта, ки аз назари иқтисодӣ аз ҷануб вобаст буданд, дар атрофи ҳизби демократӣ ҷамъ шуданд, пас буржуазияи нави саноатӣ ба тарафи ҷуҳурихоҳон гузаштанд. Барои ҳизби мазкур дастгирии фермерҳои Шимол-Ғарбӣ низ ниҳоят зарур буд. Он чизе, ки ба ғуломдорӣ дахл дорад, пас ҷумҳурихоҳон талаб накарданд, ки он бекор карда шавад, онҳо мехостанд, ки сохти мазкур аз қаламравҳои муайяншуда ба дигар ҷойҳо паҳн карда нашавад.

**Парвандаи Дред Скотт.** Мавҷи нави ҳаракатҳои оммавиро дар Шимол бар зидди ғуломдорон дар алоқамандӣ ба ҳалномаи суд оид ба парвандаи ғулом Дред Скотт ба вуҷуд овард, ки тавонист дар он асосе, ки бо хӯҷаинаш дар Шимол зиндагӣ мекард, озодиро ба даст даровард. Суди олӣ, ки ба мисли ҳукумат, роҳбарии онро намояндаи Ҷануб дар ихтиёр дошт, ба Дред Скотт ҷавоби рад дод ва қарор қабул кард, ки сиёҳпӯст шаҳрванд шуда наметавонад ва ҳамзамон Созиши Миссуриро ғайрқонунӣ эълон намуд. Ҳамин тавр, барои ғуломдорӣ тамоми минтақаҳои ШМА кушода шуданд. Аҳолии меҳнакташи Шимол дар ин қарор паҳншавии ғуломдориро аз болои оммаи халқ медид. Баробари ин, соли 1857 бӯҳрони иқтисодӣ ба вуҷуд омада, ба саноат ва хоҷагии кишоварзии Шимол таъсири ҷиддӣ расонд Дар Ню-Йорк ва дигар шаҳрҳо намоишҳо, баромадҳо ва ғайра сар заданд. Сиёсати иқтисодии демократҳо, ки дар сари қудрат буданд, ба монанди ҳалномаи суди онҳо боиси ғариқабул дониста шуд.

Дар зери таъсири ҳаракатҳои зидди ғуломдорӣ соли 1859 шӯриши Ҷон Браун сар зад. Баъди муқовимати шаддид муборизони он ба асорат гирифта шуданд. Ҷон Браун ҳам дар зиндон ва ҳам дар муҳокимаи судӣ мардонавор худро нишон дод. 2 декабри соли 1859 ӯро ба дор овезон карданд[1].

**Ғалабаи ҳизби ҷумҳурихоҳон дар интихоботи соли 1860.** Дар интихоботи президентии соли 1860 ҳизби ҷумҳурихоҳон номзадии худро дар симои адвокат Авраам Линколн пешниҳод намуд, ки баромадаш аз табақаи поёнӣ буд. Ҷумҳурихоҳон ба мардум ваъдаҳои зиёд доданд, аз ҷумла қабул намудани қонун дар бораи бе пул тақсим намудани замин, ки онро муддати дароз демократҳо боз медоштанд. Дар ҳизби демократӣ бошад ҷудоӣ ба амал омада, бар зидди Авраам Линколн 3 номзад баромад мекарданд. Дар моҳи ноябри соли 1860 А. Линколн президент интихоб гардид. Ҳамин тавр, ба ҳукмронии бисёрсолаи ҷанубиҳо хотима бахшида шуд. Ғуломдорон нахостанд, ки ба ин бохт тан диҳанд ва онро ҳамчун бонги хатари парокандашавии Иттифоқи америкоӣ до-

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 582 – 583.

нистанд. Дар моҳи декабри соли 1860 Каролинаи Ҷанубӣ худро мустақил эълон кард, дар муддати моҳи дигар аз Иттифоқ 6 штати дигари ҷанубӣ баромаданд. Дар муддати чор моҳи аз интихоб шудани А. Линколн то ба иҷрои вазифааш шуруъ намудан, президент аз ҳизби демократӣ Бюкенен ва ҳукумати ӯ ҷиддан ба Ҷануб лавозимоти ҳарбиро кӯчонданд ва ба ҷанги аз пеш омада тайёрӣ медиданд.

Дар ибтидои солҳои 60-уми асри XIX ШМА ба парокандашави рӯбарӯ шуд. Оид ба сетсессия[1] аввал Каролинаи Ҷанубӣ ва баъди он Миссисипи, Флорида, Алабама, Ҷорҷия, Луизиана эълон карданд. 14 феврали 1861 шаш штати мазкур оид ба таъсисёбии давлати нав – Штатҳои конфедеративии Америка эълон интишор доданд. Баҳори соли 1861 ба конфедератсия Техас, Вирҷиния, Арканзас, Теннесси ва Каролинаи Шимолӣ шомил шуданд.

Ҳамин тавр, дар моҳи феврали соли 1861 штатҳои аз Иттифоқ баромада Конфедератсияи худро таъсис доданд, ки президенти он заминдори миссисипигӣ, сенатор Ҷефферсон Дэвис интихоб гардид.

Дар баробари ҳимоя намудани сохти ғуломдорӣ, ки мақсади асосии Конфедератсия ба шумор мерафт ва онҳоро ба баромадан аз Иттифоқ овард, боз дигар сабабҳои на он қадар муҳим низ ҷой доштанд, ки асосан ба масъалаҳои хоҷагидорӣ тааллуқ доштанд. Инчунин ҷанубиҳо, ки то ин вақт дар вазифаҳои муҳими давлатӣ буданд, намехостанд, ки ҷойҳоро ба шимолиҳо холӣ намоянд ва зери таъсири ҳизби ҷумҳурихоҳон бошанд.

**Саршавии ҷанг ва натиҷаҳои он.** Рафти ҷанги шаҳрвандиро ба ду давра ҷудо менамоянд: давраи аввал, апрели соли 1861 – апрели соли 1863; дуюм, майи соли 1863 – апрели соли 1865.

Дар ибтидои соли 1861 ду қувваи ба ҳам зид рӯ ба рӯи ҳамдигар баромаданд. Қариб аз се ду ҳиссаи аҳолии 31 миллионнафараи ШМА дар Шимол зиндагӣ мекард. Аҳолии Шимол бо суръати тез меафзуд, зеро ба ин қаламрав қариб ҳамаи мавҷи муҳоҷирати европоӣ рост меомад. Масалан, зери таъсири инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 муҳоҷират боз зиёд гардида, асосан ирландиҳо ва немисҳои зиёд ба Америка кӯчиданд. Дар Шимол қариб, ки саноати пурраи ШМА ҷойгир буд ва маҳз дар ин минтақа қисми калони маҳсулоти хӯрокворӣ истеҳсол карда мешуд. Ба назар мерасид, ки ғалабаи Шимол аён аст, аммо барои амалӣ шудани он 4 сол зарур омад.

Зарбаи аввалинро ҷанубиҳо расонданд. Дар моҳи апрели соли 1861 онҳо бо тариқи қувва қалъаи федералии Самтерро дар Каролинаи Ҷанубӣ забт карданд. Агар то ин дам табақаҳои гуногуни Шимол аз ҷанг худдорӣ мекарданд ва мехостанд, ки бо кадом роҳе набошад низоъро бо Ҷануб ҳал намоянд, аммо пас аз оне, ки ҷанубиҳо ба ливои миллӣ тир холӣ намуданд, табъи дили онҳоро дигар кард. Шимолиҳо бо як ташаббуси баланд бар зидди исёнгарон, ки ҷумҳуриро пароканда намуданд, хестанд. Ба даъвати А. Линколн ба артиш 75 ҳазор ихтиёрон диҳед 300 ҳазор розигии худро доданд. Полкҳои коргарон ва дастаҳои

[1]Сетсессия – ин ҷудошавии қисми территория аз як давлат, бо қарору ризоияти аҳолӣ ё мақомоти ҳамон қаламрав, мебошад.

муҳоҷирони ин ё он миллат таъсис ёфтанд. Буржуазияи шимолӣ низ ҳукуматро қатъӣ дастгирӣ мекард. Қисми калони аъзои ҳизби демкоратии Шимол, ки унвони «демкоратҳои ҳарбӣ»-ро гирифтанд, низ ба ҳукумат ёрӣ расонд.

Ҳукумат блокадаи баҳрии штатҳои исёнбардоштаро эълон намуд. Дар хушкӣ аввалин задухӯрд дар моҳи июли соли 1861 дар назди дарёчаи Булл-Ран, қарибии Вашингтон, рух дода, бо шикасти шимолиҳо анҷом ёфт. Умеду боварии шимолиҳо ба ғалабаи тез ва сабук аз байн рафт. Ҷанубиҳо ба ҷанг хеле хубтар омода буданд. Артиши онҳо муташаккилтар буда, ҳайати афсарии он низ бартарӣ дошт. Аллакай баъди забти Самтер Конфедератсия ба ҳайати худ 4 штати дигарро ворид кард. Ҳамин тавр, он аз 11 штат иборат буда, дар ҳайати иттифоқ бошад 23 штат боқӣ монданд, бе ба назар гирифтани қаламравҳо.

Гарчанде ки баъди шикаст дар Булл-Ран Шимол тадбирҳо андешида бошад ҳам, аммо дар фронти Шарқӣ вазъият беҳ нагардид. Шаҳри Вашингтон ҳама вақт ҳамчун шаҳри наздифронтӣ боқӣ монд, ҷанубиҳо дар ин самт ҳар гуна амалиётҳоро мегузаронданд, барои ҳамин, мудофиаи пойтахт барои шимолиҳо дар нақшаҳои стратегию тактикӣ аҳамияти аввалиндараҷаро дошт[1].

Дар давраи якуми низоъ, ҷанг аз ҷониби Шимол ба андозаи кофӣ қатъӣ бурда нашуд, ҳукумат тибқи меъёрҳои конститутсионӣ амал мекард. Ҳукумати Линколн аз эълон намудани бекоркунии сохти ғуломдорӣ метарсид, зеро ҳукумат ба ин назар буд, ки ин масъала принсипи моликияти хусусиро халалдор месозад. Ба артиш низ сиёҳпӯстонро қабул намекард. Дар байни афсарон низ нафароне буданд, ки ба исёнгарон ҳамдилиро нишон медоданд.

Зери фишори оммаи халқ ҳукумати Авраам Линколн аҳамияти ночор ҳифз намудани давлати воҳидро дарк намуда, соли 1862 аз чораҷӯӣ тавассути меъёрҳои конститутсионӣ ба чораҷуию меъёрҳои инқилобӣ гузашт, ки берун аз Конститутсия буд. Ин амал ба ҷанги шаҳрвандӣ характери инқилоби буржуазӣ-демкоратиро дод. Сиёсати иқтисодии инқилоби мазкур аз ҷорӣ намудани андозҳои нав аз болои сарватмандон, амалӣ намудани қонун оид ба мусодира намудани молу мулки исёнгарон, қабул намудани қонун дар бораи ҷудо кардани ҳиссаи замин иборат буд.

Дар моҳи сентябри соли 1862 А. Линколн оид ба озодкунии сиёҳпӯстон аввалин Прокламатсияро эълон намуд, ки дар худ огоҳиро дошт, ки тибқи он агар штатҳои исёнбардошта то 1 январи соли 1863 ба Иттифоқ пас нагарданд, ҳамаи ғуломон, ки дар территорияи онҳо мавҷуд мебошанд ба муддати «доимӣ озод» эълон карда мешаванд. Конфедератсия ин огоҳиро ба назар нагирифт, барои ҳамин дар моҳи декабри соли 1862 Прокламатсияи дуюм интишор дода шуд, ки танҳо ба озодкунии штатҳои ҷудошуда дахл дошт. Ҳуҷҷати мазкур қатъӣ мақсади ҷангро тағйир дод, гап акнун сари барҳам додани ғуломдорӣ мерафт. Қонун дар бораи ҷудо намудани ҳиссаи замин, ки имконият медод ҳар оилаи америкоӣ соҳиби 65 га замин гардад ва ҳамин гуна чорабиниҳои ба таври

[1]Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. С. 584 – 585.

демократӣ ҳал намудани масъалаи замин оммаи калони аҳолиро ба тарафдорӣ аз А. Линколн гардонд.

Бо усулҳои инқилобӣ бурдани ҷанг рафти онро дар давраи дуюм тағйир дод. Ходимони зиёди прогрессивӣ низ ақидаҳои Шимолро тарафдорӣ мекарданд.

Ба таври комил торумор намудани артиши Ҷанубро артиши Шимол дар зери фармондеҳии умумии генерал Улисс Грант, ки нақшаи ҷангии соли 1864 - ро кор карда баромад, ба даст даровард. Дар моҳи майи соли 1864 артиши генерал Уилям Шерман ба самти баҳр ҳаракат намуда, дар моҳи сентябр шаҳри Атланта ва баъд шаҳри Саваннаро забт карданд.

Дастовардҳои ҳарбӣ таъсири худро ба интихоботи президентӣ низ расонданд ва соли 1864 А. Линколн ба муддати дуюм президенти ШМА интихоб гардид[1].

Моҳи феврали соли 1865 артиши Шерман аз Саванна ба шимол ҳаракат намуд, то ки бо қисмҳои У. Грант пайвандад. Моҳи апрели соли 1865 артиши 115 ҳазорнафараи У. Грант шаҳри Ричмондро ишғол намуд. Аввал аз кӯчаҳои шаҳр полки аскарон-сиёҳпӯстон гузаштанд. Баъди асир гирифтани президенти Конфедератсия Ҷефферсон Дэвис ва ҳайати ҳукумати ӯ, конфедератсия мавҷудияташро қатъ намуд. Бо ҳамин, 9 апрели соли 1865 дар наздикии Аппоматтокс артиши сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи Ҷануб генерал Ли таслим шуд ва ҳамин рӯз ҷанги гражданӣ дар ШМА ба охир расид. Талафоти Шимол аз 360 ҳазор нафари дар майдонҳои ҷанг ва дар натиҷаи ярадору касал шуда мурда иборат буд. Ҷанубиҳо бошанд 250 ҳазор нафарро аз даст доданд. Ҷанги шаҳрвандӣ таъсири худро ба санъати ҷангӣ низ расонд. Дар ҷанги мазкур аз роҳҳо, флоти баҳрӣ ва дарёии буғӣ васеъ истифода гардид. Зуҳурёбии телеграф бошад имконият дод, ки аз масофаи дур ба таври фаврӣ қисмҳои ҳарбиро идора кард.

Ғалабаи Шимол дар ҷанг ҳукмронии плантаторон ва ғуломдориро барҳам зада, ҳукмронии буржуазияро дар мамлакат мустаҳкам намуд, барои тезондани суръати саноаткунӣ ва азхуд намудани заминҳои ғарбӣ шароитро фароҳам овард. Аммо баъди 5 рӯзи ғалабаи Шимол 14 апрели соли 1865, актёри саҳнаи театр, тарафдори ҷанубиҳо Ҷон Уилкс Бут президенти ШМА Авраам Линколнро дар театр паррондн[2].

Ҳамин тавр, инқилоби дуюми америкоӣ ба таври қатъӣ масъалаи аграриро ҳал намуд ва барои рушди сармоядорӣ дар ШМА шароит фароҳам овард. Раванди босуръати ташаккулёбии миллати америкоӣ низ гузашт. Аммо ба охир расидани ҷанг он маъноро надошт, ки ШМА яку якбора аз бӯҳрони сиёсати дохилӣ баромад. Дар территорияи Штатҳои конфедеративии Америка низоми реконструксионӣ, яъне системаи ҳолати ҳарбӣ, барқарор карда шуд ва қувваҳои федеролӣ танҳо соли 1877 аз қаламравҳои мазкур бароварда шуданд. Барои

---

[1]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 479 – 480.

[2]Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. С. 481.

ҳамин, дар давраи мазкур, имкониятҳои ШМА дар самти бурдани сиёсати фаъол дар нимкураи Ғарбӣ маҳдуд гардиданд.

**Мавқеи давлатҳои европоӣ нисбати ҷанги шаҳрвандии ШМА.** Мамлакати аввале, ки дар сиёсати хориҷии худ ба ҷанги мазкур диққати махсусро равона кард, ин Британия буд. Лондон ба заифшавӣ, мушаххастар гӯем, ба нестшавии Штатҳои саноатии Шимол, рақибони асосии худ дар қитъа манфиатдор буд. Ғалаби Ҷануб барои сиёсати экспансияи иқтисодии Англия роҳро пурра мекушод, Америкаи Шимолӣ мумкин буд пурра зери вобастагии мустамликахоҳонаи Британия қарор мегирифт.

Январи соли 1861 сафирони Россия аз Лондон ва Вашингтон оид ба мавқеи Англия, нисбат ба ҷанги шаҳрвандӣ дар ШМА хабар расонданд. Сафири Россия дар Вашингтон Э. Стекл хабар расонд, ки Англия ба низои дохилии Америка бо диққат назорат бурда истодааст ва натиҷаи онро интизор мебошад. Ба ивази пахта Англия омода аст Ҷанубро ба расмият шиносад ва ёрии ҳарбии худро расонад. Аз барои пахта шуда, мумкин бар зидди озодкунии ғуломон баромад намояд. Дипломати таҷрибадори Россия, сафири Петербург дар Лондон Брунов ба ҳукумати худ хабар расонд, ки англисҳо интизори он мебошанд, ки манфиатҳои Шимол ва Ҷануб ҳар чи тезтар ба ҳам бархӯранд ва дар натиҷаи он Иттифоқи Америка аз байн равад. Мувофиқи маълумоти ҷамъоваринамудаи ӯ ҳукумати Англия аз сидқи дил хоҳони он аст, ки ШМА ба ду ҷумҳурӣ тақсим шавад, то ки доим онҳо бо ҳам дар низоъ бошанд. Ва дар ҳамин шароит Англия бо ҳар дуи онҳо муносибатҳои дӯстонаи тиҷоратиро ба роҳ монад[1].

Замоне ки низоъ ба ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфт, дар байни давлатҳои европоӣ майл ба сиёсати забткорона ба вуҷуд омад, ки мумкин оқибат ба интервенсияи хориҷӣ оварда мерасонд. Испания, ки дар Куба такягоҳ дошт, мехост, ки аз ҳисоби қисми шарқии ҷумҳурии сиёҳпӯстони Сан-Доминго қаламравҳояшро васеъ намояд. Ин норозигии ШМА-ро ба вуҷуд оварда, Қасри Сафед ба сафири Испания дар Вашингтон нома фиристонд. Новобаста ба ин, аз вазъияти вазнини ШМА истифода бурда, Испания расман анексияи Ҷумҳурии сиёҳпӯстонро эълон намуд. Англия ва Франсия низ мехостанд зиддияти Шимол ва Ҷанубро ба манфиати худ истифода намоянд.

Англия ба Ҷануб якдилӣ нишон медод ва умедвори он буд, ки барҳамхӯрии Иттифоқ ба вазъияти аз ҷиҳати иқтисодӣ тобеъ шудани Америкаи Шимолӣ ба Англия оварда мерасонад. Моҳи май ҳукумати Англия нисбат ба низои Шимол ва Ҷануб бетарафии худро эълон намуд. Бо ҳамин, Конфедератсия на тарафи исёнбардошта, балки ҷониби ҷангкунанда ба расмият шинохта шуд. Ҷанубиҳо дастгирии давлатҳои европоиро талаб мекарданд. Аллакай 3 май, яъне баъди се ҳафтаи сар шудани ҷанг, ба Лондон намояндагони штатҳои исёнбардошта Янси ва Рост омаданд. Онҳоро Россел, аммо ғайрирасмӣ, қабул намуд. Зеро сафири ШМА дар Лондон Даллас эътироз баён намуда буд. Эъло-

---

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 73.

мия дар бораи бетарафиро қабул намуда, ҳукумати Британия ба соҳилҳои ШМА киштиҳои ҳарбии худро равона намуд, ба гуфтаи Россел гӯё ин кор ба хотири ҳимояи киштиронии Британия сурат гирифта шудааст.

Баъди Англия дар моҳи июн оид ба бетарафӣ ҳуқумати Франсия низ расман эълон намуд. Дар эъломияи он омада буд, ки Франсия муносибатҳои дӯстонаро бо ШМА ба инобат гирифта, бетарафии қатъиро нисбати муборизаи ҳукумати Иттифоқ бо Штатҳо, ки мехоҳанд конфедератсияро таъсис диҳанд, ихтиёр намуд.

Англия назорат мебурд, ки дар натиҷаи аз ҷониби ШМА зери блокада эълон кардани Конфедератсия, тиҷорати баҳрии Лондон бо он штатҳое, ки ба Британия пахта мефиристонданд, зарар набинад. Зеро саноати бофандагии Англия манфиатдори пахтаи арзон ва босифати штатҳои ҷанубӣ буд.

Дар моҳи сентябри соли 1861 фармондеҳони киштии ҳарбии ШМА «Сан-Ҷасинто» аз киштии тиҷоратии Англия «Трент» эмиссарони ғуломфурӯшонро боздошт намуданд. Ин норозигии калонро дар Англия ва Франсия ба вуҷуд овард. Матбуоти ростгаро ҳукумати Англия ва ҳукумати Франсияро даъват мекарданд, ки бар зидди ШМА ҷанг эълон намоянд. Вазири корҳои хориҷии Британия Россел талаб намуд, ки эмиссарҳои мазкур дар муддати ҳафт рӯз баргардонда шаванд. Ба Канада бошад қувваҳои ҳарбии Англия фиристонда шуданд. Аммо дар Лондон ва Париж барои хулосаи ниҳоиро баровардан сабр карданд, то ки рафти минбаъдаи ҳодисотро интизор шаванд ва ба дастовардҳои ҷанубиҳо умед бастанд. Ҳамзамон Англия бо суръати тез барои Конфедератсия киштиҳои ҳарбиро месохт. Ба эътирози сафири ШМА дар Лондон Адамс нигоҳ накарда, моҳи июли соли 1862 аз Ливерпул ба соҳилҳои Америка киштии ба конфедералистон дода, крейсери «Алабама» ба ҳаракат даромад.

Лондон ва Париж ба таври доим бо ҳам мубодилаи афкор намуда, рафти ҳодисотро назорат мебурданд ва лаҳзаи мувофиқро барои даромадан ба низои Америкаи Шимолӣ бар зидди ШМА интизор буданд. Наполеони III, гарчанде ки намояндагони ҷанубиҳоро қабул карда бошад ҳам, аммо аз эътироф намудани онҳо ҳамчун намояндагони расмии давлати мустақил, даст кашида буд. Ӯ бо ин амал фаҳмонд, ки Франсия дар танҳоӣ бе Англия, ки он флоти тавоно дорад, наметавонад дар ҳолати ба расмият шинохтани Конфедератсия бар зидди ШМА (Штатҳои Шимолӣ) ба ҷанг дарояд. Императори Франсия тавассути сафири худ дар Лондон Тувенел оид ба мавқегирии Лондон хабардор буд, ки он дар навбати худ дар муносибат бо ҷанубиҳо ҳоло ҳам дар самти қабул намудани қарори ниҳоӣ тез намешуд.

Наполеони III дар тирамоҳи соли 1862 бо пешниҳоде баромад намуд, ки тибқи он хост, ки ҷанубиҳо аз ҷониби Англия, Франсия ва Россия дастгирӣ карда шаванд. Ӯ пешниҳод намуд, ки оташбаси 6 моҳа дар ҷанги шаҳрвандӣ, бардошатни блокада аз болои штатҳои Ҷанубӣ ва кушода гардидани бандарҳои Америка барои савдо бо мамлакатҳои Европа ба даст дароварда шавад.

30 октябри соли 1862 вазири корҳои хориҷии Франсия Д. де Люис бо депеша ба сафирони мамлакати худ дар Лондон ва Петербург супориш дод, ки

пешниҳоди императори худро ба Британия ва Россия супоранд. Россия пешниҳоди мазкурро рад намуд. Ҳукумати Англия низ ҷавоби рад дода, дар ин масъала ба Россия такя кард. Дар қабул накардани пешниҳоди мазкур афкори ҷамъиятии мамлакатҳои мазкур низ таъсир расонда буд[1].

Дар худи Америка ҳам вазъият тағйир ёфт, барҳам задани ғуломдорӣ дар Шимол вазъияти Ҷанубро вазнин кард. Умуман сиёсати интихоб намудаи А. Линколн дуруст баромад. Дар байни доираи болонишини Ҷануб низ нафароне пайдо шуданд, ки бар зидди ғуломдорӣ садо баланд мекарданд. Ғалабаи шимолиҳо дар набардҳо ба тағйироти куллӣ ба вуҷуд омадан дар ҷанг низ таъсири амиқи худро гузошт.

**Мудохилаи сегона дар Мексика.** Дар охири моҳи октябри соли 1861 се давлат – Британия, Франсия ва Испания дар Лондон оид ба интервенсияи якҷоя ба Мексика шартнома бастанд. Андаке баъдтар дар соҳилҳои Мексика қувваҳои Испания фуромаданд, баъдтар, моҳи январи соли 1862 Франсия ва Англия низ лашкари худро дар Мексика фуровარданд. Мувофиқи конвенсия, ки 31 октябри соли 1861 байни Британия, Франсия ва Испания, ки дар Лондон аз ҷониби вазири корҳои хориҷии Англия граф Россел, сафири Франсия дар Лондон граф де Билярдери ва фиристодаи Испания Истурис-и-Монтеро баста гардид, мақсади умумии онҳо аз қудрат дур кардани ҳукумати Хуарес ва ба ҷойи он овардани одами ба худ содиқ будааст. Зеро соли 1857 дар Мексика ҳиндуасл Бенито Хуарес президент интихоб гардида буд. Палмерстон ва Наполеони III низ мехостанд Мексикаро ба сифати гузаргоҳ барои аз ҷониби ҷанубиҳо дахолати ҳарбӣ намудан дар ШМА истифода намоянд. Наполеони III бошад умуман дар бораи аз байн бурдани федератсия ва барқарор намудани таъсири Франсия дар Америкаро орзу мекард[2].

Дар конвенсияи се давлат омадааст, ки онҳо бо мақсади ҳамоҳангсоз намудани ҳаракати умумии худ, яъне интервенсия, ба хотири ба соҳилҳои Мексика сафарбар намудани қувваҳои хушкигард ва баҳрӣ ба мувофиқа расиданд. Гарчанде ки дар моддаи 2-юм ин ҳуҷҷат омада буд, ки тарафҳо барои ба даст даровардани қаламравҳо даъво надоранд ва ба корҳои дохилии Мексика дахолат намекунанд, халқи мексикоӣ бояд худаш шакли идоракунии худро интихоб намояд, аммо дар моддаи 3-юм ба хотири тақсим намудани маблағҳо, ки аз ҳукумати Мексика рӯёнда мешуданд, комиссия дар ҳайати як нафарӣ аз ҷониби тарафҳо таъсис дода шудааст. Ба назар гирифта шуда буд, ки як нусхаи ҳуҷҷатро ба ҳукумати ШМА низ мефиристонанд, то ки бо назардошти хоҳиши худ метавонист ба он пайваст шавад.

Наполеони III мехост, ки низоми сиёсиро дар Мексика иваз намояд. Ӯ бо императори Австро-Венгрия Франс Иосиф оид ба ин масъала, роҷеъ ба имко-

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 78.

[2]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 75.

нияти додани тоҷи Мексика ба бародари вай Максимилиан ба қарордод омада буд. 10-уми апрели соли 1864 Максимилиан тоҷи Мексикаро қабул намуда, аз ҳуқуқи худ ба тахти Австрия даст кашид. 11 июни соли 1864 император Максимилиан ба Мехико ворид шуд.

Мақсади ба сари қудрат овардани герсог Максимилиан Габсбург дар Мексика фавран эътирози ҳукумати ШМА-ро ба бор овард. Котиби давлатии ШМА дар депешаи худ ба сафири Вашингтон дар Лондон навишта буд, ки сиёсати намоишкоронае, ки қувваҳои Англия, Франсия ва Испания бар зидди Мексика бурда истодаанд, оқибат ба дар зери роҳбарии ким-кадом шоҳзодаи хориҷӣ барқароршавии монархия дар ин мамлакат оварда мерасонад. Котиби давлатӣ аз сафир хост, ки фикри перзиденти ШМА-ро ба иттифоқчиён расонад, ки бо мудохилаи ҳарбии хориҷӣ барқарор намудани режими монархиявӣ дар Мексика ягон пешравиро ба бор намеорад ва он зуд аз байн хоҳад рафт. Декабри соли 1865 маъмурияти президенти ШМА Э. Ҷонсон (1865 – 1869) аз Франсия талаб намуд, ки қувваҳои худро аз Мексика барорад. Вашинтон ба ҳукумати Б. Хуарес ба маблағи 30 миллион заём ёрӣ расонд. Барои намоишкорӣ соли 1866 дастаҳои америкоӣ шаҳраки сарҳадии Багдади Мексикаро ишғол намуданд ва гарнизони ҳарбии лашкари императорро хароб карданд. Аз рӯи назариявӣ Наполеони III метавонист ҷангро зидди ШМА сар кунад. Аммо моҳи марти соли 1867 қувваҳои Франсия аз Мексика бароварда шуданд. Он оё ба мушкил будани таъминоти артиш тавассути Атлантика рабт дошт ё он бо сиёсати фаъолонаи Пруссия дар Европа алоқаманд буд, байни муаррихон баҳс идома дорад ва оид ба он ҳоло ҳам ҷавоби мушаххасро пешниҳод накардаанд. Аммо дақиқаш он аст, ки қарори мазкури Наполеони III ба заволёбии ҳукумати Максимилиан оварда расонд. Императори Мексика тибқи ҳукми судӣ ҳарбӣ-саҳроӣ 19 июни соли 1867 парронда шуд. Оқибат ҷанги мардуми Мексика бар зидди қувваҳои интервенсияи хориҷӣ дар соли 1867 бо ғалабаи қатъии мардуми Мексика ҷамъбаст гардид. Дар мамлакат ҳукумати Б. Хуарес барқарор гардид.

Интервенсияи Франсия ба Мексикаро яке аз лаҳзаҳои гардиши куллӣ дар таърихи умумиҷаҳонӣ донистан мумкин аст. Ташаккулёбии монархияи Габсбургии иттифоқчии Франсия дар Мексика мумкин худ ба худ заволёбии «Доктринаи Монро» ва аз нигоҳи стратегӣ ба ҷудо шудани ШМА аз Америкаи Ҷанубӣ оварда мерасонд. Аммо Вашингтон тавонист, ки дар шароити вазнин «Доктринаи Монро»-ро ҳифз нигоҳ дорад. Аз ин вақт сар карда, воридшавии мустақимонаи ҳарбии давлатҳои европоӣ ба қитъаи Америкаи Шимолӣ мушкил гардид.

**Муносибатҳои Россия ва ШМА.** Дар муносибатҳои Россия ва ШМА дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳам наздикшавии ду давлати мазкур ба назар расида буд. Ба ин якчанд ҳолатҳо сабаб шуданд. Якум, мавқеишғолкунии Англия, Франсия ва Испания ШМА-ро маҷбур кард, ки дар дигар мамлакатҳо такягоҳу дастгириро ҷӯянд ва пеш аз хама бошад дар Россия. Дуюм, Россия, ки бо Англия ва Франсия муносиботи шиддатнок мебурд, ба иттифоқчии нав ниёз дошт.

Россия барои бохт дар Ҷанги Қрим ва мавқеи хусуматона ишғол намудани Англия ва Франсия дар вақти шӯриши Полша (с. 1863 – 1864) мехост қассос гирад.

Дар мактуби А. М. Гарчаков, ки аз 28 июни соли 1861 ба сафири Россия дар ШМА Э. Стекл фиристонда шудааст, оид ба ҳифз нигоҳ доштани Иттифоқи воҳид сухан меравад. Дар он А. М. Горчаков ШМА-ро на танҳо элементи мавҷудбудаи таносуби сиёсии ҷаҳонӣ номидааст, инчунин он аз миллате намояндагӣ менамояд, ки ба он императори рус ва тамоми Россия таваҷҷуи ниҳоят дӯстона доранд. Инчунин А. М. Горчаков хоҳиш кардааст, ки ба намояндагони Иттифоқи Америка расонда шавад, ки он метавонад ба муносибат ва таваҷҷӯҳи неки имепартори Россия дар тамоми давраи бӯҳрони ба вуҷуд омада такя намоянд.

Дар Петербург ба қароре омаданд, ки ба Америка ду киштии ҳарбии Россия ба соҳили шарқӣ ва соҳили ғарбӣ фиристонда шаванд. Ҳамин тавр, Россия қарори худро қабул намуд ва дар ҷанги мазкур шимолиҳоро дастгирӣ кард. Сентябри соли 1863 як киштии ҳарбии Россия ба Ню-Йорк наздик омад, дигараш бощдад ба Сан-Франсико даромад. Акнун Франсия низ ба дастгирии ШМА такя намуда, метавонист коммуникатсияи баҳрии Англияро дар уқёнусҳои Ором ва Атлантика зери назорат гирад. Қарори мазкури Россия ба мавқегирии Англия дар масъалаи Полша таъсир расонд ва таъсисёбии коалитсияи зиддирусӣ аз байн рафт[1].

Киштиҳои Россия ба миқдори муайян таъсири худро ба киштиҳои ҳарбии ҷанубиҳо расонданд, ки ин обрӯи Россияро дар мамлакатҳои европоӣ баланд бардошт. Маҳз аз ҳамин давра муносибатҳои дӯстонаи ШМА ва Россия барқарор гардиданд.

[1]Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М. А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010). Третье издание, исправленное и дополненое. М.: Аспект-пресс, 2012. С. 78.

# 4.9. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МУТТАҲИДШАВИИ ИТАЛИЯ

**Проблемаи муттаҳидшавии Италия ва мавқеи давлатҳои бузург.** Дар давраи ҳозира ҳуқуқи миллатҳо ба худмуайянкунӣ яке аз меъёрҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Миллат ҳамчун феномени рушди ҷамъиятӣ-таърихӣ зуҳуроти давраи на он қадар дур мебошад.

Конгресси Вена дар соли 1815 кӯшиш намуд, ки дар қонун ва таҷрибаи байналхалқӣ системаи анъанавии муносиботи байналхалқиро кодификатсия ва мустаҳкам намояд, ки бар пояи принсипҳои легитимистӣ асос ёфта бошад. Дар натиҷа, як қатор миллатҳои европоӣ – немисҳо, италянҳо, белгиягиҳо, полякҳо аз давлатҳои миллии худ маҳрум монданд. Илова ба ин ҷомеаҳои шаҳрвандие, ки дар дар қаламравҳои зисти онҳо ташаккул ёфтанд, дар мавқеи ниҳоят мушкил, ҳам дар муносибат бо миллатҳои асосёфтаи ғарбиевропоӣ – Англия, Голландия, Франсия ва ҳам дар муносибат бо монархияҳои феодалии Европаи Шарқӣ, пеш аз ҳама Россия ва Австрия қарор ёфтанд. Ҳамчунин ихтирокорони системаи венагӣ зери он маводи таркандаи оҳиста ба ҳаракат даромадаро монданд, ки он дер ё зуд бояд метаркид. Баробри ин, мубориза барои озодии миллӣ бо мубориза барои озодии иҷтимоӣ, мубориза миёни ҷамъияти буржуазии зуҳурёфта ва ҷамъияти анъанавии патриархалӣ-феодалӣ зич печид[1].

Ба таври мухтасар қарорҳои шартномаи Венаро оид ба масъалаи Италия меорем: шоҳигарии Сардиния Савойяро ба Швейтсария ва Франсия гузашт намуд, аммо ба ивазаш Генуяро гирифт; Австрия Венетсия ва Ломбардияро гирифт. Вилояти Папа барқарор карда шуд; малика Мария-Луиза Парма, Пяченса ва Гвасталларо дар ихтиёри худ нигоҳ дошт; эрсгерсог Франс Эсте герсоггариҳои Модена, Реҷио ва ғайраро ба худ боз пас гардонд. Охиронаш бошад Шоҳигарии ҳар ду Ситсилия бо пойтахташ дар Неапол зери ҳукмронии шоҳ Фердинанди IV барқарор карда шуд.

Инак, чуноне ки мебинем, аз як тараф Италия дар ҳолати парокандагӣ монд, аз ҷониби дигар дар нимҷазираи Апеннин Австрия тантанавор ҳукмронӣ мекард. Ҳамин тавр, тарафдорони Австрия ҳам дар Германия ва ҳам дар Италия озодиро буғӣ мекарданд.

Баробари ин, илова намудан зарур аст, ки вазъият дар Германия дида, дар Италия вайронтар буд. Зеро дар Германия аллакай як давлати бузурги европоӣ – Пруссия мавҷуд буд, ки метавонист маркази муттаҳидкунандаи мамлакат шавад ва қудрати онро ҳама, ҳатто бузургдавлатҳо низ ба инобат мегирифтанд. Дар Италия бошад давлате шабеҳи Пруссия вуҷуд надошт.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Давлати аз ҳама бузургтар шоҳигарии Сардиния наметавонист, ки даъвои ба даст даровардани статуси давлати бузург пеш орад[1].

Ватандӯстони италянӣ муборизаро барои озодии миллӣ пурзӯр намуда, дар ин самт маҷбур шуданд, ки иттифоқчиёнро пайдо намоянд. Иттифоқчии табиии Италия бояд Франсия мешуд. Илова бар ин, сиёсатмадорони франсузӣ ва италянӣ тибқи принсипи маъмулӣ – душмани адӯи ман дӯсти ман аст, амал мекарданд. Дар ин вақт душмани умумии Италия ва Франсия Вена ба ҳисоб мерафт.

2 июли соли 1820 якчанд полк, ки дар Ноле ва Авеллино ҷойгир буданд, конститутсияи соли 1812-и тартибдодашударо дубора эълон карданд, Фердинанд IV, аз тарс, ҳокимиятро ба дасти карбонариҳо супорид.

Реаксияи бузургдавлатҳо нисбати воқеаҳои шоҳигарии ҳар ду Ситсилия ҷиддӣ буд. Австрия ба таври қатъӣ ба тарафдории иртиҷоият баромад намуд ва ниҳоят маҳз лашкари австриягиҳо инқилоби Неаполро пахш намуданд. Пруссия, гарчанде Венаро дастгирӣ намуд, аммо мавқегирии он ҳеҷ муҳимиятро надошт. Аммо мавқегирии се абарқудрати боқимонда – Англия, Россия и Франсия ба андозае аҷоиб ва диққатҷалбкунанда буд.

Масалан, Александри I дар конгресси Троппау, ки ҳоло ҳам аз ғояҳои либералии давраи ҷавониаш халос нахӯрда буд, гуфтааст, гарчанде ки Иттифоқи Муқаддас ба хотири ҳимояи монархҳо аз исёну шӯришҳо созмон дода шуда бошад ҳам, он, ҳамзамон набояд халқҳоро аз озодӣ, ки онро монархҳо ихтиёрона ба онҳо медиҳанд, маҳрум созад. Барои ҳамин, розигии худро ба интервенсияи Австрия дар он арзёбӣ намуд, ки шоҳ Фердинанд ӯҳдадор аст, ки баъди баргаштанаш ба ҳокимият ба тобеини худ конститутсияро тӯҳфа намояд.

Аз номи Британияи Кабир лорд Каслри эълон намуд, ки Австрия ҳуқуқ дорад исёнро, ки ба манфиатҳои он хатар эҷод менамояд, хобонад, аммо Лондон зидди истифода бурдан аз принсипи мудохиланамоӣ ба корҳои дохилӣ, ба хотири як назарияи сиёсӣ бар зидди дигар назарияи сиёсӣ мебошад.

Дар навбати худ ҳукумати Франсия маҷбур шуд, ки миёни либералҳо ва ултрароялистҳо мавқеъ гирад, аз амалиёт даст кашидан низ он наметавонист, агар не, ҳам инҳо ва ҳам дигарон ҳукуматро дар ба назар нагирифтани манфиатҳои Франсия айбдор мекарданд.

Хулоса, Австрия, гарчанде натавонист, ки фронти ягонаи аксулинқилобиро ба даст орад, аммо артиши ҷазодиҳандаи худи он басанда шуд, то ки сипоҳиёни конститутсияхоҳонро торумор намояд. Аммо тантанаи реаксионерон дар Италия дер давом накард. Дар Пемонт сӯиқасди ҳарбӣ баҳори соли 1821 ба эълон намудани конститутсия оварда расонд, княз Ипсиланти бошад бо қу-

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ввахои мусаллаҳ ба князгариҳои Дунай ворид шуда, тамоми юнониёнро ба шӯриши зидди Туркия даъват намуд[1].

Австрия дар иҳота қарор гирифта шуд: аз як тараф карбонариҳои италянӣ, аз тарафи дигар исёнгарони юнонӣ империяи Туркияро ба ҷумбиш оварданд. Дар Вена доимо хуб медонистанд, ки баъди таназзули империяи Туркия навбати империяи Австрия мерасад. Барои ҳамин, маҳз масъалаи Шарқ ба Иттифоқи Муқаддас зарбаи ҳалокатвор расонд. Муайян аст, ки он даме, ки гап дар бораи Масъалаи Шарқ мерафт, шоҳи Россия ба чунон инқилобчӣ табдил меёфт, ки аз якобинчиёну карбонарҳо ҳам мегузашт.

Аён буд, ки барои Вена ба Англия ҳам умед бастан он қадар баланд набуд. Маҳз дар ҳамин солҳо дар ин мамлакат ҳаракати чартистӣ қувват гирифт ва дар чунин шароит ҳатто ба рекасионерони ашаддӣ, ба монанди Каслри ва Веллингтон, осон набуд, ки афкори ҷамъиятиро ба самти дастгирӣ намудани моҷароҳои аксулинқилобӣ ҷалб намоянд.

Баъди соли 1830, замоне ки дар Франсия буржуазия ба таври ниҳоӣ ҳукмрон гардид, такя намудан ба Париж низ дар самти дастгирӣ намудани низомҳои легитимӣ комилан аз имкон берун буд. Зиёда аз ин, бисёре аз сиёсатмадорони француз, аз Луи-Филлипп сар карда, то Луи Наполеон тартиботи ҷоришудаи соли 1815-ро ҳамчун зиддифрансузӣ ва зараровар меҳисобиданд. Инчунин барои сарварони сиёсии Франсия, аз Лафайет сар карда, то Лион Мишел Гамбетта давлати муттаҳидаи Италия дар оянда ҳамчун иттифоқчии ҳақиқӣ аз он тарафи Алп дониста мешуд.

Феврали соли 1831 шӯришҳо ҳамзамон дар Модена, Болона, Анкона, Парма ва дигар ҷойҳо рух доданд. Герсог Франс Д Эсте ва эрсгерсогзан Мария-Луиза маҷбур шуданд, ки роҳи гурезро пеш гиранд. Эмилия, Романя ва Болона ба дасти шӯришчиён гузаштанд. Австрия ба ҷо ба ҷогузори лашкари худ дар мобайни Милан ва Венетсия оғоз намуд, аммо ин маротиба дар Париж сиёсатмадорони фаъолу либерал, аз ҷумла Лафайетт ва Жан Казимир - Пере қарор доштанд. Онҳо тавонистанд, ки дар вилояти Папа, ки аз ҷониби австриягиҳо ишғол шуда буд, ба пешравии назаррас ноил гарданд. Ҳамин тавр, аз ин пас дар сиёсати самти италянии худ Австрия маҷбур шуд, ки факторҳои франсузиро ба инобат гирад.

Махсусан, дар рафти инқилоби солҳои 1848 – 1849 вазъияти Австрия дар Италия ниҳоят бад шуд. Дар моҳи марти соли 1848 Венетсия ба исён хеста, муддате баъд тамоми Италияи Шимолӣ аз австриягиҳо тоза карда шуд.

Шоҳи Сардиния аз вазъияти ба амал омада, ки роҳро барои муттаҳидшавии мамлакат бо сарварии сулолаи сардиниҳо кушод, хост, ки ба фоидаи худ истифода намояд ва ба Австрия ҷанг эълон намуд. Мақсади шоҳ аз он иборат буд, ки Ломбардия ва Венетсияро ба шоҳигарии Сардиния ҳамроҳ намояд. Дигар монархҳои италянӣ низ зери таъсири оммаи халқ майл ба тарафи Сарди-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ния намуданд. Дар ҳамин шароитҳо Палмерстон ба Австрия маслиҳат дод, ки ба гузашткунӣ розӣ шавад.

Австрияи ба тарсу воҳима омада, тайёр буд, ки ба Сардиния Ломбардияро гузашт намояд, аммо баъди он ки сарфармондеҳи Австрия, фелдмаршал Радетский қувваҳои иловагиро гирифт, вазъият дар Италия тағйир ёфт. Дар муҳорибаи назди Кустосса сипоҳи италянӣ торумор карда шуда, Австрия барои ворид шудан ба Пемонт таҳдид мекард. Дар ҳами вақт дар натиҷаи ҳаракатҳои инқилобии моҳи июни соли 1848 худи Франсия низ дар ҳолати хеле бад қарор дошт, Англия бошад дар танҳоӣ ҷуръат накард, ки барои Италия шуда, бо Австрия вориди низои ҷиддӣ гардад. Аз дастгирии абарқудратҳои Ғарб маҳрум ва Миланро аз даст дода (9 август), шоҳигарии Сардиния зери миёнҷигарии Англия ва Франсия бо Австрия шартнома баст, ки тибқи он Венетсия ва Ломбардия зери таъсири Австрия монданд.

Кӯшишҳои навбатии шоҳи Сардиния Карл - Алберт дар соли 1849 барои баровардани австриягиҳо аз Венетсия ва Ломбардия низ натиҷаи мусбӣ надода, ӯ ба манфиати писараш – Виктор-Эммануил аз тахт даст кашид, ки маҳз вай баъди 10 сол муттаҳидкунандаи мамлакат гардид.

Дар алоқамандӣ ба ин зарур аст, ки оид ба мавқеи Россия низ нисбати ин масъала сухан ронем. Императори Россия Николай Австрияро аз ҷиҳати рӯҳӣ ва дипломатӣ ҳаматарафа дастгирӣ кард. Ҳатто бо Сардиния алоқаҳои дипломатиро канд. Ҳамзамон вай пешниҳод дар бораи миёнаравӣ, инчунин даъват намудани конгресси дипломатӣ оид ба муҳокимаронии масъалаҳои Италияро рад намуд. Ӯ аз он тарсид, ки мумкин дар рафти конгресс оид ба Масъалаи Шарқ қарорҳое қабул гарданд, ки барои Россия ғайриқабул мебошанд. Умуман дар рафти инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 ҳукумати подшоҳии Россия бо истифода аз қувва ва яроқ нақши жандарми Европаро бозӣ мекард.

Чунин буд вазъият дар солҳои 1848 – 1849 дар Шимолии Италия, дар Ҷануб низ баъзе масъалаҳо ба вуҷуд омаданд. Минҷумла, баҳори соли 1849 Ҷумҳурии Франсия бо роҳбарии президент Луи-Наполеон, бо мақсади барқарор намудани ҳокимияти дунявии папа, кӯшиши ташкил намудани интервенсия ба Римро кардан буд. Дар ин самт кӯшишҳои генерал Удино дар баҳори соли 1849 барои забт намудани Рим натиҷаи мусбӣ надоданд, аммо моҳи июн бо истифода аз артиллерия шаҳрро гирифтанд. Папа Пийи IX имконият пайдо намуд, ки бо ҷумҳурихоҳон ҳисобу китоб намояд. Ва ин ҳама имконият бо дастгирии Ҷумҳурии дуюми Франсия ба даст омада буд.

Ҳамин тавр, Луи - Наполеон, ба хотири он дастгириҳое, ки аз ҷониби рӯҳоният ба даст оварда буд, ба папа ёрӣ расонд. Аммо ҳамзамон проблемаи Италия муносиботро миёни Париж ва ватандӯстони италянӣ ба муддати дароз вайрон карда буд.

Дар натиҷаи шикасти инқилоби солҳои 1848 – 1949 Италия ҳоло ҳам мамлакати дар ҳолати парокандагӣ боқӣ монд. Ломбардия ва Венетсия зери ҳукмронии Габсбургҳо буданд, дар Рим артиши Франсия қарор дошт, дар Романя сипоҳи австриягиҳо мустақар буд. Дар охири солҳои 50-ум ҳаракатҳо

барои муттаҳидкунии мамлакат дар ду равияи дақиқ муайян гардиданд. Якум, инқилобӣ-демократӣ, ки намояндаи намоёни он Ҷузеппе Гарибалди буд. Дуюм, равияи муътадил мебошад, ки бо роҳбарии сарвазири шоҳигарии Сардиния К. Кавур шакл гирифт[1].

**Ҷанги австро - франко – италянӣ (с. 1858 – 1859).** Муттаҳидшавии князгариҳои Дунай ва таъсисёбии Руминия бохти калони империяи Австрия дониста шуда, он барои амалишавии консепсияи суверенитети миллӣ такон бахшид[2]. Равиши мазкур дар давлатҳои Италия ҳаракатҳои миллиро боло бардошт. Дар масъалаҳои Италия императори Франсия ба нахуствазири шоҳигарии Сардиния Камилло Кавур такя мекард. Сардинияро ба ҷанги зидди Австрия тела дода, Париж кӯшиш мекард, ки 1) бузургдавлати ҳарифи худро заиф гардонад; 2) назораташро аз болои равандҳои сиёсии дар нимҷазираи Апеннин сурат гирифта таъмин намояд; 3) дар Европаи Ҷанубӣ иттифоқчии вафодорро ба даст орад.

Агар Сардиния ба қаламрави худ Ломбардия ва Венетсияро ҳамроҳ менамояд, Виктор - Эммануил роҳбари давлате мешуд, ки он 11 – 12 миллион аҳолӣ медошт ва ин аллакай қувваи бузург мебуд, ки Австрияро зарур меомад, ки манфиатҳои онро доимо ба инобат гирад[3].

Дар рафти гуфтушунидҳои махфӣ дар Пломбер 20 июли соли 1858 байни Наполеон ва сарвазири шоҳигарии Сардиния Камилло Бенсо ди Кавур шартнома баста шуд ва тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки Ломбардия ва Венетсия ба Сардиния ҳамроҳ карда мешаванд, ба Франсия бошад музофотҳои Савойя ва Нисса дода мешаванд. Наполеон розӣ шуд, ки дар якҷоягӣ бо Сардиния ба ҷанги зидди Австрия ворид мешавад. Ғайр аз ин, К. Кавур тавонист аз шоҳзода, вориси тоҷу тахти Пруссия Вилгелм кафоалтро ба даст оварад, ки тибқи он Пруссия аз ҷониби Австрия баромад намекунад. Дар Берлин ҳоло ҳам таҳқир дар Олмюсро фаромӯш накарда буданд ва ташнаи қассосгирӣ буданд. Аз ҷониби худ Париж кӯшиши ҷиддӣ намуд, ки муносиботи Россия ва Франсияро беҳтар намояд, зеро дар натиҷаи конференсияи Париж вазъият атрофи князгариҳои Дунай, Молдавия ва Валахия ба манфиати Россия ва Франсия ҳал карда шуда буд, яъне қариб, ки амалан ин князгариҳо аз Туркия истиқлолиятро ба даст дароварда буданд. Сентябри соли 1858 дар Варшава шоҳзода Жером Бонапарт бо шоҳи Россия Александри II вохӯрӣ гузаронд. Дар натиҷаи он 3 марти соли 1859 сафири Россия дар Париж П. Д. Киселёв ва вазири корҳои хориҷии Франсия А. Валевский оид ба бетарафӣ ва ҳамкорӣ шартномаи махфиро имзо карданд. Ҳамин тавр, ҳукумати Наполеони III аз ҳукумати Россия боварии қатъиро ба даст даровард, ки тибқи он Петер-

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 215.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 216.

[3]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

бург метавонад Иттифоқи Германияро аз дастгирӣ намудани Австрия дар ин ҷанг боз дорад. Россия инчунин ба наздикии сарҳадоти империяи Австрия дар Полша 70 ҳазор лашкари худро ҷой дод[1]. 22 июни соли 1860 бошад дар Варшава вохӯрии се император (Россия, Австрия, Пруссия) шуда гузашт, ки дар рафти он низ императори Россия Александри II императори Австрия Франс Иосифро розӣ кунонда буд, ки дар Италия ҳеҷ гуна амалиётро анҷом надиҳад.

1 январи соли 1859 ҳангоми қабули солинавии дипломатҳо дар қасри Тюилри Наполеони III ба сафири Австрия, граф Гюбнер расонд, ки муносиботи мо бо ҳукумати шумо дар муқоиса ба пештараи нек, характери камтар дӯстонатар гирифтаанд. Дар Вена суханони Наполеонро ҳамчун омодагии Франсия ба ҷанг маънидод карданд.

Ҳамин тавр, омодагии дипломатӣ ба ҷанг ба охир расид, бо Англия, ки иттифоқчии тавоноро дар қитъа надошт, метавонистанд умуман масъалаи мазкурро баррасӣ накунанд. Илова ба ин, мубориизаи ватандӯстони италянӣ дар ҷомеаи Англия аз маҳбубияти калон бархӯрдор буд, инчунин Лондон навакак дар Ҳиндустон бо машақатҳои зиёд шӯриши Сипоҳиёнро хобонда буд. Аммо дипломатҳои англис тавонистанд дар асосии ғояи худ даъват намудани конференсияи байналмилалие, ки дар рафти он бояд масъалаи Италия баррасӣ мешудро ба миён гузоштанд. Париж ва Турин пешниҳоди мазкурро пазируфтанд, зеро дар ин вақт онҳо боварӣ доштанд, ки ин пешниҳодро Вена рад менамояд ва он боиси хоҳишмандии casus belli мегардад. Моҳи апрели соли 1859 Австрия ба Пемонт ултиматум фиристонда демилитаризатсияи онро талаб намуд. Ултиматуми дағалонаи Вена оид ба беяроқкунии Пемонт аз 23 апрели соли 1859 барои ҷанг баҳонаи мувофиқ гардид, акнун дар симои ҷомеаи байналмилалӣ маҳз Австрия таҷавузкор ба назар мерасид. 29 апрели соли 1859 Австрия бар зидди Пемонт ҷанг эълон кард.

Ултиматуми Австрия, яъне амалан даст кашидан аз миёнҷигарии байналхалқӣ танҳо як маъноро дошт – австриягиҳо ба он бовар доштанд, ки Франсия ба низоъ омода нест. Аммо ҳамин лаҳзаҳо, 29 апрел франсузҳо ногаҳон аз Алп гузаштанд ва 3 май Франсия бар зидди Австрия ҷанг эълон кард. Дар адабиёти таърихӣ ҷанги мазкур номи ҷанги Италия ё ҷанги австро - франко - сардиниягӣ гирифтааст.

Аллакай, то моҳи июн, австриягиҳо ба якчанд бохт рӯбарӯ шуда, аз Пемонт бароварда шуданд ва 4 июни соли 1859 бошад генерали австриягӣ Дюлай дар муҳорибаи назди деҳаи Маҷента шикасти сахт хӯрд, ки баъди ин ҳодиса вай маҷбур шуд, ки Миланро тарк кунад. 11 июни 1859 бошад дар Лондон ҳукумати Эдуард Ҷорҷ Чефри Смит-Стэнли Дерби, аз байн бурда шуд, ки майли аз ҷониби Австрия мудохила намудан ба ҷангро дошт ва ба сари қудрат Палмерстон омад, ки баръакс тарафдори мавқеи бетарафӣ ва дӯстона ишғол намудан дар муносибат бо Франсия ва Сардиния буд. Ва ниҳоят ҷой-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 216.

гиршавии артиши пурқуввати Россия дар Полша, имкониятҳои Иттифоқи Германияро дар самти аз ҷониби Австрия ба низоъ ворид шудан аз байн мебурд.

Ба назар мерасид, ки вазъият пурра ба тарафи иттифоқи зиддиавстриягӣ қарор дорад, аммо ҳодисаҳо дар Италия чунин суръат гирифтанро сар карданд, ки Луи-Наполеон ба хулосае омад, ки вазъият комилан аз контрол берун баромада истодааст. Яъне тамоми Италия – Парма, Болоня, Модена, Тоскана, вилояти Папа ба шӯриш хестанд. Дар шоҳигарии Неапол низ эътирозҳо сар шуданд. Дар худи Франсия ҳам бошад реаксионерон ва рӯҳоният бисёр норозӣ шуданд. Дар ҳақиқат дар муҳорибаи назди Солферино 24 июни соли 1859 Наполеони III ғалаба кард, аммо барои ӯ гирифтани қалъаҳои машҳури бо истилоҳи «чоркунҷа» – Пескиера, Мантуя, Верона ва Леняго аз пеш омад. Танҳо баъди ба даст овардани «чоркунҷа», мумкин буд, ки назорати қатъиро аз болои Италияи Шимолӣ таъмин намуд[1].

***Шартномаи пешакии сулҳи Виллафранка.*** Наполеони I 60 сол пеш ҳамин тавр рафтор намуд, аммо Наполеони III мумкин ба ҳарос омада, рафтори беҷуръатонаро карда, 11 июли соли 1859 дар деҳаи Виллафранка бо императори Австрия Франс Иосиф сулҳи сепаратиро баст[2]. Таҳлилгарон ба ин назаранд, ки Наполеон аз баланд гардидани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар Италия ва аз таҳдиди мудохила намудани Пруссия ба рафти ҷанг тарсида, сулҳи мазкурро баст. Мувофиқи шартномаи мазкур, Австрия розӣ шуд, ки Ломбардия ба шоҳигарии Сардиния гузарад ва баробари ин, шартномаи мазкур суверенитети Венаро аз болои Венетсия нигоҳ дошт. Дар Италияи боқимонда бошад вазъи маъмурӣ чун пешина боқӣ монд. Князҳои аз тахт рондашудаи италянӣ дуюмбора ба қудрат омада, имконият пайдо намуданд, ки тобеини шӯришбардоштаи худро ҷазо диҳанд.

Тамоми Европа оид ба сӯиқасд дар Виллафранкаро шунида, воҳ гуфт, зеро Австрия назоратро аз болои Венетсия ва «чоркунҷа», нигоҳ дошт, ки тавассути онҳо тамоми Италияро зери нишони худ қарор мегирифт. Он чизе, ки ба Луи-Наполеон дахл дошт, ӯ бошад дар назари тамоми Европа ҳамчуни моҷароҷӯи кирдораш аз ҳама пасттарин муаррифӣ гардид. Ҳанӯз 8 майи соли 1859 дар Милан назди италягиҳо баромад карда, даъват карда буд, ки мттаҳид шавед, аз нигоҳи ҳарбӣ муташаккил гардед, зери байрақи шоҳ Виктор-Эммануил шитобкорона ҷамъ шавед ва зери оташи муқаддаси ватандӯстӣ имрӯз пеш аз ҳама танҳо аскар бошед ва дар натиҷа пагоҳ шумо шаҳрвандони озоди мамлакати бузург хоҳед шуд».

Аммо дар асл бошад бо ваъдахилофиаш ӯ чиро ба даст овард, танҳо пурра аз даст додани назорат аз болои вазъият насиби вай гашт. Рӯҳониёни

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 263 – 264.

француз ва италянӣ ӯро дигар дӯст намедоштанд, дар назари иртиҷоияти католикӣ «императори французҳо» ҳамчун «Яҳуди нав» намудор шуд, ҳамин таври дигар ба ӯ инқилобчиёни италянӣ баҳогузорӣ намудаанд.

Оташбаси Виллафранка обрӯи ҳукумати Пемонтро низ паст намуд. Зеро Пемонт на танҳо барои ҳамроҳкунии Ломбардия, балки Венетсия ҳам иддао мекард. Граф Кавур ба истеъфо рафта, танҳо моҳи январи соли 1860 боз аз сари нав ба ҳукумат баргашт. Новобаста аз ин Пемонт маҷбур шуд, ки ба оташбаси Виллафранка пайваст гардад.

***Шартномаи Сюрих.*** Оқибат низои мазкур дар як нишасти сарони давлатҳои иштирокчии ҷанг ҳал гардид. Дар шаҳри Сюрих вохӯрии сетарафа – Австрия, Франсия, Пемонт доир гардида, 10 ноябри соли 1859 Шартномаи сетарафаи сулҳ баста шуд. Мувофиқи шартномаҳои Сюрих ба Сардиния Ломбардия (ба ғайр аз баъзе қалъаҳо) гузашт. Аз ҳисоби давлатҳои италянӣ таъсис додани конфедератсия ба инобат гирифта шуд, ки дар он мебоист папаи Рим нақши калидиро бозӣ мекард, дар асл бошад қарори мазкур парокандагии мамлакатро мустаҳкам намуд. Венетсия дар ҳайати Австрия монда, баробари ин ҳуқуқ гирифт, ки ба ҳайати конфедератсияи давлатҳои италянӣ ба сифати аъзои комилҳуқуқ ворид шавад. Сардиния ба Франсия ба хотири кам кардани хароҷоти ҷанг 60 миллион флорин маблағ пардохт намуд. Ҳамин тариқ, Сардиния, ки барои муттаҳидкунии мамлакат мубориза мебурд, танҳо Ломбардияро ба даст овард. 24 марти соли 1860 бошад Пемонт созишномаи Пломберро аз соли 1858 иҷро намуда, ба Франсия Савоя ва Ниссаро дод[1].

**Раванди минбаъдаи муттаҳидшавии мамлакат.** Дар худи Италия ватандӯстон тақдири мамлакатро ба дасти худ гирифтанд. Сулҳи Сюрих Австрияро аз нимҷазираи Апеннин дур кард. Ҳукумати Пемонт (шоҳигарии Сардиния) бо суръати тез мавқеашро мустаҳкам гардонд.

***Ҳамроҳкунии Италияи Марказӣ.*** Дар рафти ҷанг бо Австрия соли 1859 монархияҳои Тоскана, Модена, Парма ва Романя барҳам зада шуданд. 8 декабри соли 1859 Парма, Модена ва қаламрави вилояти Папа ба музофоти шоҳии Эмилия ҳамроҳ карда шуданд. Моҳи марти соли 1860 дар қаламравҳои зикришуда, ғайр аз қаламрави вилояти Папа пурсишҳои умумихалқӣ гузаронда шуданд, ки дар асоси натиҷагирии райъи мардум онҳо расман ба ҳайати шоҳигарии Пемонт ҳамроҳ карда шуданд. Ҳамин тавр, аз давлатҳои Италияи Марказӣ танҳо Ҷумҳурии Сан-Марино, ки аз соли 855 амал мекунад, истиқлолияти худро ҳифз кард.

***Барҳамзании шоҳигарии Неапол.*** Дар моҳи апрели соли 1860 Ситсилия исён бардошт, ки ба ёрии онҳо 2 ҳазор нафар бо роҳбарии Ҷузеппе Гарибалди равон шуданд. Ва аллакай дар рӯзҳои аввали моҳи июн тамоми ҷазира ба дасти шӯришчиён гузашт. Табиист, ки аз Сардиния ҳар рӯз тавассути нақлиёт яроқ ва қувваи инсонӣ ба ёрии шӯришчиён фиристонда мешуд. Дар зоҳир

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 220 – 221.

давлатҳои абарқудрат кам - кам эътироз баён намуданд, аммо дар асл бошад ягон кас намехост, ки ба папа Пийи IX ва Франческои II ёрӣ расонад. Он чизе, ки ба афкори ҷамъиятии Европа дахл дошт, пас он комилан пурра ба тарафдории ватандӯстони Италия буд. Дар моҳи август Гарибалди тавассути гулӯгоҳи Мессина гузашта, тақдири шоҳигарии Неапол ҳал гардид[1]. 7 сентябри соли 1860 Ҷ. Гарибалди ба пойтахти шоҳигарии Неапол ворид гардид.

Мумкин бе мавқеъгирии хайрхоҳона аз ҷониби Лондон экспедитсияҳои мазкур аз имкон берун буданд: флоти Британия метавонист, ки соҳилҳои Италияро маҳкам намояд ва бо ҳамин кор ҷамъбаст мешуд. Аммо Англия ин корро накард, Лондон ба он такя кард, ки баъди ваъдахилофии Наполеон дар Виллафранка акнун Британия имконияти қуллай дорад, ки дӯсти беҳтарини давлати нави миллӣ гардад.

**Таъсисёбии шоҳигарии Италия (с. 1861).** Дар моҳи октябри соли 1860 дар Умбрия ва Шоҳигарии ҳар ду Ситсилия плебистсит (қарор, пурсиши умумии мардум оид ба мақсади ҳалли масъалаи муҳим) шуда гузашт, дар натиҷаи онҳо музофотҳои мазкур ба шоҳигарии Сардиния ҳамроҳ шуданд. Акнун баъди давраи дуру дарози парокандагии феодалӣ, оккупатсияи хориҷӣ, таҳқир ва беқувватӣ, оқибат Италия муттаҳид гардид.

Австрия дигар дар он ҳолате қарор надошт, ки ба ин раванд халал расонад. Дар Германия, ба гумон, ки интервенсияи Австрияро ба Италия дастгирӣ мекарданд, зеро аксарияти ватандӯстони немис дар навбати худ ташнаи он буданд, ки италягиҳо ба он, яъне ба муттаҳидшавӣ, комёб шуданд. Барои ҳамин, эътирози Берлин бар зидди халалдор намудани ҳуқуқҳои шоҳи Неапол ва папа танҳо дар доираи шаклан шунида шуд. Франсия, бешубҳа мумкин Италияро дастгирӣ мекард. Дар Россия низ рафтори Австрияро дар рафти Ҷанги Қрим фаромӯш накарда буданд. Ва охирон, дар худи Австрия вазъият ором набуд, Венгрия бо даст задан ба исён таҳдид мекард. Аммо ба таври ниҳоӣ умеди Австрияро нотаи лорд Рассел аз 27 октябр аз байн бурд, ки дар он вай ба тарафдории мардум, ки Виктор-Эммануилро шоҳи худ эътироф карданд, баромад намуда, дар назди Европа нуқтаи назарро монд, ки тибқи он миллатҳо метавонанд дар ҳар лаҳза он ҳукуматҳоеро иваз намоянд, ки ба манфиати онҳо фаъолият намекунанд. Ин маънои онро дошт, ки муттаҳидшавии Италия расман аз ҷониби «консерти европоӣ» эътироф карда шуд[2]. 17 марти соли 1861 парламенти шоҳигарии Сардиния оид ба таъсисёбии Шоҳигарии Италия бо пойтахташ дар шаҳри Турин эълон кард, ки ба ҳайати он Сардиния, Ломбардия, Тоскана ва дигар музофотҳои Италия дохил гардиданд. Виктор Эммануил бо номи Виктор Эммануили II унвони шоҳи Италияро қабул намуд.

**Ба охир расидани муттаҳидшавии Италия (с. 1866 – 1870).** Аммо муттаҳидшавии Италияро наметавонем гуфт, ки бо ҳамин ба охир расид, то он

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

даме, ки ба он ҳоло Венетсия ва вилояти Папа ҳамроҳ карда нашуда буданд. Ҳамин тавр, Венетсия ба Италия баъди ҷанги Австрия бо Пруссия (с. 1866) ва вилояти Папа бошад баъди ҷанги Франсия бо Пруссия ҳамроҳ карда шуданд. Ин ҳамроҳшавӣ на тавассути яроқи италянӣ, балки дар натиҷаи вазъияти қуллайи байналмилалӣ сурат гирифт. Гарибалди дар солҳои 1862, 1867 кӯшишҳо намуд, ки Римро ба Италия муттаҳид намояд, аммо натиҷа надод.

***Мубориза барои Венетсия.*** Соли 1866 Италия дар ҷанги австро-пруссӣ иштирок намуд. Раванди бохтҳои тақиромези италиягиҳо аз австриягиҳо дар рафти ҷанги соли 1866 дар адабиёти таърихӣ муфассал инъикоси худро ёфтааст. 26 июли соли 1866 Пруссия бо Австрия сулҳ баст. Австрия Венетсияро ба фоидаи Франсия гузашт намуд, Париж бошад дар навбати худ онро ба Италия дод. Баъди пурсиши умумие, ки дар Венетсия гузаронда шуд, 21 октябри соли 1866 музофоти мазкур ба Италия ҳамроҳ карда шуд. Ҳамроҳшавии Венетсия дар самти анҷомёбии муттаҳидшавии Италия аз «боло», бо роҳи «ҷангҳои шоҳӣ» ва маҳорати дипломатӣ қадами муҳим ба ҳисоб мерафт.

***Ҳамроҳкунии вилояти Папа.*** Берун аз қаламрави шоҳигарӣ фақат Рим монд, ки он зери ҳимояи Наполеони III қарор дошт. Моҳи сентябри соли 1864 бошад К. Кавур бо Наполеони III шартнома баста буд, ки тибқи он Италия ӯҳдадор гардида буд, ки ба мулкҳои Папа ҳуҷум намекунад, баръакс онҳоро ҳифз менамояд. Аз ҷониби худ Наполеон ваъда кард, ки он вақте ки артиши худии Папа таъсис дода шавад, аз Рим артиши худро мебарорад, аммо дар муддати на камтар аз ду сол. Аммо заволёбии империяи дуюм дар Франсия соли 1870 раванди муттаҳидшавии Италияро тезонид. Қувваҳои мусаллаҳи Франсия Римро тарк карданд. Ҳукумати Италия бошад бар зидди вилояти Папа лашкарашро равона намуда, Римро ишғол намуд. 9 октябри соли 1870 бошад ҳамрошавии расмии Рим ба Италия эълон гардид. Пойтахти шоҳигарии Италия аз 26 январи соли 1871 Рим интихоб карда шуд. Бо ҳамин муттаҳидшавии Италия дар як давлати миллӣ ҷамъбаст гардид[1].

Зарур аст, қайд намоем, ки иштироки Италия дар ҷанги Австрия ва Пруссия (с. 1866), аз он ҷумла, нишон дод, ки Италия бо як қатор сабабҳо ҳоло наметавонист ба сататтуси баробар миёни бузургдавлатҳо иддао намояд. Гап на танҳо дар сари рушди пасти иқтисодии мамлакат мерафт, инчунин Италия дар муддати тамоми ҷангҳои асрҳои XIX – XX, ки ин мамлакат иштирокчии онҳо буд, захираҳои кофӣ надошт. Ғайр аз ин, дарозои хати соҳилии мамлакат Италияро барои тохтутозҳои хориҷӣ дастрас мегардонд. Дар асоси ин ва дигар фактҳо гуфтан ба маврид аст, ки Италия на он қадар ба андозаи зиёд тавассути кӯшишҳои худи мардуми мамлакат, балки бештар дар натиҷаи манёвркунии дипломатии моҳирона муттаҳид гардида буд, дар оянда низ мамлакат маҷбур буд, ки на ба андозаи зиёд ба қувваҳои худӣ, балки ба конъюнктураи мувофиқи байналхалқӣ такя намояд.

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 222.

Хулоса, дар рафти муборизаҳои миллӣ - озодихоҳӣ (с.1859 – 1870) вазифаҳои аз зери зулми Австрия озод намудани қисми шимол-шарқии Италия ва таъсисдиҳии давлати миллӣ дар шакли монархия ҳалли худро ёфтанд.

# 4. 10. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА МУТТАҲИДШАВИИ ГЕРМАНИЯ

**Вазъи Германия баъди конгресси Вена.** Конгресси Вена оид ба масъалаҳои Германия қарорҳои зеринро қабул намуда буд:

Якум, мувофиқи санади он аз 8 июни соли 1815 Иттифоқи Германия таъсис дода шуд. Ин иттифоқ давлати воҳид набуд, балки он танҳо иттиҳоди давлатҳои германӣ ба ҳисоб мерафт. Шумораи аъзоёни иттифоқ аз 35 давлати немисӣ, 4 шаҳри озод иборат буда, новобаста аз масоҳат ва мавқеъгириашон, онҳо аз ҳуқуқи баробар бархӯрдор буданд. Мисол, ҳам Пруссия, ки давлати бузург ҳисоб мешуд ва ҳам ягон шаҳр-давлати озод ҳуқуқи баробар доштанд. Якдилию розигии онҳо танҳо дар ҳал намудани масъалаҳои мазкур зарур буд: 1) қонунҳои асосии Иттифоқи Германия; 2) ҳангоми тағйирдиҳии муассисаҳои асосии Иттифоқи Германия; 3) масъалаҳои ҳуқуқӣ; 4) масъалаҳои динӣ.

Дуюм, дар натиҷаи конгресси Вена оид ба Германия қарорҳои территориявии навбатиро қабул намуданд: 1) Герсоггарии Варшава (ба ғайр аз Торун ва Познан, ки ба Пруссия дода шуданд) ба Россия гузашт; Краков шаҳри озод эълон гардид; Галитсияи Шарқӣ ба Австрия гузашт. 2) 2/5 қаламрави шоҳигарии Саксония ба Пруссия гузашт. Ғайр аз ин, Пруссия Дансиг ва Померания, Вестфалия, соҳили чапи Рейнро соҳиб гашт. Дар шоҳигарии Ганновер роҳҳои ҳарбӣ ба хизмати Пруссия қарор дода шуданд. 3) Бавария васеъшавии қаламрави худро ба даст овард, аммо ба герсоги Франкфурт герсоггариаш баргардонда нашуд, Франкфурт шаҳри озод эълон гардид. 4) Князҳое, ки аз ҷониби Наполеон медиатизатсия шуданд, дар ҳамин мақом монданд, аммо ба онҳо ҷубронро пардохт намуданд. 5) Белгия ва Люксембург ба шоҳигарии Нидерландия ҳамроҳ карда шуданд (баробари ин, Люксембург аъзои Иттифоқи Германия низ гардид). 6) Австрия Венетсия ва Ломбардияро гирифт[1].

Гарчанде ду давлати немисӣ – Австрия ва Пруссия расман ба ҳайати давлатҳои бузург-ғолибон дохил мешуданд ҳам, баробари ин, қарорҳои конгресси Вена барои немисҳо аламовар буданд. Масалан, тибқи қарорҳои он князгариҳои аҳолиашон аксарият немистабори Шлезвиг ва Голштейн дар ҳайати шоҳигарии Дания монданд.

Аз ин ҳам вазнинтар дигар чиз буд: тартиботи иртиҷоӣ, ки дар Германия бо зарбу таҳдид аз ҷониби Меттерних, Александри I, Фридрих - Вилгелм ва дигар реаксионерҳо барқарор карда шуд, рушди миллии мамлакатро заиф гардонданд. Масалан, дар рафти машварати Карлсбад дар моҳи августи соли 1819 Меттерних тавонист, ки аз болои Пруссия ва давлатҳои боқимондаи Германия чораҳои вазнини навбатиро бор кунад: барҳам додани мухторияти донишгоҳӣ; ҷорӣ намудани сензураи пешакӣ барои матбуот; таъсиси комиссияи махсуси тафтишотӣ барои таҳқиқ намудани фаъолиятҳои инқилобӣ.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Дар ҳақиқат дар вақти машварат дар Вена (ноябри соли 1819 – майи соли 1820) Меттерних натавонист, ки конститутсияҳоро, ки бархе аз ҳокимони немисӣ ба тобеини худ тӯҳфа карда буданд, бекор карда шаванд. Аммо ҳамаи ин танҳо дар натиҷаи Қонуни асосии заифу нотавони Иттифоқи Германия аз соли 1815 ба даст омад. Ва охирон, худи қонуни мазкур монеаи калон дар роҳи муттаҳидшавии миллии Германия ба шумор мерафт.

**Иттифоқи Германия.** Австрияро Иттифоқи Германияи дар ҳолати комилан заифу нотавонӣ қарор дошта пурра қонеъ мекард, зеро нотавонии Иттифоқи Германия баробари дар ҳолати тобеъ қарор доштани Пруссия дар муносибат ба Австрия буд.

Бо вуҷуди он, тағйироти пинҳонию норавшан дар Германия низ сурат гирифтанд. Гап на танҳо сари он меравад, ки солҳои 20 – 30 - юми асри XIX, нообаста ба рекасияи Карлсбад, дар Ганновер, Браушвейг, Гессен ва Саксония мақомоти интихобии қонунбарор пайдо шуданд. Аммо аҳамияти муҳимро рушди босуръати капитализм дар Германия, ба вуҷуд омадани бозори умумигерманӣ ишғол намуданд, ки он дар самти аз нигоҳи сиёсӣ муттаҳид шудани мамлакат заминаи мустаҳкам гузошт. Дар вақташ Меттерних ба таъсисёбии иттифоқи гумрукии Пруссия ва як қатор давлатҳои Германияи Шимолӣ аҳамият надод, дар натиҷа Пруссия ба такягоҳи иқтисодии тамоми Германияи Шимолӣ табдил ёфт. Инро ӯ дер дарк намуд[1].

Аз ҷумла, дар моҳи июни соли 1833 дар арзномаи худ ба номи императори Австрия Меттерних навишта буд, ки Пруссия ҳатман ба воистаи фиреби манфиат (афзалият) – ҳои моддӣ ба ҳар кор қодир аст, ки давлатҳои немисиро ба тарафи худ кашида, бар зидди Австрия гардонад.

Дар алоқамандӣ ба ин мавриди зикр аст, ки мафҳуми «Пруссия» дар асри XIX ба мисли ибтидои асри XX қабул нашуда буд. Агар дар асри XX вожаи Пруссия бо «милитаризм» зич алоқаманд буд, дар ибтидои асри XIX бошад Пруссия нишони майлу кӯшиши немисҳо дар самти озодӣ ва ваҳдати миллӣ гардид. Дар Пруссия системаи рушдёфтаи идоракунии маҳаллӣ вуҷуд дошт, баъди инқилоби соли 1848 дар мамлакат яке аз конститутсияҳои либералитарин дар Германия амал мекард ва охиронаш маҳз Пруссия, чи хеле ки иброз намудем, локомотиви иқтисодии Германия гардид, аллакай дар соли 1860 сатҳи рушди саноатии Пруссия 1,5 маротиба аз нишонаи барои Австрия намунавӣ баландтар буд. Аз ин ҷо майлу таваҷҷӯи на танҳо немисҳо, балки дигар европоиҳои тафаккурронии солиму прогрессивӣ дошта ба Пруссия зиёд гардид.

Чиро метавонист канслери Австрия бар зидди ин равандҳои барои Вена ноқуллай гузорад. Дар рафти конференсияҳои Теплитс ва Мюнхенгретс дар моҳҳои август - сентябри соли 1833 Меттерних тавонист оид ба муҳокимаи парламентаризм резолютсияро гузаронад ва ҳатто иштирокчиёни конференсияро маҷбур намуд, ки трактати формалиро қабул намоянд, ки мувофиқи он, ҳар

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ҳоким метавонист Австрия, Пруссия ва Россия ё ягон давлати дигари дилхоҳро дар он ҳолате, ки агар ба он исёну харачу марачи дохилӣ ё хатар аз хориҷ таҳдид намояд, ба ёрӣ даъват намояд. Илова ба ин, дар моҳи январи соли 1834 дар Вена, ба норозигии Пруссия нигоҳ накарда, Меттерних тавонист протоколи аз ҷониби сейми иттифоқӣ маъқул дониста шударо ба даст дарорад, ки тибқи он сейм ҳуқуқ дошт, ки дар ҳолати нофаҳмӣ миёни парламентҳо ва ҳукуматҳо оид ба масъалаҳои ба монанди хароҷоти буҷа, амалан қарорҳои парламентҳои германиро бекор кунад. Аммо барои гирифтани роҳи рушди иқтисоди буржуазӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Германия Меттерних қодир набуд.

**Инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 ва Германия.** Чи тавре ки маълум аст инқилоб дар Франсия барои мавҷҳои инқилобӣ дар тамоми Европа такон бахшид. Аммо ҳамзамон сурат гирифтани равандҳои инқилобӣ маънои ҷой доштани ҳамоҳангсозӣ дар фаъолияти инқилобчиёни франсуз, немис, италянӣ ва венгрро надошт. Дар асл мақсади ҳамаи инқилобҳои солҳои 1848 – 1849 зидди ҳам низ буданд. Тасоддуф набуд, ки шиори асосии инқилобҳо *fara da se* (худамон илоҷе меёбем) ҷавоби шоҳи Сардиния Карл - Алберт ба пешниҳоди ёрӣ расондани ҳукумати муваққатии Франсия дар мубориза бар зидди австриягиҳо буд.

Масалан, Франсия (аниқтараш буржуазияи миллии Франсия) кӯшиш мекард, ки дар сатҳи ниҳоӣ системаи венагии соли 1815 - ро як сӯ монда, гегемонияи худро дар Европа барқарор намояд ва дар ибтидо Белгияро ба худ тобеъ намуда, соҳилҳои чапи Рейнро забт намояд.

Буржуазияи миллии Германия бошад дар навбати худ кӯшиш мекард, ки Германияро муттаҳид намояд, агар ба ин мақсад мерасид, акнун на Франсия, балки Германия гегемони Европа мешуд. То муҳорибаи Седан дар Париж дарк намекарданд, ки аз саризми русӣ ва ё реаксияи австриягӣ дида, миллатгароии немисӣ барои Франсия хатарноктар аст. Аммо баъди соли 1871 франсузҳо оқибат фаҳмиданд, ки мамлакати онҳо, аз нуқтаи назари ҳарбӣ, танҳо бо Германияи заифу нотавон ҳамзистӣ карда метавонад. Аз дигар тараф майлу кӯшишҳои миллии Германияро наметавон бо ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии полякҳо дар як паҳлу гузошт. Зеро немисҳо ҳеҷ намехостанд, ки ба полякҳои аз ҷониби Пруссия забт карда шуда озодӣ ато намоянд, онҳоро мехостанд немис гардонда, ба ҳайати Германияи Бузург ҳамроҳ намоянд.

Чунин намуд тасаввуроти ғалат дар Париж дар муносибот бо Италия низ ҷой доштанд. Луи-Наполеон озодкунии Италия аз зулми Австрияро яке аз мақсадҳои сиёсати берунии худ медонист. Аммо дар натиҷаи муттаҳидшавии Италия ин давлати воҳид на иттифоқчии табиии Франсия гардид, баръакс Рим рақиби фаъол ва таъсиррасони он дар минтақаи баҳри Миёназамин гашт[1].

Аз ҳама зиёд боз зиддиятҳо дар инқилоби Австрия, аниқтараш дар як қатор воқеаҳои инқилобии дар қаламрави империяи мазкур рух дода, ошкор гардиданд. Равандҳои мазкури инқилобӣ, ки тамоми гурӯҳҳои этникии

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

мамлакати мазкур, немисҳо, италягиҳо, венгрҳо ва славянҳоро фаро гирифтанд, империяро пеш аз ҳама бо равандҳои гуногунсамта дар ҳолати таназзулёбии пурра қарор доданд. Ҳамаи халқҳои империяи Австрия озодӣ мехостанд, аммо озодӣ барои худ аз ҳисоби дигарон. Маҳз ҳамин ҳолат ба ҳукумати империявӣ имконият дод, ки аз рӯи принсипи *divide et impera* фаъолият намуда, ҳокимияти худро барқарор намояд. Ба таври ошкоро гӯем, натиҷаи инқилоби солҳои 1848 – 1849 дар Австрия баъди 20 соли созишкорӣ аз ҳисоби славянҳо, ки дар оянда низ унсурҳои зери зулм ва беҳуқуқ монданд, натиҷаи созиш байни немисҳо ва венгрҳо дар соли 1867 таъсисёбии империяи Австро-Венгрия гардид.

Он чизе, ки мушаххасан ба Германия тааллуқ дорад, ин масъалаи муттаҳидшавии мамлакат ба шумор мерафт. Дар ҳама ҳолат, депутатҳои Маҷлиси умумигермании муассисон, ки дар Франкфурт баҳори соли 1848 ҷамъ омаданд, баъди ғалабаи шӯриши яроқнок дар Берлин дар моҳи марти соли 1848 бисёр дар рӯҳияи ҷангҷӯӣ қарор доштанд. Пеш аз ҳама онҳо амали Пруссияро дар самти забт намудани музофотҳои даниягии Шлезвиг ва Голштейн дастгирӣ намуданд. Ин амалиётҳо дар муддати кӯҳтотарин шоҳи Пруссия Фридрих-Вилгелми IV - ро ба маҳбуби Маҷлиси Франкфурт табдил доданд. Қаҳру ғазаби махсусро дар Франкфурт фаъолияти ҳукумати Австрия ба бор овард, ки он дар вақти хобондани инқилоб дар Австрия ва Венгрия аз ёрии Россия ва славянҳои ҷанубӣ, яъне аз душманони сарсахти немисҳо, истифода кард. Зарур аст эътироф намуд, ки дар инқилоби Германия ҷумҳурихоҳон, аз қабили Карл Шурс ва ҳатто коммунистон, ба монанди Маркс ва Энгелс иштирок доштанд, аммо онҳо ақалиятро ташкил медоданд. Аксарияти буржуазияи немис бошад худро шовинистона нишон дода, на он қадар дар бораи озодиҳои либералӣ сухан мегуфтанд, балки забткунии территорияҳо, аз қабили Шлезвиг, Голштейн, Элзас, Лотарингия ва ғайраро ҳавас мекарданд.

Дар баробари ҷумҳурихоҳон ва коммунистон, интернатсионалистони дигар дар рафти инқилоби Германия реаксионерон ба шумор мерафтанд, ки тарафдори эҳёшавии Иттифоқи Муқаддас ва ҳамкории Австрия, Пруссия ва Россия дар мубориза бар зидди инқилоб буданд. Ба қатори пешсафтарин реаксионерон Герлах, Штал, Бисмарк шомил буданд, ки бо ҳар восита мехостанд, ки Фридрих - Вилгелми IV - ро аз либерализм дур намоянд[1].

5 декабри соли 1848 шоҳ ба Пруссия конститутсияи барои он замон беҳад либералиро ато намуд, ки дар он на танҳо ҳуқуқи интихобот ва озодиҳои демократӣ, балки вазоратҳои масъул низ ба назар гирифта шуда буданд. Ин қадами ба пеш гузошта шоҳро комилан бо миллатгароёни немис оштӣ дод, ки онҳо баъди ин боз ҳам бар зидди Австрия мавқеи мустаҳкамтарро гирифтанд. 19 январи соли 1849 Маҷлиси Франкфурт қарор қабул намуд, ки монархи австриягӣ танҳо мувофиқи моддаҳои аллакай қабулшудаи конститутсияи империявӣ ба империяиояндаи Германия роҳ дода мешавад, ки он якҷояшавии сиёсии як

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

давлати немисиро бо ягон давлати ғайринемисӣ иҷозат намедиҳад. Бо ҳамин миллатгароии немисӣ ба зинаи зиддияти оштинопазирона бо империализми австриягӣ ворид шуд, ки дар натиҷа маҳз дар атрофи ин нуқта мубориза барои муттаҳидшавии Германия оғоз гардид.

28 марти соли 1849 парламенти Франкфурт ба Фридрих - Вилгелм мартабаи императориро пешниҳод намуд, баробари ин, мувофиқи конститутсия, император ҳамчун сардори сиёсӣ, ҳарбӣ ва дипломатии Германия ба воситаи вазирон идора мекард, ки онҳо дар навбати худ назди парламенти дупалатагӣ масъул буданд. Интихобот ба Парламент дар асоси ҳуқуқи овоздиҳии умумӣ доир мешуд. Шоҳи Пруссия, расман ин пешниҳодро рад накарда, ҳамзамон гуфт, ки монархи қонунӣ ӯро танҳо маҷлиси монархҳои германӣ карда метавонад. Ҳамчунин ӯ бо овози баланд таъкид намуд, ки ҳама вақт ва дар ҳама ҷо шаъну шараф ва манфиатҳои Германияро ҳимоя мекунад.

Аммо бо як овоз садо баланд кардани Вена ва асосан Петербург ҳамаи орзуҳои мазкур як дам аз байн бардошта шуданд. Шоҳи Пруссия на танҳо палатаи депутатҳои Пруссия ва сейми Франкфуртро пароканда намуд, инчунин 27 - уми апрел расман аз тахти ипрераторӣ ҳам даст кашид. Зиёда аз ин дар моҳҳои май - июн лашкари Пруссия барои хобондани ҳаракатҳои инқилобӣ ба давлатҳои германии Саксония, Ганновер, вилояти Рейн фиристонда шуд. Бо ҳамин рафтор Фридрих-Вилгелм барои ба даст овардани дастгирии давлатҳои германӣ дар мубориза барои сарварӣ дар Германия кӯшиш намуд. Ӯ баъзе чизҳоро ба даст овард, масалан, 26 майи соли 1849 иттифоқи шоҳҳони Пруссия, Саксония ва Гановер баста шуд, ки мувофиқи он дар вазъияти лозимӣ қувваҳои ҳарбии се давлати мазкур муттаҳид мешуданд. Аъзоёни иттиҳоди мазкур ӯҳдадор шуданд, ки ба Германия конститутсияи нав ва қонуни интихобот, инчунин суди муваққатии ҳакамиро тӯҳфа менамоянд. Баъди ду рӯз Берлин лоиҳаи худии конститутсияи нави Германияро, дар доираи иттиҳоди мазкури маҳдуд, нашр намуд. Дар конститутсияи мазкур ташкил намудани ҳукумати умумигерманӣ, ки дар салоҳияти он сиёсати берунӣ, масъалаҳои ҳарбӣ, гумрук, коммуникатсия, системаи пулӣ қарор мегирифтанд, ба нақша гирифта шуда буд. Инчунин парламенти дупалатагӣ таъсис дода мешуд, илова бар ин, намояндагони палатаи поёнӣ тавассути ҳуқуқи овоздиҳӣ интихоб мешуданд. Мувофиқи Эъломияи Франсия дар бораи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, дар Германия низ ҳуқуқ ва озодӣ эълон карда мешуд. Баъди як ҳафта ба ин Иттиҳоди маҳдуд 28 князгарии хурди немисӣ пайвастанд, аммо давлатҳои бузурги немисӣ ба ин лоиҳа хунукона назар доштанд[1].

Ҳамзамон ҳамаи ин амалкарду рафторҳо аз Фридрих-Вилгелми IV буржуазияи либералиро дур карданд. Дар анҷоми кор 6 июли 1849 даниягиҳо, ки аз ҷониби Англия, Франсия ва Шведсия дастгирӣ ёфтанд, пруссиягиҳоро шикасти сахт доданд.

**Ҷанги якуми Дания ва Германия (с. 1848 – 1850).** Болороавии миллатгароии немисӣ давлатҳои Германияро ба ҷанги зидди Дания тела дод. Дар зе-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ри тобеияти Дания герсоггариҳои Шлезвиг ва Голштейн (Голштиния) буданд, ки аҳолии онҳоро аксарият немисҳо ташкил медоданд. Оғоз аз солҳои 30-юм дар қаламравҳои мазкур ба хотири муттаҳид кардан ва ҷудо намудани онҳо аз Дания ҳаракати сепаратистӣ сар шуд. 28 январи соли 1848 шоҳи нави Дания Фредерики VII (1848 – 1863) конститутсияи Данияро интишор дод. Намояндагони герсоггариҳои номбурда барои идоракунии ҳар ду герсоггарӣ таъсис додани ниҳодҳои умумӣ ва ба ҳайати Иттифоқи Германия қабул намудани Шлезвигро талаб карданд. Парламенти Франкфурт дар низоъ бо Дания имконияти ба қаламрави худ ҳамроҳ кардани терртиторияҳои муҳими стратегӣ – Шлезвиг ва Голштейнро дид, ки баҳрҳои Шимолӣ ва Балтикаро бо ҳам мепайванданд. 6 апрели соли 1848 бе эълони ҷанг ба қаламрави Голштейн зери фармондеҳии генерали пруссиягӣ Фридрих фон Врангел артиши 23 ҳазорнафараи Пруссия, Саксония ва Ганновер зада даромаданд. Артиши Германия Шлезвигро забт намуда, ба Ютландия даромаданд. Дар ҷавоб Дания роҳи бандарҳои Пруссияро баста, ба тиҷорати баҳрии Германия талафоти калон расонд.

Британия, Россия ва Шведсия ба тарафдории Дания баромад карданд. 26 августи соли 1848 дар шаҳри Малмё (Шведсия) тарафҳо ба муддати 6 моҳ оташбас имзо карданд. Дания ва Иттифоқи Германия ӯҳдадор гардиданд, ки артишҳояшонро аз Шлезвиг ва Голштейн мебароранд ва дар ҳар ду герсоггарӣ ҳукумати зери назорати якҷояи тарафҳоро бояд таъйин мекарданд. Амалишавии варианти мазкур табдилдиҳии Шлезвиг ва Голштейн ба кондоминиуми Дания ва Пруссияро ифода мекард[1]. Аммо Дания шартҳои мазкурро напазируфт. Парламенти Франкфурт низ тасдиқ кардани шартҳои оташбасро рад кард.

Моҳи марти соли 1849 амалиётҳои ҷангӣ аз нав сар шуданд. 10 июли соли 1849 Дания ва Пруссия дар Берлин шартҳои пешакии сулҳро имзо карданд. Шлезвиг мақоми идоракунии махсусро дар шакли комиссия ба даст овард, ки ҳайати онро 1 нафар Пруссия, 1 нафар Дания ва 1 нафар Британия ҳамчун миёнарав таъйин карданд. Голштейн ва Лауэнберг дар ҳайати Дания монданд ва ҳамзамон ҳуқуқи аъзогӣ ба Иттифоқи Германияро низ ба даст оварданд. Лашкари Иттифоқи Германия аз қаламравҳои герсоггариҳо бароварда шуд[2].

**Созишномаи Лондон.** Давлатҳои бузург талаб намуданд, ки натиҷаи ҷанги якуми Дания ва Германия аз нав дида баромада шавад. Ҳамин тавр 4 июли соли 1850 дар Лондон конференсия даъват гардид. Дар он бузургдавлатҳо иброз доштанд, ки ҳифз нигоҳ доштани тамомияти арзии шоҳигарии Дания ба манфиати умумиевропоӣ мебошад. Ба шоҳи Дания пешниҳод гардид, ки ба хотири амн нигоҳ доштани мероси худ аз тақсимшавӣ ҷораҷӯӣ намояд. Бо ҳамин дар сатҳи ниҳоӣ обрӯи шоҳи Пруссияро дар назди ҷомеаи Германия нокомии шармандавор дар рафти конференсияи мазкур паст

[1]Кондоминиум – қаламраве, ки зери идоракунии якҷояи ду ё якчанд давлат мебошад.
[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 192 – 193.

зад, ки нишаст Голштейн ва Шлезвигро мулкҳои қаламравии Дания эътироф намуд. Яъне 2 августи соли 1850 Австрия, Британия, Россия ва Франсия бар зидди муттаҳидшавии Германия созишномаро имзо карданд. Тибқи ин созишнома дар пеши назари Пруссия Голштейн ва Шлезвиг ба Дания гузаштанд. Ин таҳқири рӯи рост нисбати Пруссия ба ҳисоб мерафт. Пруссия протоколи Лондонро тасдиқ накард, аммо баробари ин, ҷангро низ аз сар оғоз накард. Ҳукумати Дания дастгирии Лондон ва Петербургро ҳис карда, ваколатҳои герсоггариҳоро кам кард, соли 1851 артиши Шлезвиг ва Голштейн барҳам ва худи герсоггариҳо аз ҳам ҷудо карда шуданд. 8 майи соли 1852 дар Лондон намояндагони Австрия, Британия, Пруссия, Россия, Франсия ва Шведсия шартномаи дигарро низ бастанд, ки он ҳам ба фоидаи Дания буд.

**Низои австро - пруссӣ. Созишномаи Олмюс.** Дар чунин шароит, махсусан баъди ғалабаҳо дар Италия ва Венгрия, империяи Австрия имконият ба даст даровард, ки мавқеашро мустаҳкам намояд. Канслери Австрия Шварсенберг, бо ном сейми ҳабдаҳумро, ки органи наздик ба Австрия дар Иттифоқи Германия ба ҳисоб мерафт, барқарор намуд. Тирамоҳи соли 1850 Пруссия ва Австрия дар арафаи ҳолати ҷангӣ қарор доштанд, австрягиҳо ба гузарондани экспедитсияи ҷазодиҳӣ бар зидди ҳаракатҳои мардумӣ дар Голштейн ва Гессен тайёрӣ медиданд, пруссиягиҳо бошанд мехостанд дар ин кор ба онҳо халал расонанд.

Дар ин ҷо низ нақши асосиро Николай I бозида, ба таври қатъӣ аз шоҳи Пруссия талаб намуд, ки гузашт намояд. Берлин маҷбур шуд, ки 29 ноябри соли 1850 дар шаҳри Олмюс бо Австрия созишнома бандад. Созишномаи мазкурро сардори ҳукумати Пруссия О. фон Мантейфел ва канслери Австрия Ф. Шварсенберг имзо гузоштанд, ки тибқи он Пруссия аз иттиҳоди маҳдуд (Иттифоқи шоҳҳони Пруссия, Саксония ва Гановер) даст кашид ва дар Гессен ва Голштейн ба гузашткунӣ розӣ шуд. Дар соли 1851 Сейми пешинаи иттифоқии Германияи соли 1815 барқарор карда шуд ва ҳама чиз чун мисли пештара сурат мегирифт. Минҷумла, намояндаи Пруссия яке аз реаксионерони ашаддӣ ва ҷаҳолатпараст Отто фон Бисмарк таъйин гардид. Аммо, дар ояндаи наздик, маҳз тақдир ба ӯ даст дод, ки дар таърихи Германия нақши фавқулодда инқилобиро иҷро намуда, қударти Австрияро шикаст дода, Германияро муттаҳид намояд. Ҳамин тариқ, созишномаҳои мазкур зидди муттаҳидшавии Германия равона гардида, ба Австрия бо кӯмаки дигар давлатҳои абарқудрат муяссар гардид, ки роҳи онро гирад.

**Муборизаи Австрия ва Пруссия барои ҳукмфармоӣ дар Германия.** Давраи нави мубориза барои ҳукмронӣ дар Германия, ҳамин тавр барои Пруссия дар шароити хеле ногувор оғоз гардид: ин давлат ба таври оммавӣ таҳқир ва рӯҳафтода карда шуд. Чунин ба назар мерасид, ки аз ин пас маҳз танҳо ба Австрия хусусиятҳои нақши ҳукмрони умумигерманӣ тааллуқ доранд. Масалан, 23 августи соли 1851 Ф. Шварсенберг тавонсит, ки сейми иттифоқиро розӣ кунад қонунҳои асосие, ки парламенти Франкфурт ба тарафдории онҳо овоз дода буд, бекор намояд. Инчунин вазъияти байналхалқӣ, аз ҷумла та-

баддулоти бонапартӣ дар Париж 2 декабри соли 1851 имконият дод, ки реаксия (иртиҷоият)-и умумиевропоӣ тантана кунад. Аммо нокомии ҷиддии Вена он шуд, ки сейми иттифоқӣ ба ҳайати давлатҳои германӣ пазируфтани шоҳигарии Ломбардо-Венетсиагӣ ва Венгрияро рад намуд.

Аммо масъала на танҳо ба нокомиҳои дипломатии мазкур дахл дошт. Аз афти кор сол ба сол таносуби қувваҳо байни Австрия ва Пруссия ҳар чи зиёдтар ба фоидаи Пруссия иваз мешуд. Баъди инқилоби соли 1848 дар Пруссия ва дигар давлатҳои германии аъзои Иттифоқи гумрукӣ табаддулоти саноатӣ сар шуд. Солҳои 50-ум барои Пруссия давраи авҷи аълои соҳибкорӣ гардид. Корхонаҳои нав бунёд карда шуданд, ноҳияҳои нави саноатӣ ба вуҷуд омаданд. То соли 1860 аз рӯи сатҳи саноаткунӣ Пруссия аллакай якуним маротиба аз Австрия гузашт. Маҳз, ҳамин тавр, Пруссия муҳаррики иқтисодии Германия гардида, сиёсати он бошад мутамарказонидани иқтисоди Германияро ба вуҷуд овард[1].

Бори нахуст рушди қувваи саноатии Пруссия ва дар асоси он афзудани таъсири сиёсии он ҳангоми низоъ дар атрофи Иттифоқи гумрукӣ дар тирамоҳи 1852 намоиш дода шуд. Дар натиҷаи низои мазкур иттифоқ барқарор карда шуд, Австрия, новобаста ба кӯшишҳои Вена, берун аз доираи он монд. Ин соли 1852 рух дод, ки соли мазкур тантанаи иртиҷоият ба шумор меравад, даврае, ки шоҳи Россия дар Европа ҳукмронию тантана мекард, Вена бошад дар Германия ҳоким буд. Аммо кор бо ин тарзи рафтори Пруссия сурат гирифт. Ҳамин тавр, мавқеи мустаҳкам ишғол намудани Берлин дар масъалаи баҳс дар атрофи Иттифоқи гумрукӣ, дар бисёр маврид тибқи депешаҳое, ки ҳокимияти Пруссия аз Бисмарк, намояндаи Пруссия дар Франкфурт, мегирифт, маънидод карда мешавад. Аллакай дар ҳамон вақт Бисмарк ба хулосае омадааст, ки низоъ барои ҳукмронӣ дар Германия байни Австрия ва Пруссия ҳатман рух медиҳад. Ва маҳз дар ҳамон давра Бисмарк ба таври ҷиддӣ дар изолятсияи дипломатӣ ва сиёсӣ нигоҳ доштани Австрияро ба нақша гирифта буд. Воқеаҳои солҳои 50 – 60-уми дар Европа ба вуҷуд омада, амалӣ шудани мақсаду вазифаҳои Бисмаркро сабуктар гардонданд, ки онҳоро ба тариқи зайл баён кардан мумкин аст:

- баъди Ҷанги Қрим қудрат ва таъсири Россия дар Европа халалдор гардид. Амалан Россия дигар дар он ҳолате қарор надошт, ки нақши жандарми Европаро иҷро намояд ва дар роҳи муттаҳидшавии Германия монеаҳои ҷиддӣ гузорад. Зиёда аз ин, ба масъалаи ба ҳам наздикшавии русу австриягиҳо абадан хотима дода шуд. То инқилобҳои солҳои 1917 – 1918, ки онҳо ба мавҷудияти империяи Габсбургҳо ва Романовҳо хотима бахшиданд, Австрия ва Россия душмани ашаддии ҳамдигар монданд;

- ба ҳам наздикшавии Франсия ва Россия баъди Ҷанги Қрим низ бо сабаби воқеаҳои Полша (солҳои 1863 – 1864) зуд аз байн рафт. Ҳаракати миллӣ-озодихоҳии мардуми Полша аз ҷониби бузургдавлатҳо ҳамчун баҳона

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

барои таъсир расондан ба Россия истифода гардид. Минҷумла, Наполеони III бо нақшаҳои бурдани ҷангҳои васеъ бар зидди Россия ва Пруссия баромад мекард, ки дар натиҷаи он бояд Полша барқарор карда мешуд, Австрия бояд аз ҳисоби Пруссия ҷуброн мегирифт ва Туркия бошад кишвари Керкессро, ки аз империяи Россия кашида мешуд, ба даст меовард. Ин нияти Луи - Наполеонро Александри II ҳеҷ вақт натавонист, ки бахшад;

- аз ҷониби дигар дар рафти хобондани шӯриши Полша Пруссия Россияро пурра дастгирӣ кард, ҳатто ба дастаҳои ҷазодиҳии русҳо иҷозат дод, ки шӯришчиёни полякро, ки гурехта, ба қаламрави Пруссия ворид шуданд, таъқиб намоянд. Оид ба масъалаҳои мазкур Пруссия 27 январ / 8 феврали соли 1863 дар Петербург бо Россия конвенсияи Алвенслебен (аз номи генерал-адъютанти шоҳи Пруссия Густав фон Алвенслебен, ки барои имзо кардани созишномаи мазкур ба Петербург омада буд) - ро баста буд. Маҳз ҳамин лаҳзаи наздикшавии Берлин ва Санкт-Петербургро Бисмарк дар солҳои 1864, 1866, 1870 сад дар сад истифода бурд;

- муносибатҳо миёни Франсия ва Австрия низ баъди ҷанги франко-австриягии соли 1859, ки дар натиҷаи он ҳукмронии Австрия дар Италия шикаста шуда, Италия баъдтар муттаҳид гардид, дар ҳолати на он қадар хубу муътадил қарор доштанд[1].

Маҳз ҳамаи ин ҳолатҳо ба Бисмарк имконият доданд, ки дар як вақт роҳу равишҳои гуногунро истифода бурда, дар натиҷаи он бошад дар зери ҳукмронии сулолаи Гогенсоллернҳо эълон гардидани таъсисёбии империяи Германия дар 18 январи соли 1871 дар Версал сурат гирифт.

***Ҷанги дуюми Дания ва Германия (с. 1864).*** Қадами аввал дар комбинатсияи мазкур ҷанги дуюм бо Дания дар соли 1864 гардид. Бисмарк гардиши мазкурро нозукбинона ва моҳирона бозӣ кард: ӯ бо мазмуни шартномаи соли 1852-и Лондон оид ба статуси Голштейн ва Шлезвиг даъво пеш наоварда, ҳамзамон тибқи ҳамин шартнома барои музофотҳои мазкур мухториятро талаб кард. Дар ин ҷо ба Пруссия Британияи Кабир хизмати ниҳоят калон кард: ҳукумати Палмерстон бо ҳар роҳе Христиани IX-ро бовар кунонд, ки ӯ дар мубориза барои гертсоггариҳои назди Элба танҳо нахоҳад монд. Ҳамзамон ҷанг барои Шлезвиг ва Голштейн ҷанги хушкӣ мешуд, Англия наметавонист, ки онро бе набудани ягон иттифоқчӣ дар қитъа барад, Ҳукумати Британия кӯшиш намуд, ки Наполеони III-ро тела диҳад, ки аз Дания ҷонибдорӣ намояд. Аммо Франсия ҳеҷ вақт розӣ намешуд, ки бе кафолати Лондон бо Германияи муттаҳида ҷанг намояд. Дар натиҷа, Дания, ки ба ёрии Англия ва Франсия умед баста буд, оид ба масъалаи гертсоггариҳо мавқеи шадид ва гузаштнакунандаро ишғол намуд ва бо ҳамин рафтораш ба Бисмарк, чизе ки барои ӯ зарур буд, ато намуд[2].

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Инак, Дания, на танҳо бо Пруссия, балки дар муқобили Германияи муттаҳида, бо иловаи Австрия, танҳо монд. Вена наметавонист, ки аз интервенсияи зидди Дания сарпечӣ кунад, чунки дар акси ҳол афкори ҷамъияти немисӣ ба тарафдории Пруссия баромад мекард. Австрия 16 январи соли 1864 бо Берлин шартнома баста, умед бар он баст, ки ин иттиҳоди онҳо консервативӣ мешавад, ки он ба Вена имконият медиҳад, то ки сиёсати берунии Пруссияро зери назорати худ гирад ва ҳатто кафолати Берлинро дар масъалаи зери назорати австриягиҳо мондани Венетсияро таъмин менамояд. Аммо дере нагузашта, Австрия ноумедии сахтро паси сар менамояд.

1 феврали соли 1864 артиши австро-пруссӣ сарҳади Шлезвигро гузаштанд ва 1 августи ҳамон сол ҳама ба охир расид. Христиани IX шартҳои пешакии сулҳро имзо кард, ки онҳо барои шартномаи 30 октябри соли 1864 дар Вена баста шуда замина гардиданд. Мувофиқи шартномаи мазкур шоҳи Дания ба фоидаи шоҳи Пруссия ва императори Австрия аз ҳамаи ҳуқуқҳои худ дар Лауэнбург, Шлезвиг ва Голштейн даст кашид.

Акнун Австрия барои Бисмарк дигар лозим набуд ва оқибат замоне фаро расид, ки нишон диҳад, кӣ дар хона хӯҷаин аст. Европа ҳоло ҳам тибқи тасавуроти кӯҳна зиндагӣ мекард. Дар пойтахтҳои европоӣ ба чунин назар мувофиқ буданд, ки артиши Пруссия, дар вазъияти беҳтарини худ, аз нуқтаи назари тавоноии ҷангӣ ба артиши Австрия баробар мебошад ва ҷанг байни ин ду давлат тӯлонӣ ва вазнин мегузарад. Барои ҳамин, масалан, дар Париж дар чунин фикр қарор доштанд, ки ҷанги Пруссия бо Австрия ба тағйирёбии радикалии таносуби қувваҳо дар Европа оварда намерасонад. Баръакс, ҷанги мазкур ҳатто ба Франсия аз ҳисоби ҷанги бародаркуш байни немисҳо баҳрамандшавӣ ва манфиатро меорад.

Аммо дар ҳақиқат бошад дар муддати солҳои 60-ум дар Пруссия дар корҳои ҳарбӣ инқилоби ҳақиқӣ шуда гузашт, ки он дар муддати яксаду панҷоҳ соли баъдина системаи омодагии ҷангии бузургдавлатҳои пешбари ҷаҳониро муаяйн мекард. Сухан дар бораи системаи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ меравад, ки имконият дод давлат дар ихтиёри худ шумораи зиёди қувваҳои таълимгирифтаи захиравиро дошта бошад, ки онҳоро метавон дар шароити индустриализатсия дар муддати кӯтоҳ мусаллаҳ намуда, тавассути роҳи оҳан ба майдони ҷанг фиристонд. Дигар навоварии Пруссия, ки онро дигар давлатҳо маҷбур шуданд бе ягон шарт қабул намоянд, ин Штаби генералӣ буд, ки он на танҳо накшаҳои ҷанги ояндаро тайёр мекард, инчунин майдонҳои амалиёти ҷангиро на баъд (чи тавре ки пеш буд), балки пеш аз оғози амалиётҳои ҳарбӣ омода мекард. Ин ихтирооти гениалии ҳарбиёни Пруссия – Молтке - Калонӣ ва дигарон, сабабгори асосии ҳамаи ғалабаҳои Пруссия дар солҳои 60 - ум дар ҷангҳо бар зидди Дания, Австрия ва Франсия гардид.

Ҳамаи ин ҳолатҳо дар Париж дуруст ва ба қадри кофӣ ба инобат гирифта нашуданд. Бисмарк, ҳукумати Луи-Наполеонро ба гуфтае дар атрофи ангушти худ бозгардон намуд. Дар рафти вохӯрии Бисмарк ва Наполеони III дар Биарритс (октябри соли 1864) канслери Германия кӯшиш намуд импера-

тори французҳоро моил ба он намояд, ки иттифоқи зичу мустаҳкам бо Пруссия барои Франсия чи қадар манфиатовар мешавад. Аз ҷумла, Бисмарк изҳор намуд, ки ҳамроҳкунии Белгия ба Франсия дар Берлин норозигиро ба вуҷуд намеорад. Барои Пруссия канслери оҳанин чизи зиёдро нахост, танҳо қисмати майда аз қаламравҳои Гессен ва Нассау, инчунин ислоҳу тавзеҳот даровардан ба сарҳад миёни Пруссия ва Ганноверро талаб намуд. Оид ба ислоҳоти Иттифоқ дар мувофиқа бо хоҳиши миллати Германия танҳо дар миёни гап ёдоварӣ карда шуд. Дигар вазъиятҳо низ ҷой дошт, ки Луи-Наполеонро водор намуд, ки аз фавран мудохила намудан ба низои австро-пруссӣ даст кашад: дар Париж оид ба таносуби қувваҳо миёни Пруссия ва Австрия тибқи тасаввуроти кӯҳна ва барғалат такя мекарданд, ки мувофиқи он ҷанги мазкур дуру дароз ва сахт мегузарад ва танҳо баъди харобу заиф шудани қувваи ҳар ду тараф Наполеони III мехост, ки ба ҳар ду давлати немисӣ шартҳои худро дикта намояд. Ва охирон, ҳоло ҳам низоъ дар Мексика идома дошт, ки дар он сипоҳиёни француз банд буданд ва дар чунин шароит бошад аз ақли солим берун буд, ки французҳо ба ҷанги нав дахолат кунанд. Инро Наполеони III низ мефаҳмид[1].

Ба тарафи худ кашидани Италия низ барои Пруссия он қадар мушкил набуд, танҳо тавассути ба Италия ваъда кардани Венетсия, кор ҳал мешуд. Ғайр аз ин, ба ҳукумати Италия қарзи ҳарбӣ пешниҳод гардид. 8 апрели соли 1865 байни Пруссия ва Италия шартномаи иттифоқӣ баста шуд.

Танҳо пайдо намудани баҳонаи зарурӣ барои оғоз намудани ҷанг бо Австрия монду халос. Гап сари он меравад, ки ҷанги Австрия бо Пруссия ба гумон буд, ки дар Германия маҳбубиятро пайдо намояд: дар он ҷо низои мазкурро ҳамчун ҷанги бародаркушӣ ҳисоб мекарданд. Дар ин самт зарур омад, ки Бисмарк на танҳо табъи дили рафиқони реаксионери худ, балки намояндагони ҷамъияти либералиро ба назар гирад. Ба Бисмарк зарур буд, ки аз нуқтаи назари ҳуқуқи байналхалқӣ ва рӯҳияи ҷамъиятӣ баҳонаи бенуқсонро пайдо намояд.

***Конвенсияи Гаштейн.*** Ва чунин баҳона конвенсияи Гаштейн аз 14 августи соли 1865 байни Австрия ва Пруссия оид ба кондоминиуми австро-пруссиягӣ дар муносибат бо герсоггариҳои назди Элба басташуда гардид. Конвенсия мазкур бо мақсади ба тартиб даровардани масъала оид ба герсоггариҳои Шлезвиг ва Голштейн, ки аз ҷониби Вена ва Берлин дар соли 1864 забт карда шуда буданд, ба имзо расид. Шартномаи мазкур чунин тарз тартиб дода шуда буд, ки назорати пурра аз болои герсоггариҳои мазкур амалан дар дасти Берлин монда буд ва дар Вена инро баъдтарак дарк карданд. Яъне мувофиқи конвенсия ҳуқуқи соҳибмулкро ба тамоми қаламравҳои ҳар ду герсоггарӣ Австрия ва Пруссия ба даст оварданд, аммо идоракунии онҳо ҷудогона эълон карда шуд. Дар Голштейн бояд маъмурияти австриягӣ таъсис дода мешуд ва дар Шлезвиг бошад маъмурияти пруссиягӣ созмон дода мешуд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ҳимояи бандари Кил ба зиммаи артиши Пруссия гузошта шуд. Пруссия ҳуқуқ ба даст овард, ки дар Голштейн канал, роҳи оҳан ва хатти телеграфро созад. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки Бисмарк чиро ба ҳисоб гирифта буд? Агар ҳар кас ба харитаи минтақа назар намояд, инро дарк мекунад. Яъне Голштейн, ки ба зери идоракунии Вена даромада буд, аз қаламрави империяи Австрия ҷудо ҷойгир буд. Он наздик ба давлатҳои германӣ, аз ҷумла пеш аз ҳама ба Пруссия ҷойгир буд[1].

Рости гап, барои Вена ҳеҷ вақт а Шлезвиг ва Голштиния (Голштейн) аҷоибӣ надоштанд ва Австрия ин ё онро ба осонӣ бо гузашткунии территориявӣ аз ҷониби Пруссия иваз мекард, ба таври мисол дар ягон ҳудуди бо Австрияи ҳамсарҳад, масалан қисме аз заминҳои Саксония. Аммо ин ҷо Бисмарк пурра муқобил баромад ва кашмакашу задухӯрд ногузир шуд. Ҳамин тавр, конвенсияи мазкур мухолифати австро-пруссиро аз байн бардошта натавонист ва оқибат зиддияти онҳо ба ҷанг оварда расонд.

***Ҷанги Австрия ва Пруссия (с. 1866).*** 5 июни соли 1866 сипоҳи Пруссия ба Голштейн зада даромад, ки он мувофиқи шартномаи Гаштейн дар зери идоракунии Австрия қарор дошт. 12 июн Австрия муносибатҳои дипломатиро бо Пруссия канд. 14 июн бошад, баъди он ки Сейми Иттифоқӣ бо пешниҳоди Австрия резолютсияи зидди пруссиягиро қабул намуд, Берлин Иттифоқи Германияро вуҷуд надошта эълон намуд. 15 июн лашкари Пруссия ба қаламрави Ганновер, Саксония ва Кургессен ворид шуд. 17 июни соли 1866 бошад Австрия бо Пруссия ҷанг эълон намуд, 20-уми июн Италия ба Австрия ҷанг эълон кард.

Ҳамин тавр, дар давраи ҳодисаҳои солҳои 1864 – 1866 Бисмарк худро дипломати аз ҳама бомаҳорат нишон дод, баробари ин, зарур аст, қайд намоем, ки дипломатияи ноӯҳдабароёна ва аз замони худ қафомондаи Австрия ба фоидаи канслери Германия буд. Кӯшишҳои бо ҳар тарзе, ки набошад ҳар як ваҷаб хоки империяро нигоҳ доштан ба дер ё зуд ба изолятсияи имеприяи Австрия дар сатҳи байналхалқӣ оварда мерасонд. Дар ҳақиқат то соли 1866, дар арафаи низоъ бо Пруссия муносибати Австрия бо Россия вайрон гардида буд, Франсия ва Италия низ аз гузашт накардани Вена дар масъалаи Венетсия норозӣ буданд. Чизе, ки ба Лондон дахл дорад, мавриди қайд аст, ки якум, Британия намехост, ки ба низои дохилигерманӣ дахолат намояд ва дуюм бошад, бе надоштани иттифоқчӣ дар қитъа як худи Британия дар танҳоӣ қодир набуд, ки ҷанг кунад. Ҳамаи ин шароитҳо, бечуну чаро ба Бисмарк ёрӣ расонданд, ки барои сар намудани ҷанги австро-пруссиягӣ омодагии дипломатиро таъмин намояд[2].

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 226 – 227.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

3 июли соли 1866 дар муҳорибаи ҳалкунанда дар назди Садова (дар таърихнигории анъанавии немисӣ Кёниггретс) Австрия аз Пруссия шикаст хӯрд[1]. Аммо италиягиҳоро Австрия дар муҳорибаи хушкӣ дар Кустосса (24 июни соли 1866) ва муҳорибаи баҳрӣ назди Лиссе (20 июли соли 1866) ба осонӣ шикаст дод. Лекин бурдани ҷанг дар ду фронт барои Вена ниҳоят вазнин буд. Саволе ба миён меояд, ки оё Австрия метавонист, ки бар зидди як худи Пруссия истодагарӣ намояд. Дар давраи бӯҳрони соли 1850 Вилгелм гуфта буд, ки артиши Пруссия бе чуну чаро Австрияро торумор менамояд. Баъди гузарондани ислоҳот дар корҳои ҳарбӣ, ки дар боло оид ба он зикр шуд, ҳарбиёни Пруссия боварии том доштанд, ки Австрия дар кӯҳтотарин муддат торумор карда мешавад. Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Дигар тарафи масъала ин аст, ки Бисмарк либосҳои ҳарбӣ ба бар карда, худнамоиро дӯст медошт, аммо оид ба корҳои ҳарбӣ ба таври комил фаҳмиш надошт ва маҷбур буд, ки дар ин самт ба сарфармондеҳони ҳарбӣ – Молтке-Калонӣ ва Албрехт фон Роон такя намояд.

Баъди муҳорибаи Садова роҳ ба сӯи Вена кушода гардид ва ба назар мерасид, ки Берлин метавонист ба ҳарифи шикаст хӯрда истода ҳамагуна шартҳои сулҳро дикта мекунад, аммо ба Бисмарк зарур омад, ки бо ҷиддияти том шоҳи худро розӣ намояд, ки ҳатман бо шартҳои хеле муътадилона сулҳро бандад. Зеро 5 июл, ду рӯз баъди муҳорибаи Садова, Наполеон назари худро оид ба низои Австрия, Италия ва Пруссия эълон намуд. Бо ин амал вай ҳушдор дод, ки агар ҷанг идома ёбад, Франсия аз он дар канор намемонад. Далелҳои мазкур бо мушкилӣ ба мафкураи шоҳи Пруссия ва генералҳояш меғунҷид. Ва ниҳоят Бисмарк тавонист, ки шоҳро розӣ кунад, ки сулҳи муътадилонаро бо Австрия бандад, ки дахлнопазирии қаламрави Австрия ва Саксонияро бояд нигоҳ медошт[2].

***Сулҳи Николсбург ва Шартномаи Прага.*** 26 июли соли 1866 дар Николсбург сулҳи пешакӣ баста гардид ва шартномаи ниҳоии сулҳ бошад 23 августи соли 1866 дар Прага имзо шуд. Ғалаба аз болои Австрия на танҳо ба пешсафии Пруссия дар Германия оварда расонд, дар асли кор фаъолияти Иттифоқи Германияи пешина барҳам дода шуд, ба ҷойи он соли 1867 Иттифоқи Германияи Шимолӣ таъсис дода шуд, ки дар мувофиқа бо конститутсияи он шоҳи Пруссия ҳамаи давлатҳои шимолтар аз Майнро роҳбарӣ мекард ва инчунин ӯ сарфармондеҳи олӣ ва роҳбари сиёсати берунии Иттифоқ ба ҳисоб мерафт, Пруссия Ганноверро анексия карда, бо Бавария, Вюртемберг, Гессен ва Баден шартномаҳои мудофиавӣ ва ҳуҷумкуниро имзо намуд. Австрия, инчунин додани музофоти Венетсия ба Италияро эътироф намуд ва ба Пруссия 40 миллион талери пруссӣ тавони ҷангӣ дод. Ин ғалаба обрӯ ва мавқеи

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 278.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Бисмаркро дар сиёсати дохилии Германия хеле баланд гардонд. Сиёсати бисмаркии бо шамшеру хун муттаҳид намудани Германия, дар асоси созиши юнкерҳою буржуазия, инчунин табақаи болоии синфи коргар натиҷаҳои самарабахшро дод[1].

***Таъсисёбии империяи Австро-Венгрия.*** Натиҷаи шикасти Австрия аз Пруссия бӯҳрони мутобиқатнамоии комил (баробарӣ, ҳаммонандӣ) - ро дар мамлакат ба вуҷуд оварда, аз ин пас Австрия наметавонист худро империяи немисӣ муаррифӣ намояд, дар мамлакат, инчунин ҳаракатҳои венгрҳо ва славянҳои аз ҷониби Россия дастгирӣ ёфта, низ боло гирифт. Дар чунин вазъ Вена маҷбур мешавад, ки бо ашрофзодагони венгр иттифоқ бандад. 15 марти соли 1867 император Франс Иосифи I ва намояндаи ашрофони венгрӣ Дюла Андраши - Калонӣ (с. 1823 – 1890) созишномаеро имзо карданд, ки мувофиқи он империяи Австрия ба монархияи конститутсионии дуалистӣ – Австро-Венгрия табдил дода шуд. Ҳар ду қисматҳои империя дар муносибат бо корҳои дохилии худ суверенитети пурраро гирифтанд. Ҳар ду қисмати империя монархияи ягонаро доштанд, ки унвони «императори Австрия» ва «шоҳи Венгрия» - ро гирифт. Баланд шудани мақоми венгрҳо дар сиёсати давлатӣ боиси норозигии халқҳои славянӣ гардида, онҳо ҳам барои баланд бардоштани мақоми худ мубориза мебурданд[2].

**Масъалаи Люксембург. Конференсияи Лондон.** Соли 1867, баъди барҳам задани Иттифоқи Германия, Наполеони III оид ба масъалаи фурӯхтани Люксембург ба Франсия бо шоҳи Голландия гузарондани гуфтушунидҳои махфиро оғоз намуд. Аммо Бисмарк бар зидди масъалаи мазкур изҳори норозигӣ баён намуд. Бо фармони Бисмарк матбуоти немисӣ ва ҳизби миллӣ-либералҳо дар рейхстаги Германияи Шимолӣ бар зидди даъвои Наполеон эътирозҳоро боло бардоштанд. Бо пешниҳоди Россия ва Британия 7 августи соли 1867 дар Лондон оид ба масъалаи Люксембург конференсияи байналхалқӣ даъват карда шуда, зери фишори Лондон ва Петербург оид ба ҳалли масъалаи мазкур тарафҳо ба созиш омаданд. Яъне Наполеон аз иддаои худ ба Люксембург даст кашид ва Бисмарк бошад розигӣ дод, ки артиши Пруссия аз қаламрави он бароварда шавад. Конференсияи Лондон бо имзо кардани протокол оид ба аз ҷониби давлатҳои абарқудрат додани кафолати абадии бетарафии Люксембург кори худро ҷамъбаст намуд[3].

**Ҷанги Франсия ва Пруссия ва таъсисёбии империяи Германия.** Агар ғалаба аз болои Австрия Германияи Шимолиро пурра муттаҳид намуд, пас ҷанг бо Франсия, душмани деринаи немисҳо, ба фикри Бисмарк вазифадор

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 279.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 224 – 225.

[3]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 232.

буд, ки тамоми Германияро муттаҳид намояд. Тайёрӣ ба ҷанги зидди Франсияро Бисмарк тавассути ҳамон схемае, ки бар зидди Австрия амалӣ карда буд, роҳандозӣ намуд. Ва қисми асосии схемаи мазкур дар изолятсия қарор додани сиёсати берунии рақиб буд.

Дар ҳақиқат дар изолятсия гирифтани Франсия, ки дар муддати асрҳо дар сиёсати Европа гегемон ба ҳисоб мерафт, аз изолятсияи Австрияи бисёрмиллата ба куллӣ фарқ дошт. Ва дар ин масъала низ ба ёрии Бисмарк иштибоҳи худи рақибон пеш омад.

Франсия имконият дошт, ки бар зидди Пруссия фронти зиддипруссиягии воҳидро таъсис диҳад: зеро, аллакай дар соли 1866 ҳукумати Россия ба Англия ва Франсия пешниҳод намуд, ки бар зидди нақшаҳои барҳамзании Иттифоқи Германия, анексияи Ганновер ва дигар давлатҳои немисӣ муқобилият нишон диҳанд. Канслери Россия Горчаков иброз намуд, ки ҳалли масъалаи мазкур ба конгресси байналхалқӣ пешниҳод карда шавад. Россия баробари ин, мехост дар конгресс масъалаҳои флоти баҳри Сиёҳ ва вазъият дар Балканро низ барои баррасӣ пешниҳод намояд. Аммо Горчаков аз ҷониби давлатҳои Ғарб ҷавоби радро гирифт. Дар Лондон, баъди марги Палмерстон (с. 1865), дар мудохила намудан ба ҳодисаҳои қитъа ягон манфиатро намедиданд, англисҳоро бештар масъалаи сохтмони канали Суэтс аз ҷониби французҳо нороҳат намуда буд.

Ва агар аз Лондон ягон пиндору майл дар мудохила намудан ба низои Берлину Париж буданд ҳам, онҳо танҳо пас аз оне ки 25 июли соли 1870 Бисмарк матни шартномаи махфии франко-пруссиягиро нашр намуда буд, зоҳир шуданд. Ин шартномаро сафири Франсия дар Берлин Винсент Бенедетти омода карда буд, ки мувофиқи он Белгия бояд ба Франсия мегузашт. Дар Лондон аз ин нақшаи Париж нороҳат шуданд ва ҳукумати Британия оид ба низои Франсия ва Пруссия мавқеи бетарафӣ, илова бар ин, нисбати Париж ғайридӯстонаро ишғол намуд[1].

Аз тарафи дигар Франсия ба масъалаи аз нав дида баромадани муқаррароти шартномаи Париж аз соли 1856 омода набуд, ки он бошад барои Санкт-Петербург хеле муҳим ҳисоб мешуд. Бисмарк бошад дар масъалаи мазкур ба Россия ёрии худро баён дошта буд. Ва охирон, чизе, ки ба Италия дахл дорад. Низоми бонапартистӣ, ки аз клерикалҳо сахт вобастагӣ дошт, ба таври қатъӣ розигӣ надод, ки Рим ба шоҳигарии Италия муттаҳид карда шавад. Бо ин ҳама, изолятсияи Франсия, чи тавре ки онро Бисмарк мехост, дар арафаи ҷанги франко-пруссиягӣ ба вуҷуд омада буд.

***Баҳонаи ҷанг. Депешаи Эмс.*** Баҳона барои ҷанг мубориза барои тахти Испания ва вобаста ба он матни тақаллубии депешаи Эмс гардиданд. Соли 1868 маликаи Испания Изабелла (с. 1830 – 1868) аз тахт сарнагун карда шуд. Пруссия ба тахти Испания Леополди Гогенсоллернро, ки хеши наздики шоҳ Вилгелм буд, пешниҳод намуд. Наполеон зидди тасмими мазкур баромад. Вазири хориҷии Франсия Грамон талаб намуд, ки Леополд номзадиашро пас

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

гардонад. Сафири Франсия дар Берлин, граф Винсент Бенедетти тибқи супориш аз Париж 9 июли соли 1870 оид ба тақдири тахти Испания дар шаҳри Эмс бо шоҳи Пруссия мулоқот доир намуд ва муваффақиятро ба даст даровард, ки тибқи он Вилгелм ба таври шифоӣ розӣ шуд, ки Леополдро аз иддао намудан ба тахти Испания боз медорад. Аммо Франсия боз талаби навро пешниҳод намуд, яъне Пруссия оид ба масъалаи манъ кардани ишғоли тахти Испания аз тарафи Леополд бояд ӯҳдадории расмии хаттии худро диҳад. 13 июли соли 1870 сафири Франсия бо ҳамин пешниҳод ба тарафи Пруссия муроҷиат кард, шоҳи Пруссия ҳамин вақт дар вокзали роҳи оҳан ҳаракат ба сӯи Берлин қарор дошта буда, қабул намудани сафирро рад кард, аммо ваъда дод, ки ба баррасии масъалаи мазкур боз аз сари нав дар Берлин бармегардад. Шоми ҳамон рӯз Отто фон Бисмарк, замоне ки бо вазири ҳарбии Пруссия фон Роон ва сардори Штаби генералии артиш фон Молтке хӯрок мехӯрд, мушовири вазири корҳои хориҷии Пруссия Х. Абекен депешаи фаврии шоҳро аз Эмс фиристонда, он ба канслер расид, ки дар он ҳодисоти бо сафири Франсия алоқаманд ба амал омада пурра дарҷ гардида буданд. Аксуламали сабук нишон додани шоҳи солхӯрдаи Пруссия ба талаботи Франсия, табъи Бисмарк ва ҳамроҳонашро хира кард[1]. Ҳамин дам Бисмарк аз вазири ҳарбӣ ва сардори Штаби генералии артиш пурсид: оё артиши Пруссия омода аст ба Франсия ҷавоб гардонад. Ҷавоби қаноатбахшро гирифта, Бисмарк ба ҳуҷраи дигар даромад ва аз матни иттилоияи шоҳ баъзе ҷойҳоро хат кашид, яъне он қисмате хат кашида шуд, ки дар он шоҳ ба Бенедетти оид ба давом додани музокирот дар Берлин изҳори назар карда буд, акнун ёддошт чунон намуд гирифт, ки тибқи варианти нави он шоҳи Пруссия аз қабул намудани сафир даст кашида, супориш додааст, ки дигар ҳеҷ хабару суханро надорад, ки ба сафир расонад[2]. Иттилоияи мазкур дар рӯзнома нашр шуд, ҳар касе, ки аз немисҳо онро мехонд дар он ба назар мерасид, ки талаботи Франсия хусусияти ултимативӣ доранд. Бо ҳамин нафрати немисҳо боло гирифта, мавҷи миллӣ, ҳатто давлатҳои Германияи Ҷанубиро низ фаро гирифт, ки маҳз махсус ҳамин барои Бисмарк даркор буд. Матни нав ба худ номи депешаи Эмсро гирифт[3]. Барои французҳо бошад он чунон мазмун гирифт, ки гӯё Вилгелм қатъиян аз муҳокима намудани ҳар гуна талаботи ҳукумати Франсия даст кашида бошад, инчунин дар Париж мазмуни депешаи нашршударо таҳқир намудани сафир низ баҳогузорӣ кардаанд. Худи шоҳи Пруссия депешаи таъғйирдодашударо аз рӯзнома хонда, садо баланд кардааст: «Ин аллакай ҷанг аст!». Тақаллуби депешаи Эмс барои сар задани ҷанги Франсия ва Пруссия баҳонаи мусоид гардид. Бисмарк танҳо баъди 25 соли рух додани ин ҳодиса сирри худро фош карда буд. Пас аз ин ҳодиса 15 июли соли 1870

[1]История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. С. 739 – 740.
[2]Оид ба мазмуни депешаи Эмс ниг.: Бисмарк О. Мысли и воспоминания. Т. 2. М., 1940. С. 86.
[3]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 227.

вазири корҳои хориҷии Франсия Антуан Аженор де Грамон дар парламенти мамлакати худ бо лаҳни тунд ҳодисаи ба амал омадаро таҳқир эълон намуда, Пруссияро хитобкунон айбдор намуд ва аксарияти намояндагон бо ӯ розӣ шуданд ва 19 июли соли 1870 бар зидди Пруссия ҷанг эълон карда шуд. Маҳз ҳамин чиз ба Бисмарк зарур буд, ӯ мехост, ки дар ҷанги аз пеш омада, маҳз Франсия ҳамчун таҷовузкор муаррифӣ гардад. Бо ҳамин тарз ӯ мехост, ки дар вақти низоъ бетарафии дигар давлатҳои европоиро таъмин намояд. Ҳамин тавр тасмими ҳам Наполеони III ва ҳам Бисмарк, ки ҳар ду ҷанг мехостанд, амалӣ гардид.

Иғвои машҳури Эмси Бисмарк барои ба вуҷуд овардани шароити қуллайи сиёсӣ-дипломатӣ барои ҷанг бо Франсия равона шуда буд. Бо нашр намудани депешаи Эмс канслери Пруссия Бисмарк Франсияро ба сӯи бар зидди Пруссия ҷанг эълон намудан тела дод. Бо ҳамин, канслери Пруссия изолятсияи пурраи Франсия, ҳатто дар муносибат бо он давлатҳо, ки ҳоло ҳам омода буданд Парижро дастгирӣ намоянд (Австрия ва Италия) ба даст овард. Баъди эълон намудани ҷанг аз ҷониби Франсия (19 июли соли 1870) дар Вена ба намояндагони Франсия изҳор намуданд, ки азбаски тарафи ҳуҷумкунанда Франсия мебошад, ғайр аз ин ҳукумати Австрия дар сатҳи зарурӣ оид ба ниятҳои Париж огоҳонида нашуда буд, Вена наметавонад Франсияро дастгирӣ намояд. Амалан бошад ҳам Австрия ва ҳам Италия интизорӣ доштанд, ки кай ҷанги франко-пруссиягӣ ба фазаи кашолёбӣ ворид мешавад ва маҳз дар ҳамон вақт Вена ва Рим дар саҳнаи ҷангӣ намудор мешуданд.

Александри II дар бораи моҷарои Эмс дарак ёфта, ба сафири Франсия дар Санкт-Петербург чунин гуфтааст: «Шумо чунон рафтор менамоед, ки гӯё фақат Шумо номус доред»[1]. Дар ҳақиқат талаби Париж роҷеъ ба додани кафолат аз ҷониби Пруссия, ки ягон нафар аз шоҳзодагони сулолаи Гогенсоллернҳо даъвои тахти Испанияро намекунад, барои Вилгелми I таҳқиромезона ва озордиҳанда ба ҳисоб мерафт. Инчунин дар он шакле, ки тибқи он ин талаб изҳор карда шуд, дар дипломатия таҳқиромез ба ҳисоб мерафт. Ва барои Бисмарк маҳз ҳамин зарур буд, яъне дар пеши чашми на танҳо немисҳо, балки тамоми Европа маҳз французҳо иғвогар ва ҷангҷӯ муаррифӣ шуданд.

Ҳамин тавр, Франсия 19 июли соли 1870 бар зидди Пруссия ҷанг эълон намуда, 1 сентябри соли 1870 дар муҳорибаи назди Седан шикаст хӯрд, ки баъди ҳарби мазкур худи Наполеони III низ аз ҷониби пруссиягиҳо асир гирифта шуд. 4 сентябр дар Франсия Ҷумҳурии III-юм эълон гардид, октябри соли 1870 Метс таслим ва 28 январи соли 1871 бошад Париж, ки аз сентябри соли 1870 дар муҳосира қарор дошт, таслим шуд. Бо ҳамин ҷанг ба охир расид. Пеш аз ин бошад 18 январи соли 1871 дар яке аз толорҳои Версал шоҳи Пруссия Вилгелми I унвони императориро гирифта, ташкилёбии империяи Германия расман эълон карда шуд. Муборизаи якҷояи ҳамаи давлатҳои

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

германӣ бар зидди Франсия аз он шаҳодат медод, ки муттаҳидшавии мамлакат аллакай амалан шуда гузаштааст[1].

***Шартноми пешакии сулҳи Версал ва Шартномаи Франкфурти лаби Майн.*** 28 январи соли 1871 дар Версал шартномаи пешакии сулҳ баста шуд, ки мувофиқи шартҳои он Франсия ба Пруссия ду музофоти худ – Элзас ва Лотарингияи Шарқиро дода, ваъда кард, ки ба маблағи 5 миллиард марка тавони ҷангӣ медиҳад. 1 марти соли 1871 лашкари Германия ба Париж даромад. Баъди он ки аз ҷониби Маҷлиси Миллӣ Шартномаи пешакии сулҳи Версал тасдиқ гардид, онҳо баъди ду рӯз аз Париж бароварда шуданд. 10 майи соли 1871 бошад дар Франкфурти лаби Майн Пруссия ва Франсия Шартномаи сулҳро бастанд, ки шартҳои он шартҳои сулҳи Версалро такрор намуданд[2].

Муҳимтарин натиҷаи асосии ҷанги Франсия ва Пруссия ин таъсисёбии империяи Германия гардид. Таъсисёбии империяи Германия нишон дод, ки тартиботи Венагӣ қисман ревизия (тафтиш) карда шуд. Ҳамзамон қисман заифшавии Франсия ва Австрия ба қайд гирифта шуд, зеро ревизияи тартиботи Венагӣ аз ҳисоби онҳо гузаронда шуд. Дигар бузургдавлатҳо – Россия ва Британия бошанд бо ревизионистон ба мувофиқа омаданро барои худ беҳтар донистанд. Муттаҳидшавии Италия ва Германия нишон дод, ки аллакай ғояи суверенитети миллӣ аз принсипҳои ҳокимияти сулолавии монархҳо болотар бардошта шудааст. Аммо дар тартиботи Венагӣ тағйироти куллӣ сурат нагирифт.

Пруссия Франсияро мағлуб сохта, аз рӯи сулҳи Франкфурт Элзас ва Лотарингияи шарқиро ба қаламрави худ ҳамроҳ кард. Инчунин 5 млрд франк тавони чангӣ гирифт.

**Аз нав дида баромадани Шартномаи сулҳи Париж.** Дар ин ҷо зарур мешуморем, ки оид ба муборизаи Россия барои барҳам додани шартҳои вазнини Шартномаи сулҳи Париж сухан ронем. Яке аз мақсадҳои асосии сиёсати хориҷии Россия дар ин давра барҳам додани шартҳои барои Россия вазнини шартномаи сулҳи соли 1856 Париж буд. Аз рӯи ин шартнома Россия ҳуқуқ надошт дар баҳри Сиёҳ флоти ҳарбии худро нигоҳ дорад ва истеҳкомҳои ҳарбӣ - посбонӣ дошта бошад. Сарҳадҳои ҷанубии Россия бе ҳимоя монданд.

Барои ҳамин, Россия мехост шартҳои онро бекор кунад. Аммо ҳалли ин масъала бе дастгирии давлатҳои дигар аз имкон берун буд. Дипломатияи ҳукумати шоҳӣ мехост аввал бо Франсия ин масъаларо ба миён гузорад. Франсия, ки ба ҷанги зидди Пруссия тайёрӣ медид, мехост Россияро дар мавқеи хуби барои Франсия, яъне бетараф нигоҳ дорад.

---

[1]Всемирная история. В шести томах. Том 5. Мир в XIX веке. На пути к индустриальной цивилизации. М.: Наука, 2014. С. 637.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 290.

Ҳанӯз сентябри соли 1857 Александри II ва Наполеони III дар Штутгарт вохӯрда, ин масъала баррасӣ гардид. Наполеони III аз тарафи худ ваъда дод, ки Россияро дар ин масъала дастгирӣ мекунад. Аммо бо мақсади худ расида, яъне аз болои Австрия ғалаба карда, Нисса ва Савойяро забт намуда, Наполеон ваъдаашро фаромӯш кард.

Баъд, роҷеъ ба ҳалли ин масъала, ҳукуматдорони рус бо Пруссия муносибатро ба роҳ монданд, ки ин вақт он низ мӯҳтоҷи муносибати нек бо Россия буд. Бисмарк, канслери Германия, сиёсати якҷо кардани давлатҳои немисиро ба Пруссия ба миён гузошта, дар ин кор бо шиори «Ҷаҳони имрӯзаро на бо тариқи ақл ҳал намуд, балки бо зарби шамшер» баромад мекард. Бисмарк ба ҷанг бар зидди Франсия тайёрӣ дида, бетарафии Россия барои ӯ лозим омад. Бисмарк ба ивази ишғоли мавқеи бетарафӣ боз ба Россия ваъда кард, ки онро дар масъалаи барҳам додани шартҳои сулҳи Париж дастгирӣ мекунад. Соли 1866 ба Петербург ваколатдори Пруссия генерал Э. Мантейфел омада масъалаи мазкур баррасӣ гардид. Фурсати муносибро ҷанги Франсия ва Пруссия ба бор овард ва Бисмарк ваъдаашро дар масъалаи дастгирии Россия тасдиқ кард.

Дар муҳорибаи назди Седан артиши Франсия бо роҳбарии Наполеони III асир афтид. Немисҳо ба сӯи Париж ҳаракат карданд. Вазъияти дар Европа ба амал омадаро вазири корҳои хориҷии Россия А. М. Горчаков моҳирона истифода бурда, 19 (31) октябри 1870 ба давлатҳои Европа депеша[1] фиристонд[2]. Дар он гуфта мешуд, ки Россия дигар шартномаи Парижро, ки мамлакатро аз ҳуқуқи нигоҳ доштани флоти ҳарбӣ- баҳрӣ дар баҳри Сиёҳ маҳрум мекунад, ба расмият намешиносад ва онро бекоршуда меҳисобад.

***Конференсияи Лондон.*** Гарчанде Британия, Австрия, Франсия ва Италия яктарафа бекор шудани онро маҳкум карданд, аммо бо таклифи Бисмарк 17 январи соли 1871 дар Лондон конференсия даъват гардида, он то моҳи марти соли 1871 идома ёфт. Дар кори он Британия, Россия, Туркия, Германия, Австро-Венгрия, Италия ва Франсия иштирок доштанд. 13 марти соли 1871 Созишномаи Лондон баста шуд, ки тибқи он давлатҳои Европа ба бекор кардани шартномаи сулҳи Париж розигии худро иброз намуданд. Россия ҳуқуқ гирифт аз сари нав дар баҳри Сиёҳ флоти ҳарбиро ташкил намояд. Россия бекоршавии Шартномаи сулҳи Парижро ба даст дароварда, дар торумори «Коммунаи Париж» ба давлатҳои Европа ёрӣ расонд[3].

**Германияи муттаҳида ва Европа.** Торумори Франсия дар соли 1870 на танҳо бохти ҳарбӣ, балки шикасти пурраи сиёсати европоии Франсия гардид. Бефоида будани даъвои Франсия барои сарварӣ дар қитъаи Европа, хусусан

---

[1]Депеша – дар дипломатия мактуби таҳҷилӣ, огоҳномаи шитобӣ.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 230.

[3]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 269.

нақш иҷро кардан дар корҳои Германия, намудор гардид. Ҳамаи орзӯҳо дар ин самт, ҳатто аз давраи Ришеле сар карда, пурра дар назди Седан ва Метс гӯронда шуданд.

Аз ин пас Франсияро зарур омад, ки ба мақоми бузургдавлати аҳамияти дуюмдараҷа дошта қаноат намояд, ки маҷбур шуд бар зидди қудрати Германия на қувваи худӣ, балки манёври дипломатиро монад. Аз ин пас дар сиёсати берунии худ паҳлӯи Россия қарор гирифтани Франсия аз соли 1871 воқеият пайдо намуд.

Аммо ба ҷойи давлатҳои зиёди сусту заифи немисӣ дар Европа зуҳур намудани як давлати бузурги дорои аҳолии 70 миллионнафара Петербургро низ ба ҳаяҷон овард. Бубинед, ки 20 сол пеш бошад Пруссияро ба таври оммавӣ дар Олмюс паст зада, таҳқир карданд ва 15 сол пеш бошад ин давлатро дар конгресси Париж роҳ надода буданд. Акнун бошад ба Петербург ва дигар бузургдавлатҳо зарур омад эътироф намоянд, ки давраи мавқеи ҳомигӣ доштани империяи Россия нисбати шоҳи Пруссия паси сар шуд. Дар Ғарб Россия на бо Пруссияи заиф ва вобаст ҳамсарҳад буд, балки бо империяи Германияи қудратманду рушдёфта ҳамҳудуд шуд. Баробари ин, Россияро дар он давра зарур омад, ки на танҳо натиҷаҳои вазнини Ҷанги Қримро бартараф намояд, балки он бо мушкилиҳои ҳар рӯз афзуншудаи дохилӣ бархӯрд. Аз ҳамин сабаб Россия низ дар сиёсати берунии худ баъди соли 1871 ба тарафи Франсия майл мекард[1].

Аъзоёни дигари «консерти европоӣ», махсусан Британия низ таҳдидҳои Берлинро ҳис кард. Аммо баъди 20 соли Седан ворисони канслери оҳанин – Отто фон Бисмарк ба дараҷаи ӯ бомаҳорат набуданд ва ин боиси он гардид, ки дар атрофи империяи Германия ҳалқаи иттифоқи абарқудратҳои рақиб ба вуҷуд омад, ки ин мавзӯи баҳси дигар мебошад.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

## 4. 11. БӮҲРОНИ ШАРҚ ДАР СОЛҲОИ 1875 – 1878. ҶАНГИ РОССИЯ ВА ТУРКИЯ СОЛҲОИ 1877 – 1878

Ба монанди солҳои 30 – 40 бӯҳрони Шарқ дар солҳои 1875 – 1878, на дар натиҷаи найрангу дасисабозии давлатҳои бузург, балки худ ба худ рух дод. Ба таври дигар гӯем, империяи Туркия ба давраи нави таназзулёбии худ ворид гардид. Аммо давлатҳои бузург дар рафти бӯҳрони мазкур нақши ҳалкунандаро бозӣ карданд ва натиҷаи он бошад муносиботи мутақобиларо байни иштирокчиёни «консерти европоӣ» барои даҳсолаҳои минбаъда муайян намуд. Масалан, ба «Иттифоқи се император» зарбае расонда шуд, ки баъди он иттифоқи мазкур дигар ба худ наомад. Дар Лондон бошад тасаввуроти комилан фантастикӣ зуҳур намуд, ки тибқи он гӯё Британияи Кабир метавонад бо иродаи худ дар ҳама лаҳза ба корҳои дар қитъа сурат гирифта, ҳатто дар он сурате, ки дар ихтиёри худ надоштани артиши хушкигарди тавоно ва давлати бузург-иттифоқчӣ таъсири ҳалкунандаро расонад. Раванд ва инчунин натиҷаи бӯҳрони мазкур дар минбаъда заифшавии мавқеи Россия ва Франсияро миёни дигар абарқудратҳо нишон дод ва маҳз ҳамин вазъият дар оянда ба ҳам наздикшавии онҳоро пешакӣ муайян намуд[1].

**Шӯриши славянҳо ва дипломатияи европоӣ.** Дар моҳи июли соли 1875 деҳқонони Босния ва Гертсеговина бар зидди низоми сиёсии Туркия дар минтақа шӯриш бардоштанд. Сабабҳои шӯриш бисёр буданд. Империяи Туркия ваъда дод, ки дар каламравии насронинишини худ ислоҳотро мегузаронад, ки мебоист ҳаёти мардумро сабуктар мегардонданд. Аммо новобаста аз ин, ҳоло ҳам мардум зери зулм ва беҳуқуқ монданд. Дар қаламрави европоии империяи Туркия заминдорон асосан туркҳо буда, шумораи аксарияти деҳқононро бошад халқҳои насронӣ ташкил медоданд. Ҳамин тавр, ба масъалаҳои муносиботи байни халқҳо ва байни тарафдорони адён, масъалаи аграрӣ низ замъ гардид.

Дар қисмати европоии империяи Туркия аксарияти мардуми насронӣ зиндагӣ мекард. Маҷбуриятҳои натуралӣ ва дигар намуд зулм дар гардани онҳо бор буд. Гап на ин ки дар муносиботи туркҳо бо славянҳо ё мусулмонҳо бо насрониён буд, акнун дар ин давра халқҳои Балкан, ки ба зинаи рушди капитализм расида буданд, дигар нахостанд ба чунин тарзи зиндагӣ тан диҳанд, онҳо ба истиқлолияти миллӣ эҳтиёҷ доштанд, ки метавонист рушди озодонаи онҳоро таъмин мекард.

***Мавқеи Австро - Венгрия.*** Империяи Австро - Венгрия, нисбат ба шӯриши зидди туркии халқҳои Балкан муносибати якрангро ишғол накард. Дар сиёсати империя аз як тараф, дворянҳои венгрӣ, чун анъанаи худ мавқеи тунди зиддиславяниро ишғол намуданд ва зарур донистанд, ки шӯриш ғарқи хун карда шавад ва аз ҷониби дигар туркҳо статус-кворо барқарор намоянд,

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

зеро дастовардҳои славянҳои империяи Туркия боиси фаъолшавии славянҳои империяи Австро-Венгрия мегардад. Ҳамзамон доираи таъсиррасони чехӣ ва буржуазияи немис, ки ба хотири трансформатсияи монархияи дувоҳид ба монархияи севоҳид баромад мекарданд ва ба чунин назар буданд, ки дар минбаъда васеъшавии қаламрави Австрия аз ҳисоби музофотҳои туркӣ имконият меорад, ки таъсири Вена дар Балкан васеъ мегардад. Зеро, чи тавре ки маълум аст, он давлатҳои Балкан, ки истиқлолиятро ба даст даровարданд, аз ҷумла Сербия, зери доираи таъсири иқтисодии Вена қарор гирифта буданд. Дар Вена ба чунин хулоса омаданд, ки сохтмони роҳи оҳан ва ба роҳ мондани тиҷорат бо мамлакатҳои Балкан ба рушди иқтисодии худи Австрия такони ҷиддӣ мебахшад, баробари ин, сиёсат дар ин самт, номуваффақиятҳои империяро дар самти Германия ва Балкан ҷуброн менамояд. Ва охиронаш, баръакси Будапешт, Вена маҷбур буд, ки рӯҳияи ҷамъиятии мардуми Далматсияро ба инобат гирад, ки он бо Босния ва Герсеговина ҳамсарҳад буд. Мардуми таҳҷоии минтақаи мазкур – хорватҳо буда, талаби ёрӣ расондан ба бародарони ҳамхуну динии худ мекарданд[1].

***Мавқеи Россия.*** Дар Россия, мафкураи панславянӣ яке аз ғояҳои асосии ҷамъиятӣ ва давлатӣ ба шумор мерафт. Хоҳишмандони ёрӣ расондан ба славянҳо дар ҳамаи доираҳои ҷамъиятӣ, аз дарбори импараторӣ сар карда, то миёни деҳқонону меҳнатакашони оддӣ ниҳоят зиёд буданд. Барои ҳамин, дар панслявянизм тамоюлҳои буржуазӣ-миллатгароӣ ва ҳам инқилобӣ-демократӣ ошкоро ба назар мерасиданд. Миёнаи солҳои 70 империяи Россия дар дуроҳа монд: ислоҳоти бузурги солҳои 60, махсусан ислоҳоти деҳқонӣ, ба таври возеҳ нимкора (нотамом) мондани худро нишон дод. Зарур омад, ки ягон корро анҷом дод ё таваккалӣ карда, норозигии доираи реаксионерони ашаддии тарафдорони сохти крепостнойиро ба вуҷуд оварад ҳам, ислоҳотро ба пеш идома дод ё аксулислоҳот гузаронд. Барои ҳамин, баъдатр императори Россия Александри III аксулислоҳотро гузаронд. Ҳукумати падараш – Александри II бошад, натавонист, ки роҳу равиши муайянро дар сиёсати дохилӣ интихоб намояд ва барои баромадан аз вазъиятро дар доир намудани ҷанги хурди ғалабаовар медид, ки он метавонист норозигии ҷамъяитиро аз байн бурда, доираҳои ҷамъиятиро дар атрофи тоҷу тахт муттаҳид мекард. Аз ҷониби дигар панславянизм ва ташвиши ватандӯстӣ на ҳамаро дар Россия фаро гирифта буд. Барои ҳамин, худи император Александри II, княз Горчаков ва граф Шувалов, дуруст ба хулосае омада буданд, ки такроршавии вазъияти соли 1856 чи қадар барои Россия хатарнок мебошад, замоне ки мамлакат дар рафти Ҷанги Қрим дар муқобили Европа қариб, ки танҳо ба танҳо монда буд. Ин ҷиҳати масъаларо доираи буржуазияи либералӣ, бонкдорон ва биржаҳои Петербург ба миён гузоштанд, ки бо Европа сахт алоқаманд буданд. Оид ба барҳам задани шартҳои вазнини Шартномаи Париж аз соли 1856 дар мавзӯи гузашта сухан рафт.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

***Мавқеи Франсия.*** Франсия бошад дар ин давра чиддан роххоеро меҷуст, ки тавассути он баъди шикаст дар Ҷанги Франсия бо Пруссия аз изолятсияи сиёсати берунӣ баромада тавонад. Ҳамзамон, соли 1875 вобаста ба канали Суэтс, муносиботи франко-британӣ зуд тезу тунд гардиданд. Баъди он ки 26 ноябри соли 1875 маълум гардид, ки Лондон ба ивази 100 миллион франк 177 ҳазор аксияи канали Суэтсро, ки пеш аз ин моликияти хедив (ноиб-шоҳ)-и мисрӣ ба ҳисоб мерафтанд, ба даст овардааст ва Англия амалан ба молики ягонаи канал табдил ёфт (дар ҳақиқат, як қисми аксияҳо дар ихтиёри Париж низ монданд, аммо бо ҳуқуқи аксионерҳои миноритарӣ, ки онро на он вақт ва на ҳозир ягон кас ба инобат намегирифт), ба муносиботи ин давлатҳо таъсир расонд. Ин харидуфурӯш, ки комилан махфӣ сурат гирифт, ба Париж сахт расид. Дар ҳамин шароит Париж дар рафти сар задани бӯҳрони навбатии шарқ дастгирӣ намудани Санкт-Петербургро дошт на Лондонро.

***Мавқеи Британия.*** Дар Британияи Кабир дар ин давра сари қударт Бенҷамен Дизраэли, қарор дошт. Ин одам бо русбадбинӣ ва туркдӯстии худ шӯҳрат дошт, аммо дар ҳақиқати кор вай шовинисти ашаддии британӣ, тарафдори васеъкунии қаламрави империяи мустамликавии Британия буд. Ва ба хотири амалӣ шудани мақсади мазкур туркдӯстии вай ба қафо гузошта шуд. Дизраэли ба хулосае омад, ки тақсимшавии империяи Туркия ночор сурат мегирад, дар мактуби худ ба лорд Дерби аз 4 сентябри соли 1876 вай қайд кардааст, ки «ғанимати балканӣ»-ро бояд Австрия ва Россия «бо хизматрасонии дӯстонаи Англия» байни худ тақсим намоянд. Барои хизмати мазкури дӯстона ва нейтралитет, Англия чӣ мехост ба даст орад. Яъне «Константинопол бо ноҳияҳои атрофаш бояд бетараф гардодна шавад ва ба бандари озоди зери ҳимоя ва парастории Англия, ба мисоли ҷазираҳои Ион, табдил дода шавад». Ана ҳамин тавр, муҳаббати Дизраэли ба Туркия ҳамон ҷо ба охир расид, ки дар он ҷо манфиатҳои Британия оғоз гардиданд.

***Мавқеи Германия.*** Германия бошад он вақт дар Балкан ва инчунин дар Шарқи Наздик дар умум манфиатҳои мустақими худро надошт. Аммо дар низои сар шуда нақши Берлин калон буд. Бӯҳрони мазкур дар назди дипломатияи Германия имкониятҳои навро кушод, ҳамзамон он хатароти зиёдеро низ паси сар менамуд. Бисмарк вазифаи худро ба ин тавр медид, ки бояд: 1) ба андозаи зиёд байни Россия ва Англия ихтилоф андозад; 2) ба ҳам наздикшавии Россия ва Франсияро аз байн барад; 3) аз сар задани низоъ байни Россия ва Австрия дурӣ ҷӯяд. Маҳз барои ҳамин дар рафти бӯҳрони Шарқи солҳои 1875 – 1877 Бисмарк аз як тараф ҳаматарафа Петербургро ба ҷанги зидди Туркия таҳрик кард ва аз ҷониби дигар бошад ҳукумати Россияро қатъӣ ҳушдор дод, ки Берлин ба торумор намудани Австрия имконият намедиҳад[1].

Ҳамин хел буд мавқегирии абарқудратҳо нисбат ба бӯҳрони Шарқ, ки он ба дипломатияи онҳо низ таъсири худро расонда буд.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

**Давлатҳои бузург ва бӯҳрони Шарқ солҳои 1875 – 1877.** Чуноне ки маълум гашт байни давлатҳои бузург дӯстон ва иттифоқчиёни ҳақиқии империяи Туркия дида нашуданд. Амалан бузургдавлатҳо дар фикри манфиатҳои шахсии худ нисбат ба мероси империяи Туркия буданд. Барои ҳамин бузургдавлатҳои европоӣ бе ягон мушкилӣ ба Константинопол талаботи худро пешниҳод намуданд, ки тибқи онҳо Туркия бояд: 1) озодии пурраи динӣ ва баробарии эътиқоди адёнро барқарор намояд; 2) андозҳои танхоҳоро бекор намояд; 3) андозҳои мустақимро, ки дар Босния ва Гертсеговина ҷамъоварӣ карда мешаванд, зери назорати мақомоти ҳокимияти маҳалии худидоракунии онҳо барои эҳтиёҷоти худи ҳамин музофотҳо фиристонад; 4) дар Босния ва Гертсеговина мақомоти маҳаллии худидоракуниро таъсис диҳад; 5) дар ин музофотҳо ислоҳоти агарариро гузаронад. Вазири корҳои хориҷии Австрия граф Андраши нотаи мазкурро аз номи 6 абарқудрати европоӣ – Британияи Кабир, Франсия, Австро-Венгрия, Россия, Германия ва Италия 30-юми январи соли 1876 ба ҳукуматдорони Туркия супорид. 11 феврал Туркия ба ин нота розигии худро дод. Ба назар мерасид, ки шӯриши славянҳо тавассути дастгирии дипломатии Европа акнун дастовардро ба даст меорад, зиёда аз ин, Сербия ва Черногория дар моҳи июн зидди Туркия хестанд[1].

Аммо вазъият ранги дигарро гирифт. Ҳанӯз дар аввали моҳи майи соли 1876 вазири бузурги Туркия Надим-пошо ба истеъфо фиристонда шуд, ки ҳамчун раҳнамои таъсири Россия дар Туркия дониста мешуд. Баъди чанд рӯзи ин воқеа, аниқтараш 30 майи соли 1876, Абдул-Азиз, ҳокими заиф ва аз ҷиҳати молиявӣ аз мамлакатҳои европоӣ вобаст буда, аввал аз тахт дур карда шуда, баъд кушта шуд. Ворисი ӯ, Муроди V, дароз ҳукм наронд, ӯ девона эълон шуда, ба ҳабси хонагӣ гирифта шуд. 31 август бародари Мурод – Абдул-Ҳамид султон эълон карда шуд, ки душмани қатъии ҳамагуна гузаштқунӣ ба «бединон» буд.

Тағйироти мазкур дар пойтахти Туркия ба вазъият ва амалиёти ҷангӣ таъсири бевоситаи худро расонданд. Артиши Туркия ба ҳуҷуми қатъии ҷавобӣ гузашта, сербҳо ва черногориҳоро дастаи ихтиёриёни 4 ҳазорнафараи русӣ бо сарварии генерал Черняев низ наҷот додан натавонистанд, ки генерали мазкурро князи Сербия Милан сарфармондеҳи олии артиши Сербия таъйин карда буд. Аз Россия барои Сербия ёрии калони пулӣ низ расонда шуда буд.

**Россия ва муборизаи озодихоҳонаи халқҳои Балкан.** Бо ёрии Россия дар нимаи аввали асри XIX халқҳои Балкан – Сербия ва Черногория автономия (худмухторӣ) ва Руминияву Юнон истиқлолиятро ба даст даровrouted.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Россия умеди калон доштанд. Чунки Россия манфиати славянҳо ва православҳоро дар арсаи ҷаҳонӣ ҳимоя мекард.

Дар ибтидои соли 1875 дар Босния ва Гертсеговина ва моҳи апрели соли 1876 дар Булғория шӯриш сар зад. Шӯришҳо аз тарафи туркҳо пахш карда шуда, танҳо дар Булғория зиёда аз 30 ҳазор одамро сар заданд. Ба Балкан ихтиёриёни рус, аз ҷумла генерал М. Г. Черняев, рафтанд ва мазкур роҳбарии артиши сербҳоро ба зимма гирифт. Июни соли 1876 Сербия ва Черногория бар зидди Туркия ҷанг эълон карданд. Дар Россия барои ёрдам ба халқҳои славян ихтиёран пул ҷамъ мекарданд. Дар муддати кӯтоҳ дар Россия 3 млн рубл ҷамъ карда шуд. Россия якбора нахост, ки ёрии ҳарбиро ба Босния ва Черногория расонад. Сабаби асосӣ дар он зоҳир мегардид, ки Россия аз ҷиҳати харбӣ тайёр набуд, чунки ислоҳоти ҳарбӣ ҳоло ҳам дар мамлакат давом мекард. Россия муносибати дипломатиро ба кор бурдан хост[1].

**Вохӯрии Рейхштадт.** Барои он ки ҳангоми оғоз намудани ҷанг бар зидди Туркия боз мисли Ҷанги Қрим коалитисияи давлатҳои европоӣ ба тарафи Константинопол нагузарад, барои Петербург ба даст даровардани кафолати ҷиддии онҳо зарур буд. Пеш аз ҳама бояд Россия бетарафии Австро-Венгрияро ба даст меовард. Бо ҳамин хотир 26 июн/8 июли соли 1876 императори Россия ва императори Австро-Венгрия дар ҳузури вазирони хориҷии худ дар Рейхштадт бо ҳам вохӯрда, ба созиш омаданд. Александри II тавонист ба императори Австро-Венгрия Франс Иосиф музокира намояд. Австро-Венгрия ҳам ният дошт Босния ва Гертсеговинаро забт намояд, чунки намехост мавқеи Россия дар Балкан мустаҳкам гардад ва аз рӯи шартномаи Рейхштадт, ки 26 июни/8 июли соли 1876 байни ин ду давлат ба даст омад, Австро-Венгрия талаб кард, ки қисми Босния ва Гертсеговина ба он ҳамроҳ карда шавад. Ба ивази ин ваъда дод, ки вақти сар задани ҷанги Россия бо Туркия мавқеи бетарафиро ихтиёр менамояд. Россия низ мувофиқи ин шартнома агар аз болои туркҳо ғалаба мекард, ҷанубии Бессарбияро ба қаламрави худ ҳамроҳ мекард. Инчунин Петербург розӣ шуд, ки дар ҳолати аз байн рафтани империяи Усмониён бетарафии Константинополро мепазирад ва инчунин дар Балкан на бояд давлати бузурги славянӣ таъсис ва ба вуҷуд ояд. Россия бо Туркия яку якбора вориди майдони ҷанг нашуд. Тавассути дипломатия аз туркҳо талаб карданд, ки ба ҷанги зидди Сербия хотима диҳад, аммо Туркия ин талабро рад кард. Созиши махфии Рейхштадт барои бастани конвенсияи махфии Будапешт заминаи асосӣ гардид[2].

**Конференсияи Константинопол.** Ҳамзамон дипломатияи Россия ба хотири бартараф намудани хатари сар задани ҷанг тавассути расондани таъсири

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 284.

дастаҷамъонаи бузургдавлатҳо бар зидди Туркия кӯшишҳо ба харҷ доданро идома дод. Бо хоҳиши Россия 23 декабри соли 1876 дар Константинопол конференсия баргузор гардида, дар кори он давлатҳои асосии Европа иштирок доштанд, дар рафти он аз Туркия талаб карда шуд, ки ба Босния, Гертсеговина ва Булғория мухторият диҳад. Туркия зери дастгирии Англия аз ин талаб даст кашид.

Конференсияи Константинопол 23 декабри соли 1876 бо ширлики гулӯлаҳо аз тӯпҳо оғоз гардида, оид ба он хабар расонд, ки аз ин пас империяи Туркия монархияи конститутсионӣ, бо доштани парламенти дупалатагӣ, мешавад. Барои ҳамин, аз ин пас барои тобеини насронии султон кафолати байналхалқӣ лозим намешавад, ҳамаи ин тавассути конститутсияи нави лоиҳакашидашудаи Туркия кафолат дода мешавад.

Хулоса, давлатҳои европоӣ ба масъалаи ногаҳон табдил ёфтани деспоти шарқӣ (тибқи назари онҳо) ба давлати пешсафи европоӣ омода набуданд. Ва онҳо ба маҷбуркунии талаботи худ пардохта, 15 январи соли 1877 ба девони Туркия нотаи дастаҷамъӣ, ки дар он «консерти европоӣ» барои Босния, Герсеговина ва Булғорияи Шимолӣ мухторият ва таъсис додани милитсия дар ин ҷойҳоро талаб мекард, супорид[1].

25 январ талаби мазкур рад карда шуд ва 15 феврал бошад Мидҳатпошо, «падар-асосгузор»-и конститутсияи Туркия ба бадарға фиристонда шуд. Рад кардани иродаи давлатҳои европоӣ барои Туркия амалан изолятсияи дипломатиро дар арафаи ҷанг бо Россия маънидод мекард. Франсия низ дар ин давра бар зидди нақшаҳои Россия ҷиддан набаромад.

**Конвенсияи махфии Австрия ва Россия.** Австрия бошад бо дастгирии Германия 15 январи соли 1877 дар Будапешт бо Россия конвенсияи махфии русу австриягиро баст, ки мувофиқи он: 1) ягон ҳукумати ҷонибҳо оид ба таъмин намудани протекторати худ аз болои халқҳои насронии империяи Туркия даъвои қатъӣ пеш намеорад; 2) натиҷаҳои ҷанги оянда аз ҷониби давлатҳое, ки трактатҳои Париж ва Лондонро қабул карда буданд, тасдиқ карда мешаванд; 3) Россия тамомияти арзии Руминияро эҳтиром мегузорад ва ба Константинопол даст дароз намекунад; 4) Булғория, Албания ва Румелия истиқлолиятро ба даст меоранд; 5) Россия ба Сербия лашкарро ворид намекунад; 6) Австрия Босния ва Гертсеговинаро истило менамояд.

Ба ивази ин ҳама гузаштҳо Вена розӣ шуд, ки дар ҷанги аз пеш омада бетарафиро ихтиёр менамояд. Инчунин, Петербург метавонист ба бетарафии муфиди Берлин низ такя намояд, дар асл Бисмарк Россияро ба ин ҷанг тела дод.

**Ҷанги Россия ва Туркия (с. 1877 – 1878).** Феврали соли 1877 Сербия таслим шуд. Ҷангро танҳо Черногория давом медод. Марти 1877 дар конференсияи Лондон Туркия боз аз гузарондани ислоҳот дар Балкан даст кашид.

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.



Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ

Дар ин конфронс 6 давлати бузург аз Туркия ин ислоҳотро талаб карданд. 12-уми апрели 1877 императори рус манифест дар бораи оғоз намудани ҷанг бо Туркияро имзо гузошт. Россия, инчунин аз Руминия иҷозати дохил намудани артиши худро ба қаламрави он низ гирифт.

Гарчанде ки ҷанг моҳи апрел эълон гардид, аммо амалётҳои ҷангӣ июни соли 1877 сар шуданд. Аз рӯи шумораи аскарон артиши рус аз туркҳо дар амалиётҳои аввали ҷангӣ зиёдтар буд. Дар сафи артиши рус дар Балкан 185 ҳазор аскар буд. Инчунин онҳоро лашкари Руминия ва лашкари 4,5 ҳазор нафараи булғорӣ бо сарварии генерали рус Н. Г. Столетов дастгирӣ мекарданд. Туркҳо дар Балкан 160 ҳазор аскару афсар доштанд. Дар фронти Кавказ русҳо 70 ҳазор, туркҳо бошад 55 ҳазор аскар доштанд. Июни 1877 артиши рус аз дарёи Дунай гузашт. Дар ин ҷанг генералҳои рус М. Д. Скобелев, И. В. Гурко, Н. Г. Столетов ва Ф. Ф. Радетский қаҳрамонӣ нишон доданд. Дастаҳои пешгарди рус зери фармондеҳии генерал И. В. Гурко ба зудӣ пойтахти қадимаи Булғория шаҳри Тирновоaccess ишғол карданд. Баъд гузаргоҳи муҳимтарини Балкан ағбаи Шипкаро ба даст даровարданд. Ҳаракати минбаъда, аз сабаби норасоии қувва, қатъ гардид. Булғорҳо русҳоро чун озодкунандагони худ ботантана пешвоз мегирифтанд. Қисми асосии артиши рус бошад ба муҳосираи истеҳкоми туркҳо – қалъаи Плевна (Плевен) банд буд. Кӯшиши нави гирифтани Плевна ба корпуси 30 ҳазорнафара дар 18 июли соли 1877 натиҷа надод. Генерал Тотлебен, ки дар мудофиаи Севастопол шӯҳратманд шуда буд, низ бо артиши худ ба Плевна омад. Плевна аз ҳама тараф муҳосира карда шуд. Артиши Туркия бо сарварии Усмон-пошо алоқаро бо берун аз даст дод. 28-уми ноябри соли 1877 Плевна таслим шуд. 5-6 ноябр дар Қавқоз қалъаи Карс гирифта шуд. Дар Шипка низ амалиёт идома ёфта, туркҳо ба ин ҷо аз Черногория бо сардории Сулаймон-пошо лашкари 40 ҳазорнафараро фиристоданд. Ин лашкар ба ағбаи Шипка ҳуҷумро сар кард. Се рӯз ҳимоятгарони Шипка ҳуҷуми туркҳоро, ки қувваи онҳо панҷ маротиба аз русҳо зиёдтар буд, зада мегардонданд. Мавқеи Шипка дар дасти русҳо монд, аммо роҳи ҷануб баста гардид. Зимистон фаро расид. Шамоли сарду хунукӣ одамонро аз по меафтонд. Барфи баланд роҳҳоро пушонида буд. Хӯрокворӣ низ намерасид. Русҳо дар шароити бениҳоят душвор шуҷоату матонат нишон дода, то январи 1878 ағбаро дар дасти худ нигоҳ доштанд. Онҳо фақат аз сармо 9,5 ҳазор одамро талаф доданд. Кӯшишҳои Сулаймон-пошо барои гирифтани Шипка натиҷа надоданд. Гирифтани Плевна рӯҳияи артиши рус ва муборизони булғорро дар Шипка баланд кард. Зимистон генерал Гурко тавассути кӯҳҳои Балкан ба ҳуҷум гузашт. 18-уми декабр ба водӣ хамбида, артиши туркҳоро торумор намуда, 23-уми декабр пойтахти Булғория шаҳри Софияро озод кард. Дар ҳамин вақт баъд аз торумор шудани лашкари туркҳо бо сарварии Вассол-пошо, аз тарафи генералҳои рус Скобелев ва Родетский ва торумори артиши Сулаймон-пошо дар наздикии Филиппопол (Пловдив), аз тарафи генерал Гурко, артиши рус ба самти Адрианопол ҳаракат карда, 8-уми январи 1878 онро

бе ҷанг гирифт. Артиши рус ба пеш ҳаракат карда, дар маҳалли Сан - Стефанои наздикии шаҳри Константинопол истод.

Дар вақти ҷанги мазкур Россия бар зидди Британия тактикаи фишоррасонии ассиметрӣ истифода намуд. Ҷавоб ба намоишкориҳои флоти Британия дар Дарданел генерал-губернатори Туркистони Россия К. П. фон Кауфман дар сарҳади Афғонистон 30 ҳазор лашкарро ҷамъ намуд. 29 июли соли 1878 бошад ба Кобул миссияи Россия бо роҳбарии генерал Н. Г. Столетов расид. Дар рафти гуфтушунидҳо тарафҳо – Столетов ва амир Шералӣ лоиҳаи шартномаи иттифоқиро коркард намуданд, ки он эътирофнамоии истиқлолияти Афғонистон аз ҷониби Россия, расондани ёрӣ ба амир аз ҷониби русҳо ва зиёд намудани сатҳи тиҷоратро дар бар гирифта буд. Столетов ба Тошканд пас гашта, дар Кобул муовини ӯ генерал Н. И. Разгонов монд. Британия бошад ба Шералӣ ултиматум фиристонда, пас аз он бо хоҳиши амири Афғонистон фон Кауфман миссияи Н. И. Разгоновро бозхонд намуд. Аммо миссияи мазкур кори худро кард, байни Британия ва Афғонистон низоъ рух дод. 12 ноябри соли 1878 артиши Британия ба Афғонистон зада даромад. Англисҳо Қандаҳор ва Ҷалолободро забт намуда, ба Кобул наздик расиданд. Амир Шералӣ ба фоидаи писараш Яқубхон аз тахт даст кашид, ки вай бошад 29 майи соли 1879 дар Гандумак бо Англия сулҳ баст. Бо ҳамин Афғонистон протекторати Британияро аз боли худ эътироф намуд. Аммо сентябри соли 1879 боз дар Афғонистон шӯриши зидди англисҳо сар зад. Яқубхон низ аз қаламрави Афғонистон гурехт ва оқибат ба сари тахт Абдурраҳмонхон омад. Ҳамин тавр, Россия Британияро дар як сӯ банд намуд[1].

**Шартномаи сулҳи Сан - Стефано.** Русҳо имконият доштанд, ки Константинополро гиранд, аммо минбаъд ба пеш рафтани артиши рус боиси низои ҳарбӣ бо дигар давлатҳо мешуд. Пеш аз ҳама ба Англия, ки флоти худро ба Константинопол равона кард, ҳамин тариқ, дар Сан - Стефано музокираи сулҳ сар шуд, ки 19-уми феврал (3-юми март) - и 1878 дар ин ҷо шартномаи сулҳ баста шуд.

Аз рӯи сулҳи Сан - Стефено Булғория давлати мустақил эълон гардид. Инчунин истиқлолияти пурраи Сербия, Черногория ва Руминия низ эътироф карда шуд. Илова ба ин, бояд Туркия барои беҳ кардани шароити зиндагонии мардум дар Босния ва Гертсеговина, Арманистон, Эпир ва Крит ислоҳот мегузаронд. Чануб-ғарбии Бессарабия ба Россия гузашт, ба ивази он Россия ба Руминия шимолии Добруҷаро дод. Ба Россия инчунин шаҳрҳои Карс, Ардагон, Боязид ва Батуми гузаштанд. Туркия ба маблағи як миллиарду 410 миллион рубл тавони ҷанг дод. Аз ин микдор 310 миллион пули нақд, маблағи боқимондаро қаламравҳои ба Россия гузашта, яъне нархи онҳо ташкил медод.

**Конвенсияи Кипр.** Конвенсияи Кипр ин созишномаи махфии англотуркӣ оид ба иттифоқи мудофиавие мебошад, ки 4 июни соли 1878 дар

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 267 – 268.

Константинопол имзо карда шуд. Азбаски империяи Россия аз болои Усмониён ғалаба ба даст даровaрда, Батуми, Ардаган ва Карсро ба қаламравҳои худ ҳамроҳ карда буд ва мақсад гузошт, ки қаламравҳои дигари Осиёи Хурди аҳолиашон аксарият арманӣ, гурҷӣ ва курдро низ ба даст дарорад, пас тибқи созишномаи мазкур Британия ба зимма гирифт, ки бо қувваи силоҳ ба Туркия ёрӣ мерасонад. Ба ивази кӯмаки Британия империяи Усмониён розӣ шуд, ки ҷазираи Кипр ба протекторати Британия табдил дода шавад. Мувофиқи созишнома, англисҳо ҳуқуқ гирифтанд, ки бо шарти пардохти ҳарсолаи маблағи 99 799 фунт стерлинг ҷазираро истило ва идора намоянд. Расман Кипр дар ҳайати империяи Туркия монд, аммо амалан бошад ҳокимияти воқеӣ ба дасти комиссари олии Британия гузашт. Аз ҷониби худ Британия ваъда дод, ки барои бекор ё сабук кардани як қатор моддаҳои шартномаи Сан - Стефано ёрӣ мерасонад. Конвенсияи мазкур аз ҷониби Британия танҳо 5 ноябри соли 1914 аз эътибор соқит дониста шуд.

**Конгресси Берлин.** Ба шартҳои сулҳи Сан - Стефано Англия ва Австро-Венгрия зид баромаданд. Германия низ Австро - Венгрияро дастгирӣ намуд. Барои хамин, барои ҳаллу фасли масъалаҳое, ки сулҳи Сан-Стефано ба миён овард, бо талаби давлатҳои Европа 1 (13)-уми июни соли 1878 дар Берлин конгресс таҳти раисии Отто фон Бисмарк ба кор шурӯъ карда, он то 1 (13)-уми сентябри соли 1878 идома ёфт. Россия маҷбур буд, ки гузашт кунад. Баъд аз як моҳи Конгресс Аҳдномаи Берлин баста шуд, ки мазмуни он бар зарари халқҳои славянии Балкан буд. Хусусан, барои Булғория, ки он ба се қисм тақсим карда шуд. Аз ҳисоби қисми ҷанубии он вилояти автономии бо номи Румелияи Шарқӣ таъсис дода шуд. Македония ба ихтиёри туркҳо вогузошта шуд. Шимолии Булғория князгарии мустақил эътироф гардид. Конгресси Берлин истиқлолияти Черногория ва Сербияро маъқул донист, аммо қаламравҳоеро, ки онҳо аз рӯи сулҳи Сан - Стефано соҳиб шуда буданд, аз нав аз даст доданд. Истиқлолияти Руминия низ эътироф гардид. Шаҳрҳои Карс, Батуми ва Ардагон дар ихтиёри русҳо монданд. Фақат Боязид ба Туркия боз пас гардонда шуд. Қарорҳои Конгресси Берлинро истифода бурда, Британия Кипрро, Австро-Венгрия бошад Босния ва Герсеговинаро соҳиб шуданд. Мардуми Балкан қарорҳои ин конгрессро маҳкум намуданд.

Ин ғалабаи бидуни хунрезӣ барои сиёсати хориҷии Британия як давраи ҷадидро кушод. Дар Лондон, чи тавре ки иброз намудем, ба чунин қарор омада буданд, ки мувозинати европоӣ дар ҳама лаҳзаҳо бо хоҳиши ҳукумати Англия барқарор мешавад. Дар ҳақиқат низ натиҷаҳои конгерессии Берлин барои чунин хулосабарориҳо ягон асосноккуниро надоданд. Дар воқеият бошад конгресс пастравии мутлақи нақши давлатҳои бузурги қитъавиро дар рӯ ба рӯи Германия нишон дод. Агар дар конгресси Париж соли 1856 Пруссияро наздик ҳам роҳ надода буданд, акнун бошад Германия имконият ба даст овард, ки тақдири Европаро ҳал намояд, дар ҳамагуна ҳолат натиҷаи бӯҳрони Шарқро муайян намояд. Ҳамин тавр, дар қитъаи Европа гегемон (ҳукмрон)-и нав

зуҳур карда, ба Россия, Австрия ва Франсия зарур омад, ки андеша намоянд, ки ё шарикони майдаи он шаванд ё ки рақиби оштинопазири Германияи азимҷусса.

## 4. 12. БОЗИИ БУЗУРГ. СИЁСАТИ ДАВЛАТҲОИ БУЗУРГ ДАР БАЛКАН, ОСИЁИ НАЗДИК, МИЁНА ВА ҲАВЗАИ БАҲРИ МИЁНАЗАМИН ДАР АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

**Рақобати Англия ва Россия дар Осиёи Наздик ва Миёна асри XIX – ибтидои асри XX.** Мафҳуми «Бозии Бузург» - ро бори нахуст дар соли 1840 афсари англис Артур Конолли истифода бурд ва баъд онро ба таври васеъ дар байни омма нависанда Редярд Киплинг паҳн намуда буд[1]. Дар давраи «Бозии Бузург» ба таври васеъ тамаддуни европоӣ низ ба Шарқ сар даровардан оғоз кард. Вобаста ба мавзӯи мазкур суханони муаррихи машҳури Россия В. О. Ключевский ҳам бисёр ба мавриданд, ки аз заифии Осиё дар давраи мазкур дарак медиҳанд. Ӯ дар яке аз дафтари хотироти худ аз 16 майи соли 1904 менависад, замоне буд, ки Осиё Европаро маърифатнок намуд ва дар натиҷа Европа Осиёро фатҳ кард. Акнун Европа Осиёи хуфтаро маърифатнок менамояд[2].

Дар асри XIX Британияи Кабир мавқеи худро дар Ҳиндустон мустаҳкам намуда, сиёсати худро дар самти Осиёи Миёна низ фаъол намуд. Шикасти Усмониён ва Эрон аз Россия дар солҳои 20-уми асри XIX Британияро ба хулосае овард, ки мумкин русҳо ба Ҳиндустон низ сар медароранд. Ибтидои асри XIX географи англис Уилям Муркрофт ҳам ба хулосае меояд, ки Россия метавонад дар самти Форс ва Афғонистон ба Британия зарба расонад. Солҳои 1929 – 1930 бошад ҷосуси англис, капитан Артур Конолли сайёҳати худро аз Москва ба Афғонистон то сарҳади Ҳинд гузаронд ва ду хатти имкнияти зарбазании Россияро пешниҳод намуд: 1) Хева; 2) Форс. Соли 1829 бошад полковник Ҷорҷ де Ласси Эванс самти Амударё, асосан тавассути ағбаи Хайбарро роҳи таҳдиди асосии воридшавии русҳо ба Ҳинд донист. Нуқтаи назари мазкурро губернатори Бобай Ҷон Малкол ва роҳбари Шӯрои назоратӣ оид ба Ҳиндустон, лорд Элленборо низ дастгирӣ мекарданд. Дар асоси маълумоти мазкур дипломати британӣ сэр Александр Бернс консепсияи буферӣ ё тагсарии бехатариро барои Ҳиндустон кор карда баромад. Дарояндаи наздик Британия аз рӯи стратегияи буферӣ сиёсати худро дар минатақа пеш мебурд.

Дар солҳои нимаи дуюми асри XIX ҳаракати Россия дар Осиёи Миёна фактори ҷиддӣ гардид, ки муносиботи англо-русро тезу тунд намуд. Ҳамин тавр, дар Осиёи Миёна манфиатҳои мустамликавии Петербург ва Лондон бо ҳам бархӯрданд, ҳар ду давлат ба хулосае омаданд, ки беҳтарин дифоъ ин ҳуҷум мебошад ва беҳтарин тарзи ҳифз намудани қламравҳои худ ин васеъ намудани онҳо аз ҳисоби минтақаҳои ҳамҳудуд ва зонаҳои буферӣ мебошад. Баробари ин, ҳам англисҳо ва ҳам русҳо дар тамоми давраи бозии бузург дар Осиёи Миёна ҳамдигарро дар «экспансиякунӣ» ва «таҷовузкорӣ» айбдор ме-

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 252.

[2]Ключевский В. О. Письма, дневники, афоризмы и мысли об истории. М.: Наука, 1968. С. 305.

карданд, вале худашонро бошад ҳар кадоми онҳо баёнгари «прогресс» ва «тамаддун», «валинеъмату некӯкори халқҳои мустамликаҳо» муаррифӣ мекарданд.

Тезиз (фишурда)-и охирӣ дар зинаи олӣ баҳснок мебошад. Дар ҳақиқат аз як ҷиҳат агар тавассути сиёсати мустамликадорӣ ба Туркистони Россия ва Ҳиндустони Британия аз як тараф прогресс омада бошад ҳам, аз ҷониби дигар аз бисёр ҷиҳат бо факторҳои дигар: ғораткунии характери мустамликавӣ дошта, иқтисоди монокултурӣ, ки дар хизмати саноати метрополияҳо қарор дошт, низ ҷой доштанд.

Баҳори соли 1839 артиши 30 ҳазорнафараи Британия аз ҷониби Ҳиндустон ба Афғонистон зада даромада, амалиёти ҳарбии ҷанги якуми англоафғонӣ оғоз гардид. Дар рафти он амири Афғонистон Дустмуҳаммад аз тахт барканор ва аз мамлакат ронда шуд. Англисҳо ба ҷойи ӯ дар тахт дастнишондаи худ Шуҷоулмулкро шинонданд, ки бо англисҳо як қатор созиномаҳоро имзо кард, ки тибқи онҳо ҳузури лашкари англис дар қаламрави мамлакат қонунӣ дониста шуда, сиёсати дохилию хориҷии Афғонистон ба манфиатҳои Британия тобеъ гардонда шуд. Зери назорати Британия шаҳрҳои калонтарин ва нуқтаҳои муҳим дар сарҳади мамлакат бо Осиёи Миёна гузаштанд. Аммо дар натиҷаи исёни озодибахши мардум сипоҳиёни Британия маҷбур шуданд, ки соли 1842 қаламрави Афғонистонро тарк намоянд. Англисҳо Дустмуҳаммадро аз бадарға оварда, ба ӯ имконият доданд, ки тахтро дубора соҳиб шавад. Амири лухтакмонанди англисҳо Шуҷоулмулк бошад моҳи апрели соли 1842 аз ҷониби исёнгарон ба қатл расонда шуд[1].

Сиёсати хориҷии Россия ба манфиатҳои дигар давлатҳои бузург, хусусан Англия бар мехӯрд, ки он рақиби асосии Россия на танҳо дар Осиёи Наздик инчунин дар Осиёи Миёна низ ба шумор мерафт. Ҳар ду давлат хостанд, ки назоратро аз болои хонигариҳои Осиёи Миёна ба даст оранд. Англия аз ҷануб ва Россия бошад аз шимол оҳиста-оҳиста ба забти ин минтақа оғоз карданд. Россия Осиёи Миёнаро ҳамчун макони бойи пахта ва бозори зарурӣ барои молҳои саноатӣ меписандид. Барои ҳамин, Россия мехост, ки ҳукумрони ягонаи Осиёи Миёна шавад. Ба ғайр аз ин, Россия агар Осиёи Миёнаро мегирифт таъминоти бехатарӣ дар сарҳадҳои ҷанубии Россия ҳалли худро меёфт. Россия тавассути Қазоқистон ба Осиёи Миёна ворид шуданро мекӯшид. Соли 1838 бо сабаби ҷанги якуми Англия ва Афғонистон дохилшавии ҷосусони Англия ба Осиёи Миёна зиёд шуд. Агентҳои Англия ба Қӯқанд, Хева ва Бухоро омада, мехостанд коалитсияро зидди Россия ташкил диҳанд. Бо дастгирии агентураи Англия отрядҳои Хева ба корвонҳои Россия ҳамла мекарданд. Ҷавобан ба ин генерал-губернатори Оренбург В. А. Перовский ноябри соли 1839 бо отряди 5 - ҳазора зидди Хева лашкар кашид. Аммо ними роҳ рафта, баъд аз ду-

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 223.

юним моҳ Перовский лашкаркаширо манъ карда, баргашт. Соли 1846 аҳолии Жузи Калон даъват карданд, ки Россия онҳоро зери дасти худ гирад. Ин қариб, ки ҳамроҳ шудани тамоми Казоқистонро ба Россия нишон дод. Соли 1853 Перовский бо муваффақят лашкаркашии навбатиро анҷом дод. Дар соли 1854 бошад қалъаи Верний (имрӯза шаҳри Алмато) бунёд гузошта шуд[1]. Ҳамин тавр, дар миёнаи солҳои 50-ум Россия ба сарҳадҳои давлатҳои Осиёи Миёна расид. Масъалаҳои муносибатҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва тиҷоратии Россия бо давлатҳои Осиёи Миёна то миёнаи асри XIX дар асари профессор Ҳайдаршо Пирумшоев ба таври васеъ оварда шудааст[2].

Умуман гирем ҳам дар Петербург ва ҳам дар Лондон ба хулосае омада буданд, ки бархӯрди бевоситаи ҳарбии ду давлати бузурги мазкур дар Осиёи Марказӣ ба манфиати онҳо нест ва натиҷаҳои онро низ пешгӯӣ кардан аз имкон берун аст. Шароити вазнини табиӣ-иқлимӣ, дар масофаи дур қарор доштани минтақа аз марказҳои империяи Британия ва империяи Россия, инчунин рӯҳияи бархе аз мардумони таҳҷоӣ нисбати мустамликадорон онҳоро маҷбур намуд, ки ба сар задани низоъҳои калон байни худ роҳ надиҳанд. Маҳз барои ҳамин низои мазкур ба гуфтае «низои пасти интенсивӣ» боқӣ монд. Яъне Англия ва Россия бар зидди ҳам бошитоб фитнаву найрангро ба кор мебурданд, қабилаҳои таҳҷоиро байни ҳам шӯру ғавғо меандохтанд ва минтақаро низ аз ҷосусон ва диверсантҳояшон пур карда буданд.

Муайян аст, ки забти Осиёи Миёна ҳамзамон бо гузарондани ислоҳоти либералӣ дар Россия сурат гирифт ва яке аз сабабҳои ноком шудани ислоҳоти мазкурро бархе аз мутахассисони Россия маҳз бо бурдани сиёсати забткоронаи давлат дар Шарқи Дур ва Осиёи Миёна рабт медиҳанд. Дар самти Осиёи Миёна соли 1865 Тошканд забт карда шуд, соли 1868 бошад аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд тобеи Россия гардиданд.

Барои ҳамин, дар соли 1869 дар Петербург гуфтушуниди англо-русӣ оид ба тақсим намудани доираи таъсири ин ду абарқудрат дар Осиёи Миёна сар шуданд. Дар мувофиқа бо шартномаи Британия ва Россия Лондон ӯҳдадор гардид, ки лаҷоми лӯхтакмонанди худ, амири Афғонистон Шералихонро дар самти кӯшишҳои сиёсати васеъ намудани қаламравҳояш кашад. Дар навбати худ Россия ба зимма гирифт, ки вассали худ – амири Бухороро аз ҳуҷум намудан ба қаламрави Афғонистон боз медорад.

Дар ин ҷо назаре ба миён меояд, ки чи чизеро англисҳо васеъкунии қаламрави амири Афғонистон донистанд. Зеро Петербург пешниҳод намуд, ки *status quo-и* дар Осиёи Миёна ба вуҷуд омада, риоя карда шавад. Аммо бо ин ҳукумати Британия розӣ набуд. Дар Лондон ҳаматарафа кӯшиш мекарданд, ки сарҳади Афғонистонро дар шимол васеъ намоянд, ки бо ин амал се

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 273.
[2]Пирумшоев Х. Российско - среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. – Душанбе, 2000. – 338 с.

мушкилиро ҳал мекарданд: 1) англисҳо таъсири худро дар Афғонистон мустаҳкам мекарданд, зеро дар ҳамон замон ҳоло ҳам ба ин назар буданд, ки давлати хориҷӣ метавонад ба афғонҳо таъсири худро расонад; 2) ҳаракати русҳоро ба самти ҷануб боз доранд; 3) таъсири худро дар Ҳинд мустаҳкам намоянд.

Соли 1873 хонигарии Хева мутеи империяи Россия гардид. Соли 1876 бошад хонигарии Қӯқанд барҳам ва ба сифати вилояти Фарғона ба ҳайати империяи Россия шомил карда шуд.

Рақобати англо-русӣ махсусан баъди соли 1874, вақте ки либерал Гладстонро дар мансаби нахуствазирӣ Дизраэли, ки тарафдори сиёсати ҷиддии мустамликадорӣ буд, иваз намуд, тезу тунд гардид. Ғоя дар бораи таъсис додани зонаи «буфер»-ӣ миёни Ҳиндустон ва Туркистони Россия ба як сӯ партофта шуд, ҳукумати нави Британия ба Россия пешниҳод намуд, ки Осиёи Миёна тақсим карда шавад. Британия Афғонистонро аз они худ донист. Дар Петербург низ аз ин фурсати муносиб, яъне пешниҳоди Британия оид ба озодона амал намудан, истифода бурда, соли 1876 хонигарии Қӯқандро барҳам ва ба қаламрави худ ҳамроҳ намуданд.

Дар навбати худ англисҳо аллакай аз соли 1874 ба ҷанги зидди Афғонистон тайёрӣ диданро оғоз намуданд. Ноиб - шоҳи Ҳиндустон лорд Норсбрук, ки зидди интервенсия ба Афғонистон баромад мекард, иваз карда шуда, ба ҷойи ӯ лорд Литтон, тарафдори сиёсати Дизраэли, сиёсати бо ном *forward policy*, яъне сиёсати экспансионии мустамликавӣ, омад. Дар натиҷа Кветта забт карда шуда, тавассути дарёи Ҳинд купрукҳо сохта шуда, дар ноҳияҳои сарҳадии афғону ҳиндӣ ҷо ба ҷогузории лашкари англис оғоз гардид. Ба назар мерасид, ки англисҳо мехостанд бе ҷанг ба мақсади худ ноил шаванд, дар алоқамандӣ ба ин, соли 1877, дар давраи ҷанги русу турк онҳо фишори худро аз болои амири Афғонистон Шералӣ зиёд намуда, ӯро маҷбур мекарданд, ки сипоҳи англисҳоро ба хоки худ роҳ дода, дар якҷоягӣ бар зидди Туркистони Россия моҷарои ҳарбиро ташкил намоянд, то ки Россияро маҷбур намоянд дар ду фронт ҷанг кунад.

Аммо кӯшишҳои Лондон дар самти барқарору таъмин намудани назорати худ аз болои Афғонистон пурра барбод рафтанд. Дар рафти Ҷанги дуюми англо-афғонӣ (с. 1878 – 1880) Англия ба нокомӣ дучор шуд. Англисҳо назорати мамлакатро аз даст дода, дар бошишгоҳҳои ҳарбии худ паноҳ бурданд, вазъиятро бошад мардуми исёнбардоша зери назорат гирифта, англисҳо маҷбур шуданд, ки ба тахт омадани Абдурраҳмонхон ва муттаҳид шудани тамоми Афғонистон дар зери ҳукмронии ӯ қаноат намуда, мамлакатро тарк намоянд[1].

Петербург нокомии мазкури Англияро ба манфиати худ истифода бурда, замоне ки ҳоло англисҳо роҳи баромадан аз моҷарои афғониро мекофтанд,

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

русҳо бошанд назорати худро аз болои минтақаҳои Туркманистони муосир таъмин намуданд. Барои он ки роҳи минбаъдаи ҳаракаткунии Россияро бигирад, Англия дар асоси шартномаи англо-афғонии соли 1880 ба масъалаи тақсимот миёни Афғонистон ва Россия мудохила намуд. Солҳои 1881 – 1884 қабилаҳои туркман ба Россия ҳамроҳ карда шуданд[1]. Аз ин пас охирин минтақа дар Осиёи Миёна Помир монд, ки он соли 1895 тақсим карда шуд. Дар соли 1884 бо таҳрики англисҳо афғонҳо лашкари худро зери роҳбарии афсарони англис ба қаламрави туркманнишин равон намуданд. Дар моҳи марти соли 1885 сипоҳи мазкур ба соҳили чапи дарёчаи Кушка гузаштанд, лекин онҳо аз ҷониби русҳо торумор ва шикаст дода шуданд. Баробари ин, агар ба хотираҳои амири Афғонистон бовар намоем, англисҳо аввалин шуда, аз майдони набард фирор намуданд. Ин зарбаи ҷиддӣ ба обрӯи сиёсати Англия дар Афғонистон ва ба муносиботи англо-русӣ буд.

Дар ин давра дар Лондон ҷиддан роҳандозӣ намудани ҷанги нав бар зидди Россияро ба нақша гирифта буданд. Англисҳо мехостанд зарбаи асосиро дар ҳавзаи баҳри Сиёҳ, чи тавре ки дар давраи Ҷанги Қрим сурат гирифт, расонанд. Ба назар гирифта шуда буд, ки дар соҳилҳои Кавказ десант фуроварда, аз самти баҳр бар зидди Одесса диверсияро анҷом диҳанд. Хатар барои Россия дар он зоҳир мегардид, ки он амалан дар баҳри Сиёҳ қувваҳо надошт. Дар ҳақиқат танҳо соли 1881, баъди 10 соли барҳам задани муқарраротиі Шартномаи Париж, дар машварати махсуси давлатӣ ба як қароре расиданд, ки флоти баҳри Сиёҳ аз нав бунёд карда шавад. Аммо то соли 1885, замоне ки низои русу англис сар шуда буд, акнун нав аввалин киштиҳои зиреҳпӯши флоти баҳри Сиёҳ ба об фуроварда шуда, то ба иҷро намудани вазифаи ҳарбиашон ҳоло вақт даркор буд. Аз ҷониби дигар нақшаи англисҳо дар самти зарба расондан ба Кавказ низ аз ин хатарноктар буд, зеро тавассути минтақаи мазкур коммуникатсияи Россия бо Туркманистон (Боку – Красноводск) ба роҳ монда шуда буд. Ин вақт роҳи оҳани Оренбург – Тошканд ҳоло ҳам сохта нашуда буд. Барои ҳамин, вақти муносиб дар ихтиёри Россия набуд, инчунин барои омода шудан ба дифоъ низ қувваи кофӣ намерасид ва дар соли 1885 ҷануби Россия барои зарбазанӣ аз самти баҳри Сиёҳ аз соли 1855 ҳам дида, дастрастар буд.

Дар дасти Петербург танҳо манёвркунии дипломатӣ қарор дошт, ки онро Россия тавонист пурра истифода намояд. Соли 1884 мӯҳлати «Иттифоқи се император» ба муддати се соли дигар дароз карда шуд ва мувофиқи моддаи 3-юми шартнома се император ӯҳдадор гардида буданд, ки дар ҳолати ҷанг онҳо бастани гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳро дар якҷоягӣ ба даст меоранд. Ва Берлин ҳам, чизе, ки аз Германия вобаста буд, иҷро намуд ва Туркияро маҷбур мекард, ки гулӯгоҳҳоро бандад. Барои фишор овардан ба Туркия Берлин ва Петербург, инчунин Австро - Венгрия, Италия ва Франсияро низ ҷалб намуданд. Ғайр аз ин,

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Россия дар самти таъмин намудани бетарафии Шведсия ва Дания ва бастани гулӯгоҳҳои Дания кӯшишҳои зиёдеро равона намуд. Оқибат, бо амири Афғонистон – Абдурраҳмонхон низ алоқаҳо барқарор карда шуданд, ки ӯ низ қарор намуд, ки ба хотири низои сарҳадӣ шуда, ҷангро оғоз намекунад. Дар натиҷа шароити ҳал намудани низоъ тавассути гуфтушунид ба вуҷуд омада, Панҷдеҳ (Кушка)-ро, ки ба Россия гузашт, бо Зулфиқор, ки ба Афғонистон гузашт, иваз карда шуданд. Азбаски Афғонистон зери доираи таъсири Лондон буд, ноибшоҳи Ҳиндустон, лорд Дафферин сару садо баланд карда, тарсид, ки русҳо, ки заминҳои туркманнишинро ба қаламравҳои худ ҳамроҳ намуданд, ба самти Ҳиндустон ҳаракат менамоянд. Ӯ аз амири Афғонистон талаб кард, ки бар зидди русҳо бароянд, барои ҳамин низои Панҷдеҳ сар зада буд. Бо ҳал намудани Масъалаи Помир байни Британия ва Россия дар соли 1895 доираи таъсири ин ду абарқудрат дар Осиёи Миёна муайян гардида, хатти сарҳади доираи таъсири дарёи Аму муайян гардид[1].

***Натиҷаи «Бозии бузург» дар тақдири тоҷикон.*** Баъди истило гардидани қисмати калони Осиёи Миёна аз ҷониби Росиия, тоҷикони Кӯҳистони Бадахшон ба хотири ҳифзи ҳувияти миллӣ бар зидди сиёсати истилогаронаи афғонҳо ва хитойиҳо, ки ғосибони мазкурро Британия бар зидди ҳузури сиёсии Петербург истифода бурда, ба ин амал таҳрик медод, 10 сол мубориза бурданд. Аммо онҳо ҳам, чун диданд, ки зӯрашон дигар намерасад, умед ба Россия бастанд. Россия низ, ба ақидаи яке аз иштирокчиёни «Бозии бузург» А. Е. Снесарев, аз нуқтаи назари сиёсӣ қариб, ки бозиро дар Осиёи Миёна бохт[2]. Зеро мақсади олимақомҳои Петербург расидан ба Ҳинд буд ва дар ниҳояти кор русҳо зери таъсири дипломатияи моҳиронаи Лондон монда, аз ин нақша даст кашиданд. Россия дар тақсимкунии ноодилонаи Помир саҳм гузошта, бо ҳамин қаноат кард. Тақсимоти Помир ба манфиати Британия буд, зеро бо ҳалли он англисҳо роҳи ба Ҳиндустон ҳаракаткунӣ ва сар даровардани русҳоро гирифтанд. Бо ҳамин танҳо як қисми тоҷикони Помир ба доираи таъсири Россия даромаданд.

Ҳамин тавр, сарзамини тоҷикон миёни ҳамсоягону бегонагон тақсим шуд ва як қисмаш ба тобеияти Россия, қисми дигар бошад дар зери тасарруфи давлати пуштунтабори Афғонистон ва қисмати дигаре дар зери таъсири Хитой гузашт. Аз ин марзбандӣ танҳо тоҷикон зарари ҷиддӣ ва ҳаматарафа диданд. Худи минтақаи Помир, бе розигӣ ва берун аз манфиати

---

[1]Ниг.: Документ – № 470. – Собрание Трактатов и Конвенций, заключенных Россией с иностранными державами. – Т. XII. – Трактаты с Англию 1832 – 1895. – Составитель Ф. Мартенс. – СПб., 1898. – С. 500 – 501.; Документ – № 13. – Перевод ноты российского императорского посла в Лондоне к Великобританскому статс - секретаре по иностранным делам графу Кимберлею от 27-февраля /11-марта 1895 г. // Сборник документов по истории Памира (1883 – 1931 гг.). Государственный архив Горно-Бадахшанкской автономной области. – Ф. – 25. – Оп. – 3. – Ед. хр. 12. – Л. 74.

[2]Снесарев А. Е. Индия как главный фактор в средне - азиатском вопросе. Взгляд туземцев Индии на англичан и их управление. – СПб., 1906. – С. 7.

тоҷикон, аввалин бор дар таърих ба се қисм ҷудо карда шуд ва дар ҳайати Россия, Афғонистон ва Хитой пароканда монд.

Мавриди зикр аст, ки ҳамроҳкунии ватани тоҷикон – Осиёи Миёна ба Россия ва воридшавии Афғонистон, инчунин Ҳиндустон ба зери доираи таъсири Британияи Кабир тарафҳои мусбӣ ва манфии худро дошт. Аксарияти онҳо дар тадқиқоти илмию китобҳои дарсӣ нишон дода шудаанд. Аммо ба масъалаи оғози маҳдудшавии мавқеи забони тоҷикӣ (форсии тоҷикӣ) муаррихон камтар таваҷҷӯҳ кардаанд. Падидаи асосии манфӣ, ки дар натиҷаи забткориҳои мустамликадорони русу англис ба вуҷуд омад ин оғози раванди танг кардани мавқеи забони форсии тоҷикӣ дар Генерал-губернатории Туркистони Россия ва Ҳиндустони Британия мебошад. Ҳатто он аморати Бухороро низ фаро гирифт. То ин дам забони форсӣ забони расмӣ - коргузорӣ дар Империяи Темуриёни Ҳинд буда, дар аморату хонигариҳои Осиёи Миёна низ он чунин мавқеъ дошт. Аз ин пас дар минтақаи ишғолии Британия ҷойи онро забони англисӣ гирифта, дар манотиқи таҳти тасарруфи Россия даромада, забонҳои русӣ ва гурӯҳи забонҳои туркӣ афзалият пайдо карданд[1].

Ба ақидаи дурусти академик Бобоҷон Ғафуров дар вақти гузарондани тақсимоти соли 1895 «принсипи этнографии ҷо додани халқҳои ҷудогона ба назар гирифта нашуд» ва мазбур ин рафторро хоси «амалиёти мустамликадорӣ маҳсуб» донистааст[2].

Албатта, ин ҷинояти азиме буд, ки нисбати тоҷикон раво дониста шуд. Профессор И. Ш. Шарипов менависад, ки тақсимбандии заминҳои тоҷикон, бо сабаби афзудани рақобати мустамликахоҳонаи мутлақияти подшоҳӣ ва Британия бағоят тезу тунд гардид. Мувофиқи созишномаи нангини соли 1895 қисмати бузурги Бадахшон: Вахон, Ишкошим, Шуғнон, Рушон, Дарвоз, Шӯробод (Даштиҷум), Фархор бо аҳолии тоҷик ба тобеияти Афғонистон гузаштанд. Ҳамин тавр, ҷинояти нобахшидани дар мавриди ба пораҳо ҷудо кардани халқи ягона – тоҷикон содир карда шуд[3].

Акнун як бор назар намуда, мухтасаран таърихи сиёсии англисҳо, русҳо ва тоҷиконро дар ҳазорсолаи дуюми мелодӣ муқоиса ва натиҷагирӣ намоем. Англисҳо баъди шикаст додани Испания (с. 1588) ва созмон додани флоти мустаҳкам дар баҳр ҳукмрони мутлақ гардида, тавонистанд дар муддати кӯтоҳ қисмати зиёди заминро ба мустамликаи худ табдил диҳанд. Дар

[1]Ниг.: Сайнаков С. П. «Масъалаи Помир» ва ҳалли он аз нигоҳи академик Бобоҷон Ғафуров // Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи илмӣ - назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров – мутафаккири бузурги Шарқ» бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С. 172.
[2]Ғафуров Б. Ғ. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм. – Душанбе, 1998. – С. 186.
[3]Шарипов И. Ш. Хусусият ва заминаҳои сиёсии раванди ташаккули давлати миллии Тоҷикистон // Социализм: Назария ва Амалия. – № 1 – 2 ( 35 – 36 ). – Душанбе, 2008. – С. 40.

он давра қитъае ё уқёнусе набуд, ки англисҳо он ҷо ҳузури низомию сиёсӣ надошта буданд.

Россия низ пас аз шикаст додани тотору муғулҳо (с. 1380) дар сиёсати байналхалқӣ фаъол гардида, сиёсати дурандешонаи Москваи асримиёнагӣ буд, ки пас аз чанд аср сарҳади Россия аз ҳавзаи як уқёнус ба уқёнуси дигар, яъне аз соҳилҳои баҳри Балтика то уқёнуси Ором, ба самти шимол то ҳавзаи уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ васеъ гардид. Ҳудуди Россия дар сесад соли охир ҳар сол ба андозаи як Голландия васеъ мешуд (аз рӯи ҳисоби Збигнев Бжезинский) ва дар самти ҷануб Помир охирин минтақае дар асри XIX шуд, ки дар он ливои империяи Россия барафрохта шуд.

Тоҷикон пас аз шикасти давлати Сомониён дар сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ заиф буданд. Аз ин истифода бурда, Ватани аҷдодии онҳоро пас аз шикасти Сомониён ҳукмронҳои бегонаи ҳар давр, мувофиқи табъи худ, соҳибӣ ва марзбандӣ мекарданд, чуноне ки дар соли 1895 карда шуд ва ин амали ғаразнок дар тақсимоти соли 1924 - ум низ ошкоро такрор гардид[1].

Ҳамин тавр, бо ҳал гардидани масъалаҳои Туркманистон ва минтақаи Помир бартараф намудани фазаи аз ҳама хатарноктарини «Бозии Бузург»-и англо - русӣ ба даст омад, аммо худи бозӣ бошад идома дошт. Масалан, дар муддати сеяки охири асри XIX ҳар ду давлат барои доираи таъсири худ дар Форс (Эрон) муборизаи шадид мебурданд.

***Рақобати Россия ва Британия дар Форс.*** Форс барои Россия ҳамчун шарики боэътимоди тиҷоратӣ ва ҳамсояи неки ҷанубии бо Кавкази нором ҳамсарҳад, хеле зарур буд. Баробари ин, барои Россия аҳамияти мухимро рақобату душмании деринаи байнихудии туркҳо ва форсҳо дошт. Форс, чун мамлакати бо Ҳиндустони Британия ҳамсарҳад, барои англисҳо низ аҳамияти калон дошт.

Соли 1872 Лондон кӯшиши қатъӣ намуд, ки назорати худро аз болои ҳаёти иқтисодии мамлакат барқарор намояд. Бонкдори англис Ю. Рейтер бо дастгирии расмии ҳукумати Британия бо ҳукумати Форс шартномаи бесобиқаро баст, ки амалан ба Рейтер ба муддати 70 сол ҳуқуқи фавқулодда дод, ки ба сохтмони роҳи оҳан, истихроҷи канданиҳои фоиданок, корҳои ирригатсионӣ ва ҳатто истифодабарии ҷангалҳои давлатӣ машғул шавад. Ва оқибат ба сифати кафолати ба даст даровардани даромад аз ҳисоби сармоягузориаш аз ҷониби Рейтер, ба ӯ идоракунии тамоми соҳаи гумруки Форс ба муддати 25 сол ба сифати иҷора пешниҳод карда шуд. Аммо кор бо ин ҳам тамом нашуд. Ба Рейтер ҳуқуқи бартарӣ дода шуд, ки банкҳо таъсис диҳад, дар самти беҳбудии шаҳрҳо корҳоро анҷом диҳад, почта ва телеграф созмон ва ҳатто заводу фабрикаҳоро созад.

---

[1]Сайнаков С. П. «Масъалаи Помир» ва ҳалли он аз нигоҳи академик Бобоҷон Ғафуров // Алломаи Машриқзамин. Маводи Конференсияи илмӣ - назариявии «Академик Бобоҷон Ғафуров – мутафаккири бузурги Шарқ» бахшида ба 110 солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров. Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. С. 168 – 173.

Амалан Рейтер хӯҷаини бемаҳдуди тамоми иқтисоди Форс гардид, ба ибораи дигар иброз намоем, шоҳи дуюми Форс гашт. Дар рафти ташриф овардани шоҳи Форс Насриддин ба Петербург дар баҳори соли 1873, ба ӯ рӯи рост гуфта шуд, ки шартномаи мазкур шаъну шараф, эътибор ва обрӯи ӯро мерезонад. Дар идомаи гуфтушунидҳо Горчаков рӯи рост ба шоҳ гуфт, ки ин шартнома дар муносиботи русу форс кадом натиҷаҳоро дошта бошад[1].

Шоҳ ба изтироб омада, ошкоро тарсид. Ба сифати баҳона мӯҳлати дар вақташ анҷом надодани корҳои сохтмонӣ аз ҷониби Рейтерро истифода намуда, 23 октябри соли 1873 консессияро бекор карда, оид ба он ҳамон дам ба фиристодаи рус хабар расонд.

Консессияи Рейтерро бекор намуда, русҳо хостанд, ки сохтмони роҳҳои оҳанро дар Форс ба дасти худ гиранд. 1 январи соли 1874 таҳти раисии Горчаков машварати махсус доир гардид, ки дар он кашидани роҳи оҳан аз Тифлис ба Табрез муфид ва маъқул дониста шуд. Аммо тирамоҳи соли 1874 шоҳ, аз мустаҳкам шудани мавқеи Россия дар Озарбойҷон тарсида, пешниҳоди мазкурро рад намуд.

Бо нокомӣ ва кашол додани сохтмони роҳи оҳан нигоҳ накарда, Россия таъсири зиёди худро аз болои Форс нигоҳ дошта тавонист. Оид ба ин масъала таъсисёбии бригадаи казакии Форс шаҳодат медиҳад. Соли 1878 дар Теҳрон шӯриши аскарони артиши шоҳ сар зад. Шоҳи ба воҳимаву тарс омада, барои кӯмак расондан дар самти таъсис додани қисми низомии содиқу бонизом, ки метавонист ӯро аз мардуми исёнбардошта наҷот диҳад, ба Петербург муроҷиат намуд.

Соли 1879 ба Теҳрон полковник Алексей Иванович Домонтович бо се афсари дигар ва шаш урядник (рутбаи унтер-афсарӣ дар артиши Россия) - и казакӣ омад. Маҳз бо роҳбарии онҳо бригадаи казакии Форс таъсис дода шуд, ки командири он худи ӯ таъйин гардид, ки шахсан танҳо ба шоҳ итоат мекард. Ин бригадаи ҳарбӣ бояд шоҳро муҳофизат мекард, ғайр аз ин, аз ҳисоби форсҳо афсаронро омода мекард. Бригадаи мазкур он замон ягона қисми ҳарбии мутобиқ ба стандартҳои он вақтаи ҳарбӣ - байналмилалӣ дар артиши Форс ба ҳисоб мерафт.

Ҳамин тавр, натиҷаи рақобати шадиди Лондон ва Петербург дар Ховари Миёна тақсимшавии доираи таъсири Британия ва Россия дар Осиёи Марказӣ ва инчунин мустаҳкам шудани таъсири Россия дар Форс гардид. Аммо мустаҳкамшавии таъсири сиёсии Россия ба Теҳрон маънои онро надошт, ки муборизаҳои иқтисодӣ байни сармояи Россия ва Англия дар ин кишвар қатъ гардид. Баробари ин, Форс аввалин мамлакате гардид, ки дар он Роосия дар баробари фишангҳои барои он анъанавӣ, яъне ҳарбӣ-сиёсӣ, тавонист аз фишангҳои барои он ғайрианъанавӣ – яъне фишангҳои иқтисодӣ низ озмуда, истифода намояд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ин боиси он гардид, ки аллакай дар солҳои 80-ум молҳои русӣ дар Шимоли Форс молу маҳсулоти англисиро танг карда, баровардан оғоз намуданд. Соли 1890 сармоядори калони рус Поляков Бонки ҳисобу қарзи Форсро таъсис дод, ки он ҳуқуқ дошт, ки тангаҳоро сикка занад. Дар охири солҳои 90-ум бошад русҳо роҳи сангфаршро аз бандари Энзелии соҳили Каспий то Теҳрон сохтанд, ки он имконият медод дар минбаъда тиҷорати Россияро дар Форс зиёд намояд. Соли 1890 бошад дипломатияи Россия ҳатто аз шоҳи Форс ӯҳдадориеро ба даст даровард, ки тибқи он ӯ ягон консессияи роҳи оҳанро дар муддати 10 сол намедод, агар ба ин амал даст мезад ҳам, танҳо бо розигии ҳукумати Россия. Ба васеъ гардидани доираи таъсири Россия дар Форс заёмҳо (қарзҳо)-и ҳукуматии Россия низ сабаб шуданд[1].

Аммо дар ноҳияҳои ҷанубии Форс сармояи англисӣ ҳукмфармоӣ мекард, ки он ба банки шоҳаншоҳӣ такя мекард. Аллакай дар солҳои 90-ум дар доираи ҳукмрони Британия фикрҳо доир ба муайян намудани минтақаҳои доираи таъсири Россия ва Британия дар Форс садо медоданд, ки тибқи он дар Шимол Россия ва дар ҷануб Англия ҳукмронӣ намоянд. Дар он замон дар Петербург боварӣ доштанд, ки ин тақсимот ба манфиати Россия нест, зеро русҳо ба ҳисоб гирифта буданд, ки тамоми Форсро ба худ тобеъ менамоянд.

Аммо оқибати кор ҳукумати Россия ба тақсим намудани доираи таъсир мувофиқи ғояи мазкур розигӣ дод. Сабаби ин ҳама зуҳурёбии иштирокчии нави азимҷуссаи «Бозии бузург» – империяи Германия гардид.

***Шартнома оид ба тақсим намудани доираи таъсир дар Осиё.*** 18 (31) августи соли 1907 дар Петербург байни Англия ва Россия шартнома дар бораи тақсим намудани доираи таъсир дар Осиё баста шуд, ки он гӯё «Бозии бузург» - ро ҷамъбаст намуд. Форсро ба се ҳавза тақсим карданд: шимолӣ (зери доираи таъсири Россия), ҷанубӣ (зери доираи таъсири Англия) ва миёна (бетараф). Ҳар кадоме аз тарафҳо ҳуқуқи бартарияти ба даст овардани консессия дар қаламравҳои зери таъсири худ ба даст оварданд. Қарордод мақоми ниммустамликавии Форсро инъикос мекард, ки иқтисоди он аз Банки ҳисобу қарзи Россия ва бонки шоҳаншоҳии Англия вобаст буд.

Афғонистон давлати бетараф эътироф гардид. Россия таъсири Англияро дар Афғонистон эътироф намуда, ӯҳдадор шуд, ки муносибати сиёсиро бо ин давлат танҳо тариқи розигии ҳукумати Британия доир намояд. Англия ӯҳдадор шуд, ки ба ҳар гуна чораҷӯии зидди Россия дар Афғонистон роҳ надиҳад[2].

Тибет қаламрави аз Хитой вобаст эътироф гардида, аммо баробари ин, истилои Англия дар водии Чумби нигоҳ дошта шуд. Ҳамин тавр, дар масъалаи Тибет ҳар ду давлат ӯҳдадор шуданд, ки якпорчагии қаламрав ва идоракунии дохилии онро эҳтиром намуда, бо ҳукумати Тибет тавассути ҳукумати Хитой муносибат намоянд. Шартномаи Англия бо Россия дар ташкил ёфтани блоки

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Ниг.: Сборник договоров России с другими государствами (1856 – 1917). М., 1952.

империалистии «Ризоияти Сегона – Антанта»[1] давраи ҳалкунандаро бозид. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи шартномаи Англия бо Франсия дар соли 1904 ва Англия бо Россия дар соли 1907 Антанта (с. 1904 – 1907) таъсис дода шуд. Ин ташкилот бар зидди «Иттифоқи Сегона» (соли 1882), ки ба ҳайати он Германия, Австро-Венгрия ва Италия дохил шуданд, равона гардид. Муборизаи байни онҳо ба оғоз гардидани Ҷанги якуми ҷаҳон оварда расонд.

**Сиёсати Германия ва Австро - Венгрия дар Балкан, Осиёи Наздик, Миёна ва ҳавзаи ҷанубии баҳри Миёназамин дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.** Дар ибтидои баёни масъала зарур аст боз такроран қайд намоем, ки конгресси Берлин дар соли 1878 зуҳурёбии иштирокчии нави фаъоли «Масъалаи Шарқ», яъне империяи Германияро нишон дод. Ва аллакай баъди ҳафт соли конгресси мазкур бо суръати тез ба ҳам мувофиқ наомадани манфиатҳои Россия ва Германия дар Балкан ба назар расиданд.

Маълум аст, ки халқҳои славянии православмазҳаби Балкан аз зери зулми туркҳо тавассути қаҳрамониҳои аскарони рус озод карда шуданд. Аммо баъди бартараф намудани зулму истибдоди Туркия сулҳ фаро расид ва дар ин лаҳзаҳо муайян гардид, ки талаботи халқҳои Балкан дар давраи осоишта, дар муқоиса ба давраи ҷанг, тамоман дигар ҳастанд.

Бо фишорҳои иқтисодӣ амал намуда, Австро-Венгрия ва аз пушти он истода, Германия тавонистанд, ки Россияро аз Сербия ва Булғория зуд танг карда бароранд. Аз ҷумла, Ҷамъияти роҳҳои оҳани шарқи Австрия, зери дастгирию ҳимояи банкҳои Вена фаъолият намуда, тавонист, ки аз болои давлатҳои ҷавони Балкан хатсайри магистралии роҳҳои оҳани барои Австрия муфид (яъне арзӣ, на бо самти меридионалӣ, ки Россия мехост) - ро бор намояд. Инчунин дар он вақт тиҷорати Россия бо давлатҳои Балкан дар сатҳи хеле паст қарор дошт, савдои берунаи кишварҳои мазкур асосан бо Австрия равона гардида буд. Барои ҳамин, аз паси таъсири иқтисодии худ Австрия мустаҳкам намудани доираи таъсири сиёсии худро ба роҳ монда буд. Масалан, баъди бастани шартномаи асоратовари тиҷоратии Австро-Сербия аз 6 майи соли 1881 бошад 28 июни ҳамон сол иттифоқи дуҷониба баста шуд, ки тибқи он амалан протекторати Австро-Венгрия аз болои Сербия таъмин гардид. Тибқи он бе шартномаю мувофиқакунии пешакӣ бо Австро-Венгрия Сербия ӯҳдадор мешавад, ки оид ба масъалаҳои шартномаҳои сиёсӣ гуфтушунидҳоро намебарад ва чунин намуди шартномаҳоро бо дигар ҳукуматҳо намебандад. Ба ивази ин Вена ба Сербия ваъда дод, ки дар мубориза барои васеъкунии қаламраваш аз ҳисоби Булғория онро дастгирӣ менамояд. Ҳамин тавр, таъсири Россия дар Белград амалан барҳам дода шуд. Аз ин вазнинтар барои Россия вазъият дар Булғория ба вуҷуд омада буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият Булғория ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ ҳар чи бештар зери таъсири Австро-Венгрия ва Германия даромадан гирифт.

[1]Антанта – калимаи французӣ буда, ризоият аз дилу ҷонро ифода мекунад.

Дар он вақт таъсири иқтисодии Россия дар Балкан хеле заифу дар сатҳи паст қарор дошт, ҳамзамон бошад Австро-Венгрия ва Германия ҳузури иқтисодии худро дар минтақа афзун намуданд. Сохтмони роҳҳои оҳан дар Балкан зери назорати Вена сурат мегирифт. Дар ин бора, профессор В. И. Батюк менависад, ки канслери империяи Австрия Густав Калноки, дар суҳбат бо як иқтисодчии белгиягӣ гуфта будааст: «Ҳа, мо орзуи забткориҳо мекунем, забткориҳое, ки тавассути саноати мо, тиҷорати мо ва тамаддуни мо амалӣ мешаванд. Ман боварӣ дорам, ки дар муддати се рӯз шумо бо вагонҳои пулмании тамому имконоту шароит дошта масофаро аз Париж то Константинопол тай менамоед, Шумо аз фаъолияти мо норозӣ нахоҳед монд. Ин ҳама кӯшишҳоро мо ба хотири шумо, сокинони мамлакатҳои ғарбӣ карда истодаем»[1]. Аз ин бармеояд, ки Австрия яке аз аввалин давлатҳо гардид, ки баъди Англия дар муносибатҳои байналхалқӣ аз фактори таъсиррасони иқтисодӣ фаъолона истифода намуданро оғоз кард.

Барои ҳукумати императори Россия Александри III махсусан вазнин буд, ки бо бохтҳои иқтисодию сиёсӣ дар Балкан тан диҳад. Зеро императори Россия ҳатто дар вақти валиҳад буданаш, яке аз сарварони ҳизби панславянӣ дар Россия ба шумор мерафт. Ва инак бошад ҳамин хел хиҷолату вазъияти нобобу ногувор, ба иборае аз Петербург ҳатто «бародарон-славянҳо» рӯ гардонданд. Ба ивази интиқом барои ҳамин хел «ношукрию носипосӣ» дипломатияи Россия, баъди шӯриши Пловдив (Филиппопол, Филибе) 18 сентябри соли 1885, ки ба муттаҳидшавии Шимолии Булғорияро бо Румелияи Шарқӣ оварда расонда буд, мавқеи қатъии зидди булғориро ишғол намуд. Парадокс (ғайриоддӣ, ғайримаъмулӣ) бошад ҳам, аммо факт: Петербург мазмун ва муқарраротии асосии трактати Берлин аз соли 1878-ро ҳимоя намуд, ки онҳоро дар Россия ҳамчун бохти дипломатӣ ва ҳатто пасту маломат задани Россия ҳисоб мекарданд. Аз ин ҳам дида, ғайримаъмулӣ он ҳолате шуд, ки Лондон ба таври қатъӣ Булғорияро дастгирӣ намуд. Сарвазири Британия Солсбери дуруст ҳисобу китоб намуд, ки дар натиҷаи бад шудани муносиботи русу-булғор Булғория аз платсдарм (такягоҳ)-и Петербург дар роҳи баромадани Россия ба гулӯгоҳҳо ба панҷараву монеа барои русҳо дар ин самт мубаддал мегардад.

Дар соли 1886 Россия маҷбур гардид, ки бо мазмуни қарордоди байни Булғория ва Туркия, ки 19 январи соли 1886 баста шуда буд, розӣ шавад, ки тибқи он губернатори Румелияи Шарқӣ ба муддати панҷ сол аввалин князи Булғория Александр Баттенберг таъйин гардид. Зарур омад, ки бо ворид намудани шӯрои регентӣ бо роҳбарии сармоягузори калони ба Англия ва Австрия майл дошта – Стефан Николов Стамболов дар ҳокимият дар София низ тан диҳад. Кор то ба канда шудани муносибати дипломатӣ байни Петербург ва София расид. Бисмарк (бо сухан) оид ба масъалаи Булғория ҳамраъии худро ба Россия, ҳатто то ҳузур доштани сипоҳи рус дар ин кишавар иброз намуда буд. Ҳамзамон, ба ҳамагон маълум буд, ки маҳз Австро-Венгрия иттифоқчии

[1]Иқтибос аз: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

наздики Германия ба шумор меравад. Тасоддуф набуд, ки ҳангоми низои соли 1886 Бисмарк кӯшиш намуд, ки Лондонро бо ӯҳдадориҳои мушаххас дар назди Вена банд намояд ва соли 1887 бошад ӯ найрангро ба фоидаи ба тахти Булғория баровардани Фердинанд Кобургский анҷом дод. Фердинанд Кобургский аз 7 июли соли 1887 князи Булғория таъйин гардида, аз 22 сентябри соли 1908 то 3 октябри соли 1918 шоҳи Булғория буд. Ин лӯхтакмонанди австрогерманӣ Булғорияро ба доираи таъсири Вена ва Берлин ворид намуд. Дар минбаъда буда, дар мувофиқа бо шартномаҳои соли 1897 ва соли 1903 Вена ва Петербург принсипи *status quo*-ро дар Балкан эътироф намуданд. Ин шартномаҳо аз бисёр ҷиҳат ба фоидаи Австро-Венгрия буданд, зеро зери ҳимояи онҳо Вена дар Балкан ба экспансияи иқтисодии худ дар минтақа идома дода, Россия ҳеҷ чизро надошт, ки бар зидди он гузорад[1].

Албатта ин зарбаи сахт бар зидди «Драйкайзербунд – иттифоқи се император» буд. Дар натиҷаи рақобати иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар масъалаи тариф (нарх), проблемаҳои ҷиддӣ дар муносиботи Россия ва Германия низ зуҳур намуданд. Зиёда аз ин, дар штаби генералии пруссиягӣ ғояҳо дар самти ҳавасмандии бурдани ҷанги тадбирии Германия бар зидди Россия низ ба гардиш дароварда шуданд.

Аммо на танҳо Россия аз фаъолшавии нави Германия дар Шарқ ба ташвиш омада буд, аллакай солҳои 80-ум ба таври фаъолона танг карда баровардани таъсири Англия аз қаламрави империяи Туркия оғоз гардида буд. Соли 1883 Бисмарк тавонист, ки ҳукумати Туркияро моил намояд, ки фармоишҳои ҳарбиро аз ширкати англисии Армстронг кашида гирифта, ба ширкатҳои немисии Крупп ва Маузер диҳад. Соли 1893 байни «Дойче банк» ва ҳукумати Туркия барои сохтмони роҳи оҳани Бағдод консессия баста шуд. Дар он вақт Лондон ба ин фаъолшавии Германия ба андозаи хеле муайяни бепарвоёна муносибат карда буд: англисҳо фақат иҷрои он талаботро маҷбур мекарданд, ки тибқи он ширкатҳои британӣ низ дар сохтмони қисмати роҳи мазкур, аз Куния сар карда, то халиҷи Форс, иштирок намоянд. Дар он замон рақиби асосии Англия дар Африка, Франсия ва дар Ховари Миёна Россия ба ҳисоб мерафтанд.

Масалан, дар солҳои 70-ум – 80-ум маҳз Лондон ва Париж байни худ барои назорат аз болои Миср рақобат мекарданд. Кондоминиуми англофрансузӣ дар Миср амалан соли 1882, замоне ки англисҳо аз заифии кабинети вазирони Шарл Фрейсинэ истифода намуда, Мисрро истило намуданд, ба охир расид. Аммо Париж ба истилои Миср аз ҷониби Англия тан надод ва дар минтақаи мазкур франсузҳо, ки мавқеи устувор доштанд, барои англисҳо ҳар гуна монеаҳоро эҷод мекарданд. Дар навбати худ соли 1881 Франсия Тунисро забт намуда, ба васеъкунии ҳудуди империяи мустамликавии Африкаи шимолии худ шуруъ кард, ки оғози онро аллакай бо истилои Алҷазоир гузошта буд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Баъди 10 сол, вақте ки 5 марти соли 1903 қарордод дар бораи сохтмони роҳ миёни ҳукумати Туркия ва «Ҷамъияти роҳи оҳани Бағдод», ки он аз ҷониби «Дойче банк» созмон дода шуда буд, баста шуд, шароиту вазъият комилан тағйир ёфт. Гуфтушунидҳо дар бораи иштироки сармояи Британия дар сохтмони роҳ бо нокомии пурра ба анҷом расиданд. Дар Лондон оқибат фаҳмиданд, ки Германия мумкин аз антагонисти анъанавӣ – Россия дида, аз ҳар ҷиҳат ҳарифи хатарноктар мебошад.

Россия ба як қарордод омадан бо Германия дар масъалаи тақсим намудани доираи таъсир дар Туркия зид набуд. Аммо ҳаракатҳою майл ба ин самт намудаи Петербург аз ҷониби Берлин ба эътибор гирифта нашуданд. На канслер Бюлов, на худи Вилгелми II намехостанд ягон ӯҳдадориеро ба зимма гиранд, ки он фаъолияти Германияро дар Осиёи Хурд маҳдуд намояд. Ва ин фаъолшавии Германия зиёда аз ин, на ба андозаи калон характери иқтисодӣ, балки асосан хислати ҳарбӣ-сиёсиро гирифт, хусусан таъсири немисӣ ба ҳарбиёни Туркия баланд гардид. Дар артиши Туркия ва флот сафи мушовирони ҳарбии немис зиёд гардида, қувваҳои мусаллаҳи Туркия бо яроқҳои ҳарбии немисӣ мусаллаҳ шуданд[1].

Дар ибтидои асри XX зиддият байни Англия ва Германия хеле тунд гардид. Ба мақоми ҳукмрони ҷаҳон шудан довталаб шуда, Германия соли 1900 сиёсати милитарикуни (ҳарбикунонӣ)-и бузургро ба роҳ монд. Дар пеши экспансияи Германия дипломатияи англисӣ ночор монда, сиёсати наздик шудан бо Франсияро ба роҳ монд. Ҳукумати Англия 1904 ба Франсия иттифоқ баст. Ин рафтор Англияро бо иттифоқчии Франсия – Россия низ наздик кард. Россия бошад дар навбати худ мехост бо ёрии Англия ва Франсия назорати худро дар гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ барқарор намояд. Зеро Россия ба давраи империализм ворид шуда, ба аҳамияти иқтисодию стратегии баҳри Сиёҳ бисёртар мӯҳтоҷ гардид. Ҳамин тариқ, роҳи баҳрии тавассути баҳри Сиёҳ барои Россия роҳи муҳими савдоӣ ба ҳисоб мерафт. Аз тарафи дигар таъсири Германия дар Туркия ва кӯшишҳои Берлин дар самти ин давлатро ба худ тобеъ намудан, рӯирост ба Россия таҳдид мекард. Ҳукмронии Германия дар соҳилҳои гулӯгоҳи Босфор рушди иқтисодии Россияи ҷанубиро ба худ вобаст мекард.

Баъди Ҷанги Россия ва Япония Петербург аллакай барои Германия дар самти таъсир расондан ба ҳукумати Туркия рақиби ҷиддӣ ҳисоб намешуд ва ҳамзамон таъсири Англия низ дар Туркия кам шудан гирифт. Раванди фаъолона воридшавии Германия ба Осиёи Наздик ва Ховари Миёна боиси бо ҳам наздикшавии Россия ва Британия гардид.

Ана ҳамин тавр, таҳдиди Германия Лондон ва Петербургро водор намуд, ки ба «Бозии бузург»-и нимасраи худ хотима диҳанд. Ва инак, ҳам Россия ва ҳам Британия ба хулосае омаданд, ки дар натиҷаи сохтмони роҳи оҳани Бағдод, шохае аз он ба самти Форс низ сохта мешавад, ки ин вақт Англия ва

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Россия бозори Форсро аз даст хоҳанд дод. Гарчанде ки ҳукумати Россия омода буд ба ивази шартҳои муайян зиддияти худро нисбати сохтмони роҳи оҳани Бағдод аз миён бардорад (миссияи Изволский ба Берлин, октябр 1906 – феврал 1907), бо ин нигоҳ накарда, Берлин аз ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳое, ки тибқи он ба наздикии сарҳад ё дар қаламрави Форс роҳҳои оҳан намесозадро рад намуд. Дар чунин шароит, то ки манфиатҳои махсуси худро дар Форс ҳифз намуд, ҳукумати шоҳии Россия маҷбур буд, ки бо Англия наздик шавад. Ҳамин тавр, орзую ҳавас ва иштиҳои беандоза калони Берлин ду душмани қаринро ба самти дасти ҳамдигарро гирифтан тела дод[1].

Аммо на танҳо дар Лондон ва Петербург аз сиёсати экспансионии Германия ба хавотир омада буданд, балки Франсия низ аз он нигарон гардид. Бӯҳрон дар атрофи Марокаш (с.1905), ки дар натиҷаи дастдарозӣ намудани Германия ба ин мамлакат ба вуҷуд омада буд ва кишвари мазкурро Париж дар зери доираи таъсири худ медонист, доираи ҳукмрони Франсияро ба изтироб овард. Яке аз принсипҳои сиёсати берунии Германия дар давраи Бисмарк баъди воқеаи Седан ин ба тарафи дигар кашидани диққати Париж аз корҳои европоӣ буд ва дар партави он дастгирӣ намудани сиёсати экспансионии мустамликавии Франсия иборат буд, ба иборае гӯем, чанде тавонад хурсандӣ кунад, танҳо аз Элзас ва Лотарингия ёд накунад[2]. Аммо баъди ӯ Голштейн ва Бюлов нахостанд, ки бо роҳи тай намудаи «канслери оҳанин» раванд: ба ақидаи таҳрезикунандагони сиёсати берунии Рейхи Дуюм дар ибтидои аср XX акнун гӯё Германия беҳад тавоною неруманд гардидааст, ки он қодир мебошад дар як дам ҳамаро ба даст гирад ва бо ягон кас тақсим накунад. Тибқи назари онҳо дар натиҷаи заифшавии Россия Франсия аз шарики тавонои худ дар Шарқ маҳрум гардид, барои ҳамин, мумкин буд, ки манифатҳои онро ба инобат нагирифт. Аз ҷумла, ҳукумати Германия рафтору амалкарди худро оид ба масъалаи Марокаш зуд тағйир дод.

31 майи соли 1905 (баъди муҳорибаи Сусима) бо нутқи худ дар Танжер баромад намуда, кайзери Германия Вилгелми II бар зидди доираи таъсири қатъии танҳо Франсия дар Марокаш изҳор намуда, ба тарафдории кушода будани мамлакати мазкур ба хотири рақобати осоишта барои ҳамаи миллатҳо, бе ҷой доштани монополияи тарафҳо, сухан гуфт. Баробари ин, кайзер изҳор дошт, ки ӯ медонад, ки чи тавр ҳуқуқҳои Германияро ҳифз намояд ва ба он умед дорад, ки Франсия он ҳуқуқҳоро эҳтиром менамояд. Суханҳои Вилгелмро мушаххастар намуда, канслер Бюлов ба тамоми иштирокдорони шартномаи Мадрид аз соли 1880 (шартномаи мазкур баробарҳуқуқии тиҷоратӣ ва дигар ҳуқуқҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва шаҳрвандони онҳоро барқарор намуда буд) муроҷиат карда, пешниҳод намуд, ки масъалаи Марокаш барои муҳокима ба конференсияи байналхалқӣ вогузор карда шавад. Пешниҳоди Германияро

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Ниг.: Фокин С. В. Геополитические измерение колониальной политики Германии. М., 2005.

ишораҳо низ ҳамроҳӣ мекарданд, ки онҳоро метавон ҳамчун таҳдиди рӯи рости ҳарбӣ баҳогузорӣ намуд. Зеро ба ақидаи Штаби генералии Германия, маҳз заифшавии Россия дар солҳои 1905 – 1906 ба Германия имконият доданд, ки ҳамаи душманонро саркӯб намояд. Мисол, дар моҳи майи соли 1905 сафири Германия дар Рим гуфт, ки агар лашкари Франсия сарҳади Марокашро гузаранд, сипоҳи Германия сарҳади Франсияро рахна менамояд. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи ин намоишкориҳои таҳдидкунанда на ба хотири принсипи муқаддаси рақобати озод карда шуданд. Берлин ҳушдор дод, ки мехоҳад дар соҳилҳои атлантикии Марокаш базаи ҳарбӣ-баҳрӣ дошта бошад. Ин нияти Германия бошад на танҳо ба Франсия, балки Англия ва ҳатто ШМА таҳдид мекард[1].

Ин масъаларо дар Лондон дуруст дарк намуданд ва ҳукмати Британия ба Франсия ваъда кард, ки онро дар масъалаи Марокаш пурра дастгирӣ менамояд. Амалан ҳар ду мамлакат, ки 10 сол пеш, махсусан дар давраи бӯҳрони Фашода (с. 1898 – 1901) дар натиҷаи мубориза барои ҳукмронӣ дар Африка қариб, ки байни ҳам дар ҳолати ҷангӣ қарор доштанд, акнун барои бастани иттифоқи ҳарбӣ ба ҳам наздик шуданд. Зиёда аз ин ШМА дар рафти конференсияи Алхесирас (Алжесирас) - и Испания оид ба масъалаи Марокаш аз 16 январ то 7 апрели соли 1906 бисёртар ба тарафдорӣ аз Франсия майл дошт. Ва оқибат дар Россия низ вазъият тағйир ёфт. Моҳи августи соли 1905 сулҳи Портсмут баста шуд ва моҳи декабри соли 1905 бошад Инқилоби якуми рус низ қуллаи бландтарини худро паси сар кард ва низоми шоҳӣ мавқеи худро мустаҳкам намуд. Дар ҳамин шароитҳо Берлин дигар наметавонист, ки мавқеи Петербургро ба назари эътибор нагирад. Инчунин, ҳатто Италия, ки аъзои Иттифоқи Сегона буд, моил буд, ки Франсияро дастгирӣ намояд, на Германияро. Дар низои Марокаш, ҳамин тавр, Берлинро танҳо Вена дастгирӣ намуд, аммо он ҳам ягон фоида надошт. Зеро ҷанг кардан барои Марокашро худи немисҳо низ намехостанд, ин ҷанг дар Германия низ он қадар маҳбубият пайдо намекард.

***Конференсияи Алхесирас.*** Конференсияи мазкур дар шаҳри испании Алхесирас (Алжесирас) аз 16 январ – то 7 апрели соли 1906 доир гардид. Конференсияи мазкур бо хоҳиши Берлин ба хотири ҳал намудани бӯҳрони Танжер, даъват гардид. Дар конференсияи мазкур Германияро танҳо Австро-Венгрия дастгирӣ намуд. Дар изолятсияи чуқури байналхалқӣ қарор ёфта, Германия маҷбур гардид, ки дар натиҷаи конференсияи Алхесирас аҳдномаи 7 апрлеи соли 1906-ро имзо намояд, ки амалан назорати политсиягии Франсия ва Испанияро аз болои тартиботи ҳуқуқӣ дар Марокаш ва инчунин назорати ду давлати мазкур аз болои системаи гумрукии Марокашро эътироф намуд. Аммо аз афти кор гап на танҳо сари натиҷаҳои бебарори конференсияи Алжесирас буд. Инчунин фаъолияти Берлин дар рафти бӯҳрони якуми Марокаш ё бӯҳрони Танжер (с. 1905 – 1906) Лондон, Париж ва Петербургро беҳад сахт ба

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ларза ва тарс овард, дар натиҷаи он аз ҷониби онҳо изолятсияи дипломатии Берлин оҳиста - оҳиста ба изолятсияи ҳарбӣ табдил дода шуд[1].

Аллакай моҳи январи соли 1906 байни Штабҳои генералии Англия ва Франсия оид ба бурдани амалиётҳои якҷоя дар ҳолати сар задани ҷанг бо Германия гуфтушунидҳо сар шуданд. Ва моҳи апрели соли 1906 бошад машваратҳои сардорони Штабҳои генералии Россия ва Франсия сар шуданд.

Ҳангоми сар задани вазъияти минбаъда дар атрофи Марокаш, аз ҷумла ҳодисаи Агадир (бӯҳрони дуюми Марокаш, июн – октябри с. 1911) Лондон ва Париж таҳдиди хатарро аз ҷониби Германия пурра эҳсос намуданд. Берлин ба ивази гузашткунии худ дар масъалаи Марокаш барои худ Конгои Франсия ё базаи ҳарбӣ-баҳриро дар соҳилҳои Атлантика талаб намуд. Аз ҳама бонги хатар он гардид, ки Берлин эълон намуд омода аст дар ин самт, яъне амалӣ намудани талаботаш, қувваи худро низ намоиш диҳад. 1 июли соли 1911 ба Агадир киштии канонер «Пантера», баъди он крейсери сабук «Берлин» омаданд. Ин намоишкорӣ аз он шаҳодат медод, ки ба хотири забт намудани қаламравҳо Германия ба ҳама чиз қодир аст.

Назари Англия дар ин масъала, ки манфиатҳои он дар низои германо-франсузӣ оид ба Марокаш бевосита ворид нашуда буданд, дар сатҳи намоён ҷиддӣ буданд. Лондон ба Берлин фаҳмонд, ки ҳукумати Британия бо паст задани Франсия розӣ намешавад.

**Вазъият дар Балкан дар ибтидои асри XX.** Маълум аст, ки дар муддати пурраи асри XIX ба монанди ҳукумати Австрия мушикл буд, давлати дигари тарафдори собитқадамонаи статус-кво дар Балканро пайдо намуд. Дар муддати даҳсолаҳо сиёсати олимақомони ин давлат Меттерних – Дюла Андраши – Густав Калноки – Агенор Голуховский бетағйир буд: Австрия аз экспансияи минтақавӣ дар самти Балкан, аз он ки фоида мебинад, аз ҳама зиёдтар бохт мекунад. Барои ҳамин Вена ӯҳдадор аст, ки на танҳо аз ин экспансия худаш худдорӣ намояд, инчунин имконият надиҳад, ки дигарҳо, пеш аз ҳама Россия, низ ба он роҳ диҳанд.

Аммо наздик ба ибтидои асри XX муносиботи Вена нисбат ба масъалаи Балкан тағйир ёфтанро сар карданд. Доираи таъсиррасони Австрия ба хулосае омаданд, ки танҳо табдил додани Империяи «ду дар як» ба «се дар як (яъне австро-венгрӣ ба австро-венгро-славянӣ)» қодир мегардад, ки тамомияти арзии қаламравҳои Габсбургҳоро ҳифз намояд. Чунин хулосаҳо бешак бошуурона буданд, зеро 80% молҳои саноатии Австро-Венгрияро дар заминҳои славянӣ, яъне дар қаламрави Богемия ва Моравия (ҳозира Ҷумҳурии Чехия) истеҳсол мекарданд. Тарафдорони иваз намудани дуализм ба триализм ба ин назар буданд, ки ворид намудани элитаи славянӣ ба синфи ҳукмрони империя ба он бисёртар устувориро ато мебахшад, ғайр аз ин, ашрофони мадярӣ (венгрӣ)-ро маҷбур менамояд орзую ҳаваси худро пасттар намоянд. Ва охирон, триализм забт намудани қаламравҳои

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

нав, махсусан аннексияи Босния ва Гертсеговина ва ҳатто Сербияро дар назар дошт. Ин ҳолату мавқегирӣ, дар навбати худ ба триализм дастгирии дарбориён, ҳарбиён ва доираи рӯҳонияти Венаро таъмин мекард. Чунин намуд ақидаҳоро сардори Штаби генаралии Австрия Конрад фон Гетсендорф ва вазири нави корҳои хориҷии Австро-Венгрия Алоиз фон Эрентал иброз карда буданд.

Ин нақшаҳои таҷовузкорона аз ҷониби миллатгароёни серб ва ҳам аз ҷониби Россия ва Британия ҷавоби радро гирифтанд. Аз ҷумла, баръакси ин нақша, худи миллатгароёни серб орзӯ доштанд, ки славянҳои ҷанубиро зери ҳукмронии худ муттаҳид намоянд. Россия ва Британия ба чунин хулоса омаданд, ки агар ин нияти Вена амалӣ шавад, Германия амалан тавассути Балкани тобеъшуда ва давлати нимвассалии Туркия ба самти Форс ворид мешавад, аз ин ҷо бошад дасти худро ба Ҳиндустон дароз мекашид. Маҳз барои ҳамин Бритнаия ҷиддан бар зидди сохтмони роҳи оҳани Бағдод баромада буд ва маҳз барои ҳамин Берлин низ аз ҷониби худ ҳеҷ розӣ набуд, ки Россия ва Британия дар сохтмони он иштирок кунанд[1].

Барои ҳамин дар навбати аввал лоиҳаи сохтмони роҳи оҳан аз сарҳади Австрия ба Салоники тавассути Македония, ки Эрентал дар соли 1907 пешниҳод намуд, дар Петербург нороҳатиии зиёдро ба вуҷуд овард. Дар Петербург ин роҳро ҳамчун қисми таркибии нақшаи Эрентал медонистанд, ки оид ба мазмуни он дар Россия хуб хабардор буданд. Ҳукумати Россия пешниҳоди Эренталро оид ба сохтмони роҳи мазкур ҳамчун вайрон намудани шартномаҳои австро-русии соли 1897 ва соли 1903 оид ба статус-кво дар Балкан донистанд.

Дар Петербург низ он замон тарафдорони бо роҳи моҷарои ҳарбӣ бо баҳонаи ҳимоя намудани «номуси Россия», «бародарон-славянҳо» ҳал намудани масъала кам набуданд. Аммо баъди бохт дар ҷанги Россия ва Япония дар доираи сиёсати хориҷии Россия ақлҳои солимтар мавқеи устувортарро гирифтанд. Ба хулосае омаданд, ки гузашт намоянд, ҳатто оид ба масъалаи ҷиддӣ, яъне аннексияи Босния ва Гертсеговина низ.

Дар рафти вохӯрӣ дар Бухлау (15 сентябри 1908 г.) байни вазирони корҳои хориҷии Австрия ва Россия вазири корҳои хориҷии Россия Александр Петрович Изволский тибқи шартномаи шифоҳӣ ба хулосае омад, ки амалан ба аннексияи аз пеш омадаи Босния ва Гертсеговина ва ҳатто бе ягон ҷуброн барои Россия, ғайр аз ваъдаҳои норавшани Эрентал вобаста ба иваз намудани низоми гулӯгоҳҳо, тан диҳад. Ин ба намуди пурааш шабеҳи дипломатияи Россия дар Сусима буд.

Баъди ҷанги Италия ва Туркия дар соли 1911 роҳбарияти бархе аз давлатҳои Балкан – Сербия, Юнон ва Булғория ба хулосае омаданд, ки вақти он расидааст аз ҳисоби қаламравҳои европоии Туркия даъвои территориявии худро амалӣ намоянд. Дар моҳи майи соли 1912 конвенсияҳои ҳарбии Серби-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

яву Булғория ва Булғорияву Юнон баста шуданд, ки бар зидди Туркия равона гардида буданд. 9 октябри соли 1912 амалиётҳои ҳарбиро бар зидди туркҳо Черногория оғоз намуд, баъди чанд рӯз бошад ба ҷанг Булғория, Юнон ва Сербия ворид шуданд. Дар муддати як моҳ давлатҳои Балкан Туркияро шикаст доданд. Артиши Булғория ба самти Константинопол ҳаракат намуд ва туркҳо бошанд талабгори сулҳ шуданд. Амалан онҳо аз ҳамаи қаламравҳои худ дар Европа маҳрум гардиданд.

Аммо таҳкурсии иттифоқи Балкан, ки мехостанд аз ҳисоби Туркия манфиат ба даст оранд, устувориро аз даст дод. Байни Булғория ва Сербия аз як тараф ва Булғорияву Юнон аз ҷониби дигар баҳсҳои ҷиддии марзӣ боқӣ монд. 29 июни соли 1913 Булғория ба дастгирии Австрия ва Германия умед баста, ба сербҳо ва юнониҳо ҳуҷум кард. Аммо булғорҳо ба иштибоҳ роҳ доданд. Вазъият дар Европа чунин ранг сурат гирифт, ки на Берлин ва на Вена лаҳзаи мазкурро барои сар кардани ҷанги калони европоӣ мувофиқ нашумориданд. Булғория дар изолятсияи пурра дармонд ва то охири моҳи июл торумор карда шуд. Добруҷаро руминиҳо, Адрианополро бошад туркҳо забт карданд, ба қаламрави Булғория қисмҳои ҳарбии Сербия ва Юнон ворид шуданд.

Дар рафти конференсияи сафирон дар Лондон, зери миёнаравии давлатҳои бузург, имконият ба даст омад, ки шартҳои сулҳро коркард намоянд, ки тибқи он Булғорияи шикастхӯрда аз Македонияи Ҷанубӣ, Салоники, қисми аз Фракияи Ғарбӣ ва ҷазираҳо дар баҳри Эгей (ба Юнон гузаштанд) Македнояи Шимолӣ ва Марказӣ (ба Сербия гузаштанд) Добруҷаи Ҷанубӣ (ба Руминия гузашт) маҳрум гардид. Турия ба худ қисме аз Фракия ва Адрианополро пас гардонд.

Ҳамин тавр, ҷангҳои Балкан (с. 1912 – 1913), ки дар мавзӯи дигари маводи таълимии мазкур мавриди баҳси алоҳида қарор мегирад, ба ивазшавии таносуби умумии қувваҳо байни давлатҳои бузург оварда нарасонд. Агар абарқудратҳои Марказӣ дар натиҷаи он тавонистанд мавқеи худро дар Константинопол ва София мустаҳкам намоянд, пас Юнон, Сербия ва Руминия бошанд боз ҳам бештар ба Антанта наздик шуданд. Ба назар мерасад, ки ҷангҳои Балкан дар оянда ба зиёдшавии хусумати байниҳамдигарӣ миёни халқҳои Балкан оварда расонд, аммо аз ҳама натиҷаи зараровари ҷангҳои мазкур он шуд, ки дар асоси таҷрибаи амалиётҳои ҳарбии солҳои 1912 – 1913 дар Балкан ҳукуматҳои европоиро ба он боварию хулосаи нодуруст овард, ки ҷанги оянда кӯҳтомуддат, камқурбонӣ ва дар умум ба таври муқоисавӣ безарар мешавад ва вазъият бошад пурра зери назорати давлатҳои бузург нигоҳ дошта мешавад. Умуман ҷанги оянда гӯё ҷангҳои ҳукуматии асри XVIII-ро ба ёд меорад.

Дар хотимаи мавзӯи мазкур диққати асосиро ба мавқеи давлатҳои бузург нисбат ба масъалаи аннексияи Босния-Гертсеговина аз ҷониби Австрия равона намоем. Берлин, маълум аст, ки пурра иттифоқчии худро дастгирӣ намуд. Аммо Петербург, Париж, Лондон ва Рим қатъиян амалиёти Венаро маҳкум намуданд. Аммо проблема на танҳо дар ин буд. Ҳатто Австро-Венгрия бар зидди

даъват намудани конференсияи байналхалқӣ баромад намуд, ки дар он ҷо бояд давлатҳо-имзокунандагони трактати Берлин аз соли 1878 метавонистанд вазъиятро баррасӣ мекарданд. Амалан ин маънои таназзулёбии консерти европоӣ, рад ё даст кашидан аз принсипи якдилии давлатҳои бузург дар ҳал намудани масъалаҳои байналхалқиро нишон дод. Ба ҷойи он акнун ҷудошавии Европа ба ду лагери ба ҳам зид: бузургдавлатҳои Марказӣ ва Антанта оварда расонд.

Ҳамин тавр, дар охири асри XIX – ибтидои асри XX Берлин тавонист, ки дар он минтақаҳое, ки анъанавӣ таъсири Германия заиф буд, дастовардҳои бузургро ба даст орад. Бузургдавлатҳои анъанавии мустамликадор – Англия, Россия, Франсия бошад бо дар даст нигоҳ доштани қаламравҳои калони мустамликавӣ нигоҳ накарда, худро пасту маломатзада ҳис мекарданд. Дастовардҳои Германия боиси он гардид, ки давлатҳои бузург бар зидди он муттаҳид шаванд. Ҳамин тавр, ҳамаи зафарҳои Германия дар Шарқ ва дигар ҷойҳо шабеҳи «ғалабаи Пирр» буданд ва дар ояндаи хеле наздик Германия ва хусусан иттифоқчии наздики он Австро-Венгрияро зарур омад, ки барои онҳо нархи гарон диҳанд.

Дар ин ҷо бояд оид ба табиати рақобати байниимпериалистӣ ҳарф зад. Бархе аз мутахассисони соҳа зидди ин назаранд, ки гӯё танҳо рақобати иқтисодии абарқудратҳо онҳоро ба Ҷанги якуми ҷаҳонӣ оварда расонд. Дар акси ҳол маҳз онҳо иқтисодро ба хотири сиёсат қурбонӣ карданд. Зеро дар баробари рақобати иқтисодӣ дар он давра мисолҳои зиёди ҳамкориҳои иқтисодӣ байни давлатҳои мазкур, аз он ҷумла байни немисҳо ва французҳо, немисҳо ва русҳо вуҷуд доштанд. Аллакай дар он давра Германия локомотиви иқтисодии Европа гардида буд ва ҳама инро нағз мефаҳмиданд.

Ба ақидаи баъзе аз муаррихону иқтисодчиён ва дипломатҳо сармоядорони бузурги немис бе ҷанг ҳукмрониро дар Европа ба даст оварда буданд. Масалан, саноати Россияи Ҷанубӣ, конҳои оҳани Лотарингия ва Нормандия асосан аллакай ба зери назорати онҳо даромада буданд. Аммо барои Берлин ҳукмрони иқтисодӣ будан камӣ кард ва хост, ки мақоми гегемони ҳарбӣ-сиёсиро низ ба даст орад. Ва ба ин бошад давлатҳои бузурги европоӣ наметавонистанд, ки тан диҳанд.

Ана барои чӣ ҳар амали Берлин ва Вена дар самти ба фоидаи худ тағйир додани вазъият дар Шарқ ба пурзӯршавии Антанта оварда расонд. Амалан то соли 1912 иттифоқи бузурги зиддинемисии давлатҳои бузург шакл гирифт, ки бар зидди он Берлин тавонист алянсро аз ҳисоби давлатҳои парокандашуда истодаи Австрия ва Туркия ва дигар давлатҳои заиф гузорад. Ҳамин тавр, буд сиёсати нави берунии Германия, ки Вилгелми II ва атрофиёнаш хостанд баъди Бисмарк баранд, ки онро Генри Киссинҷер «мошинаи дипломатии рӯзи маҳшар» баҳогузорӣ кардааст.

## 4. 13. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР АМЕРИКА ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – АВВАЛИ АСРИ XX

**Барҳамхӯрии «Америкаи Россия».** Пеш аз он ки ба баррасии мавзуъ оғоз намоем зарур аст қайд намоем, ки яке аз ҳодисаҳои намоёни муносибатҳои байналхалкии давраи мазкур дар Америка ин интервенсияи Франсия дар Мексика (с.1861 – 1867) мебошад, азбаски дар алоқамандӣ бо мавзӯи ҷанги Шаҳрвандии ШМА масъалаи мазкурро дида баромадем, дар ин бахш аз такрор овардани он худдорӣ менамоем.

ШМА аз бӯҳрони сиёсати дохилии худ берун баромада, имконият пайдо кард, ки барои устуворшавии «Доктринаи Монро» мубориза худро идома диҳанд. Қадами муҳим дар ин самт барҳамзании мулкҳои Ширкати Россия-Америка дар Америкаи Шимолӣ гардид. Дар ин самт пеш омадани мушкилӣ дар ҳифзи сарҳадот ҳангом ҷанги эҳтимолии Россия бо Англия ё ШМА низ мумкин нақш бозид. Аз ҷониби дигар Россия, низ инчунин кӯшиш мекард, ки дар Америкаи Шимолӣ барои Англия мушкилиҳои иловагиро ба вуҷуд оварда, ҳамин тавр, барои экспансияи ШМА такягоҳи навро дод.

Ҳанӯз, соли 1784 Колумби рус Шелехов дар ҷазираи Кадяк бошишгоҳҳои русҳоро ташкил дод. Соли 1799 бошад ширкати Русу Америкоӣ барои истифодаи Аляска созмон дода шуд. Дар соли 1839 бошад Ширкати Россия-Америка хост, ки дар Калифорния Форт-Россро фурӯшад. Аммо Ширкати Британии халиҷи Гудзон ба шартномаи фурӯше, ки ба он пешниҳод карда шуд, таваҷҷӯҳ накард. Ҳукумати Мексика низ заминҳои назди Форт-Россро аз они худ ҳисоб мекард ва намехост, ки барои он маблағ пардохт намояд. Соли 1841 бошад қалъаи мазкур ба соҳибкори америкоӣ Ҷон Саттер, асосгузори нуқтаи аҳолинишини Гелветсияи Нав ба ивази 42 857 рубли нуқра фурӯхта шуд.

Ҷанги Қрим (с. 1853 – 1856) бошад Россияро ба он тела дод, ки аз мулкҳои дигари худ дар Америкаи Шимолӣ даст кашад. Ҳанӯз соли 1853 генерал-губернатори Сибири Шарқӣ, граф Н. Н. Муравёв - Амурский ба номи императори Россия Николайи I гузориши махсус оид ба надоштани имконияти нигоҳ доштани Аляска ва ночор ҷамъ намудани қувваҳо ба ҳимояи соҳилҳои уқёнуси Ороми Россияро омода карда буд. Соли 1854 маъмурияти президенти ШМА Ф. Пирс ба Ширкати Россия-Америка пешниҳод намуд, ки мулкҳои Америкаи шимолии худро ба муддати 3 сол ба ивази 7,6 миллион доллар гузашт намояд. Ширкати Россия - Америка мувофиқи ин бо Ширкати тиҷоратии Америка-Россия шартнома баст, ки маркази он дар шаҳри Сан-Франсиско буд. Аммо он ҳукми қонунӣ нагирифт, зеро Ширкати Россия - Америка тавонист, ки бо Ширкати Британии халиҷи Гудзон оид ба бетарафӣ ба як қарордод биёянд.

Ба гуфтушунидҳо оид ба фурӯши Аляска ҷонибҳо баъди ба охир расидани Ҷанги шаҳрвандӣ дар ШМА аз сари нав баргаштанд. 28 сентябри соли 1866 вазири молияи Россия М. Х. Рейтерн ба номи император Александри II гузориши худро фиристонд, ки дар он зикр шудааст, ки фурӯши Аляска метавонад ба хазинаи Россия ворид шудани маблағи калонро таъмин намояд ва Петербургро аз

ҷудокунии дотатсияи ҳарсола ба Ширкати Россия-Америка дар ҳаҷми 200 ҳазор рубли нуқра халос намояд. 14 декабри соли 1866 М. Х. Рейтерн боз айнан бо ҳамин мазмун қайдҳои худро ба вазири корҳои хориҷии Россия А. М. Горчаков низ фиристонд. Мавқеи М. Х. Рейтернро вазорати баҳрии Россия бо роҳбарии князи бузург Константин Николаевич дастгирӣ карданд ва ба он ақидае такя намуданд, ки дар ҳолати сар задани ҷанг Россия амалан наметавонад Аляскаро ҳимоя намояд.

28 декабри соли 1866 бо иштироки императори Россия Александри II машварати махсуси махфӣ шуда гузашт. Иштирокчиёни машварат якдилона ба ШМА фурӯхтани мулкҳои Ширкати Россия-Америкаро дастгирӣ намуданд. 30 марти соли 1867 сафири Россия дар ШМА, барон Э. Стекл ва котиби давлатии ШМА У. Сюард пешакӣ ба шартнома дар хусуси аз ҷониби Россия ба ШМА фурӯхтани Аляска ва ҷазираҳои Алеут ба маблағи 7,2 миллион доллар имзо гузоштанд. 3 майи соли 1867 шартномаро Конгресси ШМА тасдиқ кард. 15 майи соли 1867 онро императори Россия Александри II имзо кард, ки ин амал аз ҷониби Россия баробар ба тасдиқкунӣ буд. Ҷавоби Британия ба ин амал азнавташкилкунии мустамликаҳои Америкаи Шимолӣ ва ба ҷойи конгломерати онҳо таъсис додани доминиони Канада гардид, ки он бояд экспансияи минбаъдаи ШМА-ро мушкил мегардонд. Санад оид ба Америкаи Шимолии Британия аз 1 июли соли 1867 ҳукми қонуниро гирифт[1].

Гуфтушунидҳо оид ба фурӯши Аляска ва ҷазираҳои Алеут аз номи империяи Россия бурда мешуданд, на Ширкати Россия-Америка, роҳбарияти он танҳо оид ба факти фурӯхта шудани Аляска хабардор карда шуданду халос. Расман ширкати мазкур то соли 1881 амал мекард. Дивидендҳоро бошад ширкат ба аксионерон то соли 1888 пардохт намуд.

18 октябри соли 1867 дар шаҳри Архангелскии Нав (Ситка) маросими ба ШМА супоридани Аляска ва ивазкунии байрақҳои давлатҳо шуда гузашт.

**Ҷанги Парагвай (с. 1864 – 1870).** Дар муқоиса бо Франсия бар зидди «Доктринаи Монро» Британия бештар бозии нозуконаро мебурд. Бо сабаби блокадаи Штатҳои конфедеративии Америка саноати Британия аз имконияти воридоти пахтаи Америкаи Шимолӣ маҳрум гардида буд. Алтернатива барои он ворид намудани пахта аз Америкаи Ҷанубӣ – водиҳои дарёи Рио-де-ла-Плата шуда метавонистанд. Монеаи асосӣ барои манфиатҳои Британия Парагвай гардид. Мамлакати мазкур бо роҳбарии диктаторон Хосе Франсия (с. 1818 – 1840), Карлос Антонио Лопес (с. 1844 – 1862) ва Франсиско Солано Лопес (с. 1862 – 1870) сиёсати протексионизм ва таъсис додани саноати миллиро мебурд. Парагвай яке аз марказҳои муҳими истеҳсоли пахта буд ва метавонист, ки мавқеи саноати сабуки Британияро дар бозори ҷаҳонӣ танг намояд.

Манфиатҳои Британия бо Бразилия мувофиқ омаданд. Баъди эълон намудани истиқлолияти худ Парагвай иттифоқчии Бразилия бар зидди Аргентина буд. Аммо баъди ба охир расидани «Ҷанги Бузург» аз ҷонибҳо талабот оид ба

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 316 – 317.

иттифоқ аз байн рафт. Соли 1862 ҳукумати Бразилия системаи тиҷорати хориҷии худро либерализатсия карда, бо Британия низ дар ҳамлу нақли молу маҳсулот алоқаҳоро мустаҳкам намуд. Акнун барои роҳбарияти Бразилия таъмин намудани назорат аз болои водиҳои дарёи Рио-де-ла-Плата, макони аз пахта бой, яъне Уругвай, зарур буд. Чунин вазъият дар Парагвай норозигиро ба вуҷуд овард, ки он баромади озодро ба баҳр надошта, тиҷорати он аз киштиронии озод тавассути бандари Монтевидео вобаст буд.

Ба ҷанг табаддулоти навбатии соли 1863 аз ҷониби Бразилия дар Уругвай ташкил гардида, оварда расонд. Ба сари қудрат сиёсатмадори наздик ба Бразилия Венансио Флорес омад. Аммо дар ибтидои соли 1864 ӯро Атанасио Агирре, ки аз ҷониби Парагвай дастгирӣ меёфт, аз қудрат дур карда, бар зидди Бразилия эътирози тунд баён намуда, гуфт, ки истилои Уругвайро аз ҷониби Бразилия ҳамчун cassus belli – яъне дар ҷанг бохташуда медонад. Ҷавоби Бразилия ба ин эътироз воридшавии он ба Уругвай дар санаи 12 октябри соли 1864 гардид. Дар ҷавоб Парагвай 13 декабри соли 1843 бар зидди Бразилия ҷанг эълон кард. Азбаски барои бурдани амалиётҳои ҷангӣ ба Парагвай лозим омад, ки аз музофоти аргентинии Коррентес гузарад, он ба Аргентина бо хоҳиши роҳ додани артиши худ мурочиат намуд. Аммо ҷавоби радро гирифта, бо ҳамин 18 марти соли 1865 Парагвай бар зидди Аргентина ҷанг эълон кард.

1 майи соли 1865 Бразилия, Аргентина ва Уругвай байни худ оид ба иттифоқи сегона шартнома бастанд ва дар пеши худ мақсад гузоштанд, ки территорияҳои баҳсноки Парагвайро тақсим намуда, дарёҳои онро барои тиҷорати байналмилалӣ кушоянд ва Франсиско Солано Лопесро аз мансаби президентӣ дур намоянд. Сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи иттифоқ президенти Аргентина Бартоломе Митре (с. 1862 – 1868) таъйин гардид.

Дар аввал Парагвай кӯшиш намуд, ки ба ҳуҷум гузарад. Солҳои 1864 – 1865 артиши он музофоти бразилии Мату-Гросу ва музофоти аргентинии Коррентесро ишғол намуд, ки ин имконият дод роҳи худро ба баҳр кушояд.

Гардиши куллиро дар ҷанг иттифоқчиён баъди соҳиб шудан ба қалъаи Умайта дар моҳи августи соли 1868 ба даст оваранд ва баъди он артиши Парагвайро дар муҳорибаи назди Ломас Валентинас (декабри соли 1868) торумор намуданд. Дар ибтидои соли 1869 иттифоқчиён пойтахти Парагвай шаҳри Асунсонро ишғол карданд. Президент Франсиско Солано Лопес охирин захираҳои инсонӣ (ҳатто наврасон)-ро сафарбар намуда, артиши 13 ҳазорнафараро таъсис дод. Аммо артиши мазкур 1 марти соли 1870 дар муҳорибаи назди Серро-Кора дар дарёи Акидабан аз ҷониби Бразилия маҳв карда шуд ва худи Франсиско Солано Лопес бошад ҷон дод.

Ҳанӯз соли 1869 Бразилия ҳукумати муваққатии Парагвайро бо сардории Сирило Антонио Риваролла (с. 1869 – 1870) таъсис дода буд. 20 июни соли 1870 дар Асунсон байни Аргентина, Бразилия ва Парагвай шартномаи сулҳи пешакӣ баста шуд. Ҳукумати муваққатӣ муқарраротии асосии соли 1865-и Иттифоқи Сегонаро пазируфт. Дар муддати солҳои 1872 – 1876 Парагвай бо Бразилия, Аргентина ва Уругвай шартномаҳои сулҳро баст. Брази-

лия ва Аргентина қариб се ҳиссаи қаламрави Парагвайро кашида гирифтанд ва аз болояш ба маблағи 235 миллион песо тавони ҷагиро бор карданд, ки он то соли 1943 пардохт карда шуд.

Натиҷаҳои ҷанг барои Парагвай офати миллӣ гардиданд. Аҳолии зиёди он ҷон дод. Саноати Парагвай қариб, ки пурра нест карда шуд. Дар мамлакат, ба монанди Бразилия, латифундияҳои калон оид ба парвариши пахта барои бозори ҷаҳонӣ ба вуҷуд омаданд. Бразилия ва Аргентина бошанд аз Британия заёми калонро гирифтанд. Ҷанги Парагвай ҳамин тавр, амсоли маҷбуран аз байн бурдани раванди модернкунии мамлакат гардид[1].

**Ҷангҳои уқёнуси Ором.** Худро аз Америкаи Ҷанубӣ дур кашидани ШМА боиси тағйирёбии геополитикӣ на танҳо дар қисмати шарқии қитъа, балки дар қисмати ғарбии он низ гардид, ки таҷассумгари он ҷангҳои уқёнуси Ором гардиданд, ки хартиаи сиёсии муосирро дар минтақаи мазкур ташаккул доданд.

***Ҷанги якуми уқёнуси Ором (1864 – 1866).*** Ҷанги якуми уқёнуси Ором кӯшиши охирини Испания гардид, ки мехост империяи мустамликавии худро дар Америкаи Лотинӣ барқарор намояд. Ҳукумати малика Изабеллаи II (с. 1833 – 1868) артиш ва флотро азнавсозӣ кард. Ҷанги Шаҳрвандӣ дар ШМА дар Испания фикри баргаштан ба Америкаи Лотиниро боз аз сари нав зинда кард. Ҳукумати Испания мехост, ки ба монанди ШМА, ки аз болои Япония ва Хитой ӯҳдадориҳо бор карда буд, шартномаҳои нобаробари худро аз болои мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бор намояд. Баргаштани Испания ба нимкураи Ғарбӣ соли 1861 бо истило намудани ҷумҳурии Доминикан сар шуд. Соли 1862 Испания бо сардории контр-адмирал Луис Эрнандес Пинсон ба Америкаи Ҷанубӣ эскадраи ҳарбиро фиристонд. Расман мақсади он намоиш додани пиндорҳои дӯстонаи Испания ба мамлакатҳои Америкаи Ҷанубӣ буд. Аммо 4 августи соли 1863 дар маҳалли Таламбо дар шимолии Перу миёни муҳоҷирони испанӣ ва аҳолии маҳаллӣ задухӯрд ба вуҷуд омад. Испания фишоровarии дипломатиро ба Перу оғоз намуда, ҷазираҳои Чинчаи онро забт кард. Президенти Перу, генерал Хосе Антонио Песет (1863 – 1865) бартарияти қувваи Испанияро дарк намуда, бо Мадрид ба гуфтушунид даромад. 26 январи соли 1865 намояндаи ҳукумати Перу Мануэл Игнасио Виванко ва намояндаи Испания Хосе Манул Пареха шартномаро бастанд, ки дар таърих бо номи шартномаи Хосе – Пареха маълум аст. Перу ӯҳдадор гардид, ки ба Испания 3 миллион песоро ба сифати ҷуброни масраф пардохт намояд, Испания бошад ҷазираҳои Чинчаро ба Перу баргардонд.

Дастовардҳо дар Перу Испанияро ҳавасманд гардонд, ки онҳоро дар Чили низ такрор намояд. 17 сентябри соли 1865, дар Рӯзи истиқлолияти Чили, адмирали испанӣ Л. Э. Пинсон аз ҷониби Чили талаб намуд, ки бахшиш пурсад, ба Испания ҷуброн пардохт намояд, аз болои таъминоти эскадараи он блокадаро бардорад ва дар амалия барои байрақи Испания салютзанӣ (ширликзанӣ)-ро ҷорӣ намояд. Бо ҳамин Л. Э. Пинсон блокадаи соҳилҳои Чилиро эълон намуд.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 317 – 319.

Дар ҷавоб президенти Чили Хосе Хоакин Перес (с. 1861 – 1871) 25 сентябри соли 1865 бар зидди Испания ҷанг эълон кард. 26 ноябри соли 1865 дар муҳорибаи баҳрӣ дар назди Папудо испаниҳо шикаст хӯрданд ва адмирал Л. Э. Пипсон ба худкушӣ даст зад.

Ғалабаи Чили мардуми Перуро низ рӯҳбаланд карда, 6 ноябри соли 1865 генерал Мариано Игнасио Прадо президенти мамлакат Х. А. Песетро аз ҳукумат дур кард. 5 декабри соли 1865 Перу ва Чили бар зидди Испания алянси ҳарбиро бастанд, ки ба он Эквадор ва Боливия низ пайвастанд.

14 декабри соли 1865 ҳукумати М. А. Прадо дар Перу шартномаи Хосе – Парехаро аз эҳтибор соқит дониста, бар зидди Испания ҷангро эълон намуд. Дар муҳорибаи назди Абтао 7 феврали соли 1866 ва Каляо 2 майи соли 1866 эскадраи Испания аз Перу ва Чили шикаст хӯрд. 10 майи соли 1866 эскадраи Испания ба Европа пас гардонда шуд. Испания, инчунин зери фишори ШМА аз ҷумҳурии Доминикан низ лашкари худро баровард.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ натиҷаҳои ҷанги якуми уқёнуси Ором дертар ба расмият даровarda шуданд. 11 апрели 1871 маросими бастани оташбас байни Испания аз як тараф ва Перу, Чили, Боливия ва Эквадор аз ҷониби дигар сурат гирифт. Охирон шартномаи сулҳ дар он қарордоди басташуда миёни Испания ва Эквадор аз 8 январи соли 1885 гардид. Аз ҳамин вақт сар карда, Испания ҳамчун қувваи сиёсӣ абадан аз Америкаи Лотинӣ дур карда шуд.

***Ҷанги дуюми уқёнуси Ором (с. 1879 – 1883).*** Ҷанги мазкур ҳамчун низои Чили ва иттифоқи уқёнуси оромӣ дар ҳайати Боливия ва Перу шуда гузашт. Баҳонаи ҷанг кашф ва кушодани конҳои селитра дар қисмати перугӣ ва боливиягии биёбони Атакама гардид. Қаламравҳои мазкур таваҷҷӯҳи Чилиро, ки ба маркази саноатӣ табдил ёфта буд, ба худ ҷалб намуданд. Британия ҳам дар дастгирӣ намудани Чили заифгардонии «Доктринаи Монро»-ро медид. Ночор сар задани ҷангро дарк намуда, Перу ва Боливия дар моҳи апрели соли 1873 байни худ шартномаи махфии мудофиавиро бастанд.

Бо сабаби боло рафтани нархи селитра Перу аз болои истеҳсол ва фурӯши он монополияи давлатии худро барқарор намуд. Чили соли 1877 бо Боливия шартномаро бекор карда, ба музофоти аз селитра бойи Антофагасту иддаои худро пешниҳод намуд. 1 феврали соли 1879 Боливия моликияти ширкати британо-чилигии «Компания де селитрес и ферокаррил де Антофагаста», ки дар самти истеҳсоли селитра пешсаф буд, манъи истифода кард. Дар ҷавоб 5 апрели соли 1879 Чили бар зидди Боливия ҷанг эълон намуд. Худи ҳамон рӯз Перу шартномаи иттифоқиро ба амал баровард, ки баробари эълон намудани ҷанг бар зидди Чили буд.

Чили дар баҳр ҳукмрон буда, соли 1879 соҳилҳои Боливияро истило намуд. Соли 1881 бошад пойтахти Перу, шаҳри Лимаро ишғол намуд. 12 июни соли 1883 Перу дар бораи ба Чили додани музофоти Тарапака шартномаро баст. Дар натиҷаи оташбас, ки дар шаҳри чилигии Валпараисо 4 апрели соли 1884 имзо гардид, Боливия аз музофоти Антофагаста ва роҳи баромад ба баҳр маҳрум гардид.

ШМА бо сабаби бӯҳрони дохилӣ натавонист ба ҷанг дахолат намоянд. Моҳи марти соли 1881 президенти ШМА, ҷумҳурихоҳ Ҷеймс Гарфилд интихоб гардид. Мансаби котиби давлатиро бошад дар маъмурияти ӯ Ҷеймс Блейн – тарафдори дахолат намудан ба сиёсати Америкаи Ҷанубӣ, ишғол намуд. Ӯ кӯшин намуд, ки ба ивази ба ширкатҳои америкоӣ барои истеҳсоли селитра додани иҷозатнома, оид ба масъалаи таъмин намудан кафолати бехатарӣ ба Перу гуфтушунидҳоро оғоз намояд. Аммо 2 июли соли 1881 Ҷеймс Гарфилд аз ҷониби анархист Шарл Гито сахт ярадор карда шуда, 19 сентябри соли 1881 ҷон дод. Ворисӣ ӯ дар мансаби президенти ШМА Артур Алан Честер (с. 1881 – 1885) оид ба бетарафии ШМА дар Ҷанги дуюми уқёнуси Ором эълон намуд. Дар натиҷаи ҷанг Чили, аз ҷиҳати ҳарбӣ ва саноатӣ, дар Америкаи Ҷанубӣ ба мамлакати боқувват табдил ёфт.

**Тақсимоти Патагония (с. 1881).** Патагония минтақаи таърихие мебошад, ки дар Америкаи Ҷанубӣ ҷойгир аст. Бо ҳамин ном дар асри XIX қисмати ҷанубии қитъаи мазкур номгузорӣ мешуд, ки дар ҷанубтар аз дарёҳои Рио – Колорадо (ё Рио - Негро) дар Аргентина ва Би-Био дар Чили ҷойгир буд.

Патагония расман ба ягон давлат тааллуқ надошт. Аргентина ва Чили ҳамчун ворисони қонунии империяи Испания худро даъвокунандагони Патагония эълон намуданд. Аммо тибқи конститутсияи Чили аз соли 1833 кӯҳҳои Анд ба сифати сарҳадоти шарқии мамлакат дониста шудаанд. Ягона даъвогари воқеӣ ба ин заминҳо Аргентина монд.

Соли 1856 Аргентина ва Чили оид ба сулҳ, дӯстӣ, тиҷорат ва киштиронӣ шартнома бастанд. Ҳар кадоме аз тарафҳо ҳамон заминҳоеро гирифтанд, ки то соли 1810 дар ҳайати империяи Испания дар ихтиёри худ дошта буданд. Моддаи 39-юми шартнома барои ба низом даровардани баҳсҳои қаламравӣ механизми гуфтушуниди мустақими дипломатӣ ва арбитражро ба назар гирифта буд. Дар ибтидои солҳои 70-ум Аргентина ва Чили оид ба тақсим намудани қаламрваҳои баҳснок машваратро сар карданд. Ҳамон вақтҳо маъмурияти президенти ШМА У. Грант (с. 1869 – 1877) мехост, ки Чилиро дастгирӣ намояд. ШМА мехост, ки бетарафӣ ва киштиронии озоди байналмилалиро тавассути гулӯгоҳи Магеллан нигоҳ дорад.

23 июли соли 1881 вазири корҳои хориҷии Аргентина Бернардо де Иригойен ва вазири корҳои хориҷии Чили Франсиско де Борха Эчеверриа дар Буэнос - Айрес оид ба тақсимоти сарҳадӣ шартномаро бастанд. Аз чор се ҳиссаи қаламрави Патагония ба Аргентина гузашт, ҳамзамон қисмати ҷанубии он бошад насиби Чили гардид. Баъзе галлаҷазираҳо бошад баробар тақсим карда шуданд. Моддаи 5 шартнома статуси бетарафӣ ва киштиронии озоди байналмилалиро тавассути гулӯгоҳи Магеллан кафолат медод. Шартнома инчунин сохтани истеҳкомҳои ҳарбиро дар соҳили он барои ҳар ду давлат манъ карда буд.

Аммо шартномаи Буэнос - Айрес ҳамаи мухолифатҳоро, ки байни Чили ва Аргентина ғун шуда буданд, ҳал карда натавонист. Тарафҳо чор масъалаи зеринро ҳар хел шарҳ медоданд:

- масъалаи даромадгоҳи шарқӣ ба гулӯгоҳи Магеллан (Чили тасдиқ мекард, ки байналхалқӣ аст, Аргентина бошад мегуфт, ки даромадгоҳи шарқӣ ба он тааллуқ дошта, дар зери назорати он мебошад);

- мақоми Бигл (соли 1904 Аргентина онро қаламрави баҳснок эълон намуд);

- мақоми димоғаи Горн (Аргентина суверенитети пурраи Чилиро аз болои он ба расмият намешинохт);

-маънидодкунии гулӯгоҳи Магеллан (Аргентина талаб мекард, ки ба доираи он як қатор ҷойҳои наздики самти ғарбӣ ворид карда шавад, ки ин маънои аз болои онҳо принсипи киштиронии озодро ифода мекард).

28 майи соли 1902 Аргентина ва Чили дар Сантяго пактҳои майиро бастанд, ки аз аз чор протокол оид ба ҳал намудани баҳсои қаламравӣ ва маҳдуд намудани қуввaҳои баҳрӣ дар минтақа иборат буданд. Шарти асосии онҳо муроҷиат ба шоҳи Британияи Кабир Эдуарди VII (с. 1901 – 1910) бо хоҳиши миёнаравӣ намудан ҳангоми демаркатсияи сарҳадод буд. Комиссияи Британия тавонист, ки сарҳадро миёни Аргентина ва Чили байни 40° ва 52° паҳноии ҷанубӣ муайян намояд.

Далели ҷой дошта оид ба миёнаравии Британия маънои онро дошт, ки Лондон бо ҳамроҳии шарики минтақавии худ – Чили бартараф намудани «Доктринаи Монро»-ро идома дода истодааст[1].

**Барқароршавии панамериканизм.** Ҷавоби ШМА ба ин амал ҳаракати бунёдгузоштаи панамериканӣ (панамериканизм) гардид. «Доктринаи Монро» характери негативӣ дошт, ки барои давлатҳои аврупоӣ пеша кардани экспансияро дар нимкураи Ғарбӣ иҷозат намедод. Лоиҳаи панамериканизм бошад характери позитивӣ дошт, ки он ҳамоҳангсозии рушди иқтисодӣ ва сиёсии ШМА ва мамлакатҳои Америкаи Лотиниро ба назар гирифта буд. Панамериканизм – доктринаи сиёсиест, ки дар асоси ғояи тақдири умумии таърихӣ доштани иқтисодиёт ва сиёсати ШМА бо мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ бунёд гузошта шуда буд.

Кӯшиши пешниҳод намудани лоиҳаи панамериканизмро ШМА аллакай дар давраи Ҷанги Бузург (с. 1843 – 1852) карда буд. Конференсияҳои байниамерикоӣ оид ба масъалаҳои бехатарӣ дар Лима (с. 1847), Сантяго (с. 1856), Лима (с. 1864) гузаштанд, аммо онҳо то ба форуми комил ташаккулёфта нарасиданд. Вазъият баъди ба охир расидани Ҷанги дуюми уқёнуси Ором дар соли 1883 тағйир ёфтан гирифт. Аз ҷониби Британия дастгирӣ ёфтани Чили, дигар давлатҳои минтақаро водор намуд, ки ба муқобили он ШМА-ро монанд. Ин майлро Ҷеймс Блейн, ки боз дар маъмурияти ҷумҳурихоҳони президенти ШМА Бенҷамин Гаррисон (с. 1889 – 1893) мансаби котиби давлатиро ба ӯҳда гирифта буд, тарафдорӣ намуд.

Солҳои 1888 – 1889 дар Вашингтон конференсияи якуми Панамерикоӣ шуда гузашт, ки дар кори он ҳамаи давлатҳои америкоӣ, ғайр аз Гаити ва Параг-

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 321 – 322.

вай, иштирок доштанд. Котиби давлатии ШМА Ҷеймс Блейн таъсис додани Иттифоқи гумрукии Байниамерикоиро пешниҳод намуд. Зеро он бо қадамҳои аввалини ба ҳам муттаҳидшавии Германия шабоҳат дошт. Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ пешниҳоди мазкурро дастгирӣ накарданд. Ба ҷойи он 14 апрели соли 1890 иштирокчиёни конференсия қарор карданд, ки иттиҳоди сиёсии Иттифоқи байналхалқии Ҷумҳуриҳои Америкаро таъсис диҳанд. Мақсади расмии таъсисдиҳии он мубодилаи иттилооти иқтисодӣ эълон гардида буд.

Органи доимамалкунандаи иттифоқ Бюрои коммерсиявӣ (тиҷоратӣ)-и ҷумҳуриҳои Америка гардид, ки фаъолияти онро котиби давлатии ШМА ҳамоҳангсоз мекард. Дар соли 1902 Конференсияи дуюми Панамерикоӣ номи онро ба Бюрои коммерсиявии байналхалқии ҷумҳуриҳои америкоӣ иваз намуд. Барои идоракунии он Шӯрои роҳбарикунанда таъсис дода шуд. Ба он, зери роҳбарии котиби давлатии ШМА, намояндагони дипломатии мамлакатҳои Америкоӣ дар Вашингтон шомил гардиданд.

Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ШМА-ро водор мекарданд, ки барои онҳо бар зидди фаъолияти давлатҳои европоӣ кафолати бехатариро таъмин намояд. Баҳона барои гуфтушунидҳо низоъ байни Венесуэла ва қарздиҳандагони он – Британия, Германия ва Италия дар соли 1902 гардид, ки онҳо дар блокада гирифтани давлат-қарздорро сар карда буданд. 29 октябри соли 1902 вазири корҳои хориҷии Аргентина Луис Мария Драго ба ҳукумати ШМА нота фиристонд, ки дар он гуфта мешуд, ки «қарзи давлатӣ наметавонад сабаби оғоз намудани интервенсияи мусаллаҳона, зиёда аз ин истилои қаламрави давлатҳои америкоӣ аз ҷониби давлатҳои европоӣ гардад». Аз ин ҷо «Доктринаи Драго» шакл гирифт. «Доктрина Драго» - принсипи ҳуқуқи байналхалқие мебошад, ки тибқи он давлатҳои хориҷӣ наметавонанд, ки ба хотири рӯёндани қарз ё фоиз аз он бар зидди давлатҳои қарздор санксияи дипломатӣ ва ҳарбиро амалӣ намоянд. Президенти ШМА Т. Рузвелт Венесуэларо дастгирӣ кард. Соли 1903 бо миёнаравии ӯ иттифоқчиён блокадаро бардоштанд.

Мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ низ «Доктринаи Драго»-ро дар Конференсияи сеюми Панамерикоӣ (дар Бразилия июл – августи соли 1906) дастгирӣ намуданд. ШМА низ ба хотири ҳифз нигоҳ доштани «Доктринаи Монро» бо мазмуни он розӣ шуд. Баъди ин дар конференсияи чоруми Панамерикоӣ соли 1910 Иттифоқи байналхалқии Ҷумҳуриҳои Америка ба Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Америка иваз карда шуд ва Бюрои байналхалқии ҷумҳуриҳои Америка ба Иттифоқи Панамерикоӣ табдил дода шуд.

**Ҷанги Испания ва ШМА (с. 1898).** Мустаҳкам гардидани «Доктринаи Монро» аз ШМА талаб мекард, ки қувваи худро намоиш диҳад. Объекти мувофиқ барои чунин намоиш Испания гардид, ки дар нимкураи Ғарбӣ мулкҳои худ (Куба, Пуэрто-Рико) - ро дошт ва давлати баҳрӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо Испания дар ихтиёри худ қуввае надошт, ки бар зидди ШМА истода тавонад. Вазъиятро барои ШМА шӯришҳои дар Куба (с. 1895) ва Филиппин (с. 1896) бар зидди Испания сар зада сабук намуданд.

Сиёсати ШМА соли 1897, баъди ба қудрат расидани маъмурияти ҷумҳурихоҳони Уилм Мак-Кинли (с. 1897 – 1901), пурзӯр карда шуд. Моҳи январи соли 1898 ШМА ба Гавана зери баҳонаи ҳимоя намудани манфиатҳои шаҳрвандони америкоӣ, киштии зиреҳпӯши «Мэн»-ро фиристонд. 7 феврали соли 1898 дар рӯзнома «Nev York Journal» мактуби дуздидаи сафири Испания дар ШМА нашр карда шуд, ки дар он оид ба шахсияти президенти ШМА суханони манфӣ оварда шуда, роҷеъ ба омода будани Испания ба ҷанг низ зикр карда шуда буд. 15 феврали соли 1898 бошад бо сабаби пурра номаълум киштии зиреҳпӯши америкоии «Мэн» дар Гавана таркид.

Доираи ҷамъиятии ШМА дар ин ҳодиса Испанияро гунаҳгор донист. 11 апрели соли 1898 президенти ШМА У. Мак-Кинли ба Конгресс пешниҳод намуд, ки ба вазъияти Куба дахолат намояд. Конгресс аз президент ҳам дида, ҷиддитар рафтор намуд ва қарор намуд, ки ба Испания пешниҳод карда шавад, ки то 23 апрели соли 1898 қувваҳояшро аз Куба барорад ва истиқлолияти онро ба расмият шиносад ва ҳамин тавр, ба президенти ШМА ҳуқуқ доданд, ки барои ба ин мақсад расидан аз қувваҳои мусаллаҳ ҳам истифода намояд. Мувофиқи он ба Испания ултиматумро пешниҳод намуданд. Як рӯз пеш аз ба итмом расидани мӯҳлати ултиматум флоти ШМА ба блокадаи Куба сар кард. 23 апрели соли 1898 Испания бар зидди ШМА ҷанг эълон намуд.

Зарбаи асосии худро ШМА ба мулкҳои уқёнуси Ороми Испания расонда буд. 1 майи соли 1898 дар халиҷи Манилаи Филиппин муҳориба байни қувваҳои ду давлат шуда гузашт. Испания ҳамаи киштиҳои худро аз даст дод, америкоиҳо бошад тавонистанд, ки ҳамаи киштиҳояшонро ҳифз нигоҳ доранд. Ба Филиппин десанти ШМА фуромада, Маниларо ишғол карданд. 20 июни соли 1898 америкоиҳо бе муқобилият мулки дигари Испания – ҷазираи Гуамро дар обҳои марказии уқёнуси Ором ишғол намуданд.

Дар уқёнуси Атлантика бошад 3 июли соли 1898 дар наздикии Сантяго-де-Куба муҳориба шуда гузашта, бо шикасти пурраи Испания ҷамъбаст гардид. Баъди торумори флоти Испания ШМА имконият ба даст овард, ки Куба ва Пуэрто-Рикоро забт намояд.

10 декабри соли 1898 тарафҳо шартномаи сулҳи Парижро бастанд. Мувофиқи он Испания ҷазираҳои Пуэрто-Рико ва дар уқёнуси Ором бошад ҷазираҳои Гуамро ба ШМА гузашт намуд. Ҷазираҳои Филиппинро бошад Испания ба ивази 20 миллион доллар дод. Инчунин, ШМА соли 1898 ҷазираҳои Гавайро низ ба қаламрави худ ҳамроҳ кард[1].

Куба бошад давлати мустақил эълон карда шуд, аммо ШМА дар он ҷо қувваҳои ҳарбиашро баъди ҷанг низ нигоҳ дошт. Соли 1901 бошад ШМА тибқи як қонуни Конгресс ҳуқуқ пайдо намуд, ки дар ҳолати зарурӣ ба қаламрави Куба интервенсияи ҳарбиро ташкил намояд, ҳукумати Куба бошад шартномаҳои байналхалқиро танҳо бо розигии Вашингтон имзо мекард. Ин системаи муносиботи ШМА ва Куба шабоҳати низоми протекторатӣ буд.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 324 – 325.

Қаламравҳое, ки ШМА дар натиҷаи ҷанги мазкур ба даст овард штатҳои нав нагардиданд, балки зери идоракунии ШМА қарор дода шудаанд. Масалан, Филиппин ҷумҳурии худидоракунандаи зери протекторати ШМА қарор гирифта шуд. Ҷанги Испания ва ШМА нишон дод, ки Вашингтон аллакай омода аст, ки мулкҳои давлатҳои европоиро дар нимкураи Ғарбӣ аз байн барад.

**Тағйирёбии аввалиятҳои стратегии ШМА дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.** Дар солҳои 70-уми асри XIX ба таври фаъол халалдоркунандагони асосии «Доктринаи Монро» Британия ва Франсия монданд. Аммо Франсия баъди кӯшишҳои нобарораш дар самти сохтани канали Панама сиёсати фаъоли худро дар нимкураи Ғарбӣ пас гардонд. Британияи Кабир бошад соли 1871 бо ШМА оид ба ҳал намудани масъалаҳои сарҳадӣ шартнома баста буд. Аз ҳамин вақт сар карда, зиддияти анъанавии британо-амрикоӣ ба дуюминдараҷа табдил меёбад.

Дар ин давра асосан элитаи америкоиро сиёсати империяи Германия хавотир намуда буд, ки он дар охири асри XIX низои уқёнусиро ба вуҷуд оварда буд. Манфиатҳои ШМА ва Германия дар уқёнуси Ором бо ҳам бархӯрданд. Соли 1889 байни онҳо барои ҷазираҳои Самоа низои дипломатӣ сар зад. Тибқи қарордоди Берлин аз соли 1889 аз болои Самоа протекторати Британия, ШМА ва Германия барқарор карда шуд ва дар оянда боз он баррасӣ гардида буд. Тибқи шартномаи Берлин аз соли 1899 ҷазираҳои Самоа ба ду қисм ҷудо карда шуда, байни ШМА ва Германия тақсим гардиданд. Британи аз иддаои худ ба онҳо даст кашид.

Низоъ байни ШМА ва Германия баъди ҷанги Испания ва ШМА чуқуртар доман паҳн намуд. 12 феврали соли 1899 сарвазири Испания Франсиско Силвела ва сафири Германия Йозеф фон Бодовитс шартномаи Мадридро бастанд. Германия ба ивази 25 миллион песета (асъори Испания аз соли 1869 то соли 2002) мулкҳои боқимондаи Испания – ҷазираҳои Каролин, Мариан ва Палауро дар уқёнуси Ором ба даст овард.

Ҳамзамон Германия фаъолияти ҳарбӣ-сиёсии худро дар нимкураи Ғарбӣ низ фаъол намуд. Соли 1897 киштиҳои ҳарбии Германия дар соҳилҳои Гаити қувваҳои худро намоиш доданд ва аз президенти он, генерал Р. Симон Сану (с. 1896 – 1901) талаб ва ӯ маҷбур карда шуд, ки барои ба асорат гирифтани тоҷири немис 20 ҳазор доллар ҷубронпулӣ супорад. Соли 1897 кайзер Вилгелми II (с. 1888 – 1918) нақшаҳои бурдани амалиётҳои ҷангиро бар зидди ШМА баррасӣ намуда буд, ки ин бартарияти флоти Германияро ифода намуда, имкониятҳои дар блокада нигоҳ доштани соҳилҳои ШМА ва дар ҳолати зуруруӣ фуровардани десантро муайян мекард. Тарафи Германия ин нақшаҳоро дар такя ба бетарафии Британия дар ҳолати сар задани ҷанги Германия ва ШМА ба назар гирифта буд. Мавқуф гузоштани коркарди нақшаҳои ҷангӣ бо ШМА танҳо баъди бастани иттифоқи ризоият аз дилу ҷони Франсия ва Англия соли 1904 ба амал омада буд.

Рақиби дигари ШМА империяи Россия гардид. Россия ду маротиба, ҳангоми хунук шудани муносибати он бо Британия, эскадраи ҳарбии худро ба

самти Америка равона намуда буд: дар рафти бӯҳрони Шарқ (с. 1876) ва ҷанги Россия бо Туркия (с. 1877 – 1878). Аммо соли 1886 Конгресс бо хоҳиши президент Г. Кливленд (с. 1885 – 1889) маърӯза оид ба сиёсати ояндаи ШМА дар уқёнуси Оромро гӯш кард. Иштирокчиён ба хулосае омаданд, ки аз ҳамаи мамлакатҳои ҳавзаи уқёнуси Ором империяи Россия пурзӯртар буда, бештар ба манфиатҳои ШМА таҳдид менамояд. Барои ҳамин, дар зиддияти байни Россия ва Японияву Хитой ШМА зарур донист, ки Пекин ва Токиоро дастгирӣ намояд.

Ба муносибатҳои Россия ва ШМА Воситаи ахбори омма низ таъсир гузошта, онро халалдор мекард. Соли 1887 шартномаи дутарафа оиди ба ҳамдигар додани ҷинояткорон баста шуд. Ин дар афкори ҷамъиятии ШМА танқидкунии системаи мавҷудаи Россияро ба бор овард. Ба паҳн намудани сиёсати зидди Петербург дар Вашингтон зиёдшавии муҳоҷирати тобеини Россия, пеш аз ҳама полякҳо ва яҳудиҳо ба ШМА сабаб гардид.

Муносибати ШМА бо Япония низ вазнин буд. То лаҳзаҳои охири ҷанги Россия ва Япония (с. 1904 – 1905) ШМА Токиоро ба муқобили таҳдидҳои сиёсии Россия дастгирӣ мекарданд. Баъди ғалабаи Япония дар ҷанг дар Вашингтон ба хулосае омаданд, ки Токио мумкин ссенарияи ногаҳон ҳуҷумкунии зидди Россия ва Хитойи худро нисбати мулкҳои уқёнуси Ороми ШМА низ истифода менамояд. Фикри мазкур аз он вақте ҷой гирифт, ки соли 1902 Япония бо бузургдавлати баҳрӣ – Британия шартномаи иттифоқӣ баста буд.

Солҳои 1907 – 1909 президенти ШМА эскадраи ҳарбии худро иборат аз 16 киштӣ ба сайёҳати даври олам фиристонд, ки он аз Япония ва Австралия низ дидан кард. Чунин сиёсат ба хотири намоиш додани қувваи худ дар самти омода будан ба ҳимоя намудани мулкҳои худ дар уқёнуси Ором буд. Низоъ байни ШМА ва Япония соли 1911 тезу тунд гашт, замоне ки Япония яктарафа шартномаи Канагави аз соли 1854-ро аз нав дида баромада, суверенитети гумрукии худро барқарор намуд. ШМА аз он хавотир гардиданд, ки Россия ва Япония Доктринаи дарҳои кушод нисбат ба Хитойро низ аз нав дида баромада, онро ба зонаи доираи таъсири худ, ба мисли зонаи доираи таъсири англо-русӣ дар Форс (с. 1907) тақсим менамоянд.

Барои ҳал намудани вазифаҳои нав ба ШМА флоти уқёнусӣ зарур буд, ки он метавонист қодир бошад, ки коммуникатсияи уқёнуси ҷаҳониро назорат намояд. Аммо ҳоло ШМА фақат метавонист, ки флотро аз уқёнуси Атлантика ба уқёнуси Ором танҳо тавассути димоғаи Горн (поёноби Америкаи Ҷанубӣ) фиристонда расонад. Барои ҳамин маъмурияти президент Т. Рузвелт боз аз сари нав ба муҳокимаи лоиҳаи солҳои 40-уми асри XIX, яъне сохтмони канали Панама баргашт[1].

**Сохтмони канали Панама (с. 1903 – 1914).** Дар аввал Франсия мехост пешсафиро дар масъалаи сохтмони канал ба даст дарорад. Соли 1879 дар Париж зери раисии роҳбари сохтмони канали Суэтс Фердинанд Лессепс «Ширкати умумии канали байниуқёнусӣ» таъсис дода шуд. Он аз муҳандис Ф. Уайз ба

[1]Ниг.: Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 325 – 326.

ивази 10 миллион франк консессия ба сохтмони канали Панамаро, ки вай онро дар навбати худ аз ҳукумати Колумбия ба даст дароварда буд, харид. Аммо хатогиҳо дар лоҳиҳакашӣ ва ҷой доштани сатҳи баланди ришва дар кори он ба он оварда расонданд, ки декабри соли 1888 ширкати мазкур маблағгузорӣ ва корро дар ин самт қатъ намояд ва соли 1899 бошад онро барҳам заданд. Фаъолияти он дар доираи ҳукмрони ҷумҳурии сеюми Франсия низ низоъро ба вуҷуд оварда буд.

Соли 1899 дар ШМА комиссия оид ба сохтмони канал тавассути гарданаи Панама таъсис дода шуд. Вазъият аз он ҷониб ба фоидаи ШМА буд, ки Британия дар ҷанги Англо-бурӣ (с. 1899 – 1902) банд буд. 18 ноябри соли 1901 котиби давлатии ШМА Ҷон Хэй ва сафири Британия Ҷулиан Паунсефот оид ба ҳуқуқи ШМА дар самти сохтани канал тавассути гарданаи Панама, бе иштироки Британия, шартномаро имзо гузоштанд. Тарафи ШМА каналро бетараф эълон намуда, барои тавассути он гузаштани киштиҳои тиҷоратӣ ва ҳарбии ҳамаи мамлакатҳо дар давраи осоишта ва ҳам давраи ҳарбӣ кафолатро дод. Аммо ШМА ба худ ҳуқуқ гирифтанд, ки барои коршоям нигоҳ доштани канал ва ҳифзи бехатарии он аз ҳамаи имкониятҳо истифода мебаранд.

Диққати махсусро ШМА ба масъалаи аз Франсия харид намудани мавзеъ барои сохтмони канал равона намуд. 9 январи соли 1902 Конгресс «билли Хепберн»-ро оид ба маблағгузорӣ намудани сохтмони «канали Никарагуа» қабул намуд. Тарафи Франсия, ки норасоии воситаҳои пулиро ҳис мекард, июни соли 1902 розӣ шуд, ки ба ШМА ҳам конссесия, ҳам корҳои то ин дам ба иҷро расонда ва ҳам таҷҳизотро ба ивази 40 миллион доллар фурӯшад. Баъди ин маъмурияти президенти ШМА Т. Рузвелт «билли Хепберн»-ро бекор намуда, масъаларо на ба фоидаи сохтмони «канали Никарагуа», балки ба фоида «канали Панама» ҳал намуд.

22 январи соли 1903 сафири Колумбия Томас Эрран дар ШМА ва котиби давлатии ШМА Ҷ. Хэй оид ба масъалаи ба ШМА ба муддати 100 сол додани консессия, ки пештар дар ихтиёри «Ширкати нави канали Панама» қарор дошт, шартномаро имзо гузоштанд. Колумбия ба ШМА мавзеи дар он ҷо сохта шудани каналро ба масофаи паҳноии 10 км гузашт намуд.

Аммо Вашингтон аз он тарсид, ки парламенти Колумбия шартномаи мазкурро манъ мекунад, ШМА қарор дод, ки ҳаракатҳои сепаратистонаи заминдорони гарданаи Панамаро дастгирӣ намояд. 2 ноябри соли 1903 киштиҳои ҳарбии ШМА ба назорати мавзеъҳои назди шаҳри Панама сар карданд. 3 ноябр Панама оид ба аз Колумбия ҷудо шуда, давлати алоҳидаи мустақилро таъсис додан, эълон намуд. 18 ноябри соли 1903 котиби давлатии ШМА Ҷ. Хэй ва сафири Панама Бюно-Варили шартномаро бастанд, ки тибқи он ШМА ба муддати абадӣ ҳуқуқ ба даст даровард, ки қувваҳои мусаллаҳро дар қаламрави Панама ҷойгир ва бехатарии каналро таъмин намояд. Ба ШМА ба сохтмони канал ва истифодабарии он ҳуқуқҳои пурра дода шуданд, инчунин Вашингтон ҳуқуқ гирифт, ки ба корҳои дохилии Панама, агар онҳо ба бехатарии канал таҳдид намо-

янд, дахолат кунад. Конститутсияи соли 1904-и Панама ба ШМА ҳуқуқ дод, ки дар қаламрави давлати мазкур қувваҳои ҳарбии худро ҷойгир намояд.

Сохтмони канали Панама соли 1904, зери назорати вазири ҳарбии ШМА, сар шуд. Баъди анҷоми сохтмон 15 августи соли 1914 аввалин киштӣ (киштии буғгарди «Анкон») тавассути канал гузашт. Аммо соли 1914 хокрезиши зиёд ба канал зарари калон расонд. Расман канали мазкур 12 июни соли 1920 кушода эълон гардид.

Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри XX дар нимкураи Ғарбӣ мухтор аз системаи Венагӣ, зерсистемаи муносибатҳои байналхалқӣ зуҳур намуд. Дар асоси он системаи лидерии ШМА меистод, на баланси қувваҳо. Кӯшишҳои давлатҳои европоӣ дар самти бартараф намудани бартарияти ШМА ҷангҳоро ба бор овард, аммо онҳо натиҷа надоданд. ШМА тавонистанд дар нимкураи Ғарбӣ барои худ се вазифаи стратегиро ҳал намоянд: 1) «Доктринаи Монро»-ро ҳифз нигоҳ доштан; 2) барои мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ сарвар шудан; 3) таъсис додани инфрасохтор ба хотири акс кунондани қувваҳо ҳам ба соҳилҳои Атлантика ва ҳам укёнуси Ором. Аммо ШМА берун аз сохтори ташкилии тартиботи Венагӣ қарор дошт. Дар алоқамандӣ ба ин, барои оне ки ШМА ба бузургдавлати ҷаҳонӣ табдил ёбад, зарур омад, ки ба таври объективӣ қоидаҳои робитаҳои мутақобилаи байналхалқӣ аз нав ревизия (тафтиш) карда шаванд.

# 4. 14. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ШАРҚИ ДУР ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

**Сиёсати бузургдавлатҳои Европа дар Шарқи Дур.** Бо сабаби аз нигоҳи географӣ дур будани минтақаи Шарқи Дур аз Европа абарқудратҳои континенталии Европа танҳо аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, ба он диққати худро равона намуданд. Аммо ин масъала ба Россия дахл надорад. Россия аз ин барвақтар ба минтақаи мазкур ворид шуда буд. Агар Британия кӯшиш мекард, ки дар ин минтақа мақоми худро ҳамчун давлати бузурги мустамликавӣ мустаҳкам намояд, пас Россия ва Франсияро дар минтақаи мазкур як сабаб муттаҳид мекард, яъне ҳам Париж ва ҳам Петербург заифие, ки дар Европа дар рафти Ҷанги Қрим ва ҷанги Франсияву Пруссия аз худ нишон дода буданд, мехостанд онро аз ҳисоби Шарқи Дур ҷуброн намоянд.

Дар нимаи аввали асри XIX бошад амалан ҳуқуқи монополӣ дар самти экспансияи мустамликавӣ дар минтақа дар дасти Британия буд. Дар ҷангҳои якум (с. 1840 – 1842) ва дуюми Афюнӣ (с. 1856 – 1858), аз болои Хитой пирӯз гардида, англисҳо дар баробари ба даст овардани як қатор мавзеъҳои стратегӣ дар Шарқи Дур ва Ҷануб, аз ҷумла Сингапур ва Гонконг, инчунин шартномаи яктарафаи ба манфиати Британия бударо бо ҳукумати Син бастанд. Ин базаҳои ҳарбӣ (Сингапур ва Гонконг) бояд барои ба дарунтари Хитой сар даровардани Англия такягоҳи асосӣ мешуданд. Масалан, аллакай дар солҳои 50-ум англисҳо Бирмаи Ҷанубиро бо шаҳри Рангун забт карда буданд, ки аз ин ҷо англисҳо ба нақша гирифтанд, ки ба Бирмаи Болоӣ ва Хитойи Ҷанубӣ ворид шаванд.

***Шартномаҳои Тянсзин.*** Дар натиҷаи ҷанги дуюми Афюнӣ дар шаҳри Тянсзин 26 июни соли 1858 шартномаи англо-хитойӣ ва 27 июни соли 1858 шартномаи франко-хитойӣ баста шуданд, ки мувофиқи онҳо Англия ва Франсия ҳуқуқ ба даст оварданд, ки дар Пекин миссияи худро дошта бошанд ва табаияти онҳо ҳуқуқ пайдо карданд, ки озодона дар қаламрави Хитой рафту омад намоянд. Давлатҳои мазкур, инчунин ҳуқуқ гирифтанд, ки тавассути дарёи Янсзи тиҷорати худро ба роҳ монанд. Ғайр аз ин, барои тиҷорати хориҷӣ бандарҳои нави баҳрӣ кушода шуданд, ҳуқуқи номаҳдуди фаъолияти миссионерӣ низ барқарор карда шуд. Боҷҳои гумрукӣ ва транзитӣ кам карда шуда, савдои афюн қонунӣ гардонда шуд. Хитой ӯҳдадор гардид, ки ба Франсия ва Англия тавонӣ ҷангӣ пардохт намояд.

ШМА расман дар ҷанг иштирок накард, аммо амалан Англия ва Франсияро дастгирӣ кард. Баробари ин, 18 июни соли 1858 дар Тянсзин аз болои Хитой шартномаро бор кард, ки мувофиқи он бо мақсади таъмири киштиҳо, таъминоти сӯзишворӣ ва озуқаворӣ бандарҳои Хитойро барои америкоиҳо кушоданд ва 7 бандари дигар бошад барои тиҷорати америкоӣ кушода эълон гардиданд.

Шартномаҳои Тянсзин барои ба ниммустамлика табдил додани Хитой қадамҳои навбатӣ гардиданд. Агар аз рӯи шартномаи Нанкин (29.08.1842)

давлатҳои сармоядорӣ тавонистанд як қисми соҳилҳои баҳриро барои экспансияи худ ба даст оранд, пас тибқи шартномаҳои Тянсзин онҳо тавонистанд, ки таъсири худро ба музофотҳои дохилии Хитой то дарёи Янсзи паҳн намоянд[1].

***Шартномаи Айгун.*** Россия, ки дар ҷанг иштирок накард, 28 майи соли 1858 бо Хитой шартномаи Айгунро баст, ки тибқи он соҳилҳои чапи Амур ба Россия гузаштанд. Кишвари Уссурия бошад дар истифодабарии якҷояи Россия ва Хитой монд. Ба ин шартнома аз тарафи Россия генерал-губернатори Сибири Шарқӣ Н. Н. Муравёв ва аз ҷониби Хитой генерал И. Шан имзо гузоштанд. 1 (13)-уми июни соли 1858 бошад байни Хитой ва Россия шартномаи Тянсзин баста шуд. Соли 1858 русҳо ба сохтмони шаҳри Хабаровск оғоз намуданд[2].

Зиёда аз ин, дар рафти ҷанги сеюми Афюнӣ (с. 1860) англисҳо ва французҳо якҷоя амал мекарданд. Дар рафти ҷанги мазкур бартарии умумӣ дар сипоҳ ва дигар захираҳои ҳарбӣ ба тарафи англисҳо буд ва маҳз онҳо шартҳои экспедитсияи карателиро зидди Хитой дикта мекарданд, ки он ба хотири интиқом гирифтан барои шикасти флоти Англия (25 июни соли 1859) дар назди Дагу гузаронда шуд.

***Конвенсияҳои Пекин.*** Дар натиҷаи ҷанги сеюми Афюнӣ соли 1860 Хитой бо Британия ва Франсия дар алоҳидагӣ конвенсияҳои Пекинро баст, ки онҳо шартҳои шартномаҳои Тянсзинро тасдиқ карданд. Шартномаҳои басташудаи Пекин аз 24 ва 25 октябри соли 1860 барои Хитой шартҳои нави вазнинро муқаррар намуданд: пардохти тавони ҷангӣ, кушодани Тянсзин барои тиҷорати хориҷӣ, қонунӣ гардондани содироти моли хитойӣ ва ба миссионерҳои католикӣ баргардондани моликияти онҳо ба назар гирифта шуда буданд. Бо ҳамин, умеди ҳукумати Син ба истифода намудан аз ихтилофоти ҷойдошта миёни англисҳо, русҳо, французҳо самара надод.

***Шартномаи Пекин байни Хитой ва Россия.*** Ғайр аз ин, аз заифии Пекин истифода бурда, фиристодаи Россия дар Хитой Н. П. Игнатев бо ҳукумати Син 2 (14) ноябри соли 1860 шартномаи Пекинро баста, тибқи он Хитой кишвари Уссурия, инчунин заминҳои қазоқу қирғизро дар Осиёи Миёна ҳамчун қаламравҳои Россия эътироф намуд. Гарчанде ки Россия аз болои ҳукумати Япония ва Хитой таъсири заруриро ба даст оварда бошад ҳам, бо сабаби заифии худ дар сатҳи зарурӣ истифода бурадн аз ин вазъиятро натавонист. Зеро дар умум гирем, мавқеи Россия, асосан дар Шарқи Дур ҳоло ҳам заиф буд, тиҷорати он низ бо Хитой ва Япония дар сатҳи ниҳоят поён қарор дошт. Новобаста ба ин, шартномаи Пекин шартномаи Айгун ва аҳдномаи Тянсзинро тасдиқ карда, масоҳати васеъ аз дарёи Уссури то уқёнуси Ором ба Россия гузашта, соли 1860 истеҳкоми Владивосток сохта шуд.

---

[1]Всемирная история. Т. 5. Мир в XIX веке: на пути к индустриальной цивилизации. М.: Наука, С. 580.
[2]Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 275 – 276.

Дар умум, дар натиҷаи ҷангҳои афюнӣ ва аз ҷониби Британия, Франсия ва ШМА ёрӣ гирифтани хитойиҳо ҳангоми хобондани шӯриши тайпинҳо (с. 1862 – 1864), Хитой ба ниммустамлика табдил ёфт. Барои табдил додани Хитой ба «Ҳиндустони дуюм» бошад барои Британия қувват ва воситаи зарурӣ намерасид. Аз солҳои 60-ум сар карда, Британия ва дигар бузургдавлатҳо сиёсати дастгирӣ намудани ҳукумати Синро сар карданд ва кӯшиш мекарданд, ки тавассути он низоми ниммустамликавиро дар Хитой барқарор намоянд. Ғайр аз ин, Россия, Франсия ва ШМА бар зидди тақсимкунии Хитой баромад мекарданд[1].

Аммо аллакай солҳои 70-ум Британия дар ин минтақа бо сиёсати экспансионии Франсия бархӯрд. 15 марти соли 1874 Франсия аз болои Аннам (Ветнами Ҷанубӣ) шартномаи асоратоварро бор кард, ки он амалан барқароршавии протекторати Франсия аз болои тамоми Ветнамро ифода мекард. Зеро ҳокимияти шоҳи Аннам дар қаламрави Тонкин (Ветнами Шимолӣ) низ паҳн гардида буд. Бо ин рафтор Париж дар ин минтақа ба манфиатҳои Хитой зарба расонд, зеро ҳукумати Хитой шоҳи Аннамро вассали Пекин медонист.

Проблема, дар он буд, ки ҳукумати онвақтаи Хитой дар ҳолати «failed state» қарор дошт, ба ибораи дигар агар гӯем, Хитой наметавонист ҳатто қаламрави худро пурра назорат намояд, қаламравҳои аз он вобастшуда бошанд он тараф истанд. Масалан, вақте ки шоҳи Аннам бар зидди франсузҳо аз Пекин ёрӣ талаб намуд, дар он ҷо маслиҳат доданд, ки ба Лю Дунфу, собиқ генерали сипоҳи тайпинҳо, муроҷиат намояд, ки он вақт бо аскаронаш дар сарҳади миёни музофоти ҷанубии Хитой – Юннан ва Ветнам мавқеъ гирифта буд. Ҳамин тавр, Пекин кӯшиш намуд, то ки назорати худро аз болои Ветнам ҳифз намояд, Хитой маҷбур буд, ки исёнгарони раҳоёфтаи замони шӯриши тайпинҳоро, ки ҳокимияти Синро ба ларза оварда буданд, истифода намояд.

Ва ҳамин отрядҳои тайпинӣ 28 марти соли 1885 франсузҳоро дар назди Ланг-Сон (Лангшон) торумор намуданд. Ин дар таърихи ҷангҳои мустамликавӣ бесобиқа буд, ки отряди калони давлати бузурги европоӣ аз «таҳҷоиҳо» шикаст хӯрд. Баъди ин, соли 1896 италиягиҳо низ ба чунин тарз дар Ҳабашистон шикаст хӯрданд, аммо Италия бошад дар муқоиса бо Франсия давлати заиф ҳисоб мешуд. Шикасти мазкур боиси он гардид, ки кабинети вазирони созмондодаи Жюл Франсуа Камил Ферри дар Франсия 6 апрлеи соли 1885 пароканда гардад. Шикасти шармандавор хӯрдан аз Хитойи заифу қафомонда аз он шаҳодат медод, ки як вақтҳо давлати пешбари бузурги Франсия то кадом андоза поён фуромадааст.

Аммо аз ҷониби худ бошад Хитой чунон заиф буд, ки аз ғалабаи назди Ланг-Сон ба даст омада дар сатҳи зарурӣ истифода бурда натавонист. Мувофиқи шартномаи сулҳи Франсия ва Хитой аз 9 июни соли 1885 Пекин пурра аз суверенитети худ аз болои Тонкин даст кашид. Франсия дар ин минтақа ҳуқуқи озодона амал карданро ба даст овард. Барои савдои хориҷӣ дар

[1]Батюк В.И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

сарҳади Хитой ва Тонкин ду нуқта кушода шуданд. Тарафи Хитой ӯҳдадор гардид, ки ҳуқуқи сохтмони роҳи оҳанро дар музофотҳои Юннан ва Гуанси ба соҳибкорони франсузӣ супорад. Франсузҳо бошад ба Хитой мавзеъҳои дар Тайван ва ҷазираҳои Пэнхуледао (Пэнху, Пескадор) ишғолкардаашонро пас гардонданд.

Ин пешравии Франсия дар самти сарҳадоти ҷанубии Хитой Британияро нороҳат кард. Аз як тараф дар Лондон қаноатманд буданд, ки Франсия ба моҷарои мустамликавӣ банд гардид, аз ҷониби дигар англисҳо аз заифшавии мавқеи худ дар Хитой тарсида, ғалабаи Хитойро низ намехостанд. Аз ҷанги Хитой бо Франсия истифода бурда, англисҳо соли 1885 аз болои хитойиҳо амалан муқаррароти конвенсияи Чифу (Янтай), ки 13 сентябри соли 1876 баста гардид[1], бор карданд, ки он шароити имтиёзноку сабукро барои савдои афюн дар Хитой ба вуҷуд овард.

Дар ҳама гуна ҳолат аз ҷониби Франсия забт шудани Ветнам, рафти забт намудани Бирмаи Болоиро аз ҷониби Англия тезонид. Бо ин амал Лондон мехост, ки байни Ҳиндухитойи Франсия ва Ҳиндустон панҷараро эҷод кунад.

Умуман бузургдавлатҳои европоӣ дар Шарқи Дур бо якдилии нодир рафтор намуда, ба ҳамдигар ёрӣ расонда (дар асоси принсипи миллатҳои бофарҳанг), савдо намуда, аз ҷониби ҳукуматҳои Хитой ва Япония гузашткуниҳои навбатиро ба даст меоварданд. Масалан, умеди ҳукумати Син ба он ки шартномаҳо бо Россия ва ШМА имконият медиҳанд, ки Пекин ҳангоми гуфтушунид бо Англия (с. 1885) мавқеи хубтарро ба даст меорад, самара надоданд.

Солҳои 70 – 80 - ум таъсири Британия дар Хитой бартарӣ дошт. Дар сари гумрукҳои баҳрии Хитой дар вазифаи инспектори генералӣ аз соли 1859 англисҳо меистоданд. Таъсири асосиро дар сектори бонкдории иқтисоди Хитой, муомилоти пулӣ ва қарз банки Гонконг-Шанхай гузошт, ки соли 1864 аз ҷониби англисҳо таъсис дода шуда буд. Дар дасти англисҳо низоми киштиронӣ дар дарёи Янсзи низ қарор дошт. Тиҷорати баҳрӣ миёни Европа ва Хитой тавассути киштиҳои Англия сурат мегирифт. Ва охирон, дар муддати даҳсолаҳои зиёд Гонконг ягона базаи ҳарбӣ-баҳрӣ дар тамоми Шарқи Дур монд ва Британия бошад дар баҳрҳои ҷанубӣ ҳукмронӣ мекард. Аммо ҳамаи ин фақат имконият медоданд, ки соҳилҳоро назорат намуд, барои ҳамин англисҳо кӯшиш мекарданд, ки ба Хитойи Марказӣ сар дароваранд. Масалан, дипломатияи англисӣ ҳаматарафа кӯшиш намуд, ки барои бурдани савдо тавассути дарёи Янсзи аз ҳукумати Син иҷозатномаро ба даст овард.

**Сиёсати экспансионии Япония дар минтақа.** Шароит дар Япония дар ин давра ба мисли вазъият дар Хитой набуд. Зеро ҳамаи шартномаҳои басташудаи давлатҳои европоӣ ва ШМА бо Япония (шартномаҳои Япония ва ШМА соли 1854, Япония ва Англия соли 1854, Россия ва Япония соли 1855) кушодани баъзе аз бандарҳо – Хакодате, Симода ва Нагасаки танҳо ба хотири

[1]Ниг.: Гримм Э. Д. Сборник договоров и других документов по истории международных отношений на Дальнем Востоке (1842 – 1925). М., 1927.

тиҷорат бо хориҷиёнро дар назар доштанд, шартномаҳои мазкур анексия ва барқарор намудани назорат аз болои Японияро фарогир набуданд.

Дар ҳақиқат бар зидди Япония низ ба монанди Хитой борҳо аз «дипломатияи канонерӣ» истифода шуд: мисол, 5 сентябри соли 1864 эскадраи муттаҳидаи иборат аз 17 киштии англисӣ, америкоӣ, франсузӣ ва голландӣ бандари Симоносекиро бомбаборон намуда, қалъаи онро хароб намуданд ва 2 ҳазор нафар десантро низ фуроварданд. Баъди ин ҳукумати Япония маҷбур шуд, ки 3 миллион доллар тавони ҷангӣ пардохт намояд. Ҳукуматҳои Англия, Франсия ва ШМА ба корҳои дохилии Япония низ фаъолона дахолат мекарданд.

Дар ин вазъият дар Япония дуруст дарк намуданд, ки агар тезтар ислоҳоти буржуазиро нагузаронанд, мумкин аст истиқлолияти мамлакатро аз даст медиҳанд. Сар карда, аз ислоҳоти Мэйдзи (с. 1868), Япония бо суръати тез бо роҳи капиталистӣ рушд карданро оғоз намуд: дар мамлакат заминаи иқтисодиёти сармоядориро гузоштанд, дар мамлакат мақомоти ҳокимияти намояндагӣ (с. 1889), ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ва матбуоти мустақил зуҳр намуданд. Аммо аз ҳама муҳимаш ташкилкунии артиш ва флоти муосир оғоз гардид. Баробари ин, бояд дар хотир дошт, ки ислоҳоти Мэйдзи созиши буржуазия ва самурайҷигӣ буд, ба хотири мутаъдилият дар ҷомеаи японӣ ҳукуматдорони Япония ислоҳоти буржуазиро, хусусан дар деҳот, маҳдуд намуданд ва дар саҳнаи байналхалқӣ бошад ба сиёсати забткорона гузаштанд. Ба замъи ин вазъияти доираи ҳукмрони болоӣ он қадар хуб набуд. Барои ҳамин майл намудан ба самти доир намудани ҷангҳои хурди музаффарона ба вуҷуд омад, ки метавонистанд диққати мардумро аз мушкилиҳои дохилӣ дур намоянд.

Дар асл, вазифаи озод намудани Япония аз шартномаҳои нобаробар амалан соли 1894 ҳал карда шуд, замоне ки шартномаи тиҷоратии Англия ва Япония баста шуд. Ин шартнома аз бартарияти яктарафа доштани давлатҳои ғарбӣ дар Япония даст кашид ва аз ин давра сар карда, сиёсати берунаи Токио на ба вазифаҳои ҳимояи манфиатҳои воқеии миллӣ, балки ба иҷро намудани вазифаҳои экспансионии давлат тобеъ гардид. Ҳамин тавр, аввалин шуда, аз миёни давлатҳои бузург Англия бо Япония шартномаи баробарарзишро имзо намуд.

Аммо аллакай аз солҳои 70-ум Япония ба бурдани сиёсати экспансионӣ оғоз намуд. Япония аввал ҷазираҳои Рюкю (Ликей)-ро, ки зери сюзеренитети Хитой буданд, ишғол намуд. Кӯшиши забт намудани Тайван низ карда шуд. 26 феврали 1876 дар ҷазираи Канхвадо шартномаи Япония ва Корея баста шуд, ки тибқи он Корея барои Япония кушода гардид. Дар ҳақиқат кӯшишҳои Япония дар самти ташкил намудани табаддулоти давлатӣ дар Корея соли 1884 ва ба сари қудрат овардани ҳукумати тарафдорони худ бо нокомӣ ҷамъбаст гардид. Аммо Токио аз нияти худ, яъне ба даст овардани Корея даст накашид.

Баҳонаи муносиб барои ин кор шӯриши деҳқонӣ (с. 1893 – 1895) бо роҳбарии сектаи кореягии тонхакҳо шуд. Асосҳои ғоявии шӯриш таълимоти

динии тонхак (таълимоти шарқӣ) гардид, ки он баробарии ҳамаи одамонро дар рӯи замин ва ҳуқук доштан ба ҳаёти хушбахтонаро тарғиб мекард. Тонхакҳо ҳам зидди хориҷиёни ғарбӣ ва ҳам зидди японихо мубориза мебурданд. Ҳукумати Корея барои ёрӣ ба сюзерени худ – Хитой мурочиат намуд. Япония ҳам қарор кард, ки барои ҳимояи ҷони тобеини худ артишро фиристонад. Ғайр аз ин, барои сафед кардани таҷовузи худ ба таври васеъ аз авомфиребӣ бо мазмуни ёрӣ расондан дар самти гузарондани ислоҳот дар Корея истифода шуд.

***Ҷанги Япония ва Хитой (с. 1894 – 1895).*** Ҳукумати Хитой қатъиян зидди ҳузур доштани лашкари Япония дар қаламрави вассали худ буд. Аммо аз нуқтаи назари ҳарбӣ ҳукумати Хитой заиф буд. Ҳамзамон Лондон ошкоро сиёсати дастгирӣ намудани Японияро интихоб намуд, ки ин боиси он гардид, ки дар чунин шароит акнун ягон бузургдавлат нахост, ки қатъиян ба низои мазкур мудохила намояд.

Ҷанг амалан 23 июли соли 1894, яъне вақте ки японҳо қасри шоҳиро дар Сеул ишғол карданд, сар шуд. Аммо амалиётҳои ҷангӣ 25 июл сар шуда, японихо бар зидди киштиҳои Хитой оташро кушоданд ва нақлиётро бо аскарони хитойӣ ғарқи об намуданд. Ҳамин тавр, японихо амалиёти ҷангиро барои он замон бесобиқа, бе эълони ҷанг сар карданд.

Аз аввали саршавии низоъ пешравӣ дар дасти артиш ва флоти Япония буда, онро то охири амалиёти ҷангӣ нигоҳ доштанд. Японҳо аввал дар баҳр ҳукмронии худро таъмин намуданд ва 17 сентябри соли 1894 дар халиҷи Корея флоти Шимолии Хитойро торумор намуданд. Дар хушкӣ бошад японҳо моҳҳои сентябр – октябр сипоҳи Синро дар Корея торумор намуданд. Баъд онҳо ба самти нимҷазираи Ляодун ҳаракат намуда, он ҷо Люйшун (Порт-Артур)-ро забт карданд. Моҳи феврали соли 1895 бошад Вэйхайвэй – базаи муҳими ҳарбӣ-баҳрии Хитой забт гардид. Ҳамин тавр, Хитой ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар баҳр пурра торумор карда шуд.

***Шартномаи Симоносеки.*** Ҷанги мазкур дар натиҷаи гуфтушуниди тарафҳо дар шаҳри Симоносекии Япония ҷамъбаст гардид. Мувофиқи шартномаи сулҳи Симоносеки аз 5 (17) апрели соли 1895 Хитой ӯҳдадор гардид, ки ба Япония 230 миллион лян[1](баробар ба 460 миллион рубл) маблағ пардохт намояд, мустақилияти Кореяро эътироф намояд, ки ин барои экспансияи Япония дар Корея роҳро кушод. Инчунин, Хитой ҷазираи Тайван, ҷазираҳои Пэнху, нимҷазираи Ляодунро низ ба Япония дод.

***Мавқеи бузургдавлатҳо ба ҷанг.*** Давлатҳои бузург ба ҷанги мазкур бодиққат назар намуданд. Зеро ин ҷанг нишон дод, ки Япония аллакай на давлати заифи осиёӣ, ба монанди империяи Син, балки он дар масъалаи таъсиргузорӣ дар Шарқи Дур ба рақиби тавоно мубаддал гашта истодааст. Шарқи Дур бошад акнун дар навбати худ дар як лаҳза аз як минтақаи дуру хилват ба яке аз марказҳои асосии сиёсати ҷаҳонӣ табдил ёфт.

---

[1]Лян – ченаки пул, ки дар Хитой ба вуҷуд омада, дар Япония, Корея ва Ҷануб-Шарқии Осиё низ паҳн гардид.

Британияи Кабир дар ин ҷанг тарафдори Япония буд, ки дар ин бора шартномаи Англия бо Япония аз соли 1894, ки дар асл маҳз он имкониятро кушод, ки Япония бар зидди Хитой таҷовузро сар кунад, шаҳодат медиҳад. Дар Лондон ба он такя мекарданд, ки қувваи болорафтаи Японияро бар зидди Россия истифода намоянд[1].

Дар Петербург бошад аз ҳодисаҳои дар назди сарҳадҳои Шарқи Дури Россия ба вуҷуд омада хавотир шуданд. Зеро сарҳадоти Россия ҳоло ҳам дар ин минтақа мустаҳкам набуданд. Ҳатто роҳи оҳани мустақим бо Шарқи Дури Россия вуҷуд надошт. Барои ҳамин дар машварати махсус давлатӣ аз 1 феврали соли 1895 қарор қабул карда шуд, ки эскадраи Уқёнуси Оромро пурзӯр кардан даркор аст, ғайр аз ин, бо давлатҳои бузурги европоӣ, пеш аз ҳама бо Франсия дар масъалаи бурдани фишори якҷоя бар зидди Япония чораҷӯӣ кардан зарур аст. Дар сурате, ки агар фаъолияти Япония, пеш аз ҳама дар Корея, манфиатҳои мавҷудбудаи Россияро халалдор намояд.

Германия дар ин давра тарафдори дастгирӣ намудани Россия дар Шарқи Дур буд. 8 апрели соли 1895 ҳукумати Германия дастгирии қатъии худро нисбати Россия дар муносибат бо Япония иброз дошт.

Баъди Германия Франсия низ изҳори дастгирӣ намудани Россияро баён дошт. Мумкин ҳар ду давлат дар ин низоъ манфиатҳои худро доштанд. Агар немисҳо мехостанд диққати Россияро аз корҳои европоӣ, пеш аз ҳама аз масъалаи Балкан дур намоянд, инчунин дар тақсимкунии Хитой низ иштирок намоянд, пас Франсия мехост, ки дар лоиҳаҳои муштараки русу франсузӣ дар самти истисмори Хитой ва дар ин самт боз ҳам аз нигоҳи молиявӣ побанди Париж кардани Петербург, иштирок намояд.

Ҳамин тавр, 23 апрели соли 1895 намояндагони Россия, Германия ва Франсия дар як вақт аз ҳукумати Япония талаб намуданд, ки аз нимҷазираи Ляодун даст кашад. Бо ин рафтор давлатҳои бузург ба зиммаи худ нақши ҳимоякунандагони Хитой аз дастдарозии Японияро гирифтанд. Дар ҳамин замон Россия дар уқёнуси Ором қувваҳои бузурги ҳарбӣ-баҳриро ҷо ба ҷо намуд, ки метавонистанд ҷиддан ба коммуникатсияи байни лашкари Япония дар қитъа ва ҷазираҳо ҷойгир бударо таҳдид намоянд. Бо қувваи мазкур рӯ ба рӯ шуда, Япония маҷбур шуд, ки аз даъвои ба даст даровардани минтақаҳо дар қитъа даст кашад.

Ин дастоварди дипломатияи Санкт-Петербург Россияро бо суръати тез ба самти фаъол намудани сиёсати худ дар Хитой тела дод. Заёмҳои ҳукумати шоҳӣ ба ҳукумати Син ба андозаи 100 млн. долл. тилло (амалан ин пулҳои Франсия буданд), дар охири соли 1895 бо кӯшиши вазири молияи Россия С. Ю. Витте таъсис додани банки Россия – Хитой (муассисони он гурӯҳи банкҳои франсузӣ ва банки байналхалқии Петербург зери ҳомигии ҳукумати Россия буданд), оғоз гардидани сохтмони Роҳи Оҳани Хитойю Шарқӣ (КВЖД) дар соли 1896 аз он шаҳодат медоданд, ки Петербург дар сиёсати

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

хитойии худ ҳар чи бештар истифода бурдан аз фишангҳои иқтисодиро оғоз карда буд[1].

Натиҷаи фаъолшавии сиёсати берунии Россия дар самти Шарқи Дур бастани шартномаи москвагии Россия ва Хитой аз 3 июни соли 1896 оид ба «иттифоқи мудофиавӣ» бар зидди Япония гардид. Маҳз ҳамин шартнома сохтмони КВЖД-ро ба назар гирифт. Дар моҳи май бошад японҳо маҷбур шуданд барқароршавии низоми ба Россия наздик дар Кореяро эътироф намоянд. Қарордоди «Лобанов – Ямагата» амалан ҷорӣ намудани кондоминиуми русу японро дар Корея ба назар гирифта буд (то ин дам бошад дар Корея таъсири Япония бартарӣ дошт). Бо ҳамин, Токио маҷбур шуд, ки аз мавқеи монополии худ дар Корея, ки онро дар рафти ҷанги Япония бо Хитой соҳиб гардида буд, даст кашад.

Ҷанги Япония – Хитой давраи нави ба корҳои дохилии Хитой мудохила намудани давлатҳои империалистиро ба вуҷуд оварда буд. Дар моҳи ноябри соли 1897 Германия дар соҳилҳои ҷанубии нимҷазираи Шандун халиҷи кушоди Сзяочжоуро забт кард. Баъди як моҳ бошад Россия ба Порт-Артур киштиҳо даровард ва бо ин амал Петербург мустаҳкамшавии Германияро дар минтақа аз ҳисоби Хитой ҷуброн кард. Дар Берлин ин қадами Россияро бо хурсандӣ қабул намуданд, бо ин амал Россия мавқеашро дар Шарқи Дур мустаҳкам намуд, ки он ба талаботи немисҳо мувофиқ буд.

27 марти соли 1898 оид ба аз ҷониби Россия ба муддати 25 сол ба иҷора гирифтани нимҷазираи Ляодун шартнома баста шуд. Ва аз рӯи шартномаи соли 1898 Россия аз Хитой Порт- Артурро барои ташкил додани базаи ҳарбӣ иҷора гирифт. Гарчанде ки баъзе аз амалдорони олирутбаи Россия, ба монанди Витте қатъиян зидди ин моҷаро буданд, аммо бонги хатар боло гирифт. Бо ин амал таъсири Россия дар Пекин, ки соли 1895 барқарор гардида буд, вайрон карда шуд ва қадамҳои аввалин ба сӯи ҷанги ноком бо Япония гузошта шуданд. Ба сифати ҷуброн Лондон базаи ҳарбӣ-баҳрӣ дар Вэйхайвэе (соҳили шимолии Шандун)-ро гирифт.

Ҳамин тавр, дар остонаи асри нав тақсимкунии доираи таъсири қисмати калони Хитой ба охир расид. Англия дар қаламравҳои ҷануб аз Янсзи ва водиҳои он, ҳамроҳ бо Гуандун бо Кантон, инчунин Гонконг мавқеашро мустаҳкам нигоҳ медошт. Ба зери доираи таъсири Россия Манҷурия даромад, Германия – дар Шандун, Франсия – дар музофотҳои бо Тонкин ҳамсарҳад (ҷанубии Хитой) мавқеъ гирифтанд. Порае ба Япония низ расид, ин давлат баъди соли 1898 тавонист, ки таъсирашро дар Корея барқарор намояд.

Шӯриши ихэтуанҳо (2 ноябри соли 1898 – 7 сентябри соли 1901) бошад ба Россия дар соли 1900 барои истило намудани ҳамаи Манҷурия баҳонаи муносиб дод. Мувофиқи протоколи ниҳоӣ аз 7 сентябри соли 1901 Хитой ӯҳдадор гардид, ки ба Англия, Франсия, Германия, Россия ва ШМА ба андозаи 650 млн. рубл ҷуброн пардохт намояд. Дар қаламрави Хитой қувваҳои мусаллаҳи

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

хориҷӣ боқӣ монданд. Ба муддати ду сол ворид намудани яроқ ба Хитой манъ карда шуд, инчунин воридшавии хитойиҳо ба сеттлмент (маскангоҳҳо)-и барои хориҷиён ҷудо шуда, дар Хитой низ манъ карда шуд.

Истило намудани Манҷурия ивазшавии тези таносуби қувваҳо дар тақсимкунии Хитойро нишон медод. Ҳукумати Россия дар ин минтақа мавқеи мустаҳкам дошт ва аз ин ҷо таъсири Петербург метавонист дар дигар минтақаҳои Хитой паҳн гардад. Барои ҳамин ин ҳолат Лондон ва Токиоро нороҳат кард, ки вазъияти мазкур дар навбати худ ба ҳам наздикшавии Англия ва Японияро дар ибтидои асри XX муайян намуд.

Оид ба масъалаи баровардани лашкари Россия аз Манҷурия дар Петербург фикри ягона набуд. Агар С.Ю. Витте ба тарафдории ҳар чи зудтар баровардани лашкар баромад мекард, пас намояндагони ҳарбӣ, аз он ҷумла вазири ҳарбӣ Куропаткин кӯшиш мекарданд, ки раванди оғоз намудани эвакуатсияро нигоҳ доранд.

Дар сиёсати хориҷии самти Шарқи Дури Россия он вақт соҳибкори рус ва моҷароҷӯи сиёсӣ Безобразов Александр Михайлович нақши калон бозӣ мекард, ки тарафдори сиёсати таҷовузкорона дар минтақа буд. Маҳз, дар атрофи вай як гурӯҳи дарбориён ҷамъ шуданд, ки фаъолияти онҳо оқибат ба ҷанги Россия ва Япония оварда расонд.

Махсусан Японияро консессияҳои ҷангал дар дарёи Ялу, ки то 800 верст то сарҳади Хитойю Корея тӯл мекашиданд нороҳат карданд. Гарчанде барои зоҳир ин консессияҳо корхонаҳои хусусӣ буданд, дар асл бошад онҳо тавассути маблағҳои хазинаи шоҳӣ кор мекарданд. Шоҳиди таъсири Безобразов дар Шарқи Дур ҳоким таъйин гардидани адмирал Алексеев гардид, ки ба Безобразов наздик буд. Вазорати корҳои хориҷиро бошад аз ҳал намудани масъалаҳои шарқидурӣ озод намуданд. Масъалаҳои мазкурро шахсан шоҳ ва вазири корҳои дохилӣ, реаксионери ашаддӣ фон Плеве, ки муътақиди он буд, ки «ҷанги хурди музаффарона» ҳам аз инқилоб ва ҳам маҷбурияти гузарондани ислоҳот мамлакатро халос мекунад, баррасӣ мекарданд. Инчунин Витте низ аз мансаби вазири молия озод карда шуд.

Шартномаи Англия ва Япония бошад аз соли 1902 ба Япония бетарафии дӯстонаи Англияро дар ҳолати сар задани ҷанг бо Россия кафолат медод. Бо ин амал Япония худро дар вақти сар задани ҷанги русу япон аз мудохилаи тарафи сеюм бехатар гардонд. Ҳамин тавр, тайёрии дипломатӣ ба ҷангро ҳукумати Япония аллакай дар соли 1902 ба анҷом расонд.

Он чизе, ки ба вазъияти тозаи ҳарбӣ дахл дорад, пас баъди ҷанги Япония бо Хитой Япония бо суръати тез тайёрии ҳарбиро боло бардошт. Аз давраи соли 1886 то соли 1903 хароҷоти ҳарбӣ-мудофиавии он 773 млн. иенро ташкил медод, ки нисбат ба 10 соли пеш 10 маротиба зиёдтар буд. Аҳамияти калонро дар ин ҷо тавони ҷангии тибқи шартномаи Симоносекси аз Хитой кашида гирифта дошт, инчунин заёмҳои хориҷӣ низ ба Япония ёрии калон расонданд. Аз ҷумла, дар давраи ҷанги Япония бо Россия мамлакат ба маблағи 801 млн. иен заёмро гирифта буд. Дар арафа ва оғози асри XX саноати ҳарбии

Япония қодир буд, ки ба таври васеъ яроқу муҳимоти техникии ҳарбӣ, аз тирдон сар карда, то зиреҳпӯшҳоро истеҳсол намояд. То феврали соли 1904 қувваҳои хушкигарди Япония дар ҳайати худ 18 дивизия ва чанд бригадаи ҷамъ дорои 850 ҳазор нафар аскару афсар муттаҳид мекард. Флоти бузурги тиҷоратии Япония метавонист, ки бо суръати тез ба муддати чанд рӯз ин қувваи мусаллаҳро ба қитъа расонад. Флоти муттаҳидаи Япония аз 101 киштии ҳарбӣ, аз он ҷумла 6 эскадраи зиреҳпӯш ва 8 крейсерҳои зиреҳпӯш иборат буд. Артиш ва флоти мамлакат хуб таълими ҳарбӣ гирифта, дорои таҷрибаи ҷангии муосир низ буданд. Тактикаи бурдани ҷангии набардҳои оянда ба сарлашкарони японӣ шинос буд. Баробари ин, хадамоти ҷосусии ҳарбии он дар арафаи ҷанг оид ба артиши Россия дар Шарқи Дур маълумоти заруриро ҷамъоварӣ намуда буданд.

Дар Россия бошад баръакс, оид ба Япония, ҳамчун рақиб, тасаввуроти асотирӣ, нодуруст дошта, нисбати он ҳавобаландона муносибат доштанд.

Акнун ба факти таърихӣ назар менамоем, ки онро агенти ҳарбии Россия дар Япония полковник Ванновский дар гузориши махфии худ ба Петербург пеш аз сар задани ҷанг бо Япония сабт карда, фиристонда, фишурдаи мазмуни он чунин аст, ки артиши Япония ҳоло ҳам пурра аз вазъияти сохтори бетартибонаи дохилӣ набаромадааст, ки онро ҳама гуна артишҳо паси сар менамоянд. Он дар асоси маданияти комилан барои мардуми он бегона созмон дода шудааст, ки онро кӯр-кӯрона япониҳо азхуд кардаанд. Барои ҳамин, агар аз як тараф артиши Япония аллакай дер боз ордаи осиёӣ нест, балки расмиятпарастона бо шаблони европоӣ ташкил дода шудааст ва дар ин ё он сатҳ қисмҳои сипоҳии хуб дорад, пас аз ҷониби дигар он мутлақо артиши европоӣ нест, ки таърихан дар асоси принсипҳои коркардшудаи маданияти худӣ таъсис дода шудааст. Даҳсолаҳо, мумкин садсолаҳо заруранд, ки артиши Япония асосҳои ахлоқиро аз худ намояд, ки дар заминаи онҳо сохтори ҳама гуна артиши европоӣ бунёд ёфтааст ва баъд он метавонад, ки мумкин бо яке аз давлатҳои аз ҳама заифи европоӣ вориди набард шавад. Вазири ҳарбии Россия низ ба маърӯза чунин резолютсия мондааст: «Хондам. Дилбохтагии собиқ агентҳои мо ба артиши Япония аллакай нест. Ақида солим аст»[1]. Дар Штаби генералӣ бошад ба чунин хулоса омада буданд, ки дар ҳолати сар задани ҷанг, Япония қодир аст на зиёда аз 150 ҳазор нафар аскарро ба майдони ҷангӣ барорад. Дар маърӯзаи худ вазири ҳарбӣ Куропаткин ба нақша гирифта будааст, ки японҳоро ба таври осон дар қитъа шикаст дода, ба ҷазираҳо фуромада, Токиоро ишғол менамоем. Аммо, чи хеле ки маълум аст дар ҷанг бар зидди Россия Япония ба майдон 375 ҳазор нафарро баровард ва ҷанг низ на ба он сурат, ки дар Петербург ба он бовар доштанд, ҷамъбаст гардид.

Назариётчӣ, стратег ва мутафаккири бузурги Хитой Сун Сзи гуфта буд, ки «агар ту на худро ва на ҳарифро медонӣ, сад бор набард мекунӣ ва сад бор торумор мешавӣ. Агар ту худро донӣ, аммо рақибатро намедонӣ, як бор ғала-

[1]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ба мекунӣ, аммо дар набарди навбатӣ мағлуб мешавӣ. Агар ту ҳам худ ва ҳам ҳарифро медонӣ – сад бор ҷанг кунӣ ва сад бор ғалаба мекунӣ»[1].

Оқибат, шикасти Россия ва заифии он Англия, Франсия ва Россияро ҳар чи бештар ба самти ниҳоии ташаккул ёфтани Антанта тела дод. Зарур буд, ки заифии Россияро ҷуброн намуда, роҳи Германияро низ гиранд.

**Ҷанги Россия ва Япония.** Ҳукумати шоҳӣ ҳис кард, ки ваъзият дар мамлакат аз назорат берун баромада истодааст. Дар хусуси аз вазъияти душвор фикри халқро парешон кардан, вазири корҳои дохилӣ В. К. Плеве гуфта буд: «Барои он ки роҳи инқилобро гирем, ба мо доир намудани ҷанги хурди музаффарона даркор аст».

Дар аввали асри XX асосан байни давлатҳои империалистӣ тақсимоти ҷаҳон ба охир расид. Мубориза барои таъмин намудани таъсири худ дар Хитой ва Корея байни Россия ва Япония зиддиятро ба вуҷуд овард.

Япония муносибати дипломатиро ба Россия вайрон карда, дар арафаи шаби 26 ба 27 январ/9 феврали соли 1904 аҳдшиканона бе эълони ҷанг ба эскадраҳои Россия дар Порт-Артур ҳамла кард. Муҳориба 45 дақиқа давом карда, натиҷаи он ба Россия талафоти калон овард[2]. Дар феврали 1904 ба қалаи Порт-Артур экскадраи сарфармондеҳи флоти уқёнуси Ороми Россия ноиб-адмирал С. О. Макаров омада, рӯҳияи флотро баланд мебардорад. Россия ҳам аз ҷиҳати дипломатӣ ва ҳам ҳарбӣ- техникӣ барои бурдани ҷанг тайёр набуд.

Артиши Япония аз ҷиҳати техникӣ нисбат ба артиши Россия бартарӣ дошт. 31-уми марти 1904 киштии зиреҳпӯши Петроповловск, ки дар он Макаров ҳузур дошт, ба минаи японҳо бархӯрд ва ғарқ шуд. Макаров вафот кард. Роҳбари нави эскадраи рус контр- адмирал В. К. Витгефт аз муҳориба дар баҳр даст кашид. Ин ба японҳо имконият дод, ки ба хушкӣ лашкар фуроранд ва мавқеи стратегиро ишғол намоянд. Русҳо дар рӯзҳои аввал дар хушкӣ низ талафоти зиёдро доданд. Артиши якуми Япония, ки ба Корея дохил шуд, 18-уми апрел бо роҳбарии генерал Кураки аз дарёи Ялу гузашта, шаҳри Тюренченро гирифт. 22-уми апрел артиши 2-юми Япония ба нимҷазираи Ляодун дохил гардид. Ин артиш Порт Артурро аз роҳи оҳане, ки онро бо Манҷурия пайваст мекард, ҷудо кард ва мавқеи русҳоро танг кард. Барои муҳосираи Порт - Артур японҳо артиши 3-юмро таъсис доданд. Сардори ин артиш генерал Ноги таъин карда шуд. Артиши чоруми Япония ба сӯи Ляоян ҳаракат кард, ки дар он ҷо артиши русҳо бо сарварии Куропаткин мавқеъ ишғол карда буданд.

Соли 1904 дар Ляоян муҳорибаи калон рух дод. Артиши Япония қариб, ки торумор шавад, аммо Куропаткин ба ғалабаи қатъӣ бовар надошта, ба ақибнишинӣ фармон дод. Ҳимояи Порт- Артур ба зиммаи худи ҳайати гарнизони он монд, ки маҷбур буданд танҳо ҷанги номбаробарро баранд. Зиёда аз 7 моҳ

[1]Ниг.: Сунь-Цзы. Трактат о военном искусстве. Перевод и исследование Н. И. Конрада. М. – Л., 1950. – 404 с.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 339.

аскарону матросҳое, ки дар қалъаи Порт - Артур буданд, зидди лашкари зиёди японҳо қаҳрамонона ҷангиданд. Чор бор артиши генерал Ноги барои гирифтани Порт- Артур ҳуҷуми умумӣ гузаронд. Японҳо ҳам аз хушкӣ ва ҳам аз баҳр бетанафус шаҳрро бомбаборон мекарданд. Ҳимоякунандагони Порт-Артур ҳуҷуми душманро паи ҳам мегардонданд. Сардори мудофиаи Порт - Артур генерал Роман Исидорович Кондратенко буд, ки қарзи ҳарбии худро то охир иҷро кард. Ҳимоякунандагони Порт- Артур ба японҳо талафоти калон расонданд.

Дар муҳорибаҳои Порт- Артур японҳо ҷамулҷамъ 110 ҳазор одам мурдаву маҷрӯҳро боқӣ гузоштанд. Аммо ҳукумати шоҳӣ ба муҳофизони Порт- Артур ёрдами худро расонда натавонист. Японҳо бошад қуввaҳои асосии худро ба забти он равона карданд. Октябри 1904 дар наздикии дарёи Шахэ муҳорибаи калон, ки ду ҳафта давом кард, баргузор гардид. Аз сабаби камбудии лавозимоти ҷангӣ русҳо муваффақ нашуданд ва муҳориба барои онҳо натиҷаи хуб надод, имконияти охирине, ки метавонист Порт- Артур аз японҳо наҷот медод, барбод рафт. Декабри 1904 японҳо Порт- Артурро гирифтанд. Таслимшавии гарнизони Порт- Артур таъсири худро ба рафти ҷанг расонд. Флоти Япония дар баҳр ҳукумрон шуд. Рафтори ҳукумати шоҳӣ норозигиро дар ҷамъияти Россия ба вуҷуд овард. На халқи Россия, навишта буд доҳии болшевикон Ленин, балки мутлақият шикаст хӯрд.

Шикасти Россия дар Манҷурия, таслими гарнизони Порт-Артур дар мамлакат вазъияти инқилобиро ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа моҳи январи 1905 дар Россия Инқилоби якуми рус сар шуд. Бо оғози инқилоб нигоҳ накарда, ҳукумати шоҳӣ ҷангро давом медод. Феврали 1905 дар назди Мукден бузургтарин муҳориба ба вуҷуд омад. Аз ҳар ду тараф дар он 660 ҳазор нафар иштирок карданд. Русҳо дар ин муҳориба низ шикаст хӯрданд. Дар натиҷаи ин муҳориба русҳо 89 ҳазор нафар ва японҳо 71 ҳазор нафарро талаф доданд. Артиши рус, инчунин рӯҳан низ шикаст хӯрд. Ҷангро Россия пурра бохт. Дар байни гурӯҳҳои буржуазияи либералӣ талаби бастани сулҳ ба миён омад. Қувваи ҳарбии Япония низ ба нестӣ расид. Аз ин лиҳоз, ҳукумати Япония моҳи феврали соли мазкур ба ШМА муроҷиат кард, ки дар бастани сулҳ бо Россия миёнҷигарӣ кунад. Охирон набард дар ин ҷанг муҳорибаи Сусима гардид.

Майи 1905 дар назди Сусима муҳорибаи баҳрӣ шуда гузашт. Дар ин ҳарби баҳрӣ қисми калони киштиҳои рус нобуд шуданд, қисми дигарро бошад японҳо тасарруф карданд, баъзеашон аз таъсири ҷанг ба бандарҳои бетараф рафтанд. Фақат ба се киштии Россия муяссар шуд, ки худро ба бандари шаҳри Владивосток расонанд. Мутлақияти рус акнун фаҳмид, ки ҷангро буридан номумкин аст ва моҳи августи соли 1905 маҷбур мешавад бо Япония сулҳ бандад.

**Конференсияи Портсмут.** Конференсияи сулҳ дар шаҳри Портсмути ШМА баргузор гардид. 23-уми август/5 сентябри 1905 дар ин ҷо байни Россия ва Япония шартномаи сулҳ баста шуд. Мувофиқи он Корея зери таъсири Япония даромад. Ҳар ду тараф ӯҳдадор шуданд, ки артиши худро аз Манҷурия

бароранд. Россия Порт - Артур ва мавзеи роҳи оҳани то стансияи Чанчунро ба ихтиёри Япония дод. Ба Японияи қаламрави ҷанубии ҷазираи Сахалин низ дода шуд. Россия ӯҳдадор шуд ба Япония иҷозат диҳад дар соҳилҳои Россия дар баҳрҳои Япония, Охотск ва Беринг ба моҳидорӣ машғул шавад.

Дар натиҷаи сулҳи Портсмут Россия аз ҳуқуқи дар минтақа озодона ба баҳр баромадан маҳрум гардид. Россия дар ҷанг 400 ҳазор нафар мурдаву ярадор, аз байн рафтани флоти укёнуси Ором ва хароҷоти калони пулиро талаф дод. Шикасти Россия дар мамлакат ҳаракатҳои инқилобиро пурзӯр кард.

Хулоса, тибқи шартномаи сулҳи Портсмут Россия қисми Сахалин, Порт-Артур ва Далний, роҳи оҳани Манҷурияи Ҷанубӣ аз Чанчун то Порт - Артурро дод ва розӣ шуд, ки Корея ба доираи таъсири Япония дароварда шавад. Витте – роҳбари намояндагони Россия – тавонист, ки Россияро аз додани тавони ҷанг ва додани киштиҳои ҳарбии Россия ба Япония наҷот диҳад. Сабаби дастовардҳои дипломатии Витте на танҳо дар моҳирона кор кардан бо воситаи ахбори омма (матбуоти даврӣ) - и ШМА, балки аз баҳои воқеӣ додан ба вазъияти дар Шарқи Дур ба вуҷуд омада, баъди ҷанги русу япон иборат буд. Зеро ШМА худаш ҳам аз суръати тез тавоно шудани Япония ва аз сиёсати экспансионии он дар Корея ва Хитой розӣ набуд. Витте аз ин норозигии ШМА бомаврид истифода намуд, барои ҳамин миёнаравии ШМА дар Портсмут барои Россия муфид баромад.

Натиҷаи аз ҳама муҳими ҷанги Россия ва Япония ин табдил ёфтани Япония ба давлати бузург буд. Зеро дар ҷанги мазкур шикаст на ба давлати заифу нотавон, ба монанди империяи Син, балки ба давлати бузурги европоии аз ҷониби консерти европоӣ эътирофшуда – Россия расонда шуд. Мағлубият расондан ба давлати бузург бошад – ин иҷозатномаи ворид шудан ба клуби давлатҳои бузург мебошад. Бо ин, ба европосентризми сиёсати ҷаҳонӣ зарбаи ҳалокатвор расонда шуд.

**Шарқи Дур ва сиёсати нави хориҷии ШМА.** На танҳо Япония ба ҳайати давлатҳои бузург шомил гардид, дар давраи гузариш аз як аср ба асри нав дар корҳои Шарқи Дур давлати дигари бузурги ғайриевропоӣ ШМА низ нақши асосиро иҷро мекард.

То ҷанги шаҳрвандии солҳои 1861 – 1865 давлати америкоиро «ғуломи ғуломдорон» меномиданд ва дар ҳақиқат ҳам ҳамин тавр буд. Иттифоқи 13 мустамликаи америкоии аз ҳукумати Англия озод шуда, асосан давлати аграрӣ буд. Табиист, ки Ҷануби аграрӣ бо хоҷагидории сердаромади плантаторӣ аввал гегемони иқтисодӣ ва сонӣ сиёсӣ дар Иттифоқ гардид. То соли 1856 аз 16 президенти ШМА 11 нафар намояндаи Ҷануб буданд. Дар соли 1860, соли ғалабаи А. Линколн дар интихоботи президентӣ – мансабҳои болоиро дар ҳукумати федералӣ 543 нафар ҷанубӣ ва 386 нафар шимолӣ ишғол мекарданд, ба замъи ин дар Ҷануб 9 миллион нафар, аз онҳо 4 миллион сиёҳпӯст, дар Шимол бошад 20 миллион нафар зиндагӣ мекарданд.

Мувофиқ ба ин то соли 1861 сиёсати хориҷии ШМА на он қадар буржуазӣ, балки ғуломдорӣ буд. Он аз паси як мақсади асосӣ равона буд – экспан-

сияи территориявӣ. Аз ин ҷо ҷанг бо Мексика (с. 1846 – 1848), аннексияи Техас, Калифорния, Ню-Мексика, нақшаи забт кардани Куба ва ҳавзаи пурраи Кариб сурат гирифтанд. Барои ғуломдорон заминҳои нав зарур буданд ва ҳукумати федералӣ низ кӯшиш мекард, ки хостаҳои онҳоро иҷро намояд.

Дар воқеъ сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ ин хоҳиши А. Линколн оид ба барҳам задани ғуломдорӣ набуд (дар соли 1861 ӯ дар бораи ин ҷуръати орзӯ кардан ҳам надошт). Аммо ӯ ҷиддан хостори маҳдуд намудани ғуломдорӣ бо ҳудуди территориявии он буд ва ин барои тартиботи ғуломдорӣ ба марг баробар шуд.

Сиёсати экспансионии худро оғоз намуда, Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар даҳсолаҳои аввали мавҷудияти худ кӯшиш намуданд, ки мудохилаи бузургдавлатҳои европоиро дар корҳои нимкураи Ғарбӣ аз байн баранд. Доктринаи Монро амалан доктринаи «Системаи америкоӣ» - ро ифода мекард, ки бори нахуст аз ҷониби котиби давлатии ШМА Ҷ. К. Адамс дар соли 1821 ифода ёфта буд. Президенти ШМА Ҷ. Монро, соли 1823 бо арзномае баромад кард, ки тибқи он иҷозат намедод, ки давлатҳои европоӣ давлатҳои нави аз Испания ба истиқлоият комёбшудаи Америкаи Ҷанубиро мустамлика намоянд. Мумкин буд ин демарш наметавонист, ки роҳи Иттифоқи Муқаддасро, ки кӯшиш мекард принсипи легитимизмро дар ҳама ҷойи Ҷаҳон барқарор намояд, гирад. Аммо муносибати инкоркунандаи «соҳиби баҳрҳо» – Британия ба ин ташаббускории иттифоқ, интервенсияи Иттифоқи Муқаддасро амалан ғайриимкон гардонд.

Ҳамин тавр, дар даҳсолаҳои аввали мавҷудияти худ ШМА дар сатҳи зарурии сиёсати хориҷии худ, сиёсати абарқудрати минтақавии фаъолро мебурд, ки кӯшиш мекард дар минтақаи худ гегемон шавад ва дигар бузургдавлатҳоро роҳ надиҳад, ки ба ин минтақа дахолат намоянд.

Дар сеяки охири асри XIX, ғайр аз харид намудани Аляска аз Россия дар соли 1867 ва ташкил намудани конференсияи Панамерикоӣ (соли 1889), дипломатия америкоӣ дигар амалкардро аз худ нишон надод. ШМА пурра ба ҳал намудани масъалаҳои дохилии худ банд буданд. Дипломатияи америкоӣ бошад дар ин вақт ё ба кӯҳнапарастӣ ё ба бастани шартномаҳои характери тиҷоратӣ-иқтисодӣ дошта банд буд.

Дар охири асри XIX бошад вазъият ҳам дар худи ШМА ва ҳам дар сатҳи байналхалқӣ тағйир ёфт. Аз як тараф ШМА аз мамлакати сусттараққикарда (аз рӯи стандарти Европаи Ғарбӣ) - и аграрӣ ба иқтисоди бузургтарини ҷаҳонӣ табдил ёфт, аз ҷониби дигар, аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ бошад ШМА, ба ғайр аз Россия, аз дигар абарқудратҳо пеш гузашт. Баробари ин сармоягузории ШМА ва тиҷорати хориҷии он низ дар хориҷа зиёд шуд.

Аз ҷониби дигар заифшавии Британияи Кабир, ки дар системаи «консерти европоӣ» баъди соли 1815 нақши гегемонро иҷро мекард, намудор шуд. Ба мақоми ҳукмронии Британия аз ҷониби Германия таҳдидҳо сар шуданд. Дар ҳамин шароитҳо ШМА дигар наметавонист, ки танҳо бо сиёсати изолятсионизми худ банд бошад.

ШМА ӯҳдадор гардид, ки нигоҳи худро ба самти Ҷаҳони атроф намояд. Ҷанги Испания ва Америка дар соли 1898 нишон дод, ки Вашингтон ба сиёсати фаъоли хориҷӣ баргашт, баробари ин, на танҳо дар нимкураи ғарбии Ҷаҳон, балки аннексияи амалии Филиппин нишон дод, ки ШМА сиёсати хориҷии худро дар минтақаи барои Вашингтон нав – дар уқёнуси Ором фаъол гардонд.

Нишонаҳои болоравии таъсири ШМА ин миёнаравӣ намудан дар бастани сулҳи Портсмут байни Япония ва Россия дар соли 1905 гардид. Ба гуфтаи профессори Донишгоҳи Пенсилван Уолтер Макдоугэлл, агар то соли 1898 ШМА арзишҳои худро дифоъ мекарданд, пас баъди ҷанги Испания ва Америка бошад ба паҳн намудани онҳо дар сар то сари Ҷаҳон оғоз намуданд.

Гап на танҳо сари он меравад, ки бо хароҷоту талафоти кам ШМА Испанияро шикаст дода буд, характеран агар гирем, бо ин рафтор Вашингтон фикру ақида ва назари давлатҳои бузурги европоиро дар рафти амалиётҳои ҳарбӣ дар Атлантика ва уқёнуси Ором, инчунин дар раванди барқарор намудани назорати худ аз болои Куба, Пуэрто-Рико ва Филиппин комилан ба эътибор нагирифт, Европа ҷуръат накард, ки дахолат намояд. Бо ин амал ШМА ба тамоми Ҷаҳон нишон дод, ки аз ин пас мавҷудияти давлати нави бузургро ба инобат гиранд.

Инак, дар муддати чанд сол (с. 1895 – 1905) тантанаи ягонаи европоӣ дар Шарқи Дур ба охир расид. ШМА ва Япония барои ворид шудан ба клуби давлатҳои бузург аз худ ба таври равшан дарак доданд. Муайян гардид, ки аз мавҷудияти «консерти европоӣ» рӯзҳои ба шумор мондаанд.

## 4. 15. ИМПЕРИЯҲОИ МУСТАМЛИКАДОР ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Мафҳуми мустамликадорӣ.** Мафҳуми «колониализм – мустамликадорӣ» системаи муносибатҳои байни метрополияҳо ва территорияҳои тобеъро ифода менамояд, ки дар шароити аз нигоҳи сиёсӣ тобеъ нигоҳ доштани онҳо, яъне сюзеренитети метрополияро эътироф намудани элитаи маҳаллӣ ва маҷбуран ба фоидаи метрополия кашида гирифтани захираҳо бунёд ёфтааст. Дар ҳамин асос феномени империяҳои мустамликадорӣ, яъне аз ҷониби якчанд давлати европоӣ (Британия, Франсия, Голландия, Испания, Португалия, Россия) тобеъ намудани қаламравҳои ғайриевропоӣ, бунёд ёфтаанд. Аммо дар охири асри XIX гурӯҳи дигар давлатҳо зуҳур намуданд, ки иддаои мақоми империяи мустамликавӣ шудан доштанд[1]. Империяҳои мустамликадори Испания ва Португалия ҳанӯз дар давраи таназзулёбии муносиботи феодалӣ ва зуҳурёбии аввалин муносиботи буржуазӣ дар ҷамъияти Европа таъсис ёфтанд. Голландия бошад дар нимаи аввали асри XVII дар сиёсати мустамликадории ҷаҳонӣ гегемон ба ҳисоб мерафт. Дар миёнаи асри XVII Голландия дар тиҷорат, киштисозӣ ва киштиронӣ дар байни дигар мамлакатҳо ҷойи якумро ишғол мекард. Флоти Голландия тақрибан 10 маротиба аз флоти Англия киштиҳои зиёдтар дошт[2].

Илмҳои муосири таърихӣ ва сиёсӣ мафҳумҳои колонизатсия ва колониализмро аз ҳам ҷудо медонанд. Мафҳуми якум раванди маскуншавӣ дар территорияҳои навро ифода менамояд. Дуюм бошад – системаи ҳукмронии гурӯҳи давлатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рушд ёфта (метрополияҳо) аз болои дигар территорияҳо мебошад. Фаъолияти колонизатсия қисми ҷудонопазири ҳамаи давраҳои таърихи ҷаҳонӣ буд. Масалан, мустамликадории юнониён дар баҳри Сиёҳ, суғдиён дар Туркистони Шарқӣ, аз ҷониби Россия азхуд карда шудани Сибир ва ғайра амсоли он шуда метавонанд. Колониализм бошад ҳамчун зуҳурот характери худро аз давраи Нав касб намуда, ҳатто то миёнаи асри XX ҳам идома дошт. Дар рушди раванди мазкур се давраро ҷудо менамоянд:

1. Мустамликадории плантаторӣ (охири асри XV – миёнаи асри XVII). Дар ин давра мақсади асосии экспансияи колониалӣ таъсис додани плантатсияҳо (латифундияҳо) барои парвариш намудани растаниҳои нодир (қаҳва, какао, найшакар, тамоку, растаниҳои доруворӣ ва ғайра) иборат буд. Дар баъзе мустамликаҳо коркарди конҳои тилло ва нуқра сар шуда буд. Дар ин самт аз меҳнати ғуломон васеъ истифода мешуд. Ҳамзамон ба хотири ба метрополия кашонда овардан, ғасб кардани ашёҳои қиматбаҳо дар мамлакатҳои ғайриев-

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 331.

[2]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 111 – 113.

ропоӣ идома дошт. Дар давраи мазкур давлатҳои асосии мустамликадор Испания ва Португалия буданд.

2. Мустамликадории тиҷоратӣ (миёнаи асри XVII – охири асри XVIII). Дар ин давра муборизаи асосӣ дар самти таъмин намудани назорати худ аз болои нуқтаҳои асосии тиҷорати байналхалқии баҳрӣ мерафт. Дӯконҳо ва бандарҳо таъсис дода шуданд, ки қодир буданд раванди ба Европа содир намудани молҳои мустамликавиро назорат намоянд. Варианти аввалаи чунин намуди империяро Голландия таъсис дод. Британия ва Франсия низ кӯшиш намуданд чунин имеприяҳои худро созмон диҳанд. Дар ин давра акнун қувваи коргариро ба мустамликаҳо аз берун ворид намудан сар карданд, асосан аз Африка ғуломонро ба мустамликаҳои дар Америка буда, меоварданд, ки он таркиби этникии муосири мамлакатҳои ШМА, Бразилия, Гаити, Куба ва давлатҳои дигарро муайян намуд.

3. Мустамликадории саноатӣ (асри XIX – миёнаи асри XX). Дар давраи мазкур мустамликаҳо ба сарчашмаи ашёи хоми саноатӣ ва ҳамзамон бозори фурӯш барои молу маҳсулоти метрополияҳо табдил ёфтанд. Воридшавии ашёи хом ба метрополияҳо имконият дод, ки соҳаҳои гуногуни истеҳсолотро ба роҳ монанд. Масалан, саноати пахтаву коғаз дар Англия ё саноати резинӣ дар Франсия. Фарқияти нарх ва маҳкам баста будани бозор барои рақибон ба метрополияҳо даромади калон ва дар асоси он зиёд намудани истеҳсолотро таъмин мекард. Давлатҳои бузурги мустамликадор дар давраи мазкур Британияи Кабир, Франсия, Белгия ва Нидердандия гардиданд. Дар охири асри XIX Германия ва Япония низ кӯшиш намуданд, ки давлатҳои мустамликадор шаванд[1].

**Барқароршавии асосҳои ҳуқуқи байналхалқии баҳрӣ.** То охири ҷангҳои Наполеонӣ Британия тарафдори бурдани ҷангҳои баҳрии бесозишкорона ва истифода намудан аз капергарӣ[2] буд. Акнун рақиби асосии худро дар симои Франсияро бартараф кард ва мақоми ҳукмрони баҳрии худро барқарор намуда, Британия кӯшиш намуд, ки онро дар асоси комплекси низоми ҳуқуқӣ мустаҳкам намояд. Ҳуқуқи байналхалқии баҳрӣ ба Британия имконият дод, ки: роҳи зуҳурёбии бузургдавлатҳои нави баҳриро нигоҳ дорад; барқароршавии низоми байналхалқии савдои озодро ба даст оварад; системаи тиҷорати баҳрии рақибон (Испания ва Португалия)-ро заиф гардонад; киштиронии баҳрӣ ва дарёиро дар контури ягона маҳкам нигоҳ дорад.

24 марти соли 1815 конгресси Вена оид ба киштиронии озод дар дарёҳои байналхалқӣ қарор қабул намуд, ки тибқи он дар Европа чунин мақомро дарёҳои Неккар, Маас, Мозел, Рейн ва Шелд гирифтанд. Қарор карда шуд, ки

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 331 – 332.

[2]Капер – киштии баҳрии хусусӣ, ки дар вақти ҷанг бо иҷозати ҳукумати худ ба киштиҳои тиҷоратии душман ҳуҷум мекунад. Ба маънии дуюм соҳиби ҳамин гуна киштӣ; Каперҳо (корсарҳо) – шахсони хусусӣ, ки бо розигии ҳукумати яке аз тарафҳои даргир бо киштиҳои худ бар зидди флоти тиҷоратии рақиби он амалиёт мебаранд. Фаъолияти капергарӣ аз рӯи эъломияи Конгресси Париж аз 16 апрели соли 1856 манъ гардид.

ҳамаи масъалаҳои баҳснок бояд аз ҷониби комиссияи махсуси давлатҳои ҳамҳудуди онҳо ҳал гарданд. Империяи Австрия масъалае ба миён гузошт, ки Дунай низ дарёи байналхалқӣ эътироф шавад. Аммо амалӣ шудани ин қарор аз имконият берун буд, зеро ки резишгоҳи он ба князгариҳои Дунай, ки вассалҳои Туркия буданд, тааллуқ доштанд. Туркия бошад дар кори конгресси Вена иштирок надошт.

**Муносибатҳои байналхалқӣ ва масъалаи ғуломдорӣ.** Пештар аз баррасии масъалаи ҳуқуқи баҳрӣ бошад, 8 феврали 1815 иштирокчиёни конгресси Вена дар бораи манъ намудаи ғуломфурӯшӣ низ эъломияро қабул намуда буданд. Аммо дар эъломия вақти дақиқи манъкунии он зикр нашуда буд. Чунин тарз сурат гирифтани кор бо талаби Испания ва Португалия карда шуд, зеро ғуломфурӯшӣ ба онҳо даромади зиёдеро меовард. Дар конгресси Иттифоқи Муқаддас дар шаҳри Верона соли 1822 панҷ давлати иштирокчӣ ба протоколе имзо гузоштанд, ки муқаррароти Эъломияи конгресси Венаро оид ба манъ кардани ғуломфурӯшӣ тасдиқ мекард. Тарафҳо арз доштанд, ки масъалаҳои ҳалношуда оид ба ғуломфурӯшӣ (дар муносибат бо Португалия ва мустамликаҳои он)-ро ба конференсия оид ба ғуломфурӯшии Лондон пешниҳод менамоянд. Аммо конференсияи мазкур доир нашуд. Ҳамин тариқ, то охири асри XIX мустамликаҳои Португалия ҳамчун яке аз марказҳои асосии ғуломфурӯшӣ боқӣ монданд.

Соли 1814 Британия ва Франсия оид ба манъ кардани ғуломфурӯшӣ шартномаи дутарафаро бастанд. Соли 1820 ҳукумати ШМА бо пешниҳоди Британияи Кабир ғуломфурӯширо баробар ба роҳзании баҳрӣ донист. Штатҳои ҷанубии ШМА бошанд қонунӣ будани тасмими мазкурро зери суол гузоштанд. Соли 1824 Британияи Кабир ва соли 1825 Франсия низ чунин арзро карда буданд. Ин он маъноро дошт, ки агар ғуломфурӯш ҳангоми ба ин амал даст заданаш, қапида шавад, ба ӯ дар ҷояш ҳукми қатл таҳдид мекард.

Ба чорабинии манъ кардани ғуломфурӯшӣ дар сатҳи байналхалқӣ, бекор кардани ғуломдорӣ дар давлатҳои миллӣ низ илова гардид. Британия аллакай дар соли 1807 дар империяи худ ғуломфурӯширо манъ карда буд. Аммо парламенти Британия танҳо соли 1833 институти ғуломдориро барҳам дод. Соли 1848 чунин қарорро Франсия қабул намуд. Соли 1865 институти ғуломдорӣ дар ШМА барҳам дода шуд. Соли 1871 Бразилия ҳамаи фарзандони ғуломонро, ки дар қаламрави он таваллуд ёфтаанд, озод эълон кард. Ба таври қатъӣ бошад ғуломдорӣ дар Бразилия соли 1888 барҳам зада шуд. Ҳамин тавр, бар зидди падидаи номатлуб – ғуломфурӯшию ғуломдорӣ дар сатҳи байналмилалӣ чораҷӯии қатъӣ карда шуд. Аммо таъсири ғуломдорӣ бошад дар солҳои баъдина низ эҳсос мегардид.

**Ҷангҳои барбарӣ (с. 1803 – 1816).** Барқароршавии ҳуқуқи баҳрӣ имкон дод, ки бо роҳзании баҳрӣ мубориза бурда шавад. Минтақаи аз ҳама хатарнок баҳри Миёназамин монда буд, ки дар ин ҷо роҳзанҳои баҳрии Африкаи Шимолӣ – Алҷазоир, Марокаш, Триполитания (Либияи Шимолӣ), Тунис, асосан аз ҳисоби қабилаҳои барбарӣ, хатар эҷод мекарданд. Ҳокимони ин

мамлакатҳо тобеи Туркияи Усмонӣ буданд, аммо дар амал бошад сиёсати мустақилона мебурданд. Объекти асосӣ барои зарбазании онҳо киштиҳои тиҷоратии баҳрӣ гардиданд. Барои ҳамин, аксарияти давлатҳои европоӣ бо ҳокимони Алҷазоир оид ба ҳуҷумнакунӣ ба киштиҳои тиҷоратии зери байрақҳои онҳо як қатор қарордодҳо доштанд. Аммо қарордодҳои мазкур доимо вайрон карда мешуданд.

Мубориза бар зидди роҳзанҳои баҳри Миёназаминро ШМА сар карда буд. ШМА истиқлолиятро ба даст оварда, аз муносиботи қарордодӣ бо ҳокимони зери Туркияи Усмонӣ будаи Алҷазоир, Тунис ва Триполитания, ки ба киштиронии тиҷоратии Вашингтон дар минтақа таҳдид мекарданд, даст кашид. ШМА ҳар сол ба ҳокими Алҷазоир барои ҳуқуқи озодона гузаштани киштиҳо дар баҳри Миёназамин 1 миллион доллар андоз пардохт мекард. Соли 1803 маъмурияти Томас Ҷефферсон ба соҳили Триполитания эскадраи ҳарбиро фиристонд. Марокаш, Тунис ва Алҷазоир ба ба иттифоқчии худ (Триполитания) пайваста, ҳамин тавр ҷанги якуми Барбарӣ (с. 1803 – 1805) сар зад.

Ҷанг барои ШМА бо нокомӣ сурат мегирифт. Барбарҳо киштӣ (фрегат)-и америкоии «Филаделфия»-ро ишғол карданд. Дар хушкӣ бошад десанти америкоӣ бо сардории Уилям Итон, собиқ консули ШМА дар Тунис, бо ёрии қабилаҳои маҳаллӣ пошои Триполитания Юсуф Караманлиро маҷбур намуданд, ки ба сулҳ розӣ шавад. 10 июни соли 1805 байни тарафҳо шартномаи сулҳ баста шуд. ШМА розӣ шуд, ки барои озод намудани асирони ҳарбии худ 60 ҳазор долларро пардохт намояд, аммо барои озодона гузаштани киштиҳои тиҷоратии ШМА пардохт намудани андозро рад намуд. Соли 1807 Алҷазоир боз ба киштиҳои тиҷоратии америкоӣ ҳуҷум намуданро сар кард.

Дар конгресси Вена давлатҳои европоӣ ба муҳокимаи масъалаи соҳилҳои барбарӣ аз сари нав баргаштанд. Соли 1812 ҳокими Алҷазоир Умар бен Муҳаммад, бо сабаби напардохтани андози солона, бар зидди ШМА ҷанг эълон кард. Британия дар соли 1815 ба хотири ёрӣ расондан ба ШМА баромад намуда буд. Ин масъаларо императори Россия Александри I низ дастгирӣ кард, зеро роҳзанҳои баҳрии Африкаи Шимолӣ табаияти Туркияи Усмониро доштанд. Мубориза якҷоя бо роҳзании баҳрӣ шабеҳи иттифоқи зидди Усмониёнро гирифт. Франсия низ майл кард, ки назари Британияро дастгирӣ намояд, зеро дар ин самт имконияти бурдани сиёсати экспансионии худро дар Африкаи Шимолӣ медид.

Ин қарорҳо ба ҷанги дуюми Барбарӣ (1815 – 1816) оварда расонданд. 3 марти соли 1815 конгресси Вена зери фармондеҳии адмирали америкоӣ Стивен Декейтер ба соҳилҳои Алҷазоир фиристондани эскадраро дар ҳайати 10 киштӣ маъқул донист. 3 июли соли 1815 Умар бен Муҳаммад бо Стивен Декейтер шартномаи сулҳро баст. ШМА, ба ивази асирони америкоӣ ва европоӣ, ба Алҷазоир киштиҳои ғасбшуда ва асиронро баргардонд. Шартнома ба киштиҳои ШМА ҳуқуқ дод, ки аз баҳри Миёназамин озодона гузаранд.

Баъди рафтани эскадараи америкоиҳо ҳокими Алҷазоир боз шартномаро вайрон кард. Дар ҷавоб моҳи марти соли 1816 ба соҳилҳои Алҷазоир зери

фармондеҳии адмирали Британия Эдуард Пеллю эскадраи муттаҳидаи англо-голландӣ омад. 17 августи соли 1816 он шаҳри Алҷазоирро бомбаборон намуда, флоти Алҷазоирро нест кард. Ҳокими Алҷазоир шартномаи навро имзо гузошта, розӣ шуд, ки ғуломон-насрониёнро озод намояд, ба зимма гирифт, ки дигар ба асоратгирии онҳо машғул намешавад, роҳзанҳои баҳриро ҳомигӣ намекунад ва истиқлолияти ҷазираҳои Ионро ба расмият мешиносад.

Торумор намудани флоти Алҷазоир дар мубориза бар зидди роҳзании баҳрӣ гардиши куллиро ба вуҷуд овард. Султони Марокаш низ зери фишори Иттифоқи Муқаддас аз ҳомигӣ намудани роҳзанҳои баҳрӣ даст кашид. Соли 1835 империяи Усмониён Триполитанияро зери назорати худ гирифта, охирин такягоҳи роҳзаниро аз байн бурд.

Ҳамин тавр, масъалаи мазкур ҳал гардида, он боиси рушд ёфтани киштиронии тиҷоратӣ дар баҳри Миёназамин гардид[1].

**Таъсисёбии империяи дуюми баҳрии Британия.** Ба расмият шинохтани истиқлолияти ШМА аз ҷониби Лондон дар соли 1783 боиси аз даст рафтани қисмати калони империяи мустамликавии Британия гардид. Зери назорати Лондон танҳо Канада, як қатор ҷазираҳо дар Вест-Индия ва аввалин мулкҳои Ширкати Ост-Индия дар Ҳиндустон монданд. Дар адабиёти илмӣ ин ҳодисаро барҳамхӯрии имеприяи якуми Британия меноманд. Британия роҳҳои нави экспансияи мустамликадориро мекофт, ки он ба таъсисёбии империяи дуюми Британия оварда расонд. То миёнаи асри XIX панҷ заминаи империяи нави Британия шакл гирифтанд:

***1. Ҳиндустон.*** Дар аввал Британия дар нимҷазираи Ҳинудстон экспансияи худро тавассути Ширкати Ост-Индия амалӣ мекард, соли 1858 бошад Ҳиндустон ба зери идоракунии мустақими тоҷу тахти Британияи Кабир дароварда шуд.

***2. Канада.*** Соли 1791 парламенти Британия акти конститутсиониро қабул намуд, ки тибқи он Канада ба ду мустамлика: Канадаи Болоӣ ва Канадаи Поёнӣ (собиқ Квебек) ва ба ҳар кадоми онҳо пешниҳод кардани ҳуқуқи интихоб намудани парламенти худ ҷудо карда шуд. Дар Канадаи Болоӣ ҳуқуқ ва институтҳои англисӣ боқӣ монданд, дар Канадаи Поёнӣ (собиқ Квебек) бошад қоидаи франсузӣ ҷорӣ гардиданд ва имтиёзҳои калисои католикӣ низ кафолат дода шуданд. Аммо соли 1840 дар алоқамандӣ бо исёну ошӯбҳо дар Канадаи Поёнӣ парламенти Британия ҳар ду қисмро дар Канадаи Муттаҳида якҷо карда, ҳуқуқи канадагиҳои франсузтаборро маҳдуд кард.

Аз 1 июли соли 1867 «Санад дар бораи Америкаи Шимолии Британия», ки онро парламент қабул карда буд, ба ҳукми қонун даромад. Мувофиқи он доминиони Канада таъсис дода шуд, ки аз чор мустамликаи британӣ иборат буд: Онтарио ва Квебек, Канадаи Муттаҳида, Ню-Брансуик ва Шотландияи Нав. Ҷазираҳои Нюфаундленд ва Шоҳзода Эдуард бошанд соли 1871 ба ҳайати Канада даромаданд. Канада ҳуқуқ гирифт, ки ҳукумати худро ташкил

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 334 – 335.

диҳад, гарчанде ки расман сардори он шоҳи Британия буда, ӯро генерал-губернатор намояндагӣ мекард. Аммо амалан аз ин вақт сар карда, зуҳурёбии давлати мустақили Канада оғоз гардид. Ин воқеа баъди он ки ШМА Аляскаро аз Россия харид кард, барои нигоҳ доштани балanси қувваҳо, сурат гирифт.

***3. Австралия.*** Соли 1788 капитан А. Филипп дар ҷануб-шарқии қитъа аввалин мустамликаи Британия – Уэлси Нави Ҷанубиро таъсис дода буд. Британияи Кабир ба қитъа номи Австралияро гузошт. То ин дам бошад ҷазираи Тасмания ва Австралия бо номи Голландияи Нав ёд мешуданд. Солҳои 1828 – 1829 Лондон системаи идоракунии қитъаро аз нав созмон дод: Австралияи Ғарбӣ мулки Британия эълон гардид ва аз ҳисоби Уэлси Нави Ҷанубӣ мустамликаҳои Австралияи Ҷанубӣ (с. 1836), Виктория (с. 1856) ва Квинсленд (с. 1859) таъсис дода шуданд.

Соли 1825 бошад аз ҳисоби ҷинояткорон ва собиқ бадарғашудагон аввалин муҳоҷиркунӣ, аммо иҷбории аҳолӣ ба ин қитъа сар шуд. Сиёсати муҳоҷиркунии иҷборӣ ба ин қитъа то соли 1848 идома ёфт. Соли 1851 дар Австралия конҳои тилло кашф гардида, он боиси ба қитъа ҳиҷарт намудани аҳолии зиёд гардид.

То ибтидои асри XIX Австралия аз шаш мустамликаи аз ҳамдигар мустақил иборат буд: Уэлси Нави Ҷанубӣ, Виктория, Тасмания, Квинсленд, Австралияи Ҷанубӣ ва Австралияи Ғарбӣ. 1 январи соли 1901 мустамликаҳо ба федератсияи Иттифоқи Австралия муттаҳид шуданд. Соли 1907 он статуси доминиони империяи Британияро гирифт[1].

***4. Зеландияи Нав.*** Ин ҷазираро низ ба монанди Австралия баҳрнаварди голландӣ Абел Тасман дар соли 1642 кушод. Таваҷҷӯҳ ба он баъди дуюмбора аз ҷониби Ҷ. Кук дар соли 1769 кашф шудани он зиёд гардид. Соли 1788 губернаторгарии Уэлси Нави Ҷанубӣ Зеландияи Навро ба ҳайати худ дохил кард. Аммо дар Зеландияи Нав қабилаҳои таҳҷоии маориҳо Конфедератсияи қабилавии худро доштанд. Ба Британия лозим омад, ки муносибатҳои худро бо онҳо ба роҳ монад. Франсия низ соли 1835 ба ҷазираи мазкур қувваҳои худро фиристонд. Конфедератсияи қабилаҳои маори ба шоҳи Британия Вилгелми IV (с. 1830 – 1837) оид ба ҳимоя намудани онҳо аз Франсия эъломияро фиристонд. Британия ба Зеландияи Нав миссияи капитан Уилям Гобсонро фиристонд, ки вай 6 феврали соли 1840 дар мавзеи Вайтанги бо конфедератсияи қабилаҳо шартнома баст. Ҳамин тавр, Зеландияи Нав ба зери идоракунии Британия даромад. Қабилаҳо бошанд ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии худро ҳифз карданд ва ҳомигии Британияро низ ба даст дароварданд. Британия бошад барои харид кардани заминҳои онҳо ҳуқуқи комилро гирифт. Соли 1841 Зеландияи Нав ба мустамликаи алоҳидаи Англия табдил

[1]Доминион аз лотинии dominium – мулк, қаламрав, соҳибкунӣ буда, – мустамликаи худидоракунанда дар ҳайати империяи Британия буд, ки монархи Британияро сардори давлат эътироф менамояд, ки ӯро дар доминион генерал-губернатор намояндагӣ мекард.

дода шуда, соли 1907 бошад статуси доминиони империяи Британияро гирифт[1].

***5. Кап (Африкаи Ҷанубӣ).*** Дар Африкаи Ҷанубӣ дар асри XVII мустамликаи на он қадар калони Кап аз тарафи ширкати нидерландии Ост-Индия таъсис дода шуд. Аҳолии онро, ғайр аз таҳҷоиҳо, инчунин бурҳо (африканерҳо) – ворисони аҳолии аз Голландия ба ин минтақа омада ташкил медоданд. Дар охири асри XVIII Британия мустамликаи мазкурро забт кард. Мувофиқи қарорҳои конгресси Вена аз соли 1815 мустамликаи Кап аз они Англия эътироф гардид. Барои мустаҳкам намудани назорати худ дар ин минтақаи муҳими стратегӣ Лондон сиёсати муҳоҷиркунии аҳолиро аз Англия ба мустамликаи мазкур ба роҳ монд. Ҳукуматдорони мустамликавӣ ба муҳоҷирони англисӣ баъзе имтиёзҳоро доданд ва забони англисӣ бошад дар мустамлика расмӣ эълон карда шуд. Ҳамин тавр, бурҳо, ки дар навбати худ аҳолии таҳҷоиро истисмор мекарданд, ба тангшавии мавқеи худ аз ҷониби маъмурияти мустамликавии Англия дучор гардиданд. Хусусан норозигии бурҳо бо сабаби барҳам задани ғуломдорӣ дар мустамлика дар соли 1834 боз ҳам зиёдтар гардид. Норозигии бурҳо дар баромадани аҳолӣ аз мустамликаи Кап ба шимол ва шарқ ба заминҳои «озод»-и Африка таҷассум меёфт. Муҳоҷират соли 1835 сар шуда, бурҳо муқобилияти қабилаҳои африкоиро шикаста, заминҳои онҳоро ишғол карданд. Дар ин минтақаҳои ишғолӣ дар миёнаи асри XIX ду ҷумҳурии мустақили бурҳо таъсис ёфтанд. Соли 1852 Англия истиқлолияти Ҷумҳурии Трансваал ва соли 1854 истиқлолияти Ҷумҳурии Норанҷиро ба расмият шинохт.

Маъмурияти мустамликавии Кап бошад дар навбати худ ба забткунии заминҳои нав камар баста, аз соли 1811 то соли 1858 англисҳо бар зидди қабилаҳои африкоӣ 6 ҷанги забткоронаро бурданд. Ҳамин тавр, дар солҳои 1848 – 1850 қаламрави мустамликаи Кап ду маротиба зиёд гардид. Ҳамзамон шумораи аҳолии англистабори мустамлика низ афзуд. Соли 1867 бошад конҳои алмос кашф гардида, ин воқеа низ суръати муҳоҷиратро тезонд. Аз миёнаи асри XIX Британия розигӣ дод, ки дар мустамликаи мазкур мақомоти намояндагӣ таъсис дода шаванд. Соли 1872 бошад ба мустамликаи Кап ҳуқуқи худидоракунии дохилӣ дода шуд.

Худидоракунии дохилиро ба даст дароварда, ҳамзамон мустамликаҳои Англия барои истиқлолият талош намекарданд. Ин якчанд сабабҳои худро дошт. Аз ҳама асосаш буржуазияи маҳаллӣ ба алоқаҳои зичи иқтисодӣ доштан бо метрополия ниёз дошт. Доираи ҳукмрони мустамликаҳо низ ба нигоҳ доштани алоқаҳои сиёсӣ бо метрополия манфиатдор буданд, зеро он кафили таъмин намудани бехатарии мустамликаҳо аз дастдарозии дигар империяҳои мустамликадор буд. Дар Зеландияи нав бошад доираи ҳукмрон барои хобондани муқобилияти қабилаҳои маори ба дастгирии метрополия эҳтиёҷ доштанд, дар мустамликаи Кап бошад барои зери асорат нигоҳ до-

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 335 – 337.

штани аҳолии африкоӣ қувваи Лондон лозим буд. Барои худи Британия низ аз даст рафтани 13 штат дар Америка дарси ибрат гардида, аз ин пас Лондон нисбат ба мустамликадорони мустамликаҳои худ сиёсати хушоҳангу моҳиронаро пеш гирифта буд. Акнун Англия низ аз сиёсати гузашткунӣ ва созиш истифода мекард. Ҳамаи ин боиси он гаштанд, ки мустамликаҳо дар ҳайати империяи мустамликавии Британия монданд ва метрополия бошад тавонист, ки ба андозаи зиёд назорати иқтисодӣ ва сиёсии худро аз болои онҳо ҳифз нигоҳ дорад[1].

**Таъсисёбии империяи мустамликавии Франсия.** Баъди ба охир расидани ҷангҳои Наполеонӣ Франсия низ мисли Британия дар як ҳолати бад қарор дошт. Империяи якуми мустамликадории Франсия низ амалан аз даст рафт. Дар конгресси Вена Британияи Кабир ва Португалия ба Франсия поёноби дарёи Сенегалро дар Африкаи Ғарбӣ, як қатор ҷазираҳои баҳри Кариб ва Гвианаи Франсузӣ дар Америкаи Ҷанубиро гардонда доданд. Барои ҳамин Франсия низ ба монанди Британия дар се самт экспансияи мустамликавии худро оғоз намуд.

***1. Баҳри Миёназамин.*** Ҷангҳои барбарӣ экспансияи европоиҳоро дар соҳилҳои Африкаи Шимолӣ қонунӣ гардонданд. Соли 1827 ҳукумати шоҳ Карли X бо баҳонаи таҳқир дидани консули генералии Франсия аз ҷониби ҳокими Алҷазоир ба қаламрави ин мамлакат воридшавиро сар кард. Франсузҳо зуд нуқтаҳои аҳолинишини наздисоҳилиро зери назорати худ гирифтанд, аммо дар дарунтари хоки Алҷазоир бо муқвимати сахти аҳолӣ бархӯрданд. Дар натиҷаи ҷанги якуми Франсия ва Марокаш соли 1844 ҳукумати Луи Филипп Марокашро маҷбур намуд, ки аз дастгирӣ намудани исёнгарон даст кашад. Соли 1848 Алҷазоир расман мулки Франсия эълон гардид.

***2. Ҷанубии уқёнуси Ором.*** Мустамликакунии минтақаи мазкур ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри XVIII аз ҷониби ҳукумати Людовики XVI ба назар гирифта шуда буд. Соли 1842 Франсия протекторати худро аз болои Таити ва ҷазираҳои ҳамсоя Туамоту, Тубуаи, Маркиз таъмин намуд. Соли 1853 ба мулкҳои Франсия Ҷазираи Каледонияи Нав низ ҳамроҳ карда шуд.

***3. Ҳиндухитой.*** Воридшавии Франсия ба ин минтақа низ дар давраи Людовики XVI сар шуд. Аммо соли 1802 император Нгуен Фук Ант минтақаҳои Аннам ва Тонкинро дар як давлати Дайвет муттаҳид намуд. Соли 1835 дар мамлакат ибодати дини насронӣ манъ карда шуд. Шоҳи Франсия Луи Филипп (1830 – 1848) ба флоти Франсия супориш дод, ки ба миссионерони насронӣ дар Ветнам ёрӣ расонанд.

Баъди бастани сулҳи Тянсзин бо Хитой дар рафти ҷангҳои афюнӣ, соли 1858 императори Франсия Наполеони III қарор кард, ки қисми лашкарро ба Ҳиндухитой интиқол диҳад. Ин амал ба ҷанги Якуми франко-ветнамӣ (с. 1858 – 1862) оварда расонд. 5 июни соли 1862 Франсия ва Дайвет шартномаи сулҳи

---

[1]История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. С. 133 – 134.

Сайгонро бастанд. Франсия се музофоти ҷанубии Ветнам (Зядин, Динтионг, Бенхоа) ва ҷазираҳои Кондаоро ба даст даровард, ки онҳо мустамликаи французии Кохинхинаро ташкил доданд. Дайвет, инчунин ба Франсия ба маблағи 20 миллион франк тавони ҷангӣ дода, ба миссионерони католикӣ иҷозати фаъолият намуданро дод ва дар дарёи Меконг бандарҳои Дананг, Балак ва Куанганро барои тиҷорат кушод. Ҳамзамон Дайвет ба Франсия ҳуқуқ ба Камбоҷаро низ дод. Аммо тасдиққунии шартнома кашол дода шуд, амалиётҳои ҳарбӣ боз сар заданд ва соли 1867 ветнамиҳо маҷбур шуданд бо Франсия шартномаи аз ин ҳам нобаробартарро имзо намоянд.

Камбоҷа низ аз экспансияи Сиам хавф бурда, ба Франсия наздик шуд. 11 августи соли 1863 байни тарафҳо шартнома баста шуд, ки тибқи он Камбоҷа протекторати Франсия эълон гардид. 1 декабри соли 1867 бошад Сиам протекторати Франсияро аз болои Камбоҷа ба расмият шинохт, дар ҷавоб ба ин Франсия розӣ шуд, ки ду музофоти ғарбии камбоҷӣ ба Сиам ҳамроҳ карда шаванд.

Соли 1874 Франсия протекторати худро аз болои Аннам (Ветнами Марказӣ) эълон намуд. Солҳои 1883 – 1886 бошад бо мақсади тобеъ намудани Тонкин (Шимолии Ветнам) ҷангди Дуюми франко-ветнамӣ сар шуд. Тибқи шартномаи сулҳи 6 июни соли 1884 ин қисмат ҳам протекторати Франсияро пазируфт.

Ҳамзамон ҷанги Франсия бо Хитой (с. 1884 – 1886) гузашт. Дар натиҷа 9 июни соли 1885 Хитой Ветнамро зери доираи таъсири Франсия эътироф намуд. Соли 1904 Франсия ва Сиам шартномаи навро бастанд, ки тибқи он ба мулкҳои Лаоси Франсия заминҳои дар соҳили ғарбии Меконг буда, ҳамроҳ карда шуданд. Аммо Британия роҳ надод, ки Франсия Сиамро ба мустамликаи худ табдил диҳад ва истиқлоияти онро ҳифз намуд, то ки миёни Бирмаи Англия ва Ҳиндухитойи Франсия ҳамчун зонаи буферӣ монад. Соли 1887 мулкҳои Франсия ба Иттифоқи Ҳиндухитой муттаҳид карда шуданд[1].

**Тақсимоти Африка аз ҷониби давлатҳои бузург.** Дар нимаи дуюми асри XIX захира барои эспансияи мустамликадорӣ қаламрави Африка монда буд. То ин дам мулкҳои европоиён дар Африка ҳудудҳои танги соҳилиро дар бар мегирифтанд. Дар Шимоли қитъаъ мустамликаи Франсия Алҷазоир буд. Дар Ғарб португалиҳо Анголаро назорат мекарданд, французҳо бошад мавзеъҳои наздисоҳилии халиҷи Гвинеяро соҳибӣ мекарданд. Дар Ҷануби қитъа Британияи Кабир мустамликаи Капро дар ихтиёр дошт, ки он ба англисҳо имконият медод димоғаи Умеди Некро назорат намоянд. Дар ҳамин ҷо, инчунин ду мустамликаҳои бурҳо, ки аз ҷониби ворисони аввалин мустамликадорони голланду немис ва французӣ бунёд ёфтанд, ҷойгир буданд.

Мубориза барои Африка аз 12 майи соли 1881, замоне ки Франсия ба империяи мустамликавии худ Тунисро ҳамроҳ намуд, сар шуд. Дар саҳнаи зикршуда шартномаи Франсия ва Тунис оид ба таъмин намудани протекторати

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 338 – 339.

Париж аз болои Тунис ба имзо расида буд. Англисҳо бетарафӣ зоҳир намуда, бар зидди аз ҷониби Франсия истило гардидани Тунис эътироз баён накарданд, бо ҳамин рафтори худ Лондон, розигии Парижро дар самти аз ҷониби Британия истило намудани Миср дар соли 1882 ба даст овард[1].

Баъди ин, тақсим намудани Африкаи Марказӣ сар шуд. Соли 1876 шоҳи Белгия Леополди II (с. 1865 – 1909) таъсис додани Асотсиатсияи байналхалқии Конгоро иҷозат дод. Амалан бошад он мустамлика набуд, балки ширкати тиҷорате буд, ки ба коркарди чӯб ва ковтукови канданиҳои фоиданок машғул буд. Дар соҳили шимолии Конго бар зидди ширкати мазкур таҳқиқотчии франсузӣ Пер Саворнян де Броза (с. 1852 – 1905) ба рақобат даромад, ки дар соли 1885 форти Браззавилро бунёд гузошт. Британияи Кабир бар зидди манфиатҳои Белгия иддаои Португалияро ба резишгоҳи дарёи Конго дастгирӣ намуд[2].

Аммо барои ҳамаи давлатҳои европоӣ ногаҳонӣ шуд, ки ба низоъ канслери Германия Отто фон Бисмарк дахолат намуд. 24 апрели соли 1884 ӯ ба Франсия пешниҳод намуд, ки бар зидди Британия иттифоқи давлатҳои бетараф ташкил карда шавад. Худи ҳамон рӯз консули Германия дар Кейптаун эълон намуд, ки консессия дар Африкаи Ҷанубӣ зери ҳимояи Германия қарор дорад. Британия маҷбур шуд, ки гузашт намояд ва масканҷойҳои немисиро дар Африкаи Ҷанубӣ эътироф намуд ва аз додани консессия ба Португалия даст кашид. Августи соли 1884 Британия ҳамаи территорияҳои байни мустамликаи Кап ва Африкаи Ғарбии Португалияро ҳамчун мулкҳои дар ихтиёри Германия буда, ба ғайр аз анклав бо бандари Уолфиш-Бей, ба расмият шинохт.

***Конференсияи Берлин оид ба Африка.*** 15 ноябри соли 1884 дар Берлин дар масъалаи ба низом даровардани низоъ дар ҳавзаи дарёи Конго зери роҳбарии Отто фон Бисмарк Конференсия (конференсия оид ба Африка)-и байналхалқӣ кушода гардид. 26 феврали соли 1885 конференсия Санади генералиро қабул намуд, ки дар он на танҳо қонунӣ будани забткориҳои мустамликавӣ дар Африка эътироф карда шуданд, инчунин бори нахуст ӯҳдадориҳои давлатҳо дар самти сиёсати ҷорикарда ва чорчӯбаи доираи таъсирашон ба расмият дароварда шуд. Дар масъалаи агар давлате, ки қодир нест мустақилона бойгарии мустамликаро аз худ намояд ва дар ин самт мушкилӣ ба вуҷуд ояд, дар конференсия ба хулосае омаданд, ки пас дигар давлатҳо ва карателҳо ба фаъолияти иқтисодӣ дар ин қаламравҳо роҳ дода шаванд. Ҳамзамон бузургдавлатҳои мустамликадор дар конференсия Берлин ӯҳдадор карда

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 323 – 324.
[2]История стран Азии и Африки в новое время. М.: Издательство Московского университета, 1971. С. 594.

шуданд, ки оид ба ҳифз нигоҳ доштани аҳолии таҳҷоии мустамликаҳо чораҷӯӣ намуда, ҳолати рӯҳонӣ ва модддии аҳолии бумиро беҳтар намоянд[1].

Натиҷаҳои конференсияи Берлин тақсим намудани Африкаро тезонданд. Дар Африкаи Ғарбӣ ва Марказӣ дастовардҳои зиёд бештар насиби Франсия гаштанд, ки ба ҳайати он Соҳили Оҷ (Кот-д Ивуар), Волтаи Болоӣ (Буркина-Фасо), Гвинея, Дагомея (Бенин), Мавритания, Нигер, Сенегал, Судони Франсузӣ (Мали) ворид шуданд. Соли 1910 Франсия Африкаи экватории Франсияро таъсис дод, ки ба ҳайати он Габон, Конгои Миёна (Ҷумҳурии Конго), Убанги-Шари (ҳозира Ҷумҳурии Африкаи Марказӣ), Чад дохил шуданд. То соли 1895 Франсия назорати худро аз болои ҷазираи Мадагаскар низ барқарор намуд[2].

Аз Франсия дида, кори Британия дар ин самт камтар барор гирифт. Ҳанӯз солҳои 70-уми асри XIX протекторати Британия аз болои Занзибар (имрӯз қисми Танзания) таъмин карда шуд. Тибқи шартномаи дутарафаи байни ҷонибҳо аз 1 июли соли 1890, Германия ҳуқуқи Британияро аз болои Буганду (имрӯза қисми Уганда) бо минтақаҳои наздик ба он ва Кения эътироф кард. Британия бошад ба ивази он ҷазираҳои Гелголандро дар баҳри Шимолӣ гузашт намуда, инчунин Танганикаро ҳамчун мустамликаи Германия ба расмият пазируфт. Дар оянда бошад Британия ҳамон сиёсатеро пеш бурд, ки дар Америкаи Шимолӣ дар асри XVII бурда буд, яъне ба ширкатҳои хусусӣ, ба хотири ҳуқуқи амалӣ намудани сиёсати худ, иҷозатномаҳоро медод. Асоситаринашон байни ширкатҳои мазкур «Ширкати Нигерия», «Ширкати Африкаи Шарқии Британия» ва «Ширкати Африкаи Ҷанубии Британии» гардиданд.

Ҳамзамон Британия аз Шимол ба Ҷануб ҳаракат намуда, Судонро, ки расман ба Миср тааллуқ дошт, зери доираи таъсири худ гирифт. Баъди низову ҷанг 19 январи соли 1899 Британияи Кабир ва Миср оид ба якҷоя идора кардани Судон (кондоминиуми англо-мисрӣ) шартнома бастанд[3]. Солҳои 1890 – 1896 сардори мустамликаи англисии Кап С. Родс лоиҳаеро пешниҳод намуд, ки тибқи он бояд мустамликаҳои шимолӣ ва ҷанубии британӣ дар Африка, аз Қоҳира то Кейптаун ба ҳам пайваст мегардиданд. Ҳатто сохтмони роҳи оҳани байниқитъавӣ: Кейптаун – Қоҳира – Калкут ба нақша гирифта шуда буд, ки он айни замон ҳам амалӣ нашуда истодааст.

Экспансияи Италия низ дар Африка он қадар хуб барор нагирифт. Солҳои 80-уми асри XIX Италия дар соҳилҳои баҳри Сурх минтақаҳои Асэба ва Массауаро ишғол намуд. Мулкҳои италянӣ дар соҳили баҳри Сурх дар мустамликаи Эритрея муттаҳид гардонда шуданд. Аммо дар рафти Ҷанги Италия ва Эфиопия (с. 1894 – 1896) дар моҳи марти соли 1896 италиягиҳо дар

---

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 325 – 326.

[2]История стран Азии и Африки в новое время. М.: Издательство Московского университета, 1971. С. 603.

[3]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 345.

муҳорибаи назди Адуа шикаст хӯрданд. Негус (император)-и Эфиопия Менелики II (1889 – 1913) аз Италия ба расмият шинохтани истиқлолияти давлатии худро ба даст даровард. Ҳамин тавр, Эфиопия (Ҳабашистон) амалан ягона давлати мустақил дар Африка боқӣ монд. Дар давраи тақсим намудани Африка байни абарқудратҳо якчанд бӯҳронҳо сар заданд, ки бӯҳрони Фашода (1898), бӯҳронҳои Марокаш (1905 – 1911), инчунин ҷанги англо-бурӣ (1899 – 1902) аз қабили онҳоянд, ки дар муносиботи байналхалқӣ таъсиргузор буданд. Бурҳо ворисони мустамликадорони аввалини голландӣ, немис ва француз буданд, ки дар Африкаи Ҷанубӣ ҳаёт ба сар мебурданд

Хулоса, то соли 1902 европоиҳо 90% қаламрави Африкаро зери назорати худ гирифтанд. Танҳо Либерия (ки таҳти ҳимояи ШМА буд) ва Эфиопия (Ҳабашистон) мустақил монданд.

***Бӯҳрони Фашода (с. 1898).*** Тақсимкунии Африка ба низои бузургдавлатҳои мустамликавӣ – Британия ва Франсия оварда расонд. Маъмурияти мустамликавии Франсия, ки дар Африкаи Экваторӣ ба муваффақиятҳо даст ёфт, хост, ки он сӯ ба Шарқ, бо мақсади баромадан ба халиҷи Аден дар укёнуси Ором, ки дар он ҷо дар Ҷибута поёгоҳи ҳарбии французҳо мустақар буд, ҳаракат намояд. Ин ба Париж имконият медод, ки қаламравҳои мустамликавии худро дар Африка, аз Сенегал сар карда, то Сомали бо ҳам бипайвандад. Дар моҳи марти соли 1897 капитани францусзӣ Жан Батист Маршан бо дастаҳои худ аз шаҳри Браззавил (Конгои Франсия) бо ду киштӣ тавассути дарёи Конго ба боло ба ҳаракат даромада, 10 июли соли 1898 французҳо маҳалли судонии Фашода (имрӯза шаҳри Кодок)-ро дар резишгоҳи болоии Нил ишғол карданд. Фаъолшавии французҳо дар болооби Нил Лондонро нороҳат намуд. Аз даст додани қаламрави мазкур маънои онро дошт, ки нақшаи С. Родс (роҳбари мустамликаи англисии Кап), яъне шароити қуллайи созмон додани камарбанд миёни мустамликаҳои британии миёни Қоҳира ва Кейптаун ҷойгирбударо аз байн мебурд. Сентябри соли 1898 дастаи британӣ зери фармони Г. Китченер Фашодаро дар муҳосира гирифт. Сардори дастаи ҳарбии англисӣ аз капитани францусзӣ Жан Батист Маршан талаб намуд, ки водии Нилро тарк намояд, дар ҳолати иҷро накардани амри мазкур, бар зидди онҳо тир холӣ карда мешавад. Дар ҷавоб Жан Батист Маршан гуфт, ки Фашодаро бе фармони ҳукумати худ тарк намекунад. Дар назди Франсия акнун бурдани ҷанг бар зидди Британия меистод. Аз ҷиҳати назариявӣ Франсия метавонист дар Судон зидди Британия мардумро ба исён хезонда, бо Ҷумҳуриҳои Бурҳо иттифоқро бандад. Аммо Франсия дар Африка нисбат ба Британия қувваҳои ҳарбӣ-баҳрии камшумор дошт ва дар Африкаи Шарқӣ бошад дастаҳои калони ҳарбиро надошт. Дар ҳамин вақт Россия дар Шарқи Дур сиёсаташро фаъол гардонд ва сиёсату рафтори Германия низ маълум набуд, ки он дар ҳолати сар шудани ҷанги франко-англисӣ чи тавр рафтор менамояд, мумкин аз ин ҷанг истифода намуда, дар Европа ба Франсия зарба расонад.

Ҳамин тавр, Франсия майл ба миёнаравӣ намуда, 3 ноябри соли 1898 аз Париж ба капитан Жан Батист Маршан фармон доданд, ки Фашодаро тарк

намояд. 21 марти соли 1899 ҷонибҳо дар Париж оид ба Африка созишномаро имзо гузоштанд, ки тибқи он Франсия ҳуқуқи қатъию ягонаи Британия нисбат ба водии Нилро ба расмият шинохт, Британия бошад дар навбати худ ҳуқуқи Франсияро дар ҳамаи музофотҳои ғарбии Судон эътироф намуд. Судони Шарқӣ бошад мулки якҷояи Британия ва Миср эълон гардид.

Бӯҳрони Фашода аз он вақт сар карда, то ҳозир, охирин низои ошкоро байни Британия ва Франсия гардид. Дар назди ҳукумати Франсия интихоб меистод ё ба низоъ бар зидди Британия равон гардад, ки он аз Париж талаб менамуд муносиботро бо Германия муътадил намояд, яъне аз умеду орзуҳо ба хотири интиқом гирифтан аз натиҷаҳои ҷанги Франсия ва Пруссия даст кашад ё ки ихтилофоти мустамликавии худро бо империяи Британия, ба хотири якҷоя амал намудан бар зидди Берлин, муътадил гардонад. Ҳукумати ҷумҳурии Сеюм бо Лондон наздикшавиро дурусттар донист ва онро интихоб намуд. Натиҷаи созиши Фашода барои таъсисёбии антантаи Британия ва Франсия заминаи мусоид гузошт.

**Экспансияи мустамликавии империяи Германия.** Баъди таъсисёбии империяи Германия дар соли 1871 дар мамлакати мазкур ду гурухи муайянкунандагони сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд омаданд. Як гурӯҳ бо сарварии канслери империя Отто Фон Бисмарк бо сабаби надоштани мустамликаҳо аз он сӯи уқёнус ва ҳатто флоти тавонои баҳрӣ, бар зидди сиёсати мустамликадорӣ бa-ромад мекарданд. Гурӯҳи дигар тарафдори сиёсати мустамликадории Германия буданд, ки мехост барои саноати мамлакат бо роҳи сиёсати мустамликакунӣ ашёи хомро таъмин намоянд, ки дар сари гурӯҳи мазкур саноатчиён меистоданд. Ҳамин тавр, соли 1882 «Ҷамъияти мустамликавии Германия» зуҳур намуд.

Аввалин мустамликаҳои немисӣ дар Африка бо ташаббуси хусусии ашхоси алоҳида ба вуҷуд омаданд. Соли 1884 соҳибкор аз шаҳри Бремен А. Людеритс аз доҳиёни маҳаллии Африка ба ивази даҳчанд фунт стерлинг ва 260 дона милтиқҳои кӯҳна қаламраверо харид намуд, ки он дар адабиёти илмӣ бо номи «Африкаи Ҷануб-Ғарбии Германия» (ҳозира Намибия) зикр мешавад[1]. Соҳибкори дигар А. Верман низ ҳамон сол дар Африка ду мустамликаи дигар – Того ва Камерунро ба даст овард. Соли 1885 сардори «Ҷамъияти мустамликавии Германия» К. Петерс «Африкаи Шарқии Германияро», ки қисми қитъавии Танзания, Руанда ва Бурундии ҳозираро фаро гирифта буд, харидорӣ намуд[2].

Германия, инчунин кӯшиш мекард, ки мавқеи худро дар самти уқёнуси Ором мустаҳкам намояд. Соли 1885 дар Океания ба зери ҳукмронии Германия Гвинеяи Нави Германия ва ҷазираҳои Бисмарк даромаданд. Баъд немисҳо Науру, Палау, қисми Самоа, ҷазираҳои Мариан, Каролин ва Маршалро

[1]История стран Азии и Африки в новое время. М.: Издательство Московского университета, 1971. С. 585.
[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 346.

ишғол намуданд. Экспансия дар ин самт Германияро қариб, ки ба ҷанг бо ШМА оварда расонад.

Вазъият баъди соли 1888 тағйир ёфт, замоне ки ба тахт набераи Вилгелми I Вилгелми II (с. 1888 – 1918) омад. Ӯ мехост, ки Германияро ба бузургдавлати ҷаҳонӣ табдил диҳад, ки дорои флоти пурзӯр ва мустамликаҳои калон бошад. Чунин ранг гирифтани вазъият боиси баҳси ӯ бо Бисмарк гардид, ки дар натиҷа соли 1890 канслер ба истеъфо рафт. Курси сиёсати Вилгелми II ба худ номи «Сиёсати ҷаҳонӣ»-ро гирифт. Муаллифи он Бернгард фон Бюлов (с. 1849 – 1929) буд, ки аввал мансаби вазири корҳои хориҷӣ (с. 1897 – 1900) ва баъд канслери Германия (с. 1900 – 1909)-ро дар ихтиёр дошт. «Сиёсати ҷаҳонӣ» – ин консепсияи сиёсати берунии Германия дар солҳои 1897 – 1914 буд, ки сохтмони флоти уқёнусӣ ва амалӣ намудани сиёсати фаъоли экспансиониро дар назар гирифта буд. Мафҳуми мазкуро набояд бо мафҳуми муосири америкоӣ «сиёсати ҷаҳонӣ» ҳамчун қисми илм дар бораи муносибатҳои байналхалқӣ омехта карда, як донист.

Аммо Германия дар тақсимоти территориявии Ҷаҳон дер кард. Бюлов ба ин назар буд, ки мамлакати ӯ бояд дигар давлатҳоро маҷбур намояд, ки ҳуқуқи онро оид ба таъсис додани империяи мустамликадорӣ эътироф намоянд. Ӯ дар нутқи худ дар Рейхстаг аз 6 декабри соли 1897 иброз дошта буд, ки он даврае, ки дигар халқҳо байни худ замин ва обро тақсим карда, немисҳо бошанд ба як ҳавои тоза қаноат карданд, акнун гузашт. Бо як гап мо намехоҳем, ки ягон касро дар зери пушти соя монем, аммо барои худ ҳам зери офтоб ҷой талаб менамоем. Нутқи канслер аз ҷониби дигар давлатҳо ҳамчун иддаои Германия ба тақсим намудани ҷаҳон маънидод карда шуд.

Ҳукумати Германия хост, ки деркунии худро дар Шарқи Наздик аз ҳисоби сохтмони роҳи оҳани Берлин – Бағдод, ки тавассути шаҳрҳои Берлин – Вена – Константинопол – Бағдод – Басра – Қувайт мегузашт, ҷуброн намояд. Лоиҳаи роҳро соли 1872 муҳандиси немис Вилгелм фон Прессел кор карда буд, ки дар он вақт вазифаи мудири роҳи оҳани Румелияро дар Империяи Усмонӣ ба зимма дошт. Соли 1898 императори Германия Вилгелми II дар Константинопол бо султони империяи Туркия Абдулҳамиди II вохӯрда, оид ба сохтмони он гуфтушунидро сар кард. Императори Германия, инчунин дар Димишқ нутқ эрод карда гуфт, ки «сесад миллион мусулмон дар тамоми ҷаҳон метавонанд маро дӯсти худ донанд». Соли 1899 роҳбари бонки Германия Г. фон Сименс шартномаи пешакиро оид ба консессияи сохтмон ва истифодабарии магистрали асосии роҳи оҳани ояндаи Бағдод, аз шаҳри Қуния тавассути Бағдод то халиҷи Форсро имзо гузошт[1].

Интихоб намудани Осиёи Наздик ба сифати объекти экспансияи худ аз ҷониби Германия аз алоқамандии деринаи Германия бо ин минтақа вобастагӣ дошт. Ҳанӯз соли 1829 дар Берлин Институти археологии Германия

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 347.

таъсис дода шуд, ки он дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ амал мекард. Олимони немис (К. Р. Лепсиус, Г. Бругш, А. Эрман) дар самти омӯзиши мисршиносӣ дар ҷаҳон ба мақоми аввал баромаданд. Бостоншиносони немис дар ковишҳои шаҳри Троя (с. 1871 – 1873), Микен (с. 1876), ва Тиринф (с. 1884) нақши муҳим бозӣ карданд. Бостоншиноси немис дар таҳқиқи Байнаннаҳрайн низ ба пешравӣ ноил гаштанд. Соли 1901 бошад дар Берлин Осорхонаи Пергам кушода шуд, ки дар он ёдгориҳои мадании Ошур, Бобул, Форс ва Хетт ба намоиш гузошта шуда буданд.

Бар зидди сохтмони роҳи оҳани Берлин – Бағдод Британия баромада, хост, ки Кувайтро аз империяи Усмониён, ки зери протекторати он буд, ҷудо намояд. Соли 1896 дар Қувайт табаддулот гузаронда шуд, ки дар рафти он шайх Муҳаммад кушта шуда, ба сари қудрат одами наздик ба Лондон, шайх Муборак омад. Соли 1897 дар Қувайт базаи ҳарбӣ-баҳрии Британия ҷойгир карда шуд, ки он норозигии империяи Усмониро ба вуҷуд овард. 23 январи соли 1899 байни Қувайт ва Британияи Кабир шартнома баста шуд, ки тибқи он назорат аз болои сиёсати хориҷии Қувайт ва бехатарии он ба Лондон гузашт. Чунин равиши кор роҳ ба сӯи баромадан ба халиҷи Форсро барои Берлин баста, муҳимияти роҳи Берлин – Бағдодро зери суол гузошт[1].

Германия кӯшиш намуд, ки бар зидди амалҳои Британия бо Франсия забон ёбад. Дар натиҷаи шартномаи франко-германӣ аз 6 майи соли 1899 ба сохтмони роҳ сармояи франсузӣ низ ҷалб карда шуд. Соли 1903 Ҳукумати Туркияи Усмонӣ ва ширкати махсусе, ки аз ҷониби бонки Берлин ва бонки Вюртемберг таъсис дода шуда буд, оид ба сохтмони роҳи оҳан консессияро ба расмият даров箭варданд. Аммо бе иштироки Қувайт роҳ аҳамияти стратегии худро аз даст дода буд. Барои ҳамин то соли 1914 танҳо қисматҳои алоҳидаи он сохта шуданду халос.

Дар охири ҷамъбасти мавзӯи системаи империяҳои мустамликадор дар муносиботи байналмилалӣ қайд кардан зарур аст, ки давлати дигаре, ки дар давраи колониализм фаъол буд, ин Россия мебошад. Россия Осиёи Миёнаро ба мустамликаи худ табдил дод. Аммо, дар давраи мустамликадорӣ Россия натавонист, ки флоти уқёнусиро таъсис диҳад. Россия берун аз материки Евроосиё танҳо дар Америкаи Шимолӣ Аляскаро ба даст даровард, ки онро ҳам маҷбур шуд, ки ба ШМА фурӯшад. Кӯшишҳо дар самти ба даст даровардани базаҳо дар Африка, Америкаи Ҷанубӣ, Океания карда шуданд, аммо натиҷаҳои қаноатбахш ба даст оварда нашуданд. Новобаста аз ин баҳрнавардони рус дар таҳқиқи оламу уқёнус нақши муайяни худро гузоштад.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 348.

# 4. 16. ЕВРОПА ДАР ДАВРАИ ГУЗАРИШ АЗ АСРИ XIX БА АСРИ XX

**Европаи нав.** Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии Европа дар арафаи гузариш аз асри XIX ба асри XX бо суръати тез тағйир ёфт. Бо суръати ниҳоят тез болоравии иқтисодӣ ба вуҷуд омада, ҳамзамон сифати он низ тағйир ёфт, яъне аз ин пас компоненти муайянкунандаи потенсиали иқтисодӣ тавоноии индустриавӣ гардид.

Характери рушди индустриявии давлатҳои бузургро дар он давра таҳлил намуда, бисёре аз мутахссисон оид ба инқилоби дуюми саноатӣ гап мезананд, ки дар он замон шуда гузашт. Буғ, ки дар саноат ва нақлиёти миёнаи асри XIX қувваи асосии корӣ ба шумор мерафт, зина ба зина ҷойи худро ба намудҳои нави энергия – қувваи электрикӣ ва муҳаррикҳои аловии дарунсӯз дод. Ин на танҳо бартарияти истеҳсолоти саноатӣ, балки ба таври васеътар истифода намудани методҳои саноатиро дар он соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, ки дар давраҳои пеш фарогири саноаткунонӣ набуданд, ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, маҳз дар ин давра ба таври васеъ механизатсиякунонии хоҷагии кишоварзӣ (трактор, комбайн ва ғайра) сар шуда, дар соҳаи тиҷорат ба вуҷуд омадани мағозаҳои калон бо таҷҳизоти муосири тиҷоратӣ ҷиҳозонидашуда ва дар ҳаёти ҳаррӯза асбобҳои аввалини мӯҳлати истифодабариашон дароз, яхдонҳо, мошинҳои ҷомашӯӣ, чангкашак ва ғайра маҳз дар ҳамин давра пайдо шуданд. Намудҳои алоқаи электрикӣ низ васеъ гардиданд. Маҳз дар ҳамин давра радио ва телефон ихтироъ гардиданд. Ва охирон тағйироти замонавӣ дар транспорт ба вуҷуд омад: электротранспорти шаҳрӣ, автомобил ва тайёраҳо аз қабили онҳо мебошанд. Географияи иқтисодии Европа низ бо суръати тез тағйир ёфт, дар баробари ноҳияҳои кӯҳнаи саноатӣ (ҳавзаҳои Лондон, Париж, Ҷануби Шотландия, Рур) ноҳияҳои нави саноатӣ, ба монанди Италияи Шимолӣ, Чехия, Донбасс, Боку ва ғайра зуҳур ва рушд ёфтанд[1].

Европа аз вазъияти 40 солаи давраи оромӣ дар қитъа пурра истифода кард. Амалан дар ҳамин давра инқилоби дуюми саноатӣ шуда гузашт, ки натиҷаи он ба ҷойи муҳаррики буғӣ ҷойгузиншавии муҳаррикҳои электрикӣ ва муҳаррикҳои аловии дарунсӯз сурат гирифт. Маҳз дар ин давра, на танҳо дар истеҳсолот, балки дар ҳаёти миллионҳо одам истифода бурдан аз хатти лӯлаи об, шабакаҳои гармидиҳандаи буғӣ, равшаннамоии электрикӣ, канализатсия, истифодабарии газ, телефон, автомобилҳо, асбобҳои электрикӣ ва ғайра сар шуд. Амалан дар ин давра шаҳрҳои калони давлатҳои бузург он шаклу намудро гирифтанд, ки то ҳозир низ дизайни он нигоҳ дошта мешавад: хиёбонҳои васеи мошинрав, транспорти электрикии шаҳрӣ, таъминоти электрикӣ, хонаҳои баландошёна ва ғайра.

Агар дар давраи андаке пештар ин шароитҳо танҳо барои доираи маҳдуди сокинони шаҳрии давлатҳои европоӣ дастрас буданд, пас дар охири асри

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

XIX – ибтидои асри XX даҳҳо миллион аҳолии қитъаи Европа ва дигар қитъаҳои олам бо он шинос шуданд. Англия мақоми бартаридоштаи худ, яъне ҳамчун «устохонаи ҷаҳон» мавқеашро аз даст додан сар кард, акнун давлатҳо ва халқҳои дигар низ ба дастовардҳои тамаддуни саноатӣ даст ёфтанд.

Ба гуфтаи Тэйлор Алан Ҷон Персивал, сирре, ки Англия аз он барои тавоноии худ миннатдор буд, дигар махфӣ набуд. Ангишт ва пӯлод ба тамоми Европа гул-гулшукуфиро оварданд ва тамаддуни европоиро аз нав тавлид намуданд. Инсонҳо бо дороии худӣ сахт банд буданд ва дар фикри онҳо барои ҷанг дигар фурсат намонд. Гарчанде ки тарифҳои протексионӣ, ба ғайр аз Англия, дар дигар мамлакатҳо боқӣ монда бошанд ҳам, аз дигар ҷиҳатҳо тиҷорати байналхалқӣ озод буд. Дар ҳама ҷо стандарти тиллоӣ тантана мекард. Чунин давраи оромиро Европа ҳеҷ гоҳ надида буд. Агар дар давраи аз ин пештар аз таҳдиди ҷанг ё инқилобҳо ба ҳарос меомаданд, пас акнун халқҳо боварӣ доштанд, ки сулҳ ва бехатарӣ – ин ҳолати ниҳоят устувору бардавом мебошад.

Маҳз дар ҳамин давра иқтисоди ҷаҳонӣ воқеӣ гардид, бозори ҷаҳонӣ, аввал дар шакли мол, баъд сармоя, ташаккул ёфт. Амалан маҳз дар давраи мазкур таҳкурсии тамаддуни индустриявиро гузоштанд, ки дар шароитҳои он мо айни замон низ зиндагӣ мекунем. Аммо, ба монанди нимаи аввали асри XIX фоидаи индустриализатсия нобаробар тақсим карда шуда буд ва ин таъсири худро ба муносибатҳои байналхалқии давраи мазкур низ мерасонд.

Якум, маҳз дар ҳамин давра ивазшавии ҷойгоҳи пешсафон дар мусобиқаи технологӣ ба вуҷуд омад. Масалан, дар ибтидо Британия аввалин шуда, байни мамлакатҳо, бо санъати баланд қувваи буғро истифода намуд ва ин дастовард бартарияти саноатӣ, ҳукмрони баҳрӣ ва иқтисодии онро то сеяки охири асри XIX таъмин карда буд. Дар санъати ихтироъ намудани мошинаҳои буғӣ тамоми олами боқимонда аз Англия қафо меистод. Аммо дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX ШМА, Германия, Франсия ва дигар давлатҳои пешбари саноатӣ ба ҷойи он ки дар мукаммалгардонии мошинаҳои буғӣ бо Британия мусобиқа намоянд, ба ивази он ба прнисипҳои роҳҳои комилан нави прогресси технологӣ, ба монанди электроэнергия ва муҳаррикҳои аловии дарунсуз муроҷиат намуданд. Ҳамин ҷо муайян шуд, ки Британия, ки ҳоло ҳам барои мукаммалгардонии технологияи кӯҳна сармоягузории калон ҷудо мекард, дар самти равияҳои нави мусобиқаи прогресси технологӣ бохт[1].

Дар самти навовариҳои технологӣ қафо монда, он нишонаҳои аввалини қафомонии иқтисодии Британияро низ муайян намуд ва то соли 1914 аз ҷиҳати ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ на танҳо ШМА, балки Германия низ аз Британия пеш гузаштанд. Чун одати дерина, баъди аз даст додани пешсафии саноатӣ, аз даст додани бартарияти молиявӣ низ ба вуҷуд омад. Аллакай баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ маркази молиявии Ҷаҳон аз Лондон ба Ню Йорк кӯчид. Ин он маъноро дошт, ки дар арафаи гузариш ба асри нав мавқеи Британия чун гегемон дар системаи ба вуҷуд омада истода, сахт такон хӯрд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Дуюм, дар чанд садсолаи охир Европа бори нахуст бо марказҳои қувваи ғайриевропоии аз нигоҳи технологӣ мунатазам ва дар сатҳи олӣ рушд ёфта – ШМА ва Япония бархӯрд. Аллакай дар охири асри XIX ШМА ба бузургдавлати иқтисодии рақами як табдил ёфт. Масалан, дар соли 1913 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ШМА аз Британия 2,5 маротиба зиёдтар буд, истеҳсоли як худи пӯлод дар ШМА дар ибтидои асри XX баробар ба ҳачми умумии истеҳсоли он дар якҷоя гирифтаи Германии, Британия, Россия ва Франсия баробар буд.

Дар соли 1870 истеҳсолоти Германия баробар ба 90% истеҳсолоти ШМА буд, дар соли 1913 бошад ин нишондод ба аз 40% камтар баробар шуд. Ҳамин тавр, пешсафи иқтисодии Европа (яъне Германия) дуюним маротиба камтар аз ҳаҷми истеҳсолот ШМА мол истеҳсол мекард. Аллакай дар соли 1913 ҳиссаи ШМА дар истеҳсолоти саноатии ҷаҳонӣ 35%-ро ташкил медод[1].

***Европа ва мавқеи ШМА.*** То соли 1880 ШМА қариб ягон аҳамият надоштанд. Баъди ин дар мамлакат инқилоби саноатӣ шуда гузашт. То соли 1914 бошад он на танҳо мамлакати рушдёфтаи иқтисодӣ шуд, инчунин ба қитъаи рақобаткунанда табдил ёфт. Истеҳсоли ангишт дар ШМА ба ҳаҷми истеҳсоли якҷояи он дар Англия ва Германия баробар шуд. Истеҳсоли чӯян ва пӯлод дар ШМА аз истеҳсоли он дар сартосари Европа якҷоя ба ҳисоб гирифтагӣ зиёдтар гардид. Ин аз он хотиррасон мекард, ки аз нигоҳи иқтисодӣ Европа дигар монополист нест, он ҳатто ҳамчун макрази ҷаҳонӣ мавқеашро аз даст дод. Дар Европа ягон кас намедонист ва пай ҳам намебурд, ки агар байни давлатҳои Европа ҷанҷолу низоъ хезад, ШМА метавонад омада, дахолат намуда, корро дар ҷояш ҳал менамояд ва барои ин қувваи басандаву кофӣ дорад. Ин хатогӣ ба интиҳои таърихи Европа, дар фаҳмиши пешинаи он, оварда расонд. Хатогии ишорашуда фаҳмо аст. Ходимони давлатии Европа бисёртар на ба воқеияти иқтисодӣ, балки ба зуҳуроту ҳодисоти сиёсати берунӣ аҳамият доданд. ШМА бошанд барои онҳо на танҳо дар қитъаи дигар, балки чунин ба назар мерасид дар дигар сайёра ҷойгир буд.

Дар дасти ШМА бошад на танҳо бартарии саноатӣ, балки технологӣ низ дар ихтиёр буд. Дар ибтидои асри XX дар ШМА дар муқоиса ба ҳамаи давлатҳои боқимондаи Ҷаҳон аз ҳама зиёд автомобилҳо истеҳсол мешуданд. Истеҳсолоти конвейерӣ имконият дод, ки истеҳсоли автомобилҳоро дар як сол ба чандсад ҳазор расонд. Ин замоне буд, ки ҳатто дар Европа ҳоло ҳам автомобил на воситаи ҳаракаткунанда, балки исрофкорона ҳисоб мешуд. Истеҳсолоти конвейерии Америка на танҳо ихтироoти гениалии техникӣ буд, балки он, инчунин фалсафаи нави индустриализм ба шумор мерафт, ки зина ба зина дар тамоми Ҷаҳон паҳн гардид. Ҳамин тавр, аллакай на намунаи ҳаёти европоӣ, балки намунаи ҳаёти америкоӣ ба сифати тақлидкорӣ барои инсонияти боқимонда намунаи универсалӣ гардид.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

***Европа ва рушди Япония.*** Он чизе, ки ба Япония дахл дорад, пас дар ибтидои асри XX суръати рушди иқтисодии мамлакати мазкур низ аз суръати рушди дигар давлатҳои бузург баландтар буд. Дар ҳақиқат Япония ба давраи капитализм аз зинаи сатҳи рушди барои асрмиёнагӣ хос ворид шуд, аммо мамлакати мазкур қобилияти худро нишон дод. Муваффақиятҳои Япония аз хусусиятҳои хоси японҳо, яъне дар иттиҳоду иттифоқи зичи халқи он, бонизом ва ватандӯстӣ будани он иборат буд, ки тавонистанд захираҳои маҳдуди табиии худро самаранок истифода намоянд. Соли 1904 бо ин қобилияту имконияти Япония Россия бархӯрд ва баъди 37 бошад ШМА. Дар ҳама гуна ҳолат, баъди ҷанги Россия ва Япония Токио ба шумораи пойтахтҳои ҷаҳонӣ ворид гардид. Маҳз зуҳр намудани давлати нави бузургро ба эътибор нагирифтан аз имконият берун буд. Болоравии ШМА ва Япония маънои онро дошт, ки европосентризм (ва консерти европоӣ низ) ҳамчун маркази сиёсати ҷаҳонӣ ба охиррасии аз пеш омадаи худ наздик истодааст[1].

**Европа ва муносибатҳои нави байналхалқӣ.** Ҷанги Франсия ва Пруссия гегемонияи Франсияро дар қитъа зери суол монд, ки ин гегемон аз давраи Ришеле давом дошта буд, ки бар зидди он танҳо Европаи муттаҳида бо сарварии Британия истодагарӣ карда метавонист. Ин ҷанг, инчунин нишон дод, ки акнун дар қитъа сарвари нави тавоно – империяи Германия тантана мекунад, ки бар зидди он Франсия, Австрия ва Россия, ҳар кадомашон дар танҳоӣ, рақобат кардан наметавонанд. Баробари ин, тавоноии Германия ҳам мутлақо ва ҳам муқоисавӣ дар муддати аз соли 1871 то соли 1914 чунон бо суръати тез боло гирифт, ки дар ибтидои асри XX танҳо қувваҳои муттаҳидаи ҳамаи иштирокчиёни «консерти европоӣ» ҳоло метавонистанд бо қувваи Германия баробар шаванд.

Зарур аст қайд намоем, ки таъсисдиҳандаи империяи Германия – Отто фон Бисмарк нағз мефаҳмид, ки муттаҳид шудани Европа бар зидди Германия ин таҳдиди хатарноки маргбор барои тифли ӯ (яъне империяи Германия) мебошад. Барои ҳамин, ӯ, дар фарқият аз ворисони худ доимо сиёсати эҳтиёткоронаро мебурд, кӯшиш мекард, ки аз ҳисоби манёвркунии сиёсати берунӣ ташаккулёбии коалитсияҳои зиддигерманиро рафъ намояд.

Он чизе ки ба дигар давлатҳои бузурги европоӣ дахл дошт, пас ин ҷо зарур аст қайд намоем, ки онҳо ё дар натиҷаи бохти ҷангӣ ва аз даст додани қаламравҳо (Австрия, Франсия) беҳад заиф буданд ё диққати онҳо ба васеъкунии империяҳои мустамликавии худ (Англия ва Россия) равона буд. Ҳамин тавр, барои муътадил гардидани вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар Европа шароити қулай ба вуҷуд омад. Барои ҳамин, баъди ба анҷом расидани ҷанги франкопруссӣ то Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Европа амалан байни давлатҳои бузург ҷанг рух надод. Ҷанги Россия ва Туркияи солҳои 1877 – 1878-ро ба ҳисоб намегиранд. Зеро Туркия ба ҳайати давлатҳои бузурги европоӣ дохил намешуд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Давлатҳои ғайриевропоӣ (ШМА ва Япония) бошад дар ин самт Ҷанги Япония бо Хитой (с. 1894) ва Ҷанги Испания бо ШМА (с. 1898) аз сар гузаронданд, аммо баробари ин ҳама, дар охири асри XIX ҳам Ҳавзаи Кариб ва ҳам Шарқи Дур сарҳадоти дури сиёсати ҷаҳонии моҳиятан европосентристӣ боқӣ монданд. Кӯтоҳ карда гӯем, на Вашингтон ва на Токио ҳоло ҳам ягон нақши калонро дар сиёсати ҷаҳонӣ (= европопоӣ) бозӣ карда наметавонистанд[1].

Ин дамгирии осоиштаву сулҳона бечуну чаро хизмати системаи «консерти европоӣ» буд, ки тавонист, ки барқарор шавад ва ба тартибдароварии худро баъди бӯҳроне, ки онро Ҷанги Қрим, муттаҳидшавии Германия ва муттаҳидшавии Италия ба вуҷуд оварданд, гузаронад. Таносуби қувваҳо низ байни давлатҳои бузург – такягоҳи система – тағйир ёфт, аммо худи система бошад фаъолияти худро идома дод ва то он даме, ки дар Европа сари қудрат одамоне буданд, ки медонистанд, ки чи хел система кор мекунад, вазъият низ дар Европа ва Ҷаҳон муътадил боқӣ монд. Савол ин буд, ки вазъи муътадил дар Европа дароз давом мекунад ё не, ҳол он ки мақоми гегемонияи Европа дар Ҷаҳон зина ба зина аз даст рафта истодааст.

**Европа ва инқилоб дар соҳаи ҳарбӣ.** Прогресси калони технологие, ки дар Европа ба вуҷуд омад, таъсири худро ба корҳои ҳарбӣ низ расонд. Аввал он ки индустриализатсия аз нигоҳи техникӣ ва иқтисодӣ имконият фароҳам овард, ки сафарбаркунии умумии ҳарбӣ гузаронда шавад, ба ибораи дигар гирем, тамоми халқро мусаллаҳ намуд.

Қариб дар ҳамаи минтақаҳои Европа роҳҳои оҳани зич мавҷуд буданд, ки ин имконият медод бо суръати тез контингентҳои ҳарбиро аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол дод. Ғайр аз ин, паҳншавии истеҳсолоти мошинӣ, имконият дод, ки ба ҷойи мардҳои ба артиш сафарбаршуда дар корхонаҳо ва дигар ҷойҳо аз қувваи меҳнатии занон ва наврасон истифода бурда шавад. Ва аввалин давлате, ки дар он пешравиҳои мазкури инқилобӣ амалӣ шуданд ин Пруссия (Германия) буд. Дар муддати солҳои 60-ум дар Пруссия дар корҳои ҳарбӣ инқилоби ҳақиқӣ шуда гузашт, ки дар муддати якуним асри баъдина системаи омодагии ҳарбии давлатҳои пешбарро муайян намуда буд. Сухан дар ин ҷо дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ меравад, ки имконият медиҳад давлат дар ихтиёри худ қувваи калони таълимгирифтаи захиравиро нигоҳ дорад, ки онҳоро метавонист дар шароити рушди саноатӣ тез мусаллаҳ намуда, тавассути роҳи оҳан зуд ба майдони ҷанг фиристонад. Навоварии дигари Пруссия, ки барои давлатҳои бузург зарур буд, ин Штаби генералӣ мебошад, ки на танҳо нақшаҳои ҷангҳои ояндаро тайёр мекард, инчунин майдонҳои амалиёти ҷангиро на баъди амалиёти ҷангӣ, чи тавре ки пеш буд, балки пеш аз оғози амалиётҳои ҷангӣ муайян мекард. Ин ихтирооти нобиғавии сарлашкари машҳури Пруссия Молтке-Калонӣ буд, ки он яке аз сабабҳои асосии ғалабаҳои Пруссия дар солҳои 60-ум аз болои Дания, Австрия ва Франсия гардид.

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ғайр аз ин, аз охири асри XIX сар карда, империяи Германия дар самти мусаллаҳшавии бошитоб, ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар баҳр ба ҷойи аввал баромад. Ҳамин тавр, Европаи боқимонда маҷбур буд, ки ба фаъолияти Берлин дар самти ҳарбӣ-сиёсӣ эътибор диҳад.

Аммо на ҳамаи сиёсатмадорон ва ҳарбиён фаҳмиданд, ки дар шароити нав усулҳои пешинаи идора кардани давлат ва қувваҳои мусаллаҳи он дигар аз имкон берун аст. Дар давраи мусаллаҳшавии бошитоб қариб, ки ҳар сол воситаҳои нави мубориза и ҳарбӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба гуфтаи Г. Киссинҷер роҳбарони давлатҳои бузург ба масъалаи ҷанг ва сулҳ соддалавҳона назар намуданд. Ба таҷрибаи ҷангҳои миёнаи XIX побанд монда, элитаи ҳукмрони давлатҳои европоӣ ба ин назар буданд, ки ҷанги калони европоӣ ё кӯҳтомуддат мешавад ё дар кадом минтақаи дур, дар ягон пушти Европа, ба мисоли Ҷанги Қрим, сурат мегирад. Дар ҳама ҳолат, ҳатто чунин ҷанг, ки дар он ҳамаи абарқудратҳо (Англия, Австрия, Германия, Россия ва Франсия) иштирок менамоянд, ба ягон натиҷаи тақдирсоз (чи хеле ки он вақт ҳисоб мекарданд) оварда намерасонад.

Ин боварӣ баъди Ҷангҳои Балкан (с. 1912 – 1913) мустаҳкам гардид. Натиҷаи аз ҳама манфии ҷангҳои мазкур он шуд, ки дар асоси таҷрибаи онҳо бовари и ҳукуматдорони давлатҳои европоӣ ба кӯҳтомуддат ва зарарнок набудани ҷанги ояндаи калони европоӣ мустаҳкам гардида, хаёл карданд, ки он ҳам мисли ҷангҳои асри XVIII сурат мегирад[1].

Аммо чунин назари соддалавҳона намудан ба масъалаи мазкур ҳамаро фаро нагирифта буд. Аллакай дар ҳамон вақт экспертҳои нозукбину дурбин ба фаҳмише расиданд, ки прогресси ҳарбӣ-техникӣ барои баррасии мавзӯи рӯз, яъне аз нуқтаи назари принсипиалӣ ғайриимкон будан ба ҳадафҳои позитивии сиёсӣ аз ҳисоби ҷанги калон дар Европа расиданро гузошт. Сар задани низои калони ҳарбӣ боиси дар тамоми қитъа паҳншавии гуруснагӣ, эпидемияҳо ва ғайра шуда, вайрон гардидани механизми тиҷорат, саноат ва қарз ба вуҷуд омада, муфлисшавӣ сар мешавад. Оқибат заволёбии баъзе аз давлатҳо сар мезанад.

Ин даврае буд, ки аз ин вақт сар карда ва ҳозир ҳам тамоми дастовардҳои навини илм ва техника барои ихтироъ намудани воситаҳои нави ҷангӣ равона гардиданд. Масалан, ихтироъ гардидани муҳаррики дарунсӯз боиси ба вуҷуд омадани танкҳо, авиатсия ва киштиҳои зериобӣ шуд, ки онҳо дар ҷангҳои якум ва дуюми ҷаҳонӣ нақши ҳалкунандаро бозӣ карданд.

Аммо гап на танҳо сари мусаллаҳшавии бошитоб ва таъсис додани артишҳои оммавӣ меравад, сухан, инчунин сари он меравад, ки худи системаи сафарбаркунии умумӣ роҳбарияти ҳарбӣ-сиёсии дилхоҳ давлати бузурги европоиро ба андозаи зиёд ба суръати гузарондани сафарбаркунӣ вобаст кард. Зеро дар ҷанги оянда он тараф ғолиб мебарояд, ки сафарбаркуниро тезтар гузаронда буд. Дар мафкураи роҳбарияти ҳарбӣ ва сиёсии консерти европоӣ он фикрҳое

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

чарх мезаданд, ки дар асоси таҷрибаҳои ҷангии низоъҳои ҳарбии австро-пруссӣ, франко-пруссӣ, русӣ-туркӣ ва ҷангҳои балканӣ ба даст омада буданд, ки ҳамаи онҳо амалан дар муддати чанд моҳ ё ҳафтаҳо ҳал карда шуданд. Ягон нафар дар Европа дар ибтидои асри XX фикр ҳам намекард, ки ҷанги оянда чанд сол дароз мекашад ва яку якбора миллионҳо аскару афсар дар амалиётҳои он иштирок мекунанд. Ё ки ҷанг на тантанаи стратегияи сарнагункунӣ (ба монанди назари Наполеон ва Молтке), балки пирӯзии стратегияи бемадоркунӣ (беқувваткунанда, бемадоркунанда) мешавад ва маҳз блокадаи баҳрии аз ҷониби Британия бар зидди Германия роҳандозӣ шуда, дар натиҷаи ниҳоӣ ғалабаи Антантаро таъмин намуда буд.

Аммо ин ҳама баъдтар, дар давраи ҷанги ҷаҳонии аз пеш омада истода, рух медиҳад, аммо дар ибтидои аср бошад дар маркази диққати роҳбарияти ҳарбӣ ва сиёсии давлатҳо суръати сафарбаркунӣ қарор дошт. Махсусан, Германия ба ин масъала аҳамияти муҳим медод. Мамлакати мазкур, бо доштани системаи сафарбаркунии умумӣ ва дар ихтиёри худ доштани ҳайати калони эҳтиётии таълимгирифта метавонист ба майдони ҷанг лашкари ниҳоят калонро дарорад ва дар хақиқат давлати мазкур дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ 13 миллион нафарро ба чанг сафарбар намуд, ҳамон қадаре, ки Петербург сафарбар карда буд, аммо шумораи аҳолии Россия бошад аз Германия зиёда аз 2 маротиба бештар буд. Баробари ин, барои Германия бурдани ҷанг дар ду фронт хеле душвор буд, махсусан агар он ҷанги дуру дароз бошад. Аз ҳамин лиҳоз, барои Берлин бартараф намудани чунин ҷанг аҳамияти муҳим дошт, Бисмарк баъди соли 1871 вазифаи асосии худро маҳз дар ҳамин медид.

Аммо баъди Бисмарк, дар доираи элитаи ҳукмрони Германия фикру амалкардҳои дигар боло гирифтанд. Дар Берлин назарҳое ба вуҷуд омаданд, ки тибқи он Германия имконият дорад, ки дар шароитҳои муайян ҳамаи рақибонашро ҳамзамон мағлуб намояд. Барои ба ин ҳадаф расидан пеш аз ҳама рақибонро ба қисмҳо ҷудо намуд, аввал Франсияро дар ҷанги кӯҳтомуддат торумор намуда, баъди он бо тамоми қувва ба Россия ҳамла кард[1].

Моҳияти нақшаи Сардори Штаби генералии онвақтаи Германия Шлиффен, ки аллакай соли 1892 коркард шуда буд, дар ҳамин буд. Аз нуқтаи назари соф ҳарбӣ нақшаи мазкур дастоварди бесобиқаи тафаккури ҳарбӣ буд. Тибқи он дар муддати 1 – 2 моҳ торумрокунии Франсия ба назар гирифта шуда, баъди амалишавии он тавассути роҳи оҳан лашкари озодшударо ба фронти шарқӣ, бар зидди Россия мефиристонданд, ки ин вақт русҳо акнун нав сафарбаркунии худро ба анҷом мерасонанд. Зеро барои бо суръати тез амалӣ намудани сафарбаркунии умумӣ дар Россия шароити роҳҳо он қадар хуб набуд, инчунин қаламрави васеи ин мамлакат низ сари роҳи он мешуд. Немисҳо ин тарафи масъаларо ба инобат гирифта буданд.

Ҳама чиз фикр карда шуд, ғайр аз як чиз – яъне мавқеи Британияи Кабир. Зеро барои воридшавӣ ба Франсия танҳо як қаламрави кӯҳсори танги

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Вогез кам буд, зарурат ба миён омада буд, ки аз қаламрави Белгия низ истифода намуд. Аммо таърих медонад, ки ягон ҳукумати Британияи Кабир ҳеҷ гоҳ розӣ намешавад, ки давлати рақиби мустамликавӣ Белгияро зери назорати худ гирад. Аз асри XVII сар карда, то асри XX Лондон бар зидди ҳама, касоне, ки ба Белгия дастдарозӣ мекарданд, то қатраи охирон мубориза бурд. Ва нақшаи Шлиффен он маъниро ифода мекард, ки Англия ба ҷанг ворид мешавад ва бо ҳамин ҷанги хурди музаффарона ба ҷанги бемадоркунанда дар ду фронт мубаддал мешавад, ки дар он бояд Германия ночор ба бохт рӯбарӯ мешавад.

Дар ҳама вазъият, чи тавре ки мо мебинем, маҳз нақшаҳои сафарбаркунӣ фаъолияти давлатҳои бузургро дар арафаи гузариш аз як аср ба асри дигар муайян намуданд ва онҳоро маҷбур карданд, ки қарорҳои сиёсии аз пеш омадаро қабул намоянд. Аз ҷумла, ҷанге, ки Германия 3 августи соли 1914 бар зидди Франсия эълон карда, он пурра мувофиқи нақшаи Шлиффен буд. Ҳамин тавр, дар маънои аввал факти таърихии ҷавоб ба қатли Франс-Фердинанд дар Сараево воридшавии артиши Германия ба Белгия шуд, ки мувофиқи хулосаи бархе аз мутахассисон ба ҳодисаҳои Балкан ягон робита надошт, яъне он комилан тибқи нақшаҳои сафарбаркунии давлатҳои бузург сурат гирифт.

Бо ҳамин, дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX аз нуқтаи назари марксистон низоъи базис ва надстройка ба вуҷуд омад, яъне сиёсати хориҷии элитаҳои европоӣ ба таври равшан аз прогресси бусуръати тези иҷтимоӣ-иқтисодии давлатҳои европоӣ қафо монданро оғоз кард. Дар алоқамандӣ ба ин бошад ҷой доштани тасаввуроти кӯҳна дар майнаи сиёсатмадорон ва ҳарбиёни европоӣ оид ба натиҷаҳои низои калони ҳарбӣ дар Европа хатарнок буд[1].

**Давраи дуюми маринизм ва Европа.** Дар давраи мазкур барои иваз намудани гегемонияи Британия дар баҳр, «давраи дуюми маринизм» (рақобати давлатҳои бузург дар сарҳадоти уқёнусӣ) омад, ки он то охири Ҷанги якуми ҷаҳонӣ идома ёфт. Дар давраи якуми маринизм (асри XVII – миёнаи асри XIX) мубориза барои ҳукмрон шудан дар баҳр байни Англия, Голландия, Франсия ва Испания сурат гирифта буд. Дар давраи дуюми маринизм (охири асри XIX – миёнаи асри XX) даъвогарон ба мақоми ҳукмрон шудан дар баҳр Британия, Германия, Италия, ШМА, Япония гардиданд. Чуноне ки мо мебинем, дар баробари европоиҳо, акнун ду давлати ғайриевропоӣ низ дар ин самт даъвогар шуданд. Давлатҳо дар ин самт ба ду категория ҷудо мешаванд: 1) давлати баҳрӣ, ки қодир аст қаламравҳои обии ба худ наздикро назорат намояд; 2) давлати уқёнусӣ, ки қодир аст уқёнуси Ҷаҳониро назорат намояд[2].

**Таносуби нави қувваҳо дар Европа ва Ҷаҳон.** Дар давраи мазкур на ҳамаи давлатҳои бузурги европоӣ – аъзоёни консерти европоӣ тавонистанд, ки ба пуррагӣ прогресси илмӣ-техникӣ ва иқтисодиро истифода намоянд, то ки мавқеи худро дар сатҳи муносиботи байналхалқӣ мустаҳкам намоянд. Арафаи

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 362 – 363.

Ҷанги якуми ҷаҳонӣ муайян намуд, ки суръати рушди иқтисодии Англия ва Франсия дар муқоиса бо дигар абарқудратҳо поёнтар мебошад.

Прогресси иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологии Европа дар ин давра бе баҳс аст. Аммо мушкилӣ дар он буд, ки ин прогресс ниҳоят нобаробар буд. Гарчанде бузургдавлатҳои Европаи Ғарбӣ – Англия ва Франсия дар умум мунтазам рушд меёфтанд, аммо суръати рушди онҳо аз давлатҳои Европаи Шарқӣ ва Марказӣ қафо буд.

То соли 1910 суръати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Германия, нисбат ба ҳамсоягони ҳам ғарбӣ ва ҳам шарқии он, комилан баландар буд. Аммо дар оғози асри XX Россия аз сатҳи рушди саноатии Франсия гузашт, ғайр аз ин суръати рушди иқтисодии Россия хеле баланд буд. Дар Россия низ намудҳои нави саноат, аз қабили мошинсозӣ, электротехника, химиявӣ рушд ёфтанд. Ислоҳоти аграрии Столипин ба рушдёбии хоҷагии кишоварзии Россия оварда расонд, дар хоҷагии кишоварзии мамлакати мазкур методҳо ва технологияи нав ворид карда шуданд. Бе баҳс ҳатто прогресси иҷтимоӣ низ дар Россия ҷой дошт, сатҳи зиндагии мардум ва маълумотнокии аҳолӣ рушд ёфт. Столипин мефаҳмид, ки яку якбора ҷорӣ шудани ислоҳоти ӯ номумкин аст. Барои ҳамин, соли 1909 дар яке аз мусоҳибаҳо гуфта буд: «Ба давлат 20 сол оромии дохилӣ ва берунӣ диҳед ва шумо баъд аз он Россияи ҳозираро намедонед». Яъне баъди 20 сол дар ибтидои солҳои 30-юм Россия ҳаматарафа пурра ба давлати мутараққӣ табдил меёфт[1].

Аммо ин дастовардҳои Россия дар муқоиса бо прогрессе, ки бо он ШМА дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ноил гардид, баробар шуда наметавонистанд.

Ивазшавии таносуби қувваҳои давлатҳои пешбар якум нисбӣ буд, дуюм бошад дар баҳодиҳии потенсиали нисбии чунин мамлакатҳо, чун Франсия ва махсусан Англия бояд ночор империяҳои азимҷуссаи онҳоро ба инобат гирифт, ки потенсиали бузурги иқтисодӣ ва инсонии онҳоро мумкин буд, ки дар ҳолати ҷангӣ сафарбар намуд. Ва ниҳоят Англия ва Франсия барои ҳамин аз рӯи сатҳи рушди саноатӣ аз Германия қафо монданд, ки дар мустамликаҳои худ сармоягузорӣ мекарданд.

Аммо гап на танҳо дар бораи шумора ва ҳаҷми истеҳсоли ангишт, пӯлод ва вазнбардории флоти тиҷоратӣ меравад, гап сари он низ меравад, ки бо кадом андозаи эффективӣ давлатҳои бузург метавонистанд имкониятҳои иқтисодии худро истифода баранд. Ва ин бошад аллакай аз факторҳои мазкури иҷтимоӣ, ба монанди сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, ҳиссаи мутахассисони квалификатсия дошта, сатҳи урбанизатсия, аз шумораи умумии аҳолӣ ва асоситаринаш аз иттиҳоди мустаҳками миллӣ вобаста буд.

Аз рӯи ин нишондодҳо гурӯҳи давлатҳои бузург – Россия, Австтро-Венгрия ва Италия аутсайдер (берун) ба ҳисоб мерафтанд. Ҳамаи ин мамлакатҳои зикршуда мумкин аз ҳамдигар ҷиддан фарқ доштанд, аммо

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

баробари ин, онҳо аз бисёр ҷиҳат хусусиятҳои умумӣ низ доштанд, аз ҷумла: нисбатан сатҳи пасти рушд доштанд, ки қафомонии онҳоро аз дигар абарқудратҳо ифода мекард; тазоду зиддияти калон дар сатҳи рушди минтақаҳои гуногун ва гурӯҳҳои аҳолӣ; дар натиҷаи инҳо дар сатҳи кофӣ набудани муттаҳидии миллӣ, махсусан дар шароити ҷангӣ.

Аммо ин ҳолатҳо низ метавонистанд давлатҳои мазкур ва элитаҳои ҳукмрони онҳоро муттаҳид намояд, чун қоида ба таври ҳақиқӣ он мушкилиҳоро, ки бо он мамлакатҳои мазкур ҳангоми рушди дохилии худ рӯбарӯ шуданд, ба инобат нагирифтанд. Ҳам ба Россия, ҳам ба Италия ва ҳам ба Австро-Венгрия ҷанг умуман зарур набуд, аммо ҳокимони онҳо баръакс ба ҷанги хурди музаффарона умед доштанд, ки он метавонист мушкилиҳои дохилӣ ва зиддиятро аз байн бурда, миллатро муттаҳид менамояд.

**Бӯҳрони консерти европоӣ.** Бебаҳс дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX консерти европоӣ давраи бӯҳрони ҷуқури дохилии системаи худро аз сар мегузаронд. Ба назари профессор В. И. Батюк сабабҳои бӯҳрони мазкур инҳо буданд:

- аз саҳнаи идоракунӣ рафтани роҳбароне, ки дар рӯҳияву анъанаи Иттифоқи Муқаддас ва якдилии қишри монархо-аристократӣ тарбият ёфта буданд (Бисмарк, Горчаков, Александри II, Фридрих-Вилгелми IV ва ғайра). Ба ҷойи онҳо насли нав омад, ки онҳо дар бораи ягонагии европоӣ ҳиссиёти пешина надоштанд, барои онҳо аз ҳама пеш манфиатҳои миллии характери маҳдудэгоистӣ дошта зарур буд (Солсбери, Пуанкаре, Николайи II, Сазонов, Вилгелми II, Голштейн, Бюлов, Бетман-Голвег ва ғайра);

- прогресси техникаи ҳарбӣ ба таври равшан аз тафаккури роҳбарияти ҳарбӣ-сиёсии давлатҳои бузург пеш гузашт. Сарварони сиёсӣ ва ҳарбӣ ба он бовар доштанд, ки ҷанги калони европоӣ дар ҳама ҳолат аввал бо нуқтаи назари натиҷаҳои худ комилан қобили қабул мебошад ва дуюм, дар ҳама гуна ҳолат он кӯҳтомуддат ва барои мамлакатҳои онҳо нисбатан камталафот мешавад. Дар арафаи моҳи августи соли 1914 дар пойтахтҳои Европа оид ба муҳорибаҳои назди Седан ва Садова фикр мекарданд, яъне оид ба категорияҳои ҷангҳои хурди музаффарона;

-заифшавии ягонагии ғоявии консерти европоӣ аз ҷониби ягон чорабинии сатҳи байналхалқӣ-ҳуқуқӣ ва ташкилотӣ ҷуброн карда нашуд. Шартномаҳои ҷиддии беяроқкунӣ коркард нашуданд, ташкилотҳои самараноки бехатарии байналхалқӣ комилан вуҷуд надоштанд. Ғайриструктуравии консерти европоӣ онро дар охири асри XIX – аввали асри XX аз имкониятҳои идоракунии вазъияти байналхалқӣ маҳрум намуд. Дар чунин шароит механизми ба эътидолу тартиб даровардани бӯҳрони консерти европоӣ вайрон гардид. Европа амалан ба ду блоки ҳарбии ба ҳам зид тақсим шуд (Антанта ва Иттифоқи Сегона). Баробари ин, сатҳи муттаҳидии алянсҳои мазкур нисбат ба алянсҳои замонҳои пеш ба андозаи хеле калон болотар буд.

- прогресси техникаи ҳарбӣ ва технология, мусаллаҳшавии бошитоби қувваҳои баҳрӣ ва хушкӣ, номӯтадилию зиддияти иловагиро дар вазъияти

байналхалқӣ замъ намуданд. Давлатҳои бузурги европоӣ ба омодагии ҳарбии якдигар хеле гумонбарона назар мекарданд, тайёрии ҳарбии худро бошад комилан сулҳхоҳона ва чораҷӯии ҷавобӣ медонистанд ва чораҷӯиҳои чунин намуди тарафи дигарро ҳамчун омодагии таҷовузкорона баҳогузорӣ мекарданд. Камтарин бозмонӣ аз тайёрии ҳарбӣ ё дар самти сатҳи сафарбаркунӣ дар он вақту шароит хатари маргбор дониста мешуд. Ва камтар тағйир ёфтани таносуби қуввахо низ натиҷаи аз ҳама хатари ҷиддии ҳарбӣ-сиёсӣ дониста мешуд. Масалан, тезондани сохтмони роҳи оҳан дар қисмати европоии Россия барои аз байн бардоштани нақшаи Шлиффен таҳдид мекард, чи хеле ки иброз доштем, нақшаи мазкур бо назардошти паст будани сатҳи суръати сафарбаркунӣ дар Россия таҳрезӣ гардида буд;

- баробари ин, ҳамаи давлатҳои бузурги европоӣ ҳоло ҳам дар ҳар сурат дар ҳисобу китоби сиёсии худ ҷаҳони ғайриевропоиро ба инобат намегирифтанд, барои онҳо чунин ба назар мерасид, ки гӯё ШМА ва Япония вуҷуд надоранд[1].

**Оғози давраи геополитика дар муносиботи байналхалқӣ.** Аммо ба ин нигоҳ накарда, дар миёни элитаи ҳукмрони немисӣ дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX фикру ният оид ба ночор бурдани экспансияи мустамликавӣ ба ном idee fixe ҷой гирифт. Тасоддуф набуд, ки маҳз ҳамон давра дар Германия консепсияҳои геополитикӣ васеъ паҳн гардиданд, ки ба масъалаи паҳну васеъкунии назорат аз болои фазои географӣ ҳамчун далели қобилияти зисти организми давлатӣ диққати махсусро равона намуда буданд.

Бо ҳамин, дар мафкураи ғоявӣ низ тағйирот ворид гардид. То солҳои 70-уми асри XIX идеологияи давлатҳои европоӣ тибқи хулосаҳои конгресси Вена легитимизм буд. Акнун ба ҷойи легитимизм давраи геополитика омад, ки он бартарияти манфиатҳои миллӣ ва низоъро ҳамчун ҳолати табиии муносибатҳои байналхақӣ медонист. Мафҳуми геополитика (айнан сиёсати заминӣ) ба гардиши илмӣ дар охири асри XIX ворид карда шуда, муаллифи онро муаррихи шведӣ Рудолф Челлен (с. 1864 – 1922) медонанд. Аммо асосҳои консептуалии онро файласуфи немис Иоганн Готфрид Гердер (с. 1744 – 1803) гузошт. Маҳз ӯ принсиперо асоснок намуд, ки тибқи он территорияи давлати миллӣ бояд бо сарҳадоти дар он ҳаёт ба сар бурдани умумияти этникӣ мувофиқ бошад. Дар ҳамин асос дар нимаи дуюми асри XIX географҳои немис Карл Риттер ва Фридрих Ратсел консепсияи давлат ҳамчун ҳудуди васеъ (фазои калон)-ро коркард намуданд. Дар сохтори давалат онҳо се чизи муҳимро ҷудо намуданд: 1) паттерн (маркази ҳаётӣ); 2) периферия (территорияҳои асосӣ); 3) лимитрофҳо (фазои баҳсӣ)[2].

Масалан, дар асари худ «Географияи сиёсӣ (с. 1897)» олими немис Фридрих Ратсел тезиз дар бораи он ки давлат аз худ организми биологиро

---

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 363 – 364.

намояндагӣ намуда, тибқи қонунҳои биологӣ амал менамоядро, асоснок намуд. Зиёда аз ин Ратсел дар давлат маҳсули эволютсияи органикиро медид, ки ба монанди дарахт ба замин реша давондааст. Барои ҳамин характеру хусусиятҳои ҳастии давлат аз рӯи ҷойгиршавии он муайян карда мешавад ва комёбии давлат бошад аз муваффақияти муҳити атрофро ба даст даровардани он муайян мегардад.

Яке аз роҳҳои асосии зиёд намудани қувваи организми мазкурро Ратсел экспансияи территориявӣ ё васеъкунии фазои ҳаётӣ – Lebensraum донист. Дар солҳои дароз дар мафкураи ҷамъиятии Германия ақидае ҷой гирифт, ки мувофиқи он мушкилии мамлакати мазкур гӯё ба сарҳадоти беҳад маҳдуди он, ки рушди динамикии онро танг менамоянд, алоқаманд мебошанд[1].

Фридрих Ратсел дар асари дигари худ «Фазои ҳаётӣ (с. 1901)» талаб намуд, ки ночор бояд халқҳои германӣ дар қаламравҳои Европаи Шарқӣ маскун гарданд. Дар ин самт муаррих ва публитсисти немис Паул Робах (1869 – 1956), ки аз соли 1907 дар Мактаби олии савдои Берлин дарс медод, пештоз буда, консепсияи худро пешниҳод намуд, ки тибқи он аз Россия вилоятҳои ғарбиаш, ба камӣ то хатти Днепер – Двинаи Ғарбӣ ҷудо намуда, гирифтан даркор аст ва барои империяи Россия дар симои империяи Германия қувваи баробар созмон дода шавад. Пешниҳодоти мазкур боиси низоъ бо Россия мегаштанд.

Чунин намуди ақидаҳоро дар асарҳои мутафаккирони Иттифоқи Пангерманизм[2] мушаххас намуда, рушд медоданд. Ташкилоти мазкур, ки соли 1891 таъсис дода шуд як қатор намояндагони парламентӣ, аксаран миллӣ-либералҳо ва консерваторҳо, инчунин саноатчиён, хусусан ба содироти мол машғул буда, профессорон, юристҳо, ҳарбиёни мустафиро муттаҳид мекард. Маблағгузорони иттифоқи мазкур консернҳои бузурги Германия буданд, ки дар соҳаи саноати вазнин фаъолият мебурданд. Мақсади иттифоқ аз таъсис додани ба ном Европаи Миёна бо фарогирии Австро-Венгрия, Голландия, Дания, Наздибалтика, Белгия, қисме аз Швейтсария, Франсияи Шарқӣ ва ҳатто мумкин Украина ва Кавказ иборат буд. Пангерманистон аз сидқи дил боварӣ доштанд, ки қувваи ҳарбии Германия имконият медиҳад, ки дар як вақт кори ҳамаи душманони Рейхро ҳал намуд. Таъсири Иттифоқи Пангерманӣ ниҳоят бузург буд, бисёре аз баромадҳои оммавию кушод ва ҳатто қарорҳои муҳими сиёсии кайзер Вилгелм, канслер Бюлов, адмирал Тирпис ва ғайра зери таъсири тарғиботу ташвиқоти пангерманӣ оид ба ночор будани экспансияи территориявӣ қабул гардида буданд. Ҳамин тавр, варианти радикалии геополитикаи немисӣ консепсияи пангерманизм гардид, ки он талаб мекард, ки Германия

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Иттифоқи пангерманизм – ташкилоте буд, ки барои барқарор намудани хукмронии Германия дар Ҷаҳон баромад мекард.

бояд аз ҳисоби ба он муттаҳид намудани ҳамаи қаламравҳои германизабон ба як мамлакати калон табдил дода шавад. Ба монанди чунин ғояҳо ҳанӯз дар ибтидои асри XIX аз ҷониби файласуфони немис И. Г. Фихте ва Г. В. Ф. Гегел низ борҳо садо доданд, аммо он вақт ин суханон дар доираи баҳси илмӣ қарор дошта буданд. Аммо ҳамчун ҷараёни сиёсӣ пангерманизм танҳо дар солҳои 80-уми асри XIX дар қисмати австриягии империяи Австро-Венгрия, ба хотири ҷудо намудани заминҳои немиснишини империя ва ба ҳайати империя Германия ворид намудани онҳо зуҳур кард.

Дар мамлакатҳои англосаксонӣ бошад равияи дигари геополитика рушд дода шуд. Дар Британия ҳам асосгузори илми геополитикии англис адмирал Филипп Говард Коломб (с. 1831 – 1899) назарияи қувваи баҳрии худро коркард намуд.

Дар Россия бошад Н. Я. Данилевский бо нашр намудани асараш «Россия ва Европа (1869)» ба баҳсҳои геополитикӣ оғоз бахшид. Дар асари худ ин олими рус нигоҳ ба муносибатҳои байналхалқиро ҳамчун ба маҷмӯи тамаддунҳо намуд, ки дар заминаи он дин, анъана, маданият ва ҷаҳонбинӣ қарор доранд. Маркази сиёсати ҷаҳониро ӯ дар низои тамаддунҳои русӣ (православӣ) ва ғарбӣ (романо-германӣ) дид. Ф. М. Достоевский бошад бо камтар фарқият аз Н. Я. Данилевский фикри худро баён дошта, ба «иттифоқи табӣ»-ии Россияи православӣ ва Германияи лютеранӣ бар зидди Ғарби боқимонда афзалият додааст. Ҳар ду бошад пешравиро барои Россия дар самти ҷануб, дар таъсис додани давлатҳои православӣ дар Балкан ва барқарор намудани назорат аз болои гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ медиданд. Бар зидди онҳо М. Н. Катков баромада, баъди ҷанги Россия ва Туркия (с. 1877 – 1878) ӯ иттифоқчии табии Россияро дар симои Франсия дарёфтааст ва иброз намудааст, ки ҷаҳони германӣ ҳам барои славянҳо ва ҳам барои романитаборон хатарнок аст[1].

Аммо берун аз Европа низ консепсияҳои геополитикӣ, махсусан дар ШМА, дар гардиш даровардa шуданд. Саромади геополитикаи америкоӣ афсари қувваҳои ҳарбӣ-баҳрии ШМА А. Т. Мэхэн (с. 1840 – 1914) дониста шуда, дар асари барномавии худ «Таъсири қувваи баҳрӣ ба таърих. с. 1660 – 1783», ки дар соли 1890 нашр гардид, мафҳуми «қувваи баҳрӣ»-ро ба гардиш даровард. Ӯ фишурдаеро асоснок мекард, ки тибқи он нақши асосиро дар таърихи умумиҷаҳонӣ давлатҳое бозӣ карданд, ки қувваи бузурги баҳрӣ доштанд ва ба сафи онҳо Рим, Испания, Британия ва Голландияро мансуб донистааст. Мамлакатҳое, ки натавонистанд дар баҳр ҳукмрониашро нигоҳ доранд, ба монанди империяи Хитой, Усмониён, Франсия ва Португалия муборизаро барои сарвари ҷаҳонӣ шудан бохтанд. «Қувваи баҳрӣ», тибқи назари А. Т. Мэхэн, ба андозаи зиёд аз доштани флоти боқуввати баҳрӣ вобаст нест, балки он аз ҳузури доимӣ доштани бузургдавлат дар уқёнуси Ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад. Роҳ ба сӯи мақсади мазкурро вай дар формулаи

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 365 – 366.

навбатӣ инъикос намудааст: «флоти ҳарбӣ + флоти тиҷоратӣ + пойгоҳҳои ҳарбӣ - баҳрӣ = қудрати баҳрӣ». А. Т. Мэхэн, ғайр аз ин, байни мафҳумҳои бузургдавлати «баҳрӣ» ва бузургдавлати «уқёнусӣ» низ фарқият гузошт. Тибқи назари ӯ бузургдавлати «баҳрӣ» флоти ҳарбӣ-баҳрӣ дошта, танҳо қодир аст фазоҳои баҳрӣ (баҳрҳои соҳилӣ)-и наздик ба худро назорат менамояд, бузургдавлати «уқёнусӣ» бошад қудрат дорад, ки тавассути флоти тавонотарин ва доштани системаи базаҳо дар тамоми олам уқёнуси Ҷаҳониро назорат намояд. Давлатҳои баҳрӣ аксарияти давлатҳои қитъавии Европа мебошанд, бузургдавлатҳои уқёнуси бошад Британия, Голландия ва Испания мебошанд. Дар оянда ШМА ҳам метавонанд бузургдавлати уқёнусӣ шавад.

Зарур аст қайд намоем, ки А. Т. Мэхэн консепсияи аввалини гирифтани роҳи Россияро кор кард. Тибқи назари ӯ вазифаи ШМА, ҳамчун давлати уқёнусӣ аз он иборат аст, ки империяи Россияро ба уқёнуси Ҷаҳонӣ роҳ надиҳад. Дар ин самт, яъне боз доштани Россия, А. Т. Мэхэн дар назди ШМА 3 такягоҳи геополитикиро мегузорад: 1) иттифоқ бо Британия ва Германия дар Европа; 2) иттифоқ бо Япония дар Осиёи Шарқӣ; 3) империяи Британия бояд назорат аз болои Афғонистон ва Ҳиндустон, яъне баромадан ба уқёнуси Ҳиндро нигоҳ дорад. Назорат аз болои минтақаҳои мазкур приоритети бузургдавлатҳои уқёнусӣ аз болои бузургдавлатҳои хушкиро таъмин менамояд, бо ҳамин давлатҳои уқёнусӣ метавонистанд қудрати худро дар минтақаҳои наздик ба бузургдавлатҳои хушкӣ нишон диҳанд, бузургдавлатҳои хушкӣ бошад аз ин имконият маҳрум мемонданд.

Ҳамин тавр, тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, технологӣ, сиёсӣ ва маданӣ дар қитъаи Европа дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX консерти европоиро дар он намуде, ки он ташаккул ёфту вуҷуд дошт, ба анархизми воқеӣ табдил доданд. Системаи мазкури муносибатҳои байналхалқӣ дигар воситаву қудрат надошт, ки бехатарӣ ва ҳаёти муътадилро дар Европа ва Ҷаҳон таъмин намояд. Дар Германия ва дигар давлатҳои қудратманд ҳар чи бештар назарияҳои геополитикиро рушд медоданд. Хулоса, ғояҳои легитимизм, ки ҳамкориҳои монархҳои европоиро ба назар гирифта буд, бо суръати тез ба манфиатҳои миллӣ ва экспансия иваз гардид. Дар ин маъно ба вуҷуд омадани назарияҳои геополитикӣ аз наздик расидани замони аз нав дида баромадани тартиботи венагӣ дарак медоданд.

## 4. 17. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XIX – ИБТИДОИ АСРИ XX

**Фаъолияти «Иттифоқи се император» ва натиҷаи он.** Баъди аз сари идороти сиёсати берунии кишварҳои европоӣ рафтани дипломатҳои мактаби кӯҳна дар охири асри XIX – ибтидои асри XX ба роҳбарии сиёсати калони давлатҳои европоӣ насли ҷадид омада, барои онҳо тасаввурот оид ба якдилии монархиявӣ, ки падару пешгузаштагонашон побанди он буданд, бегона шуд. Онҳо дар сиёсати худ ҳар чи бештар ба рӯҳияи ҷамъиятӣ, ба дасисакорони дарборӣ ва ғайра такя мекарданд. Тасаввурот дар бораи ахлоқи воҳиди Европа дар бисёр маврид аз даст дода шуда буд.

Дигар чораҳо бошад он вақт акнун вуҷуд надоштанд, ки то консерти европоиро мустаҳкам намоянд. Структураи дохилии консерти европоӣ ба мо маълум аст, ки он дар ҳамин вақт заиф буда, ба вазифаҳою талаботи муносиботи байналхалқии мураккабгардида ҷавобгӯ набуд. Амалан ҳама чиз ҳоло ҳам бо принсипҳои кӯҳнашудаи сулолавӣ нигоҳ дошта мешуд, ки онҳо бошанд дар навбати худ ҳар чи зиёдтар ба манфиатҳои миллӣ иваз карда шуданд.

Ва қурбонии аввали оташи сиёсатмадорон ва дипломатҳои ҷавон, ки дар охири асри XIX сари қудрат расиданд, ин аз байн бардоштани Иттифоқи се император (Австрия, Германия ва Россия), ки бо заҳмати Бисмарк дар соли 1873 таъсис ёфта буд, гардид.

25 май (6 июн)-и соли 1873 ҳангоми сафари императори Россия ва вазири хориҷии он, княз А. М. Горчаков дар Вена Александри II ва Франс Иосифи I дар қасри Шёнбурнни наздикии Вена шартномаро бастанд. 11 (23) октябри соли 1873 ба он Германия ҳамроҳ гардид. Бо ҳамин он ба худ номи рамзии «Иттифоқи се император» - ро гирифт[1]. Барои Бисмарк таъсисёбии иттифоқи мазкур ғалабаи дипломатӣ ба ҳисоб мерафт. Зеро дар натиҷаи он Берлин аввал, мавқеи марказии худро дар Европаи онвақта барқарор намуд, дуюм, байни Париж ва Санкт - Петербург монеаро монд, сеюм, рақобати австро-русиро дар Балкан зери назорати ҷиддии худ гирифт, то ки баъд нашавад фикр кард, ки ҳангоми сар задани ҷанг миёни Австрия ва Россия аз кадом ҷониб тарафдорӣ намояд[2].

Ба назари мутахассисон аз рӯзҳои аввали таъсисёбии иттифоқи мазкур аён буд, ки ин комбинатсияи Бисмарк ба чизи мурда таваллудшуда шабеҳ дошт. Иттифоқи мазкур бар пояи воҳимаҳои худи Бисмарк ва эҳсосоти нозунузу риққатоварии Александри II ва Вилгелми I дар муносибат ба ҳамдигар,

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 294.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

инчунин таваҷҷӯи мутақобилаи консерваторон ва монархистони русу немис пойдор буд.

Сиёсати Бисмарк на танҳо анъанавӣ буд, балки он кӯҳнамӯд низ буд. Дар сиёсати дохилӣ ӯ кӯшиш мекард, ки ба сар задани инқилобҳо имконият надиҳад.

Чизе, ки ба манфиатҳои воқеии миллии Австро-Венгрия ва Россия дахл дорад, пас дар ин ҷо хайрхоҳии шахсӣ ба ҳамдигар дуюуминдараҷа гардид. Ихтилофоти давлатҳои мазкур дар Балкан ниҳоят зиёд буданд, то ки Бисмарк метавонист онҳоро бартараф намояд. Барои ҳамин иттифоқ бо Вена он маъноро дошт, ки зина ба зина воридшавии Берлин дар моҷароҳҳои балкании ҳукумати Австрия то июли соли 1914 сурат гирифт.

Дар ҳақиқат ҳангоми мубодилаи назару ақида тавассути нотаҳо байни Австрия, Пруссия ва Россия дар соли 1873 ва маҳз ҳамин мубодила «Драйкайзербунд»-ро ба расмият даровард, тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар масъалаҳои мазкур ҳамкорӣ намоянд: 1) ҳифз нигоҳ доштани статус-квои территориявӣ (қаламравӣ) дар Европа; 2) ҳал намудани Масъалаи Шарқ; 3) пешгирӣ кардани инқилобҳо. Аммо муайян буд, ки банди сеюм дар ҳамон шароитҳо танҳо ба Россия зарур буд, зеро собиқ жандарми европоӣ акнун дар арафаи инқилоби рус меистод. Он чизе ки ба бандҳои якум ва дуюм дахл дорад, онҳоро иттифоқ гуфтан он қадар дуруст намеояд, зеро инҳо танҳо дар самти машварат намудан бо ҳамдигар дар давраи сар задани бӯҳрон ӯҳдадориро ба ҷо овардан буду халос ва на зиёда аз онро ифода мекарданд.

Шартномаи Германия ва Австрия аз соли 1879, ки мазмуни иттифоқи мудофиавӣ дошт, бар зидди Россия равона гардида буд ва он метавонист ба дур кардани Россия ва заволёбии сиёсате, ки онро Иттифоқи се император дастгирӣ мекарданд, оварда расонад. Барои он ки ҳамин хел сурат нагирад, Бисмарк маҷбур гардид, ки 18 июни соли 1881 ба бастани «Драйкайзербунд»-и нав даст занад, ки он аз ҳар ҷиҳат метавонист бо рӯҳияи замон мувофиқат намояд. Дар мувофиқа бо шартномаи сетарафаи дар Берлин басташудаи соли 1881-и австро-германо-русӣ, се давлат пакт оид ба бетарафиро дар он ҳолате, ки агар як тараф аз ин се давлат дар ҷанг бо давлати чорум қарор гирадро бастанд. Ин амалан он маъноро дошт, ки дар ҳама гуна ҳолати тезу тундшавии зиддият байни Россия ва Англия, бо назардошти бо Россия сиёсати наздик ишғол намудани Париж ва сар назадани ҷанги нав байни Германия ва Франсия дар он замон, Лондон дар қитъа бе иттифоқчӣ мемонд. Шартнома масъалаи ҳангоми сар задани ҷанг бастани гулӯгоҳҳоро низ тасдиқ намуд, ки ин барои Россия ҳангоми ҳуҷум намудани Англия дар баҳри Сиёҳ кафолати муҳим гардид. Ва охирон, ки он ҳам зафари калони дипломатияи Россия буд, Австрия ба аз нав муттаҳидшавии Булғория розӣ шуд, аммо, ба ивази он бошад Россия маҷбур гардид, ки дар самти аннексиякунии Босния ва Герсеговина аз ҷониби Австро-Венгрия розигии худро диҳад.

Бо ин ҳама нигоҳ накарда, ин ғалабаи бебаҳси дипломатии Россия ва ба ҳам наздикшавии Петербург ва Берлин буд. Барои ҳамин бо иттифоқи

нави се император дар Вена, ки Бисмарк акнун дастони австриягиҳоро баст, розӣ набуданд, маҳз барои ҳамин Австрия ҳаматарафа кӯшиш мекард, ки он фақат дар коғазпораи хушку холӣ боқӣ монад. Оқибат Иттифоқи сегонаи Австрия, Германия ва Италия (с. 1882) барои Иттифоқи се император ҳукми маргбор овард, зеро он рӯи рост зидди русӣ буда, амалан Драйкайзербунд (Иттифоқи се император) - ро хат зад. Соли 1883 бошад Шартномаи амалан мудофиавии зидди Россия равона намудаи австро-германо-руминӣ баста шуд. Бо ин ҳама, муқаррароти шартномаи мазкур ва Иттифоқи сегона амалан бар зидди шартҳои «Драйказербунд» - и соли 1881 баромад мекарданд. Аз инаш бадтар он буд, ки мувофиқи назари муаррихони таърихи дипломатия ва муносиботи байналхалқӣ Иттифоқи Сегона ва шартномаи австро-германо-руминӣ аввалин иттифоқҳои ҳарбӣ-сиёсӣ гардиданд, ки дар шароити сулҳу суботу ороми баъди Конгресси Вена баста гардиданд ва аз зина ба зина пӯсидашавии «консерти европоӣ» дарак медоданд. Аҳамияти шартномаи «Драйказербунд»-и соли 1881-ро мухолифату ихтилофоти Австро-Венгрия ва Россия дар солҳои 1885 – 1886 дар масъалаи сиёсати Булғория ва ҷанги сербу булғорӣ халалдор намуд. Ниҳоят «Иттифоқи се император» дар соли 1887 пурра пароканда гардида, ба ҷойи он соли 1887 шартномаи Россия ва Германия оид ба эҳтиёткорӣ баста гардид.

**Шартномаи эхтиёткорона муносибат намудан (гурез аз масъулият).** Вазъияти ба амал омадаро комбинатсияи зиракопаи навбатии Бисмарк – шартномаи бо номи ғайрирасмӣ – Шартномаи эҳтиёткорона муносибат намудан, ки дар Берлин 6 (18) июни соли 1887 баста гардид, низ наҷот дода натавонист. Шартномаи мазкур сиррию пинҳонӣ ҳисоб меёфт ва он аз тарафи стат-котиби идораи корҳои хориҷии Германия Г. фон Бисмарк ва сафири Россия дар Берлин П. А. Шувалов имзо карда шуд. Аммо лоиҳаи шартнома аз ҷониби Александри III ва Вазорати корҳои хориҷии Россия маъқул дониста нашуд. Барои ҳамин он боз аз ҷониби Отто фон Бисмарк ва П. А. Шувалов аз нав муҳокима гардида, таҳрири ниҳоии шартнома коркард карда шуд. Ба шартнома протоколи махсус низ замима гардид. Тарафҳо, ҳангоми сар задани ҷанг бо давлати сеюм, дар муносибат бо ҳамдигар, нигоҳ доштани бетарафиро ба зимма гирифтанд. Мувофиқи ин шартнома, Россия ӯҳдадориро ба зимма гирифт, ки бетараф мемонад, агар Германия ба Франсия ҳамла наорад, Германия бошад бетарафиро риоя менамояд, ба он шарте, ки агар Россия ба Австро-Венгрия ҳуҷум накунад. Германия ҳуқуқҳои таърихан ба даст овардаи Россияро дар Балкан (махсусан дар Булғория ва Румелияи Шарқӣ) эътироф кард. Тибқи мазмуни протоколи ба шартнома замима гардида бошад Германия ӯҳдадориро ба зимма гирифт, ки дар масъалаи гулӯгоҳҳои баҳри Сиёҳ Россияро дастгирӣ менамояд. Амалан маҳз дар Шартномаи мазкур бори нахуст контур (тарҳ, ангора, хати бофосила)-и коалитсияҳои бо ҳам зид Антанта (Россия – Франсия) ва бузургдавлатҳои Марказӣ (Германия – Австрия) ба назари чашм расид. Азбаски шартномаи мазкур бе иштироки Австро-Венгрия баста шуд, он амалан барҳамхӯрии «Иттифоқи се император»-

ро ифода мекард. Аммо баъди ин ҳам муносиботи русу немис на он қадар хуб гардиданд.

***Истеъфои Бисмарк ва муносибати Германия.*** Баҳори соли 1890 Отто фон Бисмарк аз мақомаш истеъфо дод. Соли 1890 мӯҳлати амалкунии шартномаи дар боло зикршуда ба итмом расид. Сиёсати зидди русии Германия боз ҳам дар давраи ворисони Бисмарк зиёд гардид. Мувофиқи ақидаи бархе аз муҳаққиқони таърихи муносибатҳои байналхалқӣ, канслерҳои нав – Георг Лео фон Каприви ва Бетман-Голвег – ба корҳои байналхалқӣ он қадар сарфаҳм намерафтанд ва пурра ба муҳокимаронии сардори шӯъбаи сиёсии Вазорати корҳои хориҷии Германия Фридрих Август фон Голштейн такя мекарданд. Ҳукумати нави Германия бо сарварии генерал Лео фон Каприви аз нав барқарор намудани шартномаи мазкурро рад кард. Даст кашидани Берлин аз дароз намудани мӯҳлати шартномаи дар боло зикршуда дар соли 1891 он маъноро дошт, ки дар сиёсати Германия табаддулоти қатъӣ сурат гирифтааст, ки он пурра ба самти дастгирӣ намудани ягона иттифоқчии боваринок – Австрия равона гардидааст. Ғайр аз ин, дар Германия он замон ҳоло шитобкорӣ накарда, ба мусаллаҳшавии бошитоби қувваҳои баҳрӣ оғоз накарда буданд ва ин имконият медод, ки Англия ва Германия, дар заминаи сиёсати зиддирусӣ, ба ҳам наздик шаванд. Германия, ки аз даъвои худ ба Занзибар ва Ҷануб - Ғарбии Африка даст кашид, дар асоси шартномаи англо - германӣ аз 1 июли соли 1890, ки дар таърих бо номи шартномаи гелголанд - занзибарӣ маълум аст, аз Лондон ҷазираи Гелголанд (Ҳелголанд) - ро дар баҳри Шимолӣ гирифт.

**Иттифоқи Франсия ва Россия.** Дар чунин шароит ба ҳам наздикшавии Россия ва Франсия ночор буд. Агар сиёсати духӯраи Берлин ва сиёсати ошкоро хусуматонаи Вена боиси иттифоқи франко-русӣ барои Россия гардид, пас Франсияро ба самти Шарқ (яъне Россия) сиёсати гузаштнакунии Лондон дар Миср тела дод. Аз соли 1882 Миср амалан ба ниммустамликаи Британия табдил ёфт ва ин комилан барқароркунии коалитсияи замони Ҷанги Қрим бударо барбод дод.

Дар асл ба ҳам наздик омадани Франсия ва Россия низ сабуку осон ба вуҷуд наомад. Дар аввал Россия аз бастани конвенсияи ҳарбӣ бо Франсия ва дар натиҷаи ин ба зимма гирифтани ягон ӯҳдадориҳои мушаххас даст кашид. Нияти Петербург маълум буд, яъне дар танҳоӣ бо Австрия ҳисобу китоб намояд, замоне ки ҳоло Германия дар масъалаи антагонизми франко-германӣ банд бошад.

Дар ҳақиқат дар солҳои 90-ум Франсия, назар ба Россия дида, ба иттифоқи франко-русӣ бештар эҳтиёҷ дошт. Аммо аз ҷониби дигар вобастагии молиявии ҳукумати шоҳии Россия аз заёмҳои Франсия на аз он камтар намоён буд. Инчунин тарсу воҳимаи Петербург дар масъалаи танҳо мондан дар назди қувваи бо суръати тез боло гирифтаи Германия низ бояд ба инобат гирифт. Махсусан ин тарсу ваҳм баъди созмон додани Иттифоқи Сегона ва дӯстии Англия бо Германия боз ҳам боло гирифт.

Аллакай 11 (23) августи соли 1891 императори Россия Александри III эскадраи ҳарбии Франсияро шахсан худаш дар Кронштадт қабул кард. Ҳамин тавр, ба ҳам наздикшавии ду мамлакат оғоз ёфта, 18 (27) августи соли 1892 конвенсияи махфии ҳарбии Франсия ва Россия баста шуд, ки ба он шахсан сардори Штаби генералии Россия Николай Николайевич Обручев ва сардори Штаби генералии Франсия Раул Буадефр имзо гузоштанд.

Мувфиқи моддаи якуми конвенсия тарафҳо ӯҳдадор шуданд, ки агар Германия ё Австро - Венгрия ба Россия ҳамла оранд ё ки Италия ё Герамния ба Франсия ҳуҷум намоянд, тарафҳо ба ҳамдигар кӯмак менамоянд.

Тибқи моддаи дуюми он, агар Иттифоқи Сегона ё яке аз тарафҳои аъзои он сафарбаркунии ҳарбӣ гузаронад, Франсия ва Россия дар рӯзи аввали хабар ёфтан аз он бе ягон қарордоди пешакӣ зуд ва ҳамзамон тамоми қувваи худро сафарбар менамоянд. Дар конвенсия шумораи қувваҳои бар зидди Германия, ҳамчун тавонотарин давлат дар Иттифоқи Сегона, равона намуда, низ дар ҳолати зарурӣ зикр шуда буд, ки Франсия ӯҳдадор гардид 1,3 миллион ва Россия бошад 700 – 800 ҳазор аскар пешниҳод менамояд.

Дар рафти гуфтушунидҳо оид ба мазмуну мундариҷаи конвенсия тарафи Франсия хоҳиш намуд, ки Россия чи қадаре ки тавонад дар фронти Германия зиёдтар қувваро ҷудо намояд. Аз ин ҷо ба таври равшан намоён мегардад, ки Штаби генералии Франсия аз стратегияи наполеонӣ – стратегияи сарнагункунии қувваи асосии рақиб пайравӣ намуд. Аммо ҷанги ҷаҳонӣ нишон дод, ки стратегияи бемадоркунӣ (беқувваткунанда, бемадоркунанда) ғалаба кард, Англия тибқи он амал намуда, аввал аз болои иттифоқчиёни Германия ғалаба ба даст овард ва сонӣ худи Германияро ба таслимшавии бечуну чаро маҷбур кард[1].

Дар Берлин ба таври зуд ҳаҷму андозаи шикасти худро дарк накарданд, аммо замоне ки орзую ҳавас дар бораи ба ҳам наздикшавии англо-германӣ ҳар чи бештар хаёлу хом баромад, дипломатияи Германия кӯшиши наздикшавӣ ба Россия намуд, ки аллакай дер шуда буд. Акнун дер шуд, ки Германия мақсаду вазифаҳои худ, яъне барҳам задани иттифоқи франко-русиро амалӣ карда тавонад.

Ғайр аз ин, Берлин ҳарчанд кӯшиш намуд, ки муносиботи худро дар давраи гузариш аз асри XIX – ба асри XX бо Франсия хубтар намояд, аммо он натиҷа надод. Маълум аст, ки аннексияи Элзас ва Лотарингия дар натиҷаи Ҷанги Франсия ва Пруссия (с. 1870 – 1871) ба зиддият миёни Франсия ва Германия оварда расонд. Инчунин немисҳо кӯшиш намуданд, ки Германияро дар ҷанг аз дар ду фронт амалиёт бурдан раҳо намуда, Берлин объективона манфиатдор буд, ки муносибати он бо Париж хуб бошад. Маҳз, барои ҳамин, Бисмарк кӯшиш кард, ки барои аз даст додани ду музофоти мазкур ба Франсия ҷуброн намояд, ҳамин тавр, барои муътадилшавии муносибот бо Париж заминаи муносибро пайдо намояд. Барои ин кор ӯ беист Франсияро дар та-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

моми амалиётҳои мустамликадориаш дастгирӣ мекард. Худи Бисмарк комилан бо сиёсати мустамликадорӣ рағбату шавқ надошт. Баъди таъсисёбии империяи Герамния ва бо ин роҳ ҳал гардидани вазифаи таърихии муттаҳидкунии немисҳо дар як давлат, Бисмарк одилона ба ин бовар дошт, ки дар манфиати давлати нави немисӣ – ин дастгирӣ намудани муътадилӣ, оромию осудагӣ дар Европа қарор дорад. Ва чи тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон дод, чунин муътадилиро танҳо аз ҳисоби фаъолшавии экспансияи мустамликавии давлатҳои бузург – ҳамсоягони Германия ба даст овард. Маҳз, барои ҳамин Бисмарк ҳаматарафа кӯшишҳои мустамликавии Англия, Россия ва махсусан Франсияро ҳавасманд мегардонд.

Дар ҳамаи низоъҳои байни Париж ва Лондон оид ба масъалаҳои мустамликавӣ дар муддати солҳои 80-уми асри XIX Бисмарк пурра ва беист Франсияро дастгирӣ мекард. Ҳамин тавр, рафтор намуда, дипломатияи Германия тавонист ба номи маҷоззии «иттифоқи либералӣ»-и байни Франсияи Ҷумҳуриявӣ ва Британияи конститутсиониро, ки дар сатҳи муайян зиддигерманӣ низ буд, аз байн бардорад.

Фаъолшавии сиёсати мустамликадории Германия бошад дар навбати худ муносиботи германо-франсузиро тезу тунд намуд. Аммо аз ин ҳам дида, барои Берлин вайроншавии муносиботи англо-германӣ натиҷаҳои вазнинтарро ба бор овард.

**Болоравии зиддияти Англия ва Германия.** Қарори моҷароҷӯёнаи вайрон намудани муносибот бо Россия аз ҷониби канслери Германия ва атрофиёнаш бо умеди ба ҳам наздикшавии Англия ва Герамния сурат гирифта буд. Аммо ин умеду орзу амалӣ нашуд ва сабаби асосии он бошад рақобати баҳрии англо-германӣ ва рақобати мустамликавии онҳо гардид.

Дар доираи ҳукмрони Германия нуқтаи назаре боло гирифт, ки бе надоштани империяи васеи мустамликавӣ империяи Германия гуё наметавонад, ки рушд ёбад. Дар умум, чунин ақидаҳои мазкур дар рушди муқоисавии иқтисодии Германия бо иқтисоди давлатҳои кӯҳнаи мустамликадор тасдиқи худро наёфтанд. Зеро Германия, ки амалан ягон мустамлика надошт, аз Англия, Франсия, Белгия, Голландия ва ғайра дида, тезтар рушд меёфт. Амалан агар гирем, мустамликаҳо дар гардани давлатҳои кӯҳнаи мустамликавӣ бори гарон буданд, масалан, дар ҳама ҳолат баъди заволёбии системаи мустамликавӣ дар солҳои 60-уми асри XX суръати рушди иқтисодии метрополияҳои европоӣ чандин маротиба боло рафт.

Зуҳуроти мушаххас барои зиддияти боло рафтаи байни Лондон ва Берлин ин мухолифати ҳукумати Британия бар зидди сохтмони роҳҳои оҳан дар қисмати Анатолияи Туркия (с. 1892) гардид. Гарчанде ки Германия ва Туркия ин иддаои Лондонро рад карда буданд ва роҳи оҳани Эскишехир – Қуния тавассути ёрии молиявӣ ва техникии Германия сохта шуда бошад ҳам, аммо ин мухолифат таъсири манфии худро дар муносиботи англо-германӣ боқӣ гузошт.

Зуҳуроти нав дар зиддияти англо - германӣ ин рақобати абарқудратҳо барои тақсимоти Африка гардид. Дар ҳақиқат дар ин масъала асосан Англия ва Франсия рақобат мекарданд, ки дигар давлатҳои европоӣ, аз ҷумла Германия, Белгия ва Италияро ба манфиати худ истифода мебурданд, то ки рақиби асосии худро ба болооби Нил роҳ надиҳанд, ки минтақаи мазкур бошад дар навбати худ объекти асосии рақобат дониста мешуд.

Маҳз барои ҳамин мувофиқи шартномаи 15 ноябри соли 1893 Англия қаламрави Камерунро, дар шимол то кӯли Чад ва дар ҷануб то ҳавзаи дарёи Шари, ҳамчун қаламрави зери доираи таъсири Германия эътироф намуд. Дар Лондон ба он такя намуданд, ки Германия душмани деринаи Франсия буда, роҳи сар даровардани Франсияро ба Болооби Нил аз ҷониби ғарб банд менамояд.

Аммо нияти Англия барор нагирифт. Расо баъди 4 моҳ, 15 марти соли 1894 шартномаи франко-германӣ баста шуд, ки тибқи он Германия қаламравҳои худро бо як Камерун маҳдуд намуд, франсузҳо бошанд ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар тамоми канораҳои шарқтар аз ҳудуди он ҷойгир буда, озодона амал намоянд.

Аён аст, ки дар ин ҷо Британия тахмини нодуруст кард, натавонист дарк намояд, ки нақшаи Берлин ин аз корҳои Европа ба тарафи дигар ҷалб кардани Франсия ва аз иттифоқчиёни потенсиалиаш дар Европа маҳрум кардани он иборат буд. Ғайр аз ин, Берлин тамоми кӯшишу имконотро истифода нумуд, то ки шартномаи англо-белгиягиро бекор намояд, ки мувофиқи он бо ном «Давлати мустақили Конго» соҳилҳои чапи Нилро аз кӯли Алберт то Фашода ба иҷора гирифта буд. Дар натиҷаи фишор расондан аз Париж ва Берлин 14 августи соли 1894 шоҳи Белгия Леополди II бо хоҳиши Франсия аз соҳили чапи Нил даст кашид. Роҳ ба самти Нил кушода гардид, ки чуноне маълум аст баъди як сол ба бӯҳрон дар атрофи Фашода оварда расонд.

Аммо махсусан қаҳри Англияро мавқегирии Берлин дар рафти масъалаи бӯҳрон дар атрофи Трансваал (декабри соли 1895 – январи соли 1896) ба вуҷуд оварда буд, замоне ки ба хотири сарнагункунии президенти Трансваал Крюгер, сӯиқасди Англия, ки бо дастгирии отряди политсияи ширкати Африкаи Ҷанубии Сесил Родс, зери роҳбарии Ҷемсон сурат гирифт, комилан барбод анҷом ёфт. Германия ба таври анъанавӣ Ҷумҳурии Бурҳоро дар Африкаи Ҷанубӣ ҳамчун қаламрави зери доираи таъсири худ медонист. Барои ҳамин, амали нокомшуда бар зидди Йоханнесбург реаксияи ҷиддии кайзерро ба вуҷуд овард. Кайзери Германия 3 январи соли 1896 ба Крюгер телеграмма фиристонда, дар он президенти Трансваалро бо ғалаба аз болои гурӯҳи мусаллаҳи думравони англис табрик гуфт ва аз ҷониби худ оид ба ёрии имконпазири давлатҳои дӯстхоҳ ишора намуд, ки ин амал Англияро сахт халалдор намуд. Дар Лондон дигар ба хаттогӣ роҳ надоданд ва дарк намуданд, ки дар симои Германия Британия рақиби оштинопазирро мебинад. Аз ҷониби дигар кӯшишҳои Берлин дар самти ташкил кардани лигаи қитъавии зиддианглисӣ низ самара надоданд: на Россия, на Франсия, на Австрия ва на Италия омода

набуданд, ки ба хотири манфиатҳои Германия бо Лондон вориди низоъ шаванд. Зеро даъвоҳои мустамликавии Германия дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX на танҳо дар Лондон, балки дар дигар пойтахтҳои европоӣ низ ҳар чи бештар нооромию норозигиро ба вуҷуд овsecurityарданд.

Масалан, дар рафти моҷарои Фашода (тобистон – тирамоҳи 1898), вақте ки корпуси экспедитсионии англо-мисрии Китченер дар деҳаи Фашода дар резишгоҳи болоии Нил отряди капитан Маршан иборат аз 100 нафарро масдуд намуда буд, французҳо пурра қоил шуданд, ки аз муносиботи неки пешина ба моҷароҳои мустамликавии онҳо намудаи Гемания ҳатто пай ҳам намондааст. Дарки эҳтиёткоронаи Париж ба мавқеи Берлин оид ба низои англо-французӣ ҷавоби навбатии таърихии ҷониби Германияро тавлид намуда буд: «Наздикшавии Франсия ва Германия танҳо он вақт имкон мегардад, ки агар замоне калимаҳои «Элзас ва Лотарингия» аз луғатҳои ходимони давлатии француз ва матбуоти французӣ ғайб зананд»[1].

Дар натиҷа Франсия маҷбур шуд, ки дар назди Британия ночор таслим шавад ва амалан ҳавзаи пурраи Нилро гузашт намояд. Ҳамчун тӯҳфаи оромкунанда Франсия порае аз Судонро дар ғарбтар аз Дорфур ба даст овард. Гирифтани минтақаи мазкур имкон дод, ки қаламравҳои Франсияи дар Шимол ва Ғарби Африка бударо бо мустамликаҳои Африкаи Марказии он пайваст намуд.

Аммо дар ояндаи на он қадар дур Лондон аз кирдори ноҷояш дар сиёсати мустамликавӣ сахт афсӯс хӯрд, ки он на танҳо аз Англия Франсияро дур кард, балки Россияро низ. Ин баъди оғози Ҷанги англо-бурӣ (с. 1899 – 1902) ба вуҷуд омад, ки Англия аввал онро баробари амалиёти политсиягӣ донист, аммо он ба ҷанги дуру пур аз хунрезӣ мубаддал гашт, ки тамоми қувваю тавоноии империяро талаб мекард. Ба Британия зарур омад, ки ба Африкаи Ҷанубӣ 250 ҳазор нафар аскар фиристонда, танҳо баъди ду соли муборизаи шадид ғалабаро ба даст орад.

Гап на танҳо сари зери суол мондани қобилияти таъсиррасонии мошинаи ҷангии Британия мерафт, гап сари он низ буд, ки Англия дар изолятсияи пурраи байналхалқӣ қарор гирифт. Франсия, Россия ва Германия акнун имконият ба даст оварданд, ки ба Британияи ҳавобаланд он таҳқиру маломатзаниҳоро, ки аз ҷониби он дар масъалаи мустамликадорӣ гирифта буданд, ёдрас намоянд.

Ҳукумати Британияро зарур омад, ки ба Берлин ду ҷазираро аз ҳисоби архипелаги Самоа бо қисми мустамликаи Соҳили Тиллоӣ дар Африкаи Ғарбӣ гузашт намояд, то ки бетарафии Германияро дар Ҷанги англо - бурӣ ба даст орад. Сиёсати империяи Германия, навишта буд Чемберлен ба сарвазир Солсбери, найрангу таҳдиди ошкоро аст. Аммо, барои кафолат додани бетарафии дӯстонаи Германия дар ҷанги мазкур, ки он тавре сурат гирифт, ки дар Англия он тарз нахостанд, Чемберлен ҳатто иттифоқи ду нажод – англосаксонӣ ва

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

германиро низ пешниҳод намуд. Дар Берлин бошад манёври мазукри ғайризираконаро кушоданд ва ба англисҳо фаҳмонданд, ки Германия ба Англия эҳтиёҷ надорад. Ва умуман, чи хеле ки дар нутқи худ дар рейхстаг аз 11 декабри соли 1899 канслер Бюлов қайд карда буд, Германия бояд чунон флоти тавонои ҳарбӣ-баҳрӣ дошта бошад, ки дар ҳолати омодабошие қарор гирад, ки ҳатто ҳуҷуми бузургдавлати баҳрии аз ҳама боқувватро гардонда тавонад.

Ин он вақтҳо пеш аз ҳама таҳдиди рӯи рост ба Британияи Кабир буд. Ва нутқи канслер Бюлов дар давраи Ҷанги англо-бурӣ ба таҳдиди ҳақиқӣ табдил ёфт. Мувофиқи қонун аз 12 июни соли 1900 флоти Германияро бояд 34 киштии линейӣ, 11 крейсери вазнин ва 34 крейсери сабук ва 100 киштии минаандоз ташкил медоданд. Ин даъвои хеле ҷиддӣ дар мубориза бо Англия барои тақсими Ҷаҳон ва ҳукмронӣ дар баҳр буд.

Ғайр аз ин, рақобати Германия дар давраи бӯҳрони иқтисодии солҳои 1900 – 1902 низ муносибатро миёни Лондон ва Берлин тезу тунд намуд. Дар давраи бӯҳрони мазкур нархи оҳан ва маҳсулоти оҳанине, ки аз Германия ба Британия ворид мешуданд, зиёда аз 3 маротиба баланд рафт, ҳамзамон воридоти чунин намуд маҳсулот аз Англия ба Германия ба ҳамин андоза баробар кам гардид. Металлургияи Британия, ки як замон дар Ҷаҳон аз ҳама боқувват буд, кушоду равшан рақобатро бо саноати металлургии Германия бохт. Рақобат бо ширактҳои киштиронии Германия низ тезу тунд гардид. Ҳамин тавр, таҳдиди Германия ба чизи асосии такягоҳи пешсафии саноат ва тиҷорати ҷаҳонии Британия хатари ҷиддӣ эҷод намуд.

**Раванди ташаккулёбии Антанта.** Ҳамин тавр, дар ибтидои асри XX Англия дар вазъияти хеле мураккаби байналхалқӣ баромад мекард Дар сатҳи байналхалқӣ мамлакат иттифоқчӣ надошт. Ин ҳам он қадар гапе намешуд, агар Британия бартарияти иқтисодӣ ва ҳарбиро аз болои дигар аъзоёни консерти европоӣ нигоҳ медошт. Аммо мушкилӣ дар он буд, ки дар оғози асри нав Англия ҳар чи бештар пешсафии бебаҳсро аз даст медод ва дар ҳамин шароит Лондон зарурият ба дӯстон ва иттифоқчиён дошт.

Аммо баромадан аз ин вазъият кори осон набуд. Ва ин вазифаро дар муддати чанд сол шоҳ Эдуарди VII ҳал намуд. Баъди ба тахт нишастан дар соли 1901, ӯ тавонист, ки Британияро дар муносибатҳои байналхалқӣ аз изолятсияи сиёсӣ бароварад. Дар ин кор ба ӯ қабилияти фавқулоддааш ва алоқаҳои васеи шахсӣ доштаи ӯ бо шахсиятҳои маъруфи пойтахтҳои европоӣ ёрӣ расонд.

Баҳори соли 1903 шоҳи Англия ба Париж ташриф овард, ки ин сафар ба ҳам наздикшавии Англия ва Франсияро оғоз бахшид. Баъди як сол бошад, 8 апреля 1904, байни ин ду давлат оид ба тақсим намудани доираи таъсир дар Африка шартнома баста шуд, ки он «entente» – «ризоият аз дили ҷон» ном гирифт. Тақсим намудани Африка ҳамин тавр сурат гирифт. Моҳияти шартнома аз он иборат буд, ки ба ивази Миср, Англия розигӣ дод, ки Париж қисми калони қаламрави Марокашро тасарруф намояд. Дар ҳақиқат ҳар ду давлат сабаб доштанд, ки як вақтҳо рақобати шадиди мустамликавии худро фаромӯш

намоянд, зеро дар Шарқ душмани шаддид (Германия) рӯз то рӯз қувват мегирифт.

Баъди шикасти Россия дар Ҷанги русу япон Петербург дигар барои Германия дар Туркия рақобатпазир ҳисоб намешуд, аммо ҳамзамон доираи таъсири Англия низ дар Туркия кам гардид. Ҳамин тавр, воридшавии фаъолонаи Германия ба Шарқи Наздик ва Миёна боиси ба вуҷуд омадани наздикшавии Англия ва Россия гардид. 31 августи соли 1907 байни Англия ва Россия шартнома дар бораи муайян намудани доираи таъсири худ дар Осиё баста гардид.

Ҳам Россия ва ҳам Британияро эҳтимолияти сохтмони шохаи роҳи оҳани Бағдод ба самти Форс нороҳат намуд, дар ҳолати сохтани ин роҳ давлатҳои мазкур мумкин бозори Форсро аз даст медоданд. Гарчанде ки Россия розӣ буд тибқи шартҳои муайян нияти худро бар зидди сохтмони роҳи оҳани Бағдод бардорад, аммо Берлин аз ба зимма гирифтани ӯҳдадориҳо оид ба насохтани роҳ то сарҳади Форс ё дар қаламрави он даст кашид. Дар ҳамин шароитҳо, то ки манфиатҳои махсуси худро дар Форс ҳифз намояд, ҳукумати Россия маҷбур буд, ки бо Англия наздик шавад. Ҳамин тавр, шавқу ҳаваси Германия дар самти сиёсати мустамликавӣ ва экспансияи немисҳо ин ду давлатро маҷбур намуд, ки ба ҳам наздик оянд. Бо ҳамин, дар натиҷаи бастани ин ду шартнома (соли 1904 ва соли 1907) Антанта шакл гирифт.

**Мусаллаҳшавии бошитоби давлатҳои бузург. Конференсияҳои Гаага.** Чуноне ки маълум аст Ҷанги Қрим намунаи аввалине шуд, ки таъсири мусаллаҳшавии бошитобро ба муносибатҳои байналхалқӣ нишон дода буд. Баъди ҷанги мазкур абарқудратҳо, баробари онҳо, ҳатто давлатҳои хурд, дигар наметавонистанд, ки ба наворвариҳои ҳарбӣ-техникӣ содалавҳона муносибат намоянд ва мусаллаҳшавии бошитоб ба фактори муҳимтарин табдил гардид, ки он характери муносибатҳои байналхалқиро муайян мекард. Баробари ин, мусаллаҳшавии бошитоб ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар баҳр гузаронда мешуд.

Самти асосии мусаллаҳшавии бошитоб дар хушкӣ дар он давра мукаммалгардонии яроқҳои намуди артиллерӣ-тирпарронӣ ба ҳисоб мерафт. Дар соли 1896 Германия дар артиши худ тӯпи саҳроии тезпаррони 77 - миллиметраро қабул кард, ки он қодир буд дар як дақиқа 6 – 10 тир холӣ кунад, он вақт ба монанди давраи пеш пешравии шуморавӣ ба 1 – 2 тир дар як дақиқа баробар буд. Соли 1897 бошад Франсия тӯпи 75-мм-ро ба майдон баровард. Аммо Россия ва Австро-Венгрия дар масъалаи азнавсозии яроқ ва мусаллаҳшавӣ ба нарасидани маблағ рӯбарӯ шуданд. Мумкин нарасидани маблағ буд, ки ҳукумати Россияро маҷбур намуд, ки талаб намояд, ки конференсияи байналхалқӣ оид ба маҳдуд намудани яроқ (беяроқкунӣ) даъват карда шавад. Бархе аз муаррихони рус талаби мазкури императори Россия Николай II-ро дар сиёсати сулҳхоҳонаи ӯ арзёбӣ менамоянд. Масъалаи беяроқкунӣ дар конференсияҳои якум (соли 1899) ва дуюм (соли 1907)-и сулҳи Гаага баррасӣ гардида буданд.

Ҳукумати Россия дар конференсияи байналхалқии Гаага, ки бо иштироки намояндагони 26 давлат май – июли соли 1899 баргузор гардид, бастани

шартномаро дар барои гирифтани роҳи мусаллаҳшавӣ ва кам кардани буҷаи ҳарбӣ дар давраи осоишта ва мумкин бо ин роҳ дар оянда низ онро кам намуд, талаб кард. Талаби Россияро танҳо давлатҳои майда дасгирӣ кардаанд. Зидди он асосан намояндагони Германия баромад карданд. Даъвати Россия бо ҳамин рад карда шуд. Россия мехост дар Европа вазъияти мӯътадилу оромро нигоҳ дорад. Мавриди зикр аст, ки ин иқдоми Россия дар Ҷаҳон бори нахуст буд, ки расман бар зидди мусаллаҳшавии бошитоб садо баланд карда шуд.

Реаксияи кайзер Вилгелм ба ин хоҳиши Петербург пурра маълуму муайянкунанда буд. Ба онҳо (русҳо) пул намерасад, гуфта буд ӯ ва ба нуқта расид. Аз ин ҷо мухолифати қатъии Берлин ҳам бар зидди маҳдудияти яроқҳои хушкӣ ва ҳам баҳрӣ садо дод. Дар Берлин ба хулосае омаданд, ки дар Германия барои ҳама чиз маблағ пурра мерасад, ҳам ба қуввахҳои муссаллаҳи баҳрӣ ва ҳам хушкӣ. Баъди чанд сол адмирал Алфред фон Тирпис бар зидди шартномаи англо-германӣ оид ба маҳдудияти яроқҳои ҳарбӣ-баҳрӣ баромад намуд.

Аммо на танҳо рақиби потенсиалӣ (Германия), ҳатто иттифоқчиёни Россия франсузҳо низ бар зидди хоҳиши мазкури Петербург баромаданд. Онҳо аллакай ба азнавмусаллаҳшавӣ маблағгузории калонро сафарбар намуда буданд ва ҳам аз нигоҳи молиявӣ ва ҳам аз нигоҳи эътибору нуфуз намехостанд, ки аз он даст кашанд. Барои онҳо даст кашидан аз мусаллаҳшавии бошитоб ин эътирофнамоии дасткашии ниҳоӣ аз Элзас ва Лотарингия ба ҳисоб мерафт[1].

Лондон низ оид ба масъалаи мазкур нобоварона назар дошд. Дар он ҷо ба хулосае омада буданд, ки мавриди санҷиш қарор додани раванди риоя намудани қарордодҳо оид ба беяроқкунӣ аз имкон берун аст. Дар натиҷа конференсияи Гаага (с. 1899) конвенсияро дар бораи қонун ва қоидаи ҷангҳои хушкӣ ва баҳрӣ коркард намуд, инчунин қарордодро дар бораи манъ намудани партофти тири тӯп ва дигар маводи тарканда аз шарҳои ҳавоӣ, манъ намудани истифодабарии тири тӯпи бо мақсади паҳн намудани газҳои заҳрнокдошта, манъ намудани тирҳои ба қисмҳо порашавандаро қабул намуд. Ғайр аз ин, Палатаи доимии суди ҳакамии дар Гаага мустақар буда, таъсис дода шуда буд. Аммо қарор дар бораи арбитражи маҷбуркунӣ қабул карда нашуд.

Дар Лондон, инчунин ба имкониятҳои маҳдуд шудани рақобати англо-германӣ дар баҳр бовар надоштанд. Дар он ҷо ба ин назар буданд, ки ягона имконият барои чунин намуд қарордод ин розигии ихтиёронаи Берлин бо бартарияти ҳарбӣ-баҳрии Британия шуда метавонад, аммо ба чунин тандиҳии немисҳо дар Англия ягон кас бовар надошт.

Чанд муддат дар Лондон ба пешсафии Британия дар мусаллаҳшавии бошитоби яроқҳои ҳарбӣ-баҳрӣ умед доштанд. Соли 1905 англисҳо ба об аввалин Дредноут – киштии линейӣ, ки аз он ба ҷойи тӯпҳои камтару ҳаҷмашон майдаи анъанавӣ, нави тӯпҳои зиёдтару ҳаҷмашон 305 мм ба об фуроварда шуд. Ҳамаи линкорҳои пеш истеҳсолшуда баъди ин кӯҳна ҳисоб шуданд, ҳамин тавр, Британия, дар мусаллаҳшавии бошитоб қадамҳоро ба пеш гузошт.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ҷавоби Берлин аз ин ҳам дида, боқувваттар буд. Дар солҳои 1906 – 1908 дар рейхстаг ду қонуни нави баҳрӣ (3-юм ва 4-ум) қабул гардиданд, ки тибқи онҳо ҳамаи киштиҳои зиреҳпӯши нави Германия набояд аз навъи дредноут паст бошанд, ғайр аз ин, то соли 1917 17 линкор ва 6 крейсери вазнин иваз карда мешуданд. Немисҳо, инчунин андозаии чуқурии канали Килро зиёд намуданд, то ки тавассути он киштиҳои линейӣ низ шино кунанд. Мувофиқи қонуни соли 1908 барои флот 1 миллиард маркаи дигарро аз болои он ҳаҷми маблағ, ки дар барномаи пешинаи ҳарбӣ-баҳрӣ ба нақша гирифта шуда буд, иловатан ҷудо намуданд. Агар тибқи қонуни 1900 ҳар сол ду зиреҳпӯш сохта мешуданд, пас, аз рӯи қонуни 1908, сохтмони 4 линкори навъи дредноут ба нақша гирифта шуда буд.

Боварӣ ба ғалабаи қатъӣ дар мусаллаҳшавии бошитоб дар Берлин чунон баланд буд, ки соли 1907 ҳукумати Германия амалан қарордод дар бораи маҳдуд намудани қувваҳои баҳриро бекор намуд. Дар рафти гуфтушуниди шахсии Эдуарди VII бо Вилгелми II кайзер ба ивази гузашткунии Герамния дар ин масъала талаботи ниҳоят вазнин, аз ҷумла бекоркунии антантаҳои англо-франсузӣ ва англо-русиро пешниҳод намуд. Дар натиҷаи кӯшишҳои ноком бо Германия англисҳо ба як хулоса омада, ҳукумати Британия оид ба ду маротиба аз Герамния зиёд истеҳсол намудани линкорҳо қарор қабул намуд. Бо ҳамин, мусаллаҳшавии бошитоб импулси иловагиро гирифт. Дар ҳамин ҳолат мо амалиёти компоненти муҳими мусаллаҳшавии бошитоб, яъне механизми амалкард зидди амалкарди рақибро мебинем.

Умуман то соли 1914 Германия, дар мусаллаҳшавии бошитоби баҳрӣ аз Британия қафо монда, баробари ин, дар мусаллаҳшавии бошитоб дар хушкӣ кушоду равшан аз Франсия ва Россия гузашта буд. Аз ҷумла, немисҳо аввалин шуда, дар сатҳи дивизион тӯпҳои саҳроии вазнини 105 мм-ро ба майдон ворид намуданд. Бо ин артиши Германия аз ҳисоби қувваи зарбавӣ бартарияти қатъиро дар тактикаи бурдани ҷанг ба даст даровард. Ин ба ақидаи Штаби генералии Германия, ба мамлакат асосноккуниро дод, ки ба ғалабаи зуд, ҳатто дар ду фронт боварӣ ҳосил намояд.

Соли 1912 қонуни нави сохтмони киштиҳо қабул гардид, ки тибқи он иловатан сохтмони 3 дредноутро дар миёни солҳои 1912 – 1917 ба назар гирифтанд. Рейхканслери империяи Германия Теобалд фон Бетман-Голвег дарк намуд, ки кадом мушкилиҳои хатарнокро нақшаи мазкур дар муносиботи байналхалқии мамлакат ба бор меорад ва кӯшиш намуд, ки қонуни мазкурро бекор намояд ва ба муқобили он чудо намудани маблағи иловагӣ ба артишро гузошт. Аммо ин ҳама бо он хотима ёфт, ки Рейхстаг ҳар ду қонун, яъне маблағгузории иловагӣ ба артиш ва ҳам маблағгузорӣ ба флотро қабул намуд.

Ин натиҷаи ғалабаи комили адмирал Алфред фон Тирпис ва мошинаи ҷангии Германия гардид. Сафари вазири ҳарбии Британия Холден ба Берлин (8 – 11 феврали соли 1912), пурра бо нокомӣ ва бе натиҷаи дилхоҳ ҷамъбаст гардид: асосан бо сабаби мавқеъгирии тунду ғайрисозишкорона оид ба

масъалаҳои баҳрии адмирал Тирпис, тарафҳо ҳам дар масъалаи бетарафӣ, ҳам дар масъалаи мустамликаҳо, ҳам оид ба мусаллаҳшавии бошитоби баҳрӣ натавонистанд ба як қарордод биёянд. Худи факти сафари вазири ҳарбии Британия ва ҷон гирифтани бархе аз гуфтушунидҳои дутарафаи англо-германӣ бошанд Берлинро ба он хулосае нодуруст овард, ки гӯё Британия ба созишкорӣ омода аст ва аз қатъӣ муқобилият нишон додан бар зидди агрессияи Германия худдорӣ менамояд. Бо гузашти ду сол, дар давраи бӯҳрони Сараево, Вилгелм ва атрофиёни ӯ маҷбур шуданд эътироф намоянд, ки хулосабарории онҳо нодуруст баромад, ки он вақт аллакай дер шуда буд.

Натиҷаи бевоситаи нокомии миссияи Холден мустаҳкамшавии ризоият аз дилу ҷони англо-франсузӣ гардид. Табодули назар тавассути мактубот байни Грей ва Камбон аз 22 – 23 ноябри соли 1912 он маъноро дошт, ки Париж ва Лондон дар асоси иттифоқи англо-франсузӣ нақшакашиҳои ҳарбиро дар ҳолати сар задани ҷанг бо Германия пиёда менамоянд. Дар натиҷа байни штабҳои баҳрии ду мамлакат конвенсияи ҳарбӣ-баҳрӣ баста шуд, ки тибқи он флоти Англия ҳимоя намудани соҳилҳои Атлантикии Франсияро ба ӯҳда гирифт ва флоти Франсия бошад ба ӯҳда гирифт, ки манфиатҳои Англияро дар баҳри Миёназамин ҳимоя менамояд.

Дар меморандуми худ аз 1 январи соли 1907 корманди вазорати корҳои хориҷии Британия Э. Кроу навишта буд: Бартарияти Германия дар баҳр бо ҳастии империяи Британия ҳеҷ намеғунҷад ва созгор нест. Агарчи Британия нест ҳам шавад, замъшавии қувваи бузургтарин дар хушкӣ ва дар баҳр дар дасти як давлат тамоми ҷаҳонро маҷбур менамояд, ки муттаҳид шуда, то ки аз ин фалокату даҳшат халос хӯранд. Ба даст овардани мустамликаҳо барои сиёсати мустамликакунии манфиатовари Германия дар Америкаи Ҷанубӣ, аз имкон берун аст, ки онро бо доктринаи Монро оштӣ дод. … Таъсис додани Ҳиндустони Германия дар Осиёи Хурд, оқибати амр аз ҳукмронии Германия дар баҳр ё аз ҷониби Германия забт намудани Константинопол ва мамлакатҳои дар миёни Босфор ва сарҳадоти муосири ҷануб-шарқии он ҷойгир буда вобастагӣ дорад. Дар хақиқат, дар шароити муосири байналхалқӣ амалишавии ҳар кадоме аз ин нақшаҳои бузург аз имкон берун мебошад. Аммо Германия мехоҳад ҳамаи инро дар як вақт ҳал намояд, ҳамин тавр, дар роҳи худ ҳама чизро зер намуда, бо ин амал барои худ монеаро эҷод намуда, қувваи муқовиматкунандаи Ҷаҳони ба бонги хатар омадаро ба вуҷуд меорад[1].

Ба ин баҳогузории тунд додан ба сиёсати берунии Германия дар он давра на танҳо ҳамзамонон, балки наслҳои оянда низ маҷбур буданд розӣ шаванд. Дар ҳақиқат дар ҳамон вақт дар дипломатияи немисӣ ба мисли Отто фон Бисмарк хӯҷаине ёфт нашуд. Новобаста ба ҳаматарафа мушкил будани комбинатсияҳои сиёсии ӯ, канслери оҳанин дар ҳама ҳолат ҳамаи риштаҳои моҷароҳоро дар дасти худ нигоҳ медошт, дар давраи ӯ ягон кас барои худ тасаввур ҳам намекард, ки Берлин чанд самти сиёсати хориҷӣ дошта бошад.

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Маҳз бо ҳамин тарзи кор баъди Бисмарк дипломатияи немисӣ дар давраи Вилгелми II сурат мегирифт. Кайзер бозии худро дошт, канслер аз худ, ВКХ аз они худ, артиш ва флот ҳам ҳамин хел. Хулоса, дар чунин шароит дар атрофи ҳамоҳангсозӣ намудани сиёсати берунӣ гап рондан аз воқеият дур буд. На Вилгелми II, на Бюлов ва на Бетман-Голвег ҳамоҳангсозиро дар сиёсати берунии Германия таъмин карда натавонистанд. Агар чунин курси сиёсати хориҷиро ягон давлати дигари ғайристатуси бузургдавлат мебурд, мояи хандаи тамоми Ҷаҳон мешуд. Аммо чунин намуд сиёсати берунии бефикрона ва моҷароҷӯёнаро абаркудраттарин давлат мебурд, ки даъвои ҳукмрони ҷаҳонро мекард. Барои ҳамин, дар ибтидои асри XX Германия худаш имконият дод, ки бар зидди он коаллитсияи боқувват таъсис дода шавад.

**Ҷангҳои Балкан.** Маҳз ҷангҳои Балкан дар майнаи сари сиёсатмадорон ва ҳарбиёни европоӣ ақидаи нодурустро ҷой намуданд, ки ҷанги ояндаи калон низ мисли онҳо кӯҳтомуддат сурат мегирад. Ва дар ҳамин масъала элитаи ҳарбӣ ва сиёсии Европа фиреб хӯрд. Гарчанде ки дар саҳифаҳои болоӣ оид ба ҷангҳои балканӣ ба таври умумӣ маълумот оварда шуд, аммо зарур шумоdoes дем, ки масъалаи мазкурро ба таври алоҳида инъикос намоем.

Инқилоби Ҷавонтурконро дар мамлакатҳои Балкан ба таври ниҳоӣ оғози заволёбии империяи Усмониён қабул намуданд. Империяи Россия аз вазъияти мазкур истифода бурда, хост, ки барои бӯҳрони Босния интиқом гирад. Ҳангоми ташриф овардани шоҳи Сербия Пётри I ба Петербург 10 марти соли 1910 ҳукумати Россия масъалаи беҳтар намудани муносиботи Сербия ва Булғорияро ба миён гузошт. Ба сифати миёнарав байни ҷонибҳо атташеи рус дар София, княз Л. В. Урусов баромад намуд.

11 апреия соли 1911 сарвазири Сербия Милован Милованович ба сафири Булғория Андрей Тошев пешниҳод намуд, ки оид ба дар ҳамагуна ҳолат муайян намудаи доираи таъсир дар Македония созишнома имзо намоянд. 13 марти соли 1912 Сербия ва Булғория оид ба иттифоқи мудофиавии ҳарбӣ шартнома ба имзо расонданд, ки ба он моддаи махфӣ оид ба тақсим намудани мулкҳои Туркияи Усмонӣ дар Балкан низ замима карда шуд. 12 майи соли 1912 мамлакатҳои мазкур тибқи шартномаи иттифоқии номбурда конвенсияи ҳарбиро имзо карданд. Мувофиқи он дар ҳолати сар задани ҷанг бо Австро-Венгрия ё Туркияи Усмонӣ Сербия ӯҳдадор шуд, ки 150 ҳазор ва Булғория 200 ҳазор нафар ба майдони ҷанг мебароранд.

Зина ба зина ба иттифоқи мазкур дигар давлатҳои Балкан низ шомил шуданд. 29 майи соли 1912 Булғория ва Юнон шартнома дар бораи иттифоқчигии ҳарбиро имзо карданд, ки он бар зидди империяи Усмониён равона гардида буд. 5 октябри соли 1912 бошад Булғория ва Юнон конвенсияи якҷоя бар зидди Туркия бурдани ҷангро ба имзо расонданд. Дар моҳи сентябри соли 1912 Булғория тавонист, ки розигии шифоҳии Черногория дар бораи ворид шудани он ба ҷангро низ ба даст овард. Ҳамин тавр, блоки мазкури ҳарбӣ-сиёсӣ ба худ номи Иттифоқи Балканро гирифт, ки ба ҳайати он Сербия, Булғория, Юнон ва Черногория шомил гардиданд.

***Ҷанги якуми Балкан (с. 1912 – 1913).*** Ҷанги якуми Балкан 4 октябри соли 1912 бо амалиётҳои ҷангӣ дар сарҳади Усмониёну черногориҳо сар шуд. 8 октябри соли 1812 Черногория бар зидди Туркия ҷанг эълон намуд. 13 октябри соли 1912 бошад Булғория аз номи Иттифоқи Балканӣ ба империяи Усмониён ултиматумро супорид, ки дар он талаботи зерин ҷой дода шуда буданд: дастаҳои калони ҳарбиро дар Балкан барҳам диҳад; ба Македония ва дигар давлатҳои ғайритуркии нимҷазира (булғорҳо, юнониён ва сербҳо) мухторият диҳад; минтақаҳои мухтори славянӣ ва юнониро ба зери идоракунии губернаторҳои белгиягӣ ё швейтсариягӣ супорад; дар муддати шаш моҳислоҳот гузаронад.

Империяи Усмонӣ иҷрои талаботи мазкурро рад намуд. Дар ҷавоб 17 октябри соли 1912 Сербия ва Булғория ва 18 октябри соли 1912 бошад Юнон бар зидди Туркия ҷанг эълон намуданд.

Дар ҷанги мазкур аз авиатсияи ҳарбӣ низ истифода шуд. 23 – 24 октябри соли 1912 артиши 1-уми Сербия дар муҳорибаи Куманово туркҳоро шикаст дод, артиши Булғория бошад шаҳри Лозенград (Кирик-Кирис) гирифт, ки ин имконият дод иттифоқчиён қаламрави Усмониёнро тақсим намоянд. Артиши Сербия қаламрави Македонияро ишғол намуд, булғорҳо бошанд Адрианопол (Эдрин)-ро дар бумбаст қарор доданд. Артиши Юнон шаҳри Салоники ба даст дароварда флоти он бошад дар наздикии Дарданел ва ҷазираи Лемнос ба флоти туркҳо шикаст расонд. 28 ноябри соли 1912 истиқлолияти Албания эълон карда шуд. 3 ноябри соли 1912 Империяи Усмониён барои мудохила намудан ба бузургдавлатҳо муроҷиат намуда буд. 3 декабри соли 1912 ҳукумати Усмониён бо мамлакатҳои Иттифоқи Балкан оид ба оташбас созишномаро баст. 17 декабри соли 1912 дар Лондон конференсияи сулҳ ба кори худ шуруъ кард. Аммо 23 январи соли 1913 дар Туркия табаддулоти давлатӣ ба вуҷуд омада, сари қудрат ҳукумати ҷавонтуркон бо сарварии Маҳмуд Шавкат-пошо омад, ки нақши асосиро дар он Анварпошо бозӣ мекард. Ҷанг бошад бо шикасти империяи Усмониён ҷамъбаст гардид. Бо миёнаравии Россия империяи Усмониён 16 апрели соли 1913 бо Булғория ва 20 апрели соли 1913 бошад бо Сербия ва Юнон оташбасро имзо намуд.

***Шартномаи сулҳи Лондон.*** 30 апрели соли 1913 мамлакатҳои Иттифоқи Балкан (ғайр аз Юнон) ва империяи Усмониён дар Лондон шартномаи сулҳро имзо гузоштанд. Мувофиқи шартҳои он Туркия тамоми қаламравҳои худро дар Балкан, ғайр аз Константинопол, ба иттифоқчиён гузашт кард. Албания давлати мустақил эълон карда шуд. Давлатҳои бузург аз болои туркҳое, ки дар ҷазираҳои баҳри Эгей ва соҳилҳои он (ғайр аз Крит ва кӯҳҳои Афон) зиндагонӣ мекардан, парастории худро барқарор намуданд. Аммо шартномаи Лондон принсипи тақсимоти мулкҳои балкании Туркияро ба қайд нагирифт ва дида баромадани масъалаи мазкурро ба ихтиёри иштирокчиёни Иттифоқи Балкан гузошт[1].

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 405 – 406.

***Ҷанги дуюми Балкан (июн – августи соли 1913).*** Баъди ба итмом расидани Ҷанги якуми Балкан масъалаи тақсим намудани мулкҳои Усмониён дар Балкан ба вуҷуд омад. Сербия, ки ба баҳри Адриатика роҳи баромаданро ба даст наовард, қарор дод, ки аз ҳисоби Македония қаламрави аз даст додаро ҷуброн намояд. Ҳанӯз феврали соли 1913 ҳукумати Сербия ба Булғория мурочиат намуда, хостори аз нав дида баромадани шартҳои территориявии шартномаи иттифоқии сербу булғориро ба миён гузошт. Юнон низ ҳамаи Эпири Шимолиро ба даст наоварда хост, ки онро аз ҳисоби мулкҳои Булғория дар Македонияи Ҷанубӣ ва Фракия таъмин намояд. Булғория ва Юнон инчунин оиди ба кӣ гузаштани бандари Салоники дар баҳри Адриатика низ баҳс мекарданд.

Дар байни зиёиёни булғорӣ дар ин давра консепсияи «Булғорияи Бузург» машҳур гардид. Булғория, ки ба се баҳр – Сиёҳ, Эгей ва Адриатика роҳи баромадро ба даст овард, имконият дошт, ки ба давлати бузурги баҳрӣ табдил ёбад. Ҳамин тавр, Булғория аз ҷанги якуми Балкан ҳамчун давлати пурқувваттарин баромад.

1 июни соли 1913 иттифоқи Юнону Сербия баста шуд, ки ба он Руминия низ ҷалб гардид. Ин амал шоҳи Булғория Фердинандро водор намуд, ки масъаларо роҷеъ ба оғоз намудани ҷанги тадбирӣ бар зидди собиқ иттифоқчиёнаш дида бароят. 29 июни соли 1913 Булғория бар зидди Сербия ва Юнон амалиётҳои ҷангиро оғоз намуд. Артиши Сербия роҳи ҳаракати артиши Булғорияро дар Македония боз дошт, юнониҳо бошанд дар муҳорибаи назди Киликис ғалабаро ба даст оварда, ба шаҳри София таҳдид мекарданд. 10 июли соли 1913 ҳукумати Руминия бар зидди Булғория ҷангро сар кард. Артиши Руминия ба Добруҷа ворид шуда, ба самти бандари Варн ва баъди он ба самти София ҳаракат намуд.

Аз вазъияти бади Булғория Усмониён низ истифода бурда, 12 июли соли 1913 артиши туркҳо дарёи сарҳадии Маритсро гузаштанд. 16 июли соли 1913 империяи Усмониён расман бар зидди Булғория ҷанг эълон намуд. 23 июли соли 1913 туркҳо аз сари нав шаҳри Адрианополро гирифтанд. Ҳукмати Булғория дарк кард, ки бурдани ҷанг дар чор ҷабҳа аз имкон берун аст ва гузарондани гуфтушунидҳои сулҳро пешниҳод намуд.

***Шартномаи сулҳи Бухарест.*** 30 июли соли 1913 дар Бухарест конференсияи сулҳ ба кори худ шурӯъ кард. 10 августи соли 1913 Булғория ва давлатҳои боқимондаи Иттифоқи Балкан Шартномаи сулҳи Бухарестро имзо гузоштанд. Тибқи шартҳои он Сербия Македонияро ба даст даровард, Юнон бошад Македонияи Ҷанубиро бо Салоники ва қисми Фракияи Ғарбиро, Руминия Добруҷи Ҷанубиро ба даст дароварданд. Булғория на танҳо қисмати калони қаламравҳои дар натиҷаи ҷанги якуми Балкан ба даст оварда, балки бархе аз қаламравҳои пешинаашро низ аз даст дод.

***Шартномаи сулҳи Константинопол.*** Империяи Усмониён, ки аъзои Иттифоқи Балкан набуд, бо Булғория расман ҷанги мустақилонаро мебурд. 29 сентябри соли 1913 ду ҷониб Шартномаи сулҳи Константинополро ба имзо

расонданд. Мувофиқи он империяи Усмониён қисми шарқии Фракия ва шаҳри Адрианопол (Эдрин) - ро ба худ пас гардонданд. Ин шартнома боз қаламрави европоии империяи Усмониёнро ба вуҷуд овард.

Ҳулоса, ҷанги дуюми Балкан лоиҳаи таъсис додани «Булғорияи Бузург» - ро барбод дод ва роҳи баромади мамлакатро ба баҳри Эгей аз байн бурд. Ҷанги мазкур амалан Иттифоқи Балканиро низ пароканда намуд, ки ин ба манфиати блоки австро-германӣ буд. Сербия ва Юнон бошанд ба такягоҳи нави Антанта дар Балкан табдил ёфтанд. Ҷанг инчунин дур шудани Руминия аз шарикӣ бо Германия ва Австро-Венгрия низ нишон дод[1].

Ҳамин тариқ, сиёсати европоӣ ба самти сар задани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳаракат мекард ва оқибат ин фалокат рух дод.

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 407 – 408.

# 4. 18. ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

**Таносуби қувваҳо ва нақшаҳои тарафҳои ҷангкунанда.** Дар ҳақиқат Ҷанги якуми ҷаҳонӣ набарди умеду орзуҳо ва хаёли хоми аз даст рафта – орзую хаёл оид ба ҳаматарафа тавоною пешсаф будани тамаддуни европоӣ, оид ба ахлоқану рӯҳан воҳид будани Европа, оид ба бартарӣ доштани арзишҳои он, оид ба фоидабахш будани прогресс ва ғайра гардид. То ин дам дар таърихи инсоният ягон ҷанги дигар мисли он ҳамин қадар ноумедию дилхунукии ҳам ғолибон ва ҳам мағлубшудагонро ба вуҷуд наовард.

Гап на танҳо сари талафоту харобиҳои калони ба бор овардаи ҷанг меравад, гап, инчунин сари он меравад, ки дар натиҷаи ин ҷанг дар як қатор давлатҳои бузург шахсиятҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои фашистию миллатгароӣ зуҳур карданд, ки амалкарди онҳо боиси сар задани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гардид. Дар натиҷаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ се империя – Австро-Венгрия, Россия ва Германия барҳам хӯрданд. Ҳукмфармоии Европа низ дар Ҷаҳон ба охир расид, ҳамин тавр моҳи августи соли 1914 ба ҷойи он конфигуратсия (тарҳ)-и нави байналхалқӣ омад.

Дар арафаи ҷанг бартарияти умумииқтисодӣ ва ҳарбӣ-техникии Германия ва Австро-Венгрия аз болои Россия ва Франсия пурра эҳсос карда мешуд. Ғайр аз ин дар самти мусаллаҳшавӣ низ давлатҳои Марказӣ бартарият доштанд. Бартрияти артиллерияи вазнини саҳроии Германия аҳамияти махсус дошт, ки амалан русҳо ва франсузҳо қариб, ки чунин намуди артиллерияро надоштанд. Дивизионҳои тӯпҳои 105-мм ба дивизияҳои хушкигарди Германия имконият медоданд, ки аз масофаи барои худ бехатар қисмҳои ҳарбии русу франсузиро гулӯлаборон намоянд.

Инчунин дигар имкониятҳо ҳам буданд, ки бартарияти абарқудратҳои Марказиро аз болои рақибонашон таъмин мекарданд. Якум, ин афзалият доштан дар сифати омодабошии қувваҳои эҳтиётӣ. Бартарияти ба роҳ мондани системаи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ дар Германия қувваҳои калони эҳтиётии таълимгирифтаро ба вуҷуд овард. Новобаста ба зиёдтар будани шумораи аҳолии Россия нисбати Германия, Берлин тавонист, ки дар ҷанги мазкур баробари Россия 13 миллион нафарро сафарбар намояд. Дуюм, нисбат ба Россия Германия ва Австрия системаи нақлиёти нисбатан рушдёфтаи механикӣ доштанд, ин имконият медод, қувваҳои эҳтиётиро зуд ба хатти фронт интиқол дод. Сеюм, маданияти ягонаву умумии нисбатан рушдёфта (дар муқоиса бо Россия), боиси он гашт, ки қувваҳои мусаллаҳ, саноат ва транспортро бо мутахассисони таълимгирифта ба таври кофию басанда таъмин намуд, дар Россия бошад он вақт ба афсарони зинаи миёна, ки махсусан артиш бо онҳо нигоҳ дошта мешавад, эҳтиёҷи калон буд.

Ҳамин тавр, дар сурати сар задани ҷанг аз они Россия ва Франсия барои пирӯзӣ имкониятҳои бартаридошта вуҷуд надоштанд.

Аммо барои ҳифзи манфиатҳои худ Британияи Кабир ӯҳдадор буд, ки ба ҳодисаҳои дар қитъаи Европа рух дода, дахолат намояд. Британия ягон вақт им-

коният намедод, ки бо ҳукмфармоии давлати рақиб ё коалитсияи хусуматомез дар қитъа тан диҳад. Ҳамин тавр буд сиёсати Британия дар давоми садсолаҳо, яъне мувозинати европоиро дастгирӣ намояд. Ғайр аз ин, нақшаҳои ҳарбии Германия ба вайронкунии манфиатҳои Британия оварда расонданд ва ба бехатарии худи Лондон таҳдид мекарданд. Ба ин, истило намудани Белгия аз ҷониби Германия мисол шуда метавонад.

Дар ҳамин шароит Англия наметавонист, ки аз набард рӯ гардонад, ақалан ба хотири он ки дар натиҷаи ҷанг дар рӯбарӯи Германия, ки тамоми Европаро ба худ тобеъ менамояд, танҳо намонад. Аммо аз дасти Англия чӣ меомад – бузургдавлати баҳрии дорои қувваҳои хушкигарди ками давраи субот, баробари ин, қувваи мазкур дар қаламрави тамоми империяи азимҷуссаи Британия паҳн буд, бо ин чӣ метавонист Лондон барои иттифоқчиёни қитъавии худ хизмат намояд. Аммо дар арафаи ҷанг дар фикру хаёли ягон кас набуд, ки дар соли 1916 Британия аз анъанаи деринаи асрҳо ҳукмрони худ даст мекашад ва дар мамлакату империяаш ба сафарбаркунии умумии ҳарбӣ мегузарад.

Баробари ин, Британия метавонист роҳи флоти ҳарбӣ - баҳрии Германияро банд намояд, алоқаҳои тиҷоратӣ-савдоиро миёни абарқудратҳои Марказӣ ва ҷаҳони боқимонда қатъ намояд, бо мақсади ба даст овардани ҳамроҳшавӣ ба Антанта ба давлатҳои бетараф фишор оварад, зеро то августи соли 1914 чунин давлатҳои бузург – ШМА, Италия ва Япония бетараф буданд. Блокадаи иқтисодии Германия кори худро кард. Аллакай соли 1915 дар он замоне ки Франсия ва Англия алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии худро бо мустамликаҳояшон ва давлатҳои бетараф нигоҳ дошта метовноситанд ҳам, роҳу алоқаҳои асосии тиҷоратӣ байни ШМА ва Европа низ ба тарафи Антанта кашида шуданд, ҳукмронии флоти Британия дар баҳр имконият медод, ки ба нозуктарин ҷойҳои дастраси Иттифоқи Чоргона (Германии, Австро - Венгрия, Булғория ва Туркия) зарба занад ё дар Байнаннаҳрайн ё дар ҷабҳаи Салоники бошад. Ва охирон дар ихтиёри Антанта захираҳои ниҳоят калони империяи Британия, ҳам инсонӣ ва ҳам моддӣ қарор ёфтанд.

Акнун гап на дар он буд, ки захираҳои якҷояи инсонӣ ва моддии Антанта аз захираҳои абарқудратҳои Марказӣ зиёдтар гариданд ва барои онҳо вақт лозим буд ин захираро сафарбар намоянд, инчунин таносуби қувваҳо низ байни ин ду блок тез ба тарафи Антанта гузаштан сар намуд.

Доираи ҳукмрони Германия ва хусусан Австро-Венгрия ба хулосае омаданд, ки вақт ба муқобили онҳо кор мекунад. Махсусан, онҳоро прогресси Россия дар арафаи ҷанг ноороҳат карда буд. Дар солҳои 1909 – 1913 сурати рушди саноати Россия диққатҷалбкунанда буда, он ба 12 – 13% дар як сол расид[1]. Махсусан соҳаҳои саноат – мошинсозӣ, электротехника ва саноати химиявии Россия тез рушд меёфтанд.

Рушди саноати Россия метавонист ба тавоноии ҳарбии Германия таъсир расонад. Россия оқибатҳои ҷанги русу япон ва инқилоби солҳои 1905 – 1907 -

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

ро баръакси тахминкунии давраи дарозтари душманонаш тезтар бартараф кард. Хусусан, Берлин ва Венаро аз нав мусаллаҳшавии Россия, ки мебоист то соли 1917 анҷом меёфт, нороҳат кард. Барои ҳамин дар доираи ҳукмрони бузургдавлатҳои Марказӣ ҳатто ақидае ба вуҷуд омада буд, ки ба Россия як зарбаи тадбирӣ зада расонда шавад, то ки қувваи он барқарор нашавад.

Аз ҷониби дигар, ягона иттифоқчии вафодори Германия – Австро-Венгрия ба бӯҳрони ниҳоят ҷиддии дохилии сиёсӣ бархӯрд, баромадан аз онро ҳам Вена ва ҳам Будапешт ҳам, дар навбати худ дар гузарондани як ҷанги хурди музаффарона, пеш аз ҳама бар зидди иттифоқчии Россия дар Балкан – Сербия медиданд. Вена Сербияро оғозгари исёну ошӯб дар сарзаминҳои славянии ишғолкардаи Австрия ҳисоб мекард. Маҳз барои ҳамин куштори Франс-Фердинанд на ҳамаро дар Вена, хусусан дар Будапешт ғамгин намуд, зеро акнун баҳонаи муносиб барои қассосгирӣ аз Сербия ба вуҷуд омад. Ҳамин хел вазъият ба вуҷуд омад, ки дар Австрия ба тарафдории забт намудани заминҳои нав дар Балкан ҳама баромад мекарданд – ҳам тарафдорони триализм, ҳам миллатгароёни немис ва венгр ва ҳам милитаристону ҳам рӯҳониён. Акнун Австрия баҳонаи муносибро ёфт ва аз Германия низ роҳ нишон доданд, ки ин хурӯҷро кашол додан лозим нест, фақат оғоз намудан даркор.

**Сабабҳои Ҷанги Якуми Ҷаҳон.** Сабаби асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ин аз нав тақсим кардани ҷаҳон дар байни ду гурӯҳи давлатҳои империалистӣ буд. Империалистони тамоми давлатҳо гунаҳгори асосии сар задани ҷанг буданд. Баробари ин, мутахассисони соҳа се сабаби асосии Ҷанги дуюми ҷаҳониро ҷудо менамоянд: 1) Кӯшишҳои Берлин барои тақсим намудани Ҷаҳон, ки он Германияро ночор ба самти низоъ бо давлатҳои пешбари мустамликадор – Британияи Кабир ва Франсия оварда расонд; 2) Нияти интиқомгирии Франсия барои бохт дар Ҷанги Франсия ва Пруссия, инчунин Элзасу Лотарингияи Шарқиро ба худ пас гардондан; 3) Як гурӯҳ ихтилофоту зиддиятҳои австро-русӣ дар Балкан, ки ба он Германия ҳамчун иттифоқчии Австро-Венгрия ҷалб карда шуд.

Чуноне ки маълум аст, дар аввали асри XX ҷаҳон ба ду лагери бо ҳам зид – «Иттифоқи сегона» (1882) ва Антанта (с. 1904 – 1907) тақсим шуд. Аммо кадоме аз ҷонибҳо ҷангро дар тобистони соли 1914 барангехт, ҳоло ҳам баҳсталаб аст. Зеро дар адабиёти таърихӣ дар бисёр маврид назари мамлакатҳои Антанта паҳн гардидааст.

**Баҳонаи Ҷанги Якуми Ҷаҳон.** 15 (28)-уми июни соли 1914 дар шаҳри Сараевои Босния аз тарафи аъзои ташкилоти ватандӯстони инқилобчӣ «Млада Босня» Гаврил Принсип валиаҳди тахти Австро-Венгрия шоҳзода Франс Фердинанд кушта мешавад. Австро-Венгрия дар қатл шоҳзодаи мазкур Сербияро гунаҳгор ҳисобид. Ба Германия ва Австро-Венгрия барои оғоз кардани ҷанг ин воқеа баҳонаи мусоид мешавад[1]. Императори Германия Вилгелми II ба ҳукумати Австро-Венгрия маслиҳат медиҳад, ки ин хурӯҷро кашол додан лозим нест.

[1]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 360.

Қарор дода шуд, ки сербҳоро торумор кардан лозим. Австро-Венгрия ба Сербия ултиматум[1] фиристонд. Белград ба мазмуни ин ултиматум ба ғайр аз он банде, ки истиқлолияти Сербияро халалдор месохт, розӣ шуд ва ин баҳонаи мусоидро Австро-Венгрия истифода намуда, ба оғоз намудани ҷанг даст зад.

**Оғоз ва рафти амалиётҳои ҷангӣ.** 15 (28) - июли соли 1914 Австро-Венгрия ба Сербия ҷанг эълон карда, 16-уми июл бошад ба бомбаборонкунии Белград оғоз намуд. 18 уми июл бошад дар Россия сафарбаркунии умумӣ ба артиш шурӯъ шуд. Германия зидди ин амали Россия баромад. 19 -уми июл (1 август) - и соли 1914 Германия бар зидди Россия ва 21 уми июл (3-уми август) зидди Франсия ҷанг эълон кард. 22-уми июл (4-уми август) бошад хукумати Англия бар зидди Германия ба ҷанг даромад. Ҳамин тариқ, ба ҷанг аз ҳар ду тараф 38 давлат бо аҳолии 1,5 миллиарди худ ворид шуданд. Ҷанг характери ҷаҳониро гирифт. Дар ин ҷанг соли 1915 Германия аввалин бор дар таърих техникаи нав – киштиҳои зериобиро васеъ истифода бурд. Худи ҳамон сол Германия аввалин бор дар таърихи ҳарбӣ силоҳи бераҳмонатарин – моддаҳои заҳрнок (аз ҷумла буғи хлор)-ро истифода бурд. Франсия ва Англия бошанд соли 1916 аввалин бор дар таърихи башарият танкро ба кор бурданд. Дар натиҷаи ин ҷанг 10 миллион одам ҷони худро аз даст дода, 20 миллиони дигар маҷрӯҳ шуданд. Бо ҳамин, Россия 1-уми августи соли 1914 ба ҷанг ворид шуд. Лашкари Германия Белгияро зада, ба Франсия даромад.

Ҳар як давлати ҷангкунанда нақшаи ҷангии худро дошт. Германия аз рӯи «Нақшаи Шлиффен» амал мекард, ки ба худ номи роҳбари бисёрсолаи Ситоди генералии Германияро гирифт, ки ӯ чанде пеш аз ҷанг вафот карда буд. Вай умед дошт, ки сарҳади сусти Белгия ва Люксембургро рахна карда, артиши Германия ба Франсия зада даромада, онро ба таслим шудан маҷбур мекунад. Россия бошад сари вақт ба ёрии Франсия расида наметавонад. Сонӣ тахмин мерафт, ки Германия Россияро дар як муддати кӯтоҳ торумор мекунад.

Аммо он бартариятҳои инсонию моддии дар боло овардашуда дар якҷоягӣ аз иттифоқ бо Британия барои Россия ва Франсия танҳо дар ҳолате нақш мебозиданд, ки агар ҷанг дароз идома ёбад. Маҳз дар чунин вазъ сурат гирифтани амалиёти ҷангӣ бартарияти ниҳоят калони моддии Антанта метавонист ба рафти муборизаҳои мусаллаҳона таъсир расонад. Агар ҷанг кӯҳтомуддат мешуд ягон чораҷӯию захираи моддӣ Россия ва Франсияро аз торуморшавӣ наҷот дода наметавонист. Инро дар Берлин дуруст мефаҳмиданд. Ана барои чӣ суръати сафарбаркунӣ барои Германия аҳамияти калон дошт. Барои Германия блитскриг (ҷанги кӯҳтомуддат) дар ҳақиқат масъалаи тақдирсоз, масъалаи ҳастӣ ва марг мешуд.

Барои ҳамин, дар асоси гуфтаҳои боло тавзеҳи кушоду равшани факти дар назари аввал парадоксалӣ метобад, пеш меояд, ки мудохила ба низои Балкан Германияро маҷбур намуд, ки зарбаи аввалини худро ба Белгия ва Франсия, яъне мамлакатҳое, ки бо ҳодисаи Сараево ягон алоқамандӣ надоштанд, расонад.

---

[1]Ултиматум – ҳуҷҷати димломатӣ аст, ки дар он талаби қатъӣ, талаби таҳдидомези як тараф ба тарафи дигар дарҷ карда мешавад.

Натиҷаҳои сиёсии қарори мазкур барои Берлин хеле номусоид буданд. Якум, он аз оғози кор дар рӯҳияи ҷамъиятии Германия нофаҳмию, тираву хирагиро ворид намуд. Якум, аз як тараф ҷанг бар зидди иртиҷоияти шоҳӣ, яъне Россия (бо ин ҳам либералҳо ва ҳам сотсиал-демократҳо розӣ буданд) ва аз ҷониби дигар бошад тамоман амалкарди дигар, яъне бе ягон сабаби воқеӣ ҳамла намудан ба мамлакатҳои демкоратии ғарбӣ – Белгия ва Франсия сурат гирифт. Дуюм, дар тамоми Ҷаҳон таҷовузи Германия бар зидди Белгия, мамлакати майдаи сулҳхоҳ, норозигии қатъиро ба вуҷуд овард. Махсусан, назару бaромадҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбати ба ваҳшигарии содир намудаи немисҳо дар Белгия: паррондани аҳолии осоишта, ғораткунӣ, тавони ҷангӣ, хароб кардани арзишҳои маданӣ ва ғайра ниҳоят пурзӯр буд. Масалан, дар ШМА ба андешае омада буданд, ки агар барои Германия шартнома дар бораи бетарафии Белгия аз соли 1831, аз рӯи сухани канслер Бетман - Голвег, коғазпора мебошад, пас оё дар натиҷаи ғалабаи худ дар Европа немисҳо Доктринаи Монроро эҳтиром мегузоранд ё не.

Ҳамаи ин назару ақидаҳои сиёсӣ дар натиҷаи нақши худро бозӣ карданд, аммо дар ҳафтаҳо ва моҳҳои аввали ҷанг вазъияти Россия ва Франсия ниҳоят вазнин буд. Корпусҳои ҳарбии Германия нақшаи Шлиффенро иҷро намуда, дар муддати се ҳафта муқовимати Белгияро шикастанд ва 20 август Брюссел таслим шуд. Дар муҳорибаҳо дар сарҳади франко-белгиягӣ дар 21 – 25 август лашкари Франсия ва корпуси экспедитсионии Британия шикаст хӯрданд. Дар оғози моҳи сентябр немисҳо ба ҳавзаи дарёи Марна ворид шуда, ба Париж хеле наздик расиданд. Дар муддати баъди чанд ҳафта департаментҳои нисбатан рушдёфтаи шимол-шарқии Франсия, ки дар қаламрави онҳо то замони ҷанг 64% чӯян, 24% пӯлод ва 40% ангишт истеҳсол мешуд, ба дасти немисҳо гузаштанд. Ба назар мерасид, ки баъди чанде мақсади асосии нақшаи Шлиффен – муҳосира намудани қувваҳои асосии Франсия – амалӣ хоҳад шуд ва баъди он мумкин буд пурра ба Россия ҳамла намуд[1].

Аммо дар ҳамин вақт Россия бори аввал, аммо на охирон даъфа, иттифоқчии ғарбии худро наҷот дод. Сафарбаркуниро ба охир нарасонда, артишҳои 1-ум ва 2-юми рус 4 (17) августи соли 1914 ба Пруссияи Шарқӣ зада даромаданд.

Аз даст додани минтақаи мазкур барои Германия паёмадҳои манфии ҳарбӣ-сиёсӣ ва равониро меовард. Барои ҳамин немисҳо маҷбур шуданд, ки зуд 2 корпусро аз фронти Ғарбӣ гирифта, ба Шарқ сафарбар намоянд. Ин барои франсузҳо манфиат оварда, онҳо дар рафти муҳорибаи назди дарёи Марна (5 – 12 сентябри соли 1914) як қатор дастовардҳоро соҳиб шуданд.

Ҳамин тавр, Ҳукумати Франсия аз Россия ёрии фаврӣ пурсид. Россия ба иттифоқчии худ ёрӣ расониданӣ шуда, ба лашкар барои ҳуҷум фармон дод. Ду артиши рус ба Пруссия Шарқӣ зада даромада, қисми зиёди ҳудуди онро ишғол карданд. Буржуазияи рус ҷангро ҳаматарафа дастгирӣ мекард ва садо баланд мекард, ки «ҳама чиз барои ҷанг, ҳама чиз барои ғалаба». Аммо ду артиши рус

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

дар Пруссияи Шарқӣ аз ҳам ҷудо амалиёт мебурданд. Германия тавонист ҳамаи қувваи худро зидди артиши дуюми рус, ки роҳбарии онро генерал А. В. Самсонов ба ӯҳда дошт, равона карда, онро торумор намуд. Дар ин вақт артиши якуми рус бо сардории генерал П. К. Ренненкампф амал накард. Дар назди Галитсий русҳо аз болои артиши Австро-Венгрия ғалаба ба даст оварданд. Дар муддати 33-рӯз русҳо дар ин самт ба масофаи 200 км ба пеш рафтанд. Дар ин ҷанг Австро-Венгрия 400 ҳазор одамро талаф дод, ки ин шумора қариб нисфи лашкари онро ташкил медод[1].

Хулас, дар рафти муҳорибаҳо дар фронти Шарқӣ дар моҳи августи соли 1914 заифии лашкари рус ба назар мерасид, ки оқибат, дар баробари ҷой доштану таъсир расондани дигар сабабҳо, ба шикасти Россия дар Ҷанги якуми ҷаҳонӣ оварда расонд.

Якум, бо ҳам мувофиқа накардани амалиётҳо дар майдони ҷангӣ байни сардорони артишҳои рус муайян гардид. Зеро аз давраи Ҷанги русу япон сар карда, фармондеҳи артиши 1-уми рус генерал П. К. Ренненкампф, ки аз шарқ ба Пруссияи Шарқӣ ворид шуд ва фармондеҳи артиши 2-юми рус генерал А. В. Самсонов, ки аз ҷануб ба Пруссияи Шарқӣ ҳамла намуда буд, бо ҳам қаҳрӣ буда, бо ҳамдигар гап намезаданд. Аз ин сабаб, вақте ки генерали Германия Гинденбург бо тамоми қувваи худ ба артиши А. В. Самсонов ҳамла намуд, генерали рус П. К. Ренненкампф бо ангушт ҳам ишора накард, то ки артиши 2-юми рус наҷот дода шавад. Умуман ба ёрии ӯ нарафт. Зимнан, аввал барои сарфармондеҳони Германия Гинденбург ва Людендорф низ боварӣ наомад, ки дар артиши амалкунандаи ягон давлат ҳамин хел рафтор кардан мумкин аст, ки ҷой дорад.

Дуюм, ба таври равшан нарасидани афсарони таълимгирифтаи зинаи миёна ба чашм мерасид, ки он ба сатҳи пасти рушди мадании мамлакат вобастагӣ дошт. Кифоя аст қайд намуд, ки генерал А. В. Самсонов ба сардорони корпусҳо радиограммаҳоро бо матни кушод мефиристонд, зеро шифровалшик (рамзнавис) - ҳои соҳибихтисос набуданд, ҳатто дар сатҳи штаби корпус низ онҳо набуданд. Ба назар мерасад, ки дар чунин шароит немисҳо аз ақидаву нақшаҳои сарфармондеҳони рус пурра огоҳӣ меёфтанд.

Сеюм, аз аввали сар шудани ҷанг бартарияти техникии немисҳо, ҳам дар сатҳи рушди транспорт ва алоқа, инчунун сатҳи мусаллаҳшавӣ, махсусан артиллерияи вазнин пурра аён буд.

Табиист, ки артиши якум ва дуюми рус, ки ба Пруссияи Шарқӣ ворид шуданд, дар охири моҳи август ва аввали моҳи сентябр торумор карда шуданд. Аммо ин амалиёти русҳо Парижро аз торуморшавӣ наҷот дод ва сентябри соли 1914 французҳо тавонистанд, ки дар Марна ба немисҳо зарбаи сахти ҷавобиро расонанд. Ва дар натиҷа на танҳо роҳи ҳуҷуми немисҳо дошта шуд, балки онҳо даҳҳо километр ба қафо гардонда шуданд. Зиёда аз ин, дар давраи амалиётҳои тобистон-тирамоҳи соли 1914 қобилияти сатҳи пасти ҷангии иттифоқчиёни Германия – Австро-Венгрия ва Туркия муайян гардид. Муайян шуд, ки онҳо

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

танҳо дар сурати дастгирии ҷиддӣ аз ҷониби Германия ҷанг карда метавонанду халос. Масалан, Австрия ҳатто натавонист, ки мустақилона, бе ёрии Германия бо Сербияи майдаву заиф ҳисобу китоб намояд.

Ҳамаи ин ҳолат азбайнравии блитскриг (ҷанги кӯҳтомуддат) - и Герамнияро пешакӣ муайян намуд: Антанта истодагарӣ карда тавонист ва дар охири соли 1914 хати фронти давлатҳои Антанта ҳам дар ғарб ва ҳам дар шарқ муътадил гардид. Бо ҳамин, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба давраи дуру дарози худ ворид гардид.

Ана акнун навбати таъсиррасонии бартарияти калони моддии Антанта, пеш аз ҳама тиҷорати баҳрӣ ва қарздиҳӣ, аз болои абарқудратҳои Марказӣ расид. Антанта, бо шарофати ҳукмронии флоти Британия дар бахр, амалан ба захираҳои калони иқтисодии ШМА дастарсии монополиро соҳиб шуд. Аллакай чанд сол пеш аз ворид шуданаш ба ҷанг, ШМА ҳамин тавр, арсенали Антанта шуданд ва барои харидорӣ намудани маводи барои ҷанг зарурӣ ба ҳукумати Англия ба андозаи 1 миллиарду 470 миллион доллар, ба Франсия 300 миллион доллар ва Канада 400 миллион доллар заёмҳоро пешкаш намуданд. Ғайр аз ин, мамлакатҳои Антанта дар ШМА коғазҳои қиматдор (вексел, облигатсия ва ғайра)-и худро то 2 миллиард доллар ба пул мубадал карданд. Ва охирон то воридшавии ШМА ба ҷанг иттифоқчиён ба ин мамлакат тиллои худро ба маблағи умумии 1 миллиард доллар интиқол доданд. Бо ин маблағи калон дар ШМА таҷҳизот, озуқаворӣ, тиру туфанг, қисмҳои эҳтиётӣ ва дигар чизҳои барои ҷанг лозимӣ харид карда мешуданд. Ҳамзамон сиёсати блокадаи баҳрии Англия бизнеси америкоиро маҷбур намуд, ки алоқаҳои иқтисодии худро бо абарқудратҳои Марказӣ канда, пурра ба тарафи Антанта гузаронад, ки натиҷаи он ниҳоят рушд ёфтани иқтисодиёти америкоӣ ва мубадалшавии ШМА ба қарздиҳандаи ҷаҳонӣ гардид. Танҳо басанда аст қайд намоем, ки дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии Америка то 32% расид, даромаду фоидаи умумии корпоратсияҳои америкоӣ се маротиба афзуд ва бақияи муфиди тиҷорати хориҷии ШМА дар солҳои 1915 – 1920 17,5 миллиард долларро ташкил медод[1].

Ин гуна тамоюлҳои ноқуллай барои Германияро, ки бо сафарбаркунии захираҳои худӣ ва ҳам аз ҳисоби захираҳои америкоӣ гузарондаи Антанта вобастагӣ доштанд, Берлин умедвор буд аз ҳисоби ғалабаҳои яроқи немисӣ дар амалиётҳои ҷангии хушкӣ бартараф намояд. Баъди шикаст дар назди Марна ва ғалаба дар назди Танненберг ва ҳавзаи кӯлҳои Мазурия, дар Берлин ба хулосае омаданд, ки Россия нисбатан ҳарифи заифтар аст. Дар моҳи апрел (бо тақвими ҳозира май)-и соли 1915 ҳуҷуми Германия дар ноҳияи Горлитсе сар шуд. Аз сабаби ҳаматарафа бартарӣ доштани немисҳо имкониятҳои онҳо зиёд буданд ва дар натиҷаи амалиётҳои ҳарбии баҳор-тирамоҳи соли 1915 зидди Россия нисфи лашкари Германия ва Австро-Венгрия равона гардид. Қувваи немисҳо аз русҳо зиёдтар буд. Русҳо маҷбур шуданд, ки Полша, Литва, Белоруссияи Ғарбӣ ва Украинаи Ғарбиро ба душман монда, ақибнишинӣ кунанд. Ҷанг ба қаламрави

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

империяи Россия гузашт. Тирамоҳи соли 1915 лашкари рус аз нав қувват гирифта, тавонист, ки ҳаракати сипоҳи душманро нигоҳ дорад.

Иттифоқчиёни Россия низ дар фронти ғарбӣ ин вақт он қадар фаъолияти баланди ҷангӣ нишон надоданд.

Дар ҳақиқат, англисҳо ва французҳо баъзе манёврҳои диққатҷалбкунандаро гузаронданд: десант ба Галлиполи (19 феврали соли 1915), кушодаи фронти Салоники (октябри соли 1915), Италияро аз ҷониби Антанта ба ҷанг ворид намуданд (моҳи майи соли 1915), аммо ин ҳама шабеҳи неши забон буд, ки қодир набуданд вазъи корҳоро қатъӣ тағйир диҳанд. Ва дар ин ҷо боз Германия ба як хатогии дигар даст мезанад. Маълум нест, ки воқеаҳо минбаъд чи тавр сурат мегирифтанд, агар сардори Штаби генералии Германия, генерал Фалкенгайн ба чунин хулосае намеомад, ки захираҳои ҳуҷумкунандаи Россия дар рафти амалиётҳои соли 1915 бо як амал ба таври абадӣ аз байн бурда шуданд ва акнун фурсате расид, ки зарбаи қатъиро дар фронти ғарбӣ зад. Аммо аз таърих маълум аст, ки Россия боз ба худ омад ва дар ин бора поёнтар сухан меравад.

Соли 1916 дар таърихи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ соли аз ҳама муҳорибаҳои шадиду пурхунрезтарин сабт шудааст. Дар ин сол муҳорибаи назди Верден, муҳорибаи назди Сомма шуда гузаштанд. Дар рафти фақат ин ду муҳорибаи калон талафоти тарафҳо аз 2 миллион нафар гузашт, яъне ин шумора аз талафоти давраи ҳамаи ҷангҳои инқилобӣ ва наполеонӣ, ки чоряки аср давом карданд, зиёдтар буд. Натиҷаи муҳорибаҳои мазкур бошад ҳеҷ чиз набуд, тарафҳо танҳо ба самти зарбарасонии асосӣ чанд километр ба пеш рафтанду халос.

Ҳамин тавр, феврали соли 1916 Германия дар фронти ғарбӣ ба ҳуҷум гузашт. Зарбаи асосӣ ба қалъаи французҳо – Верден зада шуд, ки роҳ ба сӯи Парижро мебаст. Франсия боз аз русҳо ёрӣ талаб кард. Русҳо дар фронти шарқӣ дар ноҳияи Двинск ба ҳуҷум гузаштанд. Ин немисҳоро маҷбур намуд, ки аз ҳуҷуми Верден даст кашанд. Ҳамин тавр, хулосаи Штаби генералии Германия хом баромад ва Россия ҳоло ҳам дар ҷанг фаъолона иштирок мекард[1].

Дар фронти ҷанубу ғарбӣ русҳо ба ёрии италиягиҳо низ шитофтанд. Хотиррасон менамоем, ки дар ибтидо Италия аъзои блоки «Иттифоқи Сегона» буд, аммо пеш аз оғози ҷанг давлатҳои «Антанта» барои ҳимояи манфиатҳои Италия дар Африкаи Шимолӣ кафолат доданд ва Рим ба Антаната пайваст. Ин ҳуҷум дар таърих бо номи сарфармондеҳи русҳо дар ин фронт А. А. Брусилов, яъне рахнакунии Брусилов машҳур аст. Артиши Брусилов дар як шабонарӯз 6,5 км ба пеш ҳаракат кард ва тирамоҳи соли 1916 25 ҳазор км квадратии ҳудуди Галитсияро гирифт. Дар ин муддат талафоти рақиб 1 миллион мурдаву ярадорро ташкил дода, 400 ҳазори дигар асир афтиданд. Германия маҷбур мешавад, ки 11 дивизияи дигари худро зидди Россия равона созад. Ин амали Брусилов Италияро аз торумор наҷот дод ва французҳо тавонистанд Верденро дар даст нигоҳ доранд. Аммо пас аз муҳорибаи шадиди назди дарёи Стоход пешравии артиши рус аз байн рафт. Соли 1916 Руминия ба иттифоқи Антанта шомил гардид.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ҳамин тавр, Россия боз иттифоқчиёнашро наҷот дод, ин даъфа ба немисҳо имкон надод, ки Верденро ишғол намоянд. Дуввуним соли аввали ҷанг барои Россия хароҷоти калонро ба бор овард. То соли 1917 Россия 2 миллион мурда ва 5 миллион ярадорро аз сар гузаронд.

Дар соли 1917 дар фронтҳои ҷангӣ тағйироти калон дар таносуби қувваҳо ба вуҷуд омад. Якум, бӯҳрони инқилобӣ дар мамлакат соли 1917 Россияро ба заифшавӣ оварда расонд. Сабаб на танҳо дар заиф будани системаи нақлиётӣ, қафомонии иқтисодӣ, нарасидани афсарони соҳибихтисос ва ғайра буд, омили асосии ин ҳама, аз даст додани боварии русҳо ба шоҳ ва Ватан, дар делегитиматсияи режими идоракунанда дар назди чашмони халқ буд. Русҳо акнун комилан намехостанд, ки баҳри мақсадҳое, ки барои онҳо бегона ва нодаркор метофтанд, ҷанг кунанд. Хулоса, ҷанг бӯҳрони сиёсӣ-иқтисодии калонро ба вуҷуд овард, ки оқибат Россияро ба инқилоби нави буржуазӣ ва аз тахт сарнагун шудани хонадони Романовҳо расонд. Ва баъди ҳуҷуми нобарори моҳи июн рафти парокандашавии артиши русро дигар гирифтан натавонистанд. Вазъияти иқтисодию молиявии мамлакат низ хеле бад гардид[1].

Дар фронт ва оқибгоҳ ҳаракатҳои зиддиҷангӣ ва рӯҳияи инқилобӣ баланд гардиданд. Оммаи халқи Россия аз гуруснагӣ ва норасоии дигар молҳои рӯзгор танқисӣ мекашиданд. Андозбандӣ аз болои мардум зиёд гардид. Истеҳсоли озуқаворӣ хеле кам ва талабот ба он бошад хеле зиёд шуд. Дар шаҳрҳо ва фронт норасоии нон сар шуд. Нархи озуқа 5 - 6 маротиба баланд гардид. Дар дарҳои мағозаҳо «нон нест ва намешавад» навишта мешуд. Бӯҳрон чунон намудор шуд, ки дар мамлакат барои таъминот ва гирифтани озуқаворӣ системаи карточка ҷорӣ гардид. Бӯҳрони молиявӣ низ фаро расид. Хароҷоти ҷангӣ хеле боло рафт.

Дуюм, нишонаҳои харобшавии Англия, Франсия ва Германия низ ҳар чи бештар ба чашм мерасид. Талафоти калони солҳои 1916 ва 1917 ба тамомшавии пурраи захираи инсонӣ дар фронти ғарбӣ оварда расонд. Англия ва Франсия маҷбур шуданд, ки бисёртар ба сипоҳиёни мустамликавии худ ва инчунин ба корпусҳои экспедитсионии Россия дар Франсия ва дар фронти Салоники буда такя намоянд. Хатари асосӣ барои элитаи ҳукмрон ин паҳншавии ақидаҳои инқилобӣ дар қисмҳои низомии немис ва франсуз ба ҳисоб мерафт. Ва агар англисҳо ва франсузҳо ҳоло ҳам дар ихтиёри худ захираҳои калони моддиро доштанд, ки ин дар навбати худ имконият медод, ки пайваста яроқу аслиҳаро истеҳсол намоянд, пас дар Германия вазъ тамоман дигар буд. Иқтисоди Германия дар доираи имконияту захираҳои худӣ кор мекард, ки шаҳодати он беқурбшавии пул ва норасоии молу маҳсулот, хусусан хӯрокворӣ гардид. Аммо аз инҳо дида, вазъияти давлатҳои заифтари коалитсияҳои ҷангкунанда – Австро - Венгрия ва Италия вазнинтар буд.

Сеюм, дар чунин шароит ба ҷанг ворид шудани ШМА ба таври қатъӣ таносуби қувваҳоро тағйир дод. Дар палаи тарозуи Антанта захираи калони Аме-

[1] Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

рикаро монда, он чандин маротиба заифшавии Англия ва Франсия, инчунин заволёбии Россияро ҷуброн намуд. Дар чунин шароит баъди як моҳи Инқилоби февралӣ дар Петроград ба ҷанг ворид шудани ШМА на тасоддуф, балки мувофиқи вазъи қонун буд.

Зеро дар ибтидои соли 1917 харобшавию заифшавии Германия ҳоло намудор набуд, баръакс, ба назари ҳама чунин мерасид, ки абарқудратҳои Марказӣ дар ҷанг ғалаба мекунанд. 8 январи соли 1917 Берлин қарор қабул намуд, ки ҷанги зериобии номаҳдудро оғоз менамояд, ки мебоист Антантаро аз ҷиҳати иқтисодӣ маҳв мекард. Ва дар ҳамин шароит бошад заволёбии Россия низ ғалабаи Иттифоқи Чоргонаро боз ҳам ба ҳақиқат наздик меорад. Аммо ғалабаи Германия ва иттифоқчиёнаш комилан ба манфиатҳои ШМА ҷавобгӯ набуданд, зеро дар чунин ҳолат, агар он амалӣ мешуд, мувозинати қувваҳо на танҳо дар Европа, балки дар Ҷаҳон низ ба таври қатъӣ вайрон карда мешуд. Нақши асосиро ақида дар бораи ҳангоми бохти Антанта қарзҳои Америка кучо меравад, низ бозӣ кард. Яъне дар натиҷаи шикасти Антанта ба ШМА зарур меомад, ки заёмҳои бисёрмиллиардаи ба Англия, Франсия, Россия ва ба дигар давлатҳо додаро аз рӯи ҷадвали зарар, ихтисор мекард. Ва охирон, аз ҷониби Берлин эълон кардани ҷанги номаҳдуди зериобӣ ва телеграммаи машҳури Симмерман боиси он гаштанд, ки косаи сабри америкоиҳо лабрез шавад. Қарори қабулнамудаи Вашингтон оид ба ворид шудан ба ҷанг на танҳо ибтидои ба охиррасии изолятсионизми америкоӣ, балки он инчунин оғози ба охиррасии гегемон (ҳукмрон)-и Британия дар корҳои байналхалқӣ гардид, зеро Британияи заифшуда дигар натавонист, ки нақши балансиро дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ иҷро намояд, ин нақшро акнун ШМА иҷро мекард[1].

Баъди ба ҷанг ҳамроҳ шудани ШМА таносуби қувваҳои иқтисодӣ пурра ба тарафи Антанта тағйир ёфт. Акнун Германия ва Австро-Венгрия дар масъалдаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз рақибони худ (ШМА, Англия ва Франсия) зиёда аз 2,5 маротиба, аз рӯи истифодаи энергия 3 маротиба, аз рӯи гудохтани пӯлод зиёда аз 2 маротиба қафо монданд. Ва аллакай баъди 11 рӯзи ба ҷанг ҳамроҳ шудани ШМА Вашингтон ба иттифоқчиёни худ ба ҳаҷми 3 миллиард доллар заёмро пешкаш намуд.

Аммо то он даме, ки ҳамаи ин бартарияти иқтисодӣ пурра ба гардиш дарояду аён гардад, вақт лозим буд. Дар вақти ба ҷанг ҳамроҳ шудани ШМА, шумораи артиши федералӣ 80 ҳазор буд, ки аз онҳо 25 ҳазор дар мустамликаҳо ва мулкҳои ҷазиравӣ хизмати мудофиавиро мебурданд ва 27 ҳазор бошад соҳилҳоро ҳифз мекарданд. Ҳамин тавр, амалан гирем зарур омад, ки артиши ШМА-ро аз нав таъсис диҳанд ва ин вақтро талаб мекард. Ғайр аз ин, зарур омад, ки артиши Америкаро тавассути Атлантика ба Европа фиристонд.

Ҳамин тавр, дар соли 1918 барои Берлин як имконияти дигар ба вуҷуд омад, ки чанд моҳи муносибро ба фоида худ истифода намояд, яъне Россия аз

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

бозӣ баромад, ШМА ҳоло ба бозӣ ворид нашуда буд ва ин фурсати ғаниматро-барои зарбаи қатъӣ расондан дар фронти ғарбӣ истифода намояд. Аз моҳи ноябри соли 1917 сар карда, фармондеҳони Германия аз фронти шарқии заволёфта ва ба мавҷудияти худ хотима бахшида, ҳар моҳ 10 дивизияро ба ғарб интиқол додан оғоз намуданд, то ки ҳангоми ҳуҷумкунӣ аз ҷиҳати шумора бартарӣ пайдо намоянд.

Ва моҳи марти соли 1918 дар фронти ғарбӣ онҳо аллакай нисбат ба иттифоқчиён 30 дивизияи зиёдтар дар ихтиёр доштанд. Дигар бояд онҳо интизорӣ намекашиданд, лаҳзаҳое мондаанд, ки то қувваҳои нави ШМА ба Европа ворид мегарданд, ғайр аз ин иқтисоди Германия низ комилан заиф гардид. Ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар Германия то 57% аз сатҳи соли 1913 паст гардид. Таъминоти хӯрокворӣ дар як ҳолати хеле бад қарор гирифт, қаҳтии нон тантана мекард. Гарчанде ки дар фронти ғарбӣ 192 дивизияи немисӣ ҷамъ карда шуда бошанд ҳам, амалан танҳо 56 дивизия аз онҳо дар ҳақиқат қобилияти пурраи ҷангӣ доштанд ва маҳз онҳо беҳтар таъмин карда шуда буданд. Ба аскарони немис, ки дигар аз ҷанг беҳад хаставу бемадор шуда буданд, эълон намуда буданд, ки ин ҳуҷуми охирон аст, баъди он ғалаба ва сулҳ фаро хоҳад расид.

Фармондеҳи Германия Эрих Людендорф 21 марти соли 1918 дар маҳалли ба ҳам пайвастшавии артиши Франсия ва корпуси экспедитсионии Британия зарбаи сахт расонд. Артиши 5 - и Британия торумор карда шуд, немисҳо бори дигар имконият пайдо намуданд, ки ба масофаи 70 километр наздик ба Париж расанд. Аммо аз ин зиёд онҳо дигар ҳеҷ корро карда наметавонистанд. Дар рафти амалиёти мазкури охирони худ 1 миллион нафарро аз даст дода, немисҳо дар моҳи июн маҷбур шуданд, ки ҳуҷумро дар самти фронти ғарбӣ қатъ намоянд.

Дар асл гирем аз они немисҳо дигар ягон имконият намонд. Зеро шумораи аскару афсари рақибон (англисҳо, французҳо, белгиягиҳо) зиёдтар буда, аз ҷиҳати таъминоти лавозимоту яроқҳои ҳарбӣ низ онҳо акнун бартарият доштанд.

Аз ҷониби дигар сарфармондеҳони ШМА аз он тарафи уқёнус ҳар моҳ 300 ҳазор сипоҳиёнро ба Европа мефиристонданд. Ҳамин тавр, бартарияти шуморавӣ ва ҳам техникӣ пурра ба тарафи Антанта гузашт. Таъсири ҷиддиро ба рӯҳияи аскарони немис аз ҷониби рақиб ба таври васеъ истифода бурдани танкҳо – воситаҳои нави бурдани муборизаи яроқнок, низ расонд.

Дар ин ҷо зарур аст, ки оид ба истифодаи танк дар ин ҷанг камтар таваққуф намоем. Ин ҷанг ҳам мисли Ҷанги Қрим набарди хандақҳо буд. Аз ҳама вазнин барои тарафҳои даргир гузаштан аз камингоҳҳои саҳроии рақиб буд. Хандақҳо, саҳрои миннадор, пулемётҳо, симхораҳо – ба назар мерасид, ки ҳамаи ин тантанаи мудофиаро аз болои ҳуҷум таъмин кард. Дар муддати як рӯзи ҳуҷум пиёдагардон метавонистанд дар вазъияти қуллай чанд километр пеш раванд. Рақиб бошад равиши зарбаи асосиро муайян намуда, метавонист ба шитобкорӣ даст назада, артиллерияи вазнинро ба кор даровarda, дар натиҷа

оташи он роҳи ҳуҷуми оғозкунандаро мегирад. Истифодабарии газҳои заҳрнок (Ипр, Белгия, 1915) ба натиҷаи самарабахши интизоршуда наовард, аскарон ва афсарон баъди ин бо асбобу пӯшоки зиддигазӣ таъмин карда шуданд ва ҷанги хандақӣ идома дода шуд. Тарафҳои даргир ҳангоми гирифтани такягоҳҳои саҳроӣ аз қисмҳои ҳарбии махсус истифода намуданро сар карданд, ки бо пулемёти дастӣ, норинҷакҳо, тапончаҳои автоматӣ, бронежилет ва ҳатто дар охири ҷанг бо автоматҳо низ мусаллаҳ буданд. Аммо ин ҳама навовариҳои тактикӣ танҳо натиҷаи маҳдуд дод. Ва танҳо пайдо шудани танкҳо имконият дод, ки хатҳои тактикии мудофиаро рахна намуда, ба майдони оперативӣ ворид шуд. Истифодаи садҳо мошини зиреҳпӯш дар муҳорибаи ҷангали Арденн (августи соли 1918) натиҷаи калонро ба даст овард, яъне дар рӯзи аввали ҳуҷум хатти мудофиаи немисҳо аз байн бурда шуд.

8 августи соли 1918 аз ҷониби Антанта амалиёти ҳуҷумкунандаи Амен гузаронда шуд. Аллакай дар охири рӯзи якуми амалиёт штабҳои якчанд дивизияҳои немисҳо ба даст даровардa шуданд. Ин умеди Берлинро аз ғалаба тамоман канд. 18 августи соли 1918 Людендорф ба кайзер Вилгелм суханони навбатии шумро гуфт: Бозиро бохтем. 26 сентябри соли 1918 сарфармондеҳони иттифоқчиён ба ҳучуми умумӣ гузаштанд.

Аммо ба таври ниҳоӣ бошад იродаи Берлин, дар натиҷаи ҳодисаҳои дар дигар кунҷи Европа рух дода, яъне дар фронти Салоники шикаста шуд. Соли 1918 қувваҳои якҷояи англо-франко-юнону-сербӣ ба лашкари Булғория зарбаи ҳалокатвор заданд. Дар миёнаи 14 то 29 сентябр артиши Булғория мавҷудияташро қатъ намуд. Заволёбии артиши Булғория ва режими ҳукмрони давлати мазкур имконият дод, ки Антанта ба ақибгоҳи Австро-Венгрияи нафасҳои охирини худро кашида истода, ворид шаванд. Барои ҳуҷум бар зидди Австро-Венгрия дар ибтидои моҳи октябр 17 дивизияи сербӣ, англисӣ ва французӣ ҷудо карда шуданд. Ин шумора барои Вена ниҳоят зиёд буд, зеро барои дар фронти нав ҷанг кардан австриягиҳо умуман имконият надоштанд. Ва ин он маъноро дошт, ки Германия аз ҳамаи иттифоқчиёнаш маҳрум мегардад, зеро баъди рахна намудани фронти Байнаннаҳрайн ва торумор кардани сипоҳи Туркия дар фронти Сурия - Фаластин вазъияти империяи Туркия низ ба монанди Австро-Венгрия ниҳоят вазнин гардид.

29 сентябри соли 1918 Гинденбург ва Людендорф оид ба тезтар бастани сулҳ ва ташкил додани ҳукумате, ки Антанта метавонад онро ба назар гирад, расман арз карданд. 4 октябр Ҳукумати Макс Баденский ҳамчун хоҳишманд ба сулҳ ва оғоз намудани гуфтушунидҳои сулҳ дар асоси «Чордаҳ пункт» ба президенти ШМА Вудро Вилсон муроҷиат кард. «14 пункт» - ро В. Вилсон дар муқобили «Декрет дар бораи сулҳ»- В. И. Ленин дар нутқи худ аз 8 январи соли 1918 ба конгресс ироа карда буд.

Зарур аст қайд намоем, ки замоне ки болшевикҳо дар Россия ба сари қудрат омаданд, онҳо ба нашр намудани ҳуҷҷатҳое, ки ба гуфтушунидҳои махфии Антанта дахл доштанд, сар карда буданд. Ин амал ҷомеаи ҷаҳониро аз нақшаҳои пинҳонии мустамликадорон огоҳ кард. Ҳамин тавр, барномаи Вил-

сон зидди барномаи сулҳи пешниҳоднамудаи Россияи Шӯравӣ – «Декрет дар бораи сулҳ» - и В. И. Ленин, талаботи болшевикон дар бораи бастани сулҳи бидуни аннексияву тавони ҷангӣ буд[1].

Дар поён зарур аст қайд намуд, ки маҳз ҳамроҳ шудани ШМА ба ҷанг ва аз ҷанг баромадани Россия натиҷаҳои Ҷанги якуми ҷаҳониро муайян намуданд. Ва натиҷаҳои он ин тавр буданд: якум**,** заволёбии европосентризм. Дар рафти Ҷанги яукми ҷаҳонӣ «консерти европоӣ» хешро худаш аз байн бурд. Баъди ҷанг танҳо Англия ва Франсия тавонистанд, ки даъвои статуси давлати бузурги европоӣ кунанд. Австро-Венгрия пароканда гардид, Германия бошад мағлубу таҳқир карда шуд ва наметавонист, ки даъвои статуси «давлати бузург» намояд. Статуси онро баъдтар Адолф Гитлер барқарор намуд. Россия баъди инқилоби моҳи октябр «тамаддуни буржуазии европоӣ»-ро як сӯ монда, ба сохтмони тамаддуни худӣ – «пролетарӣ (Шӯравӣ)» шурӯъ намуд. Дуюм, зуҳурёбии даъвогари нав ба мақоми ҳукмрони Ҷаҳон – ШМА низ яке аз дигар натиҷаҳои асосии Ҷанги якуми ҷаҳонӣ гардид. Ба маънии дигар, ғалабаи Англия ва Франсия ва аз ҷониби онҳо нигоҳ доштани статуси давлати бузурги худ, бе ҳамроҳшавии ШМА ба ҷанг аз имконият берун буд. Бо ҳамин тамоюли комилан нав дар муносибатҳои байналхалқӣ, яъне болоравии вобаст будани Европаи Ғарбӣ аз ШМА ба вуҷуд омад. Ва ҳамаи ин дар заминаи харобшавию ғораташавии бе мислу монанди Европа сурат гирифт. Ба монанди он ки Антанта дар солҳои ҷанг аз дахолати ШМА вобастагӣ дошт, раванди барқароркунии баъдиҷангии Европа низ аз молҳо, сармоя ва технологияи америкоӣ вобаст буд. Ҳамин минвол, аллакай дар ҳамон давра дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ метавонист гегемони нав пайдо шавад, аммо бо назардошти ҷой доштани як қатор сабабҳо ин амал рух надод.

---

[1]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 112 – 113.

# 4. 19. МУБОРИЗАҲОИ ДИПЛОМАТӢ ДАР РАФТИ ҶАНГИ ЯКУМИ ҶАҲОН

**Дипломатияи давлатҳои бузург дар арафаи ҷанг.** Маълум аст, ки дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар Европа ду коалитсияи зидди ҳамдигар – Антанта ва Бузургдавлатҳои Марказӣ ташаккул ёфтанд. Баробари ин, вазъияти ин ду коалитсия аз ҳамдигар фарққунанда буд.

То соли 1914 Бузургдавлатҳои Марказӣ (Германия ва Австро-Венгрия), бо роҳбарии Германия ба қуллаи баландтарини тавоноии худ расиданд. Меҳвари Берлин-Вена бартариро аз болои рақибони қитъавии худ, Россия ва Франсия, нигоҳ дошт. Бузургии қувваи Германияро ба инобат гирифта, Париж ва Петербург омода буданд, ки ҳам дар Шарқи Наздик ва ҳам дар Марокаш ба Берлин гузашт кунанд. Аммо ҳама чиз ҳаду ҳудуд дорад, берун аз он бошад русҳо ва франсузҳо ба гузашткунии минбаъда розӣ набуданд, дар Берлин ва Вена бошад инро хеле дер дарк карданд.

Дар Берлин ва Вена ҳис карда буданд, ки вақт бар зидди онҳо кор мекунад, аммо ба хулосае омада буданд, ки агар кор ба ҷанг расад, пас ба гуфтаи Бетман-Голвег, дар муқоиса бо баъди як сол ё ду сол, замоне ки Антанта пурқувваттар мешавад, ҷанг ҳозир сар занад хубтар аст.

Барои ҳамин Германия баъди моҷарои Сараево бечуну чаро Австро-Венгрияро дастгирӣ намуд. 28 июни 1914 миллатгарои серб Гаврило Принсип бо тапонча валиҳади тахти Австро-Венгрия, эрсгерсог Франс-Фердинанд ва завҷааш герсогбону фон Гогенбергро парронд. Албатта Гаврило Принсип танҳо набуд, ӯ фаъоли ташкилоти миллатгарои Серб «Млада Босна» буд, ки ин созмон барои таъсисдиҳии «Сербияи Бузург» мубориза мебурд, ки ба ҳайати он бояд на танҳо шоҳигарии Сербия, балки як қатор сарзаминҳои славянҳои ҷанубӣ ворид мешуданд. Ташкилоти мазкур аз афсарони олирутбаи разведкаи Сербия мадади калон мегирифт. Маълумоте мавҷуд мебошад, ки нахуствазири онвақтаи Сербия Пашич пешакӣ оид ба ин сӯиқасд огоҳ карда шуда будааст. Дар ҳама ҳолат сиёсати Австро-Венгрия дар Балкан рӯи рост бо манфиатҳои миллии Сербия бархӯрд, сиёсати австрягиҳо ба мустақилияти Сербия таҳдид мекард.

Аммо на танҳо дар Белград аз сиёсати таҷовузкоронаи Вена бонги хатар мезаданд, балки ба манфиатҳои давлатҳои бузург низ он таҳдид мекард. Зеро аннексияи Сербия ё табдил додани он ба ниммустамликаю вассал он маъноро дошт, ки бузургдавлатҳои Марказӣ тавассути Булғория ва нимвассалашон Туркия имконият пайдо менамоянд, ки алоқаи мустақими роҳи оҳани Берлин – Бағдодро таъмин намоянд. Ва аз ин ҷо ба Форс, Осиёи Миёна ва Ҳиндустон як қадам роҳ буд. Ҳамин тавр, аз даст рафтани истиқлолияти Сербия бо суръати тез вазъияти геостратегиро бар зарари манфиатҳои Антанта тағйир медод.

23 июли соли 1914 Австро-Венгрия ба Сербия ултиматум супорид. Дар он аз ҷумла гуфта мешавад, ки ҳодисаҳои солҳои охир, махсусан

воқеаи 28 июн шаҳодат медиҳанд, ки дар вақтҳои охир дар қаламрави Сербия ҳаракати зиёновар амал менамояд, ки мақсадаш аз монархияи Австро-Венгрия кашида, ҷудо намудани баъзе қисматҳои қаламрави он мебошад. Ин ҳаракат, ки дар назди чашмони ҳукумати Сербия сар задааст, вақтҳои охир аз қаламрави шоҳигарӣ берун баромада, ба террору куштор гузаштааст. Ҳукумати шоҳигарии Сербия ягон чораро надид, ки ҳаракати мазкурро, ки зидди монархияи Австро-Венгрия амалиёт мебарад, хобонад. Австрия дар ҳамин ултиматуми худ, қайд намуд, ки аз шоҳидӣ ва эътирофнамоии ҷинояткорони сӯиқасди 28 июн маълум мешавад, ки куштори Сараево дар Белград омода шуда будааст ва террористонро афсарони Сербия мусаллаҳ гардонда будаанд ва фиристодану ба Босния расондани ҷинояткорон аз ҷониби сарҳадбанони Сербия таъмин карда шудааст. Вазъияти ба амал омада, имкон намедиҳад, ки монархияи Австро-Венгрия дигар интизорӣ кашад. Маркази ин ҳаракат Белград мебошад, ки аз ин ҷо ҳаракати мазкур дар қаламрави империя паҳн мегардад. Ин вазъият монархияро ӯҳдадор менамояд, ки ба ин иғвогарӣ, ки доимо қаламрави Австро-Венгрияро ба хатар меорад, хотима бахшад. Барои ба ин мақсад расидан империяи Австро - Венгрия аз ҳукумати шоҳии Сербия талаб менамояд, ки расман арз намояд, ки он тарғиботу ташвиқоте, ки бар зидди монархияи Австро - Венгрия равона гардидааст, яъне дар маҷмӯъ майлу кӯшишҳое, ки мақсади ниҳоии онҳо аз қаламрви монархия ҷудо намудани мулкҳоро доранд, маҳкум менамояд ва ба зимма гирад, ки бо истифода аз ҳамаи воситаҳо чунин ташвиқоту тарғиботи ҷинояткоронаву террористонаро мехобонад. Аз Белград, инчунин талаб намуданд, ки як қисми муҳими матни ултиматуми мазкурро дар рӯзномаи расмии худ чоп намояд, ғайра аз ин, афсароне, ки дар ин кор даст доштанд, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд[1].

Амалан, баробари ин, аз Белград талаб намуданд, ки барои гузарондани аксияи ҷазодиҳӣ дар қаламраваш розигӣ диҳад. Табиист, ки ин бо принсипҳои истиқлолият ва суверенитети шоҳигарии Сербия мувофиқ набуд ва он рад карда шуд. Дар натиҷа 25 июл Австро-Венгрия ба Сербия ҷанг эълон кард. Ҳамагон бовар доштанд, ки Сербия дар танҳоӣ аз Австро-Венгрия мағулб мешавад ва танҳо дастгирии Россия метавонист сербҳоро наҷот бахшад.

Канслери Германия Бетман - Голвег бошанд ба ин назар буд, ки Сербияро Россия дастгирӣ карда истодааст, то ки тавассути сербҳо Балканро зери назорати худ гирад. Россия мехоҳад Иттифоқи Балканиро зери патронати худ таъсис диҳад, ки иттифоқи мазкур акнун на бар зидди танг карда бароварда-

[1]Ниг.: Документ № 1. – Австро-Венгерский ультиматум Сербии, врученный в Белграде 23 июля 1914 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 3 – 5.

ни Туркия аз Балкан, балки бар зидди мавҷудияти империяи Австро-Венгрия дар Балкан кӯшиш менамояд[1].

Ҳамин тавр, Австро - Венгрия сафарбаркуниро сар намуд. Ва дар ин кор акнун нақши асосиро на сиёсатмадорон ва дипломатҳо, балки суръати сафарбаркунӣ, имконияту тавоноии роҳҳои оҳан ва нақшаҳои ҷангии Штабҳои генералӣ иҷро карданд. Дар ҷавоб ба амали Австро-Венгрия 28 июл Россия сафарбаркунии округҳои ҳарбии Одесса, Киев, Москва ва Қазонро эълон намуд. Аммо проблема дар он буд, ки аз они Россия нақшаи сафарбаркунии фақат зидди Австро - Венгрия вуҷуд надошт. Россия танҳо нақшаи сафарбаркунии умумӣ дошт ва дар Берлин инро нағз медонистанд. Ва сафарбаркунии Россия, ки пеш аз сафарбаркунии Германия сурат гирифт, маънои вайрон кардани нақшаи Шлиффен – ягона нақшаи Германия дар ҳолати сар задани ҷанги калон дар Европаро ифода мекард[2].

Барои ҳамин, Германия тавассути ултиматум аз Россия талаб намуд, ки дар зудтарин фурсат тайёрии ҳарбии худро қатъ намояд. Кайзери Германия Вилгелми II дар телеграммаи худ ба номи имератори Россия Николайи II аз 29 июли соли 1914 навишта буд, ки амалиёти Австрия бояд ҳамчун мақсади пайгиркунандаи ба даст оварадни кафолати пурра дониста шаванд, ки ваъдаҳои Сербия ба факти воқеӣ табдил ёбанд. Ин ақидаи ман дар асоси арздошти ҳукумати Вена баён карда мешавад, ки тибқи он Австрия иброз дошт, ки ба ишғол намудани қаламравҳо аз ҳисоби Сербия майл надорад. Барои ҳамин, ман ба қадри имконот мехоҳам, ки Россия дар низои австро - сербӣ тамошобин монад ва Европаро ба давраи ҷанги мудҳиштарин ворид накунад. Албатта, тайёрии ҳарбии аз ҷониби Россия роҳандозӣ шуда, метавонад аз ҷониби Австрия ҳамчун таҳдид, ки фалокатро метезонад, дониста шавад[3].

Дар Берлин ба он боварӣ доштанд, ки Россия гузашт менамояд. Ин боварӣ дар асоси ақидаҳо оид ба он ки Англия барои худ онро беҳтар медонад, ки ба низои дар қитаъа аланга гирифта, дахолат намекунад, бунёд ёфта буд. Россия ва Франсия бошанд бе кӯмаки Британия аз абарқудратҳои Марказӣ заифтар буданд.

30 июли соли 1914 бошад дар Россия сафарбаркунии умумӣ эълон карда шуд. Николайи II аввал мекалавид, мехост қарори мазкурро бекор намояд, аммо зери таъсири сардори Штаби генералӣ Янушкевич ва вазири корҳои хориҷӣ Сазонов маҷбур шуд сафарбаркуниро маъқул донад. Рӯзи дигар кайзер Вилгелм боз ба Николай телеграммаро фиристонда, дар он хоҳиш намуд, ки сафарбарку-

---

[1]Ниг.: Документ № 6. – Памятная записка об обстоятельствах, предшествовавших возникновению войны, представленная в рейхстаг имперским канцлером Бетманом - Гольвегом. Берлин, 3 августа 1914 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 11.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[3]Мировые войны XX века. В четырех книгах. Книга 2. Первая мировая война. Документы и материалы. - М.: Наука, 2002. С. 69.

ниро манъ намояд ва миёнаравии худро дар ҳал намудани низоъ байни Австрия ва Россия ваъда кард. Дар телеграммаи ҷавобии худ Николайи II умед ба он баст, ки сафарбаркунӣ дар Россия ва Германия «маънои ҷангро надорад». Аммо афсӯс, ки ин ҳамин хел набуд. Нақшаи ҷангии Германия (нақшаи Шлиффен) пеш аз он ки сафарбаркунӣ дар Россия ба охир расад, ҳуҷуми фаврӣ намудан ба Франсияро талаб мекард. 1 августи соли 1914 дар навбати худ Германия сафарбаркунии умумӣ эълон намуд ва шоми ҳамон рӯз бошад сафири Германия дар Петербург – Пурталес ба вазири корҳои хориҷӣ Сазонов нотаро оид ба аз ҷониби Берлин эълон намудани ҷанг бар зидди Россияро супорид.

Танҳо дар охири июл ва оғози август кайзер Вилгелм ва атрофиёнаш дарк намуданд, ки то кадом андоза онҳо бар абас (ҳадар) рафтанд. 29 июли соли 1914 вазири корҳои хориҷии Британияи Кабир сэр Эдуард Грей ба сафири Германия дар Лондон княз Лихновски гуфт, ки агар ба низоъ Франсия низ ворид карда шавад, пас мумкин ҳукумати Британия маҷбур мешавад қарори фавриро қабул намояд ва агар ҷанг якбора аланга занад, пас он фалокати бузургтарине мешавад, ки онро ҷаҳон то имрӯз надидааст.

Вилгелми II телеграммаи Лихновскиро, ки дар он сӯҳбати ӯ бо Э. Грей сабт гардида буд, хонда, сахт ба ғазаб омад. Зеро Германия тахмин мекард, ки Лондон дахолат намекунад ва бо ин ба Берлин имконият медиҳад, ки осудаҳолона Франсия ва Россияро ба хок яксон намояд.

Вобаста ба ин, дар он рӯзе, ки Германия бар зидди Россия ҷанг эълон намуд (1 августи соли 1914), аз Лондон ба Берлин воридшавии хабарҳои оромкунанда сар шуданд, сафири Германия Лихновски бо такя ба гуфтаҳои котиби шахсии Э. Грей – В. Тиррел, хабар расонд, ки гӯё Англия омода аст, ки бетарафии худро дар ҷанги аз пеш омада нигоҳ дорад ва ҳатто бетарафии Франсияро низ таъмин менамояд, ба шарте, ки агар Германия ба Франсия ҳамла накунад. Депешаи мазкури аз Лондон воридшуда дар доираи ҳукмрони Германия ҳаяҷони хурсандибахшро ба бор овард: ба ҷойи ҷанги дар ду фронти ояндааш номаълум, ҷанг бар зидди як Россия, ки он ҳам бошад албатта наметавонад бар зидди қувваи Германия истодагарӣ намояд. Ба сардори Штаби генералии Германия Молтке-Хурдӣ фармон фиристонда шуд, ки тибқи он тамоми лашкар ба самти Шарқ ҳаракат намоянд. Ва дар ҳамин лаҳза бародарзодаи Молткеи Бузург – Молткеи Хурдӣ ба императори Германия, агар ба ибораи маҷозӣ баён намоем, панд дод, ки аз оғози ҷанг сар карда, ҳокимияти воқеӣ дар мамлакат на ба Гогенсоллернҳо тааллуқ дорад, балки он аллакай дар дасти ҳарбиён карор дорад. Ӯ дар асоси он ки фармон бо нақшаи Штаби генералӣ (яъне нақшаи Шлиффен) зид аст ва нақшаи мазкурро бошад дар муддати кӯтоҳ тағйир додан аз имкон берун мебошад, аз иҷро намудани фармони мазкури Вилгелм даст кашид. Дар натиҷа кайзер маҷбур мешавад, ки гузашт намояд ва артиши Германия фармон гирифт, ки ба самти сарҳади Франсия ҳаракат намоянд.

3 августи соли 1914 лашкари Германия пурраву дақиқ мувофиқи «Нақшаи Шлиффен», бе эълон намудани ҷанг ба Белгия ворид шуданд. Немисҳо баҳонаи хандаоварро пеш оварданд, ки Франсия ният дорад лашкари худро ба ин

шоҳигарӣ ворид намояд. Худи ҳамон рӯз ҷанг бар зидди Франсия эълон карда шуд ва боз ҳам бо баҳонаи сохта, ки гӯё французҳо ба қаламрави немисҳо сар даров617данд. Статс-котиб оид ба корҳои хориҷии Германия фон Ягов 4 августи соли 1914 ба князь Лихновски супориш дод, ки нобоварии мумкин дар ҳукумати Британия нисбати ниятҳои мо дар Белгия ҷой доштаро бартараф намояд ва ваъда диҳад, ки гӯё немисҳо қаламрави Белгияро аннексия намекунанд. Албатта, дар чунин шароитҳо ҷиддан ба ҳифз нигоҳ доштани бетарафии Британия дигар умед бастан даркор набуд. Дар ҳамон рӯз, 4 августи соли 1914, князь Лихновски ба Форин Оффис даъват карда шуд. Дар он ҷо аллакай бо ӯ берун аз сабку меъёрҳо ва бе сухани нимколамондаи дипломатӣ гап заданд. Грей ба Лихновски, гуфт, ки агар то соати 24 $^{00}$-и 4 август лашкари Германия аз Белгия баровардa нашавад, Британияи Кабир худро бар зидди Германия дар ҳолати ҷангӣ ҳисоб менамояд[1].

Он чизе ки ба Англия ва Франсия дахл дорад, пас ин ду давлат ягон хоҳиш надоштанд, ки ба хотири мулки комилан ба онҳо бегонаи Балкан ба набард ворид шаванд. Аммо мушкилӣ дар он буд, ки низоъ дар Балкан фақат баҳона буду халос, аз он зиёдтар не. Дар ин самт мисоли басанда аст, агар ҳарф занем, ки амалиётҳои ҳарбӣ дар фронти русу австриягӣ, ки он бо масъалаи Балкан вобастагӣ дошт, танҳо 12 августи соли 1914 сар шуданд, замоне ки дар Белгия аллакай ҷангҳои шадид байни сипоҳиёни немис ва белгиягӣ шуда мегузаштанд.

Англия ва Франсияро барои он ба ҷанг кашиданд, ки инро нақшаи Шлиффен талаб мекард, ки он истилои Белгия ва торумори Франсияро ба назар гирифта буд. Бо ин ҳама, Германия худро ба ҷанги истилогарона бар зидди бузургдавлатҳои ғарбӣ ворид намуда, сонӣ онро бохт.

Хулоса, соли 1914 немисҳо дигар наметавонистанд, ки ҷангро пешгирию маҳдуд намоянд, зеро ба ин нақшаи Шлиффен халал мерасонд, ки он ғалабаи сартосарӣ мехост ва бо ин ҳама Германияро ба бохти сартосарӣ ғутонд[2].

**Муносибатҳо дар Антанта.** Ҷанг характери тоталӣ гирифт, ки барои давраҳои пеш комилан зарур ҳам набуд. Барои консерти европоӣ тамоюли маҳдуд намудани мақсадҳои сиёсии давлатҳои бузург дар давраи ҷанг хос буд. Бузургдавлатҳо метавонистанд кӯшиш намоянд, ки вазъияти худро беҳтар намоянд, аммо на ин ки ба самти пурра аз байн бурдани рақибони худ майл намоянд. Маҳз, асосгузорони системаи венагии муносибатҳои байналхалқӣ баъди таҷрибаҳои талхи ҷангҳои Наполеонӣ кафили оромию суботи сиёсӣ дар Европаро баъди соли 1815 дар ҳамин медиданд. Барои ҳамин дар давраи баъди соли 1815, новобаста ба ҳамаи ҷангҳо ва инқилобҳо, консерти европоӣ ҳайати муътадили худро нигоҳ дошт.

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Тэйлор А. Дж. П. Борьба за господство в Европе. 1848 – 1918. М.: Издательство иностранной литературы, 1958. С. 530.

Ва танҳо дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ шуда, бори нахуст баъди давраи Наполеон коалитсияҳои ҷангкунанда дар пеши худ гузоштани мақсадҳои қатъиро сар карданд, ки тибқи он рақибони худро ба сифати давлати бузург аз байн баранд. Ва дар куҷое, ки мақсадҳои қатъӣ ҳастанд, воситаҳои қатъӣ низ ҷой доранд. Яъне даҳҳо миллион одамро бо яроқ мусаллаҳ намуданд, иқтисодиётро ба ҳолати ҳарбӣ гузарониданд, ҳамаи ҳаёти мамлакатҳои ҷангкунанда ба як мақсад тобеъ карда шуд – ғалаба. Бори нахуст, баъди ҷангҳои давраи Инқилоби Франсия, нақши калонро дар рафти муборизаи мусаллаҳона фактори идеологӣ бозӣ кардан оғоз намуд. Ба таври мисол меорем, Антанта мақсади худро мубориза ба хотири тамаддун, бар зидди милитаризми пруссиягӣ эълон намуд. Германия мақсади худро мубориза барои маданият эълон намуд. Дар ҳама гуна ҳолат, ҷой доштани фактори идеологӣ ба баланд бурдани муборизаи бераҳмона оварда расонд. Дипломатияи Антанта ва абарқудратҳои Марказӣ низ на аз ин камтар мақсадҳоро пеши худ гузошта буданд.

Се бузургдавлати европоӣ – Англия, Россия, Франсия, ки моҳҳои июл-августи соли 1914 ба ҷанги зидди душмани умумӣ ворид шуда буданд, дар лаҳзаҳои сар задани амалиётҳои ҷангӣ ҳатто шартномаи иттифоқӣ низ надоштанд. Чи хеле ки маълум аст, бо ӯҳдадориҳои иттифоқӣ танҳо Франсия ва Россия (аз солҳои 90-уми асри XIX сар карда) алоқаманд буданд. Англия бошад ягон шартномаи хаттии баробартарафаро надошт, ки онро ӯҳдадор намояд дар якҷоягӣ бо Россия ва Франсия ба ҷанг ворид шавад. Ва маҳз ҳамин ҳолат, яъне пиндори номуайяни Британия, ниҳоятан дипломатия ва ҳарбиёни Берлинро ба иштибоҳу хатокорӣ оварда расонд.

5 сентябри соли 1914 шартномаи англо-франко-русӣ имзо карда шуд, ки тибқи он се давлат ӯҳдадор шуданд, ки ҷангро то ғалаба мебаранд ва сулҳи сепаратиро намебанданд[1]. Аммо, бо ин ҳам – яъне ба шартномаи аз 5 сентябри соли 1914 нигоҳ накарда, Англия, Россия ва Франсия ҳоло ҳам ба якдигар стратегияҳояшонро намекушоданд ва кӯшиш намекарданд, ки фаъолияти худро ҳамоҳангсоз намоянд. Байни иттифоқчиён ихтилофот ва гумонбаркунии ҳамдигарӣ ҷой дошт. Масалан, Париж ва Петербург ҳамдигарро ба пиндорҳои пинҳонии бастани сулҳи сепаратӣ гумонбар мекарданд. Барои ин гумонбарҳо асосҳо ҳам ҷой доштанд – дасисакорони дарбори Россия комилан рӯҳияи германофилӣ доштанд, он чизе ки ба афкори ҷамъиятии Британия ва Франсия дахл дорад, пас он ҷо чун анъана рӯҳияи зиддирусӣ қувва дошт[2].

Табиист, ки ихтилофоти ҷиддӣ байни иттифоқчиёнро лоиҳаи нақшаҳои тартиботи баъдиҷангии Европа низ ба вуҷуд овард. Масалан, талаби Петроград оид ба тақсими империяи Туркия (нотаи Сазонов аз 4 марти соли 1915) дар Па-

---

[1]Ниг.: Документ № 13. – Деклорация России, Франции и Великобритании о незаключении сепаратного мира, подписанная в Лондоне 23 августа (3 сентября) 1914 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 19.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

риж эҳсосоти калонро ба вуҷуд овард. Дар Франсия ба ин назар буданд, ки даврае, ки Франсия бори вазнини мубориза бар зидди Германияро кашида истодааст, Россия ва Англия Туркияро тақсим менамоянд ва Париж аз ҳама чиз маҳрум мемонад. Ва танҳо 10 апрели соли 1915 французҳо тибқи нотаи худ бо дили нофорам ба он розӣ шуданд, ки гулӯгоҳҳо бо қаламравҳои наздик ба онҳо ба ҳайати империяи Россия ҳамроҳ карда мешаванд, аммо ба шарте, ки агар ҷанг бо ғалаба анҷом ёбад ва Франсияву Англия низ дар Шарқ баробари дигар ҷойҳо мақсадҳои худро амалӣ намоянд.

Акнун дар бораи ин мақсадҳо аз чӣ иборат буданд, ҳарф мезанем. Моҳи январи соли 1916 лоиҳаи британо-французии шартномаи махфии Сайкс-Пико[1] оид ба тақсимкунии мулкҳои Осиёгии империяи Туркия бо Россия мувофиқа карда шуда, он 16 май байни Британияи Кабир, Франсия, Россия (ва баъдтар Италия ба он ҳамроҳ гардид), баста шуд, ки тибқи он баъди анҷом ёфтани ҷанг Сурия аз они Франсия мешуд ва Байнаннаҳрайн бошад мустамликаи Британияи Кабир мегардид. Барои он ки оид ба ин шартнома розигии Петроградро ба даст оранд, ба Россия Арманистон ва Курдистонро ваъда карданд. Албатта ин доду гирифти ноинсофона пинҳон аз мардуми олам сурат мегирифтанд, дар баромадҳои оммавию кушоди худ бошад сарварони Антанта оид ба демократия, мубориза бар зидди милитаризм, ҳуқуқи халқҳо ва ғайра сухан мегуфтанд.

Дар баробари нақшаҳои забт намудани қаламравҳои нав Антанта ба васеъкунии доираи иттифоқ низ аҳамият медод. Соли 1914 нишон дод, ки ҷанг дароз давом мекунад ва аллакай декабри соли 1914 Россия иттифоқчиёни худро оид ба камшавии захираҳои барои ҷанг омода кардааш хабар дод. Махсусан, камчинии тири тӯпҳо бисёртар ба назар мерасид. Саноати заиф ва аз ҷиҳати ташкилӣ ба талабот ҷавобгӯ набудаи Россия натавонист, ки мунтазаму пурра артишро бо тирҳои тӯп таъмин намояд. Аз ин лиҳоз, иттифоқчиён дар Антанта кӯшиш мекарданд, ки ба коалитсияи худ ҳар чи бештар мамлакатҳоро ҷалб намоянд, то ки заифии Россияро ҷуброн кунанд.

Дастовардҳои бузургтарини Антанта дар ин самт ба тарафи худ кашидани Италия ва Руминия буд. Зеро аз ҳамаи давлатҳо, аз ҷумла давлатҳои майда ҳам, манфиатҳои миллӣ вуҷуд доштанд. Аз ҷумла, Италия Трентино (Тирол), Триест, Валона, ҷазираҳои Сасено, соҳилҳои Далматсия ва ҷазираҳои он, қаламравҳо аз ҳисоби империяи Туркия, гузашти мустамликавӣ дар Африка (хусусан дар Либия, Эритрея, Сомали), дар Албанияи Марказӣ таъсис додани князгарии автономӣ бо марказаш дар Дурассо ва охирон заёмро ба маблағи 50 миллион фунт стерлинг талаб намуд. Ва ин ҳама дар он вазъият, ки Россия ҳаракати худро дар фронти Шарқӣ заиф накунад ва фло-

[1]Шартномаи мазкур, ки аз ҷониби подполковники Британия, эксперт оид ба масъалаҳои Шарқи Наздик Марк Сайкс ва дипломати французӣ, собиқ консули генералии Франсия дар Бейрут Франсуа Жорж-Пико омода карда шуда буд, номи онҳоро гирифт.

ти англо-франсузӣ бошад дар мубориза бар зидди флоти Австрия ёрӣ мерасонад[1].

Мушкилӣ на он қадар дар атрофи талаботи Италия буд, балки дар даъвои Италия ба заминҳои славянҳои ҷанубӣ буд, ки барои иттифоқчии Сербия – Россия ғайриқабул буданд.

Додугирифти мазкур дар атрофи воридшавии Италия ба ҷанг, албатта барои Вена ва Берлин махфӣ монда наметавонист. Ва онҳо низ кӯшиш намуданд, ки дар гузашткунӣ ба Италия розӣ шаванд, то ки ба тарафи Антанта гузаштани он сурат нагирад. 8 марти соли 1915 дар Вена дар Шӯрои салтанатӣ (шоҳӣ) оид ба масъалаи ба Италия пешниҳод намудани гузашти қаламравҳо, ҳатто аз ҳисоби мулкҳои худии Габсбургҳо қарор қабул гардид. Дар чунин шароит Россия маҷбур шуд, ки дар Антанта розӣ шавад, то ки ба Италия қисми калони славяннишини Далматсия дода шавад. Ҳамин тавр, Россия ҳамаи даъвоҳои империализми Италияро қонеъ гардонд ва 26 апрели соли 1915 дар Лондон байни Рим ва давлатҳои Антанта шартнома баста шуд, 3 майи соли 1915 бошад Италия шартномаро оид ба «Иттифоқи Сегона» бекор намуд.

Бюлов 9 майи соли 1915 сафири Австрияро маҷбур намуд, ки арздоштро имзо намояд, ки дар он гуфта мешуд, ки Австро - Венгрия омода аст ба Италия Тирол, Градиска, соҳили ғарбии Изонсро гузашт намояд, Триестро ба шаҳри озод табдил дода, суверентитети Италияро аз болои Валона эътироф менамояд ва оид ба манфиат надоштани Вена дар Албания эълон менамояд. Аммо аллакай дер шуда буд, Антанта тавонист, ки Италияро ба тарафи худ кашад. 23 майи соли 1915 Италия ба Австро-Венгрия ҷанг эълон кард.

Аммо рафти минбаъдаи ҳодисот нишон доданд, ки иштироки Италия дар ҷанг барои Антанта сабукиҳои махсусро ба бор наовард, баръакс фронти нав ба вуҷуд омад, ки зарурият пеш омад, ки онро низ ба ҳар сурату тамоми қувва, махсусан баъди нокомӣ дар назди Капоретто (ноябри соли 1917), нигоҳ дошт. Баробари ин, ба назардошти таносуби қувваҳо ва бо назардошти ҳукмронии флоти англо-франсузӣ дар баҳри Миёназамин ва вобастагии иқтисодии Италия аз Антанта, аз ҷониби абарқудратҳои Марказӣ ба ҷанг воридшавии Италия аз эҳтимол дур буд. Аз афташ аз ҳама қуллай барои Лондон ва Париж бетарафии Италия хубтар мебуд, аммо инро дар соли 1915, дар вазъияти ниҳоят тезу тунд, дарк кардан мушкил буд.

Ҳамин тавр, ҳукуматдорони Антанта намефаҳмиданд, ки Руминияи бетараф ба онҳо зиёдтар фоида меорад, аз он ки ин давлатро аз ҷонибдории худ ба ҷанг кашиданд. Афсӯс, ки барои воридшавии Руминия ба ҷанг (28 августи соли 1916), яъне баъди рахнакунии Брусилов, замоне ки ба назар мерасид, ки аз мавҷудияти Австро-Венгрия рӯзҳое ба шумор мондаанд, шикастхӯри Руминия

---

[1]Ниг.: Документ № 21. – Секретное соглашение союзных держав с Италией, заключенное в Лондоне 13/26 апреля 1915 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 27 – 30.

(ноябр - декабри соли 1916) рух дод, баъди ин Россия маҷбур гардид, ки барои фронти Руминия низ лашкар ҷудо намояд.

Иттифоқ бо Руминия охирон кӯшиши Антанта дар самти ба ҷанг ворид намудани давлатҳои майда гардид. Онҳо чун пештара ҳоло ҳам дарк накарда буданд, ки ҷанг ба низои комилан миёни давлатҳои бузург табдил ёфтааст. Ҳар иттифоқ бо мамлакатҳои хурд барои онҳо монеаи иловагиро ифода мекард.

Аммо давлатҳои Антанта на танҳо ба ҷалб намудани иттифоқчиён машғул буданд, мушкилии асосӣ барои онҳо ин мутобиқу ҳамоҳангсоз намудани қувваю кӯшиш монда буд. Зеро Англия, Франсия ва Россия тавассути девору монеагузориҳои дастнораси бузургдавлатҳои Марказӣ аз ҳам ҷудо буданд. Вазъияти иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳарбӣ-стратегии онҳо комилан фарқ мекарданд, дар мувофиқа ба ин, назари онҳо низ ба стратегияи иттифоқӣ гуногун буд.

Ба қаламрави Англия ҳоло ҳам лашкари Германия ворид нашуда буд, барои ҳамин, Лондон метавонист аз ҳисоби блокадаи баҳрӣ, ҷалб намудани иттифоқчиёни нав, зина ба зина афзун додани қувваи артиш ва флоти иттифоқчиён тибқи стратегияи худ, яъне стратегияи бемадоркунӣ (беқувваткунӣ) - и заифкунии Германияро идома диҳад. Ва дар умум, Лондон бо нақшаҳои баъдиҷангии ба таври қатъӣ заиф намудани Германия нозукона назар дошт. Дар Лондон мехостанд, ки флоти Германия нест карда шавад ва мустамликаҳои Германия тақсим карда шаванд, аммо ба франсузҳо додани соҳили чапи Рейнро англисҳо намехостанд, аниқтараш онҳо омода буданд, ки музофотҳои назди Рейни Германияро бо Белгия ва Люксембург муттаҳид намоянд.

Франсия бошад дар дигар хел вазъият қарор дошт, захираи калони иқтисодии худро мамлакат дар натиҷаи истилокории Германия аз даст дод. Барои ҳамин, франсузҳо ҳам ҳар чи зудтар торумор намудани Германияро орзӯ мекарданд. Баробари ин, Париж мехост ба Германия чунон зарба расонад, ки он дигар ба худ наояд. Маҳз барои ҳамин франсузҳо талаб намуданд, ки дар соҳили чапи дарёи Рейн зонаи буфериро зери таъсири номаҳуди худ таъсис диҳанд. Франсия баргардондани Элзас ва Лотарингияро кори ҳалшуда донист.

Аммо, махсусан, вазъияти Россия вазнин буд. Франсия ва Британия метавонистанд, ки ба ёрии ҳамдигар расанд, баробари ин, имконият доштанд, ки аз захираҳои калони америкоӣ ҳар чи бисёртар истифода намоянд. Россия бошад ин гуна имкониятҳоро надошт. Зеро бо оғоз гардидани ҷанг ҳаракат намудани киштиҳо тавассути баҳри Балтика ғайриимкон гардид ва бо ворид шудани Туркия ба ҷанг аз ҷониби абарқудратҳои Марказӣ (1 ноябри соли 1914) роҳи баҳри тавассути баҳри Сиёҳ низ баста гардид. Бо ин ҳама ба таври мунтазам таъмин намудани Россия бо маводу маҳсулоти ҳарбӣ мушкил гардид, бе ин артиши Россия дар вазъияти ногувор қарор гирифт. Саноати Россия наметавонист, ки махсусан артишро бо тири тӯпҳо таъмин намояд. Агар мағлубият дар Марна он маъноро дошт, ки «блискриг»-и Германия аз байн рафт, пас ворид шудани Туркия ба ҷанг ба таври муътадил таъмин намудани артиши Россияро бо тири

тӯпҳо аз байн бурд. Аллакай дар охири соли 1914 дар артиши Россия чунин намуди тирҳо намерасиданд, аз ин сабаб русҳо дар чандин муҳориба шикаст хӯрданд. Дар ҳақиқат тавассути Мурманск ва Архангелск иттифоқчиён шумораи муайяни лавозимоти ҳарбиро ба Россия мефиристонданд, аммо аз сababи ҷой доштани мушкилиҳои нақлиётӣ аксарияти ин маводи ҳарбӣ баъди интизорӣ кашидан ба фронтҳо мерасиданд. Масалан, соли 1915 иттифоқчиён ба Россия танҳо 1,2 миллион дона снарядро фиристонданд, ки ин нисбат ба таъминоти Германия хеле кам буд. Россия аз ҷиҳати молиявӣ низ аз иттифоқчиёни ғарбии худ вобаст буд. Аллакай 5 феврали соли 1915 иттифоқчиён барои Россия ба маблағи 50 миллион фунт стерлинг қарз кушоданд. 30 сентябри 1915 бошад Россия аз Англия ба маблағи 300 миллион фунт стерлинг заёмро ба даст овард. 4 октябри соли 1915 шартнома дар бораи ба Россия пешниҳод намудани қарзи Франсия ба маблағи 562 миллион рубл баста гардид. 27 октябри соли 1916 шартномаи нави англо-русӣ оид ба қарз баста гардид, ки тибқи он Россия боз 150 миллион фунт стерлинг гирифт. Инчунин ШМА низ ба Россия қарзро ба маблағи 250 миллион рубл пешниҳод карда буд. Ҳамин тавр, дар давраи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ қарзи берунии Россия тақрибан то 6 миллиард рубл афзуд. Амалан ин он маъноро дошт, ки на танҳо мустақилияти молиявӣ-иқтисодӣ, балки ҳарбӣ-сиёсии мамлакат аз даст рафта истодааст[1].

Натиҷаҳои ниҳоят зафишавии мавқеи Россия дар доираи Антанта чанд то буданд. Якум, Россия (ҳамчунин Франсия низ) маҷбур буд, розӣ шавад, ки молу амволи дар ШМА будаи Россия ба зери назорати Британия ва тавассути миёнаравии Британия гузаранд.

Дуюм, ба Россия зарур омад, ки ба ивази қарзҳои молию пулии ғарбӣ хуни аскарони худро пардохт намояд. Ҳамин тавр буд дар рафти ҳуҷумкунии беомодабошии русҳо ба Пруссияи Шарқӣ дар моҳи августи соли 1914 ва минбаъда ҳам ҳамин тавр буд, замоне ки рахнакунии генерал Брусилов ёрӣ расонд, ки ҳуҷуми Германия ба Верден заиф гардад. Инчунин ночор фиристондани аскарони рус ба фронти ғарбӣ низ ба вобастагии иқтисодии Россия алоқаманд буд.

Конференсияҳои иттифоқчиён дар моҳи ноябри соли 1916 дар Шантили ва ҳам январ - феврали соли 1917 дар Петроград мушаххасан ба Россия ҳеҷ чизро надоданд, ғайр аз ваъдаҳои дар оянда пешбинишуда, ба ивази ин ваъдаҳо бошад аз Россияи дар азобу кулфат ғутида, талаб карданд, ки аллакай баҳори соли 1917 ба ҳуҷуми қатъӣ гузарад.

Дар ҳақиқат, дар феврал-марти соли 1917 ба ҳам наздикшавии мавқеи Париж ва Петроград дар масъалаи тақсимоти қаламрави Германия ба назар расида буд. Россия иброз намуда буд, ки омода аст Франсияро дар масаъалаи даъвои он ба Элзас-Лотарингия ва Саар дастгирӣ намояд, боқимонда мулкҳои немисии дар соҳили чапи Рейн буда бояд «давлати мухтор ва бетараф» шаванд ва баробари ин, то он даме, ки Германия ва иттифоқчиёни он ҳамаи шартҳои шарт-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

номаи сулҳи ояндаро иҷро накунанд, дар зери ишғоли лашкари Франсия боқӣ монанд. Дар ҷавоб ба ин Франсия шартномаи англо-русиро оид ба Константинопол ва гулӯгоҳҳо ва инчунин озодии Россия дар масъалаи муайян намудани сарҳадоти ғарбии худ, яъне нигоҳ доштани Полшаи воҳид зери таъсири пурраи тоҷи салтанатии Петроградро эътироф намуд. Албатта, аҳди мазкур норозигии Лондонро ба вуҷуд оварда буд, ки он намехост, ки Франсияро беҳад тавоно бинад ва Германия бошад аз ҳад зиёд заиф гардонда шавад[1].

Аммо натиҷаи таъсири инқилоб заифшавии босуръати тези мавқеи Россияро дар Антанта ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи инқилоби февралӣ дар Россия Ҳукумати Муваққатӣ таъсис дода шуд. Барои он Ҳукумати муваққатӣ мегуфтанд, ки он муддати муайян, яъне то даъвати Маҷлиси муассисон, бояд амал мекард. 9-уми марти соли 1917 ШМА ва 11-уми март бошад Франсия, Англия ва Италия Ҳукумати муваққатии Россияро ба расмият шинохтанд. Баъдтар Белгия, Сербия, Япония, Руминия ва Португалия ба онҳо ҳамроҳ шуданд.

Ҳамаи аъзоёни Ҳукумати муваққатӣ, ғайр аз П. Н. Милюков, мувофиқи баъзе маълумотҳо ӯ ҳам, аз масонҳо буданд. Ҳамин тариқ, ин ҳукумат дар дасти давлатҳои ғарб ҳукумати лӯхтакмонанд шуда монд ва ба фоидаи маблағгузорони хориҷии худ кор мекард. Хулоса, мувофиқи маълумотҳои нав инқилоби февралӣ низ бо маблағгузорӣ ва дасисаи давлатҳои империалистии ғарб сурат гирифтааст.

Бо суръати тез қарздиҳӣ ба Ҳукумати Муваққатӣ кам гардид, як қатор масъалаҳои дипломатӣ, аз ҷумлаи даъвои Италия ба Смирна, масъалаи Юнон ва ғайра амалан бе машварат бо Петроград ҳал карда шуданд. Амалан тирамоҳи соли 1917 бошад тақсим намудани Россия зери доираи таъсири худи иттифоқчиёни он дар Антанта сар шуд: масалан, ШМА ба зимма гирифт, ки роҳҳои оҳанро аз нав ташкил менамояд, Англия нақлиёти баҳрӣ ва Франсия артишро. 23 декабри соли 1917, аллакай баъди инқилоби октябрӣ, шартномаи махфии франко-британӣ оид ба тақсим намудани «қаламрави амалиёт» (яъне доираи таъсир) дар Россия, дар ҳолати баромадани он аз ҷанг, баста гардид. Мувофиқи он ба сифати қаламрави амалиёти Франсия Бессарабия, Украина ва Қрим ва Британия бошад Кавказ, Кубан ва Дон ҷудо карда шуданд.

Дар тамоми давраи ҷанг Англия ва Франсия аз он хавотир буданд, ки Россия мумкин бо немисҳо сулҳи сепаратиро мебандад. Фаъолона дастгирӣ намудани инқилоби Февралӣ аз ҷониби сафирони Англия ва Франсия дар Петербург низ дар натиҷаи тарсидан аз рӯҳияи германодӯстдории доираи атрофи императори Россия (Штюрмер, Распутин, Протопопов) сурат гирифта буд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, аз ҷониби Ҳукумати болшевикии Россия дар Брест - Литовск сулҳи сепаратӣ баста шуд.

Ҳизби болшевикӣ, ки дар натиҷаи инқилоби Октябри соли 1917 ғалаба кард, ба чунин назар буд, ки табаддулоти октябрӣ ин танҳо фазаи якуми

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

инқилоби ҷаҳонии пролетарӣ (ранҷбарон) буда, дар натиҷаи инқилоби ҷаҳонии синфи ранҷбар бошад Ҷумҳурии Шӯравии Ҷаҳонӣ таъсис дода мешавад. Ғалабаи инқилоби ҷаҳонии пролетарӣ бошад ба ақидаи марксистон қатъшавии ҳамаи ҷангҳо ва умуман ба аз байнравии ҳамагуна истисмори халқҳо меорад.

Ва аз ҳамин ҷо «Декрет дар бораи сулҳ» – аввалин санади сиёсати берунии Россияи Шӯравиро Анҷумани Умумироссиягӣ дар шаби 25 ба 26-уми октябри соли 1917 қабул намуд, ки дар он хитоб карда шуда буд, ки «ба ҳамаи халқҳои ҷангкунанда ва ҳукуматҳои онҳо», фавран «сулҳи демократиро бе аннексия ва тавони ҷангӣ» барқарор намоед[1].

Аммо умед ба фаҳмиши «пролетарҳои ҳамаи мамлакатҳо» ба кор наомад. Ва Шӯрои комиссарони халқи Россияи Шӯравӣ маҷбур шуд, ки гуфтушуниди сепаратиро дар шароити хеле ногувор дар Брест - Литовск бо Германия ва Австрия барад. Зеро аллакай дар Россия ҷанги шаҳрвандӣ сар шуд, раванди тақсимшавии мамлакат, аз ҷумла ҷудошавии Украина, низ намудор гардид, инчунин Антанта ҳам дигар намехост, ки бо ҳукумати болшевикӣ ҳамкорӣ намояд.

Гарчанде ки режими болшевикӣ дар аввали ба сари қудрат омаданаш заиф бошад ҳам, аммо «тоталитаризми омма» дар давраи аввали ҳукмронии низоми коммунистӣ дар Россия хеле баланд буд. Дар ин самт бастани сулҳи Брест худ факт мебошад, ки режим заиф буда, халқ бошад дигар намехост, ки ҷанг кунад ва дар Россия солҳои 1917 ва 1918 қувваи дигаре ёфт намешуд, ки халқро маҷбур созад ҷанг кунад. Моҳи январи соли 1918 Л. Д. Троцкий дар роҳҳи Брест-Литовск хати фронтро бо чашмонаш дид ва эътироф намуд, ки артиши Россия дигар ҷанг кардан наметавонад ва аскарон ҳам ҷангро намехостанд. Ва ӯ чунин иброз дошт, ки ҷангро қатъ менамоем, артишро демобилизатсия мекунем, аммо сулҳро имзо намекунем[2]. В. И. Ленин, то он даме, ки немисҳо ултиматумро пешниҳод накарда буданд, ин ғояро маъқул донист. Аммо сонӣ немисҳо ултиматумро пешниҳод намуданд, ки мазмунаш чунин буд: ё тибқи шартҳои Германия сулҳ мебандед ё ин ки Германия амалиёти ҷангиро сар менамояд. 5 январи соли 1918 Л. Д. Троцкий ултиматумро дар Брест-Литовск рад намуд, зеро ӯ ва дигар болшевикҳоро аз даст рафтани қаламравҳои калон хавотир карда буд.

Аммо дар асл бошад артиш дар пеши назари мардум пароканда гардид ва ҳанӯз дар охири соли 1917 артиши Россия қобилияти ҷангии худро аз даст дода буд. Амалан, агар фикри Л. Д. Троцкий дуруст бошад, аз они ҳукумати Россияи Шӯравӣ дар вақти бастани сулҳи Брест ягон баталони қобилияти ҷангӣ дошта ҳам намонд. Дар чунин шароит ҳамагуна ҳукумат, он болше-

[1]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 53 – 57.
[2]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 91.

викӣ бошад ё дигар ҳукумати Россия, маҷбур мешуд, ки ба бастани сулҳи сепаратӣ бо немисҳо розӣ шавад[1].

Зарур аст қайд намоем, ки артиши Россия аллакай аз рӯзҳои ба сари қудрат расидани А. Ф. Керенский барин сиёсатмадорон дар Ҳукумати Муваққатӣ аз ҷиҳати идеологӣ пароканда гардид. Дар артиши Россия ба озодии ҳизбӣ ва фаъолияти ҳизбӣ иҷозат дода шуд, ки ин боиси он гашт, ки аскарони аз ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо пайравӣ намуда, аз иҷро намудани фармонҳои афсарони худ ҳам сарпечӣ мекарданд. Роҳ додани бисёрҳизбӣ дар артиш он вақт ва имрӯз ҳам бесобиқа буд. Ҳамин тавр, аскарон манфиатҳои ҳизбии худро аз манфиатҳои умумимиллӣ ва давлатию ҳарбӣ болотар медонистанд.

23 феврали соли 1918 немисҳо боз шартҳои вазнинтари сулҳро пешниҳод намуданд ва талаб карданд, ки онҳоро то соати 7 $^{00}$ субҳи 24 феврал қабул намоянд. 3 март сулҳ баста шуда, тибқи он аз Россияи Шӯравӣ Украина, Финляндия, Гурҷистон, Полша, Наздибалтика ҷудо карда шуданд. Сулҳи Брест дар сатҳи байналхалқӣ ба изолятсияи Россияи Шӯравӣ оварда расонд. Дипломатҳои иттифоқчиён қаламрави онро тарк карданд. Собиқ иттифоқчиёни империяи Россия, ки ҳокимияти Шӯравиро этироф накарданд, бар зидди он блокадаи иқтисодиро ҷорӣ намуданд. Ба хотири он ки моликияти ҳарбӣ, ки пештар аз мамлакатҳои иттифоқӣ дастрас шуда буд, ба дасти мамлакатҳои блоки Иттифоқи Сегона нарасад, ба бандарҳои бузург дар шимол ва шарқи мамлакат лашкари иттифоқчиён ворид карда шуд. Бо ҳамин мудохилаи Антанта ба корҳои дохилии мамлакати Шӯроҳо оғоз гардид ва яке аз мақсадҳои асосии он дастгирӣ намудани қувваҳои зиддиболшевкӣ буд, онҳо бошанд дар навбати худ омода буданд ҷангро зидди Германия идома диҳанд[2].

Вазъияти мазкур дар дохили худи Ҳокимияти Шӯравӣ ва роҳбарияти ҳизби болшевикӣ низ парокандагиро ба вуҷуд овард. Роҳбарияти ҳизби эсерҳо ва аксарияти болшевикҳо мехостанд, ки «ҷанги инқилобӣ» бо «империализми Германия» идома дода шавад. Ҳамаи ин вазъият шартҳои вазнини сулҳи Брестро пешакӣ муайян намуд, ғайр аз ин, баъди бастани он алоқаҳо бо Антанта низ пурра канда шуданд. Аммо бо омадани шароити қуллай 13 ноябри соли 1918 КИМ-умумиитифоқии РСФСР сулҳи Брестро бекор кард[3].

**Муносибатҳо дар Иттифоқи Чоргона.** Азбаски таносуби қувваҳо байни Германия нисбат ба иттифоқчиёнаш, ҳатто Австро-Венгрия ҳам комилан фарқ мекарданд, ҳамаи онҳо аз Берлин вобастагии сахт доштанд. Масалан, оид ба ин моҷарои дар боло овардашудаи канслер Бетман-Голвег, яъне аз ҳисоби гузашт-

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А. В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. С. 381 – 382.

[3]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 167.

кунии заминҳои Австро-Венгрия ба Италия, то ки он аз ҷониби Антанта ба ҷанг ворид нашавад, мисол шуда метавонад. Баробари ин, бо вазнин шудани вазъияти бузургдавлатҳои Марказӣ, ихтилофот дар дохили Иттифоқи Чоргона низ ба вуҷуд омаданд.

Мувофиқ ба зиёдшавии блокадаи баҳрӣ аз ҷониби Британия мушкилиҳои иқтисодии Германия ва иттифоқчиёнаш низ зиёд шуданд. Рӯйхати молҳо, ки аз ҷониби Антанта «контрабанда (қочоқ)-и ҳарбӣ» эълон мешуданд, доимо меафзуд. Махсусан, вазъияти Германия баъди ба ҷанг ворид шудани Италия бад гардид. Захираҳои иқтисодии бузургдавлатҳои Марказӣ ва қаламравҳои аз ҷониби онҳо истилошуда бошад зуд кам гардиданд.

Пеш аз ҳама австриягиҳо ба дод омаданд. Аллакай 14 августи соли 1918 император Карл ба кайзер Вилгелм оид ба зарурияти оғоз намудани гуфтушунид бо Антанта гуфта буд, зеро зимистони навбатии ҷангиро Австро-Венгрия дигар тоқат карда наметавонад. Баъди як моҳи расо вазири корҳои хориҷии Австро-Венгрия граф Иштван Буриан бо нота оид ба даъват намудани конференсия роҷеъ ба муҳокима намудани масъалаҳои сулҳ баромад карда буд. Аммо ин пешниҳод аз ҷониби Антанта рад карда шуд.

Ва рӯзи дигар бошад амалиёти лашкари Антанта дар фронти Салоники сар шуда, дар натиҷаи он артиши Булғория ва низоми Фердинанд Кобургский дар ин мамлакат пурра завол ёфтанд. Тибқи шартҳои оташбаси 29 сентябри 1918 дар Салоники басташуда, қисмҳои низомии Булғория ӯҳдадор шуданд, ки ба таври фаврӣ қаламравҳои Сербия ва Юнонро тарк намоянд. Артиши Булғория баробар ба ҳолати демобилизатсия расонда шуд ва иттифоқчиён метавонистанд дилхоҳ нуқтаи стартегии Булғорияро ишғол намоянд. 19 сентябри соли 1918 бошад фронти Байнаннаҳрайн аз байн рафт, артиши Туркия низ дар пеши назар ба марҳилаи парокандашавӣ расид.

Ин ҳама зарбаи сахт ба Иттифоқи Чоргона буд. Баъди шикасти Булғория Антанта метавонист аз ақибгоҳ низ ба Австро-Венгрия зарба занад. Пас аз ин немисҳо ҳам ба хулосае омаданд, ки ҷангро бохтанд ва майл ба фавран оғоз намудани гуфтушунид карданд. 4 октябри соли 1918 аз ҷониби ҳукумати нави Германия бо сарварии шоҳзода Макс Баденский пешниҳоди гуфтушуниди сулҳ карда шуд.

Аммо пешниҳоди мазкурро иттифоқчиён яку якбора қабул накарданд. Антанта оид ба оғози гуфтушунид сабру тоқат намуд, аз гуфтушунид дида, онҳо аз болои рафти заволёбии Иттифоқи Чоргона назорат намуданро афзалтар донистанд. Дар моҳи октябр монархияи Австро-Венгрия мавҷудияташро аз даст дод. Чехославакия ва Венгрия истиқлолияти комили худро эълон намуданд. Артиши Австрия фронтҳоро тарк кард. 3 ноябри соли 1918 Австрия ва Венгрия пурра таслим шуданд. Артиши империяи Австро-Венгрия аз байн рафт. Сарҳадоти ҷанубии Германия комилан кушода шуданд ва вазъияташ бошад бисёр ногувор гардид.

Маълум аст, ки дар Компен ва Версал Антанта аз ин вазъияти бисёр ногувори Германия васеъ истифода бурд. Дар чунин вазъият зарур аст қайд намоем,

ки дипломатияи Германия дар маҷбуркунии қариб гирем бечуну чаро таслимшавии немисҳо аз ҷониби Антанта ҷавобагар мебошад.

Зеро дар муддати тамоми давраи ҷанг немисҳо барои Антанта пешниҳодоти комилан ғайриқабулро оид ба ҷаҳони баъдиҷангӣ пешкаш мекарданд. Масалан, шартҳои сулҳро, ки Берлин аз 31 январи соли 1917 пешниҳод карда буд, Германия тибқи он ба андозае қаламравҳои мустамликавиеро талаб намуд, ки онҳо бо шумораи аҳолӣ ва манфиатҳои иқтисодии он мувофиқат намоянд. Музофотҳои истилошудаи Белгия ва Франсияро Германия ба шарте розӣ мешуд, ки озод намояд, агар батартибдарории сарҳадот, бо ба назар гирифтани манфиатҳои Германия, сурат гирад ва инчунин ҷуброни пулӣ пардохт карда шавад. 4 ноябри соли 1916 бошад Германия ва Австро-Венгрия эъломия дар бораи таъсис додани Полшаи «мустақил», аммо танҳо аз ҳисоби губернияҳои Полша, ки аз Россия озод шударо эълон карданд. Ин прокламатсия дар Варшава 5 ноябр нашр гардид[1].

Дар асл бошад нақшаҳои забткоронаи абарқудратҳои Марказӣ аз ин ҳам дида, бисёр чизҳоро фаро гирифта буданд. Тибқи он, ба назар гирифта шуда буд, ки Франсия заиф гардонда мешавад, Белгия ба давлати тобеъ табдил дода мешавад, Россияро бошад дар Шарқ танг мекарданд.

Умуман, мақсади асосии Германия дар ҷанг таъсисдиҳии «Европаи Миёна» буд, ки он Австро-Венгрия, Франсия, Белгия, Голландия, Дания, Полша ва мумкин Италия, Шведсия ва Норвегияро ҳам дар бар мегирифт ва амалан он ҳамчун иттифоқи иқтисодии зери доираи таъсиру ҳукмронии немисҳо қарор мегирифт. Ҳамин тавр, ин нақша - пешнамунаи Иттиҳоди Европаи ҳозира буд. Агар немисҳо аз методҳои ҷанг даст кашида, аз усулҳои иқтисодӣ кор мегирифтанд, мумкин ҳамон замон аллакай Иттиҳоди Европа ташкил мешуд.

Аммо дар ҳама гуна ҳолат талабу хоҳишҳои аз ҳад зиёди Германия аз он шаҳодат медоданд, ки Берлин ба ягон миёнаравӣ розӣ намешавад. Зеро аллакай 1 августи соли 1918 роҳбарияти Германия ба таври оммавӣ эълон кард, ки ҳамаи вазнинихо аллакай пушти сар шуданд ва ғалаба аз пеш аст. Барои ҳамин, хоҳиши ногаҳонии ҳукумати Германия оид ба сулҳ аз 5 октябри соли 1918, баробари ин, боз дар асоси 14 пункти Вилсон, дар Германия таассуроти ҳайратоварро овард. Акнун то кадом андоза баъди ин арздошт немисҳо ба ҳукумати худ боварӣ мекарданд. Антанта низ ба Берлин он қадар боварӣ намекард, зеро аъзоёни он дар ҳар лаҳзаҳои сулҳофарии бузургдавлатҳои Марказӣ фитна ва ҳиларо медиданд.

**Дипломатия ва воридшавии ШМА ба ҷанг.** Дар оғози баррасии масъалаи мазкур зарур аст, қайд карда шавад, ки ибтидои соли 1917 ҳамчун даврае буд, ки давлатҳои ҷангкунанда ҳаматарафа ҳамдигарро хароб намуданд

[1]Документ № 39. – «Воззвание двух императоров». Прокламация германского генерал - губернатора в Варшаве Безелера, объявляющая населению воззвание двух императоров о создании Польского королевства от 4 ноября 1916 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 51 – 52.

ва сатҳи вобастагии иқтисодии Антанта аз ШМА боло гирифт. Бе маҳсулоти америкоӣ – пахта, оҳан, воситаҳои нақлиётӣ, таҷҳизот, тиру туфанг истодагарӣ кардани Франсия ва Англия дар ду соли охири ҷанг ғайриимкон буд ё ин ки онҳо дар оғози соли 1917 бархе аз бартариятҳои ҳарбӣ-иқтисодиро нисбати Германия ва иттифоқчиёнаш ба даст оранд.

Азбаски таъсири иқтисодиёт дар сиёсат калон мебошад, аз ин пас нақши ШМА дар ҷаҳони ҷангзада зиёдтар гардида, он бештар ранги наздик ба Антантаро мегирад. Дар асл гирем, ин тавр намешуд, агар блокадаи баҳрии англисӣ намебуд ва алоқаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии америкоиро дар Европа ба тарафи Антанта намекашид, аз сӯи дигар бошад ба Антанта миллиардҳо долларро сармоягузорӣ намуда, ШМА ҳеҷ гоҳ намехостанд, ки он шикаст хӯрад[1].

Зина ба зина гузаштани ШМА ба тарафи Антанта аллакай аз соли 1915 намудор шуд. Дар ҳақиқат, аллакай дар соли 1914 рӯҳия дар ШМА зина ба зина бар зидди Германия иваз шудан гирифт, ба ин на танҳо ташвиқоту тарғиботи Британия, инчунин баъди он ки немисҳо дар Белгия ба қатлу куштор ва ваҳшигарӣ даст заданд, аз ҷумла аз ҷониби немисҳо шаҳри қадимаии донишгоҳӣ Лувен хароб карда шуда буд, таъсири ҷиддӣ расонда буд.

Аммо қадамҳои ҷиддӣ мондан ба тарафи Антанта танҳо дар соли 1915 оғоз гардид. Дар соли 1915 Вашингтон аз як тараф бо сиёсати Лондон дар блокадаи баҳрӣ гирифтани абарқудратҳои Марказӣ, албатта баъди чанд эътирози заиф, тан дод, аз ҷониби дигар ШМА қатъӣ бар зидди ҷанги зериобии Германия баромаданд. Ин қадамгузорӣ ба самти Антанта тасоддуф набуд, аллакай то саршавии ҷанг мубодилаи тиҷоратӣ байни ШМА ва Антанта 10 маротиба аз мубодила бо абарқудратҳои Марказӣ зиёдтар буд.

Барои ҳамин, ба Вашингтони расмӣ аз ҷониби немисҳо ғарқ намудани киштии мусофиркашонии Британия – Лузитания бо 128 мусофири америкоӣ (ҷамъ дар кишти 1960 нафар буда, аз онҳо 1198 ҷон доданд) дар санаи 7 майи соли 1915 дар 17 километр дуртар аз соҳилҳои Ирландия барои дар минбаъда хунук намудани муносибот бо Германия баҳонаи муносиб шуд. Сабаби ҳақиқӣ бошад дар тағйироти сиёсати берунии ШМА ин кӯшиши бе натиҷаи миёнаравии Вашингтон дар январ - марти соли 1915 дар самти дарёфт намудани роҳи сулҳҳомез ҳал намудани бӯҳрони ҷаҳонӣ гардид. Сафари намояндаи шахсии президенти ШМА Вудро Вилсон, полковник Эдуард Хауз ба Европа бе натиҷа анҷом ёфт, дар бисёр маврид он маҳз бо сабаби мавқеъгирии Берлин, ки шартҳои ғайриқабулро оид ба шарти иштироки ҷониби худ дар конференсияи байналхалкӣ зери раисии ШМА карда буд, натиҷа надод. Яъне немисҳо аз Франсия тавони ҷангӣ, зери таъсири худ ҳифз нигоҳ доштани объектҳои муҳим дар Белгия, ба Германия додани қисмати белгиягии Конго ва ғайраро талаб намуданд.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Баъди як сол полковник Хауз миссияи дипломатии худро боз барқарор намуд, аммо ин бор оид ба миёнаравии ШМА сухан ҳам намерафт. Дар муддати январ-феврали соли 1916 Хауз дар пойтахтҳои Антанта нақшаи сулҳи худро баррасӣ намуд, ки он дар асоси шартҳои аз ҷониби Антанта пешниҳод гардида буд, на акнун Германия, конференсияи сулҳ бошад аз ҷониби Вашингтон даъват мегардад. Агар Берлин ин хоҳишро рад намояд, пас ШМА аз ҷониби Антанта ба ҷанг ворид мешавад[1]. 22 феврали соли 1916 Грей ва Хауз ҳатто меморандуми махфиро дар бораи имконияти бо хоҳиши Англия ва Франсия ба ҷанг ворид шудани ШМА-ро бастанд. Аммо ин меморандум маънои онро надошт, ки ШМА ба Антанта пайваст. ШМА интизорӣ мекашид. ШМА бояд дар вақте ба ҷанг ворид мешуд ва ба Европа лашкар мефиристонд, ки бо он муносибатро ҳамчун бо давлати бузурги иттифоқӣ эътироф намоянд. Аммо дар соли 1916 дар ин бора касе гап ҳам намезад: дар ШМА маракаи пеш аз интихоботӣ мегузашт ва президент Вилсон низ рӯҳияи ҷамъиятиро ба назар гирифта, зери шиорҳои зиддиҷангӣ баромад мекард. Дар умум, дар ШМА доимо рӯҳияи наздик ба германӣ ва антианглисӣ қувват доштанд. Баробари ин, зина ба зина наздикшавии ШМА бо Антанта метавонист дар масъалаҳои озодӣ дар баҳрҳо ё баррасӣ намудани ояндаи Германия миёни онҳо ихтилофоти назарҳоро ба вуҷуд орад.

Баъди ба охир расидани маракаи пеш аз интихоботӣ, замоне ки аллакай мумкин буд аз суханронии сулҳхоҳона фаромӯш кард, Вилсон фавран сиёсати ШМА-ро дар самти европоӣ фаъол намуд. 18 декабри соли 1916 Вашингтон расман бо нота ба тарафҳои ҷангкунанда муроҷиат намуд, ки мақсадҳои мушаххаси худро барои конференсияи ояндаи сулҳ муайян намоянд[2]. Ҷавобҳо аз ҳар ду тарафи даргир хурсандкунанда набуданд. Ҳам абарқудратҳои Марказӣ ва ҳам Антанта, ки ҳар кадомашон ба ғалабаи худ боварӣ доштанд пешниҳодоти барои ҳамдигар ғайриқабулро пешкаш карданд[3]. Зиёда аз ин, Берлин, 26 декабри соли 1916, эълон кард, ки он омода аст, ки бо рақибони худ фақат бе миёнаравии ШМА гуфтушуниди мустақими сулҳро барад[4].

Ин намоишкории дипломатии Вилсон бебаҳс барои дохили худи ШМА аҳамият дошт. Зарур буд, ки барои интихобкунандаи америкоӣ сулҳдӯстии Вашингтони расмӣ ва ғайриқобилу хоҳиш надоштани роҳбарияти Германия ба самти созишкориро нишон диҳад ва нишон ҳам доданд. Барои ҳамин мавриди

---

[1]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 39.

[2]Документ № 45. – Мирное предложение президента Вильсона от 18 декабря 1916 года, преданное через послов Соединенных Штатов // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 58 – 60.

[3]Документ № 47. – Нота держав Согласия, содержащая их ответ на мирные предложения президента Вильсона. Париж, 28 декабря 1916 года (10 января 1917 года) // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 61 – 62.

[4]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 40.

зикр аст, ки Германия бо сиёсати якравии худ дар охири соли 1916 ва ибтидои соли 1917 ҳама чизро кард, ки назару рӯҳияи элитаи америкоӣ ва шаҳрвандони оддии Америка зидди милитаризми пруссиягӣ равона гардад.

Якум, 8 январи 1917 ҳукумати Германия оид ба ҷанги номаҳдуди зериобӣ қарор қабул кард.

Дуюм, ҳукумати Германия кӯшиш намуд, ки дар қаламрави ШМА шабакаи ҷосусӣ-диверсионӣ (харобкорӣ)-ро таъсис диҳад, ки мақсади он халалдор ё аз байн бурдани молу маҳсулот ё таъминоте, ки ШМА ба Антанта мефиристонд, буд. Аз ҷониби Германия як қатор амалиётҳои диверсионӣ дар заводҳои ҳарбӣ ва киштиҳо гузаронда шуда буданд. Албатта, диверсияҳои мазкур наметавонистанд, ки ба ҳаҷми истеҳсолот ва тиҷорати ШМА таъсири ҷиддӣ расонанд, аммо онҳо дар миқёси калон рӯҳияи аҳолии зиёди мамлакатро зидди Германия гардонданд.

Сеюм, ки косаи сабри америкоиҳоро лабрез кард, ин телеграммаи Симмерман буд. Дар ин телеграмма аз 16 январи соли 1917 Артур Симмерман, статс - котиби ВКХ-и Германия, ба сафири Германия дар Мексика пешниҳод намуд, ки бо мақсади ба тарафи худ кашидан ва розӣ кунонад, то ки Мексика ба ШМА ҳуҷум намояд, бо ҳукумати Мексика гуфтушунид намояд. Бо ин тарз бояд Мексика аз ШМА Техас, Ню - Мексика ва Аризона кашида мегирифт. Ба ҳукумати Мексика инчунин пешниҳод карда шуд, ки ба ин алянс Японияро низ ҷалб намояд. Тамоми муаррихони соҳаи дипломатия ба ин назар ҳастанд, ки аз миёни ҳамаи кирдорҳои аблаҳонае, ки сиёсати берунии Германия дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба он роҳ дод, бефаросатии Симмерман аз ҳама намоёнтарин буд. Натиҷаи телеграммаи мазкурро ба даст даровардани радиоразведкаи Британия, дар ҳама гуна ҳолатҳо нисбат ба аз ҷониби немисҳо кашф гардидани радиограммаҳои русӣ дар давраи муҳорибаҳо дар Пруссияи Шарқӣ дар августи соли 1914 ҷиддию вазнинтар буд[1]. Акнун, ҳатто ҷиддитарин англофобҳо ва германофилҳо дар ШМА маҷбур буданд, ки хомӯш шинанд, аз ҷониби Антанта ба ҷанг воридшавии ШМА ҳал карда шуд.

Зарур аст қайд намем, ки дар Берлин қувваи ШМА-ро дуруст ва ҷиддӣ ба назар нагирифтанд, ба он доираи ҳукмрони Германия сабукона рафтор намуда, дар сиёсати самти америкоии худ ба хатогӣ роҳ доданд. Масалан, сардори Штаби ҳарбӣ-баҳрии Германия, адмирал фон Холсендорф ба Гинденбург навишта буд: «Агар ҳукумати ШМА ба ҷанг ворид шавад, он дар як пар задан рушди тиҷоратии худро аз даст медиҳад, ки онро ба ШМА муҳимияти сиёсии рушдёфта ато намудааст. Онҳо рӯбарӯи таҳдиди Япония қарор доранд, онҳо наметавонанд, ки ба мо зиёни моддӣ расонанд ва наметавонанд бартарии моддиро ба душманони мо расонанд. Аз ҷониби дигар, ман кафолат медиҳам, ки киштиҳои зериобӣ моро то ғалаба мерасонанд»[2].

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

[2]Иқтибос аз: Уткин А. И. Дипломатия Вудро Вильсона. М.: Международные отношения, 1989. С. 130.

Ҳодисаҳои инқилобӣ дар Россия дар моҳи марти соли 1917 то реша фронти шарқиро ба ларза оварданд ва ғалабаи Антантаро зери суол монданд. Дар чунин вазъият, заволёбии Россия, ғалабаи Иттифоқи Чоргонаро ба ҳақиқат наздик меовард. Баробари ин, ғалабаи Германия ва иттифоқчиёни он ба манфиатҳои миллии ШМА ҷавобгӯ набуд. Агар Германия ғалаба мекард, на танҳо мувозинати европоӣ, балки ҷаҳонӣ низ ба таври қатъӣ вайрон карда мешуд. Воридшавии ШМА ба ҷанг, ҳамин тавр, амри воқеӣ гардид. Ин ғалабаи бузурги дипломатии Антанта ва ҳамзамон бохти бузурги абарқудратҳои Марказӣ ба ҳисоб меравад ва ҳамин воқеа шикасти онҳоро дар ҷанг муайян намуда буд. 6 апрели соли 1917 Конгресси ШМА оид ба эълон намудани ҷанг бар зидди Германия резолютсияро қабул намуд[1].

Хулоса, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, он тавре ки сиёсатмадорон, ҳарбиён ва дипломатҳо оид ба он фикр мекарданд, ба охир нарасид. На танҳо генералҳо, ки ба ҷанги мазкур чун ҷангҳои гузашта омодагӣ дида буданд, беобрӯю шарманда шуданд, шармандаю беобрӯ, инчунин роҳбарияти дипломатии давлатҳои бузург шуданд, ки доимо тахмин мекарданд, ки ҳамаи масъалаҳоро мумкин дар формати пешина «консерти европоӣ» ҳал намудан мумкин аст.

Аммо ин тавр нашуд. Генералҳо, сиёсатмадорон ва дипломатҳо натавонистанд, ки ҷангро дар замону макон маҳдуд намоянд, он на танҳо ҷаҳонӣ, балкӣ дуру дароз гардид. Ва дар муддати чор солу се моҳи қатлу куштор қувваи давлатҳои бузурги европоӣ тамоман хароб гардид ва яке аз ҷонибҳо – Антанта барои ғалаба шуда, маҷбур шуд, ки аввал ба хотири дастгирии иқтисодӣ ва баъдтар бароии дастгирии ҳарбӣ-сиёсӣ дар назди абарқудрат (қувва)-и ғайриевропоӣ – Штатҳои муттаҳидаи Америка таслим шавад.

Ҳамин тавр, маҳз дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ Британияи Кабир маҷбур шуд, ки баъзе аз функсияҳои гегемони ҷаҳонии худро ба ШМА супорад. Дар ҳақиқат, он вақт ШМА барои иҷро намудани нақши мазкур омода набуд, баъди ҷанг он боз ҳам аз ҳар ҷиҳат ба сиёсати изолятсионии пешинаи худ баргашт. Аммо натиҷаи Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ бошад абадан бо сиёсати изолятсионии ШМА хотима дод. Ва ШМА сарварии Ҷаҳонро ба зимма гирифт.

[1]Документ № 55. – Резолюция конгресса Соединенных Штатов Америки об объявлении войны Германии от 6 апреля 1917 года // Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М., 1926. С. 73.

# БОБИ V. ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ҶАҲОНИИ ВЕРСАЛ - ВАШИНГТОН

**Натиҷаҳои Ҷанги якуми ҷаҳон.** Натиҷаҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ниҳоят вазнин буданд, махсусан дар самти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ он таъсири калони манфии худро расонд. Дар натиҷаи он давлатҳои европоӣ ба харобазор табдил ёфтанд. Замоне ки дар Европа амалиётҳои ҳарбӣ идома ёфтанду баъди ҷанг бошад дар қитъа ба барқароркунӣ машғул буданд, қувваҳои ғайриевропоӣ, пеш аз ҳама ШМА ва Япония бошанд аз ҳисоби ҷанг ва натиҷаи он фоидаи калон ба даст оварданд. Агар дар самти хароҷоти молӣ аз ҳама зиёд Британияи Кабир зарар дида бошад, пас дар самти талафоти ҷонӣ бошад империяи Германия ва Россия паи ҳам пешсаф буданд.

Аммо ин талафоти хароҷот ва талафоти мустақими ҳарбӣ буд, баробари ин, бо хароҷот ва талафоти ғайримустақим низ буданд. Масалан, пешравӣ ва истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои ғайриҳарбӣ паст фуромад, афзоиши аҳолӣ кам шуд, аҳолии зиёд дар рафти ҷанг ва баъди ҷанг аз бешароитю вазнинии зиндагӣ талаф ёфт. Агар 10 миллион дар рафти ҷанг мурда бошанд, пас 18 миллиони дигар аз моҳҳои охири ҷанг сар карда, то соли 1920 дар натиҷаи зуком (грипп)-и сирояткунандаи испанӣ ҷон дода буданд. Ин зуком дар Ҷаҳон қариб 550 миллион одамро сироят карда буд[1].

Ва ҳамаи ин харобӣ ва талафот қариб, ки ба Европа рост омад. На танҳо ба системаи иҷтимоӣ-иқтисодии Европа, балки ба системаи консерти европоӣ низ зарбаи сахт расонда шуд.

Дар ҳақиқат дар лаҳзаҳои ба кори худ шуруъ намудани конференсияи Версал як давлати бузурги европоӣ – Австро - Венгрия мавҷудияташро аз даст дода буд, ду бузургдавлати дигар – Россия ва Германия баъди заволёбии ҳукумати анъанавии низомашон монархиявӣ дар вазъияти бӯҳрони чуқури дохилӣ қарор доштанд. Ҳамин тавр, вазифаи калони ба тартиб даровардани Ҷаҳон ба зиммаи ду давлати боқимондаи статуси давлати бузург дошта – Англия ва Франсия монд.

Ба назар мерасид, ки вазъияти мазкур барои бартарият ва ҳукмфармоӣ дар Ҷаҳон имкониятҳоро мекушояд ва бисёре аз сиёсатмадорон, ҳам дар Париж ва ҳам Лондон, ба ин назар мувофиқ буданд. Аммо дар давраи мазкур таъсири воқеии мамлакатҳои мазкур дар самти иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ, демографӣ пурра кофию басанда набуд, ки чунин нақшро иҷро намоянд.

Зеро аллакай дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX, чи тавре ки қайд карда будем, таносуби қувваҳои иқтисодӣ ва технологии байни Европа ва ғайри Европа ба ивазшавии худ бар зидди Европа оғоз намуда буд. Аллакай дар охири асри XIX ШМА ба бузургдавлати иқтисодии рақами як дар Ҷаҳон табдил ёфта буд. Масалан, дар соли 1913 аз рӯи ҳаҷми умумии истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ ШМА аз Британия 2,5 маротиба пеш гузашт,

[1]Ниг.: Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

истеҳсоли пӯлод дар як худи ШМА дар ибтидои асри XX ба ҳаҷми истеҳсоли якҷояи он дар Германия, Британия, Россия ва Франсия баробар шуд. Дар ихтиёри ШМА на танҳо бартарияти саноатӣ қарор гирифт, инчунин он нисбат ба давлатҳои дигар бартарияти технологиро низ соҳиб гардид. Дар ибтидои аср, миёни давлатҳо, ШМА аз ҳама зиёд автомобилҳо истеҳсол мекард ва аппаратҳои телефон низ нисбат ба давлатҳои боқимондаи Ҷаҳон зиёдтар буданд. Истеҳсоли конвейерӣ имконият дод, ки америкоиҳо истеҳсоли автомобилҳоро ба садҳо ҳазор дона расонанд.

Баробари ин сатҳи рушди саноат ва технология дар арафаи ҷанг дар ШМА нисбат ба Европа хеле баландтар буд. Бархе иқтисоддонҳо ба ин назаранд, ки агар ҷанг ҳам рух намедод, ШМА бо ин суръати пешравӣ то соли 1925 аз Европаи Ғарбӣ пеш мегузашт. Аммо Ҷанги якуми ҷаҳонӣ амалишавии онро тезонда, панҷ сол поён овард ва аллакай дар соли 1920 ШМА 10 % зиёдтар маҳсулоти саноатиро нисбат ба Франсия, Англия, Германия, Италия ва Япония дар якҷоягӣ истеҳсол намуд.

Ҷанги ҷаҳонӣ таносуби қувваҳоро байни Европа ва Америка дар соҳаи молия низ тағйир дод. То ҷанг пойтахти молиявии Ҷаҳон Лондон буд ва воситаи пардохти универсалии ҷаҳонӣ бошад фунт стерлинг буд, аммо баъди ҷанг бошад он ба Ню - Йорк кӯчид. То соли 1914 сармоягузории хориҷӣ дар коғазҳои қиматноки ШМА зиёда аз 5,5 миллиард доллар буд ва сармояи америкоӣ бошад дар дигар мамлакатҳо 2,5 миллиард долларро ташкил медод[1].

Ҳама чизро ҷанг тағйир дод. Мамлакатҳои Антанта ба таври васеъ аз ШМА таҷҳизот, маҳсулоти гуногун, воситаҳои нақлиёт, тир ва ғайраро харид мекарданд. Бе маҳсулоти америкоӣ – пахта, оҳан, воситаҳои нақлиётӣ, таҷҳизот, тиру туфанг истодагарӣ кардани Франсия ва Англия дар ду соли охири ҷанг ғайриимкон буд ё ин ки дар оғози соли 1917 бархе аз бартариятҳои ҳарбӣ-иқтисодиро нисбати Германия ва иттифоқчиёнаш ба даст оранд.

Аммо барои ҳама чиз бояд пардохт намуд ва то соли 1921 қарзи европоӣ, ҳам давлатӣ ва ҳам хусусии Европа дар назди Америка ба 15 миллиард (аз рӯи қурби он замон ин маблағи хеле калон буд) расид ва моликияти европоӣ дар Америкаи Ҷанубӣ, ки то ҷанг ба европоиён тааллуқ дошт, аксарият ба дасти америкоиҳо гузашт. Ҳамин тавр, вазъияти то ин дам дар таърихи навтарини Европа ҷой надошта ба вуҷуд омад – вобастагии иқтисодии Европа аз маркази қувваи ғайриевропоӣ таъмин карда шуд.

Давлати дигаре, ки дар ин давра бурд намуд, ин Япония мебошад. Аммо бо ин нигоҳ накарда, Япония ҳоло дар он давра хеле заифтар буд, то ки нақши глобалии иқтисодиро иҷро намояд. Аммо бо ин нигоҳ накарда, Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ба бо суръати тез тавоно шудани Япония низ сабаб шуд. Ҳаҷми тиҷорати берунии Япония дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ се маротиба зиёд гардид, ҳаҷми истеҳсоли пӯлод ва семент бошад ду маротиба афзуд. Бо ҳамин, Япония, ба монанди ШМА, ба миллати қарздиҳанда табдил ёфт. Ал-

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

лакай дар ҳамон давра Япония ба яке аз марказҳои асосии ҷаҳонии истеҳсоли киштиҳо табдил ёфт ва аллакай дар соли 1919 киштиҳои истеҳсолнамудаи он дар Ҷаҳон дар қатори беҳтаринҳо меистоданд. Соли 1919 Япония киштиҳое сохт, ки ҳаҷми обғунҷоишии онҳо ба 650 ҳазор тонн муқобили 85 ҳазор тоннаи соли 1914, буд. Япония ба ҳайати давлатҳои бузурги саноатии Ҷаҳон ворид шуд. Бо ҳамин, натиҷаи муҳими Ҷанги якуми ҷаҳонӣ он шуд, ки Япония мавқеи худро дар клуби давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ мустаҳкам намуда, бе Токио ҳал намудани муҳимтарин масъалаҳои байналхалқӣ дар Шарқи Дур аз имкон берун буд[1].

Ҳамин тавр, ба заминаҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ-сиёсии тартиботи ҷаҳонии евромарказӣ дар рафти ҷанги ҷаҳонӣ зарбаи сахт расонда шуд. Аммо баробари ин ҳама, ҷанги мазкур ба асосҳои идеологии «консерти европоӣ» низ натиҷаҳои ҷиддиро пеш овард.

Маълум аст, ки аллакай баъди кӯшиши кӯҳтомуддати Конвенти инқилобӣ дар давраи Инқилоби Франсия, ки дар сиёсати беруна на тавассути анъанаҳои пешина «манфиатҳои давлатӣ», балки тибқи «идеология» рафтор намудан сурат гирифт, давраи «реализми сиёсӣ» фаро расида буд. Асри XIX – ин асри реализми сиёсӣ буд, замоне ки сиёсатмадорон ва дипломатҳо на ба «прогрессивӣ» ё «демократӣ» будани сохтори давлатии бузургдавлатҳо, балки танҳо ба таносуби қувваҳои байни панҷгонаи давлатҳои бузурги европоӣ аҳамият медоданд, дигар давлатҳо бошад ягон муҳимият надоштанд.

Баробари ин, набудан ё ҷой надоштани идеология дар дипломатияи асри XIX бо вуҷуд доштани принсипҳо ҷуброн карда мешуд. Маҷмӯи принсипҳоро, ки элитаи бузургдавлатон эътироф мекарданд, бо хусусуияти гомогенӣ (як хел, баробар)-и аристократӣ фарқкунанда буданд.

Масалан, ғояи консерти европоӣ дар ризоияти хомӯшонаи панҷ давлати бузург ифода меёфт, ки ҳастии қоидаҳои умумии шаъну эътибор, одамгарию инсонпарварӣ ва бовариро эътироф мекарданд, ки ба ин ғоя бошад бузургдавлатҳо ӯҳдадор буданд, ки дар муносибатҳоии худ ба ҳамдигар ва дар муносибат бо давлатҳои заифтару майда ва халқҳои дорои тамаддуни пастар тобеъ бошанд. Вақте ки идеяи мазкур дар соли 1914 вайрон карда шуд, нишонаҳои муътадилкунанда ва аз ҷониби ҳамагон барвақт эътирофшуда аз сиёсати европоӣ ғайб заданд[2].

Асри XIX – ибтидои асри XX, давраи «консерти европоӣ», замони гулгулшукуфии дипломатяи классикӣ буд. Дипломатия, ки тавассути он муносибатҳои байналхалқӣ муайян мешуданду ба роҳ монда мешуданд, ба андозаи кофӣ дар ихтиёри худ мухториятро нигоҳ медошт. Ин ҳолат имконият медод, ки дар вақти қабул намудани қарорҳо оид ба сиёсати берунӣ озодона манёвркунӣ карда шавад.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
[2]Никольсон Г. Дипломатия. – М., 1941. С. 50.

Кастаи дипломатҳои европой ба маданияти воҳид тааллуқ доштанд. Дар муддати сад сол баъди конгресси Вена сиёсати берунии давлатҳои бузург дар доираи хеле маҳдуди одамон ташаккул ёфта, амалӣ мешуд ва доираи мазкур меъёрҳои этикию ахлоқии тамаддуни воҳиди европоиро эътироф мекард ва эҳтиром мегузошт. Давлатҳо нисбати ҳамдигар аз нуқтаи назари идеологӣ бисёр батоқат муносибат мекарданд. Барои он ки давлат ботамаддун эътироф карда шавад, он бояд қонун ва расму русуми ҷанги маъмулиро риоя намояд, қарорҳои конгресси Венаро оид ба намояндагиҳои дипломатӣ ва дар умум ӯҳдадориҳои байналхалқии худро иҷро намояд.

Аммо Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ҳамаро аз байн бурд. Алоқаҳо байни вазъияти воқеӣ ва асосҳои ахлоқӣ-сиёсии система аз ҳамдигар хеле дур рафтанд. Қувваҳои сиёсии бо ҳам зид аз болшевикҳо сар карда, то ислоҳотхоҳони либералии муътадил мавҷудияти системаро зер шубҳа гузоштанд, ки он дар навбати худ ба ҳодисаи ҷаҳонии солҳои 1914 – 1918 оварда расонд. Дар ин маъно «Декрет дар бораи сулҳ»-и Ленин ва «14 пункт»-и Вилсон дар худ майлу кӯшишҳои умумиро – яъне кӯшишҳои аз байни бурдани «консерти европой», ки он дар асоси принсипҳои легитимизм, милитаризм, европосентризм ва гегемонизми бузургдавлатӣ созмон дода шуда буд, муттаҳид карда буданд.

Албатта ғояҳои коммунистӣ, либералӣ, фашистӣ ва ғайра аз ҳамдигар аз замин то осмон фарқияти куллӣ доранд, аммо як чизи умумӣ низ буд, ки онҳоро муттаҳид мекард, яъне хусумати онҳо нисбати реализми сиёсӣ. Барои ҷараёнҳои мазкур парадигмаи реалистӣ ғайриқобил буд, ки тибқи он субъекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ давлат ва пеш аз ҳама давлатҳои бузург ба ҳисоб мераванд, ки ба хотири васеъкунии ҳукмронии худ ва таъсир дар Ҷаҳон байни худ муносибат менамоянд.

Барои коммунист, баръакс, муносибатҳои байналхалқӣ як зуҳуроти дигар – мубориза синфӣ низ ҳисоб мешавад, барои фашист бошад дар маркази муносиботи байналхалқӣ назарияи «муборизаи нажодҳо» қарор мегирад ва барои либерал бошад саҳнаи ҷаҳонӣ – ин корзор, майдони озмоиши байни демократия ва тоталитаризм дониста мешавад.

Ва гап на сари аз даст додани гомогени (якхела, якҷинсӣ)-и элитаи дипломатӣ баъди соли 1918 меравад, гап сари он меравад, ки дар муносиботи байналхалқӣ кӯшиши ба роҳ мондани сиёсати хориҷӣ дар асоси на пешина барин реализми сиёсӣ, балки дар асоси сохтори идеологӣ карда шуд.

**Конференсияи Версал.** Зарур аст қайд намоем, ки пешниҳоди Берлин аз 4 октябри соли 1918 оид ба сар кардани гуфтушуниди сулҳ дар асоси 14 пункти президент Вилсон оид ба шартҳои сулҳ, ки дар паёми ӯ ба Конгресс аз 8 январи соли 1918 баён гардида буданд[1], ташаббускории махсусро дар байни англисҳо ва французҳо ба вуҷуд наоварда буд. Гап на танҳо сари боварӣ накардан ба Берлин буд. Аллакай дар давраи ба охиррасии ҷанг ихтилофот миёни иттифоқчиён – Англия ва Франсия аз як тараф ва ШМА аз дигар ҷониб аён

[1]Системная история международных отношений в четырех томах. 1918 – 2000. Том 2. Документы 1910 – 1940-х годов. М. 2000.

гардиданд. Президенти ШМА Вилсон, ки бо ин ҳама ба Антанта напайваст, зеро америкоиҳо фақат аз ҷониби ин ташкилот ба ҷанг даромаданд, кӯшиш намуд, ки дар низоъ байни Германия ва Антанта ба сифати қозии олӣ баромад кунад. Оид ба ин реаксияи позитивии Вашингтон нисбат ба нотаи Макс Баденский шоҳидӣ медиҳад. Гуфтушунидҳои полковник Хауз дар Париж (охири моҳи октябр) нишон доданд, ки иттифоқчиёни европоӣ кӯшиш намуда истодаанд ба Германия талаботи ниҳоят сахтро пешниҳод намоянд. Кор ба дараҷае расид, ки полковник Хауз оид ба аз ҷанг яктарафа баромадани ШМА-ро таҳдид намояд. Баъди ин Антанта бо шарҳу тавзеҳи муайян барномаи гуфтушунидҳои сулҳи 14 пункти Вилсонро ба асос гирифт. 5 ноябри соли 1918 бошад нотаи мувофиқ ба Берлин низ фиристонда шуд. Ба сарфармондеҳи Олӣ, маршал Фош супорида шуд, ки намояндагони Германияро қабул намуда, шартҳои сулҳро ба онҳо расонад[1].

11 ноябри соли 1918 намояндаи аллакай ҳукумати нав, ҳукумати ҷумҳуриявии Германия дар вагони штаби маршал Фош дар ҷангали Компен ба шартҳои сулҳи оташбас имзо гузошт. Шартҳои сулҳ амалан онро ифода мекарданд, ки Германия дигар бузургдавлат нест. Шартнома на танҳо баровардани лашкари Германияро аз ҳамаи сарзаминҳои ишғолшуда (ғайри Россия) талаб намуд, инчунин аз маҳалҳои соҳили чапи Рейн эвакуатсия намудани сипоҳиёни Германияро низ маъқул дониста, ҳамзамон дар он ҷо хатти бетарафи паҳноияш 10 км таъсис дода мешуд. Германия ӯҳдадор шуд, ки ба Антанта қисми калони яроқҳои вазнин, аз ҷумла артиллерияи вазнин, танкҳо, киштиҳои зериобӣ ва аэропланҳоро диҳад. Немисҳо инчунин ӯҳдадор буданд, ки ҳамаи асиронро озод намоянд (баробари ин асирони немис дар асорат мемонданд). Германия ӯҳдадор буд, ки зарари овардаи иттифоқчиёнро пӯшонад. Ва охирон шартномаҳои германо-руминӣ ва германо-русӣ бекор карда шуданд ва Германия ӯҳдадор гардид, ки тиллои Россия ва Руминияро, ки ба сифати тавони ҷангӣ гирифта буд, ба иттифоқчиён диҳад.

Ҳамин тавр, ба мисли французҳо дар конгресси Вена, аз немисҳо дар солҳои 1918 –1919 ба монанди Талейран одаме ёфт нашуд, ки аз ихтилофоти ҷойдоштаи миёни иттифоқчиён дар Антанта истифода бурда, шартҳои сабуктарро барои Германия ба даст биёрад. Ва конференсияи Парижро низ немисҳо, ҳатто пеш аз ба кори он омаданашон, бохтанд. Конференсия 18 январи 1919 сар шуда буд, иштироки намояндагони Германия ба конференсия ба назар гирифта нашуда буд. Намояндагони Германия танҳо 7 майи соли 1919, замоне ки матни шартномаи прелиминарӣ (пешакӣ) аллакай омода буд, ба кори он роҳ дода шуданд.

Намояндагони Россия низ ба конференсияи мазкур даъват нагардиданд. Ҳамин тавр, аз аввал вазъияте ба вуҷуд омад, ки дар он якум, ин ду давлати бузург (Германия ва Россия) метавонистанд, тибқи далелҳои пурра асосноккунанда, қарорҳоеро, ки дар Версал қабул гардиданд, ноодилона ва ғайри-

---

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 199 – 212.

ниҳоӣ ҳисоб кунанд ва дуюм, Россия ва Германия, худро озор дода шуда ҳис намуданд ва агар онҳоро даъват мекарданд, мумкин барои наздикшавии бузургдавлатҳо боз як қувваи дигар мешуд. Аммо на танҳо Россия ва Германия худро таҳқирзада ҳис мекарданд, амали мазкур қаҳру ғазаби Италия ва Япония низ хезонд, ки онҳо оқибати кор ба сафи сегона ворид нашуданд.

Аз ҳама таҳқиромез худро 22 давлати дигар ҳис карданд, ки намояндагони онҳо на танҳо ба сегона ворид нашуданд, ҳатто дар панҷгона низ барои онҳо ҷой ёфт нашуд. Ҳамин тавр, сохтори сулҳи Версал аз аввал мустаҳкам набуд ва дар рафти конференсияи Париж ҳамаи ин муайян гардида буд. Ва яке аз сабабҳои асосии сар задани Ҷанги дуюми ҷаҳониро низ ба он вобаст медонанд.

Умуман дар кори конференсия расман 30 давлат иштирок карданд, аммо қарорҳоро сарварони мамлакатҳои пешбари Антанта – «Шӯрои даҳгона», ки аз нахуствазирон ва вазирони корҳои хориҷии панҷ бузургдавлат иборат буд, қабул мекарданд. Намояндагони панҷгонаи бузург инҳо буданд: аз номи ШМА, президент Вудро Вилсон ва котиби давлатӣ Роберт Лансинг, аз номи Франсия, нахуствазир Жорж Клемансо ва вазири корҳои хориҷӣ Стефан Пишон, аз номи Британияи Кабир, нахуствазир Дэвид Ллойд Ҷорҷ ва вазири корҳои хориҷӣ сер Артур Балфур, аз номи Италия, нахуствазир Витторио Эммануеле Орландо ва вазири корҳои хориҷӣ, барон Сидней Соннино, аз номи Япония, барон Нобуаки Макино ва виконт Шинда[1]. Зина ба зина Шӯрои даҳгона ба Шӯрои сегона кам карда шуд (В. Вилсон, Д. Ллойд Ҷорҷ, Ж. Клемансо). Япония иштироки худро дар ҷаласаҳои конференсия қатъ намуд, Италияро бошад иттифоқчиён худашон аз қабул кардани қарорҳои асосӣ дур карданд. Намояндагони Германия бошад ӯҳдадор буданд, ки ба Париж танҳо барои имзо гузоштан ба шартҳое, ки иттифоқчиён ба Берлин пешниҳод мекарданд, меомаданд. Барномаи он бошад ду ҳафта пеш аз саршавии конференсия аз ҷониби Шӯрои олии ҳарбии Антанта эълон гардид, ки аз инҳо иборат буданд: таъсис додани Лигаи Миллатҳо, масъала оид ба товони ҷангӣ (репаратсия), масъалаи давлатҳои нав, масъалаҳои территориявӣ ва тақдири мулкҳои мустамликавӣ.

Мавқеи давлатҳои бузург ҳам бо ҳамин гуногунранг буд. ШМА дар натиҷаи фармоишҳои ҳарбӣ дар соҳаи истеҳсолот ба сарвари ҷаҳонӣ табдил ёфт, гарчанде ки ҳоло ҳам дар ин самт монополист набуд. Қарзҳое, ки ШМА ба давлатҳои Антанта доданд, Америкаро ба маркази ҷаҳонии молиявӣ табдил доданд. Аммо артиши хушкигарди ШМА на танҳо аз артиши бузургдавлатҳои Антанта, ҳатто Германияи мағлубшуда низ ҳоло заифтар буд. Ҳамин тавр, ШМА системаи дар Европа ба таври доимӣ ҳузури ҳарбӣ доштанро дар ихтиёру қудрати худ надошт, Вашингтон танҳо тавассути таъсири иқтисодӣ доштааш байни бузургдавлатҳо мавқеъгирӣ мекард.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 443.

Франсия бо барномае баромад мекард, ки тибқи он мебоист бо иҷрои як амал барои такроран сар задани таҷовузи Германия дигар абадан имкониятҳо намемонд. Париж барои худ аз ШМА ва Британияи Кабир шартномаҳои кафолатдиҳандаро талаб намуд, аммо бо сабаби характери чандтарафа доштанашон ва аз тасдиқ намудани шартномаҳои Версал даст кашидани сенати ШМА, қувваи юридикӣ пайдо намудани шартномаҳои зикршуда аз эътибор соқит карда шуданд. Он чизе ки ба худи Германия дахл дошт, пас намояндагони Франсия масъалаи тақсимкунии Германия, яъне аз он ҷудо намудани Бавария, вилояти Рейн ва Саарро ба муҳокима гузоштанд. Ғайр аз ин, дар Париж ба хулосае омада буданд, ки тавони ҷангии калон на танҳо имконият медиҳад, ки муддати мадид ҳарифи шарқиро дар ҳолати заифӣ нигоҳ дошт, балки имконият медиҳад, ки бисёре аз мушкилиҳои иқтисодии Франсияро ҳал намуд. Ва охирон, Франсия мехост, ки дар Шарқи Европа аз ҳисоби лимитрофҳо (давлатҳое, ки дар натиҷаи инқилоби Россия аз ҳисоби қаламравҳои империяи Россия ба вуҷуд омада буданд – Эстония, Латвия, Литва, Полша ва ғайра) кордони санитарӣ таъсис дода шавад, ки онҳо метавонистанд ҳам бар зидди экспансия ва таъсири болшевизм ва ҳам зидди Германия монеъа шаванд.

Англия бошад ба тақсимкунии боқимондаи империяҳои мустамликавии Германия ва Туркия ва асосан аз байн бурдани қувваи ҳарбӣ-баҳрии немисҳо манфиатдор буд. Аз дигар чизҳо бошад Англия барои худ ягон фоидаро намедид, на аз ҳад зиёд заиф намудани Германия ва на аз ҳад зиёд пурзӯршавии Франсия. Англисҳо дар майлу кӯшишҳои Париж дар самти паҳн намудани доираи таъсири худ дар соҳили чапи дарёи Рейн эҳёшавии собиқ ғурурҳои Людовики XIV ва Наполеони I-ро диданд. Ғайр аз ин, доираи соҳибкории Британия ба ҳамкорӣ бо саноати Германия манфиатдор буд, на ба несткунии он. Масалан, оид ба конференсияи сулҳ баъзе эродҳо гирифта, дар «Ҳуҷҷат аз Фонтенбло», ки аз тарафи Ллойд Ҷорҷ ба Вилсону Клемансо санаи 25 марти соли 1919 фиристонда шудааст, ӯ менависад, ки «Шумо метавонед Германияро аз мустамликаҳояш маҳрум намоед, артиши онро то андозаи қувваи полис ва флоти онро то сатҳи флоти давлати рангаи панҷум расонед. Дар натиҷаи ниҳоӣ ин беэътиноӣ аст: агар он шартномаи сулҳи 1919-ро ғайриодилона донад, пас он воситаҳоро меёбад, то ки аз ғолибон қассос гирад… Аз рӯи фаҳмиши ин гуфтаҳо, ман ба ҳади калон, то чи қадаре ки он зарур аст, қатъиян бар зидди ба фоидаи дигар миллатҳо аз Германия ҷудо намудани аҳолии немисӣ баромад менамоям»[1]. Ҳамин тавр, сарвазири Британия даъвои территориявии венгрҳо, полякҳо ва ғайраро нисбати Германия рад намуд.

Махсусан, оид ба мавқеи ШМА дар конференсияи Версал зикр кардан ба маврид аст. Дар фарқият аз Британияи Кабир – ҳамчун монархияи конститутсионӣ ва Франсия – ҳамчун ҷумҳурии парламентӣ, ШМА ҷумҳурии президентӣ буд, ки барои он феномени тақсимоти ҳокимият ба шохаҳо хос аст ва аз ин ҷо зиддияти муайян, хусусан миёни ҳокимияти иҷроия ва ҳокимияти

[1]История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. С. 150 – 151.

қонунгузор ҷой дорад. Дар давраи бӯҳрони умумимиллӣ, ба монанди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ, зиддияти мазкур ба андозаи дуюминдараҷа мешавад, аммо баъди ба охир расидани амалиётҳои ҳарбӣ, ақидаҳои ҳизбӣ-сиёсӣ боз аз сари нав дар сиёсати америкоӣ нақши аввалиндараҷаро бозӣ карданд.

Дар интихобот ба конгресс ҳизби ҷумҳурихоҳон ғалаба кард. Ҷумҳурихоҳон натиҷаи интихоботро ҳамчун шиори шаффофи интихобкунандагон – бачаҳои моро аз Европа баргардонед, қабул намуданд. Сарварони кӯҳнапарасти ин кӯҳнатарин ҳизби бузурги ШМА дар фаъолияти президент Вилсон рӯ гардондани вай аз анъанаҳои деринаи аз замони Ҷорҷ Вашингтон сар карда омада, яъне принсипҳои сиёсати берунии Америка – дахолат накардан ба корҳои дохилии Европа, даст кашидан аз бастани иттифоқи сиёсӣ бо бузургдавлатҳои европоиро медиданд. Яъне онҳо тарафдори изолятсионизми манфиатовари кӯҳнаи америкоӣ буданд. Шаш моҳ дар ШМА қарор надоштани Вилсон низ ба ҷумҳурихоҳон имконият дод, ки танқиди ӯро боз зиёдтар намоянд. Онҳо иброз медоштанд, ки президент ватани худро фаромӯш кардааст, оид ба талаботи америкоиҳои оддӣ фикр намекунад ва ғайра аз қабили онҳо мебошанд. Назари Вилсон оид ба он ки вазъияти ҳамовозии умумимиллӣ, ки дар ШМА дар давраи ҷанг вуҷуд дошт, баъди ҷанг низ идома меёбад, дуруст набаромаданд.

Инак, дар рафти конференсия дар Версал аз они президенти ШМА ақибгоҳаш суст шудан мегирифт. Аммо гап на танҳо сари ин буд. Гап инчунин сари он буд, ки бо он ғояҳое, ки Вудро Вилсон ба Версал омад, онҳо барои Лондон ва Париж он қадар мувофиқат намекарданд. Англисҳо ва французҳо дар навбати аввал қонеъ намудани манфиатҳои мушахасси сиёсӣ ва иқтисодии худро ба миён гузошта буданд. Ва он чизе ки ба ғояи Вилсон, яъне идеяи бехатарии коллективӣ дахл дошт, пас ба он низ сарварони дар конференсия будаи Англия ва Франсия – Ллойд-Ҷорҷ ва Клемансо тавассути манфиатҳои кӯтоҳэгоистии худ назар мекарданд. Ҳатто трактовкаи маҳдуду интихоботии принсипи худмуайянкунӣ, ки аз ҷониби Вилсон пешниҳод шуда буд, барои соҳибони империяҳои калонтарини мустамликавӣ комилан боиси қабул набуд. Он чизе ки ба коллективона роҳбарӣ намудани корҳои байналхалқӣ дахл дошт, дар ин масъала элитаи англисӣ ва французӣ умед ба он доштанд, ки дар сари Лигаи Миллатҳои таъсис дода шуда истода маҳз онҳо мемонанд. Аммо на танҳо англисҳо ва французҳо идеализми Вилсонро қабул накарда буданд, ҳатто Италия, Япония, инчунин доминионҳои Британия низ дар Версал даъвои территориявии худро аз ҳисоби собиқ мустамликаҳои Германия пешниҳод намуданд.

Ҳами тавр, иттифоқчиён нисбати Германия назари ягона надоштанд. Франсия ҷазои сахт, ҳатто кашида гирифтани вилоятҳои ҷанубии Германияро ба миён гузошт. ШМА ва Британия, баръакс барои ҳифз нигоҳ доштани Германияи воҳид ва тавоно баромад мекарданд. Лондон дар симои Германия қувваи зидди Франсия ва Россияи Шӯравиро медид, ШМА бошад баръакс, бар зидди Британия гузоштани қувваи онро медид.

Дар асоси ҳамаи ин вазъиятҳо Шартномаи Версал дар сатҳи олӣ характери созишкоронаро дошт, он на танҳо созишкорӣ миёни манфиатҳои давлатҳои бузург - ғолибон, балки созишкорӣ миёни идеализми вилсонӣ ва реализми европоӣ низ буд.

**Масъалаи Россия дар конференсияи Париж.** Муайян аст, ки бастани сулҳи ҷудогонаи Брест-Литвоск Россияи Шӯравиро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ аз муносибот бо иттифоқчиёнаш берун кашида баровард. Вазъиятро ҳатто денонсатсияи сулҳи Брест-Литовск аз ҷониби Шӯрои комиссарон баъди ду рӯзи бастани оташбаси Компен, 13 ноябри соли 1918, наҷот дода натавонист. Давлатҳои Антанта ба хулосае омаданд, ки Россияи Шӯравӣ хешро худаш аз ҳуқуқи дар қатори мамлакатҳои ғолиб будан маҳрум карда буд. Баробари ин, дар мамлакат ҳоло ҳам ҷанги шаҳрвандӣ мерафт, ки натиҷаҳои он низ маълум набуданд. Дар арафаи кушодашавии конференсияи Версал дар қаламрави Россия қувваҳои мусаллаҳи ШМА, Франсия, Британия, Япония ва корпуси ҳарбии чехӣ дар ноҳияҳои гуногун амалиёт мебурданд. Ғайр аз ин, ба конференсияи мазкур ҳатто ягон то аз Ҳукуматҳои Сафедчиёни Россия низ даъват нагардида буданд. Мамлакатҳои Антанта танҳо бо Машварати сиёсии Россия – намояндагии иттиҳодиявии ҳукуматҳои Сафедчиёни Сибир (А. В. Колчак), Ҷануб (А. И. Деникин) ва Шимол (Е. К. Миллер) дар Париж ҳамкорӣ мекарданд. Намояндаи байналхалқии он бошад собиқ вазири корҳои хориҷии Россия С. Д. Сазонов гардид. Аммо ҳамкориҳои Антанта бо Машварати сиёсии Россия танҳо дар формати доир намудани машварату сӯҳбатҳо маҳдуд гардонда шуда буд[1].

22 январи 1919 президенти ШМА В. Вилсон аз номи Антанта даъват намудани конференсияи иттифоқчиёнро дар ҷазираҳои Принс (Адалар) бо иштироки тамоми ҳукуматҳои амалан дар қаламрави Россия фаъолият карда, ба миён гузошт. Конференсия бояд 15 феврали соли 1919 баргузор мегардид. Мақсадаш бо миёнаравии мамлакатҳои Антанта ба даст даровардани компромисс дар байни ҳукумати болшевикӣ ва қувваҳои наздик ба болшевикон дар Украина ва Белоруссия аз як тараф, аз ҷониби дигар бо ҳукуматҳои сафедчиён иборат буд. Шарти ба оштӣ омадан ва имзо намудани он ин буд, ки ҳар низоми дар территорияи Россия ташаккулёфта, он қаламравҳое, ки дар мамлакати мазкур зери назораташ мебошанд, ҳифз мекард. Дар амал тадбиқ намудани лоиҳаи мазкур ба эътироф намудани тақсимшавии империяи Россия ба як қатор давлатҳо баробар буд ва дар натиҷаи он бошад ҳар кадоме аз ин ҳукуматҳо аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ба расмият шинохта мешуданд ва қаламравҳои зери дасти онҳо низ дар сатҳи байналхалқӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда мешуданд.

Ҳукумати Шӯравӣ бо лоиҳаи гузарондани конференсия дар ҷазираҳои Принс розӣ шуд. Оид ба розигии худ Шӯрои комиссарони Россияи Шӯравӣ давлатҳои Антантаро тавассути нотаи махсус аз 4 феврали соли 1919 огоҳ

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 445.

карда буд. Ҳамин таври дигар ҳукуматҳои Шӯравии Украина (дар Харков) ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Литвск-Белоруссия ҳам розигӣ доданд. Барои қувваҳои болшевикӣ муҳим ин буд, ки ҳаракати ҳуҷуми сафедчиёнро боз доранд ва вақтро ба хотири якҷоя муттаҳидкунии қувваҳояш бурд намоянд. Аммо бар зидди гузарондани конференсияи мазкур А. В. Колчак ва А. И. Деникин баромаданд. Мақсади расмии онҳо аз барқарор намудани Россияи воҳид ва ҷудонопазир иборат буд ва ин имконият намедод, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳокимятҳои маҳалии Россияро ба расмият шиносад. 16 феврали соли 1919 Машварати сиёсии Россия аз номи «Ҳукуматҳои иттиҳодиявии Сибир, Архангелск ва Россияи Ҷанубӣ» изҳорот дод. Дар он гуфта шуда буд, ки миёни онҳо (яъне болшевикҳо) ва гурӯҳҳои миллии русӣ оштиро барқарор намудан аз имкон берун мебошад.

***Миссияи Уилям Буллит.*** Дар моҳи марти соли 1919 ШМА ва Британия бе ягон маслиҳату мувофиқакунии пешакӣ бо Франсия дипломати америкоӣ Уилям Буллитро бо миссияи махсус ба Россияи Шӯравӣ фиристонданд. Дар рафти гуфтушунидҳои ӯ бо В. И. Ленин 7 – 9 марти соли 1919 нақшаи умумии муътадил гардондани муносиботи Россия бо Антанта мувофиқа карда шуд[1]. Дар он масъалаҳои мазкур ба назар гирифта шуда буданд: хотима додани амалиёти ҷангӣ ва даъват намудани конференсия, ки дар он бояд шартномаи сулҳ баста мешуд; ба расмият шинохтани тамоми ҳукуматҳое, ки амалан дар қаламрави собиқ империяи Россия мавҷудият доранд; баровардани қувваҳои мусаллаҳи хориҷӣ аз қаламравҳои Россия; қатъ намудани кӯмакҳои хориҷӣ ба ҳукуматҳои зиддиболшевикӣ; барҳам задани блокадаи иқтисодӣ ва сиёсии Россияи Шӯравӣ; додани ҳуқуқ ба шаҳрвандони Россия ва давлатҳои иттифоқӣ барои озодона гузаштан аз сарҳадот; аз ҷониби тамоми ҳукуматҳои дар Россия айни замон арзи ҳастӣ намуда, эътироф намудани қарзҳои собиқ империяи Россия.

Дар байни муаррихон оид ба сабабҳои аз ҷониби В. И. Ленин пазируфтани пешниҳодоти У. Буллит фикри ягона вуҷуд надорад. Мумкин аст ду нуқтаи назарро оид ба он ҷудо намуд. Аввалаш ин аст, ки барои болшевикон он вақт дар мадди аввал манфиатҳои инқилоби ҷаҳонӣ қарор доштанд, парокандашавии империяи Россия ба як қатор давлатҳоро бошад онҳо ссенарияи боиси ғайриқабул намедонистанд. Дуюмаш, ба ин маъно дониста мешавад, ки В. И. Ленин нағз медонист, ки ҳукуматҳои Сафедчиён ҳамин гуна пешниҳодҳоро қабул намекунанд ва ӯ бо масъалаи ҷой доштани мухолифат байни сафедчиён ва Антанта дар ин масъала бозӣ мекард. Аз ин бармеояд, ки болшевикон танҳо дар он вақт розӣ шуданд, ки ба самти як қарордод бо ШМА ва Британия раванд, дар он замоне ки ҳукуматҳои Сафедчиён кӯшишҳои Антантаро халалдор менамоянд. Яке аз натиҷаҳои миссияи мазкур кам шудани мудохила (интервенсия)-и Антанта ба Россия дар баҳори соли 1919 гардид.

---

[1]Системная история международных отношений в двух томах. Под редакцией А. Д. Богатурова. Том первый. События 1918 – 1945 годов. Издание 2-е. М.: Культурная революция, 2009. С. 88.

Аммо вақте ки У. Буллит ба Вашингтон омад президенти ШМА иҷозат надод, ки лоиҳаи шартномае, ки ӯ бо худ оварда буд, нашр карда шавад, Д. Ллойд Ҷорҷ низ 16 апрели соли 1919 дар парламент баромад карда, аз иштироки худ дар ташкил намудани гуфтушунидҳо бо Россияи Шӯравӣ даст кашид. Бо ҳамин Россия аз кори конференсияи Версал ҳам дар намуди ҳукумати сурхаш ва ҳам сафедаш берун монда буд[1].

**Сулҳи Версал.** Сулҳи Версал 28 июни соли 1919 махсусан дар ҳамон толори қасри Версал баста шуд, ки он ҷо январи соли 1871 канслер Бисмарк таъсисёбии империяи Германияро эълон карда буд. Шартнома 10 январи соли 1920 ба эътибору расмият даровarda шуд. Шартномаи мазкур аз як тараф қарордод миёни Германияи мағлубшуда бо давлатҳои ғолиб буд, ки аз ибтидо Берлинро дар системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ дар шароитҳои нобаробар қарор дод ва дар ҷомеаи немисӣ нафрату бадбинӣ нисбати он боло гирифт, аз ҷониби дигар, аз ҳайати давлатҳо-ғолибон Россия хориҷ карда шуд, ки ин амал низ ҳамагуна ҳукуматҳои Россияро зидди шартҳои шартномаи Версал гардонда буд. Ин ҳамаро як сӯ мегузорем, худи мундариҷаи шартномаи Версал зери тартиботи европоӣ ва ҷаҳонӣ моддаҳои таркандаи оҳиста-оҳиста ба кор даромадаро монд, ки ба фаъолят сар кардани ин таркандаҳоро вақт муайян мекард.

Муқаррароти зиддинемисии шартномаи Версал инҳо буданд: 1) Дар Саар низоми истилокории ҳарбии французӣ ҷорӣ карда шуд, мӯҳлати истилои он 15 сол муайян гардид; 2) Демилитаризатсияи Ҳавзаи Рейн низоми истилокорӣ (оккупатсионӣ)-и ҳарбии французӣ ба мӯҳлати 15 сол муайян гардид; 3) Гузашт намудани қаламравҳо ба Белгия, Дания, Литва ва Полша; 4) Аз даст додани тамоми мулкҳои мустамликавӣ; 5) Ситондани тавони ҷангӣ аз Германия (мувофиқ ба қарори иттифоқчиён аз соли 1921 132 миллиард маркаҳои тиллоӣ; мувофиқи нақшаи Дауэс аз соли 1924 – он 50 миллиард марка муайян гардид); 6) Маҳдуд намудани қувваҳои мусаллаҳи Германия (рейхсвер то 100 ҳазор нафар одам, барои Германия манъ кардани истифодаи авиатсия, танкҳо ва флоти зериобӣ, пароканда кардани Штаби генералӣ ва Академияи ҳарбӣ); 7) Рӯҳан озор додани Германия, тибқи моддаи 231-и Шартномаи Версал ҳамаи айбу гуноҳи сар задани ҷанги мазкур пурра ба зиммаи Германия гузошта шуда буд[2].

Муқаррароти зидди Россияи Шартномаи Версал: 1) «Полшаи боқувват», ки дар ҳайати худ чанд миллион украину белорусро низ муттаҳид намуда, онҳо дар навбати худ зери зулми миллӣ-динии ҳокимияти давлатии Полша монданд; 2) «Руминияи боқувват», ки ба ҳайати он Бесарабия ворид карда шуд.

---

[1]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 445 – 446.

[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

Ҳамин тавр, Шартномаи Версал заминаи асосии системаи версалӣ гардид, ки онро давлатҳо - ғолибон, пеш аз ҳама Британия ва Франсия, мехостанд, ки баъди ба итмом расидани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ таъсис диҳанд. Компонентҳои муҳими системаи мазкур инчунин шартномаҳои бо собиқ иттифоқчиёни Германия баста шуда низ гардиданд, ки онҳоро дар зер меорем.

**Шартномаи Сен - Жермен.** Шартномаи мазкур дар маҳалли назди Париж – Сен-Жермен-ан-Ло санаи 10.09.1919 бо Австрия баста шуда, он аз санаи 16.07.1920 эътибори расмӣ гирифт, ки тибқи он Австрия бояд танҳо артиши 30 ҳазорнафара дошта бошад, бо Германия муттаҳид шудани он манъ карда шуд, вилояти Судет ба Полша гузашт, ба Италия бошад Каринтия, Крайна ва Тироли Ҷанубӣ гузаштанд. Дар шартнома барҳамхӯрии империяи Австро-Венгрия ба Австрия, Венгрия, Чехославакия ва давлатҳои славянҳои ҷанубӣ – шоҳигарии Сербҳо, хорватҳо ва словенҳо сабт карда шуд. Тағйир додани статуси давлатии худро Австрия метавонист танҳо бо розигии Лигаи Миллатҳо амалӣ намояд. Ба монанди Германия аз болои Австрия низ пардохт намудани тавони ҷангиро бор карданд. Ҳаҷми қарзҳои то давраи ҷангии империяи Австро-Венгрия байни ҳамаи давлатҳои аз ҳисоби собиқ қаламраҳои он таъсис ёфта, тақсим карда шуд.

**Шартномаи Нейи.** Шартномаи мазкур 27.11.1919 дар маҳалли назди Париж – Нейи-сюр-Сен бо Булғория баста шуда, 09.08.1020 ба расмият даромад. Тибқи шартҳои он Булғория Фракияи Ғарбӣ ва баромадан ба баҳрро аз даст дод, инчунин баъзе қаламравҳои бо Шоҳигарии сербҳо, хорватҳо ва словенҳо (ШСХС – Югославия) ҳамсарҳад ва Ҷанубии Добруҷа низ аз даст рафтанд, тавони ҷангӣ дар ҳаҷми 2,2 миллиард франки тиллоӣ муқаррар шуда, ба булғорҳо танҳо нигоҳ доштани артиш то 20 ҳазор нафар иҷозат дода шуд.

**Шартонами Трианон.** Шартномаи мазкур 4.06.1920 дар қасри Триано-ни Версал бо Венгрия ба имзо расида, 26.07.1921 ба расмият даровaрда шуд. Венгрия барҳамхӯрии империяи Австро-Венгрияро ба расмият шинохта, дар масъалаи аз даст додани аз се ду ҳиссаи қаламрави шоҳигарии Венгрия розигӣ дод. Тибқи он Венгрия Трансилвания ва Банати Шарқиро ба фоидаи Руминия аз даст дод, Словакия ва Руси поёни Карпатро ба фоидаи Чехословакия аз даст дод, қисми Хорватия, Бачка, Банати Ғарбиро ба фоидаи ШСХС (Югославия) аз даст дод; Венгрия танҳо нигоҳ доштани артиши 35 ҳазор нафараро ҳуқуқ гирифт.

**Шартномаи Севр.** Шартномаи мазкур 10.08.1920 дар мавзеи Севри назди Париж аз ҷониби давлатҳои Антанта бо Туркия баста шуда, он ба расмият даровaрда нашуд. Натиҷаи он барҳам хӯрдани империяи Туркия шуда, Фракияи Шарқӣ ба Юнон гузашт, ноҳияи Измир низ ба он дода шуд; Италия ҷазираҳои Додеканес ва доираи таъсирро дар ҷануб-ғарбии Анатолия ба даст овард, Франсия - Киликия ва доираи таъсирро дар ҷануб-шарқии Анатолия ба даст овард, Британияи Кабир ҷазираи Кипр ва доираи таъсир дар ҷануб-шарқии Анатолияро ба даст овард, Шимол-Шарқии Анатолия ба Ҷумҳурии Арманистон дода шуд, Минтақаи гулӯгоҳҳо демилитаризатсия шуда, ба назо-

рати комиссияи байналхалқӣ гузаштанд, ҳамин тавр, гулӯгоҳҳо пурра байналхалқӣ шуданд. Бо ҳамин, шартнома амалан тақсимоти мероси империяи Усмониёнро байни бузургдавлатон ба назар гирифта буд. Шартнома ба расмият дароварда нашуд ва онро амалан шартномаи Лозанн иваз намуда буд.

**Шартномаи Лозанн.** Шартномаи мазкур 24.07.1923 бо Туркия баста шуда буд. Мувофиқи он Анкара барҳамхӯрии империяи Туркияи Усмониро ба расмият шинохт. Туркия Фракияи Шарқиро гирифт. Бузургдавлатҳо бошанд аз ҳамаи даъвоҳо дар самти назорат намудан аз болои сиёсати дохилии Туркия даст кашиданд[1].

Муайян аст, ки як қатор давлатҳои майда, ба монанди Полша, Чехославакия, Шоҳигарии Сербҳо, Хорватҳо ва Словенҳо (аз соли 1929 Югославия) барои поянда мондани системаи версалӣ манфиатдор буданд, зеро он лигитиматсияи байналхалқӣ-ҳуқуқии қаламравҳои нав ба даст овардаи онҳоро таъмин мекард. Маҳз ба ҳамин мамлакатҳо Франсия дар амалӣ намудани нақшаи худ оид ба таъсис додани кордони санитарӣ дар Шарқ такя мекард. Аммо Австрия, Венгрия, Булғория ва Туркия наметавонистанд, ки натиҷаҳои озордиҳии худро дар Версал хуш қабул намоянд.

**Таъсисёбии Лигаи Миллатҳо (с. 1919).** Ҳамзамон бо бастани шартномаҳои сулҳ иттифоқчиён институт (ниҳод)-и идоракунии глобалиро таъсис доданд, ки он дар таърихи башар бо номи Лигаи Миллатҳо маълум аст. Ғояи идоракунии глобалиро аз «Иттифоқи Муқаддас» ба мерос гирифтанд, ки амалан аз соли 1815 то соли 1856 фаъолият мекард. Акнун президенти ШМА пешниҳод намуд, ки формати идоракунии глобалӣ васеъ карда шуда, он ба сатҳи ташкилоти байналхалқии Лигаи Миллатҳо расонда шавад. 28 апрели 1919 Оинномаи Лигаи Миллатҳо аз ҷониби конференсияи Париж тасдиқ карда шуд[2]. Дар лаҳзаҳои аввал ба назар мерасид, ки гӯё «консерти европоӣ» дар ҳақиқат ба системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ иваз карда мешавад, ки аз рӯи фарогирии худ глобалӣ буда, аз ҳар ҷиҳат ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад. Оинномаи Лига чунин меъёрҳои прогрессивии ҳуқуқи байналхалқӣ, аз қабили муқаррарот дар бораи бо роҳи сулҳ ҳал намудани низоъҳо, оид ба роҳ надодан ба таҷовуз, роҷеъ ба истифода бурдани санксия бар зидди таҷовузкор, оид ба арбитражи байналхалқиро фаро гирифта буд. Аз ҳама дида, зиёдтар боз муҳимиятро таъсисдиҳии сохторҳои доимамалкунандаи хизмати шаҳравндии байналхалқӣ ва системаи машваратҳои бисёрҷониба касб карда буданд.

Органи асосии Лигаи Миллатҳо – Ассамблея, Шӯро ва котиботи доимӣ ҳисоб мешуданд. Ҳамаи қарорҳо тавассути консенсус қабул мешуданд. Дар моддаи 8-уми Оинномаи Лигаи Миллатҳо оид ба «то ҳади сатҳи поёнӣ» бе-

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 199 – 212.
[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 450.

яроқкунӣ гуфта шуда буд[1]. Шӯро бояд бо назардошти «бехатарии миллӣ ва ӯҳдадориҳои байналхалқӣ» нақшаи беяроқкуниро тартиб медод. Дар моддаи 10-уми Оиннома оид ба роҳ надодан ба таҷовуз, эҳтиром арз доштан ба тамомияти арзии территориявӣ ва мустақилияти сиёсии мавҷудбудаи аъзоёни Лига муқаррарот дарҷ гардида буданд. Дар моддаи 11-уми он бошад ҳуқуқи Лигаи Миллатҳо ба муҳокима намудани ҳама гуна низоъҳои мусаллаҳона, ки хатарноктарин таҳдиди ҷанг мебошад, дарҷ гардида буд. Дар моддаҳои 12 – 14 бошад сухан дар бораи додани ҳамаи масаълаҳои баҳснок дар ихтиёри суди ҳакамии байналхалқӣ ё барои баррасӣ дар Шӯрои Лигаи Миллатҳо сухан мерафт. Ва охирон моддаи 16-уми Оиннома ҷангро оғоз намудан бар зидди яке аз аъзоёни лигаро ҳамчун ҷанг бар зидди ҳамаи аъзоёни он эълон намуд. Дар чунин ҳолат ҳамаи давлатҳо ӯҳдадор буданд, ки бо давлати таҷовузкор ҳама гуна муносиботи худро қатъ намоянд. Шӯро ҳуқуқ дошт, ки ба ҳукуматҳои давлатҳои ба чораҷӯиҳои ҳарбӣ манфиатдор буда, дар самти амалишавии принсипҳои Оиннома имкониятҳои зарурӣ диҳад.

Лигаи Миллатҳо ба сифати охирон наҷотдиҳандаи аслии системаи «консерт» баромад намуд. Аммо, муносиботи байни қувваҳои ҳифзкунанда ва харобкунанда, ки баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дар саҳнаи байналхалқӣ ба вуҷуд омаданд, ба хислати ташкилоти байналхалқии мазкур таъсири ҷиддӣ расонданд.

Якум, давлатҳои ғайриевропоӣ – ШМА ва Япония бо баъзе сабабҳои гуногун баъди ҷанги ҷаҳонӣ маҷбур буданд, ки диққати асосии худро на ба ҳалли масъалаҳои глобалӣ, балки ба ҳалли проблемаҳои минтақавӣ ва дохилии худ равона намоянд. Бо ҳамин системаи нав, яъне системаи версалии муносибатҳои байналхалқӣ аз ибтидои мавҷудияти худ сар карда, новобаста ба баъзе аз пешравиҳо, амалан бархе аз хусусиятҳои глобалии худро аз даст дода буд. Тасоддуф нест, ки ҳамаи муаррихони таърихи Лигаи Миллатҳо ба ҷой надоштани универсализм дар фаъолияти он ҳамчун яке аз сабабҳои асосии нокомии он ишора мекунанд.

Дуюм, сохтори Лигаи Миллатҳо бо бӯҳронҳои асри XX ба таври комил мувофиқ карда нашуда буд. Он, аз лаҳзаи сар задани таҷовуз дар Осиё ва Европа дар охири солҳои 20-ум – 30-юм сар карда, бо равнадҳои байналхалқӣ комилан ғайримувофиқ будани худро нишон дод[2].

Ҳатто гурӯҳҳои алоҳида, ҳам собиқ ғолибон ва ҳам собиқ мағлубшудагони Ҷанги якуми ҷаҳонӣ кӯшиш мекарданд, ки Оиннома ва минбари ташкилоти байналхалқии мазкурро ба фоидаи худ истифода намоянд. Ҳамин тавр, Лигаи Миллатҳо, ки мебоист тавассути механизмҳои мувофиқ ба принсипҳои осудаҳолона ҳаёт ба сар бурдан, дар асоси розигии умум ва риоя намудани меъёрҳои низомнома амал мекард, тамоюлҳои марказгурезии давлатҳои аъзои

[1]Системная история международных отношений в двух томах. Под редакцией А. Д. Богатурова. Том первый. События 1918 – 1945 годов. Издание 2-е. М.: Культурная революция, 2009. С. 63 – 64.
[2]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

худро бо мушкилӣ паси сар мекард. Оқибат натавонист, ки роҳи онҳоро гирад. Ва ин боиси сар задани Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ гардид.

**Системаи мандатӣ.** На танҳо баъзе аз халқҳои европоӣ аз натиҷаи низоми версалӣ норозӣ буданд. Тартиботи баъдиҷангӣ қонунан нороҳатиро байни он халқҳои мустамликавӣ ва давлатҳои вобастро ба вуҷуд овард, ки умед ба тағйирёбии ҷидди тақдири худ баста буданд. Зеро сарварони тартиботи баъдиҷангӣ – Британияи Кабир ва Франсия ҳоло ҳам намехостанд, ки аз сиёсати кӯҳнаи мустамликахоҳонаи худ даст кашанд, ки он зидди яке аз 14 пункти Вилсон буд.

Барои он ки нақшаҳои экспансионии бузургдавлатҳоро бо риторикаи либералии Вилсон бо ҳар роҳе набошад ғунҷонанд, бо ном «системаи мандатӣ» фикр карда шуд. Абарқудратҳои мустамликавӣ аз ташкилоти нави бехатарии ҷаҳонӣ – Лигаи Миллатҳо барои идоракунии мустамликаҳо, мандатҳоро мегирифтанд, ки аз ин пас «қаламравҳои зермандат» дониста шуданд.

Мандатҳои Лигаи Миллатҳо ба категорияҳои «А», «В» ва «С» тақсим мешуданд. Мандат класси «С» ба мандатар имконият медод, ки қаламрави зермандати худро тибқи қонунҳои миллии худ идора кунад ва ба қаламрави зермандати худ сармояи хориҷиро роҳ надиҳад[1].

Британияи Кабир ҳуқуқи мандатро ба Фаластин, Байнаннаҳрайн Танганика, Қисми Того ва Камерун гирифт. Франсия - ба Сурия, Лубнон, қисми Того ва Камерун, Белгия - ба Руанда-Бурунди, Япония – ба ҷазираҳои Маршалл, Каролин ва Мариан, ИАҶ (Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ) – ба собиқ қаламрави германии Ҷануб-ғарбии Африка, Австралия – ба ҷаираҳои Науру, собиқ қисми Германияи ҷазираи Гвинеяи Нав ва ҷазираҳои ҷанубтар аз хатти экватор, Зеландияи Нав – ба ҷазираҳои Самоаи Ғарбӣ мандат гирифтанд.

Табдил додани як қатор заминҳои арабӣ, собиқ мустамликаҳои империяи Туркия, ба қаламравҳои зермандати бузургдавлатҳои мустамликавӣ дар ҷаҳони араб норозигиро ба вуҷуд овард. Дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳонӣ партизанҳои араб ба англисҳо дар мубориза бар зидди туркҳо ёрии калон расонида буданд. Барои он ки рӯҳияи арабҳоро дастгирию баланд намоянд, дар моҳи октябри соли 1915 англисҳо ба аҳолӣ ваъда дода буданд, ки ба онҳо баъди ҷанг дар таъсис додани давлати арабӣ ёрии худро мерасонанд.

Аммо ваъдаҳои ба арабҳо дода ҳамааш дурӯғ бромаданд. Ягон давлати арабӣ таъсис дода нашуд. Он чизе ки ба системаи зеримандатӣ дахл дорад, он дар амалия мақсадҳои декларативии омодакунӣ ба давлати худӣ ягон иртибот надошт ва амалан зулми мустамликавии туркҳоро ба зулми мустамликадорони англо-франсузӣ иваз карду халос. Натиҷаи он бошад муборизаи арабҳо бар зидди мустамликадорони англо-франсузӣ гардид, ки аллакай аз тобистони соли 1919 сар шуда, дар солҳои 20-ум идома ёфт. Масалан, шӯриши яроқноки

---

[1]Системная история международных отношений в двух томах. Под редакцией А. Д. Богатурова. Том первый. События 1918 – 1945 годов. Издание 2-е. М.: Культурная революция, 2009. С. 65 – 66.

соли 1920 дар Ироқ, ҷанги партизанӣ дар Сурия солҳои 1925 – 1927, шӯриш дар Миср ва ғайра мисоли гуфтаҳои боло мебошанд.

**Конференсияи Вашингтон (с. 1921 – 1922). Таъсис ёфтани Системаи Вашингтон.** 19 ноябри соли 1919 бо аксарияти овозҳо сенати Америка Шартномаи Версалро рад карда, онро тасдиқ накарда буд[1]. Ин барои Вилсон ҳам аз нигоҳи сиёсӣ ва ҳам шахсӣ шикасту фалокати ҳақиқӣ ба ҳисоб мерафт. Таъсири муборизаи сиёсиро дар атрофи шартонами Версал тоб наоварда, президенти ШМА Вилсон сахт бемор шуд ва яку ним соли охири мӯҳлати президентии худро дар ҳолати нимфалаҷӣ буданаш паси сар намуд.

Ин на танҳо барои Вилсон, инчунин барои ҳизби демократии вай, ки он дар интихоботи ноябрии соли 1920 мағлуб гардида буд, зарбаи сахт ҳисоб мешуд. Ҷумҳурихоҳон, ки баъди ҳашт соли танаффус ба сари қудрат омаданд, сиёсти хориҷии ШМА-ро таҳти сарварии президент Уоррен Гардинг аз нав дида баромаданд. Ба назар мерасид, ки муқобил баромадан ба тасдиққунии шартномаи Версал кофӣ нест, зарур омад, ки барномаи худии сиёсати беруниро пешниҳод намуд. Албатта барномаи мазкур наметавонист, ки танҳо изолятсионизмро фаро гирад, ШМА бояд ба стратегияи сиёсати берунии худ низ диққат равона намояд.

Вазири корҳои хориҷии Британия лорд Керзон тобистони соли 1921 пешниҳод намуда буд, ки оид ба масъалаҳои уқёнуси Ором конференсия доир карда шавад. Барои ҳамин, маъмурияти нави ҳизби ҷумҳурихоҳон, ки дар он масъалаҳои сиёсати беруниро котиби давлатӣ Чарлз Хюз ҳал мекард ва ба ӯ дар масъалаи мазкур президенд Уоррен Гардинг боварӣ мекард, фавран пешниҳоди лорд Керзон оид ба даъват намудани конференсия дар масъалаҳои Шарқи Дур ва уқёнуси Оромро ба инобат гирифта, макони баргузории онро шаҳри Вашингтон маъқул донист. Дар масъалаи ҷойи баргузории конференсия Британияи Кабир ва доминионҳои уқёнусиоромии он – Австралия, Зеландияи Нав ва Канада, баробари онҳо Хитой низ розигӣ доданд. Япония низ розигии худро дод, аммо кӯшиш намуда буд, ки аз рӯзномаи он масъалаи муҳокима намудани бехатарӣ дар Осиёи Шарқӣ ва Хитой бароварда шавад.

Хулас, дар баробари ба тартиб даровардани вазъият дар Европа дар назди давлатҳои Антанта масъалаи ба тартиб даровардани низоми муносиботи байналхалқӣ дар уқёнуси Ором низ ба миён омад. Барои Осиёи Шарқӣ мухолифат байни давлатҳои ғолиб ва мағлубшудагон рӯзмарра набуд. Масъала дар бораи мустамликаҳои Германия дар уқёнуси Ором ба таври осон ҳал карда шуд, яъне Япония онҳоро дар соли 1914 забт намуда, тибқи шартномаи сулҳи Версал онҳоро ҳамчун мулкҳои таҳти таъсири худ қонунӣ гардонд. Мушкилии асосӣ мухолифат байни давлатҳои Антанта монда буд.

Конференсияи Вашингтон аз 12 ноябри соли 1921 то 6 феврали соли 1922 оид ба масъалаҳои кам намудани қувваҳо ва силоҳҳои баҳрӣ ва

---

[1]Ба ҷойи он ШМА бо Германия 25 августи соли 1921 дар Вашингтон шартномаи сулҳи алоҳидаро баст, матни он бо варианти шартномаи Версал ҳаммано буда, аммо ба сифати замима дар худ оинномаи Лигаи миллатҳоро надошт.

масъалаҳои Шарқи Дур ва ҳавзаи уқёнуси Ором шуда гузашт Дар конференсияи Вашингтон 14 давлат – ШМА, империяи Британия бо доминионҳояш (Канада, Австралия, Зеландияи Нав, Иттифоқи Африкаи Ҷанубӣ, Ҳиндустон), Япония, Франсия, Италия, Хитой, Белгия, Голландия ва Португалия иштирок карданд. Россияи Шӯравӣ ба конференсия даъват карда нашуд ва ин давлат баъдтар эълон намуд, ки қарорҳои онро этироф намекунад. Ҳамаи масъалаҳои муҳим дар рафти он дар формати сегонаи бузург – ШМА, Британия ва Япония ҳал мешуданд, аммо дар муҳокимаи бархе масъалаҳо нақши фаъолонаро Франсия, Хитой ва ҳатто намояндагони Ҷумҳурии Шарқи Дур, ки дар Вашингтон ғайрирасмӣ ҳузур доштанд, бозӣ мекарданд.

Дар раванди тайёрӣ ба конференсияи Вашингтон (с. 1921 – 1922) Англия, Франсия ва Япония аз оғози он аз худ дарак доданд, ки оид ба ягон «контр-Лига», ки метавонад алтернативаи уқёнусиоромӣ барои Лигаи Миллатҳо шавад, ҳатто ягон сухан ҳам гуфтан боиси қабул нест. Барои ҳамин дипломатияи америкоӣ маҷбур шуд, ки аз ин ақида даст кашад. Ба ҷойи он дар рӯзи аввали кори конференсия (12 ноябри соли 1921) котиби давлатӣ Хюз нақшаи худро оид ба кам кардани силоҳҳои ҳарбӣ - баҳрӣ пешниҳод намуд, дақиқтараш вазнбардории киштиҳои линейӣ (500 - 500 - 300). Ин гардиши фикрӣ, ба америкоиҳо имконият дод, ки дар рафти конференсия ташаббусро ба дасти худ гиранд ва дар минбаъда акнун нишасти мазкур зери диктаи онҳо сурат гирифта буд.

Зеро пешниҳоди худро Хюз рӯзи ҷумъа, 12 ноябр карда буд ва ҳайати намояндагони боқимонда бояд ба он дар рӯзи душанбе, 15 ноябр, ҷавоб медоданд. Дар муддати рӯзҳои истироҳатӣ матбуоти ҷаҳонӣ фурсат пайдо кард, ки афкори ҷамиятии ҷаҳониро ба тарафдории он ба вуҷуд биёрад. Албатта, баъди Ҷанги якуми ҷаҳонӣ инсоният тайёр буд, ки ҳамагуна пешниҳоди мушаххаси кам кардани силоҳро бо хушию хурсандӣ қабул намояд. Тавассути нутқи 35 дақиқагии худ котиби давлатӣ Хюз зиёдтар киштиҳоро ғарқ кард, дар муқоиса ба оне ки ҳамаи адмиралҳо дар муддати ҷанд ҳазорсолаҳо ғарқ карда буданд, чунин буд реаксияи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба пешниҳоди америкоӣ[1].

Дар бархе аз асарҳои муаррихони Шӯравӣ пешниҳоди мазкури ШМА-ро ҳилаву найранг ва иғвои милитаризми америкоӣ баҳогузорӣ намуда буданд, ки тибқи ақидаи онҳо пешниҳоди мазкур фақат киштиҳои линейиро дар бар мегирифт, дигар намуди киштиҳо – зериобӣ ва тайёракаш аз он берун монда буданд. Ба гумон мерафт, ки дар он давра ҳақиқатан ШМА ба ин амали нек даст зада бошад, зеро масъалаи мазкур дар Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ низ ҳал нашуда буд.

Аммо дар ҳақиқат он давра ШМА ин пешниҳодро бо назари нек ва хоҳишмандона кард ва бо ин амал хароҷоти буҷа низ кам мегардид. Инчунин бо ин роҳ ШМА метавонист дар баҳр бо Британияи Кабир баробарии қувваҳои худро таъмин намоянд ва нисбати Япония бошад бартариро ба даст орад.

---

[1]Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.

***Шартномаи панҷ бузургдавлат***. Зарур аст қайд намоем, ки мақсадҳои зикршударо ШМА тавонист, ки дар рафти конференсияи Вашингтон бо бастани Шартномаи панҷ бузургдавлат (ШМА, Британия, Франсия, Италия, Япония – Созишномаи баҳрии Вашингтон ё Шартномаи баҳрии Вашингтон) аз 6 феврали соли 1922 ба даст оранд, ки он ҳаҷми умумии вазнбардории киштиҳои линейиро чунин муайян намуда буд: барои ШМА ва Британия - то 525 ҳазор тонна, Япония - 315 ҳазор тонна, Франсия ва Италия - то 175 ҳазор тонна. Ғайр аз ин, тарафҳо ӯҳдадориро ба зимма гирифтанд, ки сохтмони базаҳои ҳарбӣ-баҳрӣ ва истекомгоҳҳоро дар минтақа маҳдуд менамоянд. Сохтани линкорнҳои обғунҷоиши вазнашон аз 35 ҳазор боло низ манъ карда шуд.

Ин дастоварди воқеии ШМА буд. Гап на танҳо сари он меравад, ки Британия ва Япония 2 маротиба вазнбардории мавҷудбудаи киштиҳои линейиро кам мекарданд ва ҳоказо. Гап сари он меравад, ки бори нахуст шуда, Британияи Кабир аз ду стандарт даст кашид: флоти шоҳигарӣ бояд 2 маротиба аз абарқудрати баҳрии тавонотарини баъди Британия мавқеъ дошта, боқувваттар бошад ва дигар ин ки ба паритет (баробарҳуқуқӣ, баробарӣ)-и ҳарбӣ-баҳрӣ бо ШМА розӣ шуд. Бо ҳамин, Британияи Кабир, якум, аз даст рафтани гегемонияи худро эътироф намуд, дуюм, ба гегемонияи рушду бологирифтаи ШМА тан дод, зеро касе, ки дар укёнуси ҷаҳонӣ ҳукмфармоӣ мекунад, он дар Ҷаҳон ҳукмронӣ менамояд. Бо ҳамин, яккаҳукмронии Британияи Кабир аз ин пас дар баҳр аз байн рафт. Бори нахуст баъди муҳорибаи Трафалгар дар соли 1805 Британия на ҳукмфармо, балки яке аз бузургдавлатони укёнусӣ, гарчанде аз рӯи муҳимият ҳоло ҳам аввал буд, гардид. Рақиби асосии Британия дар укёнус ШМА гардид. Рақиби дигари он Япония гашт.

***Шартномаи чор бузургдавлат.*** Натиҷаи дигари муҳими конференсияи мазкур Шартномаи чор бузургдавлат (Англия, ШМА, Япония ва Франсия – Аҳдномаи чоргонаи укёнусиоромӣ ё Антантаи шарқидурӣ) аз 13 декабри соли 1921 гардид, ки тибқи он мамлакатҳо-имзокунандагони он, оид ба дахолатнопазирии мулкҳои ҷазиравӣ ва қаламравҳо дар укёнуси Ором ба мувофиқа расиданд. Бузургдавлатҳо ба хулосае омаданд, ки ҳуқуқҳои ҳамдигариро ба ҷазираҳо ва мулкҳои ҷазиравӣ дар укёнуси Ором эҳтиром мегузоранд. Чор бузургдавлат, инчунин ӯҳдадор гардиданд, ки ҳар вақте ки аз ҷониби дигар давлат, ки иштирокчии шартномаи мазкур нест, дар минтақа барои ҳуқуқу манфиатҳои онҳо хатар эҷод намояд, байни худ барои бартараф намудани он машварат доир намоянд. Унсури муҳими шартномаи чор давлат муқарарот оид ба барҳам задани шартномаи иттифоқчигии ҳарбӣ-сиёсии Япония ва Британияи Кабир аз 13 июли соли 1911 низ гардид. Қарори мазкур зери фишори сахти Вашингтон қабул гардид, ки онро ШМА ҳамчун иттифоқи японобританӣ дар роҳи монеа нагузоштан ба сиёсати америкоии дарҳои кушод дар Хитой медонист. Натиҷаи мазкур дастоварди бузурги дипломатияи америкоӣ буд. Ба ҷойи он системаи кафолати сиёсии мутақобилаи чор бузургдавлат таъсис дода шуд.

***Шартномаи нӯҳ давлат.*** Дастоварди калони сиёсати мазкурро метавон Шартномаи нӯҳ давлат (Белгия, Британия, Италия, Хитой, Нидерланд, Португалия, ШМА, Франсия ва Япония) оид ба Хитой донист, ки 6 феврали соли 1922 баста шуд[1]. Мувофиқи шартнома тарафҳо ӯҳдадор шуданд, ки суверенитет, тамомияти арзии территориявӣ ва маъмурии Хитойро эҳтиром гузоранд, бо давлати мазкур муносибатҳои худро дар асоси пирнсипҳои «дарҳои кушод ва имкониятҳои баробар» ба роҳ монанд ва фаъолияти шаҳрвандони худро, ки ба самти таъсис додани доираи таъсир дар Хитой равона шудааст, дастгирӣ накунанд. Давлатҳо, инчунин ба мувофиқа расиданд, ки дар ҳолати ҷанг, ки дар он Хитой иштирок намекунад, ҳуқуқи Хитойро ҳамчун мамлакати бетараф эҳтиром гузоранд[2]. Дар ҳақиқат намояндагони Хитой натавонистанд, ки дар матни шартнома муқаррарот оид ба барҳамдиҳии низоми капитулятсияҳо, ба Хитой додани мухторияти тариф (нарх) - ӣ, оид ба барҳам додани экстерриториалҳоро ворид намоянд. Инчунин ҳал намудани масъалаи аз территорияи Хитой баровардани қувваҳои ҳарбии хориҷӣ ва политсия (Япония) низ канор гузошта шуда буд, гарчанде ки Япония ваъда дод, ки аз Синдао ва Шандун қувваҳояшро мебарорад. Давлатҳо, инчунин аз баррасӣ намудани масъалаи ба Хитой баргардондани территорияҳое, ки аз он ба иҷора гирифта буданд ва масъалаи барҳам додани «21 талабот» - и Япония нисбати Хитой даст кашиданд.

Ғайр аз ин, бо Хитой шартномаи алоҳида баста шуд, ки тибқи он давлатҳо ваъда доданд, ки дар кӯҳтотарин муддат онҳо аз назорати гумрукӣ дар Хитой низ даст мекашанд.

Аз паҳлӯ ҳама чунин ба назар мерасид, ки дар натиҷаи конференсияи Вашингтон ШМА иштирокчии фаъоли муносибатҳои байналхалқӣ, кафили асосии муътадилию оромӣ дар қаламрави калони уқёнуси Ором гардиданд. Аммо дар асл ҳоло ин тавр набуд. Ҷумҳурихоҳоне, ки дар ШМА сари қудрат буданд, кӯшиш накарданд, ки дар Европа ва Осиё низ нақши асосиро бозӣ намоянд. Ҳамин тавр, сиёсати берунии ШМА баъди конференсияи Вашингтон низ пассив ва моҳиятан гирем изолятсионӣ монд. Аммо бо ин нигоҳ накарда, дар Вашингтон бо натиҷаҳои конференсияи мазкур розӣ буданд, ки он паритет (баробарҳуқуқӣ, баробарӣ)-и байни Қувваҳои мусаллаҳи ШМА ва Британияро ба қайд гирифт, инчунин принсипи «дарҳои кушод» дар Хитойро низ эътироф намуд. Дар Қасри Сафед ба хулосае омаданд, ки дипломатия вазифаи худро иҷро кард ва моҳиятан дигар кор нест, ки он иҷро намояд[3].

[1]Советская историческая энциклопедия. В 16 томах. Т. 5. М.: Советская энциклопедия, 1964. С. 270.; Гафуров Б. Г., Зубок Л. И. Хрестоматия по новейшей истории (1917 – 1939 документы и материалы). Т. 1. М., 1960. С. 601 – 603.

[2]Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. С. 458.

[3]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 215 – 222.

Ҳамин тавр, ташаббускорӣ дар корҳои минтақавӣ дидаву дониста ба дасти Япония дода шуданд. Баъди гузашти муддати муайян, чи хеле ки мо аз таърих медонем, дар Токио қарор доданд, ки худмаҳдудкуние, ки Япония дар пойтахти ШМА ба зимма гирифт, сиёсати берунии онро аз ҳад зиёд танг менамояд. Танҳо воқеаи Перл-Харбор, дар натиҷаи ниҳоӣ, сиёсати америкоиро дар уқёнуси Ором аз ҳолати хоб берун кашида, ҳамзамон бо изолятсионизми америкоӣ низ хотима дода шуд.

Қисман функсияи боз доштани фаъолияти Японияро метавонистанд давлатҳои дигар – Британияи Кабир, Франсия, Хитой ва Россия ба зимма гиранд. Аммо аз они ду давлати аввал, яъне Англия ва Франсия қувва ҳатто барои Европа ҳам намерасид, Хитой бошад он замон беҳад заиф буд ва Россияи Шӯравӣ бошад, баробари он ки дар давраи гузарондани конференсияи Вашингтон заиф буд, инчунин аз нуқтаи назари идеологӣ низ барои ШМА ғайриқабул ҳисобида мешуд. Аммо баъди оне ки дар Россия ҷанги шаҳрвандӣ ба охир расида, таъсисёбии ИҶШС эълон гарид, Москва сиёсати фаъоли худро дар Шарқи Дур ба роҳ монда бошад ҳам, Вашингтон ҳоло низ амалан эътино (писанд) накардани Россияи Шӯравиро давом медод. Маълум аст, ки барқароршавии муносибатҳои дипломатии ШМА ва ИҶШС танҳо ноябри соли 1933, баъди он замон, ки аллакай Япония амалан зидди Хитой таҷовузро сар кард, сурат гирифта буд.

Бо ҳамин конференсияҳои Париж ва Вашингтон дар якҷояги параметрҳои идоракунандаи тартиботи нави ҷаҳониро асос гузоштанд, ки он дар таърих зери фаҳмиши системаи Вресал - Вашингтон машҳур аст. Ғояи мувозинати қувваҳо миёни бузургдавлатҳо ба консепсияи нигоҳ доштани мувозинати қувваҳо дар тамоми Ҷаҳон – бо назардошти ба бузургдавлатҳои европоӣ илова намудани ШМА ва Япония табдил дода шуд. Баробари ин, бузургдавлатҳо – асосгузорони тартиботи нави ҷаҳонӣ иброз доштанд, ки дар заминаи он идеологияи либералии ҳамкориҳои мутақобилаи давлатҳо қарор дода шудаааст. Аммо дар баробари ин, тартиботи Версал - Вашингтон дар худ захираҳои калони низоъро низ ҷой дошт. Зеро ду давлати пуриқтидор (Германия ва Россия), ки захираи давлати бузургро доштанд, аз ҳайати ташкилкунандагони он ихроҷ карда шуда буданд. Низоъҳои ҷиддӣ инчунин байни муассисони он, пеш аз ҳама байни ШМА ва Япония низ сурат гирифтанд. Лигаи Миллатҳо низ механизми ҷиддии ҷазодиҳиро дар ихтиёри худ надошт, он асосан ба гуфтушунидҳои давомдор оид ба беяроқгардонӣ такя мекард. Дар маҷмуъ шароитҳои мазкур давраи кӯҳтои мавҷудияти системаи Версал - Вашингтонро муайян намуда буданд.

Зарур аст қайд намоем, ки дар охири соли 1918 бо консерти европоӣ, дар ҳамон шакле, ки он аз соли 1815 то 1914 ҳастӣ дошт, хотима дода шуд. Сабабҳои воқеӣ инҳо буданд: якум, соли 1918 Австро-Венгрия, Германия ва Россия ҳамчун давлатҳои бузург аз харитаи сиёсии Ҷаҳон нопадид шуданд, бо ҳамин ҳайати шуморавии консерти европоӣ зиёда аз нисфи он кам гардид;

дуюм, давлатҳои бузурги боқимонда – Англия ва Франсия бошанд дар ҳолати вобастгии иқтисодӣ ва молиявӣ аз маркази қувваи ғайриевропоӣ – ШМА қарор доштанд ва ин вазъият бошад имкон надод, ки онҳо дар қабул намудани қарорҳои сиёсати берунӣ пурра мустақил бошанд; сеюм, бар зидди асосҳои фалсафии консерти европоӣ (реализми сиёсӣ) таҳдидҳои идеологӣ (Декрет оид ба сулҳи Ленин ва 14 пункти Вилсон) гузошта шуданд[1]. Дар ҳамин лаҳзаҳо баъди анҷоми ҷанг ғояи фашистӣ низ зуҳур карда буд.

Он чизе, ки аён намуд, ки системаи нави муносиботи байналхалқӣ ба консерти европоӣ монанд набуд, он дар рафти муносибат кардани ғолибон бо Германия пурра ба назар расида буд. Бо Франсия дар соли 1815 ва Россия дар соли 1856, дар муқоиса бо муносибат намудан бо Германия ва Россия дар солҳои 1918 – 1919, ғолибон ҳар чи ҷавонмардона муносибат карданд, ки баъди чанд вақти гузашт созмондиҳандагони системаи Версал - Вашингтон аз он сахт афсӯс хӯрданд. Яъне дар ояндаи наздик Германия боз аз сари нав ба сиёсати милитаристона гузашта, натиҷааш бошад ба мо аз таърих маълум мебошад.

Ҳамин тавр, аллакай дар моҳи августи соли 1914 ягон кас дар Ҷаҳон шубҳа надошт, ки маҳз Европа рушди муносибатҳои байналхалқиро муайян менамояд. Он чизе, ки берун аз қаламрави Европа сурат мегирифт, ҳатто ҳар ҳодисоте, ки дар давлатҳои боқуввати ШМА ва Япония ҳам рух медод, ягон аҳамият надошт. Аммо баъди панҷ сол вазъияти мазкур пурра ранги дигар гирифт. Давлатҳои аз ҳама бой ва рушдёфта ба харобазор табдил ёфтанд, нисфи Европаро бошад бетартибиҳои инқилобӣ фаро гирифт, ба назар мерасид, ки европоиҳо бовариро ба арзишҳои маънавии тамаддуни худ аз даст доданд. Пешсафии иқтисодӣ, ҳарбӣ, сиёсӣ ва идеологии худро низ дар муқобили ШМА аз даст доданд.

Дар асоси ҳамин азбайнравии европосентризм низ амри зарурӣ шуд. Қитъаи майда, ки аҳолиаш аз шумораи умумии инсоният ҳиссаи камро ташкил медод, дигар натавонсит, ки иродаи худро аз болои ҷаҳони боқимонда бор намояд. Дастрасӣ пайдо намудани халқҳои ғайриевропоӣ ба дастовардҳои прогресси технологӣ дар самти донишҳои техникӣ ва методҳои муосири ташкилкунии истеҳсолот, монополияи европоиро аз байн бурд.

Қисман бошад заволёбиро сиёсати худи давлатҳои европоӣ тезонд. Он методҳои идоракунии вазъияти байналхалқӣ, ки дар давраи конгресси Вена замонавӣ буданд, акнун дар арафаи Ҷанги якуми ҷаҳонӣ нодаркор шуданд.

Норасоии ҷиддии системаи муносиботи байналхалқӣ, ки соли 1815 ташаккул ёфт, он буд, ки система дар асоси иҷозат будани зӯроварии ҳарбӣ бунёд ёфта буд. Системаи муносибатҳои байналхалқӣ, ки қисми интегралии он милитаризм буд, барои рушди босуръати инсоният ғайриқобил гардид. Новобаста ба он ки дар давраи «консерти европоӣ» як қатор меъёрҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ки ба самти бо роҳи осоишта ба тартиб даровардани баҳсҳо

[1]Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. С. 215 – 218.

байни давлатҳо ва манъ кардани воистаҳои вахшиёна ва методҳои бурдани ҷанг коркард шуда буданд ҳам, низоъҳои ҳарбӣ боз ҳам харобиовару вазнинтар гардиданд, ки ба худи ҳастии тамаддун низ таҳдид мекарданд.

Он сохторҳое, ки ба хотири таъмин намудани бехатарии байналхалқӣ дар давраи консерти европоӣ таъсис дода шуда буданд ё Иттифоқи Муқаддас бошад ё Лигаи Миллатҳо натавонистанд, ки ба ҷангҳои бузург миёни давлатҳои абарқудрат дар асри XX роҳ надиҳанд.

Аммо таҷрибаи хунини Ҷанги якуми ҷаҳонӣ дарси ибрат нагардид ва давлатҳои бузург боз Ҷанги дуюми ҷаҳониро ташкил намуданд, ки натиҷаҳои он боз ҳам дида, хеле вазнинтар буданд. Танҳо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ давлатҳои бузург аз бо роҳи ҷанг ҳал намудани низоъ даст кашиданд, албатта ин ҳам бошад танҳо дар масъалаи низоъ байни худ ва ин боис гардид, ки то ҳозир ҷанг миёни абарқудратҳо рух надодааст.

Хулоса, бо ҳамин курси мазкурро, ки мо аз давраи қадим то ибтидои асри XX баррасӣ кардем, дар он дар ҳар давру замон гегемон (ҳукмфармо)-ҳои таърихӣ, аз қабили: империяи Ҳахоманишиҳо (Форс с. 550 – 330 п. м.), империяи Рим (асрҳои I п. м. – V мелодӣ), империяи Муғулҳо (асрҳои XIII – XIV), империяи Испания (асри XV – миёнаи асри XVII), Франсия (миёнаи асри XVII – ибтидои асри XIX), империя Британия асри XIX – ибтидои асри XX (аммо Британия гегемони мутлақ ҳисоб намешавад, зеро ба мақоми он борҳо империяҳои Россия, Франсия ва Германия даъво пеш овარданд) фаъолият мекарданд.

## МАЪХАЗҲО, АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА ТАВСИЯШАВАНДА

1. Альперович М. С., Слёзкин Л. Ю. История Латинской Америки (с древнейших времен до начала XX в.). М.: Высшая школа, 1991. – 286 с.
2. Английские путешественники в Московском государстве в XVI веке. Перевод с английского Ю. В. Готье. М.: Соцэкгиз, 1937. – 308 с.
3. Английская реформация (документы и материалы). Под редакцией профессора Ю. М. Сапрыкина. М.: Издательство МГУ, 1990. – 104 с.
4. Арон Р. Мир и война между народами. Под общей редакцией кандидата политических наук Даниленко В. И. М.: NOTA BENE, 2000. – 880 с. с илл.
5. Асташин В. В. История международных отношений и внешней политики России. Учебное пособие. – Ростов на Дону: Феникс, 2010. – 382 с.
6. Всемирная история. Под редакцией академика Г. Б. Поляка, профессора А. Н. Марковой. Третье издание, переработанное и дополненное. М.: Юнити, 2015. – 887 с.
7. Батюк В. И. Лекции по истории международных отношений в Новое время (1648 – 1918). – М.: Институт социальных наук, 2003. – 237 с.
8. Батюк В. И. История международных отношений. М.: Юрайт, 2016. – 483 с.
9. Бауэр С. У. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. М.: АСТ, 2014. – 988 с.
10. Бисмарк О. Мысли и воспоминания. Перевод с немецкого под редакцией профессора Л. С. Ерусалимского. Т. II. М.: ОГИЗ, 1940. – 288 с.
11. Винклер Г. Вавилонская культура в ее отношении к культурному развитию человечества. Перевод с немецкого А. И. Певзнера, под редакцией Н. М. Никольского. М.: Фарос, 1913. – 170 с.
12. Всемирная история. Том II. М.: Политическая литература, 1956. – 900 с.
13. Всеобщая история дипломатии. М.: ЭКСМО, 2010. – 672 с.
14. Вус О. В. Юлиан Апостат. Персидский поход и загадки битвы у Туммара 26 июня 363 г. // Материалы по археологии и истории античного и средневекового Причерноморья. № 11. М., 2019. С. 271 – 299.
15. Гаврилов С. Н., Ковалева О. А., Щербаков В. Ю., Айриян Р. С. История международных отношений: от древности до современности. Ростов-на-Дону – Таганрог: Издательство Южного федерального университета, 2018. – 258 с.
16. Гафуров Б. Г., Зубок Л. И. Хрестоматия по новейшей истории в трёх томах Т. 1. (1917 – 1939 документы и материалы). М., 1960. – 928 с.

17. Гримм Э. Д. Сборник договоров и других документов по истории международных отношений на Дальнем Востоке (1842 – 1925). Т. 3. М.: Издание Института востоковедения имени Н. Н. Нариманова, 1927. – 219, III с.
18. Гулҷонов М. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон (1917 – 2008). Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр - граф, 2010. – 264 с.
19. Иванян Э. А. История США. М., 2004. – 576 с.
20. Кузнецов А. И., Райков Ю. А., Самойленко В. В. История дипломатии России. В двух томах. Том I. IX – начало XX в. Под редакцией академика А. В. Торкунова, доктора политических наук А. Н. Панова. М.: Аспект Пресс, 2018. – 352 с.
21. История Древнего Мира. Учебник для учительских институтов. Под редакцией В Н. Дьякова и Н. М. Никольского. М., 1952. – 782 с.
22. История стран зарубежной Азии в средние века. Ответственные редакторы А. М. Голдобин, Д. И. Гольдберг, И. П. Петрушевский. М.: Наука, 1970. – 640 с. и 25 карт.
23. История стран Азии и Африки в новое время. Ответственные редакторы Ф. М. Ацамба, А. А. Губер, Л. В. Симоновская. М.: Издательство Московского университета, 1971. – 622 с.
24. История внешней политики и дипломатии США. 1775 – 1877. Ответственный редактор Н. Н. Болховитинов. М., 1994. – 384 с.
25. История дипломатии. Том I. Издание второе, переработанное и дополненное. М.: Издательство политической литературы, 1959. – 896 с.
26. История дипломатии. Том III. Дипломатия на первом этапе общего кризиса капиталистической системы. М.: Издательство политической литературы, 1965. – 832 с.
27. История Востока. В шести томах. Т. 1. Восток в древности. Ответственный редактор В. А. Якобсен. М.: Восточная литература РАН, 1997. – 688 с.
28. История международных отношений и внешней политики: Учебное пособие. В трех частях. Часть I. Под общей редакцией доктора исторических наук, профессора Ж. У. Ибрашева. Аламты: Қазақ университеті, 1998. – 243 с.
29. История международных отношений: Основные этапы с древности до наших дней: учеб. пособие. Под ред. Г.В. Каменской, О. А. Колобова, Э.Г. Соловьева. – М.: Логос, 2007. – 712 с.

30. История международных отношений. В трех томах. Том I. От Вестфальского мира до окончания Первой мировой войны. Авторский коллектив А. В. Ревякин, Н. Ю. Васильева. Под редакцией академика РАН А.В. Торкунова, профессора М. М. Норинского. М.: Аспект пресс, 2012. – 400 с.
31. История международных отнощений. Учебник и практикум для академического бакалавриата. Под редакцией Н. А. Власова. М.: Юрайт, 2016. – 316 с.
32. История таджикского народа. Т. I. Древнейшая и древняя история. Душанбе, 1998. – 752 с.
33. История средних веков. В 2 томах. Т. 2. Под редакцией З. В. Удальцовой и С. П. Карпова. М.: Высшая школа, 1991. – 400 с.
34. Кабаченко А. П. История мировой политики: Учебное пособие для вузов. М.: Издательство Московского государственного университета, 2008. – 828 с.: ил.
35. Каримов О., Холджураев Х., Абдуллаев И. История таджикской дипломатии. С древнейших времён до начала XX в. Выпуск 2. Худжанд: ТГУ ПБП, 2008. – 352 с.
36. Кеннеди П. Взлеты и падения великих держав. Экономические изменения и военные конфликты в формировании мировых центров власти с 1500 по 2000 г. Екатеринбург: Гонзо, 2018. – 846 с.
37. Ключников Ю. В., Сабанин А. Международная политика новейшего времени в договорах, нотах и декларациях. Част II. От империалистической войны до снятия блокады с Советской России. М.: Издания ЛИТИЗДАТА НКИД, 1926. – 469 с.
38. Ковалев С. И. История Рима. Новое издание, исправленное и дополненное. Под редакцией профессора Э. Д. Фролова. СПб.: Полигон, 2002. – 864 с.
39. Кудрявцева Е. П. Два канцлера: Меттерних и Нессельроде // Вестник МГИМО - Университета. № 1 (64). М., 2019. С. 45 – 58.
40. Кузнецов Ю. Д., Навлицкая Г. Б., Сырицын И. М. История Японии. М.: Высщая школа, 1988. 432 с.
41. Латов Ю. В. «Восточный деспотизм» К. А. Виттфогеля (к 50-летие «странной книги») // Историко - экономическое исследования. Научный журналь Байкальского государственного университета. – Т. 8. – № 2. – Иркутск, 2007. – С. 8 – 37.
42. Лебедева М. М. Мировая политика. Учебник для вузов. 2 издание, исправленное и дополненное. М.: Аспект-Пресс, 2007. – 365 с.
43. Марцеллин А. Римская история. Книга XXXI. 1 – 12. СПб.: Алетейя, 1994. – 558 (11) с.
44. Машкин Н. А. История древнего Рима. Учебник. М.: Высшая школа, 2006. – 751 с.
45. Медяков А. С. История международных отношений в Новое Время. Учебник для вузов. М.: Просвещение, 2007. – 463 с.

46. Мирзоев Н., Гулҷонов М. Таърихи муносибатҳои байналхалқӣ (1648 – 1917). (Курси мухтасар). Китоби дарсӣ. Душанбе: Эр - граф, 2010. – 248 с.
47. Мировые войны XX века. В четырех книгах. Книга 2. Первая мировая война. Документы и материалы. Научный редактор Б. М. Туполев. М.: Наука, 2002. – 581 с.
48. Мишин Д. Е. Хосров I Ануширван (531 – 579), его эпоха и его жизнеописание и поучение в истории Мискавейха. М.: ИВ РАН, 2014. – 696 с.
49. Моммзен Т. История Рима. – Т. 3. – Книга пятая. Перевел А. Веселовский. Второе дополненное издание К. Т. Солдатенкова. М., 1887. – 599 с.
50. Никольсон Г. Дипломатия. М., 1941. – 153 с.
51. Новая история (Первый период). Под редакцией Е. Е. Юровской, М. А. Полтавского, Н. Е. Застенкера. М.: Высшая школа, 1972. – 776 с. с илл.
52. Очерки истории международных отношений. Учебное пособие. Авторский коллектив: Гаджиев К. С., Каменская Г. В., Соловьев Э. Г. Под общей редакцией О. А. Колобова. Нижний Новгород: ННГУ, 2001. – 560 с.
53. Пиголкин А. С. Теория государства и права. М.: Юрайт - Издат, 2007. 613 с.
54. Пирен А. Империя Карла Великого и Арабский халифат. Конец античного мира. М.: Центрополиграф, 2011. – 351 с.
55. Пирумшоев Х. Российско - среднеазиатские отношение в XVI – середине XIX веков в русской историографии. – Душанбе, 2000. – 338 с.
56. Протопопов А. С., Козьменко В. М., Шпаковская М.А. История международных отношений и внешней политики России (1648 – 2010): учебник. Под редакцией А. С. Протопопова. – М.: Аспект Пресс, 2012. – 384 с.
57. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
58. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
59. Рунг Э. В. Греция и Ахеменидская держава: История дипломатических отношений в VI – IV вв. до н. э. СПб.: Нестор - История, 2008. – 484 с.
60. Рявякин А.В. История международных отношений в Новое время. Учебное пособие. – М.: РОССПЭН, 2004. – 264 с.
61. Сайнаков С. П. Муҳорибаи Ҳаррон (Карр): сабабҳо ва натиҷаҳо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. № 5 (82). Душанбе, 2019. С. 262 – 267.
62. Сайнаков С. П., Комилбеков А. Ё. Баъзе масъалаҳои зуҳур ва сатҳи рушди ташкилоти сиёсию давлатдорӣ дар Америка (то давраи Колумб) // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмии Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 3 (47). Душанбе, 2020. С. 229 – 234.

63. Сидоров А. Ю., Клеймёнова Н. Е. История международных отношений. 1918 – 1939 гг.: учебник. – М.: Центрполиграф, 2008. – 640 с.
64. Согрин В. В. Политическая история США. XVII – XX вв. М.: Весь мир, 2001. – 400 с.
65. Тарле Е. В. Наполеон. М.: Издательство Академии наук СССР, 1957. – 278 с.
66. Талейран Ш. Мемуары. Старый режим. Великая революция. Империя. Реставрация. М.: Издательство Института международных отношений, 1959. – 440 с., 15 л. илл.
67. Талах В. Н., Куприенко С. А. Америка первоначальная. Источники по истории майя, науа (астеков) и инков. Под редакцией и в переводах Виктора Талаха и Сергея Куприенко. Киев, 2013. – 370 с.: ил.
68. Тарн В. Эллинистическая цивилизация. Перевод с английского С. А. Лясковского. М.: Издательство иностранной литератруры, 1949. – 372 с.
69. Теория международных отношений. Под редакцией доктора философских наук, профессора П. А. Цыганкова. М.: Юрайт, 2017. – 316 с.
70. Тэйлор А. Дж. П. Борьба за господство в Европе. 1848 – 1918. М.: Издательство иностранной литературы, 1958. – 644 с.
71. Филиппсон М. Религиозная контрреволюция в XVI веке. Тридентский Собор. 2-е издание. М.: Либроком, 2011. – 424 с.
72. Фененко А. В. История международных отношений: 1648 – 1945. Учебное пособие. М.: Аспект Пресс, 2018. – 784 с.
73. Холл Д. Дж. Е. История Юго - Восточной Азии. М.: Иностранная литература, 1958. – 598 с.
74. Хрестоматия по истории Древнего Востока. Под редакцией академика В. В. Струве и Д. Г. Редера М.: Издательство восточной литературы, 1963. – 544 с.
75. Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 1. Древний мир. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. – 477 с.
76. Хрестоматия по истории международных отношений. Книга 2. Средние века. Составитель Д. В. Кузнецов. Благовещенск, 2013. – 1262 с.
77. Цыганков П. А. Международные отношения. М.: Новая школа, 1996. – 320 с.
78. Шарипов А. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ (давраи қадим ва асрҳои миёна). Душанбе, 2016. – 220 с.
79. Шахалилов Ш. История международных отношений: движущие силы, глобальные тенденции. Учебник для бакалавров по направлению подготовки «Международные отношения». М.: Издательство Московского государственного университета, 2015. – 560 с.

# МУНДАРИЧА

**ПЕШГУФТОР** ........................................................................................ **3**

**МУҚАДДИМА. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ФАННИ ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ** ........................................................................ **4**

**БОБИ I. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ДУНЁИ ҚАДИМ**

1.1. Дунёи Қадим. Зуҳури муносибатҳои байналхалқӣ ................................. 17
1.2. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Шарқи Қадим ..................................... 29
1.3. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Юнони Қадим ...................................... 62
1.4. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Рими Қадим ........................................ 82

**БОБИ II. МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА**

2.1. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Шарқ дар давраи асрмиёнагии барвақта ............................................................................................ 102
2.2. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Европа дар давраи асрмиёнагии барвақта ............................................................................................ 127
2.3. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Осиё асрҳои XI – XVI ....................... 153
2.4. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Европа асрҳои XI – XVI ................... 181
2.5. Туркия дар муносибатҳои байналхалқии Европа дар нимаи дуюми асри XIII – ибтидои XVII ........................................................................ 201
2.6. Кашфиёти бузурги географӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ............... 210
2.7. Ҷангҳои италянӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ ................................... 219
2.8. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Европа охири асри XVI – нимаи аввали асри XVII .................................................................................. 225

**БОБИ III. СИСТЕМАИ ВЕСТФАЛИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ**

3.1. Давраи нав ва оғози муносибатҳои нави байналхалқӣ ......................... 234
3.2. Барқароршавии системаи давлатҳои миллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ ....................................................................................... 244
3.3. Бузургдавлатҳои асри XVIII ва муносибатҳои байналхалқӣ ............... 253

3.4. Вайронкунии гегемонияи Британия дар Америкаи Шимолӣ. Таъсисёбии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва оғози иштироки он дар муносибатҳои байналхалқӣ....................265
3.5. Муносибатҳои байналхалқӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии ҷавони Америка дар солҳои 1775 – 1794....................283
3.6. Муносибатҳои байналхалқӣ дар замони инқилоби бузурги Франсия...292
3.7. Муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи империяи якуми Франсия ва раванди минбаъдаи заволёбии системаи Вестфалӣ....................322

## БОБИ IV. СИСТЕМАИ ВЕНАГИИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

4.1. Конгресси Вена ва муносибатҳои байналхалқӣ....................351
4.2. Консерти европоӣ – системаи муносибатҳои байналхалқӣ....................366
4.3. Муносибатҳои байналхалқӣ дар давраи барқароркунӣ ва инқилобҳои Европа солҳои 1815 – 1848....................378
4.4. Муносибатҳои байналхалқӣ ва муборизаи мардуми Америкаи Лотинӣ барои истиқлолият....................393
4.5. Европа ва Масъалаи Шарқ дар нимаи аввали асри XIX....................403
4.6. Вазъияти байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии ШМА дар нимаи аввали асри XIX....................414
4.7. Ҷанги Қрим ( с. 1853 – 1856) ва дипломатияи давлатҳои бузург....................432
4.8. Ҷанги шаҳрвандӣ дар Америка ва муносибати давлатҳои европоӣ ба он....................443
4.9. Муносибатҳои байналхалқӣ ва муттаҳидшавии Италия....................464
4.10. Муносибатҳои байналхалқӣ ва муттаҳидшавии Германия....................453
4.11. Бӯҳрони Шарқ дар солҳои 1875 – 1878. Ҷанги Россия ва Туркия солҳои 1877 – 1878....................484
4.12. Бозии Бузург. Сиёсати давлатҳои бузург дар Балкан, Осиёи Наздик, Миёна ва ҳавзаи баҳри Миёназамин дар асри XIX – ибтидои асри XX....................494
4.13. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Америка дар нимаи дуюми асри XIX – аввали асри XX....................514
4.14. Муносибатҳои байналхалқӣ дар Шарқи Дур дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX....................527
4.15. Империяҳои мустамликадор дар муносибатҳои байналхалқӣ....................542
4.16. Европа дар давраи гузариш аз асри XIX ба асри XX....................557

4.17. Муносибатҳои байналхалқӣ дар охири асри XIX – ибтидои асри XX.....571
4.18. Ҷанги якуми ҷаҳон.....588
4.19. Муборизаҳои дипломатӣ дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳон.....601
**БОБИ V. ТАШАККУЛЁБИИ СИСТЕМАИ ҶАҲОНИИ ВЕРСАЛ - ВАШИНГТОН**.....620

**МАЪХАЗҲО, АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА ТАВСИЯШАВАНДА.....642**

***Сайнаков Сайнак Парпишоевич,***
***Комилбеков Амид Ёрбекович,***
***Воҳидов Насридин Ҳизбуллоевич***

# ТАЪРИХИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Ба чоп 22.12.2020 иҷозат дода шуд. Андозаи 70x100 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопии шартӣ 81,25.
Теъдоди нашр 100 нусха. Супориши № 79.
Матбааи ЧДММ “Хирадмандон”



Сайнак Парпишоевич Сайнаков, номзади илмҳои таърих, дотсент. Соли таваллуд 1977, миллат тоҷик. Соли 2005 ДДОТ ба номи С. Айниро аз рӯи ихтисоси таърих-ҳуқуқ бо дипломи аъло хатм кардааст. Солҳои 2007 – 2009 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантура таҳсил кардааст. Аз соли 2015 то имрӯз мудири кафедраи таърихи умумии факултети таърихи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Инчунин аз соли 2019 дар вазифаи дотсенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ фаъолият менамояд. Дар таълифоташ масъалаҳои таърихи сиёсии халқи тоҷик, этнологияи тоҷик, низоми давлатдорӣ ва сиёсати хориҷии империяи Ашкониёнро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллифи 80 номгӯи мақолаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, маводи таълимӣ мебошад.



Амид Ёрбекович Комилбеков, номзади илмҳои сиёсӣ, соли таваллуд 1985, миллат тоҷик. Соли 2009 Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоевро аз рӯи ихтисоси муаррих-ҷомеашинос хатм намудааст. Солҳои 2010-2013 аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Соли 2014 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Идоракунии сиёсӣ дар раванди сиёсии муосир (дар мисоли Тоҷикистон)» дифоъ намудааст. Доираи таҳқиқоташ асосан масъалаҳои низоми идоракунии сиёсӣ, идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллифи 1 монография, 25 мақолаи илмӣ, 8 воситаи таълимӣ ва барномаи таълимӣ мебошад. Солҳои 2016-2020 мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмиллалии АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Аз соли 2020 муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (2020) мебошад.



Насридин Ҳизбуллоевич Воҳидов, ассистент, соли таваллуд 1992, миллат тоҷик. Соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси мутахассиси соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Аз сентябри соли 2017 ассистенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад. Муаллифи якчанд мақолаҳои илмӣ ва барномаҳои таълимӣ оид ба муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.

ISBN: 9789997552600